ҲАМОСАИ ҲУСАЙНӢ

Муртазо Мутаҳҳарӣ

Баргардон ва таҳия аз:

Сайидюнуси Истаравшанӣ

Феҳрист

Феҳрист 2
Бахши аввал: Суханрониҳо 12
Фасли аввал: Ҳамосаи ҳусайнӣ 12
Ду чеҳраи ҳодисаи Карбало 12
Маънии ҳамоса 12
Ҳусайн алайҳис салом як шахсияти ҳамосӣ 15
Ду сафҳаи таърихчаи Карбало 17
Таҳрифи ҳадафи Имом Ҳусайн 20
Наҳзати ҳусайнӣ, ҳамосае муқаддас 22
Мушаххасоти ҳамосаи муқаддас 25
Руҳи бузург 27
Кори “шаҳид” 28
Калиди шахсияти афрод 30
Калиди шахсияти Имом Ҳусайн 31
Забон ба шикоят накушодан 35
Наҳзати ҳусайнӣ омили шахсият ёфтани ҷомеаи исломӣ 38
Эҳсоси шахсият 39
Ҳусн ва айби мо мардуми Эрон 41
Ҳусайн шахсияти исломии мусалмононро зинда кард 43
Дарсҳои омӯзандаи қиёми ҳусайнӣ 43
Зайнаб ва эҳсоси шахсият 46
Фасли дуввуми таҳриф дар воқеаи таърихии Карбало 49
Маънии таҳриф ва анвоъи он 49
Маънии таҳриф 49
Анвоъи таҳриф 50
Таҳриф аз назари мавзӯъ 52
Китоби “Луълуъ ва марҷон” 54
Ду масъулияти бузурги мардум 55
Намунаҳое аз таҳрифот дар шакли ин ҳодиса: 56
Намунаи аввал: 56
Намунаи дуввум: 57
Намунаи севвум: 58
Намунаи чаҳорум: 59

Чанд намунаи дигар: 60
Ғинои ҳодисаи Карбало аз назари нақлҳои мўътабар 61
Омилҳои таҳриф 66
1. Ағрози душманон: 66
2. Тамоюли башар ба устурасозӣ: 67
3. Омили хусусӣ: 70
Истифода аз василаи номуқаддас барои ҳадафи муқаддас 71
Мулло Ҳусайни Кошифӣ ва китоби “Равзатуш-шуҳадо” 74
Мулло Оқои Дарбандӣ ва “Асроруш-шаҳода” 76
Азамати Абулфазл 78
Таҳрифоти маънавии ҳодисаи Карбало 83
Маънии “таҳрифи маънавӣ” 83
Шароити тақаддуси як наҳзат 85
Ду таҳрифи маънавӣ дар ҳадафи Имом Ҳусайн 89
Фалсафаи дастури имомони атҳор 91
Қудрати руҳии Абӯабдуллоҳ 94
Вазифаи мо дар баробари таҳрифҳо 98
Ҳам хавос масъуланд ва ҳам авом 99
Хатари таҳриф 102
Таҳрифи махсуси мо эрониҳо 103
Вазоифи уламои уммат 106
Ду нуқтаи заъфи мардум дар маҷолиси азодорӣ 107
Ҷарҳи ровӣ 109
Фасли севвум: Моҳияти қиёми ҳусайнӣ 112
Оё қиёми ҳусайнӣ аз навъи як инфиҷор буд? 112
Наҳзати чандмоҳиятӣ 114
Омили тақозои байъат 115
Омили даъвати мардуми Кӯфа 116
Кадом як муқаддам аст? 118
Омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар 119
Вазифаи имом аз назари ҳар як аз ин омилҳо 120
Иштибоҳи нависандаи “Шаҳиди ҷовид” 121
Мантиқи Имом Ҳусайн 123
Арзиши ҳар як аз он омилҳо 126
Моҷарои Донишгоҳи Шероз 128

Фасли чаҳорум: таҳлили воқеаи Ошӯро 132
Шахсиятҳои бузург дар замонҳои баъд беҳтар шинохта мешаванд 135
Ҳаводис таърихӣ низ дар замонҳои баъд беҳтар шинохта мешаванд 137
Моҷарои халифа шудани Усмон 138
Равиши раҳбарӣ (сира) 141
Намози Иди Фитри Имом Ризо 144
Равиши раҳбарӣ дар замони Имом Ҳусайн 146
Арзиши наҳзати ҳусайнӣ 147
Фасли панҷум: Шиорҳои Ошӯро 149
Калимаи “шиор” 149
Шиорҳои Ҳусайн 152
Масъалаи ташнагии Абӯабдуллоҳ ва хонадон ва асҳоби эшон 154
Ҳусайн як муслеҳ 156
Фалсафаи Ошӯро 157
Қуввати қалби Имом Ҳусайн 158
Фасли шашум: Унсури амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ 162
1) Омилҳо муассир дар наҳзати ҳусайнӣ 162
Омили байъат 164
Ду мафсадаи мавҷуд дар байъат бо Язид 164
Омили дуввум: даъвати мардуми Кӯфа 170
Омили амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар 173
Даъвати кӯфиён иллати наҳзат нест, наҳзати Имом иллати даъвати мардуми Кӯфа аст 175
Арзиши омили даъвати мардуми Кӯфа 175
Арзиши омили тақозои байъат ва имтиноъи Имом 176
Арзиши омили амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар 177
Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар Қуръон 180
Камаҳаммият шудани ин асл дар дунёи ислом 182
Ифтирои бархе мусташриқин 183
Ду навъ масъулият: 184
Дӯстии Худо, болотар аз ҳамаи дӯстиҳо 188
Шароити амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар 191
Хусусияти наҳзатҳои паёмбарон ва авлиёуллоҳ 193
Тафсири оят 194
Сухани Алӣ 195

Асле, ки зомини бақои ислом аст 197
Номҳои исломӣ ва забони исломро зинда нигаҳ доред 200
Огоҳӣ ва басират, шарти асосии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар 201
Равшанбинии Имом Ҳусайн 202
Мароҳил ва ақсоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар 207
1) Марҳилаи рӯйгардонӣ ва эъроз: 207
2) Марҳилаи забон: 208
3) Марҳилаи амал: 208
Амр ба маъруфи лафзӣ ва амалӣ 209
Чанд намуна аз амр ба маъруфҳои ғалат 211
Амали солеҳ ва тақво, беҳтарин амр ба маъруф 214
Мулҳақ шудани Ҳурр ба Имом Ҳусайн 217
Арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз назари уламои ислом 222
Мақоми субут ва мақоми исбот 222
Марзи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар 224
Назарияи аввал: безарар будан 226
Назарияи дуввум: бастагӣ ба мавзӯи он дорад 226
Фарқ аст байни тараттуби мафсада барои ислом ва зарари шахсӣ 228
Тамассуки Имом Ҳусайн ба ин асл дар мавоқеи мухталиф 228
Расидани Имом Ҳусайн ба сарзамини Карбало 231
Шаби Ошӯро 234
Ба майдон рафтани Қосим ибни Ҳасан 237
Корномаи мо дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар 239
Руҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар 239
Таъбири Расули Худо Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ 239
Мазоҳири амр ба маъруф ва наҳй аз мункари мо 240
Роҳи чора 243
Масъалаи Фаластин 245
Тумаънинаи Ҳусайн 250
Таъсири амр ба маъруф ва наҳй аз мункари аҳли байти Имом пас аз ҳодисаи Карбало 256
Ворид шудани Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) ба маҷлиси Ибни Зиёд 257
Эҳтимоли асар 259
Шарти қудрат 261
Як иштибоҳи бузург 261

Мисол: масъалаи “вилоят аз қибали ғоир” 262
Мақоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар ислом 263
Имом Зайнулобидин дар мағлиси Язид 267
Фасли ҳафтум: Унсури таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ 269
Наҳзати ҳусайнӣ, наҳзате муташобеҳ ва чандмақсадӣ 269
Маънии таблиғ 271
Фарқи таблиғ бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар 273
Шароити муваффақияти як паём: ғино ва ҳаққонияти муҳтавои паём 276
Хабари шаҳодати Муслим ва Ҳонӣ 279
Васоил ва абзори паёмрасонӣ 282
Абзори паёмрасонӣ 283
Фасоҳат ва зебоии Қуръон 286
Фасоҳати амирулмӯъминин 287
Фасоҳат ва зебоии дуоҳо 288
Зебо хондани Қуръон 289
Шеър ва суруд 291
Фасоҳат ва зебоии каломи Имом Ҳусайн 293
Равиши таблиғ 297
Равиш ва услуби саҳеҳ 297
Балоғи мубин 299
Нусҳ 299
Мутакаллиф набудан 301
Тавозӯъ ва фурӯтанӣ 302
Парҳез аз хушунат 303
Салобат ғайр аз хушунат аст 304
Шаҳомат ва шуҷоат 305
Нақше ҷуз рисолат барои худ қоил набудан 305
Тафовут нагузоштан миёни мардум дар таблиғ 306
Сабр ва истиқомат 308
Равишҳои таблиғии наҳзати ҳусайнӣ 312
Таҳаввулот таърихи ислом баъд аз вафоти Паёмбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ 312
Суханони Алӣ дар бораи фитнаи Банӣ Умайя 313
Истеъдоди шабеҳсозӣ дар ҳодисаи Ошӯро 315
Ранги хун, собиттарин рангҳо дар таърих 319

Достони шаҳодати Қосим ибни Ҳасан 322
Ҳодисаи Карбало, таҷассуми амалии ислом 326
Ҷомеияти ислом дар наҳзати ҳусайнӣ 327
Ҷанбаи тавҳидӣ ва ирфонии ҳодисаи Карбало 329
Ҷанбаи ҳамоса ва пархошгарӣ 330
Ҷанбаи ваъз ва андарзгӯӣ 331
Ҳодисаи Карбало, саҳнаи намоиши ахлоқи исломӣ 332
Мурувват 332
Эсор ва вафо 333
Мусоҳоти исломӣ 335
Модари фидокор 336
Тифли шаҳид 337
Нақши аҳли байти Сайидушшуҳадо дар таблиғи наҳзати ҳусайнӣ 340
Чаро Абӯабдуллоҳ аҳли байташро ҳамроҳи худ бурд? 340
Нақши зан дар таърих 342
Се шакли нақши мустақими зан дар сохтани таърих 342
1) Зан “шайъи гаронбаҳо” ва бидуни нақш: 343
2) Зан “шахси бебаҳо” ва дорои нақш: 343
3) Зан “шахси гаронбаҳо” ва дорои нақш: 344
Се гунаи таърих 345
Фикри ғалати масеҳӣ дар бораи зан 345
Занони қиддиса дар Қуръон 346
Занони бузург дар таърихи ислом 348
Таҷаллии Зайнаб аз асри Ошӯро 350
Шароити мубаллиғ ва таъсири таблиғи аҳли байти Имом дар муддати асорташон 354
Шароити паёмрасон 354
Мақоми таблиғ 358
Ҷабргароӣ, пуштвонаи фикрии дастгоҳи Язид 359
Суханони Зайнаб ва Зайнулобидин дар маҷлиси Ибни Зиёд 361
Бахши дуввум: ёддоштҳо 364
Фасли аввал: решаҳои таърихии ҳодисаи Карбало 364
Чӣ гуна уммати Пайғамбар фарзанди Пайғамбарро куштанд? 364
Ҳаводиси муаммоваши садри ислом ва ин ки чӣ тавр шуд уммати Пайғамбар ба қатли фарзанди Пайғамбар иқдом карданд? 365
Нерӯи иҷтимоии Алӣ ва барномаи муборизаи Муовия бо он 370

Имом Ҳусайн ва соири муслеҳини бузург, ки қиём карданд.....376
Арзиши шаҳодат ва шаҳид дар иҷтимоъ.....378
Мантиқи манфиат ва мантиқи ҳақиқат.....378
Ҳадафи муқаддас ва ҳисси таъолӣ ва тақаддус.....379
Қиёмҳои муқаддас.....381
Вуҷуди як дарки қавӣ дар наҳзати ҳусайнӣ.....381
Хулосае аз омилҳои дахил дар шаҳодати Имом.....386
Илали тақаддуси як наҳзат.....386
Асҳоби Ҳусайн ва аҳли Бадр ва аҳли Сиффин.....391
Мубориза бо ҷаҳл ва зулм.....391
Чаро куфиён ба ҷанги Ҳусайн рафтанд?.....392
Ду чизе, ки мояи равшании чашми Абӯабдуллоҳ буд.....392
Дуоҳои Ҳусайн дар айёми Карбало дар бораи ашхос.....393
Баёни Қуръон дар фалсафаи қиёми муслеҳини илоҳӣ.....393
Каломи Шаҳристонӣ дар ин ки ҳастаи ҳамаи ҳаводис дар қарни аввал рехта шуд396
Марди бузург яъне чӣ?.....396
Тамоми фоҷеаи Карбало барои ин буд, ки Имом раъйи худро нафурӯхт.....398
Карбало намоишгоҳи маъно ва руҳоният, на намоишгоҳи ҷиноятбашар.....399
Чаро Ҳур тағйири руҳия дод?.....400
Асҳоби Ҳусайн ҳеч кадом паноҳ ба душман набурд, вале аз душман ба худ мулҳақ карданд.....400
Фаҷеътарин ҷанбаҳои шаҳодати Сайидушшуҳадо.....400
Се марҳилаи шаҳодати Ҳусайн, мактаби ҳусайнӣ илҳомдиҳандаи муслеҳин аст, мактаби гуноҳкорсозӣ нест.....400
Мушаххасоти сиёсати умавӣ: доман задан ба оташи таассуби нажодӣ ва тарвиҷи шеър.....401
Ризо ва таслим.....403
Шуҷоати руҳӣ ва қуввати қалб ва ҳифзи таодул дар амал ва қиёфа ва забон.....404
Мантиқи маъмулии ёдкунандаҳои Абӯабдуллоҳ дар шаҳодат ва мазлумияти он ҳазрат.....404
Оё Имом Ҳусайн дастури хусусӣ дошт?.....405
Фарқи Муовия ва Язид.....408
Иллати шаҳодати Имом Ҳусайн ва иллати тарғиби имомон ба иқомаи азои ҳусайнӣ.....409
Масъалаи гиря бар Сайидушшуҳадо.....411
Таҳрифи калима, таҳрифи ҳодисаи Имом Ҳусайн.....413

Имом Ҳусайн миёни қиём алайҳи хулафо ва алайҳи ислом тачзия кард — асари қиёми ҳусайнӣ....413
Омилҳои қиёми Имом Ҳусайн....415
Ҷамъ кардани асҳоб дар шаби Ошӯро ва сухан бо онҳо — дарси тавҳид ва имон ва азамат ва шикастнопазирӣ (дар ҳоли номусоид будани ҳамаи шароит)....423
Мавзӯот дар бораи қиёми ҳусайнӣ....424
Муовия ба баҳонаи хун Усмон дар ҷустуҷӯи хилофат буд....424
Асҳоби Банӣ Умайя дар Карбало бо ақидаи худашон меҷангиданд....425
Каромати Оли Алӣ дар истихдоми василаи пирӯзӣ....426
Таҳлили руҳияи қотилини Сайидушшуҳадо....426
Маншаъи ихтилофи Оли Алӣ ва Оли Муовия....427
Душмании Абӯсуфён бо ислом....428
Муқаддамоти вилоятаҳдии Язид....429
Истифодаи умавиҳо аз илғои асабият дар ислом....431
Ҷанги таблиғотии Муовия бо алавиҳо....431
Қиссаи Зайнаб бинти Исҳоқ....432
Тарбияти ҳошимӣ ва умавӣ дар ҷоҳилият....432
Хулқи ҳошимӣ ва хулқи умавӣ....432
Ахлоқи Муовия фазилат набуд....433
Насаби шарифи Имом Ҳусайн ва асараш дар қазияи Ошӯро....434
Ҷумлаҳои Имом Ҳусайн ба Абӯзар....434
Тарбияти Язид ва сифоти руҳӣ ва ахлоқии ӯ....435
Фарқи ансор ва мушовирини Муовия бо ансор ва мушовирини Язид....441
Ахлоқ ва сифоти Шимр ва Убайдуллоҳ ва Муслим ибни Ақаба....441
Ибои Ҳусайн аз бероҳа рафтан....443
Кароҳати Абӯабдуллоҳ аз шурӯъ ба қитол....443
Маъмурият ёфтани Умари Саъд....444
Кароҳати ботинии мардум аз рафтан ба ҷанги Ҳусайн....444
Фалсафаи қиёми ҳусайнӣ....445
Калимаи Карбало....446
Руҳияи асҳоби Имом Ҳусайн ва ишқи содиқи онҳо ва ин ки онҳо маргро “эсор ва ихтиёр” карданд....446
Мантиқи Ибни Аббос ва мантиқи Имом Ҳусайн....447
Сифоте, ки аз Абӯабдуллоҳ дар Карбало зуҳур кард....448
Фалсафаи ҷанги нуру зулмат дар миёни башар....449
Руҳияи асҳоби Ибни Зиёд....450

Хубси ботини асҳоби Умари Саъд 450
Назм дар асҳоби Сайидушшуҳадо 450
Шуҷоати асҳоби Абӯабдуллоҳ ва аъмоли ҳокӣ аз ақибнишинии лашкари Умари Саъд 451
Аъмоли даноатмаобонаи лашкари Умари Саъд 451
Се амали Язид, ки мӯҷиби заволи мулки умавӣ шуд (ва махсусан асари азими ҳодисаи Карбало) 452
Подоши Сайидушшуҳадо дар дунё ва фалсафаи таъзими Ошӯро 452
Фасли дуввуми ёддошт: моҳияти қиёми ҳусайнӣ 454
Ёддошт: Моҳияти қиёми ҳусайнӣ 454
Аммо омили байъат 457
Аммо мавзӯи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар: 457
Аммо мавзӯъи даъвати мардуми Кӯфа 459
Суолот дар бораи наҳзати ҳусайнӣ 466
Ёддошт дар бораи наҳзати ҳусайнӣ 468
Фасли севвум: Ёддошти Имом Ҳусайн ва Исои Масеҳ алайҳис салом 484
Вилодати Сайидушшуҳадо 484
Фасли чаҳорум: Ёддошти “Унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ” 495
Фасли панҷум: Ёддошти “Таҳрифот дар воқеаи таърихии Ошӯро” 500
Таҳрифоти лафзӣ 502
Аммо таҳрифоти маънавӣ: 503
Аммо тақсири авом ва вазифаи онҳо 527
Рушди иҷтимоъ 528
Фасли шашуми ҳамосаи ҳусайнӣ 534
Фасли ҳафтум: Унсури таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ 548
Буъди ахлоқӣ 553
Буъди мавъизаӣ 554
Усули иҷтимоӣ ва баробарии исломӣ 554
Фасли ҳаштум: Ёддоштҳои мутафарриқ 561
Оё Имом Ҳусайн дастури хусусӣ дошт? 561
Воқеаи Карбало; паёме, ки бо хун навишта шуд 561
Сайидушшуҳадо; азамати руҳ ва салби осоиш аз бадан 563
Калимоти Ҳусайн ибни Алӣ ё шиорҳои зиндагии Имом 567
Таъсири афкори масеҳӣ дар ҳодисаи Карбало 569
Марсияҳои ҳусайнӣ — рисои ҷинниён 571

Имом Ҳусайн, асҳоб, афзалуш-шуҳадо Абулфазл.....572
Шиорҳои таърихӣ дар Карбало.....573
Паёми ҳусайнӣ.....573
Нақши зан дар ҳодисаи Карбало.....574
Имом Ҳусайн – нозпарвардагӣ.....574
Сайидушшуҳадо ва каромати нафс.....574
Имом Ҳусайн — инқилоби хунин.....574
Имом Ҳусайн — сухани мусташриқин.....574
Ёддошт:.....575
“Ҳусайн вориси Одам”.....575

بسم‌الله‌الرحمن‌الرجیم

Бахши аввал: Суханрониҳо

Фасли аввал: Ҳамосаи ҳусайнӣ

Ду чеҳраи ҳодисаи Карбало

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله ربّ العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسّلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه، سيّدنا ونبيّنا ومولانا أبي القاسم محمّد صلّى الله عليه وآله وسلّم وعلى آله الطّيّبين الطّاهرين المعصومين، أعوذ بالله من الشّيطان الرّجيم

يَا قَوْمِ إِنْ كَانَ كَبُرَ عَلَيْكُمْ مَقَامِي وَتَذْكِيرِي بِآيَاتِ اللَّهِ فَعَلَى اللَّهِ تَوَكَّلْتُ فَأَجْمِعُوا أَمْرَكُمْ وَشُرَكَاءَكُمْ ثُمَّ لَا يَكُنْ أَمْرُكُمْ عَلَيْكُمْ غُمَّةً ثُمَّ اقْضُوا إِلَيَّ وَلَا تُنْظِرُونِ

(*Сураи Юнус, ояти 71*)

Мавзӯи баҳс “ҳамосаи ҳусайнӣ” аст. Аввал бояд калимаи “ҳамоса”-ро, ки дар забони форсӣ зиёд истеъмол мешавад, барои шумо тавзеҳ бидиҳам.

Маънии ҳамоса

Калимаи “ҳамоса” ба маънии шиддат ва салобат аст ва гоҳ ба маънии шуҷоат ва ҳамийят истеъмол мешавад. Уламои шеършинос манзумаҳои шеъриро аз назари муҳтаво яъне аз назари навъи маънӣ ва ҳадафи шеър ба ақсоме тақсим мекунанд; баъзе аз манзумаҳоро манзумаҳои ғиноӣ, баъзеро манзумаҳои ҳамосӣ, баъзеро манзумаҳои ваъзӣ ва андарзӣ, баъзеро манзумаҳои рисоӣ ва баъзе дигарро манзумаҳои мадҳӣ мегӯянд. Девон ва ғазалиёти Ҳофиз, ғазалиёти Саъдӣ ва девони Шамси Табрезӣ, манзумаҳои ғиноӣ аст, яъне агарчӣ ҳадаф дар инҳо ирфон аст, вале лоақал аз назари ташбиб[1] забони ошиқона аст, сухан аз ҳусн ва беэътиноии маҳбуб аст, сухан аз дарди фироқ ва дарозии шаби фироқ ва кӯтоҳии айёми висол аст.

Фикри булбул ҳама он аст, ки гул шуд ёраш,

Гул дар андеша, ки чун ишва кунад дар кораш.

[1] *Ташбиб: овардани байтҳое аз таърифи ишқу ҷавонӣ дар аввали қасида; қисми аввали қасида, ки мазмунаш аз васфи ёр, тасвири табиат ва ғ. иборат аст.*

Дилрубоӣ ҳама он нест, ки ошиқ бикушанд,

Хоҷа он аст, ки бошад ғами хидматкораш.

(Ҳофиз)

Ин як шеъри ғиноӣ аст, гарчӣ дар охир ба як маънии ирфонии бисёр латиф ва олӣ мерасад ва Ҳофиз ҳамеша ин тавр аст. Дар охири ҳамин шеър мегӯяд:

Сӯфии сархуш аз ин даст, ки кач кард кулоҳ

Ба ду ҷоми дигар ошуфта шавад дастораш.

Ашъори ғиноӣ зиёд аст.

Шеъри рисоӣ ё марсия, ки барои бузургони дин ва соири бузургони дунё ва касоне, ки маншаи хайру баракате будаанд гуфта шудааст, навъи дигари шеър аст. Вақте Баромика мунқариз шуданд, шуарое, ки аз дастгоҳи онҳо истифода мекарданд қасоиде дар рисои онҳо гуфтанд. Худи ҳамин Ҳофиз, фарзанди ҷавонаш, ки мемирад, бо ҳамон забони махсуси худаш марсия мегӯяд:

Булбуле хуни диле хӯрду гуле ҳосил кард,

Боди ғайрат ба садаш хор парешондил кард.

Тӯтиеро ба хаёли шакаре дил хуш буд,

Ногаҳаш сели фано нақши амал ботил кард…

Оҳу фарёд, ки аз чашми ҳасуди маҳу меҳр,

Дар лаҳад моҳи камонабрӯи ман манзил кард.

Ашъори рисоӣ зиёд аст. Мадҳу ситоиш ҳам, ки ило мошоаллоҳ, хусусан тамаллуқу чоплусӣ.

Ашъори ҳамосӣ ашъори дигаре аст, ки маъмулан оҳанги хоссеро мепазирад. Шеъри ҳамосӣ шеърест, ки аз он бӯйе аз ғайрату шуҷоату мардонагӣ меояд; шеърест, ки руҳро таҳрик мекунад ва ба ҳаяҷон меоварад, масалан:

Маро марг беҳтар аз ин зиндагӣ,

Ки солор бошам, кунам бандагӣ.

(Фирдавсӣ)

Ин тақсимбандӣ ихтисос ба шеър надорад, наср ҳам ҳамин тавр аст; насрҳои ҳамосӣ дорем, насрҳои ғиноӣ дорем, насрҳои рисоӣ дорем, анвоъи насрҳо дорем.

Дар ҷанги Сиффин дар аввалин бархӯрде, ки миёни сипоҳи Алӣ алайҳис салом ва сипоҳи Муовия рух медиҳад, Алӣ рӯи ҳисоби худаш ҳозир нест, ки шурӯъкунандаи ҷанг бошад ва тамоми кӯшиши ӯ ин аст, ки то ҳадди мумкин мушкилот ва ихтилофотро ҳал бикунад, балки битавонад Муовия ва ёронашро ба истилоҳ рӯ ба роҳ бикунад, вале як вақт

мутаваҷҷеҳ мешавад, ки онҳо пешдастӣ кардаанд ва шариа яъне ҷойеро, ки мешавад аз Фурот об бардошт, гирифтаанд.

Алӣ алайҳис салом саъй мекунад бо музокира масъаларо ҳал кунад, пайғом медиҳад, ки ҳанӯз бинои ҷанг нест ва мехоҳем музокира кунем, балки масъала бо музокира ҳал бишавад, вале тарафи муқобил қабул накард. Бинобар ин ё бояд асҳобаш аз ташнагӣ аз по дарбиёянд ва ё бояд ҷангид; ҷанге, ки душман шурӯъ кардааст.

Дар "*Наҳҷул-балоға*" аст, ки Алӣ алайҳис салом дар муқобили ҷамъият, нороҳат ва асабонӣ аз ин кор меистад ва як хутбаи чандсатрӣ мехонад; мефармояд:

قَدِ اسْتَطْعَمُوكُمُ الْقِتَالَ

Инҳо гуруснаи ҷанганд ва аз шумо ғизо мехоҳанд, аммо аз дами шамшер.

فَأَقِرُّوا عَلَى مَذَلَّةٍ وَتَأْخِيرِ مَحَلَّةٍ أَوْ رَوُّوا السُّيُوفَ مِنَ الدِّمَاءِ تَرْوَوْا مِنَ الْمَاءِ

Лашкариёнам! Намегӯям биравед биҷангед, биравед яке аз ин ду роҳро интихоб кунед: ё тан ба зиллат бидиҳед, ки обро бибаранд ва шумо нигоҳ кунед, ё ин ки ин теғҳоро аз хуни ин нокасон сероб кунед, то худатон сероб шавед.

فَالْمَوْتُ فِي حَيَاتِكُمْ مَقْهُورِينَ وَ الْحَيَاةُ فِي مَوْتِكُمْ قَاهِرِينَ

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 51*) Зиндагӣ ин аст, ки бимиред, вале фоиқ бошед ва мурдан ин аст, ки зинда бошед, вале бо сари хам.

Бо ин суханони худ ончунон ҳаяҷон эҷод кард, ки дар камтар аз ду соат душманро ба куллӣ аз канори шариаи Фурот дур карданд, ки дигар душман аз ташнагӣ лаҳ-лаҳ мезад. Вале Алӣ алайҳис салом ба сипоҳиёни худ гуфт: шумо ҳар рӯз иҷоза бидиҳед, ки биёянд ва об бардоранд.

Лашкариён гуфтанд: онҳо ба мо об надоданд, пас мо ҳам ба онҳо об намедиҳем. Вале Алӣ фармуд:

Хайр, ин як кори ғайри инсонӣ аст; об як чизе аст, ки ҳар ҷондоре ҳақ дорад аз он истифода кунад. Ба онҳо об бидиҳед.

Пас маълум шуд сухан метавонад сухани ҳамосӣ бошад ва сухани ҳамосӣ яъне сухане, ки дар он бӯйе аз ғайрат ва шуҷоат ва мардонагӣ бошад; бӯйе аз истодагӣ ва муқовамат бошад.

Агар шеър ё насре дорои ин хусусиёт бошад, онро "ҳамосӣ" мегӯянд.

Саргузаштҳо ва ҳодисаҳо ва таърихчаҳо ҳам ақсоме доранд. Ҳодисаҳое дорем ғиноӣ, ҳодисаҳое дорем андарзӣ, ҳодисаҳое дорем рисоӣ ва ҳодисаҳое дорем ҳамосӣ.

Як саргузашт тамомаш фақат ғиност, бӯйи ғино медиҳад, ишқ аст. Маҷаллотро шояд каму беш мехонед; дар инҳо, чӣ ҳикояти воқеӣ, чӣ афсона, чӣ махлуте аз воқеият ва

афсона, ҳама достони ғиноӣ аст. Ҳоло ин ҳама достони ғиноӣ ба гӯши ин миллат биравад чӣ аз об дармеояд, ман намедонам. Достонҳои рисоӣ ва ба истилоҳ трагедияҳо ҳам зиёд аст. Сафаҳоти ҳаводиси рӯзномаҳоро агар бихонед, ағлаб аз ин чур қазоё мебинед. Достонҳои андарзӣ ҳам достонҳое ҳастанд, ки дар онҳо панду андарз аст. “Достони ростон”[2] ҳамааш достонҳои андарзӣ аст.

Ҳатто шахсиятҳо ҳам ақсоме доранд. Баъзе аз шахсиятҳо шахсияти ҳамосӣ ҳастанд ва руҳашон ҳамоса аст, баъзе руҳашон ғиноӣ аст, баъзе руҳашон рисоӣ аст, оҳу нола аст, баъзе шакли руҳашон шакли панду андарз ва мавъиза аст.

Ҳоло, ки ба таври иҷмолӣ маънии ҳамосаро фаҳмидем, метавонем дар атрофи ҳамосаи ҳусайнӣ баҳс кунем.

Ҳусайн алайҳис салом як шахсияти ҳамосӣ

Оё Ҳусайн ибни Алӣ ҳодисае ҳамосӣ дорад ё надорад? Оё шахсияти Ҳусайн ибни Алӣ як шахсияти ҳамосӣ ҳаст ё нест? Мо бояд шахсияти Ҳусайн ибни Алиро, ки барои мо як шахсияти инсонӣ аст бишносем. Ин мард, ки мо ҳар сол ба номи ӯ вақтҳо сарф мекунем, пулҳо харҷ мекунем, рӯзҳо таътил мекунем, бояд хусусиёташ барои мо шинохта шавад ва аз ҷумлаи хусусиёти ӯ ҳамин аст, ки оё Ҳусайн алайҳис салом як шахсияти ҳамосӣ ҳаст ё на? Оё мо бояд бо вуҷуди Ҳусайн ва саргузашти ӯ як эҳсоси ҳамосӣ дошта бошем ё як эҳсоси трагедӣ, мусибат, рисо ва зойеъ шудан?

Дар инҷо лозим аст мухтасаре тавзеҳ бидиҳам:

Шахсиятҳои ҳамосӣ, ки ағлаб дар манзумаҳои ҳамосӣ аз онҳо ёд шудааст, ҷанбаи нажодӣ ва қавмӣ доранд ва ин аъам аст аз шахсиятҳои афсонаӣ мисли Рустам ва Исфандёр ва ё шахсиятҳои воқеӣ мисли Ҷалолуддини Хоразмшоҳ дар таърихи Эрон. Ғолибан қаҳрамонони як қавм, аъамм аз воқеӣ ва афсонаӣ, аз он назар, ки интисоб ба он қавм доранд, эҳсосоти он мардумро таҳрик мекунанд. Усулан қаҳрамондӯстӣ ва қаҳрамонпарастӣ ҷузъи сиришти башар аст, махсусан вақте, ки қаҳрамон тааллуқе ҳам ба инсон дошта бошад, ки инсон бихоҳад ба ӯ ифтихор кунад. Ин қаҳрамонҳои кушти, ки муваффақияте ба даст меоваранд, ба ростӣ мардум барои онҳо ибрози эҳсосот мекунанд, ё қаҳрамоне, ки ҳолтер (штанга) баланд карда ва рекордро шикаста ва масалан се кило бештар аз рекорди ҷаҳонӣ боло бурдааст чӣ қадр тоҷи гул нисораш мекунанд ва ё барои касе, ки кушти гирифта ва ҳарифи худро ба замин афкандааст, ба ростӣ ибрози эҳсосот мекунанд.

[2] *Ишора ба китоби “Достони ростон”, навиштаи устоди шаҳид*.

Инҳо ба хотири ин аст, ки қаҳрамондӯстӣ ва қаҳрамонпарастӣ дар сиришти башар аст ва зимнан ӯ аз қаҳрамони миллат ва қавми худаш таҷлил мекунад, на аз қаҳрамони дигаре. Дар куштиҳои байналмилалӣ афроди ҳар миллат (чӣ онҳое, ки онҷо ҳозиранд ва чӣ онҳое, ки аз радиоҳо гӯш мекунанд) эҳсосоташон мутаваҷҷеҳи ҳамватанони худашон аст, ки ифтихоре барои ватан ва қавми худашон касб кунанд. Мо вақте достони Рустам ва Исфандёр ва Афросиёб ва ин тавр чизҳоро мехонем, чун мегӯянд Афросиёб аз Моваруннаҳр ва аз як миллати дигаре буда ва Рустам аз миллати Эрон будааст, қаҳран диламон мехоҳад, ки ҳамеша тафаввуқ бо Рустам бошад ва афсонасоз ҳам афсонаҳоро чунон сохтааст, ки бо зоиқаи мо ҷур дарбиёяд, яъне ҳамеша он тараф мағлуб ва маҳкум ва ин тараф ғолиб ва қоҳир бошад. Ин ҳамосаҳо ҳамосаҳои қавмӣ аст, яъне ихтисос ба як қавм ва нажоди муайян ва як обу хоки муайян дорад.

Аммо матлаб дар мавриди Ҳусайн алайҳис салом ғайр аз ин аст. Ҳусайн як шахсияти ҳамосӣ аст, аммо на он тавр, ки Ҷалолуддини Хоразмшоҳ як шахсияти ҳамосӣ аст ва на он тавр, ки Рустами афсонаӣ як шахсияти ҳамосӣ аст. Ҳусайн як шахсияти ҳамосӣ аст, аммо ҳамосаи инсоният, ҳамосаи башарият, на ҳамосаи қавмият. Сухани Ҳусайн, амали Ҳусайн, ҳодисаи Ҳусайн, руҳи Ҳусайн, ҳама чизи Ҳусайн ҳаяҷон аст, таҳрик аст, дарс аст, илқои нерӯст, аммо чӣ ҷур илқои нерӯе? Чӣ ҷур дарсе? Оё аз он ҷиҳат, ки масалан ба як қавми бахусусе мунтасаб аст? Ё аз он ҷиҳат, ки шарқӣ аст? Ё аз он ҷиҳат, ки масалан араб аст ва ғайри араб нест? Ё ба қавли баъзе аз эрониҳо, аз он ҷиҳат, ки занаш эронӣ аст?

Асосан, дар вуҷуди Ҳусайн алайҳис салом якчунин ҳамосаҳое наметавонад вуҷуд дошта бошад ва иллати шинохта нашудани Ҳусайн ҳам ҳамин аст. Чун ҳамосаи ӯ болотар ва мофавқи ин гуна ҳамосаҳост, камтар афрод метавонанд ӯро бишносанд. Ҳоло бибинем, ки воқеан чӣ гуна аст.

Шумо дар ҷаҳон як шахсияти ҳамосӣ монанди шахсияти Ҳусайн ибни Алӣ аз назари шиддати ҳамосӣ будан ва аз назари улувву иртифои ҳамоса яъне ҷанбаҳои инсонӣ, на ҷанбаи қавмӣ ва миллӣ пайдо нахоҳед кард. Ҳусайн суруди инсоният аст, нашиди инсоният аст ва ба ҳамин далел назире надорад ва ба ҷуръат арз мекунам, ки назире надорад. Шумо дар дунё ҳамосае монанди ҳамосаи Ҳусайн ибни Алӣ пайдо нахоҳед кард, чӣ аз назари қудрат ва қуввати ҳамоса ва чӣ аз назари улувв ва иртифоъ ва инсонӣ будани он; ва мутаассифона мо мардум ин ҳамосаро нашинохтаем.

Ду сафҳаи таърихчаи Карбало

Ҳодисаи Ошӯро ва таърихчаи Карбало ду сафҳа дорад: як сафҳаи сафед ва нуронӣ ва як сафҳаи торик, сиёҳ ва зулмонӣ, ки ҳар ду сафҳааш ё беназир аст ва ё камназир.

Аммо сафҳаи сиёҳ ва торикаш аз он назар сиёҳ ва торик аст, ки дар он, фақат ҷинояти беназир ва ё камназире мебинем. Як вақт ҳисоб кардам ва зоҳиран дар ҳудуди бисту як навъ пастӣ дар ин ҷиноят дидам ва хаёл ҳам намекунам дар дунё чунин ҷинояте пайдо бишавад, ки то ин андоза танаввӯъ дошта бошад. Албатта дар таърихчаи ҷангҳои салибӣ ҷиноятҳои урупоиҳо хеле аҷиб аст. Ва ин ки ҷуръат намекунам, ки бигӯям ҳодисаи Карбало аз назари зиёдии ҷиноят назире надорад, чун таваҷҷӯҳи ман яке ба ҷангҳои салибӣ ва ҷиноятҳое аст, ки масеҳиҳо дар он муртакиб шуданд ва яке ҳам ба ҷиноятҳое аст, ки ҳамин урупоиҳо дар Андалуси исломӣ (Испониё) муртакиб шуданд, ки он ҳам аҷиб аст. Таърихи Андалуси марҳуми Оятиро, ки Донишгоҳи Теҳрон чоп кардааст бихонед; китобест бисёр таҳқиқӣ ва омӯзанда. Дар ин китоб навиштааст: урупоиҳо ба сад ҳазор зану марду бачча иҷоза доданд, ки ҳар ҷо мехоҳанд бираванд. Баъд, ки инҳо роҳ афтоданд, пушаймон шуданд ва шояд ҳам аз аввал ҳуққа заданд, ки иҷозаи ҳаракат доданд. Ба ҳар ҳол тамоми ин сад ҳазор нафарро куштанд ва сар буриданд.

Шарқӣ ҳаргиз аз назари ҷиноят ба ғарбӣ намерасад. Шумо агар дар тамоми таърихи Машриқзамин бигардед, ду ҷиноятро ҳатто дар дастгоҳи умавӣ пайдо намекунед: яке, оташ задани зинда-зинда ва дигар қатли ом кардани занон, вале дар таърихи Мағрибзамин ин ду навъ ҷиноят фаровон дида мешавад. Зан куштан дар таърихи Мағрибзамин як амри шойеъе аст. Ҳанӯз ҳам бовар накунед, ки инҳо руҳи инсонӣ дошта бошанд. Он чи дар Ветном сурат мегирад, идомаи руҳияи ҷангҳои салибӣ ва ҷангҳои Андалуси онҳост. Ин кор, ки чандсад ҳазор нафарро зинда-зинда дар кӯраи оташ бигузоранд — ҳарчанд ин афрод ҷонӣ ҳам бошанд — кори машриқзаминӣ нест ва аз ӯҳдаи машриқзаминӣ чунин ҷинояте барнамеояд. Ин кор фақат аз ӯҳдаи мағрибзаминии қарни бистум бармеояд. Ин ҷиноят, ки дар саҳрои Сино даҳҳо ҳазор сарбозро обу нон надиҳанд, то аз гуруснагӣ бимиранд барои ин ки агар асир бигиранд, бояд ба онҳо нон бидиҳанд, фақат моли ғарбӣ аст. Шарқӣ ин ҷур ҷиноят намекунад. Яҳудии фаластинӣ сад дараҷа шарифтар аз яҳудии ғарбӣ аст. Агар мардуми Фаластин яҳудиҳои миллии аҳли ҳамон Фаластин буданд, ки ин ҷиноятҳо воқеъ намешуд. Ин ҷиноятҳо ҳама моли яҳуди ғарбӣ аст.

Ба ҳар ҳол, ман ҷуръат намекунам бигӯям ҷинояте мисли ҷинояти Карбало дар дунё вуҷуд надоштааст, вале метавонам бигӯям дар Машриқзамин вуҷуд надоштааст.

Аз ин назар, ҳодисаи Карбало як ҷиноят ва як трагедӣ аст, як мусибат аст, як рисо аст. Ин сафҳаро, ки нигоҳ мекунем, дар он куштани бегуноҳ мебинем, куштани ҷавон мебинем, куштани ширхор мебинем, асп бар бадани мурда тохтан мебинем, об надодан ба як инсон мебинем, зану баччаро шаллоқ задан мебинем, асирро бар шутури бечиҳоз савор кардан мебинем. Аз ин назар, қаҳрамони ҳодиса кист? Возеҳ аст, вақте, ки ҳодисаро аз ҷанбаи ҷиноӣ нигоҳ кунем, он ки мехӯрад, қаҳрамон нест, он бечора мазлум аст. Қаҳрамони ҳодиса дар ин нигоҳ Язид ибни Муовия аст, Убайдуллоҳ ибни Зиёд аст, Умари Саъд аст, Шимр ибни Зилҷавшан аст, Хулӣ аст ва як иддаи дигар. Аз ин рӯ, вақте, ки сафҳаи сиёҳи ин таърихро мутолеа мекунем, фақат ҷиноят ва рисои башариятро мебинем. Пас агар бихоҳем шеър бигӯем, чӣ бояд бигӯем? Бояд марсия бигӯем ва ғайр аз марсия чизи дигаре нест, ки бигӯем…

Аммо оё таърихчаи Ошӯро фақат ҳамин як сафҳа аст? Оё фақат рисо аст? Фақат мусибат аст ва чизи дигаре нест? Иштибоҳи мо ҳамин аст. Ин таърихча як сафҳаи дигар ҳам дорад, ки қаҳрамони он сафҳа, дигар писари Муовия нест, писари Зиёд нест, писари Саъд нест, Шимр нест. Дар онҷо қаҳрамон Ҳусайн аст. Дар он сафҳа, дигар ҷиноят нест, трагедӣ нест, балки ҳамоса аст, ифтихор ва нуроният аст, таҷаллии ҳақиқат ва инсоният аст, таҷаллии ҳақпарастӣ аст. Он сафҳаро, ки нигоҳ кунем, мегӯем башарият ҳақ дорад ба худаш биболад. Аммо вақте сафҳаи сиёҳашро мутолеа мекунем, мебинем, ки башарият сарафканда аст ва худашро мисдоқи он оят мебинад, ки мефармояд:

أَتَجْعَلُ فِيهَا مَنْ يُفْسِدُ فِيهَا وَيَسْفِكُ الدِّمَاءَ وَنَحْنُ نُسَبِّحُ بِحَمْدِكَ وَنُقَدِّسُ لَكَ

(*Сураи Бақара, ояти 30*) Мусалламан Ҷабраили Амин дар муқобили эъломи Худо, ки фармуд:

إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً

(*Сураи Бақара, ояти 30*) суоле намекунад, балки он даста аз фариштагон, ки фақат сафҳаи сиёҳи башариятро медиданд ва сафҳаи дигари онро намедиданд, аз Худо ин суолро карданд, ки оё мехоҳӣ касонеро дар замин қарор диҳӣ, ки фасод кунанд ва хунҳо бирезанд? Ва Худо дар ҷавоб онҳо фармуд:

إِنِّي أَعْلَمُ مَا لَا تَعْلَمُونَ

(*Сураи Бақара, ояти 30*) Ман чизеро медонам, ки шумо намедонед.

Он сафҳа сафҳае аст, ки малак эътироз мекунад, башар сарафканда аст ва ин сафҳа сафҳае аст, ки башарият ба он ифтихор мекунад. Чаро бояд ҳодисаи Карбалоро ҳамеша аз назари сафҳаи сиёҳаш мутолеа кунем ва чаро бояд ҳамеша ҷиноятҳои Карбало гуфта шавад? Чаро ҳамеша бояд Ҳусайн ибни Алӣ аз он ҷанбае, ки мавриди ҷинояти ҷониён

аст мавриди мутолеаи мо қарор бигирад? Чаро шиорҳое, ки ба номи Ҳусайн ибни Алӣ медиҳем ва менависем, аз сафҳаи торики Ошӯро гирифта шавад? Чаро мо сафҳаи нуронии ин достонро камтар мутолеа мекунем, дар ҳоле, ки ҷанбаи ҳамосии ин достон сад баробар бар ҷанбаи ҷиноии он мечарбад ва нурониятӣ ин ҳодиса бар торикии он хеле мечарбад. Пас, бояд эътироф кунем, ки яке аз ҷониҳое бар Ҳусайн ибни Алӣ мо ҳастем, ки аз ин таърихча фақат як сафҳаашро мехонем ва сафҳаи дигарашро намехонем. Ҷониҳое бар Имом Ҳусайн онҳое ҳастанд, ки ин таърихчаро аз назари ҳадаф мунҳариф карда ва мекунанд.

Ҳусайнро як рӯз куштанд ва сари ӯро аз бадан ҷудо карданд, аммо Ҳусайн, ки фақат ин тан нест; Ҳусайн, ки мисли ману шумо нест; Ҳусайн як мактаб аст ва баъд аз маргаш зиндатар мешавад. Дастгоҳи Банӣ Умайя хаёл кард, ки Ҳусайнро кушт ва тамом шуд, вале баъд фаҳмид, ки мурдаи Ҳусайн аз зиндаи Ҳусайн музоҳимтар аст, турбати Ҳусайн каъбаи соҳибдилон аст. Зайнаб ҳам ба Язид ҳаминро гуфт, гуфт: иштибоҳ кардӣ,

كِدْ كَيْدَكَ وَاسْعَ سَعْيَكَ، ناصِبْ جَهْدَكَ، فَوَ اللهِ لا تَمْحوا ذِكْرَنَا وَلا تُميتُ وَحْيَنا

Ҳар нақшае, ки дорӣ ба кор бибар, вале мутмаин бош, ту наметавонӣ бародари маро бикушӣ ва бимиронӣ; бародари ман зиндагиаш таври дигар аст, ӯ намурд, балки зиндатар шуд.

Дар он вақт марсиягӯҳо мисли марсиягӯҳои ҳоло набуданд. Кумайт марсиягӯ буд, Диъбили Хузоъӣ марсиягӯ буд; ҳамон Диъбили Хузоъӣ, ки гуфт: панҷоҳ сол аст, ки ман дори худамро ба дӯш кашидаам. Ӯ тавре марсия мегуфт, ки тахти хулафои умавӣ ва аббосиро мутазалзил мекард. Ӯ, ки мӯҳташам набуд. Шуарои мо чарху фалакро масъули шаҳодати Ҳусайн донистаанд. Кумайт, ки ин ҷур набуда; як қасида, ки мегуфт, дунёро мутазалзил мекард, вале бо таърихчаи Ҳусайн, бо номи Ҳусайн, бо марсияи Ҳусайн.

Диданд аҷаб! Қабри Ҳусайн ҳам мусибате барои мо шудааст. Тасмим гирифтанд, ки қабрашро аз байн бибаранд. Қабрашро хароб карданд, тамоми осори онро маҳв карданд, заминро бо хок яксон карданд, ба маҳалли қабр об андохтанд ба тавре, ки аҳаде дар он сарзамин нафаҳмад, ки қабри Ҳусайн дар кадом нуқта будааст. Аммо магар шуд? Ҳатто рӯй овардани мардум ба он бештар ҳам шуд.

Худи Мутаввакил як сари муғаннияи[3] дорад. Як вақте бо ӯ кор дошт ва суроғи ӯро гирифт. Гуфтанд нест. Гуфт, куҷост? Гуфтанд, ба мусофират рафтааст. Баъд аз муддате, ки омад, Мутаввакил аз ӯ суол кард: куҷо рафта будӣ? Ҷавоб дод: барои зиёрат ба Макка рафта

---

[3] *“Сари муғаннияи” яъне як хонуми хонандаи раққоса, ки соири раққосаҳоро таҳия мекунад ва раиси онҳост.*

будам. Мутаввакил гуфт: алъон, ки вақти зиёрати Макка нест; на моҳи Зилҳаҷҷа аст, ки вақти ҳаҷ бошад ва на моҳи Раҷаб аст, ки вақти умра бошад ва исрор кард, ки бояд бигӯй куҷо рафта будӣ.

Билохира маълум шуд ин зан ба зиёрати Ҳусайн ибни Алӣ рафта буд, ки Мутаввакил оташ гирифт, фаҳмид номи Ҳусайнро намешавад фаромӯшонд.

Таҳрифи ҳадафи Имом Ҳусайн

Ман намедонам кадом ҷонӣ ё ҷониҳое ҷиноятро ба шакли дигаре бар Ҳусайн ибни Алӣ ворид карданд ва он ин ки ҳадафи Ҳусайн ибни Алиро мавриди таҳриф қарор доданд ва ҳамон чарандеро, ки масеҳиҳо дар мавриди Масеҳ гуфтанд, дар бораи Ҳусайн гуфтанд, ки Ҳусайн кушта шуд барои он ки бори гуноҳи умматро ба дӯш бигирад, барои ин ки мо гуноҳ бикунем ва хаёламон роҳат бошад, Ҳусайн кушта шуд барои ин ки гунаҳкор то он замон кам буд, бештар бишавад.

Аз ин рӯ баъд аз ин инҳироф, чорае набуд ҷуз ин ки мо фақат сафҳаи сиёҳ ва торики ин ҳодисаро бихонем, фақат рисо ва марсия бибинем. Ман намегӯям, он сафҳаи торикро набояд дид, балки бояд онро дид ва хонд, аммо ин марсия ҳамеша бояд махлут бо ҳамоса бошад. Ин ки гуфтаанд рисои Ҳусайн ибни Алӣ бояд ҳамеша зинда бимонад, ҳақиқате аст ва аз худи Пайғамбар (с) гирифтаанд ва имомони атҳор низ ба он тавсия кардаанд. Ин мусибат набояд фаромӯш бишавад, бояд ашки мардумро ҳамеша бирезонад, аммо дар рисои як қаҳрамон. Пас, аввал бояд қаҳрамон буданаш барои шумо мушаххас бишавад ва баъд дар рисои қаҳрамон бигиряд, вагарна рисои як одами бечораи бе дасту пойи мазлум, дигар гиря надорад ва гиряи миллате барои ӯ маънӣ надорад. Дар рисои қаҳрамон бигиряд барои ин ки эҳсосоти қаҳрамонӣ пайдо кунед, барои ин ки партаве аз руҳи қаҳрамон дар руҳи шумо пайдо шавад ва шумо ҳам то андозае нисбат ба ҳаққу ҳақиқат ғайрат пайдо кунад; шумо ҳам адолатхоҳ бишавед, шумо ҳам бо зулму золим набард кунед, шумо ҳам озодихоҳ бошед, барои озодӣ эҳтиром қоил бошед, шумо ҳам бифаҳмед, ки иззати нафс яъне чӣ, шараф ва инсоният яъне чӣ, каромат яъне чӣ.

Агар мо сафҳаи нуронии таърихи ҳусайниро хондем, он вақт аз ҷанбаи рисоиаш метавонем истифода кунем, вагарна беҳуда аст. Хаёл мекунем, Ҳусайн ибни Алӣ дар он дунё мунтазир аст, ки мардум барояш дилсӯзӣ кунанд ё — Алаёзу биллоҳ! — ҳазрати Заҳро алайҳис салом баъд аз ҳазору сесад сол, он ҳам дар ҷивори раҳмати илоҳӣ мунтазир аст, ки чаҳор то одам барои ӯ гиря кунанд, то тасаллии хотир пайдо кунад.

Чанд сол пеш дар китобе дидам, ки нависанда муқоисае миёни Ҳусайн ибни Алӣ ва Исои Масеҳ карда буд; навишта буд, ки амали масеҳиҳо бар амали мусалмонон (шиаён) тарҷеҳ

дорад, зеро онҳо рӯзи шаҳодати Исои Масеҳро ҷашн мегиранд ва шодмонӣ мекунанд, вале инҳо дар рӯзи шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ марсияхонӣ ва гиря мекунанд. Амали онҳо бар амали инҳо тарҷеҳ дорад, зеро онҳо шаҳодатро барои Исои Масеҳ муваффақият медонанд, на шикаст ва чун муваффақият медонанд шодмонӣ мекунанд, аммо мусалмонон шаҳодатро шикаст медонанд ва чун шикаст медонанд, гиря мекунанд. Хушо ба ҳоли миллате, ки шаҳодатро муваффақият бишуморад ва ҷашн бигирад ва бадо ба ҳоли миллате, ки шаҳодатро шикаст бидонад ва ба хотири он марсияхонӣ кунад!

Ҷавоб ин аст, ки аввалан, дунёи масеҳӣ, ки ин шаҳодатро ҷашн мегирад, рӯйи ҳамон эътиқоди хурофӣ аст, ки мегӯяд, Исо кушта шуд, то бори гуноҳи мо бирезад ва чун ба хаёли худаш сабукбол шуда ва устухонаш сабук шуда онро ҷашн мегирад. Дар ҳақиқат ӯ ҷашни сабукии устухони худашро ба хаёли худаш мегирад ва ин як хурофа аст.

Сониян, ин ҳамон фарқи ислом ва масеҳияти таҳрифшуда аст, ки ислом як дини иҷтимоӣ ва масеҳият дине аст, ки ҳамаи он чизе, ки дорад андарзи ахлоқӣ аст. Гоҳ ба як ҳодиса аз назари фардӣ нигоҳ мекунем ва гоҳ аз назари иҷтимоӣ. Аз назари ислом, шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ аз дидгоҳи фардӣ як муваффақият буд. Барои шахси Ҳусайн ибни Алӣ ин шаҳодат шикаст буд ё муваффақият? Ҳар мусалмоне мегӯяд, муваффақият ва худи ҳазрат ҳам рӯзи аввал фармуд:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ مَخَطَّ الْقَلادَةِ عَلى جيدِ الْفَتاةِ، وَما أَوْلَهَني اِلى أَسْلافي اِشْتِياقَ يَعْقوبَ اِلى يوسُفَ

Аз назари як инсон ва аз назари худи шаҳид, шаҳодат муваффақият аст. Лозим нест масеҳиҳо бигӯянд; дар ҳазору сесаду панҷоҳ сол пеш, худи пешвоёни ислом гуфтаанд. Алӣ ибни Абӯтолиб он вақте, ки теғ бар фарқаш фуруд омада ва то наздики абрӯяш шикофтааст, ин тавр ҳарф мезанад:

وَاللهِ ما فَجَأَني مِنَ الْمَوْتِ وارِدٌ كَرِهْتُهُ أَوْ طالِعٌ أَنْكَرْتُهُ، وَما كُنْتُ اِلاّ كَقارِبٍ وَرَدَ وَطالِبٍ وَجَدَ

Ба Худо қасам, марги ногаҳонӣ ва зарбати ногаҳоние, ки бар ман хӯрд, як зарра мавриди кароҳати ман нест. Ман ифтихор мекунам ва орзи чунин рӯзеро доштам. Ба Худо қасам, масали ман масали он ошиқе аст, ки ба маъшуқи худ расида бошад. Ба қавли шоир:

Дидори ёри ғоиб, донӣ чӣ завқ дорад,

Абре, ки дар биёбон бар ташнае биборад.

(Саъдӣ)

Масали ман дар ҳоли ин зарбат хӯрдан, масали ҳамон мардуме аст, ки дар шабҳои торик дунболи об мегарданд ва ногаҳон ба об мерасанд.

Дӯш вақти саҳар аз ғусса нақотам доданд,

В-андар он зулмати шаб оби ҳаётам доданд.

(Ҳофиз)

Ин аз назари шахсӣ ва фардӣ. Аммо ислом як тарафи дигар ҳам дорад; қазоёро ҳамеша аз ҷанбаи шахсӣ мутолеа намекунад, аз ҷанбаи иҷтимоӣ ҳам мутолеа мекунад. Ҳодисаи Ошӯро аз ҷанбаи иҷтимоӣ ва нисбат ба касоне, ки муртакиби он шуданд, мазҳари як инҳитот дар ҷомеаи исломӣ буд. Аз ин рӯ доиман бояд ёдоварӣ бишавад, ки дигар чунин кореро муртакиб нашаванд. Ин ҳамон “охир (чаро)” аст, ки як миллат мегӯяд: мо мусалмонҳо чунин коре кардем?! Лаънат ба касоне, ки чунин коре карданд, пас дигар чунин коре накунем.

Солисан, ин мавзӯъ барои сайқал додани эҳсосоти исломӣ ва инсонӣ аст, аммо ба шарти ин ки мо инро дуруст дарк бикунем. Имрӯз рӯзе нест, ки одам сарашро зери об бикунад…

Наҳзати ҳусайнӣ, ҳамосае муқаддас

Гуфтем, як сухан ё манзума, як шеър ё насри ҳамосӣ он аст, ки дар руҳи инсонӣ ҷавлон ва ҳаяҷоне дар ҷиҳати силаҳшӯрӣ ва муқовамат ва истодагӣ ва дифоъ аз ақида эҷод кунад. Ва як шахсияти ҳамосӣ он касе аст, ки дар руҳаш ин мавҷ вуҷуд дорад; як руҳияи мутамаввиҷе аз азамат, ғайрат, ҳамийят, шуҷоат, ҳисси дифоъ аз ҳуқуқ ва ҳисси адолатхоҳӣ дорад. Ва боз арз кардем, ки таърихчаи Ошӯро таърихчае аст, ки ду сафҳа дорад. Як сафҳаи он сафҳае аст сиёҳ ва торик, намоише аст аз ҷинояти башарият, ҷинояти бисёр-бисёр азиме, як достони ҷиноӣ ва як зулми беҳадду ҳисоб аст ва бинобар ин, достони ҷиноии мо қаҳрамононе дорад, ки қаҳрамонони ҷиноятанд. Писари Муовия, писари Зиёд, писар Саъд ва як идда афроди дигар қаҳрамони ин достони ҷиноӣ ҳастанд. Аммо тамоми ин достон ҷиноят нест. Яъне достони мо як сафҳа надорад, ду сафҳа дорад. Танҳо ин нест, ки як идда ҷинояткор бар як идда мардуми пок ва бегуноҳ ҷиноят ворид карданд. Бале, достонҳое ҳаст, ки фақат ва фақат ҷиноӣ аст, як сафҳа бештар надорад ва он ҳам мамлув аз ҷиноят аст.

Масалан достони писарони Муслим ибни Ақил фақат як достони ҷиноӣ асту бас, ки ду то тифли ноболиғи бегуноҳи падаркуштаи ғариб дар як шаҳр ба дасти як одами ҷонӣ меафтанд ва ӯ ба тамаъи ин ки ба пуле бирасад, ба шакли фаҷеъе онҳоро ба қатл мерасонад. Вақте мо ин таърихчаро мутолеа мекунем, аз як тараф ҷиноят мебинем ва аз тарафи дигар ду то тифли маъсуми ноболиғи ғариб, ки ҷиноят бар онҳо ворид шудааст, ки инҳо ҳарфе ҳам надоштаанд ва наметавонистаанд ҳарфе дошта бошанд, чаро ки

баччаҳои дар синини даҳсола ва дувоздаҳсола ё камтар будаанд. Ин фақат як достони ҷиноӣ аст ва аз назари он ду тифл, рисо аст, мусибат аст, мазлумият аст.

Аммо достони Карбало ин тавр нест, як достони дусафҳаӣ аст, ки аз назари он сафҳаи дигар бештар қобили мутолеа аст. Аз назари он сафҳа, ҷанбаи мусбат дорад, сурати фаъоле дорад, намоишгоҳе аст аз азамат ва улувви башарият, аз рифъати башарият, намоишгоҳи макорими инсоният аст, саросар ҳамоса аст, азамат ва шуҷоат ва ҳақхоҳӣ ва ҳақпарастӣ дар он мавҷ мезанад. Аз ин назар, дигар қаҳрамони достони мо писари Муовия ва писари Зиёд ва писари Саъд ва дигарон нестанд. Аз ин назар қаҳрамони достон писарони Алӣ ҳастанд, Ҳусайн ибни Алӣ аст, Аббос ибни Алӣ аст, духтари Алӣ Зайнаб аст, як идда аз мардони фидокори дараҷаи аввале ҳастанд, ки худи Ҳусайн, ки ҳозир нест як калимаи муболиға ва гизоф дар суханаш бошад, онҳоро ситоиш мекунад. Имом Ҳусайн дар шаби Ошӯро асҳоби худашро ситоиш кард; нагуфт як идда мардуми бегуноҳ ва бечора фардо кушта мешавед ва ба умри шумо хотима дода мешавад, балки онҳоро ситоиш кард ва фармуд:

فَإِنّي لا أَعْلَمُ أَصْحاباً أَوْفى وَلا خَيْراً مِنْ أَصْحابي

Ман ёроне дар ҷаҳон беҳтар аз ёрони худам суроғе надорам, яъне ман шуморо бар ёрони “Бадр” (ки ёрони Пайғамбар буданд) тарҷеҳ медиҳам, бар ёрони падарам Алӣ тарҷеҳ медиҳам, бар ёроне, ки Қуръони Карим барои анбиё зикр мекунад –

وَكَأَيِّنْ مِنْ نَبِيٍّ قَاتَلَ مَعَهُ رِبِّيُّونَ كَثِيرٌ فَمَا وَهَنُوا لِمَا أَصَابَهُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ وَمَا ضَعُفُوا وَمَا اسْتَكَانُوا وَاللَّهُ يُحِبُّ الصَّابِرِينَ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 146*) — тарҷеҳ медиҳам, яъне эътироф мекунам, ки ҳамаи шумо қаҳрамон ҳастед. Суханаш ин тавр оғоз мешавад: “Марҳабо, марҳабо ба гурӯҳ қаҳрамонон!“

Бинобар ин ҳоло, ки фаҳмидем ин достон ду сафҳа дорад, мехоҳем сафҳаи дуввуми онро ҳам мавриди мутолеа қарор диҳем ва эътироф кунем, ки мо дар гузашта ин иштибоҳро муртакиб шудаем, ки ин достонро фақат аз як тарафи он мутолеа кардаем ва ғолибан он тарафи дигари достонро маскут гузоштаем, яъне мо намоишгари қаҳрамониҳои ҷиноятқоронаи писари Муовия ва писари Зиёд ва писари Саъд буда ва ҳастем.

Ман барои ин дастаҳо (дастаҳои азодорӣ) ҳақиқатан эҳтиром қоил ҳастам, чун ибрози эҳсосот аст; эҳсосоте сад дар сад табиии ношӣ аз ақида ва имон. Онҳое, ки медонанд агар дар як миллат эҳсосоти табиии ношӣ аз ақида ва имон дар бораи қаҳрамонони бузурги он миллат вуҷуд дошта бошад чӣ қадр арзиш дорад, медонанд, ки ман чӣ мегӯям. Набояд инҳоро насх кард, набояд бо инҳо мубориза кард, бояд инҳоро ислоҳ

кард. Бояд ин эҳсосоти бисёр-бисёр азимро, ки фақат ношӣ аз қудрати ақида ва имон аст, ислоҳ кард. Оё агар шумо миллиардҳо доллар харҷ кунед, метавонед якчунин эҳсосоте дар миллат ба вуҷуд биёваред?

Ин ки он бобо аз ҷайби худаш пул харҷ мекунад, худашро бекор мекунад, занҷир бармедорад, пушти худашро сиёҳ мекунад ва ашки ӯ ҳам муттасил ҷорӣ аст, арзиш дорад ва набояд бо он мубориза кард ва гуфт, ин корҳо ваҳшигарӣ аст. Ибрози эҳсосот барои қаҳрамонони бузурги таърих ваҳшигарӣ нест. Фақат иштибоҳи ӯ дар ин аст, ки вақте мехоҳад ибрози эҳсосот кунад, ба шакле ибрози эҳсосот мекунад, ки намоишгари қаҳрамонии ҷинояткоронаи ҷинояткорон ва намоишгари мазлумияти он касе аст, ки ба ӯ ишқ меварзад ва алоқа дорад. Ӯ намедонад ҳоло, ки мехоҳад намоишгарӣ бикунад, бояд тавре намоишгарӣ бикунад, ки намоишгари ҳамосаи ҳусайнӣ бошад, намоишгари он ҷанбаи нуронӣ ва равшани таърихи Ошӯро бошад, намоишгари руҳи Ҳусайн ибни Алӣ бошад. Хушбахтона каму беш ин бедорӣ пайдо шудааст ва гоҳе инсон ба чашм мебинад, ки баъзе аз дастаҳо таваҷҷӯҳ кардаанд, ки чӣ бояд бикунанд ва чӣ мекунанд.

Марди бузург руҳаш соҳиби ҳамоса аст, хоҳ барои худаш кор карда бошад ё барои як миллат ва ё барои башарият ва инсоният кор карда бошад ва ё ҳатто болотар аз инсоният фикр кунад ва худашро хидматгузори ҳадафҳои куллии хилқат бидонад, ки исми онро “ризои Худо” мегузорад, бад-ин маънӣ, ки Худованд ин хилқатро офарида ва барои он як масир ва ҳадафи куллӣ қарор додааст; ин роҳ, роҳи ризои Худост.

Марди бузург касе аст, ки дар руҳаш ҳамоса вуҷуд дошта бошад; ғайр аз ин наметавонад бошад. Нодиршоҳи Афшор агар як ҳамоса дар руҳаш вуҷуд намедошт, наметавонист афғинаро аз Эрон берун кунад ва наметавонист Ҳиндустонро фатҳ кунад; ин худаш як ҳамоса аст. Аммо ин ки баъд кораш ба як молихулё кашид ва худаш душмани ҷони миллати худаш шуд, матлаби дигаре аст.

Искандар, хоҳ нохоҳ дар руҳаш як ҳамоса, як мавҷ вуҷуд доштааст, шоҳ Исмоил ҳамин тавр, Наполеон ҳамин тавр. Искандар, Нодиршоҳ ва шоҳ Исмоил, ҳамаи инҳо як иродаи бузург ҳастанд, як ҳиммати бузург ҳастанд, як ҳамосаи бузург ҳастанд, вале ҳамосаи муқаддас нестанд, барои ин ки ҳар як аз инҳо мехоҳад шахсияти худашро тавсиа бидиҳад, мехоҳад ҳама чизро дар худаш ҳазм кунад, мехоҳад миллатҳо ва мамлакатҳои дигарро дар мамлакати хеш ҳазм кунад; ва аз ин рӯ аз назари як миллат, як қаҳрамони миллӣ аст, вале аз назари миллати дигар як ҷинояткор аст. Искандар барои юнониён як қаҳрамон аст ва барои эрониён як ҷинояткор; барои юнонӣ як қаҳрамон аст, чун ба Юнон азамат дод, чун қудратҳои дигар, сарватҳои дигар, азаматҳои дигарро хурд кард ва парчами Юнонро дар мамлакатҳои дигар ба эҳтизоз даровард. Аммо аз назари қавми

мағлуб, ӯ наметавонад як қаҳрамон бошад. Наполеон барои фаронсавиҳо қаҳрамон аст, аммо оё барои Русия ё барои Англистон ҳам қаҳрамон аст? Албатта на. Онҳо ҳамоса ҳастанд, вале як ҳамосаи фардӣ аз навъи худхоҳӣ. Як ҳамосаи бузург аст яъне як худхоҳии бузург аст, як худпарастии бузург аст, як ҷоҳталабии бузург аст. (Дар муқобили ҷоҳталабиҳои кучак, ҷоҳталабиҳои бузург ҳам дар дунё пайдо мешавад.) Аммо ин ҳамосаҳо ҳамосаҳои муқаддас шумурда намешаванд.

Мушаххасоти ҳамосаи муқаддас

Ҳамосаи муқаддас мушаххасоти дигаре дорад, ки арз мекунам; мушаххасоте, ки ба мӯҷиби онҳо дигар Наполеон ва Искандар наметавонанд ҳамосаи муқаддас бошанд. Ҳамосаи муқаддас он касе аст, ки руҳаш барои худ мавҷ намезанад, барои нажоди худ мавҷ намезанад, барои миллати худ мавҷ намезанад, барои қорра ё мамлакати худ мавҷ намезанад; ӯ асосан чизеро, ки намебинад, шахси худ аст, ӯ фақат ҳаққу ҳақиқатро мебинад ва агар хеле кучакаш бикунем, бояд бигӯем, башариятро мебинад. Ин ояти Қуръон як ояти ҳамосӣ аст:

قُلْ يَا أَهْلَ الْكِتَابِ تَعَالَوْا إِلَى كَلِمَةٍ سَوَاءٍ بَيْنَنَا وَبَيْنَكُمْ أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ وَلَا نُشْرِكَ بِهِ شَيْئًا وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 64*) Эй аҳли китоб, эй касоне, ки иддаои мазҳаб доред! Биёед бо ҳамдигар як сухан дошта бошем, биёед худамонро фаромӯш кунем ва фақат ақидаро бибинем, биёед дар роҳи як ақида худро фаромӯш кунем, биёед як суханро идеяи худамон қарор бидиҳем:

أَلَّا نَعْبُدَ إِلَّا اللَّهَ

Ҷуз Худо ҳеч мавҷудеро қобили парастиш надонем.

وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ

Биёед истисморро мулғо кунем, истибъодро мулғо кунем, башарпарастиро мулғо кунем, адлу мусовотро дар миёни башарият биёварем. Нагуфт, қавми ман, қавми ту, бо ҳам ҳамдаст шавем ва падари як қавми дигарро дарбиёварем; ин ҳарфҳо нест.

Пас як ҷиҳат, ки ин ҳамоса муқаддас мешавад ин аст, ки ҳадафаш муқаддас ва пок ва муназзаҳ аст; мисли хуршед оламтоб аст, ки бар ҳамаи мардум ва бар ҳамаи ҷаҳониён метобад.

Дуввумин ҷиҳати тақаддуси ин гуна қиёмҳо ва наҳзатҳо ин аст, ки дар шароити хоссе, ки ҳеч кас гумон намебарад қарор гирифтаанд, яъне якмартиба дар як фазои бисёр-бисёр торик ва зулмонӣ як шӯъла равшан мешавад; шӯълае дар як зулмати мутлақ; фарёди

адолате аст дар як истибдод ва ситами мутлақ, чунбише аст дар як сукун ва дар ҳоле, ки ҳама сокин ва маъъубанд, калом ва сухане аст дар як хомӯшии маргбор.

Ба унвони мисол, Намруде пайдо мешавад, ки як мард боқӣ намегузорад ва дар ҳамин замон наҳзати муқаддаси Иброҳим сурат мегирад:

إِنَّ إِبْرَاهِيمَ كَانَ أُمَّةً قَانِتًا

(*Сураи Наҳл, ояти 120*). Ё Фиръавне пайдо мешавад ва ҳамон тавре, ки Қуръон мефармояд:

إِنَّ فِرْعَوْنَ عَلَا فِي الْأَرْضِ وَجَعَلَ أَهْلَهَا شِيَعًا يَسْتَضْعِفُ طَائِفَةً مِنْهُمْ يُذَبِّحُ أَبْنَاءَهُمْ وَيَسْتَحْيِي نِسَاءَهُمْ

(*Сураи Қасас, ояти 4*) ва дар ҳамин аср Мӯсое пайдо мешавад. Ва ё дар асри беъсат хотами анбиё, ки тамоми дунё дар зулмат ва хомӯшӣ ва ҳарчу марч ва фасод фурӯ рафтааст ногаҳон фарёди

قولوا لا اِلهَ اِلاَّ اللهُ تُفْلِحوا

— баланд мешавад.

(Дар замони Имом Ҳусайн) давлати умавӣ тамоми нерӯҳоро ба нафъи худаш таҷҳиз кардааст ҳатто нерӯи мазҳабро, ба ин тартиб, ки муҳаддисини аз Худо бехабарро истихдом карда ва ба онҳо пул медиҳад, то ба нафъи ӯ ҳадис ҷаъл кунанд. Мегӯянд, як олим умавӣ гуфтааст:

إِنَّ الْحُسَيْنَ قُتِلَ بِسَيْفِ جَدِّهِ

(*Иборате аст аз Абӯбакр ибни Ибнуларабии Андалусӣ дар "Авосим", с.232*) Ҳусайн бо шамшери ҷаддаш кушта шуд ва манзури ӯ ин будааст, ки Ҳусайн ба ҳукми дини ҷаддаш кушта шуд. Вале ман мегӯям, ин ҳарф ба маънии дигаре дуруст аст ва он ин ки Банӣ Умайя тавониста буданд исломро ончунон истисмор ва истихдом ва мунҳариф кунанд, ки як идда мардуми аз Худо бехабар ба унвони ҷиҳод ва хидмат ба ислом, ба ҷанги Ҳусайн биёянд, ки:

وَكُلٌّ يَتَقَرَّبونَ اِلَى اللهِ بِدَمِهِ

Баъд аз шаҳодати Абӯабдуллоҳ (Имом Ҳусайн), ба шукронаи ин амал чандин масҷид сохта шуд. Бибинед, зулмату торикӣ чӣ қадр будааст!

Он вақт шӯълае монанди шӯълаи ҳусайнӣ дар якчунин шароите пайдо мешавад; шароите, ки навиштаанд агар як нафар мехост як ҷумла дар бораи Алӣ алайҳис салом ривоят бикунад, масалан бигӯяд ман аз Пайғамбар чунин чизеро дар бораи Алӣ шунидам ё мехоҳам фалон қазия ё фалон хутбаро аз Алӣ нақл бикунам, мерафтанд дар даруни хонаҳо, дарҳоро аз пушт мебастанд, баъд касе, ки мехост ҷумларо нақл кунад, тарафро

қасамҳои муаккад медод, ки ман ба ин шарт барои ту нақл мекунам, ки онро барои аҳаде нақл накунӣ магар барои касе, ки ба андозаи худат қобили эътимод бошад ва ту ҳам ӯро ба ҳамин андоза қасам бидиҳӣ, ки барои шахси ғайри қобили эътимод нақл накунад.

Севвумин чиҳати тақаддуси наҳзати ҳусайни ин аст, ки дар он як рушд ва биниши нерӯманд вуҷуд дорад, яъне ин қиём ва ҳамоса аз он чиҳат муқаддас аст, ки қиёмкунанда чизеро мебинад, ки дигарон намебинанд, ҳамон масали маъруф: “Он чиро, ки дигарон дар ойина намебинанд, ӯ дар хишти хом мебинад”, асари кори худашро мебинад, мантиқе дорад мофавқи мантиқи афроди оддӣ, мофавқи мантиқи “уқалое”, ки дар иҷтимоъ ҳастанд. Ибни Аббос, Ибни Ҳанафия, Ибни Умар ва иддаи зиёде дар камоли хулуси ният, Ҳусайн ибни Алиро аз рафтан ба Карбало наҳй мекарданд. Онҳо рӯи мантиқи худашон ҳақ доштанд, вале Ҳусайн чизеро медид, ки онҳо намедиданд. Онҳо на ба андозаи Ҳусайн ибни Алӣ хатарро эҳсос мекарданд ва на метавонистанд бифаҳманд, ки чунин қиёме дар оянда чӣ осори бузурге дорад, аммо ӯ ба таври возеҳ медид. Чандин бор гуфт: ба Худо қасам, инҳо маро хоҳанд кушт ва ба Худо қасам, ки бо кушта шудани ман авзоъи инҳо зеру рӯ хоҳад шуд. Ин, биниши қавии ӯст.

Руҳи бузург

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом як руҳи бузург ва як руҳи муқаддас аст. Асосан руҳ, ки бузург шуд, тан ба заҳмат меафтад ва руҳ, ки кучак шуд, тан осоиш пайдо мекунад. Ин худ як ҳисобе аст. Ибни Аббосҳо биёянд наҳй кунанд, магар руҳи Ҳусайн иҷоза медиҳад?! Мутанаббӣ, шоири маъруфи араб шеъри хубе дорад, мегӯяд:

وَاِذا كانَتِ النُّفوسُ كِباراً

تَعِبَتْ فى مُرادِهَا الْأَجْسامُ

Мегӯяд, вақте, ки руҳ бузург шуд, ҷисму тан чорае надорад ҷуз он ки ба дунболи руҳ биёяд, ба заҳмат биафтад ва нороҳат шавад. Аммо руҳи кучак ба дунболи хоҳишҳои тан меравад; ҳар чиро, ки тан фармон бидиҳад, итоат мекунад. Руҳи кучак ба дунболи луқмае барои бадан меравад, агарчӣ аз роҳи дарюзагӣ ва тамаллуқ ва чоплусӣ бошад. Руҳи кучак дунболи мақому мансаб меравад, ҳарчанд бо гарав гузоштани номус бошад. Руҳи кучак тан ба ҳар зиллату бадбахтӣ медиҳад, барои ин ки мехоҳад дар хонааш фарш ё мебел дошта бошад, осоиш дошта бошад, хоби роҳат дошта бошад.

Аммо руҳи бузург ба тан нони ҷав мехӯронад, баъд ҳам баландаш мекунад ва мегӯяд, шабзиндадорӣ кун. Руҳи бузург вақте, ки кучактарин кӯтоҳӣ дар вазифаи худаш мебинад, ба тан мегӯяд, ин сарро дар ин танӯр бибар, то ҳарорати онро эҳсос кунӣ ва

дигар дар кори ятимон ва бевазанон кӯтоҳӣ накунӣ.[4] Руҳи бузург орзу мекунад, ки дар роҳи ҳадафҳои илоҳӣ ва ҳадафҳои бузурги худаш кушта шавад; фарқаш шикофта мешавад, Худоро шукр мекунад.[5] Руҳ вақте, ки бузург шуд, хоҳ нохоҳ бояд дар рӯзи Ошӯро сесад захм ба баданаш ворид шавад; он тане, ки дар зери сумми асбҳо лагадмол мешавад, ҷаримаи як руҳияи бузургро медиҳад; ҷаримаи як ҳамосаро медиҳад; ҷаримаи ҳақпарастиро медиҳад, ҷаримаи руҳи шаҳидро медиҳад.

Вақте, ки руҳ бузург шуд, ба тан мегӯяд, ман мехоҳам ба ин хун арзиш бидиҳам.

Шаҳид ба чӣ касе мегӯянд? Рӯзе чӣ қадр одам кушта мешаванд? Масалан, ҳавопаймо суқут мекунад ва иддае кушта мешаванд, чаро ба онҳо шаҳид намегӯянд? Чаро даври калимаи “шаҳид”-ро ҳолае аз қудс гирифтааст? Чун шаҳид касе аст, ки як руҳи бузург дорад; руҳе, ки ҳадафе муқаддас дорад; касе аст, ки дар роҳи ақида кушта шудааст; касе аст, ки барои худаш кор накардааст; касе аст, ки дар роҳи ҳаққу ҳақиқат ва фазилат қадам бардоштааст.

Кори “шаҳид”

Шаҳид ба хуни худаш арзиш медиҳад. Як нафар ба сарвати худаш арзиш медиҳад ва ба ҷойи он ки сарваташ дар банкҳо захира бошад, онро дар як роҳи хайр масраф мекунад, ки ҳар як риёлаш бо миқёси маъно беш аз садҳо ҳазор риёл арзиш дошта бошад; сарвати худро ба сурати як муассисаи оммулманфиаи муфиди фарҳангӣ, мазҳабӣ ва ахлоқӣ дармеоварад ва бо ин амал ба он арзиш медиҳад. Дигаре ба фикри худаш арзиш медиҳад; ба худаш заҳмат медиҳад ва як китоби муфид ва асари илмӣ ба вуҷуд меоварад. Дигаре ба завқи фаннии худаш арзиш медиҳад ва санъатеро дар ихтиёри башар қарор медиҳад. Дигаре ба хуни худаш арзиш медиҳад; дар роҳи башарият хуни худашро фидо мекунад. Кадом як бештар хидмат кардаанд? Шояд хаёл кунед, уламо ё мухтареъин ва мукташифин ва сарватамандон бештар ба башар хидмат кардаанд. Хайр. Ҳеч кас ба андозаи шуҳадо ба башарият хидмат накардааст, чун онҳо ҳастанд, ки роҳро барои дигарон боз мекунанд ва барои башар озодиро ба ҳадия меоваранд; онҳо ҳастанд, ки барои башар муҳити адолат ба вуҷуд меоваранд, ки донишманд ба кори дониши худ машғул бошад, мухтареъ бо хаёли роҳат ба кори ихтироъи худаш машғул бошад, тоҷир

---

[4] *Ишора ба Алӣ алайҳис салом ва он достони маъруф аст, ки дар китоби “Достони ростон” таҳти унвони “Марди ношинос” омадааст.*

[5] *Ишора ба Алӣ алайҳис салом аст, ки пас аз шикофта шудани фарқи муборакаш, нидо дар дод:*

فزت ورب الكعبة

«*Қасам ба Худои Каъба, ки растгор шудам!*”

тиҷорат кунад, муҳассил дарс бихонад ва ҳар касе кори худашро анҷом бидиҳад. Ӯст, ки муҳитро барои дигарон ба вуҷуд меоварад. Масали онҳо масали чароғ ва масали барқ аст; агар чароғ ё барқ набошад, мову шумо чӣ кор метавонем анҷом диҳем?

Қуръони Карим пайғамбарро ташбеҳ ба як чароғ мекунад; бояд чароғ бошад, то зулматҳо аз миён биравад ва ҳар касе битавонад ба кори худаш машғул бошад. Чӣ қадр олӣ гуфтааст ин шоираи замони мо, Парвини Эътисомӣ, Худояш биёмурзад! Аз забони шоҳиде ва шамъе мегӯяд: як шоҳид, як маҳбуб, як зеборӯйи мавриди таваҷҷӯҳ як шаб то субҳ дар канори шамъе нишаст, ҳунарнамоиҳо кард, гулдӯзиҳо кард, санъате ба харҷ дод. Ҳамин, ки аз корҳояш фориғ шуд, рӯ кард ба шамъ ва гуфт: намедонӣ ман дишаб чӣ корҳо кардам!

Шоҳиде гуфт ба шамъе к-имшаб,
Дару девор музайян кардам.
Дишаб аз шавқ нахуфтам якдам,
Дӯхтам ҷомаву бар тан кардам.
Кас надонист чӣ сеҳромезе,
Ба паранд аз наху сӯзан кардам.
Ту ба гарди ҳунари ман нарасӣ,
З-он, ки ман базли сару тан кардам.

Яъне барои сару тани худам ҳунар базл кардам. Шамъ ҳам ба ӯ ҷавоб дод:

Шамъ хандид, ки бас тира шудам,
То зи торикият эман кардам.
Пайи пайванди гуҳарҳои ту бас,
Гуҳари ашк ба доман кардам.

Ту мегӯй, ки ман то субҳ гавҳарҳоро ба ҳам дӯхтам, вале ин гавҳари ашки ман буд, ки то субҳ рехт, то ту тавонистӣ он гавҳарҳоро дар як ришта бикашӣ ва ба гардани худ биандозӣ.

Хирмани умри ман ар сӯхта шуд,
Ҳосили шавқи ту хирман кардам.

Ман он касе ҳастам, ки то субҳ сӯхтам ва тобидам, то ту ба ҳадаф ва мақсадат расидӣ. Баъд мегӯяд:

Корҳое, ки шумурдӣ бар ман,
Ту накардӣ, ҳамаро ман кардам.

Ибни Сино “Қонун” нанавишт, Муҳаммад ибни Закариё “Алҳовӣ” нанавишт, Саъдӣ завқи худашро дар “Бӯстон” ва “Гулистон” нишон надод, Мавлавӣ ҳамин тавр магар аз

партави шуҳадо; онҳое, ки тамаддуни азими исломиро поягузорӣ карданд, мавонеъро аз сари роҳи башарият бардоштанд; онҳое, ки мисли шӯълаҳое дар як зулматҳое дурахшиданд ва ҷони худашонро фидо карданд; онҳое, ки саросари вуҷудашон ҳамосаи илоҳӣ буд, ҳақҳоҳӣ ва ҳақпарастӣ буд; онҳое, ки парчами тавҳидро дар дунё ба эҳтизоз даровардаанд ва мустақар карданд; онҳое, ки мунодии адолат буданд; мунодии ҳуррият ва озодӣ буданд. Мову шумо, ки инҷо нишастаем, мадюни қатароти хуни онҳо ҳастем; мадюни ҳамосаҳои онҳо ҳастем. Ҳусайн ибни Алӣ саросари вуҷудаш ҳамоса аст.

Калиди шахсияти афрод

Равоншиносҳо, хусусан касоне, ки шарҳи ҳол менависанд, кӯшиш мекунанд барои руҳияҳо як калиди шахсият пайдо кунанд. Мегӯянд, шахсияти ҳар кас як калиди муайян дорад; агар онро пайдо кунед, саросари зиндагии ӯро метавонед тавҷеҳ кунед. Албатта ба даст овардани калиди шахсияти афрод хеле мушкил аст, хусусан шахсиятҳои хеле бузург. Аббос Маҳмуд ал-Аққод, донишманди мутафаккири мисрӣ, китобе навишта ба номи “*Абқарият ул-Имом Алӣ*” ва дар ин китоб изҳори назар мекунад, ки ман калиди шахсияти Алиро дар “фурусият” ҷустуҷӯ ва пайдо кардам. Алӣ марде аст, ки дар саросари зиндагиаш, чӣ дар майдони ҷанг, чӣ дар муҳити хонавода, чӣ дар меҳроби ибодат, чӣ дар маснади ҳукумат ва дар ҳар ҷое руҳи мардонагӣ вуҷуд дорад.

“Фурусият” яъне мардонагӣ; ва мардонагӣ мофавқи шуҷоат аст. Ӯ мегӯяд, калиди шахсияти Алӣ мардонагӣ аст.

Муллои Румӣ ҳудуди ҳафтсад сол қабл аз ӯ ба ин нукта пай бурда будааст, ки дар Алӣ чизе болотар аз шуҷоат вуҷуд дорад. Дар он достони маъруф, вақте Алӣ алайҳис салом душманашро ба замин зад ва хост ӯро бикушад, он мард оби даҳони худро ба сурати Алӣ андохт ва Алӣ дар он лаҳза ӯро накушт ва бархост ва қадам зад ва баъд, ки омад сари ӯро бибауррад, он мард суол кард: чаро аввал маро накуштӣ? Гуфт: чун ман таҳти таъсири ғазаби худам қарор гирифтам ва намехостам дастам ҳаракат кунад дар ҳоле, ки хашми худам ҳам таъсир дошта бошад, балки мехостам туро дар роҳи ризои Худо ва ҳадафҳои куллии хилқат кушта бошам. Мавлавӣ ин достонро хеле олӣ ба назм даровардааст. Ин назм ду байт дорад, ки ба назари ман беҳтар аз ин дар мадҳи Алӣ гуфта нашудааст. Мегӯяд:

Дар шуҷоат шери раббонистӣ,
Дар мурувват худ кӣ донад, кистӣ…
Ту тарозуи Аҳадхӯ будаӣ,
Бал забонай ҳар тарозу будаӣ.

Мегӯяд: дар шуҷоат, ту асадуллоҳ ҳастӣ, аммо дар мурувват ва мардонагӣ, ки мофавқи шуҷоат аст, ҳеч кас наметавонад туро тавсиф кунад, ту мофавқи тавсиф ҳастӣ.

Ин марди мисрӣ ҳам ба инҷо расидааст, ки ба ақидаи ӯ, калиди шахсияти Алӣ мурувват ва мардонагӣ аст.

Калиди шахсияти Имом Ҳусайн

Иддаои ин ки касе бигӯяд, ман калиди шахсияти касе монанди Алӣ ё Ҳусайн ибни Алиро ба даст овардаам, инсофан иддаои гизофӣ аст ва ман ҷуръат намекунам чунин сухане бигӯям, аммо ин қадр метавонам иддао кунам, ки дар ҳудуде, ки ман Ҳусайнро шинохта ва таърихчаи зиндагии ӯро хондаам ва суханони ӯро — ки мутаассифона бисёр кам ба дасти мо расидааст[6] — ба даст овардаам ва дар ҳудуде, ки таърихи Ошӯроро — ки хушбахтона ин таърих мазбут аст — мутолеа карда ва хитобаҳо ва насоеҳ ва шиорҳои Ҳусайнро ба даст овардаам, метавонам ин тавр бигӯям, ки аз назари ман, калиди шахсияти Ҳусайн ҳамоса аст, шӯр аст, азамат аст, салобат аст, шиддат аст, истодагӣ аст, ҳақпарастӣ аст.

Суханоне, ки аз Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом нақл шуда нодир аст, вале ҳамон миқдоре, ки ҳаст, аз ҳамин руҳ ҳикоят мекунад. Аз Ҳусайн ибни Алӣ пурсиданд: шумо суханеро, ки бо гӯши худат аз пайғамбар шунида бошӣ, барои мо нақл кун. Бибинед, интихоби Ҳусайн аз суханони пайғамбар чӣ гуна аст! Аз ҳамин ҷо шумо метавонед миқдори шахсияти ӯро ба даст оваред. Ҳусайн алайҳис салом гуфт, он чи, ки ман аз пайғамбар шунидаам ин аст:

إِنَّ اللهَ تَعالى يُحِبُّ مَعالِيَ الْأُمورِ وَأَشْرافَها وَيُكْرِهُ سَفْسافَها

(*Алҷомеус-сағир, Суютӣ, 1/157*) Худо корҳои бузург ва муртафеъро дӯст медорад, аз чизҳои паст бадаш меояд. Рифъат ва азаматро бибинед, ки вақте мехоҳад сухане аз пайғамбар нақл кунад, инчунин суханеро интихоб мекунад; дар воқеъ дорад худашро нишон медиҳад. Аз Ҳусайн алайҳис салом ашъоре ҳам ба дасти мо расидааст, ки боз ҳамин руҳ дар он мутаҷаллӣ аст:

[6] *Иллати ин ки миқдори каме аз суханони Ҳусайн алайҳис салом ба дасти мо расида ин аст, ки асри умавӣ асри ихтиноқ ва сонсур дар бораи Алӣ ва фарзандони Алӣ буд ва касе ҷуръат намекард, ки бо онҳо тамос бигирад ва ё сухане аз онҳо нақл кунад*.

سَبَقْتُ الْعالَمينَ إِلَى الْمَعالي

بِحُسْنِ خَليقَة وَعُلُوّ هِمَّه

وَلاحَ بِحِكْمَتي نُورُ الْهُدى في

لَيال فِي الضَّلالَةِ مُدْلَهِمَّه

يُرِيدُ الْجاحِدُونَ لِيُطْفِئُوهُ

وَيَأْبَى اللهُ إلاّ أَنْ يُتِمَّه

(“*Бо хушхулқӣ ва баландҳиммате аз ҳамаи ҷаҳониён ба мақомоти баланд пешӣ гирифтам. Нури ҳидоят дар шабҳои бисёр торик бо ҳикмати ман дурахшид. Мункирон мехоҳанд ин нурро хомӯш кунанд ва аммо Худованд мехоҳад онро тамом ва комил гардонад.*”)

Суханони бисёр маҳдуде, ки аз Ҳусайн алайҳис салом ба мо расида ҳамин тавр аст. Инҳо марбут ба ҳодисаи Ошӯро ҳам нест, марбут ба қабл аз он аст ва рабте ба онҷо надорад.

Сухани дигар аз ӯ ин аст:

مَوْتٌ فى عِزٍّ خَيرٌ مِنْ حَياةٍ فى ذُلٍّ

Мурдани бо иззат ва шарофат, аз зиндагии бо зиллат беҳтар аст.

Ҷумлаи дигаре, ки боз аз ӯ нақл кардаанд ин аст:

إِنَّ جَميعَ ما طَلَعَتْ عَلَيْهِ الشَّمْسُ فى مَشارِقِ الْأَرْضِ وَمَغارِبِها، بَحْرِها وَ بَرِّها وَسَهْلِها وَجَبَلِها عِنْدَ وَلِيٍّ مِنْ أَوْلِياءِ اللهِ وَأَهْلِ الْمَعْرِفَةِ بِحَقِّ اللهِ كَفَيْئِ الظِّلالِ

Зимнан шумо аз инҷо бифаҳмед як марде, ки ҳамосаи илоҳӣ аст фарқаш бо дигарон чист. Мегӯяд: ҷамиъи он чи хуршед бар он тулӯъ мекунад, тамоми дунё ва мофиҳо, дарёи он ва хушкии он, кӯҳу дашти он дар назди касе, ки бо Худои худаш ошноӣ дорад ва азамати илоҳиро дарк карда ва дар пешгоҳи илоҳӣ сар супурдааст, мисли як соя аст.

Баъд ин тавр идома медиҳад:

أَلا حُرٌّ يَدَعُ هذِهِ اللُّماظَةَ لِأَهْلِها

Оё як озодмард пайдо намешавад, ки ба дунё ва мофиҳои он беэътино бошад? Дунё ва мофиҳо барои инсоне, ки бихоҳад худро барда ва бандаи он кунад, ба он тамаъ дошта бошад ва онро ҳадафи кори худаш қарор бидиҳад, мисли “лумоза” аст. Медонед, лумоза чист? Инсон вақте ғизо мехӯрад, лойи дандонҳояш як чизҳое масалан як тикка гӯште боқӣ мемонад, ки бо хилол онро дармеоварад. Ҳамонро лумоза мегӯянд. Язид ва мулки Язид ва дунё ва мофиҳояш дар мантиқи Ҳусайн алайҳис салом лумоза ҳастанд.

Баъд мегӯяд: айюҳаннос! дар дунё ба ҷуз Худо чизе пайдо намешавад, ки ин арзишро дошта бошад, ки шумо ҷону нафси худатонро ба он бифурӯшед; худатонро нафарӯшед, озодмард бошед, худфурӯш набошед.

Ҷумлае дигар:

اَلنّاسُ عَبيدُ الدُّنْيا

Мардумро ба ҳолати бардагӣ ва бандагиашон ин тавр таҳқир мекунад, ки айби мардум ин аст, ки бандаи дунё ҳастанд, бардасифат ҳастанд, бандаи матомеъи худашон ҳастанд. Рӯи ҳамин ҷиҳат, дин — ки ҷавҳари озодӣ аст ва инсонро аз ғайри Худо озод ва бандаи ҳақиқат мекунад — дар умқи руҳашон асар нагузоштааст.

وَالدّينُ لَعقٌ عَلى أَلْسِنَتِهِمْ يَحوطونَهُ ما دَرَّتْ مَعايِشُهُمْ، فَإِذا مُحِّصوا بِالْبَلاءِ قَلَّ الدَّيّانونَ

(“*Мардум бандаи моланд ва дин лақлақаи забони онҳост. То вақте, ки дин сабаби равнақи зиндагии онон аст, гирди онро мегарданд, аммо вақте бо бало мавриди озмоиш қарор мегиранд, диндорон кам мешаванд.*”)

Усмон Абӯзари Ғифориро табъид ва эълом мекунад, ки аҳаде ҳақ надорад ин мардро, ки аз назари ҳукумат муҷрим аст мушояат (ҳамроҳӣ) кунад. Вале Алӣ эътино ба ин фармони халифа намекунад ва худаш ва Ҳасан ва Ҳусайн ӯро ҳамроҳӣ мекунанд. Ҳар кадом аз онҳо ҷумлаҳое доранд, Ҳусайн ибни Алӣ ҳам ҷумлае дорад, ки баёнгари партави руҳаш аст. Абӯзар шиаи Алӣ аст ва дар синини умре монанди синини Алӣ ва шояд аз Алӣ бузургтар бошад. Аз ин рӯ Ҳусайн алайҳис салом ӯро аму хитоб мекунад ва мегӯяд: амуҷон! Насиҳати ман ба ту ин аст:

اسْأَلِ اللهَ الصَّبْرَ وَالنَّصْرَ، وَاسْتَعِذْ بِهِ مِنَ الْجَشَعِ وَالْجَزَعِ

Амуҷон! Аз Худо муқовамат ва ёрӣ бихоҳ ва аз ин ки ҳирс бар ту ғолиб бишавад — ки бадбахт мешавӣ — бар Худо паноҳ бибар, аз ҷазаъ битарс.

Амуҷон! Тавсияи ман ба ту ин аст, ки мабодо дар муқобили фишорҳо ва зулмҳо изҳори ҷазаъ ва нотавонӣ кунӣ.

Ин чӣ руҳияе аст, ки дар тамоми суханонаш ин руҳ, ки мо аз он ғофил ҳастем мутаҷаллӣ аст!

(Ҳамин тавр аст) он сухани аввалаш, ки гуфт:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ مَخَطَّ الْقَلادَةِ عَلى جيدِ الْفَتاةِ وَما أَوْلَهَني اِلى أَسْلافي اِشْتِياقَ يَعْقوبَ اِلى يوسُفَ

(“*Марг бар фарзандони одам чунон гарданбанд бар гардани духтаракон нақш бастааст, чӣ қадр шефтаи дидори гузаштагони худ ҳастам! Чунон иштиёқи Яъқуб ба Юсуф…*”)

Дар байни роҳ, ки ба Карбало мераванд, баъзеҳо бо ӯ сӯҳбат мекунанд, ки нарав, хатар дорад ва Ҳусайн алайҳис салом дар ҷавоб ин шеърро мехонад:

سَأَمْضي وَما بِالْمَوْتِ عارٌ عَلَى الْفَتى

اِذا ما نَوى حَقّاً وَجاهَدَ مُسْلِماً

وَواسَى الرِّجالَ الصّالِحين بِنَفْسِهِ

وَفارَقَ مَثْبوراً وَخالَفَ مُجْرِماً

أُقَدِّمُ نَفسي لا أُريدُ بَقاءَها

لِتَلْقى خَميساً فِى الْهَياجِ عَرَمْرَماً

فَإِنْ عِشْتُ لَمْ أَنْدَمْ وَإِنْ مِتُّ لَمْ أُلَمْ

كَفى بِكَ ذُلاًّ أَنْ تَعيشَ وَتُرْغَما

Ба ман мегӯед нарав, вале хоҳам рафт. Мегӯед, кушта мешавам. Магар мурдан барои як ҷавонмард нанг аст? Мурдан он вақт нанг аст, ки ҳадафи инсон паст бошад ва бихоҳад барои оқоӣ ва риёсат кушта бишавад, ки мегӯянд ба ҳадафаш нарасид, аммо барои он касе, ки барои эълои калимаи ҳақ ва дар роҳи ҳақ кушта мешавад, ки нанг нест. Чаро ки дар роҳе қадам бармедорад, ки солеҳин ва шоистагони бандагони Худо қадам бардоштаанд. Пас чун дар роҳе қадам бармедорам, ки бо як одами ҳалокшудаи бадбахт ва гуноҳкор мисли Язид мухолифат мекунад, бигузор кушта бишавам. Шумо мегӯед, кушта мешавам. Яке аз ин ду бештар нест: ё зинда мемонам ё кушта мешавам.

فَإِنْ عِشْتُ لَمْ أَنْدَمْ

Агар зинда мондам, касе намегӯяд ту чаро зинда мондӣ

وَإِنْ مِتُّ لَمْ أُلَمْ

Ва агар дар ин роҳ кушта бишавам, аҳаде дар дунё маро маломат нахоҳад кард агар бидонад, ки ман дар чӣ роҳе рафтам.

كَفى بِكَ ذُلاًّ أَنْ تَعيشَ وَتُرْغَما

Барои бадбахтӣ ва зиллати ту кофӣ аст, ки зиндагӣ бикунӣ, аммо димоғатро ба хок бимоланд.

Боз мебинед, ки ҳамоса аст.

Дар байни роҳ низ хитоба мехонад ва мефармояд:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ

(“*Оё намебинед, ки ба ҳақ амал намешавад ва аз ботил наҳӣ намешавад?*”)

Баъд дар охираш мефармояд:

إِني لا أَرَى الْمَوْتَ اِلا سَعادَةً وَلاَ الْحَيوةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

Ман мурданро барои худам саодат ва зиндагӣ бо ситамгаронро мӯҷиби маломат мебинам.

Агар бихоҳам ҳамаи суханони ӯро баён кунам, тӯлонӣ мешавад. Мепардозам ба шаби Ошӯро ва ба нуктае ишора мекунам, ки маъмулан ба ин нукот камтар таваҷҷӯҳ мекунем.

Забон ба шикоят накушодан

Ҳар каси дигаре, ҳар шахсияти таърихӣ дар шароите қарор бигирад, ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом дар шаби Ошӯро қарор гирифт, яъне дар шароите, ки тамоми роҳҳои қувват ва ғалабаи зоҳирӣ бар душман бар ӯ баста бошад ва қатъан бидонад, ки худ ва асҳобаш ба дасти душман кушта мешаванд, дар чунин шароите забон ба шикоят боз мекунад ва инро таърих гувоҳӣ медиҳад. Ҷумалоте мегӯянд назири “Туф бар ин рӯзгор!”, “Афсӯс, ки табиат бо ман мусоидат накард!”. Мегӯянд, вақте Наполеон дар Маскав дучори он ҳодиса шуд, гуфт: афсӯс, ки табиат чанд соат бо ман мухолифат кард. Дигаре дасташро баҳам мезанад ва мегӯяд:

Рӯи ту эй рӯзгор сиёҳ бод, ки моро ба ин шакл даровардӣ!

Аммо Ҳусайн ибни Алӣ асҳобашро ҷамъ мекунад чунонки гӯӣ руҳаш аз ҳар шахси муваффақе бештар мавҷ мезанад ва мефармояд:

أُثْنِي عَلَى اَللهِ أَحْسَنَ الثَّنَاءِ وَأَحْمَدُهُ عَلَى اَلسَّرَّاءِ وَالضَّرَّاءِ اَللَّهُمَّ إِنِّي أَحْمَدُكَ عَلَى أَنْ أَكْرَمْتَنَا بِالنُّبُوَّةِ وَعَلَّمْتَنَا اَلْقُرْآنَ وَفَقَّهْتَنَا فِي اَلدِّينِ

(“*Сипос мекунам Худойро ба беҳтарини сипосҳо ва ҳамд мекунам ӯро дар хушӣ ва сахтӣ. Бор Худоё! Ман сипос гӯям туро бар ин ки (хонадони) моро ба нубувватт гиромӣ доштӣ ва Қуръонро ба мо омӯхтӣ ва дар дин моро доно сохтӣ!..*”)

Мисли ин ки тамоми муҳит барояш мусоид аст ва воқеан ҳам мусоид буд; он шароит барои касе номусоид аст, ки ҳадафаш ҳукумати дунявӣ бошад. Барои касе, ки ҳатто ҳукумат ва ҳама чизро дар роҳи ҳаққу ҳақиқат мехоҳад ва мебинад дар роҳи худаш қадам бардошта, муҳит мусоид аст. Ӯ ҷуз сипос ва шукр чизи дигаре намебинад.

Аз шиорҳои рӯзи Ошӯрои Ҳусайн алайҳис салом яке ин аст:

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

وَالْعارُ أَوْلى مِنْ دُخولِ النّارِ

(“*Марг бартар аз ор ва хорист; ва хорӣ бартар аз вуруд дар оташи ҷаҳаннам!*”)

То охирин лаҳзаҳо амалаш, ҳаракоташ, саканоташ, суханонаш, тамом ҳақхоҳӣ, ҳақпарастӣ ва мавҷе аз ҳамоса аст. Шаби Тосуъо (шаби нӯҳум), ки барои охирин бор ба ӯ арза медоранд: ё кушта шудан ё таслим!, изҳор медорад:

وَاللهِ لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أَفِرُّ فِرارَ الْعَبِيدِ

Ба Худо қасам, ки ман ҳаргиз на дасти зиллат ба шумо медиҳам ва на мисли бардагон фирор мекунам; мардона муқовамат мекунам, то кушта бишавам.

Он соатҳои охир, Абӯабдуллоҳ боз ҳамон аст. Бовар накунед, ки Абӯабдуллоҳ ин ҷумларо гуфта бошад:

أَسْقوني شَرْبَةً مِنَ الْماءِ فَقَدْ نَشَطَتْ كَبِدي

Ман, ки ин ҷумларо дар ҷойе надидаам. Ҳусайн аҳли ин ҷур дархостҳо набуд, балки ӯ дар муқобили лашкари душман меистад ва фарёд мекунад:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ قَدْ رَكَزَ بَيْنَ اثْنَتَيْنِ بَيْنَ السِّلَّةِ وَالذِّلَّةِ وَهَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ! يَأْبَى اللهُ ذلِكَ لَنا وَرَسولُهُ وَالْمُؤْمِنونَ وَحُجورٌ طابَتْ وَطَهُرَتْ

Огоҳ бошед! Он нокас писари нокас, он зинозода писари зинозода (яъне Убайдуллоҳ ибни Зиёд), амири шумо, фармондеҳи кулли шумо, он касе, ки шумо ба фармони ӯ омадаед, ба ман гуфтааст, ки аз ин ду кор якеро интихоб кун: ё шамшер ё тан ба зиллат додан. Оё ман тан ба зиллат бидиҳам? Ҳайҳот, ки мо зери бори зиллат биравем! Мо тани худамонро дар ҷилави шамшерҳо қарор медиҳем, вале руҳи худамонро дар ҷилави шамшери зиллат ҳаргиз фуруд намеоварем. Худои ман, ки дар роҳи ризои ӯ қадам бармедорам, розӣ нест ва мегӯяд, накун! Пайғамбар, ки вобаста ба мактаби ӯ ҳастам, мегӯяд, накун! Он доманҳое, ки ман дар онҳо бузург шудаам; домани Алӣ, ки рӯи зонуи ӯ нишастаам, ба ман мегӯяд, тан ба зиллат надеҳ!

Ин як ҳамоса аст, аммо на як ҳамосаи шахсӣ ё қавмӣ. Дар он маният нест, худпарастӣ нест, Худопарастӣ аст.

Дар рӯзи Ошӯро Ҳусайн алайҳис салом ҳадди охири муқоваматро ҳам мекунад. Дигар вақте аст, ки ба куллӣ тавоноӣ аз баданаш салб шудааст. Яке аз тирандозони ситамкор, тири заҳролудеро ба камон мекунад ва ба сӯи Абӯабдуллоҳ меандозад, ки дар синаи Абӯабдуллоҳ менишинад ва оқо дигар беихтиёр рӯи замин меафтад. Чӣ мегӯяд? Оё дар ин лаҳза тан ба зиллат медиҳад? Оё хоҳиш ва таманно мекунад? На. Балки баъд аз гузашти ин давраи ҷангидан, рӯяшро ба сӯи ҳамон қиблае, ки аз он ҳаргиз мунҳариф нашудааст мекунад ва мефармояд:

رِضاً بِقَضائِكَ وَتَسْليماً لِأَمْرِكَ وَلا مَعْبودَ سِواكَ يا غِياثَ الْمُسْتَغيثينَ

(“*Худоё, розиам ба ризои ту ва таслими амри ту ҳастам, ҳеч маъбуде ҷуз ту нест, эй фарёдраси фарёдхоҳон!*”)

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العلي العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

Наҳзати ҳусайнӣ омили шахсият ёфтани ҷомеаи исломӣ

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ

(*“Эй касоне, ки имон овардаед! Даъвати Худо ва паёмбарро иҷобат кунед ҳангоме, ки шуморо ба сӯйи чизе мехонад, ки мояи ҳаётатон аст…” (Сураи Анфол, ояти 24)*)

Ин матлабро мукаррар бар забон меоварем, ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом бо он ҷонбозӣ, ки кард исломро таҷдиди ҳаёт ва дарахти исломро бо рехтани хуни худ обёрӣ намуд:

أَشهَدُ أَنَّكَ قَدْ أَقَمْتَ الصَّلوةَ وَآتَيْتَ الزَّكاةَ وَأَمَرْتَ بِالْمَعْروفِ وَنَهَيْتَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَجاهَدْتَ فِي اللهِ حَقَّ جِهادِهِ

Шаҳодат медиҳам, ки ту иқомаи намоз кардӣ ва закот додӣ ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кардӣ ва дар роҳи Худо ҷиҳод намудӣ ва ҳаққи ҷиҳодро баҷо овардӣ!

Лозим аст мо аз худ суол кунем, ки чӣ робитае миёни шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ ва нерӯ гирифтани ислом ва зинда шудани усулу фурӯъи дин вуҷуд дорад? Зеро медонем сирфи ин ки хуне рехта бишавад, маншаи ин умур намешавад. Бинобар ин, миёни қиём ва наҳзат ва шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ ва ин осоре, ки мо мегӯем ва муддаии он ҳастем ва воқеан таърих ҳам нишон медиҳад, ки ҳақиқат дорад, чӣ робитае вуҷуд дорад? Ин робитаро мо вақте метавонем дарк бикунем, ки мавзӯи гуфташуда дар ду гуфтори пешинро комилан дар назар бигирем.

Агар шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ сирфан як ҷараёни хузновар мебуд, агар сирфан як мусибат мебуд, агар сирфан ин мебуд, ки хуне ба ноҳақ рехта шудааст ва ба таъбири дигар, сирфан мурдани як шахсият мебуд, ҳарчанд шахсияти бисёр бузурге, ҳаргиз чунин осореро ба дунболи худ намеовард. Шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ аз он ҷиҳат ин осорро ба дунболи худ овард, ки — ба таъбире, ки арз кардем — наҳзати ӯ як ҳамосаи бузурги исломӣ ва илоҳӣ буд; аз ин ҷиҳат, ки ин достон ва таърихча танҳо як мусибат ва як ҷиноят ва ситамгарӣ аз тарафи иддае ҷиноятгару ситамгар набуд, балки як қаҳрамонии бисёр-бисёр бузург аз тарафи ҳамон касе буд, ки ҷиноятҳоро бар ӯ ворид карданд.

Шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ ҳаёти тозае дар олами ислом дамид ва — ҳамон тавр, ки дар гуфтори аввал гуфтем — асар ва хоссияти як сухан ё таърихча ва ё шахсияти ҳамосӣ ин аст, ки дар руҳ мавҷ ба вуҷуд меоварад, ҳамийят ва ғайрат ба вуҷуд меоварад, шуҷоат ва салобат ба вуҷуд меоварад; дар баданҳо хунҳоро ба ҳаракат ва ҷӯшиш дармеоварад ва танҳоро аз сустӣ хориҷ мекунад ва чобуку чолок менамояд.

Чӣ бисёр хунҳо дар муҳитҳое рехта мешавад, ки чун фақат ҷанбаи хунрезӣ дорад, асараш маъъубияти мардум аст, асараш ин аст, ки аз нерӯи мардум ва миллат мекоҳад ва

нафасҳо бештар дар синаҳо ҳабс мешавад. Аммо шаҳодатҳое дар дунё ҳаст, ки ба дунболи худаш рӯшноӣ ва сафо барои иҷтимоъ меоварад. Шумо дар ҳолати фард имтиҳон карда ва дидаед, ки баъзе аз аъмол аст, ки қалби инсонро мукаддар мекунад, вале баъзе дигар аз аъмол аст, ки қалби инсонро равшан мекунад, сафо ва ҷило медиҳад. Ин ҳолат айнан дар иҷтимоъ ҳам ҳаст. Баъзе аз падидаҳои иҷтимоӣ руҳи иҷтимоъро торику кидир мекунад, тарсу руъб дар иҷтимоъ ба вуҷуд меоварад, ба иҷтимоъ ҳолати бардагӣ ва асорат медиҳад, вале як силсила падидаҳои иҷтимоӣ аст, ки ба иҷтимоъ сафо ва нуроният медиҳад, тарси иҷтимоъро мерезад, эҳсоси бардагӣ ва асоратро аз ӯ мегирад, ҷуръат ва шаҳомат ба ӯ медиҳад.

Баъд аз шаҳодати Имом Ҳусайн якчунин ҳолате ба вуҷуд омад, як равнақе дар ислом пайдо шуд. Ин асар дар иҷтимоъ аз он ҷиҳат буд, ки Имом Ҳусайн алайҳис салом бо ҳаракоти қаҳрамононаи худ руҳи мардуми мусалмонро зинда кард, эҳсосоти бардагӣ ва асоратеро, ки аз охирҳои замони Усмон ва тамоми давраи Муовия бар руҳи ҷомеаи исломӣ ҳукмфармо буд, тазъиф кард ва тарсро рехт, эҳсоси убудиятро зоил кард ва ба иборати дигар, ба иҷтимои исломӣ шахсият дод. Ӯ бар рӯи нуқтае дар иҷтимоъ ангушт гузошт, ки баъдан иҷтимоъ дар худаш эҳсоси шахсият кард.

Эҳсоси шахсият

Масъалаи эҳсоси шахсият масъалаи бисёр муҳимме аст. Аз ин сармоя болотар барои иҷтимоъ вуҷуд надорад, ки дар худаш эҳсоси шахсият ва маниш кунад, барои худаш идеал дошта бошад ва нисбат ба иҷтимоъҳои дигар ҳисси истиғно ва бениёзӣ дошта бошад, як иҷтимоъ ин тавр фикр кунад, ки худаш ва барои худаш фалсафаи мустақилле дар зиндагӣ дорад ва ба он фалсафаи мустақилли зиндагии худаш ифтихор ва мубоҳот кунад ва асосан ҳифзи ҳамоса дар иҷтимоъ яъне ҳамин, ки иҷтимоъ аз худаш фалсафае дар зиндагӣ дошта бошад ва ба он фалсафа имон ва эътиқод дошта бошад ва ӯро бартар ва беҳтар ва болотар бидонад ва ба он биболад. Вой ба ҳоли он иҷтимое, ки ин ҳисро аз даст бидиҳад! Ин як марази иҷтимоӣ аст ва ин ғайр аз он “худӣ”-и ахлоқӣ аст, ки бад аст ва нафспарастӣ ва шаҳватпарастӣ аст.

Агар иҷтимое ин манишро аз даст дод ва эҳсос накард, ки худаш фалсафаи мустақилле дорад, ки бояд ба он фалсафа муттакӣ бошад ва агар ба фалсафаи мустақилли зиндагии худаш имон надошта бошад, ҳар чи дошта бошад аз даст медиҳад, вале агар ин якеро дошта бошад, вале ҳамаи чизҳои дигарро аз ӯ бигиранд, боз рӯи пойи худаш меистад. Яъне ягона нерӯе, ки монеъи ҷазб шудани миллате дар миллати дигар ва ё фарде дар фарди дигар мешавад, ҳамин эҳсоси маниш ва шахсият аст.

Маъруф аст, ки олмониҳо гуфтаанд, мо дар ҷанги дуввум ҳама чизро аз даст додем, магар як чизро, ки ҳамон шахсияти худамон буд ва чун шахсияти худамонро аз даст надодем, ҳама чизро дубора ба даст овардем ва рост ҳам гуфтаанд. Аммо агар миллате ҳама чиз дошта бошад, вале шахсияти худашро бибозад, ҳеч чиз нахоҳад дошт ва хоҳ нохоҳ дар миллатҳои дигар ҷазб мешавад. Вой ба ҳоли ин худбохтагӣ, ки мутаассифона дар ҷомеаи имрӯзи мо вуҷуд дорад.

Дар гуфторҳои Иқболи Лоҳурӣ хондам, ки Муссолинӣ гуфтааст: инсон бояд оҳан дошта бошад, то нон дошта бошад. Яъне агар мехоҳӣ нон дошта бошӣ, зӯр дошта бош. Вале Иқбол мегӯяд: ин ҳарф дуруст нест. Агар мехоҳӣ нон дошта бошӣ, оҳан бош. (Намегӯяд оҳан дошта бош, балки оҳан бош.) Яъне шахсияти ту шахсияти муҳкам ба салобати оҳан бошад. Мегӯяд, шахсият дошта бош; чаро ба зӯр мутавассил мешавӣ, чаро ба аслиҳа мутавассил мешавӣ, чаро мегӯӣ агар мехоҳӣ нон дошта бошӣ, бояд аслиҳа дошта бошӣ? Бигӯ, агар мехоҳӣ ҳар чи дошта бошӣ, худат оҳан бош, худат фӯлод бош, худат шахсият дошта бош, худат салобат дошта бош, худат маниш дошта бош. Агар як миллати бечора ва бадбахт имонашро ба он чи, ки худаш аз фалсафаи зиндагӣ дорад аз даст бидиҳад ва маъруби як миллати дигар бишавад, дар тамоми масоил он ҷур фикр мекунад, ки дигарон фикр мекунанд ва аслан наметавонад шахсан дар масоил қазоват кунад. Ҳар мавзӯеро фақат ба далели ин ки мӯд аст ё падидаи қарн аст, ба далели ин ки дар ҷомеаи Омрико ва дар ҷомеаи Урупо пазируфта шудааст, мепазирад ва дигар мантиқ сараш намешавад.

Дар яке ду сол қабл дар китобе аз як нафар аз мутаҷаддидини эронӣ — ки китоби баде ҳам нест — мехондам, ки дар замоне, ки ман дар Лондон будам, ҳодисаи хеле ҷолибе пеш омад ва он ин ки духтари сафири кабири собиқи Англистон дар Маскав, ки қаҳран аз шахсиятҳои хеле мӯътабари Англистон буд, ошиқи як сиёҳпӯст шуда буд ва бо ин сиёҳпӯст издивоҷ кард ва боиси ғавғое дар Англистон шуд, ки чаро ин духтари сафедпӯст, он ҳам духтари яке аз шахсиятҳои бузурги Англистон бо як сиёҳпӯст издивоҷ кардааст? Муддатҳо ин матлаб сюжет шуда буд ва як рӯзнома навишт, ки ин мавзӯъ ин ҳама сару садо надорад, дунё дорад ба тарафи тасовӣ меравад ва дунёи имрӯз миёни нажодҳо тасовӣ қоил аст ва ба илова дар чаҳордаҳ қарн пеш дини ислом, ки яке аз мазоҳиби бузурги ҷаҳон аст ихтилофи сафеду сиёҳро бардоштааст. Дар он китоб навишта буд, дар як мачлисе, ки иддае аз англисиҳо дар он буданд, чанд ҷавони эронӣ ҳам буданд. Сӯҳбати ин мавзӯъ мешавад, ки фалон рӯзнома чунин ҳарфе навишта ва ба ислом истинод кардааст, ки ислом дар чаҳордаҳ қарн пеш, аз сиёҳон ҳимоят карда ва онҳоро ҳамдӯши сафедҳо қарор додааст ва як марди англисӣ гуфта буд, як дини касиф бояд ҳам аз касифҳо ҳимоят кунад. Ва баъд навишта буд, ду нафар ҷавони эронӣ, ки дар

он маҷлис буданд хеле афсурда шуда ва гуфта буданд, чаро мо бояд як дине дошта бошем, ки асбоби саршикастагии мо бошад ва баъд ҳам моҷарои ин маҷлисро таъриф карда буданд, ки мо дар ҷаласае будем ва чунин ҳарфе заданд ва гуфтанд, як дини касиф бояд ҳам аз як нажоди касиф ҳимоят кунад. Он ду ҷавон изҳор карда буданд, ки воқеан чӣ тавр ислом натавониста дарк кунад, ки миёни сафеду сиёҳ фарқ аст.

Инро мегӯянд шахсиятбохтагӣ. Инҳо чун дар муҳите қарор гирифтаанд, ки он муҳит ин тавр фикр мекунад, ба ҷойи ин ки як зарра истиқлоли фикрӣ дошта бошанд ва бар даҳони гӯяндаи он сухан бикӯбанд ва бигӯянд, ҳарфи ту ҳарфи муфт ва музахрафе аст ва магар ихтилофи ранг метавонад сабаби имтиёзи фазилат дар миёни афроди башар бошад, он тавр афсурда мешаванд ва худро мебозанд. Зеро ӯ мегӯяд, вақте фарангӣ ин тавр фикр мекунад, лобуд ин тавр дуруст аст.

Ҳусн ва айби мо мардуми Эрон

Мо мардуми Эрон як ҳусн дорем ва як айб. Ҳусни мо мардум ин аст, ки дар муқобили ҳақиқат таассуби каме дорем ва шояд метавонем бигӯем бетаассуб ҳастем, яъне агар бо ҳақоиқе бархӯрд кунем ва онҳоро дарк кунем, шояд аз ҳар миллати дигар зудтар таслими он ҳақоиқ мешавем. Вале як айби бузурге дар мо миллати Эрон ҳаст, ки ба мувозоти ин ки дар муқобили ҳақоиқ таслим мешавем, ба ҳамосаҳо ва аркони шахсияти худамон зиёд пойбанд нестем ва бо як ҳарфи пуч, зуд онро аз даст медиҳем ва раҳо мекунем. Ҳеч миллате ба андозаи мо нисбат ба онҳо беэътино нест. Шумо ҳиндиҳо ва япониҳо ва аъробро дидаед; онҳо ҳам мисли мо машриқзаминӣ ҳастанд, лекин аз ин назар мисли мо нестанд. Ба андозае, ки мо дар муқобили луғот ва одоти аҷнабӣ таслим ҳастем, ҳеч миллате таслим нест.

Ба аксҳое, ки дар китобҳои таърихи улум ҳаст нигоҳ кунед, мебинед донишмандони дараҷаи аввали Ҳинд бо ҳамон аммома ва либоси худашон ҳастанд. Неҳру, ки як сиёсатмадори бузург ва як вазнаи ҷаҳонӣ буд, бо ҳамон либоси ҳиндӣ дар ҳама ҷо ҳаракат мекард. Баландӣ ва кӯтоҳии либос ва ё сафеду сиёҳ буданаш аҳаммият надорад, аммо ин ки он донишманд аммомаи худашро сараш мегузорад ва ё Неҳру бо он шалвори сафед ва гушод ва палтои махсус ҳама ҷо меравад, мехоҳад ба ҳамаи мардуми дунё бигӯяд, ки ман ҳиндӣ ҳастам ва бояд ҳиндӣ боқӣ бимонам ва дар муқобили илму санъат таассуб надорам, ки илму санъат марбут ба кишвари хоссе нест; дар муқобили ақоиди бузурги фалсафӣ ва динӣ таассуб надорам, аммо дар мавриди шиорҳои миллӣ, ҳар касе ба шиорҳои худаш пойбанд аст, ман чаро бояд шиори як миллати дигарро бипазирам?

Вале мо, агар фарангӣ як зуннор бибандад, мо дуто зуннор мебандем, бо ин ки ӯ рӯи ҳисоби шиори худаш ин корро мекунад. Дар ҷомеаи мо ин ҳисобҳо нест.

Ҳар рӯз як замзамае баланд мешавад ва ҳар чанд сабоҳе як бор масъалаи тағйири хатт матраҳ мешавад, ки ин хатт ба дард намехӯрад ва бояд хатти лотин ба кор бибарем ва калимоти худамонро бо ҳуруфи лотин бинависем, ҳоло дар асари ин тағйир чӣ бар сари маориф ва фарҳанг ва тамаддун ва шахсият ва ҳамосаи миллии мо меояд, ин ҳисобҳо дигар дар кор нест. Мо осори нафисе дорем, ки дар дунё назире надорад. Магар дунё китобе мисли Маснавии Мавлавӣ дорад? Магар дунё китобе мисли китоби Саъдӣ дорад? Инҳо дар қолаби ҳамин хутут гуфта ва навишта шудааст. Агар шумо ин хаттро, ки “сод”-аш бо “син”-аш ва бо “сеи се нуқта”-аш ва низ ҳарфи “зо”-и он бо “зод”-аш фарқ мекунад мансух кунед, агар шумо ин қолабро бардоред, дар зарфи сад соли дигар аслан Маснавиро намешавад хонд. Вале ман намедонам чаро мо ин тавр ҳастем?!

Пайғамбари ислом ба мардуми араб чӣ дод? Ва асосан як одами фақир ва ятим ва касе, ки тамоми қавму қабилааш бо ӯ душман ҳастанд чӣ дошт, ки ба онҳо бидиҳад ва чӣ тавр шуд, ки онҳоро аз он ҷойгоҳи паст ба авҷи иззат расонд? Имоне ба онҳо дод, ки он имон ба онҳо шахсият дод; якмартиба он араби сусморхӯр, шири шутурхӯр, араби ғоратгаре, ки духтарашро зинда-зинда ба хок мекард, ин эҳсос дар ӯ пайдо шуд, ки ман бояд дунёро аз асорат ва аз парастиш ва итоати ғайри Худо наҷот бидиҳам ва ҳеч аҳаммият намедод, ки эътироф кунад, ки дар гузашта чӣ тавр будааст ва ҳатто ифтихор мекард, ки бигӯяд, ман дар гузашта паст будам, он тавр фикр мекардам, ҳеч собиқаи дурахшони миллӣ надорам, вале имрӯз ин тавр фикр мекунам, аз шумо олитар фикр мекунам. Инро мегӯянд шахсият. Оё калимае ҳаст, ки аз калимаи:

لا إله إلا الله

— бештар ба руҳи инсон ҳамоса ва шахсият бахшад? Маъбуде, мутоъе, қобили парастише ғайр аз Худо нест. Як ҷирми фалакӣ, як ҳайвон, як санг, як дарахт куҷо ва сари таъзим фуруд овардани як башар куҷо! Ман дар муқобили ғайри Худо, ҳар чи ҳаст, сари таъзим фуруд намеоварам. Ман тарафдори адолатам, тарафдори ҳаққу эҳсонам, тарафдори фазилатам. Ба ин мегӯянд шахсият.

Умавиён коре карданд, ки шахсияти исломиро дар миёни мусалмонон миронданд. Кӯфа маркази артиши ислом буд ва агар Имом Ҳусайн ба Кӯфа намерафт, имрӯз тамоми муаррихони дунё ӯро маломат мекарданд, мегуфтанд, Ироқ, ки маркази артиши исломӣ буд, аз ту даъват карда буд ва ҳаҷдаҳ ҳазор нафар бо намояндаи ту байъат карданд ва дувоздаҳ ҳазор нома барои ту фиристоданд, чаро ба онҷо нарафтӣ? Магар аз Ироқ ҷойе

беҳтар ва болотар ҳам буд?! Асосан Кӯфа шаҳре аст, ки баъд аз ҷангҳое, ки дар садри ислом воқеъ шуд, ба дастури Умар ибни Хаттоб тавассути артиши ислом сохта шуд ва аз кӯфиҳо ва мардуми Ироқ шуҷоътар ва силаҳшӯртар вуҷуд надошт. Дар айни ҳол ҳамин мардуме, ки ҳаҷдаҳ ҳазор байъаткунанда доштанд ва дувоздаҳ ҳазор нома навишта буданд, ба муҷарради ин ки сару каллаи писари Зиёд пайдо шуд, ҳама фирор карданд. Чаро? Чун Зиёд ибни Абиҳ солҳо дар Кӯфа ҳукумат карда буд, он қадр чашм дароварда буд, он қадр дасту поҳо бурида буд, он қадр шикамҳо пора карда буд, он қадр афродро дар зиндонҳо кушта буд, ки инҳо ба куллӣ эҳсоси шахсияти худашонро аз даст дода буданд. Аз ин рӯ то шуниданд писари Зиёд омад, зан дасти шавҳарашро мегирифт ва ӯро аз пеши Муслим (намояндаи Имом Ҳусайн) канор мекашид, модар дасти баччаи худашро мегирифт, хоҳар дасти бародари худашро мегирифт, падар дасти фарзанди худашро мегирифт ва аз Муслим ҷудо мекард ва бешак мардуми Кӯфа аз шиаёни Алӣ ибни Абӯтолиб буданд ва Имом Ҳусайнро шиаёнаш куштанд. Аз ин рӯ дар ҳамон замон ҳам мегуфтанд:

قُلوبُهُمْ مَعَهُ وَسُيوفُهُمْ عَلَيْهِ

(“*Қалбҳояшон бо ӯст, вале шамшерҳояшон алайҳи ӯ*”.) Чаро ки умавиҳо шахсияти миллати мусалмонро леҳ карда кӯбида буданд ва дигар касе аз он эҳсосҳои исломӣ дар худаш намедид.

Ҳусайн шахсияти исломии мусалмононро зинда кард

Аммо ҳамин Кӯфа баъд аз муддати се сол инқилоб кард ва панҷ ҳазор нафар таввоб аз ҳамин Кӯфа пайдо шуд ва сари қабри Ҳусайн ибни Алӣ рафтанд ва дар онҷо азодорӣ карданд, гиря карданд ва ба даргоҳи илоҳӣ аз тақсире, ки карда буданд тавба карданд ва гуфтанд, мо то интиқоми хуни Ҳусайн ибни Алиро нагирем, аз пой наменишинем, ё бояд кушта бишавем ё интиқом бигирем ва амал карданд ва қаталаи Карбалоро ҳаминҳо куштанд. Ва шурӯи ин наҳзат аз ҳамон асри Ошӯро ва аз рӯзи дувоздаҳуми Муҳаррам буд. Чӣ касе ин корро кард? Ҳусайн ибни Алӣ. Шахсият додан ба як миллат ба ин аст, ки ба онҳо ишқ ва идеал дода шавад ва агар ишқҳо ва идеалҳое доранд, ки рӯяшро ғубор гирифтааст, он гарду ғуборро зудуд ва думартиба онро зинда кард.

Дарсҳои омӯзандаи қиёми ҳусайнӣ

Ҳусайн ибни Алӣ дар суханон ва хитобаҳои худаш он ҷо, ки аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар сӯҳбат мекунад, ҳамвора сӯҳбаташ ин аст:

وَعَلَى الْاِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْاُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

(“*Фотеҳаи исломро бояд хонд, зеро уммат гирифтори чӯпоне ҳамонанди Язид шудааст*.”)

إِنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً وَإِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ فى أُمَّةِ جَدّي

(“*Ман барои ҷоҳталабӣ ва комҷӯӣ ва ошӯбгарӣ ва ситамгарӣ қиём накардам, балки барои ислоҳ дар кори уммати ҷаддам қиём кардам*.”)

Баъд аз 20-30 сол, ки ин ҳарфҳо фаромӯш шуда буд, Ҳусайн ибни Алӣ ба номи як нафар муслеҳ ва ислоҳталаб, ки бояд дар уммати ислом ислоҳ эҷод кард, қиём кард ва ба мардум ишқу идеал дод. Рукни аввали ҳамосаи зинда шудани як қавм ҳамин аст. Миллате шахсият дорад, ки ҳисси истиғно ва бениёзӣ дар ӯ бошад. Инҳост дарсҳои омӯзандае, ки аз қиёми Ҳусайн ибни Алӣ бояд омӯхт. Ӯ ҳисси истиғно ва бениёзӣ ба мардум дод. Рӯзе, ки мехоҳад аз Макка ҳаракат кунад, як зарра қиёми худашро машрут намекунад ва ин тавр мефармояд:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ

(“*Қулодаи марг бар гардани одамизод ҳамонанди гарданбанде аст бар гардани духтарони ҷавон (марг ҳамеша ҳамроҳи одамӣ аст)*.”) Ва дар охири хутба мефармояд:

فَمَنْ كَانَ فينا باذِلاً مُهْجَتَهُ مُوَطِّناً عَلى لِقاءِ اللهِ نَفْسَهُ، فَلْيَرْحَلْ مَعَنا فَإِنَّني راحِلٌ مُصْبِحاً إِنْ شاءَ اللهُ تَعالى

Ман фардо субҳ ҳаракат мекунам, ҳар кас, ки омодаи ҷонбозӣ аст ва ҳозир аст хуни қалби худашро дар роҳи мо бирезад ва тасмим ба мулоқоти Ҳақ гирифтааст, фардо субҳ ҳаракат кунад, ки ман рафтам. Дигар беш аз ин ҳарфе нест. Ин миқдор истиғно қатъан дар дунё назире надорад.

Аз ин болотар шаби Ошӯрост, ки асҳоб ва аҳли байташро ҷамъ мекунад ва аз онҳо тамҷид ва ташаккур мекунад. Баъд ба онҳо мегӯяд: бидонед, аз ҳамаи шумо муташаккир ва мамнунам, вале бидонед, ки душманон бо шумо коре надоранд ва агар бихоҳед биравед монеъи шумо намешаванд. Ман ҳам аз назари шахси худам, ки бо ман байъат кардаед, байъати худамро аз дӯши шумо бардоштам ва маҳзури байъат ҳам бо ман надоред; ҳар кас мехоҳад биравад озод аст.

Ҳусайн алайҳис салом аз аҳли байт ва асҳобе, ки дар бораи онҳо гуфтааст, ки аҳли байте беҳтар ва бовафотар аз инҳо суроғ надорам, ин миқдор истиғно нишон медиҳад ва ҳаргиз суханоне аз ин қабил, ки манро танҳо нагузоред, ман ғарибам, мазлумам, бечораам, намегӯяд. Албатта таклифи дини Худоро барнамедорад; аз ин рӯ бо афрод, ки итмоми

ҳуҷҷат мекард, агар дар онҳо тамоюл ба мондан намедид, ба онҳо мегуфт аз ин саҳна дур бишавед, зеро ман намехоҳам шумо ба азоби илоҳӣ гирифтор шавед, чун агар аз касе истимдод кунам ва ӯ садои истимдоди маро бишнавад ва маро мадад накунад, Худованд ӯро ба азоби ҷаҳаннам мубтало хоҳад кард. Ин дарси истиғно дарси кучаке набуд. Ҳамин истиғно буд, ки баъдҳо руҳияи истиғно ба вуҷуд овард ва чӣ қадр қиёмҳо ва наҳзатҳо ба вуҷуд омад!

Ҳусайн ибни Алӣ дарси ғайрат ба мардум дод, дарси таҳаммул ва бурдборӣ ба мардум дод, дарси таҳаммули шадоид ва сахтиҳо ба мардум дод. Инҳо барои миллати мусалмон дарсҳои бисёр бузурге буд. Пас ин ки мегӯянд, Ҳусайн ибни Алӣ чӣ кард ва чӣ тавр шуд, ки дини ислом зинда шуд, ҷавобаш ҳамин аст, ки Ҳусайн ибни Алӣ руҳи тоза дамид, хунҳоро ба ҷӯш овард, ғайратҳоро таҳрик кард, ишқу идеал ба мардум дод, ҳисси истиғно дар мардум ба вуҷуд овард, дарси сабру таҳаммул ва бурдборӣ ва муқовамат ва истодагӣ дар муқобили шадоид ба мардум дод, тарсро рехт; ҳамон мардуме, ки то он миқдор метарсиданд, табдил ба як идда мардуми шуҷоъ ва диловар шуданд.

Ин достон маъруф аст, мегӯянд: Нодир дар яке аз ҷангҳояш сарбозеро дид, ки фавқулъода шуҷоъ ва далер буд ва аз шуҷоат ва диловарии ӯ эъҷоб мекард. Як рӯз ӯро хост, гуфт: ту бо ин шуҷоат ва диловариат, он рӯзе, ки афоғина рехтанд ба Исфаҳон ғорат карданд ва куштанд куҷо будӣ? Гуфт: ман Исфаҳон будам. Гуфт: ту Исфаҳон будӣ ва афоғина омаданд ва он ҳама ҷиноят карданд? Гуфт: бале будам. Гуфт: пас он рӯз шуҷоатат куҷо буд? Гуфт: он рӯз Нодире набуд; миқдоре аз шуҷоате, ки имрӯз ман дорам аз руҳияи Нодир дорам; туро, ки мебинам, ғайрати ман таҳрик мешавад, шуҷоъ ва далер ва диловар мешавам.

Ин ки ман таъкид мекунам, ки ҳамосаи ҳусайнӣ ва ҳодисаи Карбало ва Ошӯро бояд бештар аз ин ҷанба мавриди истиноди мо қарор бигирад, ба хотири ҳамин дарсҳои бузурге аст, ки ин қиём метавонад ба мо биёмӯзад. Ман мухолифи рисо ва марсия нестам, вале мегӯям, ин рисо ва марсия бояд ба шакле бошад, ки дар айни ҳол он ҳисси қаҳрамонии ҳусайниро дар вуҷуди мо таҳрик ва эҳё кунад. Ҳусайн ибни Алӣ як сужаи бузурги иҷтимоӣ аст. Ҳусайн ибни Алӣ дар он замон як сужаи бузург буд; ҳар касе, ки мехост дар муқобили зулм қиём кунад, шиораш “Ё ла соротил-Ҳусайн!” буд. Имрӯз ҳам Ҳусайн ибни Алӣ як сужаи бузург аст, сюжае барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, барои иқомаи намоз, барои зинда кардани ислом, барои ин ки эҳсосот ва авотифи олии исломӣ дар вуҷуди мо эҳё бишавад.

Бо вуҷуди ин ки ароизи дигаре дар ин бора дорам, дар ҳамин ҷо ба ароизам хотима медиҳам ва бармегардам ба ояте, ки дар ибтидо хондам. Ояти аҷибе аст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ

(*Сураи Анфол, ояти 24*) айюҳан нос! Ин даъвати пайғамбарро иҷобат кунед; мехоҳад шуморо зинда кунад. Ҳаёти як миллат ба доштани сарвати зиёд нест, ҳатто ба илм ҳам нест (илм ба танҳоӣ кофӣ нест, ки як миллатро зинда кунад), балки ҳаёти миллат ба ин аст, ки он миллат шахсиятеро дар худаш эҳсос кунад. Эй басо миллатҳои олиме, ки шахсият надоранд ва эй басо миллатҳои ҷоҳил, ки шахсияти худашонро ҳифз кардаанд. Агар алҷазоириҳо баъд аз 150 сол мубориза тавонистанд истеъмори Фаронсаро ба зону дароваранд ва ба истиқлол бирасанд, барои ин буд, ки дар онҳо як ҳамоса ва як эҳсоси маниш вуҷуд дошт. Агар дар он тарафи машриқзамин, миллати дигаре (ветномиҳо) дорад бо қавитарин ва сарватмандтарин миллатҳои ҷаҳон мубориза мекунад, чаро мубориза мекунад? Оё адад ё сарваташ бо онҳо мубориза мекунад? Абадан! Эҳсоси шахсият ва маниши он миллат мубориза мекунад, мегӯяд: ман туро ба оқоӣ қабул надорам, ман ё бояд зинда бошам рӯйи пойи худам бошам ва касе бар ман ҳукумат накунад ва ё бояд набошам.

Зайнаб ва эҳсоси шахсият

Дар ҳамосаи ҳусайнӣ он касе, ки беш аз ҳама ин дарсро омӯхт ва беш аз ҳама ин партави ҳусайнӣ бар руҳи муқаддаси ӯ тобид, хоҳари бузургвораш Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) буд.

Ростӣ, ки мавзӯи аҷибе аст: Зайнаб бо он азамате, ки аз аввал доштааст — ва он азаматро дар домани Заҳро алайҳас салом ва аз тарбияти Алӣ алайҳис салом ба даст оварда буд — дар айни ҳол Зайнабе баъд аз Карбало бо Зайнаби қабл аз Карбало мутафовит аст, яъне Зайнаб баъд аз Карбало як шахсият ва азамати бештаре дорад.

Мо мебинем дар шаби Ошӯро Зайнаб яке ду навбат ҳатто наметавонад ҷилави гиряашро бигирад. Як бор он қадр гиря мекунад, ки бар рӯи домани Ҳусайн беҳуш мешавад ва Ҳусайн алайҳис салом бо сӯҳбатҳои худаш Зайнабро ором мекунад:

لا يُذْهِبَنَّ حِلْمَكَ الشَّيْطانُ

Хоҳар азизам! Мабодо васвиси шайтонӣ бар ту мусаллат бишавад ва ҳилмро аз ту бирубояд, сабру таҳаммулро аз ту бирубояд. Вақте Ҳусайн ба Зайнаб мефармояд, ки чаро ин тавр мекунӣ, магар ту шоҳид ва нозири вафоти ҷаддам набудӣ? Ҷадди ман аз ман беҳтар буд, падари мо аз мо беҳтар буд, бародар ҳамин тавр, модар ҳамин тавр, Зайнаб бо Ҳусайн инчунин сӯҳбат мекунад: бародарҷон! Ҳамаи онҳо агар рафтанд, билохира ман паноҳгоҳе ғайр аз ту доштам, вале бо рафтани ту, барои ман паноҳгоҳе боқӣ наемонад.

Аммо ҳамин ки айёми Ошӯро сипарӣ мешавад ва Зайнаб Ҳусайн алайҳис саломро бо он руҳияи қавӣ ва нерӯманд ва бо он дастуруламалҳо мебинад, Зайнаби дигаре мешавад, ки дигар аҳаде дар муқобили ӯ кучактарин шахсияте надорад. Имом Зайнулобидин фармуд: мо 12 нафар будем ва тамоми мо 12 нафарро ба як занҷир баста буданд, ки як сари занҷир ба бозуи ман ва сари дигари он ба бозуи аммаам Зайнаб баста буд.

Мегӯянд, таърихи вуруди асирон ба Шом дуввуми моҳи сафар будааст. Бинобар ин, 22 рӯз аз асорати Зайнаб гузаштааст; 22 рӯз ранҷи мутаволӣ кашидааст, ки бо ин ҳол ӯро вориди маҷлиси Язид ибни Муовия мекунанд; Язиде, ки кохи ахзари ӯ (яъне кохи сабзе, ки Муовия дар Шом сохта буд) ончунон боргоҳи муҷаллале буд, ки ҳар кас бо дидани он боргоҳ ва он хадаму ҳашам ва тантанаву дабдаба худашро мебохт. Баъзе навиштаанд, ки афрод мебоист аз ҳафт толор мегузаштанд, то ба он толори охирӣ мерасиданд, ки Язид рӯи тахти музайяне нишаста буд ва тамоми аъёну ашроф ва аъозими суфарои кишварҳои хориҷӣ низ рӯи курсиҳои тилло ё нуқра нишаста буданд. Дар чунин шароите ин асиронро ворид мекунанд ва ҳамин Зайнаб асири ранҷдида ва ранҷкашида, дар ҳамон маҳзар чунон мавҷе дар руҳаш пайдо шуд ва чунон мавҷе дар ҷамъият эҷод кард, ки Язиди маъруф ба фасоҳат ва балоғатро лол кард. Язид шеърҳои Ибни Забъариро бо худаш мехонад ва ба чунин мавқеияте, ки насибаш шудааст ифтихор мекунад. Зайнаб фарёдаш баланд мешавад:

أَظَنَنْتَ يا يَزِيدُ حَيْثُ أَخَذْتَ عَلَيْنا أَقْطارَ الْأَرْضِ وَآفاقَ السَّماءِ فَأَصْبَحْنا نُساقُ كَما تسُاقُ الأُسارى أَنَّ بِنا عَلَى اللهِ هَواناً وَبِكَ عَلَيْهِ كَرامَةً وَأَنَّ ذلِكَ لِعِظَمِ خَطَرِكَ عِنْدَهُ فَشَمَخْتَ بِأَنْفِكَ

Эй Язид! Хеле бод ба димоғат андохтаӣ. Ту хаёл мекунӣ ин ки имрӯз моро асир кардаӣ ва тамоми ақтори заминро бар мо гирифтаӣ ва мо дар мушти навкарҳои ту ҳастем, як неъмат ва мавҳибате аз тарафи Худованд бар туст?! Ба Худо қасам, ту алъон дар назари ман бисёр кучаку ҳақир ва бисёр паст ҳастӣ ва ман барои ту як зарра шахсият қоил нестам.

Бибинед, инҳо мардуме ҳастанд, ки ба ҷуз имон ва шахсияти руҳӣ ва маънавӣ ҳама чизашонро аз даст додаанд. Он вақт шумо таваққӯъ надоред, ки шахсияте монанди шахсияти Зайнаб чунин ҳамосае биёфаринад ва дар Шом инқилоб ба вуҷуд биёварад? Ҳамон тавр, ки инқилоб ҳам ба вуҷуд овард.

Язид маҷбур шуд дар ҳамон Шом равиши худашро иваз кунад ва асиронро мӯҳтарамона ба Мадина бифиристад, баъд табаррӣ кунад ва бигӯяд: “Худо лаънат кунад Ибни Зиёдро, ман чунон дастуре надода будам, ӯ аз пеши худ ин корро кард.” Чӣ касе ин корро кард? Зайнаб чунин кореро кард.

Дар охири ҷумлаҳояш ин тавр фармуд:

فَكِدْ كَيْدَكَ وَاسْعَ سَعْيَكَ وَناصِبْ جُهْدَكَ، فَوَاللهِ لا تَمْحُو ذِكْرَنا وَلا تُمِيتُ وَحْيَنا

(“*Эй Язид! Ҳар чи найранг дорӣ ба кор банд ва ниҳояти талошатро бикун ва ҳар кӯшише, ки дорӣ ба кор гир, аммо ба Худо савганд, (бо ҳамаи ин талошҳо) ёди моро (аз хотираҳо) маҳв нахоҳӣ кард ва (чароғи) ваҳйи моро хомӯш натавонӣ намуд…*”)

Зайнаб алайҳас салом ба касе, ки мардум бо ҳазор тарсу ларз ба ӯ “ё амиралмӯъминин!” мегуфтанд, хитоб мекунад, ки ё Язид! Ба ту мегӯям: ҳар ҳуққае, ки мехоҳӣ бизан ва ҳар коре, ки метавонӣ анҷом бидеҳ, аммо яқин дошта бош, ки агар мехоҳӣ номи моро дар дунё маҳв кунӣ, номи мо маҳвшуданӣ нест; он ки маҳву нобуд мешавад, ту ҳастӣ.

Чунон хутбае дар он маҷлис хонд, ки Язид лолу сокит боқӣ монд ва хашм саросари вуҷуди он марди шақӣ ва лаъинро фаро гирифт ва барои ин ки дили Зайнабро оташ бизанад ва забони ӯро сокит кунад ва барои ин ки Зайнаб мунқалиб бишавад, даст ба як амали ноҷавонмардона зад: бо асои хайзарони худ ба лабу дандони Абӯабдиллоҳ ишора кард.

وَلا حول ولا قوّة الاّ بالله العلي العظيم

Фасли дуввуми таҳриф дар воқеаи таърихии Карбало

Маънии таҳриф ва анвоъи он

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله ربّ العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسّلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه، سيّدنا ونبيّنا ومولانا أبي القاسم محمّد صلّى الله عليه وآله وسلّم وعلى آله الطّيّبين الطّاهرين المعصومين،

أعوذ بالله من الشّيطان الرّجيم

فَبِمَا نَقْضِهِمْ مِيثَاقَهُمْ لَعَنَّاهُمْ وَجَعَلْنَا قُلُوبَهُمْ قَاسِيَةً يُحَرِّفُونَ الْكَلِمَ عَنْ مَوَاضِعِهِ وَنَسُوا حَظًّا مِمَّا ذُكِّرُوا بِهِ

(*“Аммо ба хотири паймоншиканӣ, онҳоро аз раҳмати хеш дур сохтем ва дилҳои онҳоро сахту сангин намудем (то он ҷо, ки) суханон (-и Худо)-ро аз мавриди худ таҳриф мекунанд ва бахше аз он чиро ба онҳо гӯшзад шуда буд фаромӯш карданд…” (Сураи Моида, ояти 13)*)

Мавзӯи баҳси мо “таҳрифот дар воқеаи таърихии Карбало” аст. Мехоҳем дар атрофи ин матлаб баҳс кунем, ки дар нақл ва бозгӯии воқеаи бузурги таърихии Ошӯро таҳрифоте сурат гирифтааст, аз ин рӯ баҳси худамонро дар чаҳор фасл хулоса мекунем:

Фасли аввал дар атрофи маънии таҳриф ва анвоъи таҳрифҳое, ки дар дунё вуҷуд дорад ва ишора ба ин ки анвоъи ин таҳрифҳо дар ҳодисаи таърихии Ошӯро воқеъ шудааст.

Баҳси дуввуми мо дар бораи омилҳои таҳриф аст. Яъне ба таври куллӣ дар соири қазоёи дунё, ки таҳриф сурат мегирад, ба чӣ иллат сурат мегирад? Чаро башар ҳаводис ва қазоё ва аҳёнан шахсиятҳоро таҳриф мекунад? Ва махсусан дар нақли ҳодисаи Карбало чӣ омилҳое дахолат доштааст, ки таҳрифоте дар ин қазия воқеъ бишавад?

Фасли севвум иборат аст аз тавзеҳе дар бораи хусуси таҳрифҳое, ки дар ҳамин достон ва ҳодисаи таърихӣ сурат гирифтааст.

Баҳси чаҳоруми мо дар атрофи вазоифи мост, аъамм аз уламои мо ва тӯдаи мусалмони мо.

Маънии таҳриф

Аммо баҳси аввал дар бораи маънии таҳриф, ки таҳриф яъне чӣ? Таҳриф, ки аз моддаи “ҳарф” дар забони арабӣ аст, яъне мутамойил кардани як чиз аз он масири аслӣ ва вазъи аслӣ, ки доштааст ё бояд дошта бошад. Ба иборати дигар, таҳриф навъе тағйир ва табдил аст, вале таҳриф муштамил бар чизе аст, ки калимаи “тағйир” ва “табдил” нест.

Шумо агар коре бикунед, ки як ҷумлае, як номае, як шеъре, як иборате он мақсудеро, ки бояд бифаҳмонад нафаҳмонад, як мақсуди дигареро бифаҳмонад, инҷо мегӯянд, шумо ин иборатро таҳриф кардаед. Масалан, шумо гоҳе як матлаберо ба як нафар мегӯед, баъд

он шахс сухани шуморо дар ҷойи дигаре нақл мекунад, баъд касе ба шумо мегӯяд, ки фалонӣ аз қавли ту чунин чизе нақл кард. Шумо мебинед он чи, ки шумо гуфтаед, бо он чи, ки ӯ нақл карда хеле мутафовит аст, ӯ дар суханҳои шумо каму зиёд кардааст, қисмате аз гуфтаҳои шуморо, ки муфиди мақсуди шумо буда ҳазф кардааст ва як қисматҳое аз худаш бар онҳо афзудааст ва дар натиҷа сухани шумо масх шуда ва чизи дигаре аз об даромадааст. Он вақт шумо мегӯед: хайр, ман гуфтаам, аммо ин одам ҳарфи маро таҳриф кардааст. Махсусан агар касе дар санадҳои расмӣ қалам бибарад, даст бибарад, мегӯянд, ки таҳриф кардааст. Калимаи “таҳриф” беш аз ин эҳтиёҷ ба тавзеҳ надорад.

Анвоъи таҳриф

Таҳриф анвоъе дорад ва аз ҳама муҳимтар ин аст, ки таҳриф ё лафзӣ аст ва ё маънавӣ.

Таҳрифи лафзӣ ин аст, ки зоҳири як чизро иваз кунанд. Масалан, шахсе сухане ба шумо гуфтааст, шумо як чизе аз гуфтаи ӯ кам кунед, ё як чизе рӯи гуфтаи ӯ бигузоред ва ё ҷумлаҳои ӯро пасу пеш кунед, ки маъниаш фарқ кунад. Билохира дар зоҳир ва дар лафзи сухани ӯ тасарруф кунед. Инро мегӯянд “таҳрифи лафзӣ”.

Аммо таҳрифи маънавӣ ин аст, ки шумо дар лафз тасарруф намекунед, лафз ҳамин аст, ки ҳаст, вале ин лафзро тавре мешавад маънӣ кард, ки ҳамон маънии софу росту мустақими он аст, мақсуди гӯянда ҳам ҳамин будааст ва таври дигаре метавон маънӣ кард, ки хилофи мақсад ва мақсуди гӯяндааст. Вақте, ки мехоҳед ин каломро барои ӯ шарҳ бидиҳед, онро тавре маънӣ мекунед, ки мутобиқи мақсуди худи шумо бошад, на мутобиқи мақсади аслии гӯянда. Инро мегӯянд “таҳрифи маънавӣ”.

Дар Қуръони Карим калимаи “таҳриф” (ба кор рафтааст) махсусан дар мавриди яҳудиҳо, ки инҳо қаҳрамони таҳриф дар ҷаҳонанд, на имрӯз, аз вақте, ки таърихи яҳудият дар дунё ба вуҷуд омадааст. Намедонам ин нажод чӣ нажоде аст, ки тамоюли аҷибе ба қалби ҳақоиқ ва таҳриф кардан дорад ва аз ин рӯ ҳамеша корҳоеро дар ихтиёр мегиранд, ки дар он корҳо бишавад ҳақоиқро таҳриф ва қалб кард. Ман шунидаам баъзе аз ҳамин хабаргузориҳои маъруфи дунё (шарт нест исм бибарам), ки радиоҳо ва рӯзномаҳо ҳамеша аз инҳо нақл мекунанд, мунҳасиран моли яҳудиҳост. Чаро? Барои ин ки битавонанд қазоёро дар дунё он тавре, ки дили худашон мехоҳад мунъакис кунанд ва Қуръон чӣ аҷиб дар бораи инҳо ҳарф мезанад! Ин хасисаи яҳудигарӣ, ки таҳриф аст, дар Қуръон ба сурати як хасисаи нажодӣ шинохта шудааст.

Дар яке аз оятҳои Қуръон дар сураи Бақара мефармояд:

أَفَتَطْمَعُونَ أَنْ يُؤْمِنُوا لَكُمْ

Мусалмонон! Шумо тамаъ бастаед, ки инҳо ба шумо рост бигӯянд? Инҳо ҳамонҳо ҳастанд, ки бо Мӯсо мерафтанд, сухани Худоро мешуниданд, аз ҳамон ҷо, ки бармегаштанд, дар миёни қавмашон, ки мехостанд нақл кунанд, зеру рӯяш мекарданд.

أَفَتَطْمَعُونَ أَنْ يُؤْمِنُوا لَكُمْ وَقَدْ كَانَ فَرِيقٌ مِنْهُمْ يَسْمَعُونَ كَلَامَ اللَّهِ ثُمَّ يُحَرِّفُونَهُ مِنْ بَعْدِ مَا عَقَلُوهُ

(*“Оё тамаъ доред, ки яҳудиҳо ба дини шумо бигараванд, дар сурате, ки гурӯҳе аз онон каломи Худоро шунида ва ба дилхоҳи худ таҳриф мекунанд бо он ки дар каломи худ тааққул карда ва маънии онро дарёфтаанд.*” (*Сураи Бақара, ояти 75*)) Таҳриф ҳам, ки мекарданд, на аз боби ин ки намефаҳмиданд, на, миллати боҳуше ҳастанд, хуб ҳам мефаҳмиданд. Дар айни ин ки хуб мефаҳмиданд, бо вуҷуди ин суханонро каҷ мекарданд, воруна барои мардум баён мекарданд. Таҳриф ҳамин аст; печ додан, каҷ кардани як чиз, онро аз масири аслӣ мунҳариф кардан. Инҳо дар китобҳои илоҳӣ таҳриф карданд.

Қуръон бисёре аз ҷоҳо калимаи “таҳриф”-ро (оварда), ё ин калимаро ҳам наёварда ба сурати дигаре матлабро баён кардааст, вале муфассирон зикр кардаанд, ки таҳрифе, ки Қуръон зикр мекунад, аъам аст аз таҳрифи лафзӣ ва таҳрифи маънавӣ. Яъне баъзе аз ин таҳрифҳо, ки сурат гирифтааст, дар лафз будааст ва баъзе дар тафсир ва маънӣ, на дар лафз, ки чун аз матлаб хеле хориҷ мешавам, намехоҳам дар атрофи ин матлаб зиёд баҳс бикунам.

Пас таҳрифи лафзӣ дорем ва таҳрифи маънавӣ. Алъон чизе ёдам афтод, бад нест арз бикунам. Як нафар аз уламои Теҳрон дар айёми ҷавониаш нақл мекард, мегуфт, як маддоҳе аз ҳамин Теҳрон омада буд Машҳад. Рӯзҳо меомад дохили масҷиди Гавҳаршод, дар саҳн меистод ва шеър ва мадиҳа мехонд. Ин шахс рафта буд он бечораро даст андохта буд. Мегуфт, он ғазали маъруфи мансуб ба Ҳофизро мехонд:

Эй дил! Ғуломи шоҳи ҷаҳон бош, шоҳ бош,

Пайваста дар ҳимояти лутфи илоҳ бош.

То он ҷо, ки:

Қабри имоми ҳаштуму султони дин Ризо

Аз ҷон бибӯсу бар дари он боргоҳ бош.

Рафта буд ба ӯ гуфта буд, чаро ин шеърро ғалат мехонӣ? (Ҳоло он бечора дуруст мехонд.) Гуфта буд: магар чӣ тавр бояд бихонам? Гуфта буд: на, ин шеър ин тавр аст:

Қабри имоми ҳаштуму султони дин Ризо

Аз ҷон бибӯсу бар дари он бори коҳ бош.

Гуфт: “бори коҳ” бош яъне чӣ? Гуфт: яъне вақте расидӣ ба дами дари ҳарам, фавран худатро мисли як бори коҳ, ки аз рӯи улоғ меандозанд замин, биандоз замин. Гуфт: аҷаб! Маънояш ин аст? Гуфт: оре. Дигар баъд аз ин, ин шеър ба инҷо, ки мерасид, ин маддоҳи бечора мегуфт: “бори коҳ бош” ва худашро ҳам меандохт. Инро мегӯянд “таҳриф”.

Таҳриф аз назари мавзӯъ

Гузашта аз ин ки таҳрифи лафзӣ дорем ва таҳрифи маънавӣ, таҳриф аз назари мавзӯъ низ фарқ мекунад. Як вақт ҳаст таҳриф дар як сухани оддӣ аст; мо ду нафар бо ҳамдигар ҳарф мезанем, ҳарфи оддӣ, як касе нақл мекунад, таҳриф мекунад.

Як вақт ҳаст таҳриф дар як мавзӯи бузурги иҷтимоӣ аст. Масалан, таҳриф кардан дар шахсиятҳо. Шахсиятҳое ҳастанд, ки қавлашон ҳуҷҷат аст, амалашон барои мардум ҳуҷҷат аст, хулқашон барои мардум намуна аст. Як касе таҳриф мекунад, сухане ба Алӣ алайҳис салом нисбат медиҳад, ки нагуфтааст ё мақсудаш чизи дигар будааст. Ин дигар хеле хатарнок аст. Хулқе, хӯйеро ба пайғамбар, ба имом — ки мардум аз онҳо пайравӣ мекунанд — нисбат медиҳад дар сурате, ки хулқи ӯ ҷури дигаре будааст.

Таҳриф дар як ҳодисаи таърихӣ, ки ин ҳодиса аз назари иҷтимоъ як санад аст, санади иҷтимоӣ аст, пуштвонаи ахлоқ аст, пуштвонаи тарбият аст; ин дигар чӣ қадр аҳаммият дорад! Вой ба ҳоли он ки таҳрифот, чӣ таҳрифи лафзӣ ва чӣ таҳрифи маънавӣ, дар мавзӯоте сурат бигирад, ки он мавзӯот мавзӯи оддӣ нест. Ҳоло як вақт касе дар шеъри Ҳофиз як таҳрифе мекунад, албатта набояд бишавад. Набояд дар як китоби адабии боарзиш касе таҳриф кунад. Дар мушу гурба ҳам набояд таҳриф кард. Ёдам ҳаст, яке аз устодҳо мақолае дар бораи ҳамин китоби мушу гурба навишта буд. Иттифоқан худи ин китоб аз назари адабӣ бисёр китоби боарзише аст. Собит карда буд, ки ба қадре мардум дар ҳамин мушу гурба даст бурдаанд, шеърҳояшро каму зиёд ва калимаҳоро иваз кардаанд, ки ҳадд надорад.

Баъд навишта буд, ки ба назари ман, қавме дар дунё ба андозаи қавми эронӣ беамонат нест, ки ин ҳама дар осори худаш дахлу тасарруфҳо ва таҳрифҳои бечо бикунад. Албатта инҳо набояд бишавад, аммо инҳо ба ҳаёт ва саодати иҷтимоъ зарба намезанад, дар масири иҷтимоъ инҳирофе эҷод намекунад. Вале он чизҳое, ки ба ахлоқ ва тарбият ва дини мардум бастагӣ дорад, таҳриф дар инҳо хатарнок аст.

Дар Маснавӣ ҳам набояд таҳриф бишавад. Вале магар накарданд? Ин қадр шеъри илҳоқӣ дар Маснавӣ ҳаст, ки Худо медонад! Як шеъре дар маснавиҳои асл будааст — ва чӣ шеъри олие! — роҷеъ ба асари муҳаббат; гуфтааст:

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,

Аз муҳаббат миссҳо заррин шавад.

Ҳарфи ҳисобе аст. Муҳаббат ва ишқ чизе аст, ки талхҳоро ширин мекунад, муҳаббат ҳукми кимиёро дорад, мисси вуҷуди инсонро табдил ба зар мекунад. Баъд дигарон омаданд мураттаб илҳоқ карданд, бидуни ин ки аслан таносуб дошта бошад. Масалан гуфтанд, “аз муҳаббат мор мӯре мешавад”, “аз муҳаббат сақф девор мешавад”, “аз муҳаббат харбуза ҳиндувона мешавад”. Инҳо дигар рабте ба мавзӯъ надорад. Вале вой ба он ҷое, ки дар аснод ва пуштвонаҳои зиндагии башар таҳриф сурат бигирад. Муқаддамотро маҷбурам кӯтоҳ кунам.

Ҳодисаи Карбало барои мо мардум хоҳӣ нахоҳӣ як ҳодисаи бузурги иҷтимоӣ аст. Яъне ин ҳодиса дар тарбияти мо, дар хулқу хӯйи мо асар дорад, ҳодисае аст, ки худ ба худ, бидуни ин ки ҳеч қудрате мо мардумро маҷбур карда бошад, миллионҳо нафар ва қаҳран миллионҳо соат барои шунидан ва истимоъи қазоёи марбут ба он сарф мекунем. Миллионҳо тумон пул барои ин кор сарф мешавад. Ин қазияро мо бояд ҳамон тавре, ки будааст, бидуни каму зиёд талаққӣ кунем ва агар кучактарин дахлу тасарруфе аз тарафи мо дар ин ҳодиса сурат бигирад, ҳодисаро мунҳариф мекунад, ба ҷойи ин ки мо аз ин ҳодиса истифода кунем, қатъан зарар хоҳем кард.

Ҳол, баҳси ман ин аст, ки дар нақл ва бозгӯ кардани ҳодисаи Ошӯро мо ҳазорон таҳриф ворид кардаем, ҳам таҳрифҳои лафзӣ — яъне шаклӣ ва зоҳирӣ — роҷеъ ба асли қазоё, муқаддимоти қазоё, матн ва ҳавошии матлаб ва ҳам (таҳрифҳои маънавӣ, ки) дар тафсири ин ҳодиса мо таҳриф кардаем. Бо камоли таассуф ин ҳодиса, ҳам дучори таҳрифҳои лафзӣ аст ва ҳам дучори таҳрифҳои маънавӣ, ҳар ду. Ва боз таҳрифҳое, ки мешавад, гоҳе лоақал ҳамоҳангӣ бо асли матлаб дорад, вале гоҳе таҳриф на танҳо кучактарин ҳамоҳангӣ надорад, балки қазияро масх ва ба куллӣ вожгун мекунад, ба шакле дармеоварад, ки ба сурати зидди худаш дармеояд. Боз ҳам бо камоли таассуф бояд арз кунам, таҳрифҳое, ки ба дасти мо мардум дар ин ҳодиса сурат гирифтааст, ҳама дар ҷиҳати пойин овардан ва масх кардани қазия будааст, дар ҷиҳати бехоссият кардан ва беасар кардани қазия будааст ва дар ин амр, ҳам гӯяндагон ва уламои уммат тақсир доштаанд ва ҳам мардум. Ҳамаи инҳоро иншоаллоҳ барои шумо тавзеҳ медиҳам.

Намунаҳое аз баъзе таҳрифҳое, ки дар лафз ва зоҳир шудааст, яъне дар шакли қазия, дар чизҳое, ки нисбат додаанд, зикр мекунам. Матлаб он қадр зиёд аст, ки қобили баён кардан нест. Агар бихоҳанд равзаҳои дурӯғро ҷамъ кунанд, равзаҳое, ки мехонанд ва дурӯғ аст, шояд чанд ҷилд китоби понсадсафҳаӣ бишавад, ман фақат ба таври намуна арз мекунам ва арз хоҳам кард, ки ман инҳоро аз чӣ китобе дар ҳамин матлаб истифода кардаам.

Китоби “Луълуъ ва марҷон”

Марҳум Ҳоҷӣ Мирзо Ҳусайни Нурӣ (аълаллоҳу мақомаҳ!) бисёр марди фавқулъодае будааст, муҳаддис аст, вале дар фанни худаш фавқулъода мутабаҳҳир аст, аҷиб мутабаҳҳир аст. Аз он ҳофизаҳои бисёр қавӣ будааст ва марди бозавқе ҳам будааст ва марди бисёр бошӯр, боҳарорат, боимон… Китобе дар мавзӯи минбар навиштааст ба номи “Луълуъ ва марҷон”. Ин китоб бо ин ки китоби кучаке аст, фавқулъода китоби хубе аст. Дар ин китоб роҷеъ ба вазоифи аҳли минбар сухан гуфтааст. Ин китоб дар ду фасл аст: як фасл (дар) ихлос, яъне хулуси ният, ки шарти аввали гӯянда, хатиб, воиз, равзахон хулуси ният аст, ки вақте минбар меравад, равза мехонад, ба тамаъи пул набошад, ба тамаъи дигаре набошад ва чӣ қадр олӣ дар ин мавзӯъ баҳс кардааст, ки ман вориди баҳсаш намешавам.

Пояи дуввум сидқ ва ростӣ аст ва дар ин ҷост, ки мавзӯи рост гуфтан ва мавзӯи дурӯғ гуфтан (-ро матраҳ кардааст.) Анвоъи дурӯғҳо (-ро баён карда), ки ман хаёл намекунам дар ҳеч китобе дар бораи дурӯғ ба таври куллӣ, ба андозае, ки дар ин китоб баҳс шудааст, (баҳс шуда бошад.) Ахбор ва ривоятҳояш ва анвоъи дурӯғ онҷо зикр ва ташреҳ шудааст. Чунин китобе шояд дар дунё вуҷуд надошта бошад. Аҷиб ин мард табаҳҳур ба харҷ додааст! Ин марди бузург, дар ҳамин китоби худаш намунаҳое, он ҳам намунаҳое аз дурӯғҳое, ки маъмул аст ва инҳоро ба ин ҳодисаи бузург, ҳодисаи таърихии Карбало нисбат медиҳанд, зикр кардааст. Он чи ки ман арз мекунам — ғолибан ё ҳамаи он — ҳамонҳое аст, ки марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ ҳам аз онҳо нола кардааст ва ҳатто ин марди бузург сареҳан мегӯяд: имрӯз бояд азои Ҳусайнро гирифт.

Аммо барои Ҳусайн дар асри мо як азои ҷадиде аст, ки дар гузашта набудааст ва он азои ҷадид ин ҳама дурӯғҳост, ки дар бораи ҳодисаи Карбало гуфта мешавад ва аҳаде ҷилави ин дурӯғҳоро намегирад. Имрӯз бар ин мусибати Ҳусайн ибни Алӣ бояд гирист, на бар он шамшерҳо ва найзаҳое, ки дар он рӯз бар пайкар шарифаш ворид шуд.

Ва дар муқаддимаи китоб навиштааст, ки фалон олими бузург аз уламои Ҳиндустон номае ба ман навиштааст ва аз равзаҳои дурӯғе, ки дар Ҳиндустон хонда мешавад шикоят карда ва аз ман хоҳиш кардааст, ки як коре бикунам, китобе бинависам, ки ҷилави равзаҳои дурӯғ дар онҷо гирифта бишавад. Баъд марҳум Ҳоҷӣ ба ин иборат зикр мекунад, менависад: ин олими ҳиндӣ хаёл карда, ки равзахонҳо вақте ба Ҳиндустон мераванд дурӯғ мегӯянд, намедонад, ки об аз сарчашма гилолуд аст, маркази равзаҳои дурӯғ Карбало ва Наҷаф ва Эрон аст. Ҳамон марокизи ташайюъ маркази равзаҳои дурӯғ аст.

Ман ба таври намуна қисматҳоеро арз мекунам. Баъзе аз инҳо марбут ба вақоеи қабл аз Ошӯрост, баъзе марбут ба вақоеъ байни роҳ аст, баъзе марбут ба айёми иқомат дар Муҳаррам аст ва ағлаб марбут ба рӯзи Ошӯрост, баъзе марбут ба айёми асорати аҳли байт аст ва баъзе марбут ба имомон аст, баъд аз қазоёи Карбало. Ҳол барои ҳар кадом яке ду намуна арз мекунам.

Ду масъулияти бузурги мардум

Ин матлабро ҳам дар муқаддима бояд арз бикунам: дар ҳамаи инҳо мардум масъуланд. Яъне шумо мардуме, ки инҷо нишастаед, ҳеч хаёл намекунед, ки дар ин қазия масъул ҳастед ва хаёл мекунед, ки масъул фақат гӯяндагон ҳастанд. Ду масъулияти бузург мардум доранд. Як масъулият ин аст, ки наҳй аз мункар бар ҳама воҷиб аст. Вақте, ки мефаҳмед ва медонед — ва мардум ағлаб ҳам медонанд — ки дурӯғ аст, набояд дар он маҷлис биншинед, ки ҳаром аст, балки бояд мубориза кунед.

Ва дигар ин тамоюле аст, ки соҳиби маҷлисҳо ва мустамеъин ба гирёндан доранд, маҷлис бояд бигиряд, бояд Карбало бишавад. Равзахон бечора мебинад, ки агар бино бишавад ҳар чи мегӯяд аз он ростҳо бошад, маҷлисаш намегиряд, баъд ҳамин мардум ҳам даъваташ намекунанд, ночор як чизе ҳам изофа мекунад. Ин интизорро мардум бояд аз сари худашон берун кунанд, (нагӯянд) фалон равзахоне, ки маҷлиси ӯ мегиряд, фалон равзахоне, ки Карбало мекунад. Карбало мекунад яъне чӣ?! Шумо бояд равзаи ростро бишнавед ва маориф ва сатҳи фикратон боло биёяд, ба тавре, ки агар дар як калима руҳатон эҳтизоз пайдо кард, яъне бо руҳи Ҳусайн ибни Алӣ ҳамоҳангӣ кард ва ашке ҳарчанд заррае ҳарчанд ба қадри боли магас (ҷорӣ шуд,) агар якчунин ашке дар ҳолати ҳамоҳангии руҳи шумо бо Ҳусайн ибни Алӣ аз чашми шумо берун биёяд, воқеан мақоми бузурге барои шумост.

Аммо ашке, ки аз роҳи қассобӣ кардан бихоҳад аз чашми шумо биёяд, агар як дарё ҳам бошад, арзиш надорад. “Дод бикашед” яъне чӣ?! Чаро дод бикашед?!

Нақл карданд, яке аз уламои бузург дар яке аз шаҳристонҳо то андозае дарди дин дошт ва ҳамеша эрод мегирифт, мегуфт: чаро ин ҳарфҳои дурӯғро мегӯед?.. Мегуфт: ин заҳри морҳо чист, ки болои ин минбарҳо мегӯед? Як вақт ба як воизе гуфт: оқо, ин заҳри морҳо чист, ки мегӯед? Ӯ гуфт: ғайр аз ин намешавад, агар инҳоро нагӯем, аслан бояд дари дӯконро тахта кунем ва биравем. Гуфт: хайр, инҳо дурӯғ аст. То ин ки он оқо худаш дар масҷиди худаш маҷлисе бапо кард ва ҳамон воизро даъват кард, худаш ҳам бонӣ шуд. Ба ӯ гуфт: ман мехоҳам ба унвони намуна як маҷлисе тартиб бидиҳам, ту ҳам бояд муқайяд бошӣ ҷуз аз китобҳои мӯътабар ҳеч равзае нахонӣ, фақат равзаи рост бихонӣ

(гуфтанд, такяи каломаш ҳам ин буд, ки аз он заҳри морҳо нагӯ, яъне аз он дурӯғҳо), аз он заҳри морҳо чизе нагӯй. Гуфт: чашм, чун маҷлис моли шумост, ман ҳам ҳамин тавр (амал мекунам.) Шаби аввал худи оқо дар меҳроб рӯ ба қибла нишаста буд. Минбарро ҳам канори меҳроб гузошта буданд. Он оқо рафт сӯҳбатҳояшро кард, навбати равза шуд. Ӯ муқайяд буд, ки ҷуз равзаи рост чизе нахонад.

Хонд ва хонд, маҷлис ҳеч такон нахӯрд ва ҳамин тавр ях карда буд. Ин оқо дид аҷаб! Ин маҷлис моли худаш ҳам ҳаст, баъд мардум чӣ мегӯянд; занҳо мегӯянд, лобуд оқо нияташ пок нест, ки маҷлисаш намегирад, агар оқо худаш нияташ дуруст буд, ихлоси ният дошт, ҳоло Карбало шуда буд. Дид обрӯяш дорад меравад. Чӣ бикунад? Ором ба ӯ гуфт: каме аз он заҳри мориҳо омехта кун.

Як масъулияти бузург ин масъулият аст, (муқовамат дар баробари) ин интизоре, ки мардум барои Карбало шудан доранд. Ин худаш дурӯғсоз аст ва аз ин рӯ ғолиби ҷаълиёте, ки шудааст, муқаддимаи гурез задан будааст, яъне ҷаъл шудааст барои ин ки бишавад аз он ҷаъл як гурезе зад ва ашки мардумро ҷорӣ кард ва ғайр аз ин чизе набудааст.

Намунаҳое аз таҳрифот дар шакли ин ҳодиса:

Намунаи аввал:

Дар муқаддимоти қазоё, эшон (қазияе) нақл мекунанд ва ман ҳам шунидаам, мукаррар ҳам шунидаам. Яке аз қазоёе, ки ҳамаи мо шунидаем (ин аст, ки) роҷеъ ба равобити ҳазрати Абулфазл ва ҳазрати Сайидушшуҳадо мегӯянд: рӯзе амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар болои минбар буд ва хутба мехонд. Имом Ҳусайн алайҳис салом фармуд: ман ташнаам, об мехоҳам, ҳазрат фармуд: касе барои фарзандам об биёварад. Аввал касе, ки аз ҷо бархост, кӯдаке буд, ки ҳамон ҳазрати Абулфазли Аббос буд. Эшон рафтанд ва аз модарашон як коса об гирифтанд ва омаданд (он ҳам бо чӣ тӯлу тафсиле). Дар ҳоле ворид шуд, ки (онро) рӯи сараш гирифта буд ва об ҳам мерехт. Амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом чашмашон, ки ба ин манзара афтод, ашкашон ҷорӣ шуд. Ба оқо арз карданд: оқо, шумо чаро гиря мекунед? Фармуд: бале, қазоёи Карбало ёдам афтод. Маълум аст, ки ин гурез ба куҷоҳо мунтаҳӣ мешавад.

Ҳоҷӣ Нурӣ дар инҷо баҳст олие дорад, мегӯяд: шумо мегӯед Алӣ дар болои минбар буд ва хутба мехонд. Алӣ фақат дар замони хилофаташ буд, ки минбар мерафт ва хутба мехонд, пас дар Кӯфа будааст. Хилофати ҳазрати Амир дар Кӯфа дар чӣ соле буд? Байни соли 36 ва 41. Дар он вақт Имом Ҳусайн дар чӣ синне буд? Марде буд тақрибан 33 сола.

Мегӯяд: оё аслан ин ҳарф маъқул аст, ки як марди 33 сола дар ҳоле, ки падараш дорад мардумро мавъиза мекунад, хитоба мехонад, як дафъа васати хитоба бидавад: оқо, ман ташнаам, об мехоҳам?! Агар як одами маъмулӣ ин корро бикунад, мегӯед: чӣ одами беадаби бетарбияте аст! Ва тоза ҳазрати Абулфазл дар он вақт кӯдак набуда, як ҷавони дар ҳудуди понздаҳ сола будааст. Як чунин ҷаъле, таҳрифе (карданд.) Ҳоло ғайр аз мавзӯи дурӯғ буданаш, аз назари арзиш оё ин шаъни Имом Ҳусайнро боло мебарад ё пойин меоварад? Мусаллам аст, ки пойин меоварад. Як дурӯғе ба имом нисбат додем ва обрӯи имомро бурдем, тавре ҳарф задем, ки имомро дар сатҳи беадабтарин афроди мардум таназзул додем, ки дар ҳоле, ки падаре мисли Алӣ дорад ҳарф мезанад, ташнааш мешавад, тоқат намеоварад, ки ҷаласа тамом шавад, ҳарфи оқоро қатъ мекунад: ман ташнаам, бигӯед барои ман об биёваранд!

Намунаи дуввум:

Дар бораи ин моҷаро, ки қосиде аз қосидҳои Кӯфа барои Абӯабдуллоҳ нома оварда буд, ин тавр нақл кардаанд — яъне ин тавр бастаанд, таҳрифу ҷаъл кардаанд — ки омад хидмати оқо ҷавоб хост, оқо фармуд: се рӯзи дигар биё аз ман ҷавоб бигир. Се рӯзи дигар, ки суроғ гирифт, гуфтанд, оқо имрӯз озим ба рафтананд. Ин ҳам гуфт: пас ҳоло, ки оқо берун мераванд, ман биравам ҷалолу кавкабаи подшоҳи Ҳиҷозро (яъне Имом Ҳусайнро) бибинам, ки чӣ гуна аст? Рафт дид, оқо худашон рӯи як курсии масалан дуррие нишастаанд, банӣ Ҳошим рӯи курсиҳои чунину чунон нишастаанд, баъд маҳмилҳо ва зинҳое оварданд, чӣ ҳарирҳо, чӣ дебоҷҳо, чӣ чизҳо дар онҷо буд! Баъд мухаддиротро оварданд бо чӣ эҳтироме савори ин маҳмилҳо карданд.

Инҳоро мегӯянд ва мегӯянд, баъд мегӯянд аммо асри рӯзи ёздаҳум инҳо, ки чунин мӯҳтарамона омаданд, он вақт дигар чӣ ҳоле доштанд!

Ҳоҷӣ Нурӣ мегӯяд: ин ҳарфҳо яъне чӣ?! Ин таърих аст, Имом Ҳусайн дар ҳоле, ки берун омад ин оятро мехонд:

فَخَرَجَ مِنْهَا خَائِفًا يَتَرَقَّبُ

(*Сураи Қасас, ояти 21*) Яъне худашро дар ин берун омадан ташбеҳ мекард ба Мӯсо ибни Имрон дар вақте, ки аз Фиръавн фирор мекард ва (аз шаҳр) берун меомад.

عَسَى رَبِّي أَنْ يَهْدِيَنِي سَوَاءَ السَّبِيلِ

(*Сураи Қасас, ояти 22*) Як қофилаи бисёр-бисёр соддае ҳаракат карда буд. Магар азамати Абӯабдиллоҳ ба ин аст, ки як курсии масалан заррин барояш гузошта бошанд? Ё азамати хонадони ӯ ба ин аст, ки савори маҳмилҳое шуда бошанд, ки онҳоро аз дебоҷ

ва ҳарир пӯшонда бошанд, аспҳояшон чӣ тавр бошад, шутурҳояшон чӣ тавр бошад, навкарҳояшон чӣ тавр бошанд?! Куҷо буда якчунин чизҳое?!

Ҳоло ман ба таври намуна баъзе аз қазоёеро, ки дар Карбало нисбат медиҳанд, арз мекунам.

Намунаи севвум:

Яке аз маъруфтарин қазоё, ки ҳатто як таърих ба он гувоҳӣ намедиҳад, қиссаи Лайло модари ҳазрати Алиакбар аст. Албатта эшон модаре ба номи Лайло доштаанд, вале як муаррих нагуфтааст, ки Лайло дар Карбало будааст. Аммо чӣ қадр мо равзаи Лайло ва Алиакбар хондем, равзаи омадани Лайло ба болини Алиакбар! Ҳатто ман дар Қум дар маҷлисе, ки ба номи Оятуллоҳ Буруҷердӣ ташкил шуда буд, албатта худи эшон набуданд, ҳамин равзаро шунидам, ки Алиакбар рафт ба майдон, ҳазрат ба Лайло фармуд: аз ҷаддам шунидам, ки дуои модар дар ҳаққи фарзанд мустаҷоб аст, бирав дар фалон хаймаи хилват, мӯҳоятро парешон кун ва дар ҳаққи фарзандат дуо кун, балки Худованд ин фарзандро солим ба мо баргардонад!

Аслан Лайлое дар Карбало набуда. Ба илова, ин мантиқ мантиқи Ҳусайн нест. Мантиқи Ҳусайн дар рӯзи Ошӯро мантиқи ҷонбозӣ аст. Дар бораи Алиакбар тамоми муаррихон навиштаанд, ки дар бораи ҳар кас, ки омад иҷоза хост, агар ба наҳве мешуд ҳазрат узре барояш зикр кунад зикр мекард илло барои Алиакбар:

فَاسْتَأْذَنَ أَباهُ فَأَذِنَ لَهُ

Яъне то иҷоза хост, гуфт: бирав.

Ҳоло чӣ шеърҳо (хонда мешавад:)

Хез эй бобо аз ин саҳро равем,

Нак ба сӯи хаймаи Лайло равем.

Матлабе алъон ёдам афтод, он хеле аҷиб буд. Чанд сол пеш дар ҳамин Теҳрон, дар манзили яке аз уламои бузурги ин шаҳр, яке аз аҳли минбар равзаи Лайло хонд. Як чизе ман онҷо шунидам, ки ба умрам нашунида будам. Гуфт, вақте, ки ҳазрати Лайло рафт дар он хайма ва мӯҳояшро парешон кард, баъд назр кард, ки агар Худо Алиакбарро солим ба ӯ баргардонд ва дар Карбало кушта нашавад, аз Карбало то Мадина райҳон бикорад! (300 фарсах роҳ аст.) Инро гуфт, якмартиба зад зери овоз:

نَذْرٌ عَلَيَّ لَإِنْ عادوا وَإِنْ رَجَعوا، لَأَزْرَعَنَّ طَرِيقَ الطَّفِّ رَيْحاناً

(“Ман назр кардам, ки агар инҳо баргарданд, роҳи Таффро райҳон бикорам.”) Ин бештар барои ман асбоби тааҷҷуб шуд, ки ин шеъри арабӣ аз куҷо пайдо шуд? Баъд рафтем дунболаш гаштем, дидем, ин Таффе, ки дар ин шеър омада Карбало нест, “Тафф” он

сарзамине буда, ки Лайло (маъшуқи) Маҷнуни Омирӣ, ҳамин ошиқи маъруф, дар он сарзамин сукунат мекарда ва ин шеър аз Маҷнун аст барои Лайлӣ ва ин одам ин шеърро барои Лайлои модари Алиакбар ва барои Карбало мехонд. Охир, агар як масеҳӣ ё як яҳудӣ ё як одами ломазҳаб дар онҷо бошад, ӯ, ки намефаҳмад, ки инҳоро ин бобо аз худаш ҷаъл карда; мегӯяд, таърихи инҳо чӣ музахрафоте дорад! Алаёзу биллоҳ! Инҳо занҳояшон шуъур надоштанд? “Назр мекунам аз Карбало то Мадина райҳон бикорам” яъне чӣ?!

Намунаи чаҳорум:

Аз ин болотар. Мегӯянд: дар ҳамон гармогарми рӯзи Ошӯро, ки медонем маҷоли намоз хондан ҳам набуд ва имом намози хавф хонд[7], имом фармуд, ҳиҷлаи арӯсӣ роҳ биандозед, ман мехоҳам арӯсии Қосимро бо яке аз духтарҳоям, лоақал шабеҳаш ҳам шуда, дар инҷо бибинам. (Ҳоло Қосим як баччаи сездаҳсола аст.) Чаро? Охир орзу дорам, орзуро, ки наметавонам ба гӯр бибарам.

Шуморо ба Худо, бибинед, як ҳарфе аст, ки агар ба зани деҳотӣ бигӯй, ба ӯ бармехӯрад. Гоҳе аз як афроди хеле сатҳи пойин (мешунавем, ки) ман орзу дорам арӯсии писарамро бибинам, арӯсии духтарамро бибинам. Ҳоло дар якчунин гармогарми задухӯрд, ки маҷоли намоз хондан нест, мегӯянд, ҳазрат фармуд, ки ман дар ҳамин ҷо мехоҳам духтарамро барои писари бародарам ақд кунам ва як шакли арӯсӣ ҳам шудааст дар инҷо роҳ биандозам. Яке аз чизҳое, ки аз таъзияхонҳои қадими мо ҳаргиз ҷудо намешуд, арӯсии Қосим буд, Қосими нӯкадхудо, яъне навдомод, Қосими навдомод; дар сурате, ки ин қазия дар ҳеч китобе аз китобҳои таърихии мӯътабар вуҷуд надорад.

Ин марди олим, Ҳоҷӣ Нурӣ, мегӯяд: аввал касе, ки ин (қазия)-ро дар китобаш навиштааст, мулло Ҳусайни Кошифӣ буда дар китобе ба номи “Равзатуш шуҳадо” ва асли қазия дурӯғ ва сад дар сад дурӯғ аст. Субҳоналлоҳ! Гуфт:

Бас ки бибастанд бар ӯ баргу соз,

Гар ту бибинӣ нашносияш боз.

Агар Сайидушшуҳадо алайҳис салом биёяд ва бибинад (ӯ дар олами маъно, ки мебинад, агар дар олами зоҳир ҳам биёяд бибинад), чӣ мебинад? Мебинад, мо барои ӯ асҳобу ёроне зикр кардаем, ки ӯ аслан якчунин асҳобу ёроне надоштааст. Масалан, дар китоби

---

[7] *Ҳатто ду нафар аз асҳоб омаданд худашонро барои имом сипар қарор доданд, ки имом битавонанд ин ду ракъат намози хавфро бихонанд. (Намози хавф яъне ҳамин намози фаризаро ба сурати қаср мехонанд.) Қатъан имом бо аҷала ҳам мехондаанд. То имом ин ду ракъат намозро хонданд, ин ду нафар дар асари тирҳои паёпай, ки меомад, аз по даромаданд. Маҷоле барои намоз хондан ба инҳо намедоданд*.

“Муҳриқ ул-қулуб” — ки иттифоқан нависандааш олим ва фақеҳи бузурге аст, вале дар ин мавзӯот иттилоъ надошта – навиштааст, яке аз асҳобе, ки дар рӯзи Ошӯро аз зери замин ҷӯшид Ҳошими Мирқол буд ва як найзаи ҳаҷдаҳ заръӣ ҳам дасташ буд. Охир як касе ҳам гуфта буд, Синон ибни Анас, ки ба қавли баъзе, сари Имом Ҳусайнро бурид, найзае дошт, ки шаст заръ буд. Гуфтанд, охир найзаи шаст заръӣ, ки намешавад! Гуфт, Худо аз биҳишт барояш фиристода буд! “Муҳриқ ул-қулуб” навиштааст, ки Ҳошим ибни Утбаи Мирқол бо найзаи ҳаҷдаҳ заръӣ пайдо шуд. Дар ҳоле, ки ин Ҳошим ибни Утба аз асҳоби ҳазрати Амир буда ва дар бист сол пеш кушта шуда буд. Барои Имом Ҳусайн ёроне зикр мекунем, ки надоштааст.

Чанд намунаи дигар:

Заъфар Ҷиннӣ ҷузъи ёрони Имом Ҳусайн аст; душманоне зикр мекунанд, ки (имом чунин ёре) надоштааст.

Дар китоби “Асроруш шаҳода” навиштааст, ки дар Карбало як миллиону шашсад ҳазор нафар лашкари Умари Саъд буд. Охир, инҳо аз куҷо пайдо шуданд? Инҳо ҳам ҳама аз Кӯфа буданд. Магар чунин чизе мешавад? Дар он китоб навиштааст, Имом Ҳусайн дар рӯзи Ошӯро сесад ҳазор нафарро бо дасти худаш кушт. Бо бомбае, ки рӯи Ҳирушимо андохтанд, тоза шаст ҳазор нафар кушта шуд. Ман чанд рӯз пеш ҳисоб кардам, ки агар фарз кунем, ки шамшер мураттаб биёяд ва дар ҳар сония як нафар кушта шавад, сесад ҳазор нафар, ҳаштоду се соату бист дақиқа вақт мехоҳад. Диданд, ки ҷур дарнамеояд, чӣ бикунанд? Гуфтанд, рӯзи Ошӯро ҳам ҳафтод соат буд. (Ҳамчунин навиштааст) ҳазрати Абулфазл бисту панҷ ҳазор нафарро кушт. Ҳисоб кардам, шаш соату панҷоҳу чанд дақиқа ва чанд сония вақт мехоҳад агар дар ҳар сония як нафар кушта шуда бошад.

Пас бовар кунем ҳарфи ин марди бузург Ҳоҷӣ Нуриро, ки мегӯяд: имрӯз агар касе бихоҳад бигиряд, агар касе бихоҳад зикри мусибат кунад, бар масоиби ҷадидаи Абӯабдуллоҳ бояд бигиряд, бар ин дурӯғҳое, ки ба Абӯабдуллоҳ алайҳис салом нисбат дода мешавад. Инҳо, ки арз мекунам, намунаҳои кучаке аст.

Арбаъин мерасад, ҳамаи мардум ин равзаро гӯш мекунанд, ки асирон аз Шом, ки бармегаштанд, омаданд ба Карбало ва дар онҷо бо Ҷобир мулоқот карданд, Имом Зайнулобидин бо Ҷобир мулоқот кард, дар сурате, ки ин матлаб ҷуз дар китоби “Луҳуф”, ки он ҳам худи Сайид ибни Товус дар китобҳои дигараш онро такзиб карда ва лоақал таъйид накардааст, дар ҳеч китобе нест ва ҳеч далели ақлӣ ҳам қабул намекунад. Вале магар мешавад инро аз мардум гирифт.

Дар арбаъин танҳо мавзӯе, ки матраҳ аст, мавзӯи зиёрати Имом Ҳусайн аст, чун аввалин зоираш Ҷобир будааст ва дар ин рӯз зиёрати Имом Ҳусайн суннат шудааст. Арбаъин ҷуз мавзӯи зиёрати Имом Ҳусайн ҳеч чизи дигаре надорад, мавзӯи таҷдиди азои аҳли байт нест, мавзӯи омадани аҳли байт ба Карбало нест, аслан роҳи Шом аз Карбало нест, роҳи Шом ба Мадина аз худи Шом ҷудо мешавад. Боз ҳам агар бихоҳам намуна зикр кунам, ҳанӯз намунаҳое дорад. Агар ҷаласаи баъд вақт кардам, боз аз ин намунаҳо арз мекунам; агар дидам маҷоле нест, мепардозам ба таҳрифҳои маънавӣ, дигар таҳрифҳои лафзиро кӯтоҳ мекунам.

Ғинои ҳодисаи Карбало аз назари нақлҳои мӯътабар

Он чизе, ки бештар дили инсонро ба дард меоварад ин аст, ки иттифоқан дар миёни вақоеи таърихӣ камтар воқеае аст, ки аз назари нақлҳои мӯътабар ба андозаи ҳодисаи Карбало ғанӣ бошад.

Ман дар собиқ хаёл мекардам, ки асосан иллати ин ки ин ҳама дурӯғ инҷо пайдо шудааст ин буда, ки вақоеи ростинро касе намедонад чӣ будааст? Баъд ки мутолеа кардам, дидам иттифоқан ҳеч қазияе дар таърих — дар таърихҳои дурдасти марбут ба масалан сездаҳ ё чаҳордаҳ қарн пеш — ба андозаи ҳодисаи Карбало таърихи мӯътабар надорад. Мӯътабартарини муаррихони исломӣ аз ҳамон қарни аввал ва дуввум қазоёро бо санадҳои мӯътабар нақл карданд ва ин нақлҳо бо якдигар интибоқ дорад ва ба ҳам наздик аст. Ва қазоёе дар кор будааст, ки сабаб шудааст ҷузъиёти ин таърих бимонад. Яке аз чизҳое, ки сабаб шуда, ки матни ин ҳодиса маҳфуз бимонад ва ҳадафаш шинохта бишавад ин аст, ки дар ин ҳодиса хутба зиёд хонда шудааст.

Хутба дар он асрҳо ҳукми эъломияро дар ин аср дошт. Ҳамин тавре, ки дар ин аср дар вақоеъ, махсусан дар ҷангҳо, эъломияҳои расмӣ беҳтарин чиз аст барои ин ки матни таърихро нишон бидиҳад, дар он замон ҳам хутба чунин будааст. Хутба зиёд аст, чӣ қабл аз ҳодисаи Карбало, чӣ дар хилоли ҳодисаи Карбало ва чӣ хутбаҳое, ки баъд аҳли байт дар Кӯфа, дар Шом ва дар ҷоҳои дигар эрод карданд ва аслан ҳадафи онҳо аз ин хутбаҳо ин буд, ки мехостанд ба мардум эълом кунанд, ки чӣ гузашт ва қазоё чӣ буд ва ҳадаф чӣ буд? Ин яке аз манобеъ. Яъне худаш ангезае будааст, ки қазоё нақл шавад.

Дар қазияи Карбало суолу ҷавоб зиёд шудааст. Ҳаминҳо дар матни таърих сабт аст, ки моҳияти қазияро ба мо нишон медиҳад. Дар худи Карбало рақаз зиёд хонда шудааст, махсусан шахси Абӯабдиллоҳ. Моҳияти қазияро ҳамон рақазҳо метавонад нишон бидиҳад. Дар қазияи Карбало, дар қабл ва баъд аз қазия, номаҳои зиёде мубодила шудааст; номаҳое, ки миёни имом ва аҳли Кӯфа мубодила шудааст, номаҳое, ки миёни

имом ва аҳли Басра мубодила шудааст, номаҳое, ки худи имом қаблан барои Муовия навиштааст, ки аз онҷо маълум мешавад, ки имом худашро барои қиём баъд аз Муовия омода мекардааст. Номаҳое, ки худи душманон барои якдигар навиштаанд, Язид барои Ибни Зиёд, Ибни Зиёд барои Язид, Ибни Зиёд барои Умари Саъд, Умари Саъд барои Ибни Зиёд. Матни инҳо дар таърихи ислом мазбут аст.

Қазоёи Карбало қазоёи равшане аст ва саросари ин қазоё ҳам ифтихоромез аст, вале мо омадаем чеҳраи ин ҳодисаи тобноки таърихиро то ин миқдор зишт кардаем. Бузургтарин хиёнатҳоро мо ба Имом Ҳусайн алайҳис салом кардаем. Агар Имом Ҳусайн алайҳис салом дар олами зоҳир ҳам биёяд, бибинад, ба мо чӣ мегӯяд? Мегӯяд: он ки дар онҷо буд, ки ин нест? Шумо, ки ба куллӣ қиёфаро тағйир дода ва иваз кардаед, он Имом Ҳусайне, ки шумо дар хаёли худатон расм кардаед, ки ман нестам! Он Қосим ибни Ҳасане, ки шумо дар хаёли худатон расм кардаед, ки он бародарзодаи ман нест! Он Алиакбаре, ки шумо дар мухайялаи худатон дуруст кардаед, ки ҷавони бомаърифати ман нест! Он ёроне, ки шумо дуруст кардаед, ки онҳо нестанд, пас шумо чӣ мегӯед?! Мо омадаем Қосими дуруст кардаем, ки орзуяш фақат домодӣ буда, орзуи амуяш ҳам домодии ӯ будааст. Инро шумо муқоиса кунед бо Қосиме, ки дар таърих будааст.

Таърихҳои мӯътабар ин қазияро нақл кардаанд, ки дар шаби Ошӯро Имом алайҳис салом асҳоби худашро дар хаймае

عِنْدَ قِرَبِ الْماءِ

(дар назидикии об) ҷамъ кард. Маълум мешавад хаймае будааст, ки онро ба машкҳои об ихтисос дода буданд ва аз ҳамон рӯзҳои аввал обҳоро дар он хайма ҷамъ мекарданд. Имом асҳоби худашро дар он хайма ё наздики он хайма ҷамъ кард. Он хитобаи бисёр маъруфи шаби Ошӯроро дар онҷо имом илқо кард, ки ҳоло намехоҳам он хитобаро барои шумо ба тафсил нақл кунам. Хулоса, ба онҳо мегӯяд, шумо озодед (охирин итмоми ҳуҷҷат ба онҳо). Имом намехоҳад касе рӯдарбоистӣ дошта бошад, касе худашро маҷбур бибинад, ҳатто касе хаёл кунад ба ҳукми байъат лозим аст бимонад. Хайр. Ҳамаатонро озод кардам, ҳамаи ёронам, ҳамаи хонадонам, ҳатто бародаронам, фарзандонам, бародарзодгонам. Инҳо ҳам ҷуз ба шахси ман ба касе коре надоранд; имшаб шаби торике аст; агар мехоҳед, аз ин торикӣ истифода кунед, биравед ва онҳо ҳам қатъан ба шумо коре надоранд.

Аввал аз онҳо таҷлил мекунад: мунтаҳои ризоятро аз шумо дорам, асҳобе аз асҳоби худам беҳтар суроғ надорам, аҳли байте аз аҳли байти худам беҳтар суроғ надорам. Дар айни ҳол ин матолибро ҳам ҳазрат ба онҳо мефармояд.

Ҳамаашон ба таври дастаҷамъӣ мегӯянд: магар чунин чизе мумкин аст?! Ҷавоб пайғамбарро чӣ бидиҳем? Вафо куҷо рафт? Инсоният куҷо рафт? Муҳаббат ва отифа куҷо рафт? Он суханони пуршӯре, ки онҷо гуфтанд, ки воқеан инсонро ба ҳаяҷон меовард. Яке мегӯяд, магар як ҷон ҳам арзиши ин ҳарфҳоро дорад, ки касе бихоҳад фидои мисли туе кунад?! Эй кош ҳафтод бор зинда мешудам ва ҳафтод бор худамро фидои ту мекардам! Он яке мегӯяд, ҳазор бор. Яке мегӯяд: эй кош имкон дошт биравам ва ҷонамро фидои ту кунам, баъд ин баданамро оташ бизананд, хокистар кунанд, хокистарашро ба бод бидиҳанд, боз думартиба маро зинда кунанд, боз ҳам ва боз ҳам.

Аввал касе, ки ба сухан даромад, бародараш Абулфазл буд ва баъд ҳамаи банӣ Ҳошим. Ҳамин ки инҳо ин суханонро гуфтанд, он вақт имом матлабро иваз кард, аз ҳақоиқи фардо қазоёе гуфт, фармуд: пас бидонед, ки қазоёи фардо чӣ гуна аст. Он вақт ба онҳо хабари кушта шуданро дод. Дуруст мисли як муждаи бузург талаққӣ карданд. Он вақт ҳамин навҷавоне, ки мо ин қадр ба ӯ зулм мекунем, орзуи ӯро домодӣ медонем, таърих мегӯяд, худаш гуфта орзуи ман чист. Як баччаи сездаҳсола маълум аст дар ҷамъи мардон ширкат намекунад, пушти сари мардон менишинад. Мисли ин ки пушти сар нишаста буд ва мураттаб сар мекашид, ки дигарон чӣ мегӯянд! Вақте, ки имом фармуд ҳамаи шумо кушта мешавед, ин тифл бо худаш фикр кард, ки оё шомили ман ҳам хоҳад шуд ё на? Бо худ гуфт, охир ман баччаам, шояд мақсуди оқо ин аст, ки бузургон кушта мешаванд, ман ҳанӯз сағирам. Як вақт рӯ кард ба оқо ва арз кард:

وَأَنَا فِي مَنْ يُقْتَلُ

Оё ман ҷузъи кушташудагон ҳастам ё нестам? Ҳоло бибинед, орзуяш чист? Оқо ҷавобашро надод, фармуд: аввал ман аз ту як суол мекунам, ҷавоби маро бидеҳ, баъд ман ҷавоби туро медиҳам. Шояд (ман ин тавр фикр мекунам) оқо махсусан ин суолро кард ва ин ҷавобро шунид, хост ин суолу ҷавоб пеш биёяд, ки мардуми оянда фикр накунанд ин навҷавон надониста ва нафаҳмида худашро ба куштан дод, дигар мардуми оянда нагӯянд ин навҷавон дар орзуи домодӣ буд, дигар барояш ҳиҷла дуруст накунанд, ҷиноят накунанд.

Оқо фармуд, ки аввал ман суол мекунам. Арз кард: бифармоед. Фармуд:

كَيْفَ الْمَوْتُ عِنْدَكَ

Писаркам! Фарзанди бародарам! Аввал бигӯ, мурдан, кушта шудан дар зоиқаи ту чӣ таъме дорад? Фавран гуфт:

أَحْلى مِن الْعَسَلِ

Аз асал ширинтар аст; ман дар рикоби ту кушта бишавам, ҷонамро фидои ту кунам? Агар аз зоиқа мепурсӣ (чун ҳазрат аз зоиқа пурсид) аз асал дар ин зоиқа ширинтар аст, яъне барои ман орзуе ширинтар аз ин орзу вуҷуд надорад. Бибинед, чӣ қадр манзара такондиҳандааст!

Инҳост, ки ин ҳодисаро як ҳодисаи бузурги таърихӣ кардааст, ки то зиндаем, мо бояд ин ҳодисаро зинда нигаҳ бидорем, чун дигар на Ҳусайне пайдо хоҳад шуд, на Қосим ибни Ҳасане. Ин аст, ки ин миқдор арзиш медиҳад, ки баъд аз чаҳордаҳ қарн агар якчунин ҳусайнияе[8] ба номашон бисозем, коре накардаем, вагарна он ки орзуи домодӣ дорад, ки ҳамаи баччаҳо орзуи домодӣ доранд, дигар ин ҳарфҳоро намехоҳад, вақт сарф кардан намехоҳад, пул сарф кардан намехоҳад, барояш ҳусайния сохтан намехоҳад, суханронӣ намехоҳад. Вале инҳо ҷавҳараи инсониятанд, мисдоқи

إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً

(*Сураи Бақара, ояти 30*) ҳастанд, инҳо болотар аз фариштa ҳастанд. Фармуд: бале фарзанди бародарам, пас ҷавобатро бидиҳам, кушта мешавӣ

بَعْدَ أَنْ تَبْلَو بِبَلاءٍ عَظِيمٍ

Аммо ҷон додани ту бо дигарон хеле мутафовит аст, як гирифтории бисёр шадиде пайдо мекунӣ. (Чун маҷлис омода шуд, ин зикри мусибатро арз мекунам.) Ин оқозода аслан бок надорад. Рӯзи Ошӯрост. Ҳоло пас аз он ки бо чӣ исроре ба майдон меравад, бачча аст, зирехе, ки мутаносиб бо андоми ӯ бошад вуҷуд надорад, аслиҳа ва чакмаи муносиб бо андоми ӯ вуҷуд надорад. Аз ин рӯ навиштаанд, ҳамин тавр рафт, аммомае ба сар гузошта буд

كَأَنَّهُ فَلْقَةُ قَمَرٍ

Ҳамин қадр навиштаанд, ба қадре ин бачча зебо буд мисли як пораи моҳ. Ин ҷумлае аст, ки душман дар бораи ӯ гуфтааст. Гуфт:

Бар фараси тундрав ҳар ки туро дид гуфт,

Барги гули сурхро бод куҷо мебарад?

Ровӣ гуфт, нигоҳ кардам, дидам, ки банди яке аз кафшҳояш боз аст, ёдам намеравад, ки пойи чапаш ҳам буд…

Ҳоло он руҳ ва он маънавият чӣ шуҷоате ба ӯ дод ба ҷойи худ, навиштаанд, ки имом (канори) дари хайма истода буд. Лаҷоми аспаш ба дасташ буд, маълум буд мунтазир аст.

[8] *Ҳусайнияи Иршод*.

Якмартиба фарёде шунид. Навиштаанд, мисли як бози шикорӣ — ки касе нафаҳмид ба чӣ суръат имом парид рӯи асп — ҳамла кард. Медонед он фарёд чӣ буд? Фарёди “ё аммоҳ!” Амуҷон! Амуҷон! Вақте оқо рафт ба болини ин навҷавон, дар ҳудуди 200 нафар даври ӯро гирифта буданд. Имом, ки ҳаракат кард ва ҳамла кард, онҳо фирор карданд. Яке аз душманон аз асп пойин омада буд, то сари ҷаноби Қосимро аз бадан ҷудо кунад, худи ӯ дар зери пойи аспи руфақои худаш поймол шуд. Он касе, ки мегӯянд дар Ошӯро дар зери сумми аспҳо поймол шуд дар ҳоле, ки зинда буд, яке аз душманон буд, на ҳазрати Қосим.

Ҳазрат худашонро расонданд ба болини Қосим, вале дар вақте, ки гарду ғубор зиёд буд ва касе намефаҳмид қазия аз чӣ қарор аст. Вақте, ки ин гарду ғуборҳо нишаст, як вақт диданд, ки оқо ба болини Қосим нишастааст, сари Қосимро ба доман гирифтааст. Ин ҷумларо аз оқо шуниданд, ки фармуд:

يَعِزُّ عَلى عَمِّكَ أَنْ تَدْعوهُ فَلا يُجيبُكَ أَوْ يُجيبُكَ فَلا يَنْفَعُكَ

Яъне бародарзода! Хеле бар амуи ту сахт аст, ки ту бихонӣ, натавонад туро иҷобат кунад, ё иҷобат кунад ва биёяд аммо натавонад барои ту коре анҷом бидиҳад. Дар ҳамин ҳол буд, ки як вақт фарёде аз ин навҷавон баланд шуд ва ҷон ба Ҷонофарин таслим кард.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العلي العظيم

وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين، باسمك العظيم الأعظم الأعز الأجل الأكرم يا الله

Худоё! Оқибати амри ҳамаи моро хатми ба хайр бифармо!

Моро ба ҳақоиқи ислом ошно кун!

Ин ҷаҳлҳо ва нодониҳоро ба карам ва лутфи худат аз мо дур бигардон!

Тавфиқи амал ва хулуси ният ба ҳамаи мо иноят бифармо!

Ҳоҷоти машрӯъаи моро баровар!

Амвоти ҳамаи мо бибахш ва биёмурз!

رحم الله من قرء الفاتحة مع الصلوات

Омилҳои таҳриф

(Гуфтем, дар воқеаи таърихии Карбало таҳрифоте сурат) гирифтааст, чӣ аз навъи лафзӣ ва чӣ аз навъи таҳрифи маънавӣ ва ҳамин таҳрифҳо сабаб шудааст, ки ин санади бузурги таърихӣ ва ин манбаи бузурги тарбиятӣ барои мо беасар ва ё камасар бишавад ва аҳёнан дар мавоқеъе асари маъкус бибахшад. Умуми мо ин вазифаро дорем, ки ин санади муқаддасро аз ин таҳрифҳо, ки онро олуда кардааст, поку муназзаҳ кунем. Ваъда додам, ки имшаб дар бораи омилҳои таҳриф баҳс кунам ва дар фардошаб, иншоаллоҳ, баҳси мо дар атрофи таҳрифҳои маънавии ин ҳодиса хоҳад буд.

1. Ағрози душманон:

Омилҳои таҳриф бар ду қисм аст. Як навъ аз омилҳост, ки омилҳои умумӣ аст, яъне ба таври куллӣ дар таърихҳои дунё ин омилҳо вуҷуд дорад ва таърихҳоро дучори таҳриф мекунад, ихтисос ба ҳодисаи Ошӯро надорад. Масалан, ҳамеша ағрози душманон худ як омиле аст барои ин ки ҳодисаеро дучори таҳриф кунад. Душман барои ин ки ба ҳадаф ва ғарази худаш бирасад, тағйиру табдилҳое дар матни таърих медиҳад ва ё тавҷеҳу тафсирҳои норавое аз таърих мекунад, ки ин матлаб намунаҳои зиёде дорад ва ман намехоҳам аз намунаҳои он баҳсе карда бошам. Ҳамин қадр арз мекунам, ки дар ҳодисаи Карбало ҳам ин навъ аз омил дахолат дошт, яъне душманон дар садади таҳрифи наҳзати ҳусайнӣ баромаданд. Ҳамон тавре, ки дар дунё маъмул аст, ки душманон наҳзатҳои муқаддасро ба ифсоду ихлолу тафриқи калимаву эҷоди ихтилофу амсоли инҳо муттаҳам мекунанд, ҳукумат умавӣ хеле кӯшиш кард барои ин ки чунин ранге ба наҳзати ҳусайнӣ бидиҳад.

Аз ҳамон рӯзи аввал чунин таблиғоте шурӯъ шуд. Муслим (фиристодаи Имом Ҳусайн), ки ба Кӯфа омада буд, Язид зимни иблоғе, ки барои Ибни Зиёд барои ҳукумати Кӯфа содир мекунад, ин гуна менависад:

"*Муслим писари Ақил ба Кӯфа омадааст ва ҳадафаш ихлолу ифсоду эҷоди ихтилоф дар миёни мусалмонон аст, пас бирав ва ӯро саркӯб кун*."

Вақте ҳам, ки Муслим гирифтор мешавад ва ӯро ба доруламораи Ибни Зиёд мебаранд, Ибни Зиёд ҳамин ҷумлаҳоро ба Муслим мегӯяд:

"*Писари Ақил! Туро чӣ шуд, ки ба ин шаҳр омадӣ? Мардум вазъи ором ва мутмаинне доштанд. Омадӣ дар ин шаҳр ошӯб кардӣ, эҷоди ихтилоф кардӣ, фитнаангезӣ кардӣ.*"

Муслим ҳам мардона ҷавоб дод, гуфт: аввалан, омадани мо ба ин шаҳр ибтидоӣ набуд. Мардуми ин шаҳр аз мо даъват карданд, номаҳои фаровон навиштанд, номаҳояшон ҳаст ва дар он номаҳо навиштанд, ки падари ту Зиёд дар солҳое, ки дар инҷо ҳукумат

кардааст, некони ин мардумро куштааст, бадонро бар некон мусаллат кардааст, анвоъи зулмҳо ва ситамҳо ба мардум кардааст; аз мо даъват кардаанд барои ин ки адолатро барқарор кунем, мо барои барқарории адолат омадаем; аз пеши худамон ҳам наомадаем, мардум ҳам моро барои ин манзур хостаанд.

Баъд ҳам ҳукумати умавӣ барои ин ки (дар ин воқеа) таҳрифи маънавӣ карда бошад, аз ин ҷур қазоё зиёд гуфт, вале ба истилоҳ нагирифт, яъне таърихи ислом таҳти таъсири ин таҳриф воқеъ нашуд. Шумо як нафар муаррих ва як нафар соҳибназарро дар дунё пайдо намекунед, ки ин гуна изҳори назар карда ва гуфта бошад Ҳусайн ибни Алӣ, Алаёзу биллоҳ!, қиёми нобаҷое кард, омад, то калимаи мардумро тафриқ кунад, иттиҳодро аз миён бибарад. Хайр. Ин таҳриф асар накард, ки накард.

Пас душман натавонист дар ҳодисаи Карбало таҳрифе эҷод кунад. Дар ҳодисаи Карбало бо камоли таассуф ҳар чи таҳриф шудааст, аз ноҳияи дӯстон аст.

2. Тамоюли башар ба устурасозӣ:

Омили дуввум, тамоюли башар аст ба устурасозӣ ва афсонасозӣ. Ин ҳам боз дар тамоми таърихҳои дунё вуҷуд дорад. Дар башар як ҳисси қаҳрамонпарастӣ ҳаст, як ҳиссе ҳаст, ки дар бораи қаҳрамонҳои миллӣ ва қаҳрамонҳои динӣ афсона месозад. (Дар шабҳои Иди Ғадир, ки оқои дуктур Шариатӣ сӯҳбат мекарданд, як баҳси бисёр олӣ роҷеъ ба ин ҳиссе, ки дар ҳамаи афроди башар барои устурасозӣ ва афсонасозӣ ва қаҳрамонсозӣ ва қаҳрамонпарастӣ — он ҳам ба як шакли хориқулъода ва фавқулъодае — ҳаст, эрод карданд.) Беҳтарин далелаш ин аст, ки мардум барои нобиғаҳое мисли Бӯалӣ Сино ва Шайх Баҳоӣ чӣ қадр афсона ҷаъл карданд!

Бӯалӣ Сино бидуни шак нобиға будааст, қувваҳои ҷисмӣ ва қувваҳои руҳияш як ҷанбаи фавқулъодагӣ доштааст. Вале ҳаминҳо сабаб шудааст, ки мардум барои Бӯалӣ Сино афсонаҳое бисозанд, масалан бигӯянд, Бӯалӣ Сино дар бораи марде, ки аз фосилаи як фарсахӣ меомад, гуфт, ин марде, ки меояд, дорад нони чарб мехӯрад. Гуфтанд, ту аз куҷо фаҳмидӣ, ки ӯ нон мехӯрад ва аз куҷо фаҳмидӣ, ки нонаш ҳам чарб аст? Аз як фарсахӣ чӣ гуна дидӣ? Мегӯянд, бале, нури чашмаш он қадр коргар буд, ки гуфт, ман пашшаҳоеро дидам, ки даври ин нон мегарданд, фаҳмидам, ки нонаш чарб аст, ки пашша даври он парвоз мекунад. Маълум аст, ки ин достон афсона аст. Одаме, ки пашшаро аз фосилаи як фарсахӣ бибинад, чарбии нонро зудтар аз худи он пашшаҳо мебинад. Ё масалан (гуфтаанд, Бӯалӣ Сино) дар муддате, ки дар Исфаҳон таҳсил мекард, гуфт, ман нимаҳои шаб, ки барои мутолеа ҳаракат мекунам, садои чаккуши мисгарҳои Кошон намегузорад, ки ман мутолеа кунам. Рафтанд таҷриба карданд, як шаб дастур доданд, ки

мисгарҳои Кошон чаккуш назананд, он шабро гуфт ман ором мутолеа кардам. Маълум аст, ки инҳо афсона аст.

Барои Шайх Баҳоӣ мардум чӣ қадр афсонаҳо сохтаанд! Ихтисос ба ҳодисаи Ошӯро надорад. Вале ҳамон тавр, ки ҷаласаи пеш арз кардам, фарқ аст миёни афсонае, достоне, ҷаъле, таҳрифе, ки дар як ҳодисаи оддӣ бошад (ва таҳрифе, ки дар як ҳодисаи муҳимми таърихӣ бошад.) Ҳоло мардум дар бораи Бӯалӣ Сино ҳар чи мехоҳанд бигӯянд, бигӯянд, ба куҷо зарар мезанад? Ба ҳеч ҷо. Дар бораи Шайх Баҳоӣ ҳар чи мехоҳанд бигӯянд, бигӯянд, ба куҷо зарар мезанад? Ба ҳеч ҷо. Аммо афроде, ки шахсияти онҳо шахсияти пешвоӣ аст ва қавли онҳо, феълу амали онҳо, қиёму наҳзати онҳо санад ва ҳуҷҷат аст, дар инҳо набояд таҳрифе воқеъ бишавад; дар суханашон, дар шахсияташон, дар таърихчаашон.

Дар бораи амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом чӣ қадр афсона худи мо шиаён бофтаем! Дар ин ки Алӣ марди хориқулъодае аст, баҳсе нест. Масалан шуҷоати Алӣ. Дӯсту душман эътироф кардаанд, ки шуҷоати Алӣ як шуҷоати фавқи афроди оддӣ будааст. Алӣ бо ҳеч паҳлавоне набард накард, магар он ки он паҳлавонро кӯбид ва ба замин зад. Ин чизе нест, ки дар он, ҷойи инкор бошад.

Фавқулъодагӣ дошта, вале дар ҳадди як башар фавқулъода, як башаре, ки дар майдони ҷанг ҳеч кас ҳарифаш набуд. Аммо магар афсонасозҳо ва устурасозҳо ба ҳамин миқдор қаноат карданд? Шумо бибинед, чӣ ҳарфҳо дар ҳамин заминаҳо гуфтанд! Масалан, Алӣ алайҳис салом дар ҷанги Хайбар бо Марҳаби Хайбарӣ рӯбарӯ шуд. Марҳаб чӣ қадр фавқулъодагӣ дошт! Бисёр хуб. Муаррихон ҳам навиштаанд, ки дар онҷо Алӣ алайҳис салом зарбаташро, ки фуруд овард, ин мардро дуним кард.

Ҳоло ман намедонам ин дуним, дуними комил буд ё масалан то синааш расид. Вале дар инҷо афсонаҳое аст, ки динро хароб мекунад. Гуфтаанд, ба Ҷабраил ваҳй шуд: Ҷабраил! Фавран ба замин бирав, бирав, ки он ғазабе, ки мо дар Алӣ мебинем, агар шамшераш фуруд биёяд, заминро дуним мекунад, ба гову моҳӣ хоҳад расид; бирав боли худатро дар зери шамшери Алӣ бигир, рафт ва гирифт. Алӣ алайҳис салом ҳам шамшераш чунон омад, ки Марҳаб ончунон дуним шуд, ки агар дар тарозуи миқдолӣ мегузоштанд, ин нимааш бо он нима баробар буд. Боли Ҷабраил, ки зери зини асп (қарор) гирифта буд, аз шамшери Алӣ осеб дид ва маҷрӯҳ шуд. То чиҳил шабонарӯз Ҷабраил натавонист ба осмон биравад, ки вақте ба осмон рафт, Худо аз ӯ суол кард: Ҷабраил! Ту ин чиҳил рӯз куҷо будӣ? Худоё! Дар замин будам, ту ба ман маъмурият дода будӣ. Чаро зуд барнагаштӣ? Шамшери Алӣ, ки фуруд омад, боли маро маҷрӯҳ кард, ман ин чиҳил рӯз машғули понсумони (бинт задани) боли худам будам!

Дигаре мегӯяд: шамшери Алӣ ончунон сареъ ва нарм омад, аз фарқи Марҳаб гузашт, то ба намади зини асп расид ва Алӣ шамшерашро берун кашид, ки худи Марҳаб ҳам нафаҳмид. Хаёл кард зарбат корӣ нашуд. Гуфт: Алӣ! Ҳамаи зӯри ту ҳамин буд? Ҳамаи паҳлавонии ту ҳамин буд? Гуфт: агар рост мегӯй, худатро такон бидеҳ. То Марҳаб худашро такон дод, як қисмат аз ин тараф афтод, як қисмат аз он тараф. Ин тавр афсонаҳо!

Ҳоҷӣ Нурӣ, ин марди бузург, дар китоби “Луълуъ ва марҷон” интиқод мекунад, мегӯяд: барои шуҷоати Абулфазл дар ҷанги Сиффин — ки асли ширкати ҳазрат ҳам маълум нест, агар ҳам ширкат карда як баччаи понздаҳсола будааст – навиштаанд, Абулфазли Аббос мардеро партоб кард ба ҳаво, яке дигарро партоб кард, яке дигарро, то ҳаштод нафар. Ҳаштодумиро, ки партоб кард, ҳанӯз аввалӣ ба замин наомада буд. Аввалӣ, ки омад ба замин, дунимаш кард, дуввумиро дуним кард, севвумиро ва… Аз ин афсонаҳо!

Дар ҳодисаи Карбало, як қисмат аз таҳрифоте, ки сурат гирифтааст, маълули ҳисси устурасозӣ аст. Муболиғаҳо ва иғроқҳое шудааст. Махсусан урупоиҳо мегӯянд, дар таърихи Машриқзамин (муболиға ва иғроқ) зиёд аст ва рост ҳам мегӯянд.

Мулло Оқои Дарбандӣ дар “Асроруш-шаҳода” навиштааст, адади лашкариёни Умари Саъд савораи онҳо шашсад ҳазор нафар буд, пиёдаи онҳо дубаробари он ва маҷмӯашон як миллиону шашсад ҳазор нафар буд, ҳама ҳам аҳли Кӯфа буданд. Охир Кӯфа магар чӣ қадр бузург буд? Кӯфа як шаҳри тозасозе буд. Ҳанӯз 35 сол бештар аз умри Кӯфа нагузашта буд, чун Кӯфаро дар замони Умар ибни Хаттоб сохтанд ва Кӯфа маркази сипоҳиёни ислом буд. Умар дастур дод ин шаҳрро дар инҷо бисозанд барои ин ки лашкариёни ислом дар наздикии Эрон як марказе дошта бошанд. Ҳамаи ҷамъияти Кӯфа маълум нест дар он вақт оё ба сад ҳазор нафар мерасида ё намерасидааст. Он вақт як миллиону шашсад ҳазор нафар сипоҳӣ дар он рӯз ҷамъ бишавад ва Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ҳам сесад ҳазор нафари онҳоро бикушад, ин бо ақл ҷур дарнамеояд. Ин (сухан) ин қазияро ба таври куллӣ аз арзиш меандозад; ҳарфи ҳамон одаме мешавад, ки мегӯянд дар бораи Ҳирот иғроқ ва муболиға мекард, мегуфт, Ҳирот як вақте хеле бузург буд. Гуфтанд, чӣ қадр бузург буд? Гуфт, дар як вақт дар они воҳид дар Ҳирот 21 ҳазор аҳмади якчашмии каллапаз вуҷуд дошт. Чӣ қадр мо бояд одам дошта бошем ва чӣ қадр Аҳмад дошта бошем ва чӣ қадр Аҳмади якчашм дошта бошем ва чӣ қадр Аҳмади якчашми каллапаз дошта бошем, ки 21 ҳазор Аҳмади якчашми каллапаз вуҷуд дошта бошад.

Ин ҳисси устурасозӣ хеле корҳо кардааст. Мо, ки набояд як санади муқаддасро дар ихтиёри афсонасозҳо қарор бидиҳем.

وَإِنَّ لَنا فی کُلِّ خَلَفٍ عُدولاً یَنْفونَ عَنّا تَحْریفَ الْغالینَ وَانْتِحالَ الْمُبْطِلینَ

Мо вазифа дорем инҳоро аз чанги ин афсонасозҳо берун биёварем.

Ҳоло барои Ҳирот ҳар ки ҳар чи мехоҳад бигӯяд. Аммо барои ҳодисаи Ошӯро; ҳодисае, ки мо дастур дорем ҳар сол онро ба сурати як мактаб зинда бидорем, оё саҳеҳ аст, ки дар ин достон ин ҳама афсона ворид бишавад?!

3. Омили хусусӣ:

Омили севвум, як омили хусусӣ аст. Ин ду омиле, ки арз кардам, яъне ғаразҳо ва адоватҳои душманон ва ҳисси устурасозӣ ва афсонасозӣ, дар тамоми таъриххо дунё вуҷуд дорад. Вале дар хусуси ҳодисаи Ошӯро як омили бахусусе ҳаст, ки ин омил сабаб шудааст, ки дар ин достони бахусус, ҷаъл воқеъ бишавад. Он омил чист?

Пешвоёни дин аз замони Пайғамбари Акрам ва замони имомони атҳор дастури акиду балиғ додаанд, ки бояд номи Ҳусайн ибни Алӣ зинда бимонад, бояд мусибати Ҳусайн ибни Алӣ ҳар сол таҷдид бишавад. Чаро? Баҳс дар ин “чаро” аст. Ин чӣ дастуре аст дар ислом? Чаро ин ҳама имомони дин ба ин мавзӯъ эҳтимом доштанд? Чаро барои зиёрати Ҳусайн ибни Алӣ ин ҳама эҳтимом ва тарғиб аст, ин ҳама ташвиқ аст? Мо бояд ба ин “чаро” диққат кунем.

Мумкин аст касе бигӯяд: “Ин барои он аст, ки тасаллии хотире барои ҳазрати Заҳро бошад.”

Оё ин ҳарф масхара нест, ки баъд аз ҳазору чаҳорсад сол, ҳанӯз ҳазрати Заҳро эҳтиёҷ ба тасалият дошта бошад? Дар сурате, ки ба насси худи Имом Ҳусайн ва ба ҳукми зарурати дин, баъд аз шаҳодати Имом Ҳусайн дигар Имом Ҳусайн ва ҳазрати Заҳро назди якдигар ҳастанд. Ин чӣ ҳарфе аст?! Магар ҳазрати Заҳро бачча аст, ки баъд аз ҳазору чаҳорсад сол ҳанӯз ҳам доиман ба сари худаш бизанад, гиря кунад, баъд мо биравем ба эшон сарсаломатӣ бидиҳем! Ин ҳарфҳо динро хароб мекунад. Ҳусайн мактаби амалӣ дар ислом таъсис кард. Ҳусайн алайҳис салом намунаи амалии қиёмҳои ислоҳӣ аст. Хостанд мактаби Ҳусайн зинда бимонад, хостанд Ҳусайн соле як бор бо он нидоҳои ширин ва олӣ ва ҳамосаангезаш зуҳур пайдо кунад, фарёд кунад:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا یُعْمَلُ بِهِ وَالْباطِلَ لا یُتَناهی عَنْهُ لِیَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ فی لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً

Хостанд

الْمَوْتُ أَوْلی مِنْ رُکوبِ الْعارِ

“Марг аз зиндагии нангин беҳтар аст!” барои ҳамеша зинда бимонад. Хостанд

لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَالْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

барои ҳамеша зинда бимонад. Зиндагӣ бо ситамкорон барои ман хастагиовар аст; марг дар назари ман ҷуз саодат чизе нест. Хостанд он ҷумлаҳои дигари Ҳусайн:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ مَخَطَّ الْقَلادَةِ عَلى جِيدِ الْفَتاةِ

зинда бимонад,

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

зинда бимонад. Марде, ки меояд онҷо дар муқобили як дарё (инсон), 30 нафар, меистад, он тавр мардона, дар ҳоле, ки дар ниҳояти шиддат гирифтор аст аз ноҳияи шахси худаш, аз ноҳияи хонадони худаш, марду мардвор — ки чунин марде дунё ба худаш надидааст — ва мегӯяд:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ قَدْ رَكَزَ بَيْنَ اثْنَتَيْنِ بَيْنَ السِّلَّةِ وَالذِّلَّةِ هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ يَأْبَى اللهُ ذلِكَ لَنا وَرَسولُهُ وَحُجورٌ طابَتْ وَطَهُرَتْ

хостанд инҳо зинда бимонад, мактаби Ҳусайн зинда бимонад, тарбияти ҳусайнӣ зинда бимонад, партаве аз руҳи ҳусайнӣ дар ин миллат битобад. Фалсафааш хеле равшан аст. Гуфтанд, нагузоред ин ҳодиса фаромӯш бишавад. Ҳаёт ва зиндагии шумо бастагӣ ба ин ҳодиса дорад, инсоният ва шарафи шумо бастагӣ ба ин ҳодиса дорад, исломро бо ин васила метавонед хуб зинда нигаҳ доред.

Пас тарғиб карданд ба ин ки маҷлиси азои ҳусайниро зинда нигаҳ доред. Рост аст.

Азодории Ҳусайн ибни Алӣ воқеан фалсафа дорад, воқеан фалсафаи саҳеҳ дорад, фалсафаи бисёр-бисёр олӣ ҳам дорад. Ҳар чи мо дар ин роҳ кӯшиш кунем, ба шарти ин ки ҳадафи ин корро ташхис бидиҳем бачост. Аммо мутаассифона иддае инро нашинохтанд, хаёл карданд, ки бидуни ин ки мардумро ба мактаби Ҳусайн алайҳис салом ошно кунем, ба фалсафаи қиёми ҳусайнӣ ошно кунем, ориф ба мақомоти ҳусайнӣ кунем, ҳамин қадр, ки мардуме омаданд ва нишастанд ва як гиряеро нафаҳмида ва надониста карданд, дигар каффораи гуноҳон аст!

Истифода аз василаи номуқаддас барои ҳадафи муқаддас

Аз ин (матлаби қаблӣ) як матлаби болотаре пайдо шуд, ки ин нуктаро боз марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ дар “Луълуъ ва марҷон” комилан зикр кардааст. Ва он ин аст, ки иддае омаданд гуфтанд, гиря бар Имом Ҳусайн савобаш он қадр зиёд аст, ки аз ҳар василае барои ин кор мешавад истифода кард. Як ҳарферо имрӯзиҳо даровардаанд — дар мактаби Макиавеллӣ ва амсоли ӯ — ки мегӯянд: ҳадаф василаро мубоҳ мекунад; ҳадафат хуб

бошад василаат ҳар чи шуд, шуд. Инҳо ҳам гуфтанд: мо инҷо як ҳадафи муқаддас ва муназзаҳ дорем ва он гиристан бар Имом Ҳусайн алайҳис салом аст.

Ҳоло ин гиристан рӯи чӣ фалсафае аст, коре ба он надоранд; бояд гирист. Бисёр хуб, бояд гирист. Ба чӣ васила бигирёнем? Ба ҳар васила, ки шуд. Ҳадаф, ки муқаддас аст, васила ҳар чи шуд, шуд. Агар як таъзияҳои иҳонатовар ҳам бисозем, дуруст аст ё дуруст нест? Гуфтанд: ашке ҷорӣ мешавад ё ҷорӣ намешавад? Ҳамин қадр, ки ашк ҷорӣ мешавад, ҳар коре кардед, кардед. Шайпур бизанем, табл бизанем, маъсияткорӣ кунем, ба бадани мард либоси зан бипӯшонем, арӯсии Қосим дуруст кунем, ҷаълу таҳриф кунем.

Гуфтанд: дар дастгоҳи Имом Ҳусайн ин ҳарфҳо монее надорад. Дастгоҳи Имом Ҳусайн алайҳис салом аз дастгоҳи дигарон ҷудост. Агар инҷо дурӯғ гуфтӣ, бахшида аст; ҷаъл кардӣ, бахшида аст; таҳриф кардӣ, бахшида аст; шабеҳсозӣ кардӣ, бахшида аст; ба тани мард либоси зан кардӣ, бахшида аст; ҳар гуноҳе, ки инҷо кардӣ, бахшида аст. Ҳадаф хеле муқаддас аст. Дар натиҷа як афроде дар ин қазия даст ба ҷаълу таҳриф задаанд, ки инсон тааҷҷуб мекунад.

Дар даҳ-понздаҳ сол пеш рафта будам Исфаҳон. Марди бузурге онҷо буд, марҳум оқо шайх Муҳаммадҳасани Наҷафободб (Аълаллоҳу мақомаҳу!) Ман тозагӣ дар ҷое як равзае шунида будам, ки то он вақт нашунида будам ва он равзахон — ки иттифоқан тарёкӣ ҳам буд — ин равзаро, ки хонд, ба қадре мардумро гирёнд, ки ҳадд надошт ва хеле ҳам аҷиб буд. Достони як пиразане (аст), ки дар замони Мутаввакил мехоҳад ба зиёрати Имом Ҳусайн алайҳис салом биравад ва он вақт дастҳо мебуриданду чунину чунон мекарданд. Ин зан борҳо меояд ва хулоса охираш расонд ба онҷо, ки ин занро бурданд дар дарё андохтанд, то ӯро ғарқ кунанд. Дар ҳамон ҳол ин зан фарёд кард: ё Абалфазли Аббос! Анқариб, ки дошт ғарқ мешуд, саворе омад дар ҳамон дарё ва гуфт, ки рикоби аспи маро бигир. Рикобашро гирифт. Пиразан гуфт, ту чаро дастатро дароз намекунӣ? Гуфт, охир ман даст дар бадан надорам. Хеле муфассал гуфт ва хеле ҳам гиря гирифт.

Ман инро барои марҳум оқо шайх Муҳаммадҳасани Наҷафободӣ нақл кардам. Эшон гуфт, ки биё таърихчаи ин (достон)-ро ман ба ту бигӯям, ки аз куҷост. Гуфт, як рӯзе дар Исфаҳон дар ҳудуди бозор ва мадрасаи “Садр” маҷлиси равзае буд, ки бузургтарин маҷолиси Исфаҳон буд, ҳатто марҳум Ҳоҷӣ мулло Исмоили Хоҷуӣ, ки аз уламои бузурги Исфаҳон буд, дар онҷо ширкат мекард. (Ин қисса қабл аз замони эшон буда, эшон ҳам аз ашхоси мӯътабаре нақл карданд.) Воизеро исм бурд, аз маъориф ҳам буд, гуфта буд, ки ман дар он ҷаласа будам ва қарор буд охирӣ бошам. Минбариҳо, ки меомаданд,

ҳунари худашонро барои гирёндани мардум эъмол мекарданд. Ҳар кас, ки меомад, рӯи дасти дигаре мезад ва баъд ҳам, ки аз минбар пойин меомад, менишаст, мехост ҳунари шахси баъд аз худашро бибинад. То зуҳр тӯл кашид. Ман дидам ҳар касе ҳар ҳунаре дошт ба кор бурд, ашки мардумро гирифтанд, фикр кардам ман чӣ бикунам? Ҳамон ҷо нишастам ва ин қиссаро ҷаъл кардам. Рафтам гуфтам. Карбало кардам… Асри ҳамон рӯз вақте, ки рафтам, дар “Чаҳорсуқ” маҷлиси равза дидам, он ки қабл аз ман аст, ҳамин достонро дорад болои минбар мегӯяд, ҳамин ки ман пеш аз зуҳр ҷаъл кардам. Тӯле накашид, ки дар китобҳо ҳам навиштанд ва чоп карданд.

Ин мавзӯъ, ки дастгоҳи ҳусайнӣ як дастгоҳи ҷудое аст ва аз ҳар василае барои гирёндан мешавад истифода кард, ин хаёл, ин таваҳҳуми дурӯғ ва ғалат, як омили бузурге шуд барои ҷаълу таҳриф. Марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ, ки ин мавзӯъро дар китоби худашон тарҳ кардаанд, ин мард бузургвор, устоди марҳум Ҳоҷӣ Шайх Аббоси Қумӣ — ки ҳатто бар Ҳоҷӣ Шайх Аббос тарҷеҳ дошта ба эътирофи худи Ҳоҷӣ Шайх Аббос ва дигарон ва марди фавқулъода мутабаҳҳир ва ботақвое аст — ин марди бузург мегӯяд: агар ин ҳарф дуруст бошад, ки ҳадаф василаро мубоҳ мекунад, пас дигар асосан чизе дар дунё боқӣ наmemонад; ман ин ҷур мегӯям: яке аз ҳадафҳои исломӣ идхоли сурур дар қалби мӯъмин аст, яъне инсон коре бикунад, ки як мӯъмине хушҳол бишавад. Ин ҳаст ё на? Мегӯем: бале. Мегӯем, ҳадаф василаро мубоҳ мекунад; ман барои ин ки фалон мӯъмин хушҳол бишавад, дар ҳузураш ғайбат мекунам, чун аз ғайбат хеле хушаш меояд. Ба ман мегӯянд: дорӣ гуноҳ муртакиб мешавӣ! Мегӯям: хайр, ҳадафи ман муқаддас аст. Ман, ки ғайбат мекунам, мехоҳам, ки ӯро саргарм карда бошам, мехоҳам хушҳолаш карда бошам.

Болотар (ин мисолро ҳам марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ зикр мекунад) як касе як зани бегонаро мегирад ва мебӯсад. Мегӯем, ҳаром аст, чаро ин корро мекунӣ? Мегӯяд: на, ман бо ин кор ин хонумро хушҳол кардам. Идхоли сурур дар қалби мӯъмин мустаҳаб аст. Дигар ба зино ҳам мешавад гуфт, ба шароб ҳам мешавад гуфт, ба ливот ҳам мешавад гуфт. Мегӯяд ин чӣ ғавғое аст?!

Ин чӣ ҳарфи шариатхаробкуне аст, ки аз ҳар василае ҷоиз аст барои гирёндан бар Имом Ҳусайн истифода кард? Ба Худо қасам, бар хилофи гуфтаи Имом Ҳусайн аст. Имом Ҳусайн алайҳис салом шаҳид шуд, ки ислом боло биравад:

وَأَشْهَدُ أَنَّكَ قَدْ أَقَمْتَ الصَّلاةَ وآتَيْتَ الزَّكاةَ وَأَمَرْتَ بِالْمَعْروفِ وَنَهَيْتَ عَنِ المُنْكَرِ وَجاهَدْتَ فِي اللهِ حَقَّ جِهادِهِ

(*“Ва гувоҳӣ медиҳам, ки ту намоз барпо доштӣ ва закот пардохт кардӣ, ба некиҳо дастур ва аз бадиҳо боздоштӣ ва дар роҳи Худо баҳақ кӯшиш ва ҷиҳод кардӣ” (Бахше*

аз ҷумлаҳои зиёратномаи Имом Ҳусайн (а), ки мустаҳаб аст дар шабҳои Иди Фитр ва Қурбон хонда шавад. "Мафотеҳ"))

Имом Ҳусайн кушта шуд, ки сунан ва муқаррарот ва қонунҳои исломӣ зинда шавад, на ин ки баҳонае шавад, ки по рӯи сунани исломӣ бигузоранд. Мо Имом Ҳусайнро ба сурати — Алаёзу биллоҳ! — исломхаробкун даровардаем. Имом Ҳусайне, ки мо дар хаёли худамон дуруст кардаем, исломхаробкун аст.

Ҳоҷӣ Нурӣ дар китобаш навиштааст, яке аз уламои Наҷаф, ки аҳли Язд буд, барои ман нақл кард, гуфт: ман дар ҷавонӣ як сафари пиёда ва аз роҳи кавир ба Хуросон мерафтам. (Шояд Муҳаррам будааст.) Дар яке аз деҳоте ҳудуди Нишопур ва (шаҳри) Турбат масҷиде буд, ман чун ҷойе надоштам, ба масҷид рафтам. Як марде омад онҷо пешнамозӣ кард, мардум ҳам намоз хонданд. Баъд, рафт минбар барои мардум сӯҳбат кунад. Як вақт ман бо камоли тааҷҷуб дидам, ки фарроши масҷид як доман санг овард болои минбар, таҳвили ин оқо дод. Ҳайрат кардам, ки барои чист? То расид ба равза ва гурез. Дастур дод, чароғҳоро хомӯш карданд. Чароғҳоро, ки хомӯш карданд, дидам шурӯъ кард ба санг парронданба мустамеъин. Фарёди ох сарам, ох дастам, ох синаам баланд шуд, ғавғо шуд. Баъд, чароғҳоро равшан карданд. Дидам, сарҳо маҷрӯҳ шуда ва бод карда ва мардум дар ҳоле, ки ашкашон мерезад, берун мераванд. Рафтам суроғи ӯ ва гуфтам, оқо ин чӣ коре буд кардӣ?! Гуфт, ман имтиҳон кардаам, инҳо бо ҳеч равзае гиря намекунанд. Чун гиря кардан бар Имом Ҳусайн алайҳис салом ачру савоби зиёде дорад ва ман дидам роҳаш мунҳасир ба ин аст, ки бо санг ба сари инҳо бизанам, аз ин роҳ инҳоро мегирёнам; чун ҳадаф василаро мубоҳ мекунад. Ҳадаф, гиря бар Имом Ҳусайн аст, ҳарчанд ин ки одам як доман санг ба сар мардум бизанад!

Пас, ин як омили хусусӣ дар ин қазия будааст, ки дар ин ҷаълҳо ва таҳрифҳо дахолат доштааст.

Инҳо будааст, ки инсон вақте, ки дар таърих нигоҳ мекунад, мебинад, ки ба сари ин ҳодиса чиҳо овардаанд! Ба Худо қасам, ҳарфи Ҳоҷӣ ҳарфи росте аст. Мегӯяд, имрӯз агар касе бихоҳад бар Имом Ҳусайн алайҳис салом бигиряд, бар ин мусибатҳояш бояд бигиряд, бар ин таҳрифҳо ва масхҳо ва дурӯғҳо бояд бигиряд.

Мулло Ҳусайни Кошифӣ ва китоби "Равзатуш-шуҳадо"

Қаблан арз кардам, китобе аст маъруф ба номи "Равзатуш-шуҳадо" аз мулло Ҳусайни Кошифӣ.

Ҳоҷӣ Нурӣ фармуда буд, ки ин достони Заъфари Ҷиннӣ ва достони арӯсии Қосим, аввал бор дар китоби ин мард омадааст. Ҳақиқат ин аст, ки ман ин китобро надида будам. Хаёл

мекардам дар он яке ду то аз ин ҳарфҳост. Баъд, ки ин китобро — ки ба форсӣ ҳам ҳаст ва тақрибан дар понсад сол пеш таълиф шудааст — (хондам, дидам аз ин достонҳо зиёд аст.) Мулло Ҳусайни Кошифӣ марде аст, ки воиз ҳам ҳаст, иттифоқан ин беинсоф марди босаводе ҳам будааст, китобҳое ҳам дорад, соҳиби "Анвори Суҳайлӣ" (аст), ки хеле иборатпардозӣ карда ва мегӯянд, "Калила ва Димна"-ро хароб кардааст. Ба ҳар ҳол марди босаводе будааст.

Таърихашро, ки инсон мехонад, маълум нест, ки ӯ шиа буда ё суннӣ ва мисли ин ки асосан як марди аҷибе ҳам будааст; дар миёни шиаҳо худашро як шиаи сад дар сад сахте нишон медода ва дар миёни сунниҳо худашро ҳанафӣ нишон медодааст. Аслан аҳли Байҳақ ва Сабзавор аст. Сабзавор маркази ташайюъ будааст ва мардуми он ҳам фавқулъода мутаассиб дар ташайюъ. Инҷо, ки дар миёни сабзавориҳо буд, як шиаи сад дар сад буд. Баъд мерафт Ҳирот. (Мегӯянд, шавҳархоҳари Абдурраҳмони Ҷомӣ ё боҷаи ӯ буд.) Онҷо, ки мерафт, ба равиши аҳли тасаннун буд.

Ин мард воиз ҳам будааст. Чун дар Сабзавор буд, зикри мусибат мекард. Китобе навиштааст ба форсӣ. Аввалин китобе, ки дар марсия ба форсӣ навишта шуда ҳамин китоби "Равзатуш-шуҳадо" аст, ки дар понсад сол пеш навишта шудааст, чун вафоти Кошифӣ дар 910, аввалҳои қарни даҳум будааст ва ин китоб ё дар охирҳои қарни нӯҳуми ҳичрӣ навишта шудааст ё дар аввалҳои қарни даҳум. Қабл аз ин китоб мардум ба манобеи аслӣ муроҷеа мекарданд.

Шайх Муфид (ризвонуллоҳи алайҳ) "Иршод"-ро навиштааст ва чӣ қадр мутқан навиштааст. Мо агар ба "Иршод"-и Шайх Муфиди худамон муроҷеа кунем, эҳтиёҷ ба манбаи дигар надорем. (Дар) таърихҳои аҳли тасаннун, Табарӣ навиштааст, Ибни Асир навиштааст, Яъқубӣ навиштааст, Ибни Асокир навиштааст, Хоразмӣ навиштааст. Ман намедонам ин беинсоф (Ҳусайни Кошифӣ) чӣ кардааст! Ман вақте ин китобро хондам, дидам, ҳатто исмҳо ҷаълӣ аст. Яъне дар миёни асҳоби Имом Ҳусайн исмҳоеро меоварад, ки аслан чунин одамҳое вуҷуд надоштаанд. Дар миёни душманҳо исмҳое мебарад, ки ҳама ҷаълӣ аст. Достонҳоро ба шакли афсона даровардааст. Чун ин китоб аввалин китобе буд, ки ба забони форсӣ навишта шуд, (марсияхонҳо), ки ағлаб бесавод буданд ва ба китобҳои арабӣ муроҷеа намекарданд, ҳамин китобро мегирифтанд ва дар маҷолис аз рӯ мехонданд. Ин аст, ки имрӯз маҷлиси азодории Имом Ҳусайнро мо "равзахонӣ" мегӯем. Дар замони Имом Ҳусайн равзахонӣ намегуфтанд, дар замони ҳазрати Содиқ ҳам равзахонӣ намегуфтанд, дар замони Имом Ҳасани Аскарӣ ҳам равзахонӣ намегуфтанд, баъд дар замони Сайид Муртазо ҳам равзахонӣ намегуфтанд, дар замони Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ҳам равзахонӣ намегуфтанд. Аз понсад сол пеш ба ин тараф исми ин

кор шуда “равзахонӣ”. Равзахонӣ яъне хондани китоби “Равзатуш-шуҳадо”; ҳамон китоби дурӯғ. Аз вақте, ки ин китоб дар дастҳо афтод, дигар касе таърихи воқеии Имом Ҳусайнро мутолеа накард ва шуд афсонасозӣ, “Равзатуш-шуҳадо” хондан. Мо шудем равзахон, яъне “Равзатуш-шуҳадо”-хон, яъне афсонаҳоро нақл кардан ва ба таърихи Имом Ҳусайн таваҷҷӯҳ накардан.

Мулло Оқои Дарбандӣ ва “Асроруш-шаҳода”

Гуфт:

وَزادَتِ التَّنْبورُ نَغْمَةً أُخْرى

Баъд дар шаст-ҳафтод сол пеш, марҳум мулло Оқои Дарбандӣ пайдо шуд. Тамоми ҳарфҳои “Равзатуш-шуҳадо”-ро ба изофаи як чизҳои дигар, ҳамаро якҷо ҷамъ кард, ки дигар во вайлост! Воқеан ба ислом бояд гирист. Ҳоҷӣ Нурӣ навиштаанд, мо дар дарси марҳум Ҳоҷӣ шайх Абдулҳусайни Теҳронӣ будем — ки марди бисёр бузургворе ва устоди Ҳоҷӣ Нурӣ будааст — ва аз маҳзари эшон истифода мекардем, як сайиди равзахони аҳли Ҳилла омад ва як китоби мақтале ба эшон нишон дод, ки эшон бибинанд мӯътабар ҳаст ё мӯътабар нест. Ин китоб на аввал дошт ва на охир, фақат як ҷояш навишта буд, ки таълифи фалон муллои ҷабаломулӣ, аз шогирдони соҳиби “Маъолим” аст. Марҳум оқо шайх Абдулҳусайн ин китобро гирифт, ки мутолеа кунад. Аввалан дар аҳволи он олим нигоҳ кард, дид чунин китобе ба номи ӯ нанавиштаанд. Сониян худи китобро мутолеа кард, дид пур аз акозиб аст. Ба он сайид гуфт, ин китоб ҳамааш дурӯғ аст, мабодо ин китобро берун биёварӣ ё аз ин китоб чизе нақл кунӣ, ки ҷоиз нест ва асосан ин китоб аз он олим нест, матолибаш ҳам ҳама дурӯғ аст. Ҳоҷӣ менависад, ҳамин китоб ба дасти соҳиби “Асроруш шаҳода” афтод, аз аввал то охирашро нақл кард.

Инҳо гиря дорад, Худо медонад гиря дорад. Ин ҳикоятро ҳам бароятон нақл кунам, ки таассуровар аст. Боз эшон нақл мекунанд, навиштаанд, як марде рафт хидмати марҳум соҳиби “Мақомеъ”[9] ва гуфт, ман дишаб хоби ваҳшатноке дидам. Гуфт, чӣ хоб дидӣ? Гуфт: хоб дидам, ки бо ин дандонҳои худам гӯштҳои бадани Имом Ҳусайн алайҳис саломро дорам меканам. Ин марди олим ларзид, сарашро пойин андохт, як муддате фикр кард, гуфт: шояд ту марсияхон ҳастӣ? Гуфт: бале оқо. Гуфт: дигар баъд аз ин ё асосан марсияхониро тарк кун ё аз китобҳои мӯътабар нақл кун. Ту бо ин дурӯғҳоят дорӣ гӯшти

[9] *Марҳум оқо Муҳаммадалӣ, писари марҳум Ваҳиди Беҳбаҳонӣ, ки зоҳиран ҷадди ин оқоёни Оли Оқо аст. Марди бузурге будааст, падару писар. Дар Кирмоншоҳ буда. Марҳум оқо Муҳаммадалӣ ба Кирмоншоҳ омад, хеле ҳам нуфуз ва иқтидор пайдо кард*.

бадани Имом Ҳусайнро бо ин дандонҳои худат меканӣ. Ин лутфи Худо буда, ки лоақал дар ин руъё ба ту нишон бидиҳад.

Қаблан арз кардам, агар касе таърихи Ошӯроро бихонад, мебинад аз зиндатарин ва мустанадтарин ва пурманбаътарини таърихҳост. Мо эҳтиёҷе (ба ин дурӯғҳо) надорем. Ҳоло гузашта аз ин, ки аслан дурӯғ ҷаъл кардан кори ғалате аст, эҳтиёҷе нест, он қадр рост ҳаст, ки ҳамонҳоро агар бигӯем кофӣ аст. Марҳум Охунди Хуросонӣ мегуфтааст, инҳое, ки дунболи равзаи нави нашунида ҳастанд, бираванд равзаҳои ростро пайдо кунанд, ки онҳоро аҳаде нашунидааст; ва ин тавр аст. Боз арз кардам, хутбаҳое, ки Имом Ҳусайн дар Макка ва дар Ҳиҷоз ба таври куллӣ, дар байни роҳ ва дар Карбало хондааст, хитобаҳое, ки асҳобаш хондаанд, суолу ҷавобҳое, ки бо ҳазрат шудааст, номаҳое, ки миёни эшон ва дигарон мубодила шудааст, номаҳое, ки миёни худи душманон мубодила шудааст, илова бар нақли касоне, ки ҳозири вақъаи Ошӯро будаанд, чӣ аз душманон ва чӣ аз дӯстон, (ҳамаи инҳо ҷузъиёти ин ҳодисаро равшан кардааст.) Се чаҳор нафар аз дӯстони Имом Ҳусайн буданд, ки ҷон ба саломат берун бурданд. Аз ҷумла ғуломе аст ба номи Ақба ибни Самъон (ё Уқба ибни Самъон) ва ин мард аз Макка ҳамроҳи имом буд ва вақоеънигори қазияи Карбало будааст аз лашкариёни Абӯабдиллоҳ. Дар рӯзи Ошӯро ҳам гирифтор шуд, вале чун гуфт, ғулом ҳастам, озодаш карданд. Ин мард вақоеъро навиштааст. Марди дигаре аст ба номи Ҳамид ибни Муслим, ки вақоеънигори лашкари Умари Саъд будааст, ӯ ҳам навиштааст. Ҳамчунин дигарон, ки ҳозири вақъа будаанд, навиштаанд.

Яке аз ҳозирини вақъа шахси Имом Зайнулобидин алайҳис салом аст. Эшон худашон аз ҳозирини вақъа буданд. Тамоми ҷузъиётро аз аввал то охир (шоҳид) будаанд ва ҳамаи қазоёро нақл кардаанд. Нуқтаи ибҳоме дар таърихи Имом Ҳусайн вуҷуд надорад. Мутаассифона як достони ҷаълӣ ва таҳрифӣ дар бораи Имом Зайнулобидин алайҳис салом ҳаст, ки Ҳоҷӣ Нурӣ нақл (ва интиқод) мекунад, ба он ҳам ишора кунам.

Маъмулан мегӯянд, ки дар рӯзи Ошӯро, дар вақте, ки ҳеч кас барои Абӯабдиллоҳ намонд, ҳазрат рафтанд ба хаймаи Имом Зайнулобидин барои худоҳофизӣ. Он вақт ҳазрати Имом Зайнулобидин алайҳис салом фармуд: падарҷон, кори шумо ва ин мардум ба куҷо кашид? (Яъне инҳо мегӯянд аслан то он вақт Имом Зайнулобидин алайҳис салом комилан бехабар будааст!) Фармуд: писарҷон! Ба ҷанг кашид. Аҷаб! Ҷанг воқеъ шуд? Бале, ҷанг воқеъ шуд.

Яке-яке асҳобро ёд кард: Ҳабиб ибни Музаҳҳар чӣ тавр шуд? Фармуд, қутила (кушта шуда). Зуҳайр ибни Қин чӣ тавр шуд? Қутила. Бурайр ибни Хузайр чӣ тавр шуд? Қутила. Ҳар, ки аз асҳобро ном бурд, фармуд, кушта шуд. Баъд банӣ Ҳошимро ном бурд: Қосим

ибни Ҳасан чӣ тавр шуд? Қутила. Бародарам Алиакбар чӣ тавр шуд? Қутила. Амуям Абулфазл? Қутила.

Ин, ҷаъл ва дурӯғ аст. Имом Зайнулобидин, ки онҷо — Алаёзу биллоҳ! — мариз ва беҳуш набуд, ки аслан нафаҳмад чӣ гузаштааст. Ҳатто таърих менависад, дар ҳамон ҳол имом ҳаракат кард, ба аммааш фармуд: асои манро бо як шамшер биёвар.

Ғараз ин ки яке аз касоне, ки ҳозири воқеа буда ва онро нақл кардааст, шахси Имом Зайнулобидин алайҳис салом аст.

Пас биёем тавба кунем, воқеан бояд тавба кунем. Биёем аз ин ҷиноят ва хиёнате, ки нисбат ба Абӯабдиллоҳ Ҳусайн алайҳис салом ва асҳоби бузургвораш ва ёронаш ва хонадонаш муртакиб мешавем ва ҳамаи ифтихороти инҳоро аз миён мебарем, тавба кунем ва пас аз ин, таври дигаре бошем, ки аз ин мактаби тарбиятӣ истифода кунем.

Азамати Абулфазл

Чӣ камму касре дар зиндагии Аббос ибни Алӣ — ҳамон тавре, ки мақотили мӯътабар навиштаанд — вуҷуд дорад? Қаблан агар набуд барои Абулфазл ҷуз ҳамин як ифтихор, бо Абулфазл касе коре надошт. Бо ҳеч кас ғайр аз Имом Ҳусайн коре надоштанд. Худи Имом Ҳусайн ҳам фармуд, инҳо фақат ба ман кор доранд ва агар маро бикушанд, ба ҳеч каси дигар коре надоранд.

Вақте, ки Шимр ибни Зилҷавшан аз Кӯфа мехоҳад ҳаракат кунад биёяд ба Карбало, яке аз ҳуззоре, ки дар онҷо буд ва аз тарафи модар (бо Абулфазл алайҳис салом) хешовандӣ дошт, ба Ибни Зиёд изҳор кард, ки баъзе аз хешовандони модарии мо ҳамроҳи Ҳусайн ибни Алӣ ҳастанд, хоҳиш мекунам амонномае барои онҳо бинавис. Ибни Зиёд ҳам навишт. Шимр худаш ҳам дар як фосилаи дур (бо Абулфазл алайҳис салом нисбат дошт,) яъне аз қабилае буд, ки қабилаи Уммулбанин (модари ҳазрати Абулфазл) бо онҳо нисбат доштанд. Дар асри Ошӯро ин паёмро шахси ӯ овард. Ҳоло азаматро бибинед, адабро бибинед! Ин марди палид омад канори хаймаи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом фарёдашро баланд кард:

أَيْنَ بَنو أُختِنا، أَيْنَ بَنو أُختِنا

Хоҳарзодагони мо куҷо ҳастанд? Хоҳарзодагони мо куҷо ҳастанд? Абулфазл дар ҳузури Абӯабдиллоҳ нишаста буд ва бародаронаш ҳама онҷо буданд. Аслан ҷавобашро надоданд, то имом фармуд:

أَجيبوه وَإِن كانَ فاسِقاً

Ҷавобашро бидиҳед, ҳарчанд одами фосиқе аст. Оқо, ки иҷоза дод, ҷавоб доданд. Омаданд гуфтанд:

ما تقول

Чӣ мегӯӣ? Шимр гуфт: мужда ва башорате барои шумо овардаам, аз амир Убайдуллоҳ барои шумо амон овардаам, шумо озодед, алъон, ки биравед, ҷон ба саломат мебаред. Гуфтанд: хафа шав! Худо туро лаънат кунад ва он амират Ибни Зиёд ва он амонномае, ки овардаӣ! Мо имоми худамон, бародари худамонро инҷо раҳо кунем ба мӯҷиби ин ки мо таъмин дорем?!

Дар шаби Ошӯро аввал касе, ки нисбат ба Абӯабдиллоҳ эъломи ёрӣ кард, ҳамин бародари рашидаш Абулфазл буд. Бигузарем аз он муболиғоти аҳмақонае, ки мекунанд, вале он чи, ки дар таърих мусаллам аст, Абулфазл бисёр рашид, бисёр шуҷоъ, бисёр далер, баландқад ва хушрӯ ва зебо буд:

وَ كان يُدْعى قَمَرَ بنى هاشم

— ки ӯро “моҳи банӣ Ҳошим” лақаб дода буданд. Инҳо ҳақиқат аст. Шуҷоаташро албатта аз Алӣ алайҳис салом ба ирс бурдааст. Достони модараш ҳақиқат аст, ки Алӣ ба бародараш Ақил фармуд: Ақил! Зане барои ман интихоб кун, ки

وَلَدَتْهَا الْفُحولَة

Аз шуҷоъон ба дунё омада бошад.

لِتَلِدَ لي فارِساً شُجاعاً

Дилам мехоҳад аз он зан фарзанди шуҷоъ ва далере ба дунё биёяд. Ақил, Уммулбанинро интихоб мекунад ва мегӯяд, ин ҳамон зане аст, ки ту мехоҳӣ. То ин миқдор ҳақиқат аст. Орзуи Алӣ дар Абулфазл таҳаққуқ ёфт.

Рӯзи Ошӯро мешавад, бино бар яке аз ду ривоят, Абулфазл меояд ҷилав, арз мекунад, бародарҷон! Ба ман ҳам иҷоза бифармоед, ин синаи ман дигар танг шудааст, дигар тоқат намеоварам, мехоҳам ҳар чи зудтар ҷони худамро қурбони шумо кунам. Ман намедонам рӯи чӣ маслиҳате — худи Абӯабдиллоҳ беҳтар медонист — фармуд: бародарам! Ҳоло, ки мехоҳӣ биравӣ, пас бирав балки битавонӣ миқдоре об барои фарзандони ман биёварӣ. (Инро ҳам арз кунам: лақаби “саққо” (обовар) қаблан ба ҳазрати Абулфазл дода шуда буд, чун як навбат ё ду навбати дигар дар шабҳои пеш Абулфазл тавониста буд биравад, саффи душманро бишкофад ва барои атфоли Абӯабдиллоҳ об биёварад. Ин ҷур нест, ки се шабонарӯз об нахӯрда бошанд; хайр, се шабонарӯз буд, ки (аз об) мамнӯъ буданд, вале дар ин хилол тавонистанд яке ду бор об таҳия кунанд. Аз ҷумла дар шаби Ошӯро таҳия карданд, ҳатто ғусл карданд, баданҳои худашонро шустушӯ доданд.)

Фармуд: чашм. Ҳоло бибинед чӣ манзараи бошукӯҳе аст, чӣ қадр азамат аст, чӣ қадр шуҷоат аст, чӣ қадр диловарӣ аст, чӣ қадр инсоният аст, чӣ қадр шараф аст, чӣ қадр маърифат аст, чӣ қадр фидокорӣ аст! Яктана худашро ба ин ҷамъият мезанад. Маҷмӯи касонеро, ки даври ин обро гирифта буданд, чаҳор ҳазор нафар навиштаанд. Худашро вориди шариаи Фурот мекунад. Аспи худашро дохили об мебарад. Инро ҳама навиштаанд: аввал, машкеро, ки ҳамроҳ дорад пур аз об мекунад ва ба дӯш мегирад. Ташна аст, ҳаво гарм аст, ҷангидааст, ҳамин тавре, ки савор аст то зери шикам аспро об гирифтааст, даст мебарад зери об, миқдоре об бо ду мушти худаш то наздики лабҳои муқаддас меоварад. Онҳое, ки аз дур нозир будаанд, гуфтаанд, андаке тааммул кард, баъд дидем об нахӯрда берун омад. Обҳоро рӯи об рехт. Онҷо касе надонист, ки чаро Абулфазл об наёшомид, аммо вақте берун омад, як рақазе хонд, ки дар ин рақаз мухотаб худаш буд на дигарон. Аз ин рақаз фаҳмиданд, чаро об наёшомид. Диданд, дар рақазаш дорад худашро хитоб мекунад, мегӯяд:

يا نَفْسُ من بعدِ الحسينِ هُوني

وبعدَهُ لاَ كُنْتِ أنْ تَكوني

هذا حسينٌ واردُ المَنونِ

وتَشْربينَ بارِدَ المَعينِ

تاللهِ ما هذا فِعالُ دِيني

ولا فِعَالُ صَادِقِ اليقينِ

Эй нафси Абулфазл! Мехоҳам дигар баъд аз Ҳусайн зинда намонӣ. Ҳусайн дорад шарбати марг менӯшад, Ҳусайн бо лаби ташна дар канори хаймаҳо истодааст ва ту мехоҳӣ об биёшомӣ?! Пас мардонагӣ куҷо рафт? Шараф куҷо рафт? Мувосот куҷо рафт? Ҳамдилӣ куҷо рафт? Магар Ҳусайн имоми ту нест? Магар ту маъмуми ӯ нестӣ? Магар ту тобеъи ӯ нестӣ? Ҳаргиз дини ман ба ман иҷоза намедиҳад, ҳаргиз вафои ман ба ман иҷоза намедиҳад.

Абулфазл дар баргаштан масири худашро иваз кард, хост аз дохили нахлистон баргардад (қаблан аз роҳи мустақим омада буд), чун медонист ҳамроҳи худаш як амонати гаронбаҳо дорад. Тамоми ҳимматаш ин аст, ки ин обро ба саломат бирасонад, барои ин ки мабодо тире биёяд ва ба ин машк бихӯрад ва обҳо бирезад ва натавонад ба ҳадафи худаш ноил шавад. Дар ҳамин ҳол буд, ки якмартиба диданд, рақази Абулфазл иваз шуд. Маълум шуд ҳодисаи тозае пеш омадааст. Фарёд кард:

واللهِ إن قَطعتُمُ يمينـــي

إنّي أُحامِي أَبَداً عن دِيني

وعنْ إمامٍ صَادِقِ اليَقِينِ

نَجْلِ النّبيّ الطـاهِرِ الأَمينِ

Ба Худо қасам, агар дасти рости маро ҳам қатъ кунед, ман даст аз домани Ҳусайн барнамедорам.

Тӯле накашид, ки рақаз иваз шуд:

يا نفسُ لا تَخشَيْ منَ الكُفّارِ

وأبشِرِي برحـمةِ الجبّارِ

معَ النّبيّ المصْطَفى المخْـتارِ

قدْ قَطَعُوا بِبَغْيِهم يَساري

Дар ин рақаз фаҳмонд, ки дасти чапаш ҳам бурида шудааст. Ин гуна навиштаанд: бо он ҳунари фурусияте, ки (дар ӯ) вуҷуд доштааст, ба ҳар заҳмат буд ин машки обро чархонд ва худашро рӯи он андохт. Дигар ман намегӯям чӣ ҳодисае пеш омад, чун хеле ҷонсӯз аст. Вале ашъоре аст аз модараш Уммулбанин, чун шаби Тосуъо маъмул аст, ки зикри мусибати ин марди бузург мешавад, онро ҳам арз мекунам.

Уммулбанин, модари ҳазрати Абулфазл, дар ҳодисаи Карбало зинда буд, вале дар Карбало набуд, дар Мадина буд. Дар Мадина буд, ки хабар ба ӯ расид, ки дар ҳодисаи Карбало қазоё ба куҷо хатм шуд ва ҳар чаҳор писари ту шаҳид шуданд. Ин буд, ки ин зани бузургвор ба қабристони Бақиъ меомад ва дар онҷо барои фарзандони худаш навҳасаройӣ мекард. Навиштаанд, ин қадр навҳасаройии ин зан дарднок буд, ки ҳар ки меомад, гиря мекард, ҳатто Марвони Ҳакам, ки аз душмантарини душманон буд.

Ин зан гоҳе дар навҳасаройии худаш ҳамаи баччаҳояшро ёд мекунад ва гоҳе бахусус аршади фарзандонашро. Абулфазл, ҳам аз назари синнӣ аршади фарзандони ӯ буд, ҳам аз назари камолоти ҷисмӣ ва руҳӣ.

Ман яке аз ду марсияеро, ки аз ин зан ба хотир дорам, барои шумо мехонам. Ба таври куллӣ арабҳо марсияро хеле ҷонсӯз мехонанд. Ин модари доғдида дар ин марсияи ҷонсӯзи худаш гоҳе ин гуна мехонад, мегӯяд:

يَا مَنْ رَأَى الْعَبَّاسَ كَرَّ عَلَى جَمَاهِيرِ النَّقَدِ

وَوَرَاهُ مِنْ أَبْنَاءِ حَيْدَرَ كُلُّ لَيْثٍ ذِي لَبَدِ

أُنْبِئْتُ أَنَّ ابْنِي أُصِيبَ بِرَأْسِهِ مَقْطُوعَ يَدِ

وَيْلِي عَلَى شِبْلِي أَمَالَ بِرَأْسِهِ ضَرْبُ الْعَمَدِ

لَوْ كَانَ سَيْفُكَ فِي يَدِيْكَ لَمَا دَنَا مِنْهُ أَحَدٌ

Мегӯяд, эй чашми нозир, эй чашме, ки дар Карбало будӣ ва он манозирро медидӣ! Эй касе, ки дар Карбало будӣ ва медидӣ! Эй касе, ки он лаҳзаро тамошо кардӣ, ки шербаччаи ман Абулфазл аз ҷилав, шербаччагони дигари ман пушти сараш бар ин ҷамоати паст ҳамла бурда буданд! Эй чунин шахсе! Эй ҳозири вақъаи Карбало! Барои ман як қазияе нақл кардаанд, ман намедонам рост аст ё дурӯғ, оё рост аст? Ба ман ин ҷур гуфтаанд, дар вақте, ки дастҳои баччаи ман бурида буд, амуди оҳанин ба фарқ фарзанди азиз ман ворид шуд, оё рост аст? Баъд мегӯяд, Абулфазл, фарзанди азизам! Ман худам медонам агар ту даст медоштӣ, марде дар ҷаҳон набуд, ки бо ту рӯбарӯ бишавад. Ин ки омаданд чунин ҷасорате карданд, барои ин буд, ки дастҳои ту аз бадан бурида шуда буд.

ولا حول ولا قوة الا بالله العلي العظيم

وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

Таҳрифоти маънавии ҳодисаи Карбало

Дар ин баҳсе, ки дар бораи “таҳрифот дар воқеаи таърихии Ошӯро” кардем, дар ҷаласаи аввал арз кардем, ки ба таври куллӣ таҳриф бар ду қисм аст: таҳрифи лафзӣ ва қолабӣ ва дигар таҳрифи маънавӣ ва руҳӣ. Ва арз кардем, ин таърихчаи боазамати Карбало, ки ба дасти мо афтодааст, ҳам дучори таҳрифи лафзӣ шудааст, яъне мо аз худамон баргу созҳое бар пайкараи ин таърих бастаем, ки чеҳраи ин таърихи боазамат ва нурониро торику зулмонӣ ва қиёфаи зебои онро зишт кардаем ва намунаҳое дар ин замина арз кардам ва ҳам мутаассифона ин ҳодисаи таърихӣ дар дасти мо таҳрифи маънавӣ пайдо кардааст, ки таҳрифи маънавӣ аз таҳрифи лафзӣ сад бор хатарноктар аст. Он чи, ки сабаб шудааст, ки ин ҳодисаи бузург барои мо аз асар ва хоссият биафтад, таҳрифоти маънавӣ аст, на таҳрифоти лафзӣ. Яъне асари суи таҳрифоти маънавӣ аз асари суи таҳрифоти лафзӣ бештар аст.

Маънии “таҳрифи маънавӣ”

Таҳрифи маънавӣ яъне чӣ? Масалан, дар як ҷумла мумкин аст мо аз лафз на кам кунем ва на зиёд, вале онҷо, ки мехоҳем тавҷеҳу тафсир кунем, тавре онро тавҷеҳу тафсир кунем, ки дуруст бар хилоф ва бар зидди маънии воқеии ин ҷумла бошад. Ман барои ин матлаб фақат як мисоли кучак арз мекунам, то матлаб равшан шавад.

Нақл кардаанд — аз нақлҳои мусаллам аст — дар рӯзе, ки масҷиди Мадинаро бино мекарданд ва Аммори Ёсир фавқулъода талоши содиқона мекард, Пайғамбари Акрам ба ӯ фармуд:

يا عَمّارُ تَقْتُلُكَ الْفِئَةُ الْباغِيَةُ

Эй Аммор! Туро он дастае мекушанд, ки саркашанд. Ишора ба ояти Қуръон, ки агар ду даста аз мусалмонон бо якдигар ҷангиданд, шумо дар миёни онҳо ислоҳ кунед, агар як даста саркашӣ кард, шумо ба нафъи он дастаи дигар алайҳи дастаи саркаш ворид бишавед. Ин ҷумлае, ки Пайғамбари Акрам дар бораи Аммор фармуд, шахсияти бузурге ба Аммор дод ва аз ин рӯ Аммор, ки дар Сиффин дар хидмати ҳазрати Алӣ буд, вазнаи бузурге дар лашкари Алӣ шумурда мешуд ва ҳатто буданд афроди заифулимоне, ки то вақте, ки Аммор кушта нашуда буд, ҳанӯз мутмаин набуданд, ки амале, ки дар рикоби Алӣ анҷом медиҳанд, ба ҳақ аст яъне куштани Муовия ва сипоҳиёни ӯ ҷоиз аст (ё на). Рӯзе, ки Аммор дар лашкари амирулмӯъминин ба дасти асҳоби Муовия кушта шуд, якмартиба фарёд аз ҳама ҷо баланд шуд, ки ҳадиси Пайғамбар содиқ омад, беҳтарин далел барои ин, ки Муовия ва ёронаш бар ботил ҳастанд, ин аст, ки инҳо қотили Амморанд ва Пайғамбари Акрам дар гузашта хабар дод, ки:

يا عَمّارُ تَقْتُلُكَ الْفِئَةُ الْباغِيَةُ

Яъне (мисдоқи ояти):

وَإِنْ طَائِفَتَانِ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ اقْتَتَلُوا فَأَصْلِحُوا بَيْنَهُمَا فَإِنْ بَغَتْ إِحْدَاهُمَا عَلَى الْأُخْرَى فَقَاتِلُوا الَّتِي تَبْغِي حَتَّى تَفِيءَ إِلَى أَمْرِ اللَّهِ

(“Ҳар гоҳ ду гурӯҳ аз мӯъминон бо ҳам ба низоъу ҷанг пардозанд, дар миёни онҳо сулҳ барқарор созед ва агар яке аз онҳо бар дигаре таҷовуз кунад, бо тоифаи золим пайкор кунед, то ба фармони Худо бозгардад…” (Сураи Ҳуҷурот, ояти 9)) имрӯз дигар мисли офтоб равшан шуд, ки лашкари Муовия лашкари боғӣ яъне саркаш ва золим ва ситамгар аст ва ҳақ бо лашкариёни Алӣ аст. Пас ба насси Қуръон бояд ба нафъи лашкариёни Алӣ алайҳи лашкариёни Муовия вориди ҷанг шуд.

Ин қазия тазалзуле дар лашкари Муовия эҷод кард. Муовия, ки ҳамеша бо ҳила ва найранг кори худашро пеш мебурд, инҷо даст ба як таҳрифи маънавӣ зад, чун намешуд инкор кард ва гуфт, пайғамбар дар бораи Аммор чунин сухане нагуфтааст, чун шояд 500 нафар одам дар ҳамон ҷо буданд, ки шаҳодат медоданд, ки мо ин ҷумларо аз пайғамбар шунидем ё аз касе шунидем, ки ӯ аз пайғамбар шунида буд. Бинобар ин, ин ҷумлаи пайғамбар дар бораи Аммор қобили инкор набуд. Муовия ва асҳобаш тасмим гирифтанд даст ба як таҳрифи маънавӣ бизананд. Вақте шомиҳо меомаданд эътироз мекарданд, мегуфтанд, Муовия чӣ мегӯӣ? Мо Амморро куштем ва пайғамбар фармуд:

تَقْتُلُكَ الْفِئَةُ الْباغِيَةُ

Мегуфт иштибоҳ кардаед; дуруст аст, пайғамбар фармуд, ки Амморро он фиаи (гурӯҳи) саркаш, тоифаи саркаш, лашкари саркаш мекушад, вале Амморро, ки мо накаштем! Мегуфтанд: мо куштем, лашкариёни мо куштанд. Мегуфт: на, Амморро Алӣ кушт, ки ӯро ба инҷо овард ва мӯҷиботи куштанашро фароҳам кард. Ҳар кас, ки меомад эътироз мекард, Муовия ва Амри Ос бо чунин тавҷеҳе зеҳни ӯро розӣ мекарданд ва ӯро ба лашкар бармегардонданд.

Амри Ос ду писар дорад. Яке аз онҳо типи худаш аст; дунёдор ва дунёпараст ва дигаре нисбатан ҷавони мӯъмин ва боимоне буд ва бо падараш ҳамоҳангӣ намекард. Исми ӯ Абдуллоҳ аст. Дар як ҷаласа, ки Абдуллоҳ ҳозир буд ва ҳамин мағлатаи маънавиро ба кор бурданд, Абдуллоҳ гуфт, ин чӣ ҳарфе аст, ки шумо мезанед? Ин чӣ мағлатакорӣ аст, ки шумо мекунед? Чун Аммор дар лашкари Алӣ буд, пас Амморро Алӣ кушт?! Гуфтанд, бале. Гуфт, бинобар ин Ҳамзаи Сайидушшуҳадоро ҳам пайғамбар кушт, чун Ҳамзаи Сайидушшуҳадо ҳам дар лашкари пайғамбар буд, ки кушта шуд. Муовия нороҳат ва

асабонӣ шуд, рӯ кард ба Амри Ос ва гуфт: Амри Ос! Чаро ҷилави ин писари беадабро намегирӣ? Инро мегӯянд таҳрифи маънавӣ.

Агар бихоҳем ҳаводис ва қазоёро таҳрифи маънавӣ кунем, чӣ гуна таҳриф мекунем? Ҳаводис ва қазоёи таърихӣ, аз як тараф иллатҳо ва ангезаҳо дорад, аз тарафи дигар манзур ва ҳадафҳо дорад. Таҳрифи як ҳодисаи таърихӣ ба ин аст, ки ё иллатҳо ва ангезаҳои он ҳодисаро чизе бигӯем ғайр аз он чи, ки будааст ва ё ҳадаф ва манзурро тавре тафсир кунем ғайр аз он чи, ки будааст.

Боз як мисоли кучак: шумо ба манзили касе меравед ба унвони ин ки аз Макка омадааст. Ангезаи шумо ин аст, ки зиёрат кардани ҳоҷӣ мустаҳаб аст. Фарде мегӯяд, медонӣ фалон кас чаро ба хонаи фалон шахс рафт? Мегӯем, чаро? Мегӯяд, ӯ фалон манзурро дорад; мехоҳад духтари ӯро барои писараш хостгорӣ кунад ё мехоҳад духтарашро ба боли писари фалон кас бичаспонад, мавзӯи Маккаро баҳона кардааст.

Ин тавр манзури шуморо таҳриф мекунанд. Инро мегӯянд таҳрифи маънавӣ.

Дар ҳодисаи таърихии Ошӯро, ки аз як тараф иллатҳо ва ангезаҳое дорад ва аз тарафи дигар ҳадафҳо ва манзурҳои олӣ, мо мусалмонҳо, мо шиаёни Ҳусайн ибни Алӣ таҳриф кардем, ҳамон тавре, ки Муовияи ибни Абӯсуфён ҷумлаи пайғамбарро, ки дар бораи Аммор фармуд:

تَقْتُلُكَ الْفِئَةُ الْباغِيَةُ

таҳриф кард. Яъне Ҳусайн як ангезае дошт, мо чизи дигаре барояш тарошидем; Ҳусайн ҳадаф ва манзури хоссе дошт, мо як ҳадаф ва манзури дигаре барои ӯ тарошидем. Абӯабдуллоҳ наҳзате кардааст фавқулъода боазамат ва муқаддас. Тамоми шароити тақаддуси як наҳзат дар наҳзати Абӯабдуллоҳ ҳаст, ки назираш дар дунё вуҷуд надорад. Он шароит чист?

Шароити тақаддуси як наҳзат

Аввалин шарти тақаддуси як наҳзат ин аст, ки манзур ва ҳадафи он наҳзат, шахсӣ ва фардӣ набошад, балки куллӣ, навъӣ, инсонӣ бошад. Як вақт як касе наҳзат мекунад ба хотири шахси худаш. Як вақт касе наҳзат мекунад ба хотири иҷтимоъ, ба хотири инсоният, ба хотири ҳақиқат, ба хотири ҳақ, ба хотири тавҳид, ба хотири адолат ва мусовот, на ба хотири худаш ва дар воқеъ ба хотири ҳамаи инсонҳо. Дар он вақте, ки ӯ наҳзат мекунад, дигар худаш, худаш ба унвони як фард нест, ӯст ва ҳамаи инсонҳои дигар.

Ба ҳамин ҷиҳат, касоне, ки дар дунё ҳаракоташон, аъмолашон, наҳзатҳояшон ба хотири шахси худашон набудааст, балки ба хотири башарият будааст, ба хотири инсоният

будааст, ба хотири ҳақ ва адолат ва мусовот будааст, ба хотири тавҳид ва Худошиносӣ ва имон будааст, ҳамаи афроди башар онҳоро дӯст доранд. Ҳама мегӯянд:

حُسَيْنٌ مِنّي وَأَنَا مِنْ حُسَيْنٍ

ҳамон тавре, ки пайғамбар фармуд:

حُسَيْنٌ مِنّي وَأَنَا مِنْ حُسَيْنٍ

Мо ин тавр мегӯем:

حُسَيْنٌ مِنّا وَنَحْنُ مِنْ حُسَيْنٍ

Чаро? Мегӯем, барои ин ки Ҳусайн дар 1328 сол пеш барои мо ва ба хотири мо ва ба хотири ҳамаи инсонҳои олам қиём кард; қиёмаш қиёми муқаддас ва пок буд ва аз манзурҳои шахсӣ берун буд.

Шарти дуввуми ин ки қиёме муқаддас бошад ин аст, ки он қиём бо як биниш ва дарки қавӣ ва бо як басирати нофиз тавъам бошад. Яъне чӣ? Як вақт ҳаст мардуме, иҷтимое, худашон дар ғафлатанд, бехабаранд, намефаҳманд, ҷоҳиланд; як одаме пайдо мешавад басир, чизфаҳм, бодарк, дарди ин мардумро аз худи ин мардум сад дараҷа беҳтар мефаҳмад, давои ин мардумро аз худи ин мардум беҳтар мефаҳмад. Дар вақте, ки дигарон ҳеч намефаҳманд ва ҳеч чизеро дарк намекунанд, дар зоҳир ҳам намебинанд ва ба истилоҳ он чизеро, ки мардуми дигар дар ойина намебинанд, ӯ дар хишти хом мебинад, қиём ва наҳзат мекунад. 50 сол мегузарад, тоза миллат бедор мешаванд, ки фалон шахс қиём кард, ҳаракат кард, фалон иқдомро кард, наҳзат кард, чун манзурҳои муқаддасе дошт, вале мо дар 30 сол пеш ва падарони мо дар 50 сол пеш арзиши ин (кор)-ро дарк намекарданд.

Масалан, марҳум Сайидҷамолуддини Асадободӣ, ки дар ҳудуди 70 сол пеш (зоҳиран фавти ин мард дар 310 аст, 14 сол қабл аз машрутият) қиём кард ва як наҳзати исломӣ дар кишварҳои исломӣ бапо кард, шумо имрӯз, ки таърихи ин мардро мехонед, мебинед ин мард воқеан ғарибу танҳо будааст. Дарди ин миллати мусалмонро эҳсос мекард, давои ин миллати мусалмонро эҳсос мекард, вале худи миллат намефаҳмид, худи миллат ба ӯ даҳанкаҷӣ мекард, худи миллат ӯро масхара мекард, миллат аз ӯ ҳимоят намекард –

أُريدُ حياتَهُ وَيُريدُ قَتلي

عذيركَ مِنْ خَليلِكَ مِنْ مُراد

(“*Ман зиндагии ӯро мехоҳам, вале ӯ куштани маро, узри худро нисбат ба дӯсти Муродӣ биёвар*.”) Аммо 70 соли гузаштааст, таърих пушти сари таърих (навишта мешавад.) Вақте, ки дуруст завоёи таърих равшан мешавад, мебинем аҷаб! Ин мард чӣ чизҳоеро

дар он рӯз мефаҳмида, ки аксарияти 99 дарсади миллати Эрон намефаҳмидаанд. Шумо лоақал он ду номаеро, ки ин марди бузург, яке ба марҳум Оятуллоҳ Мирзои Шерозии бузург (Аъалаллоҳу мақомаҳу!) навиштааст ва яке ҳам ба умуми уламои Эрон ба унвони як муттаҳидулмаол, масалан яке барои марҳум Ҳоҷӣ шайх Муҳаммадтақии Буҷнурдӣ дар Машҳад, яке барои фалон олими бузург дар Исфаҳон ва яке барои фалон олими бузург дар Шероз, ин номаҳоро бихонед, бибинед ин мард чӣ қадр хуб мефаҳмидааст! Чӣ қадр дарк мекардааст! Истеъморро чӣ қадр хуб мешинохтааст ва чӣ қадр хуб дар садади бедор кардани ин миллат будааст! Бигузаред аз ин музахрафоте, ки баъзе аз абзорҳои истеъмор ҳанӯз ҳам доранд мегӯянд, дигар ин ҳаноҳо ранг надоранд. Ин наҳзат, муқаддас аст чун марде дар замоне пайдо мешавад, дар пушти ин завоҳир ҳақоиқеро мебинад, ки мардуми асри худаш намефаҳмиданд ва дарк намекарданд.

Наҳзати ҳусайнӣ чунин наҳзате аст. Имрӯз аст, ки мо дуруст мефаҳмем ҳукумати Язид яъне чӣ, Муовия чӣ кард ва нақшаи умавиҳо чӣ буд? Вале 99 дар сади миллати мусалмон дар он рӯз дарк намекарданд, махсусан бо набудани васоили иттилоотӣ, ки имрӯз ҳаст ва дар гузашта набуд. Ҳамон мардуми Мадина дарк намекарданд. Мардуми Мадина рӯзе фаҳмиданд Язид чӣ касе аст ва хилофати Язид яъне чӣ, ки Ҳусайн ибни Алӣ кушта шуд. Баъд, ки Ҳусайн ибни Алӣ кушта шуд, инҳо такон хӯрданд: чаро Ҳусайн ибни Алӣ кушта шуд? Як ҳайати эъзомӣ аз акобири мардуми Мадина ба Шом фиристоданд. Дар раъсашон марде аст ба номи Абдуллоҳ ибни Ҳанзалаи ғасилулмалоика. Инҳо вақте фосилаи миёни Мадина ва Шомро тай карданд ва ба дарбори Язид рафтанд ва муддате монданд, тоза фаҳмиданд қазия аз чӣ қарор аст. Вақте, ки баргаштанд, мардум гуфтанд, чӣ дидед? Гуфтанд: ин қадр мо ба шумо бигӯем дар муддате, ки мо дар Шом будем, мегуфтем Худоё накунад, ки аз осмон ба сари мо санг биборад. Гуфтанд, чӣ хабар буд? Гуфтанд, мо бо халифае рӯбарӯ шудем, ки шаробро аланӣ мехӯрад, қимор мекард, сагбозӣ мекард, маймунбозӣ мекард, ҳатто бо маҳорими худаш ҳам зино мекард. Баъд барои ин ки собит кунанд, ки аз рӯи ҳақиқат мегуфтанд, ҳамон Абдуллоҳ ибни Ҳанзалаи ғасилулмалоика ҳашт писар дошт, рӯ кард ба мардуми Мадина ва гуфт, мардуми Мадина! Ман чизе фаҳмидам, шумо қиём бикунед ё накунед, ман қиём мекунам, ҳарчанд бо ҳамин ҳашт писари худам бошад ва ҳамин тавр ҳам буд, дар қиёми Ҳарра алайҳи Язид, ин ҳашт писарашро қабл аз худаш (ба майдон) фиристод ва шаҳид шуданд, баъд худи ин мард шаҳид шуд. Ин Абдуллоҳ ибни Ҳанзалаи ғасилулмалоика се сол пеш аз он, ки Абӯабдиллоҳ аз Мадина хориҷ мешуд, он рӯзе, ки Ҳусайн мегуфт:

وَعَلَى الْاِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْاُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

“Ман медонам агар Язид хилофати исломиро ба даст бигирад, чӣ бар сари ислом меояд?” (Абдуллоҳ ибни Ҳанзала) куҷо буд? Он рӯз набуд; бояд Ҳусайне кушта бишавад, ҷаҳони ислом такон бихӯрад, то тоза оқои Абдуллоҳ ибни Ҳанзалаи ғасилулмалоика ва садҳо нафари дигар мисли ӯ дар Мадина ва дар Кӯфа ва дар ҷоҳои дигар чашмҳояшонро бимоланд ва боз кунанд, бигӯянд, Ҳусайн ҳақ дошт, ки чунин ҳарфе зад.

Шарти севвуми ин ки як наҳзат муқаддас бошад ин аст, ки таку фард бошад. Яъне барқе бошад, ки дар як зулмати комил бидурахшад, нидое бошад дар миёни сукутҳо, ҳаракате бошад дар миёни сукунҳои мутлақ. Яъне дар як шароите, ки хафақон ба таври комил ҳукмфармост, тамоми мардуми дигар қудрати ҳарф задан надоранд, торикии мутлақ, яъси мутлақ, ноумедии мутлақ, сукути мутлақ, сукуни мутлақ аст, якмартиба як мард пайдо мешавад, ин сукутҳоро мешиканад, ин сукунҳоро аз миён мебарад, ҳаракате мекунад, барқе мешавад ва дар миёни як зулмат медурахшад, тоза дигарон пушти сараш роҳ меафтанд. Оё наҳзати ҳусайнӣ инчунин буд ё набуд? Инчунин буд.

Имом Ҳусайн чунин наҳзате кардааст. Имом Ҳусайн дар ин наҳзат чӣ ҳадафе дошт?

Мо баъд ҳам мебинем имомони дин гуфтаанд, азои чунин Ҳусайне ва чунин ҳодисае то абад бояд зинда бимонад. Ҳусайн чӣ ҳадафе аз ин наҳзат дошт? Имомони атҳор чаро ин ҳама исрор доштанд, ки азои Ҳусайн зинда бимонад? Ин дуро мо мехоҳем бифаҳмем.

Аммо Ҳусайн чаро наҳзат кард? Чӣ эҳтиёҷе дорад, ки мо бихоҳем аз худамон далел зикр кунем? Ҳусайн ибни Алӣ худаш далели наҳзаташро баён кард, на як ҷо, на ду ҷо ва на даҳ ҷо.

Агар нагуфта буд, мо ҳақ доштем аз пеши худамон бибофем. Фармуд:

إِنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً وَإِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ فى أُمَّةِ جَدّي

(“*Ман барои ҷоҳталабӣ ва комҷӯӣ ва ошӯбгарӣ ва ситамгарӣ қиём накардам, балки барои ислоҳ дар кори уммати ҷаддам қиём кардам*.”) Дар камоли сароҳат мегӯяд, дунёи моро мафосид гирифтааст, уммати ҷаддам фосид шудаанд, қиём кардам барои ислоҳ, ман як марди ислоҳталабам,

أُريدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

Ҳадафе ҷуз амри ба маъруф ва наҳйи аз мункар надорам. Имом Ҳусайн ҳадафи наҳзати худашро равшан кардааст, дар камоли рӯшноӣ. Ҳамчунин фармуд:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ فى لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً

(“*Оё намебинед, ки ба ҳақ амал намешавад ва аз ботил наҳй намешавад? Ба ростӣ, ки мӯъмин бояд ба (марг ва) дидори Худо рӯй оварад…*”) Пас худаш баён кардааст.

Ду таҳрифи маънавӣ дар ҳадафи Имом Ҳусайн

Он вақт мо омадем чӣ гуфтем? Инҷост, ки таҳрифи маънавӣ пайдо мешавад. Ҳусайн мегӯяд, ман наҳзат кардам барои амр ба маъруф, барои ин ки динро зинда кунам, барои ин ки бо мафосид мубориза кунам. Наҳзати ман як наҳзати ислоҳии исломӣ аст. Мо омадем як чизи дигаре гуфтем. Ду то таҳрифи маънавии бисёр аҷибу моҳирона дар инҷо кардем. (Намедонам бигӯям моҳирона ё ҷоҳилона). Як ҷо гуфтем, Ҳусайн ибни Алӣ қиём кард, ки кушта бишавад барои ин ки каффораи гуноҳони уммат бошад, кушта шуд барои ин ки гуноҳони мо омурзида шавад. Ҳоло агар бипурсанд охир ин дар куҷост? Худи Ҳусайн чунин чизе гуфт? Пайғамбар гуфт? Имом гуфт? Чунин ҳарферо чӣ касе гуфт? Мегӯем, мо ба ин ҳарфҳо чӣ кор дорем? Имом Ҳусайн кушта шуд барои ин ки гуноҳони мо бахшида шавад. Намедонем, ки ин фикрро мо аз дунёи масеҳият гирифтаем. Миллати мусалмон хеле чизҳоро надониста аз дунёи масеҳият бар зидди ислом гирифт. Яке ҳамин аст. Яке аз усули мӯътақадоти масеҳӣ масъалаи (ба) салиб рафтани Масеҳ аст барои ин ки фодӣ бошад. Алъон “ал-фодӣ” (фидокунанда) лақаби Масеҳ аст. Ин аз назари масеҳият ҷузъи матни масеҳият аст. Мегӯянд, Исо ба дор рафт ва ин ба дор рафтани Исо каффораи гуноҳи уммат шуд, яъне гуноҳони худашонро ба ҳисоби Исо мегузоранд. Фикр накардем ин ҳарф моли дунёи масеҳият аст ва бо руҳи ислом созгор нест, бо сухани Ҳусайн созгор нест. Ба Худо қасам, тӯҳмат ба Абӯабдиллоҳ аст. Валлоҳӣ, агар касе дар рӯзи моҳи Рамазон рӯза дошта бошад ва ин ҳарфро ба Ҳусайн ибни Алӣ нисбат бидиҳад ва бигӯяд, шаҳодати Ҳусайн барои чунин коре буд ва аз ӯ нақл кунад, рӯзааш ботил аст. Дурӯғ бар Ҳусайн аст. Абӯабдиллоҳ, ки барои мубориза бо гуноҳ кардан қиём кард, мо гуфтем, қиём кард, ки сангаре барои гунаҳкорон бишавад. Мо гуфтем Ҳусайн як ширкати бима таъсис кард, бимаи гуноҳ.

Гуфт, шуморо аз назари гуноҳ бима кардам. Дар иваз чӣ мегирам? Шумо барои ман ашк бирезед, ман дар иваз гуноҳони шуморо ҷуброн мекунам, аммо шумо ҳар чи мехоҳед бошед, Ибни Зиёд бошед, Умари Саъд бошед. Мо мегӯем, як Ибни Зиёд дар дунё кам буд, як Умари Саъд дар дунё кам буд, як Синон ибни Анас дар дунё кам буд, як Хулӣ дар дунё кам буд, Имом Ҳусайн хост Хулӣ дар дунё зиёд шавад, Умари Саъд дар дунё зиёд шавад, гуфт: айюҳаннос! Ҳар чи метавонед бад бошед, ки ман бимаи шумо ҳастам!

Таҳрифи маънавии дуввуме, ки аз назари тафсиру тавҷеҳи ҳодисаи Карбало рух дод ин буд, ки гуфтанд, медонед чаро Имом Ҳусайн рафт ва кушта шуд? Як дастури хусусӣ фақат барои ӯ буд ва ба ӯ гуфтанд, ту бирав худатро ба куштан бидеҳ. Маълум аст, агар як чизе дастури хусусӣ бошад, ба мову шумо дигар иртибот пайдо намекунад, яъне қобили пайравӣ нест. Агар бигӯянд, Ҳусайн чунин кард, ту чунин бикун! Мегӯяд, Ҳусайн аз як дастури хусусӣ пайравӣ кард, ба мо марбут нест, ба дастуроти ислом, ки дастуроти куллӣ ва умумӣ аст марбут нест. Он як дастури хусусии махсуси худаш буд. Ҳол тафовути ин ду чӣ гуна аст? Имом Ҳусайн худаш фарёд кашидааст, ки иллатҳо ва ангезаи қиёми ман масоиле аст, ки бар усули куллии ислом мунтабиқ мешавад, эҳтиёҷе ба дастури хусусӣ нест.

Дастури хусусӣ дар ҷойе мегӯянд, ки дастурҳои умумӣ вофӣ набошад. Имом Ҳусайн дар камоли сароҳат фармуд, ислом дине аст, ки ба ҳеч мӯъмине — ҳатто нафармуд ба имом — иҷоза намедиҳад, ки дар муқобили зулму ситам, мафосид ва гуноҳ бетафовут бимонад. Имом Ҳусайн мактаб ба вуҷуд оварда, вале мактаби амалии исломӣ. Мактаби ӯ ҳамон мактаби ислом аст, вале ислом баён кард ва Ҳусайн амал кард. Дар дараҷаи аввал беш аз ҳар каси дигар амал кард.

Мактаби амалии ислом. Моҳирона (таҳриф кардем) барои ин ки ин ҳодисаро аз мактаб будан хориҷ кунем ва қаҳран аз қобили пайравӣ будан хориҷ кунем. Вақте аз мактаб будан хориҷ шуд, дигар қобили пайравӣ нест. Вақте, ки қобили пайравӣ нашуд, пас дигар аз ҳодисаи Карбало намешавад истифода кард.

Аз инҷо мо ҳодисаро аз назари асари муфид доштан ақим кардем. Хеле ба назар кучак меояд, ки бигӯянд дастури хусусӣ буд. Вале мегӯем, вақте гуфтӣ дастури хусусӣ, маъноаш ин аст, ки дастурҳои умумӣ дар ин заминаҳо кофӣ ва вофӣ нест, яъне агар дастури хусусӣ намерасид, ислом дастуре надошт, ки бигӯяд дар чунин шароите бояд ҳаракат ва қиём кард, балки ислом мегуфт ҳар чи ба назаратон мерасад амал кунед. Ин хиёнате аст ба Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом. Оё хиёнате аз ин болотар ҳам дар дунё сурат гирифтааст?

Ин аст, ки арз кардам ин таҳрифи маънавӣ, ки дар ҳодисаи Ошӯро сурат гирифтааст, аз он таҳрифоти лафзӣ сад дараҷа хатарноктар аст. Дар таҳрифи лафзӣ масалан касе мегӯяд, ман ҳадс мезанам рӯзи Ошӯро 72 соат буд, баъд ҳам исрор мекунад, ки 72 соат буд. Хуб як чаранде гуфтааст. Он ки мегӯяд 300 ҳазор нафарро Ҳусайн ибни Алӣ кушт, он ки мегӯяд, арӯсии Қосим (дуруст аст, ки ба Ҳусайн ибни Алӣ иҳонат карда), он ки мегӯяд, Заъфари Ҷиннӣ омад, он ки мегӯяд, Зайнаб омад ба Абӯабдуллоҳ чунин гуфт, Абӯабдуллоҳ фармуд, кист барои ман асп биёварад, аъвону ансоре надошт, Зайнаб рафт

аспи Абӯабдуллоҳро овард ва аз ин дурӯғҳо, инҳо барои ҳадафи Ҳусайн ибни Алӣ он қадр хатар надорад, ки ин таҳрифҳои маънавӣ хатарнок аст. Бинобар ин мо омадем наҳзати Ҳусайн ибни Алиро, ки худ ҳадаф ва манзурк доштааст масх ва таҳриф кардем.

Фалсафаи дастури имомони атҳор

Арз кардем, ки имомони атҳор ҳатто ба ривоят аз Пайғамбари Акрам гуфтанд, ки ин (ҳодиса) бояд зинда бимонад, фаромӯш нашавад, мардум биншинанд ва бигирянд. Чаро чунин гуфтанд? Ҳадафи онҳо аз ин дастур чӣ будааст? Инҷо ҳам боз як ҳадафи воқеӣ аст ва як ҳадафи масхшуда: як бор омадем гуфтем ин фақат ба хотири ин аст, ки тасаллии хотире барои ҳазрати Заҳро (Саломуллоҳи алайҳо!) бошад. Эшон бо ин ки дар биҳишт ҳастанд, бо ин ки ҳамроҳи фарзанди бузургворашон ҳастанд ва худи Имом Ҳусайн ҳам фармуд:

وَهِيَ مَجْموعَةٌ لَهُ فی حَضيرَةِ الْقُدْسِ

ва дар рӯзи аввал фармуд:

وَما أَوْلَهَني اِلی أَسْلافي اِشْتِياقَ يَعْقوبَ اِلی يوسُفَ

Ман орзу дорам кушта шавам чун ба падарам, ба ҷаддам ва ба модарам мулҳақ мешавам; бо ин ки Имом Ҳусайн мулҳақ ба модараш ҳаст, бо вуҷуди ин ҳазрати Заҳро дар биҳишт нишаста доиман бетобӣ мекунад ва мо мардум сарупо бояд биёем як миқдор гиря кунем, ки ҳазрати Заҳро тасаллии хотир пайдо кунад. Оё шумо тавҳине болотар аз ин барои ҳазрати Заҳро пайдо мекунед? Гуфтанд, имомон, ки дастур доданд гиря кунед, ҳадаф аз ин дастур ин буда, ки ҳазрати Заҳро тасаллии хотир пайдо кунад.

Дигар, гуфтанд (иллати дастури имомон алайҳимус салом) чизи дигаре аст. Имом Ҳусайн бетақсир дар Карбало ба дасти як идда мардуми таҷовузкор кушта шуд, пас ин таассуровар аст, бояд мутаассир буд. Ман ҳам қабул дорам, Имом Ҳусайн бетақсир кушта шуд. Ман ҳам қабул дорам, Имом Ҳусайн ба дасти як идда мардуми золими мутаҷовиз кушта шуд. Аммо ҳамин? Як одами бетақсир ба дасти як идда мардуми мутаҷовиз кушта шуд? Рӯзе ҳазор нафар одами бетақсир ба дасти одамҳои ботақсир кушта мешаванд. Рӯзе ҳазор нафар одам дар дунё нобуд мешаванд. Таассуровар ҳам ҳаст, аммо оё ин нобуд шуданҳо арзиш дорад, ки қарнҳои зиёд, даҳ қарн, бист қарн, сӣ қарн идома пайдо кунад? Доиман мо биншинем ва изҳори таассур кунем, ки ҳайф! Ҳусайн ибни Алӣ кушта шуд! Хунаш ҳадар рафт! Бетақсир кушта шуд! Ба дасти як идда афроди мутаҷовиз кушта шуд!

Ҳусайн ибни Алӣ бетақсир кушта шуд, ба дасти афроди мутаҷовиз кушта шуд, аммо чӣ касе гуфта Ҳусайн ибни Алӣ нобуд шудааст? Чӣ касе гуфта хуни Ҳусайн ибни Алӣ ҳадар

рафт? Агар дар дунё инсоне шумо пайдо кунед, ки нагузошт як қатраи хунаш ҳадар биравад Ҳусайн ибни Алӣ аст. Агар касе дар дунё пайдо кунед, ки нагузошт шахсияташ як зарра ҳадар биравад, Ҳусайн ибни Алӣ аст. Марде, ки барои қатра-қатраи хуни худаш ончунон арзиш қоил шуд, ки агар сарватҳои дунёро, ки барои ӯ масраф мешавад, то доманаи қиёмат ҳисоб кунем, башар барои ҳар қатра хунаш миллиардҳо миллиард тумон пул харҷ кардааст; одаме, ки кушта шуданаш сабаб шуд, ки номи ӯ пояи кохи ситамкоронро, як қарн, ду қарн, се қарн, даҳ қарн, бист қарн биларзонад, ин одам нобуд шуд?! Ҳадар рафт?! Мо ҳоло ғусса бихӯрем, ки Ҳусайн ибни Алӣ нобуд шуд?! Ту нобуд шудӣ бечораи нодон! Ману ту нобуд ҳастем, ману ту умрамон ҳадар рафт. Ҳусайн ибни Алӣ нобуд шуд?!, ки мо биёем ғуссаи нобуд шудани ӯро бихӯрем?! Ғусса барои худат бихӯр! Ту ба Ҳусайн ибни Алӣ тавҳин мекунӣ, ки мегӯӣ нобуд шуд. Ҳусайн ибни Алӣ касе аст, ки (ба ӯ) гуфтанд:

إِنَّ لَكَ دَرَجَةً عِنْدَ اللهِ لَنْ تَنالَها اِلاّ بِالشَّهادَةِ

Пас вақте Ҳусайн ибни Алӣ орзуи шаҳодат мекард, орзуи нобуд шуданро мекард, ки баъд ману шумо биёем изҳори таассур кунем, ки нобуд шуд, ҳадар рафт?! Хайр. Онҳо, ки омаданд тавсия карданд, ки бояд азои Ҳусайн ибни Алӣ зинда бимонад, чун ӯ як мактаб ба вуҷуд овард, мехостанд мактабаш зинда бимонад, барои ин ки дар дунё шумо ҳаргиз як мактаби амалӣ, ки намунаи мактаби Ҳусайн ибни Алӣ бошад пайдо намекунед. Агар шумо намунае монанди намунаи Ҳусайн ибни Алӣ пайдо кардед, он вақт бигӯед чаро мо ҳар сол бояд ёди Ҳусайн ибни Алиро таҷдид кунем? Он чи, ки дар Ҳусайн ибни Алӣ дар ин ҳодисаи Ошӯро ва дар он ибтило ва мусибат пайдо шуд аз тавҳид, аз ҷилваи имон, аз ҷилваи Худошиносӣ, аз имони комил ба ҷаҳони дигар, аз ризо, аз таслим, аз сабр, аз истиқомат, аз мардонагӣ, аз тумаънинаи нафс, аз сабот, аз иззати нафс, аз каромати нафс, аз озодихоҳӣ ва озодиталабӣ, аз ин ки дар фикри инсонҳо бошад, аз ин ки дар хидмати инсонҳо бошад, агар шумо намунае дар дунё пайдо кардед, он вақт бигӯед чаро мо номи Ҳусайн ибни Алиро зинда кунем. Бадил ва мисле надорад.

(Дастури онҳо) барои ин аст, ки балки партаве аз руҳи Ҳусайн ибни Алӣ дар руҳи мову шумо битобад. Агар ашке, ки мо барои ӯ мерезем — қаблан арз кардам — дар масири ҳамоҳангии руҳи мо бошад, руҳи мо парвози кучаке бо руҳи ҳусайнӣ бикунад, заррае аз ҳиммати ӯ, заррае аз ғайрати ӯ, заррае аз ҳуррияти ӯ, заррае аз имони ӯ, заррае аз тақвои ӯ, заррае аз тавҳиди ӯ дар мо битобад ва чунин ашке аз чашми мо ҷорӣ шавад, он ашк ҳар чи дилатон бихоҳад қимат дорад. Агар гуфтанд, ба андозаи як боли магасаш ҳам як дунё арзиш дорад, бовар кунед. Аммо на ашке, ки барои нобуд шудани Ҳусайн бошад,

балки ашке, ки барои азамати Ҳусайн бошад, барои шахсияти Ҳусайн бошад. Ашке, ки нишонае аз ҳамоҳангӣ кардан ва пайравӣ кардан аз Ҳусайн ибни Алӣ бошад, бале як боли магасаш ҳам як дунё арзиш дорад. Хостанд, ки ҳамеша мардум ин мактаби амалиро бибинанд. Аввалан бибинанд хонадони пайғамбар далел бар сидқу гувоҳи худи пайғамбар ҳастанд. Агар гуфтанд, фалон мусалмон дар ҷанге, ки масалан дар Рум ё Эрон кард он миқдор шаҳомат ва имон нишон дод, он қадр далел бар ҳаққонияти пайғамбар нест, ки бигӯянд фарзанди пайғамбар чунин кард; чун мегӯянд, ҳамеша хонадони як нафар, аз ҳар каси дигар суизанн ва бадгумониаш ба ӯ бештар аст. Вале вақте, ки хонадони пайғамбарро мебинем, ки дар ниҳояти сафо ва имон ҳастанд, беҳтарин гувоҳ бар сидқи ин пайғамбар аст. Ҳеч кас монанди Алӣ алайҳис салом бо пайғамбар набудааст, бо пайғамбар бузург шудааст ва ҳеч кас ҳам монанди Алӣ мӯъмин ба ин пайғамбар ва фидои ин пайғамбар нест. Ин худаш адили далел бар сидқи ин пайғамбар аст. Ҳусайн фарзанди ин пайғамбар аст. Вақте, ки имони худашро ба таълимоти ӯ нишон медиҳад, пайғамбар ҷилва мекунад ва пайғамбар дар олам мутаҷаллӣ мешавад. (Мардум мегӯянд) бибинед (ин пайғамбар) чӣ қадр ростгӯст, ки фарзандаш вақте сари дуроҳӣ қарор мегирад: дар як тараф молу сарват ҳаст, ваъда ҳаст, ҳазор ҷур хушӣ ҳаст, ҳама гуна ваъдаҳо ба ӯ медиҳанд, вале дар онҷо ҳақиқат ва дин аз миён рафтааст, мазлумҳо зиёд ҳастанд, сарватҳои миллатҳо ҳама дар ихтиёри як афроди хоссе қарор гирифтааст; он тарафи дигарро нигоҳ мекунанд, дар онҷо кушта шудан ҳаст, шаҳид шудани ҷавонон ҳаст, асир шудани зану фарзанд ҳаст, ташнагӣ ҳаст, тиру шамшер ҳаст, вале ҳақ зинда шуд, ҳақиқат зинда шуд, адолат зинда шуд, ислом зинда шуд; мебинанд фарзанди пайғамбар ин роҳро дар пеш мегирад. Аз инҷо мефаҳманд ин пайғамбар чӣ қадр ростгӯ буд!

Он чизҳое, ки башар ҳамеша ба забон меоварад, вале дар амал камтар дида мешавад, дар вуҷуди Ҳусайн дида мешавад. Чӣ тавр? Руҳи башар ин миқдор шикастнопазир бошад? Субҳоналлоҳ! Башар ба куҷо мерасад, руҳи башар чӣ қадр шикастнопазир мешавад, ки баданаш қитъа-қитъа мешавад, ҷавононаш ҷилави чашмаш қалам-қалам мешаванд, дар мунтаҳои дараҷа ташна мешавад, ки ҳатто ба осмон, ки нигоҳ мекунад, ба назараш тираву тор аст. Хонадонашро мебинад, ки алъон доранд асир мешаванд. Ҳар чи дорад аз даст додааст, вале як чиз барои ӯ боқӣ монда ва он руҳаш аст. Руҳаш ҳаргиз шикаст намехӯрад, як зарра шикаст намехӯрад. Шумо якчунин саҳнаи намоише аз фазоили инсоният, дар ғайри Карбало суроғ доред, ки он вақт бигӯем ба ҷойи Карбало аз он ҳодиса ёд кунед?

Пас чунин ҳодисаеро бояд зинда нигаҳ дошт. Ҳодисае, ки як ҷамъияти 72-нафарӣ, аз назари руҳӣ як ҷамъияти 38 ҳазор нафариро шикаст доданд. Чӣ тавр шикаст доданд? Аввалан бо ин ки инҳо дар ақаллият буданд ва кушта шуданашон қатъӣ буд, як нафар аз инҳо ба душман мулҳақ нашуд, аммо аз он 30 ҳазор нафар ба инҳо мулҳақ шуданд, яке аз сардоронашон Ҳур ибни Язиди Риёҳӣ ва 30 нафари дигар. Ин, далел бар ин аст, ки аз назари руҳӣ инҳо бурдаанд ва онҳо бохтаанд. Умари Саъд дар Карбало корҳое кардааст, ки далел бар шикасти руҳии худаш аст. Таърихро бихонед. Чаро дар Карбало инҳо аз ҷанги тан ба тан парҳез доштанд? Аввал ҳозир шуданд. Тибқи маъмуле, ки дар он даврaҳо будааст, қабл аз ин ки ҷанг бишавад ва ё тирандозӣ бишавад, мисли ин ки як навъ зӯрозмоӣ будааст, як нафар аз ин тараф меравад, як нафар аз он тараф меояд. Чанд нафар, ки омаданд бо асҳоби Ҳусайн мубориза карданд, ин қадр ба инҳо нерӯи руҳӣ доданд, ки Умари Саъд дастур дод ҷанги тан ба тан дигар мавқуф!

Қудрати руҳии Абӯабдуллоҳ

Махсусан худи Абӯабдуллоҳ, ки ба майдон омад, дар чӣ вақте омад? Фикр кунед, асри рӯзи Ошӯрост, чун то зуҳр шуд, ҳанӯз иддае аз асҳоб буданд, ки намоз ҳам хонданд. Аз субҳ то аср талош кардааст, чӣ талошҳое! Бадани ҳар як аз асҳобашро ғолибан худаш оварда дар хаймаи шуҳадо гузоштааст. Бадани ёронашро худаш овардааст, ба болини ёронаш худаш омадааст, аҳли байташро худаш тасаллӣ додааст. Ин қадр талош карда, ки Худо медонад! Гузашта аз он доғҳое, ки дидааст. Охирин касе, ки ба майдон меояд худаш аст. Хаёл карданд, ки дигар дар якчунин шароите метавонанд бо Ҳусайн мубориза кунанд. Ҳар касе, ки ҷилав омад, лаҳзае мӯҳлаташ надод, ки фарёди Умари Саъд баланд шуд, гуфт, Худо маргатон бидиҳад, модарҳоятон ба азоятон биншинанд, ба муборизаи чӣ касе рафтаед?!

هذَا ابْنُ قَتّالِ الْعَرَبِ

Ин, писари кушандаи араб аст, писари Алӣ ибни Абӯтолиб аст.

وَاللهِ لَنَفْسُ أَبيهِ بَيْنَ جَنْبَيْهِ

Ба Худо, руҳи падараш Алӣ дар колбади ин аст, ба ҷанги ин наравед. Ин аломати шикаст буд ё на? 30 ҳазор нафар аз ҷанги тан ба тан кардан бо як марди танҳои ғариби он ҳама мусибат дида, он ҳама заҳматкашида ва он ҳама талошкардаи ташнаи гурусна ақибнишинӣ мекунанд.

На танҳо дар муқобили шамшери Абӯабдиллоҳ шикаст хӯрданд, дар муқобили мантиқаш ҳам шикаст хӯрданд. Абӯабдиллоҳ дар рӯзи Ошӯро қабл аз шурӯи ҷанг ду се бор хитоба иншо кард.

Воқеан худи он хитобаҳо аҷиб аст. Касоне, ки аҳли сухан ҳастанд, медонанд мумкин нест дар ҳоли оддӣ инсон битавонад сухане бигӯяд, ки то ҳадди аъло авҷ бигирад. Бояд руҳи башар ба эҳтизоз биёяд. Махсусан агар сухан аз навъи марсия бошад, бояд дили одам хеле сӯхта бошад, то як марсияи хуб бигӯяд. Агар бихоҳад ғазал бигӯяд, бояд сахт дучори эҳсосоти ишқӣ бошад, то ғазали хубе бигӯяд. Агар бихоҳад ҳамоса бигӯяд, бояд сахт эҳсосоти ҳамосӣ дошта бошад, то як сухани ҳамоса бигӯяд.

Вақте он хутбаҳои Абӯабдуллоҳро мебинем, махсусан муфассалтарин хутбааш; ҳамон, ки дар рӯзи Ошӯро омад аз асп пиёда шуд, савори шутур шуд, барои ин ки шутур баландтар аст, мехост як ҷойи муртафеътаре бошад, то садояш беҳтар ба ҷамъият бирасад. Фармуд:

تَبّاً لَكُمْ اَيَّتُهَا الْجَماعَةُ وَتَرَحاً حينَ اسْتَصْرَخْتُمونا والِهينَ فَأَصْرَخْناكُمْ موجِفينَ

Ростӣ намунае аз хутбаҳои Алӣ алайҳис салом аст. Агар хутбаҳои Алиро канор бигузорем, дигар хутбае ба ин пуршӯрӣ дар дунё пайдо намешавад. Як бор ва ду бор ва се бор сӯҳбат кард, Умари Саъд бар лашкариёни худаш тарсид, ки мабодо нутқи Ҳусайн инҳоро таҳти таъсир қарор бидиҳад. Навбати дигар, ки Абӯабдуллоҳ омад сӯҳбат кунад (бибинед чӣ қадр номардӣ карданд, чӣ қадр руҳашон шикастхӯрда буд!) дастур дод сарусадо кунед, дастатонро ба даҳонатон бизанед, ки касе садои Ҳусайнро нашунавад. Оё ин аломати шикаст нест? Оё ин аломати пирӯзии Ҳусайн нест? Оё ин набояд барои мо дарс бошад, ки як башар агар боимон бошад, агар муваҳҳид бошад, агар ба Худо пайванд дошта бошад, агар ба он дунё имон дошта бошад, агар нафси мутмаинна бошад, яктана 30 ҳазор нафарро аз назари руҳи шикаст медиҳад; оё ин тавр нест? Намунаи инҳоро шумо дигар кучо пайдо мекунед? Шумо чӣ касеро дар дунё пайдо мекунед, ки дар шароите мисли шароити Ҳусайн ибни Алӣ қарор бигирад, ду калима аз он хитобаи Ҳусайн ибни Алиро битавонад бихонад? Ду калима аз он хитобаи Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!); он Зайнаби доғдидаро дар дами дарвозаи Кӯфа бихонад? Инҳо дарс аст. Гуфтаанд, ин азоро эҳё кунед ва зинда нигаҳ доред, ки ин нуктаҳоро бифаҳмед ва дарёбед, барои ин ки азамати Ҳусайнро дарк кунед, барои ин ки ашке агар мерезед, аз рӯи маърифат бошад. Маърифати Ҳусайн шуморо боло мебарад, шуморо инсон мекунад, шуморо озодмард мекунад, шуморо аҳли ҳаққу ҳақиқат мекунад, аҳли адолат мекунад, як мусалмони воқеӣ мекунад. Мактаби Ҳусайн, мактаби инсонсозӣ аст, на мактаби гунаҳкорсозӣ. Ҳусайн сангари амали солеҳ аст, на сангари гуноҳкорӣ.

Пас ин аст фалсафаи ин, ки гуфтаанд азои Ҳусайн ибни Алиро зинда нигаҳ доред. Бибинед чӣ мусибате барои Ҳусайн ибни Алӣ пеш наомад, чӣ сахтӣ пеш наомад, чӣ бало

ва гирифторӣ пеш наомад? Бибинед дар муқобили ҳамаи инҳо оё Ҳусайн ибни Алӣ сарфароз берун омад ё на? Пас шумо ҳам як зарра шиаи ӯ бошед, як зарра пайрави ӯ бошед. Тавҳидро бибинед! Имон ба маод ва охиратро бибинед! Дар субҳи рӯзи Ошӯро ҷумлае гуфт, ки дар он вақт шояд инсон бовар накунад, ки ин ҷумла чӣ қадр аз рӯи ҳақиқат гуфта шудааст. Навиштаанд, ҳамин, ки намози субҳро бо асҳоби худаш хонд, рӯ ба асҳоби худаш кард ва фармуд:

Асҳоби ман! Омода бошед. Мурдан ҷуз як пуле нест, ки шуморо аз дунёе ба дунёи дигар убур медиҳад, аз як дунёи бисёр сахт ба як дунёи бисёр олӣ ва шариф ва латиф.

Ин суханаш буд, аммо амалашро бибинед. Инро, ки Ҳусайн ибни Алӣ нагуфтааст, дигарон гуфтаанд, ҳуззор гуфтаанд, касоне, ки вақоеънигор будаанд гуфтаанд. Ҳатто Ҳамид ибни Муслим, ки вақоеънигори Умари Саъд аст, ин қазияро гуфтааст. Мегӯяд, ман тааҷҷуб мекунам аз Ҳусайн ибни Алӣ, ки ҳар чи шаҳодаташ наздиктар ва кор бар ӯ сахттар мешуд, чеҳрааш барафрӯхтатар мешуд. Мисли одаме, ки ба васл дорад наздик мешавад. Гӯё хушҳолтар мешавад. Ҳатто як ҷумлае дорад, мегӯяд, он лаҳазоти охир, ки ман ба суроғи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом рафтам, вақте расидам, ки он лаини азалу абад сари муқаддасашро аз бадан ҷудо карда буд. Чашмам, ки афтод, он башошат ва равшании чеҳрааш ончунон маро гирифт, ки кушта шуданашро фаромӯш кардам:

لَقَدْ شَغَلَني نورُ وَجْهِهِ عَنِ الْفِكْرَةِ فی قَتْلِهِ

Оё шумо барои ин намуна пайдо мекунед? Агар намуна пайдо кардед, баъд ба ҷойи азои ҳусайнӣ азои ӯро мегирем, ба ҷойи ёди Ҳусайн, аз ӯ ёд мекунем.

Навиштаанд, Абӯабдуллоҳ дар ҳамалоти худаш нуқтаеро дар майдон марказ қарор дода буд. Маркази ҳамалоташ онҷо буд. Махсусан нуқтаеро имом интихоб карда буд, ки наздики хаймаҳои ҳарам бошад ва аз хаймаҳои ҳарам хеле дур набошад, ба ду манзур. Як манзур ин, ки медонист, ки инҳо чӣ қадр номард ва ғайриинсонанд. Инҳо ҳамин миқдор ҳамийят надоранд, ки лоақал бигӯянд, ки мо бо Ҳусайн тараф ҳастем, пас мутаъарризи хаймаҳо нашавем. Мехост то ҷон дар бадан дорад, то ин раги гарданаш меҷунбад, касе мутаъарризи хаймаҳои ҳарамаш нашавад. Ҳамла мекард, аз ҷилави ӯ фирор мекарданд, вале зиёд таъқиб намекард; бармегашт мабодо хаймаҳои ҳарамаш мавриди таъарруз қарор бигирад.

Дигар ин ки мехост, то зинда аст, аҳли байташ бидонанд, ки ӯ зинда аст. Нуқтаеро марказ қарор дода буд, ки садои ҳазрат мерасид. Вақте, ки бармегашт, дар он нуқта меистод, фарёд мекард:

لا حَوْلَ وَلا قُوَّةَ اِلاّ بِاللهِ الْعَلِيِّ الْعَظيمِ

Вақте, ки ин фарёди Ҳусайн баланд мешуд, аҳли байт сукунати хотире пайдо мекарданд, мегуфтанд, оқо ҳанӯз зинда аст. Имом ба аҳли байт фармуда буд, то ман зинда ҳастам, ҳаргиз аз хаймаҳо берун наёед.

Ин ҳарфҳоро бовар накунед, ки инҳо дам ба дам берун медавиданд. Абадан! Дастури оқо буд, ки то ман зинда ҳастам, дар хаймаҳо бошед, ҳарфи сустӣ аз даҳони шумо берун наёяд, ки аҷри шумо зойеъ мешавад. Мутмаин бошед оқибати шумо хайр аст, наҷот пайдо мекунед ва Худованд душманони шуморо азоб хоҳад кард, ба зудӣ ҳам азоб хоҳад кард. Инҳоро ба онҳо фармуда буд. Онҳо иҷоза надоштанд ва берун ҳам намеомаданд. Ғайрати Ҳусайн ибни Алӣ иҷоза намедод. Ғайрат ва иффати худи онҳо иҷоза намедод, ки берун биёянд, берун ҳам намеомаданд.

Садои оқоро, ки мешуниданд:

لا حَوْلَ وَلا قُوَّةَ اِلاّ بِاللهِ الْعَلِيِّ الْعَظيمِ

Як итминони хотире пайдо мекарданд. Чун оқо видоъ карда буданд ва як бор ё ду бори дигар ҳам баъд аз видоъ омада буданд ва хабар гирифта буданд. Ин буд, ки аҳли байти имом ҳанӯз интизори омадани имомро доштанд.

Аспҳои арабӣ барои майдони ҷанг тарбият мешуданд. Асп ҳайвони тарбиятпазире аст. Инҳо вақте, ки соҳибашон кушта мешуд, аксуламалҳои хоссе аз худашон нишон медоданд.

Аҳли байти Абӯабдуллоҳ дар дохили хайма ҳастанд, ҳамин тавр мунтазир бибинанд, ки садои оқоро мешунаванд ё шояд як бори дигар ҷамоли оқоро зиёрат мекунанд, ки як вақт садои ҳамҳамаи аспи Абӯабдуллоҳ баланд шуд. Омаданд дари хайма. Хаёл карданд оқо омадаанд. Як вақт диданд ин асп омадааст, вале дар ҳоле, ки зини ӯ вожгун аст. Инҷост, ки авлоди Абӯабдуллоҳ, хонадони Абӯабдуллоҳ фарёди: “Во Ҳусайно!” ва “Во Муҳаммадо!”-ро баланд карданд. Даври ин аспро гирифтанд. Навҳасаройӣ табиати башар аст. Инсон вақте мехоҳад дарди дили худашро бигӯяд, ба сурати навҳасаройӣ мегӯяд; ссмонро мухотаб қарор медиҳад, заминро мухотаб қарор медиҳад, дарахтеро мухотаб қарор медиҳад, худашро мухотаб қарор медиҳад, инсони дигареро мухотаб қарор медиҳад, ҳайвонеро мухотаб қарор медиҳад. Ҳар як аз афроди хонадони Абӯабдуллоҳ ба наҳве навҳасаройиро оғоз карданд. Оқо ба онҳо фармуда буд, то ман зинда ҳастам, ҳаққи гиря кардан ҳам надоред. Ман, ки аз дунё рафтам, албатта навҳасаройӣ кунед.

Гиря аст, инсон вақте ғусса дорад, бояд гиря кунад, то уқдаи дилаш холӣ шавад. Иҷозаи гиря карданро баъд аз ин ҷараён ёфта буданд. Дар ҳамон ҳол шурӯъ карданд ба гиристан. Навиштаанд, Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом духтараке дорад, ки хеле ҳам ин духтарро дӯст медошт; Сукайна Хотун, ки баъд ҳам як зани адибаи олимае шуд ва зане буд, ки ҳамаи уламо ва удабо барои ӯ аҳаммияту эҳтиром қоил буданд. Абӯабдиллоҳ хеле ин тифлро дӯст медошт.

Ӯ ҳам ба оқо фавқулъода алоқаманд буд. Навиштаанд, ин бачча ба сурати навҳасаройӣ ҷумлаҳое гуфт, ки дилҳои ҳамаро кабоб кард. Ба ҳолати навҳасаройӣ ин аспро мухотаб қарор додааст, мегӯяд:

يا جَوادَ أَبي هَلْ سُقِيَ أَبي أَمْ قُتِلَ عَطْشاناً

Эй аспи падарам! Падари ман вақте, ки рафт, ташна буд, оё падари манро сероб карданд ё бо лаби ташна шаҳид карданд? Ин дар чӣ вақт буд? Вақте аст, ки дигар Абӯабдуллоҳ аз рӯи асп ба рӯи замин афтодааст. Ин ҷанг бо як тир шурӯъ шуд ва бо як тир хотима пайдо кард. Пеш аз зуҳри Ошӯро, ки шуд, баъд аз он итмоми ҳуҷҷатҳои имом, Умари Саъд касе буд, ки тире ба камон кард ва фиристод…

Вазифаи мо дар баробари таҳрифҳо

Дар ҷаласоти гузашта, ки дар атрофи “таҳрифот дар воқеаи таърихии Ошӯро” баҳс кардам, баҳси худамро дар чаҳор қисмат қарор додам: қисмати аввал дар маънии таҳриф ва анвоъи таҳриф ба таври куллӣ. Қисмати дуввум дар баёни таҳрифоте, ки дар хусуси воқеаи таърихии Ошӯро сурат гирифтааст ва намунаҳое аз он таҳрифот. Бахши севвум, омилҳои таҳриф, мӯҷибот ва асбобе, ки мунҷар ба таҳриф мешаванд ба таври умум ва омилҳои хоссе, ки дар ин ҳодисаи таърихӣ дахолат кардаанд. Бахши чаҳорум, роҷеъ ба вазифаи мо мардум дар баробари ин таҳрифҳо, ҳам вазифаи уламои уммат ва ҳам вазифаи тӯдаи мардум.

Аз ин чаҳор бахш, се бахши аввалро қаблан сӯҳбат кардем. Вале бахши чаҳорум боқӣ монд, ки имшаб ба фазли илоҳӣ шояд муваффақ бишавем он чи, ки лозим аст дар бораи ин матлаб сӯҳбат кунем.

Ба таври қатъу яқин, ҳамин тавре, ки арз кардам, таҳрифоте дар ин ҳодисаи бисёр бузурги таърихӣ тадриҷан дар тӯли замон пайдо шудааст ва бидуни шак дар инҷо вазифае ҳаст, ки бояд бо ин таҳрифҳо мубориза кард. Балки ба таъбири беҳтар, агар бихоҳем аз худамон ситоиш кунем ва таъбири эҳтиромомезе дар бораи худамон ба кор бибарем, бояд бигӯем, ки мо ин насл дар ин замина рисолате дорем барои мубориза бо ин таҳрифот. Вале қабл аз он ки ин вазифа ва рисолатро, чӣ барои уламои уммат ва ба

таъбири дигар хавос ва чӣ барои тӯдаи мардум ва ба таъбири дигар авом, арз бикунам, ду матлаби дигарро муқаддиматан арз мекунам: яке ин ки нигоҳе ба гузашта бикунем, бибинем масъули ин таҳрифот чӣ касоне ҳастанд? Оё хавос ва уламо масъули ин таҳрифотанд ё тӯда ва авомуннос? Имрӯз вазифа чист ва вазифаи кист як матлаб аст, дар гузашта муқассир ва масъул кист, матлаби дигаре аст.

Маъмулан дар ин гуна қазоё уламо тақсирро ба гардани авом меандозанд ва авом ба гардани уламо.

Уламо маъмулан мегӯянд, тақсири ин авомуннос аст, тақсири ҷаҳолати ин мардум аст, аз баски ин мардум ҷоҳилу нодонанд ва аз баски ин мардум нолоиқу ношоиста ҳастанд, инҳо сазовори ҳамин мӯҳмалотанд, шоистаи ҳақоиқ нестанд.

Достоне аст, ман аз марҳум Оятуллоҳ Садр (Аълаллоҳу мақомаҳу!) шунидам, ки Тоҷи Нишопурӣ ҳарфҳое муфт дар минбар мегуфт. Касе ба ӯ эътироз кард, ки инҳо чист?! Ин ҳама иҷтимоъ мешавад чаро ду калима ҳарфи ҳисоб намезанӣ? Гуфт, мардум лоиқ нестанд. Баъд ҳам бо як далеле ба истилоҳ собит кард. Вале мардуми авом ҳам яъне тӯдаи мардум ҳам мантиқе дар баробари хавос доранд ва ин мантиқро ағлаб ба кор мебаранд; мегӯянд, моҳӣ аз сар ганда гардад, най зи дум. Уламо ба манзилаи сари моҳӣ ҳастанд ва мо думи моҳӣ.

Ҳам хавос масъуланд ва ҳам авом

Вале ҳақиқат ин аст, ки дар ин тақсир ҳам хавос масъул ҳастанд ва ҳам авом, ҳар ду. Роҷеъ ба масъул будан ва муқассир будани хавос ва уламо шояд чандон эҳтиёҷе ба тавзеҳ набошад, баъд зимни баёни вазифаи уламо хоҳам гуфт, вале инро бидонед, ки оммаи мардум ва тӯдаи мардум ҳам дар ин масоил шариканд, ба ҳамон андоза ва шояд аҳёнан бештар. Балки дар ин тавр масоил, ин тӯдаи мардум ҳастанд, ки ҳақоиққушӣ мекунанд ва хурофотро ишоъа медиҳанд.

Ҳадиси маъруфе аст ва уламо барои он эътибор қоил шудаанд. Шахсе аз Имом Содиқ алайҳис салом дар бораи ояти шарифаи:

وَمِنْهُمْ أُمِّيُّونَ لَا يَعْلَمُونَ الْكِتَابَ إِلَّا أَمَانِيَّ

— ки Худо аз авомми яҳуд дар онҷо интиқод мекунад (бо ин ки Худо ин авомро бесавод, уммӣ ва дарснохонда муаррифӣ мекунад, дар айни ҳол аз ҳамин авом дар Қуръон интиқод мекунад ва инҳоро масъул мешиносад) суол мекунад, уламои яҳуд масъул буданд дуруст, авом дигар чӣ масъулияте доранд? Инҳо дигар авом буданашон узрашон аст. Ҳадис муфассал аст. Имом фармуд: хайр, ин тавр нест. Бале, як масоиле ҳаст, ки эҳтиёҷ ба дарс хондан дорад, фақат дарсхондаҳо онҳоро дарк мекунанд, дарснохондаҳо

дарк намекунанд. Дар инҷо метавон гуфт, ки авом масъул нестанд, чун дарсхонда нестанд, гӯё ин ки гоҳе авом масъулияташон ин аст, ки чаро дарс намехонанд. Он ҳам худаш як мантиқе аст.

Аҳёнан агар авом масъулият надошта бошанд, дар масоиле аст, ки эҳтиёҷ ба таҳсилу дарсу китобу муаллим дорад. Ин шахс, муаллим надида, мадраса надида, китоб нахонадааст, чаро масъул бошад? Фармуд, аммо баъзе аз масоиле аст, ки башар ба фитрати салим онро дарк мекунад. Ин дигар мадраса ва китоб ва муаллим намехоҳад, диплом доштан — ба таъбири ман — намехоҳад, саломати ақл кофӣ аст. Баъд имом мисол зад, фармуд, ин ки як олиме мардумро ба зуҳду тақво даъват кунад, вале ҳамон, ки мардумро ба зуҳду тақво даъват мекунад, худаш бар хилофи зуҳду тақво амал кунад, тавбафармо бошад аммо тавбафармоён худ тавба камтар кунанд ва мардуми авом ҳам инҳоро бибинанд, ки мегӯянд ва бар зидди гуфтаи худашон амал мекунанд, оё ин одам бояд дарсхонда ва муаллимдида бошад ва килос тайкарда бошад, то бифаҳмад, ки якчунин одаме лоиқи пайравӣ нест? Авомми яҳуд инҳоро ба чашми худашон медиданд ва ба ақли худашон дарк мекарданд,

وَاضْطُرّوا بِمَعارِفِ قُلوبِهِمْ

бо як маърифати фикрӣ инро дарк мекарданд, ки аз чунин касоне набояд пайравӣ кард, бо вуҷуди ин, пайравӣ мекарданд, пас масъуланд.

Пас як силсила масоил аст, ки эҳтиёҷ ба дарс хондан надорад, ҳар гуна дарсе.

Ба қавли маъруф, хатти сиёҳу сафед хондан намехоҳад, арабӣ донистан намехоҳад, форсӣ донистан ҳам намехоҳад, сарфу наҳв намехоҳад, фиқҳу усул намехоҳад, мантиқу фалсафа намехоҳад, фитрати салим мехоҳад ва фитрати салимро ҳам ҳама доранд, фитраташон дарк мекунад. Дар он гуна масоил шумо чӣ мегӯед? Пайғамбари Акрам ҷумлае дорад, ки аз пухтатарини ҷумлаҳост, чун аз фитритарини ҷумлаҳост. Фармуд:

إِنَّمَا الْأَعْمالُ بِالنِّيّاتِ وَإِنَّما لِكُلِّ امْرِئٍ ما نَوى

Амал бастагӣ ба қасду ният дорад. Агар шумо кореро анҷом диҳед, чӣ хуб ва чӣ бад, аммо қасд надоштаед ва бидуни қасд он кор аз шумо содир шудааст, агар бад аст, масъул нестед, агар хуб аст подош надоред. Ин як матлаби хеле возеҳе аст ва ҳар касе мефаҳмад. Ҳол агар касе омад ва масалан хоберо нақл кард, достонеро нақл кард, гуфт, фалон кас дар як ҷараёни изтирорӣ, дар як олами бехабарӣ, дар як коре, ки кучактарин қасде надоштааст, балки қасди хилоф доштааст, дар айни ҳол ҳамин кори бидуни қасд, ӯро ба аъло ъилиёин боло бурд, тамоми гуноҳонашро маҳв кард, оё мо бояд қабул кунем? Бояд

китоб хонда бошем, арабӣ дониста бошем, сиёҳу сафед хонда бошем, ки (бидонем) гуноҳони инсонро фақат як тавба ва як бозгашти ба ҳақ пок мекунад,

إِنَّ الْحَسَنَاتِ يُذْهِبْنَ السَّيِّئَاتِ

(*Сураи Ҳуд, ояти 114*) Кори нек аст, ки асари кори бадро мебарад, аммо кори бидуни ихтиёр на?

Вале мо аз ҳамин фитрати худододии худамон ҳаргиз истифода намекунем. Яке меояд мегӯяд, як дузде буд (дар китобҳо ҳам навиштаанд), роҳро бар мардум мебаст, чӣ қадр моли мардумро чопида буд, чӣ қадр одамҳоро кушта буд, чӣ қадр занҳоро бева карда буд, чӣ қадр баччаҳоро ятим карда буд! Як бор иттилоъ пайдо кард, ки қофилае аз зуввор мехоҳанд бираванд Карбало. Омад сари гарданае камин кард, ки онҳо кай аз онҷо убур мекунанд, барои ин ки роҳро бар зуввори Имом Ҳусайн бибандад, молашонро бигирад, ҷиноят кунад. Мунтазир буд. То қофила бирасад, ду се соат вақт буд. Канори роҳ хобаш бурд. Қофила омад ва рад шуд, ӯ бедор нашуд. Вале дар ҳамин ҳол саҳнаи қиёматро хоб дид; дид ӯро кашон-кашон ба ҷаҳаннам мебаранд. Чаро ба ҷаҳаннам мебаранд? Ҳисобаш равшан аст. Кучактарин амали солеҳ дар номаи амали ӯ нест, ҳар чи ҳаст гуноҳу ҷиноят аст. Бурданд ва бурданд, то лабаи партгоҳи ҷаҳаннам, вале ҷаҳаннам ӯро напазируфт; гуфт на, инро ман намепазирам. Напазируфт ва баргашт. Охир қазия ин тавр кашф шуд, ки ин мард чун дар канори роҳе хобидааст, ки дар онҷо қофилаи зуввор мерафтанд ва гарди зуввор бар либоси ӯ нишастааст, бидуни ин ки худаш қасде дошта бошад, балки қасди куштани ин зувворро доштааст ва қасди бурдани моли инҳоро доштааст ва алорағми гуфтаи пайғамбар, ки

إِنَّمَا الْأَعْمالُ بِالنِّيّاتِ وَإِنَّما لِكُلِّ امْرِئٍ ما نَوى

ин амал бидуни ихтиёр тамоми гуноҳонашро маҳв кард:

فَإِنَّ النّارَ لَيْسَ تَمُسُّ جِسْماً

عَلَيْهِ غُبارُ زُوّارِ الْحُسَيْنِ

Аз ҷанбаи шеърӣ хеле хуб аст, аммо аз ҷанбаи мактаби Имом Ҳусайн мутаассифона на. Ҳоло ин дигар дарс хондан мехоҳад, ки мардуми авом бигӯянд мо, ки хатти сиёҳу сафед нахонадаем, ки бифаҳмем, мо чӣ мефаҳмем, мо ин ҳарфҳоро қабул мекунем. Мегӯем: инҳо аз бадеҳиёти ақл аст, аз фитриёти башар аст. Пас хаёл накунед, ки агар шумо пазируфтед, масъул нестед.

Хатари таҳриф

Матлаби дуввуме, ки қабл аз баёни ин рисолат ва вазифа мехоҳам арз бикунам, хатароте аст, ки дар ин таҳрифот вуҷуд дорад. Мехоҳам як шарҳи мухтасаре роҷеъ ба хатари таҳриф баҳс карда бошам. Бисёр хуб, таҳриф дар дунё воқеъ мешавад. Анвоъи таҳрифҳо мо дар воқеаи таърихии Ошӯро ба даст овардем. Омилҳои таҳрифро ҳам шинохтем. Ҳоло касе бигӯяд таҳриф бишавад, магар чӣ айбе дорад, чӣ зараре дорад, чӣ хатаре дорад? Хатари таҳриф фавқулъода зиёд аст. Таҳриф зарбате ғайри мустақим аст, ки аз зарбати мустақим коритар аст. Агар китобе таҳриф бишавад, чӣ таҳрифи лафзӣ ва чӣ таҳрифи маънавӣ, агар китоби ҳидоят бошад, табдил ба китоби залолат мешавад, агар китоби саодат бошад, табдил ба китоби шақоват мешавад. Агар китобе бошад, ки инсонро рӯ ба боло мебарад, дар асари таҳриф рӯ ба пойин меоварад. Асосан ба куллӣ он ҳақиқатро иваз мекунад; на танҳо бидуни хоссият мекунад, балки асари маъкус мебахшад.

Ҳар чизе офате мутаносиб бо худаш дорад. Ин, ки ҳар чизе офате дорад, таъбири ман нест, таъбири Пайғамбари Акрам аст. Мефармояд:

آفَةُ الدّينِ ثَلاثَةٌ: فَقيهٌ فاجِرٌ، إمامٌ جائِرٌ، مُجْتَهِدٌ جاهِلٌ

Се чиз офати дин аст: аввал донишманди бадамал, фосиқу фоҷир. Дуввум заим ва пешвои ситамкор. Севвум муқаддаси нодон. Инҳоро Пайғамбари Акрам ба унвони офатҳои дин мешуморад. Ҳамин тавре, ки шумо мегӯед, ҷамодот, масалан оҳан, офате дорад, наботот офот доранд, кирми хордор офати фалон гиёҳ аст, малах офат аст барои наботот, ҳайвонот офатҳои махсус ба худ доранд, бадани инсонҳо офатҳои махсус ба худ дорад; дин, ойин, маслак, офати махсус ба худ дорад. “Таҳриф”, ки ба василаи ду синф аз он се синфе, ки Пайғамбари Акрам фармуд эҷод мешавад: яке, фақеҳи фоҷир, олими бадамали фосиқ ва дигаре муқаддаси нодон. Таҳриф офати дин аст, динро мехӯрад. Динро, ки кирми хордор наметавонад аз миён бибарад, динро, ки малах аз миён намебарад. Динро таҳриф аз миён мебарад, чун мавзӯъро иваз мекунад, мардум ба номи ҳақиқат онро мепазиранд, аммо натиҷаи маъкус мегиранд.

Шумо бибинед, Алӣ алайҳис салом, шахсияте ба ин азамат, дар назари баъзе аз мо мардум як шахсияти таҳрифшудаи аҷибе аст. Баъзе аз мардум Алиро фақат ва фақат ба паҳлавонӣ мешиносанду бас. Ва гоҳе ман намедонам ба василаи чӣ ашхосе — ҳатман ба василаи ашхоси бисёр муғризе — як аксҳое аз Алӣ алайҳис салом мунташир мешавад, як шамшере, ки мисли забони мор дуто забона дорад, бозуҳое, қиёфае, ки инсон намефаҳмад охир инҳо аз куҷо (гирифта шудааст?) Аввалан акс ва муҷассамаи Алӣ

алайҳис салом ва Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ қатъан дар дунё набудааст. Меоянд мегӯянд дар фалон музейе, ки дар Париж аст, пайдо шуд. Аввалан чун ислом ҷилави инҳоро гирифта буд барои ин ки мубориза бо инсонпарастӣ карда бошад, худи мусалмонҳо чунин коре накарданд. Ин дунёи Урупое, ки шумо имрӯз мебинед, ин тавр дар тамаддун тараққӣ кардаанд, он замонҳо аз ваҳшитарини миллатҳои дунё буданд. Акси Алӣ куҷо буд, ки касе бардорад, наққошии Алӣ куҷо буд, ки касе бардорад? Як қиёфаҳои аҷиб, ки инсон ҳеч бовар намекунад ин ҳамон Алии обид аст, ин ҳамон Алӣ аст, ки шабҳо аз хавфи Худо мегиристааст; чун симои як обид, симои як мутаҳаҷҷид, симои як касе, ки шабҳо истиғфор мекардааст, симои як ҳаким, симои як қозӣ, симои як адиб як ҷури дигар аст. Ҳар як аз бузургони динро, ки мо дар назар бигирем, симо ва чеҳрае, ки барои онҳо тарсим мекунанд, ғайр аз он чизе аст, ки будааст.

Таҳрифи махсуси мо эрониҳо

Як чизе, ки махсуси мо эрониҳост ман арз мекунам (ва он ин аст, ки мегӯем) “Имом Зайнулобидини бемор”. Шумо дар ғайри забони форсӣ дар ҷойи дигар ин калимаи “бемор”-ро дунболи исми Имом Зайнулобидин намебинед. Масалан дар забони арабӣ. Эшон алқоби зиёде доранд. “Ассаҷҷод” яке аз алқобашон аст, “Зус-сафинот” яке аз алқобашон аст.

Шумо бибинед як китоб дар дунё пайдо мекунед, ки як лақабе ба забони арабӣ ба имом дода бошанд, ки мафҳуми беморро бирасонад? Ман намедонам чӣ тавр шуда, ки мо форсизабонҳо ин лақабро ба имом додаем?! Албатта иллаташ маълум аст. Имом Зайнулобидин танҳо дар айёми ҳодисаи Ошӯро — бигӯям аз иттифоқ, бигӯям тақдири илоҳӣ буд барои ин ки имом зинда бимонад ва насли Имом Ҳусайн аз ин тариқ маҳфуз бимонад — бемор буданд ва ҳамон бемории айёми Ошӯро сабаби наҷоти эшон шуд. Чанд бор тасмим гирифтанд имомро бикушанд, чун бемории эшон дар он вақт шадид буд, гуфтанд:

إِنَّهُ لِما بِهِ

Яъне ин, ки дорад мемирад, чаро дигар ӯро бикушем? Кист дар дунё, ки дар умраш бемор нашавад? Ҳар касе дар умраш як бор, ду бор бемор мешавад. Дигар дар ғайри ин чанд рӯз шумо бибинед як ҷо навиштаанд, ки Имом Зайнулобидин бемор буд? Вале мо Имом Зайнулобидинро як одами бемори маризи зардранг (тасаввур кардаем), ки ҳамеша асо ба дасташ аст ва (бо) камари хам дорад роҳ меравад ва оҳ мекашад. Он вақт мегӯем, имоми чаҳоруми мо ҳам ҳаст. Ҳамин дурӯғ ва таҳриф сабаб шудааст, ки бисёре аз ашхос оҳ бикашанд, нола кунанд, худашонро ба мушмурдагӣ бизананд ва мардум аз онҳо

эҳтиром кунанд, бигӯянд, бибин оқоро! Дуруст Имом Зайнулобидин бемор! Ин таҳриф аст. Имом Зайнулобидин бо Имом Ҳусайн ҳеч фарқ надоштааст, бо Имом Боқир аз назари мизоҷ ва буня ҳеч фарқ надошт. Имом чиҳил сол баъд аз ҳодисаи Карбало зинда буд ва мисли ҳама солим буд. Бо Имом Содиқ фарқе надоштааст. Чаро мо бигӯем, “Имом Зайнулобидини бемор” ?!

Худо раҳмат кунад марҳум Оятӣ (ризвонуллоҳи алайҳ!)-ро, ки як гавҳари гаронбаҳое буд аз дасти мо рафт. Ин марди бузург дар панҷ-шаш сол пеш дар Анҷумани моҳонаи динӣ як ҷаласае роҷеъ ба роҳу расми таблиғ баҳс кард, ки дар ҷилди дуввуми “Гуфтори моҳ” чоп шудааст.

Дар онҷо эшон ҳамин мавзӯъро ҷузъи масоилаш тарҳ кард. Албатта мухтасар тарҳ кард ва рад шуд, гуфт, ҳамин чӣ ҳарфе аст, ки мо ба Имом Зайнулобидин нисбати беморӣ медиҳем? Як лақаб ба имом додаем, ки ҳар кас бишнавад, хаёл мекунад имом як марде буда дар тамоми умр бемор. Баъд як қазияи ҷолибе нақл кард. Гуфт, ки ҳамин чанде пеш яке аз маҷаллотро мехондам, ки дар он маҷалла нависандаи мақолае аз вазъи давлат ва кормандони давлат интиқод карда буд. Ин тавр интиқод карда буд, ки ағлаби кормандони давлат ва мутасаддиёни умур ё афроди беурзае ҳастанд ё афроди нопоке; ё урза доранд ва нопоканд ва ё поканд ва беурза. Айни иборатро эшон нақл карданд. Навишта буд, ки ағлаби мутасаддиёни умур ё Шимранд ё Имом Зайнулобидини бемор ва ҳол он ки мо ниёзмандем ба афроде, ки ҳазрати Аббос бошанд, ҳам пок бошанд ва ҳам корбур (дорои тавоноӣ ва солим. Яъне Шимр корбур буд, вале нопок, Имом Зайнулобидини бемор одами поке буд, мутаассифона корбур набуд, урза ва лиёқате надошт; ҳазрати Аббос хуб буд, ки ҳам пок буд ва ҳам корбур! Ба ҳамон одам агар бигӯед, имомҳоятро бишумор, мегӯяд, имоми чаҳоруми ман Имом Зайнулобидини бемор аст. Як одаме, ки ту эътиқодат — Алаёзу биллоҳ! — дар бораи ӯ ин аст, ки ӯ як одами поке буд, вале корбур набуд ва ҳазрати Аббос, ки маъмум буд ва имом набуд, аз ӯ болотар буд, чун ҳам пок буд ва ҳам корбур, пас чӣ имоме ва чӣ пешвое?! Бибинед ҳамин як ҷараёни кучак чӣ қадр инҳироф ба вуҷуд меоварад?! Мо эрониҳо як мардуми заифписанде ҳастем. Оҳу нола кардан дар миёни мо роиҷ аст. Ҳар кас мехоҳад бигӯяд ман одами хубе ҳастам, худашро шал мекунад, раҳо мекунад, оҳ мекашад, нола мекунад. Ин маълули ҳамин дурӯғе аст, ки мо ба Имом Зайнулобидин нисбат додаем ва эшонро “Имом Зайнулобидини бемор” мехонем. То шахсе мегӯяд оҳ, мегӯем дуруст мисли Имом Зайнулобидини бемор!

Марҳуми Шамс, воизи теҳронии маъруф гуфта буд, дар Машҳад як шабе моро ба ҷойе даъват карданд, мо ҳам ба хаёли ин ки як меҳмонии маъмулӣ аст рафтем. Дидем, на,

ҷамъият хеле зиёд аст. Суфра оварданд. Дидам дар ҷилави ҳар як аз мо як бушқоб ғизо гузоштаанд. Ман ҳар чи, ки нигоҳ кардам, нафаҳмидам чист? Чун ин қадр тира буд, ки аз мош тиратар. Даст гузоштам, дидам, ҳар ҷояш даст мегузорам, аз бушқоб мехоҳад берун биёяд; ин қадр сифту муҳкам аст. Мунтазир шудем, ки чизи дигар биёваранд. Дидам, на, ҷамъият шурӯъ карданд аз ҳаминҳо истифода кардан. Соҳибхонаро садо кардам, омад. Гуфтам, инҳо чист, ки ба ҳалқ халқуллоҳ мекунӣ? Гуфт, эй оқо! Шумо ҳам аз ин ҳарфҳо мезанед? Аз шумо қабеҳ аст, зишт аст. Чӣ тавр? Гуфт, ин оши Имом Зайнулобидини бемор аст. Гуфтам, агар рост мегӯй, ки оши Имом Зайнулобидини бемор аст, пас бемории эшон дар ҳамаи умр аз ҳамин ош буда, ки мехӯрдаанд! Инҳост, ки чеҳраҳои пок ва нурониро мушавваҳ кардааст ва мушавваҳ мекунад.

Аслан имомат ба маънии намуна ва сармашқ будан аст, яъне фалсафаи вуҷуди имом ин аст, ки як инсони мофавқ бошад, як инсони мофавқи инсонҳо бошад, ҳамин тавре, ки пайғамбарон

إِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ يُوحَى إِلَيَّ

(*Сураи Фуссилат, ояти 6*) буданд, то мардум аз ин мислҳои аъло пайравӣ ва табаият кунанд. Аммо вақте, ки чеҳраи ин шахсиятҳо ин қадр мушавваҳ ва хароб шуд, симояшон тағйир кард, инҳо дигар қобили пайравӣ ва лоиқи пайравӣ нестанд ва намешавад аз инҳо пайравӣ кард, яъне пайравӣ аз ин шахсиятҳои хаёлӣ ба ҷойи ин ки нофеъ бошад, натиҷаи маъкус мебахшад.

Пас иҷмолан донистем, ки хатари таҳриф чӣ қадр зиёд аст, воқеан хунсо мекунад. Воқеан таҳриф зарбати ғайри мустақим аст, ханҷар аз пушт задан аст. Қаблан ҳам ишора кардам насли яҳудиҳо қаҳрамони таҳриф дар ҷаҳонанд. Ҳеч кас ба андозаи инҳо дар таърихи ҷаҳон таҳриф накардааст ва ба ҳамин далел ҳеч кас ба андозаи инҳо ба башарият зарба назадааст, ҳақоиқро қалб накарда ва бидъатҳо эҷод накардааст. Инҳо буданд, ки дар ҳар дину мазҳаби афкори музаҳрафи худашонро ба номи авлиёи ҳамон дину мазҳаб пахш мекарданд. Ин ҳам як матлаб, ки ман ба таври иҷмол ишора кардам.

Аммо вазифа ва рисолат. Бидонед, ки вазифаи сангине дорем, махсусан дар ин аср. Дигар бо ҳодисаи таҳрифшуда намешавад ба мардум хидмат кард. Дар гузашта ҳам намешуд. Дар гузашта агар фоидае надошт, зарараш кам буд, вале ҳоло зарараш хеле зиёд аст. Мову шумо бояд таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки бузургтарин вазифае, ки мо дорем ин аст, ки бибинем чӣ таҳрифҳое дар таърихи мо шудааст? Чӣ таҳрифҳое дар наққошии шахсиятҳои бузургони мо шудааст? Чӣ таҳрифҳое дар Қуръони мо шудааст? Аммо таҳрифи Қуръон таҳрифи лафзӣ нест, яъне дар Қуръон як калима на кам шуда ва на зиёд

(қаблан арз кардаам таҳрифи маънавӣ ба андозаи таҳрифи лафзӣ хатарнок аст), балки таҳрифи маънавӣ аст, яъне тафсиру тавҷеҳи ғалат. Дар Қуръон кучактарин таҳрифи лафзӣ сурат нагирифтааст, на як “вов” кам шудааст ва на як “вов” зиёд. Аммо чӣ қадр мо ҳамеша таҳрифи маънавӣ мекунем, яъне оятҳои Қуръонро ғалат тафсиру тавҷеҳ мекунем! Ҳамин ҳам набояд бошад. Таъриххои мо, он таъриххое, ки барои мо дарсомӯзанда аст, санади ахлоқии мост, санади тарбияти иҷтимоии мост, мисли ҳодисаи таърихии Ошӯро, бибинем чӣ таҳрифоте дар инҳо шудааст? Бояд бо ин таҳрифот мубориза кунем.

Вазоифи уламои уммат

Ҳол, вазоифе, ки уламои уммат доранд чист? Вазоифе, ки оммаи мардум ва тӯдаи мардум доранд чист? Роҷеъ ба уламои уммат як сухани куллӣ бояд арз кунам ва он сухани куллӣ ин аст, ки олим нуқтаи инҳирофаш дар инҷост: олим ҳамеша худашро дар муқобили мардум мебинад бо як силсила нуқоти заъф ва айбҳо. Нуқоти заъфи руҳӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, ки як навъ беморӣ дар афрод аст (ва) бо бемориҳои ҷисмонӣ ин тафовутро дорад, ки дар бемории ҷисмӣ худи бемор ғолибан бемории худашро эҳсос мекунад ва худаш дунболи муолиҷа аст, вале дар бемориҳои руҳӣ он чи, ки корро мушкил мекунад ин аст, ки шахс бемор аст, вале худаш намефаҳмад, ки бемор аст, балки баръакс он бемориро ба унвони саломат мепазирад ва ба бемории худаш алоқа дорад.

Нуқоти заъфи руҳӣ, ки дар афрод ҳаст, чунин нест, ки афрод нуқоти заъфи худашонро ба унвони нуқтаи заъф бишносанд ва қабул кунанд, балки нуқоти заъфро нуқтаи қувват дар худашон медонанд. Вале ин олим аст, ки мефаҳмад нуқоти заъфи иҷтимоъаш чист. Ҳол, олим, ки дар муқобили нуқоти заъфи иҷтимоъ қарор мегирад, ду ҳолат дорад (сари дуроҳӣ инҷост): гоҳе бо нуқоти заъфи мардум мубориза мекунад, инро мегӯянд “муслеҳ”. Муслеҳ яъне касе, ки бо нуқоти заъфи мардум мубориза мекунад, қаҳран мардум ҳам ғолибан аз ӯ хушашон намеояд. Вале гоҳе олим мебинад мубориза кардан бо нуқоти заъфи мардум кори сахт ва мушкиле аст, зарар дорад, манфиат намекунад, аз нуқоти заъфи мардум истифода мекунад, на ин ки бо нуқоти заъф мубориза кунад. Инҷост, ки мисдоқи:

فقيهٌ فاجرٌ

мешавад, ки Пайғамбари Акрам фармуд: офати дин се чиз аст: яке аз онҳо фақеҳи фоҷир аст. Дар соири масоил баҳсе намекунем, дар ҳамин масъалаи “мо наҳну фиҳӣ” (ба қавли талабаҳо, яъне баҳси мавриди назар), дар ҳамин воқеаи таърихии Ошӯро баҳс мекунем.

Оммаи мардум ду нуқтаи заъф дар мавзӯи азодории Имом Ҳусайн доранд. Мо бо ин ду нуқтаи заъф чӣ кунем?

Ду нуқтаи заъфи мардум дар маҷолиси азодорӣ

Яке аз нуқоти заъф ин аст, ки маъмулан, ҳам соҳибони маҷолис яъне муассисини маҷолис — чӣ онҳое, ки дар масоҷид таъсиси як маҷлис мекунанд ва чӣ онҳое, ки дар манозилашон, бахусус касоне, ки дар манозилашон — ва ҳам мустамеъин (хоҳони зиёдии ҷамъият ҳастанд) ва ин дар ҳудуде, ки ман таҷриба дорам истисно надорад. Гарчӣ ман яке ду сол аст, ки дигар минбар намеравам ва баҳсҳоям мунҳасир аст ба ҳамин ҷаласоти маҳдуде, ки инҷо баҳс мекунам ё дар Анҷумани исломии муҳандисин соле ду се ҷаласа баҳс мекунам, вале дар чанд соле, ки гоҳе мерафтам, инро эҳсос мекардам ва метавонам бигӯям, барои ин амр истисно надидам, ки ҳам муассисин ва ҳам ҳатто мустамеъин он чизеро, ки мехоҳанд, издиҳоми ҷамъият аст. Агар ҷамъият издиҳом бикунад, розӣ аст, агар ҷамъият издиҳом накунад, розӣ нест. Ин, нуқтаи заъф аст. Ин ҷаласот, ки барои ин нест, ки ҷамъият издиҳом бикунад ё на! Магар мо мехоҳем сон бибинем? Магар мо мехоҳем режа биравем? Ҳадаф чизи дигаре аст. Ҳадаф ошно шудан бо ҳақоиқ ва мубориза кардан бо таҳрифот аст.

Ин мешавад як нуқтаи заъф. Гӯянда дар муқобили ин нуқтаи заъф қарор мегирад, чӣ бикунад? Бо ин нуқтаи заъф мубориза кунад ё мисли Тоҷи Нишопурӣ аз ин нуқтаи заъф истифода кунад? Агар бихоҳад бо ин нуқтаи заъф мубориза кунад, ҳақоикро ба мардум бигӯяд, бо таҳрифот мубориза кунад, бо ҳадафи соҳиби маҷлис ва ҳадафи мустамеъин, ки аз ҷамъ шудан даври якдигар ва аз шулуғ шудан ва аз ин ки худашонро бо ҳам зиёд бибинанд хушашон меояд, ҷур дарнамеояд. Ва аммо агар бихоҳад аз ин нуқтаи заъф истифода кунад, фақат дар ин фикр аст, ки мо чӣ кор бикунем, ки ҷамъият бештар ҷамъ бишавад. Ин ҷост, ки як олим сари дуроҳӣ қарор мегирад: аз ин нуқтаи заъф истифода кунам, баҳрабардорӣ кунам, ба иборати дигар рӯи дӯши ин ҷамъият савор бишавам, (яъне) ҳоло, ки инҳо ин қадр аҳмақ ва нодон ҳастанд ва чунин нуқтаи заъфе доранд, ман ҳам аз ҳамин нуқтаи заъф истифода кунам? Ё алорағми ин нуқтаи заъф, ман бо он мубориза кунам, биравам дунболи ҳақиқат, чӣ кор дорам ба ин ки иҷтимоъ мешавад ё иҷтимоъ намешавад.

Нуқтаи заъфи дуввуми авомуннос дар маҷолиси азодорӣ — ки хушбахтона бояд бигӯем камтар шудааст — ин масъалаи шӯру вовайло бапо шудан аст. Бояд минбарӣ ҳатман дар охир зикри мусибат кунад ва дар ин зикри мусибат ҳам на танҳо мардум ашк бирезанд — ашк бирезанд қабул нест, бояд маҷлис аз ҷо канда бишавад, бояд шӯру вовайло бапо

бишавад. Ман намегӯям маҷлис аз ҷо канда нашавад, ман мегӯям ин набояд ҳадаф бошад. Ман мегӯям агар касе дар он масири саҳеҳ бо баёни ҳақоиқ ва воқеиёт бидуни он ки як равзаи дурӯғе бихонад, бидуни ин ки ҷаъле бикунад, бидуни ин ки таҳрифе бикунад, бидуни ин ки барои Имом Ҳусайн асҳобе бисозад, ки дар таърих набуда ва худи Имом Ҳусайн онҳоро намешиносад чун вуҷуд надоштаанд, бидуни он ки барои Имом Ҳусайн фарзандоне зикр кунад, ки чунин фарзандоне дар дунё вуҷуд надоштаанд, бидуни ин ки барои Имом Ҳусайн душманоне дар Карбало бо ному нишон бисозад мисли Азрақи Шомӣ ва баччаҳои Азрақи Шомӣ, ки кокулашон чӣ гуна буд, ки аслан чунин касоне вуҷуд надоштаанд, агар ашке аз рӯи садоқат ва ҳақиқат рехт, шӯру вовайло ҳам бапо шуд, маҷлис ҳам Карбало шуд, бисёр хуб. Вале вақте, ки набуд, он вақт мо бояд бо Имом Ҳусайн биҷангем, душманӣ кунем? Дурӯғ бибандем? Дурӯғ бигӯем?

Ёдам ҳаст, дар Фаримони худамон, солҳои аввале, ки ман аз Қум меомадам ва ба онҷо мерафтам ва гоҳе минбар мерафтам, омада будем Машҳад, равзахони қаҳҳоре буд, ки дар Машҳад хеле маъруф буд, шабе мо дар масҷиди “Гавҳаршод” дар яке аз шабистонҳо рафта будем пойи равзаи ӯ ва яке аз ҳамвилоятиҳои мо ҳам онҷо буд. Як равзаи сад дар сад дурӯғе онҷо хонд, худаш ҳам гуфт, аз бузургон шунидам (ба қавли марҳуми Оятӣ, нагӯ аз бузургон, бигӯ аз дурӯғгӯён, магар мақсуд аз “бузургон” дурӯғгӯён бошад), чун худаш мефаҳмид, ки ин дар ҳеч китобе нест. Омад як баччае барои Имом Ҳусайн дуруст кард, ки чунин баччае Имом Ҳусайн надоштааст. Гуфт, тифле Имом Ҳусайн доштанд, ки ҷузъи асирон буд. Яке аз лашкариёни Умари Саъд, худаш савор буд ва танобе ба гардани ин тифл баста буд ва ӯро бо зӯри шаллоқ меовардand ва мекашиданд. Ӯ саргарми рафтан буд ва ин тифл маҷбур ба давидан. Як вақт мутаваҷҷеҳ шуд, ки ин таноб фишор оварда ва сангинӣ мекунад. Баъд мутаваҷҷеҳ шуданд, ки ин тифл хафа шудааст. Инро гуфт ва вовайлое бапо шуд. Вақте, ки омадем берун, ёдам аст он ҳамвилоятии ман омад ба ман тавсия кард, гуфт, оқоҷон! Биёед пойи ин минбарҳо, аз ин равзаҳо ёд бигиред, инҳоро барои мардум бихонед!

Ҳол, ин, нуқтаи заъфи мардуми авом аст. Бо ин нуқтаи заъф чӣ бояд кард? Оё бояд аз ин нуқтаи заъфи мардум истифода кард? Бояд баҳрабардорӣ кард? Бояд саворашон шуд? Бояд мисли Тоҷ гуфт, ҳоло, ки инҳо аҳмақанд, ман аз ҳамин ҳамоқаташон истифода мекунам?

На. Бузургтарин рисолат ва вазифаи уламо мубориза бо нуқоти заъфи иҷтимоъ аст. Ин аст, ки Пайғамбари Акрам фармуд:

إِذا ظَهَرَتِ الْبِدَعُ فى أُمَّتي فَلْيُظْهِرِ الْعالِمُ عِلْمَهُ وَإِلاّ فَعَلَيْهِ لَعْنَةُ اللهِ

Онҷо, ки бидъатҳо ва дурӯғҳо зоҳир мешавад, онҷо, ки чизҳое зоҳир мешавад, ки дар дин нест, масоиле пайдо мешавад, ки ман нагуфтаам, бар ӯҳдаи доноён аст, ки ҳақоиқро бигӯянд, ҳарчанд мардум хушашон намеояд. Он касе, ки кетмон мекунад, лаънати Худо бар ӯ бод!

Болотар аз инро худи Қуръони Карим фармудааст:

إِنَّ الَّذِينَ يَكْتُمُونَ مَا أَنْزَلْنَا مِنَ الْبَيِّنَاتِ وَالْهُدَى مِنْ بَعْدِ مَا بَيَّنَّاهُ لِلنَّاسِ فِي الْكِتَابِ أُولَئِكَ يَلْعَنُهُمُ اللَّهُ وَيَلْعَنُهُمُ اللَّاعِنُونَ

(*Сураи Бақара, ояти 159*) Он доноёне, ки ҳақоиқеро мо гуфтаем ва онҳо медонанд, вале кетмон мекунанд, мепӯшонанд, изҳор намекунанд, лаънати Худо бар онҳо ва лаънати ҳар лаънаткунандае бар онҳо бод!

Ман дар мақолаи “Хатми нубувват” навиштам, вазифаи уламо дар давраи хатми нубувват мубориза бо таҳриф аст ва хушбахтона абзори ин кор ҳам дар даст аст ва боз ҳам хушбахтона ҳастанд ва будаанд дар миёни уламо афроде, ки бо ин нуқоти заъф мубориза кардаанд. Китоби “Луълуъ ва марҷон”, ки ман дар ҳамин мавзӯи ҳодисаи Ошӯро дар он се шаб ном мебурдам, аз марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ (ризвонуллоҳи алайҳ), дуруст як қиём ба вазифаи бисёр муқаддасе аст, ки ин марди бузург кардааст, мисдоқи қисмати аввали ин ҳадис аст, ки:

إِذا ظَهَرَتِ الْبِدَعُ فى أُمَّتي فَلْيُظْهِرِ الْعالِمُ عِلْمَهُ

Дар ин тавр маворид вазифаи уламост, ки ҳақоиқро бидуни парда ба мардум бигӯянд, ҳарчанд мардум хушашон намеояд. Вазифаи уламост, ки бо акозиб мубориза кунанд ва мушти дурӯғгӯёнро боз кунанд.

Ҷарҳи ровӣ

Медонед, ки ғайбат ҳаром аст, чӣ ғайбати зинда бошад ва чӣ ғайбати мурда. Вале ғайбат як мавриде дорад, ки истисно шудааст (мавриди истисноӣ). Яке аз мавриди истисноии ғайбат, ки ҳамаи уламои бузург муртакиби ин ғайбат шудаанд ва ин ғайбатро лозим медонанд, балки аҳёнан воҷиб медонанд ва ғайбат воҷиб аст, он чизе аст, ки “ҷарҳи ровӣ” меноманд.

Як касе ҳадис ривоят мекунад, аз пайғамбар ҳадис ривоят мекунад, аз имом ҳадис ривоят мекунад, оё шумо фавран бояд қабул кунед? На, бояд таҳқиқ кунед, ки ин чӣ гуна одаме аст? Ростгӯст ё дурӯғгӯ? Агар дар зиндагии ӯ як нуқтаи заъфе — айбе, нақсе, дурӯғе, фисқе — ро кашф кардед, инҷо бар шумо на танҳо ҷоиз аст, балки лозим аст дар матни

китобҳо ин одамро расво кунед, бигӯед фалон кас, масалан Исҳоқ ибни Аҳмари Наҳовандӣ, ки фалон ривоятро масалан ривояти Шаҳрбонуро ҳарчанд дар “Кофӣ” нақл кардааст, як одами ҷаъъол ва ваззоъ ва дурӯғгӯе будааст. Ӯро дар муқобили таърих бояд расво кунед. Ин кор исмаш “ҷарҳ” аст. Бо ин ки ғайбат ва бадгӯӣ аст ва ғайбат ва бадгӯӣ на аз мурда ҷоиз аст ва на аз зинда, вале дар инҷо, ки пойи таҳриф ва қалби ҳақоиқ аст, бояд шумо дурӯғгӯро расво кунед.

Як олим мумкин аст дар як қисмат, бузург ҳам бошад. Мулло Ҳусайни Кошифӣ аст, хеле марди муллое ҳам будааст, аммо “Равзатуш-шуҳадо”-и ӯ пур аз дурӯғ аст. Ба ҳама дурӯғ бастааст ҳатто ба Ибни Зиёд ва Умари Саъд. Китобаш мамлув аз дурӯғ аст. Мегӯяд, Ибни Зиёд панҷоҳ харвор зари сурх ба Умари Саъд дод, ки омад қазияи Карбалоро қабул кард. Хуб, ҳар, ки бишнавад, мегӯяд, пас Умари Саъд хеле ҳам тақсир надошта, панҷоҳ харвор тиллоро ба ҳар кас бидиҳанд, даст ба ин кор мезанад. Мулло Оқои Дарбандӣ иттифоқан иттифоқи назар аст, ки одами хубе будааст. Ҳатто марҳуми Ҳоҷӣ Нурӣ, ки ин қадр аз китобаш интиқод мекунад — ва ба ҳақ интиқод мекунад – мегӯяд, марди хубе будааст. Воқеан нисбат ба Имом Ҳусайн алайҳис салом марди мухлисе буда ва мегӯяд, воқеан тавре буд, ки ҳар вақт номи Имом Ҳусайнро мешунид, ашкаш ҷорӣ мешуд. Фиқҳу усули хубе ҳам доштааст. Худаш хаёл мекард, ки аз фуқаҳои дараҷаи аввал аст, вале лоақал аз фуқаҳои дараҷаи дуввум ва севвум ба шумор меравад. Китобе навиштааст ба номи “Хазоин”. Як давраи фиқҳ аст, чоп ҳам шудааст. Ӯ муосир бо соҳиби “Ҷавоҳир” аст. Ба соҳиби “Ҷавоҳир” гуфт, исми китоби шумо чист? Гуфт, “Ҷавоҳир”. Гуфт, аз ин ҷавоҳири шумо дар хазоини мо бисёр аст. Аммо ба ҳамон нишоне, ки ҷавоҳир то ба ҳол шояд даҳ чоп шудааст ва ҳеч фақеҳе нест, ки аз ин китоб истифода накунад ва худашро ниёзманд ба ин китоб набинад ва китоби “Хазоин” як давра, ки чоп шуд, дигар аҳаде ба суроғаш нарафт ва қиматаш бо ин ки китоби ҳазорсафҳаӣ аст шояд ҳамон қимати коғазаш бештар нест, (ин сухани ӯ воқеият надорад.)

Ба ҳар ҳол ин мард бо ин ки марди олиме аст, вале “Асроруш шаҳода” навишта, ки ба куллӣ ҳодисаи Карбалоро таҳриф, қалб, зеру рӯ, бехоссият ва беасар кардааст. Китобаш — саросар намешавад гуфт, чун лобалои он (сухан рост) пайдо мешавад; анбори коҳ ҳам чанд, то гандум дар он пайдо мешавад — (мамлув аз) дурӯғ аст. Ҳоло ба хотири ин ки ӯ як олим буда, ботақво буда, мухлиси Имом Ҳусайн будааст, дигар мо дар бораш сукут кунем? Ҳоҷӣ Нурӣ набояд дар бораи “Асроруш шаҳода”-и ӯ изҳори назар кунад, набояд мадраки “Асроруш шаҳода”-ро бигӯяд, ки як китоби бе сару таҳе буд, на аввал дошт ва на охир, фақат дар ҳошияаш навишта буданд таълифи фалон олими ҷабаломулӣ, рафтем гаштем он олим аслан чунин китобе надошт, матни китобро ҳам нигоҳ кардем, пур аз

дурӯғ буд, вале ин марди олим хаёл кард ин китоб як китоби дурусте аст, бардошт ҳамаи онро дар китоби худаш нақл кард?!

Ин ҷарҳ аст. Пас бояд ҷарҳ бишавад. Ин вазифаи олим аст.

Ҳол бахши дигаре дорем, ки вазифаи мардуми авом аст, ки мутаассифона чун ин бахш ақаллан 20 дақиқа вақти моро хоҳад гирифт ва ман бино надорам, ки як соат бештар музоҳим бишавам, дигар мемонад. Аз ҷаласаи оянда шояд дар бораи “Гуноҳи таҳриф ба таври куллӣ” баҳс кунем, яъне дар моварои қазияи Ошӯро дар қазоёи дигар, шояд ҳам мавзӯи дигаре. Агар аз ҷаласаи оянда дар бораи “Гуноҳи таҳриф ба таври куллӣ” баҳс кардам, татиммаи ин баҳсамро иншоаллоҳ дар онҷо арз хоҳам кард.

Аз Худованд Таборак ва Таъоло тавфиқ мехоҳем, ки дилҳои ҳамаро ба ҳаққу ҳақиқат раҳбарӣ бифармояд!

Гуноҳоне, ки аз тариқи таҳриф ё ғайри таҳриф муртакиб шудаем, бар мо бибахшояд!

Ба мо тавфиқ бидиҳад, ки ин вазифа ва рисолатеро, ки дар ин замина дорем, ба хубӣ анҷом бидиҳем!

Худоё! Оқибати амри ҳамаи моро хатми ба хайр бифармо!

Худоё! Марзои мусалмонон, маризҳои манзур либоси офият бипӯшон!

Амвоти ҳамаи моро бибахш ва биёмурз!

رحم الله من قرأ الفاتحة مع الصلوات

Фасли севвум: Моҳияти қиёми ҳусайнӣ

Яке аз масоил дар мавриди наҳзати Имом Ҳусайн алайҳис салом ин аст, ки моҳияти ин наҳзат чӣ будааст? Чун наҳзатҳо ҳам монанди падидаҳои табиӣ моҳиятҳои мухталиф доранд. Ашё ва падидаҳои табиӣ, аз маъданҳо гирифта то гиёҳон ва анвоъи ҳайвонот ҳар кадом моҳияти табиӣ ва вазъи бахусусе доранд. Наҳзатҳо ва қиёмҳои иҷтимоӣ ҳам инчунинанд.

Як шайъро агар бихоҳем бишносем; ё ба иллатҳои фоилии он мешиносем ё ба иллатҳои ғоии он — ки имрӯз шинохт ба иллатҳои ғоиро чандон қабул надоранд — ё ба иллатҳои моддии он яъне аҷзоъ ва аносури ташкилдиҳандаи он ва ё ба иллатии сурии он яъне ба вазъ ва шакл ва хусусияте, ки дар маҷмӯъ пайдо кардааст. Агар як наҳзатро ҳам бихоҳем бишносем ва моҳияташро ба даст оварем, ибтидо бояд иллатҳо ва мӯҷиботеро, ки ба ин наҳзат мунтаҳӣ шудааст бишносем. То онҳоро нашносем, моҳияти ин наҳзатро намешиносем (шинохти иллатҳои фоилӣ). Баъд бояд иллатҳои ғоии онро бишносем, яъне ин наҳзат чӣ ҳадафе дорад? Аввалан ҳадаф дорад ё ҳадаф надорад ва агар ҳадаф дорад чӣ ҳадафҳое дорад? Севвум бояд аносур ва муҳтавои ин наҳзатро бишносем, ки дар ин наҳзат чӣ корҳое, чӣ амалиёте сурат гирифтааст? Ва чаҳорум бояд бибинем ин амалиёте, ки сурат гирифтааст, маҷмӯан чӣ шакле пайдо кардааст?

Оё қиёми ҳусайнӣ аз навъи як инфиҷор буд?

Яке аз масоиле, ки дар мавриди наҳзати Имом Ҳусайн алайҳис салом матраҳ аст ин аст, ки оё ин қиём ва наҳзат аз навъи як инфиҷор буд? Аз навъи як амали ноогоҳона ва ҳисобнашуда буд? Назири ин ки ба деге ҳарорат бидиҳанд, обе, ки дар он аст табдил ба бухор бишавад, манофиз ҳам баста бошад, билохира мунфаҷир хоҳад шуд; ва назири инфиҷорҳое, ки барои афроди инсон пайдо мешавад, ки инсон дар шароите қарор мегирад (ҳоло ё ба иллате, ки ҳамонҷо пайдо мешавад ё ба иллатҳои гузашта, як даруни пур аз укда ва нороҳатӣ дорад), ки дар ҳоле, ки ҳаргиз намехоҳад фалон ҳарфро бизанад, вале якмартиба мебинед нороҳат ва асабонӣ мешавад ва аз даҳонаш ҳар чи, ки ҳатто дилаш ҳам намехоҳад берун биёяд, берун меояд. Инро мегӯянд инфиҷор. Бисёре аз қиёмҳо инфиҷор аст.

Яке аз ҷоҳое, ки дар он, роҳи мактаби ислом бо роҳи макотиби моддии имрӯз фарқ мекунад ин аст, ки макотиби моддии имрӯз рӯи усули хосси диалектикӣ мегӯянд, тазоддҳоро ташдид кунед, нороҳатиҳоро зиёд кунед, шикофҳоро ҳар чи метавонед амиқтар кунед, ҳатто бо ислоҳоти воқеӣ мухолифат кунед барои ин ки ҷомеаро ба инқилоб ба маънии инфиҷор (на инқилоби огоҳона) бикашонед. Ислом ба инқилоби

инфиҷорӣ, як зарра мӯътақид нест. Ислом, инқилобаш ҳам инқилоби сад дар сад огоҳона ва аз рӯи тасмим ва камоли огоҳӣ ва интихоб аст.

Оё ҷараёни Имом Ҳусайн алайҳис салом як инқилоби инфиҷорӣ ва як инфиҷор буд? Як кори ноогоҳона буд? Оё ба ин сурат буд, ки дар асари фишорҳои хеле зиёде, ки аз замони Муовия ва балки аз қабл аз он бар мардум ва хонадони имом оварда буданд, давраи Язид, ки расид, дигар аслан ҳавсалаи Имом Ҳусайн саромад ва гуфт, ҳар чи бодо бод, ҳар чи мехоҳад бишавад?!

Алаёзу биллоҳ! Гуфтаҳои худи Имом Ҳусайн, ки на танҳо аз оғози ин наҳзат, балки аз баъд аз марги Муовия шурӯъ мешавад, номаҳое, ки миёни ӯ ва Муовия мубодила шудааст, суханрониҳое, ки дар мавоқеи мухталиф эрод кардааст, аз ҷумла он суханронии маъруфе, ки дар Мино саҳобаи пайғамбарро ҷамъ кард — ва ҳадисаш дар “Туҳафул-уқул” ҳаст ва хеле муфассал аст ва хитобаи бисёр ғаррое аст — нишон медиҳад, ки ин наҳзат дар камоли огоҳӣ буда; инқилоб аст, аммо на инфиҷор, инқилоб ҳаст, вале инқилоби исломӣ, на инфиҷор.

Аз ҷумлаи хусусиёти Имом Ҳусайн ин аст, ки дар мавриди фард-фарди асҳобаш иҷоза намедиҳад, ки қиёми ӯ ҳолати инфиҷорӣ дошта бошад. Чаро Имом Ҳусайн дар ҳар фурсате мехоҳад асҳобашро ба баҳонае мураххас кунад? Доиман ба онҳо мегӯяд: огоҳ бошед, ки инҷо обу ноне нест, қазия хатар дорад. Ҳатто дар шаби Ошӯро бо забони хоссе бо онҳо сӯҳбат мекунад: ман асҳобе аз асҳоби худам беҳтар ва аҳли байте аз аҳли байти худам фозилтар суроғ надорам. Аз ҳамаи шумо ташаккур мекунам, аз ҳамаатон мамнунам. Инҳо ҷуз бо ман бо касе аз шумо коре надоранд. Шумо агар бихоҳед биравед ва онҳо бидонанд, ки шумо худатонро аз ин маърака хориҷ мекунед, ба аҳаде аз шумо коре надоранд. Аҳли байти ман дар ин саҳро касеро намешиносанд, минтақаро балад нестанд. Ҳар фарде аз шумо бо яке аз аҳли байти ман хориҷ шавад ва биравад. Ман инҷо худам ҳастам танҳо.

Чаро? Раҳбаре, ки мехоҳад аз нороҳатӣ ва норизоятии мардум истифода кунад, ки чунин ҳарфе намезанад; ҳамвора аз таклифи шаръӣ мегӯяд. Албатта таклифи шаръӣ ҳам буд ва Имом Ҳусайн аз гуфтани он низ ғафлат накард, аммо мехост он таклифи шаръиро дар ниҳояти озодӣ ва огоҳӣ анҷом бидиҳанд. Хост ба онҳо бигӯяд, душман шуморо маҳсур накарда, аз ноҳияи душман иҷбор надоред. Агар аз торикии шаб истифода кунед ва биравед, касе музоҳиматон намешавад. Дӯст ҳам шуморо маҷбур намекунад. Ман байъати худамро аз шумо бардоштам. Агар фикр мекунед, ки масъалаи байъат барои шумо тааҳҳуд ва иҷбор ба вуҷуд овардааст, байъатро ҳам бардоштам. Яъне фақат

интихоб ва озодӣ. Бояд дар ниҳояти огоҳӣ ва озодӣ ва бидуни ин ки кучактарин эҳсоси иҷборе аз ноҳияи душман ё дӯст бикунед, маро интихоб кунед.

Ин аст, ки ба шуҳадои Карбало арзиш медиҳад, вагарна Ториқ ибни Зиёд дар ҷанги Испания, вақте, ки Испанияро фатҳ кард ва киштиҳои худро аз он дамоға убур дод, ҳамин қадр, ки убур дод, дастур дод, ки озуқа ба андозаи 24 соат нигаҳ доранд ва зиёдтар аз онро ҳар чи ҳаст оташ бизананд ва киштиҳоро ҳам оташ бизананд. Баъд сарбозон ва афсаронро ҷамъ кард, ишора кард ба дарёи азиме, ки дар онҷо буд, гуфт: айюҳаннос! Душман рӯбарӯи шумо ва дарё пушти сари шумост. Агар бихоҳед фирор кунед, ҷуз ғарқ шудан дар дарё роҳи дигаре надоред, киштие дигар вуҷуд надорад. Ғизо ҳам — агар бихоҳед танбалӣ кунед — ҷуз барои 24 соат надоред, баъд аз он хоҳед мурд. Бинобар ин наҷоти шумо дар задан ва аз байн бурдани душман аст. Ғизои шумо дар чанги душман аст. Роҳе ҷуз ин надоред. Яъне барояшон иҷбор ба вуҷуд овард. Ин сарбоз агар то охирин қатраи хунаш наҷангад, чӣ бикунад?

Аммо Имом Ҳусайн бо асҳоби худаш бар зидди Ториқ ибни Зиёд амал кард, нагуфт: душман инҷост, аз ин тараф биравед шуморо аз байн мебарад, аз он тараф ҳам биравед шуморо нобуд мекунад, бинобар ин дигар роҳе нест ғайр аз ин ки равғани чароғи рехтаро бояд назри имомзода кард. Шумо, ки ба ҳар ҳол кушта мешавед; ҳоло, ки кушта мешавед, биёед бо ман кушта шавед. Он гуна шаҳодат арзиш надошт. Як сиёсатмадор ин ҷур амал мекунад.

Гуфт: на дарё пушти сарат аст ва на душман рӯбарӯият, на дӯст туро иҷбор кардааст ва на душман, ҳар кадомро, ки мехоҳӣ интихоб кун; дар ниҳоят озодӣ.

Пас инқилоби Имом Ҳусайн дар дараҷаи аввал бояд бидонем, ки инқилоби огоҳона аст, ҳам аз ноҳияи худаш ва ҳам аз ноҳияи аҳли байт ва ёронаш; инфиҷор нест.

Наҳзати чандмоҳиятӣ

Инқилоби огоҳона метавонад моҳиятҳои мухталиф дошта бошад. Иттифоқан дар қазоёи Имом Ҳусайн омилҳои зиёде муассир аст, ки ин омилҳо сабаб шудааст, ки наҳзати Имом Ҳусайн як наҳзати чандмоҳиятӣ бошад, на такмоҳиятӣ. Яке аз тафовутҳое, ки миёни падидаҳои иҷтимоӣ ва падидаҳои табиӣ ҳаст ин аст, ки падидаи табиӣ бояд такмоҳиятӣ бошад, наметавонад чандмоҳиятӣ бошад. Як филиз дар они воҳид наметавонад, ки ҳам моҳияти тиллоро дошта бошад ва ҳам моҳияти мисро. Вале падидаҳои иҷтимоӣ метавонанд дар они воҳид чандмоҳиятӣ бошанд. Худи инсон як уъҷубае аст, ки дар они воҳид метавонад чандмоҳиятӣ бошад.

Ин ки Сартр ва дигарон гуфтаанд, ки инсон вуҷудаш бар моҳияташ тақаддум дорад, ин миқдораш дуруст аст. На ба таъбире, ки онҳо мегӯянд дуруст аст, як чизи иловае ҳам дар инҷо ҳаст ва он ин ки инсон дар они воҳид метавонад чанд моҳият дошта бошад; метавонад моҳияти фаришта дошта бошад, дар ҳамон ҳол моҳияти хук ҳам дошта бошад, дар ҳамон ҳол моҳияти паланг ҳам дошта бошад, ки ин, достони азиме аст дар фарҳанг ва маорифи исломӣ.

Падидаи иҷтимоӣ метавонад чандмоҳиятӣ бошад. Иттифоқан қиём Имом Ҳусайн аз он падидаҳое чандмоҳиятӣ аст, чун омилҳои мухталиф дар он асар доштааст. Масалан як наҳзат метавонад моҳияти аксуламалӣ дошта бошад яъне сирфан аксуламал бошад ва метавонад моҳияти оғозгарӣ дошта бошад. Агар як наҳзат моҳияти аксуламалӣ дошта бошад, метавонад як аксуламали манфӣ бошад дар муқобили як ҷараён ва метавонад як аксуламали мусбат бошад дар муқобили ҷараёни дигар. Ҳамаи инҳо дар наҳзати Имом Ҳусайн вуҷуд дорад. Ин аст, ки ин наҳзат як наҳзати чандмоҳиятӣ шудааст. Чӣ тавр?

Омили тақозои байъат

Яке аз омилҳо, ки ба як эътибор (аз назари замонӣ) аввалин омил аст, омили тақозои байъат аст. Имом Ҳусайн дар Мадина аст. Муовия қабл аз мурданаш — ки мехоҳад ҷонишинии Язидро барои худ мусаллам кунад — меояд дар Мадина, мехоҳад аз имом байъат бигирад. Онҷо муваффақ намешавад. Баъд аз мурданаш Язид мехоҳад байъат бигирад. Байъат кардан яъне имзо кардан ва сиҳҳа гузоштан на танҳо рӯи хилофати шахси Язид, балки ҳамчунин рӯи суннате, ки Муовия поягузорӣ кардааст, ки халифаи пешин халифаи баъдиро таъйин кунад, на ин ки халифаи пешин биравад баъд ҳам ҷонишини ӯро таъйин кунанд ё агар шиа буданд ба нассе, ки аз тарафи Пайғамбари Акрам расидааст амал кунанд; на, як амре, ки на шиа мегӯяд ва на суннӣ: халифае халифаи дигарро, писари худашро ба унвони валиаҳдулмуслимин таъйин кунад.

Бинобар ин, ин байъат танҳо имзо кардани хилофати одами нангине монанди Язид нест; имзо кардани суннате аст, ки барои аввалин бор василаи Муовия мехост поягузорӣ бишавад.

Дар инҷо онҳо аз Имом Ҳусайн байъат мехоҳанд, яъне аз ноҳияи онҳо як тақозо иброз шудааст; Имом Ҳусайн аксуламал нишон медиҳад, аксуламали манфӣ. Байъат мехоҳед? Намекунам. Дар инҷо амали Имом Ҳусайн амали манфӣ аст, аз синхи тақвост, аз синхи ин аст, ки ҳар инсоне дар ҷомеаи худаш мувоҷеҳ мешавад бо тақозоҳое, ки ба шаклҳои мухталиф: ба сурати шаҳват, ба сурати мақом, ба сурати тарсу иръоб, аз ӯ мешавад ва бояд дар муқобили онҳо бигӯяд на, яъне тақво. Онҳо мегӯянд: байъат, Имом Ҳусайн

мегӯяд: на. Таҳдид мекунанд, мегӯяд: ҳозирам кушта бишавад ва ҳозир нестам байъат кунам.

То инҷо ин наҳзат моҳияти аксуламалӣ, он ҳам аксуламали манфӣ дар муқобили як тақозои номашрӯъ дорад ва ба таъбири дигар, моҳияташ моҳияти тақвост, моҳияти қисмати аввали

لا إله إلا الله

яъне

لا إِلهَ

аст; дар муқобили тақозои номашрӯъ, “на” гуфтан аст (тақво).

Омили даъвати мардуми Кӯфа

Аммо омиле, ки муассир дар наҳзати ҳусайнӣ буд, танҳо ин қазия набуд. Омили дигаре ҳам дар инҷо вуҷуд дошт, ки боз моҳияти наҳзати ҳусайнӣ аз он назар моҳияти аксуламалӣ аст, вале аксуламали мусбат, на манфӣ.

Муовия аз дунё меравад. Мардуми Кӯфае, ки дар 20 сол қабл аз ин ҳодиса, лоақал 5 соли Алӣ алайҳис салом дар ин шаҳр зиндагӣ кардааст ва ҳанӯз осори таълиму тарбияти Алӣ ба куллӣ аз миён нарафтааст[10], то Муовия мемирад, ба худ меоянд, даври ҳамдигар ҷамъ мешаванд, ки акнун аз фурсат бояд истифода кард, набояд гузошт, ки фурсат ба писараш Язид бирасад, мо Ҳусайн ибни Алӣ дорем, имоми барҳақи мо Ҳусайн ибни Алӣ аст, мо алъон бояд омода бошем ва ӯро даъват кунем, ки ба Кӯфа биёяд ва ӯро кӯмак бидиҳем ва лоақал қутбе дар инҷо дар ибтидо ба вуҷуд оварем, баъд ҳам хилофатро хилофати исломӣ бикунем.

Инҷо як даъват аст аз тарафи мардуме, ки муддаӣ ҳастанд, мо аз сару ҷону дил омодаем, дарахтҳои мо мева додааст. Мақсуд аз ин ҷумла на ин аст, ки фасли баҳор аст. Баъзе ин ҷур хаёл мекунанд, ки дарахтҳо сабз шуда ва мева додааст, яъне оқо! Алъон инҷо фасли мева аст, биёед инҷо масалан мевае бихӯред! На, ин масал аст; мехоҳад бигӯяд, ки дарахтҳои инсонҳо сарсабзанд ва ин боғи иҷтимоъ омодааст барои ин ки шумо дар он қадам бигузоред.

Кӯфа аслан урдугоҳ будааст. Аз аввал ҳам ба унвони як урдугоҳ таъсис шуд. Ин шаҳр дар замони халифа Умар ибни Хаттоб сохта шуд; қаблан “Ҳира” буд. Ин шаҳрро Саъди

---

[10] *Албатта хеле тасфия шудаанд. Бисёре аз сарони бузургон ва мардони ин мардум: Ҳуҷр ибни Удайдҳо, Амр ибни Ҳамиқи Хузоъиҳо, Рушайди Ҳаҷариҳо ва Майсами Тамморҳоро аз миён бурдаанд барои ин ки шаҳрро аз андеша ва фикри Алӣ, аз эҳсосот ба нафъи Алӣ холӣ кунанд. Вале ҳанӯз асари ин таълимот ҳаст*.

Ваққос сохт. Ҳамон мусалмононе, ки сарбоз буданд ва дар воқеъ ҳамон урду, дар онҷо барои худ хона сохтанд ва аз ин рӯ аз як назар қавитарин шаҳрҳои олам буд. Мардуми ин шаҳр аз Имом Ҳусайн даъват мекунанд. На як нафар, на ду нафар, на ҳазор нафар, на панҷ ҳазор нафар ва на даҳ ҳазор нафар, балки ҳудуд ҳаҷдаҳ ҳазор нома мерасад, ки баъзе аз номаҳоро чанд нафар ва баъзе дигарро шояд сад нафар имзо карда буданд, ки дар маҷмӯъ шояд ҳудуди сад ҳазор нафар ба ӯ нома навиштаанд.

Инҷо аксуламали имом чӣ бояд бошад? Ҳуҷҷат бар ӯ тамом шудааст. Аксуламал мусбат ва моҳияти амалаш моҳияти таовун аст, яъне мусалмононе қиём кардаанд, имом бояд ба кӯмаки онҳо биштобад. Инҷо дигар аксуламали имом моҳияти манфӣ ва тақво надорад, моҳияти мусбат дорад. Коре аз ноҳияи дигарон оғоз шудааст, Имом Ҳусайн бояд ба даъвати онҳо посухи мусбат бидиҳад. Инҷо вазифа чист? Дар онҷо вазифа “на” гуфтан буд. Аз назари байъат, Имом Ҳусайн фақат бояд бигӯяд: на, ва худашро пок нигаҳ дорад ва наёлояд. Ва аз ин рӯ агар Имом Ҳусайн пешниҳоди Ибни Аббосро амал мекард ва мерафт дар кӯҳистонҳои Яман зиндагӣ мекард, ки лашкариёни Язид ба ӯ даст намеёфтанд, аз ӯҳдаи вазифаи аввалаш баромада буд; чун байъат мехостанд, намехост байъат кунад; онҳо мегуфтанд: байъат кун, мегуфт: на. Аз назари тақозои байъат ва аз назари эҳсоси тақво дар Имом Ҳусайн ва аз назари ин ки бояд посухи манфӣ бидиҳад, бо рафтан дар кӯҳистонҳои Яман, ки Ибни Аббос ва дигарон пешниҳод мекарданд, вазифаашро анҷом дода буд. Аммо инҷо масъала масъалаи даъват аст, як вазифаи ҷадид аст; мусалмонҳо ҳудуди ҳаҷдаҳ ҳазор нома бо ҳудуди сад ҳазор имзо додаанд. Инҷо итмоми ҳуҷҷат аст.

Имом Ҳусайн аз аввали ҳаракаташ маълум буд, ки мардуми Кӯфаро омода намебинад, мардуми сустунсур ва маъюбшудае медонад. Дар айни ҳол ҷавоби таърихро чӣ бидиҳад? Қатъан агар Имом Ҳусайн ба мардуми Кӯфа эътино намекард, ҳамин мо, ки имрӯз инҷо нишастаем, мегуфтем: чаро Имом Ҳусайн ҷавоби мусбат надод?

Абу Саламаи Халлол, ки ба ӯ мегуфтанд вазири Оли Муҳаммад, дар давраи Банӣ Аббос вақте, ки миёнааш бо халифаи аббосӣ баҳам хӯрд, ки тӯле ҳам накашид, ки кушта шуд, фавран ду нома навишт: яке ба Имом Ҷаъфари Содиқ ва яке ба Абдуллоҳи Маҳз ва ҳар дуро дар они воҳид даъват кард, гуфт, ман ва Абумуслим, ки то ҳоло барои инҳо кор мекардем, аз ин соат мехоҳем барои шумо кор кунем; биёед бо мо ҳамкорӣ кунед, мо инҳоро аз байн мебарем. Аввалан вақте барои ду нафар нома менависад, аломати ин аст, ки хулус надорад. Сониян баъд аз ин ки робитааш бо халифаи аббосӣ баҳам хӯрда, чунин номае навиштааст. Вақте нома ба Имом Ҷаъфари Содиқ алайҳис салом расид, имом номаро хонд, баъд дар ҷилави чашми ҳомили нома онро муқобили оташ гирифт ва

сӯзонд. Он шахс пурсид: ҷавоби нома чист? Фармуд: ҷавоби нома ҳамин аст. Ҳанӯз ӯ барнагашта буд, ки Абу Саламаро куштанд. Ва ҳанӯз мебинем хеле афрод суол мекунанд, ки чаро Имом Ҷаъфари Содиқ ба даъвати Абу Салмаи Халлол ҷавоби мусбат надод ва ҷавоби манфӣ дод? Дар сурате, ки Абу Салмаи Халлол аввалан як нафар буд, сониян хулуси ният надошт ва солисан ҳангоме нома навишт, ки кор аз кор гузашта буд ва халифаи аббосӣ ҳам фаҳмида буд, ки ин дигар бо ӯ садоқат надорад ва аз ин рӯ чанд рӯз баъд ӯро кушт.

Агар ҳаҷдаҳ ҳазор номаи мардуми Кӯфа ба Мадина ва Макка (ва бахусус Макка) назди Имом Ҳусайн рафта буд ва эшон ҷавоби мусбат намедод, таърих Имом Ҳусайнро маломат мекард, ки агар рафта буд, решаи Язид ва язидиҳо канда шуда буд ва аз байн рафта буд; Кӯфа урдугоҳи мусалмонон бо он мардуми шуҷоъ, Кӯфае, ки панҷ сол Алӣ алайҳис салом дар он зиндагӣ кардааст ва ҳанӯз таълимоти Алӣ ва ятимҳое, ки Алӣ бузург карда ва беваҳое, ки Алӣ аз онҳо сарпарастӣ кардааст зинда ҳастанд ва ҳанӯз садои Алӣ дар гӯши мардуми ин шаҳр аст, Имом Ҳусайн ҷубн ба харҷ дод ва тарсид, ки ба онҷо нарафт, агар мерафт дар дунёи ислом инқилоб мешуд. Ин аст, ки инҷо таклиф ин гуна эҷоб мекунад, ки ҳамин, ки онҳо мегӯянд мо омодаем, имом мегӯяд ман, омода ҳастам.

Аз ин назар вазифаи Имом Ҳусайн чист? Мардуми Кӯфа маро даъват кардаанд, меравам ба Кӯфа. Мардуми Кӯфа байъаташонро бо Муслим нақз карданд, ман бармегардам, меравам сари ҷойи худам, меравам Мадина ё ҷои дигар то онҷо ҳар коре бихоҳанд бикунанд, яъне аз назари ин омил, ки як аксуламали мусбат дар муқобили як даъват аст, вазифаи Имом Ҳусайн додани ҷавоби мусбат аст то вақте, ки даъваткунандагон собитанд. Вақте, ки онҳо ҷо заданд, дигар Имом Ҳусайн вазифае аз он назар надорад ва надошт.

Кадом як муқаддам аст?

Аз ин ду омил кадом як бар дигаре тақаддум дошт? Оё аввал Имом Ҳусайн аз байъат имтиноъ (худдорӣ) кард ва чун аз байъат имтиноъ кард, мардуми Кӯфа аз ӯ даъват карданд ё лоақал замонан чунин буд, яъне баъд аз он ки беш аз як моҳ аз имтиноъ аз байъат гузашта буд, даъвати мардуми Кӯфа расид? Ё қазия баръакс буд: аввал мардуми Кӯфа аз ӯ даъват карданд, Имом Ҳусайн дид ҳол, ки даъват кардаанд, ӯ ҳам бояд ҷавоби мусбат бидиҳад? Бадеҳӣ аст марде, ки барои коре ба ин бузургӣ кондидо мешавад, дигар барои ӯ байъат кардан маънӣ надорад; байъат накард барои ин ки ба тақозои мардуми Кӯфа ҷавоби мусбат дода буд! Аз ин ду кадом аст?

Ба ҳасби таърих мусалламан аввалӣ. Чаро? Барои ин ки ҳамон рӯзи аввале, ки Муовия мурд, аз Имом Ҳусайн тақозои байъат шуд; балки Муовия қабл аз ин ки бимирад, ба Мадина омад ва мехост бо ҳар коре ҳаст, дар замони ҳаёти худаш аз Имом Ҳусайн ва ду се нафари дигар байъат бигирад, ки онҳо ба ҳеч шакл зери бор нарафтанд.

Масъалаи тақозои байъат ва имтиноъ аз он, тақаддуми замонӣ дорад. Худи Язид ҳам вақте Муовия мурд, ҳамроҳи ин хабар — ки ба василаи як пайки сабуксайр ва тундрав фиристод ва он пайк дар зарфи чанд рӯз бо он шутурҳои тундрав, худашро ба Мадина расонд — номае фиристод ва ҳамон касе, ки хабари марги Муовияро ба волии Мадина дод, он номаро ҳам ба ӯ нишон дод, ки:

خُذِ الْحُسَيْنَ بِالْبَيْعَةِ أَخْذاً شَديداً

Аз Ҳусайн ибни Алӣ ва ин ду се нафари дигар, ба шиддат, ҳар тавр, ки ҳаст, байъат бигир. Шояд ҳанӯз Кӯфа хабар нашуда буд, ки Муовия мурдааст.

Ба илова, таърих ин тавр мегӯяд, ки аз Имом Ҳусайн тақозои байъат карданд, Имом Ҳусайн имтиноъ кард, ҳозир нашуд, ду се рӯз ба ҳамин минвол гузашт, доиман меомаданд, гоҳе бо забони нарм ва гоҳе бо хушунат, то ҳазрат Мадинаро раҳо кард. Дар 27-уми Раҷаб Имом Ҳусайн аз Мадина ҳаракат кард ва дар севвуми Шаъбон ба Макка расид. Даъвати мардуми Кӯфа дар 15-уми Рамазон ба Имом Ҳусайн расид, яъне баъд аз он ки як моҳу ним аз тақозои байъат ва имтиноъи имом гузашта буд ва баъд аз ин ки беш аз 40 рӯз буд, ки имом дар Макка иқомат карда буд.

Бинобар ин, масъала ин нест, ки аввал онҳо даъват карданд, баъд имом ҷавоби мусоид дод ва чун ҷавоби мусоид дода буд ва аз тарафи онҳо кондид шуда буд, дигар маънӣ надошт, ки байъат кунад, яъне байъат накард, чун ба куфиҳо ҷавоби мусоида дода буд! Хайр, байъат накард қабл аз он ки аслан исми тақозои куфиҳо дар миён бошад ва фармуд: ман байъат намекунам ҳарчанд дар ҳамаи рӯи замин маъво ва малҷаъе барои ман боқӣ намонад, яъне агар тамоми ақтори рӯи заминро бар ман бибанданд, ки як нуқта барои зиндагии ман вуҷуд надошта бошад, боз ҳам байъат намекунам.

Омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Омили севвум — ки инро ҳам мисли ду омили дигар, таърих баён мекунад — омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буд, ки аз рӯзи аввале, ки Имом Ҳусайн аз Мадина ҳаракат кард, бо ин шиор ҳаракат кард. Аз ин назар, масъала ин набуд, ки чун аз ман байъат мехоҳанд ва ман намепазирам, қиём мекунам, балки ин буд, ки агар байъат ҳам нахоҳанд, ман ба ҳукми вазифаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд қиём кунам. Ва низ масъала ин набуд, ки чун мардуми Кӯфа аз ман даъват кардаанд қиём мекунам (ҳанӯз

ҳудуди ду моҳ монда буд, ки мардуми Кӯфа даъват кунанд; рӯзҳои аввал буд ва ба даъвати мардуми Кӯфа марбут нест), балки масъала ин буд, ки дунёи исломро мункарот фаро гирифтааст; ман ба ҳукми вазифаи динӣ ба ҳукми масъулияти шаръӣ ва илоҳии худ қиём мекунам.

Дар омили аввал, Имом Ҳусайн мудофеъ аст. Ба ӯ мегӯянд: байъат кун, мегӯяд: намекунам; аз худаш дифоъ мекунад. Дар омили дуввум, Имом Ҳусайн мутаовин аст. Ӯро ба ҳамкорӣ даъват кардаанд, ҷавоби мусбат додааст. Дар омили севвум, Имом Ҳусайн муҳоҷим аст. Дар инҷо ӯ ба ҳукумати вақт ҳуҷум кардааст. Ба ҳасби ин омил, Имом Ҳусайн як марди инқилобӣ аст, як соир аст, мехоҳад инқилоб кунад.

Вазифаи имом аз назари ҳар як аз ин омилҳо

Ҳар як аз ин омилҳо, як навъ таклиф ва вазифа барои Имом Ҳусайн эҷоб мекард. (Ин ки мегӯям ин наҳзат чандмоҳиятӣ аст, барои ин аст.) Аз назари омили байъат, Имом Ҳусайн вазифае надорад ҷуз зери бори байъат нарафтан. Агар ба пешниҳоди Ибни Аббос ҳам амал мекард ва дар доманаи кӯҳҳо мерафт, ба ин вазифааш амал карда буд. Аз назари анҷоми ин вазифа, Имом Ҳусайн таклифаш ин набуд, ки як нафари дигарро ҳам бо худаш ба ҳамкорӣ даъват кунад. Аз ман байъат хостаанд, ман намекунам; хостаанд домани шарофати маро олуда кунанд, ман намекунам. Аз назари омили даъвати мардуми Кӯфа, вазифааш ин аст, ки ба онҳо посухи мусбат бидиҳад, чаро ки итмоми ҳуҷҷат шудааст.

Яке аз оқоён суол кардааст, ки ин итмоми ҳуҷҷат дар муқобили таърих, ба чӣ шакл мешавад? Пас масъалаи имомат чӣ мешавад? На, масъалаи имомат ба ин маънӣ нест, ки имом дигар таклиф ва вазифаи шаръӣ надошта бошад, итмоми ҳуҷҷат дар бораш маънӣ надошта бошад.

Алӣ алайҳис салом дар хутбаи Шақшақия мефармояд:

لَوْلاَ حُضُورُ الْحَاضِرِ وَقِيَامُ الْحُجَّةِ بِوُجُودِ النَّاصِرِ وَمَا أَخَذَ اللهُ عَلَى الْعُلَمَاءِ أَنْ لاَ يُقَارُّوا عَلَى كِظَّةِ ظَالِمٍ وَلاَ سَغَبِ مَظْلُومٍ لأَلْقَيْتُ حَبْلَهَا عَلَى غَارِبِهَا وَلَسَقَيْتُ آخِرَهَا بِكَأْسِ أَوَّلِهَا

(*Наҳҷул-балоға, хутбаи 3*) Роҷеъ ба замони хилофати худаш мегӯяд: агар набуд, ки мардум ҳузур пайдо карда буданд ва ҳузури мардум ҳуҷҷатро бар ман тамом карда буд ва агар набуд, ки Худо аз уламо ва доноён паймон гирифтааст, ки онҷо, ки мардум тақсим мешаванд ба сероне, ки пур сер хӯрдаанд ва гуруснагони гурусна, алайҳи ин вазъи номатлуб ба суди гуруснагон ва алайҳи пурхӯрҳо қиём кунанд, хилофатро қабул намекардам. Ман аз назари шахсии худам алоқае ба ин кор надоштам, вале ин вазоиф ва масъулиятҳо ба ӯҳдаи ман гузошта шуда буд.

Имом Ҳусайн ҳам ин ҷур аст. Аслан имом, ки имом аст, улгу ва пешвост. Мо аз амали имом метавонем бифаҳмем, ки вазоифро чӣ гуна бояд ташхис дод ва чӣ гуна бояд амал кард.

Аз назари омили даъвати мардуми Кӯфа, Имом Ҳусайн вазифа дорад ба сӯи Кӯфа биёяд, то вақте, ки онҳо сари қавлашон ҳастанд. Аз он соате, ки онҳо ҷо заданд, зери қавлашон заданд ва шикаст хӯрданд ва рафтанд, дигар Имом Ҳусайн аз ин назар вазифае надорад. Вақте масъалаи ба даст гирифтани зимоми ҳукумат, аз ноҳияи онҳо мунтафӣ мешавад, Имом Ҳусайн ҳам дигар вазифае надорад. Вале кори Имом Ҳусайн, ки мунҳасир ба ин набудааст. Омили даъвати мардуми Кӯфа як омили муваққат буд, яъне омиле буд, ки аз 15-уми Рамазон оғоз шуд; мураттаб номаҳо мутабодил мешуд ва ин амр идома дошт то вақте, ки имом ба наздики Кӯфа яъне ба марзҳои Ироқ ва Арабистони Саудӣ расиданд. Баъд, ки бо Ҳур ибни Язиди Риёҳӣ мулоқот кард ва он хабарҳо аз ҷумла хабар қатли Муслим расид, дигар мавзӯи даъвати мардуми Кӯфа мунтафӣ шуд ва аз ин назар имом вазифае надошт. Ва аз ин рӯ имом вақте, ки бо мардуми Кӯфа сӯҳбат мекунад ва мухотабаш мардуми Кӯфа ҳастанд, на Язид ва ҳукумати вақт, ба он шиаёни сустунсур мегӯяд: маро даъват кардед, ман омадам. Намехоҳед, бармегардам. Шумо маро даъват кардед, даъвати шумо барои ман вазифа эҷоб кард, аммо ҳоло, ки пушаймон шудед, ман бармегардам. Оё ин яъне дигар байъат ҳам мекунам? Абадан. Он, омил ва масъалаи дигаре аст, чунонки худаш гуфт: Агар дар тамоми рӯи замин як нуқта вуҷуд надошта бошад, ки маро ҷо бидиҳад (на танҳо шумо маро ҷо надиҳед) боз ҳам байъат намекунам. Аз назари омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ки аз ин назар Имом Ҳусайн дигар мудофеъ нест, мутаовин нест, балки як муҳоҷим аст, як соир ва як инқилобӣ аст чӣ тавр? На, аз он назар ҳисобаш сари ҷои худаш аст.

Иштибоҳи нависандаи “Шаҳиди ҷовид”

Яке аз иштибоҳоте, ки нависандаи китоби “Шаҳиди ҷовид” дар инҷо кардааст, ба назари ман ин аст, ки барои омили даъвати мардуми Кӯфа арзиши беш аз ҳадд қоил шудааст, гӯё хаёл кардааст, ки омили асосӣ ва аслӣ ин аст. Албатта инҳо иҷтиҳод ва истинбот аст. Хуб, як касе истинбот мекунад, иштибоҳ мекунад. Иштибоҳ кардааст. Ғайр аз ин, ман чизе намехоҳам бигӯям. Як иҷтиҳоди иштибоҳ будааст. Хайр, дар миёни ин омилҳо иттифоқан кучактарини онҳо аз назари таъсир, омили даъвати мардуми Кӯфа аст, вагарна агар омили асосӣ ин мебуд, он вақте, ки ба имом хабар расид, ки заминаи Кӯфа дигар мунтафӣ шуд, имом мебоист даст аз он ҳарфҳои дигараш ҳам бармедошт ва мегуфт, бисёр хуб, ҳоло, ки ин тавр шуд, пас мо байъат мекунем, дигар дам аз амр ба

маъруф ва наҳй аз мункар ҳам намезанем. Иттифоқан қазия баръакс аст. Доғтарин хутбаҳои Имом Ҳусайн, шӯрангезтарин ва пурҳаяҷонтарин суханони Имом Ҳусайн, баъд аз шикасти Кӯфа аст.

Ин ҷост, ки нишон медиҳад Имом Ҳусайн то чӣ андоза рӯи омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар такя дорад ва ӯст, ки ба ин давлат ва ҳукумати фосид ҳуҷум овардааст. Аз назари ин омил, Имом Ҳусайн муҳоҷим ба ҳукумати фосиди вақт аст, соир ва инқилобӣ аст. Байни роҳ дорад меояд, чашмаш меафтад ба ду нафар, ки аз тарафи Кӯфа меоянд, меистад, то бо онҳо сӯҳбат кунад. Онҳо мефаҳманд, ки Имом Ҳусайн аст, роҳашонро каҷ мекунанд. Имом ҳам мефаҳмад, ки онҳо дилашон намехоҳад ҳарфе бизананд, роҳи худашро идома медиҳад. Яке аз асҳобаш, ки пушти сар меомад, он дуро дид ва бо онҳо сӯҳбат кард. Онҳо қазоёи нороҳаткунандаи Кӯфаро аз шаҳодати Муслим ва Ҳонӣ барои ӯ нақл карданд, гуфтанд: валлоҳ, мо хиҷолат кашидем ин хабарро ба Имом Ҳусайн бидиҳем. Он мард баъд, ки ба имом мулҳақ шуд, вориди манзиле, ки имом дар он нишаста буд шуд. Гуфт: ман хабаре дорам, ҳар тавр, ки иҷоза мефармоед бигӯям. Агар иҷоза мефармоед инҷо арз кунам, инҷо арз мекунам. Агар на, мехоҳед ман ба таври хусусӣ арз кунам, ба таври хусусӣ арз мекунам.

Фармуд: бигӯ, ман аз асҳоби худам чизеро мастур надорам, бо ҳам якранг ҳастем. Қазияро нақл кард, ки он ду нафаре, ки дирӯз шумо мехостед бо онҳо мулоқот кунед, вале онҳо роҳашонро каҷ карданд, ман бо онҳо сӯҳбат кардам, гуфтанд, қазия аз ин қарор аст: Кӯфа суқут кард, Муслим ва Ҳонӣ кушта шуданд. То ин ҷумларо шунид, аввал ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Ҳоло бибинед чӣ оятеро мехонд:

مِنَ الْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُوا مَا عَاهَدُوا اللَّهَ عَلَيْهِ فَمِنْهُمْ مَنْ قَضَى نَحْبَهُ وَمِنْهُمْ مَنْ يَنْتَظِرُ وَمَا بَدَّلُوا تَبْدِيلًا

(*Сураи Аҳзоб, ояти 23*) (Аслан дар Қуръон ояте муносибтар барои чунин мавқеъе пайдо намекунед.) Баъзе аз мӯъминин ба паймоне, ки бо Худои хеш бастанд вафо карданд. Аз инҳое, ки вафокунанда ба паймони хеш ҳастанд, баъзе аз онҳо гузаштанд ва рафтанд шаҳид шуданд ва иддаи дигар ҳам интизор мекашанд, то навбати онҳо бишавад. Яъне мо фақат барои Кӯфа наомадем. Кӯфа суқут кард, ки кард. Ҳаракати мо, ки фақат маълули даъвати мардуми Кӯфа набудааст. Ин, яке аз омилҳо буд, ки барои мо ин вазифаро эҷоб мекард, ки аҷолатан аз Макка ба тарафи Кӯфа биёем. Мо вазифаи бузургтар ва сангинтаре дорем. Муслим ба паймон худ вафо кард ва кораш гузашт, поён ёфт, шаҳид шуд; он сарнавишти Муслимро мо ҳам пайдо кунем.

Мантиқи Имом Ҳусайн

Аз назари ин ки Имом Ҳусайн муҳоҷим ва соир ва инқилобӣ буд, мантиқаш бо мантиқи мудофеъ ва бо мантиқи мутаовин фарқ мекунад.

Мантиқи мудофеъ, мантиқи одаме аст, ки як шайъи гаронбаҳо дорад, дузд мехоҳад онро аз ӯ бигирад. Басо ҳаст, ки агар киштӣ ҳам бигирад, дуздро ба замин мезанад. Вале ба ин масоил фикр намекунад; онро муҳкам гирифта, дармеравад, ки дузд аз ӯ нагирад. Коре надорад, ки ҳоло зӯраш камтар аст ё бештар. Ҳисоби ин аст, ки мехоҳад онро аз дузд нигаҳ дорад.

Вале як одами муҳоҷим намехоҳад фақат худашро ҳифз кунад, мехоҳад ӯро аз байн бибарад, ҳарчанд ба қимати шаҳодаташ бошад. Мантиқи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, мантиқи Ҳусайнро мантиқи шаҳид кард. Мантиқи шаҳид моварои ин мантиққҳост.

Мантиқи шаҳид яъне мантиқи касе, ки барои ҷомеаи худаш паёме дорад ва ин паёмро ҷуз бо хун бо чизи дигаре намехоҳад бинависад. Хелеҳо дар дунё ҳарф ва паём доштанд. Дар ҳафриёте, ки доиман дар атрофу акнофи олам мекунанд, мебинанд аз фалон подшоҳ ё раисиҷумҳур сангнавиштае дармеояд ба ин ки: манам фалон кас писари фалон кас, манам, ки фалон ҷоро фатҳ кардам, манам, ки чӣ қадр дар дунё зиндагӣ кардам, чӣ қадр зан гирифтам, чӣ қадр айшу нӯш кардам, чӣ қадр зулму ситам кардам. Рӯи санг менависанд, ки маҳв намешавад. Вале дар айни ҳол рӯи ҳамон сангҳо мемонад, мардум фаромӯш мекунанд, зери хокҳо дафн мешавад, баъд аз ҳазорон сол аз зери хокҳо берун меояд, тоза, дар музейҳо мемонад.

Имом Ҳусайн паёми хунини худашро рӯи сафҳаи ларзони ҳаво сабт кард, вале чун тавъам бо хуну ранги қирмиз буд, дар дилҳо ҳак шуд. Имрӯз шумо миллионҳо афрод аз арабу аҷамро мебинед, ки паёми Имом Ҳусайнро медонанд:

إِنّي لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَلاَ الْحَيوةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

(“*Ҳамоно ман маргро ҷуз саодат намедонам ва зиндагиро дар миёни ситамгарон ҷуз ранҷу дилтанагӣ намебинам*.”)

Он ҷо, ки инсон мехоҳад зиндагӣ кунад нангин; онҷо, ки мехоҳад зиндагӣ кунад бо золим ва ситамгар; онҷо, ки мехоҳад зиндагӣ фақат барояш нон хӯрдан ва об нӯшидан ва хобидан ва зери бори зиллатҳо рафтан бошад, марг ҳазорон бор бар ин зиндагӣ тарҷеҳ дорад. Ин паёми шаҳид аст.

Имом Ҳусайн, ки муҳоҷим аст ва мантиқаш мантиқи шаҳид, он рӯзе, ки паёмашро дар саҳрои Карбало сабт мекард на коғазе буд, на қаламе, ҳамин сафҳаи ларзони ҳаво буд.

Вале ҳамин паёмаш рӯи сафҳаи ларзони ҳаво, чаро боқӣ монд? Чун фавран мунтақил шуд рӯи сафҳаи дилҳо; рӯи сафҳаи дилҳо ончунон ҳак шуд, ки дигар маҳвшуданӣ нест. Ҳар сол, ки Муҳаррам меояд, мебинем Имом Ҳусайн аз нав тулӯъ мекунад, аз нав зинда мешавад, боз мегӯяд:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ مَخَطَّ الْقَلادَةِ عَلى جيد الْفَتاةِ، وَما أَوْلَهَني اِلى أَسْلافي اِشْتِياقَ يَعْقوبَ اِلى يوسُفَ

(“*Марг бар фарзандони одам навишта шудааст; ҳамонанд гарданбанде, ки бар гардани духтарон аст ва чӣ қадр ба дидори ниёгонам иштиёқ дорам он чунонки Яъқуб ба дидори Юсуф иштиёқ дошт…*”)

Боз мебинем паёми Имом Ҳусайн аст:

أَلا وَإِنَّ الدَّعيَّ ابنَ الدَّعيِّ قَد رَكَّزَ بَينَ اثنَتينِ بَينَ السُلَّهِ وَالذِلَّةِ وَهَيهاتَ مِنّا الذِلَّةُ يَأبى اللهُ ذلك لَنا وَرَسولُهُ وَالمُؤمِنونَ وَحُجورٌ طابَت وَطَهُرَت وَأنوفُ حَميَّةٍ وَنُفوسُ أبيَّةٍ مِن أن تُؤثِرَ طاعَةَ اللِئامِ عَلى مَصارِعِ الكِرامِ

(“*Ҳон! Ин ҳаромзода писари ҳаромзода маро миёни ду чиз мухайяр кардааст: миёни шамшер ва тан додан ба хорӣ. Ва ҳайҳот, ки мо тан ба зиллат ва хорӣ диҳем! Худо ва расули ӯ ва мӯъминон ва доманҳои пок ва мутаҳҳаре, ки мо дар он парвариш ёфтаем ва дилҳои ғайратманд ва ҷонҳои бузургманиш, бар мо намепазиранд, ки фармонбарӣ аз фурӯмоягонро бар марги шарофатмандона тарҷеҳ диҳем!*”

Дар муқобили 30 ҳазор нафар, ки мисли дарё доранд мавҷ мезананд ва ҳар кадом шамшере ба дӯш гирифта ва найзае дар даст дорад, дар ҳоле, ки ҳамаи асҳобаш кушта шудаанд ва танҳо худаш аст, фарёд мекашад: ин нокас писари нокас, ин ҳаромзода писари ҳаромзода, яъне ин амир ва фармондеҳи шумо, ин Убайдуллоҳ ибни Зиёд, ба ман пайғом додааст, ки Ҳусайн мухайяр аст миёни яке аз ду кор: ё шамшер ё зиллат.

Ҳусайн ва таҳаммули зиллат?!

هَيهاتَ مِنّا الذِلَّةُ

Мо куҷо ва зиллат куҷо? Худои мо барои мо намеписандад (ин паёми шаҳид аст), Худои ман барои ман зиллат намеписандад, паёмбари ман барои ман зиллат намеписандад, мӯъминини ҷаҳон, ниҳодҳо ва зотҳои пок (то рӯзи қиёмат, мардум хоҳанд омад ва дар ин мавзӯъ сухан хоҳанд гуфт), мӯъминине, ки баъдҳо меоянд, ҳеч кадомашон намеписанданд, ки Ҳусайнашон тан ба зиллат бидиҳад. Ман тан ба зиллат бидиҳам?! Ман дар домани Алӣ бузург шудаам, ман дар домани Заҳро бузург шудаам, ман аз пистони Заҳро шир хӯрдаам, мо тан ба зиллат бидиҳем?!

Рӯзе, ки аз Мадина ҳаракат кард, муҳоҷим буд. Дар он васиятномае, ки ба бародараш Муҳаммад ибни Ҳанафия менависад, мегӯяд:

إِنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً، إِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ فى أُمَّةِ جَدّي، أُرِيدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

Мардуми дунё бидонанд, ки ман як одами ҷоҳталаб, мақомталаб, ихлолгар, муфсид ва золим нестам; ман чунин ҳадафҳое надорам. Қиёми ман қиёми ислоҳталабӣ аст. Қиём ва хуруҷ кардам барои ин ки мехоҳам уммати ҷадди худамро ислоҳ кунам. Ман мехоҳам амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бикунам.

Дар нома ба Муҳаммад ибни Ҳанафия на номе аз байъат хостан аст, на номе аз даъвати мардуми Кӯфа ва аслан ҳанӯз масъалаи мардуми Кӯфа матраҳ набуд.

Дар ин мантиқ яъне мантиқи ҳуҷум, мантиқи шаҳид, мантиқи тавсиъа ва густариш додани инқилоб, Имом Ҳусайн корҳое кардааст, ки ҷуз бо ин мантиқ бо мантиқи дигаре қобили тавҷеҳ нест. Чӣ тавр? Агар мантиқаш фақат мантиқи дифоъ мебуд, шаби Ошӯро, ки асҳобашро мураххас мекунад (ба далеле, ки арз кардам) ва байъатро бармедорад, то онҳо огоҳона кори худашонро интихоб кунанд, баъд, ки онҳо интихоб мекунанд бояд ба онҳо иҷозаи мондан надиҳад ва бигӯяд шаръан ҷоиз нест, ки шумо инҷо кушта шавед, инҳо маро мехоҳанд бикушанд, аз ман байъат мехоҳанд, ман вазифаам ин аст, ки байъат накунам, кушта ҳам шудам шудам, шуморо, ки намехоҳанд бикушанд, шумо чаро инҷо мемонед? Шаръан ҷоиз нест, биравед.

На, ин тавр нест. Дар мантиқи соир ва инқилобӣ, дар мантиқи касе, ки муҳоҷим аст ва мехоҳад паёми худашро бо хун бинависад, ҳар чи ки ин мавҷ бештар вусъату густариш пайдо кунад, беҳтар аст, чунон ки вақте, ки ёрон ва хонадонаш эъломи омодагӣ мекунанд, ба онҳо дуо мекунад, ки Худо ба ҳамаи шумо хайр бидиҳад, Худо ҳамаи шуморо аҷр бидиҳад…

Чаро дар шаби Ошӯро Ҳабиб ибни Мазоҳири Асадиро мефиристад, ки бирав дар миёни банӣ Асад, агар мешавад чанд нафарро бароямон биёвар? Магар банӣ Асад ҳамаашон чӣ қадр буданд? Ҳоло гирам Ҳабиб рафт аз банӣ Асад сад нафарро овард. Инҳо дар муқобили он 30 ҳазор нафар чӣ нақше метавонистанд дошта бошанд? Оё метавонистанд авзоъро мунқалиб кунанд? Абадан. Имом Ҳусайн мехост дар ин мантиқ, ки мантиқи ҳуҷум ва мантиқи шаҳид ва мантиқи инқилоб аст, доманаи ин қазия густариш пайдо кунад. Ин ки хонадонашро ҳам овард, барои ҳамин буд, чун қисмате аз паёмашро хонадонаш бояд бирасонанд. Худи Имом Ҳусайн кӯшиш мекард ҳоло, ки қазия ба инҷо кашида шудааст, ҳар чи, ки мешавад доғтар бишавад, барои ин ки базре бикорад, ки

барои ҳамеша дар дунё самар ва мева бидиҳад. Чӣ манозире, чӣ саҳнаҳое дар Карбало ба вуҷуд омад, ки воқеан аҷиб ва ҳайратангез аст!

Арзиши ҳар як аз он омилҳо

Ҳол бибинем дар миёни он омилҳои сегона (яъне омили даъвати мардуми Кӯфа, ки моҳияти таовунӣ ба ин наҳзат медод ва омили тақозои байъат, ки моҳияти дифоъӣ ба ин наҳзат медод ва омили амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, ки моҳияти ҳуҷумӣ ба ин наҳзат медод), арзиши кадом як бештар аз дигаре аст. Албатта арзишҳои ин омилҳо дар як дараҷа нест.

Ҳар омиле як дараҷаи муайяне аз арзишро дорост ва ба ин наҳзат ба ҳамон дараҷа арзиш медиҳад. Омили даъвати мардуми Кӯфа — ки мардуме эъломи омодагӣ карданд ба он касе, ки номзади ин кор шудааст ва ӯ бидуни як зарра муатталӣ омодагии худашро эълом кардааст — бисёр арзиш дорад, вале аз ин бештар, омили тақозои байъат ва имтиноъи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ва ҳозир ба кушта шудан ва байъат накардан арзиш дорад. Омили севвум, ки омили амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар аст, аз ин ҳам арзиши бештаре дорад. Бинобар ин, омили севвум арзиши бештаре ба наҳзати ҳусайнӣ додааст, ки роҷеъ ба арзише, ки як омил ба як наҳзат медиҳад ва арзише, ки қаҳрамони он наҳзат ба он омил медиҳад, як филҷумлае ба арзи шумо мерасонам:

Хеле чизҳо, аъамм аз маънавиёт ва умури моддӣ, барои инсон арзиш ва ифтихор аст, зинат ва зевар аст.

(Масалан) бидуни шак, илм барои инсон зинат аст. Посту мақом, бахусус постҳо ва мақомҳои худоӣ, барои инсон ифтихор ва арзиш аст, ба инсон арзиш медиҳад. Ҳатто як чизҳои зоҳирӣ, ки намояндаи ин арзишҳост, ба инсон арзиш медиҳад мисли либоси руҳоният. Албатта либоси руҳоният ба танҳоӣ далел бар руҳонӣ будан яъне илми маорифи ислом ва тақвои исломиро доштан нест. Руҳонӣ яъне олим ба маорифи исломӣ ва омил ба дастуроти исломӣ. Ин либос аломати ин аст, ки ман руҳонӣ ҳастам. Ҳоло агар касе аз рӯи ҳақиқат пӯшида бошад, аломат дуруст аст. Агар на, нодуруст аст. Ба ҳар ҳол, ин либос барои ин ки ғолибан афроде онро пӯшидаанд, ки маънавият ва ҳақиқати руҳониятро доштаанд, қаҳран барои ҳар касе, ки бипӯшуд ифтихор аст. Мане ҳам, ки салоҳияти пӯшидани ин либосро надорам, шумое, ки маро намешиносед, дар як ҷаласа вақте бо ман рӯ ба рӯ мешавед, ҳамин либосро, ки ба тани ман мебинед, ба ҳамон олими ношинохтагӣ аз ман эҳтиром мекунед. Пас ин либос ифтихор аст барои касе, ки онро мепӯшад. Либоси устоди донишгоҳ барои як устоди донишгоҳ ифтихор аст. Вақте, ки ин либосро мепӯшад, ба ин либос ифтихор мекунад. Барои як зан, зеваролот зинат аст.

Дар наҳзатҳо ҳам бисёре аз омилҳо арзишдиҳанда ба як наҳзат аст. Наҳзатҳо хеле бо ҳам фарқ мекунанд. Агар руҳи асабият ва ба истилоҳ хокпарастӣ дар он бошад, як арзиш ба наҳзат медиҳад ва агар руҳҳои маънавӣ ва инсонӣ ва илоҳӣ дошта бошад, арзиши дигаре ба он медиҳад. Ҳар се омили дахил дар наҳзати ҳусайнӣ, ба ин наҳзат арзиш дод, бахусус омили севвум. Вале гоҳе он касе, ки ин арзиш ба ӯ тааллуқ дорад, як вазъе пайдо мекунад, ки ба ин арзиш, арзиш медиҳад. Ҳамчунон, ки он арзиш ӯро соҳиби арзиш мекунад, ӯ ҳам шаъни ин арзишро боло мебарад; чунонки як марди руҳонӣ вақте, ки либоси руҳониятро мепӯшад, воқеан ин либос барои ӯ ифтихор аст, бояд ифтихор кунад, ки ин либосро ба ӯ пӯшонидаанд ва руҳониюни ҳақиқӣ ҳам ӯро қабул доранд. Вале яке касе корашро дар анҷоми вазоифи руҳоният, дар илму тақво ва амал, ба ҷое мерасонад, ки ӯ ифтихори ин либос мешавад; мегӯем, либоси руҳоният он либосе аст, ки фалон кас ҳам дорад; либосе аст, ки ӯ пӯшидааст.

Ҳадди ақалл мо метавонем мисолҳои таърихӣ зикр кунем. Агар як идда бигӯянд: оҳо! Ин або ва аммома чист, мо чӣ мегӯем? Мегӯем: Бӯалӣ Сино ҳам — ки тамоми кишварҳои исломӣ ба ӯ ифтихор мекунанд; араб мегӯяд аз ман аст, чун китобҳояш ба забони арабӣ аст, эронӣ мегӯяд аз ман аст, чун аҳли Балх аст ва Балх аз қадим моли Эрон буда, ӯзбакҳо мегӯянд, моли мост, барои ин ки Бухоро (зодгоҳи Бӯалӣ) феълан моли мост; ҳар гурӯҳе мегӯяд аз мост ва ҳамаи миллатҳо ба ӯ ифтихор мекунанд — ҳамин либоси маро доштааст. Абӯрайҳони Берунӣ ҳам ҳамин тавр. Пас Бӯалӣ ва Абӯрайҳон ифтихори ин либос шудаанд. Шайхи Ансорӣ, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ ва амсоли инҳо, ҳам ифтихор ёфтаанд ба либоси руҳоният ва ҳам ифтихор додаанд ба либоси руҳоният. Ҳамчунин аст дар мавриди як устоди донишгоҳ: барои афроде либоси устодӣ ифтихор аст. Вале имкон дорад, ки як устод ин қадр шаънаш дар кори устодӣ ва илм ва тахассус ва иктишофот боло бошад, ки ӯ барои либоси устодӣ ифтихор бошад.

Барои як зан зевар зинат аст, вале дар мавриди зане мумкин аст аслан бигӯянд ин, чеҳрае аст, ки ӯ зинат медиҳад ба зеварҳо.

Ҷумлае дорад Саъсаъа ибни Суҳони Абдӣ — аз асҳоби амирулмӯъминин алайҳис салом, ки бисёр зебост. Ҷаноби Саъсаъа аз асҳоби хосси амирулмӯъминин аст, аз он тарбиятшудаҳои ҳисобии Алӣ; марди хатиби суханваре ҳам ҳаст. Ҷоҳиз — ки аз удабои дараҷаи аввали араб аст — мегӯяд: “Саъсаъа марди хатибе буд ва беҳтарин далел бар хатиб будани ӯ ин аст, ки Алӣ ибни Абӯтолиб гоҳе ба вай мегуфт: баланд шав, чанд калима суханронӣ кун”. Саъсаъа ҳамон касе аст, ки рӯи қабри Алӣ алайҳис салом он суханронии бисёр олии пурсӯзро кардааст.

Ин шахс як табрики хилофат ба амирулмӯъминин гуфта дар се-чаҳор ҷумла, ки бисёр ҷолиб аст. Вақте, ки амирулмӯъминин халифа шуд, афрод меомаданд барои табрик гуфтан, як табрике ҳам ҷаноби Саъсаъа гуфтааст. Истод ва хитоб ба амирулмӯъминин гуфт:

زَيَّنْتَ الْخِلافَةَ وَما زانَتْكَ، وَرَفَعْتَها وَما رَفَعَتْكَ، وَهِيَ إِلَيْكَ أَحْوَجُ مِنْكَ إِلَيْها

(*Таърихи Яъқубӣ, 2/179*) Ин се-чаҳор ҷумла арзиши даҳ варақ мақоларо дорад. Гуфт: Алӣ! Ту, ки халифа шудӣ, хилофат ба ту зинат надод, ту ба хилофат зинат бахшидӣ; хилофат туро боло набурд, ту, ки халифа шудӣ мақоми хилофатро боло бурдӣ. Алӣ! Хилофат ба ту бештар эҳтиёҷ дошт, то ту ба хилофат. Яъне Алӣ! Ман ба хилофат табрик мегӯям, ки имрӯз номаш рӯи ту гузошта шуда, ба ту табрик намегӯям, ки халифа шудӣ. Ба хилофат табрик мегӯям, ки ту халифа шудӣ, на ба ту, ки халифа шудӣ. Аз ин беҳтар намешавад гуфт.

Имом Ҳусайн шаъни амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро боло бурд

Унсури амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ба наҳзати ҳусайнӣ арзиш дод, аммо Ҳусайн ҳам ба амри ба маъруф ва наҳӣ аз мункар арзиш дод. Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, наҳзати ҳусайниро боло бурд, вале Ҳусайн алайҳис салом ин аслро ба наҳве иҷро кард, ки шаъни ин асл боло рафт; як тоҷи ифтихор ба сари асли амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ниҳод. Хелеҳо мегӯянд, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар мекунем. Ҳусайн ҳам аввал мисли дигарон фақат як калима ҳарф зад, гуфт:

أُرِيدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

Худи ислом ҳам ҳамин тавр аст. Ислом барои ҳар мусалмоне ифтихор аст, аммо мусалмонҳое ҳам ҳастанд, ки ба маънии воқеии калима фахри исломанд, иззати динанд, шарафи динанд, шарафи исломанд. Ин алқобро мо ба таоруф хеле ба афрод медиҳем, аммо ҳама кас, ки ин ҷур нест. Дар бораи банда агар касе чунин ҳарфе бизанад, дурӯғи маҳз аст, ки ман бигӯям фахри исломам, вуҷуди ман ифтихоре аст барои ислом! Ман кӣ ҳастам?!

Моҷарои Донишгоҳи Шероз

Ёдам ҳаст дар ҳудуди ҳашт сол пеш дар Донишгоҳи Шероз аз ман барои суханронӣ даъват карда буданд. (Анҷумани исломӣ онҷо даъват карда буд). Дар онҷо устодҳо ва ҳатто раиси донишгоҳ ҳама буданд. Яке аз устодҳои онҷо — ки қаблан талаба буд ва баъд рафт Омрико таҳсил кард ва дуктур шуд ва омад ва воқеан марди фозиле ҳам ҳаст — маъмур шуда буд, ки маро муаррифӣ кунад. Омад пушти трибун истод (ҷаласа ҳам мисли ҳамин ҷаласа, хеле пурҷамъият ва боазамат буд), як миқдор муаррифӣ кард: ман

фалониро мешиносам, ҳавзаи Қум чунин, ҳавзаи Қум чунон ва… Баъд дар охири суханонаш ин чумларо гуфт: “*Ман ин чумларо бо камоли ҷуръат мегӯям: агар барои дигарон либоси руҳоният ифтихор аст, фалонӣ ифтихори либоси руҳоният аст*.” Аз ин ҳарф оташ гирифтам. Истода суханронӣ мекардам, абоемро ҳам қаблан то мекардам ва рӯи трибун мегузоштам. Миқдоре ҳарф задам, рӯ кардам ба он шахс, гуфтам:

Оқои фалон! Ин чӣ ҳарфе буд, ки аз даҳонат берун омад?! Ту аслан мефаҳмӣ чӣ дорӣ мегӯй?! Ман чӣ касе ҳастам, ки ту мегӯй фалонӣ ифтихори ин либос аст?.. Ман дар тамоми умрам як ифтихор бештар надорам, он ҳам ҳамин аммома ва аббост.

Ман киям, ки ифтихор бошам?! Ин таоруфҳои пуч чист, ки ба ҳамдигар мекунем?! Абӯзари Ғифориро бояд гуфт ифтихори ислом аст. Ин ислом аст, ки Абӯзар парвариш додааст. Аммори Ёсир ифтихори ислом аст. Ислом аст, ки Аммори Ёсир парвариш додааст. Бӯалӣ Сино ифтихори ислом аст. Ислом аст, ки нубуғи Бӯалӣ Синоро шукуфт. Хоҷа Насируддин ифтихори ислом аст, Садрулмутааллиҳини Шерозӣ ифтихори ислом аст, Шайх Муртазо Ансорӣ ифтихори ислом аст, Мирдомод ифтихори ислом аст, Шайх Баҳоӣ ифтихори ислом аст. Ислом, ифтихор албатта дорад, яъне фарзандони тарбияткарда, ки дунё рӯи онҳо ҳисоб мекунад ва бояд ҳам ҳисоб кунад, чаро ки инҳо дар фарҳанги дунё нақши муассир доранд. Дунё наметавонад қисмате аз кураи моҳро ихтисос ба Хоҷа Насируддин надиҳад ва номи ӯро рӯи қисмате аз кураи моҳ нагузорад, барои ин ки ӯ дар баъзе кашфиёти кураи моҳ дахил аст. Ӯро мешавад гуфт ифтихори ислом. Моҳо кӣ ҳастем?! Мо чӣ арзише дорем? Моро агар ислом бипазирад, ки ислом ифтихори мо бошад, ислом агар бипазирад, ки ба сурати медоле бар синаи мо бошад, мо хеле ҳам мамнун ҳастем. Мо шудем медоле ба синаи ислом?! Моҳо нанги олам ислом ҳастем, аксарияти мо мусалмонҳо нанги олами ислом ҳастем.

Пас таоруфҳоро канор бигузорем; онҳо таоруф аст.

Дар мавриди Ҳусайн ибни Алӣ баҳақ мешавад гуфт, ки ба асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар арзиш ва эътибор дод; обрӯ дод ба ин асле, ки обрӯи мусалмонон аст. Ин ки мегӯям ин асл обрӯи мусалмонон аст ва ба мусалмонон арзиш медиҳад, аз худам намегӯям, айни таъбири ояти Қуръон аст:

كُنْتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ

(“*Шумо (мусалмонони ҳақиқӣ) некӯтарин уммате ҳастед, ки падидор гаштаед (барои ислоҳи башар, ки мардумро) ба некӯкорӣ амр мекунед ва аз бадкорӣ боз медоред…” (Сураи Оли Имрон, ояти 110*)

Бибинед Қуръон чӣ таъбирҳое дорад! Ба Худо, инсон ҳайрат мекунад аз ин таъбирҳои Қуръон:

كُنْتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ

Шумо чунин будаед (“будаед” дар Қуръон дар ин гуна маворид яъне “ҳастед”), шумо боарзиштарини миллатҳо ва умматҳое ҳастед, ки барои мардум ба вуҷуд омадаанд. Вале чӣ чиз ба шумо арзиш додааст ва медиҳад, ки агар онро дошта бошед, боарзиштарини умматҳо ҳастед?

تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ

Агар амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар миёни шумо бошад, ин асл ба шумо уммати мусалмон арзиш медиҳад. Шумо ба ин далел бо арзиштарини умматҳо ҳастед, ки ин аслро доред (ки дар садри аввал ҳам чунин будааст).

Ин асл ба шумо арзиш додааст. Пас оё он рӯзе, ки ин асл дар миёни мо нест, як миллати беарзиш мешавем? Бале, ҳамин тавр аст. Вале Ҳусайн ба ин асл арзиш дод.

Гоҳе мо амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар мекунем, вале на танҳо ба ин асл арзиш намедиҳем, балки арзишашро пойин меоварем. Алъон дар зеҳни оммаи мардум, ба чӣ мегӯянд амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар? Як масоили ҷузъӣ, намегӯям масоили нодуруст (баъзе аз онҳо нодуруст ҳам ҳаст), вале инҳо вақте дар куллаш воқеъ шавад зебост. Масалан, агар амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункари касе фақат ин бошад, ки оқо! Ин ангуштари тиллоро аз дастат берун биёвар, ин дар ҷои худаш дуруст аст, ҳарфи дурусте аст, аммо на ин ки инсон ҳеч мункареро набинад ҷуз ҳамин яке, ҷуз масъалаи риш, ҷуз масоили марбут ба масалан куту шалвор.

Яке аз оқоён мегуфт: шахсеро дидам, ки дар бораи шахси дигаре хеле қур мезад. Дидам дар ҳадди такфир ва тафсиқ, дар бораи ӯ асабонӣ аст. Гуфтам: магар ӯ чӣ карда, ки ту ӯро ин қадр бад медонӣ (як одами бади малъуни ҷаҳаннамӣ)? Гуфт: охир ӯ пероҳанаш яқадор аст! Ҳол вақте, ки наҳӣ аз мункари мо дар ин ҳадд бихоҳад таназзул кунад, мо ин аслро пойин овардаем, ҳақиру кучак кардаем. Он омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункирҳое, ки дар кишвари Саудӣ ҳастанд, обрӯи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро бурдаанд; фақат як шаллоқ ба даст гирифта, ки касе масалан (Каъба ё зареҳи Пайғамбарро) набӯсад. Ин дигар шуд наҳӣ аз мункар!

Вале Ҳусайнро бибинед! Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, кори ӯ буд аз беху бун. Ба тамоми маъруфҳои ислом назар дошт ва феҳрист медод ва низ ба тамоми мункарҳои ҷаҳони ислом. Мегуфт: аввалин ва бузургтарин мункари ҷаҳони ислом худи Язид аст:

فَلَعَمْري مَا الْإِمامُ اِلاَّ الْعامِلُ بِالْكِتابِ، القائِمُ بِالْقِسْطِ وَالدّائِنُ بِدينِ الْحَقِّ

Имом ва раҳбар бояд худаш омил ба китоб бошад, худаш адолатро бапо дорад ва ба дини Худо мутадайин бошад. Он чиро, ки дошт, дар роҳи ин асл дар тибқи ихлос гузошт. Ба марг дар роҳи

амр ба маъруф ва наҳй аз мункар зинат бахшид, ба ин марг шукӯҳу ҷалол дод. Аз рӯзи аввале, ки мехоҳад берун биёяд, сухан аз марги зебо мегӯяд. Чӣ қадр таъбири зебост! Ҳар маргеро намегуфт зебо, марг дар роҳи ҳаққу ҳақиқатро зебо медонист:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ مَخَطَّ الْقَلادَةِ عَلى جيدِ الْفَتاةِ

Чунин марге монанди як гарданбанд, ки барои зан зинат аст, барои инсон зинат аст. Сареҳтар он ашъоре аст, ки дар байни роҳ вақте, ки ба тарафи Карбало меомад мехонд, ки эҳтимолан аз худи эшон аст ва эҳтимолан ҳам аз амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом аст:

وَإِنْ تَكُنِ الدُّنْيا تُعَدُّ نَفيسَةً

فَدارُ ثَوابِ اللهِ أَعْلى وَأَنْبَلُ

Агарчӣ дунё қашнгу нафису зебост, аммо ҳар чи дунё қашангу зебо бошад, он хонаи подоши илоҳӣ хеле қашангтару зеботару олитар аст.

وَإِنْ تَكُنِ الْأَمْوالُ لِلتَّرْكِ جَمْعُها

فَما بالُ مَتْروكٍ بِهِ المَرْأُ يَبْخَلُ

Агар моли дунёро охираш бояд гузошту рафт, чаро инсон набахшад, чаро инсон ба дигарон кӯмак накунад, чаро инсон хайр нарасонад?

وَإِنْ تَكُنِ الْأَبْدانُ لِلْمَوْتِ أُنْشِأَتْ

فَقَتْلُ امْرِئٍ بِالسَّيْفِ فِي اللهِ أَفْضَلُ

Агар ин баданҳо охири кор бояд бимирад.., пас чаро инсон зебо намирад? Пас кушта шудани инсон ба шамшер дар роҳи Худо бисёр ҷамилтар ва зеботар аст.

Дар ҳамин ҷо дуо мекунам ва ҳамаи шуморо ба Худо месупорам.

Парвардигоро! Синаҳои моро барои фаҳми ҳақиқати ислом машруҳ бифармо!

Парвардигоро! Тавфиқи анҷоми вазоиф ва масъулиятҳоеро, ки ба ӯҳдаи мо гузоштаӣ иноят бифармо!

Парвардигоро! Душманони исломро сарнагун бифармо!

Хайри дунё ва охират ба ҳамаи мо каромат кун!

Амвоти моро машмули иноят ва мағфирати худ қарор бидеҳ!

رحم الله من قرأ الفاتحة مع الصلوات

Фасли чаҳорум: таҳлили воқеаи Ошӯро

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله ربّ العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه، سيّدنا ونبيّنا ومولانا أبي القاسم محمّد صلّى الله عليه وآله وسلّم وعلى آله الطّيّبين الطّاهرين المعصومين

Ҳодисаи Ошӯро мисли бисёре аз ҳақоиқи ин олам аст, ки дар замони худашон басо ҳаст ончунон ки бояд, шинохта намешаванд ва балки фалосифаи таърих муддаӣ ҳастанд, ки шояд ҳеч ҳодисаи таърихиро натавон дар замони худаш ончунон ки ҳаст арзёбӣ кард; баъд аз он ки замони зиёде гузашт ва тамоми аксуламалҳо ва ҷараёноти марбут ба як ҳодиса худро буруз доданд, он гоҳ он ҳодиса беҳтар шинохта мешавад. Ҳамчунон, ки шахсиятҳо ҳам ҳамин тавранд. Шахсиятҳои бузург ғолибан дар замони худашон он мавқе, ки шоистаи вуҷуди онҳост, пайдо намешавад; баъд аз маргашон тадриҷан шахсияташон беҳтар шинохта мешавад; баъд аз даҳҳо сол, ки аз маргашон мегузарад, тадриҷан шинохта мешаванд. Ва маъмулан афроде, ки дар замони худашон хеле шохисанд, баъд аз фавташон фаромӯш мешаванд ва басо афроде, ки дар замони худашон он қадрҳо шохис нестанд, вале баъд аз маргашон тадриҷан шахсияти онҳо густариш пайдо мекунад ва беҳтар шинохта мешаванд. Агар ду нафар олимро, ки дар як замон зиндагӣ мекунанд дар назар бигирем, ҳарчанд аз назари шӯҳрати илмӣ яке даҳ баробари дигаре бузург аст, вале гоҳе баъд дар таърих равшан мешавад, ки он ки даҳ баробар кучак буда, аз он ки даҳ баробар бузург буда бузургтар аст, ки барои ин амр ман мисолҳои зиёде дорам. Аз ҳама беҳтар ин аст, ки мо ба худи Алӣ алайҳис салом мисол бизанем, он ҳам аз забони худи эшон.

Дар калимоти Мавло дар “Наҳҷул-балоға” ҷузъи калимоте, ки ҳазрат дар фосилаи зарбат хӯрдан ва шаҳодат яъне дар он фосилаи ҳудуди 45 соати охири зиндагӣ фармудаанд, яке ин ду ҷумла аст, ки таъбири хеле аҷибе аст. Мефармояд:

غَداً تَعْرِفونَني وَيُكْشَفُ لَكُمْ سَرائِري

Фардо маро хоҳед шинохт. Яъне имрӯз маро нашинохтаед, замони ман маро нашинохт, оянда маро хоҳад шинохт.

وَيُكْشَفُ لَكُمْ سَرائِري

(Сароир яъне сарираҳо, умури махфӣ, умуре, ки дар ин замон чашмҳо наметавонад онҳоро бибинад, мисли ганҷе, ки дар зери замин бошад) махфиёти вуҷуди ман фардо барои шумо кашф хоҳад шуд ва ҳамин тавр ҳам шуд.

Алиро мардум баъд аз замони худаш бештар аз замони худаш шинохтанд. Алиро дар замони худаш чӣ касе шинохт? Як иддаи бисёр маъдуд. Шояд теъдоди онҳое, ки Алиро дар замони худаш воқеан мешинохтанд, аз адади ангуштони ду даст ҳам таҷовуз намекард.

Пайғамбари Акрам (с) роҷеъ ба калимоти худашон ин ҷумларо дар Ҳаҷҷатулвидоъ фармуданд. (Бибинед чӣ калимоти бузурге!):

نَضَّرَ (نَصَرَ) اللهُ عَبْداً سَمِعَ مَقالَتي فَوَعاها وَبَلَّغَها مَنْ لَمْ يَسْمَعْها، فَرُبَّ حامِلِ فِقْهٍ غَيْرِ فَقيهٍ، وَرُبَّ حامِلِ فِقْهٍ اِلى مَنْ هُوَ أَفْقَهُ مِنْهُ

Худо хуррам кунад чеҳраи он касро (Худо ёри он кас бод), ки сухани маро бишнавад ва ҳифз ва забт кунад ва ба касоне, ки сухани маро нашунидаанд, ба онҳое, ки дар замони ман ҳастанд, вале инҷо нестанд ё афроде, ки баъд аз ман меоянд, бирасонад. Яъне ҳарфҳои маро, ки мешунавед, ҳифз кунед ва ба дигарон бирасонед.

فَرُبَّ حامِلِ فِقْهٍ غَيْرِ فَقيهٍ

Басо касоне, ки ҳомили як ҳикмат ва ҳақиқатанд дар сурате, ки худашон аҳли он ҳақиқат нестанд, яъне он умқ ва маънии он ҳақиқатро дарк намекунанд.

وَرُبَّ حامِلِ فِقْهٍ اِلى مَنْ هُوَ أَفْقَهُ مِنْهُ

Ва чӣ басо афроде, ки фиқҳеро, ҳикматеро, ҳақиқатеро ҳамл мекунанд, ҳифз мекунанд, баъд мунтақил мекунанд ба касоне, ки аз худашон донотаранд.

Маънои ҷумла ин аст, ки шумо инҳоро ҳифз кунед ва ба дигарон бирасонед. Басо ҳаст, ки шумо аслан умқи ҳарфи маро дарк намекунед, вале он дигаре, ки мешунавад, мефаҳмад; шумо фақат ноқил ҳастед, нақл мекунед. Ва боз басо ҳаст, ки шумо чизе мефаҳмед, вале он касе, ки баъд, шумо барои ӯ нақл мекунед, беҳтар аз шумо мефаҳмад. Мақсуд ин аст, ки суханони маро бирасонед ба наслҳои оянда, ки маънои сухани маро аз шумо беҳтар мефаҳманд.

Алӣ алайҳис салом фармуд, оянда маро беҳтар хоҳад шинохт. Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ҳам фармуд, дар оянда маъонии сухани маро беҳтар аз мардуми ҳозир дарк хоҳанд кард.

Ин аст маънои ин ки арзиши як чиз дар замони худаш ончунон ки бояд, дарк намешавад; бояд замон бигузарад, баъдҳо ояндагон тадриҷан арзиши як шахс, арзиши китоб ё сухани як шахс, арзиши амали як шахсро беҳтар дарк мекунанд.

Иқболи Лоҳурӣ шеъре дорад, ки гӯӣ тарҷимаи ҷумлаи Мавло Алӣ алайҳис салом аст. Ҳазрат мефармояд:

Фардо маро хоҳед шинохт, (инро рӯзе мегӯяд, ки дорад аз дунё меравад), баъд аз марги ман маро хоҳед шинохт. Иқбол мегӯяд:

Эй басо шоир, ки баъд аз марг зод.

Мақсудаш аз шоир, на ҳар касе аст, ки чанд калима сари ҳам кунад, балки мақсуд касе аст, ки паёме дорад, мисли худи Иқбол, ки шоире аст, ки фикре дорад, андешае дорад, паёме дорад, ё Мавлавӣ ва Ҳофиз, ки шуарое ҳастанд, ки андеша ва паёме доранд; гӯё ин ки паёми баъзе аз инҳоро баъд аз 500 сол ҳам ҳанӯз мардум дуруст дарк намекунанд, мисли Ҳофиз, ки ҳанӯз вақте, ки дар атрофи ӯ матлаб менависанд, чаранд менависанд илло он паёме, ки худи Ҳофиз дорад.

Эй басо шоир, ки баъд аз марг зод.

Бисёре аз андешамандон таваллудашон баъд аз маргашон аст, яъне ин гуна ашхос дар замони худашон ҳанӯз таваллуд пайдо накардаанд.

Ҷуброн Халил Ҷуброн як нависандаи дараҷаи аввали арабзабон аст ва аз арабҳои масеҳӣ аст, ки таваллудаш дар Лубнон буда, вале парвариш ва бузург шудан ва фарҳангаш бештар дар Омрико будааст. Ӯ арабинавис ва англисинавис ва ҳамчунин наққош аст ва махсусан дар арабӣ, аз он ширинқаламҳои дараҷаи аввал аст. Бо ин ки масеҳӣ аст, аз шефтагони Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом аст. (Дар миёни арабҳои масеҳӣ, шефтаи Алӣ мо зиёд дорем. Яке аз онҳо *Микоил Нуайма* аст. Яке дигар *Ҷорҷ Ҷурдоқ* аст, ки дар чанд сол пеш китобе навишт ба номи "*Алӣ ибни Абӯтолиб; савтул адола ал-инсония*" (*Имом Алӣ; садои адолати инсонӣ*), ки аввал дар як ҷилд буд, баъд худаш онро тафсил дод ва дар панҷ-шаш ҷилд чоп шуд ва аз беҳтарин китобҳое аст, ки роҷеъ ба ҳазрати Амир алайҳис салом навишта шудааст). Ҷуброн Халил мегӯяд:

"*Ман намедонам чӣ розе аст, ки афроде пеш аз замони худашон мутаваллид мешаванд ва Алӣ аз касоне аст, ки пеш аз замони худаш мутаваллид шудааст*."

Мехоҳад бигӯяд, Алӣ барои замони худаш хеле зиёд буд. Он замон, замони Алӣ набуд. Вале ҳақиқати беҳтар, ҳамон аст, ки худи Алӣ алайҳис салом фармудааст, ки аслан ин гуна ашхос дар ҳар замоне мутаваллид бишаванд, пеш аз замони худашон мутаваллид шудаанд. Алӣ алайҳис салом агар имрӯз ҳам мутаваллид шуда буд, пеш аз замони худаш буд. Яъне он қадр бузурганд, ки замони худашон, ҳар замоне бошад, гунҷоиши инро, ки битавонад онҳоро бишносад ва бишносонад ва муаррифӣ кунад, надорад; бояд муддатҳо бигузарад, баъд аз маргашон бори дигар бозёбӣ ва бозшиносӣ шаванд ва ба истилоҳи имрӯзӣ, таваллуди ҷадид пайдо кунанд.

Шахсиятҳои бузург дар замонҳои баъд беҳтар шинохта мешаванд

Барои ин мавзӯъ арз кардам, ки мисолҳои зиёде ҳаст. Дар миёни ҳамаи табақот ҳамин тавр аст. Ҳамин Ҳофиз — ки мисолашро зикр кардам — оё дар замони худаш ҳамин шӯҳратеро, ки дар замони мо дорад, дошт? На. Дар замони худаш касе девонашро ҳам ҷамъ накард. Худаш ҳам ба хотири руҳи ирфонии хоссе, ки дошт, бо ин ки ба ӯ мегуфтанд, алоқае ба ҷамъоварии он надошт. Ҳофиз як марди олим аст. Яъне аввал як олим аст, дуввум як шоир ва аз ин ҷиҳат бо Саъдӣ ё Фирдавсӣ фарқ мекунад. Инҳо шоир ҳастанд ва масалан 30-40 ҳазор байт шеър гуфтаанд, корашон шоирӣ буда. Ҳофиз кораш шоирӣ набуда, як марди олим ва мударрис ва муҳаққиқ будааст. Баъд аз маргаш, рафиқаш, ки девонашро ҷамъ карда, аҳамми он китобҳоеро, ки ӯ тадрис мекарда зикр намудааст. Муфассир ва ҳофизи Қуръон буда, тафсири Қуръон мегуфта, кораш ин буда. Худаш ҳам дар як ҷо мегӯяд:

Зи ҳофизони ҷаҳон кас чу банда ҷамъ накард,

Латоифи ҳикамӣ бо нуқоти қуръонӣ.

Дар ҷои дигар мегӯяд:

Надидам хуштар аз шеъри ту Ҳофиз,

Ба Қуръоне, ки андар сина дорӣ.

Ва низ дар ҷои дигар мегӯяд:

Ишқат расад ба фарёд, ар худ ба сони Ҳофиз.

Қуръон зи бар бихонӣ дар чордаҳ ривоят.

Яъне на фақат Қуръонро балад буда ва аз ҳифз буда, балки онро бо қироатҳои ҳафтгона мехонда ва аз ҳифз будааст, ки ин оятро Осим ин чур қироат карда, Касоӣ ин тавр қироат карда ва ғайра.

Мулло Садрои Шерозӣ, ки имрӯз тоза баъд аз ҳудуди 350 сол, ки аз маргаш мегузарад (маргаш дар соли 1050 ҳичрии қамарӣ буда ва алъон 1398 аст), дорад шинохта мешавад, то 150 сол баъд аз маргаш аслан дар ҳавзаҳои илмия ҳам китобҳояш тадрис намешуд. Фақат як идда шогирд дошт. Кам-кам, ки ҳукамои баъд аз ӯ омаданд, ба арзиши афкораш пай бурданд ва афкори ӯ ба тадриҷ афкори амсоли Бӯалиро ақиб зад ва пеш афтод. Дунёи Мағрибзамин ҳам тоза акнун дорад бо афкори ин мард ошно мешавад.

Ин, маънои ин аст, ки ашхоси хеле бузург афроде ҳастанд, ки дар замони худашон мавҷе, ҷанҷоле ончунон, ки шоистаи худи онҳост эҷод намекунанд, вале дар замонҳои баъд тадричан мисли ганҷе, ки аз зери хок берун биёяд, берун меоянд ва шинохта мешаванд. Мисоли дигар, Сайидҷамол аст. Алъон дар ҷаҳон лоақал ҳафтае як мақола дар бораи Сайидҷамолуддини Асадободӣ навишта мешавад. Кишварҳои исломӣ ҳам ба ӯ ифтихор

мекунанд. Эрониҳо мегӯянд, Сайидҷамол моли мост, афғониҳо мегӯянд моли мост, туркҳо мегӯянд моли мост, чун дар Туркия мурдааст. Охираш афғонҳо пирӯз шуданд, рафтанд устухонҳои Сайидҷамолро аз Туркия ба Афғонистон бурданд; дар сурате, ки Сайидҷамол худашро на ба Эрон мебаст, на ба афғон, на ба турк ва на ба араб (албатта зоҳиран эронӣ буда), на ба Миср мебаст ва на ба ҷои дигар. Мисриҳо ифтихор мекунанд, ки бале, Сайидҷамол омад ба кишвари мо ва қадрашро шинохтанд ва дар инҷо буд, ки уламое мисли Муҳаммадабду ба ӯ гароиш пайдо карданд ва ӯ тавонист як ҳизб ташкил бидиҳад ва аслан авҷ гирифтани Сайидҷамол аз инҷо буд, пас мо аз ҳама ба Сайидҷамол наздиктар ҳастем. Вале дар замони худаш ба ҳар ҷо, ки мерафт, ӯро тард мекарданд. Ба Эрони худи мо, ки омад, бо чӣ вазъи некбатборе ӯро табъид карданд! Муддатҳо дар ҳазрати Абдулазим мутаҳассин буд. Дар зимистони хеле сарде, ки барфи бисёр сангине ҳам омада буд, рехтанд ва ӯро аз баст хориҷ карданд, савори қотир карданд ва мисли ҷаддаш Зайнулобидин поҳояшро ба шиками қотир бастанд ва дар он ҳавои сард ӯро аз тариқи ғарби Эрон (Ҳамадон ва Кирмоншоҳ) аз марз хориҷ карданд. Ҳатто як нафар ҳам чизе нагуфт. Ҳоло ҳар касе ифтихор мекунад, ки ман дар бораи Сайидҷамол мақолае хондам.

Сайидҷамол дар замони худаш шинохта нашуд. Албатта дар Миср иддае равшанфикр даврашро гирифтанд, вале баъд англисиҳо ӯро табъид карданд. Муддатҳо дар Ҳинд ва муддатҳо дар Наҷаф буд. Аслан чаҳор сол ибтидои ҳаёти илмии ин мард дар Наҷаф будааст. Фарҳанги Сайидҷамол фарҳанги исломӣ аст (ва аҳаммияти ӯ ҳам ба ҳамин аст), яъне таҳсилоти олиаш таҳсилоти олии исломӣ аст. Дар Наҷаф дар дарси устодулфуқаҳо, Шайх Муртазо Ансорӣ, ки дар зуҳду тақво ва илму таҳқиқ марди фавқулъодае буд ширкат дошта ва ахлоқ ва фалсафа ва ирфонро назди марди бузурги дигаре ба номи Оҳунд мулло Ҳусайнқулии Ҳамадонӣ хондааст. Кам-кам он муҳитро, ки дар он вақт тааллуқ ба усмонӣ дошт, таҳаммул намекард ва устодонаш ба ӯ гуфтанд беҳтар ин аст, ки ту муҳоҷират кунӣ ва биравӣ дунболи идеяҳое, ки дорӣ.

Алъон, ки ҳисоб мекунам, мебинам наҳзатҳое, ки яке баъд аз дигаре дар ҷаҳони ислом пайдо шуд, марҳуни заҳамоти ӯ буд (баъзе аз қисматҳои ин матлаб, ҳанӯз дуруст расидагӣ нашудааст.) Яъне тухмҳое, ки ӯ кошт, яке аз онҳо ҳам дар замони худаш самар надод, вале баъд аз маргаш ҳамаи онҳо самар доданд. Наҳзатҳое, ки баъд дар Миср шуд, наҳзатҳое, ки дар Ҳинд шуд, наҳзат машрутият ва ҳатто наҳзат танбоку дар Эрон аз самарот талошҳои ӯст. Ва аз ҷумла матолибе, ки дар шарҳ ҳол ӯ нанавиштаанд ин аст, ки наҳзат истиқлол Ироқ- ки баъд аз машрутият рӯи дод- мадюн ӯст, чун акнун мо дар

таърих кашф мекунем, ки касоне, ки ин наҳзатро раҳбарӣ мекардаанд, аз дӯстон Сайидҷамол будаанд.

Ин аст, ки мегӯем мардони хеле бузург ҳар миқдор ҳам, ки дар замонашон шинохта бишаванд, шинохта намешаванд. Дар замонҳои баъд, беҳтар шинохта мешаванд ва арзишашон беҳтар дарк мешавад.

Ҳаводис таърихӣ низ дар замонҳои баъд беҳтар шинохта мешаванд

Ҳамчунин аст ҳаводис ва вақоеъ. Абъоди ҳаводис ва вақоеъ низ дар замони худаш ончунон, ки ҳаст ташхис дода намешавад. Басо ҳаст, ки як ҳодиса, кучак талаққӣ мешавад, вале баъд аз муддате тадриҷан абъод ва умқ ва лояҳои ин ҳодиса, азамат ва аҳаммияти ин ҳодиса беҳтар шинохта мешавад.

Ҳодисаи Ошӯро аз ҷумлаи ин ҳаводис аст; дар радифи ин ки шахс мемирад, баъд аз маргаш шинохта мешавад ё асаре халқ мешавад, баъд аз солҳо арзиши он шинохта мешавад. Ҳодисаи иҷтимоӣ ҳам, ки рух медиҳад, баъдҳо моҳияти он дуруст шинохта мешавад ва арзиши он дарк мегардад. Дар мавриди баъзе аз ҳаводис шояд ҳазор сол бояд бигузарад, то моҳияти онҳо дуруст ва ончунон, ки ҳаст шинохта шавад. Ва боз ҳодисаи Ошӯро аз ин гуна ҳаводис аст.

Ҷумлае аз Имом Ҳусайн алайҳис салом ҳаст, ки бо ин ки худам ин ҷумларо борҳо такрор кардаам, вале ба маънӣ ва умқи он хеле фикр накарда будам. Ин ҷумла дар он васиятномаи маъруфе аст, ки Имом ба бародарашон Муҳаммад ибни Ҳанафия менависад. Муҳаммад ибни Ҳанафия бемор буд ба тавре, ки дастҳояш фалаҷ шуда буд ва аз ин рӯ аз ширкат дар ҷиҳод маъзур буд. Зоҳиран вақте, ки ҳазрат мехостанд аз Мадина хориҷ шаванд, васиятномае навиштанд ва таҳвили ӯ доданд.

Албатта ин васиятнома на ба маънои васиятномае аст, ки мо мегӯем, балки ба маънои супоришнома аст, ки вазъи худашро равшан мекунад, ки ҳаракат ва қиёми ман чист ва ҳадафаш чист. Ибтидо фармуд:

إِنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً ولا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً، وَإِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ فی أُمَّةِ جَدّي

(*“Ман хуруҷ накардам аз барои тафреҳу тафарруҷ ва на аз барои истикбору баландманишӣ ва на аз барои фасоду харобӣ ва на аз барои зулму ситам ва бедодгарӣ, балки хуруҷи ман барои ислоҳи уммати ҷаддам Муҳаммад саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи мебошад.*”)

Иттиҳомотиро, ки медонист баъдҳо ба ӯ мезананд, рад кард:

Хоҳанд гуфт, Ҳусайн дилаш мақом мехост, дилаш неъматҳои дунё мехост, Ҳусайн як одами муфсид ва ихлолгар буд, Ҳусайн як одами ситамгар буд. (Имом Ҳусайн дар идома

мегӯяд, ки чунин нест), дунё бидонад, ки Ҳусайн ҷуз ислоҳи уммат ҳадафе надошт, ман як муслеҳам. Баъд фармуд:

أُرِيدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْرُوفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

Ҳадафи ман яке амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст ва дигар ин ки сайр кунам, сира қарор бидиҳам ҳамон сираи ҷаддам ва падарамро.

Ин ҷумлаи дуввум хеле бояд шикофта шавад. Ин ҷумла дар он таърих маънӣ ва мафҳуми хоссе доштааст. Чаро Имом Ҳусайн баъд, ки фармуд мехоҳам амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам, изофа кардЕ мехоҳам сайр кунам ба сираи ҷаддам ва падарам? Мумкин аст касе бигӯяд ҳамон гуфтании амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кофӣ буд. Магар сираи ҷадду падараш ғайр аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буд? Ҷавоб ин аст, ки иттифоқан бале. Ибтидо бояд ба як таърихча ишора кунам ва баъд ин матлабро шарҳ бидиҳам.

Моҷарои халифа шудани Усмон

Медонем Умар вақте, ки зарбат хӯрд ва худаш эҳсос кард, ки рафтанӣ аст, барои баъд аз худаш дар воқеъ бидъате ба вуҷуд овард, яъне коре кард, ки на пайғамбар карда буд ва на ҳатто Абӯбакр. На мутобиқи ақидаи мо шиаён — ки мадорики аҳли тасаннун низ бар он далолат дорад (ҳоло дар амал қабул надошта бошанд, матлаби дигаре аст) — хилофатро ба шахси муайяне, ки пайғамбар дар замони худаш муаррифӣ ва таъйин карда буд яъне Алӣ алайҳис салом вогузор кард, на мутобиқи он чи, ки имрӯз аҳли тасаннун мегӯянд — ки пайғамбар касеро таъйин накард, балки уммат бояд худашон касеро интихоб кунанд ва пайғамбар ин корро ба интихоби уммат ва шӯрои уммат вогузор карданд — амал кард ва на кореро, ки Абӯбакр кард, анҷом дод. Чун Абӯбакр вақте мехост бимирад, барои баъд аз худ шахси муайянеро таъйин кард, ки худи Умар буд. Кори Абӯбакр на бо ақидаи шиа ҷур дармеояд, на бо ақидаи аҳли тасаннун. Кори Умар на бо ақидаи шиа ҷур дармеояд, на бо ақидаи аҳли тасаннун ва на бо кори Абӯбакр. Як кори ҷадид кард.

Ва он ин буд, ки шаш нафар аз чеҳраҳои дараҷаи аввали саҳобаро ба унвони шӯро интихоб кард, вале шӯрое на ба сурати ба истилоҳи демократия, балки ба сурати аристократия, яъне як шӯрои нухбагон, ки нухбаҳоро ҳам худаш интихоб кард: Алӣ алайҳис салом (чун Алиро, ки намешуд канор зад), Усмон, Талҳа, Зубайр, Саъд ибни Абиваққос ва Абдурраҳмон ибни Авф. Дар он вақт дар миёни саҳобаи пайғамбар, аз инҳо мушаххастар набуд. Баъд худаш гуфт: теъдоди афроди ин шӯро ҷуфт аст. (Маъмулан мебинед, ки теъдоди афроди шӯроҳоро тоқ қарор медиҳанд, ки вақте раъй гирифтанд, теъдоди ҳар тараф, ки ҳадди ақалли нисф ба иловаи як бошад, он тараф

барандааст.) Агар се нафар як раъйро интихоб карданд ва се нафари дигар раъйи дигарро, ҳар тараф, ки Усмон буд, он тараф барандааст. Хуб, агар шӯрост, ту чаро барои мардум таклиф муайян мекунӣ?!

Шӯро тавре таркиб шуда буд, ки Умар худаш ҳам медонист, ки билохира хилофат ба Усмон мерасад, чун Алӣ алайҳис салом қатъан раъй се ба иловаи як надошт; ҳадди аксар ин буд, ки Алӣ се нафар дошта бошад, ки мусалламан Усмон дар миёни онҳо набуд, зеро Усмон рақибаш буд.

Пас Усмон қатъан барандааст. Аз назари Умар, Алӣ алайҳис салом ё ду нафар дошт: худаш буд ва Зубайр (чун Зубайр он вақт бо Алӣ буд) ва ё агар эҳтимолан Абдурраҳмон ибни Авф тарафи Алиро мегирифт, ҳадди аксар се нафар дошт. Ин аст, ки Алӣ алайҳис салом мефармояд:

فَصَغى رَجُلٌ مِنْهُمْ لِضِغْنِهِ وَمالَ الْآخَرُ لِصِهْرِهِ

Фалон шахс ба далели кинае, ки бо ман дошт, аз ҳақ мунҳариф шуд ва фалон шахси дигар ба хотири риояти робитаи қавму хешӣ раъяшро ба он тараф дод. Худи Умар ҳам инҳоро пешбинӣ мекард. Ба ҳар ҳол натиҷа ин шуд, ки Зубайр гуфт: ман раъямро додам ба Алӣ, Талҳа гуфт: ман раъямро додам ба Усмон, Саъд ҳам канор рафт. Кор дасти Абдурраҳмон ибни Авф боқӣ монд; ба ҳар тараф, ки раъй медод, ӯ интихоб мешуд. Абдурраҳмон мехост худашро бетараф нигаҳ дорад. Умар гуфт: инҳо бояд се рӯз дар утоқе маҳбус бошанд ва биншинанд ва назарашонро яке кунанд, ҷуз барои намоз ва ҳавоиҷи зарурӣ ҳақ надоранд берун биёянд. (Ин ҳам як зӯре буд, ки Умар эъмол кард). Баъд як идда мусаллаҳ фиристод, ки агар инҳо тасмим нагирифтанд, шумо ҳаққи куштанашонро доред. Хеле аҷиб аст!

Баъд аз се рӯз инҳо омаданд берун. Тамоми чашмҳо дар интизоранд, ки бибинанд натиҷа чӣ шуд. Банӣ Умайя аз типи Усмон буданд ва банӣ Ҳошим ва некони саҳобаи паёмбар ҳамчун Абӯзар ва Аммор — ки зиёд ҳам буданд — тарафдори Алӣ алайҳис салом. Инон шӯру ҳаяҷон доштанд, ки балки қазия ба нафъи Алӣ алайҳис салом тамом шавад. Вале ҳазрати Алӣ қабл аз ин, худаш ба таври хусусӣ ба афрод мегуфт, ки ман медонам поёни кор чист, вале наметавонам ва набояд худамро канор бикашам, ки бигӯянд ӯ худаш намехост ва агар меомад, мусалламан ҳама иттифоқи оро пайдо мекарданд.

Абдурраҳмон аввал омад сароғи Алӣ алайҳис салом гуфт: Алӣ! Оё ҳозирӣ бо ман байъат кунӣ ба ин шарт, ки хилофатро ба ӯҳда бигирӣ ва бар тибқи китоби Аллоҳ (Қуръон) ва суннати пайғамбар ва сираи шайхайн амал кунӣ? (Яъне илова бар китоби Аллоҳ ва

суннат, як амри дигар ҳам изофа шуд: сира яъне равиш), равиши зимомдорӣ ва раҳбарии ту, ҳамон равиши шайхайн (Абӯбакр ва Умар) бошад?

Бибинед Алӣ чӣ гуна дар инҷо бар сари дуроҳии таърих қарор мегирад! Дар чунин мавқеияте ҳар кас пеши худ ба Алӣ мегӯяд: акнун вақти тасоҳуби хилофат аст, дуроҳии таърих аст, хилофатро ё бояд Банӣ Умайя бибаранд ё ту, як дурӯғи маслиҳатӣ бигӯ.

Вале Алӣ гуфт: ҳозирам қабул кунам, ки ба китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ ва равише, ки худам интихоб мекунам амал кунам.

Абдурраҳмон ибни Авф рафт суроғи Усмон ва ҳамон суолро такрор кард. Усмон гуфт: ҳозирам (дар сурате, ки на ба китоби Аллоҳ амал кард, на ба суннати Расулуллоҳ ва на ҳатто ба равиши шайхайн). Ин қазия се бор такрор шуд. Абдурраҳмон медонист, ки Алӣ аз ҳарфи худаш барнамегардад ва намеояд дар инҷо равиши раҳбарии шайхайнро имзо кунад ва баъд гуфтаи худро пасбигирад. Дар ин сурат, Алӣ худашро қурбонии хилофат карда буд. Дар ҳар се навбат, Алӣ алайҳис салом посух дод: бар тибқи китоби Аллоҳ, суннати Расулуллоҳ ва равише, ки худам интихоб мекунам ва иҷтиҳоди раъй он тавр, ки худам иҷтиҳод мекунам, амал мекунам.

Абдурраҳмон гуфт: пас қазия собит аст, ту намехоҳӣ ба равиши он ду нафар бошӣ, ту мардуд ҳастӣ… Бо Усмон байъат кард.

Усмон ба ин шакл халифа шуд. Вале ҳамин Усмон, на танҳо амсоли Аммор ва Абӯзарро ба зиндон андохт, табъид кард, шаллоқ зад ва Амморро он қадр кутак зад, ки ин марди шариф фатқ пайдо кард. Балки (бадтар аз ин, Усмон) вақте, ки халифа гардид, кам-кам ба ҳамин Абдурраҳмон ибни Авф ҳам эътинои намекард, ба тавре, ки Абдурраҳмон дар панҷ-шаш соли охири умраш бо Усмон қаҳр буд ва гуфт: вақте ман мурдам, розӣ нестам Усмон бар ҷанозаи ман намоз бихонад.

Мумкин аст шумо бигӯед: чаро Алӣ алайҳис салом он гуна посух дод? Ӯ бояд мегуфт, ман байъат мекунам бар китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ ва баъд дигар намегуфт равише, ки худам интихоб мекунам; фақат равиши ду халифаро рад мекард; мегуфт, мо ғайр аз китоби Худо ва суннати Расулуллоҳ, шайъи севвуме надорем. Вале шайъи севвумро Алӣ алайҳис салом қабул дошт, аммо на ба он шакле, ки онҳо мехостанд. Ин амри севвум, дар шакле, ки Абӯбакр ва Умар амал карданд ғалат буд; шакли дигаре дорад, ки пайғамбар ба он шакл амал кард ва Алӣ ҳам мехост ба он шакл амал кунад. Ин амр, масъалаи раҳбарӣ аст (ки дар бахши баъдӣ тавзеҳаш хоҳад омад.)

Равиши раҳбарӣ (сира)

Китобу суннат қонун аст. Шак нест, ки раҳбари миллате, ки он миллат аз як мактаб пайравӣ мекунад, аввалин чизе, ки бояд ба он мутааҳҳид ва мултазим бошад, дастуроти он мактаб аст ва бояд ба онҳо эҳтиром бигузорад. Дастуроти мактаб дар куҷо баён шуда? Дар китобу суннат. Вале китобу суннат қонун аст ва тарзи иҷро ва пиёда кардан мехоҳад. Равиши иҷро ва равиши ҳаракат додани мардум бар асоси китобу суннатро “сира” мегӯянд. “Сира” дар забони арабӣ ба истилоҳи уламои адаб, бар вазни “фиъла” аст. Дар забони арабӣ, як “фаъла” дорем ва як “фиъла”. Дар “Алифия”-и Ибни Молик омадааст:

وَفَعْلَةٌ لِمَرَّةٍ كَجَلْسَة

وَفِعْلَةٌ لِهَيْئَةٍ كَجِلْسَة

Араб агар чизеро бар вазни “фаъла” гуфт яъне амалеро як бор анҷом додан ва агар бар вазни “фиъла” гуфт яъне амалеро ба гунае хосс анҷом додан. Яъне дар лафзи “фиъла” гунаи хосс хобидааст. Калимаи “сира” аз моддаи “сайр” аст. Сайр яъне ҳаракат, вале сира яъне ҳаракат ба гунаи хосс, ҳаракат ба равиши хосс.

Раҳбар касе аст, ки мардумро ба дунболи худаш ҳаракат медиҳад. Ҳол мумкин аст як раҳбар ҳам пайдо бишавад, ки мардумро сокин нигоҳ дорад; ӯ дигар раҳбар нест. Ҳамаи раҳбарон умматҳо ва миллатҳоро ба ҳаракат дармеоваранд, вале баҳс дар наҳва ва гунаи ҳаракат, шакл ва токтики ҳаракат аст.

Пайғамбари Акрам шуъун ва маносиби мухталифе аз ҷониби Худо дорад. Ӯ набӣ ва расул аст, яъне паёми Худоро мерасонад. Пайғамбар аз он назар, ки паёми Худоро мерасонад, ҷуз як паёмрасон чизи дигаре нест. Ояти Қуръон бар қалби муборакаш нозил мешавад, бар мардум тиловат мекунад:

هُوَ الَّذِي بَعَثَ فِي الْأُمِّيِّينَ رَسُولًا مِنْهُمْ يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ

(*“Ӯст Худое, ки миёни араби уммӣ (яъне қавме, ки хондан ва навиштан намедонистанд) пайғамбаре аз ҳамон мардум барангехт, ки бар онон оёти ваҳйи Худо тиловат мекунад…” (Сураи Ҷумъа, ояти 2*))

Як шаъни паёмбар, шаъни як мубаллиғ ва шаъни як муаллим аст. Дастуроти Худоро ба мардум иблоғ мекунад ва ба онҳо он чиро, ки намедонанд таълим мекунад. Фуқаҳо ва мубаллиғони уммат вориси ин шаъни пайғамбаранд, яъне фақеҳ агар худашро ҷонишини пайғамбар медонад, фақат дар ин хислат аст. Ӯ мегӯяд, пайғамбар аҳкоме аз ноҳияи Худо оварда ва ман мехоҳам бибинам онҳо чист, то барои мардум, ки ҳеч намедонанд, баён кунам.

Шаъни дигари паёмбар, ки он ҳам шаъни илоҳӣ аст ва Худо бояд муайян кунад, ин аст: мардум дар масоили ҳуқуқӣ бо якдигар ихтилоф пайдо мекунанд, ё дар масоили ҷазоӣ ва ҷиноӣ миёни мардум мушоҷира воқеъ мешавад ва кор ба довариӣ мекашад. Бояд илова бар қонун, афроде бошанд, ки дар миёни мардум доварӣ кунанд, яъне хусумотро қатъ ва фасл кунанд. Ин шаънро мегӯянд “қазо”, ки мо маъмулан мегӯем: “қазоват”. Шаъни қазоъ яъне қозӣ будан яке аз муқаддастарини шуъун аст. Аз назари ислом, қозӣ бояд фақеҳ ва муҷтаҳид ва низ одил бошад. Яке аз ҳаромтарини корҳо ин аст, ки инсон шуғли қазоро дошта бошад дар ҳоле, ки салоҳияти шаръӣ надорад. Пайғамбар ё имом фармуд: қазо мақоме аст, ки дар он наменишинад магар васӣ (яъне имом) ё касе, ки имом ӯро муайян кардааст. Ин ҳам аз шуъуни пайғамбар аст. Паёмбар танҳо паёмрасони Худо набуд, балки касе буд, ки Худо ба ӯ ҳақ дода буд, ки дар ихтилофот ва мушоҷирот, бар асоси усули қазоӣ миёни мардум қазоват кунад:

فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّى يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ ثُمَّ لَا يَجِدُوا فِي أَنْفُسِهِمْ حَرَجًا مِمَّا قَضَيْتَ وَيُسَلِّمُوا تَسْلِيمًا

(*“Қасам ба Худои ту, ки инон (ба ҳақиқат) аҳли имон намешаванд магар он ки дар хусумат ва низоашон танҳо туро ҳакам кунанд ва он гоҳ ба ҳар ҳукме, ки кунӣ, эътироз надошта, комилан (аз дилу ҷон) таслим (-и фармони ту) бошанд.” (Сураи Нисо, ояти 65)*)

Шаъни севвуми пайғамбар раҳбарии уммат аст. Пайғамбар дар ҳамон ҳол, ки пайғамбар аст, имом ҳам ҳаст. Имом пайғамбар нест, вале пайғамбар имом ҳаст. Бисёре хаёл мекунанд, ки пайғамбарӣ ҳамеша аз имомат ҷудост. Имомат яъне раҳбарӣ ва имом яъне раҳбар. Паёмбарон вақте, ки дараҷаашон хеле боло меравад, ҳам пайғамбаранд ва ҳам имом. Дар замони пайғамбар Алӣ ҳам буд; чӣ касе умматро раҳбарӣ ва имомат мекард? Худи Пайғамбари Акрам.

Худои Мутаъол ба имом ва раҳбар аз он ҷиҳат, ки имом ва раҳбар аст ихтиёроте додааст. Билоташбеҳ (албатта дар ташбеҳ муноқиша нест) ҳамон тавр, ки дар баъзе кишварҳо раисиҷумҳур аз порлумон ихтиёроте мегирад, Худо барои раҳбарии уммат, ба раҳбари уммат як силсила ихтиёрот додааст (зеро қонунро дар шароити мухталиф иҷро ва пиёда кардан, кори ҳар кас нест). Пайғамбар агар мехоҳад касеро интихоб кунад, масалан баъд аз фатҳи Макка барои онҷо ҳоким муайян кунад ва ё барои фалон лашкар амир таъйин кунад, лозим нест, ки Ҷабраил бигӯяд: ё Расулаллоҳ! Шумо фалон шахсро интихоб кун. Ин, дигар дар ихтиёри худи пайғамбар аст, ки ба ҳукми ихтиёроти зиёде, ки раҳбар дорад, ин корро анҷом медиҳад ва албатта набояд аз чорчӯбаи қонун хориҷ шавад. Ин

амр мисли токтикҳо ва стратегияҳое аст, ки фармондеҳони лашкарҳо ба кор мебаранд, ки ба ибтикори худи онҳо бастагӣ дорад. Масалан дар вақте, ки муттафиқин бо давлатҳои меҳвар дар Миср меҷангиданд ва Эйзенҳоуэр фармондеҳи муттафиқин буд, албатта муқаррароте буд, ки ӯ набояд аз онҳо таҷовуз мекард, вале бисёре аз қазоё ба ибтикори ӯ бастагӣ дошт; ӯ бояд ибтикор ба харҷ медод, то пирӯз мешуд. Душман ҳам айнан ҳамин ҳолатро дошт.

Ҳол бибинем маънии ҷумлаи Абдурраҳмон ибни Авф ва ҳамчунин посухи Алӣ алайҳис салом чист.

Абдурраҳмон ба Алӣ алайҳис салом гуфт: ту бояд мутааҳҳид шавӣ, ки қонун китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ бошад, вале равиши раҳбарӣ ҳамон равиши раҳбарии шайхайн бошад. Агар Алӣ алайҳис салом равиши шайхайнро мепазируфт, дар ин сурат чунончи Умар пеши худ хаёл мекард, ки ҳақ дорад фалон ҳукми мусалламро, ки пайғамбар ҳалол кардааст ҳаром кунад, Алӣ алайҳис салом бояд мегуфт, ман ҳам мегӯям ҳаром аст. Масалан, дар мавриди байтулмол, ки Умар тадриҷан онро аз тақсими баробари замони пайғамбар хориҷ кард ва табъиз раво дошт, бояд мутааҳҳид мешуд, ки баъд аз ин, ба ҳамин тартиб амал мекунад. Ва бояд бидъатҳоеро, ки Умар дар замони худаш ба унвони ин ки ман раҳбарам ва раҳбар ҳақ дорад чунину чунон бикунад ба вуҷуд оварда буд, мепазируфт.

Мехостанд Алӣ алайҳис саломро дар кодри раҳбарии Абӯбакр ва Умар маҳдуд кунанд ва ин барои Алӣ имкон надошт, чаро ки дар ин сурат ӯ ҳам бояд — Алаёзу биллоҳ! — мисли Усмон барои худаш типе дуруст кунад ва баъд мутобиқи дили худаш ҳар коре, ки хост бикунад ва ҳар касро ҳам, ки эътирозе кард кутак бизанад, фатқашро пора кунад. Алӣ, ки мехоҳад бар асоси китоби Аллоҳ ва суннати пайғамбар амал кунад, наметавонад равиши раҳбарии он ду нафарро бипазирад. Аз ин рӯ гуфт: ман равиши раҳбарии онҳоро намепазирам. Ба хотири ин як калима, ҳозир нашуд бо Абдурраҳмон ибни Авф байъат кунад.

Пас маълум шуд, ки масъалаи равиши раҳбарӣ бо масъалаи китобу суннат мутафовит аст. Китобу суннат яъне худи қонун. Равиши раҳбарӣ ба матни қонун марбут нест; ба кайфияти раҳбарии мардум, ба ихтиёроте, ки як раҳбар дорад ва ба тасмимоте, ки раҳбар иттихоз мекунад марбут мешавад.

Ҳол маънии он ҷумлаи Имом Ҳусайн алайҳис салом, ки дар васиятномаи худ ба Муҳаммад ибни Ҳанафия менависад:

أُرِيدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْرُوفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

— равшан мешавад.

Дар он замон дар дунёи ислом, гузашта аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, масъалаи дигаре вуҷуд дошт ва он ин ки: акнун соли 60 ҳичрӣ аст. Аз соли 11-уҳуми ҳичрӣ то кунун ҳудуди 50 сол аст, ки паёмбар аз миёни мардум рафтааст. Дар чаҳор солу чанд моҳ аз ин 50 сол яъне аз соли 36 то сол 41, Алӣ ибни Абӯтолиб раҳбарӣ кардааст, ки дар он муддат раҳбарӣ ба равиши пайғамбар бозгашт кардааст. Тоза он ҳам ба ин сурат буда, ки чун Абӯбакр ва Умар ва Усмон суннатҳоеро ба вуҷуд оварда буданд, Алӣ алайҳис салом дар бисёре аз маворид аслан қудрат пайдо накард, ки равиши пайғамбарро иҷро кунад. Вақте дар мақоми иҷро баромад, худи мардум алайҳи ӯ қиём карданд. Гуфт: фалон намозе, ки шумо ба ин шакл мехонед (намози таробеҳ дар шабҳои моҳи Рамазон, ки ба ҷамоат мехонданд) бидъат аст, нахонед. Гуфтанд: 30 сол, аз замони Умар роиҷ аст. Во Умаро! Во Умаро! Ҷойи Умар холӣ, Умар куҷост, ки суннаташ дорад аз байн меравад. Хост Шурайҳи қозиро барканор кунад, гуфтанд: ту мехоҳӣ касеро, ки аз 20 сол пеш, аз замони Умар, қозии мӯҳтарами Кӯфа будааст барканор кунӣ?! Бинобар ин, 50 сол бар уммати ислом гузаштааст, ки илова бар масъалаи китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ, равиши раҳбарӣ тағйир карда ва иваз шудааст.

Сухани Имом Ҳусайн, ки фармуд:

وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

Мехоҳам сираам сираи ҷадд ва падарам бошад, яъне на сираи Абӯбакр, на сираи Умар, на сираи Усмон ва на сираи ҳеч каси дигар. Ин аст, ки дар ҳодисаи Ошӯро, мо дар Имом Ҳусайн алайҳис салом ҷилваҳое мебинем, ки нишон медиҳад илова бар масъалаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва масъалаи имтиноъ аз байъат ва масъалаи иҷобати даъвати мардуми Кӯфа, кори дигаре ҳам ҳаст ва он ин аст, ки мехост сираи ҷаддашро зинда кунад.

Намози Иди Фитри Имом Ризо

Ин қазияро шунидаед: Маъмун (халифаи аббосӣ) исрор дошт, ки ҳазрати Ризо алайҳис салом вилоятаҳдиро бипазирад. Ҳазрат намепазируфт. Охир, масъалаи иҷборро матраҳ кард, ки ҳазрат пазируфт, вале тавре пазируфт, ки худаш айни напазируфтан буд ва бештар сабаби расвоии Маъмун шуд.

Хулафо солҳо буд, ки намози Иди Фитр ва Иди Қурбон мехонданд. Пайғамбар намози Иди Фитр ва Иди Қурбон мехонд, инҳо ҳам намози Иди Фитр ва Иди Қурбон мехонданд. Аммо равиши намоз хондан ба тадриҷ фарқ карда буд, сира фарқ карда буд. (Мисоли

хубе аст: намози ид хондан, китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ аст, аммо чӣ гуна намоз хондан, сира аст.) Кам-кам дарборҳои хулафои монанди дарборҳои сосонии Эрон ва қайсари Рум шуда буд, дарборҳои хеле муҷаллал. Либоси халифа ва сарони сипоҳ дорои анвоъи нишонаҳои тилло ва нуқра буд. Халифа вақте мехост ба намози ид биёяд, бо ҷалолу шукӯҳи хосс ва бо ҳайманаи салтанатӣ меомад.

Худаш савор бар асбе, ки гарданбанди тилло ё нуқра дошт мешуд ва шамшери заррин ба даст мегирифт, сипоҳ низ аз пушти сараш меомад, дуруст мисли ин ки мехоҳанд режаи низомӣ бираванд. Баъд мерафтанд ба мусалло, ду ракъат намоз мехонданд ва бармегаштанд.

Маъмун ба ҳазрати Ризо исрор дошт, ки мехоҳам намози Иди Фитрро шумо бихонед. Имом фармуд: ман аз аввал бо ту шарт кардам, ки фақат исме аз ман бошад ва ман коре накунам. На оқо! Ман хоҳиш мекунам. Шумо аз намоз ҳам ибо мекунед?! Ин, ки як кори марбут ба мардум нест, ки бигӯед пойи зулме дар кор меояд. Лоақал ҳамин як намозро шумо бихонед. Дар инҷо ҳазрат ҷумлае мегӯяд назири ҷумлаи Имом Ҳусайн ва назири ҷумлаи Алӣ алайҳис салом дар ҷараёни байъат баъд аз Умар. Фармуд: ман ба як шарт ҳозирам; ман намоз мехонам, аммо бо сираи ҷаддам ва падарам, на бо сираи шумо. Маъмун бо он ҳама зарангие, ки дошт (аз назари худаш) аҳмақ шуд. Гуфт: бисёр хуб, ба ҳар сира ва равише, ки мехоҳед, бихонед. Фикр мекард ғараз ин аст, ки кореро ба ӯҳдаи ҳазрати Ризо гузошта бошад, то мардум бигӯянд пас Имом Ризо амалан ҳам қабул кард. Дар рӯзи Иди Фитр, Имом Ризо алайҳис салом ба атрофиёни худ фармуд: либосҳои оддӣ бипӯшед, поҳоро бараҳна кунед, доман абоҳо ва остинҳоятонро боло бизанед ва зикрҳоеро, ки ман мегӯям шумо ҳам бигӯед. Ҳолататон ҳолати хушӯъу хузӯъ бошад. Мо дорем ба пешгоҳи Худо меравем, таваҷҷӯҳатон ба Худо бошад. Зикрҳоро, ки мегӯед, Худоро дар назар бигиред. Имом[11] аммомаашро ба шакле, ки пайғамбар мебаст бастааст, либосашро ба шакле, ки пайғамбар мепӯшид пӯшидааст, асо ба шакли пайғамбар ба даст гирифта, поҳояшро бараҳна карда, бо як ҳолат хузӯъу хушӯъе! Аз ҳамон дохили манзил, ки берун меомад, бо садои баланд шурӯъ кард ба гуфтани:

اللهُ اَكْبَرُ، اللهُ اَكْبَرُ عَلى ما هَدانا وَلَهُ الشُّكْرُ عَلى ما أَوْلانا

"*Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар ъало мо ҳадоно ва лаҳуш шукру ъало мо авлоно*".

[11] *Марди ҳақиқат аст, марди Худост, марди ибодат аст. Қаблан арз кардам ибодат ва ишқ ба Худо як буъди асосӣ аз абъоди ислом ва балки асоситарин абъоди ислом аст, ки Умар бо он мубориза кард*.

Солҳост, ки мардум ин зикрҳоро дуруст нашунидаанд. Касоне, ки ҳамроҳи ҳазрат буданд, вақте он ҳоли илоҳии ҳазратро диданд, ки мунқалиб шуда, худашро дар ҳузури парвардигораш мебарад ва ашкҳои муборакаш ҷорӣ аст, бо ҳолати хузӯъу хушӯъ, бо маънавияти тамом ва дар ҳоле, ки ашкҳояшон ҷорӣ буд фарёд карданд:

اللهُ اَکْبَرُ، اللهُ اَکْبَرُ عَلی ما هَدانا وَلَهُ الشُّکْرُ عَلی ما أَوْلانا

Ҳазрат мегӯяд ва инҳо такрор мекунанд, то омаданд наздики дари манзил. Садо баландтар мешуд. Маъмун фармондеҳони сипоҳ ва сарони қабоилро фиристода, ки биравед пушти сари Алӣ ибни Мӯсо Ризо намози Иди Фитр бихонед. Инҳо ба сираи солҳои пеши хулафо, худашонро ороиш ва муҷаҳҳаз карда ва либосҳои фохир пӯшидаанд, аспҳои бисёр олӣ савор шуда ва шамшерҳои заррин ба камар баста ва дами дар истодаанд, ки ҳазрати Ризо бо ҳамон ҷалолу ҳайбати дунёӣ ва салтанатӣ берун биёяд. якмартиба ҳазрат бо он ҳол (- содда ва паёмбарона) берун омад. Дар миёни онҳо валвала печид ва беихтиёр худашонро аз рӯи аспҳо пойин андохтанд ва аспҳоро раҳо карданд. Таърих менависад: чун мебоист поҳо бараҳна бошад ва онҳо чакма ба по доштанд ва чакмаи низомиро ба зудӣ наметавон берун оварда, ҳар кас дунболи чоқу мегашт, ки зуд чакмаро пора ва поҳояшро лухт кунад. Инҳо низ дунболи ҳазрат ба роҳ афтоданд. Кам-кам садои ҳайманаи “Аллоҳу Акбар” шаҳри Марвро пур кард. Мардум рехтанд рӯи пушти бомҳо ва ба тадриҷ мулҳақ шуданд. Дар мардум низ руҳи маънавият мавҷ мезад. Ҳазрат мефармуд: “Аллоҳу Акбар”, ин шаҳр якпорча фарёд мезад: “Аллоҳу Акбар”. Ҳанӯз аз дарвозаи шаҳр берун нарафта буданд, ки ҷосусҳо ба Маъмун хабар доданд, ки агар ин қазия идома пайдо кунад, ту молики салтанат нестӣ. Сарбозҳо рехтанд (назди Имом), ки на оқо! Заҳмататон намедиҳем, хеле асбоби заҳмат шуд, хоҳиш мекунем баргардед.

Ин, маънии равиш аст. Маъмун ҳам дар ин маврид ба китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ амал мекард (намози Иди Фитр ҷузъи китоби Аллоҳ аст), аммо ҳамон намоз равише пайдо карда буд, ки бемуҳтаво ва беҳақиқат шуда буд. Ҳазрати Ризо фармуд: ман ҳозирам намозро бихонам, аммо бо равиши ҷаддам ва падарам, на бо равиши ҷадду падари ту.

Равиши раҳбарӣ дар замони Имом Ҳусайн

Дар замони Имом Ҳусайн алайҳис салом равиши раҳбарӣ хеле иваз шуда буд, аз замин то осмон тағйир карда буд. Як хатт, ки мехоҳад ба мувозоти хатти дигар имтидод пайдо кунад, агар як зарра аз мувозот хориҷ шавад, ибтидо фосилаи каме аз хатти дигар пайдо мекунад, вале ҳар чи идома пайдо кунад, фосилааш зиёдтар мешавад. Дар 60 сол қабл,

дар замони Пайғамбари Акрам (с) вақте мардум мехоҳанд маркази дунёи исломро бибинанд, чӣ мебинанд? Ҳатто дар замони Абӯбакр ва Умар ҳамон тавр буд. Вале дар замони Усмон тағйир кард ва шакли дигаре пайдо намуд.

Бештарин кори хилофи халифаи мусалмонон, дар амал накардани ӯ ба китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ набуд, балки дар равишаш буд. Ихтилофи Абӯзар ва Муовия ҳам бештар дар равиш буд. Ҳоло (замони Имом Ҳусайн) вақте мехоҳанд халифаи мусалмононро бибинанд, чӣ мебинанд? Афроди солхӯрда, ки пайғамбарро дарк кардаанд, ҳатто онҳо, ки Абӯбакр ва Умарро дарк кардаанд ва махсусан касоне, ки Алӣ алайҳис саломро дар давраи хилофат дидаанд, вақте меоянд дар маркази дунёи ислом, ҷавонеро мебинанд, ки 32-33 сол бештар аз умраш нагузаштааст, ҷавони хеле баландқаде, ки мегӯянд хушсимо ва хушманзара буда, вале лаккаҳое дар сураташ доштааст, ҷавони шоирмаслак, ки хеле ҳам олӣ шеър мегӯяд, вале ашъораш ҳама дар васфи майу маъшуқ ва ё дар васфи сагу аспу маймунаш аст. Ҳафт дарро бояд тай кард, то расид ба ҷойгоҳи ӯ. Касе, ки мехоҳад ба мулоқоти ӯ биравад, ибтидо дарбонҳо меоянд ҷилавашро мегиранд. Баъд аз тафтиш агар битавонад аз онҷо бигузарад, бояд аз чанд дар ва дарбонҳои дигар бигузарад, то бирасад ба ҷойгоҳи ӯ. Вақте ба онҷо мерасад, мардеро мебинад, ки дар як муҳити муҷаллал рӯи тахти тилло нишаста ва даврашро курсиҳое бо пояҳое аз тилло ва нуқра гузоштаанд. Риҷол ва аъёну ашроф ва суфарои кишварҳои хориҷӣ, ки меоянд, бояд рӯи он курсиҳо биншинанд. Болодасти ҳамаи риҷол ва аъёну ашроф, як маймунро паҳлӯи худаш нишонда ва либосҳои фохир ҳам ба ӯ пӯшондааст. Чунин шахсе мегӯяд, ман халифаи пайғамбарам ва мехоҳад иҷрокунандаи дастуроти илоҳӣ бошад. Намози ҷумъа ҳам мехонд, имомати ҷумъа мекард, барои мардум хутба мехонд ва ҳатто мардумро мавъиза мекард.

Арзиши наҳзати ҳусайнӣ

Инҷост, ки инсон мефаҳмад, ки наҳзати ҳусайнӣ чӣ қадр барои ҷаҳони ислом муфид буд ва чӣ гуна ин пардаҳоро дарид. Дар он замон, васоили иртиботӣ, ки набуд. Масалан мардуми Мадина намедонистанд, ки дар Шом чӣ мегузарад. Рафту омад хеле кам буд. Афроде ҳам, ки аҳёнан аз Мадина ба Шом мерафтанд, аз дастгоҳи Язид иттилое надоштанд. Баъд аз қазияи Имом Ҳусайн, мардуми Мадина тааҷҷуб карданд, ки аҷаб! Писари пайғамбарро куштанд? Ҳайъатеро барои таҳқиқ ба Шом фиристоданд, ки чаро Имом Ҳусайн кушта шуд. Пас аз бозгашти ин ҳайъат, мардум пурсиданд:

Қазия чӣ буд? Гуфтанд: ҳамин қадр дар як ҷумла ба шумо бигӯем, ки мо дар муддате, ки дар онҷо будем, доим мегуфтем: Худоё! Накунад аз осмон санг биборад ва мо ба ин шакл

ҳалок бишавем ва низ ба шумо бигӯем, ки мо аз назди касе меойем, ки кораш шаробхорӣ ва сагбозӣ ва маймунбозӣ аст, кораш навохтани тор ва лаҳву лаъиб аст, кораш зиност ҳатто бо маҳорим. Ҳол, таклифи худатонро медонед.

Ин буд, ки Мадина қиём кард, қиёме хунин. Ва чӣ афроде, ки баъд аз ҳодисаи Карбало ба хурӯш омаданд. (Эй басо шоир, ки баъд аз марг зод). Имом Ҳусайн то зинда буд, чунин суханонеро мегуфт:

وَعَلى الْاِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

Дигар фотеҳаи исломро бихонед агар нигаҳбонаш ин шахс бошад. Вале он вақт касе намефаҳмид.

Аммо вақте шаҳид шуд, шаҳодати ӯ дунёи исломро такон дод. Тоза афрод ҳаракат карданд ва рафтанд аз наздик диданд ва фаҳмиданд, ки он чиро онҳо дар ойина намедиданд, Ҳусайн дар хишти хом медидааст. Он вақт сухани Ҳусайн алайҳис саломро тасдиқ карданд ва гуфтанд, ӯ он рӯз рост мегуфт.

وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

نسألك اللّهمّ وندعوك باسمك العظيم الأعظم الآجلّ الأكرم يا الله

Парвардигоро! Дилҳои моро ба нури имон мунаввар бигардон!

Моро ошно ба маориф ва ҳақоиқи дини муқаддаси ислом бифармо!

Парвардигоро! Тавфиқи табаият аз китоби Аллоҳ ва суннати Расулуллоҳ иноят бифармо!

Парвардигоро! Тавфиқ иноят кун, ки равиши мо, сираи мо, равиши пайғамбар ва равиши Алӣ ва Оли Алӣ бошад!

Парвардигоро! Ниятҳои моро, руҳҳои моро, дилҳои моро поку холис бигардон! Ба мусалмонон бедорӣ иноят бифармо!

Парвардигоро! Амвоти моро машмули иноят ва мағфират худат қарор бидеҳ!

رحم الله من قرأ الفاتحة مع الصلوات

Фасли панҷум: Шиорҳои Ошӯро

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله ربّ العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسّلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه وحافظ سرّه ومبلّغ رسالاته، سيّدنا ونبيّنا ومولانا أبي القاسم محمّد وآله الطيبين الطاهرين المعصومين

أعوذ بالله من الشّيطان الرّجيم

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ

Унвони баҳси ман “Шиорҳои Ошӯро” аст. Мехоҳам дар бораи ду матлаб, ки ба якдигар пайвастааст сӯҳбат кунам: яке, дар бораи шиорҳое, ки вуҷуди муқаддаси Абӯабдуллоҳ Ҳусайн алайҳис салом ва аҳли байт ва асҳоби он ҳазрат дар рӯзи Ошӯро иброз карданд ва дигар, дар бораи шиор будани Ошӯро барои мо мардуми шиа.

Калимаи “шиор”

Аввалан, калимаи “шиор”-ро бояд тавзеҳ бидиҳам ва маънӣ бикунам. Калимаи “шиор” дар асл иборат будааст аз шеърҳо ё насрҳое, ки дар ҷангҳо мехонданд. Афрод, ки дар майдони ҷанг ворид мешуданд, ҳар дастае шиори бахусусе дошт. Ҷангҳо маъмулан тан ба тан буд. Ду даста, ки бо якдигар меҷангиданд, афрод ҳама мусаллаҳ, ҳама хуъуд пӯшида, ҳама зиреҳ пӯшида, ҳама чакма пӯшида, ҳама шамшер ба даст ва ҳама сипар ба даст буданд ва сураташон аз пойин тақрибан то бинӣ ва аз боло то рӯи абрӯ пӯшида буд, ба тавре, ки ҳар марди муборизе фақат чашмҳояш пайдо буд. Ин буд, ки дар майдони ҷанг афрод камтар шинохта мешуданд. Дар берун, ҳар касе ҳамаи сару гарданаш берун аст, либосҳо мухталиф аст, афрод аз дур шинохта мешаванд, вале дар ҷангҳо ба воситаи муттаҳидушшакл будани ҳамаи афрод, на танҳо афроди як сипоҳ аз якдигар ташхис дода намешуданд, балки афроди як сипоҳ аз афроди сипоҳи мухолиф низ ташхис дода намешуданд, ба тавре, ки мумкин буд касе иштибоҳ бикунад, ба ҷои ин ки сарбози сипоҳи душманро бизанад, сарбози худиро бизанад.

Ин буд, ки ҳар қавме ва ҳар лашкаре як шиори махсус ба худ дошт; ҷумлаеро интихоб мекарданд, ки дар ҳини ҷанг аҳёнан онро такрор мекарданд ва шиор медоданд барои ин ки дониста бишавад, ки ин, ҷузъи лашкари масалан “А” аст ва он ки шиори дигаре дошт, ҷузъи лашкари масалан “Б” аст. Ин кор лоақал ин миқдор фоида дошт, ки афроди лашкарҳо иштибоҳ намешуданд ва касе ҳамразми худашро намекушт.

Гоҳе шиорҳое, ки медоданд, андаке аз ин ҳам равшантар буд, ба ин сурат, ки он марди муборизе, ки ба майдон мерафт, гузашта аз ин ки шиори умумии дастаи худашро такрор мекард, аҳёнан худашро ҳам шахсан муаррифӣ менамуд. Чун араб табъи шеъраш бисёр

қавӣ аст ва шеър гуфтан барои қавми араб содда аст ва ин, аз хусусиёти забони арабӣ аст, ғолиби онҳо вақте мехостанд ба майдон бираванд, бо як рубоӣ, бо як рақаз худашонро муаррифӣ мекарданд ё масалан мубаризталабии худашро бо як шеър баён мекард, бо шеър мубориз металабид. Касе ҳам, ки мехост ба ӯ ҷавоб бидиҳад, ки ман омода ҳастам, як вақт медиданд бо шеъре ба ҳамон оҳанг мегуфт, ман омода ҳастам (ки ин андаке мушкилтар буд).

Шунидаед, ки дар ҷанги Хандақ Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ дастур дод, даври Мадинаро (қисматҳое, ки лашкари душман метавонист биёяд) хандақе канданд барои ин ки душман натавонад худро ба дохили Мадина бирасонад. Вале чанд нафар аз афроди душман тавонистанд асбҳои худро аз борикае убур бидиҳанд ва ба он тараф биёянд, ки яке аз онҳо Амр ибни Абувадди маъруфи шуҷоъе ба истилоҳ “фориси ялял” буд, ки зарбулмасали шуҷоат буд. Омад дар муқобили мусалмонон ва фарёд кард:

أَلا رَجُل، أَلا رَجُل؟

Оё марде ҳаст? Касе ҷавоб надод, чун ҳама ӯро мешинохтанд. Як нафар ҷуръат накард бигӯяд “ман” (барои ин ки медонистанд, ки рӯбарӯ шудан бо ӯ ҷуз кушта шудан натиҷаи дигаре надорад), ҷуз як ҷавони бисту чандсола, ки аз ҷо баланд шуд ва гуфт: ё Расулаллоҳ! Иҷоза медиҳед ман ба майдон биравам? Фармуд: биншин! (Ин ҷаво Алӣ буд.) Дубора фарёд кард:

أَلا رَجُل، أَلا رَجُل؟

Касе ғайр аз Алӣ ҷавоб надод. Барои бори севвум:

أَلا رَجُل، أَلا رَجُل؟

Боз танҳо Алӣ аз ҷо баланд шуд. Обрӯи мусалмонон дорад аз байн меравад. Умар ибни Хаттоб барои ин ки узре аз мусалмонон бихоҳад, гуфт: ё Расулаллоҳ! Агар касе баланд намешавад, ба хотири ин аст, ки ин шахс мардест ғайри қобил мубориза. Ман худам бо қофилае, ки ин мард низ дар он буд ҳаракат мекардам. Иддаи зиёде дузд ба мо бархӯрд карданд ва ӯ ба танҳоӣ барои муқобила бо онҳо ҳаракат кард. Сипар мехост, як куррашутур ба даст гирифт! Чӣ касе метавонад бо ин мард мубориза кунад?!

Амр ибни Абувадд дар охири кор вақте, ки хост мусалмононро хуб таҳқир карда бошад, ин шеърро хонд:

وَلَقَدْ بَحَحْتُ مِنَ النِّدا

ءِ بِجَمْعِكُمْ هَلْ مِنْ مُبارِز

وَوَقَفْتُ اِذْ وَقَفَ الْمُشَجِّعُ

مَوْقِفَ الْقِرْنِ الْمُناجِز

… то охир. Гуфт: дигар хаста шудам, гулӯям ба дард омад аз бас гуфтам:

هَلْ مِنْ مُبارِز

Як мард дар миёни шумо нест?!

Пайғамбар ба Алӣ иҷоза дод. Алӣ аз ҷо баланд шуд ва гуфт:

وَلَقَدْ اَتاكَ مُجيبُ صَوْتِكَ غَيْرُ عاجِز

Ба ҳамон оҳанг шеър хонд, омад ҷилав ва шунидаед, ки чӣ гуна пирӯз шуд.

Шароит тавре шуд, ки пайғамбар фармуд: тамоми ислом бо тамоми куфр рӯбарӯ шуд, яъне ҷанги сарнавишт аст.

Аз чизҳое, ки мо дар Ошӯро зиёд мебинем, масъалаи шиор аст, шиори Абӯабдуллоҳ, асҳоби Абӯабдуллоҳ ва хонадони Абӯабдуллоҳ. Дар ин шиорҳо махсусан шиорҳои худи Абӯабдуллоҳ алайҳис салом гузашта аз ин ки афрод худашонро бо як рақаз, бо як рубоӣ муаррифӣ мекарданд, гоҳе ҷумлаҳое мегуфтанд, ки тайи онҳо наҳзати худашонро муаррифӣ менамуданд ва масъалаи муҳим ин аст. Дар таърих, хеле дида мешавад, ки гоҳе мардуме иҷтимоое мекунанд, дар як ҷо ҷамъ мешаванд барои мақсад ва ҳадафе. Як вақт мебинанд дар хориҷ, бо манзур ва мақсуди дигаре пахш мешавад. Дар аввалҳои машрутияти Эрон, хеле аз ин қазоё иттифоқ афтодааст. Бисёре аз мардум роҷеъ ба машрутият чизе сарашон намешуд. Мардумро бо номҳои дигаре дар ҷое ҷамъ мекарданд. Вақте, ки мардум мутафарриқ мешуданд, медиданд чизи дигаре аз об даромад. Эълом мекарданд, ки мардум ҷамъ шуданд дар бораи ин матлаб чунин гуфтанд, дар бораи он матлаб чунон гуфтанд; барои ин ки мардум ин қадр рушд надоштанд, ки худашон мушаххас кунанд, ки ин ҷамъ шудани мо барои чист, барои чӣ ҳадаф ва мақсаде аст.

Абӯабдуллоҳ алайҳис салом дар рӯзи Ошӯро шиорҳои зиёде додааст, ки дар онҳо руҳи наҳзати худашро мушаххас карда, ки ман барои чӣ меҷангам, чаро таслим намешавам, чаро омадаам, ки то охирин қатра хуни худамро бирезам? Ва мутаассифона ин шиорҳо дар миёни мо шиаён фаромӯш шуда ва мо шиорҳои дигаре ба ҷои онҳо гузоштаем, ки ин шиорҳо наметавонад руҳи наҳзати Абӯабдуллоҳро мунъакис кунад.

Имомони мо яке пас аз дигаре омаданд ва дастур доданд, ки Ошӯроро бояд зинда нигаҳ дошт, мусибати Ҳусайн набояд фаромӯш шавад, ин мактаб бояд зинда бимонад. Ҳар сол, ки Муҳаррам ва Ошӯро пайдо мешавад, шиа бояд онро зинда нигаҳ дорад. Ошӯро шиори шиа шудааст. Шиа бояд битавонад ҷавоб бидиҳад вақте дар муқобили дигарон, дар муқобили як масеҳӣ ё як яҳудӣ ё як ломазҳаб қарор гирифт ва ӯ гуфт: шумо дар ин рӯзи Ошӯро ва Тосуъо, ки тамоми корҳоятонро таътил мекунед ва меойед дар масоҷид ҷамъ мешавед, даста роҳ меандозед, сина мезанед, занҷир мезанед, дод мекашед, фарёд мекашед, чӣ мехоҳед бигӯед? Ҳарфатон чист? Бояд битавонед бигӯед, мо ҳарфамон чист.

Абӯабдуллоҳ наомад фақат биҷангад, то кушта шавад ва ҳарфашро назанад. Ҳарфи худашро задааст, ҳадаф ва мақсади худашро мушаххас кардааст.

Бояд дид, шиорҳои Ҳусайн ибни Алӣ дар рӯзи Ошӯро чист. Ҳамин шиорҳо буд, ки исломро зинда кард, ташайюъро зинда кард ва пояи дастгоҳи хилофати умавиро чунон мутазалзил кард, ки чунончи наҳзати Абӯабдуллоҳ набуд, банӣ Аббос агар понсад сол хилофат карданд, ҳизби умавӣ — ки ба қавли Абдуллоҳ Алоинӣ ва хеле афроди дигар, бо барнома омада буд, то бар сарнавишти кишварҳои исломӣ мусаллат шавад — шояд ҳазор сол ҳукумат мекард. Бо чӣ ҳадафе? Ҳадафи баргардондани авзоъ ба мо қабли ислом, эҳёи ҷоҳилият, вале дар зери ситор ва пардаи ислом.

Шиорҳои Абӯабдуллоҳ буд, ки ин пардаҳоро пора кард ва аз миён бурд.

Мо дар Ошӯро ду навъ шиор мебинем. Як навъ шиорҳое аст, ки фақат муаррифи шахс аст ва беш аз ин чизи дигаре нест. Вале шиорҳои дигаре аст, ки илова бар муаррифии шахс, муаррифи фикр ҳам ҳаст, муаррифи эҳсос аст, муаррифи назар ва идея аст ва инҳоро мо дар рӯзи Ошӯро зиёд мебинем. Ҳар ду навъ шиорро мебинем. Аммо шиорҳои худи Абӯабдуллоҳ, худ достони муфассале аст, ки ҳамаи онро наметавонам дар ин як ҷаласа барои шумо арз бикунам.

Шиорҳои Ҳусайн

Абӯабдуллоҳ (Имом Ҳусайн) дар мақоми ифтихор, хеле такя мекард рӯи падараш Алии Муртазо. Албатта ба эътибори ҷаддаш ҳам ифтихор мекард, он ки ҷойи худ дорад. Вале махсусан ба падараш Алии Муртазо ифтихор мекард. Бо ин ки онҳое, ки дар онҷо буданд душманони Алӣ буданд, вале муддаӣ буданд, ки мо уммати пайғамбар ҳастем. Имом Ҳусайн кӯшиш дошт, ки ифтихорашро ба Алии Муртазо расман баён карда бошад.

Ашъоре, ки Абӯабдуллоҳ дар рӯзи Ошӯро хондаанд, хеле мухталиф аст; бо оҳангҳои мухталиф суруда шудааст, ки баъзе аз онҳо аз худи Абӯабдуллоҳ ва бақия аз дигарон аст

ва эшон истишҳод кардаанд, мисли ашъори маъруфи Фарва ибни Мусайк, ки саропо ҳамоса аст.

Яке аз ашъоре, ки Абӯабдуллоҳ дар рӯзи Ошӯро мехонд ва онро шиори худаш қарор дода буд, ин шеър буд (махсусан як мисроъи он):

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

وَالْعَارُ أَوْلى مِنْ دُخولِ النّارِ

“Назди ман марг аз нанги зиллату пастӣ беҳтар ва азизтар ва маҳбубтар аст…” Исми ин шиорро бояд гузошт шиори озодӣ, шиори иззат, шиори шарофат. Яъне барои як мусалмони воқеӣ марг ҳамеша сазовортар аст аз зери бори нанги зиллат рафтан. (Мегӯяд) Мардуми дунё! Бидонед агар Ҳусайн ҳозир аст, ки то охирин қатраи хуни худ ва ҷавононаш рехта шавад, барои чист. Ҳусайн дар домани пайғамбар ва Алӣ бузург шудааст (таъбир аз худаш аст), аз пистони Заҳро шир хӯрдааст.

Хутбае дорад Абӯабдуллоҳ дар рӯзи Ошӯро, дар он вақте, ки аз назари зоҳир ҳамаи умедҳо қатъ шудааст ва ҳар касе (дар он шароит) бошад худашро мебозад. Вале ин хутба ончунон шӯру эҳсосот дорад, ки гӯӣ оташ аст, ки аз даҳони Ҳусайн берун меояд, ин қадр доғ аст! Оё ин ҷумлаҳо шӯхӣ аст:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ قَدْ رَكَزَ بَيْنَ اثْنَتَيْنِ بَيْنَ السِّلَّةِ وَالذِّلَّةِ، وَهَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

(“*Ҳон! Ин ҳаромзода писари ҳаромзода маро миёни ду чиз мухайяр кардааст: миёни шамшер ва тан додан ба хорӣ. Ва ҳайҳот, ки мо тан ба зиллат ва хорӣ диҳем!..*”)

Писари Зиёд аз шамшераш хун мечакад. Падари саффокаш 20 сол қабл ончунон ба мардуми Кӯфа зулм карда буд, ки то мардуми Кӯфа шуниданд писари Зиёд маъмури Кӯфа шудааст, худ ба худ аз тарс ба хонаҳояшон хазиданд. Чун ӯ ва падарашро мешинохтанд, ки чӣ хунхорҳое ҳастанд. Ҳамин, ки писари Зиёд ба Кӯфа омад ва амири Кӯфа шуд, ба хотири руъбу ваҳшате, ки падараш дар дили мардуми Кӯфа эҷод карда буд, мардум аз даври Муслим ибни Ақил пароканда шуданд. Ин қадр мардум маъруби инҳо буданд! Аммо Ҳусайн хитоб ба мардуми Кӯфа мефармояд:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ

Мардум! Он зинозода писари зинозода, он амир ва фармондеҳи шумо

قَدْ رَكَزَ بَيْنَ اثْنَتَيْنِ بَيْنَ السِّلَّةِ وَالذِّلَّةِ

Медонед ба ман чӣ пешниҳод мекунад? Мегӯяд: Ҳусайн! Ё бояд хору залили ман шавӣ ва ё шамшер. Ба амиратон бигӯед, ки Ҳусайн мегӯяд:

وَهَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

Ҳусайн тан ба хорӣ бидиҳад?! Оё ӯ хаёл карда, ки ман мисли ӯ ҳастам?

يَأبى اللهُ ذلك لَنا وَرَسولُهُ وَالمُؤمِنونَ وَحُجورٌ طابَت وَطَهُرَت

(“*Худо ва расули ӯ ва мӯъминон ва доманҳои пок ва мутаҳҳаре, ки мо дар он парвариш ёфтаем, бар мо намепазиранд, ки фармонбарӣ аз фурӯмоягонро бар марги шарофатмандона тарҷеҳ диҳем!*”) Шумо магар намедонед?! Он зинозода магар намедонад, ки ман дар чӣ домане бузург шудаам? Ман рӯи домани пайғамбар бузург шудаам, рӯи домани Алии Муртазо бузург шудаам, ман аз пистони Фотима шир хӯрдаам. Оё касе, ки аз пистони Заҳро шир хӯрда бошад, тан ба зиллат ва асорати мисли писари Зиёд медиҳад?!

وَهَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

Мо куҷо ва тан ба хорӣ додан куҷо?! Шиори Ҳусайн дар рӯзи Ошӯро аз ин тип аст. Оқоёни сардастаҳо, ки барои дастаҳои худатон шиор месозед, бибинед шиорҳоятон бо шиорҳои Ҳусайн мехонад ё намехонад?

Масъалаи ташнагии Абӯабдуллоҳ ва хонадон ва асҳоби эшон

Масъалаи ташнагии Абӯабдуллоҳ ва хонадон ва асҳобашон масъалаи шӯхие нест. Ҳаво бисёр гарм аст (Ошӯрои он вақт зоҳиран дар охирҳои Хурдод буда; ҳавои Ироқ зимистонаш гарм аст, чӣ расад ба наздики тобистони он), се рӯз аст, ки обро бар рӯи аҳли байти пайғамбар бастаанд, гӯё ин ки дар шаби Ошӯро тавонистанд миқдоре об ба хаймаҳо биёваранд, ки ҳазрат фармуд: обро бинӯшед ва ин охирин тӯшаи шумо хоҳад буд.

Ва ба илова, аз назари табиӣ як қоидае аст: ҳар касе аз баданаш хун зиёд биравад, ки бадан камхун шуда ва эҳтиёҷ ба хуни ҷадид дошта бошад, ташна мешавад. Худованди Мутаол баданро ба гунае сохтааст, ки вақте ба чизе эҳтиёҷ дорад, фавран ҳамон эҳтиёҷ ҷилва мекунад. Афроде, ки захм бармедоранд, мебинед фавран ташнагӣ бар онҳо ғолиб мешавад ва ин ба воситаи рафтани хун аз баданашон аст, ки чун бадан барои сохтани хун омода мешавад ва мехоҳад хуни ҷадид бисозад, об мехоҳад. Худи рафтани хун аз бадан, мӯҷиби ташнагӣ аст.

يَحولُ بَيْنَهُ وَبَيْنَ السَّماءِ الْعَطَشُ

Ин қадр ташнагии Абӯабдуллоҳ зиёд буд, ки вақте ба осмон нигоҳ мекард, болои сарашро дуруст намедид. Инҳо шӯхӣ нест. Вале ман ҳар чи дар “Мақотил” гаштам (он

миқдоре, ки метавонистам бигардам) то ин ҷумлаи маъруферо, ки мегӯянд Абӯабдуллоҳ ба мардум гуфт:

أُسْقوني شَرْبَةً مِنَ الْماءِ

(“Як ҷуръа об ба ман бидиҳед!”) бибинам, надидам. Ҳусайн касе набуд, ки аз он мардум чунин чизе талаб кунад. Фақат як ҷо дорад, ки ҳазрат дар ҳоле, ки дошт ҳамла мекард

وَهُوَ يَطْلُبُ الْماءَ

Қароин нишон медиҳад, ки мақсуд ин аст: дар ҳоле, ки дошт ба тарафи шариъа (рӯдхона) мерафт (дар ҷустуҷӯи об буд, ки аз шариъа бардорад) на ин ки аз мардум талаби об мекард.

Азамати Абӯабдуллоҳ чизи дигаре аст. Ӯ чизе аст, мо чизи дигаре. Шиорҳое, ки дар синазаниҳо ва навҳасаройиҳо медиҳед, шиорҳои ҳусайнӣ бошад. Навҳа бисёр-бисёр хуб аст. Имомони атҳор дастур медоданд афроде, ки шоир буданд, навҳахон буданд, навҳасаро буданд, биёянд барои онҳо зикри мусибат бикунанд. Онҳо шеър мехонданд ва имомони атҳор гиря мекарданд. Навҳасаройӣ ва синазанӣ ва занҷирзанӣ ман бо ҳамаи инҳо мувофиқам, вале ба шарти ин ки шиорҳо шиорҳои ҳусайнӣ бошад, на шиорҳои мандаровардӣ: “Навҷавони Акбари ман, навҷавони Акбари ман” шиори ҳусайнӣ нест.

Шиорҳои ҳусайнӣ шиорҳое аст, ки аз ин тип бошад; фарёд мекунад:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ فى لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً

(“*Оё намебинед, ки ба ҳақ амал намешавад ва аз ботил наҳӣ намешавад? Ба ростӣ, ки мӯъмин бояд ба (марг ва) дидори Худо рӯй оварад…*”)

Мардум! Намебинед, ки ба ҳақ амал намешавад ва касе аз ботил рӯйгардон нест? Дар чунин шароите, мӯъмин (нагуфт Ҳусайн ё имом) бояд лиқои парвардигорашро бар чунин зиндагие тарҷеҳ бидиҳад. Ва ё:

إِني لا أَرَى الْمَوْتَ اِلا سَعادَةً وَلاَ الْحَيوةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

(“*Ман мурданро барои худам саодат ва зиндагӣ бо ситамгаронро мӯҷиби маломат мебинам*.”)

Ҳар ҷумлааш сазовор аст, ки бо об тилло навишта шавад ва дар ҳамаи дунё пахш гардад ва ин боз ҳам кам аст. Ман маргро ҷуз хушбахтӣ намебинам, ман зиндагӣ бо ситамкоронро ҷуз малолат ва хастагӣ намебинам.

Маро ор ояд аз ин зиндагӣ,

Ки солор бошам, кунам бандагӣ.

Шиорҳои Ҳусайн алайҳис салом шиорҳои муҳйӣ (зиндакунанда) буд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ

(*“Эй касоне, ки имон овардаед! Даъвати Худо ва паёмбарро иҷобат кунед ҳангоме, ки шуморо ба сӯйи чизе мехонад, ки мояи ҳаётатон аст…” (Сураи Анфол, ояти 24)*)

Ҳусайн як муслеҳ

Абӯабдуллоҳ (Имом Ҳусайн) як муслеҳ (ислоҳгар) аст. Ин таъбир аз худаш аст:

إِنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً، إِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ فى أُمَّةِ جَدّي، أُرِيدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

(“*Ман як одами ҷоҳталаб, мақомталаб, ихлолгар, муфсид ва золим нестам; ман чунин ҳадафҳое надорам. Қиёми ман қиёми ислоҳгарӣ аст. Қиём ва хуруҷ кардам барои ин ки мехоҳам уммати ҷадди худамро ислоҳ кунам. Ман мехоҳам амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар бикунам ва ба сира ва равиши ҷаддам ва падарам (Алӣ) амал кунам*.”)

Инро ҳазрат дар номае ба унвони васиятнома ба бародарашон Муҳаммад ибни Ҳанафия — ки мариз буд ба тавре, ки аз ноҳияи даст фалаҷ дошт ва қудрати ин ки дар рикоби ҳазрат бошад ва хидмат кунад надошт — навиштанд ва ба ӯ супурданд. Чаро? Барои ин ки дунё аз моҳияти наҳзати ӯ огоҳ шавад: мардуми дунё! Ман мисли хеле афрод нестам, ки қиём ва инқилобам ба хотири ин бошад, ки худам ба ҷое расида бошам, барои ин ки молу сарват тасоҳуб кунам, барои ин ки ба мулк расида бошам. Инро мардуми дунё аз имрӯз бидонанд (ин номаро дар Мадина навишт), ки қиёми ман қиёми муслеҳона аст. Ман як муслеҳ дар уммати ҷаддам ҳастам. Қасдам амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар аст, қасдам ин аст, ки сирати Расули Худоро зинда кунам, равиши Алии Муртазоро зинда кунам. Сираи пайғамбар мурд, равиши Алии Муртазо мурд; мехоҳам ин сира ва ин равишро зинда кунам.

Аз инҷо мефаҳмем, ки чаро имомони атҳор ин ҳама дастури акид додаанд, ки Ошӯро бояд зинда бимонад ва чаро ин ҳама аҷру подошу савоб барои азодории Абӯабдуллоҳ манзур шудааст. Оё онҳо ин суханро фақат ба хотири як азодорӣ мисли азодориҳои мо дар вақте, ки падар ё модарамон мемирад, гуфтанд? На, мурданҳои мо арзише надорад; дар мурданҳои мо фикр ва идея ва ҳадафе вуҷуд надорад. Имомони атҳор аз ин ҷиҳат гуфтанд Ошӯро зинда бимонад, ки ин мактаб зинда бимонад; барои ин ки агарчӣ шахси Ҳусайн ибни Алӣ нест, вале Ҳусайн ибни Алӣ бояд ба қавли имрӯз як сумбул бошад, ба сурати як нерӯ зинда бошад; Ҳусайн агар худаш нест, ҳар сол Муҳаррам, ки тулӯъ мекунад, якмартиба мардум аз тамоми фазо бишнаванд:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ فى لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً

(“*Оё намебинед, ки ба ҳақ амал намешавад ва аз ботил наҳй намешавад? Ба ростӣ, ки мӯъмин бояд ба (марг ва) дидори Худо рӯй оварад…*”) Барои ин ки аз ростӣ ва ҳақиқат, шӯри ҳаёт, шӯри амр ба маъруф, шӯри наҳй аз мункар, шӯри ислоҳи мафосиди умури мусалмонон, дар миёни шиъа пайдо бишавад.

Фалсафаи Ошӯро

Пас агар аз мо бипурсанд шумо дар рӯзи Ошӯро, ки доиман Ҳусайн-Ҳусайн мекунед ва ба сари худатон мезанед, чӣ мехоҳед бигӯед? Бояд бигӯем: мо мехоҳем ҳарфи оқоямонро бигӯем, мо ҳар сол мехоҳем тачдиди ҳаёт кунем:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ

(*“Эй касоне, ки имон овардаед! Даъвати Худо ва паёмбарро иҷобат кунед ҳангоме, ки шуморо ба сӯйи чизе мехонад, ки мояи ҳаётатон аст…” (Сураи Анфол, ояти 24)*)

Бояд бигӯем Ошӯро рӯзи тачдиди ҳаёти мост. Дар ин рӯз мехоҳем дар кавсари (ҳавзи) ҳусайнӣ шустушӯ кунем, тачдиди ҳаёт кунем, руҳи худамонро шустушӯ бидиҳем, худамонро зинда кунем, аз нав мабодӣ ва мабонии исломро биёмӯзем, руҳи исломро аз нав ба худамон тазриқ кунем. Мо намехоҳем ҳисси амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, эҳсоси шаҳодат, эҳсоси ҷиҳод, эҳсоси фидокорӣ дар роҳи Ҳақ дар мо фаромӯш бишавад; намехоҳем руҳи фидокорӣ дар роҳи Ҳақ дар мо бимирад.

Ин фалсафаи Ошӯрост, на гуноҳ кардан ва баъд ба номи Ҳусайн ибни Алӣ бахшида шудан; гуноҳ кунем, баъд дар маҷлисе ширкат кунем ва бигӯем хуб дигар гуноҳонамон бахшида шуд. Гуноҳ он вақт бахшида мешавад, ки руҳи мо пайванде бо руҳи Ҳусайн ибни Алӣ бихӯрад; агар пайванд бихӯрад, гуноҳони мо қатъан бахшида мешавад, вале аломати бахшида шуданаш ин аст, ки думартиба дигар дунболи он гуноҳ намеравем. Аммо ин ки аз маҷлиси Ҳусайн ибни Алӣ берун биравем ва думартиба дунболи он гуноҳон биравем, нишонаи ин аст, ки руҳи мо бо руҳи Ҳусайн ибни Алӣ пайванд нахӯрдааст.

Шиорҳои Абӯабдуллоҳ шиори эҳёи ислом аст; ин аст, ки чаро байтулмоли мусалмононро як идда ба худашон ихтисос додаанд? Чаро ҳалоли Худоро ҳаром ва ҳароми Худоро ҳалол мекунанд? Чаро мардумро ду даста кардаанд: мардуме, ки фақири фақир ва дардманданд ва мардуме, ки аз пурхӯрӣ наметавонанд аз ҷояшон баланд шаванд?

Дар байни роҳ дар ҳузури ҳазор нафар лашкариён Ҳурр он хутбаи маъруфро хонд, ки тайи он, ҳадиси пайғамбарро ривоят кард, гуфт: пайғамбар чунин фармудааст, ки агар

замоне пеш биёяд, ки авзоъ чунин бишавад, байтулмол чунон бишавад, ҳалоли Худо ҳаром ва ҳароми Худо ҳалол бишавад, агар мусалмони огоҳе инҳоро бидонад ва сукут кунад, ҳақ аст бар Худо, ки чунин мусалмонеро ба ҳамонҷо бибарад, ки он ситамкоронро мебарад. Бинобар ин ман эҳсоси вазифа мекунам:

أَلا وَإِنّي أَحَقُّ مِنْ غَيْرِ

Дар чунин шароите ман аз ҳама сазовортарам.

Пас ин аст мактаби Ошӯро ва муҳтавои шиорҳои Ошӯро. Шиорҳои мо дар маҷолис, дар такяҳо ва дар дастаҳо бояд муҳйӣ (зиндакунанда) бошад на мухаддир ва на беҳискунанда. Агар беҳискунанда бошад, на танҳо аҷру подоше нахоҳем дошт, балки моро аз Ҳусайн алайҳис салом дур мекунад. Ин ашк барои Ҳусайн рехтан хеле аҷр дорад, аммо ба шарти ин ки Ҳусайн ончунон, ки ҳаст дар дили мо ворид бишавад:

إِنَّ لِلْحُسَيْنِ مَحَبَّةً مَكْنونَةً فى قُلوبِ الْمُؤْمِنينَ

Агар дар диле имон бошад, наметавонад Ҳусайнро дӯст надошта бошад, чун Ҳусайн муҷассамае аст аз имон. Шиорҳое, ки асҳоби Абӯабдуллоҳ медоданд, шиорҳои аҷибе аст. Ҳодисаи Карбало тавре вуқӯъ пайдо карда, ки инсон фикр мекунад аслан ин саҳнаро амдан ончунон сохтаанд, ки ҳамеша фаромӯшнашуданӣ бошад. Аҷиб ҳам ҳаст! Абӯабдуллоҳ гоҳе шиори муаррифии худашро медод:

أَنَا الْحُسَيْنُ بْنُ عَلي

آلَيْتُ أَنْ لا أَنْثَني

أَحْمى عِيالاتِ اَبي

أَمْضي عَلى دينِ النَّبي

Шиорҳои эшон бо оҳангҳои мухталиф аст. Вақте, ки дар майдони ҷанг танҳо меистод, шиорҳое баланд медод, шиореро мехонд, ки бо вазн тӯлонӣ буд:

أَنَا بْنُ عَليّ الطُّهْرِ مِنْ آلِ هاشِمٍ

كَفاني بِهذا مَفْخَراً حينَ أَفْخَرُ

Аммо вақте, ки ҳамла мекард, шиорҳои ҳамлаӣ медод, мисли:

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

Ё ҳамон шеъре, ки қаблан хондам.

Қуввати қалби Имом Ҳусайн

Шуҷоат ва қуввати қалбе, ки Абӯабдуллоҳ дар рӯзи Ошӯро аз худ нишон дод, ҳама (-и шуҷоъон)-ро фаромӯшонд. Ин, сухани ровиёни душман аст. Ровӣ гуфт:

وَاللهِ ما رَاَيْتُ مَكْثوراً قَطُّ قَدْ قُتِلَ أَهْلُ بَيْتِهِ وَوُلْدُهُ وَأَصْحابُهُ أَرْبَطَ جَأْشاً مِنْهُ

Ба Худо қасам, дар шигифт будам, ки ин чӣ диле буд, чӣ қуввати қалбе буд?! Як одаме, ки инчунин дилшикаста бошад, ки дар ҷилави чашмаш тамоми асҳоб ва аҳли байт ва фарзандонашро тикка-пора карда бошанд ва инчунин қавиюлқалб бошад! Ман, ки назире барояш суроғ надорам.

Дар рӯзи Ошӯро Абӯабдуллоҳ нуқтаеро ба унвони марказ интихоб карда буд, яъне вуҷуди муқаддаси Абӯабдуллоҳ ибтидо онҷо меистод ва баъд ҳамла мекард. Ба таври қатъ ва мусаллам ва бар тибқи ҳамаи таърихҳо, касе ҷуръат накард тан ба тан бо Абӯабдуллоҳ биҷангад. Албатта ибтидо чанд нафар омаданд, ҷангиданд, вале омадан ҳамон ва аз байн рафтан ҳамон. Писари Саъд фарёд кард: чӣ мекунед?!

إِنَّ نَفْسَ أَبيهِ بَيْنَ جَنْبَيْه

Ё:

إِنَّ نَفْساً أَبِيَّةً بَيْنَ جَنْبَيْهِ

Ин, писари Алӣ аст, руҳи Алӣ дар пайкари ӯст, шумо бо чӣ касе доред меҷангед?! Бо ӯ тан ба тан наҷангед. Дигар ҷанги тан ба тан тамом шуд.

Он вақт ҷанге, ки аз тарафи онҳо номардӣ буд шурӯъ шуд; сангпаронӣ, тирандозӣ.

Ҷамъияте дар ҳудуди 30 ҳазор нафар мехоҳанд як нафарро бикушанд. Аз дур истодаанд, тирандозӣ мекунанд ё санг мепаронанд. Ҳаминҳо вақте, ки Абӯабдуллоҳ ҳамла мекард, дуруст мисли як галлаи рӯбоҳ, ки аз ҷилави шер фирор мекунад, фирор мекарданд. Вале ҳазрат ҳамларо хеле идома намедод, яъне намехост фосилааш бо хаймаҳои ҳарамаш зиёд шавад. Ғайрати Ҳусайн иҷоза намедод, ки то зинда аст, касе ба аҳли байташ иҳонат кунад. Миқдоре, ки ҳамла мекард ва онҳоро дур месохт, бармегашт, меомад дар он нуқтае, ки онро марказ қарор дода буд. Он нуқта нуқтае буд, ки садорас ба ҳарам буд. Яъне аҳли байт агарчӣ Ҳусайнро намедиданд, вале садояшро мешуниданд. Барои ин ки Зайнабаш мутмаин бошад, барои ин ки Сакинааш мутмаин бошад, барои ин ки баччаҳояш мутмаин бошанд, ки ҳанӯз ҷон дар бадани Ҳусайн ҳаст, вақте, ки меомад дар он нуқта меистод, он забони хушк дар он даҳони хушк ба ҳаракат меомад ва мегуфт:

لا حَوْلَ وَلا قُوَّةَ اِلاّ بِاللهِ الْعَلِيِّ الْعَظيمِ

Яъне ин нерӯ аз Ҳусайн нест, ин Худост, ки ба Ҳусайн нерӯ додааст; ҳам шиори тавҳид медод ва ҳам ба Зайнабаш хабар медод, ки Зайнабҷон! Ҳанӯз Ҳусайни ту зинда аст. Ба хонадонаш дастур дода буд, ки то ман зинда ҳастам, касе ҳақ надорад берун биёяд. Аз ин рӯ ҳама дар дохили хаймаҳо буданд.

Абӯабдуллоҳ ду бор барои видоъ омаданд. Як бор омаданд, видоъ карданд ва рафтанд. Бори дуввум ба ин тартиб буд, ки эшон рафтанд ба тарафи шариаи Фурот ва худашонро ба он расонданд. Дар ин ҳангом шахсе садо зад: Ҳусайн! Ту мехоҳӣ об бинӯши?! Рехтанд ба хаймаҳои ҳурмат. Дигар об нахӯрд ва баргашт. Омад барои бори дуввум бо аҳли байташ видоъ кард –

ثُمَّ وَدَّعَ أَهْلَ بَيْتِهِ ثانِياً

Чӣ ҷумлаҳои нуроние дорад! Рӯ мекунад ба онҳо, ки: аҳли байти ман! Мутмаин бошед, ки баъд аз ман шумо асир мешавед, вале кӯшиш кунед, ки дар муддати асорататон як вақт кучактарин тахаллуфе аз вазифаи шаръиятон накунед. Мабодо калимае ба забони биёваред, ки аз аҷри шумо бикоҳад. Вале мутмаин бошед, ки ин, поёни кори душман аст; ин кор душманро аз по дароварад –

وَاعْلَموا أَنَّ اللهَ مُنْجيكُمْ

Бидонед, ки Худо шуморо наҷот медиҳад ва аз зиллат ҳифз мекунад. Ин хеле ҳарф аст: аҳли байти ман! Шумо асир хоҳед шуд, вале ҳақиру залил нахоҳед шуд; асорати шумо ҳам асорати иззат аст. Ба ҳамин ҷиҳат буд, ки вақте дар Кӯфа мардум ба расми садақа ба атфоли гуруснаи асирон нон медоданд, Зайнаб намегузошт қабул кунанд. Асир буданд, вале ҳаргиз ҳозир нашуданд хориро таҳаммул кунанд. Шерро ҳам дар занҷир мекунанд, вале шер дар занҷир ҳам, ки бошад шер аст, рӯбоҳ озод ҳам, ки бошад, рӯбоҳ аст.

Бори дуввум, ки имом омад, аҳли байт хушҳол шуданд; дубора бо Абӯабдуллоҳ худоҳофизӣ карданд. Боз ба амри Абӯабдуллоҳ аз хаймаҳо берун наомаданд.

Баъд аз муддате як дафъа боз садои аспи Абӯабдуллоҳро шуниданд, хаёл карданд Ҳусайн барои бори севвум омадааст, то бо аҳли байташ худоҳофизӣ кунад, (гиряи устод), вале вақте берун омаданд аспи бесоҳиби Абӯабдуллоҳро диданд. (Гиряи шадиди устод). Даври аспи Абӯабдуллоҳро гирифтанд. Ҳар кадом сухане бо ин асп мегӯяд. Тифли азизи Абӯабдуллоҳ мегӯяд: эй асп!

هَلْ سُقِيَ أَبي أَمْ قُتِلَ عَطشاناً

Ман аз ту як суол мекунам: падарам, ки мерафт, бо лаби ташна рафт? (Гиряи устод), ман мехоҳам бидонам, ки оё падарамро бо лаби ташна шаҳид карданд ё дар дами охир ба ӯ як ҷуръа об доданд? (Гиряи устод).

Инҷост, ки як манзараи дигаре рух медиҳад, ки қалби муқаддаси имоми замонро оташ мезанад:

وَأَسْرَعَ فَرَسُكَ شارِداً مُحَمْحِماً باكِياً، فَلَمّا رَأَيْنَ النِّساءُ جَوادَكَ مَخْزِيّاً وَأَبْصَرْنَ سَرْجَكَ مَلْوِيّاً خَرَجْنَ مِنَ الْخُدورِ ناشِراتِ الشُّعورِ عَلَى الْخُدورِ لاطِماتٍ

Равзаи имоми замон аст; мегӯяд: ҷадди бузургвор! Аҳли байти ту ба амри ту аз хона берун наомаданд, аммо вақте, ки аспи бесоҳибатро диданд, мӯҳоро парешон карданд, ҳама ба тарафи қатлгоҳи ту омаданд. (Гиряи устод)

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العلي العظيم، وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

نسألك اللّهمّ وندعوك باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

اللّهمّ ارزقنا توفيق الطّاعة وبعد المعصية وصدق النّيّة وعرفان الحرمة وأكرمنا بالهدى والاستقامة وسدّد ألسنتنا بالصّواب والحكمة واملأ قلوبنا بالعلم والمعرفة

Худоё! Моро ҳусайнии воқеӣ қарор бидеҳ!

Моро ошно ба руҳи наҳзати ҳусайнӣ қарор бидеҳ!

Партаве аз он руҳи муқаддас бар дилҳои ҳамаи мо битобон!

Моро ба руҳи ҳусайнӣ зинда бигардон!

Худоё! Анвори маърифати худатро бар қалбҳои мо битобон!

Дилҳои моро маҳалли муҳаббати худ қарор бидеҳ!

Худоё! Моро аз афроди воқеии пайғамбари худат қарор бидеҳ!

Дасти моро аз домони вилои воқеии Алии Муртазо ва авлоди тоҳиринаш кӯтоҳ мафармо!

Қалби муқаддаси имом замонро аз ҳамаи мо розӣ бигардон!

وعجّل فى فرج مولانا صاحب الزّمان

Фасли шашум: Унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ

1) Омилҳо муассир дар наҳзати ҳусайнӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله ربّ العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسّلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيّه، سيّدنا ونبيّنا ومولانا أبي القاسم محمّد وآله الطيبين الطاهرين المعصومين

أعوذ بالله من الشّيطان الرّجيم

إِنَّ اللَّهَ اشْتَرَى مِنَ الْمُؤْمِنِينَ أَنْفُسَهُمْ وَأَمْوَالَهُمْ بِأَنَّ لَهُمُ الْجَنَّةَ يُقَاتِلُونَ فِي سَبِيلِ اللَّهِ فَيَقْتُلُونَ وَيُقْتَلُونَ وَعْدًا عَلَيْهِ حَقًّا فِي التَّوْرَاةِ وَالْإِنْجِيلِ وَالْقُرْآنِ وَمَنْ أَوْفَى بِعَهْدِهِ مِنَ اللَّهِ فَاسْتَبْشِرُوا بِبَيْعِكُمُ الَّذِي بَايَعْتُمْ بِهِ وَذَلِكَ هُوَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ. التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ الْحَامِدُونَ السَّائِحُونَ الرَّاكِعُونَ السَّاجِدُونَ الْآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَالْحَافِظُونَ لِحُدُودِ اللَّهِ وَبَشِّرِ الْمُؤْمِنِينَ

(*“Ҳамоно Худо ҷону моли аҳли имонро ба баҳои биҳишт харидорӣ карда, онҳо дар роҳи Худо ҷиҳод мекунанд, пас (душманони динро) ба қатл мерасонанд ва (ё худ) кушта мешаванд, ин ваъдаи қатъӣ аст бар Худо ва аҳдест, ки дар Таврот ва Инҷил ва Қуръон ёд фармуда ва аз Худо бовафотар ба аҳд кист? Пас аз ин муомилае, ки кардед басе шод бошед, ки ин ба ҳақиқат саодат ва фирӯзии бузург аст. Инон ҳамон аз гуноҳ пушаймонон, Худопарастон, ҳамду шукри неъматгузорон, рӯзадорон, намоз бо хузӯъгузорон, амр ба маъруф ва наҳй аз мункаркунандагон ва нигаҳбонони ҳудуди илоҳианд ва мӯъминонро башорат деҳ.” (Сураи Тавба, оятҳои 111-112)*)

Баҳси мо дар бораи “унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ” аст. Аввалан, баҳс дар бораи ин аст, ки оё ин унсур дар наҳзати ҳусайнӣ дахолат доштааст ё на? Ва ба иборати дигар, оё яке аз чизҳое, ки Имом Ҳусайн (а)-ро водор ба ҳаракат ва наҳзат кард, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буд ё на? Ва сониян, дараҷаи дахолати ин унсур дар ин наҳзат чӣ андоза аст?

Ҳама медонем, ки фалсафаи азодорӣ ва тазаккури Имом Ҳусайн алайҳис салом, ки ба тавсияи имомони атҳор сол ба сол бояд таҷдид шавад, омӯзандагии он аст; ба хотири он аст, ки (ин наҳзат) як дарси таърихии бисёр бузург аст. Барои ин ки инсон як дарсро мавриди истифодаи худаш қарор бидиҳад, аввал бояд он дарсро бифаҳмад ва ҳал кунад. Имшаб ман дар бораи маҷмӯи аносуре, ки дар наҳзати ҳусайнӣ муассир будаанд, ба таври иҷмол баҳс мекунам. Сипас дар бораи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ки унсури аслии ин наҳзат аст, баҳси бештар ва мабсуттар ва машрӯҳтаре мекунам.

Дар наҳзати ҳусайнӣ омилҳои мутаъаддиде дахолат доштааст ва ҳамин амр сабаб шудааст, ки ин ҳодиса бо ин ки аз назари таърихӣ ва вақоеъи сатҳӣ тӯлу тафсили зиёде надорад, аз назари тафсирӣ ва аз назари пай бурдан ба моҳияти ин воқеаи бузурги таърихӣ, бисёр печида бошад.

Яке аз иллатҳои ин ки тафсирҳои мухталифе дар бораи ин ҳодиса шуда ва аҳёнан суистифодаҳое аз ин ҳодиса азим ва бузург шудааст, печидагии ин достон аст аз назари аносуре, ки дар ба вуҷуд омадани ин ҳодиса муассир будаанд. Мо дар ин ҳодиса ба масоили зиёде бармехӯрем; дар як ҷо сухан аз байъат хостан аз Имом Ҳусайн ва имтиноъи Имом аз байъат кардан аст, дар ҷойи дигар даъвати мардуми Кӯфа аз Имом ва пазируфтани Имом ин даъватрост, дар ҷойи дигар Имом ба таври куллӣ бидуни таваҷҷӯҳ ба масъалаи байъат хостан ва имтиноъ аз байъат ва бидуни ин ки асосан таваҷҷӯҳе ба ин масъала бикунад, ки мардуми Кӯфа аз ӯ байъат хостаанд, ӯро даъват кардаанд ё накардаанд, аз авзоъи замон ва вазъи ҳукумати вақт интиқод мекунад, шуюъи фасодро мутазаккир мешавад, тағйири моҳияти исломро ёдоварӣ мекунад, ҳалол шудани ҳаромҳо ва ҳаром шудани ҳалолҳоро баён менамояд ва он вақт мегӯяд: вазифаи як марди мусалмон ин аст, ки дар муқобили чунин ҳаводисе сокит набошад. Дар ин мақом мебинем Имом на сухан аз байъат меоварад ва на сухан аз даъват, на сухан аз байъате, ки Язид аз ӯ мехоҳад ва на сухан аз даъвате, ки мардуми Кӯфа аз ӯ кардаанд.

Қазия аз чӣ қарор аст? Оё масъала масъалаи байъат буд? Оё масъала масъалаи даъват буд? Оё масъала масъалаи эътироз ва интиқод ва ё шуюъи мункарот буд? Кадом як аз ин қазоё буд? Ин масъаларо мо бар чӣ асосе тавҷеҳ кунем? Ба илова, чӣ тафовути возеҳе миёни асри Имом яъне давраи Язид бо даврaҳои қабл буда? Бахусус бо давраи Муовия, ки Имом Ҳасан алайҳис салом бо Муовия сулҳ кард, вале Имом Ҳусайн алайҳис салом ба ҳеч ваҷҳ сари сулҳ бо Язид надошт ва чунин сулҳеро ҷоиз намешумурд.

Ҳақиқати матлаб ин аст, ки ҳамаи ин омилҳо муассир ва дахил будааст, яъне ҳамаи ин омилҳо вуҷуд дошта ва Имом дар муқобили ҳамаи ин омилҳо аксуламал нишон додааст. Порае аз аксуламалҳо ва амалҳои Имом бар асоси имтиноъ аз байъат аст, порае аз тасмимоти Имом бар асоси даъвати мардуми Кӯфа аст ва порае бар асоси мубориза бо мункарот ва фасодҳое, ки дар он замон ба ҳар ҳол вуҷуд доштааст. Ҳамаи ин аносур, дар ҳодисаи Карбало — ки маҷмӯае аст аз аксуламалҳо ва тасмимоте, ки аз тарафи вуҷуди муқаддаси Абӯабдуллоҳ алайҳис салом иттихоз шуда — дахолат доштааст.

Омили байъат

Ибтидо дар бораи масъалаи байъат баҳс мекунем, ки ин омил чӣ қадр дахолат дошт ва Имом дар муқобили байъатхоҳӣ чӣ аксуламале нишон дод ва танҳо байъат хостан барои Имом чӣ вазифае эҷоб мекард?

Ду мафсадаи мавҷуд дар байъат бо Язид

Ҳама шунидаем, ки Муовия ибни Абӯсуфён бо чӣ вазъе ба ҳукумат ва хилофат расид. Баъд аз он ки асҳоби Имом Ҳасан алайҳис салом он қадр сустӣ нишон доданд, Имом Ҳасан як қарордоди муваққат бо Муовия имзо мекунад, на бар асоси хилофат ва ҳукумати Муовия, балки бар ин асос, ки Муовия агар мехоҳад ҳукумат кунад, барои муддати маҳдуде ҳукумат кунад ва баъд аз он мусалмонон бошанд ва ихтиёри худашон ва он касеро, ки салоҳ медонанд ба хилофат интихоб кунанд ва ба иборати дигар, ба дунболи он касе, ки ташхис медиҳанд ва аз тарафи Пайғамбари Акрам мансуб шудааст бираванд.

То замони Муовия масъалаи ҳукумат ва хилофат як масъалаи маврусӣ (ирсӣ) набуд; масъалае буд, ки дар бораи он танҳо ду тарзи фикр вуҷуд дошт: як тарзи фикр ин буд, ки хилофат фақат ва фақат шоистаи касе аст, ки Пайғамбар ба амри Худо ӯро мансуб карда бошад ва фикри дигар ин буд, ки мардум ҳақ доранд халифае барои худашон интихоб кунанд. Ба ҳар ҳол, ин масъала дар миён набуд, ки як халифа таклифи мардумро барои халифаи баъдӣ муайян кунад, барои худ ҷонишин муайян кунад ва дигар масъалаи хилофат на доир мадори насси Пайғамбар бошад ва на мусалмонон дар интихоби ӯ дахолат дошта бошанд.

Яке аз шароите, ки Имом Ҳасан дар он сулҳнома гунҷонд, вале Муовия сареҳан ба он амал накард (монанди ҳамаи шароити дигар) балки Имом Ҳасанро махсусан бо масмумият кушт ва аз байн бурд, ки дигар мавзӯе барои ин иддао боқӣ намонад ва ба истилоҳ муддаӣ дар кор набошад, ҳамин буд, ки Муовия ҳақ надорад тасмиме барои мусалмонон баъд аз худаш бигирад; худаш ҳар мусибате барои дунёи ислом ҳаст ҳаст, баъд дигар ихтиёр бо мусалмонон бошад ва ба ҳар ҳол ихтиёр бо Муовия набошад. Аммо тасмими Муовия аз ҳамон рӯзҳои аввал ин буд, ки нагузорад хилофат аз хонадонаш хориҷ шавад ва ба қавли муаррихон, коре кунад, ки хилофатро ба шакли салтанат дароварад. Вале худи ӯ эҳсос мекард, ки ин кор феълан заминаи мусоиде надорад. Дар бораи ин матлаб зиёд меандешид ва бо дӯстони хосси худ дар миён мегузошт, вале ҷуръати изҳори онро надошт ва фикр намекард, ки ин матлаб амалӣ шавад.

Он тавре, ки муаррихон навиштаанд, касе, ки ӯро ба ин кор ташҷеъ кард ва мутмаин сохт, ки ин кор амалӣ аст, Муғира ибни Шӯъба буд, он ҳам ба хотири тамаъе, ки ба ҳукумати Кӯфа баста буд. Қаблан ҳоким ва волии Кӯфа буд; аз ин ки Муовия ӯро маъзул карда буд нороҳат буд. Ӯ аз нақшакашҳо ва зиракони араб аст. Барои ин ки думартиба ба ҳукумати Кӯфа баргардад, нақшае кашид ба ин сурат, ки ба Шом рафт ва ба Язид ибни Муовия гуфт: намедонам чаро Муовия дар бораи ту кӯтоҳӣ мекунад, дигар муаттали чист? Чаро туро ба унвони ҷонишини худаш ба мардум муаррифӣ намекунад? Язид гуфт: падарам фикр мекунад, ки ин қазия амалӣ нест. Гуфт: на, амалӣ аст. Шумо аз куҷо бим доред? Фикр мекунед мардуми куҷо амал нахоҳанд кард? Ҳар чи Муовия бигӯяд, мардуми Шом итоат мекунанд ва аз онҳо нигаронӣ нест. Аммо мардуми Мадина, агар фалон касро ба онҷо бифиристед, ӯ ин вазифаро анҷом медиҳад. Аз ҳама ҷо муҳимтар ва хатарноктар Ироқ (Кӯфа) аст, ин ҳам ба ӯҳдаи ман.

Язид назди Муовия меравад ва мегӯяд: Муғира чунин сухане гуфтааст. Муовия Муғираро мехоҳад. Ӯ бо чарбзабонӣ ва бо мантиқи қавие, ки дошт тавонист Муовияро қонеъ кунад, ки замина омода аст ва кори Кӯфаро, ки аз ҳама сахттар ва мушкилтар аст худам анҷом медиҳам. Муовия ҳам думартиба барои ӯ иблоғ содир кард, ки ба Кӯфа баргардад. (Албатта ин ҷараён баъд аз вафоти Имом Ҳасани Муҷтабо алайҳис салом ва дар солҳои охири умри Муовия аст.) Ҷараёнҳое дорад.

Мардуми Кӯфа ва Мадина қабул накарданд. Муовия маҷбур шуд ба Мадина биравад. Руасои аҳли Мадина яъне касоне, ки мавриди эҳтироми мардум буданд, ҳазрати Имом Ҳусайн алайҳис салом, Абдуллоҳ ибни Зубайр ва Абдуллоҳ ибни Умарро хост. Бо чарбзабонӣ кӯшид, то ба унвони ин ки маслаҳат феълан ин тавр эҷоб мекунад, ки ҳукумат дар дасти Язид бошад, вале кор дар дасти шумо, то ихтилофе миёни мардум рух надиҳад, шумо биёед феълан байъат кунед, амалан зимоми умур дар дасти шумо бошад, онҳоро қонеъ кунад. Вале онҳо қабул накарданд ва ин кор он тавр, ки Муовия мехост амалӣ нашуд. Баъд бо найранге дар масҷиди Мадина мехост ба мардум чунин вонамуд кунад, ки онҳо ҳозир шуданд ва қабул карданд, ки он найранг ҳам нагирифт.

Муовия ҳангоми мурдан, сахт нигарони вазъи писараш Язид буд ва насиҳатҳое ба ӯ кард. Гуфт: ту барои байъат гирифтан, бо Абдуллоҳ ибни Зубайр ин тавр рафтор кун, бо Абдуллоҳ ибни Умар он тавр рафтор кун, бо Ҳусайн ибни Алӣ ин гуна рафтор кун. Махсусан дастур дод, бо Имом Ҳусайн алайҳис салом бо рифқу нармии зиёде рафтор кунад. Ӯ фарзанди пайғамбар аст, ҷойгоҳи азиме дар миёни мусалмонон дорад ва битарс аз ин ки бо Ҳусайн ибни Алӣ бо хушунат рафтор кунӣ. Муовия комилан пешбинӣ мекард, ки агар Язид бо Имом Ҳусайн бо хушунат рафтор кунад ва дасти худро ба хуни

ӯ олуда созад, дигар нахоҳад тавонист хилофат кунад ва хилофат аз хонадони Абӯсуфён берун хоҳад рафт. Муовия марди бисёр зираке буд, пешбинииҳои ӯ монанди пешбинииҳои ҳар сиёсатмадори дигаре ғолибан хуб аз об дармеомад, яъне хуб мефаҳмид ва хуб метавонист пешбинӣ кунад.

Баръакс, Язид аввалан ҷавон буд ва сониян марде буд, ки аз аввал дар зийи бузургзодагӣ ва ашрофзодагӣ ва шоҳзодагӣ бузург шуда буд, бо лаҳву лаъиб унси фаровоне дошт, сиёсатро воқеан дарк намекард, ғурури ҷавонӣ ва риёсат дошт, ғурури сарват ва шаҳват дошт; коре кард, ки дар дараҷаи аввал ба зиёни хонадони Абӯсуфён тамом шуд ва ин хонадон беш аз ҳама дар ин қазия бохт. Инҳо, ки ҳадафи маънавӣ надоштанд ва ҷуз ба ҳукумат ва салтанат ба чизи дигаре фикр намекарданд, онро ҳам аз даст доданд. Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом кушта шуд, вале ба ҳадафҳои маънавии худаш расид, дар ҳоле, ки хонадони Абӯсуфён ба ҳеч шакл ба ҳадафҳои худашон нарасиданд.

Баъд аз ин ки Муовия дар нимаи моҳи Раҷаби соли шастум мемирад, Язид ба ҳокими Мадина, ки аз Банӣ Умайя буд номае менависад ва тайи он мавти Муовияро эълом мекунад ва мегӯяд: аз мардум барои ман байъат бигир! Ӯ медонист, ки Мадина марказ аст ва чашми ҳама ба Мадина дӯхта шуда. Дар номаи хусусӣ дастури шадиди худашро содир мекунад, мегӯяд:

“Ҳусайн ибни Алиро бихоҳ ва аз ӯ байъат бигир ва агар байъат накард, сарашро барои ман бифирист!”

Бинобар ин яке аз чизҳое, ки Имом Ҳусайн бо он мувоҷеҳ буд, тақозои байъат бо Язид ибни Муовияи инчунинӣ буд, ки гузашта аз ҳамаи мафосиди дигар, ду мафсада дар байъат бо ин одам буд, ки ҳатто дар мавриди Муовия вуҷуд надошт: яке ин ки байъат бо Язид, тасбити хилофати маврусӣ аз тарафи Имом Ҳусайн буд, яъне масъалаи хилофати як фард матраҳ набуд, масъалаи хилофати маврусӣ матраҳ буд. Мафсадаи дуввум марбут ба шахсияти хосси Язид буд, ки вазъи он замонро аз ҳар замони дигар мутамойиз мекард. Ӯ на танҳо марди фосиқ ва фоҷире буд, балки мутазоҳир ва мутаҷоҳир ба фисқ буд ва шоистагии сиёсӣ ҳам надошт. Муовия ва бисёре аз хулафои Оли Аббос ҳам мардумони фосиқ ва фоҷире буданд, вале як матлабро комилан дарк мекарданд ва он ин ки мефаҳмиданд агар бихоҳанд мулк ва қудраташон боқӣ бимонад, бояд то ҳудуди зиёде масолеҳи исломиро риоят кунанд, шуъуни исломиро ҳифз кунанд. Инро дарк мекарданд, ки агар ислом набошад, онҳо ҳам нахоҳанд буд. Медонистанд, ки садҳо миллион ҷамъият аз нажодҳои мухталиф чӣ дар Осиё, чӣ дар Офриқо ва чӣ дар Урупо, ки дар зери ҳукумати воҳид даромадаанд ва аз ҳукумати Шом ё Бағдод пайравӣ мекунанд, фақат ба ин далел аст, ки инҳо мусалмонанд, ба Қуръон эътиқод доранд ва ба ҳар ҳол халифаро

як халифаи исломӣ медонанд, вагарна аввалин рӯзе, ки эҳсос кунанд, ки халифа худ бар зидди ислом аст, эъломи истиқлол мекунанд.

Чӣ мӯҷибе дошт, ки масалан мардуми Хуросон, Шом ва Сурия, мардуми қисмате аз Офриқо аз ҳокими Бағдод ё Шом итоат кунанд? Далеле надошт. Ва аз ин рӯ хулафое, ки оқил, фаҳмида ва сиёсатмадор буданд, инро мефаҳмиданд, ки маҷбуранд то ҳудуди зиёде масолеҳи исломро риоят кунанд. Вале Язид ибни Муовия ин шуъурро ҳам надошт; одами ҳаттоке буд, хушаш меомад ба мардум ва ислом беэътиноӣ кунад, ҳудуди исломиро бишканад. Муовия ҳам шояд шароб мехӯрд (ин ки мегӯям шояд, аз назари таърихӣ аст, чун ёдам намеояд. Мумкин аст касоне бо мутолеаи таърих, мавориди қатъӣ пайдо кунанд), вале ҳаргиз таърих нишон намедиҳад, ки Муовия дар як маҷлис аланӣ шароб хӯрда бошад ё дар ҳолате, ки маст аст вориди маҷлис шуда бошад; дар ҳоле, ки ин мард (Язид) аланан дар маҷлиси расмӣ шароб мехӯрд, маст мешуд ва шурӯъ мекард ба ёвасаройӣ. Тамоми муаррихони мӯътабар навиштаанд, ки ин мард маймунбоз ва юзбоз буд. Маймуне дошт, ки ба он кунияи “Абӯ қайс” дода буд ва ӯро хеле дӯст медошт. Чун модараш зани бодиянишин буд ва худаш ҳам дар бодия бузург шуда буд, ахлоқи бодиянишинӣ дошт, бо саг ва юз ва маймун унс ва алоқаи бахусусе дошт. Масъудӣ дар “Муруҷуз-заҳаб” менависад: “*Маймунро либосҳои ҳарир ва зебо мепӯшонид ва дар паҳлӯи худ болотар аз риҷоли кишварӣ ва лашкарӣ менишонд*”. Ин аст, ки Имом Ҳусайн алайҳис салом фармуд:

وَعَلَى الْإِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

(“*Фотеҳаи исломро бояд хонд, зеро уммат гирифтори чӯпоне ҳамонанди Язид шудааст*.”)

Миёни ӯ ва дигарон тафовут вуҷуд дошт. Аслан вуҷуди ин шахс таблиғ алайҳи ислом буд.

Барои чунин шахсе аз Имом Ҳусайн алайҳис салом байъат мехоҳанд. Имом аз байъат имтиноъ мекард ва мефармуд: ман ба ҳеч ваҷҳ байъат намекунам. Онҳо ҳам ба ҳеч ваҷҳ аз байъат хостан сарфи назар намекарданд.

Ин як омил ва ҷараён буд: тақозои шадид, ки мо намегузорем шахсияте чун ту байъат накунад (одаме, ки байъат намекунад яъне ман дар муқобили ин ҳукумат тааҳҳуде надорам, ман мӯътаризам). Ба ҳеч ваҷҳ ҳозир набуданд, ки Имом Ҳусайн алайҳис салом байъат накунад ва озодона дар миёни мардум роҳ биравад. Ин байъат накарданро хатаре барои низоми ҳукумати худашон медонистанд.

Хуб ҳам ташхис дода буданд ва ҳамин тавр ҳам буд. Байъат накардани Имом яъне мӯътариз будан, қабул надоштан, итоати Язидро лозим нашумурдан, балки мухолифат бо ӯро воҷиб донистан. Онҳо мегуфтанд, бояд байъат кунед, Имом мефармуд байъат намекунам. Ҳол дар муқобили ин тақозо, дар муқобили ин омил, Имом чӣ вазифае доранд? Беш аз як вазифаи манфӣ вазифаи дигаре надоранд: байъат намекунам. Ҳарфи дигаре нест. Байъат мекунед? Хайр.

Агар байъат накунед, кушта мешавед! Ман ҳозирам кушта шавам вале байъат накунам. Дар инҷо ҷавоби Имом фақат як “на” аст.

Ҳокими Мадина, ки яке аз Банӣ Умайя буд, Имомро хост. (Албатта бояд гуфт гарчӣ Банӣ Умайя тақрибан ҳама аносури нопоке буданд, вале ӯ то андозае бо дигарон фарқ дошт.) Дар он ҳангом Имом дар масҷиди Мадина (масҷиди Пайғамбар) буданд. Абдуллоҳ ибни Зубайр ҳам назди эшон буд.

Маъмури ҳоким аз ҳар ду даъват кард назди ҳоким бираванд ва гуфт: ҳоким сӯҳбате бо шумо дорад.

Гуфтанд: ту бирав, баъд мо меойем. Абдуллоҳ ибни Зубайр гуфт: дар ин мавқеъ, ки ҳоким моро хостааст, шумо чӣ ҳадс мезанед? Имом фармуд:

أَظُنُّ أَنَّ طاغِيَتَهُمْ قَدْ هَلَكَ

Фикр мекунам Фиръавни инҳо талаф шуда ва моро барои байъат мехоҳад. Абдуллоҳ ибни Зубайр гуфт: хуб ҳадс задед, ман ҳам ҳамин тавр фикр мекунам; ҳоло чӣ мекунед? Имом фармуд: ман меравам, ту чӣ мекунӣ? Ҳоло бибинам.

Абдуллоҳ ибни Зубайр шабона аз бероҳа ба Макка фирор кард ва дар онҷо мутаҳассин шуд. Имом алайҳис салом (назди ҳокими Мадина) рафт, иддае аз ҷавонони Банӣ Ҳошимро ҳам бо худ бурд ва гуфт: шумо берун биистед; агар фарёди ман баланд шуд, бирезед ту, вале то садои ман баланд нашуда дохил нашавед. Марвони Ҳакам, ин амуи палиди маъруф, ки замоне ҳокими Мадина буд, онҷо ҳузур дошт.[12] Ҳоким номаи аланиро ба иттилоъи Имом расонд. Имом фармуд: чӣ мехоҳед? Ҳоким шурӯъ кард бо чарбзабонӣ сӯҳбат кардан, гуфт: мардум бо Язид байъат кардаанд, Муовия назараш чунин будааст, маслаҳати ислом чунин эҷоб мекунад… Хоҳиш мекунам шумо ҳам байъат бифармоед, маслаҳати ислом дар ин аст. Баъд ҳар тавр, ки шумо амр кунед итоат хоҳад шуд, тамоми нақоисе, ки вуҷуд дорад муртафеъ мешавад. Имом фармуд: шумо

[12] *Ин мард муддати зиёде ҳокими Мадина будааст ва иттифоқан дар Мадина бисёр ободӣ карда. Чашмае дар Мадина аст, ки ҳанӯз ҳам оби он ҷорӣ аст ва Марвони Ҳакам онро ҷорӣ кардааст.*

барои чӣ аз ман байъат мехоҳед? Барои мардум мехоҳед, яъне барои Худо, ки намехоҳед; аз ин ҷиҳат, ки оё хилофат шаръӣ аст ё ғайри шаръӣ ва ман байъат кунам, то шаръӣ бошад, ки нест; байъат мехоҳед, ки мардуми дигар байъат кунанд. Гуфт: бале. Фармуд: Пас байъати ман дар ин утоқи хилват, ки мо се нафар бештар нестем, барои шумо чӣ фоидае дорад? Ҳоким гуфт: рост мегӯяд, бошад барои баъд. Имом фармуд: ман бояд биравам. Ҳоким гуфт: бисёр хуб, ташриф бибаред. Марвони Ҳакам гуфт: чӣ мегӯӣ?! Агар аз инҷо биравад маънояш ин аст, ки байъат намекунам. Оё агар аз инҷо биравад байъат хоҳад кард?! Фармони халифаро иҷро кун! Имом гиребони Марвонро гирифт ва ӯро боло бурд ва муҳкам ба замин кӯбид, фармуд: ту кучактар аз ин ҳарфҳо ҳастӣ. Сипас берун рафт ва баъд аз он, се шаби дигар ҳам дар Мадина монд. Шабҳо сари қабри Пайғамбари Акрам мерафт ва дар онҷо дуо мекард, мегуфт: Худоё! Роҳе ҷилави ман бигузор, ки ризои ту дар он аст.

Дар шаби севвум, Имом сари қабри Пайғамбари Акрам[13] меравад, дуо мекунад ва бисёр мегиряд ва ҳамончо хобаш мебарад. Дар олами руъё Пайғамбари Акрамро мебинад. Хоб мебинад, ки барои ӯ ҳукми илҳом ва ваҳйро дошт. Ҳазрат фардои он рӯз аз Мадина берун омад ва аз ҳамон шоҳроҳ — на аз бероҳа — ба тарафи Макка рафт. Баъзе аз ҳамроҳон арз карданд:

يَا بْنَ رَسُولِ اللهِ! لَوْ تَنَكَّبْتَ الطَّرِيقَ الْأَعْظَمَ

Беҳтар аст шумо аз шоҳроҳ наравед; мумкин аст маъмурони ҳукумат шуморо баргардонанд, музоҳимат эҷод кунанд, задухӯрде сурат гирад.

---

[13] *Ҷойе, ки акнун мадфани муқаддаси Пайғамбари Акрам аст, хонаи пайғамбар ва ҳуҷраи Оиша будааст. Пайғамбари Акрамро дар қисмати ҷанубии ин утоқ дафн карданд ба тавре, ки фосилаи сурати мубораки эшон то девор — он тавре, ки гуфтаанд — дар ҳудуди як вақаб бештар набуд ва Абӯбакрро пушти сар пайғамбар дафн карданд ба ин сурат, ки сари ӯ баробари шонаҳои пайғамбар аз пушт шуд. Дар бораи Умар ихтилоф аст; баъзе гуфтаанд ӯро пушти сари Абӯбакр дафн карданд, ки сари Умар баробари шонаи Абӯбакр шуд, вале баъзеи дигар, ки далелҳояшон қавитар аст, гуфтаанд Умарро дар пойини пойи Пайғамбари Акрам дафн карданд. Оиша баъд аз ин қазия (яъне реҳлати Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ) васати хона девор кашид. Қисмати ҷанубӣ, мадфани Пайғамбари Акрам буд ва худ дар қисмати шимолии хона зиндагӣ мекард. Барои утоқе, ки мадфани пайғамбар буд, дари бахусусе боз карда буданд, ки мардум ба зиёрати қабри эшон мерафтанд. Он вақт (замони Имом Ҳусайн) Оиша ҳам аз дунё рафта буд, маълум нест, ки он деворро бардошта буданд ё на. Ҳуҷраи шарифае, ки акнун мадфани Пайғамбари Акрам аст, аз ҳамон замон махсуси зиёрати эшон буд ва дари он ҳамеша боз буд*.

(Як руҳи шуҷоъ ва қавӣ ҳаргиз ҳозир нест чунин коре бикунад), фармуд: ман дӯст надорам шакли як одами ёғӣ ва фирориро ба худ бигирам. Аз ҳамин шоҳроҳ меравам, ҳар чи Худо бихоҳад ҳамон хоҳад шуд.

Ба ҳар ҳол масъалаи аввал ва омили аввал дар ҳодисаи ҳусайнӣ, ки ҳеч шакке дар он намешавад кард, масъалаи байъат аст; байъат барои Язид, ки ба насси қатъии таърих, аз Имом Ҳусайн алайҳис салом мехостанд. Язид дар номаи хусусии худ чунин менависад:

خُذِ الْحُسَيْنَ بِالْبَيْعَةِ أَخْذاً شَديداً

Ҳусайнро барои байъат гирифтан, муҳкам бигир ва то байъат накарда раҳо накун. Имом Ҳусайн ҳам шадидан дар муқобили ин тақозо истода буд ва ба ҳеч ваҷҳ ҳозир ба байъат бо Язид набуд; ҷавобаш нафй буд ва нафй. Ҳатто дар охирин рӯзҳои умри Имом Ҳусайн, ки дар Карбало буданд, Умари Саъд омад ва музокироте бо Имом кард; дар назар дошт бо фикре Имомро ба сулҳ бо Язид водор кунад (албатта сулҳ ҳам ҷуз байъат чизи дигаре набуд.) Имом ҳозир нашуд. Аз суханони Имом, ки дар рӯзи Ошӯро фармудаанд, комилан пайдост, ки бар ҳарфи рӯзи аввали худ ҳамчунон боқӣ будаанд:

لا وَاللهِ لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أَقِرُّ إِقْرارَ الْعَبيدِ

На, ба Худо қасам ҳаргиз дастамро ба дасти шумо нахоҳам дод, ҳаргиз бо Язид байъат нахоҳам кард; ҳатто дар ҳамин шароите, ки имрӯз қарор гирифтаам ва кушта шудани худам, азизонам ва ёронам ва асорати хонадонамро мебинам, ҳозир нестам бо Язид байъат кунам.

Ин омил аз чӣ замоне вуҷуд пайдо кард? Аз охири замони Муовия ва шиддат ва фаврияти он баъд аз мурдани Муовия ва ба ҳукумат расидани Язид буд.

Омили дуввум: даъвати мардуми Кӯфа

Омили дуввум масъалаи даъват буд. Шояд дар баъзе китобҳо хонда бошед — махсусан дар ин китобҳои ба истилоҳ таърихӣ, ки ба дасти баччаҳои мадраса медиҳанд — менависанд, ки дар соли шастуми ҳичрат Муовия мурд, баъд мардуми Кӯфа аз Имом Ҳусайн даъват карданд, ки он ҳазратро ба хилофат интихоб кунанд. Имом Ҳусайн ба Кӯфа омад, мардуми Кӯфа ғаддорӣ ва бевафоӣ карданд, эшонро ёрӣ накарданд, Имом Ҳусайн кушта шуд. Инсон вақте ин таърихҳоро мехонад, фикр мекунад Имом Ҳусайн марде буд, ки дар хонаи худаш роҳат нишаста буд, коре ба кори касе надошт ва дар бораи ҳеч мавзӯе ҳам фикр намекард, танҳо чизе, ки Имомро аз ҷо ҳаракат дод, даъвати мардуми Кӯфа буд. Дар сурате, ки Имом Ҳусайн дар охири моҳи Рачаб, ки аввалҳои ҳукумати Язид буд, барои имтиноъ аз байъат, аз Мадина хориҷ мешавад ва чун Макка ҳарами амни илоҳӣ аст ва дар онҷо амнияти бештаре вуҷуд дорад ва мардуми мусалмон

эҳтироми бештаре барои онҷо қоил ҳастанд ва дастгоҳи ҳукумат ҳам маҷбур аст нисбат ба Макка эҳтироми бештаре қоил шавад, ба онҷо меравад — рӯзҳои аввале аст, ки Муовия аз дунё рафта ва шояд ҳанӯз хабари мурдани ӯ ба Кӯфа нарасида — на танҳо барои ин ки онҷо маъмани беҳтаре аст, балки барои ин ки маркази иҷтимоъи беҳтаре аст. Дар моҳи Раҷаб ва Шаъбон, ки айёми умра аст, мардум аз атрофу акноф ба Макка меоянд ва беҳтар метавон онҳоро иршод кард ва огоҳӣ дод. Баъд мавсими ҳаҷ фаро мерасад, ки фурсати муносибтаре барои таблиғ аст. Баъд аз ҳудуди ду моҳ номаҳои мардуми Кӯфа мерасад. Номаҳои мардуми Кӯфа ба Мадина наомад ва Имом Ҳусайн наҳзаташро аз Мадина шурӯъ кардааст. Номаҳои мардуми Кӯфа дар Макка ба дасти Имом Ҳусайн расид, яъне вақте, ки Имом тасмими худро бар имтиноъ аз байъат гирифта буд ва ҳамин тасмим хатаре бузург барои ӯ ба вуҷуд оварда буд.

(Худи Имом ва ҳама медонистанд, ки на инҳо аз байъат гирифтан даст бармедоранд ва на Имом ҳозир ба байъат аст.) Бинобар ин даъвати мардуми Кӯфа омили аслӣ дар ин наҳзат набуд, балки омили фаръӣ буд ва ҳадди аксар таъсире, ки барои даъвати мардуми Кӯфа метавон қоил шуд ин аст, ки ин даъват аз назари мардум ва қазовати таърих дар оянда фурсати ба зоҳир муносибе барои Имом ба вуҷуд оварда буд.

Кӯфа вилояти бузург ва маркази артиши исломӣ буд. Ин шаҳр, ки дар замони Умар ибни Хаттоб сохта шуда, як шаҳри лашкарнишин буд ва нақши бисёр муассире дар сарнавишти кишварҳои исломӣ дошт ва агар мардуми Кӯфа дар паймони худ боқӣ мемонданд, эҳтимолан Имом Ҳусайн алайҳис салом муваффақ мешуд. Кӯфаи он вақтро бо Мадина ё Маккаи он вақт намешуд муқоиса кард, бо Хуросони он вақт ҳам намешуд муқоиса кард; рақиби он фақат Шом буд. Ҳадди аксари таъсири даъвати мардуми Кӯфа, дар шакли ин наҳзат буд, яъне дар ин буд, ки Имом Ҳусайн аз Макка ҳаракат кунад ва онҷоро марказ қарор надиҳад (албатта худи Макка ишколоте дошт ва намешуд онҷоро марказ қарор дод), пешниҳоди Ибни Аббосро барои рафтан ба Яман ва кӯҳистонҳои онҷоро паноҳгоҳ қарор додан напазирад, Мадинаи ҷаддашро марказ қарор надиҳад, ба Кӯфа биёяд. Пас даъвати мардуми Кӯфа дар як амри фаръӣ дахолат дошт; дар ин ки ин наҳзат ва қиём дар Ироқ сурат гирад, вагарна омили аслӣ набуд.

Вақте Имом дар байни роҳ ба сарҳади Кӯфа мерасад, бо лашкари Ҳурр мувоҷеҳ мешавад. Ба мардуми Кӯфа мефармояд: шумо маро даъват кардед, агар намехоҳед, бармегардам. Маънояш ин нест, ки бармегардам ва бо Язид байъат мекунам ва аз тамоми ҳарфҳое, ки дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, шуюъи фасодҳо ва вазифаи мусалмон дар ин шароит гуфтаам сарфи назар мекунам, байъат карда ва дар хонаи худ менишинам ва

сукут мекунам; хайр, ман ин ҳукуматро солеҳ намедонам ва барои худ вазифае қоил ҳастам. Шумо мардуми Кӯфа маро даъват кардед, гуфтед:

Эй Ҳусайн! Туро дар ҳадафе, ки дорӣ ёрӣ медиҳем, агар байъат намекунӣ, накун; ту ба унвони амр ба маъруф ва наҳй аз мункар эътироз дорӣ, қиём кардай, мо туро ёрӣ мекунем. Ман ҳам омадаам суроғи касоне, ки ба ман ваъдаи ёрӣ додаанд. Ҳол мегӯед мардуми Кӯфа ба ваъдаи худашон амал намекунанд, бисёр хуб, мо ҳам ба Кӯфа намеравем, бармегардем ба ҷойе, ки маркази аслии худамон аст. Ба Ҳиҷоз (Мадина ё Макка) меравем, то Худо чӣ хоҳад. Ба ҳар ҳол мо байъат намекунем ҳарчанд бар сари байъат кардан кушта шавем. Пас ҳадди аксари таъсири ин омил яъне даъвати мардуми Кӯфа ин буда, ки Имомро аз Макка берун бикашонад ва эшон ба тарафи Кӯфа биёянд.

Албатта намехоҳам бигӯям, ки воқеан агар инҳо даъват намекарданд, Имом қатъан дар Мадина ё Макка мемонд. На, таърих нишон медиҳад, ки ҳамаи инҳо барои Имом маҳзур доштааст. Макка ҳам аз назари мусоид будани авзоъи зоҳирӣ, вазъи беҳтаре нисбат ба Кӯфа надошт. Қароини зиёде дар таърих ҳаст, ки нишон медиҳад инҳо тасмим гирифта буданд, ки чун Имом байъат намекунад, дар айёми ҳаҷ эшонро аз миён бардоранд. Танҳо нақл Турайҳӣ нест, дигарон ҳам нақл кардаанд, ки Имом аз ин қазия огоҳ шуд, ки агар дар айёми ҳаҷ дар Макка бимонад, мумкин аст дар ҳамон ҳоли эҳром, ки қоидатан касе мусаллаҳ нест, маъмурини мусаллаҳи Банӣ Умайя хуни ӯро бирезанд, ҳатки хонаи Каъба шавад, ҳатки ҳаҷ ва ҳатки ислом шавад (ду ҳатк; ҳам фарзанди пайғамбар дар ҳоли ибодат дар ҳарими хонаи Худо кушта шавад ва ҳам хунаш ҳадар равад) баъд шойеъ кунанд, ки Ҳусайн ибни Алӣ бо фалон шахс ихтилофи ҷузъӣ дошт ва ӯ ҳазратро кушт ва қотил ҳам худашро махфӣ кард ва дар натиҷа хуни Имом ба ҳадар равад. Имом дар фармоишоти худ ба ин мавзӯъ ишора кардаанд. Дар байни роҳ, ки мерафтанд, шахсе аз Имом пурсид: чаро берун омадӣ? Маънии суханаш ин буд, ки ту дар Мадина ҷойи амне доштӣ, онҷо дар ҳарами ҷаддат канори қабри Пайғамбар касе мутаарриз намешуд, ё дар Макка канори байтуллоҳ ил-ҳаром мемондӣ.

Акнун, ки берун омадӣ, барои худат хатар эҷод кардӣ. Фармуд: иштибоҳ мекунӣ; ман агар дар сӯрохи як ҳайвон ҳам пинҳон шавам, онҳо маро раҳо нахоҳанд кард, то ин хунро аз қалби ман берун бирезанд. Ихтилофи ман бо онҳо ихтилофи оштипазире нест. Онҳо аз ман чизе мехоҳанд, ки ман ба ҳеч ваҷҳ ҳозир нестам зери бори он биравам. Ман ҳам чизе мехоҳам, ки онҳо ба ҳеч ваҷҳ қабул намекунанд.

Омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Омили севвум, амр ба маъруф аст. Ин низ насси каломи худи Имом аст. Таърих менависад:

Муҳаммад ибни Ҳанафия бародари Имом дар он мавқеъ дасташ фалаҷ шуда буд, маъюб буд, қудрат бар ҷиҳод надошт ва аз ин рӯ ширкат накард. Имом васиятномае менависад ва онро ба ӯ месупорд:

هذا ما أَوْصى بِهِ الْحُسَيْنُ بْنُ عَلِيٍّ أَخاهُ مُحَمَّداً الْمَعْروفَ بِابْنِ الْحَنَفِيَّةِ

Дар инҷо Имом ҷумлаҳое дорад: Ҳусайн ба ягонагии Худо, ба рисолати Пайғамбар шаҳодат медиҳад (чун Имом медонист, ки баъд иддае хоҳанд гуфт Ҳусайн аз дини ҷаддаш хориҷ шудааст) то онҷо, ки рози қиёми худро баён мекунад:

إِنّي ما خَرَجْتُ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً، إِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ فى أُمَّةِ جَدّي، أُريدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْرُوفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي عَلِيِّ بْنِ أَبي طالِبٍ عَلَيْهِ السَّلامُ

Дигар дар инҷо масъалаи даъвати аҳли Кӯфа вуҷуд надорад, ҳатто масъалаи имтиноъ аз байъатро ҳам матраҳ намекунад, яъне ғайр аз масъалаи байъат хостан ва имтиноъи ман аз байъат, масъалаи дигаре вуҷуд дорад. Инҳо агар аз ман байъат ҳам нахоҳанд, сокит нахоҳам нишаст. Мардуми дунё бидонанд Ҳусайн ибни Алӣ толиби ҷоҳ набуд, толиби мақому сарват набуд, марди муфсиду ихлолгаре набуд, золиму ситамгар набуд, ӯ як инсони муслеҳ буд.

Дар рӯзи Ошӯро мефармояд:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ قَدْ رَكَزَ بَيْنَ اثْنَتَيْنِ بَيْنَ السِّلَّةِ وَالذِّلَّةِ، وَهَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ يَأْبَى اللهُ ذلِكَ لَنا وَرَسولُهُ وَالْمُؤْمِنونَ وَ حُجورٌ طابَتْ وَطَهُرَتْ

Ин рух, аз рӯзи аввал то лаҳзаи охир дар вуҷуди муқаддаси Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом мутаҷаллӣ буд, ба қавли худаш ҷузъи хуну ҳаёташ шуда буд, имкон надошт аз Ҳусайн ҷудо шавад. Дар лаҳазоти охир (-и ҳаёти) Абӯабдуллоҳ, вақте дар он ҷуқурии қатлгоҳ афтодааст ва қудрати ҳаракат кардан надорад, қудрати ҷангидан бо душман надорад, қудрати истодан бар сари по надорад ва ба заҳмат метавонад ҳаракат кунад, боз мебинем аз сухани Ҳусайн ғайрат меҷаҳад, иззат таҷаллӣ мекунад, бузургворӣ пайдо мешавад. Лашкар мехоҳанд сари муқаддасашро аз бадан ҷудо кунанд, вале шуҷоат ва ҳайбати собиқ иҷоза намедиҳад. Баъзе мегӯянд, накунад Ҳусайн ҳилаи ҷангӣ ба кор бурда, ки агар касе наздик шуд, ҳамла кунад ва дар муқобили ҳамлаи ӯ касе тоби муқовамат надорад. Нақшаи палид ва номардонае мекашанд, мегӯянд, агар ба сӯи хаймаҳояш ҳамла кунем, ӯ тоқат намеоварад. Имом Ҳусайн афтодааст.

Ман наметавонам он ҳолати Абӯабдуллоҳро муҷассам кунам. Лашкар ба тарафи хаймаҳои ҳарамаш ҳамла мекунад. Як нафар фарёд мекашад: Ҳусайн! Ту зиндаӣ?! Ба тарафи хаймаҳои ҳурмат ҳамла карданд! Имом ба заҳмат рӯи зонуҳои худ баланд мешавад, ба найзааш такя мекунад ва фарёд мекашад:

وَيْلَكُمْ يا شيعَةَ آلِ أَبي سُفْيانَ، إِنْ لَمْ يَكُنْ لَكُمْ دينٌ وَلا تَخافونَ الْمَعادَ فَكونوا أَحْراراً فى دُنْياكُمْ

Эй мардуме, ки худро ба Оли Абӯсуфён фурӯхтаед! Эй пайравони Оли Абӯсуфён! Агар Худоро намешиносед, агар ба қиёмат имон ва эътиқод надоред, ҳуррият ва шарафи инсонияти шумо куҷо рафт?!

Шахсе мегӯяд:

ما تَقولُ يَا بْنَ فاطِمَةَ

Писари Фотима чӣ мегӯӣ? Фармуд:

أَنَا أُقاتِلُكُمْ وَأَنْتُمْ تُقاتِلونَني وَالنِّساءُ لَيْسَ عَلَيْهِنَّ جُناحٌ

Тарафи шумо ман ҳастам, ин пайкари Ҳусайн ҳозир ва омодааст барои ин ки омоҷи тирҳо ва заработи шамшерҳои шумо воқеъ шавад. Вале руҳи Ҳусайн ҳозир нест ӯ зинда бошад ва бибинад касе ба наздик хаймаҳои ҳарами ӯ меравад.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العلي العظيم، وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

Даъвати кӯфиён иллати наҳзат нест, наҳзати Имом иллати даъвати мардуми Кӯфа аст

Дар сохтмони наҳзати муқаддаси ҳусайнӣ се унсури асосӣ дахолат доштааст ва маҷмӯан се омил ба ин ҳодисаи бузург шакл додааст. Яке ин ки билофосила баъд аз даргузашти Муовия, Язид ибни Муовия фармон медиҳад, ки аз Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом илзоман байъат гирифта шавад. Имом дар муқобили ин дархост имтиноъ мекунад. Онҳо фавқулъода исрор доранд, ба ҳеч қимате аз ин тақозо сарфи назар намекунанд ва Имом шадидан имтиноъ дорад ва ба ҳеч қимате ҳозир нест ба ин байъат тан бидиҳад. Аз ҳамин ҷо тазодд ва муборизаи шадид шурӯъ мешавад.

Омили дуввуме, ки дар ин наҳзат таъсир доштааст ва бояд онро омили дараҷаи дуввум ва балки севвум ба ҳисоб овард ин аст, ки пас аз он ки Имом ба воситаи дархости байъат дар чунин шароите қарор мегирад, ки аз он тараф исрор ва аз тарафи эшон инкор аст, ба Макка муҳоҷират мекунанд. Пас аз яке ду моҳ иқомат дар Макка, хабари чигунагии қазия ба мардуми Кӯфа мерасад. Он вақт мардуми Кӯфа ба худ омада, Имомро даъват мекунанд. Баръакси он чи мо ғолибан мешунавем ва махсусан дар баъзе китобҳои дарсӣ менависанд, даъвати мардуми Кӯфа иллати наҳзати Имом нест, наҳзати Имом иллати даъвати мардуми Кӯфа аст. На чунон буд, ки баъд аз даъвати мардуми Кӯфа Имом қиём кард, балки баъд аз ин ки Имом ҳаракат кард ва мухолифати худро нишон дод ва мардуми Кӯфа аз қиёми Имом мутталеъ шуданд, чун заминаи нисбатан омодае дар онҷо вуҷуд дошт, мардуми Кӯфа гирди ҳам омаданд ва Имомро даъват карданд.

Омили севвум, омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Ин омилро худи Имом мукаррар ва бо сароҳати комил ва бидуни он ки зикре аз масъалаи байъат ва даъвати аҳли Кӯфа ба миён оварад, ба унвони як асли мустақил ва як омили асосӣ зикр намуда ва ба ин матлаб истинод кардааст.

Арзиши омили даъвати мардуми Кӯфа

Ин се омил аз назари арзиш дар як дараҷа нестанд. Ҳар кадом дар ҳадди муайяне ба наҳзати Имом арзиш медиҳанд. Аммо масъалаи даъвати аҳли Кӯфа. Арзише, ки ин омил медиҳад, бисёр-бисёр содда ва оддӣ аст (албатта содда ва оддӣ дар сатҳи амали Имом Ҳусайн алайҳис салом, на дар сатҳи корҳои мо) барои ин ки ба мӯҷиби ин омил, як устон ва як минтақае, ки аз нерӯе баҳраманд аст, омодагии худро эълом мекунад. Тибқи қоида, ҳадди аксар панҷоҳ дарсад эҳтимоли пирӯзӣ вуҷуд дошт. Аҳаде беш аз ин эҳтимоли пирӯзӣ намедод. Пас аз он ки аҳли Кӯфа Имомро даъват карданд ва фарз кунем иттифоқи оро ҳам доштанд ва дар аҳди худ боқӣ мемонданд ва хиёнат намекарданд, касе

наметавонист эҳтимол бидиҳад, ки муваффақияти Имом сад дар сад аст, чун тамоми мардум, ки мардуми Кӯфа набуданд. Агар мардуми Шомро, ки қатъан ба Оли Абӯсуфён вафодор буданд ба танҳоӣ дар назар мегирифтанд, кофӣ буд, ки эҳтимоли пирӯзиро панҷоҳ дарсад таназзул диҳад, ба ин ҷиҳат, ки ҳамин мардуми Шом буданд, ки дар даврони хилофати амирулмӯъминин Алӣ бо мардуми Кӯфа дар Сиффин рӯбарӯ шуданд ва тавонистанд ҳаҷдаҳ моҳ бо мардуми Кӯфа бичанганд, кушта бидиҳанд ва муқовамат кунанд. Вале ба ҳар ҳол, 48 ё 30 дарсад эҳтимоли муваффақият ҳаст. Мардуме эъломи омодагӣ мекунанд ва Имом ба даъвати онҳо посухи мусбат медиҳад. Ин, як ҳадди муайяне аз арзишро дорост, ки ҳамон ҳадди оддӣ аст, яъне бисёре аз афроди оддӣ дар чунин шароите посухи мусбат медиҳанд.

Арзиши омили тақозои байъат ва имтиноъи Имом

Вале омили тақозои байъат ва имтиноъи Имом — ки аз ҳамон рӯзҳои аввал зоҳир шуд — арзиши бештаре нисбат ба масъалаи даъват, ба наҳзати ҳусайнӣ медиҳад. Ба ҷиҳати ин ки рӯзҳои аввал аст, ҳанӯз мардуме эъломи ёрӣ ва нусрат накардаанд, даъват ва эъломи вафодорӣ накардаанд. Як ҳукумати ҷобир ва мусаллат, ҳукумате, ки дар 20 соли гузашта дар даврони Муовия хушунати худашро ба ҳадди аъло нишон додааст (тақозои байъат мекунад.) Муовия махсусан дар даҳ соли дуввуми ҳукумат ва салтанати худ ба қадре хушунат нишон дод, ки ба истилоҳ тасма аз гурдаи ҳама кашид;[14] коре кард, ки дар тамоми қаламрави ӯ ҳатто Мадинаи Тайиба ва Маккаи Муаззама дар намозҳои ҷумъа Алӣ ибни Абӯтолибро аланан ба унвони як амали ибодӣ лаънат мекарданд ва агар садои касе дармеомад, дигар ихтиёри сарашро надошт, сараш аз худаш набуд. Ончунон тасма аз гурдаҳо кашида буд, ки дар охирҳои аҳди ӯ номи Алиро бар забон овардан ҷурм буд. (Ин, матни таърих аст.) Агар мехостанд бигӯянд Алӣ ибни Абӯтолиб, бо ишора ва бехи гӯшӣ мегуфтанд. Кор ба онҷо кашида буд, ки агар ҳадисе марбут ба Алӣ буд ва дар он фазилате ҳарчанд кучактарин фазилат аз Алӣ гунҷонда шуда буд, муҳаддисин ва ровиҳо — ки аҳодисро барои якдигар ривоят мекарданд — дар хонаҳои хилват, пардаҳоро меовехтанд, дарҳоро мебастанд, якдигарро қасам медоданд, ки инро фош накунӣ, аз қавли ман ҳама ҷо нақл накунӣ, агар мехоҳӣ ривоят кунӣ, барои одаме ривоят кун, ки сад дар сад ровӣ бошад ва ҷазб кунад ва ифшо накунад.

Дар якчунин шароити сахте ҷонишини ҳамин одам халифа шудааст ва аз ӯ ҷавонтар, мағруртар, саффоктар ва бесиёсаттар, ки ҳатто мулоҳизоти сиёсиро ҳам намекунад. Он вақт “на” гуфтан дар муқобили чунин кудрате кори кучаке нест (бояд байъат кунӣ! Хайр,

[14] *“Тасма аз гурдаи касе кашидан”, яъне касеро ба суди худ бераҳмона ба кор водоштан*.

байъат намекунам; агар тамоми вуҷудамро қитъа-қитъа кунед, байъат намекунам) аз ин назар, ки мебинем дар ин ҳол Имом ба танҳоӣ ва ба шахсаш дар муқобили тақозои номашрӯъи як қудрати бисёр-бисёр ҷаббор истодааст бидуни ин ки номе аз аъвону ансор бошад, ҳатто даҳ дарсад ҳам эҳтимоли муваффақият бошад; ва аз ин назар, ки ҳозир нест раъю ақидаи худашро бифурӯшад ва тазоҳур кунад; чун баъдҳо таърих нахоҳад гуфт Ҳусайн ба зӯр ва ҷабр байъат кард. Ҳаминҳое, ки байъатро ба ҷабр мегиранд, таърихро ҳам ба зӯри пул месозанд, ҳамон тавр, ки сохтанд.

Муовия ва атрофёнаш қисмате аз байтулмоли мусалмононро ба истилоҳи имрӯз сарфи аҷир кардан ва истихдоми руҳонияти он рӯз мекарданд; ровиҳои бебандубор, беақида ва беимонро бо зӯри пул мехариданд ва онҳо аҳодиси Пайғамбарро тағйир медоданд, исмҳоро дар аҳодиси Пайғамбар иваз мекарданд, ҳадисе дар мадҳи душманони Алӣ вазъ мекарданд.

Муаррихон навиштаанд, Самара ибни Ҷундаб ҳашт ҳазор мисқол зар гирифт ва як ҳадис алайҳи Алӣ ибни Абӯтолиб ҷаъл кард. Бинобар ин барои онҳо тағйир додани таърих кори мушкиле набуд. Агар ҳам баъдҳо бахше аз таърих монд, ба воситаи амалиёте назири наҳзати ҳусайнӣ буд, вагарна агар Ҳусайн алайҳис салом ҳам сукут мекард, таърих ҳам тағйир карда буд. Пас, ин омил арзиши болотар ва бештаре нисбат ба омили даъвати мардуми Кӯфа, ба наҳзати Абӯабдуллоҳ алайҳис салом медиҳад.

Арзиши омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Аммо омили севвум, ки омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст ва Абӯабдуллоҳ алайҳис салом сареҳан ба ин омил истинод мекунад. Дар ин замина ба аҳодиси Пайғамбар ва ҳадафи худ истинод мекунад ва мукаррар номи амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро мебарад, бидуни ин ки исме аз байъат ва даъвати мардуми Кӯфа бибарад. Ин омил арзиши бисёр-бисёр бештаре аз ду омили дигар ба наҳзати ҳусайнӣ медиҳад. Ба мӯҷиби ҳамин омил аст, ки ин наҳзат шоистагӣ пайдо кардааст, ки барои ҳамеша зинда бимонад, барои ҳамеша ёдоварӣ шавад ва омӯзанда бошад. Албатта ҳамаи омилҳо омӯзанда ҳастанд, вале ин омил омӯзандагии бештаре дорад, зеро на муттакӣ ба даъват аст ва на муттакӣ ба тақозои байъат. Яъне агар даъвате аз Имом намешуд, Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ба мӯҷиби қонуни амр ба маъруф ва наҳй аз мункар наҳзат мекард. Агар ҳам тақозои байъат аз ӯ намекарданд, боз сокит наменишаст. Мавзӯъ хеле фарқ мекунад ва тафовут пайдо мешавад.

Ба мӯҷиби омили аввал, чун мардуми Кӯфа даъват карданд ва заминаи пирӯзӣ панҷоҳ дарсад ё камтар омода шудааст, Имом ҳаракат мекунад. Яъне агар танҳо ин омил дар

шакл додани наҳзати ҳусайнӣ муассир буд, чунончи мардуми Кӯфа даъват намекарданд Ҳусайн алайҳис салом аз ҷойи худ такон намехӯрд. Ба мӯҷиби омили дуввум, аз Имом байъат мехоҳанд ва мефармояд бо шумо байъат намекунам. Яъне агар танҳо ин омил мебуд, чунончи ҳукумати вақт аз Ҳусайн алайҳис салом байъат намехост, ӯ бо онҳо коре надошт, мегуфт шумо бо ман кор доред, ман, ки бо шумо коре надорам; шумо аз ман байъат нахоҳед, матлаб тамом аст. Пас ба мӯҷиби ин омил, агар онҳо тақозои байъат намекарданд, Абӯабдуллоҳ ҳам осуда ва роҳат буд, сари ҷойи худ нишаста буд, ҳодиса ва ғоилае ба вуҷуд намеомад.

Аммо ба мӯҷиби омили севвум, Ҳусайн як марди мӯътариз ва мунтақид аст, марде аст инқилобӣ ва қиёмкунанда аст. Дигар ангезаи дигаре лозим нест. Ҳама ҷоро фасод гирифта, ҳалоли Худо ҳаром ва ҳароми Худо ҳалол шудааст, байтулмоли мусалмонон дар ихтиёри афроди ношоиста қарор гирифта ва дар ғайри роҳи ризои Худо масраф мешавад ва Пайғамбари Акрам фармуд: ҳар кас чунин авзоъ ва аҳволеро бибинад –

فَلَمْ يُغَيِّرْ عَلَيْهِ بِفِعْلٍ وَلا قَوْلٍ

ва дар садади дигаргунии он набошад, дар мақоми эътироз барнаёяд –

كانَ حَقّاً عَلَى اللهِ أَنْ يُدْخِلَهُ مُدْخَلَهُ

— шоиста аст (собит аст дар қонуни илоҳӣ), ки Худо чунин касеро ба онҷо бибарад, ки золимон, ҷобирон, ситамкорон ва тағйирдиҳндагони дини Худо мераванд ва сарнавишти муштарак бо онҳо дорад. Ба гуфтаи ҷаддаш истинод мекунад, ки дар чунин шароите касе, ки медонад ва мефаҳмад ва эътироз намекунад, бо ҷомеаи гунаҳкори худ сарнавишти муштарак дорад. Танҳо ин ҳадис нест, аҳодиси дигаре аз шахси Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ дар ин замина ҳаст.

Ҳадисе дорем, ки Имом Ризо алайҳис салом аз Пайғамбари Акрам нақл мекунад ва он ин аст:

اِذا تَواكَلَتِ النّاسُ الْأَمْرَ بِالْمَعْروفِ وَالنَّهْى عَنِ الْمُنْكَرِ

— ҳар гоҳ мардум амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро ба ӯҳдаи ҳамдигар бигузоранд (яъне ҳар кас сукут кунад ба интизори ин ки дигарӣ амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунад ва дар натиҷа ҳеч кас қиём накунад) —

فَلْيَأْذَنوا بِوِقاعٍ مِنَ اللهِ

Пас барои азоби илоҳӣ мунтазир ва омода бошанд. Чӣ азобе? Санг аз осмон биёяд? На, азоби илоҳӣ дар ояти Қуръон чунин тафсир шудааст:

قُلْ هُوَ الْقَادِرُ عَلَى أَنْ يَبْعَثَ عَلَيْكُمْ عَذَابًا مِنْ فَوْقِكُمْ أَوْ مِنْ تَحْتِ أَرْجُلِكُمْ أَوْ يَلْبِسَكُمْ شِيَعًا وَيُذِيقَ بَعْضَكُمْ بَأْسَ بَعْضٍ

“*(Аз азоби Худо битарсед) бигӯ, Худо қодир аст, ки аз болои сари шумо бар шумо азоб бифиристад ё аз зери пойи шумо азобро бичашонад ё шуморо даста-даста кунад, ё ин ки зиёни худи шуморо ба худи шумо бирасонад (яъне худатонро ба ҷони якдигар биандозад).” (Сураи Анъом, оятиַ 65*)

Аҳли байт дар ривоятҳои худ чунин маънӣ мекунанд: азоб болои сар яъне шумо аз мофавқҳо азоб мебинед, азоб аз зери по яъне аз табақаи модун азоб мебинед. Пайғамбари Акрам фармуд: вақте мардум амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро раҳо кунанд, мунтазир ва мутмаин бошанд, ки пушти сар он азоби илоҳӣ меояд.

Ҳадиси дигаре аз Пайғамбари Акрам аст, ки онро, ҳам уламои шиа дар кутуби мӯътабари худ мисли “Усули кофӣ” ривоят кардаанд ва ҳам уламои аҳли тасаннун. Ғаззолӣ ин ҳадисро дар “Эҳёу улум” нақл мекунад ва санади он дар китобҳои ҳадиси аҳли тасаннун ҳаст:

لتأمرن بالمعروف ولتنهن عن المنكر أو ليسلطن الله عليكم سلطانا ظالما لا يجل كبيركم ولا يرحم صغيركم ويدعوا عليه خياركم فلا يستجاب لهم وتستنصرون فلا تنصرون وتستغفرون فلا يغفر لكم

Яъне бояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро дошта бошед, ин ду бояд вуҷуд дошта бошад, вагарна бадони шумо бар шумо мусаллат мешаванд, баъд хубони шумо мехонанд (дуо мекунанд) ва ба онҳо ҷавобе дода намешавад.

Аксар ин тавр маънӣ мекунанд, ки баъд аз он ки бадони шумо бар шумо мусаллат шуданд, некони шумо ба даргоҳи илоҳӣ меноланд ва Худованд дуои онҳоро мустаҷоб намекунад. Яъне қавме, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро раҳо кунанд, хоссияташон ин аст, ки Худованд раҳмати худро аз онҳо мегирад; ҳар қадр Худоро бихонанд, дуои онҳо ба мӯҷиби ин гуноҳ мустаҷоб намешавад.

Вале Ғаззолӣ маънии латифи барои он кардааст — бо ин ки марди ба истилоҳ дарвеше аст ва дар масоили иҷтимоӣ дида намешавад – мегӯяд, маънии ин ҷумла:

ويدعوا عليه خياركم فلا يستجاب لهم

— ин нест, ки Худоро мехонанд ва Худо дуои онҳоро мустаҷоб намекунад. Маъноаш ин аст: вақте, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро тарк кунанд, он қадр паст мешаванд, он қадр руъбашон, маҳобаташон, иззаташон, караматашон аз байн меравад, ки вақте ба даргоҳи ҳамон золимон мераванд, ҳар чи нидо мекунанд, ба онҳо эътино намешавад. Яъне Пайғамбар фармуд: агар мехоҳед иззат дошта бошед ва дигарон рӯи шумо ҳисоб

кунанд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро тарк накунед. Агар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар надошта бошед, аввалин хоссияти он заъфи шумост, пастӣ ва зиллати шумост, душман ҳам рӯи шумо ҳисоб намекунад.

Бар дари арбоби бемурувватӣ дунё,

Чанд нишинӣ, ки хоҷа кай бадар ояд?

(Ҳофиз)

Он вақт мисли як барда ва банда, ҳар чи илтимос кунед, касе ҷавобатонро нахоҳад дод. Маънии бисёр латифе аст. Мо чунин асли қатъӣ дар ислом дорем ва вуҷуди муқаддаси Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ба ин асл истинод кардааст ва чунин мефаҳмонад, ки фаразан мардуми Кӯфа маро даъват намекарданд, фаразан дастгоҳи Язид аз ман байъат намехост, ман ба мӯҷиби асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар сокит наменишастам.

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар Қуръон

Лозим аст баҳси бештаре дар бораи худи ин асл бикунем. Асосан мавриди эҳтиёҷи мост, ки ин аслро бишносем; асле, ки пайғамбари ислом инчунин бар он такя мекунад; асле, ки агар танҳо ба Қуръон муроҷеа кунем ва ба аҳодиси набавӣ ва имомони атҳор таваҷҷӯҳе накунем, ба фиқҳи ислом — ки аз садри ислом яке аз китобҳои фиқҳӣ, яке аз абвоби фиқҳӣ “боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар” аст — муроҷеа накунем, фақат худи Қуръонро дар назар бигирем, мутаваҷҷеҳ мешавем, ки ин мавзӯъ дар ин китоби муқаддаси осмонӣ чӣ қадр такрор шудааст ва чӣ андоза бадбахтии милали гузаштаро мустанад мекунад ба ин ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар надоштаанд:

فَلَوْلَا كَانَ مِنَ الْقُرُونِ مِنْ قَبْلِكُمْ أُولُو بَقِيَّةٍ يَنْهَوْنَ عَنِ الْفَسَادِ

(*Сураи Ҳуд, ояти 116*) Мефармояд, чаро дар наслҳои гузашта як идда мардуми соҳиби моя (мояи ақлӣ, фикрӣ, руҳӣ) набуданд, ки бо фасодҳо мубориза кунанд, то дар натиҷа ин миллатҳо дар асари фасодҳо табоҳ нашаванд, мунқариз ва ҳалок нашаванд?

Дар бораи қавми дигар мефармояд:

كَانُوا لَا يَتَنَاهَوْنَ عَنْ مُنْكَرٍ فَعَلُوهُ لَبِئْسَ مَا كَانُوا يَفْعَلُونَ

(*Сураи Моида, ояти 79*) Инҳо бадбахту бечора шуданд, ба ҳалокат расиданд, аз миён рафтанд, чаро? Чун наҳй аз мункар намекарданд, бо фасод мубориза намекарданд ва бисёр бад мекарданд.

Хитоб ба мусалмонон мефармояд:

وَلْتَكُنْ مِنْكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ وَيَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 104*) Бояд дар миёни шумо як уммат, як ҷамъият кораш амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бошад. (Ин маънӣ дар сурате аст, ки) “мин”-ро “мин”-и

табъизӣ бигирем. Агар таври дигар тафсир кунем, маънояш ин аст: аз шумо уммат чунин уммате бояд сохта шавад, яъне ҳамаи шумо бояд чунин уммате бошед (амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кунед).

Ҳар ду тафсир дуруст аст ва бо ҳам мунофот надоранд, чун амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар як вазифаи умумӣ аст барои ҳамаи мардум ва вазифаи хоссе аст барои як табақаи муайян, ки аз ҳадди оммаи мардум берун аст. Бояд аз миёни шумо чунин ҷамъияте бошад ё бояд шумо уммат чунин уммате бошед, ки коратон даъват ба хайр, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар бошад.

وَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ

Танҳо чунин уммате, ки дар миёни онҳо даъват ба хайр, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар вуҷуд дорад метавонад растгор, сарфароз, саодатаманд ва мустақил бошад, салоҳ ва растгорӣ дошта бошад.

Дар сураи Оли Имрон оятҳои марбут ба амри ба маъруф ва наҳӣ аз мункар зиёд аст. Ояте, ки хондам, баъд аз ин оят аст:

وَاعْتَصِمُوا بِحَبْلِ اللَّهِ جَمِيعًا وَلَا تَفَرَّقُوا

(*Сураи Оли Имрон, ояти 103*) Мардумро даъват ба иттиҳод ва аз тафриқа наҳӣ мекунад ва парҳез медиҳад: бипарҳезед эй мусалмонон аз ин ки дар миёни шумо тафриқа ва ихтилоф вуҷуд дошта бошад! Кӯшиш кунед ихтилофоте, ки ба вуҷуд омадааст ҳал кунед, ихтилофотро камтар кунед, доиман шикофҳоро зиёд накунед. Аз ин шикофҳо, ки рӯз ба рӯз бештар мешавад, чӣ касе истифода мебарад? Оё ғайр аз душмани ислом каси дигаре истифода мебарад? Оё душман аз мо чӣ мехоҳад? Ғайр аз ин мехоҳад, ки мо ба номҳои мухталифи мазҳабӣ ва фирқаӣ доиман ба ҷони якдигар биафтем, якдигарро фуҳш бидиҳем?! Қуръон мегӯяд, аз тафриқа бипарҳезед. Баъд мефармояд:

وَلْتَكُنْ مِنْكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ

Мисли ин ки дар инҷо манзури Қуръон аз “хайр”, бештар ҳамон иттиҳод аст. Яъне дар миёни шумо бояд ҷамъияте бошад, ки ҳамеша мусалмононро даъват ба ваҳдат ва иттиҳод кунанд, бо тафриқаҳо ва ифтироқҳое, ки миёни мусалмонон ҳаст мубориза кунанд ва бичанганд. Баъд мефармояд:

وَلَا تَكُونُوا كَالَّذِينَ تَفَرَّقُوا وَاخْتَلَفُوا

(*Сураи Оли Имрон, ояти 105*) Монанди ҷамъиятҳое, ки мутафарриқ ва мухталиф шуданд, даста-даста ва фирқа-фирқа шуданд набошед.

Оё ин аҷиб нест, ки дар миёни ду оят, ки ҳар ду даъват ба иттиҳод ва парҳез аз тафарруқ аст, ин оят меояд:

وَلْتَكُنْ مِنْكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ وَيَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ

Ин гӯё дуруст мерасонад, ки Қуръон дар миёни хайрҳо, ҳусни тафоҳум ва ваҳдат ва иттифоқ миёни мусалмононро хайре, ки модар ва мабдаи ҳамаи хайрот аст медонад ва дар миёни мункарот ва зиштиҳо ва палидиҳо, он киро аз ҳама палидтар ва зишттар ва бадтар медонад, ихтилоф ва тафарруқ аст ба ҳар ному унвоне.

Ояти дигар мефармояд:

كُنْتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 110*) Мусалмонон! Шумо беҳтарин уммате ҳастед, ки ба нафъи башарият зуҳур кардаед, яъне миллате беҳтар аз шумо ба нафъи башарият зуҳур накардааст. Чаро? Ба мӯҷиби чӣ хоссияте?

تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 110*) Ба далели он ки шумо омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар ҳастед. Аз ҳамин ҷо ба қавли мантиқийин ба акси нақиз бояд бифаҳмем: пас мо, уммати ислом ва беҳтарини умматҳо барои башар нестем, чун мо омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар нестем. Дар натиҷа наметавонем иддаои шараф ва бузургӣ кунем, наметавонем ифтихоре дошта бошем, исломи мо исломи воқеӣ нест.

Камаҳаммият шудани ин асл дар дунёи ислом

Агар бихоҳем дар мавзӯи аҳаммият ва азамати ин асл аз назари Қуръон, суннат, ҳадис ва он чи, ки дар ин замина ворид шудааст баҳс кунем, ривоят бисёр аст ва нишон медиҳад, ки ислом то чӣ андоза ба ин мавзӯъ аҳаммият додааст. Албатта ин амр як баҳси таърихӣ лозим дорад, то равшан шавад, ки чӣ тавр шуд дар тӯли таърих, ин мавзӯи ба ин азамат ва аҳаммият дар дунёи ислом ҳазм ва таҳлил рафт ва рӯз ба рӯз кучактар шуд. Ва бояд инсоф дод, ки аз назари илмӣ яъне аз назари баҳс дар китобҳо, сунниҳо дар ин мабҳас беш аз мо шиаҳо баҳс кардаанд. Агар китобҳои фиқҳии шиа аз “Китобус-салот” гирифта то “Китобуд-диёт”-ро дар муқобили фиқҳи аҳли тасаннун қарор диҳем, мебинем дар тамоми абвоб, фиқҳи шиа дар маҷмӯъ дақиқтар, машрӯҳтар, муфассалтар, матинтар ва мустадалтар аст ва ман метавонам ин матлабро собит кунам.

Вале мутаассифона дар китобҳои фиқҳии мо дар миёни ҳамаи абвоб, бобт амр ба маъруф ва наҳй аз мункар хеле кучак шудааст. Албатта дар миёни сунниҳо ҳам амалан кучак шуд.

Мӯътазила — ки яке аз фирқаҳои мутакаллимони аҳли тасаннун ҳастанд — амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро аз усули дин медонанд, на аз фурӯъи дин. Шиа мегӯяд, усули дин панҷто ва фурӯъи дин даҳто ё ҳашттост ва дар миёни усули даҳгона, амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро зикр мекунад, вале мӯътазила ба панҷ асл дар дин қоил ҳастанд, ки яке аз онҳо, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Аммо худи инҳо тадричан дар китобҳои худ аз ин баҳс парҳез карда ва онро кучак карданд. Муаррихони иҷтимоӣ мегӯянд, иллаташ бархӯрде буд, ки баҳс дар ин мавзӯъ бо сиёсатҳои вақт дошт. Чун ин баҳс ба истилоҳ ба қабои хулафои вақт бармехӯрд ва онҳо музоҳимат эҷод мекарданд, мӯътазила маҷбур буданд онро дар китобҳои худ наёваранд ва ё кам биёваранд, бо ин ки асле аз усули динашон шумурда мешуд.

Инсофан дар миёни мо шиаён низ ин матлаб хеле кучак шудааст то онҷо, ки чанд қарн аст, ки дар бораи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар рисолаҳои амалия матлабе наменависанд. То онҷо, ки ман дидаам, дар миёни рисолаҳои амалия охирин китобе, ки ин мавзӯъро матраҳ карда ҷомеъи аббосӣ шайх Баҳоӣ аст, ки такрибан марбут ба севу ним қарн пеш аст. Дигар баъд аз он, ин мавзӯъ ҳатто аз рисолаҳои амалия ҳам ба таври куллӣ ҳазф шудааст, дар сурате, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мисли намоз ва рӯза аст, набояд дафн шавад. Ин, ки масъалаи “абид” ва “имо” нест, ки бигӯем имрӯз бардае дар дунё нест, ки бихоҳем рӯи он баҳс кунем ва дуруст ҳам ҳаст. Замоне, ки барда вуҷуд дошта бошад, баҳс дар бораи аҳкоме, ки дар ислом ба нафъи бардагон вуҷуд дорад хуб аст. Вақте бардае нест, дигар баҳс дар бораи он ба таври куллӣ ғалат ва бефоида аст. Вале амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мавзӯе нест, ки аз байн биравад; ҳамеша вуҷуд дорад ва бояд дар раъси масоил қарор гирад, ҳамеша бояд матраҳ шавад, то онро фаромӯш накунем.

Ифтирои бархе мусташриқин

Баъзе аз мусташриқини урупоӣ нисбат ба ислом иддаое доранд (ё бигӯям, ифтирое ворид мекунанд) ва дар бисёре аз китобҳои худ такрор мекунанд. Онҳо исломро муттаҳам мекунанд, ки дини қазо ва қадарӣ аст; дине аст, ки барои башар ҳеч гуна нақши фаъол ва масъулияте қоил нест, таълим медиҳад, ки бояд вазоифи башарро ба Худо вогузор кард, ту бояд ҳамин тавр мунтазир бошӣ, бибинӣ Худо чӣ мекунад. Иддао мекунанд, ки ислом барои башар озодӣ ва ихтиёр қоил нест, ҳар чи ҳаст, Худо ва иродаи ӯст, асосан инсон дар ин замина корае нест, бинобар ин масъулият ва тааҳҳуде ҳам надорад.

Ин, ифтирои маҳз аст. Иттифоқан Қуръон яҳудиҳоро ба ҳамин ҷурм маҳкум мекунад. Вақте Мӯсо ба онҳо гуфт:

يَا قَوْمِ ادْخُلُوا الْأَرْضَ الْمُقَدَّسَةَ الَّتِي كَتَبَ اللَّهُ لَكُمْ

(*Сураи Моида, ояти 21*) Ба Мӯсо гуфтанд:

فَاذْهَبْ أَنْتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلَا إِنَّا هَاهُنَا قَاعِدُونَ

(*Сураи Моида, ояти 24*) Мӯсо! Мо бар ҷойи худ нишастаем, ту ва Худо биравед бичангед ва душманро аз сарзамини мо хориҷ кунед, баъд мо ворид мешавем.

Дар ҷанги Бадр вақте Пайғамбари Акрам бо асҳоби худ машварат мекард, фармуд: шумо чӣ назаре доред? Ҳол, ки корвон фирор кардааст оё ба истиқболи душман биравем ё ба Мадина баргардем? Ҳар кас изҳори назаре кард. Абӯзари Ғифорӣ ё Миқдод Киндӣ, яке аз ин ду бузургвор гуфт: ё Расулаллоҳ! Мо, ки мисли Банӣ Исроил намегӯем:

فَاذْهَبْ أَنْتَ وَرَبُّكَ فَقَاتِلَا إِنَّا هَاهُنَا قَاعِدُونَ

Ту ва Худо биравед анҷом бидиҳед, мо вазифае надорем. Мо мегӯем: ҳар чи ту фармон бидиҳӣ. ҳамон аст; агар бигӯӣ худатонро ба дарё бирезед, мерезем, бигӯӣ оташ бизанед, мезанем.

Ду навъ масъулият:

Ин Қуръон аст, ки дар мавзӯи озодии инсон ва масъулият ва тааҳҳуди шахсии ӯ дар баробари худ ва таклифаш фарёд мезанад:

إِنَّا هَدَيْنَاهُ السَّبِيلَ إِمَّا شَاكِرًا وَإِمَّا كَفُورًا

(*“Мо роҳ (-и дуруст ва нодуруст)-ро ба ӯ нишон додем, ҳол хоҳад (ҳидоят пазирад ва) шукр (-и ин неъмат) гӯяд ва хоҳад (он неъматро) куффрон кунад.” (Сураи Даҳр, ояти 3)*)

وَهَدَيْنَاهُ النَّجْدَيْنِ

(*“(Оё чунин нест, ки) роҳи хайру шарррро ба ӯ нишон додем?” (Сураи Балад, ояти 10)*)

وَمَنْ أَرَادَ الْآخِرَةَ وَسَعَى لَهَا سَعْيَهَا وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُولَئِكَ كَانَ سَعْيُهُمْ مَشْكُورًا

(*“Ва ҳар ки толиби ҳаёти охират бошад ва барои он ба қадр лузум ва тоқат бикӯшад, албатта ба шарти имон (ба Худо) саъйи чунин касоне мақбулу маъҷур хоҳад буд.” (Сураи Исро, ояти 19)*)

Оятҳои зиёде дар Қуръон аст, ки дар онҳо иборати:

فَبِمَا كَسَبَتْ أَيْدِيكُمْ

(“*...ба хотири корҳое аст, ки муртакиб шудаед...” (Сураи Шӯро, ояти 390)*) омадааст. Қуръон муназзаҳ будани Худовандро аз ин ки мо шуруру мафосидро ба ӯ нисбат диҳем, мукаррар ёд мекунад:

وَمَا ظَلَمْنَاهُمْ وَلَكِنْ كَانُوا أَنْفُسَهُمْ يَظْلِمُونَ

(*“Мо ба онҳо ситам накардем, аммо онҳо ба худашон зулму ситам карданд” (Сураи Наҳл, ояти 118)*) Агар мардуме бадбахту бечора шуданд, мо ба онҳо ситам накардем, худашон ба худашон ситам карданд.

Матлаби дигаре, ки дуруст нуқтаи муқобили сухани ин ифтиробандҳо ва дурӯғгӯҳост ин аст, ки дар ислом масъалае вуҷуд дорад, ки дар миллатҳои дигари имрӯзи дунё ба сурати як қонуни динӣ вуҷуд надорад. (Албатта намегӯям пайғамбарони салаф надоштаанд.) Ва он ин аст, ки ислом на танҳо фардро барои худ ва дар муқобили Худованд аз назари шахси худ масъул ва мутааҳҳид медонад, балки фардро аз назари иҷтимоъ ҳам масъул ва мутааҳҳид медонад. Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ҳамин аст, ки эй инсон! Ту танҳо аз назари шахсӣ ва фардӣ дар баробари зоти Парвардигор масъул ва мутааҳҳид нестӣ, ту дар муқобили иҷтимои худ ҳам масъулият ва тааҳҳуд дорӣ.

Оё метавон гуфт, чунин дине дини қазо ва қадарӣ аст? Албатта қазо ва қадар ба мафҳуме, ки онҳо мегӯянд, ки корҳоро Худо бояд анҷом диҳад ва башар аз ин ҷараёну масир хориҷ аст ва масъулияте надорад. Ончунон қазо ва қадаре, ки аз башар нафй ва салби озодӣ ва масъулият ва тааҳҳуд мекунад, Қуръон чунин қазо ва қадареро намепазирад.

Оё шумо дар ин замина ҷумлае болотар аз он ояти кучак — ки бо тафовути мухтасаре дар ду ҷойи Қуръон омадааст — пайдо мекунед?

إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

(*“Худо ҳоли ҳеч қавмеро дигаргун нахоҳад кард то замоне, ки худи он қавм ҳолашонро тағйир диҳанд… Сураи Раъд, ояти 11)*)

Ин оят оби бисёри софу покест, ки бар сари мунтазирҳо; онҳое, ки ба интизор ҳастанд, ки ҳамеша Худо аз як роҳи ғайри оддӣ корҳоро дуруст кунад, мерезад. Интизори беҳуда накашед! “إِنَّ” яъне таҳқиқан матлаб ин аст. Таҳаққуқ ва воқеият ин аст, ки ҳаргиз Худованд авзоъу аҳволро ба суди мардум иваз намекунад –

حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

— магар вақте, ки худи он мардум он чи марбут ба худашон аст; он чи ки дар худашон ҳаст: ахлоқ, руҳия, малакот, ҷиҳат, ният ва билохира худашонро иваз кунанд. Оё шумо метавонед сареҳтар аз ин, масъулият пайдо кунед? Он ҳам масъулият дар баробари як иҷтимоъ, яъне иҷтимоъро барои масъулият мухотаб қарор бидиҳад?

Дар ояти дигар, ки сарнавишти яке аз умами фосиди гузаштаро зикр мекунад, мефармояд:

ذَٰلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا نِعْمَةً أَنْعَمَهَا عَلَىٰ قَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

(*“Ин ба хотири он аст, ки Худованд ҳеч неъматеро, ки ба гурӯҳе дода тағйир намедиҳад ҷуз он ки онҳо худашонро тағйир диҳанд…” (Сураи Анфол, ояти 53)*)

Аз як назар, таъкид дар ин оят бештар аст. Баъд, ки мегӯяд онҳо чунин фосид шуданд ва чун вазъи худро хароб карданд, мо ҳам вазъи хубшонро табдил ба вазъи хароб кардем, мефармояд:

ذَٰلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ لَمْ يَكُ

Ин ба мӯҷиби ин аст, ки Худо чунин набудааст. Вақте мегӯем “коналлоҳу” ё мегӯем “мо коналлоҳу” ҳикоят мекунад аз як суннат: Худо чунин нест, яъне худоиии Худо эҷоб мекунад, ки чунин набошад. (Вақте инсон мегӯяд, ман чунин нестам, ман чунин набудаам, иттико мекунад ба шахсияти худ, мехоҳад бигӯяд ман шахси ончунонӣ ҳастам, ки лозимаи шахсияти ман ин аст, ки дар гузашта чунин бошам, имрӯз ҳам чунон бошам). Мефармояд:

ذَٰلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا نِعْمَةً أَنْعَمَهَا عَلَىٰ قَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

Худо чунин набудааст, яъне аллоҳии Аллоҳ чунин эҷоб мекунад.

Ояти дигаре дар Қуръон аст, ки онро ба муносибати:

لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا

мехоҳам арз кунам:

وَمَا كُنَّا مُعَذِّبِينَ حَتَّىٰ نَبْعَثَ رَسُولًا

(*“Ва мо то расул нафиристем, ҳаргиз касеро азоб нахоҳем кард.” (Сураи Исро, ояти 15)*) Мо миллатеро бидуни ин ки итмоми ҳуҷҷате бар эшон шуда бошад, азоб намекунем. Он гоҳ миллатеро азоб мекунем, ки онҳо матлаберо бифаҳманд ва дарк кунанд, вале дар муқобили фаҳму дарки худ таври дигаре амал кунанд. Мефармояд:

مَا كُنَّا مُعَذِّبِينَ

Мо чунин набудаем, яъне худоии мо эҷоб намекунад, ки чунин бошем, худоии мо эҷоб мекунад, ки таври дигаре бошем.

ذَٰلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا نِعْمَةً أَنْعَمَهَا عَلَىٰ قَوْمٍ حَتَّىٰ يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

Худо чунин нест. Оё мо метавонем мадраке беҳтар аз ин пайдо кунем? Оё бештар аз ин метавон итминон пайдо кард, ки интизорот ба шакли интизороте, ки мо дорем беҳуда аст? Насси Қуръон аст, бо насси Қуръон наметавон коре кард.

Нуктаеро Иқболи Лоҳурӣ аз ҳамин оят истинбот кардааст, ки нуктаи бисёр олие аст. Аз замири:

حَتَّى يُغَيِّرُوا

истифода кардааст, мегӯяд, Қуръон мефармояд:

حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

(“*магар он ки онҳо худашонро тағйир диҳанд*”), намегӯяд: “*магар он чи дар онҳо ҳаст дигаргун шавад*”. Агар чунин мегуфт, маънояш ин буд: Худованд авзоъ ва аҳволеро, ки барои мардуме вуҷуд дорад, чӣ хуб ва чӣ бад, иваз намекунад магар он вақт, ки авзоъ ва аҳволе, ки марбут ба худашон аст яъне марбут ба руҳ, ахлоқ ва хусусиёте, ки дар дасту амалашон аст, иваз шавад. На, мефармояд:

يُغَيِّرُوا

То худашон ба ибтикор ва дасти худ ва истиқлоли фикрии хеш иқдом накунанд вазъашон иваз намешавад. Яъне агар миллати дигаре биёяд ва бихоҳад ба қаҳру ҷабр авзоъу аҳволи мардумеро иваз кунад, модоме, ки худи он мардум тасмим нагирифтаанд, модоме, ки худи он мардум ибтикор ба харҷ надодаанд, модоме, ки худи он мардум истиқлоли фикрӣ пайдо накардаанд, вазъи онҳо ба сомон намерасад.

Эй мардум! Интизор надошта бошед дигарон аз хориҷ биёянд вазъи шуморо сарусомон диҳанд. Миллате, ки бихоҳад мусташори хориҷӣ барояш тасмим бигирад, то абад одам нахоҳад шуд, чун ӯ –

يُغَيِّرُوا

— нест; бояд

يُغَيِّرُوا

бошад, бояд ибтикор ва фикр ва нақша дошта бошад, бояд худаш шахсан барои худ тасмим бигирад ва интихоб кунад. Ҳар вақт миллате расид ба ҷойе, ки худаш барои худаш тасмим гирифт ва худаш роҳи худро интихоб кард ва худаш дар кори худ ибтикор ба харҷ дод, чунин миллате метавонад интизори раҳмат ва таъйиди илоҳиро дошта бошад, интизори он чизҳое, ки Қуръон ном мебарад: файзҳои илоҳӣ, ионатҳои (ёриҳои) илоҳӣ, нусратҳои илоҳӣ.

Агар интизори беҳуда доштан кори саҳеҳе буд ва инсон мехост фақат ба шахси худ иттико кунад, Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом шоистатар аз ҳар кас буд, ки мунтазир биншинад, то Худо раҳмати худро бар ӯ ва уммати ӯ нозил кунад. Чаро накард? Ҳусайн мехост

إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

бошад, мехост ибтикорро ба даст гирад, даст ба тағйире дар авзоъи иҷтимоъ бизанад, ҳамон таъбире, ки худаш аз Пайғамбари Акрам ба кор мебарад:

فَلَمْ يُغَيِّرْ عَلَيْهِ بِفِعْلٍ وَلا قَوْلٍ كانَ حَقّاً عَلَى اللهِ أَنْ يُدْخِلَهُ مُدْخَلَهُ

Чӣ гуна иваз кунад? Чӣ тасмимоте бигирад? Корҳои соддаро мо ҳам баладем анҷом диҳем. Хуб шуданҳо дар сатҳи масоили содда кори ҳама аст. Масалан, ислом тавсия кардааст, ки ба зиёрати ҳоҷӣ биравед. Хуб, мо меравем, чой мехӯрем, газе мехӯрем ва баланд мешавем меойем. Ё тавсия кардааст, ташйеъи ҷаноза кунед, дар маҷлиси хатм ширкат кунед. Инҳо корҳои осони ислом аст. Ин корҳои содда аз ӯҳдаи ҳар касе бармеояд.

Ислом ҳамеша бо ин корҳо идора намешавад. Мавқеъе ҳам мерасад, ки бояд мисли Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом бархост ва ҳаракат кард, қиёме кард, ки на танҳо ҷомеаи он рӯз исломиро такон бидиҳад, балки мавҷаш 5 соли баъд ба як шакле асар кунад, 10 соли баъд ба шакли дигаре асар бахшад, 30 соли баъд ба шакли дигаре, 60 соли баъд ба шакли дигаре, 100 сол ва 500 соли баъд ба шаклҳои дигаре ва баъд аз ҳазор сол низ илҳомдиҳандаи наҳзатҳо бошад. Инро мегӯянд:

يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ

Дӯстии Худо, болотар аз ҳамаи дӯстиҳо

Мо баччаҳоямонро дӯст дорем. Оё Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом баччаҳои худро дӯст надошт?! Мусалламан ӯ бештар дӯст дошт. Иброҳими Халил ин тавр набуд, ки камтар аз мо Исмоилашро дӯст дошта бошад; хеле бештар дӯст дошт ба ин далел, ки аз мо инсонтар буд ва ин авотиф, авотифи инсонӣ аст. Ӯ инсонтар аз мо буд ва қаҳран авотифи инсонии ӯ ҳам бештар буд. Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ҳам бештар аз мо фарзандони худро дӯст медошт, аммо дар айни ҳол ӯ Худоро аз ҳама кас ва ҳама чиз бештар дӯст медошт, дар муқобили Худованд ва дар роҳи Худо ҳеч касро ба ҳисоб намеовард.

Навиштаанд, айёме, ки Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ба тарафи Карбало меомад, ҳамаи хонаводааш ҳамроҳаш буданд. Воқеан барои мо қобили тасаввур нест. Вақте инсон мусофирате меравад ва баччаи кучаке ҳамроҳ дорад, як масъулияти табиӣ дар муқобили ӯ эҳсос мекунад ва доиман нигарон аст, ки чӣ тавр мешавад? Навиштаанд ҳамин тавр, ки ҳаракат мекарданд, Абӯабдуллоҳ алайҳис салом хобашон гирифт ва ҳамон тавр савора сари рӯи қошаи асп. Тӯле накашид, ки сарро баланд кард ва фармуд:

إِنّا لِلّهِ وَإِنّا إِلَيْهِ راجِعُونَ

То ин ҷумларо гуфт ва ба истилоҳ калимаи “истирҷоъ”-ро ба забон овард, ҳама ба якдигар гуфтанд ин ҷумла барои чӣ буд? Оё хабари тозае аст? Фарзанди азизаш, ҳамон касе, ки Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ӯро бисёр дӯст медошт ва инро изҳор мекард ва илова бар ҳамаи мушаххасоте, ки фарзандро барои падар маҳбуб мекунад, хусусияте боиси маҳбубияти бештари ӯ мешуд ва он шабоҳати комиле буд, ки ба Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ дошт — ҳол чӣ қадр инсон нороҳат мешавад, ки чунин фарзанде дар маърази хатар қарор гирад! — яъне Алиакбар ҷилав меояд ва арз мекунад:

يا أَبَتا لِمَ اسْتَرْجَعْتَ

Чаро “Инно лиллоҳи ва инно илайҳи роҷиъун” гуфтӣ? Фармуд: дар олами хоб садои ҳотифе ба гӯшам расид, ки гуфт:

الْقَوْمُ يَسيرونَ وَالْمَوْتُ تَسيرُ بِهِمْ

Ин қофила дорад ҳаракат мекунад, вале марг аст, ки ин қофиларо ҳаракат медиҳад. Ин тавр аз садои ҳотиф фаҳмидам, ки сарнавишти мо марг аст; мо дорем ба сӯи сарнавишти қатъии марг меравем.

(Алиакбар сухане мегӯяд) дуруст назири ҳамон ҳарфе, ки Исмоил алайҳис салом ба Иброҳим алайҳис салом мегӯяд.[15] Гуфт: падарҷон!

---

[15] *Вақте Иброҳим алайҳис салом ба Исмоил алайҳис салом мегӯяд: фарзандам! Мукаррар дар олами руъё мебинам ва ин тавр мефаҳмм, ки дигар руъёи оддӣ нест, балки як ваҳӣ аст ва ман аз тарафи Худо маъмурам сари туро бибарам (Иброҳим ба фалсафаи ин матлаб огоҳ нест, вале яқин кардааст, ки амри Худост), ин фарзанд чӣ мегӯяд? Оё масалан гуфт: бобо! Хоб аст, агар хоби мурдани касеро бибинед, умраш зиёд мешавад, иншоаллоҳ умри ман зиёд мешавад? На, гуфт:*

يا أَبَتِ افْعَلْ ما تُؤْمَرُ سَتَجِدُنِي إِنْ شاءَ اللّهُ مِنَ الصّابِرِينَ

(Сураи Соффот, ояти 102) Падарҷон! Ҳамин, ки ин матлаб аз ноҳияи Худо расида ва ваҳӣ ва амри Худост, кофӣ аст, дигар суол надорад.

Вақте Иброҳим мехоҳад сари Исмоилро бибуррад, ба ӯ ваҳӣ мешавад:

فَلَمّا أَسْلَما وَتَلَّهُ لِلْجَبِينِ. وَ نادَيْناهُ أَنْ يا إِبْراهِيمُ. قَدْ صَدَّقْتَ الرُّؤْيا

(Сураи Соффот, ояти 103- 105) Иброҳим! Мо намехостем, ки сари фарзандтаро бибуррӣ. Ҳадафи мо он набуд. Дар он кор фоидае набуд. Ҳадаф ин буд, ки маълум шавад шумо падару писар дар муқобили амри Худо чӣ қадр таслим ҳастед, то куҷо ҳозиред амри Худоро итоат кунед. Ин таслим ва итоатро ҳар ду нишон додед: падар то сарҳадди қурбонӣ додан ва писар то сарҳадди қурбонӣ шудан. Мо бештар аз ин намехостем. Сари фарзандатро набур!

أَوَلَسْنا عَلَى الْحَقِّ

Магар на ин аст, ки мо барҳаққем?.. Вақте матлаб аз ин қарор аст, мо ба сӯи ҳар сарнавиште, ки меравем биравем, ба сӯи сарнавишти марг ё ҳаёт, тафовуте намекунад. Асос ин аст, ки мо рӯи ҷодаи ҳақ қадам мезанем ё намезанем.

Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ба вақд омад, масрур шуд ва шукуфт. Ин амрро инсон аз ин дуояш мефаҳмад, ки фармуд: ман қодир нестам подошеро, ки шоистаи писаре чун ту бошад, бидиҳам. Аз Худо мехоҳам: Худоё! Ту он подошеро, ки шоистаи ин фарзанд аст ба ҷои ман бидеҳ!

جَزاكَ اللهُ عَنّي خَيْرَ الْجَزاءِ

Ба чунин фарзанде, чӣ қадр падар мехоҳад дар мавқеъи муносибе хидмате бикунад, подоше бидиҳад? Ҳоло дар назар биёваред баъд аз зуҳри Ошӯрост. Ҳамин ҷавон дар ҷилави ҳамин падар ба майдон рафтааст ва шаҳоматҳо ва шуҷоатҳо кардааст, мардҳо афкандааст, зарбатҳо зада ва зарбатҳо хӯрдааст. Дар ҳоле, ки даҳонаш хушк ва забонаш мисли чӯб хушк шудааст, аз майдон бармегардад. Дар чунин шароите — ва ман намедонам, шояд он ҷумлае, ки он рӯз падар ба ӯ гуфт ёдаш буд — меояд аз падар таманное мекунад:

يا أَبَهْ! اَلْعَطَشُ قَدْ قَتَلَني وَثِقْلُ الْحَديدِ أَجْهَدَني فَهَلْ اِلى شَرْبَةٍ مِنَ الْماءِ سَبيلٌ

Падарҷон! Аташ ва ташнагӣ дорад маро мекушад, сангинии ин аслиҳа маро сахт ба заҳмат андохтааст; оё мумкин аст шарбати обе ба ҳалқи ман бирасад, то нерӯ бигирам ва баргардам ва ҷиҳод кунам?

Ҷавобе, ки Ҳусайн алайҳис салом ба чунин фарзанди рашиде медиҳад ин аст: фарзанди азизам! умедворам ҳар чи зудтар ба файзи шаҳодат ноил шавӣ ва аз дасти ҷаддат сероб гардӣ!

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم

Шароити амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ الْحَامِدُونَ السَّائِحُونَ الرَّاكِعُونَ السَّاجِدُونَ الْآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَالْحَافِظُونَ لِحُدُودِ اللَّهِ وَبَشِّرِ الْمُؤْمِنِينَ

(“*Инон ҳамон аз гуноҳпушаймонон, Худопарастон, ҳамду шукри неъматгузорон, рӯзадорон, намоз бо хузӯъгузорон, амр ба маъруф ва наҳй аз мункаркунандагон ва нигаҳбонони ҳудуди илоҳиянд ва мӯъминонро башорат деҳ.” (Сураи Тавба, ояти 112*))

Аз матолибе, ки дар ду шаби гузашта арз шуд, маълум шуд, ки дар наҳзати ҳусайнӣ маҷмӯан се омил муассир будааст: яке имтиноъ (худдорӣ) аз байъат (бо Язид), дигар пазириши даъвати куфиён ва севвум — ки аз он ду мустақил аст — амр ба маъруф ва наҳй аз мункар. Ва маълум шуд, ки ҳар як аз ин се омил худ ба худ барои Имом алайҳис салом вазифаи бахусусеро эҷоб мекарда ва аксуламали хоссеро ба вуҷуд меовардааст. Ва ҳам арз кардем, ки арзиши ин наҳзат бар ҳасби ҳар як аз ин се омил, мухталиф ва мутафовит мешавад. Агар танҳо омили даъвати куфиёнро дар назар бигирем, як ҳадди муайяне аз арзишро доро хоҳад буд. Агар омили имтиноъ аз байъатро дар назар бигирем, арзиши хеле бештар ва азимтареро доро хоҳад буд. Агар омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро дар назар бигирем, арзиши он даҳҳо баробар болотар меравад ва муҳимтар мешавад, ба ҷиҳати ин ки дар омили даъват лоақал эҳтимоли муваффақияте дар ҳудуд панҷоҳ дарсад ва ё камтар ҳаст, вале дар омили имтиноъ аз байъат чунин эҳтимоле ҳам вуҷуд надорад, як муқовамати сад дар сад хатарнок аст. Омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ҳам ин тафовути азимро бо омили байъат дорад. Дар омили байъат тақозо аз тарафи душман аст, яъне дар заминаи як тақозои номашрӯъ ва норавост. Аз ин рӯ Имом дар муқобили ин тақозо “на” мегӯяд, имтиноъ меварзад ва намепазирад. Агар танҳо ин омилро дар назар бигирем, маъниаш ин аст: агар онҳо чунин тақозое аз Имом намекарданд, Имом дар баробари онҳо қарор намегирифт; чун онҳо чунин тақозое карданд, Имом ба унвони шахсе, ки он тақозоро намепазирад, дар баробари онҳо қарор гирифт (ва дар омили аввал, даъват, Имомро дар муқобили онҳо қарор дод).

Аммо агар омили севвумро, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст дар назар бигирем, на даъват, Имомро дар баробари онҳо қарор медиҳад ва на тақозои байъат, балки ин худи Имом аст, ки дар баробари онҳо қарор мегирад ва дар воқеъ фасоди авзоъ, шуюъи бадиҳо ва мункарот ва ба таъбири худи Имом ҳалол шудани ҳаромҳо ва ҳаром шудани ҳалолҳо ва билохира мушоҳидаи вазъи нобасомон ва фосиди иҷтимоъ Имомро дар баробари онҳо қарор медиҳад ва водор ба қиём мекунад.

Рӯи ҳамин ҷиҳат, арзиши қиёми Имом бар ҳасби ин омил хеле боло меравад ва ин дарс шакли дигаре ба худ мегирад, ҳисоби дигаре боз мекунад ва умдаи сабаб ва иллате, ки ба ин наҳзат он шоистагиро додааст, ки барои ҳамеша дар пешонии таърих бидурахшад, барои ҳамеша зинда бимонад, як дарси ҷовидон ва як наҳзати беназир дар дунё бошад, ҳамин ҷиҳат аст, албатта ба изофаи як хусусиёте, ки арз хоҳам кард.

Ин омил арзиши наҳзатро бисёр боло мебарад ва ба ҳамин далел мо бояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро аз назари ислом бишносем, ки ин чӣ асле аст? Ин чист, ки ончунон асолат ва қудрат дорад ва ончунон аз назари ислом аҳаммият дорад, ки марде монанди Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис саломро водор мекунад, ки дар роҳи худаш ҷони хешро аз даст бидиҳад, хуни худро бирезад, хуни азизони худро бирезад, хуни ёрони худро бирезад ва тан ба фоҷеае бидиҳад, ки воқеан дар дунё камназире аст. Он вақт мо баъд аз ҳазору сесад сол дар муқобили Имом биистем ва ин тавр гувоҳӣ бидиҳем:

أَشْهَدُ أَنَّكَ قَدْ أَقَمْتَ الصَّلاةَ وَآتَيْتَ الزَّكاةَ وأَمَرْتَ بِالْمَعْروفِ وَنَهَيْتَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَجاهَدْتَ فِي اللهِ حَقَّ جِهادِهِ حَتّى أَتَاكَ الْيَقينُ

Дар мафҳуми ин шаҳодат ва гувоҳӣ дуруст фикр кунед: мо гувоҳӣ медиҳем, ки ту намозро бапо доштӣ, ту закот ва инфоқро ба ҳамаи маротибаш адо кардӣ, ту омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар ҳастӣ, ту амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кардӣ, яъне тамоми наҳзати ту амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст, дар роҳи Худо кӯшидӣ, он ҳадди аълои кӯшиш, он кӯшише, ки сазовор аст як башар дар роҳи ҳақ аз худ буруз диҳад.

Нуктаи қобили таваҷҷӯҳ ин аст, ки мо дар “Зиёрати ворис” мегӯем: “Мо гувоҳӣ медиҳем…”

Гувоҳӣ барои чӣ касе медиҳем? Маъмулан назди қозӣ, ки меравем гувоҳӣ медиҳем. Вақте, ки матлабе барои қозӣ собит нест ва мехоҳем муддаоеро собит кунем, мегӯем: оқои қозӣ! Ман гувоҳам, ки фалон шахс дар фалон вақт ин миқдор таҳти фалон унвон аз ин оқо талабкор буд. Дар “Зиёрати ворис” ҳам шаҳодат медиҳем. Назди чӣ касе шаҳодат медиҳем? Оё назди Худо шаҳодат медиҳем? Ба нафъи чӣ касе? Ба нафъи Имом Ҳусайн? Уламои маъонӣ ва баён нуктаеро зикр мекунанд, ки хеле олӣ аст ва он ин аст: инсон гоҳе матлаберо дар мақоме мегӯяд, на барои ин ки матлабро ба шунаванда тафҳим кунад, балки барои ин ки мехоҳад ба ӯ тафҳим кунад, ки ман инро мефаҳмам. Ин хеле шойеъ ҳам ҳаст. Шумо гоҳе дар ҳузури касе ба як матлаб гувоҳӣ медиҳед, на ба унвони ин ки ӯ бидонад; медонед худаш медонад, вале бо ин гувоҳӣ мехоҳед ба ӯ бифаҳмонед ва назди ӯ иқрор кунед, ки шумо мефаҳмед ва медонед.

Дар инҷо шаҳодат маънояш эътироф аст. “Ман гувоҳӣ медиҳам” яъне ман ҳам мисли ҳар одами фаҳмидае ба ин ҳақиқат эътироф мекунам, ман мӯътарифам ё Абӯабдуллоҳ, ки наҳзати ту, наҳзати амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буд. Яъне ман инро мефаҳмам, ки ту танҳо ба хотири даъвати аҳли Кӯфа қиём накардӣ. Қабл аз ин ки даъвати аҳли Кӯфае пайдо шавад, қиём кардӣ.

Ту аввал қиём кардӣ, баъд мардуми Кӯфа туро даъват карданд. Ман гувоҳӣ медиҳам ва эътироф мекунам, ки наҳзати ту танҳо ин набуд, ки ман байъат намекунам; наҳзати ту шомили матлаби дигаре буд, асли дигаре дар исломро иҷро кардӣ ва он асл амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст.

Хусусияти наҳзатҳои паёмбарон ва авлиёуллоҳ

Арз кардам, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мақом ва арзиши наҳзати ҳусайниро хеле боло бурдааст, ба иловаи як хусусият ва балки хусусиёти дигар. Хусусияте, ки арз мекунам, ба таври куллӣ наҳзатҳои паёмбарон ва авлиёуллоҳ ва мӯъмининро аз наҳзатҳое, ки соири раҳбарон ё ғайри раҳбарони башар мекунанд мумтоз мекунад ва имтиёз мебахшад. Яъне чӣ?

Амали башар, пайкаре дорад ва руҳе. Як корро мумкин аст ману шумо ҳар ду мисли ҳам анҷом бидиҳем, аммо аз чӣ назар мисли ҳам? Аз назари ин ки пайкари кори ман ва пайкари кори шумо як ҷур аст. Фарз кунед мо ҳар ду нафарамон намоз мехонем, ҳар ду нафарамон дар фалон роҳи хайр пул медиҳем, ман сад тумон медиҳам, шумо ҳам сад тумон, ман чаҳор ракъат намоз мехонам, шумо ҳам чаҳор ракъат. Инҳо, ки бо ҳам фарқ надорад. Аммо мумкин аст шумо аз як хулуси ният ва хузӯъу хушӯъе, аз як ихлос ва муҳаббате, аз як ишқе, аз як ҳаяҷони руҳие баҳраманд бошед, ки ман набошам. Ин амр, арзиши кори шуморо ҳазорон баробари арзиши кори ман мекунад.

Хелеҳо дар роҳи Худо ҷиҳод карданд, аммо чаро

ضَرْبَةُ عَلِيٍّ يَوْمَ الْخَنْدَقِ أَفْضَلُ مِنْ عِبادَةِ الثَّقَلَيْنِ

Як зарбати Алӣ он миқдор арзиш пайдо мекунад, чаро? Барои ин ки Алӣ ба он ҷое расида, ки ба қавли аҳли ирфон, фонӣ филлоҳӣ аст, яъне дар вуҷуди ӯ аз иноният ва худӣ чизе боқӣ нест. Вақте, ки душман дар он ҳол оби даҳон ба сураташ меандозад, аз буридани сари душман имтиноъ мекунад, мабодо хашме пайдо карда бошад, ки таъсире дар амали ӯ бигузорад, дар руҳи амалаш дахолате бикунад. Мехоҳад худаш дар инҷо вуҷуд надошта бошад, дар руҳи ӯ фақат Худо вуҷуд дошта бошад. Ин ҷиҳатро шумо фақат дар мактаби авлиё ва анбиё мебинед, дар ғайри мактаби анбиё чунин чизеро наметавонед бибинед.

Тафсири оят

Дар ин ояте, ки дар оғоз тиловат шуд:

التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ الْحَامِدُونَ السَّائِحُونَ الرَّاكِعُونَ السَّاجِدُونَ الْآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنْكَرِ

— баъд аз чанд калимаи дигар омада:

التَّائِبُونَ

— бозгашткунандагон ба Ҳақ. Урафо мегӯянд, аввалин манзили сулук тавба аст, чун тавба яъне бозгашт. Он кас, ки роҳи ивазӣ (инҳирофӣ) меравад, як дафъа бармегардад ба роҳи Ҳақ, бармегардад ба сӯи Худо.

التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ

Пас аз тавба аст, ки инҳо парастандагони Худо мешаванд, Худоро мепарастанд, ғайри Худоро намепарастанд, Худо ҳоким бар вуҷудашон аст, ғайр аз Худо ҳокиме нест, фақат амри Худоро мепазиранд, амри ғайри Худоро намепазиранд, итоати Худоро мепазиранд, итоати ғайри Худоро намепазиранд.

الْحَامِدُونَ

Инҳо ситоишгаранд, аммо ҷуз Худо мавҷуди дигареро ситоиш намекунанд; аслан мавҷуди дигареро қобили мадҳу ситоишу ниёиш намедонанд, танҳо ситоишгар ва ниёишгари Худо ҳастанд, итоати Худоро мепазиранд, итоати ғайри Худоро намепазиранд.

السَّائِحُونَ

Саёҳатгарон. Роҷеъ ба саёҳатгарӣ, дар тафосир баёноти мухталифе шудааст. Баъзе гуфтаанд, мақсуд рӯза аст, яъне саёҳати маънавӣ, ки дар рӯза пайдо мешавад. Вале бисёре аз муҳаққиқин монанди Аллома Таботабоӣ дар “Алмизон” инро қабул намекунанд. Як эҳтимолаш ин аст: касоне, ки дар замин сайр мекунанд.

Чун Қуръон башарро ба сайр дар замин даъват кардааст. Сайр дар замин яъне чӣ? Яъне мутолеа дар ҷаҳон, на саёҳате, ки ҳадафаш фақат тафаннун ва велгардӣ бошад. Ислом умри инсонро азизтар аз ин медонад, ки ӯ фақат барои ин ки тамошое карда бошад, саёҳат кунад. Вале ислом саёҳатеро, ки башар дар он тафаккур кунад, тадаббур кунад, дарс биёмӯзад, тавсия мекунад:

قُلْ سِيرُوا فِي الْأَرْضِ

(*Сураи Анъом, ояти 11*) Ин, дарс ва фикр аст.

السَّائِحُونَ

Он мутолеакунандагон дар таърих, он мутолеакунандагон дар авзоъи иҷтимоии башарӣ, он мутолеакунандагон дар қонунҳои хилқат; онҳо, ки дар мағзи худ анбӯҳе аз афкору андешаҳои равшан доранд.

Баъд ду мазҳар аз ибодатро зикр мекунад:

الرَّاكِعُونَ السَّاجِدُونَ

Онҳо, ки дар ҳоли рукӯъ ва суҷуд, Худои худро тасбеҳ мекунанд; дар рукӯъ мегӯянд:

سُبْحانَ رَبِّيَ الْعَظيمِ وَبِحَمْدِهِ

Дар суҷуд мегӯянд:

سُبْحانَ رَبِّيَ الْاَعْلى وَبِحَمْدِهِ

Он “Субҳона раббиял ъазим ва би ҳамдиҳ” гӯён, “Субҳона раббиял аъло ва биҳамдиҳ” гӯён, онҳо

الْآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنْكَرِ

бо чунин руҳе, бо чунин андешаҳое, бо чунин тӯшаҳои маънавие, бо чунин сармояи маънавие, салоҳияти инро доранд, ки муслеҳи иҷтимоӣ бошанд; онҳое, ки аввал солеҳ шудаанд, баъд мехоҳанд муслеҳ бошанд. Омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар яъне муслеҳ. Магар носолеҳ метавонад муслеҳ бошад?! Онон, ки аввал худашонро ислоҳ кардаанд, аввал худашонро таъдиб ва тарбият кардаанд, метавонанд муслеҳ бошанд.

Сухани Алӣ

Алӣ ибни Абӯтолиб мефармояд:

مَنْ نَصَبَ نَفْسَهُ لِلنّاسِ اِماماً فَعَلَيْهِ أَنْ يَبْدَأَ بِتَعْليمِ نَفْسِهِ قَبْلَ تَعْليمِ غَيْرِهِ... وَمُعَلِّمُ نَفْسِهِ وَمُؤَدِّبُها أَحَقُّ بِالْإِجْلالِ مِنْ مُعَلِّمِ النّاسِ وَمُؤَدِّبِهِمْ

Яъне он касе, ки худро пешвои мардум муаррифӣ мекунад, муаллиму мураббии мардум муаррифӣ мекунад, воиз ва хатиби мардум муаррифӣ мекунад, ҳодӣ ва роҳнамои мардум муаррифӣ мекунад, аввал бояд аз худаш шурӯъ кунад, аввал худашро таълим бидиҳад; бидонад, ки як ҷоҳил дар андаруни худаш ҳаст, аввал ба он ҷоҳиле, ки дар даруни худаш ба номи нафси аммора ҳаст талқин кунад ва ёд бидиҳад; як мавҷуди тарбиятнашудае дар даруни худаш ҳаст, аввал худашро тарбият ва таъдиб кунад, аввал нафси худашро мавъиза кунад, маломат кунад, аз нафси худаш ҳисоб бикашад; ҳамин, ки худашро ислоҳ ва таҳзиб кард ва солеҳ шуд, он вақт метавонад муддаӣ шавад, ки ман метавонам роҳнамо ва ҳодии мардум бошам, воизи мардум бошам, муаллими мардум бошам,

муаддиб ва мураббии мардум бошам, муслеҳи иҷтимоъ бошам. Фармуд: он касе, ки худашро таълиму тарбият мекунад, бештар шоистаи эҳтиром аст, то он касе, ки мардумро таълиму тарбият мекунад, чун он мушкилтар ва муҳимтар аст.

Боз Алӣ ибни Абӯтолиб фармуд:

اَلْحَقُّ أَوْسَعُ الْأَشْياءِ فِی التَّواصُفِ وَأَضْيَقُها فِی التَّناصُفِ

Чӣ чумлаҳо дорад! Инҳоро бояд бар лавҳи дил бинависанд. Фармуд: ҳақ ва адолат дар мақоми сухангӯӣ ва сухансароӣ ва суханронӣ ва дар мақоми забон, доираш аз ҳама чиз васеътар аст, яъне дар мақоми сухан майдоне ба андозаи майдони ҳақ боз нест. Агар инсон бихоҳад суханронӣ кунад, бихоҳад ҳарф бизанад, аз ҳар мавзӯе бештар дар атрофи ҳақ мешавад ҳарф зад. Аммо дар мақоми амал майдоне аз майдони ҳақ тангтар нест. Он вақт аст, ки инсон мебинад чӣ қадр мушкил аст! Ҳамон, ки он қадр метавонист дар атрофи ҳақ ҳарф бизанад, мавқеи амал, ки мерасад, мебинад бардоштани як гом ҳам мушкил аст.

Инҷо ҳам Қуръон баъд аз он ки мегӯяд:

التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ الْحَامِدُونَ السَّائِحُونَ الرَّاكِعُونَ السَّاجِدُونَ

— мегӯяд:

الْآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنْكَرِ

Инҳо ҳастанд, ки дар роҳи ишоъаи хайр қадам бармедоранд, дар роҳи мубориза бо шарру фасод қадам бармедоранд ва инҳо ҳастанд танҳо касоне, ки чунин салоҳиятеро доранд.

وَبَشِّرِ الْمُؤْمِنِينَ

Дар инҷо ба мӯъминин навид ва башорат бидеҳ, ки агар тоиб (тавбакунанда), обид, соиҳ, рокеъ ва соҷид шуданд ва пас аз он омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар шуданд, он гоҳ муваффақ хоҳанд шуд. Аммо агар ҳамаи онҳоро доштанд, вале амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро надоштанд, ба ҷое нахоҳанд расид. Агар амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро доштанд, аммо омирин ба маъруф ва ноҳин аз мункар худашон олуда буданд ва “тавбафармоён худ тавба камтар карданд”, боз ҳам ба ҷое нахоҳанд расид.

Амирулмӯъминин фармуд:

لَعَنَ اللهُ الْآمِرِينَ بِالْمَعْرُوفِ التّارِكِينَ لَهُ وَالنّاهِينَ عَنِ الْمُنْكَرِ الْعامِلِينَ بِهِ

Худо лаънат кунад он мардумеро, ки амр ба маъруф мекунанд ва худашон бар хилофи он маъруф амал мекунанд ва он мардумеро, ки наҳӣ аз мункар мекунанд ва худашон ҳамон мункаротиро, ки наҳӣ мекунанд муртакиб мешаванд. Яъне он омирин ба маъруф ва ноҳун анил-мункаре, ки “التَّائِبُونَ” нестанд, “الْعَابِدُونَ” нестанд, “الْحَامِدُونَ” нестанд, “السَّائِحُونَ”

нестанд, “الرَّاكِعُونَ” нестанд, “السَّاجِدُونَ” нестанд, ҳанӯз ин мароҳил ва манозилро тай накарда мехоҳанд омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар бошанд, Худо чунин мардумеро лаънат кунад!

Урафо истилоҳе доранд; муддаӣ ҳастанд, ки соликон чаҳор сайри мухталиф доранд:

1) سیر من الخلقِ الی الحقّ яъне сайр аз халқ ва табиат ба сӯи Худованд;

2) سیر بالحقّ فی الحقّ сайр дар Худованд яъне кашфи маорифи илоҳӣ;

3) سیر من الحقّ الی الخلق сайр аз Худованд ба сӯи халқ, яъне омадан барои иршоди мардум;

4) سیر بالحقّ فی الخلق.

Дар воқеъ мехоҳанд бигӯянд он касе шоистагӣ дорад, ки дастгири дигарон бошад, ҳодӣ ва роҳнамои дигарон бошад, омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар бошад, ки худаш ба он манзил рафтааст ва баъд маъмурият ёфта, ки мардумро ба он ҷое, ки худаш дар онҷо қарор гирифта, бибарад.

Маълум шуд, ки наҳзати ҳусайнӣ арзиши аслии худашро аз амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар гирифтааст. Пас бояд ин аслро шинохт, ки ин асл магар чӣ андоза аҳаммият дорад, ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом худашро дар роҳи он шаҳид мекунад ва шоистааст мисли ҳусайнӣ дар ин роҳ қурбонӣ шавад?

Асле, ки зомини бақои ислом аст

Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ягона асле аст, ки зомини бақои ислом аст… Аслан агар ин асл набошад, исломе нест. Расидагӣ кардани доим ба вазъи мусалмонон аст. Оё як корхона бидуни бозрасӣ ва расидагии доимии муҳандисини мутахассис, ки бибинанд чӣ вазъе дорад, қобили бақост? Аслан оё мумкин аст як созмон ҳамин тавр ба ҳоли худ бошад, ҳеч дар бораш фикр накунем ва дар айни ҳол ба кори худ идома диҳад? Абадан. Ҷомеа ҳам чунин аст. Як ҷомеаи исломӣ ин тавр аст, балки сад дараҷа бартар ва болотар. Шумо кадом инсонро пайдо мекунед, ки аз пизишк бениёз бошад? Ё инсон бояд худаш пизишки бадани худ бошад ё бояд дигарон пизишк бошанд ва ӯро муолиҷа кунанд: мутахассиси чашм, мутахассиси гӯш ва ҳалқу бинӣ, мутахассиси мизоҷ, мутахассиси аъсоб.

Инсон ҳамеша анвоъи пизишкҳоро дар назар мегирад барои он ки андомашро таҳти назар бигиранд, бибинанд дар чӣ вазъе аст.

Он вақт ҷомеа назорат ва баррасӣ намехоҳад?! Ҷомеа расидагӣ намехоҳад?! Оё чунин чизе имкон дорад?! Абадан.

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом дар роҳи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар яъне дар роҳи асоситарин асле, ки зомини бақои иҷтимои исломӣ аст кушта шуд; дар роҳи он

асле, ки агар набошад, дунболаш муталошӣ шудан аст, дунболаш тафарруқ аст, дунболаш тафаккук ва аз миён рафтан ва гандидани пайкари иҷтимоъ аст.

Бале, ин асл ин миқдор арзиш дорад. Оятҳои Қуръон дар ин замина бисёр зиёд аст. Қуръони Карим баъзе аз ҷавомеъи гузаштаро, ки ёд мекунад ва мегӯяд инҳо муталошӣ ва ҳалок шуданд, табоҳ ва мунқариз шуданд, мефармояд: ба мӯҷиби ин ки дар онҳо нерӯи ислоҳ набуд, нерӯи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар набуд, ҳисси амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар миёни ин мардум зинда набуд.

Ҳол бибинем амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар чӣ шароите дорад ва чӣ гуна мо метавонем амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кунем. Аввалан маъруф яъне чӣ? Мункар яъне чӣ? Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар яъне чӣ? Ислом аз боби ин ки нахоста мавзӯи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро ба умури муайян мисли ибодот, муомилот, ахлоқиёт, муҳити хонаводагӣ ва ғайра маҳдуд кунад, калимаи омм овардааст: маъруф, яъне ҳар кори хайр ва некӣ. Амр ба маъруф лозим аст. Нуқтаи муқобилаш: ҳар кори зиште. Нагуфт ширк ё фисқ ё ғайбат ё дурӯғ ё намима (суханчинӣ) ё тафриқаандозӣ ё рибо ё риё, балки гуфт: мункар; ҳар чи ки зишту палид аст.

“Амр” яъне фармон, “наҳӣ” яъне боздоштан, ҷилавгирӣ кардан. Аммо ин фармон яъне чӣ? Оё мақсуд аз ин фармон, фармони лафзӣ аст? Оё амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар фақат дар марҳилаи лафз аст? Фақат бояд бо забон амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кард?

Хайр! Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар марҳилаи дил ва замир ҳаст, дар марҳилаи забон ҳаст, дар марҳилаи дасту амал ҳам ҳаст. Ту бояд бо тамоми вуҷудат омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар бошӣ.

Аз Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом суол карданд: ин ки Қуръон дар мавриди баъзе аз зиндаҳои рӯи замин мегӯяд инҳо мурдаанд, яъне чӣ?

مَيِّتُ الْأَحْياء

Мурдаи дар миёни зиндаҳо кист ва чист? Фармуд: мардум чанд табақаанд. Баъзе вақте, ки мункаротро мебинанд, дар ноҳияи дил мутаассир мешаванд, то мағзи устухонашон месӯзад, забонашон ба сухан дармеояд, интиқод мекунанд, мегӯянд, иршод мекунанд; ба ин марҳила ҳам қонеъ нашуда вориди марҳилаи амал мешаванд, бо ҳар навъ амале, ки шудааст, бо меҳрубонӣ бошад, бо хушунат бошад, бо задан бошад, бо кутак хӯрдан бошад, билохира ҳар амалеро, ки васила бибинанд барои ин ки бо он мункар мубориза кунанд, анҷом медиҳанд. Фармуд: ин, як зиндаи ба тамом зинда аст.

Баъзе дигар вақте, ки мункаротро мебинанд, дилашон оташ мегирад, ба забон мегӯянд, доду фарёд мекунанд, истиғоса мекунанд, насиҳат мекунанд, мавъиза мекунанд, вале пойи амал, ки дар миён меояд, дигар марди амал нестанд. Фармуд: ин ҳам ду се хислат аз ҳаётро дорост, вале як хислат аз ҳаётро надорад.

Синфи севвум дилаш оташ мегирад, аммо фақат ҷӯш мезанад, фақат нороҳат мешавад. Масалан, рӯзномаро мехонад, мебинад айёми ид намехоҳанд эҳтироми Ҳусайн ибни Алиро ҳифз кунанд. Рӯзномаҳо таблиғ мекунанд, радио ҳам таблиғ мекунад, ки аз ин фурсат барои тафреҳ истифода кунед. Чӣ нишастаед! Нисфи мардуми Теҳрон рафтанд, ҷоҳоро гирифтанд, даҳ рӯз таътилӣ доред. Инҳоро мехонад, дар дил мегӯяд инҳо чӣ касоне ҳастанд?! Чаро бо Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом мубориза мекунанд?! Чаро як нафар як калима дар рӯзнома ё ҷойи дигар наменависад, ки тафреҳ вақти зиёде дорад. Мо муддаӣ ҳастем, ки Ҳусайн ибни Алӣ бо руҳи мо пайванд дорад. Мо аз ин мактаб истифодаҳо кардаем ва мекунем. Ин кишвар кишвари Ҳусайн ибни Алӣ аст. Ҳусайн ибни Алӣ шиори ин миллат аст, шиори ин кишвар аст. Ин, иҳонат ба Ҳусайн ибни Алӣ аст, ки шумо ин айёмро ба дунболи тафреҳ ва тафаннун биравед! Дар рӯзнома мехонад, ҷӯш ҳам мезанад, аммо ҳозир нест як калима ҳатто ба рафиқаш бигӯяд, ки эҳтироми Ҳусайн ибни Алиро ҳифз кун, то севвум (-и шаҳодат)-и Ҳусайн ибни Алӣ бош.

Лоақал ин миқдор эҳтироми Абӯабдуллоҳро ҳифз кунед. Мо Ҳусайнро нигаҳдорӣ накардаем, Ҳусайн будааст, ки то кунун моро нигаҳдорӣ кардааст. Ба қавли Иқболи Лоҳурӣ:

“*Ҳеч вақт мусалмонон исломро нигаҳдорӣ накардаанд, ҳамеша ислом будааст, ки мусалмононро нигаҳдорӣ кардааст*.”

Ҳар вақт хатари амиқе кишварро таҳдид мекунад, он вақт мебинед меоянд суроғи Алӣ ибни Абӯтолиб ва “Наҳҷул-балоға”-аш, суроғи Ҳусайн ибни Алӣ ва ёди ӯ. Мо аз он мардуме ҳастем, ки:

فَإِذَا رَكِبُوا فِي الْفُلْكِ دَعَوُا اللَّهَ مُخْلِصِينَ لَهُ الدِّينَ فَلَمَّا نَجَّاهُمْ إِلَى الْبَرِّ إِذَا هُمْ يُشْرِكُونَ

(*“Ин мардуми мушрик чун ба киштӣ нишинанд (ва ба дасти амвоҷи хатар афтанд, дар он ҳол) танҳо Худоро ба ихлоси комил дар дин мехонанд. Ва чун аз хатари дарё ба соҳили наҷоташон расонд (боз ба Худои якто) мушрик мешаванд.” (Сураи Анкабут, ояти 65)*)

Баъзе аз мардум савори киштӣ, ки мешаванд, ҳангоме ки дарё тӯфонӣ мешавад, садои ё Аллоҳ ё Аллоҳ, Худо Худояшон баланд аст бо хулуси ният, дар бораи чизе ҷуз Худо фикр намекунанд. Вале вақте Худо наҷоташон медиҳад, ба соҳили наҷот, ки мерасанд,

вақте хатарро дур мебинанд, ба куллӣ ёдашон меравад, мункири Худо мешаванд, барои Худо ширк меоваранд.

Мо дар ҳамин кишвари худамон магар надидем ҳудуди 25 сол пеш (дар замони тоғут ва шаҳаншоҳӣ) чӣ қадр номи Ҳусайн ибни Алӣ ва Алӣ ибни Абӯтолибро онҳо, ки намебурданд, мебурданд! Ҳамин, ки наҷот пайдо карданд, гуфтанд, мо Бобаки Хуррамдин доштем, Муқаннаъ доштем, Мозиёр доштем. Вақте, ки хатаре ин миллатро таҳдид мекунад, Бобаки Хуррамдин кадом ҷаҳаннами дарра аст?! Ба ҷанги Ҳусайн ибни Алӣ меоянд, қаҳрамон дар муқобили ӯ дуруст мекунанд. Хиҷолат намекашанд! Ба ҷойи ин ки ифтихор кунад исми писарашро Ҳусайн бигузорад, Бобак ва Мозиёр ва Ҷамшед ва Фаршид мегузорад.

Номҳои исломӣ ва забони исломро зинда нигаҳ доред

Шиорҳои динро зинда нигаҳ доред. Яке аз шиорҳои дин исмҳост. Ман намефаҳмам ин ки мегӯянд фалон исм кӯҳна шуда, яъне чӣ? Магар исм ҳам наву кӯҳна дорад?! Чун исми фалон зани фарбеҳ Фотима аст, пас Фотима исми фарбеҳҳост?! Хеле аҷиб аст! Пас дигар мо исми духтарамонро Фотима нагузорем! Ҳамин, худаш як амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст.

Як дараҷаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ин аст, ки мардум! Бар фарзандонатон исмҳои исломӣ бигузоред. Ин амр ба маъруф аст. Мубориза кунед бо исмҳои ғайри исломӣ. Ин наҳй аз мункар аст. Барои муассисотатон номи исломӣ бигузоред. Номҳои исломиро зинда нигаҳ доред. Забони исломро зинда нигаҳ доред. Забони арабӣ забони як қавм нест, забони ислом аст.

Забони арабӣ забони араб нест, забони ислом аст. Агар Қуръон набуд, аслан ин забон дар дунё вуҷуд надошт. Аз аҳамми вазоифи мо ин аст, ки ин забонро ҳифз кунем. Ҳар фарҳанге, ҳар тамаддуне агар бихоҳад зинда бимонад, бояд забонаш зинда бимонад; агар забонаш мурд, худаш мурдааст. Ин мубоизаи аланиро, ки бо забони арабӣ мебинед, бояд бедор бишавед, бояд бифаҳмед, бояд шуъур дошта бошед, ақл дошта бошед; валлоҳ ин, мубориза бо ислом аст. Бо ҳуруфи алифбо, ки касе мубориза надорад. Ба Худо қасам мо дар муқобили забони арабӣ вазифа дорем, ки ин забони исломро ҳифз кунем, нигаҳдорӣ кунем. Чӣ касе ҷилави шуморо гирифтааст? Килосҳое ташкил бидиҳед ва аз касоне, ки забони арабиро медонанд даъват кунед; худатон, ҳамсаратон, фарзандонатон ин забонро ёд бигиред. Агар ёд бигиред, на танҳо зарар накардаед, хеле ҳам суд бурдаед, чун яке аз забонҳои зиндаи дунёст. Ин ҳама англисизабонҳо забонашонро таблиғ карданд ва онро ончунон ба мо таҳмил карданд, ки то андаруни хонаҳои мо нуфуз

кардааст, барои чӣ? Дилашон ба ҳоли мо сӯхта буд? Барои ин ки одаташонро ба мо таҳмил кунанд, афкорашонро ба мо таҳмил кунанд, тамаддуни худашонро ба мо таҳмил кунанд, руҳи худашонро бар руҳи мо таҳмил кунанд, барои ин ки руҳи моро хурд кунанд. Чӣ қадр мо мусалмонҳо ғофил будем ва ҳастем! На танҳо мо эрониҳо, ба ҳар ҷойи дунёи ислом, ки инсон қадам мегузорад, мебинад қарнҳо дар хоб будаанд. Хушбахтона кам-кам мусалмонон дар ҳоли бедорӣ ҳастанд. Чӣ қадр инсон бояд мутаассиф ва мутаассир бошад, ки ду нафар мусалмон аз ду кишвари мухталиф вақте якдигарро дар Макка ё Мадина мулоқот мекунанд, забони якдигарро намефаҳманд, бояд бо забони англисӣ тафоҳум кунанд. Инҳо нақшаҳои 300-400-сола аст. Оё ҳанӯз вақти он нарасида, ки мо андаке дар муқобили ин нақшаҳо бедор шавем?!

كُنْتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ

(*“Шумо (мусалмонон) некӯтарини уммате ҳастед, ки падидор гаштаед (барои ислоҳи башар, ки мардумро) ба некӯкорӣ амр мекунед ва аз бадкорӣ бозмедоред…” (Сураи Оли Имрон, ояти 110)*)

Огоҳӣ ва басират, шарти асосии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Ин вазифаи бузург (амр ба маъруф ва наҳй аз мункар) ду рукн, ду шарти асосӣ дорад: яке аз онҳо, рушд, огоҳӣ ва басират аст. Ҳоло, ки ман гуфтам амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, лобуд ҳамаи мо хаёл кардем, ки хуб аз инҷо биравем ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунем. Аз шумо мепурсам: аслан ману шумо мефаҳмем, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чист ва чӣ гуна бояд анҷом шавад? То ҳоло, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункарҳои мо дар атрофи дугмаи либос ва банди кафши мардум будааст, дар атрофи мӯйи сар ва дӯхти либос (ва риш)-и мардум будааст! Мо аслан маъруф чӣ мешиносем, ки чист? Мункар чӣ мешиносем, ки чист? Мо гоҳе маъруфҳоро ба ҷойи мункар мегирем ва мункарҳоро ба ҷойи маъруф. Беҳтар ин ки мо ҷоҳилҳо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар накунем. Чӣ мункарҳо, ки ба номи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ба вуҷуд наомад! Огоҳӣ ва басират мехоҳад; доноӣ, равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ мехоҳад, то инсон бифаҳмад, ки чӣ гуна амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунад, яъне роҳи маъруфро ташхис бидиҳад, бибинад маъруф куҷост, мункарро ташхис бидиҳад, решаи мункарро ба даст биёварад, аз куҷо он мункар сарчашма мегирад. Ва аз ин рӯ имомони дин фармудаанд: ҷоҳил беҳтар аст амр ба маъруф ва наҳй аз мункар накунад, чаро?

لِأَنَّهُ ما يُفْسِدُهُ أَكْثَرُ مِمّا يُصْلِحُهُ

Чун ҷоҳил ҳангоме, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунад, мехоҳад беҳтар кунад, бадтар мекунад. Ва чӣ қадр дар ин замина мисолҳо зиёд аст!

Шояд шумо бигӯед: мо ҷоҳилем, пас амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз мо соқит шуд. Ҷавоби шуморо додаанд. Қуръон мефармояд:

لِيَهْلِكَ مَنْ هَلَكَ عَنْ بَيِّنَةٍ وَيَحْيَى مَنْ حَيَّ عَنْ بَيِّنَةٍ

(*“То ҳар ки ҳалок шуданӣ аст, баъд аз итмоми ҳуҷҷат ҳалок шавад ва ҳар ки лоиқи ҳаёти абадӣ аст, ба итмоми ҳуҷҷат ба ҳаёти абадӣ расад…” (Сураи Анфол, ояти 42)*)

لِئَلَّا يَكُونَ لِلنَّاسِ عَلَى اللهِ حُجَّةٌ بَعْدَ الرُّسُلِ

(*“То он ки пас аз фиристодани расулон, мардумро бар Худо ҳуҷҷате набошад…” (Сураи Нисо, ояти 165)*)

Аз яке аз маъсумин мепурсанд: баъзе аз мардум ҷоҳиланд, дар рӯзи қиёмат бо инҳо чӣ гуна амал мешавад? Мефармояд: дар он рӯз олимеро меоваранд, ки амал накардааст, мегӯянд, чаро амал накардӣ? Ҷавоб надорад; бояд ба сарнавишти нангин ва саҳмгини худ дучор шавад. Шахсеро меоваранд ва мегӯянд: ту чаро амал накардӣ? Мегӯяд: намедонистам, намефаҳмидам! Мегӯянд:

هَلاّ تَعَلَّمْتَ

Намедонам, намефаҳмам ҳам узр шуд?! Худо ақлро барои чӣ офаридааст? Барои ин ки бифаҳмӣ, мӯшикофӣ кунӣ, биравӣ ковиш кунӣ, таҳқиқ кунӣ. Ту бояд аз он касоне бошӣ, ки на танҳо авзоъи замони худатро дарк бикунӣ, балки бояд ояндаро ҳам бифаҳмӣ ва дарк бикунӣ.

Амирулмӯъминин фармуд:

وَلا نَتَخَوَّفُ قارِعَةً حَتّى تَحِلَّ بِنا

Мардуми мо нодон шудаанд; балоёеро, ки ба онҳо рӯ меоварад, то рӯ наёварда ташхис намедиҳанд, пешбинӣ надоранд.

Бояд пешбинӣ кунанд. На танҳо бояд ба авзоъи замони худашон огоҳ бошанд, балки бояд ончунон ҷомеашинос бошанд, ки масоиберо, ки дар оянда мехоҳад пеш биёяд, ташхис бидиҳанд ва бифаҳманд, ки дар 50 соли баъд чунин хоҳад шуд.

وَلَقَدْ آتَيْنَا إِبْرَاهِيمَ رُشْدَهُ

(*“Ва ҳамоно мо Иброҳимро комилан ба рушду камоли худ расонидем…” (Сураи Анбиё, ояти 51)*)

Равшанбинии Имом Ҳусайн

Яке аз чизҳое, ки ба наҳзати Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом арзиши зиёд медиҳад равшанбинӣ аст. Яъне Ҳусайн алайҳис салом дар он рӯз чизҳоеро дар хишти хом дид, ки дигарон дар ойина ҳам намедиданд. Мо имрӯз нишастаем ва авзоъи он замонро

ташреҳ мекунем. Вале мардуме, ки дар он замон буданд, ончунон, ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом мефаҳмид, намефаҳмиданд.

Шаби Тосуъост. Зикри хайре аз он муҷоҳиди фӣ сабилиллоҳ, омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар; касе, ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом аз ӯ дар камоли ризоят буд, ҳазрати Аббос (Абулфазл) алайҳис салом бикунем. Равобит дар он замон мисли ин замон набуд. Ҳаводисеро, ки дар Шом иттифоқ меафтод, мардуме, ки дар Кӯфа ё Мадина буданд, хеле дер хабардор мешуданд ва гоҳе ҳеч хабардор намешуданд. Беҳтарин далелаш достони аҳли Мадина аст: Ҳусайн ибни Алӣ дар Мадина қиём мекунад, байъат намекунад ва ба Макка меравад, баъд он ҷараёнҳо пеш меояд, то шаҳид мешавад.

Тоза оммаи мардуми Мадина чашмҳояшонро мемоланд, ки чаро Ҳусайн ибни Алӣ шаҳид шуд? Биравем Шом маркази хилофатро бибинем, қазия аз чӣ қарор буда. Як ҳайати ҳафт-ҳашт нафариро маъмури ин кор мекунанд. Мераванд ба Шом, муддате дар онҷо мемонанд, таҳқиқ мекунанд, ҳатто бо халифа мулоқот мекунанд, авзоъу аҳволро комилан мебинанд ва бармегарданд. Вақте мардум аз онҳо мепурсанд, қазия аз чӣ қарор буд, мегӯянд: напурсед, ки мо дар муддате, ки дар Шом будем, метарсидем, ки аз осмон санг биборад ва мо ҳам аз байн биравем. (Тоза, он ҳарферо, ки Абӯабдуллоҳ алайҳис салом гуфт:

وَعَلَى الْإِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

(“*Фотеҳаи исломро бояд хонд, зеро уммат гирифтори чӯпоне ҳамонанди Язид шудааст*.”)

— мефаҳманд ва эътироф мекунанд, ки рост гуфт Ҳусайн ибни Алӣ.) Гуфтанд, магар чӣ қазияе буд? Гуфтанд: ҳамин қадр ба шумо бигӯем, ки мо аз назди касе омадаем, ки аланан шароб менӯшуд, аланан сагбозӣ мекунад, юзбозӣ мекунад, ҳар фисқеро анҷом медиҳад — ва ҳатто онҳо дар таъбири худашон гуфтанд — бо модари худ зино мекунад, бо маҳорими худ зино мекунад. Тоза, пешбинии Абӯабдуллоҳро фаҳмиданд, ки Ҳусайн аз рӯзи аввал инҳоро медонист.

Дар Ошӯро ҳам фармуд, ки инҳо маро хоҳанд кушт, аммо ман имрӯз ба шумо мегӯям, ки баъд аз куштани ман инҳо дигар нахоҳанд тавонист ба ҳукумати худашон идома диҳанд, Оли Абӯсуфён дигар рафтанд. Оли Абӯсуфён, ки хеле зуд рафтанд, балки Оли Умайя натавонистанд ба ҳукумати худ идома диҳанд, чаро ки баъд Банӣ Аббос бар ҳамин асос омаданд ва хилофатро аз онҳо тасоҳуб карданд ва 500 сол хилофат карданд ва ҳукумати Банӣ Умайя баъд аз қазияи Карбало доиман мутазалзил буд. Чӣ асаре аз ин

беҳтару бештар, ки дар миёни худи Банӣ Умайя мухолиф пайдо кард? Инҳо нерӯи маънавиятро мерасонад.

Ҳамин Ибни Зиёд бо он шақоват, бародаре дорад ба номи Усмон ибни Зиёд. Усмон омад ба бародараш гуфт: бародар! Ман дилам мехост тамоми авлоди Зиёд ба фақру зиллату некбату бадбахтӣ дучор мешуданд ва чунин чиняте дар хонадони мо пайдо намешуд. Модараш Марҷона як зани бадкора аст. Вақте, ки писараш чунин кореро кард, ба ӯ гуфт: писарам! Ин корро кардӣ, вале бидон, ки, дигар бӯйе аз биҳишт ба машомат нахоҳад расид.

Марвони Ҳакам, он шақийи азалу абад, бародаре дорад ба номи Яҳё ибни Ҳакам. Яҳё дар маҷлиси Язид ба унвони як мӯътариз аз ҷо баланд шуд, гуфт: Субҳоналлоҳ! Авлоди Сумайя (яъне авлоди модари Зиёд), духтарони Сумайя бояд мӯҳтарам бошанд, вале оли пайғамбарро ту ба ин вазъ дар ин маҷлис ҳозир кардаӣ?!

Оре, нидои ҳусайнӣ аз даруни хонаи инҳо баланд шуд.

Достони Ҳинд, зани Язидро ҳам шунидаед, ки аз андаруни хонаи Язид ҳаракат кард ва ба унвони як мӯътариз ба вазъи мавҷуд ба сӯи ӯ омад ва Язид маҷбур шуд аслан такзиб кунад, бигӯяд, аслан ман розӣ ба ин кор набудам, ин корро ман накардам, Убайдуллоҳи Зиёд аз пеши худ кард.

Охирин пешбинии Имом Ҳусайн алайҳис салом ин буд: Язид он ду соли баъдро бо як некбате ҳукумат мекунад ва баъд мемирад. Писари Муовия ибни Язид — ки халифа ва валиаҳди ӯст ва Муовия ин авзоъро барои инҳо таъсис карда буд — баъд аз чиҳил рӯз рафт болои минбар ва гуфт: айюҳаннос! Ҷадди ман Муовия бо Алӣ ибни Абӯтолиб ҷангид ва ҳақ бо Алӣ буд, на бо ҷадди ман, падарам Язид бо Ҳусайн ибни Алӣ ҷангид ва ҳақ бо Ҳусайн буд, на бо падарам ва ман аз ин падар безорӣ меҷӯям! Ман худамро шоистаи хилофат намедонам ва барои ин ки мисли гуноҳоне, ки ҷадду падарам муртакиб шуданд муртакиб нашавам, эълон мекунам, ки аз хилофат канорагирӣ мекунам. Канор рафт. Ин нерӯи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом буд, нерӯи ҳақиқат буд. Дар дӯсту душман асар гузошт.

Имом Содиқ алайҳис салом фармуд:

رَحِمَ اللهُ عَمِّيَ الْعَباسَ لَقَدْ آثَرَ وَأُبْلِيَ بَلاءً حَسَناً

(Худо раҳмат кунад амуи мо Аббосро, аҷаб некӯ имтиҳон дод, исор кард ва ҳадди аксари озмоишро анҷом дод. Барои амуи мо Аббос мақоме дар назди Худованд аст, ки тамоми шаҳидон ғибтаи мақоми ӯро мебаранд.) Ин қадр ҷавонмардӣ, ин қадр хулуси ният, ин

қадр фидокорӣ! Мо танҳо аз ноҳияи пайкари амал нигоҳ мекунем, ба руҳи амал нигоҳ намекунем, то бибинем чӣ қадр аҳаммият дорад.

Шаби Ошӯрост. Аббос дар хидмати Абӯабдуллоҳ алайҳис салом нишастааст. Дар ҳамон вақт яке аз сарони душман меояд, фарёд мезанад: Аббос ибни Алӣ ва бародаронашро бигӯед биёянд.

Аббос мешунавад, вале мисли ин ки абадан нашунидааст, эътино намекунад. Ончунон дар ҳузури Ҳусайн ибни Алӣ муаддаб аст, ки оқо ба ӯ фармуд: ҷавобашро бидеҳ, ҳарчанд фосиқ аст.

Меояд мебинад, Шимр ибни Зилҷавшан аст. Шимр рӯи як алоқаи хешовандии дур, ки аз тарафи модари Аббос дорад ва ҳар ду аз як қабилаанд, вақте, ки аз Кӯфа омадааст, ба хаёли худаш амонномае барои Абалфазл ва бародарони модари ӯ овардааст. Ба хаёли худаш хидмате кардааст. То ҳарфи худашро гуфт, Аббос алайҳис салом пархоши мардонае ба ӯ кард, фармуд: Худо туро ва он касе, ки ин амонномаро ба дасти ту додааст, лаънат кунад! Ту маро чӣ шинохтай? Дар бораи ман чӣ фикр кардай? Ту хаёл кардай ман одаме ҳастам, ки барои ҳифзи ҷони худам, имомам, бародарам Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис саломро инҷо бигузорам ва биёям дунболи ту? Он домане, ки мо дар он бузург шудаем ва он пистоне, ки аз он шир хӯрдаем, ин тавр моро тарбият накардааст.

Ҷаноб Уммулбанин, ҳамсари Алӣ алайҳис салом, чаҳор писар аз Алӣ дорад. Муаррихон навиштаанд, Алӣ алайҳис салом махсусан ба бародараш Ақил тавсия мекунад, ки зане барои ман интихоб кун, ки:

وَلَدَتْهَا الْفُحولَةُ

Аз шуҷоъон зода шуда бошад, аз шуҷоъон ирс бурда бошад.

لِتَلِدَ لي وَلَداً شُجاعاً

Мехоҳам аз ӯ фарзанди шуҷоъ ба дунё биёяд. (Албатта дар матни таърих надорад, ки Алӣ алайҳис салом гуфта бошад ҳадаф ва манзури ман чист, аммо онҳо, ки ба равшанбинии Алӣ мӯътариф ва мӯъминанд, мегӯянд Алӣ он охир корро пешбинӣ мекард.) Ақил Уммулбанинро интихоб мекунад. Ба оқо арз мекунад, ки ин зан аз навъи ҳамон зане аст, ки ту мехоҳӣ. Чаҳор писар, ки аршадашон вуҷуди муқаддаси Абалфазли Аббос аст, аз ин зан ба дунё меоянд. Ҳар чаҳор писар дар Карбало дар рикоби Абӯабдуллоҳ ҳаракат мекунанд ва шаҳид мешаванд. Вақте, ки навбати Банӣ Ҳошим расид, Абалфазл, ки бародари аршад буд, ба бародаронаш гуфт: бародаронам! Ман дилам мехоҳад шумо қабл аз ман ба майдон биравед, чун мехоҳам аҷри шаҳодати бародарро идрок карда бошам. Гуфтанд: ҳар чи ту амр кунӣ. Ҳар се нафар шаҳид шуданд, баъд Абулфазл қиём кард. Ин зани бузургвор (Уммулбанин), ки то он вақт зинда буд, вале дар Карбало набуд, шаҳодати чаҳор писари

рашиди худро дарк кард ва дар сӯги онҳо нишаст. Дар Мадина барояш хабар омад, ки чаҳор писари ту дар хидмати Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом шаҳид шуданд. Барои ин писарҳо нудба ва гиря мекард.

Гоҳе сари роҳи Ироқ ва гоҳе дар Бақеъ менишаст ва нудбаҳои ҷонсӯзе мекард. Занҳо ҳам даври ӯ ҷамъ мешуданд. Марвони Ҳакам, ки ҳокими Мадина буд, бо он ҳама душманӣ ва қасоват гоҳе ба онҷо меомад ва меистод ва мегирист. Аз ҷумлаи нудбаҳояш ин аст:

لا تَدْعُونِّي وَيْكِ اُمَّ الْبَنينَ

تُذَكِّريني بِلُيوثِ الْعَرين

كانَتْ بَنونَ لي اُدْعى بِهِمْ

وَالْيَوْمَ اَصبَحْتُ وَلا مِنْ بَنين

Эй занон! Ман аз шумо як тақозо дорам ва он ин аст, ки баъд аз ин маро бо лақаби Уммулбанин нахонед (чун Уммулбанин яъне модари писарон, модари шерписарон), дигар маро ба ин исм нахонед. Вақте шумо маро ба ин исм мехонед, ба ёди фарзандони шуҷоъам меафтам ва дилам оташ мегирад. Замоне ман Уммулбанин будам, вале акнун Уммулбанин ва модари писарон нестам.

Марсияе дорад роҷеъ ба хусуси Абалфазли Аббос:

يا مَنْ رَأَى الْعَبّاسَ كَرَّ عَلى جَماهيرِ النَّقَد

وَوَراهُ مِنْ أَبْناءِ حَيْدَرَ كُلُّ لَيْثٍ ذى لِبَد

أُنْبِئْتُ أَنَّ ابْني أُصيبَ بِرَأْسِهِ مَقْطوعَ يَد

وَيْلي عَلى شِبْلى اَمالَ بِرَأْسِهِ ضَرْبُ الْعَمَد

لَوْ كانَ سَيْفُكَ فى يَدَيْكَ لَما دَنى مِنْهُ اَحَد

Мегӯяд: эй чашме, ки дар Карбало будӣ ва он манзарае, ки Аббоси ман, шербачаи ман, ҳамла мекард медидӣ ва дидай! Эй мардуме, ки онҷо ҳозир будаед! Барои ман достоне нақл кардаанд; намедонам ин достон рост аст ё на. Як хабари хеле ҷонгудоз ба ман додаанд, намедонам рост аст ё на. Ба ман гуфтаанд, ки аввалан дастҳои писарат бурида шуд, баъд дар ҳоле, ки фарзанди ту даст дар бадан надошт, як марди лаъини нокас омад ва амуде оҳанин бар фарқи ӯ зад. Вой бар ман, ки мегӯянд бар сари шербачаам амуди оҳанин фуруд омад! Баъд мегӯяд: Аббосҷонам! Фарзанди азизам! Ман худам медонам, ки агар даст дар бадан доштӣ, ҳеч кас ҷуръати наздик шудан ба туро намекард.

وَلا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم و صلّى الله على محمّد وآله الطّاهرين

Мароҳил ва ақсоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

1) Марҳилаи рӯйгардонӣ ва эъроз:

Уламои исломӣ барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар маротиб ва дараҷот ва ҳамчунин ақсоме қоил шудаанд. (Дар марҳилаи аввал гуфтаанд, бояд шахс аз мункар) танаффур ва инзиҷор дошта бошад… Ва дар марҳилаи баъд гуфтаанд, аввалин дараҷа ва мартибаи наҳй аз мункар рӯйгардонӣ ва эъроз аст, яъне вақте шумо фард ё афродеро мебинед, ки муртакиби мункароте мешаванд, муртакиби корҳои зиште мешаванд, ба унвони мубориза бо ӯ (на мубориза бо шахси ӯ, балки мубориза бо кори зишти ӯ) ва барои ин ки ӯро аз кори зишташ боздоред, аз ӯ эъроз мекунед, аз ӯ рӯй мегардонед, таркаш мекунед, яъне бо ӯ қатъи робита мекунед.

Ба унвони мисол, шахсе рафиқ ва дӯсти шумост, бо якдигар самимӣ ва маҳшуру муошир ҳастед, равобитатон бо якдигар дӯстона аст, рафту омад доред, бо ҳам гарм мегиред, мусофират меравед, миёнатон ҳадоёе мубодила мешавад. Як вақт иттилоъ пайдо мекунед, ки ҳамин рафиқ ва дӯсти самимии шумо дучори фалон амали зишт шудааст, фалон кори зиштро муртакиб мешавад, фалон гуноҳи қатъӣ ва мусалламро муртакиб мешавад. Яке аз дараҷот ва маротиби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва дар воқеъ яке аз ақсоми танбеҳ, ки дар мавориде бояд иҷро шавад ин аст, ки шумо нисбат ба ӯ сардӣ нишон диҳед, беэътиноӣ кунед ва он самимиятеро, ки собиқан ба ӯ нишон медодед, баъд аз ин нишон надиҳед. Ин худ, навъе танбеҳ аст. Албатта инсон бояд дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мантиқ ба кор бибарад, амали ӯ мунтабиқ бо мантиқ бошад. Ин дар мавриде аст, ки агар шумо бо он шахсе, ки бо ӯ самимият доред қатъи робита кунед ва нисбат ба ӯ сардӣ нишон диҳед, ин амали шумо нисбат ба ӯ танбеҳ бошад ва танбеҳ талаққӣ шавад, яъне таҳти як заҷр ва шиканҷаи руҳӣ қарор гирад ва ин амали шумо дар ҷилавгирӣ аз кори бади ӯ таъсир дошта бошад. Вагарна мавориде ҳам ҳаст, ки касе — фарзанди шумо, дӯсти шумо, ҷавоне — мубтало ба одати зиште шудааст ва робитаи ӯ бо шумо рӯи одате аст, ки аз гузашта доштааст. Чӣ басо аз ин ки шумо бо ӯ қатъи робита кунед истиқбол мекунад, то ӯ ҳам бо шумо қатъи робита кунад ва озодтар дунболи мункарот ва корҳои зишт биравад. Дар инҷо қатъи робитаи шумо бо ӯ на танҳо асари танбеҳӣ надорад, балки асари ташвиқӣ низ дорад, яъне ӯро бештар дар кори худ озод мегузоред ва амалан ба он кор ташвиқ мекунед. Дар чунин мавориде ин кор дуруст нест. Пас, ин ки уламо мегӯянд, яке аз дараҷоти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар эъроз ва рӯй баргардондан аст, дар мавриде аст, ки кори шумо асар бигузорад ва асари он ҳам танбеҳи тараф бошад.

Албатта эърози дигаре низ ҳаст, ки наҳй аз мункар нест ва унвони дигаре дорад: шумо бо хонаводае маҳшур будаед, робитаи дӯстӣ ва аҳёнан хешовандӣ доштаед, мебинед ин хонавода фосид шудааст. Ба хотири ҳифзи худ ва хонаводаатон (барои ин ки муошират бо бемор, беморӣ меоварад:

Меравад аз синаҳо дар синаҳо,

Аз раҳи пинҳон салоҳу кинаҳо.

(Мавлоно) — афрод ба таври махфӣ дар якдигар асар мегузоранд) ва барои ин ки одати зишти онҳо дар хонаводаи шумо сироят накунад, бо онҳо қатъи робита мекунед. Ҳисоби ин маврид аз мавориди дигар ҷудост.

Пас, дар мавориде, ки инсон худ беҳтар ташхис медиҳад; дар мавориде, ки инсоне дучори одати зиште шудааст, ки агар шумо дӯстии худро бо ӯ идома диҳед, ба манзилаи ташвиқи ӯст, вале агар бо ӯ қатъи робита кунед, зарҷри руҳӣ мекашад ва танбеҳ мешавад, қатъан бар шумо воҷиб аст, ки бо ин шахс қатъи робита кунед, аз ӯ эъроз кунед. Ин як дараҷа аст.

2) Марҳилаи забон:

Дараҷаи дуввуме, ки уламо ва донишмандон барои наҳй аз мункар зикр кардаанд марҳилаи забон аст; марҳилаи панду насиҳату иршод аст. Яъне басо ҳаст он беморе, ки дучори мункаре ҳаст ва амали зиштеро муртакиб мешавад, ба хотири ҷаҳолат ва нодонии ӯст, таҳти таъсири як силсила таблиғот қарор гирифтааст, эҳтиёҷ ба мураббӣ дорад, эҳтиёҷ ба ҳодӣ ва роҳнамо ва муаллим дорад, эҳтиёҷ ба равшанкунанда дорад, эҳтиёҷ ба фарде дорад, ки бо ӯ тамос бигирад, бо камоли меҳрубонӣ бо ӯ сӯҳбат кунад, мавзӯъро бо ӯ дар миён бигузорад, айбҳо ва мафосидро барои ӯ ташреҳ кунад, то огоҳ шавад ва бозгардад. Ин марҳила низ як дараҷа аз “наҳй аз мункар” аст, ба ин маънӣ, ки дар мавориде, ки касе бо мо тамос дорад ва ба як амали мункар ва зиште ибтило дорад ва мо метавонем бо мантиқи равшангар ӯро ба тарки он амал қонеъ кунем, бар мо воҷиб аст, ки бо чунин мантиқе бо он шахс тамос бигирем.

3) Марҳилаи амал:

Марҳилаи севвум марҳилаи амал аст. Гоҳе тараф дар дараҷае ва дар ҳоле аст, ки на эъроз ва ҳичрони мо таъсире бар ӯ мегузорад ва на метавонем бо мантиқу баёну ташреҳи матлаб, ӯро аз мункар боздорем, балки бояд вориди амал шавем; агар вориди амал шавем, метавонем. Чӣ тавр вориди амал шавем? Вориди амал шудан, мухталиф аст. Маънои вориди амал шудан танҳо зӯр гуфтан нест, кутак задан ва маҷрӯҳ кардан нест. Албатта намегӯям дар ҳеч ҷо набояд танбеҳи амалӣ шавад. Бале, мавориде ҳам ҳаст, ки

ҷойи танбеҳи амалӣ аст. Ислом дине аст, ки тарафдори ҳадд аст, тарафдори таъзир аст, яъне дине аст, ки мӯътақид аст мароҳил ва маротибе мерасад, ки муҷримро ҷуз танбеҳи амалӣ чизи дигаре танбеҳ намекунад ва аз кори зишт бознамедорад. Аммо инсон набояд иштибоҳ кунад ва хаёл кунад, ки ҳамаи маворид, мавориди сахтгирӣ ва хушунат аст.

Алӣ алайҳис салом дар бораи Пайғамбари Акрам ин тавр таъбир мекунад:

طَبیبٌ دَوّارٌ بِطِبِّه، قَدْ أَحْكَمَ مَراهِمَهُ وَأَحْمی مَواسِمَهُ

Мефармояд: ӯ табиб буд; пизишке буд, ки беморҳо ва бемориҳоро муолиҷа мекард. Баъд ба аъмоли табибҳо ташбеҳ мекунад, ки табибҳо, ҳам марҳам мениҳанд ва ҳам ҷарроҳӣ мекунанд ва аҳёнан доғ мекунанд. Мегӯяд, пайғамбар дукора буд: пизишке буд ҳам марҳамнеҳ ва ҳам ҷарроҳ ва доғкун. Мақсуд ин аст, ки пайғамбар ду гуна амал мекард. Як навъ амали пайғамбар, меҳрубонӣ ва лутф буд. Аввал ҳам –

أَحْكَمَ مَراهِمَهُ

— ро зикр мекунад, яъне амали аввали пайғамбар ҳамеша лутфу меҳрубонӣ буд. Ибтидо аз роҳи лутфу меҳрубонӣ муолиҷа мекард, бо мункарот ва мафосид мубориза мекард, аммо агар ба марҳилае мерасид, ки дигар лутфу меҳрубонӣ ва эҳсон ва некӣ суд намебахшид, онҳоро ба ҳоли худ намегузошт. Инҷо буд, ки вориди амали ҷарроҳӣ ва доғ кардан мешуд. Ҳам марҳамҳои худро бисёр муҳкам ва муассир интихоб мекард ва ҳам онҷо, ки пойи доғ кардан ва ҷарроҳӣ дар миён буд, амиқ доғ мекард ва қотеъ ҷарроҳӣ менамуд. Саъдии мо ҳам ин матлабро мегӯяд, вале бидуни он ки ҳаққи такаддуме барои меҳрубонӣ қоил шуда бошад. Мегӯяд:

Дуруштиву нармӣ ба ҳам-дар беҳ аст,

Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳ аст.

Мегӯяд: ҳам дуруштӣ бояд бошад ва ҳам меҳрубонӣ, мисли рагзан, ки ҳам ҷарроҳӣ мекунад ва ҳам марҳам мениҳад. Ин дар мавриди мубориза бо мункарот.

Амр ба маъруфи лафзӣ ва амалӣ

Вале дар мавриди амр ба маъруф чӣ тавр? Ба чӣ шакл ва наҳве бояд анҷом шавад? Амр ба маъруф ҳам айнан ҳамин тақсимотро дорад бо ин тафовут, ки амр ба маъруф ё лафзӣ аст ё амалӣ. Амр ба маъруфи лафзӣ ин аст, ки инсон бо баён ҳақоиқро барои мардум бигӯяд, хубиҳоро барои мардум ташреҳ кунад, мардумро ташвиқ кунад ва ба онҳо бифаҳмонад, ки имрӯз кори хайр чист.

Амр ба маъруфи амалӣ ин аст, ки инсон набояд ба гуфтан қаноат кунад, гуфтан кофӣ нест. Метавонем бигӯем, яке аз бемориҳои иҷтимои имрӯзи мо ин аст, ки барои гуфтан беш аз андоза арзиш қоил ҳастем. Албатта гуфтан хеле арзиш дорад, намехоҳам мункири

арзиши гуфтан бошам. То гуфтан набошад, равшан кардан набошад, навиштан ва ташреҳи ҳақоиқ набошад, коре намешавад кард. Мақсудам ин аст, ки мо мехоҳем ҳама чиз бо гуфтан дуруст шавад, мисли он касоне, ки мехоҳанд бо вирд ҳама чизро дуруст кунанд; вирде бихонанд, замин осмон шавад ва осмон замин. Мо мехоҳем фақат бо қудрати лафзу баён ворид шавем ва ҳол ин ки матлаб ин чур нест. Гуфтан, шарти лозим ҳаст, вале кофӣ нест, бояд амал кард.

Ҳар як аз амр ба маъруфи лафзӣ ва амр ба маъруфи амалӣ ба ду тариқ аст: мустақим ва ғайри мустақим. Гоҳе, ки мехоҳед амр ба маъруф ё наҳй аз мункар кунед, мустақим ворид мешавед, ҳарфро мустақим мезанед, яъне агар мехоҳед касеро водор ба коре кунед, мегӯед: ман аз ҷаноби олӣ хоҳиш мекунам фалон корро анҷом диҳед. Вале як вақт ҳам ба таври ғайри мустақим ба ӯ тафҳим мекунед, ки албатта муассиртар ва муфидтар аст, яъне бидуни он ки ӯ бифаҳмад, ки шумо доред бо ӯ ҳарф мезанед, аз касе, ки фалон корро кардааст таъриф мекунед, кори ӯро тавҷеҳ ва ташреҳ мекунед, мегӯед: фалон кас дар фалон маврид чунин амал карда, ин тавр рафтор карда… то ӯ бидонад ва бифаҳмад. Ин, беҳтар дар ӯ асар мегузорад ҳамон тавр, ки амал ҳам ба таври ғайри мустақим муассиртар аст. Ҳол барои равиши ғайри мустақим, ҳадиси маъруферо барои шумо зикр мекунам, бибинед ин равиш чӣ қадр муассир аст:

Ҳасанайн (Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн) алайҳимас салом дар ҳоле, ки ҳар ду тифл буданд, ба пирамарде, ки дар ҳоли вузӯ гирифтан буд бархӯрд мекунанд, мутаваҷҷеҳ мешаванд, ки вузӯи ӯ ботил аст. Ин ду оқозода, ки ба расми ислом ва русуми равоншиносӣ огоҳ буданд, фавран мутаваҷҷеҳ шуданд, ки аз як тараф бояд пирамардро огоҳ кунанд, ки вузӯяш ботил аст ва аз тарафи дигар агар мустақиман ба ӯ бигӯянд оқо вузӯи ту ботил аст, шахсияташ ҷариҳадор мешавад, нороҳат мешавад, аввалин аксуламале, ки нишон медиҳад ин аст, ки мегӯяд хайр, ҳамин тавр дуруст аст; ҳар чи ҳам бигӯй, гӯш намекунад. Бинобар ин ҷилав рафтанд ва гуфтанд: мо ҳар ду мехоҳем дар ҳузури шумо вузӯ бигирем. Бибинед кадом як аз мо беҳтар вузӯ мегирем. (Маъмулан одами бузург дар бораи бачча мепазирад.) Мегӯяд вузӯ бигиред, то миёни шумо қазоват кунам. Имом Ҳасан як вузӯи комил дар ҳузури ӯ гирифт, баъд ҳам Имом Ҳусайн.

Тоза пирамард мутаваҷҷеҳ шуд, ки вузӯи худаш нодуруст буда. Баъд гуфт: вузӯи ҳар дуи шумо дуруст аст, вузӯи ман хароб буд. Ин тавр аз тараф эътироф мегиранд. Ҳоло агар дар инҷо фавран мегуфтанд: пирамард! Хиҷолат намекашӣ?! Бо ин риши сафедат ту ҳанӯз вузӯ гирифтанро балад нестӣ?! Мурдашӯри таркибатро бибарад! Ӯ аз намоз хондан ҳам безор мешавад.

Чанд намуна аз амр ба маъруфҳои ғалат

Яке аз оқоёни хутабо нақл мекард, ки марде дар Машҳад аслан бо дин пайванде надошт; на танҳо намоз намехонд ва рӯза намегирифт, балки ба чизе эътиқод надошт, як одами зидди дин буд. Мо муддати зиёде бо ин одам сӯҳбат кардем, то ин ки нарму мулойим ва воқеан мӯътақид ва мӯъмин шуд ва равиши худро ба куллӣ тағйир дод; намозашро мехонд, рӯзаашро мегирифт ва кораш ба ҷое кашид, ки бо ин ки идорӣ буд (дар замони қабл аз инқилоб, замони шоҳ) ва мақоми ҳассосе ҳам дар Хуросон дошт, муқайяд шуда буд, ки намозашро бо ҷамоат бихонад. Мерафт масҷиди Гавҳаршод пушти сари марҳум оқои Наҳовандӣ, либосҳояшро меканд, абоя ҳам мепӯшид. Дар ҷаласоти мо ҳам ширкат мекард.

Муддате мо дидем, ки ин оқо пайдояш нест. Гуфтем лобуд рафтааст мусофират. Руфақо гуфтанд: на, ӯ инҷост ва намеояд, ҳоло чӣ тавр шудааст, ки дар ҷаласоти мо ширкат намекунад, намедонем. Баъд маълум шуд, ки дигар намози ҷамоат ҳам намеравад. Таҳқиқ кардем, бибинем, ки иллат чист. Ин марде, ки он тавр ба дину мазҳаб рӯ оварда буд, чӣ тавр якмартиба аз дину мазҳаб рӯ баргардонд? Рафтем суроғаш, маълум шуд қазия аз ин қарор будааст:

Ин оқо чанд рӯзи мутаволӣ (пай дар пай), ки рафта намози ҷамоат ва дар саффи чаҳорум-панҷум меистода, як рӯз яке аз муқаддасмаобҳое, ки дар саффи аввал пушти сари имом менишинанд ва таҳтулҳанак меандозанд ва намедонам мисвок чӣ ҷуре мезананд ва ҳамеша худашонро аз Худо талабкор медонанд, дар миёни ҷамъият, дар мавқеъи намоз, аз он саффи аввал баланд мешавад, меояд, то ин одамро пайдо мекунад. Рӯбарӯяш менишинад ва мегӯяд: оқо! Мегӯяд: бале. Як суоле аз шумо дорам. Бифармоед. Шумо мусалмон ҳастед ё на? Ин бечора дармемонад, ки чӣ ҷавоб бидиҳад. Мегӯяд: ин чӣ суоле аст, ки шумо аз ман мекунед? Мегӯяд: на, хоҳиш мекунам бифармоед, шумо мусалмон ҳастед ё мусалмон нестед? Ин бадбахт нороҳат мешавад, мегӯяд, ман мусалмонам; агар мусалмон набошам, дар масҷиди Гавҳаршод дар саффи ҷамоат чӣ кор мекунам? Мегӯяд: агар мусалмонӣ, чаро ришатро ин тавр кардаӣ? Аз ҳамонҷо саҷҷодаро бармедорад ва мегӯяд, ин масҷид ва ин намози ҷамоат ва ин дину мазҳаб моли худатон. Рафт, ки рафт. Ин ҳам як ҷур ба истилоҳ наҳӣ аз мункар кардан аст, яъне фироронда ва безор кардани мардум аз дин. Барои мухолифтарошӣ, барои душмантарошӣ, чизе аз ин болотар нест.

Як вақте як достони хориҷӣ дар маҷаллае хондам. Навишта буд, духтаре хеле мазҳабӣ буд. Яке аз шоҳзодагон ошиқ ва алоқаманди ин духтар буд, вале марди шаҳватрон ва айёше буд ва мехост ӯро дар доми худаш биандозад ва ин духтар рӯи он иффат ва наҷобате, ки дошт ва ин ки пойбанди усули диёнат буд, ҳеч таслими ин оқо намешуд.

Ҳар василае барангехт, ки ӯро гӯл бизанад, нашуд, ки нашуд. Дигар тақрибан маъюс шуда буд.

Гузашт. Як рӯз дид, касе аз тарафи ин духтар пайғоме овард ва хулоса ӯ омодагии худро барои ин ки бо ҳам бошанд ва муддате хуш бошанд, эълом кард. Шоҳзода тааҷҷуб кард. Рафт суроғи ӯ, дид, бале омодааст. Дар заминаи ин қазия таҳқиқ кард, ки ин духтар, ки он миқдор ба наҷобат ва иффати худаш пойбанд буд, чӣ гуна як дафъа рӯ овард ба айёшӣ ва фисқу фуҷур? Маълум шуд қазия аз ин қарор буда, ки як оқои кашиш баъд аз ин ки эҳсос мекунад, ки ин духтар як руҳи мазҳабӣ дорад, ба хаёли худаш барои ин ки ӯро мазҳабитар кунад, рӯзе аз ин духтар вақт мегирад ва меояд суроғи ӯ. Мегӯяд: ман барои ту ҳадияе овардаам. Зарфе буда ва рӯи он порчае қарор доштааст. Ҳадияро ҷилави ӯ мегузорад ва порчаро бармедорад, то онро нишон бидиҳад. Як вақт он духтар мебинад як каллаи мурда аз қабристон оварда. То чашмаш меафтад, такон мехӯрад, мегӯяд: ин чист? Мегӯяд: инро овардам, то шумо дар бораш фикр ва мутолеа кунед, бибинед дунё чӣ қадр бевафост! Ончунон нафрате дар дили ин духтар ба вуҷуд овард, ки на танҳо асари мавъизае набахшид, балки аз он вақт фикр кард, гуфт: ман ба аксаш амал мекунам; дунёе, ки оқибаташ ин аст, ин чаҳор рӯзи умрро асосан чаро ба ин авзоъ бигузаронем? Ба сӯи айёшӣ кашида шуд.

Ин ҳам як ҷур мавъиза ва насиҳат кардан аст ва бовар кунед, ки дар миёни мавъизаҳо ва насиҳатҳое, ки афрод мекунанд, амр ба маъруфҳо ва наҳй аз мункарҳое, ки сурат мегирад, бисёре аз худи ҳаминҳо мункар аст. Ман худам достоне дорам:

Дар айёме, ки дар Қум будем, тоза ин ширкатҳои мусофирбарӣ роҳ афтода буд. Омадем ба қасди Машҳад савор шудем. Баъд аз муддате ман эҳсос кардам ронандаи автобус нисбат ба шахси ман, ки муаммам (салладор) ҳастам, як ҳолати буғзу нафрате дорад. На ман ӯро мешинохтам ва на ӯ маро мешинохт. Мо як собиқаи шахсӣ надоштем. Дар Варомин, ки таваққуф кард, вақте хостам аз ӯ бипурсам, ки чӣ қадр таваққуф мекунед, бо як хушунате маро рад кард, ки дигар то Машҳад ҷуръат накунам як калима бо ӯ ҳарф бизанам. Пеши худам тавҷеҳе кардам, гуфтам, лобуд ин лоақал мусалмон нест, моддӣ аст, яҳудӣ аст. Пеши худам қатъ кардам, ки чунин чизе аст. Ёдам ҳаст он тарафи Симнон, ки расидем, баъд аз зуҳр буд, ман вақте рафтам вузӯ бигирам, то намоз бихонам, ҳамин ронандаро дидам, ки дорад поҳояшро мешӯяд. Муроқиби ӯ будам, дидам баъд, ки поҳояшро шуст, вузӯ гирифт ва баъд намоз хонд. Ҳайрат кардам: ин ки мусалмон ва намозхон аст! Вале робитааш бо ман ҳамон буд, ки буд. Шаб шуд. Пушти сари ман ду то донишҷӯи турбатӣ (аз шаҳри Турбат) буданд. Онҳо ҳам мехостанд айёми таътилот бираванд Хуросон (Турбат). Ӯ баръакс, ҳар чи, ки нисбат ба ман изҳори танаффур ва

хушунат дошт, нисбат ба онҳо меҳрубонӣ мекард, онҳоро дӯст дошт. Шаб, ки маъмулан мусофирҳо мехобанд, аз яке аз онҳо хоҳиш кард, ки биёяд канораш бо ҳам сӯҳбат кунанд, то хобаш набарад. Ӯ ҳам рафт.

Ҳангоме, ки ҳама хоб буданд, як вақт ман гӯш кардам, дидам ин ронанда дорад саргузашти худашро барои он донишҷӯ мегӯяд. Ман ҳам ба диққат гӯш мекардам, ки бишнавам.

Аввалан аз мардуми Машҳад гуфт, ки аз онҳояшон, ки бо охундҳо иртибот доранд, бадам меояд; фақат аз онҳо, ки аъён ҳастанд, дар "Арк" ҳастанд, хушам меояд. Гуфт: хулоса инро бидон, ки дар миёни ҳамаи фомили ман, танҳо касе, ки ронанда аст манам. Боқӣ дигар дуктур ҳастанд, муҳандис ҳастанд, тоҷир ҳастанд, афсар ҳастанд. Бадбахти фомил манам. Гуфт: иллаташ чист? Гуфт: ман саргузаште дорам. Падари ман одами мусалмон ва бисёр мутадайине буд. Ман бачча будам, маро ба дабистон фиристод. Пешнамози маҳалла аз ин матлаб хабардор шуд, омад пеши падарам гуфт: ту баччаатро ба мадраса фиристодай?! Гуфт: бале. Гуфт: эй вой! Магар намедонӣ, ки агар баччаат ба мадраса биравад, ломазҳаб мешавад? Падари ман ҳам аз бас одами авомм буд, ин ҳарфро бовар кард. Ман ҳам, ки бачча будам. Падарам дигар нагузошт дунболм дарс биравам. Маро дунболи корҳои дигар фиристод. Як рӯз баъд аз ин ки зану бачча пайдо кардам, фаҳмидам, ки аслан ман савод надорам.

Муаммо барои ман ҳал шуд, ки ин одам, бечора худаш мусалмон аст, вале худашро бадбахти синфи ман медонад, мегӯяд: ин аммома (салла) ба сарҳо ҳастанд, ки моро бадбахт карданд.

Ин як ҷур наҳӣ аз мункар аст, яъне рамондан, бадбахт кардани мардум ва душман сохтани мардум бо дин ва руҳоният. Баъд ман пеши худ гуфтам: Худо падарашро биёмурзад, ки фақат бо охундҳо душман аст, бо ислом душман нашуд; боз намозашро мехонад, рӯзаашро мегирад, ба зиёрати Имом Ризо меравад.

Ин, ба таври ғайри мустақим бар зарари ислом амал кардан аст.

Як достони дигар ҳам бароятон арз мекунам: марди мӯҳтараме аз талабаҳои бисёр фозил буд. Марди бисёр равшанфикр ва мутадайине аст. Аввал боре, ки ин одам кулоҳӣ мешавад, вақте, ки вориди яке аз маҷомеъ мешавад, тамоми дӯстон ва руфақояш ӯро, ки мебинанд, шурӯъ мекунанд ба ҳамла кардан ва таҳқир кардан. Ончунон ӯро нороҳат ва асабонӣ мекунанд, ки бо ин ки табъан одами ҳалиме аст, бармегардад як ҳарфи бисёр мантиқӣ ба онҳо мезанад. Мегӯяд, руфақо! Ман як ҳарфе бо шумо дорам: шумо дӯсти душманонатон ҳастед ва душмани дӯстонатон. Бароятон тавзеҳ медиҳам: ман фарде ҳастам мисли шумо; мисли шумо фикр мекунам, мисли шумо ба Худо ва Қуръон ва

пайғамбар ва имомон мӯътақидам, мисли шумо дарс хондаам, мисли шумо тарбият шудаам. Ман бо шумо дар ҳазор чиз иштирок дорам. Ҳадди аксар ба қавли шумо як гуноҳ муртакиб шудаам — агар ин гуноҳ бошад — либосмро аҷолатан тағйир додаам, рафтаам дунболи коре, касбе, зиндагие. Фарз мекунем ин гуноҳ бошад. Шумо бо ман ончунон рафтор мекунед, ки маро маҷбур мекунед, ки бо шумо қатъи робита кунам. Ва як инсон ҳам, ки беиртибот наметавонад бошад, маҷбурам баъд аз ин бо синфи мухолиф ва душмани шумо дӯст бошам, чун шумо доред ба зӯр маро аз худатон тард мекунед. Пас ба ин далел, шумо душмани дӯсти худатон ҳастед, ки ман бошам. Вале шумо дӯсти душманонатон ҳастед. Баъд мисол мезанад, мегӯяд: фалон шахс дар ҳамаи умраш ҳеч вақт асосан тазоҳуре ҳам ба ислом надоштааст, аломате аз ислом дар ӯ набуда, ба Қуръон ва ислом изҳор эътиқод накардааст, маъруф аст ба ин ки золим ва ситамгар ва фосиқ ва шаробхор аст. Ҳамин одам, ки шумо аз ӯ интизор надоред, як дафъа мебинед омад ба зиёрати ҳазрати Ризо. Ҳамаатон мегӯед маълум мешавад одами мусалмоне аст. Ин дафъа вақте ӯро мебинед, бо ӯ хушу беш мекунед. Яъне аз ҳазор хислати ӯ нӯҳсаду наваду нӯҳтои он бар зидди шумо ва дини шумост. Чун аз ӯ интизор надоред, ҳамин қадр, ки як зиёрати ҳазрати Ризо омад, мегӯед на, маълум шуд мусалмон аст. Аммо дар мавриди он касе, ки аз ҳазор хислат, нӯҳсаду наваду нӯҳ хислаташ мусалмонӣ аст, як хислаташ ба қавли шумо хилоф аст, ба хотири ин хислат мегӯед ин дигар мусалмон нест ва аз ҳавзаи ислом хориҷ шуд. Пас шумо дӯсти душманонатон ҳастед, яъне кӯмак ба душманонатон мекунед ва душмани дӯстонатон ҳастед, яъне дар воқеъ душмани худатон ҳастед.

Амали солеҳ ва тақво, беҳтарин амр ба маъруф

Шумо агар бихоҳед ба шакли ғайри мустақим амр ба маъруф кунед, яке аз роҳҳои он ин аст, ки худатон солеҳ ва ботақво бошед, худатон аҳли амал ва тақво бошед. Вақте худатон ин тавр будед, муҷассамае хоҳед буд аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар. Ҳеч чиз башарро бештар аз амал таҳти таъсир қарор намедиҳад. Шумо мебинед мардум аз анбиё ва авлиё зиёд пайравӣ мекунанд, вале аз ҳукамо ва фалосифа он қадрҳо пайравӣ намекунанд, чаро? Барои ин ки фалосифа фақат мегӯянд, фақат мактаб доранд, фақат теория медиҳанд; дар гӯшаи ҳуҷрааш нишастааст, пай дар пай китоб менависад ва таҳвили мардум медиҳад. Вале анбиё ва авлиё танҳо теория ва фарзия надоранд, амал ҳам доранд. Он чи мегӯянд, аввал амал мекунанд. Ҳатто ин тавр нест, ки аввал бигӯянд баъд амал кунанд, аввал амал мекунанд баъд мегӯянд. Вақте инсон баъд аз он ки худаш амал кард, гуфт, он гуфта асараш чандин баробар аст.

Алӣ ибни Абӯтолиб мефармояд (ва таърих ҳам нишон медиҳад, ки ин тавр аст):

ما أَمَرْتُكُمْ بِشَىءٍ اِلاّ وَقَدْ سَبَقْتُكُمْ بِالْعَمَلِ بِهِ، وَلا نَهَيْتُكُمْ عَنْ شَىْءٍ اِلاّ وَقَدْ سَبَقْتُكُمْ بِالنَّهْيِ عَنْهُ

Ҳаргиз шумо надидед, ки шуморо ба чизе амр кунам магар ин ки қаблан худам амал кардаам (то аввал амал накунам, ба шумо намегӯям) ва ман ҳаргиз шуморо аз чизе наҳй намекунам магар ин ки қаблан худам онро тарк карда бошам (чун худам намекунам, шуморо наҳй мекунам).

كونوا دُعاةً لِلنّاسِ بِغَيْرِ أَلْسِنَتِكُمْ

Мардумро ба дин даъват кунед, аммо на бо забон, бо ғайри забон даъват кунед, яъне бо амали худатон мардумро ба ислом даъват кунед. Инсон вақте амал мекунад, худ ба худ бо амали худ ҷомеаро таҳти таъсир қарор медиҳад.

Файласуфи маъруфи муосир, Жан-Пол Сартр (*Jean-Paul Sartre*) ҳарфе дорад. Албатта ҳарфи ӯ тозагӣ надорад, вале таъбире, ки мекунад тоза аст. Мегӯяд: ман коре, ки мекунам зимнан ҷомеаи худро ба он кор мултазим (пойбанд) кардаам. Ва рост ҳам ҳаст. Ҳар коре, ки шумо бикунед, кори бад ё хуб, ҷомеаи худро ба он кор мултазим кардаед. Хоҳ нохоҳ кори шумо мавҷе ба вуҷуд меоварад, тааҳҳуде барои ҷомеа эҷод мекунад, “бояде” аст барои худи шумо ва “бояде” аст барои иҷтимои шумо. Яъне ҳар коре зимнан амр ба иҷтимоъ аст ва ин ки ту ҳам чунин кун. Вақте ман коре мекунам, забони амали ман ин аст, ки бародар! Ту ҳам мисли ман бош. Ҳар чи ҳам бигӯям мисли ман набош, намешавад. Ман ҳар чи ба шумо бигӯям ба қавли ман амал кун, вале ба кирдори ман коре надошта бош, фоида надорад. Шумо наметавонед ба гуфтори ман таваҷҷӯҳ кунед, вале ба кирдори ман таваҷҷӯҳ накунед. Он чи дар шумо илтизом ва тааҳҳуд ба вуҷуд меоварад, дар дараҷаи аввал кирдори ман аст, дар дараҷаи дуввум гуфтори ман.

Ҳар муслеҳе аввал бояд солеҳ бошад, то битавонад муслеҳ бошад. Ӯ бояд биравад ба пеш, ба дигарон бигӯяд, пушти сари ман биёед. Хеле фарқ аст миёни касе, ки истода ва ба сарбозаш фармон медиҳад: бирав ба пеш, ман инҷо истодаам ва касе, ки худаш ҷилав меравад ва мегӯяд: ман рафтам, ту ҳам пушти сари ман биё.

Дар мактаби анбиё ва авлиё инро мебинем. Ҳамеша мегӯянд, мо рафтем, (шумо ҳам биёед.) Алӣ мегӯяд, ман аввал меравам, баъд ба мардум мегӯям, пушти сари ман биёед. Пайғамбари ислом агар дар он чи ки дастур медод, аввал худ пешқадам набуд, маҳол буд дигарон пайравӣ кунанд. Агар мегуфт, намоз ва намози шаб, худаш беш аз ҳар каси дигар ибодат мекард –

إِنَّ رَبَّكَ يَعْلَمُ أَنَّكَ تَقُومُ أَدْنَى مِنْ ثُلُثَيِ اللَّيْلِ

(*“Худо ба ҳоли ту огоҳ аст, ки ту наздики ду сеяки шабро ҳамеша ба тоату намоз мепардозӣ…” (Сураи Муззаммил, ояти 20)*). Агар мегуфт инфоқ дар роҳи Худо ва

гузашт ва эсор, аввал касе, ки эсор мекард худаш буд, яъне аввал аз худ мегирифт ва ба дигарон медод. Агар мегуфт ҷиҳод фӣ сабилиллоҳ, дар ҷангҳо аввал худ ҷилав мерафт, азизони худро ҷилав мебурд ва қаҳран дигарон низ алоқаманд мешуданд, шефта мешуданд, ишқу шӯр пайдо мекарданд, ки ин мард дар роҳи ҳадафи худ азизтарин азизони худро ба коми марг мефиристад ва аввал худ мусаллаҳ мешавад ва дар қалби лашкари душман қарор мегирад, худ зарбат мехӯрад, дандонаш мешиканад, пешониаш мешиканад; он вақт ҳақиқатро дар вуҷуди чунин шахсияте медиданд.

Барои пайғамбар чӣ касе азизтар аз Алӣ буд? Чӣ касе азизтар аз Ҳамзаи Сайидушшуҳадо буд? Дар ҷанги Бадр чӣ касонеро аввал ба майдон фиристод? Алиро фиристод, ки домод ва писарамуяш буд ва дар воқеъ ба манзилаи фарзандаш буд (чун Алӣ аз кӯдакӣ дар хонаи пайғамбар бузург шуда буд. Пайғамбар писар надошт, Алӣ ба манзилаи писари пайғамбар буд). Амуяш Ҳамзаро фиристод, ки чӣ қадр ӯро гиромӣ медошт. Писарамуи худ, Абӯубайда ибни Ҳорисро фиристод, ки чӣ қадр назди ӯ азиз буд. Ҳусайн ибни Алӣ чӣ қадр хитоба хонд ва чӣ қадр амал кард? Ҳаҷми хитобаҳояш чӣ қадр кам ва ҳаҷми аъмоли ӯ чӣ қадр зиёд буд! Вақте амал бошад, гуфтан зиёд намехоҳад.

Ҳусайн алайҳис салом дар хитобааш фарёд мекашад:

فَمَنْ كانَ باذِلاً فينا مُهْجَتَهُ مُوَطِّناً عَلى لِقاءِ اللهِ نَفْسَهُ فَلْيَرْحَلْ مَعَنا فَإِنّي راحِلٌ مُصْبِحاً إِنْ شاءَ اللهُ

Ҳар кас омодааст, ки хуни дилашро дар роҳи мо бибахшад, ҳар кас, ки тасмим ба лиқои парвардигор гирифтааст, чунин касе бо мо кӯч кунад, он ки аз ҷон гузашта нест бо мо наёяд; қофилаи мо қофилаи аз ҷон гузаштагон аст. Дар миёни аз ҷон гузаштагон, азизтарини азизон Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ҳаст. Оё агар Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом азизонашро дар Мадина мегузошт, касе мутаарризи онҳо мешуд? Абадан. Вале агар азизонашро ба саҳнаи Карбало намеовард ва худаш танҳо ба шаҳодат мерасид, оё арзишеро, ки имрӯз пайдо кардааст пайдо мекард? Абадан. Имом Ҳусайн алайҳис салом коре кард, ки як покбохтаи дар роҳи Худо шавад, яъне амалро ба мунтаҳои авҷи худ бирасонад. Дигар чизе боқӣ нагузошт, ки дар роҳи Худо надода бошад. Азизонаш ҳам афроде набуданд, ки Ҳусайн алайҳис салом онҳоро ба зӯр оварда бошад; ҳамақидаҳо, ҳамимониҳо ва ҳамфикрҳои худаш буданд. Асосан Ҳусайн алайҳис салом ҳозир набуд фарде, ки кучактарин нуқтаи заъфе дар вуҷудаш ҳаст ҳамроҳашон бошад ва аз ин рӯ ду-се бор дар байни роҳ ғирбол кард. Рӯзи аввале, ки аз Макка ҳаракат мекунад, эълом мекунад, ки ҳар кас ҷонбоз нест, наёяд. Аммо ҳанӯз баъзе хаёл мекунанд, ки шояд Имом Ҳусайн биравад Кӯфа, хабаре бишавад, онҷо бираву биёе бошад, оқоие бошад, мо

ақиб намонем; ҳамроҳи Имом ҳаракат мекунанд. Иддае аз аъроби бодия дар байни роҳ ба Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом мулҳақ шуданд.

Имом дар байни роҳ хутбае мехонад: айюҳаннос! Ҳар кас, ки хаёл мекунад мо ба мақоме ноил мешавем, ба ҷое мерасем, бидонад, ки чунин чизе нест, баргардад. Бармегарданд. Охирин ғирболро дар шаби Ошӯро кард, вале дар шаби Ошӯро касе фосид аз об дарнаёмад.

Танҳо соҳиби “Носихут-таворих” ин иштибоҳи таърихиро карда ва навиштааст: вақте Имом Ҳусайн дар шаби Ошӯро барои асҳоби худ сӯҳбат кард, иддае аз онон аз сиёҳии шаб истифода карда ва рафтанд. Вале ин матлабро ҳеч таърихе таъйид намекунад. Танҳо иштибоҳи соҳиби “Носих” аст ва ғайр аз ӯ ҳеч кас чунин иштибоҳе накардааст ва қатъан дар шаби Ошӯро ҳеч кадом аз асҳоби Абӯабдуллоҳ алайҳис салом нарафтанд ва нишон доданд, ки дар миёни мо он ки нуқтаи заъфе дошта бошад вуҷуд надорад.

Агар дар рӯзи Ошӯро яке аз асҳоби Имом Ҳусайн — ҳатто баччае — заъф нишон медод ва ба лашкари душман, ки қавитар ва нерӯмандтар буд мулҳақ мешуд ва худашро аз хатар наҷот медод ва дар паноҳи онҳо мерафт, барои Имом Ҳусайн алайҳис салом ва барои мактаби ҳусайнӣ нақс буд.

Аммо баръакс, аз душман ба сӯи худ оварданд. Душманеро, ки дар маъману амният буд ба сӯи худ оварданд ва дар маъраз ва конуни хатар қарор доданд, яъне худашон омаданд. Аммо аз конуни хатари инҳо, як нафар ҳам ба он маъман нарафт. Агар Ҳусайн ибни Алӣ қаблан он ғирболҳо ва эъломи хатарҳоро накарда буд, аз ин ҳодисаҳо хеле пеш меомад. Як вақт медидӣ ниме аз ҷамъият рафтанд ва баъд ҳам — Алаёзу биллоҳ! — алайҳи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом таблиғ мекарданд.

Чун он касе, ки меравад, намегӯяд ман заифулимонам, ман метарсидам, балки барои худ тавҷеҳе дуруст мекунад, дурӯғе месозад ва иддао мекунад, ки мо агар ташхис медодем роҳи ҳақ ҳамин аст, ризои Худо дар ин аст, ин корро мекардем; хайр, мо ташхис додем, ки ҳақ бо ин тараф аст. Қаҳран барои худ мантиқ ҳам месозад. Вале чунин чизе нашуд ва ин яке аз бузургтарин ифтихороти Ҳусайн ибни Алӣ ва мактаби ҳусайнӣ аст.

Мулҳақ шудани Ҳурр ба Имом Ҳусайн

Яке аз бузургтарин сардорҳои онҳоро ба сӯи худ оварданд; касе, ки асосан номзади амирӣ буд: Ҳурр ибни Язиди Риёҳӣ. Ӯ одами кучаке набуд. Агар ҳисоб мекарданд баъд аз Умари Саъд шахсияти дуввум дар ин лашкар кист, ғайр аз Ҳурр ибни Язиди Риёҳӣ касе набуд. Марди бисёр бошахсияте буд. Ба илова, аввалин касе буд, ки бо ҳазор савор маъмури ин кор шуда буд.

Вале нерӯ ва ҷозиба ва имон ва амал, амр ба маъруфи амалии Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом Ҳурр ибни Язидро — ки рӯзи аввал шамшер ба рӯи Имом кашида буд — водор ба таслим кард, тавба кард, ҷузъи “ат-тоибун” шуд:

التَّائِبُونَ الْعَابِدُونَ الْحَامِدُونَ السَّائِحُونَ الرَّاكِعُونَ السَّاجِدُونَ الْآمِرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَالنَّاهُونَ عَنِ الْمُنْكَرِ

Марде, ки маъруф ба далерӣ ва диловарӣ буд (ва беҳтарин далелаш ҳам ин буд, ки ҳазор савор ба ӯ дода буданд, то ҷилави Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис саломро бигирад) ва як шуҷоъи номоваре аст, Ҳусайн аз дили ӯ тулӯъ кардааст. Ҳамон тавр, ки оташе, ки дар дили самовар вуҷуд дорад онро ба ҷӯш меравад ва дар натиҷа бухор фишор меоварад ва самоварро такон медиҳад ва меларзонад, он оташе, ки Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом аз ҳақиқат дар дили ин мард равшан карда буд, дар муқобили ҷидорҳое, ки дар вуҷудаш буд — ӯ ҳам мисли мову шумо дунё мехост, пулу мақом ва саломат мехост, офият мехост — ба ӯ фишор оварда мегӯяд: бирав ба сӯи Ҳусайн ибни Алӣ. Вале аз тарафи дигар, он афкори моддӣ, ки дар ҳар инсоне вуҷуд дорад, ӯро васваса мекунад: агар биравам соате баъд кушта хоҳам шуд, дигар зану фарзандони худро нахоҳам дид, тамоми сарватам аз дастам меравад, шояд баъд аз ман асосан душман тамоми сарватамро мусодира кунад, баччаҳоям бесарпараст мемонанд, занам бешавҳар мемонад. Инҳо монеъи кашида шудани ӯ ба сӯи Имом мешавад.

Ин ду нерӯи мухолиф ба ӯ фишор меовард. Як вақт нигоҳ мекунанд мебинанд Ҳурр дорад меларзад. Касе аз ӯ пурсид: чаро меларзӣ? Ту, ки марди шуҷоъе будӣ. Хаёл кард ларзишаш аз тарси ӯ аз майдони ҷанг аст. Гуфт: на, ту намедонӣ ман дучори чӣ азоби вичдоне ҳастам! Худамро дар миёни биҳишту ҷаҳаннам мухайяр мебинам. Намедонам биҳишти насияро бигирам ё дунболи ҳамин дунёи нақд биравам, ки оқибаташ ҷаҳаннам аст.

Муддате дар ҳоли кашмакаш ва мубориза бо худ буд, вале билохира ин марди шариф ва ба таъбири Имом Ҳусайн алайҳис салом ҳурру озода тасмими худро гирифт. Барои ин ки душман монеъаш нашавад, ором-ором худро канор кашид, баъд якмартиба ба аспи худ шаллоқ зад ва ба сӯи хаймаҳои ҳусайнӣ рафт. Вале барои ин ки хаёл накунанд ӯ ба қасди ҳамла омадааст, аломати амон нишон дод. Навиштаанд:

قَلَبَ تُرْسَهُ

Яъне сипари худашро вожгуна кард ба аломати ин ки ман ба ҷанг наомадаам, амон мехоҳам.

Аввал касе, ки бо ӯ мувоҷеҳ шуд Абӯабдуллоҳ алайҳис салом буд, чун ҳазрат дар беруни хаймаҳои ҳарам истода буд. Салом кард:

السَّلامُ عَلَيْكَ يا أَبا عَبْدِ اللهِ

Арз кард: оқо, ман гунаҳкорам, рӯсиёҳ ҳастам, ман ҳамон гунаҳкор ва муҷриме ҳастам (аввал касе ҳастам), ки роҳро бар шумо гирифтам. Ба Худои худ арз мекунад: Худоё! Аз гуноҳи ин гунаҳкор бигузар!

اللّهُمَّ إِنّي أَرْعَبْتُ قُلوبَ أَوْلِيائِكَ

Худоё! Ман дили авлиёи туро ба ларза даровардам, онҳоро тарсондам.

(Аҳли байти Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом вақте ӯро дар байни роҳ диданд, аввал боре буд, ки чашмашон ба душман афтод. Вақте ҳазор нафар мусаллаҳро бибинанд, ки ҷилавашон истодаанд, қаҳран ҳолати руъбу тарс пайдо мекунанд.) Оқо! Ман тоибам ва мехоҳам гуноҳи худро ҷуброн кунам. Лаккаи сиёҳе, ки барои худ ба вуҷуд овардаам ҷуз бо хун бо ҳеч чизи дигар пок намешавад. Омадаам, ки бо иҷозаи шумо тавба кунам. Аввалан бифармоед тавбаи ман пазируфтааст ё на?

Имом Ҳусайн алайҳис салом аст, ҳеч чизро барои худ намехоҳад. Бо ин ки медонад Ҳурр, чӣ тавба бикунад ва чӣ накунад, дар вазъи феълии ӯ муассир нест, вале ӯ Ҳурррро барои худ намехоҳад, барои Худо мехоҳад. Дар ҷавоби ӯ фармуд: албатта тавбаи ту пазируфтааст, чаро пазируфта набошад? Магар боби раҳмати илоҳӣ ба рӯи як инсони тоиб баста мешавад? Абадан. Ҳурр аз ин ки тавбаи ӯ мавриди қабул воқеъ шудааст хушҳол шуд: алҳамду лиллоҳ, пас тавбаи ман қабул аст? Бале. Пас иҷоза бидиҳед ман биравам худамро фидои шумо кунам ва хунамро дар роҳи шумо бирезам.

Имом фармуд: эй Ҳурр! Ту меҳмони мо ҳастӣ, пиёда шав! Каме биншин, то аз ту пазироӣ кунем. (Ман намедонам Имом бо чӣ мехост пазироӣ кунад.) Вале Ҳурр аз Имом иҷоза хост, ки пойин наёяд. Ҳар чи оқо исрор карданд, пойин наомад. Баъзе аз соҳибони сираҳо рамзи матлабро ин тавр кашф кардаанд, ки Ҳурр моил буд хидмати Имом биншинад, вале як нигаронӣ ӯро нороҳат мекард ва он ин ки метарсид дар муддате, ки хидмати Имом нишастааст, яке аз атфоли Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ӯро бибинад ва бигӯяд, ин ҳамон касе аст, ки рӯзи аввал роҳро бар мо баст ва ӯ шарманда шавад. Барои ин ки шарманда нашавад ва ҳар чи зудтар ин лаккаи нангро бо хуни худаш аз домани худ бишӯяд, исрор кард иҷоза диҳед ман биравам. Имом фармуд: ҳол, ки исрор дорӣ, монеъ намешавам, бирав.

Ин марди рашид дар муқобили мардум меистад, бо онҳо сӯҳбат мекунад. Чун худаш кӯфӣ аст, бо мардуми Кӯфа мавзӯи даъватро матраҳ мекунад, мегӯяд: мардум! Иттифоқан ман худам ҷузъи касоне, ки нома навишта буданд нестам, вале шумо ва сарони шумо, ки инҷо ҳастанд, ҳама касоне ҳастед, ки ба ин мард нома навиштед, ӯро ба

хонаи худ даъват кардед, ба ӯ ваъдаи ёрӣ додед. Рӯи чӣ асле, рӯи чӣ қонуне, рӯи чӣ мазҳаб ва дине акнун бо меҳмони худатон чунин рафтор мекунед?!

Баъд маълум мешавад, ки ҷараёне ин мардро хеле нороҳат карда буд ва он як лиомат ва пастие буд, ки ин мардум ба харҷ доданд; пастие, ки бо руҳи инсоният ва ислом зиддият дорад ва таърихи ислом нишон медиҳад, ки ҳеч гоҳ ислом иҷоза намедод бо ҳеч душмане чунин рафтор шавад, яъне барои ин ки душманро сахт дар мазиқа қарор диҳанд, обро ба рӯяш бибанданд. Ба Алӣ ибни Абӯтолиб чунин пешниҳоде шуд ва метавонист ин корро нисбат ба Муовия бикунад, накард. Худи Ҳусайн ибни Алӣ ҳамин Ҳурр ва асҳобашро бо ин ки душманаш буданд, дар байни роҳ сероб кард. Мусалламан Ҳурр ёдаш буд, ки мо обро ба рӯи касе бастем, ки он рӯзе, ки ташна будем, бидуни ин ки аз ӯ бихоҳем, моро сероб кард. Ӯ чӣ қадр шариф ва олӣ ва бузург буд ва ҳаст ва мо чӣ қадр пастем! Гуфт: мардуми Кӯфа! Шумо хиҷолат намекашед?! Ин Фурот мисли шиками моҳӣ барқ мезанад. Оберо, ки бар ҳамаи мавҷудоти ҷондор ҳалол аст; инсон, ҳайвони аҳлӣ, ваҳшӣ ва ҷангалӣ аз он меошомад, шумо бар фарзанди пайғамбари худ бастаед?!

Ин мард меҷангад, то шаҳид мешавад. Абӯабдуллоҳ ӯро бе подош нагузошт; фавран худро ба болини ин марди бузургвор расонд, барояш ғазал хонд:

وَنِعْمَ الْحُرُّ حُرُّ بني رياحٍ

Ин Ҳурри Риёҳӣ чӣ ҳурри хубе аст! Модараш аҷаб исми хубе барояш интихоб кардааст. Рӯзи аввал гуфт, Ҳурр озодмард. Ростӣ, ки ту озодмард будӣ! Ҳусайн аст, бузургвор ва шариф аст, то ҳадде, ки метавонад, асҳоби худро тафаққуд мекунад. Ин худаш амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст.

Касоне, ки Ҳусайн алайҳис салом худро ба болини онҳо расонд мухталиф буданд, ҳар кас дар як вазъе қарор дошт. Вақте Имом ворид мешуд, яке ҳанӯз зинда буд ва бо оқо сӯҳбат мекард, дигаре дар ҳоли ҷон додан буд. Дар миёни касоне, ки Абӯабдуллоҳ алайҳис салом худро ба болини онҳо расонд, ҳеч кас вазъе дилхароштар ва ҷонсӯзтар аз бародараш Абалфазли Аббос барои ӯ надошт; бародаре, ки Ҳусайн алайҳис салом хеле ӯро дӯст медорад ва ёдгори шуҷоати падараш амирулмӯъминин аст. Дар ҷойе навиштаанд, Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ба ӯ гуфт: бародарам,

بِنَفْسي أَنْتَ

Аббосҷонам! Ҷони ман ба қурбони ту. Ин хеле муҳим аст. Аббос дар ҳудуди 23 сол аз Абӯабдуллоҳ алайҳис салом кучактар буд (Абӯабдуллоҳ 57 сол доштанд ва Аббос як марди ҷавони 34-сола буд). Абӯабдуллоҳ ба манзилаи падари Абалфазл аз назари синнӣ ва тарбиятӣ ба шумор мерафт, он вақт ба ӯ мегӯяд: бародарҷон!

بِنَفْسي أَنْتَ

Эй ҷони ман ба қурбони ту!

Абӯабдуллоҳ канори хайма мунтазир истодааст. Як вақт фарёди мардонаи Абалфазлро мешунавад. (Навиштаанд, Абалфазл алайҳис салом чеҳрааш он қадр зебо буд, ки –

كانَ يُدْعى بِقَمَرِ بَني هاشِمٍ

Дар замони худ маъруф ба моҳи банӣ Ҳошим буд. Андомаш ба қадре раso буд, ки баъзе аз аҳли таърих навиштаанд:

وَكانَ يَرْكَبُ الْفَرَسَ الْمُطَهَّمَ وَرِجْلاهُ يَخُطّانِ فِى الْأَرْضِ

Савори аспи тануманде шуд; пояшро, ки аз рикоб берун мекашид, бо ангушти пояш метавонист заминро харош бидиҳад. Ҳоло гирам ба қавли марҳум оқо шайх Муҳаммадбоқири Бирҷандӣ як миқдор муболиға бошад, вале нишон медиҳад, ки андоми бисёр баланд ва рашиде доштааст; андоме, ки Ҳусайн аз назар кардан ба он лаззат мебурд). Вақте, ки Ҳусайн алайҳис салом ба болои сари ӯ меояд, мебинад даст дар бадани ӯ нест, мағзи сараш бо як амуди оҳанин кӯбида шуда ва ба чашми ӯ тир ворид шудааст. Беҷиҳат нест, ки гуфтаанд:

لَمّا قُتِلَ الْعَبّاسُ بانَ الْإِنْكِسارُ فى وَجْهِ الْحُسَيْنِ

Аббос, ки кушта шуд, диданд чеҳраи Ҳусайн шикаста шуд. Худаш фармуд:

الْانَ انْقَطَعَ ظَهْري وَقَلَّتْ حيلَتي

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

Арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз назари уламои ислом

Ҳамон тавр, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар арзиши наҳзати ҳусайниро боло ва болотар бурд, ҳамчунин наҳзати ҳусайнӣ низ арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро боло бурд.

Ҳамон тавр, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ин наҳзатро дар олитарин сатҳҳо қарор дод, ин наҳзати муқаддас низ ин асли исломиро дар олитарин сатҳҳо қарор дод. Чӣ тавр ин аслро боло бурд? Магар Ҳусайн ибни Алӣ метавонад як асли исломиро пойин ё боло бибарад? На, мақсудам ин нест, ки дар воқеъ яъне дар матни ислом, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар арзише дошт ва Ҳусайн ибни Алӣ омад ва арзиши ин аслро дар матни ислом иваз кард. Ин, кори Ҳусайн ибни Алӣ нест, кори пайғамбари Худо ҳам нест, кори Худост. Худо, ки худи ин усулро бар бандааш, барои бандагонаш фиристодааст, барои ҳар асле як дараҷа, як мартиба ва арзише қарор додааст. Ҳатто пайғамбар қодир нест тасарруфе дар ин гуна масоил бикунад ва дар матни воқеъи исломӣ таъсир бигузорад. Мақсудам ин аст, ки наҳзати ҳусайнӣ асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро аз назари истинбот ва иҷтиҳоди уламои исломӣ ва ба таври куллӣ мусалмонон боло бурд.

Мақоми субут ва мақоми исбот

Истилоҳе туллоби улуми динӣ доранд; мегӯянд: мақоми субут ва мақоми исбот. Мақоми субут яъне мақоми воқеъ. Дар мақоми воқеъи ҳар чизе дар як ҳадд ва дараҷае аст. Ба қавли фалосифаи ҷадид, шайъ фӣ нафсиҳӣ ва шайъ барои мо. Мақоми субут, мақоми шайъ фӣ нафсиҳӣ аст ва мақоми исбот, мақоми шайъ барои мост.

Тавзеҳи матлаб ин аст: фарз кунед як идда пизишки қалб дар як шаҳр вуҷуд доранд. Дар мақоми воқеъ ва нафсуламр, мумкин аст ҳамаи инҳо дар як дараҷа бошанд ва мумкин аст оқои “А” дараҷааш дар ҳадди аъло бошад яъне беҳтарин ва мутахассистарин ва олимтарин табиби қалб бошад, оқои “Б” дараҷаи дуввум, оқои “В” дараҷаи севвум ва оқои “Г” дараҷаи чаҳорум бошад. Аммо мардум чӣ гуна мешиносанд? Онҳо дар назди мардум чӣ арзиш ва эътиборе доранд? Оё арзиш ва эътиборе, ки иҷтимоъ барои онҳо қоил аст, бо арзиш ва эътиборе, ки дар воқеъ ва нафсуламр доранд яке аст? Оқои “А”, ки пизишки дараҷаи аввали қалб аст, ҷомеа ҳам ӯро ба унвони пизишки дараҷаи аввал мешиносад? Оқои “Б”, ки пизишки дараҷаи дуввуми ин шаҳр аст, ҷомеа ҳам ӯро пизишки дараҷаи дуввум мешиносад? Гоҳе ҳамин тавр аст. Вале мумкин аст акси матлаб бошад, яъне иҷтимоъ дар асари омилҳое — таблиғотӣ, иштибоҳотӣ, ҷараёнотӣ — дар мақоми исбот ва дар мақоми шайъ барои мо, дуруст бар хилофи воқеъ қазоват кунад:

пизишки дараҷаи чаҳорумро аввал бидонад, севвумро дараҷаи дуввум ва дуввумро дараҷаи севвум бидонад ва онро, ки дар воқеъ дараҷаи аввал аст, дараҷаи чаҳорум ба шумор оварад. Пас дар инҷо мақоми исбот бо мақоми субут фарқ мекунад, шайъ барои мо бо шайъ фӣ нафсиҳӣ фарқ мекунад.

Пас, ин ки мегӯям Ҳусайн ибни Алӣ арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро боло бурд, мақсуд ин аст, ки дар ҷаҳони ислом боло бурд, на дар ислом. Дар матни ислом, дар мақоми субут, дар мақоми шайъ фӣ нафсиҳӣ, дар ихтиёри Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ё пайғамбар саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ё Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом нест, ки арзиши аслеро боло ё пойин бибаранд. Худост, ки барои ҳар асле аз усули ислом арзиши муайяне қоил шудааст. Вале аз назари ҷомеаи исломӣ, оё ҷомеаи исломӣ арзишҳои исломиро дар он ҳадде, ки вуҷуд дорад ва ҳаст, дар он ҳадде, ки дар мақоми субут ва дар мақоми шайъ фӣ нафсиҳӣ ҳаст, мешиносад? Мумкин аст ҷомеа он тавр нашиносад ва гоҳе дуруст маъкус бишносад, яъне ашёе, ки арзиши дараҷаи аввалро доранд, дар назари иҷтимоъи исломӣ арзиши дараҷаи охирро дошта бошанд ва он ки арзиши дараҷаи охирро дорад, арзиши дараҷаи аввалро дошта бошад. Алӣ алайҳис салом фармуд: ман чунин пешбинӣ мекунам, ки ислом дар миёни мардум ба ҳолати пӯстине дарояд, ки онро воруна пӯшидаанд:

وَلُبِسَ الْاِسْلامُ لُبْسَ الْفَرْوِ مَقْلوباً

Ҳамон тавр, ки пӯстинеро воруна мепӯшанд, мардум исломро воруна талаққӣ кунанд, рӯро ба ҷойи пушт ва пуштро ба ҷойи рӯ бигиранд. Дар ин сурат на танҳо чунин пӯстине гармӣ надорад, балки чиз музҳик ва муҳише ҳам аз об дармеояд. Агар арзишҳои исломӣ маъкус шавад, арзиши дараҷаи аввал дараҷаи охир шумурда шавад ва дараҷаи охир дараҷаи аввал[16], маъноияш ҳамон исломӣ аст, ки воруна шуда, пӯстине аст, ки онро воруна пӯшидаанд.

Аз назари мусалмонон, арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мутафовит аст. Ин масъаларо аз назари уламои исломӣ тавзеҳ медиҳам. Албатта уламои исломӣ таҳти ин унвон яъне “арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чӣ қадр аст” баҳс накардаанд, вале масъалаеро баҳс кардаанд, ки аз он метавон ба арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар назари уламо пай бурд.

---

[16] *Фарз кунед арзиши нохун гирифтан, ки дар рӯзи ҷумъа мустаҳаб аст, он қадр боло биёяд, ки ҷойи амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро бигирад, ё шона задани мӯйи сар ё мӯйи риш ба андозаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва болотар аз он арзиш пайдо кунад ва ё зиёрати мустаҳаббӣ рафтан дар ҳадди арзишҳои дараҷаи аввал шумурда шавад*.

Асле дар ислом аст ва ҳадиси набавӣ аст, ки бар тибқи он ҳамаи уламои ислом назар медиҳанд ва он ин ки Пайғамбари Акрам фармуд:

اِذَا اجْتَمَعَتْ حُرْمَتانِ تُرِكَتِ الصُّغْرٰى لِلْكُبْرٰى

Агар ду арзиш, ду амри мӯҳтарам дар ислом бо якдигар иҷтимоъ пайдо кунанд яъне тазоҳум пайдо кунанд, бояд кучактарро раҳо кунед, бузургтарро бигиред.

Ин матлаб мисолҳои хеле возеҳе дорад. Мисоли маъруфе, ки зикр мекунанд ин аст:

Вориди замини ғасбӣ шудан ҳаром аст. Агар шумо дидед дар як замини ғасбӣ, як инсон ва ҳатто як ҳайвон ва нафси мӯҳтараме дар об афтода ва дорад ғарқ мешавад, чӣ бояд бикунед? Ё бояд по рӯи замини ғасбӣ бигузоред — ки ин ба худии худ ҳаром аст — ва биравед ӯро наҷот бидиҳед, ё ба хотири ин ки ба замини ғасбӣ ворид нашавед, сари ҷоятон биистед, то он нафси мӯҳтарам ҳалок шавад. Инҷо чӣ бояд кард? Ду ҳурмат аст: яке ҳурмати мол, ки қонунҳои молӣ бояд маҳфуз бимонад, эҳтироми моли машрӯъи мардум бояд маҳфуз бимонад, бидуни ризояти соҳибаш набояд ба онҷо ворид шуд ва дигар эҳтироми нафсу ҷон. Эҳтироми мол ҳаргиз ба пойи эҳтироми ҷон намерасад. Шумо агар биност аз ин ду эҳтиром якеро фидои дигаре кунед, бояд молро фидои ҷон кунед ва дар он вақт агар вориди замини ғасбӣ шавед, на танҳо гуноҳе муртакиб нашудаед, балки савобе муртакиб шудаед, итоате кардаед.

Марзи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ин масъала матраҳ аст, ки марзи ин кор куҷост? Банда ва шумо, ки бояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунем, то куҷо бояд ҷилав биравем? Як вақт аст, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунем ва ҳеч гуна осебу хатаре мутаваҷҷеҳи мо нест, агар накунем, фақат танбалӣ кардаем; ҳақиқатро мегӯем бидуни ин ки агар бигӯем хатаре мутаваҷҷеҳи мо шавад, наҳй аз мункар мекунем бидуни ин ки хатаре мутаваҷҷеҳи мол, обрӯ ва ҷони мо шавад. То инҷоро ҳама қабул мекунанд.

Аммо агар ба инҷо расид, ки агар бино шуд ман амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бикунам, зараре ба моли ман мерасад, бикунам ё на? Агар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам, зараре ба ҳайсият ва обрӯи ман мерасад, ба ман фуҳш медиҳанд, маро кутак мезананд, обрӯямро мебаранд, ба ман тӯҳматҳо мезананд, бикунам ё на? Агар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам, ҷонам дар хатар қарор мегирад, кушта мешавам, бикунам ё накунам? Агар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам, илова бар худам, ҷони азизонам дар хатар аст, хонадонам ҳам ба асорат меравад, бикунам ё накунам?

Инҷо мумкин аст касе бигӯяд, баъзе аз уламои ислом гуфтаанд, марзи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар онҷост, ки хатаре дар кор набошад, зараре дар кор набошад, ба обрӯ ва ба ҷонат ва ҳатто ба молат садамае ворид наёяд, ба баданат садамае ворид нашавад. Дар воқеъ арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро пойин овардаанд; гуфтаанд: амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд кард, аммо на то онҷо, ки обрӯи ту ҳам дар хатар бошад, яъне агар пойи обрӯ ва пойи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар миён буд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро раҳо кун, ба обрӯят бичасп!

Албатта ман қабул дорам, ки обрӯ дар ислом мӯҳтарам аст. Бидуни шак обрӯ ва бадани мӯъмин эҳтиром дорад. Шумо ҳақ надоред бидуни мӯҷиби як захми кучак дар баданатон эҷод кунед, ҳақ надоред бидуни мӯҷиб бар бадани худатон дияе ворид кунед, то чӣ расад ба ин ки коре кунед, ки ҷонатон ба хатар биафтад. Дар ин ки инсон набояд бидуни ҷиҳат ҷони худро ба хатар биандозад, шакке нест. Қуръон мегӯяд:

وَلَا تُلْقُوا بِأَيْدِيكُمْ إِلَى التَّهْلُكَةِ

(“*Ва худро ба маҳлака ва хатар дарнаяфканед…” (Сураи Бақара, ояти 195*)) Агар бихоҳед аз болои бом худро пойин биандозед ҳарчанд таҳти фишор қарз қарор гирифта бошед ё дар ишқ шикаст хӯрда бошед, ҳарчанд дар ҳоле бошед, ки тамоми дунё ва мофиҳо барои шумо арзиш надошта бошад, зиндагӣ торик бошад, ин амал ҷоиз нест. Дуруст мисли ин аст, ки инсони дигареро кушта бошед. Қуръони Карим сареҳан дар боби қатли амд мегӯяд:

فَجَزَاؤُهُ جَهَنَّمُ

Касе, ки нафси мӯҳтарамеро мекушад, аъамм аз ин ки ғайри худаш ё худаш бошад, кайфари ӯ ҷаҳаннам аст.

خالِداً فِيها

(*Сураи Нисо, ояти 93*) Барои ҳамеша ҳам дар ҷаҳаннам бояд боқӣ бимонад. Касоне, ки хаёл мекунанд ихтиёри ҷони худашонро доранд, иштибоҳ мекунанд. Моли инсон мӯҳтарам аст. Аммо чун моле, ки шумо доред танҳо моли шумо нест, дар дараҷаи аввал моли иҷтимоъ ва дар дараҷаи дуввум моли шумост, ҳаққи истифода аз онро доред, вале ҳаққи тазйеъ, исроф ва табзири онро надоред. Ислом чунин ҳаққе барои шумо қоил нест. Мол мӯҳтарам, бадан мӯҳтарам, ҷон мӯҳтарам, обрӯ мӯҳтарам. Магар метавонед дар иҷтимоъ коре кунед, ки беҷиҳат обрӯятон биравад, беҷиҳат ба шумо тӯҳмат бизананд:

اِتَّقوا مَواضِعَ التُّهَمِ

Баҳс дар ин нест, баҳс дар ин аст, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар баробари ин умури мӯҳтарам чӣ қадр нерӯ дорад? Дараҷаи эҳтироми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чӣ қадр болост, ки ба мисдоқи гуфтаи Пайғамбари Акрам саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ:

إِذَا اجْتَمَعَتْ حُرْمَتَانِ تُرِكَتِ الصُّغْرَى لِلْكُبْرَى

Вақте ду ҳурмат бо якдигар тазоҳум ва иҷтимоъ пайдо мекунанд, лузуман бояд ҳурмати кучактарро фидои ҳурмати бузургтар кунем.

Назарияи аввал: безарар будан

Баъзе аз уламои ислом ва хеле мутаассифам, ки бояд бигӯям баъзе аз уламои бузурги шиа, ки аз онҳо чунин интизоре намерафт, мегӯянд: марзи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, безарарӣ аст, на бемафсадаӣ, зарареба ҷон ё мол ё обрӯят нарасад, яъне агар пойи зарар ба инҳо дар миён буд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро раҳо кун! Он, кучактар аз ин аст, ки бо эҳтироми ҷон ё обрӯ ё бадан баробарӣ кунад! Арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро пойин меоваранд.

Назарияи дуввум: бастагӣ ба мавзӯи он дорад

Аммо дигаре мегӯяд: на, арзиши амр ба маъруф ва наҳй аз мункар болотар аз инҳост, албатта бо таваҷҷӯҳ ба мавридаш. Бибин амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро барои чӣ мехоҳӣ бикунӣ? Дар чӣ мавзӯе мехоҳӣ амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунӣ? Як вақт мавзӯи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мавзӯи кучаке аст. Масалан, касе кӯчаро касиф мекунад, пӯсти харбузаро меандозад дар кӯча, набояд биандозад. Шумо инҷо бояд наҳй аз мункар кунед, бояд ӯро иршоду ҳидоят кунед, бояд ба ӯ бигӯед ин корро накун, дуруст нест. Ҳоло агар шумо барои наҳй аз мункар кардан дар чунин масъалае, ба хотири пӯсти харбуза дар кӯча андохтан, бидонед ӯ як фуҳши номусӣ ба шумо медиҳад, дар ин сурат ин кор он қадр арзиш надорад, ки шумо як фуҳши номусӣ бишнавед.

Як вақт ҳам ҳаст, ки мавзӯи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, мавзӯе аст, ки ислом барои он аҳаммияти болотар аз ҷону молу ҳайсияти инсон қоил аст. Мебинед, Қуръон ба хатар афтодааст, тамоми дасисабозиҳо барои ин аст, ки бо Қуръон муборизашавад, вазъият дар сар ҳадди ба хатар афтодани Қуръон ва усули қуръонӣ аст, дар сар ҳадди ба хатар афтодани адолат аст, ки Қуръон сареҳ мегӯяд ҳадафи анбиё барқарории адолат дар иҷтимои башарӣ аст:

لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ

(*“Мо паёмбарони худро бо далоили равшан фиристодем ва бо онҳо китоб ва мизон (-и шиносоии ҳақ ва қавонини одилона) нозил кардем, то мардум қиём ба адолат кунанд…”*

(Сураи Ҳадид, оятӣ 25)) (Масъалаи зулму адолат асл ва меҳвари зиндагии башарият аст. Пайғамбари Акрам фармуд:

اَلْمُلْكُ يَبْقى مَعَ الْكُفْرِ وَلا يَبْقى مَعَ الظُّلْمِ

Ҳеч иҷтимоое наметавонад бар шолудаи зулму ситам боқӣ бимонад.) Ё онҷо, ки масъалае назири ваҳдати исломӣ дар хатар аст, ки ислом дар мавзӯи ваҳдат чӣ андоза иноят ва ҳассосият дорад ва ба ваҳдати мусалмонон аҳаммият медиҳад, мефармояд:

وَاعْتَصِمُوا بِحَبْلِ اللهِ جَمِيعًا وَلَا تَفَرَّقُوا

(*“Ва ҳамагӣ ба ришта (-и дин)-и Худо чанг зада ва ба роҳҳои мутафарриқ наравед…” (Сураи Оли Имрон, оятӣ 103)*) Дасти душманро мебинӣ, дасисаи душманро мебинӣ, ки доиман миёни мусалмонон тафриқаандозӣ мекунад; оё дар инҷо мегӯӣ амр ба маъруф накун, ҳарф назан, наҳӣ аз мункар накун, ки агар инро бигӯям ҷонам дар хатар аст, обрӯям дар хатар аст, иҷтимоъ намеписандад, аз ин музахрафҳо?!

Бинобар ин, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар масоили бузург марз намешиносад. Ҳеч чизе, ҳеч амри мӯҳтараме наметавонад бо амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар баробарӣ кунад, наметавонад ҷилавашро бигирад. Ин асл доир мадори ин аст, ки мавзӯи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар чист.

Инҷост, ки мебинем Ҳусайн ибни Алӣ арзиши амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро чӣ қадр боло бурд! Ҳамон тавр, ки асли амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар арзиши наҳзати ҳусайниро — ба баёне, ки қаблан арз кардам — боло бурд, наҳзати ҳусайнӣ низ арзиши амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро боло бурд, чун Ҳусайн ибни Алӣ фаҳмонд, ки инсон дар роҳи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ба ҷойе мерасад, ки молу обрӯи худашро бояд фидо кунад, маломати мардумро бояд мутаваҷҷеҳи худаш кунад ҳамон тавр, ки Ҳусайн кард.

Аҳаде наҳзати ҳусайниро тасвиб намекард. Албатта дар сатҳе, ки онҳо фикр мекарданд, дуруст ҳам фикр мекарданд, вале дар сатҳе, ки Ҳусайн ибни Алӣ фикр мекард, моварои ҳарфи онҳо буд. Онҳо дар ин сатҳ фикр мекарданд, ки агар ин мусофират барои ба даст гирифтани заомат аст, оқибати хуше надорад ва рост ҳам мегуфтанд. Худи Имом ҳам дар рӯзи Ошӯро вақте, ки авзоъу аҳволро ба чашм дид, фармуд:

للهِ دَرُّ ابْنِ عَبّاسٍ يَنْظُرُ مِنْ سَتْرٍ رَقيقٍ

Марҳабо ба писари Аббос, ки ҳаводисро аз пушти пардаи нозук мебинад; тамоми авзоъи имрӯз, вазъи мардуми Кӯфа ва вазъи аҳли байти маро дар Мадина ба ман гуфт. Ибни Аббос ба Имом Ҳусайн алайҳис салом мегуфт: ту агар ба Кӯфа биравӣ, ман яқин дорам, ки мардуми Кӯфа нақзи аҳд мекунанд.

Бисёре аз афроди дигар низ ин суханро мегуфтанд. Дар ҷавоби баъзе сукут мекард. Дар ҷавоби яке аз онҳо гуфт:

لا يَخْفى عَلَيَّ الْأَمْرُ

Матлабе, ки ту мегӯй, бар худам низ пинҳон нест, худам ҳам медонам.

Абӯабдуллоҳ алайҳис салом дар чунин ҷараёне собит кард, ки ба хотири амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ба хотири ин асли исломӣ метавон ҷон дод, азизон дод, молу сарват дод, маломати мардумро харид ва кашид. Чӣ касе тавонистааст дар дунё ба андозаи Ҳусайн ибни Алӣ ба асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар арзиш бидиҳад? Маънии наҳзати ҳусайнӣ ин аст, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар он қадр болост, ки то ин ҳадд дар роҳи он метавон фидокорӣ кард.

Фарқ аст байни тараттуби мафсада барои ислом ва зарари шахсӣ

Дигар бо наҳзати ҳусайнӣ ҷойе барои ин сухан боқӣ наемонад, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар марз мешиносад? Хайр, марз намешиносад. Бале мафсада мешиносад, яъне онҳо, ки мегӯянд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар машрут ба адами мафсада аст, дуруст мегӯянд. Агар ҳам зарарро ба маънии мафсада мегиранд, дуруст мегӯянд бад-ин маънӣ, ки мумкин аст ман гоҳе амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунам, бихоҳам хидмате ба ислом кунам, вале ҳамин амр ба маъруф ва наҳй аз мункари ман мафсадаи дигаре барои ислом ба вуҷуд оварад, на барои ман, мафсадае барои ислом ба вуҷуд оварад, ки он мафсада аз ин хидмате, ки ман аз ин роҳ ба ислом мекунам бештар аст.

Бисёранд афроде, ки наҳй аз мункар мекунанд, вале на танҳо натиҷае намегиранд, балки бо наҳй аз мункарашон он касеро, ки наҳй аз мункар мекунанд, ба куллӣ аз дин барӣ (безор) мекунанд. Ман масъалаи тараттуби мафсадаро мепазирам, аммо масъалаи зарарро, он ҳам зарари шахсӣ, ки марзи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар зарари шахсӣ аст (дар бораи ҳар мавзӯе мехоҳад бошад) намепазирам, ба далели ин ки Ҳусайн ибни Алӣ напазируфт ва ба далоили дигар, ки феълан маҷоли баҳс дар онҳо нест.

Тамассуки Имом Ҳусайн ба ин асл дар мавоқеи мухталиф

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ба ин асл тамассук кард ва исбот намуд, ки ман ба ин далел қиём кардам ё лоақал яке аз омилҳо ва аносуре, ки маро ба ин наҳзат водор кард ҳамин аст. Ӯ дар замони Муовия алоим ва қароине нишон медод, ки маълум буд худашро барои қиём омода мекунад. Саҳобаи пайғамбарро дар Мино ҷамъ кард ва барои онҳо сӯҳбат намуд. Онҳоро равшан кард, ҳақоиқро ба онҳо гуфт, мафосиди авзоъро барояшон намоёнд, фармуд: шумо ҳастед, ки чунин вазифае доред. Он ҳадиси маъруфи бисёр

муфассал ва олӣ, ки дар “Туҳафул-уқул” ҳаст, ин ҷараёнро ва ин ки Ҳусайн ибни Алӣ чӣ гуна фикр мекардааст, комилан нишон медиҳад.

Ҳусайн алайҳис салом дар охирҳои умри Муовия номае ба ӯ менависад ва ӯро зери рагбори маломати худ қарор медиҳад ва аз он чумла мегӯяд: Муовия ибни Абӯсуфён! Ба Худо қасам, ман аз ин ки алъон бо ту набард намекунам, метарсам дар боргоҳи илоҳӣ муқассир бошам. Мехоҳад бигӯяд, хаёл накун агар Ҳусайн имрӯз сокит аст, дар садади қиём нест; ман ба дунболи як фурсати муносиб ҳастам, то қиёми ман муассир бошад ва маро дар роҳи он ҳадафе, ки барои расидан ба он кӯшиш мекунам, як қадам ҷилав бибарад. Рӯзи аввале, ки аз Макка берун меояд, дар васиятномае, ки ба Муҳаммад ибни Ҳанафия менависад, сареҳан матлабро зикр мекунад:

إِنّي ما خَرَجْتُ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً، وَإِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ فی أُمَّةِ جَدّي، أُرِيدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهی عَنِ الْمُنْكَرِ

Абӯабдуллоҳ дар байни роҳ, дар мавоқеи мутаъаддид ба ин асл тамассук мекунад ва махсусан дар ин мавоқеъ исме аз асли даъват ва асли байъат намебарад. Аҷиб ин аст, ки дар байни роҳ ҳар чи қазоёи ваҳшатноктар ва хабарҳои маъюскунандатар аз Кӯфа мерасид, хутбае, ки Ҳусайн мехонд аз хутбаи қаблӣ доғтар буд. Гӯё баъд аз расидани хабари шаҳодати Муслим, ин хутбаи маъруфро мехонад:

أَيُّهَا النّاسُ! إِنَّ الدُّنْيا قَدْ أَدْبَرَتْ وأذَنَتْ بِوَداعٍ، وَإِنَّ الْآخِرَةَ قَدْ أَقْبَلَتْ وَأَشْرَفَتْ بِصَلاحٍ

Иқтибос аз калимоти падари бузургвораш аст. Сипас мефармояд:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهی عَنْهُ؟ لِيَرْغَبِ الْمُؤمِنُ فی لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً

Оё намебинед ба ҳақ амал намешавад? Оё намебинед қонунҳои илоҳӣ поймол мешавад? Оё намебинед ин ҳама мафосид пайдо шуда ва аҳаде наҳӣ намекунад ва аҳаде ҳам бознамегардад? Дар чунин шароите, як нафар мӯъмин (нафармуд ман, ки Ҳусайн ибни Алӣ ҳастам дастури хусусӣ дорам, ман чун Имом ҳастам вазифаам ин аст) бояд аз ҷони худ бигузарад ва лиқои парвардигорро дар назар бигирад. Дар чунин шароите аз ҷон бояд гузашт. Яъне амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ин қадр арзиш дорад.

Дар яке аз хитобаҳои байни роҳ, баъд аз ин ки авзоъро ташреҳ мекунад, мефармояд:

إِنّي لاَ أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَالْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

Айюҳаннос! Дар чунин шароите, дар чунин авзоъу аҳволе, ман мурданро ҷуз саодат намебинам (баъзе нусхаҳо “шаҳода” навиштаанд ва баъзе “саъода”), ман мурданро шаҳодат дар роҳи ҳақ мебинам, яъне агар касе дар роҳи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар кушта шавад, шаҳид шудааст (маънои “ман мурданро саодат мебинам” низ ҳамин аст).

Ман зиндагӣ кардан бо ситамгаронро мояи маломат мебинам, руҳи ман руҳе нест, ки бо ситамгар созиш кунад.

Аз ҳама болотар ва сареҳтар он вақте аст, ки дигар авзоъ сад дар сад маъюскунанда аст, он вақте аст, ки ба марзи Ироқ ворид шуда ва бо лашкари Ҳурр ибни Язиди Риёҳӣ мувоҷеҳ гардидааст. Ҳазор нафар маъмуранд, ки ӯро таҳтулҳифз ба Кӯфа бибаранд. Дар инҷо Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом хитобаи маъруферо, ки муаррихони мӯътабаре амсоли Табарӣ нақл кардаанд, эрод ва дар он ба сухани пайғамбар тамассук мекунад, ба асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар тамассук мекунад:

أَيُّهَا النّاسُ! مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً مُسْتَحِلاًّ لِحَرامِ اللهِ، ناكِثاً لِعَهْدِ الله، مُسْتَأْثِراً لِفَيْءِ اللهِ، مُعْتَدِياً لِحُدودِ اللهِ، فَلَمْ يُغَيِّرْ عَلَيْهِ بِقَوْلٍ وَلا فِعْلٍ كانَ حَقّاً عَلَى اللهِ أَنْ يُدْخِلَهُ مُدْخَلَهُ. أَلا وَإِنَّ هؤُلاءِ الْقَوْمَ قَدْ أَحَلّوا حَرامَ اللهِ وَحَرَّموا حَلالَهُ وَاسْتَأْثَروا فَيْءَ اللهِ

Як суғро ва куброи бисёр комил мечинад. Тибқи қонуни маъруф, аввал як куброи куллиро зикр мекунад: айюҳаннос! Пайғамбар фармуд: ҳар гоҳ касе ҳукумати золим ва ҷоиреро бибинад, ки қонуни Худоро иваз мекунад, ҳалолро ҳаром ва ҳаромро ҳалол мекунад, байтулмоли мусалмононро ба майли шахсӣ масраф мекунад, ҳудуди илоҳиро барҳам мезанад, хуни мардуми мусалмонро мӯҳтарам намешуморад ва дар чунин шароите сокит биншинад, сазовор аст Худо (ҳаққан Худо чунин мекунад, яъне дар улуми илоҳӣ собит аст) чунин сокитеро ба ҷойи чунон ҷоир ва ҷобире бибарад. Баъд суғрои матлабро зикр мекунад:

إِنَّ هؤُلاءِ الْقَوْمَ

Инҳо, ки имрӯз ҳукумат мекунанд (Оли Умайя) ҳамин тавр ҳастанд. Оё намебинед ҳаромҳоро ҳалол карданд ва ҳалолҳоро ҳаром? Оё ҳудуди илоҳиро баҳам назаданд, қонуни илоҳиро иваз накарданд? Оё байтулмоли мусалмононро дар ихтиёри шахсии худашон қарор надоданд ва монанди моли шахсӣ ва барои шахси худашон масраф намекунанд? Бинобар ин, ҳар кас, ки дар ин шароит сокит бимонад, монанди онҳост. Баъд татбиқ ба шахси худ кард:

وَأَنَا أَحَقُّ مِنْ غَيْر

Ман аз тамоми афроди дигар барои ин ки дастури ҷаддамро амалӣ кунам, шоистатарам. Вақте инсон Ҳусайнро бо ин сифот ва хасоил мешиносад, мебинад ҳақ аст ва сазовор аст, ки номи ӯ то абад зинда бимонад, чун Ҳусайн моли худ набуд, худашро фидои инсон кард, фидои иҷтимои инсонӣ кард, фидои муқаддасоти башар кард, фидои тавҳид кард, фидои адолат кард, фидои инсоният кард. Аз ин ҷиҳат, афроди башар ҳама ӯро дӯст

медоранд. Вақте инсон, дигареро мебинад, ки дар ӯ ҳеч чизе аз худи фардӣ вуҷуд надорад ва ҳар чи ҳаст шарофат ва инсоният аст, ӯро бо худаш муттаҳид ва яке мебинад.

Расидани Имом Ҳусайн ба сарзамини Карбало

Ҳурр баъд аз бархӯрд бо Абӯабдуллоҳ мехост эшонро ба тарафи Кӯфа бибарад ва Имом имтиноъ кард. Ҳусайн ҳозир набуд тан ба зиллат бидиҳад, чун ӯ мехост оқоро таҳтулҳифз бибарад. Фармуд: абадан ман намеоям.

Билохира пас аз музокироте қарор шуд роҳеро дар пеш бигиранд, ки на мунтаҳӣ ба Кӯфа бишавад ва на мунтаҳӣ ба Мадина, яъне ба истилоҳ ҷиҳати ғарбро дар пеш бигиранд, ки омаданд, то мунтаҳӣ шуд ба сарзамини Карбало. Рӯзи дуввуми Муҳаррам Абӯабдуллоҳ алайҳис салом вориди Карбало шуд. Хаймаи худро бо ҷамъияте дар ҳудуди 72 нафар бапо кард. Аз он тараф, лашкари душман бо ҳазор нафар дар нуқтаи муқобил чодар зад. Пайкҳои душман доиман дар рафту омад буданд. Рӯзҳои баъд барои душман мадад омад. Мададҳо ҳазор нафар, се ҳазор нафар ва панҷ ҳазор нафар буд, то рӯзи шашум, ки навиштаанд:

حَتّى كَمُلَتْ ثَلاثِينَ

- то ин ки 30 ҳазор нафар комил шуданд.

Писари Зиёд тасмим гирифт он касе, ки ба ӯ ҳукумат ва иморат медиҳад, фармондеҳии ин лашкарро медиҳад, писари Саъд бошад. Дар ин ҷиҳат ба истилоҳ як мулоҳизаи равонӣ кард, чун ӯ писари Саъди Ваққос буд ва Саъди Ваққос гузашта аз нуқтаи заъфе, ки аз назари ташайюъ дорад, ба хотири ин ки дар давраи хилофати амирулмӯъминин узлат ихтиёр кард, на ин тараф омад ва на он тараф, дар даврони ғазавоти исломӣ ва дар давраи Пайғамбари Акрам ифтихороти зиёде барои худ касб карда ва қаҳран дар миёни мардум шӯҳрат ва маъруфият ва маҳбубияте дошт. Ӯ дар назари мардум, он сардори қаҳрамоне буд, ки дар ғазавоти ислом футуҳоти зиёде кардааст. Писари Зиёд писари ӯро интихоб кард, то аз назари равонӣ истифода кунад, яъне ин тавр ба мардум бифаҳмонад, ки ин ҳам ҷанге аст дар радифи он ҷангҳо; ҳамон тавр, ки Саъди Ваққос бо куффор меҷангид, писари Саъд ҳам — Алаёзу биллоҳ! — бо фирқае, ки аз ислом хориҷанд меҷангад. Ин марди таммоъ, ки худаш тамаъи худашро буруз дод; марде, ки фаҳмида буд ва ба ҳеч ваҷҳ намехост зери ин бор биравад, шурӯъ кард ба илтимос кардан аз Ибни Зиёд, ки маро муоф кун. Ӯ ҳам нуқтаи заъфи инро медонист. Қаблан фармоне барои ӯ содир карда буд барои ҳукумати Рай ва Гургон.

Гуфт: фармони маро пас бидеҳ, мехоҳӣ наравӣ нарав. Ӯ ҳам, ки асири ин ҳукумат буд ва орзуи чунин мулкеро дошт, гуфт: иҷоза бидеҳ ман биравам тааммул кунам. Бо ҳар кас

аз касони худ, ки машварат кард, маломаташ кард, гуфт, мабодо чунин коре бикунӣ. Вале дар охир, тамаъ ғолиб шуд ва ин мард қабулии худашро эълом кард.

Дар Карбало кӯшиш мекард Худо ва хурморо бо ҳамдигар ҷамъ кунад, кӯшиш мекард балки битавонад ба шакле ба истилоҳ сулҳ барқарор кунад, яъне худашро аз куштани Ҳусайн ибни Алӣ муоф кунад, лоақал худашро наҷот бидиҳад, баъд ҳар чи шуд, шуд. Ду се ҷаласа бо Абӯабдуллоҳ музокира кард. Ба қавли Табарӣ, чун дар ин музокирот фақат ин ду нафар ширкат кардаанд, аз матни музокирот иттилоъи дурусте дар даст нест; фақат он миқдоре дар даст аст, ки баъдҳо худи Умари Саъд нақл кардааст ё мо аз забони имомони атҳор иттилооте дар ин замина дорем, вагарна иттилоъи дигаре дар даст нест. Хеле кӯшиш мекард коре бикунад — ва ҳатто навиштаанд гоҳе ҳам дурӯғҳое ҷаъл мекард — ки ғоила бихобад. Охирин номааш, ки барои Убайдуллоҳи Зиёд омад, иддае давру бари маҷлис нишаста буданд. Убайдуллоҳ андаке ба фикр фурӯ рафт, гуфт: шояд бишавад ин қазияро бо мусолимат ҳал кард. Вале он косаҳои доғтар аз ош монеъ шуданд. Яке аз онҳо Шимр ибни Зилҷавшан буд. Аз ҷо баланд шуд ва гуфт: амир! Бисёр дорӣ иштибоҳ мекунӣ. Имрӯз Ҳусайн дар чанголи ту гирифтор аст, агар аз ин ғоила наҷот пайдо кунад (дигар бар ӯ даст нахоҳӣ ёфт.) Магар намедонӣ шиаёни падараш дар ин кишвари исломӣ кам нестанд, зиёданд, мунҳасир ба мардуми Кӯфа нестанд. Аз куҷо, ки шиаён, аз атрофу акноф ҷамъ нашаванд? Ва агар ҷамъ шуданд, ту аз ӯҳдаи Ҳусайн барнамеоӣ. Навиштаанд, мисли одаме, ки хоб бошад, як дафъа бедор шуд, гуфт: рост гуфтӣ. Баъд ин шеърро хонд:

اَلْآنَ قَدْ عَلَقَتْ مَخالِبُنا بِهِ

يَرْجُوا النَّجاةَ وَلاتَ حينَ مَناصٍ

Ва мутақобилан бар Умари Саъд хашм гирифт. Гуфт: чӣ наздик буд, ки ӯ моро иғфол кунад. Фавран номае ба Умари Саъд навишт, ки мо туро нафиристода будем биравӣ онҷо насоеҳи падарона барои мо бинависӣ. Ту маъмурӣ, сарбозӣ, бояд инзибот дошта бошӣ, ҳар чи ман ба ту фармон медиҳам, бояд бе чуну чаро иҷро кунӣ. Агар намехоҳӣ, бирав канор, мо каси дигареро маъмури ин кор хоҳем кард. Номаро ба Шимр ибни Зилҷавшан дод ва гуфт: инро ба дасташ бидеҳ. Зимнан, номаи фармони маҳрамонае навишт ва ба дасти Шимр дод ва гуфт: агар Умари Саъд аз ҷангидан бо Ҳусайн имтиноъ кард, ба мӯҷиби ин фармон ва иблоғ, гарданашро мезанӣ, сарашро барои ман мефиристӣ ва иморати лашкар бо худат бошад.

Навиштаанд, асри Тосуъо буд, ки ин нома ба василаи Шимр ибни Зилҷавшан ба Карбало расид.

Рӯзи Тосуъо барои аҳли байти пайғамбар рӯзи хеле ғамноке будааст. Имом Содиқ фармуд:

إِنَّ تاسوعا يَوْمٌ حوصِرَ فيهِ الْحُسَيْنُ

(Тосуъо рӯзе аст, ки дар он, Ҳусайн дар муҳосираи сахте қарор гирифт). Рӯзе аст, ки барои лашкариёни Умари Саъд кӯмакҳои фаровон расид, вале барои аҳли байти пайғамбар кӯмаке нарасид. Асри рӯзи Тосуъост, ки ин лаъини азалу абад ба Карбало мерасад. Ибтидо он номаи аланиро ба Умари Саъд медиҳад, мунтазир ва орзу мекунад, ки ӯ бигӯяд хайр, ман бо Ҳусайн намеҷангам, то ба мӯҷиби он фармон, гардани Умари Саъдро бизанад ва худаш фармондеҳи лашкар бишавад. Вале бар хилофи интизори ӯ, Умари Саъд нигоҳе ба ӯ кард ва гуфт: ҳадси ман ин аст, ки номаи ман дар писари Зиёд муассир меафтод ва ту ҳузур доштӣ ва монеъ шудӣ. Гуфт: ҳоло ҳар чи ҳаст, натиҷаро бигӯ! Меҷангӣ ё канор меравӣ? Гуфт: на, ба Худо қасам меҷангам ончунон, ки сарҳо ва дастҳо ба осмон партоб бишавад. Гуфт: таклифи ман чист? Умари Саъд медонист, ки ин ҳам назди Убайдуллоҳи Зиёд мақоме дорад (ҳамсинханд; ҳар чи, ки шақитар ва қасиюлқалбтар буданд, мақаррабтар буданд.) Гуфт: ту ҳам фармондеҳи пиёда бош…

Фармон — хеле шадид буд — ин буд, ки ба муҷарради расидани номаи ман, бар Ҳусайн сахт бигир! Ҳусайн бояд яке аз ин ду амрро бипазирад: ё таслими било шарт ва ё ҷангидан ва кушта шудан, севвум надорад.

Навиштаанд, наздики ғуруби Тосуъост, Ҳусайн ибни Алӣ дар беруни яке аз хаймаҳо нишастааст дар ҳоле, ки зонуҳоро баланд карда ва дастҳоро рӯи зону гузоштааст ва сарро рӯи дастҳо ва хобаш бурдааст. Дар ҳамин ҳол Умари Саъд, то ин фармонро хонд ва тасмим гирифт, фарёд кашид:

يا خَيْلَ اللهِ! اِرْكَبي وَبِالْجَنَّةِ أَبْشِري

(Муғолата ва ҳуққабозӣ ва риёкориро бибинед!) Лашкари Худо савор шавед! Ман шуморо ба биҳишт башорат медиҳам.

Навиштаанд, ин 30 ҳазор лашкар дар ҳоле, ки дар то даври хаймаҳои Ҳусайнро гирифта буданд, мисли дарёе, ки ба хурӯш ояд, ба хурӯшу ҷунбиш омад, тӯфон кард. Якмартиба садои фарёди аспҳо, инсонҳо ва баҳам хӯрдани аслиҳаҳо дар саҳро печид.

Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) дар дохили яке аз хаймаҳост, зоҳиран дорад Зайнулобидинро парастorӣ мекунад. Садоро аз берун шунид. Фавран берун омад, дид лашкари душман аст, ки дорад ҳалқаи муҳосираро тангтар мекунад. Омад даст зад ба шонаи Абӯабдуллоҳ: бародар! Баланд шав, намебинӣ? Намешунавӣ? Бибин чӣ хабар аст! Ҳусайн сарро баланд мекунад ва бидуни ин ки таваҷҷӯҳе ба ин лашкар кунад,

мегӯяд: ман алъон дар олами руъё ҷаддамро дидам, ба ман башорат ва навид дод, гуфт: Ҳусайнам! Ту анқариб ба ман мулҳақ мешавӣ. Худо медонад дар ин ҳол дар дили Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) чӣ гузашт!

Шаби Ошӯрост. Шабе аст, ки мо агар дуруст ба аҳволи шаҳидони Карбало диққат кунем, аз тарафе вақте он ҳамосаро мебинем, руҳамон ба ҳаяҷон меояд, қалбамон такон мехӯрад ва аз тарафи дигар мутаассир мешавем. Далоиле дар кор аст бар ин ки ба андозае, ки дар шаби Ошӯро бар Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) сахт гузашт, бар ҳеч кас сахт нагузашт ва боз ба андозае, ки дар ин шаб ба эшон сахт гузашт, дар ҳеч мавқеъи дигаре сахт нагузашт, чун дар рӯзи Ошӯро мисли ин ки вазъи руҳии Зайнаб хеле қавӣ буд ва бо ҷараёнҳое қавитар ва нерӯмандтар шуд.

Шаби Ошӯро

Ду ҳодиса дар ин шаб пеш омада, ки Зайнабро хеле мунқалиб кардааст; яке дар асри Тосуъост ва дигар дар шаби Ошӯро. Дар ин шаб Абӯабдуллоҳ барномаи хеле муфассале дорад. Яке аз барномаҳо ин аст, ки ба кӯмаки асҳобаш аслиҳаро барои фардо омода мекунанд. Марде аст ба номи Ҷавн (ё Ҳун), озодшудаи Абӯзари Ғифорӣ аст. Мутахассис дар кори аслиҳасозӣ буд. Хаймае ба силоҳҳо ихтисос дошт ва ин мард дар он хайма машғули омода кардани силоҳҳо буд. Абӯабдуллоҳ омада буд аз ӯ саркашӣ кунад. Иттифоқан ин хайма муҷовир аст бо хаймаи Зайнулобидин, ки бемор буданд ва Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) аз ӯ парастorӣ мекард. Ин ду хайма наздики якдигар аст ва Абӯабдуллоҳ дастур дода буд, чодарҳоро дар он шаб наздик ба ҳамдигар барпо кунанд ба тавре, ки танобҳо дохили якдигар буд, ба далеле, ки баъд арз мекунам. Ровии ин ҳадис, Зайнулобидин аст. Мегӯяд: аммаам Зайнаб машғули парастorӣ буд. Падарам омада буд дар чодари аслиҳа ва нигоҳ мекард бибинад ин марди аслиҳасоз чӣ мекунад. Ман як вақт дидам падарам дорад бо худаш шеъреро замзама мекунад, ду се бор ҳам такрор кард:

يا دَهْرُ أُفٍّ لَكَ مِنْ خَليلٍ

كَمْ لَكَ بِالْإِشْراقِ وَالْأَصيلِ

وَصاحِبٍ وَطالِبٍ قَتيلٍ

وَالدَّهْرُ لا يَقْنَعُ بِالْبَديلِ

وَإِنَّمَا الْأَمْرُ اِلَى الْجَليلِ

Эй рӯзгор, ту чӣ қадр пастӣ! Чӣ гуна дӯстонро аз инсон мегирӣ! Бале, рӯзгор чунин аст, вале амр ба дасти рӯзгор нест, амр ба дасти Худост. Мо розӣ ба ризои илоҳӣ ҳастем, мо он чиро мехоҳем, ки Худо барои мо бихоҳад.

Зайнулобидин мегӯяд: ман мешунавам, аммаам Зайнаб ҳам мешунавад. Сукути маънидор ва мармузе миёни ман ва аммаам барқарор шудааст. Дили маро уқда гирифтааст, ба хотири аммаам Зайнаб намегирям. Аммаам Зайнаб дилаш пур аз уқда аст, ба хотири ин ки ман беморам, намегиряд. Ҳар ду дар муқобили ин ҳуҷуми гиря муқовамат мекунем. Вале охир Зайнаб якмартиба буғзаш таракид (зан аст, рақиқулқалб аст), шурӯъ кард баланд-баланд гиристан, фарёд кардан, нола кардан, ки эй кош чунин рӯзеро намедидам, эй кош ҷаҳон вайрон мешуд ва Зайнаб чунин соатеро намедид. Бо ин ҳол, худашро расонд хидмати Абӯабдуллоҳ алайҳис салом. Абӯабдуллоҳ омад назди Зайнаб, сари ӯро ба доман гирифт, ӯро насиҳат ва мавъиза кард:

يا أُخَيَّهْ! لا يَذْهَبَنَّ بِحِلْمِكِ الشَّيْطانُ

Хоҳарҷон! Муроқиб бош, шайтон туро бесабр накунад, ҳилмро аз ту нарубояд. Инҳо чист, ки мегӯй?! Эй кош рӯзгор хароб бишавад яъне чӣ?! Чаро рӯзгор хароб бишавад?! Мурдан ҳақ аст, шаҳодат ҳақ аст, шаҳодат ифтихори мост. Ҷаддам пайғамбар аз ман беҳтар буд.

Падарам Алӣ, модарам Заҳро, бародарам Ҳасан, ҳамаи инҳо аз ман беҳтар буданд. Ҳамаи инҳо рафтанд, ман ҳам меравам. Ту бояд мувозиб бошӣ баъд аз ман сарпарастии ин қофиларо бикунӣ, сарпарастии атфоли маро бикунӣ. Зайнаб дар ҳоле, ки мегирист, бо садои нозуке гуфт: бародарҷон! Ҳамаи инҳо дуруст, вале ҳар кадом аз онҳо, ки рафтанд, ман чанд нафар ва ҳадди ақалл як нафарро доштам, ки дилам ба ӯ хуш буд. Охирин касе, ки аз мо рафт, бародари мо Ҳасан буд. Дили ман танҳо ба ту хуш буд. Бародар! Агар ту аз дасти Зайнаб биравӣ, дили Зайнаб дар ин дунё ба чӣ касе хуш бошад?

Дар асри Тосуъо баъд, ки Абӯабдуллоҳ он ҷумла (ҷараён хоб)-ро ба Зайнаб фармуд, фавран бародари рашидаш Абулфазлро садо кард: бародарҷон! Фавран бо чанд нафар бирав дар муқобили инҳо бигӯ: хабар тоза чист? Агар ҳам мехоҳанд бо мо биҷанганд, вақти ғуруб, ки тибқи қонуни ҷангӣ вақти ҷанг нест (маъмулан аҳли ҳарб, субҳ то ғуруб меҷанганд, шаб, ки мешавад, ба харгоҳҳо ва марокизи худашон меравand), ҳатман хабари тозае аст. Абулфазл бо чанд нафар аз кибори асҳоб (Зуҳайр ибни Қин, Ҳабиб ибни Музаҳҳар) меравад ва дар муқобилашон меистад ва мегӯяд: ман аз тарафи бародарам паём овардаам, ки аз шумо бипурсам: магар хабари тозае аст? Умари Саъд мегӯяд: бале, хабари тоза аст; амри амир Убайдуллоҳи Зиёд аст, ки бародари ту фавран ё бояд таслими било шарт бишавад ва ё бо ӯ биҷангем. Фармуд: ман аз тарафи худам наметавонам чизе бигӯям; меравам хидмати бародарам, аз ӯ ҷавоб мегирам. Вақте, ки омад хидмати Абӯабдуллоҳ, Абӯабдуллоҳ фармуд: мо, ки аҳли таслим нестем, меҷангем,

то охирин қатраи хуни худам меҷангам. Фақат ба онҳо як ҷумла бигӯ; як хоҳиш, як таманно, як тақозо аз онҳо бикун ва он ин аст, ки қазияро ба фардо мавкул кунанд. Баъд барои ин ки таваҳҳуме пеш наёяд, ки Ҳусайн як шабро ғанимат медонад, ки зинда бимонад ва барои ин ки бифаҳмонад, ки зиндагӣ барояш ғанимат надорад, чанд соат будан арзиш надорад, балки ӯ чизи дигаре мехоҳад, фармуд: Худо худаш медонад, ки ман ин мӯҳлатро ба ин ҷиҳат мехоҳам, ки дилам мехоҳад имшабро ба унвони шаби охири умри худам бо Худои худам розу ниёз кунам, муноҷот ва ибодат кунам, Қуръон бихонам.

Абулфазл (Саломуллоҳи алайҳи!) рафт. Онҳо намехостанд бипазиранд, вале баъд дар миёни худашон ихтилоф афтод. Яке аз онҳо гуфт: шумо хеле мардуми беҳаёе ҳастед, чун мо бо куффор, ки меҷангидем, агар чунин мӯҳлате мехостанд, ба онҳо медодем. Чӣ тавр мо хонадони пайғамбари худамонро чунин мӯҳлате надиҳем?! Умари Саъд маҷбур шуд фармони Ибни Зиёдро зери по бигузорад, то миёни лашкари худаш ихтилоф наафтад. Гуфтанд: бисёр хуб, субҳ.

Он шабро Абӯабдуллоҳ бо вазъи фавқулъодае, бо вазъи равшане, бо вазъи пур аз ҳаяҷоне, бо вазъи пур аз нуронияте ба сар бурд. Рост гуфтаанд онон, ки он шабро шаби меъроҷи Ҳусайн хондаанд. Дар он шаб аст, ки он хитобаи ғарроро барои асҳоб ва аҳли байташ мехонад. Дар он шаб аст, ки ҳамаи онҳоро мураххас мекунад: асҳоби ман! Аҳли байти ман! Ман асҳобе аз асҳоби худам беҳтар ва аҳли байте аз аҳли байти худам беҳтар суроғ надорам. Аз ҳамаи шумо ташаккур мекунам ва мамнунам. Вале бидонед инҳо фақат маро мехоҳанд, ҷуз ман бо касе коре надоранд. Байъате агар бо ман кардед, бардоштам. Ҳама озодед. Ҳар кас мехоҳад биравад, биравад. Ба асҳобаш гуфт:

Ҳар кадом аз шумо метавонед дасти яке аз аҳли байти маро бигиред ва бо худатон бибаред. Вале асҳоби Ҳусайн ғирболшуда буданд. Навиштаанд, ҳама яксадо гуфтанд: ин чӣ сухане аст, ки шумо ба мо мегӯед?! Мо биравем ва шуморо танҳо бигузорем?! Мо як ҷон бештар надорем, ки фидо кунем; эй кош Худо ҳазор ҷон пай дар пай ба мо медод, кушта мешудем ва дубора зинда мешудем, ҳазор ҷон дар роҳи ту фидо мекардем, як ҷон, ки қобил нест. “Ҷони ноқобили ман қобили қурбони ту нест”. Навиштаанд:

بَدَأَهُمْ بِذٰلِكَ أَخوهُ أَبُو الْفَضْلِ الْعَبّاسُ

Аввал касе, ки ин суханро ба забон оварад, бародари рашидаш Абулфазли Аббос буд. (Имшаб мо зикри хайре ва тавассуле пайдо мекунем ба ятими Имом Ҳасан, Қосим, ки дар шаби Ошӯро ҷараёне дорад.) Баъд аз он ки ҳама вафодориашонро эълом карданд, Абӯабдуллоҳ сухани худашро иваз кард, пардаи дигаре аз ҳақоикро ба онҳо нишон дод,

фармуд: пас ҳоло ман ҳақиқатро ба шумо бигӯям: бидонед фардо тамоми мо шаҳид хоҳем шуд, як нафар аз мо, ки дар инҷо ҳастем, зинда нахоҳад монд. Ҳама гуфтанд: Худоро шукр мекунем, ки чунин шаҳодате ва чунин мавҳибатеро насиби мо кард. (Яке аз дӯстон тазаккури бисёр хубе дод. Ду нафар аз бузургони мо, аз пешвоёни мо, ҳазрати Оятуллоҳ ал узмо оқои Ҳаким домат баракотуҳ ва Оятуллоҳ Алломаи муҷоҳид соҳиби ал-Ғадир, Аллома Аминӣ, ин ҳар ду бузургвор медонем беморанд, дар бемористонҳои хориҷ ҳастанд ва вазифаи мост, ки барои ҳамаи мӯъминин ва мӯъминот дуо кунем, бахусус барои раҳбарон ва пешвоёни худамон:

Худоё! Ба ҳаққи Ҳусайн ибни Алӣ ва ба ҳаққи руҳ ва дили поки Қосим ибни Ҳасан, инҳо, ки гуфтем ва онҳо, ки дар дили мост, шифои оҷил иноят бифармо!)

Ин тифли сездаҳсола дар канори маҷлис нишастааст. Вақте, ки Абӯабдуллоҳ ин муждаро медиҳад, ки фардо ҳама шаҳид мешаванд, ӯ бо худ фикр мекунад, ки шояд мақсуд мардони бузург бошад ва мо баччаҳо машмул набошем. Як баччаи сездаҳсола ҳақ дорад чунин фикр кунад. Нигарон аст, музтариб аст. Якмартиба сарро ҷилав овард ва арз кард:

يا عَمّا! وَأَنَا فيمَنْ يُقْتَلُ

Оё ман ҳам фардо кушта хоҳам шуд ё кушта намешавам? Ҳусайн ибни Алӣ нигоҳи риққатолуде кард. Фармуд: писари бародар! Ман аввал аз ту суоле мекунам. Суоли маро ҷавоб бидеҳ, баъд ба суоли ту посух медиҳам. Арз кард: амуҷон! Бифармоед! Фармуд: марг дар зоиқаи ту чӣ таъме дорад? Фавран гуфт: амуҷон!

أَحْلى مِنَ الْعَسَلِ

Чунин марге дар коми ман аз асал ширинтар аст. (Яъне ман, ки мепурсам, барои ин аст, ки метарсам фардо ин мавҳибат шомили ҳоли ман нашавад). Фармуд: бале, фарзанди бародар! Ту ҳам фардо шаҳид хоҳӣ шуд, аммо баъд аз он ки мубтало ба як балои бисёр сахт ва як дарди бисёр шадид мешавӣ. Вале Абӯабдуллоҳ тавзеҳ надод, ки ин бало чист. Аммо рӯзи Ошӯро равшан кард, ки мақсуди Абӯабдуллоҳ чист.

Ба майдон рафтани Қосим ибни Ҳасан

Қосим ба майдон меравад. Чун кучак аст, аслиҳае, ки бо тани ӯ муносиб бошад, нест. Вале дар айни ҳол шербача аст, шуҷоат ба харҷ медиҳад, то ин ки бо як зарбат, ки ба фарқаш ворид меояд, аз рӯи асп ба рӯи замин меафтад. Ҳусайн бо нигаронӣ бар дари хайма истода, аспаш омода аст, лаҷоми аспро дар даст дорад, мисли ин ки интизор мекашад. Ногаҳон фарёди:

يا عَمّاهْ

дар фазо печид, амуҷон! Ман ҳам рафтам, маро дарёб! Муаррихон навиштаанд: Ҳусайн мисли бози шикорӣ ба сӯи Қосим ҳаракат кард. Касе нафаҳмид бо чӣ суръате бар рӯи асп парид ва бо чӣ суръате ба сӯи Қосим ҳаракат кард. Иддаи зиёде аз лашкариёни душман (ҳудуди 200 нафар) баъд аз ин ки ҷаноби Қосим рӯи замин афтод, даври бадани ин тифлро гирифтанд барои ин ки яке аз онҳо сарашро аз бадан ҷудо кунад. Якмартиба мутаваҷҷеҳ шуданд, ки Ҳусайн ба суръат меояд. Мисли галаи рӯбоҳе, ки шерро мебинад, фирор карданд ва ҳамон фарде, ки барои буридани сари Қосим пойин омада буд, дар зери дасту пойи аспҳои худашон лагадмол ва ба дарак восил шуд. Он қадр гарду ғубор баланд шуда буд, ки касе нафаҳмид қазия аз чӣ қарор шуд. Дӯсту душман аз атроф нигарон ҳастанд.

فَإِذَنْ جَلَسَ الْغُبْرَةُ

То ғуборҳо нишаст, диданд Ҳусайн бар болини Қосим нишаста ва сари ӯро ба доман гирифтааст. Фарёди мардонаи Ҳусайнро шуниданд, ки гуфт:

عَزِيزٌ عَلى عَمِّكَ أَنْ تَدْعُوَهُ فَلا يُجيبُكَ أَوْ يُجيبُكَ فَلا يَنْفَعُكَ

Фарзанди бародар! Чӣ қадр бар амуи ту ногувор аст, ки фарёд кунӣ ва амуҷон бигӯӣ ва натавонам ба ҳоли ту фоидае бирасонам, натавонам ба болини ту биёям ва ё вақте, ки ба болини ту меоям, коре аз дастам барнаёяд. Чӣ қадр бар амуи ту ин ҳол ногувор аст!

Ровӣ гуфт: дар ҳоле, ки сари ҷаноби Қосим ба домани Ҳусайн аст, аз шиддати дард пошнаи поро муҳкам ба замин мекӯбад. Дар ҳамин ҳол

فَشَهِقَ شَهْقَةً فَماتَ

Фарёд кашид ва ҷон ба Ҷонофарин таслим кард. Як вақт диданд Абӯабдуллоҳ бадани Қосимро баланд кард ва бағал гирифт. Диданд Қосимро мекашад ва ба хаймагоҳ меоварад. Хеле азим ва аҷиб аст: вақте, ки Қосим мехоҳад ба майдон биравад, аз Абӯабдуллоҳ хоҳиш мекунад. Абӯабдуллоҳ дилаш намехоҳад иҷоза бидиҳад. Вақте, ки иҷоза медиҳад, даст ба гардани якдигар меандозанд, гиря мекунанд, то ҳар ду беҳол мешаванд. Инҷо манзара баръакс шуд, яъне андаке пеш, Ҳусайн ва Қосимро диданд дар ҳоле, ки даст ба гардани якдигар андохта буданд, вале акнун мебинанд Ҳусайн Қосимро дар бағал гирифта, аммо Қосим дастҳояш ба пойин афтодааст, чун дигар ҷон дар бадан надорад.

و لا حول و لا قوّة الاّ بالله العلىّ العظيم و صلّى الله على محمّد و آله الطاهرين

Корномаи мо дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Руҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Дар ҷаласоти панҷгонае, ки дар бораи “Унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ” сӯҳбат кардам, матолибе арз шуд, ки он чи мегӯям ба манзилаи натиҷагирӣ аз ҳамаи он матолиб аст. Ба таври хулоса арз мекунам, ки аввалан мо дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар гуфтем, ки маъруф ва мункар аз назари ислом маҳдуд ба ҳадди муайян намешавад. Тамоми ҳадафҳои мусбати исломӣ дохил дар маъруф ва тамоми ҳадафҳои манфии исломӣ дохил дар мункар аст ва гарчӣ дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар таъбири амру наҳй ҳаст, вале бо таваҷҷӯҳ ба қароине, ки аз худи Қуръони Карим метавон истинбот кард ва ба насси аҳодиси қатъии исломӣ ва ба далели ин ки аз мусалламоти фиқҳи исломии мост ва таърихи исломии мо ба он гувоҳӣ медиҳад, мақсуд аз он танҳо амру наҳйи лафзӣ нест, балки мақсуд истифода кардан аз ҳар василаи машрӯъ барои пешбурди ҳадафҳои исломӣ аст. Пас агар бихоҳем руҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро бо тарҷима ва таъбири форсии худамон баён кунем, бояд бигӯем: **лузуми истифода аз ҳар василаи машрӯъ барои пешбурди аҳдофи исломӣ**.

Матлабе, ки мехоҳам ба таври хулоса арз бикунам, корномаи мо дар бораи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Ҳамон тавр, ки дар ҷаласоти гузашта арз кардам, ин асл яке аз аркони таълимоти исломӣ аст; яке аз арконе аст, ки ба насси сареҳи мутуни исломӣ ва гуфтаи Пайғамбари Акрам, агар аз байн биравад, тамоми таълимоти исломӣ аз байн рафтааст. Агар ин асл мансух шавад, ҷомеаи исломӣ ба сурате, ки бояд вуҷуд дошта бошад ҳаргиз вуҷуд нахоҳад дошт.

Корномаи мо дар ин боб чӣ гуна корномае аст? Мутаассифона корномаи мо, мусалмонон дар ин замина дурахшон нест. Аз он назар корномаи дурахшоне нест, ки аввалан, мо он ҳассосиятеро, ки ислом дар ин замина дорад надорем, яъне он аҳаммиятеро, ки ислом ба ин мавзӯъ додааст дарк накардаем. Ва сониян, дар ҳудуде ҳам, ки ба ҳисобу хаёли худамон ба аҳаммияти ин мавзӯъ пай бурдаем, воҷиди шароити он набудаем.

Таъбири Расули Худо Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ

Тавзеҳ ин ки Пайғамбари Акрам мавзӯи амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро бо таъбири дигаре баён кардааст онҷо, ки фармуд:

كُلُّكُمْ راعٍ وَكُلُّكُمْ مَسْئولٌ عَنْ رَعِيَّتِهِ

(*Ҷомеъ ус-сағир, Суютӣ, с.95*) Тамоми афроди шумо мусалмонон ба манзилаи ҳофиз ва нигаҳбони дигарон ҳастед ва тамоми шумо нисбат ба тамоми худатон масъулед. Таъбире аз ин болотар наметавон кард, яъне эҷоди навъе тааҳҳуд ва масъулияти муштарак миёни

афроди мусалмон барои ҳифз ва нигаҳдории ҷомеаи исломӣ бар мабнои таълимоти исломӣ. Чунин вазифаи сангине аввалан огоҳӣ ва иттилои зиёд мехоҳад, яъне ҳар фард ё иҷтимои ноогоҳе наметавонад ин вазифаро ба хубӣ анҷом диҳад ва сониян, қудрат ва имкон металабад. Анҷом додани чунин масъулияти бузург ва чунин таклифи бисёр бузурге эҳтиёҷ ба қудрат ва нерӯ дорад ва мо қудрат ва нерӯи лозимро барои ин мавзӯъ касб накардаем. Нерӯро билқуввa дорем, вале ин нерӯро ҷамъ намекунем. Омори дақиқу саҳеҳ нишон медиҳад, ки ҷамъияти мусалмонон дар ҳудуди 700 миллион нафар аст.[17] Чӣ тавр метавон гуфт 700 миллион нафар наметавонанд ба сурати як қудрати бузург дар дунё бошанд?! Агар чунин ҷамъияте дар фикри ташаккул бошад, дар фикри ин бошад, ки ба дунболи ҳадафҳои исломӣ биравад, ҳамбастагии исломии худашро муҳкам кунад, ҳамдардии исломии худашро тақвият кунад, иртибототи исломии худашро барқарор кунад, (дар ин сурат) имкон надорад, ки дунё битавонад ӯро ба ҳисоб наоварад (он тавр, ки имрӯз ба ҳисоб намеоварад). Маҳол аст, ки Омрико рӯи чунин қудрате ҳисоб накунад ва мураттаб сарзаминҳои онҳоро бомбборон кунад. Маҳол аст, ки Шӯравӣ рӯи чунин қудрате ҳисоб накунад. Аммо ба шарти он ки ин қудрат ба сурати як қудрати муташаккил дарбиёяд, на ба сурати оҳоди пароканда, миллатҳои пароканда; миллатҳое, ки доиман дар миёни онҳо мӯҷиботи тафарруқ ва ихтилоф таблиғ мешавад; миллатҳое, ки ба чизе, ки намеандешанд шахсияти воқеӣ ва маънавии худашон аст.

Корномаи мо дар заминаи ҳамбастагӣ, ҳамдардӣ ва таовуни исломӣ, дар заминаи таоруф (ба таъбири Қуръон) яъне шиносоии исломӣ, ки якдигарро бишносем, ба аҳволи якдигар огоҳ ва ба сарнавиштҳои якдигар алоқаманд бошем, корномаи бисёр-бисёр заифе аст, агар нагӯям торик ва нангин аст. Чун мехоҳам дар ин мавзӯъ билиҷмол ва алишора сӯҳбат кунам, ҳамин қадр арз мекунам, ки шумо агар мехоҳед бифаҳмед корномаи мо дар ин замина чӣ гуна аст, як расидагӣ ба корҳои мо дар заминаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бикунед, яъне мазоҳири амр ба маъруф ва наҳй аз мункари худамонро баррасӣ кунед, бибинед чист?

Мазоҳири амр ба маъруф ва наҳй аз мункари мо

Мо ба унвони хидмат ба ислом таблиғ мекунем, маҷолиси таблиғӣ ташкил медиҳем. Як баррасӣ рӯи ин маҷолиси таблиғӣ бикунед, бибинед маҷмӯи таблиғоте, ки дар ин маҷолис мешавад, дар чӣ ҳудуд ва сатҳ ва дар атрофи чӣ масоиле аст? Яке дигар аз мазоҳири ҳамбастагиҳои исломии мо, ҳамдардии мо ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункари мо, китобҳои исломӣ аст, ки мунташир мекунем. Дар кишвари мо алъон ҳам

[17] *Мутобиқи омори он замон, яъне ҳудуди соли 1969 милодӣ.*

боз бештарин китобе, ки мунташир мешавад, китобҳои исломӣ ва мазҳабӣ аст. Вале ин китобҳоро расидагӣ кунед, бибинед арзиши маънавии онҳо чӣ қадр аст? Арзиши нависандагонашро дарёбед. Бибинед мӯҳтаваёт ва ҳадафҳои ин китобҳо чист? Дар чӣ сатҳе барои мусалмонон мунташир мешаванд? Яъне бифаҳмед амр ба маъруф ва наҳй аз мункари мо дар чӣ сатҳе аст, дар чӣ мартиба ва мақоме аст? Бибинед дар миёни масоили иҷтимоии исломӣ, ки бештар аз ҳар масъалаи дигар фикри моро ба худ машғул медорад ва мо нисбат ба он масоил бештар аз масоили дигар ҳассосият нишон медиҳем ва ҷараққа эҷод мекунем, бештар барои чӣ масоиле нороҳат мешавем ва ҳассосият нишон медиҳем ва дар бораи чӣ масоиле бетафовут мемонем, лахтем, ҳассосияте надорем? Инро як баррасӣ бикунем, он вақт метавонем рушди иҷтимоӣ, рушди амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, корномаи худамон дар заминаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро ташхис бидиҳем.

Мо чаҳордаҳ қарн — ки панҷ шаш қарни он аз дурахшонтарини даврaҳо будааст — тамаддуни бисёр азиме доштаем ва баъзе аз суханронони донишманди ҷомеашиноси мо, ки дар ҳамин ҷаласа суханронӣ кардаанд, дар атрофи арзиш ва асолати тамаддуни исломӣ баҳс кардаанд. Дар ҷилди дуввуми китоби “Муҳаммад хотами паёмбарон” дар мақолаи “Корномаи ислом” асолати тамаддуни исломӣ ва ин ки ин тамаддун фақат ва фақат аз ислом бархоста ва бас ва дар радифи муҳимтарин тамаддунҳои дунё мебошад, собит шудааст, яъне гуфтаанд агар масалан панҷ ё се тамаддун, тамаддуни дараҷаи аввал бошанд, яке аз онҳо тамаддуни исломӣ аст. Мо чӣ қадр дар ин замина ҳассосият дорем? Чӣ қадр дар роҳи таблиғи тамаддун ва собиқаи худамон фаъолият мекунем? Ҷавонони мо асосан хаёл мекунанд ислом то имрӯз коре накарда; аз вақте, ки зуҳур карда то имрӯз, мардум доранд мураттаб ба он амал мекунанд ва натиҷаи ниҳоиаш ҳамин аст, ки мо имрӯз ҳастем! Мо ҳатто аз китобҳои худамон хабардор нестем. Агар аз мо бипурсанд мусалмонон дар риёзиёт чӣ қадр ибтикор доштаанд, намедонем. Тоза, баъзе аз фарангиҳо дар ин замина ҳарфҳое ба нафъи худашон задаанд. Хушбахтона ман чанд нафар аз донишмандони эронии худамонро суроғ дорам, ки дар ин замина мутолеоти бисёр хуб кардаанд ва ба кашфиёти бисёр олӣ ноил шудаанд ва дақиқан исбот мекунанд, ки бисёре аз назариёте, ки дунёи Урупо иддао мекунад, ки мухтареъ ва мубтакираш аст, ихтироъ ва ибтикораш дар дунёи ислом сурат гирифтааст. Мо аз собиқаи худамон дар қисматҳои дигар назири ҳунар, санойеъи мустазрафа, фалсафа, физик, шимӣ ва таърих низ беиттилоъем, намедонем чӣ будем ва чӣ ҳастем.

Дишаб дар рӯзнома хабаре хондам, ки дуруст сатҳи рушди моро нишон медиҳад. Оқоёне, ки ба Машҳади муқаддас мушарраф шудаанд, агар андаке сари ин ҷур корҳоро

дошта ва саре ба ганҷинаи Қуръон дар остони Қудси Разавӣ зада бошанд, медонанд, ки дар қисмате аз музейи остона ба номи “Ганҷинаи Қуръон” Қуръонҳои бисёр нафиси хаттӣ аз даҳ-ёздаҳ қарн пеш то ҳоло вуҷуд дорад. Баъзе аз он Қуръонҳо аз ҷанбаи ҳунарӣ ва санъати мустазраф ба қадре фавқулъода аст, ки мутасаддии амр дар мавриди яке аз онҳо гуфт: имрӯз панҷ миллион тумон барои он тахмин қимат зада мешавад. Чӣ касе онҳоро навиштааст? Дар миёни нависандагони онҳо ё касоне, ки соири санойеъи онҳоро эҷод кардаанд масалан тазҳибкорӣ кардаанд, эронӣ пайдо мешавад, турк пайдо мешавад, муғул пайдо мешавад, араб пайдо мешавад, ҳиндӣ пайдо мешавад, вале он чи, ки инҳоро ба вуҷуд оварда ислом ва мусалмонӣ аст, яъне руҳи исломӣ инҳоро ба вуҷуд овардааст.

Дишаб дар рӯзнома хондем як Қуръон кашф шуд, ки имрӯз онро дар ҳудуди се миллион тумон қимат мекунанд. Аз куҷо пайдо шуд? Аз дохили сандуқи коғази ботилаҳо. Яъне Қуръонҳои хаттиро дар тӯли ду се қарни ахир барои ин ки мардум қироат кунанд, берун меоварданд. Ин бечораҳо арзиши ин Қуръонҳоро намефаҳмиданд; дармеоварданд, ки мардум барои савобаш Қуръон бихонанд. Онҳоро ба дасти баччаҳо медоданд, ба дасти ашхоси лоқайд медоданд. Дар натиҷа ба тадриҷ кӯҳна мешуданд. Баъд онҳоро мебурданд беруни дарвоза ва зери хок дафн мекарданд. Хушбахтона аз ин Қуръонҳои ба ақидаи онҳо дафншуданӣ, миқдори зиёдеро дар киса ё сандуқ карда буданд ва дар гӯшае будааст ва шояд рӯзе ҳам мехостаанд онҳоро зери хок дафн кунанд. Ба ҳар ҳол марде, ки лоақал алоқаманд будааст, рафта онҳоро гаштааст ва гӯё дар ҳудуди ҳазору сад нусха Қуръони нафис дар миёни онҳо пайдо кардааст, ки яке аз онҳо Қуръоне аст, ки дар ҳудуди 30 миллион риёл арзиш дорад.

Мо ин миқдор ба мероси фарҳангӣ ва тамаддунии худамон алоқаманд ва огоҳем! Ба Худо қасам агар инсон аз дида хун биборад, кам аст. Чаро бояд корномаи мо миллат дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ин қадр паст ва пойин бошад?! Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар яъне чӣ? Яъне ҳамдардӣ, ҳамбастагӣ, ҳамкорӣ, ҳамгомӣ, таъарруф (шиносоӣ), огоҳӣ, қудрат. Он ки рӯзи аввал ин аслро тарҳ кард, барои ин тарҳ кард, ки медонист динаш дини иҷтимоӣ аст, дини фардӣ нест, дини савмаъа ва дайр нест. Онҳо, ки як умр дар дайрҳо ва савмаъаҳо зиндагӣ карданд, имрӯз доранд муташаккил мешаванд, ҳамбастагӣ ва ҳамдардӣ пайдо мекунанд. Мо, ки динамон дини иҷтимоъ ва зиндагӣ ва ҳамкорӣ ва ваҳдат ва ҳамбастагӣ аст, ба сӯи инфирод ва танҳоӣ ва ҷудоӣ ва тафарруқ гароиш пайдо кардаем. Он ки чунин дастуреро тарҳ мекунад, мехоҳад мо миллате огоҳ бошем ва балки ҳаводисеро, ки дар батни рӯзгор мустатир ва пинҳон аст, ояндаро пешбинӣ кунем. Мо на танҳо ояндаро пешбинӣ намекунем, балки вазъи замонии худамонро ҳам намефаҳмем. Имом Содиқ дар ҳазору сесад сол пеш фармуд:

الْعالِمُ بِزَمانِهِ لا تَهْجُمُ عَلَيْهِ اللَّوابِسُ

Он кас, ки замони худро дарк кунад, авзоъи замонии худро бишносад, ҷараёнеро, ки дар сатҳ ва батни замон мустамар аст дарк кунад, дар кори худ иштибоҳ намекунад. Яъне мардуми бехабар аз замони худ, бехабар аз авзоъе, ки дар батн ё сатҳи рӯзгор мегузарад, ҳамеша дар иштибоҳанд, яъне ҳамеша ивазӣ кор мекунанд, ба ҷойи ин ки душманро бикӯбанд, худашонро мекӯбанд, ба ҷойи ин ки синаи душманро сиёҳ кунанд, сина ва пушти худашонро сиёҳ мекунанд… Ин ҳам корномаи мо.

Дар ҷаласоти гузашта, арзиши амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар исломро дарк кардем; ин матлабро, ки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар арзиши наҳзати ҳусайниро боло бурд ва ҳамчунин наҳзати ҳусайнӣ амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро арзиш ва эътибор ва обрӯ дод, фаҳмидем.

Роҳи чора

Ҳол чӣ кор кунем, ки худамон арзиш пайдо кунем, ба сурати як миллати боарзиш даройем, ба сурати як миллати мӯътабар ва бообрӯ даройем? Ҷавоби ин суолро Қуръони Маҷид додааст:

كُنْتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ

Шумо беҳтарини умматҳо ва миллатҳо ҳастед, шумо боарзиштарини умматҳо ва миллатҳо ҳастед, аммо бо як шарт:

تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ

(“*Ба маъруф (некӯкорӣ) амр мекунед ва аз мункар (бадкорӣ) боз медоред…”, Сураи Оли Имрон, ояти 110*) Мехоҳӣ ба худат арзиш бидиҳӣ? Мехоҳӣ дар назди пайғамбари Худо арзиш пайдо кунӣ? Бо амал кардан ба ин асл дар назди Худо ва пайғамбар арзиш пайдо кун. Агар мехоҳӣ дар назди милали ҷаҳон арзиш пайдо кунӣ, ки ҳам блоки шарқ рӯи ту ҳисоб кунад ва ҳам блоки ғарб, сарнавишти туро ӯ дар ихтиёр нагирад ва ӯ барои ту тасмим нагирад, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дошта бош, ҳамбастагӣ ва ҳамдардӣ дошта бош, ухувват ва бародарии исломиро зинда кун, аз бехабарӣ парҳез кун, аз заъф парҳез кун, аз лоуболигарӣ парҳез кун. Ин барномаҳои бехабарӣ ва лоуболигарӣ барои чист? Барномаи бехабарӣ барои ин аст, ки огоҳ набошӣ, нафаҳмӣ, надонӣ ва барномаи лоуболигарӣ барои ин аст, ки заиф бошӣ, қудрат надошта бошӣ.

Мо биншинем инҷо ва бигӯем, унсури амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ; як омили бузург, ки Ҳусайн алайҳис саломро ба ҳаракат водошт, ӯро аз ҷо такон дод, амр ба маъруф буд, Ҳусайн ибни Алӣ ба амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар арзиш дод, ислом барои амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар арзиши дараҷаи аввал қоил

аст, яъне онро яке аз аркони таълимоти худаш медонад, агар ин рукн набошад, соири таълимот наметавонанд кор кунанд, инҳо дуруст, вале мо чӣ кор кунем?

Оё мо доим аз гузашта сӯҳбат кунем? Ё гузашта барои оянда аст? Оянда ва гузаштаро бояд ба якдигар марбут ва муттасил кард. Аз наҳзати ҳусайнӣ дар ҳамин замина бояд истифода кард, мардумро огоҳ намуд. Бибинед чӣ мекунанд? Чӣ гуна таблиғ мекунанд? Чӣ гуна китоб менависанд ва чӣ гуна бояд бинависанд? Дар бораи чӣ масоиле бояд фикр кунанд ва дар бораи чӣ масоиле ҳассосият доранд? Бибинем Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом, Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом рӯи чӣ масоиле ҳассосият доштанд, мо ҳам рӯи ҳамон масоил ҳассосият нишон диҳем. Чаро онҳо рӯи масоиле ҳассосият нишон медиҳанд ва мо рӯи масоили дигар? Аз инҷо бояд истифода кунем, ки пулҳоямонро чӣ гуна харҷ кунем. Оё мо рушде дар ин замина дорем? Мефаҳмем инфоқе, ки дар роҳи Худо ба хаёли худамон мекунем, чӣ инфоқе аст? Ба Худо қасам, ман метарсам зиёне, ки мо аз роҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункари ҷоҳилона кардаем ё садамаҳое, ки аз ин роҳ ба ислом задаем, аз зиёни тарки амр ба маъруф ва наҳй аз мункарамон бештар бошад. Ман намедонам агар зарар ва манфиати маҷмӯи китобҳои исломиро, ки мо мунташир мекунем, пойи ҳамдигар ҳисоб кунем, фоидааш бештар аст ё зарараш? Ҳамчунин алъон наметавонам ба таври дақиқ бигӯям, ки агар пулҳоеро, ки дар роҳи ислом ва ҳатто ба қасди қурбат харҷ мекунем, пойи ҳам ҳисоб кунем, оё манфиаташон барои ислом бештар аст ё зарарашон? Чун Қуръон сареҳан мегӯяд, инфоқ ду гуна аст ва дар мавриди як навъи он мегӯяд:

مَثَلُ الَّذِينَ يُنْفِقُونَ أَمْوَالَهُمْ فِي سَبِيلِ اللَّهِ كَمَثَلِ حَبَّةٍ أَنْبَتَتْ سَبْعَ سَنَابِلَ فِي كُلِّ سُنْبُلَةٍ مِائَةُ حَبَّةٍ

Як навъ инфоқро мегӯяд, масалаш масали гандуме аст, ки дар замини мусоиде кошта шавад, ҳафт хӯша дароварад ва ҳар хӯшае сад дона бошад ва ҳатто аз ин ҳам бештар:

وَاللَّهُ يُضَاعِفُ لِمَنْ يَشَاءُ

(*Сураи Бақара, ояти 261*) Яъне бархе инфоқҳое дар роҳи Худо ин қадр хайру баракат дорад. Аммо як инфоқи дигар ҳам мисол мезанад:

كَمَثَلِ رِيحٍ فِيهَا صِرٌّ أَصَابَتْ حَرْثَ قَوْمٍ ظَلَمُوا أَنْفُسَهُمْ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 117*) Ин инфоқ масалаш масали як боди хатарноке аст, ки вақте ба як киштзор омода мерасад, онро хароб мекунад, яъне он чиро ҳам, ки ба вуҷуд омадааст аз байн мебарад.

Масъалаи Фаластин

Агар мехоҳем ба худамон арзиш бидиҳем, агар мехоҳем қимат пайдо кунем, агар мехоҳем дар назди Худо ва пайғамбари Худо мӯҳтарам бошем, дар назди милали ҷаҳон мӯҳтарам бошем, бояд ин аслро (асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро) зинда кунем. Агар Пайғамбари ислом зинда мебуд, имрӯз чӣ мекард? Дар бораи чӣ масъалае меандешид? Валлоҳӣ ва биллоҳӣ қасам мехӯрам, ки Пайғамбари Акрам дар қабри муқаддасаш имрӯз аз яҳуд меларзад. Ин як масъалаи ду дуто чаҳортост. Агар касе нагӯяд, гуноҳ кардааст. Ман агар нагӯям, валлоҳӣ муртакиби гуноҳ шудаам ва ҳар хатиб ва воизе агар нагӯяд, муртакиби гуноҳ шудааст.

Гузашта аз ҷанбаи исломӣ, Фаластин чӣ таърихчае дорад? Қазияи Фаластин марбут ба давлате аз давлатҳои исломӣ ҳам нест; марбут ба як миллат аст; миллате, ки ӯро ба зӯр аз хонааш берун кардаанд.

Таърихчаи Фаластин чист? Муддаӣ ҳастанд, ки дар се ҳазор сол пеш ду нафар аз мо (Довуд ва Сулаймон) барои муддати муваққате дар онҷо салтанат кардаанд. Таърихро бихонед; дар тамоми ин муддати ду се ҳазорсола кай будааст, ки сарзамини Фаластин ба яҳуд таъаллуқ доштааст? Кай будааст, ки бештари сарзамини Фаластин моли миллати яҳуд бошад? Оё бештари сарзамини Фаластин аз они миллати яҳуд аст? Қабл аз ислом ҳам моли онҳо набуд, баъд аз ислом ҳам моли онҳо набуд. Рӯзе, ки мусалмонон Фаластинро фатҳ карданд, Фаластин дар ихтиёри масеҳиҳо буд, на дар ихтиёри яҳудиҳо. Ва иттифоқан масеҳиҳо, ки бо мусалмонон сулҳ карданд, яке аз мавориде, ки дар сулҳнома гунҷонданд ин буд, ки шумо яҳудро дар инҷо роҳ надиҳед. Гуфтанд: мо бо шумо зиндагӣ мекунем, вале бо яҳуд зиндагӣ намекунем.

Чӣ тавр шуд, ки якдафъа номи “ватани яҳудӣ” ба худ гирифт? Яке аз қазоёе, ки корномаи қарни моро торик мекунад — ин қарне, ки ба дурӯғ номи ҳуқуқи башар, номи озодӣ, номи инсоният бар он гузоштаанд — ҳамин қазия аст.

Яҳудиҳои дунё баъд аз ин ки аз миллатҳои ғайри мусалмон заҷру шиканҷаву озор мебинанд — дар Русия, Олмон ва бисёре аз нуқоти дунё — бузургонашон менишинанд, мегӯянд, то вақте, ки мо дар атрофи дунё мутафарриқ ҳастем, дар ҳар ҷо ақаллияте ҳастем, сарнавишти мо ҳамин аст. Мо бояд марказеро интихоб кунем ва ҳамаамон онҷо ҷамъ шавем, атбоъи мазҳаби яҳуд онҷо ҷамъ шаванд. Аввал ҳам ҷойеро, ки фикр намекунанд, Фаластин аст; чоҳои дигарро фикр мекунанд. Баъд, ҷанги байналмилалии аввал пеш меояд. Албатта ман хулосаашро арз мекунам.

Метавонед китобҳоеро, ки дар ин замина навишта шудааст бихонед. Муттафиқин бо усмониҳо меҷанганд. Ман намехоҳам аз усмониҳо дифоъ кунам, вале ҳар чи буд,

ҳукумати воҳиде буд; агар золим ҳам буд, билохира воҳид буд. Аъроби соддалавҳ, ки аз ҳукумати усмонӣ ба сутуҳ омада буданд, таҳрики муттафиқинро пазируфтанд. Аз дохил алайҳи ҳукумати усмонӣ ҷангиданд ба ваъдаи ин ки ба худи онҳо дар муқобили усмониҳо истиқлол бидиҳанд. Англисиҳо ба инҳо қавли қатъӣ доданд, ки мо ба шумо истиқлол медиҳем ба шарти ин ки ба нафъи мо бо усмониҳо биҷангед. Ин бечораҳо ҷангиданд. Дар хилоле, ки ин бадбахтҳои нодони ноогоҳ доштанд бо давлати то ҳудуде исломии худашон меҷангиданд, Англистон қавлу қарори худашро бо ҳизби саҳюнизм — ки тоза ташкил шуда буд — муҳкам кард, ки Фаластинро ба шумо медиҳем дар қалби кишварҳои исломӣ. Ҷомеаи Милал ба вуҷуд меояд — адолатро бибинед! — ва тасвиб мекунад, ки дар дунё миллатҳое ҳастанд — махсусан миллатҳое, ки аз усмонӣ ҷудо шудаанд — ки чун рушд надоранд, мо бояд бар эшон сарпараст муайян кунем, то инҳоро идора кунанд. Дар воқеъ мехостанд ирсияи усмониҳоро тақсим кунанд. Қисмате аз онҳоро доданд ба Фаронса, қисматеро доданд ба Англистон ва… аз ҷумла ҷоҳое, ки Англистон гирифт, Фаластин буд. Гуфт, ман қайим ва сарпарасти шумо ҳастам; расман шуд кафил. Баъд ба саҳюнистҳо ваъда дод — ваъдаи маъруфи Белфор — ки ман инҷоро ба шумо месупорам.

Саҳюнистҳо яъне яҳудиёне, ки даҳҳо қарн буд, ки дар гӯшаҳои дигари дунё зиндагӣ мекарданд ва аз нажодҳои дигар буданд. Ман худам фикр мекардам, ки яҳудиёни мавҷуд, ҳама аз насли Исроиланд. Ҳоло мебинам таърих ташкик мекунад, мегӯяд ин ҳарф дурӯғ аст.

Бисёре аз яҳудиҳо аслан аз насли Исроил нестанд; ҷомеъи муштаракашон фақат мазҳаб асту бас. Ҳатто нажодашон ҳам холис намондааст. Яҳудиёне, ки дар атрофу акнофи дунё зиндагӣ мекарданд, фақат ба далели ин ки фарангиҳо ба инҳо заҷр додаанд ва инҳо дунболи нуқтае мегарданд, ки онҷо ҷамъ шаванд ва ба далели ин ки мардуми хиёнатпешае ҳастанд ва ба далели ин ки китоби муқаддасашон ба онҳо иҷоза дода, ки агар ба сарзамине рафтед, раҳм набояд дар шумо вуҷуд дошта бошад ва аз ҳеч василае барои пешбурди ҳадафатон имтиноъ накунед, баъд, ки Англистон василаи муҳоҷираташонро фароҳам кард, ба ин сарзамин муҳоҷират карданд ва заминҳоро хариданд дар ҳоле, ки яҳудии бумӣ дар Фаластин беш аз панҷоҳ ҳазор нафар нест, ки алъон ҳам он бечораҳо дар бадбахтии фавқулъодае зиндагӣ мекунанд; яъне яҳудиёни урупоӣ ва омрикоӣ, ки омаданд, аз ҷумла бадбахтиҳое, ки ба вуҷуд овардаанд ин аст, ки сарбори яҳудиёни асиле ҳастанд, ки ҳақ доранд дар онҷо зиндагӣ кунанд.

Як идда равшанфикр дар миёни аъроб буд; қиём карданд, инқилоб карданд. Инҳоро (яъне арабҳои бедорзамирро) куштанд, эъдом карданд, ба дор кашиданд. Мураттаб

яҳудиҳоро фиристоданд. Ҳамин, ки идда зиёд шуд, аслиҳаи зиёде ҳам дар миёнашон пахш карданд. Баъд инҳо афтоданд ба ҷони мусалмонони бумӣ; куштанд ва заданд ва баъд ҳам овора карданд. Пушти сар якдигар аз кишварҳои урупоӣ муҳоҷират мешуд. Омаданд ва омаданд. Ин яҳудиёне, ки шумо имрӯз исмашонро мешунавед: Моше Даян, Левӣ Эшкол, Голда Меир, заҳри мор!.. охир бибинед инҳо аз куҷои дунё омадаанд?! Муддаӣ ҳастанд, ки ин сарзамин сарзамини мост. Имрӯз дар ҳудуди се миллион нафар мусалмон овора аз хона ва зиндагиашон ҳастанд.

Ҳадаф магар танҳо ҳамин аст, ки як давлати кучак дар онҷо ташкил шавад? Хеле иштибоҳ кардаед, хеле ҳама иштибоҳ мекунем. Ӯ медонад, ки як давлати кучак билохира наметавонад онҷо зиндагӣ кунад; як Исроили бузург, ки доманааш аз ин тараф, шояд то Эрони худамон ҳам кашида шавад. Ба қавли Абдурраҳмони Фаромарзӣ, ин Исроиле, ки ман мешиносам, фардо иддаои Шерозро ҳам мекунад; мегӯяд, шоирҳои худи шумо ҳамеша дар ашъорашон исми Шерозро гузоштаанд мулки Сулаймон! Ҳар чи бигӯй, оқо! Он ташбеҳ аст, мегӯяд, санад аз ин беҳтар мехоҳед?! Магар иддаои Хайбарро, ки наздики Мадина аст, надоранд? Магар Рузвелт ба подшоҳи вақти Арабистони Саудӣ пешниҳод надод, ки шумо биёед ин шаҳрро ба инҳо бифурӯшед? Магар инҳо иддаои Ироқ ва сарзаминҳои муқаддаси шуморо надоранд?

Валлоҳӣ ва биллоҳӣ мо дар баробари ин қазия масъулем. Ба Худо қасам масъулият дорем. Ба Худо қасам мо ғофил ҳастем. Валлоҳӣ қазияе, ки дили Пайғамбари Акрамро имрӯз хун кардааст, ин қазия аст. Достоне, ки дили Ҳусайн ибни Алиро хун карда ин қазия аст. Агар мехоҳем ба худамон арзиш бидиҳем, агар мехоҳем ба азодории Ҳусайн ибни Алӣ арзиш бидиҳем, бояд фикр кунем, ки агар Ҳусайн ибни Алӣ имрӯз буд ва худаш мегуфт барои ман азодорӣ кунед, мегуфт, чӣ шиоре бидиҳед? Оё мегуфт, бихонед: “Навҷавони Акбари ман!” ё мегуфт, бигӯед: “Зайнаби музтаррам! Алвидоъ, алвидоъ!”? Чизҳое, ки ман (Имом Ҳусайн) дар умрам ҳаргиз ба ин ҷур шиорҳои пасти касифи зиллатовар тан надодам ва як калима аз ин ҳарфҳоро нагуфтам. Агар Ҳусайн ибни Алӣ буд, мегуфт: агар мехоҳӣ барои ман азодорӣ кунӣ, барои ман сина ва занҷир бизанӣ, шиори имрӯзи ту бояд Фаластин бошад. Шимри имрӯз Моше Даян аст. Шимри ҳазору сесад сол пеш мурд, Шимри имрӯзро бишнос!

Имрӯз бояд дару девори ин шаҳр бо шиори Фаластин такон мехӯрд. Мураттаб дурӯғ дар мағзи мо карданд, ки ин як масъалаи дохилӣ аст, марбут ба араб ва Исроил аст. Боз ба қавли Абдурраҳмони Фаромарзӣ, агар марбут ба инҳост ва мазҳабӣ нест, чаро яҳудиёни дигари дунё мураттаб барои инҳо пул мефиристанд?

Мо чӣ ҷавобе дар муқобили ислом ва пайғамбари Худо дорем? Оё чанд рӯз пеш дар рӯзнома нахонадед, ки дар соли гузашта (яъне соли 1968) яҳудиёни соири нуқоти дунё, на яҳудиёне, ки феълан шиносномаи исроилӣ доранд, понсад миллион доллар барои инҳо фиристоданд, ки бо ин пулҳо “Фонтум” бихаранд ва бар сари мусалмонон бомб бирезанд?! Шунидаам яҳудиёни Эрони худамон дар соли гузашта муъодили пули ду “Фонтум” фиристоданд. 36 миллион доллар пул аз яҳудиёни Эрони худамон барои онҳо ба унвони кӯмак рафт. Ва ман он яҳудиҳоро ба унвони ин ки яҳудӣ ҳастанд маломат намекунам, мо худамонро бояд маломат кунем. Ӯ ба ҳамкешаш кӯмак кардааст; бо камоли ифтихор пул мефиристад, расидаш ҳам аз Моше Даян меояд ва онро дар бозор ҳам нишон медиҳад, мегӯяд, биё расидашро бибин. Магар ҳамин ду се шаб пеш нанавиштанд — ман буридаашро аз “Иттилоот” дорам — ки алъон фақат яҳудиёни муқими Омрико рӯзе як миллион доллар ба Исроил кӯмак мекунанд?!

Он вақт талоши мо, мусалмонон дар ин замина чӣ будааст? Ба Худо хиҷолат дорад мо худамонро мусалмон бидонем, худамонро шиаи Алӣ ибни Абӯтолиб бихонем. Аслан ман бояд бигӯям, баъд аз ин, достонеро, ки мо аз Алӣ ибни Абӯтолиб нақл мекунем, ҳаром аст, ки дигар дар манобир нақл кунем, ки рӯзе Алӣ ибни Абӯтолиб шунид душман ба кишвари исломӣ ҳамла кардааст:

وَهذا أخو غامِدٍ وَقَدْ وَرَدَتْ خَيْلُهُ الْأَنْبارَ

Баъд фармуд: шунидаам зинати як зани мусалмонро ё зане, ки дар ҳимояти мусалмонон аст гирифтаанд; шунидаам душман сарзамини мусалмононро ғорат кардааст, мардонашонро кушта ё асир кардааст, мутаарризи занони онҳо шудааст, зеварҳоро аз гӯшу дасти занҳо ҷудо кардааст. Баъд ҳамин Алӣ ибни Абӯтолиб — ки мо изҳори ташайюъи ӯро мекунем ва нисбат ба ӯ ҳассосиятҳои бемаънӣ ва дурӯғин нишон медиҳем — гуфт:

فَلَوْ أَنَّ امْرَأً مُسْلِماً ماتَ مِنْ بَعْدِ هذا أَسَفاً ما كانَ بِهِ مَلوماً بَلْ كانَ بِهِ عِنْدي جَديراً

Агар як марди мусалмон бо шунидани ин хабар диқ кунад ва бимирад, сазовор аст ва мавриди маломат нест.

Оё мо вазифа надорем, ки кӯмаки молӣ ба онҳо бикунем? Оё инҳо мусалмон нестанд, азизон надоранд? Оё инҳо барои ҳаққи машрӯи башарӣ қиём намекунанд? Кист, ки имрӯз мункир шавад, ки фаластиниҳои овора ҳаққи бозгашт ба ватани худро надоранд? Ман дар сафари Макка баъзе аз инҳоро дидам, як ҷавонҳое! Фақат мегуфтанд:

دِماءُ الشُّهَداء

Мо умедамон фақат ба хуни шуҳадоямон аст. Афроде дар миёни онҳо ҳастанд, ки валлоҳӣ барои либосашон мӯҳтоҷанд ва бараҳна меҷанганд. Агар ҳафтсад миллион ҷамъияти мусалмони дунё, ҳар фард рӯзе як риёл бидиҳад, дар соле наздик ба сесад миллиард доллар мешавад. Агар фақат мардуми Эрон — ки бисту панҷ миллион нафар ҳастем ва наваду ҳашт дарсади мо мусалмон аст — ҳар фард рӯзе як риёл ба фаластиниҳо кӯмак кунад, дар соле ҳудуд навад миллион тумон мешавад. Агар як ушр мусалмонон ҳам ҳар кас рӯзе як риёл кӯмак кунад, дар соле нӯҳ миллион тумон мешавад.

فَضَّلَ اللَّهُ الْمُجَاهِدِينَ بِأَمْوَالِهِمْ وَأَنْفُسِهِمْ

(*Сураи Нисо, ояти 95*)

الَّذِينَ آمَنُوا وَهَاجَرُوا وَجَاهَدُوا فِي سَبِيلِ اللَّهِ بِأَمْوَالِهِمْ وَأَنْفُسِهِمْ

(*Сураи Тавба, ояти 20*) Ба василаи мол, ки метавонем кӯмак кунем. Валлоҳӣ ин инфоқ воҷиб аст, мисли намоз хондан ва рӯза гирифтан воҷиб аст. Аввалин суоле, ки баъд аз мурдан аз мо мекунанд ҳамин аст, ки дар заминаи ҳамбастагии исломӣ чӣ кардед? Пайғамбар фармуд:

مَنْ سَمِعَ مُسْلِماً يُنادي يا لَلْمُسْلِمينَ فَلَمْ يُجِبْهُ فَلَيْسَ بِمُسْلِمٍ

Ҳар кас бишнавад садои мусалмонеро, ки фарёд мекунад: “ё лал муслимина!”, мусалмонон! Ба фарёди ман бирасед!, ва ӯро кӯмак накунад, дигар мусалмон нест, ман ӯро мусалмон намедонам.

Чӣ монее дорад, ки мо барои инҳо ҳисоб боз кунем? Чӣ монее дорад, ки миқдори каме аз даромади худамонро ихтисос ба инҳо бидиҳем? Чаро яҳудиёни дунё ҳатто яҳудиёни Эрон кӯмак бикунанд ва миллатҳои дигар онҳоро таҳсин кунанд, боракаллоҳ бигӯянд, миллати бедор бигӯянд, вале мо накунем? Мардуми бедор он мардуме ҳастанд, ки фурсатшинос бошанд, дардшинос бошанд, ҳақоиқшинос бошанд.

Ман вазифаи худамро амал кардам. Вазифаи ман фақат гуфтан буд ва Худо медонад ҷуз таҳти фишори вичдон ва вазифаи худам чизи дигаре набуд. Ин кӯмаки молиро вазифаи шумо медонам ва вазифаи худам ва ҳар хатиб ва воизе медонам, ки инро бигӯяд; ман бар ҳар хатиб ва воизе воҷиб медонам, ки чунин ҳарферо бизанад. Мароҷеи тақлиди бузурге мисли Оятуллоҳ Ҳаким ва дигарон расман фатво додаанд, ки касе, ки дар онҷо кушта мешавад, агар намоз ҳам нахонад, шаҳид дар роҳи Худост.

Пас биёем ба худамон арзиш бидиҳем, ба кор ва фикри худамон арзиш бидиҳем, ба китобҳои худамон арзиш бидиҳем, ба пулҳои худамон арзиш бидиҳем, худамонро дар

миёни милали дунё обрӯманд кунем. Иллати ин ки давлатҳои бузурги ҷаҳон чандон дар бораи сарнавишти мо намеандешанд ин аст, ки мӯътақиданд мусалмон ғайрат надорад. Омрикоро фақат ҳамин яке ҷарӣ кардааст; мегӯяд, мусалмон ҷамоат ғайрат надорад, ҳамбастагӣ ва ҳамдардӣ надорад. Мегӯяд, яҳуде, ки барои пул мемирад, ҷуз пул чизеро намешиносад, Худояш пул аст, зиндагиаш пул аст, ҳаёту мамоташ пул аст, ба якчунин масъалаи ҳассосе, ки мерасад, рӯзе як миллион доллар ба ҳамкешонаш кӯмак мекунад, вале ҳафтсад миллион мусалмони дунё кучактарин кӯмаке ба ҳамкеши худ намекунанд.

Тумаънинаи Ҳусайн

Рӯзи Ошӯрост, рӯзи меъроҷи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом аст; рӯзе аст, ки мо бояд аз руҳи Ҳусайн, аз ғайрати Ҳусайн, аз муқовамати Ҳусайн, аз шуҷоату далерии Ҳусайн, аз равшанбинии Ҳусайн партаве бигирем, балки мо ҳам заррае одам шавем, бедор шавем.

Яке аз нависандагони бисёр маъруф (Аббос Маҳмуд Аққод) ҷумлае дар бораи Абӯабдуллоҳ алайҳис салом дорад, мегӯяд: дар рӯзи Ошӯро мисли ин буд, ки як навъ мусобиқа миёни хислатҳои ҳусайнӣ барқарор шуда буд, яъне фазоили ҳусайнӣ ҳар кадом бо дигаре мусобиқа медод: сабри Ҳусайн мехост аз соири сифоташ ҷилав биафтад, ризои Ҳусайн ба он чи ки ризои Худост мехост аз сабраш ҷилав биафтад, ихлоси Ҳусайн мехост аз ҳамаи инҳо пешӣ бигирад, шуҷоати Ҳусайн мехост гӯйи сибқатро аз сифоти дигари ӯ бирубояд. Ман арз мекунам — албатта ман наметавонам дар бораи ихлоси ҳусайнӣ кучактарин сухане бигӯям; кучактар аз ин ҳастам, вале метавонам бигӯям — чизе, ки дар рӯзи Ошӯро беш аз ҳар чизи дигар ҷилвагар ва намоён аст тумаънинаи Ҳусайн, итминони Ҳусайн, оромиш ва истиқомати Ҳусайн аст.

Ин сухане нест, ки ман мегӯям, сухане аст, ки аз ҳамон рӯзҳо дарк карданд. Як касе, ки онҷо ҳозир будааст, ҷумлае дорад. Таъбири ӯ мутобиқи асру замон ва фаҳми худаш хеле олӣ аст, мегӯяд:

وَاللهِ ما رَاَيْتُ مَكْثوراً قَطُّ قَدْ قُتِلَ وُلْدُهُ وَأَهْلُ بَيْتِهِ وَأَصْحابُهُ أَرْبَطَ جَأْشاً مِنْهُ

Ин мард дар воқеъ як хабарнигор буда ва қазоёро нақл кардааст. Мегӯяд: ба Худо қасам, ман суроғ надорам марди дилшикастае, марди таҳти фишор қароргирифтаеро, ки фарзандонаш (аҳли байташ) ҷилави чашмаш қалам-қалам бошанд, асҳобашро бибинад дар ҳоле, ки сарҳояшон аз баданҳояшон ҷудо шудааст ва ин миқдор қуввати қалб дошта бошад!

Ин ҷараён хеле аҷиб аст, шӯхӣ нест. Ҷараёне, ки ҳамеша эъҷоби маро бармеангезад ин аст: Абӯабдуллоҳ дар рӯзи Ошӯро чунон қадам бармедорад, ки гӯё ояндаи равшан яъне

осори нуронии наҳзати худашро ба чашм мебинад. Ӯ шак надошт, ки бо ҳамин шаҳид шудан пирӯз шуд. Шак накард, ки рӯзи Ошӯро поёни ин аст, ки бояд ҳар чи дорад дар роҳи Худо бидиҳад, яъне поёни кишт аст ва аз рӯзи Ошӯро оғози баҳрабардорӣ аз ин наҳзат аст, ҳамон гуна, ки ҳамин тавр ҳам шуд. Мо мебинем, ки кушта шудани Ҳусайн алайҳис салом ҳамон ва пайдо шудани ҷунбишҳо ва ҳаракатҳо ва ҳамдардиҳо ва ҳамдилиҳо ва туғёнҳо алайҳи дастгоҳи умавӣ ҳамон.

Аввалин касе, ки ин корро кард як зан буд, зани фарде аз лашкари куффор. Ӯ дар асри Ошӯро вақте, ки дид лашкар мехоҳанд ба тарафи хаймаҳои ҳарами Ҳусайн ибни Алӣ ҳамла кунанд, давид ва чӯби хаймаеро бардошт ва дар ҷилави хаймаҳо истод, қабилаи Бакр ибни Воилро садо зад:

يا آلَ بَكر بن وائل

Қабилаи ман! Хешовандони ман! Куҷоед? Биёед! Кор ба инҷо кашидааст, ки мехоҳанд либос аз тани ҳарами пайғамбар бикананд!

Манзарае, ки ба назари ман хеле бо шукӯҳ ва пурҷалол аст ин аст: медонем Абӯабдуллоҳ вақте барои видоъ бо аҳли байташ омад, ки дигар аҳаде аз касонаш зинда набуд. Он видоъ ҳам хеле ҷонсӯзу ҷонгудоз аст. Вале ба иллати хоссе, Абӯабдуллоҳ барои навбати дуввум ба видоъ омад ва навиштаанд, иллаташ ин буд, ки дар ҳамалоте, ки кард, як навбат муваффақ шуд лашкари душманро ақиб бизанад ва дохили шариаи Фурот бишавад. Инҳо нороҳат буданд, ки мабодо Абӯабдуллоҳ об биёшомад, зеро агар об биёшомад, нерӯ мегирад. Дар ҳамон вақт касе фарёд кард, ки Абӯабдуллоҳ дигар ғайрataш ба ӯ иҷоза надод, ки ин ҳарфро (хоҳ рост бошад, хоҳ дурӯғ) бишнавад ва ӯ машғули нӯшидани об бошад. Вақте даст бурд зери об то миқдоре бардорад, касе фарёд кард: Ҳусайн! Ту мехоҳӣ об бинӯши?! Рехтанд ба хаймаҳо, ки онҷо бонувон буданд.

Фавран берун омад. Ман намедонам гуфтаи ӯ рост буд ва воқеан мехостанд ҳамла кунанд ё на, вале ҳамлаи сареъ ва берун омадани бавақти Абӯабдуллоҳ дигар маҷоле надод. Вақте, ки оқо омад, ҳамлае ба хаймаҳои ҳарам нашуда буд. Ин фурсатро муғтанам шумурд ва бори дигар занҳо ва баччаҳоро ҷамъ кард. Инҷост, ки шукӯҳу ҷалоли руҳи Абӯабдуллоҳ пайдо мешавад. Аввал фармуд: аҳли байти ман!

اِسْتَعِدّوا لِلْبَلاءِ

Худатонро омодаи сахтиҳо кунед. Мехост руҳи инҳо омода бошад. Як ҷумла бештар дар ин замина нагуфт, вале фавран ин матлабро гуфт:

وَاعْلَموا أَنَّ اللهَ حافِظُكُمْ وَمُنْجيكُمْ مِنْ شَرِّ الْاَعْداءِ وَمُعَذِّبُ أَعاديكُمْ بِأَنْواعِ الْبَلاءِ

Аҳли байти ман! Яқин дошта бошед, ки шумо аз ин соат сахтӣ ва шиддат мебинед, вале зиллат нахоҳед дид. Бидонед, ки Худованд шуморо ҳифз ва аз шарри душманон нигаҳдорӣ мекунад ва шумо мӯҳтарамона ба ҳарами ҷаддатон бархоҳед гашт. Аз ин соат ба баъд, бадбахтии душманони шумост. Мутмаин бошед, ки Худованд душманони шуморо дар ҳамин дунё ба анвоъи мухталиф азоб хоҳад кард. Маълум буд, ки Абӯабдуллоҳ авзоъро медид.

Дар рӯзи Ошӯро Абӯабдуллоҳ нуқтаеро марказ қарор дода буд, ҳамла мекард. Аввал ҷанги тан ба тан; иддае омаданд, вале то омаданд, Абӯабдуллоҳ ба онҳо мӯҳлат надод ба тавре, ки руъб дар дили душман қарор гирифт. Умари Саъд фарёд кард: чӣ мекунед?

وَاللهِ نَفْسُ أَبيهِ بَيْنَ جَنْبَيْهِ

Бо кӣ доред меҷангед?! Ин фарзанди Алӣ аст:

هذَا ابْنُ قَتّالِ الْعَرَبِ

Ин фарзанди ҳамон касе аст, ки арабро кушт. Мехост таассуби арабиятро алайҳи ҳазрат таҳрик карда бошад. Гуфтанд: чӣ кунем? Гуфт: ин тавр маслиҳат нест. Агар як-як биравед, як нафар аз шуморо боқӣ нахоҳад гузошт, ҳамларо ҳамаҷониба кунед. Абӯабдуллоҳ ба ҳар тараф, ки ҳамла мекард, фирор мекарданд, вале мувозиб буд, ки аз хаймаҳо дур нашавад. Ғайрати Ҳусайн ҳам ҳаст. Ҳусайн шуҷоъ аст, сабур аст, розӣ ба ризои илоҳӣ аст, мухлис аст, вале ғайратуллоҳ ҳам ҳаст, ғайрataш ҳам ба ӯ иҷоза намедиҳад, ки зинда бошад ва касе наздики хаймаҳои ҳарами ӯ биёяд. Ба аҳли байт дастур дод, ки шумо абадан аз хаймаҳо берун наёед. Ин дурӯғ аст агар шунида бошед, ки аҳли байт мураттаб берун меомаданд ва “алъаташ” (ташна шудем!) мегуфтанд.

Фақат як бор берун омаданд ва он, вақте буд, ки аспи бесоҳиби Абӯабдуллоҳ омад. Он вақт ҳам, ки берун омаданд, аввал намедонистанд, ки қазия аз чӣ қарор аст. Садои аспро, ки шуниданд, хаёл карданд оқо барои видоъи севвум омадааст. Мегӯянд, ин асп, аспи тарбиятшудае буд. На танҳо аспи Абӯабдуллоҳ ин тавр тарбият дошт, балки аспҳои душманон ҳам ин тавр тарбиятҳоро доштанд, ки вақте савораш меафтод, ин ҳайвон эҳсос мекард.

Ин асп ёли худашро ба хуни Абӯабдуллоҳ рангин карда буд ва вақте, ки дид оқо афтодааст ва дигар наметавонад аз ҷо баланд шавад, омад ба тарафи хаймаҳои ҳарам. Дар воқеъ мисли ин ки пайке буд, ки мехост хабаре бидиҳад. Инҳо ба хаёли ин ки оқо баргаштаанд, аз хайма берун омаданд, вале вақте, ки он авзоъро диданд, чорае надиданд ҷуз ин ки даври ин аспро бигиранд ва нола кунанд.

Ба ҳар ҳол оқо иҷоза надод онҳо берун биёянд. Вале худаш нуқтаеро марказ қарор дода буд, ки садояшро мешуниданд. Мехост ба ин васила ба онҳо итминон бидиҳад. Вақте, ки бармегашт, ба он марказ, ки мерасид, бо садои баланд — ман намедонам ин ки мегӯям садои баланд, он забони хушк чӣ гуна дар даҳон мегардида — бо ҳар миқдор, ки нерӯ дошт фарёд мекард:

لا حَوْلَ وَلا قُوَّةَ اِلاّ بِاللهِ الْعَلِيِّ الْعَظيمِ

Худоё! Ҳусайн ҳар чи нерӯи руҳӣ ва ҷисмӣ дорад, аз туст. Аҳли байт хушҳол мешуданд, ки оқо зинда аст. Муддате истироҳат мекард, осоиш пайдо мекард. Лашкар боз бармегаштанд, ҳалқаро танг мекарданд, тирандозӣ мекарданд, санг мепарронданд. Боз навбати дигар оқо ҳамла мекард. Ин карру фарр идома дошт.

Шунидаед, ки Умари Саъд дар рӯзи Ошӯро ҷангро чӣ гуна шурӯъ кард ва боз шунидаед, ки Абӯабдуллоҳ иҷоза надод, ки ҷанг аз сӯи худ ва асҳобаш шурӯъ бишавад. Ин суннате аст, ки дар ҷангҳое, ки бо як фирқаи ба зоҳир мусалмон сурат мегирифт, риоят мешуд.

Алӣ алайҳис салом ҳам риоят мекард, мегуфт, ман ҳаргиз ибтидо ба ҷанг намекунам; онҳо, ки ҷангро шурӯъ карданд, баъд мо мезанем.

Оқо ибтидои ба ҷанг накард. Умари Саъд барои ҷалби ризояти Убайдуллоҳи Зиёд, ҷангро ба ин шакл шурӯъ кард, ки тиру камоне хост (маъруф аст, ки падари ӯ дар садри ислом тирандози хеле моҳире будааст ва шояд худаш ҳам тирандоз будааст). Тиреро ба камон кард ва ба тарафи хаймаҳои ҳарами ҳусайнӣ партоб кард. Баъд фарёд кард: айюҳаннос! Дар назди амир шаҳодат бидиҳед, ки аввал касе, ки ба сӯи хаймаҳои Ҳусайн тир андохт, ман будам!

Ин ҷанг дар рӯзи Ошӯро бо як тир шурӯъ шуд ва бояд арз бикунам бо як тири дигар ҳам хотима пайдо кард. Тири дигар, он тири заҳролуде буд, ки ба синаи мубораки Ҳусайн алайҳис салом исобат кард –

فَاَتيهُ سَهْمٌ مُحَدَّدٌ مَسْمومٌ

Он қадр зиёд дар синаи Абӯабдуллоҳ фурӯ рафт, ки оқо фишор оварда, то аз тарафи ҷилав берун биёварад, нашуд. Навиштаанд, аз пушти сар берун оварда. Баъд аз ин буд, ки дигар Ҳусайн аз асп рӯи замин афтод. Дигар тобу тавон аз ӯ рафт. Баъд аз ин қазия буд, ки дигар карру фарри Абӯабдуллоҳ тамом шуд.

Навиштаанд, Ҳасан ибни Алӣ алайҳис салом чанд писар дошт, ки инҳо ҳамроҳи Абӯабдуллоҳ омада буданд. Яке аз онҳо ҷаноби Қосим буд. Имом Ҳасан алайҳис салом писари даҳсолае дорад, ки охирин писари эшон аст ва ин бачча шояд аз падараш ёдаш намеомад, чун вақте, ки падараш аз дунё рафт, гӯё чандмоҳа будааст; дар хонаи Ҳусайн

бузург шуд. Абӯабдуллоҳ ба фарзандони Имом Ҳасан хеле меҳрубонӣ мекард, шояд беш аз он андоза, ки ба писарони худаш меҳрубонӣ мекард, чун онҳо ятим буданд ва падар надоштанд. Ин писар исмаш Абдуллоҳ ва хеле ба оқо алоқаманд аст ва оқо ба Зайнаб супурдааст, ки ту мувозиби баччаҳо бош ва Зайнаб доиман муроқиби онҳост. Як дафъа Зайнаб мутаваҷҷеҳ шуд, ки Абдуллоҳ аз хайма берун омадааст ва мехоҳад биравад пеши амуяш Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом. Зайнаб давид ӯро бигирад, ӯ фарёд кард:

وَاللهِ لا أُفارِقُ عَمّي

Ба Худо қасам, ки ман ҳаргиз аз амуям ҷудо намешавам. Он тифл медавад, Зайнаб медавад…

السَّلامُ عَلَيْكَ يا أَبا عَبْدِ اللهِ! أَشْهَدُ أَنَّكَ قَدْ أَمَرْتَ بِالْمَعْروفِ وَنَهَيْتَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَجاهَدْتَ فِي اللهِ حَقَّ جِهادِهِ

Он қадр Зайнаб давид, ки ба Абӯабдуллоҳ наздик шуд. Оқо фармуд: на, ту баргард, бигузор ин бачча пеши худам бошад. Худашро андохт ба домони Ҳусайн алайҳис салом. Ҳусайн аст, ӯ худаш оламе дорад. Дар ҳамин ҳол, яке аз душманон омад барои ин ки зарбате ба Абӯабдуллоҳ бизанад. То шамшерашро боло бурд, ин тифл фарёд кард:

يَا بْنَ الزّانِيَةِ! أَ تُرِيدُ أَنْ تَقْتُلَ عَمّي

Зинозода! Ту мехоҳӣ амуи маро бикушӣ? То ӯ шамшерашро ҳавола кард, ин тифл дасти худро ҷилав оварда ва дасташ бурида шуд. Фарёд кард:

يا عمّاه

Амуҷон, бибин бо ман чӣ карданд!

أَشْهَدُ أَنَّكَ قَدْ أَمَرْتَ بِالْمَعْروفِ وَنَهَيْتَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَجاهَدْتَ فِي اللهِ حَقَّ جِهادِهِ حَتّى أَتيكَ الْيَقينُ

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم، وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين، باسمك العظيم الأعظم الأعزّ الأجلّ الأكرم يا الله

Худоё! Оқибати амри ҳамаи моро хатми ба хайр бифармо!

Моро Қуръоншинос қарор бидеҳ!

Моро исломшинос қарор бидеҳ!

Худоё! Ин рахват, сустӣ, танбалӣ ва касолатеро, ки дар руҳи мо, мусалмонон ҳукмфармост, аз руҳи мо бизудоӣ!

Худоё! Ба мо ғайрат бидеҳ, ба мо ваҳдат ва иттифоқ арзонӣ бидор, ба мо руҳи ҳамдардӣ ва ҳамбастагӣ каромат кун!

Худоё! Шарри куффор, шарри Исроил, шарри саҳюнизмро аз сари мусалмонон кӯтоҳ фармо!

Ба мо тавфиқи мубориза бо ин душман, ки киёни ислом ва Қуръонро таҳдид мекунад иноят кун!

Худоё! Дар ин рӯзи азиз гузаштагони моро бибахш ва биёмурз!

Таъсири амр ба маъруф ва наҳй аз мункари аҳли байти Имом пас аз ҳодисаи Карбало

Баҳси имшаби ман татиммае аст аз баҳсҳои шашгонаи гузашта. Аз он чи дар ҷаласоти қабл баён гардид, маълум шуд, ки лозим аст мо асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро эҳё кунем ва худамонро ҳам бо ин асл эҳё кунем. Таъбире дорад амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом дар бораи тақво, ки ба истилоҳи мантиқ, шибҳи давр аст; мефармояд:

أَلا فَصونوها وَتَصَوَّنوا بِها

Айюҳаннос! Тақворо сиёнат ва ҳифз кунед ва худатонро ба василаи тақво сиёнат кунед. Ба назар мерасад ин давр аст. Мо бояд тақворо сиёнат кунем ё тақво бояд моро сиёнат кунад? Ҷавоб ин аст: ҳар ду. Ин давр аст, аммо на даври маҳол. Гуфт:

Салсалай ин қавм ҷаъди мушкбор,

Масъалай давр аст, лекин даври ёр.

(Мавлоно)

Чун нигаҳдории мо аз тақво ба як шакл аст ва нигаҳдории тақво аз мо ба шакли дигар. Мо бояд тақворо сиёнат кунем ва тақво бояд ва метавонад моро сиёнат кунад.

Дар инҷо ҳам ҳамин тавр аст. Мо бояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро эҳё кунем ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мутақобилан бояд моро эҳё кунад ва хоҳад кард.

Мо перомуни унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ, фақат аз он ҷанбааш баҳс кардем, ки ин унсур чӣ андоза таъсир доштааст, муҳаррик ва боис будааст, ангезаи ҳусайнӣ будааст. Вале ғайр аз ин, матлаби дигаре ҳам ҳаст ва он ин ки дар ин наҳзат чӣ қадр амр ба маъруф ва наҳй аз мункар амалан сурат гирифт? Вуҷуди муқаддаси Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом (дар ин наҳзат амалан як омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар буд) ва аз ӯ бештар, баъд аз шаҳодати Абӯабдуллоҳ алайҳис салом аҳли байти бузургвори он ҳазрат, аз баъд аз рӯзи Ошӯро, аз ҳамон рӯзи ёздаҳум ва ҳадди ақалл аз рӯзи дувоздаҳум ба унвони як гурӯҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар даромаданд ва то поёни ин моҷаро ҳар ҷо, ки буданд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар карданд. Онҳо ҳаргиз ба сурати як ҷамъияти шикастхӯрда дарнаёмаданд. Онҳо ҳам мисли худи Абӯабдуллоҳ, поёни корро зинда мондан ё кушта шудан намедонистанд, ки бигӯянд, матлаб ин буд, ки Ҳусайн зинда бимонад ва ба хилофат бирасад ё ҳадди ақалл дар гӯшае биравад зиндагӣ кунад, пас ҳоло, ки Ҳусайн кушта шуд, матлаб тамом шуд. На, онҳо дунболи ҳамон ҳадафи ҳусайнӣ буданд. Кушта шудани Абӯабдуллоҳ, аз як назар барои онҳо оғози кор буд, на поёни кор. Ва чӣ қадр зебо ва ҷолиби таваҷҷӯҳ аст вазъи аҳли байти пайғамбар! Ва ростӣ вақте инсон инҳоро таҷзияву таҳлил мекунад, дар муқобили

ин азамат ва зебоӣ, дар муқобили ин қувват, дар муқобили ин қудрати руҳ, дар муқобили ин ҳама имону яқин, дар муқобили ин ҳама шуҷоати руҳӣ ғарқ дар ҳайрат мешавад ва ҷуз ин ки дар муқобили онҳо сари таъзим фуруд оварад, кори дигаре наметавонад бикунад. То охирин лаҳза таблиғ карданд, наҳӣ аз мункар ва амр ба маъруф карданд, даъват ба ислом карданд. Муҳаббат ва балки маърифати Алӣ алайҳис салом ва аҳли байти пайғамбар асосан дар ҳамаи Шом вуҷуд надошт, яъне касе онҳоро намешинохт ва агар ҳам мешинохтанд, ба суратҳои бисёр зиште мешинохтанд. Вале бибинед аҳли байти пайғамбар чӣ карданд?! Фақат як намунаашро арз мекунам ва баъд вориди матолиби дигаре мешавам.

Ворид шудани Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) ба маҷлиси Ибни Зиёд

Медонем, ки рӯзи Ошӯро вазъ ба чӣ минвол буд ва шаби ёздаҳумро аҳли байти пайғамбар чӣ гуна баргузор карданд. Рӯзи ёздаҳум ҷаллодҳои Ибни Зиёд меоянд аҳли байтро савори шутурҳои бечиҳоз мекунанд ва ҳаракат медиҳанд ва инҳо шаби дувоздаҳумро шояд то субҳ яксара бо камоли нороҳатии руҳӣ ва ҷисмӣ тай тариқ мекунанд. Фардо субҳ наздики дарвозаи Кӯфа мерасанд. Душман мӯҳлат намедиҳад. Ҳамон рӯз пеш аз зуҳр инҳоро вориди шаҳри Кӯфа мекунанд. Ибни Зиёд дар доруламораи худаш нишастааст. Як мушт асир, он ҳам мураккаб аз занон ва як мард, ки дар он вақт бемор буд. Лақаби беморӣ барои ҳазрати Саҷҷод алайҳис салом фақат дар миёни мо эрониҳо пайдо шудааст. Намедонам чӣ тавр шудааст, ки фақат мо ин лақабро медиҳем: Имом Зайнулобидини бемор! Вале дар забони араб ҳеч вақт намегӯянд Алӣ ибни Ҳусайн алмариз. Ин лақабе аст, ки мо ба эшон додаем.

Решааш албатта ҳамин миқдор аст, ки дар айёми ҳодисаи Ошӯро Имом Алӣ ибни Ҳусайн (Имом Саҷҷод) сахт мариз буд (ҳар кас дар умраш мариз мешавад; кист, ки дар умраш мариз нашавад?), маризи бистарӣ буд, маризе, ки ҳатто ба заҳмат метавонист ҳаракат кунад ва рӯи пойи худ биистад ва бо кӯмаки асо метавонист аз бистар ҳаракат кунад. Дар ҳамон ҳол Имомро ба унвони асир ҳаракат доданд. Имомро бар шутуре, ки як полони чӯбӣ дошт ва рӯи он ҳатто як ҷул набуд, савор карданд. Чун эҳсос мекарданд, ки Имом бемор ва мариз аст ва мумкин аст натавонад худашро нигаҳ дорад, поҳои ҳазратро муҳкам бастанд. Ғул ба гардани Имом андохтанд. Бо ин ҳол инҳоро вориди шаҳри Кӯфа карданд. Дигар кӯфтагӣ, зачр, шиканҷа ба ҳадди аълост. (Маъмулан) вақте мехоҳанд аз як нафар ба зӯр иқрор бигиранд ё аъсобашро хурд кунанд, иродаашро дарҳам бишкананд, як бисту чаҳор соат, чиҳилу ҳашт соат ба ӯ ғизо намедиҳанд, намегузоранд

бихобад, мураттаб зафраш медиҳанд. Дар чунин шароите аксари афрод мустаъсал мешаванд, мегӯянд, ҳар чи мехоҳӣ бипурс, то ман бигӯям.

Шумо бибинед, инҳо вақте, ки вориди мафлиси Ибни Зиёд мешаванд, баъд аз он ҳама шиканҷаҳои руҳӣ ва ҷисмӣ чӣ ҳолате доранд! Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!)-ро вориди мафлиси Ибни Зиёд мекунанд. Ӯ зане аст баландболо. Иддае таъбир кардаанд:

وَحَفَّتْ بِها إِماؤُها

Канизонаш даврашро гирифта буданд. Мақсуд каниз ба маънои истилоҳӣ нест. Чун ҳамаи занҳои асҳоб, ки ширкат карда буданд, барои Зайнаб сиёдат ва бузургворӣ қоил буданд, худашонро мисли каниз медонистанд. Инҳо даври Зайнабро гирифта буданд ва Зайнаб дар васати инҳо вориди мафлиси Ибни Зиёд шуд, вале салом накард, эътино накард. Ибни Зиёд аз ин ки ӯ эҳсоси муқовамат кард, нороҳат шуд. Салом накардани Зайнаб маънояш ин аст, ки ҳанӯз иродаи мо зинда аст, ҳанӯз мо ба шумо эътино надорем, ҳанӯз ҳам руҳи Ҳусайн ибни Алӣ дар колбади Зайнаб мегӯяд:

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

Ҳанӯз мегӯяд:

لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أَفِرُّ فِرارَ الْعَبيدِ (لا أُقِرُّ إِقْرارَ الْعَبيدِ)

Ибни Зиёд аз ин беэътиноӣ сахт нороҳат шуд. Мефаҳмед ин кист. Ҳамаи гузоришҳо ба ӯ расида буд. Вақте фаҳмид зане аз ҳама мӯҳтарамтар аст ва занони дигар бо эҳтироми хоссе даврашро гирифтаанд, лобуд ҳадс мезад, ки ӯ кист, чун хабар дошт, ки кӣ ҳаст ва кӣ нест. Дар айни ҳол гуфт:

مَنْ هذِهِ الْمُتَكَبِّرَةُ

Ё:

مَنْ هذِهِ الْمُتَنَكِّرَةُ

(Ду ҷур забт кардаанд), ин мутакаббир, ин зани ношинос кист? Касе ҷавоб надод. Думартиба суол кард. Мехост аз ҳамонҳо касе ҷавоб бидиҳад. Бори дуввум ва севвум. Билохира зане ҷавоб дод:

هذِهِ زَيْنَبُ بِنْتُ عَلِيِّ بْنِ أَبي طالِبٍ

Ин, Зайнаб духтари Алӣ аст. Ин марди дании пасти лаъин, ки як ҷав шарофат надошт, шурӯъ кард ба сахттарин ваҷҳе захми забони задан. Гуфт:

الْحَمْدُ للهِ الَّذي فَضَحَكُمْ وأَكْذَبَ أُحْدوثَتَكُمْ

Худоро шукр мекунам, ки шуморо расво ва дурӯғатонро ошкор кард. Зайнаб дар камоли ҷуръат ва шаҳомат гуфт:

الْحَمْدُ للهِ الَّذي أَكْرَمَنا بِالشَّهادَةِ

Худоро шукр мекунем, ки ифтихори шаҳодатро насиби мо кард. Худоро шукр мекунам, ки ин тоҷи ифтихорро бар сари бародари ман гузошт. Худоро шукр мекунем, ки моро аз хонадони нубувват ва таҳорат қарор дод. Баъд дар охир гуфт:

إِنَّما يَفْتَضِحُ الْفاسِقُ وَيَكْذِبُ الْفاجِرُ وَهُوَ غَيْرُنا

Расвоӣ моли фосиқҳост, (мо дар умрамон дурӯғ нагуфтем ва ҳодисаи дурӯғ ҳам ба вуҷуд наёвардем), дурӯғ моли фоҷирҳост. Фосиқ ва фоҷир ҳам мо нестем, ғайри мост, яъне ту. Расво туӣ, дурӯғгӯ ҳам худат ҳастӣ.

Ин миқдор шаҳомат ва шуҷоат ва имони амалӣ! Ин, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар аст. Тоза, ин, як дараҷа ва як марҳилаи он аст ва достони дарозе дорад. Зайнулобидин чӣ гуфт; яке аз духтарони Имом Ҳусайн чӣ гуфт; канори бозори Кӯфа, Зайнаб чӣ хутбае иншо кард; Зайнулобидин дар онҷо чӣ хитобае иншо кард; дар байни роҳ чӣ карданд; дар хароба ё дар хиёбонҳо ва кӯчаҳо бо мардум, ки мувоҷеҳ мешуданд, чӣ мегуфтанд; ва аз ҳамаи инҳо ба назари ман болотар, он хитобаи бисёр ғаррои Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) дар маҷлиси Язид ибни Муовия аст. Дар онҷо дигар сӯҳбат 24 соат ва 48 соат нест; наздики як моҳ аст, ки Зайнаб дар чанголи инҳо асир аст ва ҳадди аксар зачреро, ки ба як асир медиҳанд, ба ӯ додаанд. Вале бибинед дар маҷлиси Язид чӣ кардааст!

Пас дар наҳзати ҳусайнӣ, унсури амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро аз ин виҷҳа ва ҷиҳат ҳам бояд дар назар гирифт, ки ин наҳзат як наҳзати амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар буд ва осори ин амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро ҳам бояд комилан баррасӣ кард, махсусан дар худи Шом, ки чӣ гуна Шомро зеру рӯ кард.

Эҳтимоли асар

Матлаби дигаре, ки хостам барои шумо арз кунам ин аст: фуқаҳои мо дар боби амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар ду матлаб гуфтаанд, ки бояд онҳоро тавзеҳ диҳем. Яке ин аст, ки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар дар ҷое аст, ки инсон эҳтимоли асар бидиҳад. Маънии ин ҷумла чист?

Амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар як қонуни таъаббудӣ мисли намоз ё рӯза нест, ки албатта ҳикмат ва фалсафа ва асаре дорад, вале ба мо марбут нест, ки бибинем агар асари худашро мебахшад анҷом бидиҳем ва агар асари худашро намебахшад анҷом надиҳем. Ба мо гуфтаанд, шумо намозро ба ҳар ҳол бояд бихонед. Ин дар ихтиёри ту нест. Ту

наметавонӣ ҳисоб кунӣ, ки ин намоз асар дорад ё асар надорад. Ту бояд таҳти ин формула ва қоида бихонӣ. Ин ки ин кор ба натиҷа мерасад ё намерасад, аз ҳавзаи мантиқи башар хориҷ аст.

Вале амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро башар бояд бо мантиқи худаш идора кунад, яъне ҳамеша дар корҳо бояд рӯи он натиҷае, ки бояд бар он мутараттиб шавад ҳисоб кунад. Нерӯ масраф мекунӣ, моя масраф мекунӣ, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунӣ, вале ҳисоб кун, бибин, ту дар ин кор чӣ қадр ба натиҷа ва ҳадаф мерасӣ. Мисли тоҷире бош, ки вақте сармояашро харҷ мекунад, рӯи ҳисоб (лоақал ҳисоби эҳтимолот) мехоҳад суде, ки аз ин кор мебарад, беш аз сармояе бошад, ки масраф мекунад. Ва ин бисёр ҳарфи мантиқие аст.

Яъне агар мо дар ҷойе амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунем, як сармояи молӣ ё ҷонӣ ё лоақал як сармояи вақтӣ ва замонӣ масраф мекунем, вале яқин дорем, ки кучактарин асаре намебахшад ё асари маъкус мебахшад, оё боз бояд анҷом бидиҳем? На. Хеле ҳарфи мантиқӣ ва дурусте аст. Ин мантиқ дар муқобили мантиқи Хаворичӣ аст.

Дар фиққи Хаворичӣ, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар як таъаббуди маҳз аст, яъне инсон ҳақ надорад ҳисоб ва мантиқро дар он ворид кунад. Ӯ бояд кӯр-кӯрона ва чашмбаста амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунад, ҳарчанд яқин дорад, ки дар инҷо сармояро масраф мекунад ва суде ҳам намебарад. Мегӯяд, ба мо марбут нест, Худо гуфта ту бояд ба ҳар ҳол амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунӣ.

Имомони мо ба мо гуфтанд, ин иштибоҳ аст, Худо ин ҷур амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро дастур надодааст.

Дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар қатъан бояд ҳисоб, тадбир, фикр ва мантиқ ба кор бурда шавад. Уламое, ки дар масоили иҷтимоӣ мутолеа кардаанд, гуфтаанд, ки рози инқирози Хаворичӣ ҳамин буд, ки дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, мункири мантиқ буданд. Меомад дар ҳузури як ҷаббори гарданкаш дар ҳоле, ки шамшерашро кашида буд. Яқин дошт, ки дар инҷо ҳарфаш кучактарин асаре надорад, вале мегуфт. Ӯ ҳам онан ӯро эъдом мекард. Ба истилоҳ, токтик надоштанд, мантиқу ҳисоб дар корашон набуд, бегудор худашонро ба об мезаданд. Натиҷа, инқирозашон шуд.

Вале имомони мо алайҳимус салом гуфтанд, ин кор ғалат аст. “Тақия” ҳам, ки шумо шунидаед, яъне ба кор бурдани токтик дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, аз моддаи “вақй” ба маънии нигаҳдорӣ аст. Яъне чӣ? Яъне амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мубориза аст. Дар мубориза, инсон василаи дифоъӣ ҳам бояд ба кор бибарад, яъне бизан, вале кӯшиш кун нахӯрӣ. Аммо ту мехоҳӣ бигӯӣ бар ман ҷиҳод воҷиб аст, вале чаро силоҳ бипӯшам, чаро зиреҳ бипӯшам, магар агар кушта бишавад, ба биҳишт намеравам? Чаро.

Пас ман ҳамин тавр худамро ба қалби лашкар мезанам, то кушта шавам ва ба биҳишт биравам. Мегӯяд, ин корро накун; ту дорӣ нерӯи исломро масраф мекунӣ, ту худат хиште дар бинои ислом ҳастӣ, нерӯе аз нерӯҳои ислом ҳастӣ. Бирав бизан, вале кӯшиш кун, то ҳадди имкон камтар бихӯрӣ. Агар ба ин хаёл биравӣ, аслиҳа напӯшӣ ва ба хотири аслиҳа напӯшидан кушта шавӣ, нерӯи исломро ҳадар додаӣ.

Бирав бизан ва то ҳадди имкон кушта нашав. Бирав то ҳадди мумкин тарафро аз байн бибар, вале худатро ҳифз кун. Ин, маънии матлабе аст, ки оқоён гуфтаанд ва бисёр масъалаи мантиқие аст.

Шарти қудрат

Матлаби дигаре мо дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дорем, ки ин ҳам дар ахбор ва ривоятҳои мо ҳаст, матни ҳадис аст, ки дар фиқҳи мо ҳам омадааст:

إِنَّما يَجِبُ عَلَى الْقَوِيِّ الْمُطاعِ

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бар касе воҷиб аст, ки қудрат дошта бошад, яъне одами нотавон набояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунад. Ин ҳам вобаста ба он матлаб аст, яъне ҳисоби ин аст, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар барои расидан ба натиҷа аст, барои ин аст, ки: нерӯро ҳифз кун ва натиҷа бигир, аммо онҷо, ки ту нотавон ҳастӣ яъне нерӯятро аз даст медиҳӣ ва ба натиҷа намерасӣ, на.

Як иштибоҳи бузург

Дар инҷо як иштибоҳи бисёр бузург барои баъзе пайдо шудааст ва он ин ки: мумкин аст касе бигӯяд, ман, ки қудрат надорам фалон корро анҷом бидиҳам, ислом ҳам, ки гуфта агар қудрат надорӣ накун, пас дигар ман хаёлам роҳат аст. Дигаре мегӯяд: ислом гуфтааст, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар вақте аст, ки дар он эҳтимоли натиҷа додан бошад; ман эҳтимол намедиҳам, пас хаёлам роҳат аст.

Ин иштибоҳ аст. Ин эҳтимол ғайр аз эҳтимоле аст, ки шумо дар боби таҳорат ва наҷосат медиҳед. Ман намедонам фалон чиз пок аст ё наҷис. Мегӯяд, оё эҳтимол медиҳӣ, ки пок аст? Бале, эҳтимол медиҳам. Бигӯ пок аст. Маънои он эҳтимол ҳамон эҳтимоли зеҳнӣ аст, яъне ту дар ҳар ҷо, ки шак дорӣ, ки чизе пок аст ё наҷис (агар эҳтимол медиҳӣ, ки пок бошад, бигӯ пок аст). Масалан, давоеро, ки аз хориҷ ворид кардаанд, ту сад дар сад яқин надорӣ, ки наҷис бошад, сади наваду нӯҳ эҳтимол медиҳӣ, ки наҷис бошад, вале сади як ҳам эҳтимол медиҳӣ, ки пок бошад. Ҳамон эҳтимоли зеҳнии ту кофӣ аст барои ин ки бигӯӣ ин даво пок аст. Оё ман вазифа дорам, ки биравам таҳқиқ кунам, бибинам оё пок аст ё наҷис? Абадан, ҳеч вазифае надорӣ…

Аммо инҷо, ки мегӯянд эҳтимол, на, маънояш ин аст, ки бирав дар хонаат биншин, баъд бигӯ ман эҳтимоли асар медиҳам, эҳтимоли асар намедиҳам. Ин, ки покӣ ва наҷисӣ нест. Дар ин мавриди бояд биравӣ кӯшиш кунӣ, ҳадди аксари таҳқиқро бикунӣ, то бибинӣ ва бифаҳмӣ, ки оё ба натиҷа мерасӣ ё намерасӣ. Касе, ки бе иттилоъ аст ва дунболи таҳқиқ ҳам намеравад, то бифаҳмад аз ин амр ба маъруф ва наҳй аз мункараш ба натиҷа мерасад ё намерасад, чунин узреро надорад. Ё он дигаре мегӯяд: оқо! Ман, ки қудрат надорам. Ислом ҳам мегӯяд, бисёр хуб, вале бирав қудратро ба даст биёвар. Ин, шарти вуҷуд аст, на шарти вуҷуб, яъне гуфтаанд, то нотавонӣ, даст ба коре назан, ки ба натиҷа намерасӣ, вале бирав тавоноиро ба даст овар, то битавонӣ ба натиҷа бирасӣ. Ҳоло бароятон мисоле зикр мекунам:

Мисол: масъалаи “вилоят аз қибали ҷоир”

Дар фиқҳ масъалае матраҳ аст ба номи “вилоят аз қибали ҷоир”. Махсусан дар замони имомон ин масъаларо зиёд суол мекарданд; мегуфтанд: ё ибна Расулиллоҳ! Ин хулафо, хулафои ҷавр ва зулм ҳастанд. Мо аз инҳо мақоми давлатӣ ба истилоҳ бигирем ё нагирем? Ислом дастураш ин аст, ки на, аз инҳо мақом нагиред. Вале баъд мефармуд: агар ту аз ноҳияи онҳо мақоме мегирӣ, ки он мақом васила мешавад, ки ту бар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар қудрат пайдо кунӣ, ин корро қатъан анҷом бидеҳ. Дар китобҳои фиқҳии мо ин масъала матраҳ аст. Муҳаққиқ дар “Шаройеъ” дорад, Шаҳидайн доранд. Мунтаҳо баъзе мегӯянд:

اُسْتُحِبَّتْ

Ва баъзе мегӯянд:

وَجَبَتْ

Яъне мегӯянд, ин коре, ки кӯмак додан ва иъонат ба золим аст (масалан Алӣ ибни Яқтин мехоҳад вазири Ҳоруни золими ситамгари ғосиб бишавад) воҷиб аст, яъне ин коре, ки ба худии худ ҳаром аст, агар василае бошад барои ин ки қудрате ба даст оварӣ, ки аз ин қудрат дар роҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар истифода кунӣ, на танҳо бар ту ҳаром нест, балки воҷиб аст.

Имом Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳис салом роҷеъ ба Муҳаммад ибни Исмоил ибни Бузайъ ва Алӣ ибни Яқтин, ду нафар аз шиъаён, ки дар дастгоҳи зулми хулафо буданд, вале дар он дастгоҳ рафта буданд барои ин ки мақосиди илоҳиро пеш бибаранд, мефармояд: шумо ситорагони Худо дар рӯи замин ҳастед; ту нарафтӣ онҷо, ки манфиатпарастӣ кунӣ, ҷоҳпарастӣ кунӣ, барои ин ки пул ба даст оварӣ, ту рафтӣ дар онҷо, то ҳадафи исломро пеш бибарӣ. Бибинед! Кори таҳсили қудрат барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар то

онҷо муҳим аст, то онҷо воҷиб аст, ки ислом мегӯяд як амали сад дар сад ҳаромро ба хотири он метавонӣ муртакиб бишавӣ. Яъне ин амал, ки дар зоти худ ва дар сурате, ки ту фақат барои ин бихоҳӣ онро анҷом бидиҳӣ, ки ҷузъи ҷалоли он дастгоҳ бишавӣ ва дар он ҳеч ҳадафи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар яъне ҳадафи хидмат ба ислом надошта бошӣ, ҳаром аст, ба манзури хидмат ба ислом, ки воқеан ба ислом хидмат кунӣ, ин ҳаром табдил ба воҷиб ва ба қавли баъзе аз фуқаҳо мисли Муҳаққиқ дар “Шаройеъ”, мустаҳаб мешавад. Ҳадди ақалл ҳаром табдил ба мустаҳаб мешавад. Аз инҷо шумо бифаҳмед, ки масъалаи қудрат ин нест, ки агар тасодуфан қудрате пайдо шуд, амр ба маъруф бикун ва агар тасодуфан қудрате пайдо нашуд, на.

Далели дигари нодуруст будани ин ҳарф, ки мегӯянд, агар қудрат тасодуфан пайдо шуд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар воҷиб мешавад, агар на, на, пас таҳсили қудрат воҷиб нест, ин аст, ки мо бояд бибинем, ислом барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чӣ арзише қоил аст. Бибинем, бо арзише, ки ислом барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар қоил аст, аслан оё имкон дорад, ки бигӯяд, ин вазифаро мусалмонон ҳангоме бояд анҷом бидиҳанд, ки иттифоқан ва тасодуфан қудрат дошта бошанд, вале агар қудрат надоштанд, дигар на, ва ҳеч вазифае ҳам надоранд, ки бираванд қудратро ба даст биёваранд, то амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунанд?

Мақоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар ислом

Шумо агар мехоҳед бифаҳмед, ки мақоми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар ислом чист, ин ривоятеро, ки дар “Кофӣ” аст ва аз ривоятҳои бисёр маъруф ва қатъӣ ва мусаллами мост ва дар тамоми китобҳои фиқҳӣ ва ҳадисии мӯътабар омадааст ва муфассалтарин ҳадис дар ин боб аст мутолеа кунед. Ман қисматҳое аз онро барои шумо мехонам, чун ҳамааш муфассал аст. Як қисматаш, ки аввали ҳадис ҳам ҳаст ин аст, ки фармуд: дар охируззамон мардуми риёкоре пайдо мешаванд, ки доиман ояти Қуръон ва дуо мехонанд.

وَيَتَنَسَّكونَ

Изҳори муқаддасмаобӣ мекунанд.

حُدَثاءُ سُفَهاءُ

Як мардуми тоза ба даврон расидаи аҳмақе ҳам ҳастанд. Танҳо чизе, ки ин муқаддасмаобҳо ба он эътино надоранд, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст.

لا يوجِبونَ أَمْراً بِمَعْروفٍ وَلا نَهْياً عَنْ مُنْكَرٍ اِلاّ اِذا اَمِنُوا الضَّرَرَ

Инҳо то мутмаин нашаванд, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кучактарин зараре ба эшон намезанад, ба он тан намедиҳанд.

يَطْلُبونَ لِأَنْفُسِهِمُ الرُّخَصَ وَالْمَعاذيرَ

Доим дунболи ин ҳастанд, ки як роҳи фироре барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар пайдо кунанд, як узре битарошанд, ки хуб, дигар намешавад, дигар мумкин нест.

يُقْبِلونَ عَلى الصَّلاةِ وَالصِّيامِ وَما لا كلِّفُهُمْ فى نَفْسٍ وَلا مالٍ

Дунболи он ибодатҳое ҳастанд, ки на ба ҷон, на ба мол ва на ба ҳайсияташон зарар мезанад (мисли намоз ва рӯза), аммо агар вазифае зараре ба ҷое мезанад, дигар онро қабул надоранд. То онҷо, ки мефармояд, агар намоз ҳам ба кор ё ҳайсият ё ҷонашон зарар мезад, онро раҳо мекарданд:

كَما رَفَضوا أَسْمَى الْفَرائِضِ وَأَشْرَفَها

Ҳамон тавр, ки олитарин ва шарифтарини фаризаҳоро раҳо карданд, намозро ҳам раҳо мекарданд. Он олитарин ва шарифтарини фаризаҳо кадом аст?

إِنَّ الْأَمْرَ بِالْمَعْروفِ وَالنَّهْيِ عَنِ الْمُنْكَرِ فَريضَةٌ بِها تُقامُ الْفَرائِضُ

(Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар) фаризаи бузурге аст, ки соири фароиз ба василаи он бапо мешавад. Бояд амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бошад, то намозе бошад, то закоте бошад, то ҳаҷҷе бошад, то хумсе бошад, то муомалоте бошад, то қонуне бошад, то ахлоқе бошад. Боз қисмате аз ҳадисро ҳазф мекунам. Фармуд:

إِنَّ الْأَمْرَ بِالْمَعْروفِ وَالنَّهْيِ عَنِ الْمُنْكَرِ سَبيلُ الْأَنْبِياءِ

Ҳамоно амр ба маъруф ва наҳй аз мункар роҳи ҳамаи паёмбарон аст.

مِنْهاجُ الصُّلَحاءِ، بِها تُقامُ الْفَرائِضُ وَتَأمَنُ الْمَذاهِبُ وَتَحِلُّ الْمَكاسِبُ وَتُرَدُّ الْمَظالِمُ وَتُعْمَرُ الْأَرْضُ

(Шеваи ҳамаи солеҳон аст), воқиботи Худо ба ин васила бапо дошта мешавад, роҳҳо ба ин васила амн мегардад, касабҳо ба ин васила ҳалол ва мазолим ба ин васила бозмегардад, замин ба ин васила обод мешавад.

Шумо аз инҷо бифаҳмед, ки ҳавзаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар то куҷост; то ҳудуди обод шудани замин. Худо медонад одам гоҳе, ки як чизҳоеро мебинад ва дар таърихи ислом мутолеа мекунад, дуд аз каллааш баланд мешавад, ки мо чӣ будем ва чӣ шудем! Дилам мехоҳад ин китоби “Алаҳкомус-султония”-и Мовардиро — ки яке аз мӯътабартарин китобҳои исломӣ аст ва махсусан урупоиҳо ва мусташриқин рӯи он хеле ҳисоб мекунанд — мутолеа кунед. Ин китоб низомоти иҷтимоии исломро дар ҳудуди ҳазор сол пеш баён кардааст. Бибинед чӣ низомоте дар дунёи ислом буда ва аслан амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чӣ маъние дошта ва чӣ мекардааст! Аз он муҳимтар китобе аст ба номи “Маъолим ул-қурба фӣ аҳком ил-ҳисба”, ки хушбахтона ин китобро зоҳиран як мусташриқи фарангӣ аз яке аз китобхонаҳои Туркия дароварда ва чоп кардааст. Ин

китоб дар қарни нӯҳум навишта шуда. “Ҳисба” дар онҷо яъне ҳамон амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар. Истилоҳе буда, ки аз қарни дуввуми ҳичрӣ, амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро “ҳисба” мегуфтаанд. “Муҳтасиб”, ки шумо мебинед дар ашъори мо омадааст, яъне омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар. Он ташкилоте, ки дар кишварҳои исломӣ ба номи ташкилоти ҳисба ё эҳтисоб будааст, афродаш яъне омирин ба маъруф ва ноҳин аз мункарро мегуфтанд “муҳтасиб”, ки дар истилоҳи шуарои мо зиёд омадааст. Мавлавӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ ин луғатро истеъмол кардаанд. Саъдӣ мегӯяд: “Чандон ки маро шайхи аҷали Шамсуддин Абулфараҷ ибни ал-Ҷавзӣ…” мегӯяд, устодам Абулфараҷ ибни ал-Ҷавзӣ ба ман, ки ҷавон будам мегуфт, нарав дар ин маҷолис, инҷо нарав, онҷо нарав ва ман ҳарфи ин шайх ва устодро намешунидам, чун ҷавон будам ва гоҳе масхарааш мекардам, мегуфтам:

Қозӣ ар бо мо нишинад, барфишонад дастро,

Муҳтасиб гар май хӯрад, маъзур дорад мастро.

Ба ҳар ҳол, исми ин китоб “Маъолим ул-қурба фӣ аҳком ил-ҳисба” аст. Вақте инсон ин китобро мутолеа мекунад, ки аслан амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар чӣ мафҳуме дошта, мебинад саросари зиндагиро дарбар мегирад. Тамоми корҳое, ки имрӯз шаҳрдориҳо анҷом медиҳанд, ҷузъи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар будааст. Тамоми корҳое, ки шаҳрбонӣ анҷом медиҳад низ дар ҳавзаи эҳтисоб будааст. Дар ҳамин китоб омадааст, ки яке аз вазоифи муҳтасиб ин аст, ки вақте дами дӯкони баққоле меравад ва мебинад рӯи зарфҳои мост боз аст ва магас менишинад, бояд баққолро муваззаф кунад, ки рӯи зарфи мости худашро бипӯшонад; либосҳои он баққолро нигоҳ кунад, ки касиф набошад; он пешбанде, ки мебандад, чанд рӯз як бор ё ҳар рӯз иваз кунад, бишӯяд; дар ҳаммомҳо чӣ бикунанд; дар масҷидҳо чӣ бикунанд ва… Вақте одам инҳоро мебинад, мегӯяд: Худоё! Ин мо будем, ки чунин рӯзе доштем ва ин мо ҳастем, ки ба чунин рӯзе гирифтор ҳастем?! Худоё! Ин мо ҳастем, ки дар ривоятҳои “Кофӣ”- мо ва дар тамоми китобҳои фиққии мо мегӯяд, амр ба маъруф он чизе аст, ки замин ба он обод мешавад –

وَتُعْمَرُ الْاَرْضُ وَيُنْتَصَفُ مِنَ الْاَعْداءِ

Бо амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар мешавад аз душман интиқом гирифт, яъне амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро зинда кун, то битавонӣ дар муқобили Исроил биистӣ. Агар дар муқобили Исроил нотавонӣ, решаашро аз чанд сад сол пеш пайдо кун, ки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро аз миён бурдӣ, дар натиҷа душман бар ту мусаллат шуд.

وَيَسْتَقيمُ الْأَمْرُ

Бад-ин васила аст, ки корҳо ҳама бар рӯи асоси устуворе қарор мегирад.

فَأَنْكِروا بِقُلوبِكُمْ وَالْفِظوا بِأَلْسِنَتِكُمْ وَصَكّوا بِها جِباهَهُمْ وَلا تَخافوا فِى اللهِ لَوْمَةَ لائِمٍ، فَإِنِ اتَّعَظوا وَإِلَى الْحَقِّ رَجَعوا فَلا سَبيلَ عَلَيْهِمْ: إِنَّمَا السَّبيلُ عَلَى الَّذينَ يَظْلِمونَ النّاسَ وَيَبْغونَ فِى الْأَرْضِ بِغَيْرِ الْحَقِّ أُولئِكَ لَهُمْ عَذابٌ أَليمٌ

Дигар фурсати тарҷимаи ин қисмат ва зикри қисматҳои дигар нест.

Як фаризае, ки дар ислом чунин мақом ва арзишеро дорад, оё мешавад эҳтимол дод, ки дар бораш гуфтаанд агар як рӯзе дидӣ иттифоқан, тасодуфан, як нерӯе, як қудрате дорӣ анҷом бидеҳ ва агар қудрат надорӣ, дигар таклиф соқит аст? Ин “таклиф соқит аст” яъне ислом соқит аст, чун амр ба маъруфе, ки ислом барои мо муаррифӣ мекунад, ба манзилаи пояи хаймаи ислом аст. Чӣ тавр мумкин аст, ки худи ислом бигӯяд, агар тасодуфан дидӣ метавонӣ исломро нигаҳ дорӣ, нигаҳ дор, агар тасодуфан дидӣ наметавонӣ, дигар намехоҳад, хаёлат роҳат бошад?!

Дар мавриди эҳтимоли асар ҳам ҳамин тавр аст. Банда биравам дар утоқам бинишинам, бигӯям ман, ки эҳтимоли асар намедиҳам. Ту ҳақ надорӣ эҳтимоли асар бидиҳӣ ё надиҳӣ. Ту, ки аслан мутолеа надорӣ, ту, ки аз авзоъ хабар надорӣ, ҷараёнотро намедонӣ, ту, ки намедонӣ роҳи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чист, ту, ки равоншиносӣ намедонӣ, ки барои нуфуз дар башар аз чӣ роҳе бояд бо руҳи ӯ мувоҷеҳ шуд, ту, ки ҷомеашиносӣ намедонӣ, ту, ки чизе намедонӣ, ҳақ надори бигӯӣ ман эҳтимоли асар медиҳам ё эҳтимоли асар намедиҳам. Ин аст, ки ду рукни ин асл асосӣ, қудрат ва огоҳӣ аст ва ҳар дуро ҳам бояд таҳсил кард ва ба даст оварда; ғайр аз ин намешавад.

Шумо дар рӯзномаҳои худамон мехонед, ки дар Омрико беш аз сесаду ҳаштод кумитаи ҷамъоварии итъона (ёрӣ) барои Исроил вуҷуд дорад. Ман аз ин назар инҳоро тақдир мекунам, ки миллати бедоре ҳастанд, барои худашон доранд кор мекунанд. Ин миллат мефаҳмад, ки роҳаш ҳамин аст. Ҳар мардуме дар ҳар маҳаллае, дар ҳар гӯшае ҳастанд, худашон бояд биншинанд, фикр кунанд, кор кунанд, огоҳӣ ва иттилоъ ба даст ованд, оқибатро биандешанд. Ин, огоҳӣ аст ва таҳсили огоҳӣ воҷиб аст. Ин, қудрат аст ва таҳсили қудрат воҷиб аст.

* * *

Бозгардам ба он матлабе, ки дар ибтидо арз кардам, яъне баррасии унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ аз ин ваҷҳа, ки аҳли байти пайғамбар чӣ гуна аз ин фурсат ҳадди аксар истифодаро карданд. Худо раҳмат кунад марҳуми Оятӣ (ризвонуллоҳи алайҳ)-ро, чӣ марди бузургворе буд, чӣ олими муттақие буд, ки аз дасти мо рафт. Эшон китобе дорад ба номи “Баррасӣ таърихи Ошӯро”, ки шояд хеле аз шумо дида бошед. Касоне ҳам, ки надидаанд, бибинанд ва бихонанд. Маҷмӯаи суханрониҳое

аст, ки эшон дар радио кардааст. Баъд аз фавти эшон ин суханрониҳоро чоп карданд. Дар миёни китобҳое, ки ба забони форсӣ дар ин замина навишта шудааст агар нагӯем беҳтарини онҳост, қатъан аз беҳтарини онҳост. Ҳоло агар аз назари таҳзия ва таҳлил нагӯям дар дараҷаи аввал ё фарди аввал аст, вале аз ҷанбаи истинод яъне аз ҷанбаи ин ки матолибаш мустанад ба таърихҳои мӯътабар аст, қатъан беназир аст. Дар онҷо ин мард рӯи ин матлаб хеле такя кардааст, ки аслан таърихи Карбалоро асирон нигаҳдорӣ карданд ва бузургтарин иштибоҳе, ки дастгоҳи умавӣ кард, масъалаи асир гирифтани аҳли байт ва сайр додани онҳо ба Кӯфа ва баъд ба Шом буд. Ва агар онҳо ин корро накарда буданд, шояд метавонистанд таърихи ин наҳзатро маҳв кунанд ё лоақал як миқдор аз асар ва қудрат биандозанд, вале ба дасти худашон коре карданд, ки барои аҳли байти пайғамбар фурсат эҷод карданд ва онҳо ин таърихро дар дунё мусаҳҳал намуданд. Онҳо бовар намекарданд, ки як идда зану баччаи хурдшудаи мусибатдида ҳадди аксари истифодаро аз ин фурсатҳо бибаранд ва чӣ касе бовар мекард ва чӣ тавр инҳо таблиғ карданд!

Имом Зайнулобидин дар маҷлиси Язид

Дар рӯзи ҷумъае дар Шом намози ҷумъа аст. Ночор худи Язид бояд ширкат кунад ва шояд имомати намозро ҳам худи ӯ ба ӯҳда дошт; инро алъон яқин надорам. (Дар намози ҷумъа хатиб бояд аввал ду хитоба, ки бисёр муфид ва арзанда аст бихонад, баъд намоз шурӯъ мешавад. Аслан ин ду хитоба ба ҷои ду ракъате аст, ки аз намози зуҳр дар рӯзи ҷумъа исқот ва намози ҷумъа табдил ба ду ракъат мешавад.)

Аввал он хатибе, ки ба истилоҳ дастурӣ буд, рафт ва ҳар чи қаблан ба ӯ гуфта буданд гуфт; таҳлили фаровон аз Язид ва Муовия кард, ҳар сифати хубе дар дунё буд, барои инҳо зикр кард ва баъд шурӯъ кард ба сабб кардан ва дашном додани Алӣ алайҳис салом ва Имом Ҳусайн ба унвони ин ки инҳо — Алаёзу биллоҳ! — аз дини Худо хориҷ шуданд, чунин карданд, чунон карданд. Зайнулобидин аз пойи минбар наҳиф зад:

أَيُّهَا الْخَطيبُ! اِشْتَرَيْتَ مَرْضاةَ الْمَخْلوقِ بِسَخَطِ الْخالِق

Ту барои ризои як махлуқ, сахати (ғазаби) парвардигорро барои худат харидӣ.

Баъд хитоб кард ба Язид, ки оё ба ман иҷоза медиҳӣ аз ин чӯбҳо боло биравам? (Нафармуд минбар. Хеле аҷиб аст! Ба қадре аҳли байти пайғамбар муроқиб ва мувозиби ин чизҳо буданд! Масалан дар маҷлиси Язид, намегӯяд: ё амиралмӯъминин! Ё айюҳалхалифа! Ё ҳатто ба куния ҳам намегӯяд: ё Абохолид! Мегӯяд: ё Язид! Ҳам Зайнулобидин ва ҳам Зайнаб. Дар инҷо ҳам нафармуд, ки иҷоза медиҳӣ ман биравам рӯи ин минбар? Яъне ин ки минбар нест; ин чӯбҳои сепулае, ки дар инҷо ҳаст, ки чунин

хатибе меравад болои он ва чунин суханоне мегӯяд, мо инро минбар намедонем. Ин чаҳорто чӯб аст.) Иҷоза медиҳӣ ман биравам болои ин чӯбҳо ду калима ҳарф бизанам? Язид иҷоза надод. Онҳое, ки атроф буданд, аз боби ин ки Алӣ ибни Ҳусайн ҳиҷозӣ аст, аҳли Ҳиҷоз аст ва сухани мардуми Ҳиҷоз ширину латиф аст, барои ин ки ба истилоҳ суханрониашро бибинанд, гуфтанд: иҷоза бидиҳед, монеъе надорад. Вале Язид имтиноъ кард. Писараш омад ва ба ӯ гуфт: падарҷон! Иҷоза бидиҳед, мо мехоҳем бибинем ин ҷавони ҳиҷозӣ чӣ гуна суханронӣ мекунад. Гуфт: ман аз инҳо метарсам. Ин қадр фишор оварданд, то маҷбур шуд, яъне дид дигар беш аз ин изҳори аҷзу тарс аст; иҷоза дод.

Бибинед ин Зайнулобидин, ки дар он вақт аз як тараф бемор буд (мунтаҳо баъдҳо дигар беморӣ надошт, бо имомони дигар фарқ намекард) ва аз тарафи дигар асир ва ба қавли маъруфи аҳли минбар, чиҳил манзил бо он ғулу занҷир то Шом омада буд, вақте болои минбар рафт чӣ кард! Чӣ валвалае эҷод кард! Язид дасту пояшро гум кард. Гуфт, алъон мардум мерезанд ва маро мекушанд. Даст ба ҳилае зад. Зуҳр буд, як дафъа ба муаззин гуфт: азон! Вақти намоз дер мешавад. Садои муаззин баланд шуд. Зайнулобидин хомӯш шуд. Муаззин гуфт: “Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар”.

Имом ҳикоят кард: “Аллоҳу Акбар, Аллоҳу Акбар”.

Муаззин гуфт: “Ашҳаду алло илоҳа илаллоҳ, ашҳаду алло илоҳа илаллоҳ”.

Боз Имом ҳикоят кард, то расид ба шаҳодат ба рисолати Пайғамбари Акрам. То ба инҷо расид, Зайнулобидин фарёд зад: муаззин! Сукут кун. Рӯ кард ба Язид ва фармуд: Язид! Ин ки инҷо исмаш бурда мешавад ва гувоҳӣ ба рисолати ӯ медиҳед, кист? Айюҳаннос! Моро, ки ба асорат овардаед, кистем? Падари маро, ки шаҳид кардед, ки буд? Ва ин кист, ки шумо ба рисолати ӯ шаҳодат медиҳед? То он вақт аслан мардум дуруст огоҳ набуданд, ки чӣ кардаанд.

Он вақт шумо мешунавед, ки Язид баъдҳо аҳли байти пайғамбарро аз он хароба берун овард ва баъд дастур дод, ки онҳоро бо эҳтиром бибаранд. Нӯъмон ибни Баширро, ки одами нармтар ва мулоиматаре буд, мулозим қарор дод ва гуфт: ҳадди аксари меҳрубониро бо инҳо аз Шом то Мадина бикун. Ин барои чӣ буд? Оё Язид наҷиб шуда буд? Руҳияи Язид фарқ кард? Абадан. Дунё ва муҳити Язид иваз шуд. Шумо мешунавед, ки Язид, баъд дигар писари Зиёдро лаънат мекард ва мегуфт: тамом, гуноҳи ӯ буд. Аслан мункир шуд ва гуфт, ман чунин дастуре надодам, Ибни Зиёд аз пеши худ чунин коре кард. Чаро? Чун Зайнулобидин ва Зайнаб авзоъу аҳволро баргардонданд.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم

Фасли ҳафтум: Унсури таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

الحمد لله رب العالمين بارئ الخلائق أجمعين والصلاة والسلام على عبد الله ورسوله وحبيبه وصفيه وحافظ سرّه ومبلّغ رسالاته سيدنا ونبينا ومولانا أبي القاسم محمد صلى الله عليه وآله وعلى آله الطيبين الطاهرين المعصومين

أعوذ بالله من الشّيطان الرجيم

الَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَالَاتِ اللَّهِ وَيَخْشَوْنَهُ وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ وَكَفَى بِاللَّهِ حَسِيبًا

(*“(Паёмбарони пешин) касоне буданд, ки таблиғи рисолатҳои илоҳӣ мекарданд ва (танҳо) аз ӯ метарсиданд ва аз ҳеч кас ҷуз Худо воҳима надоштанд ва ҳамин бас, ки Худованд ҳисобгар (ва подошдиҳандаи аъмоли онҳо) аст.” (Сураи Аҳзоб, ояти 39)*)

Ҳамон тавр, ки сухани инсонҳо аз назари басотат ва ё печидагӣ, яъне аз назари ин ки ғарро ва содда ва такмаънӣ бошад ва ё ин ки чандмаънӣ ва чандлоя ва дорои сурат ва ботин бошад фарқ мекунад, наҳзатҳо ва ҳаракатҳои инсонҳо ҳам аз ин назар мутафовитанд. Мо ду навъ сухан метавонем дошта бошем: сухане, ки такмаънӣ бошад ва сухане, ки чандмаънӣ ва чандпаҳлӯ бошад. Беҳтарин мисолаш оятҳои Қуръони Маҷид аст. Қуръони Маҷид оятҳои худро ба ду даста тақсим мекунад: оятҳои муҳкамот ва оятҳои муташобеҳот. Оятҳои муҳкамот оёте аст, ки аз назари лафз ва иборат такмаънӣ аст, яъне беш аз як маънӣ ва як мафҳум аз ибороти он наметавон истифода кард. Вале оятҳои муташобеҳот оёте аст, ки дар они воҳид аз онҳо чанд маънӣ метавон истинбот кард ва албатта барои ин ки дар маъонии муташобеҳ ба иштибоҳ наяфтем, бояд оятҳои муҳкамаро миқёс ва меъёр қарор бидиҳем, ки оятҳои муҳкама “уммул-китоб” аст.

Гуфтем, наҳзатҳо ва ҳаракатҳои инсонҳо ҳам айнан ҳамин тавр аст. Мумкин аст наҳзате такмаънӣ ва такмақсад бошад ва мумкин аст ба истилоҳ муташобеҳ бошад, яъне дар они воҳид мақсадҳо ва ҳадафҳои мухталиф дошта бошад; гӯё ин ки ҳамаи он ҳадафҳо бозгашташон ба як ҳадафи аслӣ бошад. Як наҳзат метавонад дар они воҳид дорои ҷанбаҳо ва абъоди мухталиф буда бошад.

Наҳзати ҳусайнӣ, наҳзате муташобеҳ ва чандмақсадӣ

Наҳзати Имом Ҳусайн алайҳис салом як наҳзати чандмақсадӣ ва чандҷониба ва чандбуъдӣ аст ва иллати ин ки тафосир ва таобири мухталифе дар мавриди ин наҳзат шудааст, муҳозӣ (баробар) будани аносури дахил дар он аст. Мо вақте, ки аз ҷанбаи баъзе омилҳо ва аносур ба ин наҳзат нигоҳ мекунем, мебинем сирфан ҷанбаи тамарруд

ва адами таслим дар муқобили қудратҳои ҷобира ва тақозоҳои носаҳеҳи қудрати ҳокими вақт дорад. Аз ин назар ин наҳзат як нафй, “на” ва адами таслим аст. Ҳама медонем баъд аз мурдани Муовия ва ҷонишин шудани Язид ва пас аз он ҳама тавтиаҳое, ки барои ин кор чиданд, Язид лозим дид аз чанд нафар аз шахсиятҳои бузурги ҷаҳони ислом ва дар раъси онҳо вуҷуди муқаддаси Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом; касе, ки аз ӯ хеле ҳисоб мебурд, байъат бигирад, то ин байъат сабаби хомӯшии ҳамаи мардум бишавад ва дар воқеъ тааҳҳуде аз Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом дар мавриди худаш бигирад.

Пас аз марги Муовия, Язид билофосила номае аз Шом ба ҳокими Мадина, Валид ибни Утба ибни Абӯсуфён, ки аз амубаччаҳои худаш буд, навишт ва дар он хабари даргузашти Муовияро ва ин ки худаш дар ҷойи падараш нишастааст ба ӯ расонд. Ва дар номаи ҷудогонае номи чанд нафарро навишт ва дар раъси онҳо Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом, ки ҳатман бояд аз инҳо байъат бигирӣ. Имом Ҳусайн алайҳис салом ҳозир ба байъат кардан нашуд — ки достонашро шояд мукаррар шунидаед — ва пас аз чанд рӯзе, ки дар Мадина таваққуф кард, дар ҳоле, ки медонист инҳо дастбардор нестанд, бо аҳли байт ва хонадонаш ба сӯи ҳарами амни илоҳӣ дар Макка (байтуллоҳилҳаром) ҳаракат кард ва ба онҷо рафт. Дар даҳаи охири моҳи Раҷаб буд, ки хабари марги Муовия ба Мадина расид ва аз Имом Ҳусайн алайҳис салом тақозои байъат карданд. Шояд дар ҳудуди бисту ҳафтуми моҳи Раҷаб буд, ки Имом Ҳусайн алайҳис салом ба тарафи Макка ҳаракат кард ва дар севвуми моҳи Шаъбон — ки рӯзи вилодати эшон ҳам ҳаст — вориди Макка шуд ва то ҳаштуми моҳи Зилҳаҷҷа дар Макка иқомат кард. Ба ҳар ҳол ба ҳеч ваҷҳ ҳозир нашуд он тақозоеро, ки аз ӯ шуда буд тамкин кунад. Ин (посухи манфӣ додан) як гуфта аст; гуфтае, ки ба ин наҳзат моҳияти махсус медиҳад ва он моҳияти нафй ва адами тамкин ва таслим дар муқобили тақозоҳои ҷобиронаи қудрати ҳокими замон аст.

Унсури дигаре, ки дар ин наҳзат дахолат дорад, унсури “амр ба маъруф ва наҳй аз мункар” аст, ки дар калимоти худи Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом тасреҳи қотеъ ба ин матлаб шудааст ва шавоҳид ва далоили зиёде дорад. Яъне агар фарзан аз ӯ байъат ҳам намехостанд, боз ӯ сукут намекард.

Унсури дигар, унсури “итмоми ҳуҷҷат” аст. Дар он рӯз, ҷаҳони ислом се маркази бузург ва муассир дошт: Мадина, ки дорулҳиҷраи Пайғамбар буд, Шом, ки дорулхилофа буд ва Кӯфа, ки қаблан дорулхилофаи амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом буд ва ба илова шаҳри ҷадиде буд, ки ба василаи сарбозони мусалмонон дар замони Умар ибни Хаттоб сохта шуда буд ва онро сарбозхонаи исломӣ медонистанд ва аз ин ҷиҳат бо Шом баробарӣ мекард. Аз мардуми Кӯфа яъне аз сарбозхонаи ҷаҳони ислом баъд аз ин ки иттилоъ пайдо мекунанд, ки Имом Ҳусайн ҳозир нашудааст бо Язид байъат кунад, дар

ҳудуди ҳаҷдаҳ ҳазор нома мерасад. Номаҳоро ба марказ мефиристанд; ба Имом Ҳусайн алайҳис салом эълом мекунанд, ки агар шумо ба Кӯфа биёед, мо шуморо ёрӣ мекунем. Инҷо Имом Ҳусайн бар сари дуроҳии таърих аст; агар ба тақозои инҳо посух нагӯяд, қатъан дар муқобили таърих маҳкум аст ва таърихи оянда қазоват хоҳад кард, ки заминаи фавқулъода мусоид буд, вале Имом Ҳусайн аз ин фурсат натавонист истифода кунад ё нахост ё тарсид ва аз ин қабил ҳарфҳо. Имом Ҳусайн барои ин ки итмоми ҳуҷҷате бо мардуме, ки чунин дасте ба сӯи ӯ дароз кардаанд карда бошад, ба тақозои онҳо посух мегӯяд ба тафсиле, ки боз шунидаем. Дар инҷо ин наҳзат, моҳият ва шакл ва буъд ва ранги дигаре ба худ мегирад.

Яке дигар аз ҷанбаҳои ин ҷунбиш, ҷанбаи таблиғии он аст, яъне ин наҳзат дар айни ин ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст ва дар айни ин ки итмоми ҳуҷҷат аст (ва дар айни ин ки адами тамкин дар муқобили тақозои ҷобиронаи қудрати ҳокими замон аст), як таблиғ ва паёмрасонӣ аст, як муаррифӣ ва шиносондани ислом аст.

Маънии таблиғ

Барои ин ки баҳси худамонро шурӯъ кунем, бояд маънии “таблиғ”-ро дуруст тавзеҳ бидиҳем ва махсусан фарқи онро бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар баён кунем, то маълум бишавад, ки унсури таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ ғайр аз унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар ин наҳзат аст.

“Таблиғ” калимае аст, ки дар Қуръони Маҷид зиёд истеъмол шудааст. Дар Қуръони Карим аз пайғамбарони Худо ба унвони мубаллиғони рисолоти илоҳӣ ёд шудааст. Албатта мунҳасир ба пайғамбарон нест. Масалан, Қуръон аз забони пайғамбарон нақл мекунад, ки:

يَا قَوْمِ لَقَدْ أَبْلَغْتُكُمْ رِسَالَةَ رَبِّي وَنَصَحْتُ لَكُمْ وَلَكِنْ لَا تُحِبُّونَ النَّاصِحِينَ

(*Сураи Аъроф, ояти 79*) ё дар бораи пайғамбарон мегӯяд:

مَا عَلَى الرَّسُولِ إِلَّا الْبَلَاغُ

(*Сураи Моида, ояти 99*) Ғараз ин аст, ки калимаи “балоғ”, “таблиғ”, “юбаллиғун” ва он чи ки марбут ба ин модда аст, дар Қуръони Маҷид зиёд истеъмол шудааст. Маънии ин калима чист? Бадбахтона ин калима дар урфи имрӯз сарнавишти шуме яъне маънии манҳусу манфуре пайдо карда, ба тавре, ки имрӯз дар урфи мо форсизабонҳо таблиғ яъне росту дурӯғ ҷур кардан ва дар воқеъ фиребкорӣ ва иғфол барои ба хӯрди мардум додани як коло (реклама); мафҳуми иғфол ба худаш гирифтааст ва аз ин рӯ гоҳе, ки касе дар бораи мавзӯе сӯҳбат мекунад, вақте мехоҳад бигӯяд инҳо асосе надорад, мегӯяд: оқо, инҳо ҳама таблиғот аст, ҳама дурӯғ ва фиребкорӣ аст. Бад-ин ҷиҳат, гоҳе мебинем баъзе

бо истеъмоли ин калима дар мавриди умури динӣ мувофиқ нестанд. Вале ман дар як ҷаласаи дигар ин матлабро ба руфақо гуфтам, ки агар калимае маънии саҳеҳе дорад ва он маънии саҳеҳ дар истеъмолоти Қуръони Маҷид ва “Наҳҷул-балоға” омадааст, мо набояд ба ҷурми ин ки маънии таҳрифӣ пайдо кардааст, он калимаро муҷозот кунем, балки бояд ҳамеша маънии саҳеҳашро ба мардум бигӯем.

Таблиғ бо вусул ва бо “исол” маънии наздик дорад. Дар забони арабӣ дар хеле маворид, зарофатҳо ва латофатҳое аст, ки инҳоро мо масалан дар забони форсии худамон — бо ин ки забони ширин ва васеъе аст — намебинем. Мо дар забони арабӣ калимаи “исол” дорем, калимаи “иблоғ” ҳам дорем. Маънии “исол” чист? Масалан агар бигӯем, порчаеро исол кардам, яъне онро расондам. “Иблоғ” дар форсӣ яъне чӣ? Агар бигӯем фалон чизро иблоғ кардам, боз мегӯем яъне расондам. Дар форсӣ дар мавриди ҳар дуи инҳо калимаи “расидан” ва “расондан” ба кор бурда мешавад, вале дар забони арабӣ “исол”-ро ба ҷойи “иблоғ” намешавад ба кор бурд ва “иблоғ”-ро ҳам ба ҷойи “исол” наметавон ба кор бурд. “Исол” маъмулан дар мавриди расондани чизе ба дасти касе ё дар ҳавзаи касе аст, яъне дар мавриди умури ҷисмонӣ ва моддӣ ба кор меравад. Агар касе бихоҳад колоеро ба шахси дигаре бирасонад, дар инҷо калимаи “исол”-ро ба кор мебаранд. Ё агар касе пеши шумо амонате дорад (амонати моддӣ) ва шумо ин амонатро ба ӯ бирасонед, инҷо мегӯянд амонатро ба соҳибаш исол кард.

Вале иблоғ, дар мавриди расондани як фикр ва ё як паём аст, яъне дар мавриди расондани чизе ба фикр ва руҳ ва замир ва қалби касе ба кор меравад. Ва аз ин рӯ муҳтавои иблоғ наметавонад як амри моддӣ ва ҷисмонӣ бошад, ҳатман як амри маънавӣ ва руҳӣ аст, як фикр ва як эҳсос аст ва ба иборати дигар, маъмулан иблоғро дар мавриди паёмҳо ва саломҳо ва амсоли инҳо ба кор мебаранд; мегӯянд: иблоғи паём кард, иблоғи салом кард. Вақте, ки иблоғи паём мекунад, яъне фикреро, пайғомеро ба дигарон мерасонад ва ҳангоме, ки иблоғи салом мекунад, иблоғи эҳсосот мекунад, иблоғи ишқ мекунад. Дар мавриди чунин чизҳое калимаи “таблиғ” ва “иблоғ” ба кор меравад ва Қуръони Карим ин калимаро дар мавриди рисолот, ки иборат аст аз паёмҳо ба кор бурдааст.

Пас, таблиғ яъне расондани як паём аз касе ба каси дигар. Калимаи “паёмбар” ва “пайғомбар”, ки дар забони форсӣ омадааст, тарҷимаи калимаи “расул” аст, ки ба маънии мубаллиғи рисолат мебошад. Калимаи “рисолат” аз калимоте аст, ки сарнавишти хубе пайдо кардааст. Албатта мо форсизабонҳо (ва то андозае арабизабонҳо) ба чизҳое “рисола” мегӯем, ки бо он мафҳуме, ки “рисолат” дар Қуръон дорад, мутафовит аст. Маъмулан ҷузваҳо ва навиштаҳои кучакро, ки ҳаҷмашон ба андозаи як китоб нест,

“рисола” мегӯянд ва ҳол он ки мавзӯи он рисола ба паёме иртибот надорад. Масалан, фарз кунед касе китобчае менависад дар бораи решаи фалон луғат, дар бораи дастури забони форсӣ ё дастури забони арабӣ; мегӯянд, фалонӣ дар фалон мавзӯъ рисолае навиштааст, дар ҳоле, ки ин исм бо он мавзӯъ (масалан решаи луғат) ҷур дарнамеояд. “Рисола” дар ҷое бояд ба кор равад, ки паёме дар кор бошад, аммо касе, ки як масъалаи илмӣ ё адабиро ҳал кардааст, паёме барои касе наёвардааст.

Дар ин маврид истеъмоли ин калима дуруст нест.

Вале ахиран калимаи “рисолат”-ро дар лафзи форсӣ ба кор мебаранд ва масалан мегӯянд: фалонӣ рисолате дар ҷомеаи худаш дорад, яъне имрӯз дар мавриди касе, ки эҳсос мекунад барои ҷомеаи худаш ва дар ҷомеаи худаш вазифае дорад, ки бояд онро анҷом бидиҳад, мегӯянд, ӯ рисолате дорад. Ин таъбир ва он таъбире, ки дар Қуръон барои калимаи “рисолат” омадааст, агар яке набошад, хеле ба ҳам наздиканд ва ба иборати дигар, ин мафҳум ба мафҳуми “рисолат” дар Қуръон бисёр наздик аст. Қуръон мефармояд:

الَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَالَاتِ اللَّهِ وَيَخْشَوْنَهُ وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ

(*Сураи Аҳзоб, ояти 39*) Онон, ки паёмҳои илоҳиро ба мардум мерасонанд ва ҷуз аз Худо аз аҳаде бим надоранд. Ин, шарти бузурге барои паёмрасон аст, ки баъдҳо агар муваффақ шудем, иншоаллоҳ дар бораш баҳс мекунем.

Фарқи таблиғ бо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

Вақте маълум шуд, ки “иблоғ” ё “таблиғ” расондани паём аст, натиҷа мегирем, “таблиғ”, ки дар Қуръон омадааст ва “амр ба маъруф ва наҳй аз мункар”, ки он ҳам дар Қуръон омадааст, ду масъалаи ҷудогонаанд; албатта бо якдигар пайвастагӣ доранд, вале ду масъала ҳастанд.

Таблиғ марҳилаи шиносондан ва хуб расондан аст, пас марҳилаи шинохт аст. Вале амр ба маъруф ва наҳй аз мункар марбут ба марҳилаи иҷро ва амал аст. Таблиғ худаш як вазифаи умумӣ барои ҳамаи мусалмонон аст, ҳамчунон ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар як вазифаи умумӣ аст.

Вазифае, ки ҳар мусалмон аз назари таблиғ дорад ин аст, ки бояд ин эҳсос дар ӯ пайдо бишавад, ки ба навбаи худаш ҳомили паёми ислом аст. Аммо вазифае, ки ҳар мусалмон дар мавриди амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дорад ин аст, ки бояд ин эҳсос дар ӯ бошад, ки муҷрӣ ва ҷузъи қувваи муҷрияи ин паём аст, ки бояд онро дар ҷомеа ба марҳилаи амал ва таҳаққуқ бирасонад ва ба он либоси айният бипӯшонад. Ин аст, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар як матлаб аст ва таблиғ матлаби дигар.

Аз ин ҷиҳат арз мекунам, ки наҳзати ҳусайнӣ илова бар ҷанба ва лоя ва буъди амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, ҷанба ва лоя ва буъди дигаре дорад ва он таблиғ аст. Ин наҳзати муташобеҳ ва чандлоя яке аз корҳое, ки анҷом додааст ин аст, ки моҳияти исломро ончунон, ки ҳаст шиносондааст; паёми исломро ба ҷаҳони башарият шиносонда ва ироа кардааст, он ҳам чӣ қадр балиғ!

Ҳамон тавр, ки арз кардам, сухан бар ду қисм аст: сухани муҳкам ва сухани муташобеҳ. Медонед, ки сухан аз назари дигар боз бар ду қисм аст: сухани балиғ ва сухани ғайри балиғ. Уламои исломӣ порае аз суханонро суханони фасеҳ ва балиғ мегӯянд. Ба чӣ сухане сухани балиғ мегӯянд? Ба сухане, ки битавонад манзур ва ҳадафи гӯяндаро ба хубӣ ва шоистагӣ ба фикр ва руҳ ва ба эҳсоси тараф бирасонад; сухане, ки битавонад воқеан ҳадафи гӯяндаро бирасонад.

Наҳзат ҳам ҳамин тавр аст; наҳзати балиғ ва наҳзати ғайри балиғ дорем. Наҳзати балиғ наҳзате аст, ки паёмеро, ки мехоҳад ба дилҳо ва фикрҳо ва эҳсосҳо иблоғ кунад ва бирасонад, ба хубӣ бирасонад. Аз ин ҷанба вақте нигоҳ мекунем, мебинем, ки балиғтар ва расотар ва расонандатар аз наҳзати ҳусайнӣ наҳзате дар ҷаҳон пайдо намешавад. Наҳзате, ки шумо аз як тараф мебинед аз назари абъоди маконӣ ҷаҳонӣ шудааст ва аз тарафи дигар аз назари замонӣ баъд аз ҳудуди чаҳордаҳ қарн қудрати расонандагӣ ва қудрати нуфузаш на танҳо коста нашуда, балки афзоиш ёфтааст; наҳзате аст фавқулъода қавӣ.

Ҳол мо бояд миқдоре роҷеъ ба худи таблиғ баҳс кунем, то аносури таблиғӣ дар наҳзати Имом Ҳусайнро дуруст бишносем ва баён кунем.

Маъно ва мафҳуми таблиғро донистем ва донистем, ки Қуръони Маҷид рӯи калимаи “таблиғ” такя кардааст. Дар “Наҳҷул-балоға” ҷумлаи маъруфе аст дар бораи фалсафаи беъсати анбиё; мефармояд:

فَبَعَثَ فيهِمْ رُسُلَهُ وَواتَرَ اِلَيْهِمْ أَنْبِياءَهُ لِيَسْتَأْدوهُمْ مِيثاقَ فِطْرَتِهِ وَيُذَكِّروهُمْ مَنْسِيَّ نِعْمَتِهِ وَيَحْتَجّوا عَلَيْهِمْ بِالتَّبليغِ

Яъне Худо паёмбаронро яке пушти сари дигаре фиристод, барои чӣ? Аввалан барои ин ки Худо паймоне, бо таквин, дар сиришти одамиён ниҳодааст. Мехоҳад бигӯяд, дин амре нест, ки бар башар таҳмил шуда бошад, балки посух ба нидои фитрати башар аст. Паймоне, ки Худо бастааст, рӯи коғаз нест, бо лафз нест, бо савт нест, бо байъат нест, балки бо қалами тақдир аст, дар умқи руҳ ва сиришти инсонҳост. Мегӯяд, пайғамбарон омадаанд ба мардум бигӯянд: айюҳаннос! Он паймоне, ки дар сиришти худ бо Худои худ бастаед, мо вафои ба он паймонро аз шумо мехоҳем, на чизи дигар.

وَيُذَكِّرُوهُمْ مَنْسِيَّ نِعْمَتِهِ

Паёмбарон ёдоваронанд.

وَيَحْتَجّوا عَلَيْهِمْ بِالتَّبليغِ

Ва барои ин ки паёми Худоро ба мардум иблоғ кунанд ва аз ин роҳ бо мардум итмоми ҳуҷҷат намоянд.

وَيُثيروا لَهُمْ دَفائِنَ الْعُقولِ

Чӣ ҷумлаҳои аҷибе! Мефармояд: дар ақлҳои мардум, дар фикри мардум, дар руҳи мардум, дар аъмоқи ботини мардум ганҷҳое мадфун аст; ганҷҳои ақлонӣ дар ақли мардум вуҷуд дорад, вале рӯи ин ганҷҳоро хоку ғубор пӯшонидааст; пайғамбарон омадаанд, то ин ғуборҳо ва лояҳои хокро бизудоянд ва ин ганҷеро, ки мардум дар даруни худ доранд, ба худи онҳо бинамоёнанд. Ҳар фарде дар хонаи руҳу равони худ ганҷе дорад ва аз он бехабар аст; пайғамбарон омадаанд, он ганҷро бинамоёнанд, то ҳар кас бо камоли шавқу шӯр ва ибтиҳоҷ дар садади берун овардани ганҷи худаш бошад.

Пайғамбарони Худо ҳама мубаллиғанд ба ин баён, ки арз кардам, вале ҳама мушарреъ (шариатоваранда) нестанд. Ин аст, ки пайғамбарони Худо ду дастаанд: пайғамбароне, ки ҳам мушарреъанд ва ҳам мубаллиғ ва пайғамбароне, ки фақат мубаллиғанд. Пайғамбарони мушарреъ яъне пайғамбарони қонунгузор, ки иддаашон хеле кам аст; ҷамъан панҷ то мешаванд: Нӯҳ, Иброҳим, Мӯсо, Исо ва хотамуланбиё Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ. Вале ҳамаи пайғамбарон мубаллиғи рисолоти илоҳӣ ҳастанд ҳамчунон ки омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар ҳастанд.

Ин ки шунидаед яксаду бисту чаҳор ҳазор пайғамбар омадаанд, ҳар пайғамбаре барои башар қонун наёварда; онҳо, ки қонун овардаанд маҳдуданд. Соири пайғамбарон мубаллиғи паёме будаанд, ки пайғамбарони мушарреъ овардаанд ва онҳоро пайғамбарони таблиғӣ бояд гуфт. Ҳамон тавр, ки баъд аз пайғамбари охируззамон ва хотам пайғамбари мушарреъе нахоҳад омад, баъд аз ӯ пайғамбари мубаллиғе ҳам нахоҳад омад, вале мубаллиғ бояд бошад, чӣ тавр? Чун давраи хатмия давраи камол ва булуғи башар аст. Дар ин давра он вазифаеро, ки саду бисту чаҳор ҳазор пайғамбар минҳои панҷ то анҷом медоданд (ва дар воқеъ Худо худаш анҷом медод, яъне пайғамбаронеро барои ин кор мабъус мекард), яъне таблиғро, бояд мардуми оддӣ анҷом бидиҳанд. Ин аст, ки мубаллиғини воқеии ислом, паёмбарони паёмбаранд, яъне паёми паёмбарро ба мардум мерасонанд.

Шароити муваффақияти як паём: ғино ва ҳаққонияти муҳтавои паём

Аммо шарти муваффақияти як паём чист? Чӣ гуна паёме метавонад муваффақ бишавад? Оё ислом худаш паёми муваффақе будааст? Агар оре, рози муваффақияти ислом дар чист?

Шароити муваффақияти як паём чаҳор чиз аст, ки агар ин чаҳор шарт дар як ҷо ҷамъ бишавад, муваффақияти он паём қатъӣ аст, вале агар ин чаҳор шарт ҷамъ нашавад, шаклҳои мухталифе пайдо мешавад.

Аввалин шарти муваффақияти як паём, ақлӣ будан, қудрат ва нерӯмандии муҳтавои он аст, яъне ин ки худи он паём барои башар чӣ оварда бошад, чӣ гуна бароварандаи ниёзҳои башар бошад. Башар садҳо ниёз дорад; ниёзҳои фикрӣ, эҳсосӣ, амалӣ, иҷтимоӣ ва моддӣ. Як паём на танҳо набояд бар зидди ниёзҳои башар бошад, балки бояд мувофиқ ва мунтабиқ бар онҳо бошад. Як паём дар дараҷаи аввал бояд мантиқӣ бошад, яъне бо ақлу фикри башар созгор бошад; ба гунае бошад, ки ҷозибаи ақли инсон онро ба сӯи худаш бикашад. Як паём агар зидди мантиқ ва ақл бошад, ҳарчанд масалан эҳсосӣ бошад, барои муддати каме мумкин аст давом пайдо кунад, вале барои ҳамеша қобили давом нест. Ин аст, ки Қуръони Карим доиман дам аз таъаққул ва тафаккур мезанад. Қуръон ҳаргиз ақлу мантиқро тарк накардааст, балки аз ақлу мантиқ ба унвони як поя барои худ истифода карда ва даъват ба таъаққул намудааст.

Ҳамчунин барои ин ки муҳтавои як паём ғанӣ ва нерӯманд бошад, бояд бо эҳсосоти башар интибоқ дошта бошад. Инсон конуне дорад ғайр аз конуни ақлӣ ва фикрӣ ба номи конуни эҳсосот, ки онро наметавон нодида гирифт. Тавофуқ ва ҳамоҳангӣ бо эҳсосот ва то ҳадде ишбоъи эҳсосоти олӣ ва рақиқи башар ва низ ҳамоҳангӣ бо ниёзҳои зиндагӣ ва ниёзҳои амалӣ ва айнии башар, аз дигар шароити ғанӣ будани муҳтавои як паём аст. Агар паёме бо ниёзҳои табиии башар зиддият дошта бошад, наметавонад муваффақ бошад.

Ҳадисе дорем, ки дар фиқҳ ҳам ба он истинод мекунанд. Пайғамбари Акрам фармуд:

اَلْاِسْلامُ يَعْلو وَلا يُعْلى عَلَيْهِ

Яъне ислом улувв ва бартарӣ пайдо мекунад, ғалаба пайдо мекунад ва чизе бар ислом пирӯз намешавад ва ғалаба пайдо намекунад. Ин ҳадис аз он аҳодисе аст, ки ҳар гурӯҳ аз уламои ислом бо як дид ба он нигариста ва навъе истинбот кардаанд. Ва дар воқеъ аз он ҷумлаҳои муташобеҳи Пайғамбар аст, ба ин маънӣ, ки аз “ҷавомеъ ул-калим”-и Пайғамбар аст, яъне як лафз аст ба ҷойи чанд маънӣ.

Тавзеҳ ин ки: уламои фиқҳ, ки аз диди фиқҳӣ ба ҳар чизе нигоҳ мекунанд, аз ин ҳадис чунин истинбот кардаанд, ки дар муқаррароти иҷтимоии ислом ҳеч қонуне, ки натиҷаи он ин бошад, ки ғайри мусалмон бар мусалмон бартарӣ пайдо кунад вуҷуд надорад ва ислом чунин қонунеро имзо намекунад. Барои мисол, оё дар ҷомеаи исломӣ, як нафар аз аҳли зимма (монанди яҳудиён ва масеҳиён ва аҳёнан зартуштиён) метавонад дар ҳолу шаъне қарор бигирад, ки ӯ ҳоким бошад ва як мусалмон маҳкум ва масалан як бандаи мусалмонро дар ихтиёри худаш бигирад? Фуқаҳо мегӯянд:

اَلْإِسْلامُ يَعْلو وَلا يُعْلى عَلَيْهِ

Яъне дасти ислом ҳамеша бояд боло бошад, ислом дасти пойинро ҳаргиз намепазирад ва аз ин асл аҳкомеро истинбот мекунанд.

Мутакаллимон, ки аз ҷанбаи дигаре ба масоил нигоҳ мекунанд ва ба ин ҳадис аз диди каломӣ нигаристаанд (мутакаллим сару кораш бо мантиқ ва истидлол ва баҳсу муҳоҷҷа аст) мегӯянд:

اَلْإِسْلامُ يَعْلو وَلا يُعْلى عَلَيْهِ

Яъне мантиқи ислом бар ҳар мантиқи дигаре бартарӣ дорад. Онҷо, ки мантиққо ва истидлолҳо бо якдигар мувоҷеҳ мешаванд, дар арсаи истидлолҳо ва дар майдони эҳтиҷоҷҳо ва дар сарзамини мантиққо мантиқи ислом бар ҳар мантиқи дигаре бартарӣ ва ғалаба дорад.

Ин, дид ва буъди дигаре аз ин ҳадис аст.

Онҳо, ки аз диди иҷтимоӣ ба ин ҳадис нигоҳ кардаанд, масъаларо ба шакли дигаре тарҳ мекунанд, мегӯянд:

اَلْإِسْلامُ يَعْلو وَلا يُعْلى عَلَيْهِ

Яъне дар ҷараёни амал, бартарӣ бо ислом аст, чаро? Барои ин ки қонуни ислом аз ҳар қонуни дигаре бар ниёзҳои башар мунтабиқтар аст ва аз ин рӯ роҳи худашро амалан беҳтар боз мекунад.

Инсон вақте нигоҳе ба дастгоҳҳои таблиғотии масеҳият мекунад ва он вусъат ва имконот, он васоил, он абзорҳо, он афрод, он будҷаи азим, он токтикҳо ва он ҳама таҷҳизот ва ташкилоти таблиғотиро мебинад, мегӯяд, магар бо ин ҳама дастгоҳи таблиғотии масеҳият, ислом метавонад муқовимат кунад?! Воқеан аҷиб аст! Вақте ба худамон нигоҳ мекунем, мебинем аз назари дастгоҳи таблиғотӣ воқеан дар ҳадди сифр ҳастем. Ҳеч дине дар дунё ба андозаи ислом аз назари дастгоҳи таблиғотӣ ва мубаллиғинаш заъиф нест. Ҳатто вақте ба яҳуд, ки ақаллият аст нигоҳ мекунем, мебинем инҳо бисёр муҷаҳҳаз ҳастанд, лоақал ба омилҳои таҳриф. Инҳо ҷанбаи исботӣ надоранд,

ки мардумро даъват ба яҳудигарӣ кунанд, вале ҷанбаи тахрибиашон зиёд аст, яъне тахриби мактабҳои дигарон. Шумо мебинед як нафар яҳудӣ як умр дар як ришта аз ришташ ҳои исломӣ дарс мехонад барои ин ки як курсии исломиро дар як донишгоҳ ишғол кунад ва дар он курсӣ кори худро анҷом бидиҳад, ё як китоб бинависад ва дар он китоб фикри худашро пахш кунад. Ҳеч медонед, ки (инро ман аз аҳли иттилоъ мукаррар шунидаам) беш аз 90 дарсад курсиҳои исломшиносии ҷаҳон дар ишғоли яҳудиҳост? Исломшиносҳои ҷаҳон яҳудиҳо ҳастанд. Шумо бибинед инҳо чӣ қадр қудрати зарба задан доранд! Он, масеҳият ва ин яҳудият!

Шумо ҳаминҳое, ки исмашонро фирқаи золлаи гумроҳи сиёсӣ (фирқаи баҳоият) гузоштаед ва дар кишвари худамон вуҷуд доранд, ҳамин ҳизби кучакро бибинед чӣ қадр дастгоҳи таблиғотиаш қавӣ аст!

Бо ин ҳол, чанд сол пеш дар рӯзномае хондам — аз рӯзномаи Le Monde нақл карда буд — ки дар тӯли чанд соли ахир, 14 миллион нафар аз мардуми дунё мусалмон шудаанд. Бо кадом таблиғ? Мубаллиғе набуда, шояд ҳадди аксар як радиое доштаанд, ки гоҳе аз кишварҳои арабӣ барномаҳое мегирифтаанд. Бо як шахси мутталеъ, ки аз Урупо омада буд, ин мавзӯъро дар миён гузоштам. Ӯ, ки солҳои сол дар Урупо буда ва алъон ҳам дар Урупост, гуфт: ман бо фалон мақоми масеҳӣ, ки сӯҳбат кардам, гуфт: Le Monde иштибоҳ карда, дар солҳои ахир 25 миллион нафар мусалмон шудаанд ва гуфт: дар Офриқо ду нерӯ дар ҳоли пешравӣ аст: ислом ва коммунизм ва масеҳият ҳар чи фаъолият мекунад, пешравии қобили таваҷҷӯҳе надорад дар ҳоле, ки дастгоҳи таблиғотии он қавӣ ва васеъ ва дастгоҳи таблиғотии ислом заъиф аст.

Иллаташ ин аст, ки муҳтавоҳо фарқ мекунад; ин муҳтаво қавӣ ва мантиқӣ аст ва он муҳтаво ба истилоҳ эҳсосӣ аст, аз назари эҳсосӣ бисёр қавӣ аст. Ин муҳтаво амалӣ аст ва бо зиндагии амалӣ сару кор дорад, вале он муҳтаво таҳмилӣ аст. Ҳарфи аввали ислом, мисли об дар гулӯи як ташна, ба гуворӣ нуфуз мекунад. Мегӯяд, ақл ва бо ақл Худо ва тавҳидро исбот мекунад. Вале масеҳият, ҳарфи аввалаш ин аст, ки ақлро канор бигузор ва бигӯ таслис!

Айём, айёми Муҳаррам аст ва мо ин баҳсро тарҳ кардаем барои ин ки паёми ҳусайниро ба мардум бирасонем ва баъд баён кунем, ки наҳзати ҳусайнӣ чӣ гуна паёмрасони ислом буд, чӣ гуна Имом Ҳусайн тавонист бо наҳзати худаш паёми исломро ба ҷаҳон ва ҷаҳониён бирасонад.

Хабари шаҳодати Муслим ва Ҳонӣ

Имом Ҳусайн алайҳис салом дар ҳаштуми Зилҳаҷҷа, дар ҳамон ҷӯшу хурӯше, ки ҳоҷиҳо вориди Макка мешуданд ва дар ҳамон рӯзе, ки бояд ба ҷониби Мино ва Арафот ҳаракат кунанд, пушт ба Макка кард ва ҳаракат намуд ва он суханони ғаррои маъруфро — ки нақл аз Сайид ибни Товус аст — иншо кард. Манзил ба манзил омад, то ба наздики сарҳади Ироқ расид. Ҳол дар Кӯфа чӣ хабар аст ва чӣ мегузарад, Худо олим аст. Достони аҷиб ва асафангези ҷаноби Муслим дар онҷо рух додааст. Имом Ҳусайн алайҳис салом дар байни роҳ шахсеро диданд, ки аз тарафи Кӯфа ба ин тараф меомад. Лаҳзае таваққуф карданд ба аломати ин ки ман бо ту кор дорам ва мегӯянд, ин шахс Имом Ҳусайн алайҳис саломро мешинохт ва аз тарафи дигар ҳомили хабари асафоваре буд. Фаҳмид, ки агар назди Имом Ҳусайн биравад, аз ӯ хоҳад пурсид, ки аз Кӯфа чӣ хабар ва бояд хабари бадеро ба эшон бидиҳад. Нахост он хабарро бидиҳад ва аз ин рӯ роҳашро каҷ кард ва рафт тарафи дигар. Ду нафари дигар аз қабилаи Банӣ Асад, ки дар Макка буданд ва дар аъмоли ҳаҷ ширкат карда буданд, баъд аз он ки кори ҳаҷҷашон ба поён расид, чун қасди нусрати Имом Ҳусайнро доштанд, ба суръат аз пушти сари эшон ҳаракат карданд, то худашонро ба қофилаи Абӯабдуллоҳ бирасонанд.

Инҳо тақрибан як манзил ақиб буданд. Бархӯрд карданд бо ҳамон шахсе, ки аз Кӯфа меомад. Ба якдигар, ки расиданд, ба расми араб интисоб карданд, яъне баъд аз салому алайк, ин ду нафар аз ӯ пурсиданд: насабатро бигӯ, аз кадом қабила ҳастӣ? Гуфт: ман аз қабилаи Банӣ Асад ҳастам. Инҳо гуфтанд: аҷаб!

نحن أسديان

Мо ҳам, ки аз Банӣ Асад ҳастем. Пас бигӯ, падарат кист, падарбузургат кист? Ӯ посух гуфт, инҳо ҳам гуфтанд, то ҳамдигарро шинохтанд. Баъд, ин ду нафар, ки аз Мадина меомаданд, гуфтанд: аз Кӯфа чӣ хабар? Гуфт: ҳақиқат ин аст, ки аз Кӯфа хабари бисёр ногуворе аст ва Абӯабдуллоҳ, ки аз Макка ба Кӯфа мерафтанд, вақте маро диданд, таваққуфе карданд ва ман чун фаҳмидам барои истихбор аз Кӯфа аст, нахостам хабари шумро ба ҳазрат бидиҳам. Тамоми қазоёи Кӯфаро барои инҳо таъриф кард.

Ин ду нафар омаданд, то ба ҳазрат расиданд. Ба манзили аввалӣ, ки расиданд ҳарфе назаданд. Сабр карданд, то он гоҳ, ки Абӯабдуллоҳ дар манзиле фуруд омаданд, ки тақрибан як шабонарӯз аз он вақт, ки бо он шахс мулоқот карда буданд фосилаи замонӣ дошт. Ҳазрат дар хайма нишаста ва иддае аз асҳоб ҳамроҳи эшон буданд, ки он ду нафар омаданд ва арз карданд: ё Абӯабдуллоҳ! Мо хабаре дорем, иҷоза медиҳед онро дар ҳамин маҷлис ба арзи шумо бирасонем ё мехоҳед дар хилват ба шумо арз кунем? Фармуд: ман

аз асҳоби худам чизеро махфӣ намекунам, ҳар чи ҳаст дар ҳузури асҳоби ман бигӯед. Яке аз он ду нафар арз кард: ё ибна Расулиллоҳ! Мо бо он марде, ки дирӯз бо шумо бархӯрд кард, вале таваққуф накард, мулоқот кардем; ӯ марди қобили эътимоде буд, мо ӯро мешиносем, ҳамқабилаи мост, аз Банӣ Асад аст. Мо аз ӯ пурсидем дар Кӯфа чӣ хабар аст? Хабари баде дошт, гуфт, ман аз Кӯфа хориҷ нашудам, магар ин ки ба чашми худ дидам, ки Муслим ва Ҳониро шаҳид карда буданд ва бадани муқаддаси онҳоро дар ҳоле, ки ресмон ба поҳояшон баста буданд, дар миёни кӯчаҳо ва бозорҳои Кӯфа мекашиданд. Абӯабдуллоҳ хабари марги Муслимро, ки шунид, чашмҳояш пур аз ашк шуд, вале фавран ин оятро тиловат кард:

مِنَ الْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُوا مَا عَاهَدُوا اللَّهَ عَلَيْهِ فَمِنْهُمْ مَنْ قَضَى نَحْبَهُ وَمِنْهُمْ مَنْ يَنْتَظِرُ وَمَا بَدَّلُوا تَبْدِيلً

(*“Бархе аз он мӯъминон бузургмардоне ҳастанд, ки ба аҳду паймоне, ки бо Худо бастанд комилан вафо карданд, пас бархе паймони хеш гузорданд (ва бар он аҳд истодагӣ карданд, то ба роҳи Худо шаҳид шуданд) ва бархе ба интизор (-и файзи шаҳодат) муқовамат карда ва ҳеч аҳди худро тағйир надоданд.” (Сураи Аҳзоб, ояти 23)*)

Дар чунин мавқеияти Абӯабдуллоҳ намегӯяд, Кӯфаро, ки гирифтанд, Муслим, ки кушта шуд, Ҳонӣ, ки кушта шуд, пас мо корамон тамом шуд, мо шикаст хӯрдем, аз ҳамин ҷо баргардем; ҷумлае гуфт, ки расонд матлаб чизи дигаре аст. Ин ояти Қуръон, ки алъон хондам, зоҳиран дар бораи ҷанги Аҳзоб аст, яъне баъзе мӯъминин ба паймони худашон бо Худо вафо карданд ва дар роҳи Ҳақ шаҳид шуданд ва баъзе дигар интизор мекашанд, ки кай навбати ҷонбозии онҳо бирасад.

Фармуд: Муслим вазифаи худашро анҷом дод, навбати мост.

Корвони Шаҳид рафт аз пеш,

В-они мо рафта гиру меандеш.

(Рӯдакӣ)

Ӯ ба вазифаи худаш амал кард, дигар навбати мост. Албатта дар инҷо ҳар як суханоне гуфтанд.

Иддае ҳам буданд, ки дар байни роҳ ба Абӯабдуллоҳ мулҳақ шуда буданд, афроди ғайри асил, ки Абӯабдуллоҳ онҳоро дар фавосили мухталиф аз худаш дур кард. Инҳо ҳамин, ки фаҳмиданд дар Кӯфа хабаре нест яъне ошу палаве нест, баланд шуданд ва рафтанд.

لَمْ يَبْقَ مَعَهُ اِلاّ أَهْلَ بَيْتِهِ وَصَفْوَتَهُ

Фақат хонадон ва некони асҳобаш бо ӯ боқӣ монданд, ки албатта иддаи онҳо дар он вақт хеле кам буд (дар худи Карбало иддае аз касоне, ки қаблан иғфол шуда ва рафта буданд дар лашкар Умари Саъд, як-як бедор шуданд ва ба Абӯабдуллоҳ мулҳақ гардиданд),

шояд 20 нафар бештар ҳамроҳи Абӯабдуллоҳ набуданд. Дар чунин вазъе хабари такондиҳандаи шаҳодати Муслим ва Ҳонӣ ба Абӯабдуллоҳ ва ёрони ӯ расид. Соҳиби “Лисонул-ғайб” мегӯяд, баъзе аз муаррихин нақл кардаанд, Имом Ҳусайн алайҳис салом, ки чизеро аз асҳоби худаш пинҳон намекард, баъд аз шунидани ин хабар, мебоист ба хаймаи занҳо ва баччаҳо биравад ва хабари шаҳодати Муслимро ба онҳо бидиҳад, дар ҳоле, ки дар миёни онҳо хонаводаи Муслим ҳаст, баччаҳои кучаки Муслим ҳастанд, бародарони кучаки Муслим ҳастанд, хоҳар ва баъзе аз духтарамуҳо ва касони Муслим ҳастанд.

Ҳоло Абӯабдуллоҳ ба чӣ шакл ба онҳо иттилоъ бидиҳад? Муслим духтари кучаке дошт. Имом Ҳусайн вақте, ки нишаст, ӯро садо кард, фармуд: бигӯед биёяд. Духтари Муслимро оварданд. Ӯро рӯи зонуи худаш нишонд ва шурӯъ кард ба навозиш кардан. Духтарак зирак ва боҳуш буд; дид, ки ин навозиш як навозиши фавқулъода аст, падарона аст, аз ин рӯ арз кард: ё Абӯабдуллоҳ! Ё ибна Расулиллоҳ! Агар падарам бимирад, чӣ қадр?.. Абӯабдуллоҳ мутаассир шуд, фармуд: духтаракам! Ман ба ҷойи падарат ҳастам. Баъд аз ӯ ман ҷойи падаратро мегирам. Садои гиря аз хонадони Абӯабдуллоҳ баланд шуд. Абӯабдуллоҳ рӯ кард ба фарзандони Ақил ва фармуд: авлоди Ақил! Шумо як Муслим додед кофӣ аст, аз Банӣ Ақил як Муслим кофӣ аст; шумо агар мехоҳед баргардед, баргардед. Арз карданд: ё Абӯабдуллоҳ! Ё ибна Расулиллоҳ! Мо то ҳоло, ки Муслимро шаҳид надода будем, дар рикоби ту будем, ҳоло, ки талабкори хуни Муслим ҳастем, раҳо кунем? Абадан, мо ҳам дар хидмати шумо хоҳем буд, то ҳамон сарнавиште, ки насиби Муслим шуд, насиби мо ҳам бишавад.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطّاهرين

Васоил ва абзори паёмрасонӣ

Дар ҷаласаи пеш гуфтем, ки барои муваффақияти як паём шуруте лозим аст. Муваффақияти як паём вобаста ба чаҳор шарт аст, ки аввалини онҳо марбут аст ба моҳияти худи паём, ба ғанӣ будан ва қудрати маънавии худи паём ва ба таъбири Қуръон, ба ҳаққонияти худи паём. Ин, як шарт аст, ки марбут ба паёмрасон нест, марбут ба худи паём аст. Ва дар ин ки ҳаққонияти як паём худ омили бисёр муассире дар муваффақияти он паём аст, на аз назари илмӣ ва равоншиносӣ ҷои тардид аст ва на аз назари мантиқи динӣ ва мазҳабӣ. Қуръони Маҷид рӯи ин матлаб такя дорад, ки як амр агар ҳаққу ҳақиқат бошад, худи ҳамон ҳақиқат будан омиле аст барои бақои он. Ва низ ботил будан, бемуҳтаво будан, бефоида ва беасар будани як паём, худ омили фанои он ва чизе аст, ки аз дарун онро аз байн мебарад. Масале дар Қуръони Маҷид дар ин замина ҳаст, ки мефармояд:

أَنْزَلَ مِنَ السَّمَاءِ مَاءً فَسَالَتْ أَوْدِيَةٌ بِقَدَرِهَا فَاحْتَمَلَ السَّيْلُ زَبَدًا رَابِيًا وَمِمَّا يُوقِدُونَ عَلَيْهِ فِي النَّارِ ابْتِغَاءَ حِلْيَةٍ أَوْ مَتَاعٍ زَبَدٌ مِثْلُهُ كَذَلِكَ يَضْرِبُ اللَّهُ الْحَقَّ وَالْبَاطِلَ فَأَمَّا الزَّبَدُ فَيَذْهَبُ جُفَاءً وَأَمَّا مَا يَنْفَعُ النَّاسَ فَيَمْكُثُ فِي الْأَرْضِ كَذَلِكَ يَضْرِبُ اللَّهُ الْأَمْثَالَ

(*Сураи Раъд, ояти 17*) Ба таври хулоса маънии қисмати ахири оятро зикр мекунам. Баъд аз ин ки мавзӯъи омадани борон ва роҳ афтодани селро баён мекунад ва ин ки ҳар ҷӯй ва наҳре, бузург ё кучак, ба андозаи зарфияти худ об мегирад ва дар хилоли ҳаракати сел кафе рӯи он қарор мегирад ва каф аҳёнан рӯи обро мепӯшонад, мефармояд: аммо каф аз байн меравад, он чи ки ба ҳоли мардум нофеъ ва муфид аст яъне худи об боқӣ мемонад. Баъд мегӯяд: ин масал маспли ҳаққу ботил аст.

Омилҳои дигаре ҳам барои муваффақияти як паём ҳаст, ки марбут ба моҳият ва муҳтавои он нест. Як паём вақте мехоҳад аз руҳе ба руҳи дигар бирасад ва дар руҳҳои мардум нуфуз кунад, ҷомеаеро таҳти таъсир ва нуфузи маънавии худаш қарор бидиҳад, бидуни шак эҳтиёҷ ба паёмрасон дорад. Хусусиёт ва шахсият ва лиёқати паёмрасон ва шароите, ки бояд дар паёмрасон вуҷуд дошта бошад, худ матлабе аст, ки бояд ҷудогона дар бораш баҳс кунем.

Омили дигар, васоил ва абзорҳое аст, ки барои расондани паём ба кор бурда мешавад.

Як паёмрасон бидуни шак эҳтиёҷ ба як силсила васоил ва абзорҳое дорад, ки ба василаи онҳо паёмеро, ки маъмури иблоғи он аст, ба мардум мерасонад. Омили чаҳорум, метод ва сабк ва услуби паёмрасон аст, кайфияти расондани паём. Пас, чаҳор омиле, ки дар муваффақият ё шикасти як паём муассиранд, иборатанд аз:

1) моҳияти паём (ҳаққоният ва ғанӣ будани муҳтавои он);

2) шахсияти хосси паёмрасон;

3) абзори паёмрасонӣ;

4) кайфият ва метод ва услуби расондани паём.

Бо баҳс дар васоил ва абзори паёмрасонӣ баҳсро идома медиҳам.

Абзори паёмрасонӣ

Як паём агар бихоҳад ба мардум бирасад, бидуни шак эҳтиёҷ ба васила ва абзор дорад. Ман агар бихоҳам паёмеро ба шумо иблоғ кунам, бидуни васила барои ман мақдур нест, яъне наметавонам ҳамин тавр, ки инҷо нишастаам, ба истилоҳ аз тариқи ишроқ онро ба қалби шумо илқо кунам, бидуни ин ки аз ҳеч василае истифода карда бошам. Ҳадди ақалли чизе, ки ман метавонам аз он истифода кунам, худи сухан аст, лафз аст, қавл аст, суханронӣ аст, китоб аст, навиштан аст, наср аст, шеър аст, вагарна ин минбар ҳам, ки алъон дар инҷо қарор дорад худаш як васила ва абзор барои таблиғ аст, ин микрофон, ки дар инҷо қарор гирифтааст худаш як васила ва абзор барои расондани паём аст ва ҳазорон василаи дигар.

Албатта, аввалин шарти расондани як паёми илоҳӣ ин аст, ки аз ҳар гуна василае наметавон истифода кард, яъне барои ин ки паёми илоҳӣ расонда бишавад ва барои ин ки ҳадаф муқаддас аст, набояд инсон ин ҷур хаёл кунад, ки аз ҳар васила, ки шуд, барои расидан ба ин ҳадаф бояд истифода кунем, мехоҳад ин васила машрӯъ бошад ва ё номашрӯъ. (Ин ки) мегӯянд:

الْغاياتُ تُبَرِّرُ الْمَبادي

Яъне натиҷаҳо муқаддамотро тақвиз мекунанд; ҳамин қадр, ки ҳадаф ҳадафи дурусте буд, дигар ба муқаддима нигоҳ накун, чунин асле матруд аст. Мо агар бихоҳем барои як ҳадафи муқаддас қадам бардорем, аз як василаи муқаддас ва ҳадди ақал аз як василаи машрӯъ метавонем истифода кунем. Агар василаи номашрӯъ буд, набояд ба тарафи он биравем. Дар инҷо мо мебинем, ки гоҳе барои ҳадафҳое, ки худи ҳадаф ба худии худ машрӯъ аст, аз васоили номашрӯъ истифода мешавад ва худи ин мерасонад касоне, ки вонамуд мекунанд мо чунон ҳадафе дорем ва инҳо василаи аст, худи ҳамон василаи барои онҳо ҳадаф аст.

Барои мисол, дар қадим мавзӯе буд ба номи “шабеҳхонӣ” — дар Теҳрон ҳам хеле зиёд будааст — ки дар воқеъ навъе намоиш аз ҳодисаи Карбало буд. Намоиши қазияи Карбало ба худии худ бидуни шак ишкол надорад, яъне намоиш аз он ҷиҳат, ки намоиш аст ишкол надорад.

Вале мо медидем ва ҳама иттилоъ доранд, ки худи масъалаи шабеҳхонӣ барои мардум ҳадаф шуда буд. Дигар, ҳадаф Имом Ҳусайн ва ироаи достони Карбало ва муҷассам кардани он ҳодиса матраҳ набуд.

Ҳазорон чиз дар шабеҳхонӣ дохил шуда буд, ки онро ба ҳар чизе шабеҳ мекард ғайр аз ҳодисаи Карбало ва қазияи Имом Ҳусайн. Ва чӣ хиёнатҳо ва шаҳватроиҳо ва акозиб ва ҳуққабозиҳо дар ҳамин шабеҳхониҳо мешуд, ки гоҳе ба таври қатъ муртакиби амри ҳаром мешуданд; ба ҳеч чиз пойбанд набуданд. Ин матлаб аз кӯдакӣ дар ёдам ҳаст, ки дар ҳамин маҳалли худамон, Фаримон, ҳамеша масъалаи шабеҳхонӣ мавриди низоъи марҳуми абавии мо (ризвонуллоҳи алайҳ) ва мардум буд. Гӯё ин ки эшон дар асари нуфузе, ки доштанд, то ҳадди зиёде дар он минтақа ҷилави ин масъаларо гирифта буданд, вале ҳамеша як кашмакаш дар ин маврид вуҷуд дошт. Эшон мегуфтанд, шумо корҳои мусалламулҳаромеро ба номи Имом Ҳусайн муртакиб мешавед ва ин, кори дурусте нест.

Ёдам ҳаст, дар солҳое, ки дар Қум будем, дар онҷо ҳам як намоишҳо ва шабеҳҳои хеле музахрафе дар миёни мардум буд. Солҳои аввали марҷаъияти марҳуми Оятуллоҳ Буруҷердӣ (ризвонуллоҳи алайҳ) буд, ки қудрати фавқулъода доштанд. Қабл аз Муҳаррам буд. Ба эшон гуфтанд, вазъи шабеҳхонии мо ин ҷур аст. Даъват карданд, тамоми руасои ҳайъатҳо ба манзили эшон омаданд. Аз онҳо пурсиданд: шумо муқаллиди чӣ касе ҳастед? Ҳама гуфтанд: мо муқаллиди шумо ҳастем. Фармуданд: агар муқаллиди ман ҳастед, фатвои ман ин аст, ки ин шабеҳҳое, ки шумо ба ин шакл дармеоваред, ҳаром аст. Бо камоли сароҳат ба оқо арз карданд, ки оқо! Мо дар тамоми сол муқаллиди шумо ҳастем, илло ин се чаҳор рӯз, ки абадан аз шумо тақлид намекунем! Гуфтанд ва рафтанд ва ба ҳарфи марҷаъи тақлидашон эътино накарданд. Ин нишон медиҳад, ки ҳадаф Имом Ҳусайн нест, ҳадаф ислом нест, намоише аст, ки аз он истифодаҳои дигаре ва лоақал лаззате мебаранд. Ин, шакли қадимиаш буд.

Шакли модернашро мо имрӯз дар намоишҳое, ки барои урафо ва фалосифа ҳар чанд вақт як бор дар хориҷ ва дохил ба унвони кунгурае бузург ба номи фалон орифи бузург масалан Мавлавӣ ташкил медиҳанд, мебинем. Як чизе ҳам мегӯянд, ки урафо маҷлиси самоъ доранд, ки дар худи маҷлиси самоъ ҳазор ҳарф аст. Ҳоло гирам он марди ориф маҷлиси самоъе ҳам доштааст; он маҷлиси самоъ машрӯъ ё номашрӯъ буда ман коре надорам, вале он маҷлиси самоъ қадри мусаллам ин тавр набуда, ки чаҳор то раққос ва мутрибе, ки он чи сарашон намешавад маъонии ирфонӣ аст, дар он ширкат мекардаанд. Баъд мо мебинем вақте, ки ҷашни 700-умин сол (вафот)-и Мавлавиро мегиранд, ягона

коре, ки шуда ин аст, ки як идда раққос овардаанд ва ба истилоҳ маҷлиси самоъ дуруст кардаанд, як маҷлиси шаҳватронӣ. Ин ҳам шаъни Мавлавӣ!

Агар ҳадаф машрӯъ бошад, бояд аз васоили машрӯъ истифода кард. Аз тарафи дигар, боз иддае ҳастанд, ки инҳоро ҳатто ба истифода аз васоили машрӯъ ҳам бо ҳазор заҳмат мешавад розӣ кард, ки оқо, дигар истифода накардан аз ин васоил чаро? Ҳамин баландгӯ (микрофон) аввалин боре, ки пайдо шуд, шумо бибинед чӣ қадр бо он мухолифат шуд! Баландгӯ барои садо мисли айнак аст барои чашми инсон ва мисли самъак аст барои гӯши инсон. Ҳоло агар инсон гӯшаш сангин аст, як самъак мегузорад ва маънояш ин аст, ки қаблан намешунид ва ҳоло мешунавад. Қуръонро қаблан намешунид, ҳоло Қуръонро беҳтар мешунавад. Фуҳшро ҳам қаблан намешунид, ҳоло фуҳшро ҳам беҳтар мешунавад. Ин ки ба самъак марбут нест. Микрофон ҳам ҳамин тавр аст; микрофон, ки абзори махсуси феъли ҳаром нест. Истифода аз он абзоре ҳаром аст, ки аз он ҷуз феъли ҳаром кори дигаре сохта набошад, мисли салиб, ки ҷуз ин ки символи як ширк аст, чизи дигаре нест ва мисли бут. Вале баҳрагирӣ аз абзоре, ки ҳам дар кори ҳаром масраф мешавад ва ҳам дар кори ҳалол, чаро ҳаром бошад?

Яке аз оқоёни вуъози хеле маъруф мегуфт: солҳои аввале буд, ки баландгӯ пайдо шуда буд, мо ҳам тоза пушти баландгӯ сӯҳбат мекардем ва ба қавли ӯ, тоза доштем роҳат менишастем.[18] Вале ҳанӯз баландгӯ шойеъ нашуда буд. Қарор буд ман дар як маҷлиси муаззам сӯҳбат кунам, баландгӯ ҳам гузошта буданд. Қабл аз ман оқое рафт минбар; ҳамин, ки рафт минбар, гуфт: ин буқи шайтонро аз инҷо бибаред. Буқи шайтонро бардоштанд бурданд. Мо дидем агар бихоҳем таҳаммул кунем ва ҳарф назанем, ин буқи шайтонро бурданд ва баъд аз ин ҳам намешавад аз он истифода кард. То рафтам ва нишастам рӯи минбар, гуфтам: он зини шайтонро биёвар!

Ғараз ин аст, ки инчунин ҷумудфикриҳо ва хушкмағзиҳо бемаврид аст.

Баландгӯ тақсире надорад, радио ва телевизион ва филм ба худии худ тақсире надоранд, то муҳтаво чӣ бошад? Он чи дар радио гуфта мешавад чӣ бошад, он чи дар телевизион нишон дода мешавад чӣ бошад, он чи дар филм ироа мешавад чӣ бошад? Инҷо дигар

[18] *Ин баландгӯ ба ҷони вуъоз хеле ҳақ дорад. Шумо то 30 сол пеш агар нигоҳ кунед, воизе, ки ба синни 70-солагӣ мерасид, хеле кам буд. Ағлаб вуъоз дар синини 40-50-солагӣ ба як шакле мемурданд ва ин, яке ба хотири ҳамин набудани баландгӯ буд, ки инҳо мебоист фарёд бикашанд; автомобил ҳам, ки набуд, то баъд савори автомобил гарм бишаванд; савори қотир ё улоғ мешуданд ва ин дар зимистон барои онҳо хеле бад буд. Ағлаби онҳо дар синни ҷавонӣ аз байн мерафтанд. Баландгӯ ба фарёди инҳо расид*.

инсон набояд хушкӣ ба харҷ бидиҳад ва чизеро, ки ба худии худ ҳаром нест ва машрӯъ аст, ба сурати як чизи номашрӯъ ҷилва бидиҳад.

Фасоҳат ва зебоии Қуръон

Ҳол, барои ин ки бидонед дар таърихи ислом, аз ҳамон васоиле, ки дар он замон будааст чӣ истифодаҳое шудааст ва ҳамон васоил чӣ нақши фавқулъода муассире дар расондани паёми ислом доштаанд, ба ин нукта таваҷҷӯҳ бифармоед: ҳеч вақт дар мавзӯи фасоҳат ва балоғат ва салосати оятҳои Қуръони Маҷид, равонии ин оёт, ҷозибаи ин оятҳо фикр кардаед? Қуръон дорои ду хусусият аст: яке, хусусияти муҳтавои матолиб, ки аз он таъбир ба ҳаққоният мекунад ва дигар, зебоӣ. Қуръон ниме аз муваффақияти худашро аз ин роҳ дорад, ки аз мақулаи зебоӣ ва ҳунар аст. Қуръон фасоҳате дорад фавқи ҳадди башар ва нуфузи худро марҳуни зебоиаш аст. (Фасоҳат ва зебоии сухан, худаш беҳтарин васила аст барои ин ки сухан битавонад муҳтавои худашро ба дигарон бирасонад.) Ва худи Қуръони Карим ба ин зебоӣ ва фасоҳати худаш чӣ қадр менозад ва чӣ қадр дар ин заминаҳо баҳс мекунад ва аслан роҷеъ ба таъсири оятҳои Қуръон дар худи Қуръон чӣ қадр баҳс шудааст! Ин таъсир марбут ба услуби Қуръон яъне фасоҳат ва зебоии он аст.

اللَّهُ نَزَّلَ أَحْسَنَ الْحَدِيثِ كِتَابًا مُتَشَابِهًا مَثَانِيَ تَقْشَعِرُّ مِنْهُ جُلُودُ الَّذِينَ يَخْشَوْنَ رَبَّهُمْ ثُمَّ تَلِينُ جُلُودُهُمْ وَقُلُوبُهُمْ إِلَى ذِكْرِ اللَّهِ ذَلِكَ هُدَى اللَّهِ يَهْدِي بِهِ مَنْ يَشَاءُ

(“*Худованд беҳтарин суханро нозил карда; китобе, ки оёташ ҳамонанди якдигар аст, оёти мукаррар дорад, ки аз шунидани оёташ ларза бар андоми касоне, ки аз Парвардигорашон хошеъанд меафтад, сипас буруну дарунашон нарм ва мутаваҷҷеҳи зикри Худо мешавад. Ин ҳидояти илоҳӣ аст, ки ҳар касро бихоҳад бо он роҳнамоӣ мекунад…” (Сураи Зумар, ояти 23*))

Ин ҳақиқатеро, ки вуҷуд дошта ва дорад, Қуръон баён мекунад: некӯтарин ва зеботарин суханон; китобе аст масонӣ (ки мақсуд аз “масонӣ” ҳар чи мехоҳад бошад),

تَقْشَعِرُّ مِنْهُ جُلُودُ الَّذِينَ يَخْشَوْنَ رَبَّهُمْ

— онҳое, ки як отифа аз хашяти Парвардигор дар дилашон ҳаст, вақте, ки Қуръонро мешунаванд, ба ларза дармеоянд, пӯсти баданашон муртаъиш мешавад,

ثُمَّ تَلِينُ جُلُودُهُمْ وَقُلُوبُهُمْ إِلَى ذِكْرِ اللَّهِ

Ва дар ояти дигаре мефармояд:

إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ الَّذِينَ إِذَا ذُكِرَ اللَّهُ وَجِلَتْ قُلُوبُهُمْ وَإِذَا تُلِيَتْ عَلَيْهِمْ آيَاتُهُ زَادَتْهُمْ إِيمَانًا وَعَلَى رَبِّهِمْ يَتَوَكَّلُونَ

(*“Мӯъминон танҳо касоне ҳастанд, ки ҳар вақт номи Худо бурда шавад, дилҳошон тарсон мегардад ва ҳангоме, ки оёти ӯ бар онҳо хонда мешавад, имонашон афзун мегардад ва танҳо бар парвардигоршон таваккул доранд.” (Сураи Анфол, ояти 2)*)

Ё дар оёт, аз афроде ёд мекунад, ки ҳангоми шунидани Қуръон бар рӯи замин меафтанд:

يَخِرُّونَ لِلْأَذْقَانِ سُجَّدًا

(*Сураи Исроъ, ояти 107*) ва ё дар бораи баъзе масеҳиён мегӯяд:

وَإِذَا سَمِعُوا مَا أُنْزِلَ إِلَى الرَّسُولِ تَرَى أَعْيُنَهُمْ تَفِيضُ مِنَ الدَّمْعِ

Вақте, ки оятҳои Қуръонро мешунаванд, ашкҳояшон ҷорӣ мешавад.

Аслан инқилоби Ҳабаша чӣ гуна рух дод? Инқилоби Ҳабашаро чӣ чиз оғоз кард? Ҳабаша чаро мусалмон шуд ва маншаъи исломи Ҳабаша чӣ буд? Оё ғайр аз Қуръон ва зебоии Қуръон буд? Он достони муфассал, ки Ҷаъфар ибни Абӯтолиб дар Ҳабаша вориди он маҷлис мешавад — ки бо як ҳайбати хеле ба истилоҳ салтанатӣ ба вуҷуд оварда буданд — ва баъд шурӯъ мекунад оятҳои Қуръон (сураи Тоҳо)-ро хондан ва ҷаласаро якҷо мунқалиб мекунад, чӣ буд?! Қуръон аз назари баён ва фасоҳат, равонӣ ва ҷозиба ва қудрати таъсир ба гунае сохта шудааст, ки рӯи дилҳо инчунин асар мегузорад.

Фасоҳати амирулмӯъминин

Муваффақияти амирулмӯъминин дар миёни мардум, яке марҳуни фасоҳати ӯст. “Наҳҷул-балоға”, ки аз таълифи он ҳазор сол мегузарад, яъне аз ҳангом ба сурати китоб даромаданаш ҳазор сол мегузарад ва аз иншои хутбаҳо ҳудуди ҳазору сесаду панҷоҳ соли қамарӣ мегузарад, чӣ дар қадим ва чӣ дар замони муосир мақоми олии худро ҳифз кардааст. Як вақт истиқсо кардам аз қадиму ҷадид, аз ҳамон замон амирулмӯъминин то асри ҷадид ва имрӯз, дидам ҳамаи удабо ва фусаҳои араб дар муқобили калимоти амирулмӯъминин аз назари фасоҳат ва балоғат хузӯъ доранд.

Гуфтаанд, дар Миср дар солҳои ахир барои *Шакиб Арсалон* — ки ба ӯ “амирул-баён” яъне амири сухан мегуфтанд — ҷаласае ташкил дода буданд; ҷаласае ифтихорӣ ба номи ӯ, ба унвони тақдир ва қадрдонӣ аз ӯ. Касе, ки рафта буд барои Шакиб Арсалон сухан бигӯяд, муқоисае карда буд миёни ӯ ва амирулмӯъминин; гуфта буд, ки ин Шакиб, амири баён ва сухан дар асри мост ончунон, ки Алӣ ибни Абӯтолиб дар замони худаш амири сухан буд. Вақте худи Шакиб рафт пушти минбар, дар ҳоле, ки нороҳат шуда буд, гуфт: ин музахрафот чист, ки мегӯед?! Манро бо Алӣ муқоиса мекунед?! Ман банди кафши Алӣ ҳам наметавонам бошам. Баёни ман куҷо ва баёни Алӣ куҷо?!

Мо дар асри худамон мебинем, афроде бо дилҳои хеле софу пок ҳастанд, ки вақте суханони Алиро мешунаванд, беихтиёр ашкашон ҷорӣ мешавад. Ин аз чист? Аз зебоии сухан аст. Дар замони худи амирулмӯъминин аз ин намунаҳо зиёд дорем. Роҷеъ ба хутбаи ғаррои эшон, ки зоҳиран дар саҳро иншо кардаанд, навиштаанд, вақте суханони Алӣ тамом шуд, тамоми мардум ҳамин тавр доштанд ашк мерехтанд.

Марде аст ба номи Ҳумом аз амирулмӯъминин дархост кард, ки симои перҳезгоронро барои ман тавзеҳ бидеҳ, расм кун. Аввал ҳазрат имтиноъ карданд, ду се ҷумла гуфтанд. Гуфт: кофӣ нест, ман мехоҳам шумо симои перҳезгоронро ба таври комил барои ман баён кунед. Алӣ алайҳис салом шурӯъ мекунад симои муттақиёнро баён кардан: муттақиён шабашон ин ҷур аст, рӯзашон ин ҷур аст, либос пӯшиданашон ин ҷур аст, муошираташон ин ҷур аст, Қуръон хонданашон инҷур аст. (Ман як вақт шумурдам, яксаду сӣ васф дар чиҳил ҷумла филмаҷлис барои муттақиён баён кардааст.) Ин мард ҳамин тавр, ки мешунид, илтиҳобаш бештар мешуд; якмартиба фарёд кашид ва мурд, аслан қолаб тиҳӣ кард. Амирулмӯъминин фармуд:

هكَذا تَصْنَعُ الْمَواعِظُ الْبالِغَةُ بِأَهْلِها

Сухан агар расо ва дил агар қобил бошад, чунин мекунад.

Фасоҳат ва зебоии дуоҳо

Биравем суроғи дуоҳо. Дар дуо инсон бо Худо ҳарф мезанад. Аз ин ҷиҳат сухан ва лафз таъсире надорад. Вале дуоҳои мо дар олитарин ҳадди фасоҳат ва зебоӣ аст, чаро? Барои ин ки он зебоии дуо бояд кӯмаке бошад барои ин ки муҳтавои дуоро ба қалби инсон бирасонад.

Чаро мустаҳаб аст муаззин сайит яъне хушсадо бошад? Ин дар матни фиқҳи исломӣ омадааст. “Аллоҳу Акбар”, ки маънояш фарқ намекунад, ки хушсадо бигӯяд ё бадсадо, “Ашҳаду ан ло илоҳа илаллоҳ”, ки маънояш фарқ намекунад, ки як хушсадо бигӯяд ё як бадсадо. Вале инсон вақте “Аллоҳу Акбар”-ро аз як хушсадо мешунавад, ҷури дигаре бар қалбаш асар мегузорад, то аз як бадсадо.

Дар яке аз маҷолис дидам, пирамарде шиор медиҳад — ки намедонам бечора фалаҷ буд, забон надошт — чӣ тавр буд, ки як калима, ки мехост бигӯяд, масалан мехост салавот бифиристад, худаш ҳам такон мехӯрд бо як вазъи масхара ва хандаоваре. Пеши худам гуфтам: Субҳоналлоҳ! Дигар ҷуз ин, каси дигаре намешавад шиори салавотро бидиҳад? Оё мо бояд бадсадотарин афродро дар ин маворид интихоб кунем?!

Саъдӣ достоне зикр мекунад, мегӯяд: муаззини бадсадое буд дар фалон шаҳр, дошт бо садои баде азон мегуфт. Як вақт дид, як яҳудӣ барояш ҳадияе оварда. Гуфт: ин ҳадияи

ноқобилро қабул мекунӣ? Гуфт: чаро? Гуфт: як хидмати бузурге ба ман кардӣ. Чӣ хидмате? Ман, ки хидмате ба шумо накардаам. Гуфт: ман духтаре дорам, ки муддате буд тамоюл ба ислом дошт; аз вақте, ки ту азон мегӯӣ ва “Аллоҳу Акбар”-ро аз ту мешунавад, дигар аз ислом безор шуда. Ҳол, ин ҳадияро овардаам барои ин ки ту хидмате ба ман кардӣ ва нагузоштӣ ин духтар мусалмон бишавад. Ин худаш масъалае аст.

Бӯалӣ дар “Мақомот ул-орифин” (намати нӯҳуми “Ишорот ва танбеҳот”) сухани бисёр олӣ ва латифе дорад роҷеъ ба ин ки таҷаммӯъи руҳӣ ба чӣ васила барои инсон пайдо мешавад. Омилҳоеро зикр мекунад, аз он ҷумла мегӯяд:

اَلْكَلَامُ الْواعِظُ مِنْ قائِلٍ زَكِيٍّ

Сухани воизе, ки дар дараҷаи аввал пок бошад. Инҳоро, ки мегӯем, он вақт шумо хоҳед фаҳмид, ки мо хеле аз ин шароитро воҷид нестем. Аввалан худи воиз бояд покдил бошад. Баъд мегӯяд:

بِعِبارَةٍ بَليغَةٍ وَنَغْمَةٍ رَخيمَةٍ

Оҳанги садои он воиз бояд оҳанги хубе бошад, то беҳтар бар дили мустамеъ асар бигузорад. Сухани воиз бояд балиғ бошад, то бар руҳи мустамеъ асар бигузорад.

Худи қиёфаи воиз дар мизони таъсири сухани ӯ муассир аст. Инҳоро арз мекунам барои ин ки бидонед, ки маънии расондан, худаш нақши муҳимме аст. Инҳо васила аст, хусусиёт аст, кайфиёт аст, васоиле аст, ки мехоҳад паёмро ба атрофу акноф, ба афроду ашхос бирасонад.

Зебо хондани Қуръон

Боз масъалаи дигаре арз бикунам: худи Қуръон хондан чӣ тавр? Албатта Қуръон мисли азон нест. Барои азон як нафар болои маъзана меравад ва азон мегӯяд ва гуфтаанд муаззин бояд сайит (хушовоз) бошад. Вале Қуръонро ҳама мехонанд; ҳамаи касоне, ки мехонанд, муваззафанд онро ҳар чи метавонанд зебо бихонанд. Ин, ҳам дар руҳи қорӣ беҳтар асар мегузорад ва ҳам дар руҳи шунаванда. Ин масъалаи тартил дар Қуръон –

وَرَتِّلِ الْقُرْآنَ تَرْتِيلًا

(*Сураи Муззаммил, ояти 4*) — яъне чӣ? Яъне вақте, ки калимотро мехонӣ, он қадр тунд нахон, ки часпида ба якдигар бошад, он қадр ҳам байни онҳо фосила наяндоз, ки ин калима аз он калима бехабар бошад; тавре ин калимотро бихон, ки ҳолати илқоӣ дошта бошад, тавре бихон, ки гӯӣ худат дорӣ бо худат ҳарф мезанӣ. Ба қавли урафо, инсон ҳамеша бояд Қуръонро тавре бихонад, ки фарз кунад гӯянда Худост ва мухотаб худаш ва худаш мустақиман дорад ин суханро аз Худо мешунавад ва талаққӣ мекунад.

Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд, падарам сухане ба ман гуфт, ки дар сарнавишти ман фавқулъода асар бахшид. Мегӯяд: рӯзе дар утоқи худ нишаста ва машғули хондани Қуръон будам. Падарам омад аз ҷилави утоқи ман бигузарад, рӯ кард ба ман ва гуфт: Муҳаммад! Қуръонро он чунон бихон, ки гӯӣ бар худат нозил шудааст. Аз он вақт, ман ҳар гоҳ ба оятҳои Қуръон муроҷеа мекунам ва онҳоро мутолеа мекунам, чунин фарз мекунам, ки ин Худои ман аст, ки бо ман, ки Муҳаммадиқбол ҳастам, дорад ҳарф мезанад. Дар ҳадис дорем:

تَغَنَّوْا بِالْقُرْآنِ

— ки чандин ҳадиси дигар бад-ин мазмун дорем. Қадри мусаллам, мақсуд ин аст, ки Қуръонро бо оҳангҳои бисёр зебо бихонед. Албатта он оҳангҳое, ки муносиби лаҳву лаъиб ва шаҳватомез ва шаҳватолуд аст, биззарура ҳаром ва номашрӯъ аст, вале ҳар оҳанге мутаносиб бо ҳолате барои инсон аст. Авоиле, ки мо талаба будем, дар Машҳад пирамарде буд, ки ба ӯ Оқо Сайид Муҳаммади Араб мегуфтанд ва қории Қуръон буд. Ин марҳум Оқо Сайид Муҳаммади Араб марди бисёр мутадайине буд ва мавриди эҳтироми ҳамаи уламои Машҳад. Шогирдони зиёде дар қироати Қуръон тарбият кард ва қироатро ба ду гуна таълим медод: яке ин ки қоидаҳои илми қироатро меомӯхт — ки мутаассифона дар Эрон нест ва дар кишварҳои арабӣ бахусус Миср роиҷ аст — ва дигар ин ки чандин оҳанг дошт (расман ба номи оҳанг), ки инҳоро дар Масҷиди Гавҳаршод таълим медод. Он рӯзҳо оҳангҳое буд, ки исми онҳо шабеҳи исми оҳангҳои мусиқӣ буд, вале оҳангҳои қуръонӣ буд. Шогирдони ӯ ин оҳангҳои латифи қуръониро меомӯхтанд.

Ин худаш як матлабе аст ва бояд ҳам чунин бошад. Яке аз мӯъҷизоти Қуръон, оҳангпазирии он аст, он ҳам оҳангҳои маънавӣ ва руҳӣ, на оҳангҳои шаҳавонӣ, ки дар ин маврид як мутахассис бояд изҳори назар кунад.

Қуръони Абдулбосит чаро ин қадр дар тамоми кишварҳои исломӣ тавсиа пайдо кардааст? Барои ин ки Абдулбосит бо садо ва оҳанги олӣ ва бо донистани анвоъи қироатҳо ва оҳангҳо ва шинохтани ин ки ҳар сураеро бо чӣ оҳанге бояд хонд, мехонад; фарз кунед хондани сураи “Шамс” ё “Ваз-зуҳо” бо чӣ оҳанги муносиб аст.

Дар ҳадис, дар бораи бисёре аз имомони атҳор аз ҷумла роҷеъ ба ҳазрати Саҷҷод алайҳис салом ва ҳазрати Боқир алайҳис салом дорем, ки инҳо вақте Қуръон мехонданд, онро бо садо ва оҳанги баланд ва дилпазир мехонданд, ба тавре, ки садояшон ба даруни кӯча мерасид ва ҳар касе, ки аз он кӯча мегузашт, ҳамон ҷо меистод, ба тавре, ки дар муддате, ки Имом дар хонаи худаш Қуръонро бо оҳанги латифу зебо қироат мекард, пушти дари

хона ҷамъият ҷамъ мешуд ва роҳ банд меомад. Ҳатто навиштаанд, обкашҳо[19], ки зиёд ҳам буданд, дар ҳоле, ки машк ба дӯшашон буд, вақте меомаданд аз ҷилави манзили Имом убур кунанд, бо шунидани садои Имом поҳояшон қудрати рафтанро аз даст медод ва бо ҳамон бори сангини машки пур аз об бар дӯш меистоданд, ки садои Қуръонро бишнаванд, то вақте, ки Қуръони Имом тамом мешуд.

Ҳамаи инҳо чиро мерасонад? Истифода кардан аз васоили машрӯъ барои расондани паёми илоҳӣ. Чаро Имом Қуръонро бо оҳанги бисёр зебо ва латиф мехонд? Ӯ мехост ба ҳамин васила таблиғ карда бошад, мехост Қуръонро ба ин васила ба мардум расонда бошад.

Шеър ва суруд

Масъалаи шеърро вақте инсон дар мавриди ислом мутолеа мекунад, масоили аҷиберо мебинад.

Пайғамбари Акрам, ҳам бо шеър мубориза кард ва ҳам шеърро тарвиҷ кард; бо шеърҳое мубориза кард, ки ба истилоҳи имрӯз мутааҳҳид нест, яъне шеъре нест, ки ҳадафе дошта бошад, сирфан тахайюл аст, саргармкунанда аст, акозиб аст. Масалан, касе шеър мегуфт дар васфи ин ки найзаи фалон кас ин тавр буд ё аспаш он тавр буд, ё дар васфи маъшуқ ва зулфи ӯ, ё касеро ҳаҷв ва шахсиятеро мадҳ мекард барои ин ки пул бигирад. Пайғамбар шадидан бо ин навъ шеър мубориза мекард; фармуд:

لأَنْ يَمْتَلِيَ جَوْفُ رَجُلٍ قَيْحاً خَيْرٌ لَهُ مِنْ أَنْ يَمْتَلِيَ شِعْراً

Агар даруни инсон пур аз чирк бошад беҳтар аз он аст, ки пур аз шеърҳои музахраф бошад. Вале ҳамчунин фармуд:

إِنَّ مِنَ الشِّعْرِ لَحِكْمَةً

Аммо ҳар шеъреро намегӯям; баъзе аз шеърҳо ҳикмат аст, ҳақиқат аст. Пайғамбар дар дастгоҳи худаш чандин шоир дошт. Яке аз онҳо Ҳассон ибни Собит аст.

Тафкик байни ду навъ шеър на танҳо дар ҳадиси Пайғамбар омада, балки худи Қуръон низ онро баён кардааст:

[19] *Дар қадим маъмул буд, ки ашхосе машк ба дӯш мегирифтанд ва мерафтанд аз чоҳҳо об мекашиданд ва ба манозил мебурданд. Дар Мадина фақат чоҳ буд ва наҳр набуд; ҳанӯз ҳам наҳр нест*.

وَالشُّعَرَاءُ يَتَّبِعُهُمُ الْغَاوُونَ. أَلَمْ تَرَ أَنَّهُمْ فِي كُلِّ وَادٍ يَهِيمُونَ. وَأَنَّهُمْ يَقُولُونَ مَا لَا يَفْعَلُونَ. إِلَّا الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ

(*“Шоирон касоне ҳастанд, ки гумроҳон аз онон пайравӣ мекунанд. Оё намебинӣ онҳо дар ҳар водӣ саргардонанд ва суханоне мегӯянд, ки амал намекунанд, магар касоне, ки имон овардаанд ва амали солеҳ анҷом медиҳанд…” (Сураи Шуаро, оятҳои 224-227)*)

Шуарое буданд, ки Пайғамбари Акрам ё имомони атҳор онҳоро ташвиқ мекарданд, аммо чӣ ҷур шуарое? Шуарое, ки паёми исломро, ҳақоиқи исломро дар либоси зебои шеър ба мардум мерасонданд. Ва бидуни шак коре, ки шеър мекунад, як наср наметавонад анҷом диҳад, чун шеър зеботар аз наср аст. Шеър вазну қофия дорад, оҳангпазир аст, азҳон барои ҳифз кардани шеър омодааст. Пайғамбари Акрам ба Ҳассон ибни Собит, ки шоири дастгоҳи ҳазрат буд, фармуд:

لا تَزالُ مُؤَيَّداً بِروحِ الْقُدُسِ ما ذَبَبْتَ عَنّا أَهْلَ الْبَيْتِ

Аз тарафи Руҳулқудс таъйид мешавӣ модоме, ки ин роҳеро, ки дорӣ, биравӣ ва аз ин роҳ мунҳариф нашавӣ; модоме, ки мудофеъи ҳақиқат бошӣ, модоме, ки мудофеъи хонадони мо бошӣ, муайяад ба Руҳулқудс ҳастӣ. Дар бораи як шоир Пайғамбари Акрам ин суханонро мегӯяд.

Шуарои замони имомон чӣ хидматҳо карданд! Мо дар таърихи ислом шеърҳои ҳамосӣ ва тавҳидӣ дорем дар арабӣ ва форсӣ. (Албатта ба забонҳои дигар мисли туркӣ ва урду ҳам дорем.) Шеърҳои фавқулъодае дорем дар ваъз ва андарз дар арабӣ ва форсӣ. Ҳамаи инҳо аз натоиҷи фарҳанги исломӣ аст. Асаре, ки шеър дорад, наср надорад. Эъҷоби “Наҳҷул-балоға” ин аст, ки наср аст ва ин ҳама фасеҳу зебост ба тавре, ки дар ҳадди шеър ва балки волотар аз шеър аст. Дар забони форсӣ, шумо наметавонед як сафҳа наср пайдо кунед, ки баробар бошад бо як сафҳа шеъри Саъдӣ, бо таваҷҷӯҳ ба ин ки насри олӣ зиёд дорем мисли калимоти қисори Хоҷа Абдуллоҳ Ансорӣ ё насри Саъдӣ.

Муллои Румӣ бо он ҳама қудрат ва тавоноӣ, вақте, ки суроғи маҷолиси ваъзаш меравӣ, мебинӣ чизе нест, яъне онҳо, ки ба наср гуфта чизе нест. Мо дар арабӣ ҳам надорем насре, ки қудрати хориқулъодаи “Наҳҷул-балоға” дар он бошад. Шеър дар қолаби худаш хеле кор карда ва хеле метавонад кор кунад. Шеъри бад метавонад хеле бад бошад ва шеъри хуб ҳам метавонад хеле хуб бошад. Шеърҳои ҳикмат, шеърҳои тавҳид, шеърҳои маод, шеърҳои нубувват, шеърҳое дар мадҳи Пайғамбар, дар мадҳи имомони атҳор, дар бораи Қуръон, шеърҳое ба сурати рисо ва марсия ба шарти ин ки хуб бошанд, мисли ашъори шуарои замони имомон, метавонанд бисёр муассир бошанд.

Ман як вақте дар суханрониҳое гуфтам, бисёр тафовут аст миёни марсияҳое, ки Кумайт ё Хузоъӣ мегуфт ва марсияҳое, ки дар замонҳои ахир амсоли Ҷавҳарӣ ва ҳатто Мӯҳташам мегӯянд. Мазомин аз замин то осмон тафовут доранд. Онҳо хеле омӯзанда аст ва инҳо омӯзанда нест ва баъзе аз инҳо аслан музирранд.

Иқболи Лоҳурӣ ё Иқбол Покистонӣ воқеан як донишманди зиқимат аст. Касе аст, ки рисолате дар заминаи ислом барои худаш эҳсос мекарда ва аз ҳар василаи хуб ва машрӯъе барои ҳадафи худаш истифода кардааст. Яке аз васоиле, ки аз он истифода карда, шеър аст. Дар шуарои форсизабон, бахусус дар асрҳои мутааххир, аз назари доштани ҳадаф, бидуни шак мо шоире мисли Иқбол надорем. Агар шеър барои шоир васила бошад барои ҳадафаш, дигар назире надорад. Иқбол он ҷо, ки мебоист суруд бигӯяд, суруд мегуфт. Суруди фавқулъодаеро, ки ба арабӣ тарҷима шуда, ба урду гуфтааст. Дар солҳои ахир оқои Сайид Муҳаммад Алии Сафир ин сурудро ба форсӣ тарҷима кард, ки дар Ҳусайнияи Иршод иҷро мешуд.

Чӣ қадр олӣ буд! Ман худам пойи ин суруд мукаррар гиря кардам ва мукаррар гиряи дигаронро дидам. Мо чаро набояд аз суруд истифода кунем? Инҳо ҳама васила аст. Имрӯз аз васоил намешавад ғофил буд. Дар асри ҷадид васоиле пайдо шуда, ки дар қадим набудааст. Мо набояд ба васоили қадим иктифо кунем; мо фақат бояд бибинем чӣ василае машрӯъ аст ва чӣ василае номашрӯъ.

Фасоҳат ва зебоии каломи Имом Ҳусайн

Худи Абӯабдуллоҳ алайҳис салом дар ҳамон гармогарми корҳо аз ҳар василае, ки мумкин буд барои иблоғи паёми худаш ва барои расондани паёми ислом истифода мекард. Хитобаҳои Абӯабдуллоҳ аз Макка то Карбало ва аз ибтидои вуруд ба Карбало то шаҳодат, хутбаҳои фавқулъода пурмавҷ ва муҳайиҷ (барангезонанда) ва эҳсосӣ ва фавқулъода зебо ва фасеҳ ва балиғ будааст. Танҳо касе, ки хутбаҳои ӯ тавонистааст бо хутбаҳои амирулмӯъминин рақобат кунад, Имом Ҳусайн аст. Ҳатто баъзе гуфтаанд, хутбаҳои Имом Ҳусайн дар рӯзи Ошӯро бартар аз хутбаҳои ҳазрати Амир аст.

Вақте, ки мехоҳад аз Макка берун биёяд, бибинед бо чӣ таъбироти олӣ ва бо чӣ зебоӣ ва фасоҳате ҳадаф ва мақсуди худашро баён мекунад.

Инсон бояд забони арабиро хуб бидонад, то ин зебоиҳоеро, ки дар Қуръони Маҷид, калимоти Пайғамбари Акрам, калимоти имомони атҳор, дуоҳо ва хутбаҳо вуҷуд дорад дарк кунад. Тарҷимаи форсӣ он тавр, ки бояд, мафҳумро намерасонад. Мефармояд: марг ба гардани инсон зинат аст; он чунон марг барои як инсон зебо ва зинат ва ифтихор аст, ки як гарданбанд барои як духтари ҷавон; айюҳан нос! Ман аз ҳама чиз гузаштам, ман

ошиқи ҷонбозӣ ҳастам, ман ошиқи дидори гузаштагони худам ҳастам он чунон, ки Яъқуб ошиқи дидори Юсуфаш буд. Баъд барои ибрози итминон аз ин ки оянда барои ман равшан аст ва ин ки хаёл накунед, ки ман ба умеди касби муваффақияти зоҳирии дунёӣ меравам, балки ояндаро медонам ва гӯӣ дорам ба чашми худам мебинам, ки дар он саҳро гургҳои биёбон ва инсонҳои гургсифат чӣ гуна доранд банд аз банди ман ҷудо мекунанд, мегӯяд:

رِضَى اللهِ رِضانا أَهْلُ الْبَيْتِ

Мо аҳли байт розӣ ҳастем ба он чи, ки ризои Худо дар он аст. Ин роҳ роҳе аст, ки Худо таъйин карда, роҳе аст, ки Худо онро писандида, пас мо ин роҳро интихоб мекунем. Ризои мо ризои Худост. Се чаҳор хатт бештар нест, аммо беш аз як китоб нерӯ ва асар мебахшад. Дар охир, вақте мехоҳад ба мардум иблоғ кунад, ки чӣ мехоҳам бигӯям ва аз шумо чӣ мехоҳам, мефармояд: ҳар кас, ки омада аст, то хуни қалби худашро дар роҳи мо базл кунад, ҳар кас тасмим гирифтааст, ки ба мулоқот бо Худои хеш биравад, омода бошад, фардо субҳ мо кӯч мекунем.

Шаби Ошӯро савтҳои зебо ва олӣ ва баланд ва тиловати Қуръонро мешунавем, садои замзама ва ҳамҳамаеро мешунавем, ки дили душманро ҷазб мекунад ва ба сӯи худ мекашад.

Дишаб арз кардам, асҳобе, ки аз Мадина бо ҳазрат омаданд, хеле кам буданд, шояд ба 20 нафар намерасиданд, чун як идда дар байни роҳ ҷудо шуданд ва рафтанд. Бисёре аз он 72 нафар дар Карбало мулҳақ шуданд ва боз бисёре аз онҳо аз лашкари Умари Саъд ҷудо шуда ва ба сипоҳи Абӯабдуллоҳ мулҳақ шуданд. Аз ҷумла, баъзе аз онҳо касоне буданд, ки вақте аз канори ин хайма убур мекарданд, садои замзамаи олӣ ва зебоеро мешуниданд, садои тиловати Қуръон, зикри Худо, зикри рукӯъ, зикри суҷуд, сураи Ҳамд, сураҳои дигар. Ин садо инҳоро ҷазб мекард ва асар мебахшид. Яъне Абӯабдуллоҳ ва асҳобаш аз ҳар гуна василае, ки аз он беҳтар мешуд истифода кард, истифода карданд, то бирасем ба соири васоиле, ки Абӯабдуллоҳ алайҳис салом дар саҳрои Карбало аз онҳо истифода кард. Худи саҳнаҳоро Абӯабдуллоҳ тавре тартиб додааст, ки гӯӣ барои намоиши таърихӣ дуруст карда, ки то қиёмат ба сурати як намоиши такондиҳандаи таърихӣ боқӣ бимонад.

Навиштаанд, то асҳоб зинда буданд, то як нафарашон ҳам зинда буд, худи онҳо иҷоза надоданд як нафар аз аҳли байти пайғамбар, аз хонадони Имом Ҳусайн, аз фарзандон, бародарзодагон, бародарон, амузодагон ба майдон биравад. Мегуфтанд, оқо иҷоза бидиҳед, мо вазифаамонро анҷом бидиҳем, вақте мо кушта шудем, худатон медонед.

Аҳли байти пайғамбар мунтазир буданд, ки навбати онҳо бирасад. Охирин фард аз асҳоби Абӯабдуллоҳ, ки шаҳид шуд, якмартиба валвалае дар миёни ҷавонони хонадони пайғамбар афтод. Ҳама аз ҷо ҳаракат карданд. Навиштаанд:

فَجَعَلَ يودعُ بَعْضُهُمْ بَعْضاً

Шурӯъ карданд бо якдигар видоъ кардан ва худоҳофизӣ кардан, даст ба гардани якдигар андохтан, сурати якдигарро бӯсидан.

Аз ҷавонони аҳли байти пайғамбар аввал касе, ки муваффақ шуд аз Абӯабдуллоҳ касби иҷоза кунад, фарзанд ҷавон ва рашидаш Алиакбар буд, ки худи Абӯабдуллоҳ дар бораш шаҳодат додааст, ки аз назари андом ва шамоил, ахлоқ, мантиқ ва сухан гуфтан, шабеҳтарин фард ба пайғамбар будааст. Сухан, ки мегуфт, гӯӣ пайғамбар аст, ки сухан мегӯяд. Он қадр шабеҳ буд, ки худи Абӯабдуллоҳ фармуд: Худоё! Худат медонӣ, ки вақте мо муштоқи дидори пайғамбар мешудем, ба ин ҷавон нигоҳ мекардем. Ойинаи тамомнамои пайғамбар буд. Ин ҷавон омад хидмат падар, гуфт:

Падарҷон! Ба ман иҷозаи ҷиҳод бидеҳ. Дар бораи бисёре аз асҳоб, махсусан ҷавонон, ривоят шуда, ки вақте барои иҷоза гирифтан назди ҳазрат меомаданд, ҳазрат ба наҳве таъаллул мекард (мисли достони Қосим, ки мукаррар шунидаед), вале вақте, ки Алиакбар меояд ва иҷозаи майдон мехоҳад, ҳазрат фақат сарашонро пойин меандозанд. Ҷавон равонаи майдон шуд. Навиштаанд, Абӯабдуллоҳ чашмҳояш ҳолати нимхуфта ба худ гирифта буд:

ثُمَّ نَظَرَ اِلَيْهِ نَظَرَ آئِسٍ

Ба ӯ назар кард монанди назари шахси ноумеде, ки ба ҷавони худаш нигоҳ мекунад. Ноумедона нигоҳе ба ҷавонаш кард, чанд қадаме ҳам пушти сар ӯ рафт. Инҷо буд, ки гуфт: Худоё! Худат гувоҳ бош, ки ҷавоне ба ҷанги инҳо меравад, ки аз ҳамаи мардум ба пайғамбари ту шабеҳтар аст. Ҷумлае ҳам ба Умари Саъд гуфт, фарёд зад ба тавре, ки Умари Саъд фаҳмид:

يَا بْنَ سَعْدٍ قَطَعَ اللهُ رَحِمَكَ

Худо насли туро қатъ кунад, ки насли маро аз ин фарзанд қатъ кардӣ. Баъд аз ҳамин дуои Абӯабдуллоҳ, ду се сол бештар тӯл накашид, ки Мухтор Умари Саъдро кушт. Писари Умари Саъд барои шафоати падараш дар маҷлиси Мухтор ширкат карда буд. Сари Умари Саъдро оварданд дар маҷлиси Мухтор дар ҳоле, ки рӯи он порчае андохта буданд ва гузоштанд ҷилави Мухтор. Ҳоло писари ӯ омада барои шафоати падараш. Як вақт ба писар гуфтанд: оё сареро, ки инҷост мешиносӣ? Вақте он порчаро бардошт, дид, сари падараш аст. Беихтиёр аз ҷо ҳаракат кард. Мухтор гуфт: ӯро ба падараш мулҳақ кунед.

Ин тавр буд, ки Алиакбар ба майдон рафт. Муаррихон иҷмоъ доранд, ки ҷаноби Алиакбар бо шаҳомат ва аз ҷонгузаштагии беназире мубориза кард. Баъд аз он ки миқдори зиёде мубориза кард, омад хидмати падари бузургвораш — ки ин ҷузъи муаммои таърих аст, ки мақсуд чӣ буда ва барои чӣ омадааст? — гуфт: падарҷон!

اَلْعَطَش

Ташнагӣ дорад маро мекушад, сангинии ин аслиҳа маро хеле хаста кардааст, агар ҷуръае об ба коми ман бирасад, нерӯ мегирам ва боз ҳамла мекунам. Ин сухан ҷони Абӯабдуллоҳро оташ мезанад, мегӯяд: писарҷон! Бибин, даҳони ман аз даҳони ту хушктар аст, вале ман ба ту ваъда медиҳам, ки аз дасти ҷаддат пайғамбар об хоҳӣ нӯшид. Ин ҷавон меравад ба майдон ва боз мубориза мекунад.

Мардест ба номи Ҳамид ибни Муслим, ки ба истилоҳ, ровии ҳадис аст, мисли як хабарнигор дар саҳрои Карбало будааст. Албатта дар ҷанг ширкат надошта, вале ағлаби қазоёро ӯ нақл кардааст. Мегӯяд: канори марде будам. Вақте Алиакбар ҳамла мекард, ҳама аз ҷилави ӯ фирор мекарданд. Ӯ нороҳат шуд, худаш ҳам марди шуҷоъе буд, гуфт: қасам мехӯрам агар ин ҷавон аз наздики ман убур кунад, доғашро ба дили падараш хоҳам гузошт.

Ман ба ӯ гуфтам: ту чӣ кор дорӣ, бигузор билохира ӯро хоҳанд кушт. Гуфт: хайр. Алиакбар, ки омад аз наздики ӯ бигузарад, ин мард ӯро ғофилгир кард ва бо найзаи муҳкаме ончунон ба Алиакбар зад, ки дигар тавон аз ӯ гирифта шуд ба тавре, ки дастҳояшро ба гардани асп андохт, чун худаш наметавонист таодули худро ҳифз кунад. Дар инҷо фарёд кашид:

يا أَبَتاه! هذا جَدّي رَسولُ الله

Падарҷон! Алъон дорам ҷадди худамро ба чашми дил мебинам ва шарбати об менӯшам. Асп ҷаноби Алиакбарро дар миёни лашкари душман бурд, аспе, ки дар воқеъ дигар аспсавор надошт. Рафт дар миёни мардум. Инҷост, ки ҷумлаи аҷибе навиштаанд:

فَاحْتَمَلَهُ الْفَرَسُ اِلى عَسْكَرِ الْأَعْداءِ فَقَطَّعوهُ بِسُيوفِهِمْ إِرْباً إِرْباً

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله

Равиши таблиғ

Қаблан арз кардам як ҷанбаи наҳзати ҳусайнӣ ҷанбаи таблиғии он аст, таблиғ ба ҳамон маънии воқеӣ, на ба маънои мусталаҳи имрӯз, яъне расондани паёми худаш, ки ҳамон паёми ислом аст ба мардум, нидои исломро ба мардум расондан. Бибинед, Имом дар ин ҳаракат ва наҳзати худашон чӣ равишҳои хоссе ба кор бурданд, ки махсусан арзиши таблиғӣ дорад, яъне аз ин назар арзиши зиёде дорад, ки Имом Ҳусайн бо ин равишҳо ҳадаф ва мақсади худашон ва фарёди воқеии исломро, ки аз ҳулқуми эшон берун меомад, ба беҳтарин наҳв ба мардум расонданд. Ибтидо баҳси мухтасаре роҷеъ ба масъалаи сабк ва услуб — ки имрӯз “равиш” мегӯянд ва калимаи хориҷии он “метод” аст — мекунам.

Равиш ва услуби саҳеҳ

Яке аз шароити муваффақият дар ҳар коре, интихоби равиш ва услуби саҳеҳ аст. Шумо масалан мебинед илми тибб як ҷур аст, вале гоҳе метод ва услуби кори табибҳо ё ҷарроҳон бо якдигар мутафовит аст; метод ва услуб ва равишм амалии баъзе аз онҳо аз дигарон муваффақтар аст.

Масъалае матраҳ аст роҷеъ ба нуқтаи атф дар илми ҷадид ва илми қадим. Мебинем давраеро давраи илми ҷадид меноманд. Албатта, илм қадиму ҷадид надорад, вале давраеро давраи ҷадид барои илм меноманд. Тафовути давраи ҷадид бо давраи қадими илм дар чист? Дар давраи ҷадид илм суръат ва пешрафти фавқулъодае пайдо кард. Якмартиба мисли ин ки монеъеро аз ҷилави чархи илм бардошта бошанд, илм ба суръат шурӯъ кард ба ҳаракат кардан, дар сурате, ки ҳаракати илм дар даврони қадим кундтар буд. Аммо иллати ин суръат дар давраи ҷадид чист? Оё уламои ҷадид мисли Пастер нубуғи бештаре аз уламои қадим мисли Буқрот ва Ҷолинус ва Бӯалӣ Сино доштаанд? Ба иборати дигар, оё иллат ин аст, ки дар дунёи ҷадид ашхоси хориқулъодае пайдо шуданд, ки дар дунёи қадим чунин шахсиятҳо ва мағзҳои мутафаккире набуданд?

На, чунин нест. Шояд имрӯз аҳаде иддао накунад, ки нубуғи Пастер ё дигарон аз нубуғи Арасту, Афлотун, Бӯалӣ Сино, Буқрот, Ҷолинус ва ё Хоҷа Насири Тӯсӣ бештар буда, вале суръат ва муваффақияти кори инҳо бештар будааст. Сирраш чист?

Мегӯянд сирраш ин аст, ки услуби уламо якмартиба тағйир кард. Аз вақте, ки услуби уламо дар таҳқиқ иваз шуд, суръати пешравии илм бештар шуд. Услубҳо дар муваффақиятҳо нақш доранд. Мумкин аст шумо як фарди нобиға ва боҳуш ва боистеъдод ва пуркореро дар раъси як муассиса қарор бидиҳед ва натавонад идора кунад. Фарди дигареро, ки ба андозаи ӯ нубуғе аз назари ҳофиза ва ҳушу истеъдоду дарк

надорад, дар раъси ҳамон муассиса қарор бидиҳед ва беҳтар идора кунад, аз боби ин ки сабк ва равиши ӯ беҳтар аст.

Мисоли возеҳтар ва равшантаре бизанем: мукаррар афродеро дидаем, ки бисёр боҳуш, боистеъдод ва пурҳофиза ҳастанд, аммо муваффақияти инҳо дар ёдгирӣ камтар аз муваффақияти касоне аст, ки аз назари ҳушу ҳофиза ва қудрати кор дар сатҳи пойинтаре қарор доранд, чаро? Барои ин ки сабки кори инҳо беҳтар аст. Масалан, як одами хеле пурҳофиза мумкин аст дар шабонарӯз шонздаҳ соат яксара кор кунад, аммо чӣ гуна? Як китобро аз аввал то охир мутолеа мекунад.

Баъд фавран китоби дигареро бармедорад ва мутолеа мекунад, дар сурате, ки ин китоб дар як ришта аст ва он китоб дар як ришгаи дигар. Баъд китобе дигар, баъд як дарси дигар, як балбашуе роҳ меандозад. Вале як нафар мумкин аст, ки қудрати ҳашт соат кор бештар надошта бошад, вале вақте китоберо мутолеа мекунад, аввалан бо диққат мехонад, на бо тундӣ. Сониян, ба як давр хондан иктифо намекунад, як бори дигар ҳамин китобро мехонад. Ба китоби дигаре даст намезанад, то матолибе, ки дар ин китоб хонда, дар зеҳнаш ворид бишавад. Ба ин ҳадд низ қаноат намекунад. Дар навбати севвум матолиби хуберо, ки дар ин китоб ташхис додааст ва лозим медонад, дар варақаҳои муназзаме фишбардорӣ ва ёддошт мекунад, яъне як ҳофизаи катбӣ барои худаш дуруст мекунад, ки то охири умр ҳар вақт бихоҳад битавонад фавран ба он матолиб муроҷеа кунад. Ин китобро, ки тамом кард, китобҳои дигареро, ки мутаносиб бо ҳамин мавзӯъ ҳастанд, мутолеа мекунад. Баъд аз муддате, аз мутолеа кардани ин гуна китобҳо бениёз мешавад. Баъд меравад сурағи як силсила китобҳои дигар. Аммо одаме, ки имрӯз ин китоб, фардо он китоб ва пас фардо китоби дигареро мутолеа мекунад, мисли касе мешавад, ки вақте мехоҳад ғизо бихӯрад, як луқма аз ин, ду луқма аз он, чаҳор луқма аз навъи дигар ва панҷ луқма аз он дигаре мехӯрад. Охир меъдаи худашро фосид мекунад, коре ҳам анҷом надодааст. Инҳо марбут аст ба сабк ва равиш ва услуб.

Масъалаи таблиғ, ба ҳамон маънои саҳеҳ ва воқеӣ, расондан ва шиносондани як паём ба мардум аст, огоҳ сохтани мардум ба як паём ва мӯътақид кардан ва мутамойил намудан ва ҷалб кардани назарҳои мардум ба як паём аст. Расондани як паём, услуб ва равиши саҳеҳ мехоҳад ва танҳо бо равиши саҳеҳ аст, ки таблиғ муваффақиятомез хоҳад буд. Агар акси ин равишро интихоб кунед, на танҳо натиҷаи мусбат нахоҳад дошт, балки натиҷаи маъкус хоҳад дод.

Балоғи мубин

Вақте инсон дар матлабе диққат мекунад ва ба он таваҷҷӯҳ дорад ва баъд огоҳона суроғи оятҳои Қуръон роҷеъ ба он матлаб меравад ва дар онҳо тадаббур мекунад, мебинад чӣ нукоте аз оятҳои Қуръон истифода мекунад! Дар ҳар мавзӯе ҳамин тавр аст. Аз он ҷумла аст мавзӯи таблиғ.

Қуръони Карим сабк ва равиш ва методи таблиғро ё худаш мустақиман ва ё аз забони пайғамбарон баён кардааст. Яке аз чизҳое, ки Қуръони Маҷид роҷеъ ба сабк ва равиши таблиғ рӯи он такя кардааст, калимаи:

الْبَلاغُ الْمُبِينُ

— аст, яъне иблоғ ва таблиғи возеҳ, равшан, ошкоро. Мақсуд аз ин вожаи равшан ва ошкоро чист? Мақсуд матлуб будан, соддагӣ, бепироягии паём аст ба тавре, ки тараф дар камоли суҳулат ва соддагӣ онро фаҳму дарк намояд.

Муғлақ ва муъаққад ва печида ва дар лаффофа сухан гуфтан ва истилоҳоти зиёд ба кор бурдан ва ҷумалоте аз ин қабил, ки “ту бояд солҳои зиёд дарс бихонӣ, то ин ҳарфро бифаҳмӣ”, дар таблиғи паёмбарон набуд. Ончунон содда ва возеҳ баён мекарданд, ки ҳамон тавр, ки бузургтарини уламо мефаҳмиданд ва истифода мекарданд, он бесаводтарини афрод ҳам лоақал дар ҳадди худаш ва ба андозаи зарфияти худаш истифода мекард. (Намехоҳам бигӯям, ҳама дар як сатҳ истифода мекунанд.)

Як нафар мубаллиғ ва паёмрасон, ки мехоҳад аз забони пайғамбарон сухан бигӯяд ва монанди пайғамбарон ҳарф бизанад ва мехоҳад роҳи онҳоро биравад, бояд балоғаш балоғе мубин бошад. Ин, як ҷиҳат дар маънии “мубин”. Албатта, дар инҷо эҳтимолоти дигаре ҳам ҳаст (ва ҷамъ миёни инҳо яъне ин ки ҳамаи инҳо дуруст бошад ҳам мумкин аст).

Яке аз ин эҳтимолот дар маънии калимаи “мубин”, бепарда сухан гуфтан аст, яъне паёмбарон на фақат муғлақ ва печида ва муъаққад сухан намегуфтанд, балки бо мардум берӯдарбоистӣ ва бепарда ҳарф мезаданд. Сухани худро бо гӯша ва киноя намегуфтанд. Агар эҳсос мекарданд матлаберо бояд гуфт, дар ниҳояти сароҳат ва равшанӣ ба мардум мегуфтанд. Масалан, мегуфтанд:

أَتَعْبُدُونَ مَا تَنْحِتُونَ

(*Сураи Соффот, ояти 95)* Оё тарошидаҳои худатонро доред ибодат мекунед?

Нусх

Масъалаи дуввум, ки Қуръони Маҷид дар масъалаи таблиғ рӯи он такя мекунад, чизе аст, ки аз он ба “нусх” таъбир менамояд. Мо маъмулан нусхро ба хайрхоҳӣ тарҷима

мекунем. Албатта ин маъно дуруст аст, вале зоҳиран хайрхоҳӣ айни маънии нусҳ нест, лозимаи маънии нусҳ аст. “Нусҳ” зоҳиран дар муқобили “ғишш” аст. Шумо агар бихоҳед ба касе шир бифурӯшед, мумкин аст шири холис ба ӯ бидиҳед ва мумкин аст Худой нохоста шире, ки дохилаш об кардаед бидиҳед, ё агар мехоҳед сиккаи тиллоиро ба касе бидиҳед, мумкин аст онро ба сурати холис бидиҳед (дар ҳадди аёрҳои маъмулӣ) ва мумкин аст ба сурати мағшуш бидиҳед, яъне дар он ғишш бошад. Нусҳ дар муқобили ғишш аст. Носеҳи воқеӣ он касе аст, ки хулуси комил дошта бошад. Тавбаи насуҳ яъне тавбаи холис. Мубаллиғ бояд носеҳ ва холис ва мухлис бошад, яъне дар гуфтани худаш ҳеч ҳадаф ва ғаразе ҷуз расондани паём, ки хайри он тараф аст надошта бошад. Масъалаи ихлос ва хулус аст. Дар ҳадис омадааст:

النّاسُ كُلُّهُمْ هالِكونَ اِلاَّ الْعالِمونَ وَالْعالِمونَ هالِكونَ اِلاَّ الْعامِلونَ وَالْعامِلونَ هالِكونَ اِلاَّ الْمخْلِصونَ وَالْمخْلِصونَ عَلى خَطَرٍ عَظيمٍ

Мардум дар ҳалоканд, магар ин ки огоҳ ва олим бошанд (ҷоҳил наметавонад роҳеро пайдо кунад) ва уламо низ дар ҳалоканд, магар онҳо, ки омиланд ва омилон низ дар ҳалоканд, магар онҳо, ки мухлисанд ва мухлисон тоза дар хатаранд.

Ин достонро дар ҷаласоте мукаррар гуфтаам: нақл кардаанд, дар марази фавти марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ (Аъалаллоҳу мақомаҳу!) иддае атрофашон буданд. Яке аз онҳо аз эшон тақозо кард, ки ҳам барои ёдоварии худатон ва ҳам барои насиҳати дигарон ҷумлае бифармоед. Гуфтанд: оқо, рафтем, вале коре накардем ва андӯхтае назди Худо надорем. Яке аз ҳуззор хаёл мекард, ки ҳоло вақти таъоруф кардан аст, гуфт: оқо, шумо чаро ин ҳарфҳоро мезанед? Алҳамду лиллоҳ, шумо чунин кардед, чунон кардед, масҷид сохтед, мадраса сохтед, ҳавзаи илмия таъсис кардед ва аз ин ҳарфҳо… Ҳамин, ки ҳарфҳояшро зад, эшон рӯ карданд ба ҳуззор ва бо гуфтани ҷумлае, ки дар ҳадис аст, сукут карданд. Фармуданд:

خَلِّصِ الْعَمَلَ فَإِنَّ النّاقِدَ بَصيرٌ بَصيرٌ

Амалро пок таҳвил бидеҳ, ки он ки наққод аст ва нақд мекунад, он саррофе, ки ба ин сикка расидагӣ мекунад, хеле огоҳ аст.

Масъалаи ихлос масъалаи кучаке нест. Қуръон ҳам ба ҳамин ҷиҳат аст, ки зоҳиран аз забони ҳамаи анбиё ин суханро мегӯяд:

مَا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ

(*Сураи Сод, ояти 86*) Ман музде барои таблиғи худам намехоҳам, чун носеҳам. Носеҳ ва хайрхоҳ дар амалм худаш бояд ниҳояти ихлосро дошта бошад.

Мутакаллиф набудан

Масъалаи дигар масъалаи мутакаллиф набудан аст. Такаллуф дар мавориди мухталифе ба кор меравад ва дар воқеъ ба маънии ба худ бастан аст, ки инсон чизеро ба зӯр ба худ бибандад. Дар мавриди сухан ҳам ба кор меравад. Ба афроде, ки дар сухани худашон ба ҷойи ин ки фасеҳ ва балиғ бошанд, алфози қулумба ва сулумба ба кор мебаранд, мегӯянд мутакаллиф.

Дар ҳадис аст, ки касе дар ҳузури Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ дар сӯҳбатҳои худ калимапардозиҳои қулумба ва сулумба мекард. Пайғамбари Акрам фармуд:

أَنَا وَأَتْقِياءُ أُمَّتي بُراء مِنَ التَّكَلُّفِ

Ман ва перҳезгорони умматам аз ин гуна ҳарф задан ва ба худбандӣ дар сухан барӣ ва муназзаҳ ҳастем, парҳез мекунем. Такаллуф ғайр аз фасоҳат аст. Аслан фасоҳат худаш равонӣ ва адами такаллуф ва таъқид дар сухан аст. Аз забони пайғамбарон дар заминаи таблиғ омадааст:

وَمَا أَنَا مِنَ الْمُتَكَلِّفِينَ

(*Сураи Сод, оятӣ 86*) Он тавр, ки муфассирон гуфтаанд, ин ҷумла зоҳиран нозир ба ин матлаб нест, ки ман дар суханам мутакаллиф нестам, балки манзур ин аст, ки дар он чи мегӯям мутакаллиф нестам, яъне чизеро, ки намедонам ва бар худам он тавр, ки бояд, собит ва муҳаққақ ва равшан нест, намегӯям; дар муқобили мардум тазоҳур ба донистани матлабе, ки ҳанӯз онро барои худам тавҷеҳ накардаам, намекунам.

Дар зайли ин оят дар “Маҷмаъул-баён” аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят шудааст, ки:

أَيُّهَا النّاسُ! مَنْ عَلِمَ شَيْئاً فَلْيَقُلْ

Эй мардум! Касе, ки чизеро медонад, пас бигӯяд.

وَمَنْ لَمْ يَعْلَمْ فَلْيَقُلْ اَللّهُ أَعْلَمُ

Ва касе, ки чизеро намедонад, бигӯяд: Худо донотар аст.

فَإِنَّ مِنَ الْعِلْمِ أَنْ يَقولَ لِما لا يَعْلَمُ اَللّهُ أَعلَمُ

Яке аз илмҳо ҳамин аст, ки инсон илм ба адами илми худаш дошта бошад, ҷоҳили басит бошад, лоақал бидонад, ки намедонад (худ бидонад, ки надонад). Эътироф кардан ба ин матлаб, худаш як дараҷа аз илм аст. Баъд Абдуллоҳ ибни Масъуд ин оятро хонд:

فَإِنَّ اللهَ تَعالى قالَ لِنَبِيِّهِ: قُلْ ما أَسْئَلُكُمْ عَلَيْهِ مِنْ أَجْرٍ وَما أَنَا مِنَ اَلْمُتَكَلِّفِينَ

(*Маҷмаъул-баён, 8/486*) Маълум мешавад Абдуллоҳ ибни Масъуд, ки аз саҳобаи бузургвори Расули Акрам аст, аз ҷумлаи:

وَمَا أَنَا مِنَ الْمُتَكَلِّفِينَ

— ин матлабро истифода карда, ки ҳар касе ҳар чи медонад, ба мардум бигӯяд ва он чиро намедонад, бигӯяд, ки намедонам.

Ибни Ҷавзӣ, ки аз хутабои маъруф аст, болои як минбари сепиллае буд. Зоҳиран зане омад ва масъалае аз ӯ пурсид. Гуфт: намедонам. Гуфт: ту, ки намедонӣ, чаро се пилла болотар рафтаӣ? Гуфт: ин се пилла, ки болотар рафтаам, барои он чизҳое аст, ки ман медонам ва шумо намедонед; агар мехостанд ба нисбати чизҳое, ки намедонам бароям минбар дуруст кунанд, бояд минбаре дуруст мекарданд, ки то кураи моҳ боло биравад.

Шайх Ансорӣ аз уламои бузурги мост, ҳам аз назари илмӣ — ки дар ду фанни фиқҳу усул воқеан аз уламои муҳаққиқ ва тирози аввал аст — ва ҳам аз назари тақво. Ба ҳамин ҷиҳат, вақте, ки дар бораи эшон ҳарф мезаданд, муболиға ва иғроқ мекарданд ва масалан мегуфтанд, аз оқо ҳар чи бипурсӣ медонад, маҳол аст, ки чизеро надонад. (Шуштарӣ ҳам будааст. Мегӯянд, он лаҳни хузистонии худашро то охири умр ҳифз карда буд.) Гоҳе, ки аз ӯ як масъалаи шаръӣ мепурсиданд, бо ин ки муҷтаҳид буд, ёдаш набуд. Ҳар вақт, ки ёдаш набуд, баланд мегуфт: намедонам, то шунаванда ва шогирдон бифаҳманд, ки эътироф ба надонистан нанг нест.

Чизеро, ки аз ӯ мепурсиданд, агар медонист барои тараф ором мегуфт, ҳамин қадр, ки ӯ худаш бифаҳмад ва агар намедонист, баланд мегуфт: надонам, надонам, надонам.

Тавозӯъ ва фурӯтанӣ

Масъалаи дигар, ки Қуръони Маҷид дар сабк ва равиши таблиғи пайғамбарон нақл мекунад, тавозӯъ ва фурӯтанӣ аст (нуқтаи муқобили истикбор). Касе, ки мехоҳад паёмеро, он ҳам паёми Худоро ба мардум бирасонад, бояд дар муқобили мардум дар ниҳояти дараҷа фурӯтан бошад, яъне пурмуддаоӣ накунад, изҳори иноният ва маният накунад, мардумро таҳқир накунад, бояд дар ниҳояти хузӯъ ва фурӯтанӣ бошад.

(Қуръони Карим аз забони Нӯҳ алайҳис салом хитоб ба гурӯҳе аз қавмаш мефармояд:)

أَوَعَجِبْتُمْ أَنْ جَاءَكُمْ ذِكْرٌ مِنْ رَبِّكُمْ عَلَى رَجُلٍ مِنْكُمْ

(*Сураи Аъроф, ояти 63*) Оё тааҷҷуб мекунед, ки паёми парвардигори шумо, зикри парвардигори шумо, мояи танбеҳе, ки аз тарафи парвардигори шумост, бар марде аз худи шумо бар шумо омадааст? Иборати:

مِنْ رَبِّكُمْ

— нишондиҳандаи ин аст, ки намехоҳад Худоро ба худаш ихтисос бидиҳад ва дар чунон мақоме бигӯяд, Худои ман, шумо, ки қобил нестед, то бигӯям Худои шумо. Баъд мегӯяд:

عَلَى رَجُلٍ مِنْكُمْ

— бар марде аз худи шумо, ман ҳам яке аз шумо ҳастам.

Шумо бибинед чӣ қадр тавозӯъ дар ин ояти карима нуҳуфтааст, ки хитоб ба Пайғамбари Акрам мефармояд:

قُلْ إِنَّمَا أَنَا بَشَرٌ مِثْلُكُمْ

Бигӯ ба мардум, ман ҳам башаре мисли шумо ҳастам,

يُوحَى إِلَيَّ

Бар яке аз амсоли худи шумо ваҳй нозил мешавад,

أَنَّمَا إِلَهُكُمْ إِلَهٌ وَاحِدٌ فَمَنْ كَانَ يَرْجُو لِقَاءَ رَبِّهِ فَلْيَعْمَلْ عَمَلًا صَالِحًا وَلَا يُشْرِكْ بِعِبَادَةِ رَبِّهِ أَحَدًا

(*“Бигӯ: ҷуз ин нест, ки ман монанди шумо башаре ҳастам, ки ба ман ваҳй мерасад, ки Худои шумо Худои яктост, пас ҳар кас ба лиқо (-и раҳмат)-и парвардигораш умедвор аст, бояд некӯкор шавад ва ҳаргиз дар парастиши Худояш аҳадеро бо ӯ шарик нагардонад.” (Сураи Каҳф, оятӣ 110)*)

Парҳез аз хушунат

Мутаносиб бо ҳамин матлаб масъалаи дигаре дар таблиғ матраҳ аст ва он масъалаи рифқ ва нармиш яъне парҳез аз хушунат аст. Касе, ки мехоҳад паёмеро, он ҳам паёми Худоро ба мардум бирасонад, то дар онҳо имон ва алоқа эҷод бишавад, бояд лайинулқавл бошад, (яъне) нармиши сухан дошта бошад. Сухан ҳам дуруст мисли ашёи моддӣ нарму сахт дорад. Гоҳе як суханро, ки инсон аз дигаре таҳвил мегирад, гӯӣ роҳатулҳулқум гирифта, яъне ин қадр нарму мулойим аст, ки дили инсон мехоҳад ба ҳар тартибе, ки шуда онро қабул кунад. Гоҳе баръакс, як сухан тавре аст, ки гӯӣ атрофаш мех кӯбидаанд, мисли як суҳон аст, он қадр хор дорад, он қадр гӯшаву киноя ва таҳқир дорад ва он қадр хушунат дорад, ки тараф намехоҳад бипазирад.

Вақте, ки Худованд Мӯсо ва Ҳорунро барои даъвати фарде мисли Фиръавн мефиристад, ҷузъи дастурҳо дар сабк ва методи даъвати Фиръавн мефармояд:

فَقُولَا لَهُ قَوْلًا لَيِّنًا لَعَلَّهُ يَتَذَكَّرُ أَوْ يَخْشَى

(*Сураи Тоҳо, ояти 44*) Бо ин марди мутакаббир ва фиръавн ба тамоми маъно (ки дигар калимаи “Фиръавн” номи тамоми ингуна ашхос шуда) бо нармӣ сухан бигӯед; вақте, ки шумо бо чунин мардуми мутакаббире рӯбарӯ мешавед, кӯшиш кунед, ки ба сухани худатон нармиш бидиҳед, нарм бо ӯ ҳарф бизанед, бошад, ки мутазаккир бишавад ва аз Худои худаш, аз Рабби худаш битарсад. Албатта Мӯсо алайҳис салом ва Ҳорун нарму

мулойим сухан гуфтанд, вале ӯ ин қадр ҳам лоиқ набуд. Қуръони Карим дар бораи Пайғамбари Акрам мефармояд:

فَبِمَا رَحْمَةٍ مِنَ اللَّهِ لِنْتَ لَهُمْ وَلَوْ كُنْتَ فَظًّا غَلِيظَ الْقَلْبِ لَانْفَضُّوا مِنْ حَوْلِكَ فَاعْفُ عَنْهُمْ وَاسْتَغْفِرْ لَهُمْ وَشَاوِرْهُمْ فِي الْأَمْرِ فَإِذَا عَزَمْتَ فَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُتَوَكِّلِينَ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 159*) Ба мӯҷиби раҳмат ва иноят илоҳӣ, ту бо мардум нарм ҳастӣ, нармиш дорӣ, ахлоқу гуфтори ту нарм аст, аз хушунати ахлоқӣ ва хушунат дар гуфтор парҳез дорӣ. Роҷеъ ба сабки баёни Пайғамбари Акрам достонҳои зиёде ҳаст, ки нишон медиҳад пайғамбар чӣ қадр аз хушунат дар сухан парҳез доштааст. Қуръон хитоб ба пайғамбар мегӯяд, агар ту як одами дуруштхӯ ва сангиндиле будӣ, бо ҳамаи Қуръоне, ки дар даст дорӣ, бо ҳамаи мӯъҷизоте, ки дорӣ ва бо ҳамаи имтиёзҳои дигаре, ки дорӣ, мардум аз даври ту пароканда мешуданд.

Нармиши ту омили муассире аст дар таблиғ ва ҳидояти мардум, дар ирфон ва имони мардум.

Дар ин замина достонҳои зиёде аст, ки агар бихоҳам онҳоро зикр кунам, аз баҳси худ мемонам.

Салобат ғайр аз хушунат аст

Саъдӣ мегӯяд:

Дуруштию нармӣ ба ҳам-дар беҳ аст,

Чу рагзан, ки ҷарроҳу марҳамнеҳ аст.

(Гулистон)

Албатта, намехоҳам таъбири “дуруштӣ” карда бошам. Ин шеърро бад-ин ҷиҳат хондам, ки наздики мақсуд аст. Оё ҳамроҳи нармӣ салобат ҳам набояд бошад? Фарқ аст миёни хушунат ва салобат. Ин регҳое, ки дар кафи наҳрҳо ҳаст, солиёни дарозе об омада, аз рӯяшон убур карда ва онҳоро сойидааст. Вақте инсон яке аз инҳоро аз кафи наҳре бармедорад, мебинад, ки салобат дорад ва сифт аст ва аз ин ҷиҳат бо соири сангҳо фарқе надорад, аммо ончунон соф аст, ки инсон аз ламс кардани он кучактарин эҳсоси нороҳатӣ намекунад, ба тавре, ки аз даст кашидан рӯи ҷомаи худаш бештар эҳсоси нороҳатӣ мекунад, то аз даст кашидан рӯи он санг. Як шамшери сайқал дода шуда нармиш дорад ба гунае, ки мисли фанар тоб мехӯрад, вале дар айни ҳол салобат ҳам дорад.

Масъалаи салобат доштан, истеҳком доштан, шуҷоъ будан, натарсидан аз касе ғайр аз Худо, ғайр аз масъалаи хушунат доштан аст. Паёмбарон дар айни ин ки мунтаҳои тавозӯъ ва нармишро дар бархӯрдҳо ва гуфторҳо ва дар ахлоқи худашон бо мардум

доштанд, аммо дар роҳи худашон ҳам қобили инъитоф набуданд, ҷуз Худо аз аҳаде бим надоштанд, аз аҳаде наметарсиданд.

Шаҳомат ва шуҷоат

Шаҳомат ва шуҷоатро метавон яке аз шароити паёмрасон ва ҷузъи кайфиятҳои таблиғ зикр кард. Ояте, ки дар аввали суханам тиловат кардам ҳамин маъноро баён мекунад:

الَّذِينَ يُبَلِّغُونَ رِسَالَاتِ اللَّهِ

Онон, ки рисолот ва паёмҳои илоҳиро ба мардум мерасонанд,

وَيَخْشَوْنَهُ

Ва аз Худои худашон метарсанд ва як зарра хилоф намекунанд, паёмро каму зиёд намекунанд, аз роҳи ҳақ мунҳариф намешаванд.

وَلَا يَخْشَوْنَ أَحَدًا إِلَّا اللَّهَ

(*Сураи Аҳзоб, оятӣ 39*) Ва аз аҳаде ҷуз Худо бим надоранд. Ин дигар шарте аст, ки хеле ҷояш холӣ аст.

Нақше ҷуз рисолат барои худ қоил набудан

Масъалаи дигар дар мавриди равиши таблиғи паёмбарон ин аст, ки онҳо мегуфтанд, мо нақше ҷуз рисолат надорем, мо халқи Худо ва Расули Худо ва паёмовари Худо ҳастем. Пайғамбарон намеомаданд санади биҳишту ҷаҳаннам имзо кунанд, ҳамон гуна, ки кашишҳо аз ин корҳо мекарданд ва шояд ҳанӯз ҳам мекунанд; корҳое аз ин қабил, ки санад ба дасти касе бидиҳанд ва ба ӯ бигӯянд, ту бо ин санад хаёлат ҷамъ бошад, ки ман ин қадр аз биҳиштро барои ту тазмин кардам! Бо ин ки аз назари рисолати худашон ва куллияти он кучактарин тардиде ба худ роҳ намедоданд ва масоилро ба таври куллӣ мегуфтанд, вале дар ҷавоби суолоте назири “оқибати ман чӣ гуна аст?” мегуфтанд, Худо олим аст, чӣ медонам; аз ботин Худо олим аст, ин ки оқибати ту ба куҷо мунтаҳӣ мешавад, Худо худаш беҳтар медонад.

Дар бораи ҷаноби Усмон ибни Мазъун, саҳобаи бисёр бузургвори Расули Худо, навиштаанд, ки баъд аз он ки Расули Акрам ба Мадина ҳиҷрат карданд, ӯ ҷузъи муҳоҷирин буд. Вай аввалин касе буд, ки дар Мадина вафот кард ва Расули Акрам дастур доданд, ки ӯро дар Бақеъ дафъ кунанд ва Бақеъро аз ҳамон рӯз қабристон қарор доданд. Ҳамин ҷаноби Усмон ибни Мазъун аст, ки дар самти шарқи Бақеъ мадфун аст ва марди бисёр бузургворе аст ва Расули Акрам ба ӯ хеле изҳори алоқа мекарданд ва ҳама инро медонистанд. Амирулмӯъминин дар “Наҳҷул-балоға” мефармояд:

كانَ لي فيما مَضى اَخٌ فِى اللهِ وَكانَ يُعَظِّمُهُ فى عَيْني صِغَرُ الدُّنْيا فى عَيْنِهِ

Яъне дар гузашта як бародари динӣ доштам, ки дар роҳи ҳақ буд ва он чи, ки ӯро дар чашми ман бузург мекард ин буд, ки тамоми дунё дар назари ӯ кучак буд. Шореҳони “Наҳҷул-балоға” гуфтаанд, мақсуди амирулмӯъминин Усмон ибни Мазъун аст. Яке аз писарони амирулмӯъминин исмаш Усмон аст. Вақте мутаваллид шуд, амирулмӯъминин фармуд: ман мехоҳам исми инро ба номи бародарам Усмон ибни Мазъун бигузорам; мехост ёдовари Усмон ибни Мазъун бошад.

Инчунин марде аз дунё рафт. Ӯ дар хонаи яке аз ансор зиндагӣ мекард. Зане ҳам дар он хона буд — ва шояд зани бародари ансориаш буд — ба номи Умми Ало, ки ба ӯ хидмат мекард.

Расули Акрам омаданд барои ташйеъи ҷанозаи Усмон ибни Мазъун ва дар ин маросим тавре рафтор карданд, ки бо ахасси асҳоб рафтор мекарданд. Як дафъа Умми Ало рӯ кард ба ҷанозаи Усмон ибни Мазъун ва гуфт:

هَنيئاً لَكَ الْجَنَّةُ

Биҳишт туро гуворо бод! Расули Акрам рӯ кард ба ӯ ва бо тундӣ фармуд: чӣ касе чунин қавле ба ту дод? Гуфт: ё Расулаллоҳ! Ин саҳобии шумост, ман ба хотири ин ҳама алоқае, ки шумо ба ӯ доштед, ин суханро арз кардам. Расули Худо ин оятро хонд:

قُلْ مَا كُنْتُ بِدْعًا مِنَ الرُّسُلِ وَمَا أَدْرِي مَا يُفْعَلُ بِي وَلَا بِكُمْ

(“*Бигӯ: ман аз байни расулон аввалин пайғамбар нестам ва намедонам, ки бо ман ва шумо оқибат чӣ мекунанд?..” Сураи Аҳқоф, оятӣ 9*)) Хеле маънӣ дорад. Ҳамчунин дар охирҳои сураи муборакаи Ҷин аст:

قُلْ إِنِّي لَا أَمْلِكُ لَكُمْ ضَرًّا وَلَا رَشَدًا

Бигӯ: ихтиёри суду зиёни шумо бо ман нест,

قُلْ إِنِّي لَنْ يُجِيرَنِي مِنَ اللَّهِ أَحَدٌ وَلَنْ أَجِدَ مِنْ دُونِهِ مُلْتَحَدًا

(*“Бигӯ: ҳеч кас маро дар баробари ӯ паноҳ намедиҳад ва паноҳгоҳе ҷуз ӯ намеёбам.” (Сураи Ҷин, оятҳои 21-22)*) Худи маро ҷуз Худо касе паноҳ нахоҳад дод.

Тафовут нагузоштан миёни мардум дар таблиғ

Яке дигар аз хусусиёти бисёр боризи сабки таблиғии пайғамбарон — ки шояд дар мавриди Расули Акрам бештар омадааст — масъалаи тафовут нагузоштан миёни мардум дар таблиғи ислом аст.

Даврони ҷоҳилият буд. Як зиндагии табақотии аҷибе бар он ҷомеа ҳукумат мекард. Гӯё аслан фуқаро одам набуданд, чӣ расад ба ғуломон ва бардагон. Онҳо, ки ашрофу аъён ва

ба таъбири Қуръон, “малаъ” буданд, худашонро соҳиб ва мустаҳиққи ҳама чиз медонистанд ва онҳо, ки ҳеч чиз надоштанд, мустаҳиққи чизе намешуданд. Ҳатто ҳарфашон ҳам ин буд, на ин ки бигӯянд, мо дар дунё ҳама чиз дорем ва шумо чизе надоред, вале дар охират мумкин аст хилофи ин бошад, балки мегуфтанд, дунё худаш далели охират аст; ин ки мо дар дунё ҳама чиз дорем, далел бар ин аст, ки мо маҳбуб ва азизи Худо ҳастем, Худо моро азизи худ дониста ва ҳама чиз ба мо додааст, пас охират ҳам ҳамин тавр аст, шумо дар охират ҳам ҳамин тавр ҳастед; он ки дар дунё бадбахт аст, дар охират ҳам бадбахт аст. Ба пайғамбар мегуфтанд: ё Расулаллоҳ! Оё медонӣ айби кори ту чист? Медонӣ чаро мо ҳозир нестем рисолати туро бипазирем? Барои ин ки ту одамҳои пасту арозилро атрофи худат ҷамъ кардаӣ. Инҳоро ҷорӯ кун, бирез дур, он вақт мо аъёну ашроф меойем давру барат. Қуръон мегӯяд, ба инҳо бигӯ:

وَمَا أَنَا بِطَارِدِ الْمُؤْمِنِينَ

(*Сураи Шуаро, ояти 114*) Ман касеро, ки имон дошта бошад, ба ҷурми ин ки ғулом аст, барда аст, фақир аст, тард намекунам.

وَلَا تَطْرُدِ الَّذِينَ يَدْعُونَ رَبَّهُمْ بِالْغَدَاةِ وَالْعَشِيِّ يُرِيدُونَ وَجْهَهُ

(*Сураи Анъом, ояти 52*) Ин ашхосро ҳаргиз аз худат дур накун, ашроф бираванд гум шаванд, агар мехоҳанд ислом ихтиёр кунанд бояд одам шаванд.

Шунидаед, ки яке аз ҳамин шахсиятҳо, ки мусалмон шуда буд, дар маҷлиси Расули Худо нишаста буд. (Суннат ва сираи Расули Акрам ин буд, ки аввалан дар маҷлис болову пойин қарор намедоданд; маъмулан ҳалқавор ва доиравор менишастанд, то маҷлис болову пойин надошта бошад. Сониян, наҳй мекарданд, ки дар ҳангоми вуруди эшон касе ҷилави пояшон баланд шавад; мегуфтанд, ин, суннати аҷамҳост, суннати эрониҳост. Ва низ мефармуд: ҳар кас, ки ворид шуд, дар ҷое, ки холӣ аст, биншинад, на ин ки афрод маҷбур бошанд ҷо холӣ кунанд, то касе боло биншинад, ислом чунин чизе надорад.) Яке аз мусалмонони фақир ва жандапӯш ворид шуд. Канори он шахс, ки ба истилоҳ ашроф буд, ҷое холӣ буд. Он мард ҳамон ҷо нишаст.

Ҳамин, ки нишаст, ӯ рӯи одати ҷоҳилият фавран худашро ҷамъ кард ва канор кашид. Расули Акрам мутаваҷҷеҳ шуд. Рӯ кард ба ӯ, ки чаро чунин коре кардӣ?! Тарсидӣ, ки чизе аз сарватат ба ӯ бичаспад? На, ё Расулаллоҳ! Тарсидӣ, чизе аз фақри ӯ ба ту бичаспад? На, ё Расулаллоҳ! Пас чаро чунин кардӣ? Иштибоҳ кардам, ғалат кардам, ба ҷаримаи ин ки чунин иштибоҳе муртакиб шудам, алъон дар маҷлиси шумо ниме аз дороии худамро ба ҳамин бародари мусалмонам бахшидам. Ба он бародари мӯъмин

гуфтанд: онро таҳвил бигир. Гуфт: намегирам. Гуфтанд: ту, ки надорӣ, чаро намегирӣ? Гуфт: барои ин ки метарсам бигирам ва рӯзе димоғе мисли димоғи ин шахс пайдо кунам.

Сабр ва истиқомат

Масъалаи дигаре, ки дар равиши таблиғ матраҳ аст, масъалаи сабр ва истиқомат аст:

فَاصْبِرْ لِحُكْمِ رَبِّكَ وَلَا تَكُنْ كَصَاحِبِ الْحُوتِ

(*Сураи Нун, ояти 48*)

فَاصْبِرْ كَمَا صَبَرَ أُولُو الْعَزْمِ مِنَ الرُّسُلِ

(*Сураи Аҳқоф, ояти 35*) пойдор бош, хештандор бош, истиқомат дошта бош,

فَاسْتَقِمْ كَمَا أُمِرْتَ

(*Сураи Ҳуд, ояти 112*) ҳамон тавр, ки фармон дода шудаӣ, истиқомат дошта бош. Ҷумлаи:

فَاسْتَقِمْ كَمَا أُمِرْتَ

дар ду сура, яке дар сураи Шӯро ва дигар дар сураи Ҳуд зикр шудааст. Дар сураи Ҳуд мефармояд:

فَاسْتَقِمْ كَمَا أُمِرْتَ وَمَنْ تَابَ مَعَكَ

Худат ва мӯъминине, ки бо ту ҳастанд, ҳамаатон истиқомат дошта бошед. Дар сураи Шӯро мухотаб шахси паёмбар аст. Аз Расули Худо нақл кардаанд, ки фармуд:

شَيَّبَتْنِي سورَةُ هودٍ

Сураи Ҳуд риши маро сафед кард, он ояте, ки мегӯяд:

فَاسْتَقِمْ كَمَا أُمِرْتَ وَمَنْ تَابَ مَعَكَ

истиқомат дошта бош, вале танҳо ба худи ман нагуфта, балки гуфта, худам ва дигарон, онҳоро ҳам ба истиқомат водор кун.

Бояд миқдоре ҳам роҷеъ ба Имом Ҳусайн дар ҳамин замина сӯҳбат кунем. Абӯабдуллоҳ алайҳис салом дар ҳаракат ва наҳзати худашон як силсила корҳо кардаанд, ки инҳоро мешавад равиш ва услуби кор талаққӣ кард. Бигузоред ман масъалаи равиш ва услуби кори Имом Ҳусайнро фардо шаб, ки шаби Ошӯрост, ба арз бирасонам. Имшаб миқдоре аз мақтал бароятон арз мекунам.

Тақрибан як суннате аст, ки дар Тосуъо зикри хайре аз вуҷуди муқаддаси Абулфазли Аббос (Саломуллоҳи алайҳи!) мешавад. Мақоми ҷаноби Абулфазл бисёр болост. Имомони мо фармудаанд:

إِنَّ لِلْعَبّاسِ مَنْزِلَةً عِنْدَ اللهِ يَغْبطُهُ بِها جَميعُ الشُّهَداءِ

Аббос мақоме назди Худо дорад, ки ҳамаи шуҳадо ғибтаи мақоми ӯро мебаранд. Мутаассифона таърих аз зиндагии он бузургвор иттилооти зиёде нишон надода, яъне агар касе бихоҳад китобе дар мавриди зиндагии эшон бинависад, матлаби зиёде пайдо намекунад. Вале матлаби зиёд ба чӣ дард мехӯрад? Гоҳе як зиндагии якрӯза ё дурӯза ё панҷрӯзаи як нафар, ки мумкин аст шарҳи он беш аз панҷ сафҳа набошад, ончунон дурахшон аст, ки имкон дорад ба андозаи даҳҳо китоб арзиши он шахсро собит кунад ва ҷаноби Абулфазли Аббос чунин шахсе буд. Синни эшон дар Карбало дар ҳудуди 34 сол будааст ва дорои фарзандоне будаанд, ки яке аз онҳо ба номи Убайдуллоҳ ибни Аббос ибни Алӣ ибни Абӯтолиб аст ва то замонҳои дур зинда будааст. Нақл мекунанд, ки рӯзе Имом Зайнулобидин чашмашон ба Убайдуллоҳ афтод, хотироти Карбало ба ёдашон афтод ва ашкашон ҷорӣ шуд.

Ҷаноби Абулфазл дар вақти шаҳодати амирулмӯъминин, кӯдаке наздик ба ҳадди булуғ яъне дар синни 14-солагӣ будааст. Ман аз “Носихут-таворих” алъон ёдам ҳаст, ки ҷаноби Абулфазл дар ҷанги Сиффин ҳузур доштаанд, вале чун ҳанӯз ноболиғ ва кӯдак будаанд (ҳудуди 12 сол доштаанд, зеро ҷанги Сиффин тақрибан 3 сол қабл аз шаҳодати амирулмӯъминин аст) амирулмӯъминин ба эшон иҷозаи ҷангидан надодаанд. Ҳамин қадр ёдам ҳаст, ки навишта буд, эшон дар ҷанги Сиффин дар айни ин ки кӯдак буданд, савор бар аспи сиёҳе буданд. Беш аз ин чизе надидам. Вале дар мақотили мӯътабар ин матлабро навиштаанд, ки амирулмӯъминин Алӣ алайҳис салом як вақте ба бародаршон Ақил фармуданд, барои ман зане интихоб кун, ки –

وَلَدَتْهَا الْفُحولَةُ

— нажод аз шуҷоъон бурда бошад. Ақил нассоба аст, насабшинос ва нажодшинос буда ва аҷиб ҳам нажодшинос буда ва қабоил ва падару модарҳоро ва ин ки кӣ аз куҷо нажод мебарад мешинохтааст. Фавран гуфт:

عَنّي لَكَ بِأُمِّ الْبَنينَ بِنْتِ خالِدٍ

Он зане, ки ту мехоҳӣ Уммулбанин аст. Уммулбанин яъне “модари писарон” (модар чанди писар), вале худи ин калима мисли Умми Кулсум аст, ки ҳоло мо исм мегузорем. Махсусан дар таърих дидам, ки яке аз ҷаддот яъне модарбузургҳои Уммулбанин исмаш Уммулбанин буда ва шояд ба ҳамин муносибат исми эшонро ҳам Уммулбанин гузоштаанд. Ҳамин духтарро барои амирулмӯъминин хостгорӣ карданд ва аз ӯ чаҳор писар барои амирулмӯъминин мутаваллид шуд ва зоҳиран духтаре аз ӯ ба дунё наомадааст. Баъд ин зан ба маънии воқеӣ Уммулбанин яъне модари чанд писар шуд.

Амирулмӯъминин фарзандони шуҷоъи дигар ҳам дошт: аввалан худи Ҳасанайн (Имом Ҳасан ва Имом Ҳусайн) шуҷоаташон мӯҳраз буд, махсусан Имом Ҳусайн, ки дар Карбало нишон дод, ки чӣ қадр шуҷоъ буд ва шуҷоати падарашро ба ирс бурда буд. Муҳаммад ибни Ҳанафия аз ҷаноби Абулфазл хеле бузургтар буд ва дар ҷанги Ҷамал ширкат кард ва фавқулъода шуҷоъ ва қавӣ ва ҷалил ва зӯрманд буд. Ҳадс зада мешавад, ки амирулмӯъминин ба ӯ иноятӣ хоссе доштааст (албатта ин матлаб дар матни таърих навишта нашуда, ҳадс аст). Мутобиқи мӯътабартарин нақлҳо аввалин касе, ки аз хонадони пайғамбар шаҳид шуд, ҷаноби Алиакбар ва охиринашон ҷаноби Абулфазли Аббос буд, яъне эшон вақте шаҳид шуданд, ки дигар аз асҳоб ва аҳли байт касе намонда буд, фақат эшон буданд ва ҳазрати Сайидушшуҳадо. Омад арз кард: бародарҷон! Ба ман иҷоза бидиҳед ба майдон биравам, ки хеле аз ин зиндагӣ нороҳат ҳастам. Ҷаноби Абулфазл се бародари кучактарашро махсусан қабл аз худаш фиристод, гуфт: биравед бародарон! Ман мехоҳам аҷри мусибати бародарамро бурда бошам. Мехост мутмаин шавад, ки бародарони модариаш ҳатман қабл аз ӯ шаҳид шудаанд ва баъд ба онҳо мулҳақ бишавад.

Бинобар ин Уммулбанин аст ва чаҳор писар, вале Уммулбанин дар Карбало нест, дар Мадина аст.

Онон, ки дар Мадина буданд, аз сарнавишти Карбало бехабар буданд. Ба ин зан, модари ин чанд писар, ки тамоми зиндагӣ ва ҳастиаш ҳамин чаҳор писар буд, хабар расид, ки ҳар чаҳор писари ту дар Карбало шаҳид шудаанд. Албатта ин зан зани комилае буд, зан бевае буд, ки ҳамаи писарҳояшро аз даст дода буд. Гоҳе меомад дар сари роҳи Кӯфа ба Мадина менишаст ва шурӯъ ба навҳасаройӣ барои фарзандонаш мекард. Таърих навиштааст, ки ин зан худаш як василаи таблиғ алайҳи дастгоҳи Банӣ Умайя буд. Ҳар кас, ки меомад аз онҷо убур кунад, мутаваққиф мешуд ва ашк мерехт. Марвони Ҳакам, ки як вақте ҳокими Мадина буда ва аз он душманони аҷиби аҳли байт аст, ҳар вақт меомад аз онҷо убур кунад, беихтиёр менишаст ва бо гиряи ин зан мегирист. Ин зан ашъоре дорад ва дар яке аз онҳо мегӯяд:

لا تَدْعُونِّي وَيْكِ أُمَّ الْبَنِينَ

تُذَكِّرِينِي بِلِيُوثِ الْعَرِينِ

كَانَتْ بَنُونَ لِي أُدْعَى بِهِمْ

وَ الْيَوْمَ أَصْبَحْتُ وَلا مِنْ بَنِينَ

Мухотабро як зан қарор дода, мегӯяд: эй зан, эй хоҳар! То ба ҳол агар маро Уммулбанин меномидӣ, баъд аз ин дигар Уммулбанин нагӯ, чун ин калима хотироти маро таҷдид мекунад, маро ба ёди фарзандонам меандозад, дигар баъд аз ин маро ба ин исм нахонед; бале, дар гузашта ман писароне доштам, вале ҳоло, ки ҳеч як аз онҳо нестанд.

Рашидтарини фарзандонаш ҷаноби Абулфазл буд ва бахусус барои ҷаноби Абулфазл марсияи бисёр ҷонгудозе дорад, мегӯяд:

يا مَنْ رَأَى الْعَبّاسَ كَرَّ عَلى جَماهيرِ النَّقَدِ

وَوَراهُ مِنَ أَبْناءِ حَيْدَرَ كُلُّ لَيْثٍ ذي لَبَدِ

أُنْبِئْتُ أَنَّ ابْني أُصيبَ بِرَأْسِهِ مَقْطوعَ يَدِ

وَبِيَمْيني عَلى شِبْلي أَمالَ بِرَأْسِهِ ضَرْبُ الْعَمَدِ

لَوْ كانَ سَيْفُكَ فى يَدَيْكَ لَما دَنى مِنْهُ اَحَدٌ

Пурсида буд, ки писари ман, Аббос шуҷоъ ва диловари ман чӣ гуна шаҳид шуд? Диловарии ҳазрати Абулфазли Аббос аз мусалламот ва қатъиёти таърих аст. Ӯ фавқулъода зебо будааст, ки дар кучакӣ ба ӯ мегуфтанд, қамари Банӣ Ҳошим, моҳи Банӣ Ҳошим. Дар миёни Банӣ Ҳошим медурахшидааст. Андомаш бисёр рашид буда, ки баъзе аз муаррихони мӯътабар навиштаанд, ҳангоме, ки савор бар асп мешуд, вақте пояшро аз рикоб берун меовард, сари ангуштонаш заминро хатт мекашид. Бозуҳо бисёр қавӣ ва баланд, синаи бисёр паҳн. Мегуфт, ки писараш ба ин осонӣ кушта намешуд. Аз дигарон пурсида буд, ки писари манро чӣ гуна куштанд? Ба ӯ гуфта буданд, ки аввал дастҳояшро қатъ карданд ва баъд ба чӣ вазъе ӯро куштанд. Он вақт дар ин маврид марсияе гуфт. Мегуфт: эй чашме, ки дар Карбало будӣ! Эй инсоне, ки дар саҳнаи Карбало будӣ! Он замоне, ки писарам Аббосро дидӣ, ки бар ҷамоати шағолон ҳамла кард ва афроди душман монанд шағол аз ҷилави писари ман фирор мекарданд. Писарони Алӣ пушти сараш истода буданд ва монанди шер баъд аз шер, пушти писарамро доштанд. Вой бар ман! Ба ман гуфтаанд, ки бар шербаччаи ту амуди оҳанин фуруд оварданд. Аббосҷонам, писарҷонам! Ман худам медонам, ки агар ту даст дар бадан медоштӣ, аҳаде ҷуръати наздик шудан ба туро надошт.

وَلا حول ولا قوّة الاّ بالله

Равишҳои таблиғии наҳзати ҳусайнӣ

Дишаб ваъда додам, ки имшаб — ки шаби Ошӯрост — то онҷо, ки барои ман мақдур аст ва ҳузури зеҳн дорам, дар бораи равишҳо ва кайфиёти таблиғии наҳзати ҳусайнӣ ароизе барои шумо арз бикунам. Вале ибтидо муқаддимаи кӯтоҳеро, ки заминае аст барои пай бурдан ба арзиши ба истилоҳ токтикҳои таблиғотие, ки Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ба кор бурдаанд, арз мекунам.

Таҳаввулот таърихи ислом баъд аз вафоти Паёмбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ

Дар таърихи ислом, дар 50-солаи байни вафоти Расули Худо ва шаҳодати Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом, ҷараёнот ва таҳаввулоти фавқулъодае рух дод. Муҳаққиқини имрӯз, онҳое, ки ба усули ҷомеашиносӣ огоҳ ҳастанд, мутаваҷҷеҳи нуктае шудаанд. Махсусан Абдуллоҳ Алоилӣ бо ин ки суннӣ аст, шояд бештар аз дигарон рӯи ин матлаб такя мекунад, мегӯяд: Банӣ Умайя бар хилофи ҳамаи қабоили араб (Қурайш ва ғайри Қурайш) танҳо як нажод набуданд, нажоде буданд, ки тарзи кор ва фаъолияташон шабеҳи тарзи кори як ҳизб буд, яъне афкори хосси иҷтимоӣ доштанд; тақрибан назири яҳуд дар асри мо ва балки дар тӯли таърих, ки нажоде ҳастанд бо як фикру идеяи хосс, ки барои расидан ба идеяи худашон гузашта аз ҳамоҳангие, ки миёни ҳамаи афродашон вуҷуд дорад, нақша ва тарҳ доранд. Қудамои муаррихон Банӣ Умайяро ба сурати як нажоди зирак ва шайтонсифат муаррифӣ кардаанд ва имрӯз бо ин таъбир аз онҳо ёд мекунанд, ки Банӣ Умайя ҳамон гурӯҳе ҳастанд, ки бо зуҳури ислом беш аз ҳар ҷамъияти дигаре эҳсоси хатар карданд ва исломро барои худашон хатаре азим шумурданд ва то онҷо, ки қудрат доштанд, бо ислом ҷангиданд, то ҳангоми фатҳи Макка, ки мутмаин шуданд дигар мубориза бо ислом фоида надорад, аз ин рӯ омаданд ва исломи зоҳирӣ ихтиёр карданд ва ба қавли Аммори Ёсир:

اِسْتَسْلَموا وَلَمْ يُسْلِموا

— ва Пайғамбари Акрам ҳам бо онҳо муомилаи “муаллафатун қулубуҳум” мекард, яъне мардуме, ки исломи зоҳирӣ доранд, вале ислом дар умқи руҳашон нуфуз накардааст.

Пайғамбари Акрам дар замони худаш низ ҳеч кори асосиро ба Банӣ Умайя вогузор накард. Вале баъд аз Пайғамбар тадриҷан Банӣ Умайя дар дастгоҳҳои исломӣ нуфуз карданд ва бузургтарин иштибоҳи таърихӣ ва сиёсӣ, ки дар замони Умар ибни Хаттоб рух дод ин буд, ки яке аз писарони Абӯсуфён ба номи Язид волии Шом шуд ва баъд аз ӯ Муовия ҳокими Шом шуд ва 20 сол яъне то охири ҳукумати Усмон бар Шомот — ки муштамил бар Сурияи феълӣ ва қисмате аз Туркияи феълӣ ва Лубнони феълӣ ва

Фаластини феълӣ буд — ҳукумат мекард. Дар инҷо як ҷойи по ва ба истилоҳ ҷойи мӯҳре барои Банӣ Умайя пайдо шуд ва чӣ ҷойи мӯҳри асосие!

Усмон, ки халифа шуд, гӯё ин ки бо соири Банӣ Умайя аз назари руҳӣ тафовутҳое дошт (одами хоссе буд, бо Абӯсуфён мутафовит буд), вале билохира умавӣ буд. Пойи Банӣ Умайя ба таври васеъе дар дастгоҳи исломӣ боз шуд. Бисёре аз маносиби муҳимми исломӣ монанди ҳукуматҳои муҳим ва бузурги Миср, Кӯфа ва Басра ба дасти Банӣ Умайя афтод. Ҳатто вазорати худи Усмон ба дасти Марвони Ҳакам афтод. Ин, қадами бас бузурге буд, ки Банӣ Умайя ба тарафи мақосиди худашон пеш рафтанд.

Муовия ҳам рӯз ба рӯз вазъи худашро таҳким мекард. То замони Усмон инҳо фақат ду нерӯ дар ихтиёр доштанд: яке, постҳои муҳимми сиёсӣ, қудрати сиёсӣ ва дигар байтулмол, қудрати иқтисодӣ. Бо кушта шудани Усмон, Муовия нерӯи дигареро ҳам дар хидмати худаш гирифт ва он ин ки якмартиба достони халифаи мақтулу мазлумро матраҳ кард ва эҳсоси динӣ ва мазҳабии гурӯҳи зиёде аз мардумро — лоақал дар ҳамон минтақаи Шомот — дар ихтиёр гирифт. Мегуфт: халифаи мусалмонон, халифаи ислом, мазлум кушта шуд,

وَمَنْ قُتِلَ مَظْلُومًا فَقَدْ جَعَلْنَا لِوَلِيِّهِ سُلْطَانًا

(*Сураи Исро, ояти 33*), интиқоми хуни халифаи мазлум воҷиб аст, бояд гирифт. Эҳсосоти динии садҳо ҳазор ва шояд миллионҳо нафар аз мардумро ба нафъи мақосиди хеш дар ихтиёр гирифт. Худо медонад, ки Муовия дар равзаи Усмонхонданҳои худ чӣ қадр аз мардум ашк гирифтааст! Он дар замони хулафои пеш аз Усмон, он ҳам давраи Усмон, ин ҳам дар қатли Усмон, ки тақрибан муқорин аст бо хилофати Алӣ алайҳис салом.

Баъд аз шаҳодати Алӣ алайҳис салом Муовия халифаи мутлақи мусалмонон шуд ва дигар ҳамаи қудратҳо дар ихтиёри ӯ қарор гирифт. Дар инҷо як қудрати чаҳорумро низ тавонист истихдом кунад ва он ин буд, ки шахсиятҳои динӣ ва ба истилоҳи имрӯз, руҳониятро ачири худаш кард. Аз он рӯз буд, ки якмартиба шурӯъ карданд ба ҷаъл ва вазъи ҳадис дар мадҳи Усмон ва ҳатто миқдоре дар мадҳи шайхайн, чун Муовия ин корро ба нафъи худаш медонист ва ба зарари Алӣ алайҳис салом. Ва чӣ пулҳо, ки дар ин роҳ масраф ва харҷ шуд!

Суханони Алӣ дар бораи фитнаи Банӣ Умайя

Алӣ алайҳис салом дар калимоти худашон ба хатари азими Банӣ Умайя ишораҳо кардаанд. Хутбае аст, ки аввали он роҷеъ ба Хавориҷ аст ва дар охирҳои умрашон ҳам иншо кардаанд, мефармоянд:

فَأَنَا فَقَأْتُ عَيْنَ الْفِتْنَةِ

Ман будам, ки чашми фитнаро даровардам. (Мақсуд, достони Хаворич аст). Якмартиба дар васати калом гурез мезананд ба Банӣ Умайя:

أَلا وَإِنَّ أَخْوَفَ الْفِتَنِ عِنْدي عَلَيْكُمْ فِتْنَةُ بَني أُمَيَّةٌ فَإِنَّها فِتْنَةُ عَمْياءُ مُظْلِمَةٌ

Вале фитна ва достони Хаворич он қадр хатари бузурге нест, яъне бузург аст, аммо аз он бузургтар ва хатарноктар фитнаи Банӣ Умайя аст.

Дар бораи фитнаи Банӣ Умайя эшон калимоти зиёде доранд. Яке аз хусусиёте, ки Алӣ алайҳис салом барои Банӣ Умайя зикр мекунад ин аст, ки мегӯяд: мусоваоти исломӣ ба дасти инҳо ба куллӣ поймол хоҳад шуд ва он чи ки ислом оварда буд, ки мардум ҳама баробари якдигар ҳастанд, дигар дар давраи Банӣ Умайя вуҷуд нахоҳад дошт, мардум тақсим хоҳанд шуд ба оқо ва банда ва шумо, мардум, бандаи онҳо дар амал хоҳед буд. Дар ҷумлае чунин мефармояд:

حَتّى لا يَكونَ انْتِصارُ أَحَدِكُمْ مِنْهُمْ اِلاّ كَانْتِصارِ الْعَبْدِ مِنْ رَبِّهِ

— ки хулосааш ин аст, ки бархӯрди шумо бо инҳо шабеҳи бархӯрди як банда бо оқо хоҳад буд; онҳо ҳама оқо хоҳанд буд ва шумо ҳукми барда ва бандаро хоҳед дошт, ки дар ин замина матлаб хеле зиёд аст.

Дуввумин чизе, ки дар пешбиниҳои амирулмӯъминин омадааст ва баъд рух дод, нест шудани ба истилоҳ равшанфикрон баъд аз эшон аст. Таъбири ҳазрат чунин аст:

عَمَّتْ خُطَّتُها وَخُصَّتْ بَلِيَّتُها

Ин балое аст, ки ҳама ҷоро мегирад, вале гирифториҳояш ихтисос ба як табақаи муайян пайдо мекунад. Таъбири ҳазрат, таъбири бисёр олӣ ва хубе аст. Ин тавр мефармоянд:

وَأَصابَ الْبَلاءُ مَنْ أَبْصَرَ فيها وَأَخْطَأَ الْبَلاءُ مَنْ عَمِيَ عَنْها

Ҳар кас, ки басирате дошта бошад ва ба қавли имрӯз равшанфикр бошад, ҳар кас, ки фаҳму дарке дошта бошад, ин бало ва фитна ӯро мегирад, зеро намехоҳанд одами чизфаҳме вуҷуд дошта бошад. Ва таърих нишон медиҳад, ки Банӣ Умайя афроди ба истилоҳ равшанфикр ва дарроки он замонро дуруст мисли мурғе, ки донаҳоро ҷамъ кунад, як-як ҷамъ мекарданд ва нест менамуданд ва чӣ қатлҳои фаҷеъе дар ин замина анҷом доданд!

Масъалаи севвум, ҳатки ҳурматҳои илоҳӣ аст. Дигар ҳароме боқӣ наемонад, магар ин ки инҳо муртакиб хоҳанд шуд ва акди бастае аз ислом боқӣ наемонад, ҷуз ин ки бозмекунанд:

لا يَدْعوا للهِ مُحَرَّماً اِلاَّ اسْتَحَلّوهُ وَلا عَقداً اِلاّ حَلّوهُ

Чаҳорум ин ки масъала ба инҷо поён намегирад, балки амалан бо ислом мухолифат мекунанд ва барои ин ки мардумро вожгуна кунанд, исломро вожгуна мекунанд:

وَلُبِسَ الْاِسْلامُ لُبْسَ الْفَرْوِ مَقْلوباً

Исломро ба тани мардум мепӯшонанд, аммо ончунон, ки пӯстинеро воруна бипӯшонанд. Шумо медонед, ки хоссияти пӯстин яъне гарм кардан ва низ зебоии нақшу нигорҳои он вақте буруз мекунад, ки онро дуруст бипӯшанд. Агар пӯстинро воруна бипӯшанд, як зарра гармо надорад ва ба илова як амри ваҳшатноке мешавад, ки мавриди тамасхури афрод қарор мегирад.

Алӣ алайҳис салом, ки шаҳид шуд, бар хилофи пешбинии Муовия — ки Алӣ бо кушта шуданаш тамом мешавад — ба сурати як символ дар ҷомеа зинда шуд агарчӣ ба унвони як фард кушта шуд, яъне фикри Алӣ баъд аз мурданаш бештар густариш ёфт ва баъд шиъа дар муқобили ҳизби умавӣ даври ҳамдигар ҷамъ шуданд, ҳамфикриҳо пайдо шуд ва дар воқеъ он вақт буд, ки шиъаи Алӣ ба сурати як ҷамъияти муташаккил даромад. Муовия дар давраи худаш муборизоти зиёде бо фикри Алӣ алайҳис салом кард. Саббу лаънҳо болои минбар барои Алӣ мешуд. Бахшнома карда буданд, ки дар саросари кишвари исломӣ дар намози ҷумъаҳо Алӣ алайҳис саломро лаън кунанд ва ин аломати ин аст, ки Алӣ алайҳис салом ба сурати як нерӯ ва як символ ва як фикр ва ақида ва имон дар руҳи мардум зинда буд ва вуҷуд дошт. Ин мард барои мубориза бо фикр ва руҳи Алӣ корҳо анҷом дод; якеро масмум кард, сари дигареро рӯи найза кард. Инҳо ба ҷойи худаш, вале Муовия як зоҳире барои фиреби мардум ҳифз мекард. То давраи Язид мерасад, ки дигар ташти расвоӣ аз бом меафтад. Ва инсоф ин аст, ки Язид аз назари сиёсати умавӣ ҳам як ғалат буд, яъне касе буд, ки натавонист сиёсати умавиро эъмол кунад, балки коре кард, ки пардаи умавиҳоро дарид. Дар ин шароит аст, ки Абӯабдиллоҳ наҳзати худашонро оғоз мекунанд.

Истеъдоди шабеҳсозӣ дар ҳодисаи Ошӯро

Ҳол, миқдоре роҷеъ ба наҳзати эшон барои шумо арз мекунам. Матлаберо мегӯям, шумо тааммул бифармоед, бибинед ин тавр ҳаст ё на. Ҳамон тавр, ки калимот ва оятҳои Қуръон аз лиҳози лафзӣ ва фасоҳат ва балоғат ва равонӣ, навъе хосс аз оҳангҳоро ба осонӣ мепазирад ва ин худ ояти бисёр бузурге барои нуфузи Қуръон дар дилҳо буда ва ҳаст, инсон вақте таърихи ҳодисаи Ошӯроро мехонад, истеъдоде барои шабеҳсозӣ дар он мебинад. Ҳамон тавр, ки Қуръон барои оҳангпазирӣ сохта нашуда, вале ин тавр ҳаст, ҳодисаи Карбало ҳам барои шабеҳсозӣ сохта нашуда, вале ин тавр ҳаст. Ман намедонам,

шояд шахси Абӯабдуллоҳ дар ин маврид назар доштааст. Албатта ин матлабро исбот намекунам, вале нафй ҳам намекунам.

Достони Карбало дар 1200 пеш рӯи сафҳаи китоб омада; як вақте омада, ки касе фикр намекарда, ки ин ҳодиса ин қадр густариш пайдо хоҳад кард. Матни таърихи ин ҳодиса гӯй асосан барои як намоишнома навишта шудааст, шабеҳпазир аст, гӯй дастур додаанд, ки онро барои саҳна будан бисозанд. Мо шаҳодатҳои фаҷеъи зиёд дорем, вале ин достон ба ин шакл оё метавонад тасодуф бошад ва тааммуд набошад ва Абӯабдуллоҳ ба ин матлаб таваҷҷӯҳ накарда бошад? Ман намедонам, вале билохира қазия ин тавр аст ва бовар ҳам намекунам, ки тааммуде дар кор набошад.

Аз Имом тақозои байъат мекунанд. Баъд аз се рӯз Имом ҳаракат мекунад ва ба Макка меравад ва ба истилоҳ муҳоҷират мекунад ва дар Макка, ки ҳарами амни илоҳӣ аст сукно мегузинад ва шурӯъ ба фаъолият мекунад. Чаро ба Макка рафт? Оё ба ин ҷиҳат, ки Макка ҳарами амни илоҳӣ буд ва мӯътақид буд, ки Банӣ Умайя Маккаро мӯҳтарам хоҳанд шумурд? Яъне дар бораи Банӣ Умайя чунин эътиқод дошт, ки агар сиёсаташон иқтизо бикунад ва бихоҳанд ӯро дар Макка бикушанд, ин корро намекунанд? Ё на, рафтан ба Макка аввалан барои ин буд, ки худи ин муҳоҷират эъломи мухолифат буд. Агар дар Мадина мемонд ва мегуфт, ман байъат намекунам, садояш он қадр ба олами ислом намерасид.

Бад-ин ҷиҳат, ҳам гуфт, байъат намекунам ва ҳам аҳли байташро ҳаракат дод ва ба Макка бурд. Ин буд, ки садояш дар атроф печид, ки Ҳусайн ибни Алӣ ҳозир ба байъат нашуд ва аз ин рӯ аз Мадина ба Макка рафт. Худи ин, ба истилоҳ — агар таъбир дуруст бошад — як жести таблиғотӣ буд барои расондани ҳадаф ва паёми худаш ба мардум. Аз ин болотар, ки аҷиб ва фавқулъода аст ин, ки Имом Ҳусайн алайҳис салом дар севвуми Шаъбон вориди Макка мешавад ва моҳҳои Рамазон, Шаввол, Зилқаъда ва Зилҳиҷҷа то ҳаштуми ин моҳро яъне айёме, ки умра мустаҳаб аст ва мардум аз атрофу акноф ба Макка меоянд, дар онҷо мемонад.

Кам-кам фасли ҳаҷ мерасад. Мардум аз атрофу акноф ва ҳатто аз ақсои билоди Хуросон ба Макка меоянд. Рӯзи “Тарвия” мешавад, яъне рӯзи ҳаштуми Зилҳаҷҷа; рӯзе, ки ҳама барои ҳаҷ аз нав либоси эҳром мепӯшанд ва мехоҳанд ба Мино ва Арафот бираванд ва аъмоли ҳаҷро анҷом бидиҳанд. Ногаҳон Имом Ҳусайн алайҳис салом эълом мекунад, ки ман мехоҳам ба тарафи Ироқ ва Кӯфа биравам. Яъне дар чунин шароите пушт мекунад ба Каъба, пушт мекунад ба ҳаҷ, яъне ман эътироз дорам. Эътироз ва интиқод ва адами ризояти худашро ба ин васила ва ба ин шакл эълом мекунад. Яъне ин Каъба дигар дар тасхири Банӣ Умайя аст; ҳаҷҷе, ки гардонандааш Язид бошад, барои мусалмонон фоидае

нахоҳад дошт. Ин пушт кардан ба Каъба ва аъмоли ҳаҷ дар чунин рӯзе ва ин ки баъд бигӯяд, ман барои ризои Худо рӯ ба ҷиҳод мекунам ва пушт ба ҳаҷ, рӯ ба амри ба маъруф мекунам ва пушт ба ҳаҷ, ин як дунё маънӣ дошт, кори кучаке набуд.

Арзиши таблиғотӣ, услуб, равиш ва методи кор дар инҷо ба авҷи худ мерасад. Сафареро дар пеш мегирад, ки ҳамаи уқало (яъне уқалое, ки бар асоси манофеъ қазоват мекунанд) онро аз назари шахси Имом Ҳусайн номуваффақ пешбинӣ мекунанд, яъне пешбинӣ мекунанд, ки эшон дар ин сафар кушта хоҳанд шуд ва Имом Ҳусайн дар бисёре аз маворид пешбинии онҳоро тасдиқ мекунад, мегӯяд: худам ҳам медонам. Мегӯянд: пас чаро зану баччаро ҳамроҳи худат мебарӣ? Мегӯяд: онҳоро ҳам бояд бибарам. Будани аҳли байти Имом Ҳусайн алайҳис салом дар саҳнаи Карбало, саҳнаро бисёр-бисёр доғтар кард ва дар воқеъ Имом Ҳусайн алайҳис салом як идда мубаллиғро тавре истихдом кард, ки баъд аз шаҳодаташ онҳоро бо даст ва нерӯи душман то қалби ҳукумати душман яъне Шом фиристод. Ин худаш як токтики аҷиб ва як кори фавқулъода аст. Ҳама барои ин аст, ки ин садо ҳар чи бештар ба олам бирасад, бештар ба ҷаҳони он рӯзи ислом бирасад ва бештар абъоди таърих ва абъоди замонро бишкофад ва ҳеч монеъе дар роҳи он вуҷуд надошта бошад.

Дар байни роҳ, корҳои худи Имом Ҳусайн намоишҳое аз ҳақиқати ислом аст; аз мурувват, инсоният, аз руҳ ва ҳаққонияти ислом аст. Бибинед! Нн шӯхӣ нест. Дар яке аз манозили байни роҳ, ҳазрат дастур медиҳанд об зиёд бардоред; ҳар чи машк захира доред, пур аз об кунед ва бар ҳар чи маркабу шутур ҳамроҳатон аст, об бигиред. Дар байни роҳ ногаҳон яке аз асҳоб фарёд мекашад:

لا حَوْلَ وَلا قُوَّةَ اِلاّ بِالله

Ё:

لا إله إلا الله

Ё:

إِنّا لِلّهِ وَإِنّا إِلَيْهِ راجِعُونَ

— (зикре мегӯяд). Мегӯянд: чӣ хабар аст? Мегӯяд: ман ба ин сарзамин ошно ҳастам; сарзамине аст, ки дар он нахл набуда, мисли ин ки аз дур нахл дида мешавад, шохаи нахл аст. Мефармояд: хуб диққат кунед. Онҳое, ки чашмҳояшон тезтар аст, мегӯянд: хайр, нахл нест, онҳо парчам аст, инсон аст, асп аст, ки аз дур дорад меояд, иштибоҳ мекунед. Худи ҳазрат нигоҳ мекунад, мегӯяд: рост мегӯед. Кӯҳе аст дар самти чапи шумо, он кӯҳро пушти худатон қарор бидиҳед. Ҳурр аст бо ҳазор нафар. Ҳусайн алайҳис салом мисли падараш Алӣ алайҳис салом (дар достони Сиффин) аст, ки аз ин ҷур фурсатҳо ба

таври ноҷавонмардона истифода намекунад, балки аз назари ӯ инҷо ҷойе аст, ки бояд мурувват ва ҷавонмардии исломиро нишон бидиҳад. Фавран мефармояд: он обҳоро биёваред ва аспҳо ва афродро сероб кунед. Ҳатто худашон муроқибат мекунанд, ки ҳайвонҳои инҳо комилан сероб шаванд. Як нафар мегӯяд, машкеро дар ихтиёри ман қарор дод, ки натавонистам дарашро боз кунам, худи ҳазрат омаданд ва бо дасти хеш дари машкро боз карданд ва ба ман доданд. Ҳатто аспҳо, ки об мехӯраданд, фармуд: инҳо агар хаста бошанд, бо як нафас сер намехӯранд; бигузоред бо ду нафас, се нафас об бихӯранд.

Ҳамчунин дар Карбало дар ҳамон ниҳояти шиддатҳо муроқиб аст, ки ибтидо ба ҷанг накунад.

Масъалаи дигар ин аст, ки ман бо оқои мӯҳтарам нависандаи китоби “Шаҳиди ҷовид” — ки дӯсти қадими мост — сӯҳбат мекардам, бо назари эшон мувофиқ набудам. Ба эшон гуфтам: чаро хутбаҳои Имом Ҳусайн баъд аз ин ки эшон аз нусрати мардуми Кӯфа маъюс мешаванд ва маълум мешавад, ки дигар Кӯфа дар ихтиёри писари Зиёд қарор гирифт ва Муслим кушта шуд, доғтар мешавад? Мумкин аст касе бигӯяд чун Имом Ҳусайн дигар роҳи баргашт надошт. Бисёр хуб, роҳи баргашт надошт, вале чаро дар шаби Ошӯро баъд аз он ки ба асҳобаш фармуд: ман байъатамро аз шумо бардоштам ва онҳо гуфтанд: хайр, мо даст аз домани шумо барнамедорем, нагуфт, аслан мондани шумо дар инҷо ҳаром аст барои ин ки онҳо мехоҳанд маро бикушанд, ба шумо коре надоранд, агар бимонед, хунатон беҷиҳат рехта мешавад ва ин ҳаром аст? Чаро Имом Ҳусайн нагуфт, воҷиб аст шумо биравед? Балки вақте онҳо пойдориашонро эълом карданд, Имом Ҳусайн ононро фавқулъода таъйид кард ва аз он вақт буд, ки розҳоеро, ки қаблан ба онҳо намегуфт, ба онон гуфт.

Дар шаби Ошӯро, ки матлаб қатъӣ аст, Ҳабиб ибни Мазоҳирро мефиристад дар миёни Банӣ Асад, ки агар боз ҳам мешавад, иддаеро биёварад. Маълум буд, ки мехост бар адади куштагон афзуда шавад, чаро ки ҳар чи хуни шаҳид бештар рехта шавад, ин нидо бештар ба ҷаҳон ва ҷаҳониён мерасад. Дар рӯзи Ошӯро Ҳурр меояд тавба мекунад, баъд меояд хидмати Абӯабдуллоҳ. Ҳазрат мефармояд: аз асп биё пойин. Мегӯяд: на оқо, иҷоза бидиҳед ман хунамро дар роҳи шумо бирезам. “Хунатро дар роҳи мо бирез” яъне чӣ? Оё яъне агар ту кушта шавӣ, ман наҷот пайдо мекунам? Ман, ки наҷот пайдо намекунам. Ва ҳазрат ба ҳеч кас чунин чизе нагуфт.

Инҳо нишон медиҳад, ки Абӯабдуллоҳ алайҳис салом хунин шудани ин саҳнаро мехост ва балки худаш онро рангомезӣ мекард. Инҷост, ки мебинем қабл аз Ошӯро саҳнаҳои

аҷибе ба вуҷуд меояд, ки гӯё онҳоро амдан ба вуҷуд овардаанд, то матлаб бештар намоиш дода бишавад. Инҷост, ки ҷанбаи шабеҳпазирии қазия хеле зиёд мешавад.

Ранги хун, собиттарин рангҳо дар таърих

Худо раҳмат кунад марҳум Оятӣ, дӯсти азизамонро, дар китоби "*Баррасии таърихи Ошӯро*" рӯи нуктае хеле такя кардааст. Таъбири эшон ин аст, мегӯяд: ранги хун аз назари таърихӣ собиттарини рангҳост. Дар таърих ва дар масоили таърихӣ он ранге, ки ҳаргиз маҳв намешавад ранги қирмиз аст, ранги хун аст ва Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом тааммуде дошт, ки таърихи худашро бо ин ранги собит ва зоилнашуданӣ бинависад, паёми худро бо хуни хеш навишт.

Шунида шуда, ки афроде дар ҳоли аз байн рафтан, бо хуни худашон матлабе навиштаанд ва паём додаанд. Маълум аст, ки ин худаш асари дигаре дорад, ки касе бо хуни худ паём ва ҳарфи хешро бинависад. Дар араби ҷоҳилият расм буд ва гоҳе иттифоқ меафтод, ки қабоиле, ки мехостанд бо якдигар паймони ногусастанӣ бибанданд, як зарфи хун меоварданд (албатта на хуни худашон) ва дасташонро дар он мекарданд, мегуфтанд: ин паймон дигар ҳаргиз шикастанӣ нест, паймони хун аст ва паймони хун шикастанӣ нест. Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом дар рӯзи Ошӯро гӯё рангомезӣ мекунад, аммо рангомезӣ бо хун, барои ин ки ранге, ки аз ҳар ранги дигар дар таърих собиттар аст ҳамин ранг аст. Таърихи худашро бо хун менависад.

Гоҳе мешунавем ё дар китобҳои таърихӣ мехонем, ки бисёре аз салотин ва подшоҳон афроде, ки ин иштиҳоро доштаанд, ки номашон дар таърих сабт шавад, дар садҳо сол пеш рӯи як лавҳаи оҳанӣ ё сангӣ ҳак кардаанд, ки манам фалонӣ, писари фалон кас, аз нажоди худоён; манам касе, ки фалон шахс омад пеши ман зону зад… Ҳоло чаро паёми худашро рӯи санг ё оҳан сабт мекунад? Барои ин ки аз байн наравад, боқӣ бимонад. Ба ҳамон нишонӣ, ки мо мебинем, таърих онҳоро зери харворҳо хок мадфун кард ва аҳаде аз онҳо иттилоъ пайдо накард, то баъд аз ҳазорон сол ҳаффорони урупоӣ омаданд ва онҳоро аз зери хок берун оварданд. Ҳоло, ки аз зери хок берун овардаанд, касе барояш аҳаммияте қоил намешавад, суханоне аст, ки рӯи санг навишта шуда, вале рӯи дилҳо навишта нашудааст.

Имом Ҳусайн алайҳис салом паёми худро на рӯи санге навишт ва на ҳаҷҷорӣ кард. Он чи ӯ гуфт, дар ҳавои ларзон ва дар гӯши афрод танин андохт, аммо дар дилҳо сабт шуд ба тавре, ки аз дилҳо гирифтанӣ нест. Ва худаш комилан ба ин ҳақиқат огоҳ буд; ояндаро дуруст медид, ки баъд аз ин, Ҳусайн кушта шуданӣ нест ва ҳаргиз кушта нахоҳад шуд. Шумо бибинед, оё инҳо метавонад тасодуф бошад? Абӯабдиллоҳ дар рӯзи Ошӯро дар

он соатҳо ва лаҳазоти охир истинсор мекард, боз ҳам ёвар мехост; ёварҳое, ки биёянд кушта бишаванд, на ёварҳое, ки биёянд наҷоташ бидиҳанд. Имом Ҳусайн, дигар баъд аз кушта шудани асҳоб ва бародарон ва фарзандонаш бидуни шак намехоҳад зинда бимонад, вале ёвар мехост, ки боз ҳам биёяд кушта бишавад. Ин аст, ки ҳазрат

هَلْ مِنْ ناصِرٍ يَنْصُرُني

— мефармуд. Садояшон ба хаймаҳо расид. Занҳо гиристанд, фарёди гиряшон баланд шуд. Имом Ҳусайн алайҳис салом бародарашон ҳазрати Абулфазл ва як нафари дигар аз аҳли байтро фиристоданд, фармуданд: биравед занҳоро сокит кунед. Онҳо омаданд ва сокит карданд. Баъд худашон баргаштанд ба хаймаҳои ҳарам. Инҷост, ки тифли ширхорашонро ба дасти эшон медиҳанд. Ин тифл дар бағали аммааш Зайнаб, хоҳари муқаддаси Абӯабдуллоҳ аст. Ҳазрат ин тифлро дар бағал мегирад. Абӯабдуллоҳ нафармуд, хоҳарҷон! Чаро дар миёни ин балво, дар фазое, ки ҳеч амнияте надорад ва аз он тараф тир партоб мешавад ва душман камин карда, ин тифлро овардӣ, балки ӯро дар бағал гирифт ва дар ҳамин ҳол тире аз сӯи душман меояд ва ба гулӯи тифли муқаддас исобат мекунад.

Абӯабдуллоҳ чӣ мекунад? Бибинед рангомезӣ чӣ гуна аст? То ин тифл инчунин шаҳид мешавад, даст мебарад ва як мушт хун пур мекунад ва ба тарафи осмон мепошад, ки эй осмон! Бибин ва шоҳид бош!

Дар он лаҳазоти охир, ки заработи зиёде бар бадани муқаддаси Абӯабдиллоҳ ворид шуда буд, ки дигар рӯи замин афтода буд ва бар рӯи зонуҳояш ҳаракат мекард ва баъд аз миқдоре ҳаракат меафтод ва дубора бармехост, зарбате ба гулӯи эшон исобат мекунад.

Навиштаанд, боз дасти муборакашро пур аз хун кард ва ба сару сураташ молид ва гуфт: ман мехоҳам ба мулоқоти парвардигори худ биравам. Инҳо саҳнаҳои такондиҳандаи саҳрои Карбалост; қазоёе аст, ки паёми Имом Ҳусайнро барои ҳамеша дар дунё ҷовид ва собит ва боқимонданӣ мекунад.

Дар асри Тосуъо душман ҳамла мекунад. Ҳазрат бародарашон Абулфазлро мефиристанд ва ба ӯ мефармоянд: ман мехоҳам имшабро бо Худои худам розу ниёз кунам ва намоз бихонам, дуо ва истиғфор кунам. Ту ба ҳар забоне, ки мехоҳӣ, имшаб инҳоро мунсариф кун то фардо.

Албатта бо онҳо хоҳем ҷангид. Онҳо билохира мунсариф мешаванд. Абӯабдиллоҳ алайҳис салом дар шаби Ошӯро чандин кор анҷом дод, ки таърих навиштааст. Яке аз корҳо ин буд, ки ба асҳоб (махсусан афроде, ки аҳли ин фанн буданд) дастур дод, ки ҳамин имшаб шамшерҳо ва найзаҳоятонро омода кунед ва худашон ҳам саркашӣ

мекарданд. Марде буд ба номи “Ҷун” (ё Ҷавн), ки аҳли ин кор яъне ислоҳи аслиҳа буд. Ҳазрат мерафтанд ва ба кори ӯ саркашӣ мекарданд. Кори дигаре, ки Абӯабдиллоҳ дар он шаб карданд ин буд, ки дастур доданд ҳамон шабона хаймаҳоро, ки аз ҳам дур буданд, наздики якдигар қарор диҳанд ва ончунон наздик оварданд, ки танобҳои хаймаҳо дар дохили якдигар фурӯ рафт ба гунае, ки убури як нафар аз байни ду хайма мумкин набуд. Дастур доданд, хаймаҳоро ба шакли ҳилол насб кунанд ва ҳамон шабона дар пушти хаймаҳо гудоле ҳафр кунанд ба тавре, ки аспҳо натавонанд аз рӯи он бипаранд ва душман аз пушт ҳамла накунад. Ҳамчунин дастур доданд, миқдоре аз хору хошокҳоеро, ки дар онҷо зиёд буд, анбошта кунанд, то субҳи Ошӯро онҳоро оташ бизананд, ки то инҳо зинда ҳастанд, душман натавонад аз пушти хаймаҳо биёяд, яъне фақат аз рӯбарӯ ва росту чап бо душман мувоҷеҳ бошанд ва аз пушти сарашон итминон дошта бошанд.

Кори дигари ҳазрат ин буд, ки ҳамаи асҳобро дар як хайма ҷамъ кард ва барои охирин бор итмоми ҳуҷҷат намуд. Аввал ташаккур кард, ташаккури бисёр балиғ ва амиқ, ҳам аз хонадон ва ҳам аз асҳоби худаш. Фармуд: ман аҳли байте беҳтар аз аҳли байт худам ва асҳобе бовафотар аз асҳоби худам суроғе надорам. Дар айни ҳол фармуд: ҳамаи шумо медонед, ки инҳо ҷуз шахси ман ба каси дигаре коре надоранд, ҳадафи инҳо фақат ман ҳастам. Инҳо агар ба ман даст биёбанд, ба ҳеч як аз шумо коре надоранд. Шумо метавонед аз торикии шаб истифода кунед ва ҳамаатон биравед. Баъд ҳам фармуд: ҳар кадом метавонед дасти яке аз ин баччаҳо ва хонадони маро бигиред ва бибаред. То ин ҷумларо фармуд, аз атроф шурӯъ карданд ба гуфтани ин ки: ё Абӯабдиллоҳ! Мо чунин коре бикунем?!

بَدَأَهُمْ بِهذَا الْقَوْلِ الْعَباسُ بْنُ عَلِيٍّ عليه السلام

Аввал касе, ки ба сухан даромад, бародари бузургвораш Абулфазли Аббос буд. Инҷост, ки боз суханони воқеан таърихӣ ва намоишномаӣ мешунавем. Ҳар кадом ба таъбире ҳарф мезананд. Яке мегӯяд: Оқо! Агар маро бикушанд ва баъд баданамро оташ бизананд ва хокистарамро ба бод бидиҳанд ва думартиба зинда кунанд ва ҳафтод бор чунин кореро такрор кунанд, даст аз ту барнамедорам; ин ҷони ноқобили мо қобили қурбони ту нест. Он яке мегӯяд: агар маро ҳазор бор бикушанд ва зинда кунанд, даст аз домани ту барнамедорам. Ҳазрат ҳар коре, ки лозим буд анҷом диҳад, то афрод холисан ва мухлисан дар онҷо бимонанд, анҷом дод.

Марде буд, ки иттифоқан дар ҳамон айёми Муҳаррам ба ӯ хабар расид, ки писарат дар фалон ҷанг ба дасти куффор асир шудааст. Ҷавонаш буд ва маълум набуд чӣ бар сараш меояд. Гуфт: ман дӯст надоштам, ки зинда бошам ва писарам чунин сарнавиште пайдо

кунад. Хабар расид ба Абӯабдуллоҳ, ки барои фалон саҳобии шумо чунин ҷараёне рух додааст. Ҳазрат ӯро талаб карданд. Аз ӯ ташаккур намуданд, ки ту марди чунину чуноне ҳастӣ, писарат гирифтор аст, як нафар лозим аст биравад онҷо пуле, ҳадияе бибарад ва ба онҳо бидиҳад, то асирро озод кунанд.

Колоҳое, либосҳое дар онҷо буд, ки мешуд онҳоро табдил ба пул кард. Фармуд: инҳоро мегирӣ ва меравӣ дар онҷо табдил ба пул мекунӣ ва баччаатро озод мекунӣ. То ҳазрат ин ҷумларо фармуд, ӯ арз кард:

أَكَلَتْنِي السِّباعُ حَيّاً إِنْ فارَقْتُكَ

Дарандаҳои биёбон зинда-зинда маро бихӯранд агар ман чунин коре бикунам. Писарам гирифтор аст, бошад. Магар писари ман аз шумо азизтар аст?!

Достони шаҳодати Қосим ибни Ҳасан

Дар он шаб, баъд аз он итмоми ҳуҷҷатҳо вақте, ки ҳама якҷо ва сареҳан эъломи вафодорӣ карданд ва гуфтанд: мо ҳаргиз аз ту ҷудо нахоҳем шуд, якдафъа саҳна иваз шуд. Имом алайҳис салом фармуд: ҳоло, ки ин тавр аст, бидонед, ки мо кушта хоҳем шуд. Ҳама гуфтанд: алҳамду лиллоҳ, Худоро шукр мекунем барои чунин тавфиқе, ки ба мо иноят кард; ин барои мо мужда аст, шодмонӣ аст. Тифле дар гӯшае аз маҷлис нишаста буд, ки 13 сол бештар надошт.

Ин тифл пеши худаш шак кард, ки оё ин кушта шудан шомили ман ҳам мешавад ё на? Аз тарафе ҳазрат фармуд: тамоми шумо, ки дар инҷо ҳастед, вале мумкин аст ман чун кӯдак ва ноболиғ ҳастам, мақсуд набошам. Рӯ кард ба Абӯабдуллоҳ ва гуфт:

يا عَمّاه

Амуҷон!

وَأَنَا فِي مَنْ يُقْتَلُ

Оё ман ҷузъи кушташудагони фардо хоҳам буд? Навиштаанд, Абӯабдуллоҳ дар инҷо риққат кард ва ба ин тифл — ки ҷаноби Қосим ибни Ҳасан аст — ҷавобе надод. Аз ӯ суоле кард, фармуд: писари бародар! Ту аввал ба суоли ман ҷавоб бидеҳ, то баъд ман ба суоли ту ҷавоб бидиҳам. Аввал бигӯ:

كَيْفَ الْمَوْتُ عِنْدَكَ

Мурдан пеши ту чӣ гуна аст, чӣ таъму маззае дорад? Арз кард:

يا عَمّاه أَحْلى مِنَ الْعَسَلِ

Аз асал барои ман ширинтар аст; ту агар бигӯӣ, ки ман фардо шаҳид мешавам, муждае ба ман додай. Фармуд: бале, фарзанди бародар,

أَمّا بَعْدَ أَنْ تَبْلُوَ بِبَلاءٍ عَظيمٍ

Вале баъд аз он ки ба дарди сахте мубтало хоҳӣ шуд, баъд аз як ибтилои бисёр-бисёр сахт. Гуфт: Худоро шукр, Алҳамду лиллоҳ, ки чунин ҳодисае рух медиҳад.

Ҳоло шумо бибинед бо таваҷҷӯҳ ба ин сухани Абӯабдуллоҳ, фардо чӣ саҳнаи табиии аҷибе ба вуҷуд меояд. Баъд аз шаҳодати ҷаноби Алиакбар, ҳамин тифли 13-сола меояд хидмати Абӯабдуллоҳ дар ҳоле, ки чун андомаш кучак аст ва ноболиғ ва бачча аст, аслиҳае ба танаш рост намеояд. Зиреҳҳоро барои мардони бузург сохтаанд, на барои баччаҳои кучак.

Кулоҳи ҷангӣ барои сари афроди бузург муносиб аст, на барои сари баччаи кучак. Арз кард: амуҷон! Навбати ман аст, иҷоза бидиҳед ба майдон биравам. (Дар рӯзи Ошӯро ҳеч кас бидуни иҷозаи Абӯабдуллоҳ ба майдон намерафт. Ҳар кас вақте меомад, аввал саломе арз мекард: ассалому алайк ё Абӯабдуллоҳ, ба ман иҷоза бидиҳед! Абӯабдуллоҳ ба ин зудиҳо ба ӯ иҷоза надод. Ӯ шурӯъ кард ба гиря кардан. Қосим ва аму дар оғӯши ҳам шурӯъ карданд ба гиря кардан. Навиштаанд:

فَجَعَلَ يُقَبِّلُ يَدَيْهِ وَرِجْلَيْهِ

Яъне Қосим шурӯъ кард дастҳо ва поҳои Абӯабдуллоҳро бӯсидан. Оё ин (саҳна) барои ин набуда, ки таърих беҳтар қазоват кунад? Ӯ исрор мекунад ва Абӯабдуллоҳ инкор. Абӯабдуллоҳ мехоҳад ба Қосим иҷоза бидиҳад ва бигӯяд, агар мехоҳӣ биравӣ бирав, аммо бо лафз ба ӯ иҷоза надод, балки якдафъа дастҳоро гушуд ва гуфт: биё фарзанди бародар, мехоҳам бо ту худоҳофизӣ кунам. Қосим даст ба гардани Абӯабдуллоҳ андохт ва Абӯабдуллоҳ даст ба гардани ҷаноби Қосим. Навиштаанд, ин аму ва бародарзода он қадр дар ин саҳна гиря карданд — асҳоб ва аҳли байти Абӯабдуллоҳ нозири ин саҳнаи ҷонгудоз буданд — ки ҳар ду бе ҳол ва аз якдигар ҷудо шуданд.

Ин тифл фавран савор бар аспи худаш шуд. Ровӣ, ки дар лашкари Умари Саъд буд, мегӯяд: якмартиба мо баччаеро дидем, ки савори асп шуда ва ба сари худаш ба ҷойи кулоҳ як аммома бастааст ва ба пояш ҳам чакмае нест, кафши маъмулӣ аст ва банд як кафшаш ҳам боз буд ва ёдам намеравад, ки пойи чапаш буд ва таъбираш ин аст:

كَأَنَّهُ فَلْقَةُ الْقَمَرِ

Гӯй ин бачча порае аз моҳ буд, ин қадр зебо буд. Ҳамон ровӣ мегӯяд: Қосим, ки дошт меомад, ҳанӯз донаҳои ашкаш мерехт. Расм бар ин буд, ки афрод худашонро муаррифӣ мекарданд, ки ман кӣ ҳастам. Ҳама мутаҳайиранд, ки ин бачча кист? Ҳамин, ки муқобили мардум истод, фарёдаш баланд шуд:

إِنْ تَنْكُروني فَأَنَا ابْنُ الْحَسَن

سِبْطُ النَّبِيِّ الْمُصْطَفَى الْمُؤْتَمَن

Мардум! Агар маро намешиносед, ман писари Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолибам.

هذَا الْحُسَيْنُ كَالأَسيرِ الْمُرْتَهَن

بَيْنَ أُناسٍ لا سُقوا صوبَ الْمَزَن

Ин марде, ки инҷо мебинед ва гирифтори шумост, амуи ман Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб аст.

Ҷаноби Қосим ба майдон меравад. Абӯабдуллоҳ аспи худашонро ҳозир карда ва (афсори онро) ба даст гирифтаанд ва гӯӣ мунтазири фурсате ҳастанд, ки вазифаи худашонро анҷом бидиҳанд.

Ман намедонам дигар қалби Абӯабдуллоҳ дар он вақт чӣ ҳоле дошт. Мунтазир аст, мунтазири садои Қосим, ки ногаҳон фарёди

يا عمّاه

-и Қосим баланд шуд. Ровӣ мегӯяд: мо нафаҳмидем, ки Ҳусайн бо чӣ суръате савори асп шуд ва аспро тохт. Таъбири ӯ ин аст, ки монанди як бози шикорӣ худашро ба саҳнаи ҷанг расонд. Навиштаанд, баъд аз он ки ҷаноби Қосим аз рӯи асп ба замин афтода буд, дар ҳудуди 200 нафар даври бадани ӯ буданд ва як нафар мехост сари Қосимро аз бадан ҷудо кунад, вале ҳангоме, ки диданд Абӯабдуллоҳ омад, ҳама фирор карданд ва ҳамон касе, ки ба қасди қатли Қосим омада буд, зери дасту пойи асбон поймол шуд.

Аз баски тарсиданд, рафиқи худашонро зери суми аспҳои худашон поймол карданд. Ҷамъияти зиёд, аспҳо ҳаракат кардаанд, чашм чашмро намебинад. Ба қавли Фирдавсӣ:

Зи гарди саворон дар он паҳндашт

Замин шуд шашу осмон гашт ҳашт.

Ҳеч кас намедонад, ки қазия аз чӣ қарор аст.

وَانْجَلَتِ الْغَبَرَةُ

Ҳамин, ки ғуборҳо нишаст, Ҳусайнро диданд, ки сари Қосимро ба доман гирифтааст. (Ман инро фаромӯш намекунам; Худо раҳмат кунад марҳум Ишроқӣ, воизи маъруфи Қумро, гуфт: як бор ман дар ҳузури марҳум Оятуллоҳ Ҳоирӣ ин равзаро — ки матни таърих аст, айни мақтал аст ва як калима каму зиёд дар он нест — хондам. Ба қадре марҳум Ҳоҷӣ Шайх гиря кард, ки бетоб шуд. Баъд ба ман гуфт: фалонӣ! Хоҳиш мекунам баъд аз ин дар ҳар маҷлисе, ки ман ҳастам, ин қисматро нахон, ки ман тоби шуниданашро

надорам). Дар ҳоле, ки ҷаноби Қосим охирин лаҳазоташро тай мекунад ва аз шиддати дард поҳояшро ба замин мекӯбад –

وَالْغُلامُ يَفْحَصُ بِرِجْلَيْهِ

— шуниданд, ки Абӯабдуллоҳ чунин мегӯяд:

يَعِزُّ وَاللهِ عَلى عَمِّكَ أَنْ تَدْعُوَهُ فَلا يَنْفَعُكَ صَوْتُهُ

Писари бародарам! Чӣ қадр бар ман ногувор аст, ки ту фарёд кунӣ “ё аммоҳ!”, вале амуи ту натавонад ба ту посухи дурусте бидиҳад; чӣ қадр бар ман ногувор аст, ки ба болини ту бирасам, аммо натавонам коре барои ту анҷом бидиҳам.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم وصلّى الله على محمّد وآله الطاهرين

Ҳодисаи Карбало, таҷассуми амалии ислом

Қаблан арз кардам, ки мумкин аст аз як ҷумла анвоъи истифодаҳо аз ҷанбаҳои мухталиф бишавад ва ҳама ҳам дуруст бошанд. Ҳаводис ҳам чунинанд ва арз кардам, ки ҳодисаи Карбало чунин ҳодисае аст ва ҳақиқатан вақте худам аз рӯи фикр ва ҳақиқат роҷеъ ба ин ҳодиса тааммул мекунам, мебинам ҳамин тавр аст ва ҳар чи инсон бештар тааммул ва тааммуқ мекунад, омӯзишҳои ҷадиде пайдо мешавад. Дишаб арз кардам, ки ин ҳодиса ҳодисае аст шабеҳпазир ва намоишпазир, дорои сюжетҳои бисёр зиёд, ки гӯё онро барои нишон додан таҳия кардаанд. Акнун арз мекунам, ки ин ҷанбаи ҳодисаи Карбало рози дигаре дорад. (Ин ки ман таъбир ба “ҳодиса” мекунам, на ба қиём ва ё наҳзат, барои ин аст, ки калимаи қиём ё наҳзат, ончунон, ки бояд, нишондиҳандаи азамати ин қазия нест ва калимае ҳам пайдо накардам, ки битавонад ин азаматро нишон бидиҳад. Аз ин ҷиҳат, матлабро бо як таъбири хеле куллӣ баён мекунам, мегӯям, ҳодисаи Карбало; намегӯям қиём, чун беш аз қиём аст; намегӯям наҳзат, чун беш аз наҳзат аст.)

Он роз ин аст, ки асосан худи ин ҳодиса, тамоми ин ҳодиса таҷассуми ислом аст дар ҳамаи абъод ва ҷанбаҳо, яъне рози ин ки ин ҳодиса намоишпазир ва шабеҳпазир аст ин аст, ки таҷассуми фикр ва идеяи чандҷониба ва чандваҷҳ ва чандбуъди исломӣ аст; ҳамаи усул ва ҷанбаҳои исломӣ амалан дар ин ҳодиса таҷассум пайдо кардааст; ислом аст дар ҷараён ва дар амал ва дар марҳилаи таҳаққуқ.

Медонед, ки гоҳе муҷассамасозиҳо ё наққошиҳо барои як идеяи бахусус аст. Албатта, гоҳе асосан ҳеч идеяе дар он нест ва ба истилоҳ, ҳунар барои ҳунар ва зебоӣ аст, вале гоҳе барои нишон додани як фикр аст. Шахсе, ки аз хориҷ баргашта буд, мегуфт, аз ҷумла чизҳое, ки ман дар яке аз музейҳои онҷо дидам ин буд, ки бар рӯи як тахт муҷассамаи зани бисёр зебо ва ҷавоне буд ва муҷассамаи ҷавоне ҳам дар канори ӯ буд дар ҳоле, ки ҷавон аз ҷо ҳаракат карда ва як пояшро пойини тахт гузошта ва рӯяшро баргардонда буд. Мисли ин ки дошт ба суръат аз он зан дур мешуд. Маълум буд, ки паҳлӯи ӯ будааст. Гуфт, ман нафаҳмидам, ки маънои ин чист. Оё қиссаеро нишон медиҳад? Аз роҳнамо пурсидам. Гуфт: ин таҷассуми фикри Афлотун аст; фикре, ки фалосифа доранд дар бораи инсон ва ишқҳо, ки висолҳо мадфани ишқҳост ва ишқҳо агар сад дар сад мунҷар ба висол бишаванд, дар ниҳояти амр табдил ба безориҳо ва маъшуқҳо табдил ба манфурҳо мешаванд. Асле аст, ки ҳукамо ва урафо баён кардаанд, ки инсон ошиқи чизе аст, ки надорад ва то вақте, ки он чизро надорад, ба он ишқ меварзад. Ҳамин, ки сад дар сад ба он расид, ҳарорати ишқ табдил ба сардӣ мешавад ва ба дунболи маъшуқи дигар меравад. Мебинем, ин таҷассуми як фикр аст, аммо таҷассуми бе руҳ,

яъне фикреро дар санг намоиш додаанд ва санг руҳ надорад. Ин, воқеият ва ҳақиқат нест. Ё дар наққошиҳо мумкин аст чунин чизҳое бошад. Ва чӣ қадр тафовут аст миёни тачассуми бе руҳ ва тачассуми зинда ва қондор, ки як фикр тачассум пайдо кунад ва пиёда шавад дар як мавзӯъи қондори зиҳаёт, он ҳам на ҳар қондоре (мисли намоишҳои бе ҳақиқат ва суратсозиҳое, ки имрӯз дуруст мекунанд ва ҳақиқате дар кор нест), балки дар айни ҳол, танҳо намоиш набошад, ҳақиқат ва воқеият бошад, яъне пиёда шудани воқеӣ бошад.

Ҳодисаи Карбало худаш як намоиш аз сарбозони ислом аст, аммо на намоише, ки сирфан намоиш яъне суратсозӣ бошад, одамакҳое дуруст кунанд ва сурате бисозанд, вале дар воқеъ ҳақиқат надошта бошад. Масалан ояти:

إِنَّ اللَّهَ اشْتَرَى مِنَ الْمُؤْمِنِينَ أَنْفُسَهُمْ وَأَمْوَالَهُمْ بِأَنَّ لَهُمُ الْجَنَّةَ

(*“Худованд аз мӯъминон қонҳо ва амволашонро харидорӣ мекунад, ки (дар баробараш) биҳишт барои онон бошад…” (Сураи Тавба, ояти 111)*) дар ҳодисаи Карбало худашро дар амал нишон медиҳад ва ҳамчунин оятҳои дигари Қуръон, ки баъд иншоаллоҳ тавфиқ пайдо кунам ба арз мерасонам.

Қомеияти ислом дар наҳзати ҳусайнӣ

Мо мебинем дар тӯли таърих бардоштҳо аз ҳодисаи Карбало хеле мутафовит будааст. Қаблан ишора кардам, ки масалан бардошти Диъбали Хузоӣ, аз шуарои муосири ҳазрати Ризо алайҳис салом, бардошти Кумайти Асадӣ, аз шуарои муосири Имом Саҷҷод ва Имом Боқир алайҳимас салом бо бардошти Мӯҳташами Кошонӣ ё Сомонӣ ва ё Сафӣ Алӣ Шоҳ мутафовит аст; онҳо як қур бардошт кардаанд, Мӯҳташам қури дигаре бардошт кардааст, Сомонӣ қури дигаре бардошт дорад, Сафӣ Алӣ Шоҳ таври дигаре ва Иқболи Лоҳурӣ ба гунае дигар. Ин чӣ гуна аст? Ба назари ман, ҳамаи инҳо бардоштҳои саҳеҳ аст (албатта бардоштҳои ғалат ҳам вуҷуд дорад, бо бардоштҳои ғалат коре надорам), вале ноқис аст; саҳеҳ аст, вале комил нест. Саҳеҳ аст яъне ғалат ва дурӯғ нест, вале як қанбаи он аст.

Мисли ҳамон достони фил аст, ки Муллои Румӣ (Мавлавӣ) нақл кардааст, ки иддае дар торикӣ мехостанд бо ламс кардан онро ташхис бидиҳанд. Он ки ба пушти фил даст зада буд, як тавр қазоват мекард, он ки ба гӯши фил даст зада буд, таври дигаре қазоват мекард. Ин қазоватҳо, ҳам дуруст буд ва ҳам ғалат. Ғалат буд аз он ҷиҳат, ки фил ба унвони як маҷмӯа, он набуд, ки онҳо мегуфтанд ва дуруст буд яъне ба он нисбат, ки дасташон ба фил расида буд, дуруст мегуфтанд. Он ки дасташ ба гӯши фил расида буд, гуфт, шакли бодбизан аст. Рост мегуфт; он чизеро, ки ӯ ламс карда буд, шакли бодбизан

буд, аммо фил ба шакли бодбизан набуд. Он кас, ки дасташ ба хартуми фил хӯрда буд, гуфт, фил ба шакли новдон аст. Ҳам дуруст буд ва ҳам ғалат; дуруст буд аз он ҷиҳат, ки чизе, ки ӯ ламс карда буд, ба шакли новдон буд ва ғалат буд, чун фил ба шакли новдон набуд. Фил як маҷмӯа аст, ки як узваш мисли пушти бом аст яъне пушти фил ва як узваш мисли устувона аст яъне пойи фил, як узви дигараш мисли новдон аст яъне хартуми фил, аммо фил дар маҷмӯъи худаш фил аст. Ин аст, ки бардоштҳо, ҳам дуруст аст ва ҳам дар айни ҳол ғалат.

Бардошти амсоли Диъбали Хузоӣ аз наҳзати Абӯабдуллоҳ, ба таносуби замон фақат ҷанбаҳои пархошгарии он аст. Бардошти Мӯҳташами Кошони ҷанбаҳои таассуромез, риққатовар ва гиряовар он аст. Бардошти Уммони Сомонӣ ё Сафӣ Алӣ Шоҳ аз ин наҳзат, бардоштҳои ирфонӣ, ишқи илоҳӣ, муҳаббати илоҳӣ ва покбозӣ дар роҳи Ҳақ аст, ки асоситарин ҷанбаҳои қиёми ҳусайнӣ ҷанбаи покбозии ӯ дар роҳи Ҳақ аст. Ҳамаи ин бардоштҳо дуруст аст, вале ба унвони яке аз ҷанбаҳо. Ӯ, ки аз ҷанбаи ҳамосӣ гуфта, ӯ, ки аз ҷанбаи ахлоқӣ гуфта, ӯ, ки аз ҷанбаи панду андарз гуфта, ҳама дуруст гуфтаанд, вале бардошт ҳар як, аз як ҷанба ва узви ин наҳзат аст, на аз тамоми андоми он.

Вақте бихоҳем ба ҷомеияти ислом назар биафканем, бояд нигоҳе ҳам ба наҳзати ҳусайнӣ бикунем. Мебинем Имом Ҳусайн алайҳис салом куллиёти исломро дар Карбало ба марҳилаи амал оварда, муҷассам кардааст, вале таҷассуми зинда ва ҷондори ҳақиқӣ ва воқеӣ, на таҷассуми бе руҳ. Инсон вақте дар ҳодисаи Карбало тааммул мекунад, умуреро мебинад, ки дучори ҳайрат мешавад ва мегӯяд, инҳо наметавонад тасодуфӣ бошад. Ва сирри ин ки имомони атҳор ин ҳама ба зинда нигаҳ доштан ва эҳёи ин хотира тавсия ва таъкид карда ва нагузоштаанд ҳодисаи Карбало фаромӯш шавад, ин аст, ки ин ҳодиса як исломи муҷассам аст; нагузоред ин исломи муҷассам фаромӯш шавад.

Мо дар ҳодисаи Карбало ба ҷараёни аҷибе бархӯрд мекунем ва он ин ки мебинем дар ин ҳодиса мард нақш дорад, зан нақш дорад, пиру ҷавону кӯдак нақш доранд, сафеду сиёҳ нақш доранд, арабу ғайри араб нақш доранд, табақот ва ҷанбаҳои мухталиф нақш доранд.

Гӯӣ асосан дар қазо ва қадари илоҳӣ муқаддар шудааст, ки дар ин ҳодиса нақшҳои мухталиф аз тарафи табақоти мухталиф ифо бишавад, яъне ислом нишон дода бишавад. Ин ки арз мекунам зан нақш дорад, мунҳасир ба Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) нест. Дар ин замина достонҳо дорем. Мо дар Карбало як зани шаҳид дорем ва он, зани ҷаноби Абдуллоҳ ибни Умайри Калбӣ аст. Ду зани дигар дорем, ки расман вориди майдони ҷанг шудаанд, вале Абӯабдиллоҳ монеъ шуд ва ба онҳо амр фармуд, ки баргардед ва онҳо баргаштанд. Модарҳо нозири шаҳодати фарзандонашон буда ва инро дар роҳи Худо ба

ҳисоб овардаанд. Ҳамчунин мо дар Карбало 15 нафар ба номи маволӣ мебинем, махсусан, ки яке аз онҳо ба номи “Мавло”[20] хонда шудааст: Мавло Шавзаб, Мавло Обис ибни Убайд. Ин матлабро уламои бузурге мисли марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ ва марҳум Ҳоҷӣ Шайх Аббоси Қумӣ таъйид кардаанд. Иштибоҳ нашавад; манзур аз “Мавло Обис” ин нест, ки ғулом ё озодшудаи Обис буда, балки ба ин маънӣ аст, ки ҳампаймони ӯ буда ва гуфтаанд, ки дар ҷалолати қадр ва шахсияти иҷтимоӣ аз Обис бузургтар будааст.

Ҷанбаи тавҳидӣ ва ирфонии ҳодисаи Карбало

Ман имшаб ҷанбаҳое аз ҳодисаи Карбалоро то андозае, ки битавонам, барои шумо арз мекунам. Барои нишон додани ҷанбаи тавҳидӣ ва ирфонӣ, ҷанбаи покбохтагӣ дар роҳи Худо ва мосавои Худоро ҳеч ангоштан, шояд ҳамон ду ҷумлаи Абӯабдуллоҳ дар аввалин хутбаҳое, ки иншо фармуд (яъне хутбае, ки дар Макка эрод кард) кофӣ бошад. Суханаш ин буд:

رِضَى اللهِ وَاللهِ رِضانا أَهْلَ الْبَيْتِ

Мо аҳли байт аз худамон писанд надорем; мо он чиро меписандем, ки Худо барои мо писандида бошад. Ҳар роҳеро, ки Худо барои мо муайян кардааст, мо ҳамон роҳро меписандем. Имом Боқир алайҳис салом ба иёдати Ҷобир меравад, аҳволм ӯро мепурсад. Имом Боқир ҷавон аст ва Ҷобир аз асҳоби пайғамбар ва пирамард аст. Ҷобир арз мекунад: ё ибна Расулуллоҳ! Дар ҳоле ҳастам, ки фақрро бар ғино, бемориро бар саломат ва мурданро бар зинда мондан тарҷеҳ медиҳам. Имом алайҳис салом фармуд: мо аҳли байт ин тавр нестем, мо аз худамон писанде надорем, мо ҳар тавре, ки Худо маслиҳат бидонад, ҳамон бароямон хуб аст.

Дар охирин ҷумлаҳои Абӯабдуллоҳ боз мебинем инъикоси ҳамин мафоҳим ҳаст. Ба таъбири марҳуми Оятӣ — истинтоҷи хеле латифе аст — ин ҷанг бо як тир оғоз шуд ва бо як тир поён пазируфт. Дар рӯзи Ошӯро аввалин тирро Умари Саъд партоб кард ва баъд гуфт: ба амир хабар бидиҳед, ки аввалин тирандоз, ки ба тарафи Ҳусайн тир партоб кард, ман будам. Баъд аз он буд, ки ҷанг шурӯъ шуд. (Имом Ҳусайн асҳобашро аз ин ки оғозгари ҷанг бошанд наҳй фармуда буд). Бо як тир ҳам ҷанг хотима пайдо кард.

---

[20] *“Мавло” аз луғоте аст, ки дар забони арабӣ маъонии мутаъаддиде дорад. Гоҳе ба маънии озодашуда ва бисёре авқот ба маънии касе аст, ки бо шахс ё қавми дигар ақди вало дошта бошад, яъне ҳампаймон шуда, ки муҷовири онҳо бошад ё аз якдигар дифоъ кунанд. Агар мегуфтанд, фалон кас аз маволӣ аст, яъне аз касоне аст, ки ҳампаймон аст. Ин ки мегӯянд, мавло яъне барда, дуруст нест. Вақте мегӯянд, аъроб эрониёнро “маволӣ” мехонданд, мусалламан манзур бардагон набудааст; ба эрониён, ки барда намегуфтанд*.

Абӯабдуллоҳ савори асп буданд ва хеле хаста ва ҷироҳоти зиёд бардошта буданд ва тақрибан тавоноиҳояшон рӯ ба поён буд. Тире меояд ва бар синаи ҳазрат менишинад ва Абӯабдуллоҳ аз рӯи асп ба рӯи замин меафтад ва дар ҳамон ҳол мефармояд:

رِضاً بِقَضائِكَ وَتَسْليماً لِأَمْرِكَ، لا مَعْبودَ سِواكَ، يا غِياثَ الْمُسْتَغيثينَ

Имом Содиқ фармуд: сураи “Вал-фаҷр”-ро дар навофил ва фароизи худатон бихонед, ки сураи ҷаддам Ҳусайн ибни Алӣ аст. Арз карданд: ба чӣ муносибате сураи ҷадди шумост? Фармуд: он оятҳои охири сураи “Вал-фаҷр” мисдоқаш Ҳусайн аст, онҷо, ки мефармояд:

يَا أَيَّتُهَا النَّفْسُ الْمُطْمَئِنَّةُ. ارْجِعِي إِلَى رَبِّكِ رَاضِيَةً مَرْضِيَّةً. فَادْخُلِي فِي عِبَادِي. وَادْخُلِي جَنَّتِي

(*Сураи Вал-фаҷр, оятҳои 27-30*)

Шумо бибинед, шаби Ошӯрои ҳусайнӣ ба чӣ ҳоле мегузарад. Ин шабро Абӯабдуллоҳ чӣ қадр барои худаш нигаҳ дошт, барои истиғфор, барои дуо, барои муноҷот, барои розу ниёз бо парвардигори худаш. Намози рӯзи Ошӯроро бибинед, ки дар ҷанбаҳои тавҳидӣ ва убудият ва рубубият ва ҷанбаҳои ирфонӣ, матлаб чӣ қадр авҷ мегирад!

Мукаррар арз кардаем, ки бархе аз асҳоб ва ҳамаи аҳли байт ва худи Абӯабдуллоҳ, баъд аз зуҳри Ошӯро шаҳид шуданд. Марде ба номи Абӯссоъидӣ меояд хидмати Имом Ҳусайн алайҳис салом арз мекунад: ё ибна Расулиллоҳ! Вақти намоз аст, мо орзу дорем охирин намозамонро бо шумо ба ҷамоат бихонем. Бибинед чӣ намозе буд! Намоз, он намоз буд, ки тир мисли борон меомад, вале Ҳусайн ва асҳобаш ғарқ дар ҳолати худашон буданд:

اَللّهُ اَكْبَرُ، بِسْمِ اَللّهِ الرَّحْمنِ الرَّحِيمِ، الْحَمْدُ لِلّهِ رَبِّ اَلْعالَمِينَ

Як фарангӣ мегӯяд: чӣ намози шукуфое хонд Ҳусайн ибни Алӣ! Намозе, ки дунё назири онро суроғ надорад. Сурати муқаддасашро рӯи хоки доғ мегузорад ва мегӯяд:

بِسْمِ اللهِ وَبِاللهِ وَعَلى مِلَّةِ رَسولِ اللهِ

Аз ин баъд, ки нигоҳ мекунем, мебинем наҳзати ҳусайнӣ наҳзате аст ирфонӣ, (холисан лиллоҳ), фақат ва фақат Ҳусайн аст ва Худои худаш, гӯӣ чизи дигаре дар кор нест.

Ҷанбаи ҳамоса ва пархошгарӣ

Аммо аз як зовияи дигар, ки нигоҳ мекунем (аз диде, ки Диъбал ва Кумайти Асадӣ ва амсоли инҳо нигаристаанд), марди пархошгареро мебинем, ки дар муқобили дастгоҳи ҷаббор қиём кардааст ва ба ҳеч наҳв намешавад ӯро таслим кард. Гӯӣ аз даҳонаш оташ меборад, ҳамвора дам аз иззат ва шарофат ва озодӣ мезанад:

لا وَاللهِ لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أَفِرُّ فِرارَ الْعَبيدِ

Ман ҳаргиз дасти зиллат ба шумо намедиҳам ва монанди бардагон фирор намекунам, маҳол аст.

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَالْحَيوةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

Ҳар кадомро дар як ҷо гуфтааст. Инҳоро, ки инсон нигоҳ мекунад, мебинад ҳамоса аст ва шуҷоат ва ба таъбири аъроб “ибо” яъне исён ва имтиноъ ва зери бор нарафтан. Араб он мардумеро, ки ҳозир нестанд зери бори зулму зӯр бираванд, “ибот” мегӯяд, яъне мардуме, ки ба ҳеч ваҷҳ зери бори зӯр намераванд. Ибни Абилҳадид як олими суннӣ аст, мегӯяд: Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом сайиди ибот аст; солори касоне, ки зери бори зӯр нарафтанд Ҳусайн ибни Алӣ аст. Аз ин дид, ки нигоҳ мекунем, ҳамааш ҳамоса ва пархошгарӣ ва эътироз ва интиқод мебинем.

Ҷанбаи ваъз ва андарзгӯӣ

Аз диди дигаре нигоҳ мекунем, як мақоми дигар (мебинем.) Дар як курсии дигар, як хайрхоҳ, як воиз, як андарзгӯро мебинем, ки ҳатто аз сарнавишти шуми душманони худаш нороҳат аст, ки инҳо чаро бояд ба ҷаҳаннам бираванд, чаро ин қадр бадбахтанд. Дар инҷо он таҳарруки ҳамоса ҷойи худашро ба сукуни андарз медиҳад. Бибинед дар ҳамон рӯзи Ошӯро ва ғайри Ошӯро чӣ андарзҳо ба мардум додааст! Асҳобаш чӣ қадр андарз додаанд:

Ҳанзала ибни Асъади аш-Шабомӣ чӣ андарзҳо дода, Зуҳайр ибни Қин чӣ андарзҳо дода, Ҳабиб ибни Мазоҳир чӣ андарзҳо додааст! Вуҷуди мубораки Абӯабдуллоҳ аз бадбахтии он мардум мутаассир буд, намехост ҳатто як нафарашон ба ин ҳол бимонад; бо мардум лаҷ намекард, балки ба ҳар забоне буд, мехост як нафар ҳам, ки шуда, аз онҳо кам бишавад. Ӯ намунаи ҷаддаш буд:

لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ

(*Сураи Тавба, ояти 128*) Оё медонед маънии:

عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ

— чист? Яъне бадбахтии шумо бар ӯ гарон аст. Бадбахтии душманони пайғамбар бар пайғамбар гарон буд. Онҳо худашон, ки намефаҳмиданд, ин бадбахтиҳо бар Абӯабдуллоҳ гарон буд. Як дафъа савори шутур мешавад ва меравад. Бармегардад, аммомаи пайғамбарро ба сар мегузорад, либоси пайғамбарро мепӯшад, савори асп

мешавад ва ба сӯи онҳо меравад балки битавонад аз ин гурӯҳи шақоваткор касеро кам кунад. Дар инҷо мебинем Ҳусайн якпорча муҳаббат аст, якпорча дӯстӣ аст, ки ҳатто душмани худашро ҳам воқеан дӯст дорад.

Ҳодисаи Карбало, саҳнаи намоиши ахлоқи исломӣ

Меойем суроғи он чи ки онро ахлоқ мегӯянд (ахлоқи исломӣ). Вақте аз ин дид ба ҳодисаи Карбало менигарем, мебинем як саҳнаи намоиши ахлоқи исломӣ аст. Ба таври мухтасар се арзиши ахлоқии мурувват, эсор ва вафо ва мусовоти исломиро, ки дар ин ҳодиса вуҷуд доштаанд, бароятон тавзеҳ медиҳам.

Мурувват

Мурувват мафҳуми хоссе дорад ва ғайр аз шуҷоат аст; гӯё ин ки маъноях мардонагӣ аст, вале мафҳуми хоссе дорад. Муллои Румӣ аз ҳама беҳтар онро муҷассам кардааст, онҷо, ки достони муборизаи Алӣ алайҳис салом бо Амр ибни Абуваддро нақл мекунад, ки Алӣ алайҳис салом рӯи синаи Амр менишинад ва ӯ рӯи сурати ҳазрат оби даҳон меандозад, баъд ҳазрат аз ҷо ҳаракат мекунад ва меравад ва баъд меояд. Инҷост, ки Муллои Румӣ шурӯъ мекунад ба мадеҳасаройӣ ва як шеъраш чунин аст:

Дар шуҷоат шери раббонистӣ,

Дар мурувват худ кӣ донад, кистӣ.

Дар шуҷоат ту шери Худо ҳастӣ, дар мурувват касе наметавонад туро тавсиф кунад, ки чӣ қадр ҷавонмард ва оқо ҳастӣ. Мурувват ин аст, ки инсон ба душманони худаш ҳам муҳаббат биварзад. Ҳофиз мегӯяд:

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст,

Бо дӯстон мурувват, бо душманон мудоро.

Вале фармони ислом аз ин болотар аст; агар ба ислом наздиктар мешуд, чунин мегуфт: бо дӯстон мурувват, бо душманон ҳам мурувват ва мардонагӣ. Ин ки Абӯабдуллоҳ дар вақте, ки душманаш ташна аст ба ӯ об медиҳад, маъноях мурувват аст. Ин болотар аз шуҷоат аст, ҳамон тавр, ки Алӣ алайҳис салом ин корро кард.

Субҳи Ошӯро буд. Аввал касе, ки ба тарафи хаймаҳои Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом давид, то бибинад авзоъ аз чӣ қарор аст, Шимр ибни Зилҷавшан буд. Вақте аз пушти хаймаҳо омад, дид, хаймаҳоро ба ҳам наздик карда ва хандақе кандаанд ва хор ҷамъ карда ва оташ задаанд. Хеле нороҳат шуд, ки аз пушт намешавад ҳамла кард. Шурӯъ кард ба фаҳҳошӣ. Яке аз асҳоб гуфт: оқо! Иҷоза бидиҳед ҳаминҷо (як тир) ҳаромаш кунам. Фармуд: на. Гуфт: ман ӯро мешиносам, ки чӣ ҷинси касифе дорад, чӣ қадр фосиқу

фоҷир аст. Фармуд: медонам, вале мо ҳаргиз шурӯъ ба ҷанг намекунем, ҳарчанд ин ки ба нафъи мо бошад.

Ин дастури ислом буд. Дар ин замина достонҳо дорем. Аз ҷумла достони ва балки достонҳои амирулмӯъминин дар Сиффин аст, ки яке аз онҳоро бароятон нақл мекунам. Марде аст ба номи Курайб ибни Саббоҳ аз лашкари Муовия. Омад ва мубориз талабид. Яке аз шуҷоъони лашкари амирулмӯъминин, ки ҷилав буд, ба майдон рафт, вале тӯле накашид, ки Курайб ин марди саҳобии амирулмӯъмининро кушт ва ҷанозаашро ба як тараф андохт ва дубора мубориз талабид. Як нафар омад, ӯро ҳам кушт. Баъд аз ин ки кушт, фавран аз асп пойин парид ва ҷанозаашро рӯи ҷанозаи аввалӣ андохт. Боз гуфт: мубориз мехоҳам. Чаҳор нафар аз асҳоби Алӣ алайҳис саломро ба ҳамин тартиб кушт. Муаррихон навиштаанд, бозу ва ангуштони ин мард ба қадре қавӣ буд, ки сиккаро бо дасташ мемолид ва асари сикка маҳв мешуд. Ҳамчунин навиштаанд, ин мард он қадр аз худ чобукӣ ва суръат нишон дод ва дар шуҷоат ва зӯрмандӣ ҳунарнамоӣ кард, ки афроде аз асҳоби Алӣ, ки дар саффи ҷилав буданд, ба ақиб рафтанд, то дар рӯдарбоистӣ гир накунанд. Инҷо буд, ки Алӣ алайҳис салом худаш омад ва бо як гардиш ӯро кушт ва ҷанозаашро ба як тараф андохт.

أَلا رَجُلٌ؟

Дуввумӣ омад. Дуввумиро ҳам кушт ва фавран ҷанозаашро рӯи аввалӣ андохт. Дубора гуфт:

أَلا رَجُلٌ؟

— то чаҳор нафар. Дигар касе ҷуръат накард биёяд. Он вақт Алӣ алайҳис салом ояти Қуръонро хонд:

فَمَنِ اعْتَدَى عَلَيْكُمْ فَاعْتَدُوا عَلَيْهِ بِمِثْلِ مَا اعْتَدَى عَلَيْكُمْ وَاتَّقُوا اللَّهَ

(*Сураи Бақара, ояти 194*) Баъд гуфт: эй аҳли Шом! Агар шумо шурӯъ накарда будед, мо ҳам шурӯъ намекардем. Чун шумо чунин кардед, мо ҳам ин корро кардем. Абӯабдуллоҳ ҳам чунин буд. Дар тамоми рӯзи Ошӯро муқайяд буд, ки ҷангро онҳо, ки ба зоҳир мусалмон ва гӯяндаи шаҳодатайн буданд шурӯъ кунанд. Гуфт: бигузоред онҳо шурӯъ кунанд, мо ҳаргиз шурӯъ намекунем.

Эсор ва вафо

Меойем суроғи эсор (яз худ гузаштагӣ), яке дигар аз аносури ахлоқии мавҷуд дар ин ҳодиса. Чӣ намоишгоҳи эсорӣ будааст Карбало! Шумо бибинед, оё барои эсор таҷассуме беҳтар аз достони ҷаноби Абулфазли Аббос метавон пайдо кард? Як намуна аз садри ислом бароятон арз мекунам, вале онҷо қаҳрамон чанд нафаранд, на як нафар. Шахсе

мегӯяд: дар яке аз ҷангҳои исломӣ аз миёни маҷрӯҳин убур мекардам, шахсеро дидам, ки афтода ва лаҳазоти охирашро тай мекунад (ва маҷрӯҳ чун маъмулан хун зиёд аз баданаш меравад, бештар ташна мешавад). Ман фавран фаҳмидам, ки ин шахс ба об эҳтиёҷ дорад. Рафтам як зарфи об овардам, ки ба ӯ бидиҳам. Ишора кард, ки он бародарам мисли ман ташна аст, обро ба ӯ бидиҳед. Рафтам сурӯғи ӯ. Ӯ ҳам ишора кард ба як нафари дигар, ки обро ба ӯ бидиҳед. Рафтам сурӯғи ӯ (баъзе навиштаанд, се нафар будаанд ва баъзе навиштаанд, даҳ нафар). То сурӯғи охирӣ рафтам, дидам тамом кардааст. Баргаштам ба мо қабли охир, дидам ӯ ҳам тамом карда. Мо қабли ӯ ҳам тамом карда. Ба аввалӣ, ки расидам, дидам ӯ ҳам тамом кардааст. Билохира ман муваффақ нашудам ба як нафар аз инҳо об бидиҳам, чун ба сурӯғи ҳар кадом, ки рафтам, гуфт, бирав ба сурӯғи дигаре. Инро мегӯянд “эсор”, ки яке аз бошукӯҳтарин таҷаллиёти отифии руҳи инсон аст. Чаро сураи “Ҳал ато” нозил мешавад, ки дар он мефармояд:

وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَى حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا. إِنَّمَا نُطْعِمُكُمْ لِوَجْهِ اللَّهِ لَا نُرِيدُ مِنْكُمْ جَزَاءً وَلَا شُكُورًا

(*Сураи Инсон, оятҳои 8-9*)? Барои арҷ ниҳодан ба эсор. Таҷаллӣ додани ин отифаи инсонӣ ва исломӣ яке аз вазоифи ҳодисаи Карбало будааст ва гӯё ин нақш ба ӯҳдаи Абулфазли Аббос гузошта шуда буд. Абулфазл баъд аз он ки чаҳор ҳазор маъмур шариъаи Фуротро канор задааст, вориди он шуда ва аспро дохили об бурдааст ба тавре, ки об ба зери шиками асп расида ва ӯ метавонад бидуни ин ки пиёда шавад, машкашро пур аз об кунад. Ҳамин, ки машкро пур аз об кард, бо дасташ миқдоре об бардошт ва овард ҷилави даҳонаш, ки бинӯшад. Дигарон аз дур нозир буданд. Онҳо ҳамин қадр гуфтаанд: мо дидем, ки нанӯшид ва обро рехт. Ибтидо касе нафаҳмид, ки чаро чунин коре кард. Таърих мегӯяд:

فَذَكَرَ عَطَشَ الْحُسَيْنِ عليه السلام

Ёдаш афтод, ки бародараш ташна аст, гуфт, шоиста нест Ҳусайн дар хайма ташна бошад ва ман об бинӯшам. Ҳол таърих аз куҷо мегӯяд? Аз ашъори Абулфазл. Чун вақте, ки берун омад, шурӯъ кард ба рақаз хондан. Аз рақазаш фаҳмиданд, ки чаро Абулфазли ташна об нахӯрд. Рақазаш ин буд:

يا نَفْسُ مِنْ بَعْدِ الْحُسَيْنِ هوني

فَبَعْدُهُ لا كُنْتِ أَنْ تَكوني

Худаш бо худаш ҳарф мезанад, худашро мухотаб қарор дода ва мегӯяд: эй нафси Аббос! Мехоҳам баъд аз Ҳусайн зинда намонӣ; ту мехоҳӣ об бихӯрӣ ва зинда бимони? Аббос! Ҳусайн дар хаймааш ташна аст ва ту мехоҳӣ оби гуворо бинӯшӣ? Ба Худо қасам, расми

навкарӣ ва оқоӣ, расми бародарӣ, расми имом доштан, расми вафодорӣ чунин нест. Саросар вафо буд.

Марде аст ба номи Амр ибни Қураза ибни Каъби Ансорӣ, ки аз авлоди ансори Мадина аст. Ӯ зоҳиран аз он касоне аст, ки дар вақти намози Абӯабдуллоҳ худашонро сипари Абӯабдуллоҳ карда буданд. Он қадр тир ба бадани ин мард хӯрд, ки дигар афтод. Лаҳазоти охирашро тай мекард. Абӯабдуллоҳ худашонро ба болинаш расонданд. Тоза дар бораи худаш шак мекунад, ки оё ба вазифаи худ амал карда ё хайр, мегӯяд:

اَوَفَيْتُ يا أَبا عَبْدِ الله؟

Оё ман тавонистам вафо кунам ё на?

Мусовоти исломӣ

Меравем сурағи мусоваи исломӣ, бародарӣ ва баробарии исломӣ. Касоне, ки Абӯабдуллоҳ худро ба болини онҳо расонадааст, иддаи маъдуде ҳастанд. Ду нафар аз онҳо афроде ҳастанд, ки зоҳиран мусаллам аст, ки қаблан барда будаанд, яъне бардаҳои озодшуда будаанд. Исми яке аз онҳо Ҷун (ё Ҷавн) аст, ки мегӯянд, мавлои Абӯзари Ғифорӣ, яъне озодшудаи ҷаноби Абӯзари Ғифорӣ аст. Ин шахс сиёҳ аст ва зоҳиран баъд аз озодиаш, аз дари хонаи аҳли байти пайғамбар дур нашудааст яъне ҳукми як хидматкорро дар он хона доштааст. Дар рӯзи Ошӯро ҳамин Ҷуни сиёҳ меояд назди Абӯабдуллоҳ ва мегӯяд: ба ман иҷозаи ҷанг бидиҳед. Ҳазрат мефармояд: на, барои ту алъон вақти ин аст, ки биравӣ баъд аз ин дар дунё оқо бошӣ, ин ҳама хидмат, ки ба хонаводаи мо кардаӣ бас аст, мо аз ту розӣ ҳастем. Ӯ боз илтимос ва хоҳиш мекунад. Ҳазрат имтиноъ мекунад. Баъд ин мард афтод ба пойи Абӯабдуллоҳ ва шурӯъ кард ба бӯсидан, ки оқо! Маро маҳрум нафармоед ва баъд ҷумлае гуфт, ки Абӯабдуллоҳ ҷоиз надонист, ки ба ӯ иҷоза надиҳад. Арз кард: оқо! Фаҳмидам, ки чаро ба ман иҷоза намедиҳед; ман куҷо ва чунин саодате куҷо! Ман бо ин ранги сиёҳ ва бо ин хуни касиф ва бо ин бадани мутаъаффин шоистаи чунин мақоме нестам. Фармуд: на, ба хотири ин нест, бирав (ба майдони ҷанг, иҷоза додам). Меравад ва рақаз мехонад, кушта мешавад. Абӯабдуллоҳ ба болини ин мард рафт. Дар онҷо дуо кард, гуфт:

Худоё! Дар он ҷаҳон чеҳраи ӯро сафед ва бӯйи ӯро хуш гардон!

Худоё! Ӯро бо аброр маҳшур кун! (Аброр мофавқи муттақин ҳастанд,

إِنَّ كِتَابَ الْأَبْرَارِ لَفِي عِلِّيِّينَ

(*Сураи Мутаффифин, ояти 18*)

Худоё! Дар он ҷаҳон байни ӯ ва Оли Муҳаммад шиносоии комил барқарор кун!

Дигаре румӣ аст (турк ҳам гуфтаанд). Вақте аз рӯи асп афтод, Абӯабдуллоҳ худашонро ба болини ӯ расонданд. Инҷо дигар манзара фавқулъода аҷиб аст. Дар ҳоле, ки ин ғулом беҳуш буд ва рӯи чашмҳояшро хун гирифта буд, Абӯабдуллоҳ сари ӯро рӯи зонуи худашон қарор доданд ва баъд бо дасти худ хунҳоро аз сурат ва аз ҷилави чашмонаш пок карданд. Дар ин байн, ки ба ҳол омад, нигоҳе ба Абӯабдуллоҳ кард ва табассуме намуд. Абӯабдуллоҳ сураташонро бар сурати ин ғулом гузоштанд, ки ин дигар мунҳасир ба ҳамин ғулом аст ва Алиакбар; дар бораи каси дигаре таърих чунин чизеро нанавиштааст:

وَوَضَعَ خَدَّهُ عَلى خَدِّهِ

Яъне сурати худашро бар сурати ӯ гузошт. Ӯ ончунон хушҳол шуд, ки табассум кард:

فَتَبَسَّمَ ثُمَّ صارَ اِلى رَبِّهِ (رضي الله عنه)

Гар табибона биёӣ ба сари болинам,

Ба ду олам надиҳам лаззати бемориро.

Сараш ба домани Ҳусайн буд, ки ҷон ба Ҷонофарин таслим кард.

Гуфт:

Ин ҷони орият, ки ба Ҳофиз супурд дӯст,

Рӯзе рухаш бибинаму таслими вай кунам.

(Ҳофиз)

Мо дар ҳодисаи Ошӯро аз тамоми ҷанбаҳои исломӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ, андарзӣ, пархошгарӣ, тавҳидӣ, ирфонӣ, эътиқодӣ таҷассумҳое мебинем ва афроде, ки ба истилоҳ ин нақшҳоро анҷом додаанд, аз тифли ширхор то пирамарди ҳафтод ва балки ҳаштодсола ва то пиразани модари ҷаноби Абдуллоҳ ибни Умайри Калбӣ ҳастанд.

Модари фидокор

Се нафар ҳастанд, ки бо зану бачча хидмати Абӯабдуллоҳ омадаанд, ки баъд зану баччаҳояшон рафтанд дар ҳарами Абӯабдуллоҳ ва бо онҳо буданд. Бақия зану баччаҳояшон ҳамроҳашон набуданд. Яке Муслим ибни Авсаҷа аст, дигаре Абдуллоҳ ибни Умайри Калбӣ аст ва яке дигар марде аст ба номи Ҳарас ибни Ҷунода ал-Ансорӣ.

Дар бораи Абдуллоҳ ибни Умайр навиштаанд, ки ин мард дар хориҷи Кӯфа буд, ки иттилоъ пайдо кард ҷараёнҳое дар Кӯфа рух дода ва лашкар фароҳам мекунанд барои ин ки ба ҷанги Абӯабдуллоҳ бираванд. Ӯ аз муҷоҳидини ислом буд. Бо худаш гуфт: ба Худо қасам, ман солҳо бо куффор ба хотири ислом ҷангидаам ва ҳаргиз он ҷиҳодҳо ба пойи ин ҷиҳод намерасад, ки ман аз аҳли байти пайғамбар дифоъ кунам. Омад ба хона, ба занаш гуфт: ман чунин фикре кардаам. Гуфт: боракаллоҳ! Фикри бисёр хубе кардай, вале

ба як шарт. Гуфт: чӣ шарте? Гуфт: бояд маро бо худат бибарӣ. Занро, ки бо худаш бурд, модарашро ҳам бурд ва инҳо чӣ занҳое ҳастанд! Ин мард хеле шуҷоъ буд ва бо ду нафар аз ғуломони Умари Саъд ва Убайдуллоҳи Зиёд — ки худашон довталаб шуданд — ҷангид ва ҳар дуи онҳоро, ки афроди бисёр қавӣ буданд аз байн бурд. Ба ин тартиб, ки баъд аз довталаб шудани он ду нафар, Абӯабдуллоҳ нигоҳе ба андом ва шонаҳо ва бозуҳои ин мард карданд ва фармуданд: ин марди майдони онҳост ва рафт ва марди майдонашон ҳам буд.

Аввал Ясор номе омад, ки ғуломи Умари Саъд буд. Абдуллоҳ ибни Умайр ӯро аз пой даровард, вале қаблан касе аз пушти сар ба ҷаноби Абдуллоҳ ҳамла кард ва асҳоби Абӯабдуллоҳ фарёд кашиданд: аз пушти сар мувозиб бош! Аммо то ба худ омад, ӯ шамшерашро фуруд овард ва панҷаҳои дасти Абдуллоҳ қатъ шуд, вале бо дасти дигараш ӯро ҳам аз байн бурд. Дар ҳамон ҳол омад хидмати Абӯабдуллоҳ, дар ҳоле, ки рақаз мехонд. Ба модараш гуфт: модар! Оё хуб амал кардам? Гуфт: на, ман аз ту розӣ нестам; ман то туро кушта набинам, аз ту розӣ намешавам. Занаш ҳам буд. Албатта занаш ҷавон буд. Ба домани Абдуллоҳ ибни Умайр овехт. Модар гуфт: модар! Мабодо инҷо ба ҳарфи зан гӯш кунӣ; инҷо ҷойи гӯш кардан ба ҳарфи зан нест. Агар мехоҳӣ, ки ман аз ту розӣ бошам, ҷуз ин ки шаҳид бишавӣ, роҳи дигаре надорад. Ин мард меравад, то шаҳид мешавад. Баъд сари ӯро мебуранд ва ба тарафи хаймаҳои ҳарам меандозанд. (Чанд нафар ҳастанд, ки сарҳояшон ба тарафи хаймаҳои ҳарам партоб шуда; яке аз онҳо ин мард аст). Ин модар сари писари худро мегирад ва ба сина мечаспонад, мебӯсад ва мегӯяд: писарам! Ҳоло аз ту розӣ шудам, ба вазифаи худат амал кардӣ. Баъд мегӯяд: вале мо чизеро, ки дар роҳи Худо додем паснамегирем. Ҳамон сарро ба сӯйи яке аз афроди душман партоб мекунад ва баъд амуди хаймаеро бармедорад ва шурӯъ мекунад ба ҳамла кардан:

أَنَا عَجوزٌ سَيّدي ضَعيفَةٌ

(то охир…) Ман пиразани заифае ҳастам, пиразани нотавонам, аммо то ҷон дорам аз хонадони Фотима дифоъ мекунам.

Тифли шаҳид

Дар Карбало даҳ ё нӯҳ тифли ғайри болиғ шаҳид шуданд. Дар мавриди яке аз онҳо таърих менависад:

وَخَرَجَ شابٌّ قُتِلَ أَبوهُ فِى الْمَعْرِكَة

Ҷавоне, ки падараш дар маърака шаҳид шуда буд (вале нагуфтаанд, ки падараш чӣ касе буд, яъне барои мо мушаххас нест) омад хидмати Абӯабдуллоҳ ва гуфт: иҷоза бидиҳед

ман ба майдон биравам. Фармуд: на. Ҳамчунин фармуд: ба ин ҷавон иҷоза надиҳед ба майдон биравад, ки падараш кушта шудааст. Ҳамин бас аст ва модараш ҳам дар инҷо ҳозир аст, шояд ӯ розӣ набошад. Арз кард: ё Абӯабдуллоҳ! Аслан ин шамшерро модарам ба камари ман бастааст ва ӯ маро фиристода ва ба ман гуфта, ту ҳам бирав ба роҳи падар ва ҷони худатро ба қурбони ҷони Абӯабдуллоҳ кун. Шурӯъ кард ба хоҳиш ва илтимос кардан, то Абӯабдуллоҳ ба ӯ иҷоза дод.

Ва сирри ин ки маълум нашуд, ки ӯ писари Муслима ибни Авсаҷа буда ё писари Ҳарас ибни Ҷунода ин аст, ки ин ҳар ду бо хонадонашон дар Карбало будаанд. Албатта Абдуллоҳ ибни Умайр ҳам бо хонадонаш дар Карбало буда, вале ин қадр маълум аст, ки ӯ фарзанди Абдуллоҳ ибни Умайр набудааст. Вақте ин бачча ба майдон омад, бар хилофи ағлаби афрод, ки худашонро ба падар ва ҷаддашон муаррифӣ мекарданд, ки ман фалонӣ ҳастам, писари фалонӣ, ин корро накард, балки таври дигаре ҳарф зад, ки дар мантиқ, гӯйи сибқатро аз ҳама рубуд. Васати майдон, ки расид, фарёд зад:

أَميري حُسَيْنٌ وَنِعْمَ الْأَميرُ

سُرورُ فُؤادِ الْبَشيرِ النَّذيرِ

Эй мардум! Агар мехоҳед маро бишносед, ман он касе ҳастам, ки оқои ӯ Ҳусайн аст; ӯ, ки мояи хушҳолии қалби пайғамбар аст. Мебинед, бачча, бузург, ширхор, ҳар кадом дар ин ҳодиса мақоме доранд (мақоми аҷибе); ҳол мақоми аҳли байти пайғамбар, вазифа ва рисолате, ки занҳо аз назари таблиғ доштанд, ба ҷойи худ; ва дар ҳамаи инҳо хонадони Абӯабдуллоҳ, худашон аз ҳама пеш ҳастанд.

Инҷо марсияе аз яке аз фарзандони Имом Ҳасан алайҳис салом мегӯям. Ҷаноби Қосим бародаре дорад ба номи Абдуллоҳ. Имом Ҳасан даҳ сол қабл аз Имом Ҳусайн шаҳид шуд, масмум шуд ва аз дунё рафт. Синни ин тифлро ҳам даҳ сол навиштаанд, яъне вақте, ки падари бузургвораш аз дунё рафта, ӯ тоза ба дунё омада ва шояд баъд аз он будааст. Ба ҳар ҳол, аз падар чизе ёдаш набуд. Ва дар хонаи Абӯабдуллоҳ бузург шуда буд ва Абӯабдуллоҳ барои ӯ, ҳам аму буд ва ҳам ба манзилаи падар.

Абӯабдуллоҳ ба аммаи ин тифл, ба хоҳари бузургвораш Зайнаб супурда буд, ки муроқиби ин баччаҳо бахусус бошанд. Ин писарбаччаҳо мураттаб талош мекарданд, ки худашонро ба васати маърака бирасонанд, вале монеъ мешуданд. Намедонам дар он лаҳазоти охир, ки Абӯабдуллоҳ дар гудоли қатлгоҳ афтода буданд, чӣ тавр шуд, ки якмартиба ин тифли даҳсола аз хайма берун зад ва то Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) давид, ки ӯро бигирад, худашро аз дасти Зайнаб раҳо кард ва гуфт:

وَاللهِ لا أُفارِقُ عَمّي

Ба Худо қасам, ман аз амуям ҷудо намешавам. Ба суръат худашро ба Абӯабдуллоҳ расонд дар ҳоле, ки эшон дар ҳамон қатлгоҳ буданд ва қудрати ҳаракат барояшон хеле кам буд. Ин тифл омад ва омад, то худашро ба домани амуи бузургвор андохт.

Абӯабдуллоҳ ӯро дар доман гирифт. Ӯ шурӯъ кард ба сӯҳбат кардан бо аму. Дар ҳамон ҳол яке аз душманон омад барои ин ки зарбате ба Абӯабдуллоҳ бизанад. Ин бачча дид, ки касе омада ба қасди куштани Абӯабдуллоҳ; шурӯъ кард ба бадгӯй кардан: эй писари зинокор! Ту омадай амуи маро бикушӣ? Ба Худо қасам, ман намегузорам. Ӯ, ки шамшерашро баланд кард, ин тифл дасти худашро сипар қарор дод. Дар натиҷа баъд аз фуруд омадани шамшер, дасташ ба пӯст овехта шуд. Дар ин мавқеъ фарёд зад: ё аммоҳ! Амуҷон! Дидӣ бо ман чӣ карданд?!

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم

Нақши аҳли байти Сайидушшуҳадо дар таблиғи наҳзати ҳусайнӣ

Барои баҳс роҷеъ ба нақши аҳли байти мукаррами Сайидушшуҳадо дар таблиғи наҳзати ҳусайнӣ ва ислом, ибтидо бояд ду муқаддимаро ба арзи шумо бирасонам. Яке ин ки тибқи ривоятҳо ва ҳамчунин бар асоси мӯътақадоти мо — ки мӯътақид ба имомати ҳазрати Сайидушшуҳадо ҳастем — тамоми корҳои эшон аз рӯзи аввал ҳисобшуда будааст ва эшон беҳисоб ва мантиқ ва бидуни далел коре накардаанд. Яъне наметавонем бигӯем, ки фалон қазия иттифоқан ва тасодуфан рух дода, балки ҳамаи инҳо рӯи ҳисоб будааст. Ва ин матлаб гузашта аз ин ки аз назари қароини таърихӣ равшан аст, аз назари мантиқ ва ривоятҳо ва бар асоси эътиқоди мо мабнӣ бар имомати ҳазрати Сайидушшуҳадо низ таъйид мешавад.

Чаро Абӯабдуллоҳ аҳли байташро ҳамроҳи худ бурд?

Яке аз масоиле, ки ҳам таърих дар бораи он сӯҳбат карда ва ҳам ахбор ва аҳодис аз он сухан гуфтаанд ин аст, ки чаро Абӯабдуллоҳ дар ин сафари пурхатар аҳли байташро ҳамроҳи худ бурд? Хатари ин сафарро ҳама пешбинӣ мекарданд, яъне як амри ғайри қобили пешбинӣ ҳатто барои афроди оддӣ набуд. Аз ин рӯ қабл аз он ки эшон ҳаракат кунанд, тақрибан мешавад гуфт, тамоми касоне, ки омаданд ва маслиҳатандешӣ карданд, ҳаракат додани аҳли байт ба ҳамроҳи эшонро коре бар хилофи маслиҳат ташхис доданд. Яъне онҳо бо ҳисобу мантиқи худашон, ки дар сатҳи оддӣ буд ва ба миқёсу меъёри ҳифзи ҷони Абӯабдуллоҳ ва хонадонаш, тақрибан ба иттифоқи оро ба эшон мегуфтанд: рафтани худатон хатарнок аст ва маслиҳат нест яъне ҷонатон дар хатар аст, чӣ расад, ки бихоҳед аҳли байтатонро ҳам бо худатон бибаред. Абӯабдуллоҳ ҷавоб дод: на, ман бояд онҳоро бибарам. Ба онҳо ҷавобе медод, ки дигар натавонанд дар ин замина ҳарф бизананд, ба ин тартиб, ки ҷанбаи маънавии матлабро баён мекард, ки мукаррар шунидаед, ки эшон истинод карданд ба руъёе, ки албатта дар ҳукми як ваҳйи қотеъ аст. Фармуд: дар олами руъё ҷаддам ба ман фармудааст:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

Гуфтанд: пас агар ин тавр аст, чаро аҳли байт ва баччаҳоро ҳамроҳатон мебаред? Посух доданд: инро ҳам ҷаддам фармуд:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراهُنَّ سَبايا

Инҷо як тавзеҳи мухтасар бароятон арз бикунам: ин ҷумлаи:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

Ё:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراهُنَّ سَبايا

— яъне чӣ? Ин мафҳуме, ки алъон ман арз мекунам, маъное аст, ки ҳамаи касоне, ки онҷо мухотаби Абӯабдуллоҳ буданд, онро мефаҳмиданд, на як муаммое, ки имрӯз гоҳе дар забонҳо шойеъ аст. Калимаи машиати Худо ё иродаи Худо, ки дар худи Қуръон ба кор бурда шудааст, дар ду маврид ба кор меравад, ки якеро истилоҳан “иродаи таквинӣ” ва дигареро “иродаи ташреъӣ” мегӯянд. Иродаи таквинӣ яъне қазо ва қадари илоҳӣ, ки агар чизе қазо ва қадари ҳатмии илоҳӣ ба он тааллуқ гирифт, маънояш ин аст, ки дар муқобили қазо ва қадари илоҳӣ дигар коре намешавад кард. Маънои иродаи ташреъӣ ин аст, ки Худо ин тавр розӣ аст, Худо инчунин мехоҳад. Масалан, агар дар мавриди рӯза мефармояд:

يُرِيدُ اللَّهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلَا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ

(“*Худованд барои шумо ҳукмро осон хоста ва таклифро мушкил нагирифта…*” (*Сураи Бақара, ояти 185*)) ё дар мавриди дигаре мефармояд:

يُرِيدُ لِيُطَهِّرَكُمْ

(*“(Худо) мехоҳад то шуморо покиза гардонад…” (Сураи Моида, ояти 6)*) мақсуд ин аст, ки Худо, ки инчунин дастуре додааст, ин тавр мехоҳад, яъне ризои Ҳақ дар ин аст.

Худо хостааст ту шаҳид бошӣ, ҷаддам ба ман гуфтааст, ки ризои Худо дар шаҳодати туст. Ҷаддам ба ман гуфтааст, ки Худо хостааст инҳо асир бошанд. Яъне асорати инҳо ризои Ҳақ аст, маслиҳат аст ва ризои Ҳақ ҳамеша дар маслиҳат аст ва маслиҳат яъне он чиҳати камоли фард ва башарият.

Дар муқобили ин сухан, дигар касе чизе нагуфт, яъне наметавонист ҳарфе бизанад. Пас, агар чунин аст, ки ҷадди шумо дар олами маъно ба шумо тафҳим кардаанд, ки маслиҳат дар ин аст, ки шумо кушта бишавед, мо дигар дар муқобили эшон ҳарфе надорем. Ҳамаи касоне ҳам, ки аз Абӯабдуллоҳ ин ҷумлаҳоро мешуниданд, ин ҷур намешуниданд, ки оқо! Ин муқаддар аст ва ман наметавонам сарпечӣ кунам. Абӯабдуллоҳ ҳеч вақт ба ин шакл талаққӣ намекард. Ин тавр набуд, ки вақте аз эшон мепурсиданд чаро занҳоро мебаред, бифармояд аслан ман дар ин қазия беихтиёрам ва аҷиб ҳам беихтиёрам, балки ба ин сурат мешуниданд, ки бо илҳоме, ки аз олами маъно ба ман шудааст, ман чунин ташхис додаам, ки маслиҳат дар ин аст ва ин коре аст, ки ман аз рӯи ихтиёр анҷом медиҳам, вале бар асоси он чизе, ки онро маслиҳат ташхис медиҳам.

Аз ин рӯ мебинем, ки дар мавориди муҳимме, ҳама як ҷур ақида доштанд, Абӯабдуллоҳ ақидаи дигаре дар сатҳи олӣ дошт; ҳама як ҷур қазоват мекарданд, Имом Ҳусайн алайҳис салом мегуфт: ин ҷур на, ман ҷури дигаре амал мекунам. Маълум аст, ки кори Абӯабдуллоҳ як кори ҳисобшуда аст, як рисолат ва як маъмурият аст.

Аҳли байташро ба унвони туфайлӣ ҳамроҳи худ намебарад, ки хуб, ман, ки меравам, зану баччаам ҳам ҳамроҳам бошанд. Ғайр аз се нафар, ки дишаб исм бурдам, ҳеч як аз ҳамроҳони Абӯабдуллоҳ, зану баччааш ҳамроҳаш набуд. Инсон, ки ба як сафари хатарнок меравад, зану баччаашро, ки намебарад. Аммо Абӯабдуллоҳ зану баччаашро бурд, на ба эътибори ин ки худам меравам, пас зану баччаамро ҳам бибарам. (Хона ва зиндагӣ ва ҳама чизи Имом Ҳусайн алайҳис салом дар Мадина буд.) Балки онҳоро ба ин ҷиҳат бурд, ки рисолате дар ин сафар анҷом бидиҳанд. Ин як муқаддима.

Нақши зан дар таърих

Муқаддимаи дуввум: баҳсе дар бораи “нақши зан дар таърих” матраҳ аст, ки оё асосан зан дар сохтани таърих нақше дорад ё надорад ва аслан нақше метавонад дошта бошад ё на? Бояд дошта бошад ё набояд дошта бошад? Ҳамчунин аз назари ислом ин қазияро чӣ гуна бояд баровард кард?

Зан як нақш дар таърих дошта ва дорад, ки касе мункири ин нақш нест ва он нақши ғайримустақими зан дар сохтани таърих аст. Мегӯянд, зан мардро месозад ва мард таърихро. Яъне беш аз миқдоре, ки мард дар сохтани зан метавонад таъсир дошта бошад, зан дар сохтани мард таъсир дорад. Ин худаш масъалае аст, ки намехоҳам имшаб дар бораи он баҳс кунам.

Оё мард руҳ ва шахсияти занро месозад (аъам аз ин ки зан ба унвони модар бошад ё ба унвони ҳамсар) ё на, ин зан аст, ки фарзанд ва ҳатто шавҳарро месозад? Махсусан дар мавриди шавҳар, оё зан бештар шавҳарро месозад ё шавҳар бештар занро? Ҳатман тааҷҷуб хоҳед кард, ки арз кунам он чи ки таҳқиқоти таърихӣ ва мулоҳизоти равонӣ собит кардааст ин аст, ки зан дар сохтани шахсияти мард бештар муассир аст, то мард дар сохтани шахсият зан. Бад-ин ҷиҳат аст, ки таъсири ғайримустақими зан дар сохтани таърих, ғайри қобили инкор аст. Ин ки зан мардро сохтааст ва мард таърихро, худаш достоне аст ва як мабҳаси хеле муфассал.

Се шакли нақши мустақими зан дар сохтани таърих

Ҳол бибинем нақши мустақими зан дар сохтани таърих чӣ гуна аст ва чӣ гуна бояд бошад ва чӣ гуна метавонад бошад? Ба се шакл метавонад бошад:

1) Зан “шайъи гаронбаҳо” ва бидуни нақш:

Яке ин ки асосан зан нақши мустақим дар сохтани таърих надошта бошад, яъне нақши зан манфии маҳз бошад. Дар бисёре аз иҷтимоъот барои зан ҷуз зоидан ва бачча дуруст кардан ва идораи дохили хона нақше қоил набудаанд. Яъне зан дар иҷтимоъи бузург нақши мустақим надошта, нақши ғайримустақим доштааст, ба ин тартиб, ки ӯ дар хонавода муассир буда ва фарди сохтаи хонавода дар иҷтимоъ муассир будааст. Яъне зан мустақиман бидуни ин ки аз роҳи мард таъсире дошта бошад, ба ҳеч шакл таъсире дар бисёре аз иҷтимоъот надоштааст. Вале дар ин иҷтимоъот зан алорағми ин ки нақше дар сохтани таърих ва иҷтимоъ надоштааст, бидуни шак ва бар хилофи таблиғоте, ки дар ин замина мекунанд, ба унвони як шайъи гаронбаҳо зиндагӣ мекардааст. Яъне ба унвони як шахс камтар муассир буда, вале як шайъи бисёр гаронбаҳо буда ва ба далели ҳамон гаронбаҳоиаш, бар мард асар мегузоштааст; арзон набуда, ки дар хиёбонҳо пахш бошад ва ҳазорон амокини умумӣ барои баҳрагирӣ аз ӯ вуҷуд дошта бошад, балки фақат дар доираи зиндагии хонаводагӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирифтааст. Аз ин рӯ қаҳран барои мард хонавода як мавҷуди бисёр гаронбаҳо буда, чун танҳо мавҷуде буда, ки эҳсосоти ҷинсӣ ва отифии ӯро ишбоъ мекардааст ва табъан ва бидуни шак мард амалан дар хидмати зан будааст. Вале зан шайъ буда, шайъи гаронбаҳо, мисли алмос, ки як гавҳари гаронбаҳост; шахс нест, шайъ аст, вале шайъи гаронбаҳо.

2) Зан “шахси бебаҳо” ва дорои нақш:

Шакли дигари таъсири зан дар таърих — ки ин шакл дар ҷавомеъи қадим зиёд набуда — ин аст, ки зан омили муассир дар таърих бошад, нақши мустақим дар таърих дошта бошад ва ба унвони шахси муассир бошад, на ба унвони шайъ, аммо шахси бебаҳо, шахси беарзиш, шахсе, ки ҳарим миёни ӯ ва мард бардошта шудааст. Дақоиқи равоншиносӣ собит кардааст, ки мулоҳизоти бисёр дақиқе яъне тарҳе дар хилқат буда барои азиз нигаҳ доштани зан. Ҳар вақт ин ҳарим ба куллӣ шикаста ва ин ҳисор хурд шудааст, шахсияти зан аз назари эҳтиром ва иззат пойин омадааст. Албатта аз ҷанбаҳои дигаре мумкин аст шахсияташ боло рафта бошад, масалан босавод шуда бошад, олима шуда бошад, вале дигар он мавҷуди гаронбаҳо барои мард нест. Аз тарафи дигар, зан наметавонад зан набошад. Ҷузъи табиати зан ин аст, ки барои мард гаронбаҳо бошад ва агар инро аз зан бигиред, тамоми руҳияи ӯ муталошӣ мешавад. Он чи барои мард дар робитаи ҷинсӣ малҳуз аст, дар ихтиёр доштани зан ба унвони як мавҷуди гаронбаҳост, на дар ихтиёри як зан будан ба унвони як мавҷуди гаронбаҳо барои ӯ. Вале он чи дар табиати зан вуҷуд дорад ин нест, ки як мардро ба унвони як шайъи гаронбаҳо дошта

бошад, балки ин аст, ки худаш ба унвони як шайъи гаронбаҳо мардро дар тасхир дошта бошад.

Он ҷо, ки зан аз ҳолати ихтисос хориҷ шуд (лозим нест, ки ихтисос ба сурати издивоҷ ривоҷ дошта бошад) яъне вақте, ки зан арзон шуд, дар амокини умумӣ бисёр пайдо шуд, ҳазорон васила барои истифодаи мард аз зан пайдо шуд, хиёбонҳо ва кӯчаҳо ҷилвагоҳи зан шуд, ки худашро ба мард ироа бидиҳад ва мард битавонад аз назари чашмчаронӣ ва тамошо кардан, аз назари истимоъи мусиқии садои зан, аз назари ламс кардан, ҳадди аксари баҳрабардориро аз зан бикунад, он ҷост, ки зан аз арзиши худаш, аз он арзише, ки барои мард бояд дошта бошад, меафтад. Яъне дигар шайъи гаронбаҳо нест, вале мумкин аст масалан босавод бошад, дарсхонда бошад, битавонад муаллим бошад ва килосҳоеро идора кунад ё табиб бошад, ҳамаи инҳоро метавонад дошта бошад, вале дар ин шароит (арзон будани зан) он арзише, ки барои як зан дар табиати ӯ вуҷуд дорад, дигар барояш вуҷуд надорад. Ва дар воқеъ дар ин вақт аст, ки зан ба шакли дигар малъабаи ҷомеаи мардон мешавад бидуни он ки дар назари фарде аз афроди мардон, он иззат ва эҳтиромеро, ки бояд дошта бошад, доро бошад. Ҷомеаи урупоӣ ба ин сӯ меравад, яъне аз як тараф ба зан аз назари рушди бархе истеъдодҳои инсонӣ аз қабили илм ва ирода шахсият медиҳад, вале аз тарафи дигар арзиши ӯро аз байн мебарад.

3) Зан “шахси гаронбаҳо” ва дорои нақш:

Шакли севвуме ҳам вуҷуд дорад ва он ин аст, ки зан ба сурати як “шахси гаронбаҳо” дарбиёяд, ҳам шахс бошад ва ҳам гаронбаҳо. Яъне аз як тараф, шахсияти руҳӣ ва маънавӣ дошта бошад, камолоти руҳӣ ва инсонӣ назири огоҳӣ дошта бошад[21] ва аз тарафи дигар, дар иҷтимоъ мубтазал набошад. Яъне он маҳдудият набошад ва он ихтилот ҳам набошад; на маҳдудият ва на ихтилот, балки ҳарим. Ҳарим масъалае аст байни маҳдудияти зан ва ихтилоти зану мард.

Вақте, ки мо ба матни ислом муроҷеа мекунем, мебинем натиҷаи он чи ки ислом дар мавриди зан мехоҳад, шахсият аст ва гаронбаҳо будан. Дар партави ҳамин шахсият ва гаронбаҳоӣ, ифоф дар ҷомеа мустақар мешавад, равонҳо солим боқӣ мемонанд, конунҳои хонаводагӣ дар ҷомеа солим мемонанд ва “рашид” аз кор дармеояд. Гаронбаҳо

[21] *Илму огоҳӣ як пояи шахсияти зан аст, мухтор будан ва аз худ ирода доштан, иродаи қавӣ доштан, шуҷоъ ва далер будан як рукни дигари шахсияти зан аст. Халлоқ будан рукни дигари шахсияти маънавии ҳар инсоне аз ҷумла зан аст. Парастанда будан, бо Худои худ ба таври мустақим иртибот доштан ва мутеъи Худо будан, ҳатто равобити маънавӣ бо Худо доштан дар сатҳи олӣ, дар он сатҳе, ки анбиё доштаанд, аз чизҳое аст, ки ба зан шахсият медиҳад*.

будани зан ба ин аст, ки байни ӯ ва мард дар ҳудуде, ки ислом мушаххас карда, ҳарим бошад, яъне ислом иҷоза намедиҳад, ки ҷуз конуни хонаводагӣ, яъне саҳнаи иҷтимоъ, саҳнаи баҳрабардорӣ ва илтизози ҷинсии мард аз зан бошад, чӣ ба сурати нигоҳ кардан ба бадан ва андомаш, чӣ ба сурати ламс кардани баданаш, чӣ ба сурати истишмоми атри занонааш ва ё шунидани садои пояш, ки агар ба истилоҳ ба сурати муҳайиҷ бошад, ислом иҷоза намедиҳад. Вале агар бигӯем илм, ихтиёр ва ирода, имон ва ибодат ва ҳунар ва халлоқият чӣ тавр? Мегӯяд бисёр хуб, мисли мард. Чизҳоеро шореъ ҳаром карда, ки ба зан марбут аст. Он чиро, ки ҳаром накарда, бар ҳеч кадом ҳаром накардааст. Ислом барои зан шахсият мехоҳад, на ибтизол.

Се гунаи таърих

Таърих аз назари ин ки дар сохтани он танҳо мард дахолат дошта бошад ё марду зан бо якдигар дахолат дошта бошанд, се гуна метавонад бошад: як таърих, таърихи музаккар аст, яъне таърихе, ки ба дасти ҷинси музаккар ба таври мустақим сохта шудааст ва ҷинси муаннас ҳеч нақше дар он надорад.

Як таърих, таърихи музаккар-муаннас аст, аммо музаккар-муаннаси мухталит, бидуни он ки мард дар мадори худаш қарор бигирад ва зан дар мадори худаш, яъне таърихе, ки дар он ин манзума баҳам хӯрдааст; мард дар мадори зан қарор мегирад ва зан дар мадори мард, ки мо агар тарзи либос пӯшидани имрӯзи баъзе аз оқописарҳо ва духтархонумҳоро бибинем, мебинем, ки чӣ тавр инҳо доранд ҷойи худашонро бо якдигар иваз мекунанд.

Навъи севвум, таърихи музаккар-муаннас аст, ки ҳам ба дасти мард сохта шудааст ва ҳам ба дасти зан, вале мард, дар мадори худаш ва зан дар мадори худаш.

Мо вақте ба Қуръони Карим муроҷеа мекунем, мебинем таърихи мазҳаб ва дин он тавр, ки Қуръони Карим ташреҳ кардааст, як таърихи музаккар-муаннас аст ва ба таъбири ман, як таърихи “музаннас” аст, яъне музаккар ва муаннас ҳар ду нақш доранд, аммо на ба сурати ихтилот, балки ба ин сурат, ки мард дар мақом ва мадори худаш ва зан дар мақом ва мадори худаш.

Қуръони Карим мисли ин ки иноятӣ хосс дорад, ки ҳамин тавр, ки сиддиқин ва қиддисини таърихро баён мекунад, сиддиқот ва қиддисоти таърихро ҳам баён кунад. Дар достони Одам ва ҳамсари Одам нуктае аст, ки ман мукаррар дар суханрониҳои чанд сол пеши худ гуфтаам ва боз ёдоварӣ мекунам.

Фикри ғалати масеҳӣ дар бораи зан

Як фикри бисёр ғалатро масеҳиён дар таърихи мазҳабии ҷаҳон ворид карданд, ки воқеан хиёнат буд. Дар масъалаи зан надоштани Исо ва тарки издивоҷ ва муҷаррад зистани

кашишҳо ва кординолҳо кам-кам ин фикр пайдо шуд, ки асосан зан унсури гуноҳу фиреб аст, яъне шайтони кучак аст; мард ба худии худ гуноҳ намекунад ва ин зан аст; шайтони кучак аст, ки ҳамеша васваса мекунад ва мардро ба гуноҳ вомедорад. Гуфтанд, асосан қиссаи Одам ва шайтон ва Ҳавво ин тавр шурӯъ шуд, ки шайтон наметавонист дар Одам нуфуз кунад, аз ин рӯ омад Ҳавворо фиреб дод ва Ҳавво Одамро фиреб дод ва дар тамоми таърих ҳамеша ба ин шакл аст, ки шайтони бузург занро ва зан мардро васваса мекунад. Аслан, достони Одам ва Ҳавво ва шайтон дар миёни масеҳиён ба ин шакл даромад. Вале Қуръон дуруст хилофи инро мегӯяд ва тасреҳ мекунад ва ин аҷиб аст.

Қуръон вақте достони Одам ва шайтонро зикр мекунад, барои Одам асолат ва барои Ҳавво табаъият қоил намешавад. Аввал, ки мефармояд мо гуфтем; мегӯяд: мо ба ин ду нафар гуфтем, ки сокини биҳишт шавед, на фақат ба Одам:

وَلَا تَقْرَبَا هَذِهِ الشَّجَرَةَ

(*Сураи Аъроф, ояти 19*) Ба ин дарахт наздик нашавед! (Ҳоло он дарахт ҳар чи ҳаст). Баъд мефармояд:

فَوَسْوَسَ لَهُمَا الشَّيْطَانُ

(*Сураи Аъроф, ояти 20*) Шайтон ин дуро васваса кард. Намегӯяд, ки якеро васваса кард ва ӯ дигареро васваса кард.

فَدَلَّاهُمَا بِغُرُورٍ

(*Сураи Аъроф, ояти 22*) Боз “ҳумо” замири тасния аст.

وَقَاسَمَهُمَا إِنِّي لَكُمَا لَمِنَ النَّاصِحِينَ

(*Сураи Аъроф, ояти 21*) Онҷо, ки хост фиреб бидиҳад, ҷилави ҳар дуи онҳо қасами дурӯғ хӯрд. Одам ҳамон миқдор лағзиш кард, ки Ҳавво ва Ҳавво ҳамон миқдор лағзиш кард, ки Одам. Ислом ин фикрро, ин дурӯғеро, ки ба таърихи мазҳабҳо баста буданд, зудуд ва баён дошт, ки ҷараёни исёни инсон чунин нест, ки шайтон занро васваса мекунад ва зан мардро ва бинобар ин зан яъне унсури гуноҳ. Ва шояд барои ҳамин аст, ки Қуръон гӯё иноят дорад, ки дар канори қиддисин аз қиддисоти бузург ёд кунад, ки тамомашон дар мавориде бар он қиддисин улувв ва бартарӣ доштаанд.

Занони қиддиса дар Қуръон

Дар достони Иброҳим, аз Сора бо чӣ тафлиле ёд мекунад! Дар ин ҳадд, ки ҳамон тавр, ки Иброҳим бо малакут иртибот дошт ва чашми малакутӣ дошт, фариштагонро медид ва садои малоикаро мешунид, Сора низ садои онҳоро мешунид. Вақте ба Иброҳим

гуфтанд, Худованд мехоҳад ба шумо (Иброҳими пирамард ва Сораи пиразан) фарзанде бидиҳад, садои Сора баланд шуд, гуфт:

أَأَلِدُ وَأَنَا عَجُوزٌ وَهَذَا بَعْلِي شَيْخًا

(*Сураи Ҳуд, ояти 72*) Мани пиразан бо ин шавҳари пирамард?! Мо сари пирӣ мехоҳем баччадор бишавем?! Малоика дар ҳоле, ки мухотабашон Сора аст, на Иброҳим, гуфтанд:

أَتَعْجَبِينَ مِنْ أَمْرِ اللَّهِ

(*Сураи Ҳуд, ояти 73*) Сора! Оё аз баракати илоҳӣ ва худовандӣ ба хонаводаи шумо тааҷҷуб мекунед?

Ҳамчунин Қуръон вақте исми модари Мӯсоро мебарад, мефармояд:

وَأَوْحَيْنَا إِلَى أُمِّ مُوسَى أَنْ أَرْضِعِيهِ

Мо ба модари Мӯсо ваҳй фиристодем, ки худат фарзандатро шир бидеҳ,

فَإِذَا خِفْتِ عَلَيْهِ فَأَلْقِيهِ فِي الْيَمِّ وَلَا تَخَافِي وَلَا تَحْزَنِي إِنَّا رَادُّوهُ إِلَيْكِ وَجَاعِلُوهُ مِنَ الْمُرْسَلِينَ

(*Сураи Қасас, ояти 7*)

Қуръон ба достони Марям, ки мерасад, бедод мекунад. Пайғамбарон дар муқобили ин зан меоянд зону мезананд. Закариё вақте меояд Марямро мебинад, дар ҳолате мебинад, ки Марям бо неъматҳое ба сар мебарад, ки дар тамоми он сарзамин вуҷуд надорад; тааҷҷуб мекунад. Қуръон мегӯяд дар ҳоле, ки Марям дар меҳроби ибодат буд, фариштагони илоҳӣ бо ин зан сухан мегуфтанд:

إِذْ قَالَتِ الْمَلَائِكَةُ يَا مَرْيَمُ إِنَّ اللَّهَ يُبَشِّرُكِ بِكَلِمَةٍ مِنْهُ اسْمُهُ الْمَسِيحُ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ وَجِيهًا فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ وَمِنَ الْمُقَرَّبِينَ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 45*) Малоика мустақиман бо худаш сӯҳбат мекарданд. Марям мабъус набуда ва инро Қуръон дуруст намедонад, ки як занро бифиристад миёни зану мард. Марям, бар хилофи шаънаш мабъус набуд, вале аз бисёре аз мабъусҳо олимақомтар буд. Бидуни шакку шубҳа Марями ғайри мабъус аз худи Закариё, ки мабъус буда, олимақомтар ва воломақомтар буд.

Қуръон роҷеъ ба ҳазрати Сиддиқаи Тоҳира (Фотима) мефармояд:

إِنَّا أَعْطَيْنَاكَ الْكَوْثَرَ

(*Сураи Кавсар, ояти 1*) Дигар калимае болотар аз “Кавсар” нест. Дар дунёе, ки занро шарри мутлақ ва унсури фиребу гуноҳ медонистанд, Қуръон мегӯяд, на танҳо хайр аст, балки Кавсар аст, яъне хайри васеъ, як дунё хайр.

Занони бузург дар таърихи ислом

Меойем дар матни таърихи ислом. Аз ҳамон рӯзи аввал ду нафар мусалмон мешаванд: Алӣ ва Хадиҷа, ки ин ду нақши муассире дар сохтани таърихи ислом доранд. Агар фидокориҳои ин зан — ки аз пайғамбар 15 сол бузургтар буд — набуд, аз назари иллатҳои зоҳирӣ магар Пайғамбар метавонист коре аз пеш бибарад? Таърихи Ибни Исҳоқ як қарну ним баъд аз ҳичрат роҷеъ ба мақоми Хадиҷа ва нақши ӯ дар пуштибонӣ аз Пайғамбари Акрам ва махсусан дар тасаллибахшӣ ба Пайғамбари Акрам, менависад: баъд аз марги Хадиҷа, ки Абӯтолиб ҳам дар он сол аз дунё рафт, воқеан арса бар Пайғамбари Акрам танг шуд ба тавре, ки натавонист… бимонад. То охири умри Пайғамбар ҳар гоҳ исми Хадиҷаро мебурданд, ашки муқаддасашон ҷорӣ мешуд. Оиша мегуфт: як пиразан, ки дигар ин қадр арзиш надошт, чӣ хабар аст? Мефармуд: ту хаёл мекунӣ ман ба хотири шакли Хадиҷа мегирям? Хадиҷа куҷо ва шумо ва дигарон куҷо?! Агар ба таърихи ислом нигоҳ кунед, мебинед, ки таърихи ислом як таърихи музаккар-муаннас аст, вале мард дар мадори худаш ва зан дар мадори худаш. Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ёрони музаккаре дорад ва ёрони муаннасе; ҳам ровии зан дорад ва ҳам ровии мард. Дар китобҳое, ки дар ҳазор сол пеш навишта шудааст шояд исми ҳамаи онҳо ҳаст ва мо ривоятҳои зиёде дорем, ки ровии онҳо зан будааст. Китобе аст ба номи “Балоғоту ан-нисо” яъне хутбаҳо ва хитобаҳои балиғе, ки тавассути занҳо эрод шудааст. Ин китоб аз Ибни Тайфури Бағдодӣ аст, ки дар ҳудуди соли 250 ҳичрӣ яъне дар замони Имом Аскарӣ алайҳис салом мезистааст (чунонки медонед, ҳазрати Имом Аскарӣ алайҳис салом дар санаи 260 ҳ.қ. вафот карданд). Аз ҷумлаи хутбаҳое, ки Бағдодӣ дар китобаш зикр кардааст, хутбаи ҳазрати Зайнаб дар масҷиди Язид ва хутбаи эшон дар маҷлиси Ибни Зиёд ва хутбаи ҳазрати Заҳро алайҳас салом дар аввалҳои хилофати Абӯбакр аст.

Дар ин зареҳи ҷадиде, ки ахиран барои ҳазрати Маъсума сохтаанд, ривоятеро интихоб кардаанд, ки ровиҳо ҳама зан ҳастанд, то мерасад ба Пайғамбари Акрам. Дар зимн, исми ҳамаи онҳо Фотима аст (ҳудуди чиҳил Фотима): ривоят карда Фотима духтари… аз Фотима духтари… то мерасад ба Фотима духтари Мӯсо ибни Ҷаъфар. Баъд идома пайдо мекунад, то Фотима духтари Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ва дар охир мерасад ба Фотима духтари пайғамбар. Яъне ширкати инҳо ин қадр роиҷ буда, вале ҳеч вақт ихтилот набуда. Бисёре аз ровиёне буданд, ки меомаданд ривояти ҳадис мекарданд. Занҳо меомаданд истимоъ мекарданд. Аммо занҳо дар каноре менишастанд ва мардҳо дар каноре, мардҳо дар утоқе буданд ва занҳо дар утоқе. Дигар намеомаданд сандалӣ бигузоранд, ки як мард биншинад ва як зан; зан миниюбка бипӯшад ва то болои ронаш

пайдо бошад, ки бале, хонум мехоҳанд таҳсили илм кунанд! Ин, маълум аст, ки зоҳираш як чиз аст ва ботинаш чизи дигар. Ислом мегӯяд илм, аммо на шаҳватронӣ, на масхарабозӣ, на ҳуққабозбозӣ; мегӯяд шахсият.

Ҳазрати Заҳро (Саломуллоҳи алайҳо!) ва Алӣ алайҳис салом баъд аз издивоҷашон мехостанд корҳои хонаро байни якдигар тақсим кунанд, вале дӯст доштанд, ки Пайғамбар дар ин кор дахолат кунад, чун лаззат мебурданд. Ба эшон гуфтанд: ё Расулаллоҳ! Диламон мехоҳад бигӯед, ки дар ин хона чӣ корҳоеро Алӣ бикунад ва чӣ корҳоеро Фотима! Пайғамбар корҳои берунро ба Алӣ вогузор кард ва корҳои даруни хонаро ба Фотима. Фотима мегӯяд: намедонед чӣ қадр хушҳол шудам, ки падарам кори берунро аз дӯши ман бардошт. Зани олим яъне ин. Зане, ки ҳирс надошта бошад ин тавр аст.

Вале бибинед шахсияти ҳамин Заҳрои инчунин чӣ гуна аст, рушди истеъдодҳояш чӣ гуна аст, илмаш чӣ гуна аст, иродааш чӣ гуна аст, хитоба ва балоғаташ чӣ гуна аст. Заҳро алайҳас салом дар ҷавонӣ аз дунё рафтааст ва аз бас дар он замон душманонаш зиёд буданд, аз осори эшон кам мондааст. Вале хушбахтона як хитобаи муфассали бисёр тӯлонӣ (дар ҳудуди як соат) аз эшон дар синни 18-солагӣ (ҳадди аксар гуфтаанд 27-солагӣ) боқӣ монда, ки ин хитобаро танҳо шиъа ривоят намекунад, арз кардам Бағдодӣ дар қарни севвум нақл кардааст. Ҳамин як хитоба кофӣ аст, ки нишон бидиҳад зани мусалмон дар айни ин ки ҳарими худашро бо мард ҳифз мекунад ва худашро ба истилоҳ барои ироаи ба мардон дуруст намекунад, маълумоташ чӣ қадр аст, вуруд дар иҷтимоъ то чӣ ҳадд аст.

Хутбаи ҳазрати Заҳро алайҳис салом тавҳид дорад дар сатҳи тавҳиди “Наҳҷул-балоға”, яъне дар сатҳе, ки дасти фалосифа ба он намерасад. Вақте, ки дар бораи зоти Ҳақ ва сифоти Ҳақ сӯҳбат мекунад, гӯӣ дар сатҳи бузургтарин файласуфони ҷаҳон аст. Аз Бӯалӣ Сино сохта нест, ки ин тавр хутба бихонад. Як дафъа ворид дар фалсафаи аҳком мешавад: Худо намозро барои ин воҷиб кард, рӯзаро барои ин воҷиб кард, ҳаҷро барои ин воҷиб кард, амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро барои ин воҷиб кард, закотро барои ин воҷиб кард ва… Баъд шурӯъ мекунад ба арзёбии қавми араб қабл аз ислом ва таҳаввуле, ки ислом дар ин қавм ба вуҷуд овард, ки шумо мардуми араб чунину чунон будед. Вазъи зиндагии моддӣ ва маънавии онҳо қабл аз исломро баррасӣ мекунад ва он чиро, ки ба василаи Пайғамбар аз назари зиндагии моддӣ ва маънавӣ ба онҳо арзонӣ шуда буд, гӯшзад менамояд. Баъд дар мақоми истидлол ва муҳоҷҷа бармеояд. Ӯ дар масҷиди Мадина дар ҳузури ҳазорон нафар аст, аммо намеравад болои минбар, ки — Алаёзу биллоҳ! — худнамоӣ кунад. Суннати Пайғамбар ин буда, ки занҳо ҷудо

менишастанд ва мардҳо ҷудо ва пардае баланд миёни онҳо кашида мешуд. Заҳрои Атҳар аз пушти парда тамоми суханони худашро гуфт ва зану марди маҷлисро мунқалиб кард. Ин маънои он чизе аст, ки зикр кардем; ҳам шахсият дорад ва ҳам ифоф, ҳам покӣ дорад ва ҳам ҳарим, ҳеч вақт худашро ҷилави чашмҳои гуруснаи мардон қарор намедиҳад, аммо як мавҷуди дасту по чилифте ҳам нест, ки чизе сараш нашавад ва аз ҳеч чиз хабар надошта бошад.

Таърихи Карбало як таърих ва ҳодисаи музаккар-муаннас аст; ҳодисае аст, ки марду зан ҳар ду дар он нақш доранд, вале мард дар мадори худаш ва зан дар мадори худаш. Мӯъҷизаи ислом инҳост, мехоҳад дунёи имрӯз бипазирад, мехоҳад — ба ҷаҳаннам! — напазирад, оянда хоҳад пазируфт.

Абӯабдуллоҳ аҳли байти худашро ҳаракат медиҳад барои ин ки дар ин таърихи азим рисолатеро анҷом диҳанд, барои ин ки нақши мустақиме дар сохтани ин таърихи азим дошта бошанд бо қофиласолории Зайнаб, бидуни он ки аз мадори худашон хориҷ бишаванд.

Таҷаллии Зайнаб аз асри Ошӯро

Аз асри Ошӯро Зайнаб таҷаллӣ мекунад. Аз он ба баъд ба ӯ вогузор шуда буд. Раиси қофила ӯст чун ягона мард Зайнулобидин (Саломуллоҳи алайҳи!) аст, ки дар ин вақт ба шиддат мариз аст ва эҳтиёҷ ба парастор дорад, то онҷо, ки душман тибқи дастури куллии писари Зиёд, ки аз ҷинси зукури авлоди Ҳусайн ҳеч кас набояд боқӣ бимонад, чанд бор ҳамла карданд, то Имом Зайнулобидинро бикушанд, вале баъд худашон гуфтанд:

إِنَّهُ لِما بِهِ

Ин худаш дорад мемирад. Ва ин ҳам худаш як ҳикмат ва маслиҳати худоӣ буд, ки ҳазрати Имом Зайнулобидин бад-ин васила зинда бимонад ва насли муқаддаси Ҳусайн ибни Алӣ боқӣ бимонад. Яке аз корҳои Зайнаб парастории Имом Зайнулобидин аст.

Дар асри рӯзи 11-ум асиронро оварданд ва бар маркабҳое (шутур ё қотир ё ҳар ду), ки полонҳои чӯбин доштанд савор карданд ва муқайяд буданд, ки асирон порчае рӯи полонҳо нагузоранд, барои ин ки зарҳ бикашанд. Баъд аҳли байт хоҳише карданд, ки пазируфта шуд. Он хоҳиш ин буд:

قُلْنَ بِحَقِّ اللهِ الاّ ما مَرَرْتُمْ بِنا عَلى مِصْرَعِ الْحُسَيْنِ

Гуфтанд: шуморо ба Худо, ҳоло, ки моро аз инҷо мебаред, моро аз қатлгоҳи Ҳусайн убур бидиҳед барои ин ки мехоҳем барои охирин бор бо азизони худамон худоҳофизӣ карда бошем.

Дар миёни асирон танҳо Имом Зайнулобидин буданд, ки ба иллати беморӣ поҳои муборакашонро зери шиками маркаб баста буданд; дигарон рӯи маркаб озод буданд. Вақте, ки ба қатлгоҳ расиданд, ҳама беихтиёр худашонро аз рӯи маркабҳо ба рӯи замин андохтанд. Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) худашро ба бадани муқаддаси Абӯабдуллоҳ мерасонад, онро ба як вазъе мебинад, ки то он вақт надида буд: бадане мебинад бе сар ва бе либос; бо ин бадан муошиқа мекунад ва сухан мегӯяд:

بِأَبِي الْمَهْمومِ حَتّى قَضى، بِأَبِي الْعَطْشانِ حَتّى مَضى

Ончунон дилсӯз нола кард, ки

فَأَبْكَتْ وَاللهِ كُلَّ عَدُوٍّ وَصِدِّيقٍ

Яъне коре кард, ки ашки душман ҷорӣ шуд, дӯсту душман ба гиря даромаданд.

Мачлиси азои Ҳусайнро барои аввалин бор Зайнаб сохт. Вале дар айни ҳол аз вазоифи худаш ғофил нест. Парастории Зайнулобидин ба ӯҳдаи ӯст; нигоҳ кард ба Зайнулобидин, дид, ҳазрат, ки чашмаш ба ин вазъ афтода ончунон нороҳат аст гӯё мехоҳад қолаб тиҳӣ кунад; фавран бадани Абӯабдуллоҳро раҳо кард ва омад суроғи Зайнулобидин:

يَا بْنَ أَخي

Писари бародар! Чаро туро дар ҳоле мебинам, ки мехоҳад руҳи ту аз баданат парвоз кунад? Фармуд: аммаҷон! Чӣ тавр метавонам баданҳои азизони худамонро бибинам ва нороҳат набошам? Зайнаб дар ҳамин шароит шурӯъ мекунад ба таслияти хотир додан ба Зайнулобидин.

Умми Айман зани бисёр муҷаллалае аст, ки зоҳиран канизи Хадиҷа буда ва баъдан озод шуда ва сипас дар хонаи Пайғамбар ва мавриди эҳтироми Пайғамбар будааст; касе аст, ки аз Пайғамбар ҳадис ривоят мекунад. Ин пиразан солҳо дар хонаи Пайғамбар буд. Ривояте аз Пайғамбарро барои Зайнаб нақл карда буд, вале чун ривоят хонаводагӣ буд яъне марбут ба сарнавишти ин хонавода дар оянда буд, Зайнаб як рӯз дар охирҳои умри Алӣ алайҳис салом барои ин ки мутмаин бишавад, ки он чи Умми Айман гуфта сад дар сад дуруст аст, омад хидмати падараш: эй падарҷон! Ман ҳадисе инчунин аз Умми Айман шунидаам, мехоҳам як бор ҳам аз шумо бишнавам, то бибинам оё ҳамин тавр аст? Ҳамаро арз кард. Падараш таъйид кард ва фармуд: дуруст гуфта Умми Айман, ҳамин тавр аст.

Зайнаб дар он шароит ин ҳадисро барои Имом Зайнулобидин ривоят мекунад. Дар ин ҳадис омадааст, ин қазия фалсафае дорад, мабодо дар ин шароит хаёл кунед, ки Ҳусайн кушта шуд ва аз байн рафт. Писари бародар! Аз ҷадди мо чунин ривоят шудааст, ки

Ҳусайн алайҳис салом ҳамин ҷо, ки акнун ҷасади ӯро мебинӣ, бидуни ин ки кафане дошта бошад, дафн мешавад ва ҳамин ҷо қабри Ҳусайн мутоф хоҳад шуд.

Бар сари турбати мо чун гузарӣ, ҳиммат хоҳ,

Ки зиёратгаҳи риндони чаҳон хоҳад буд.

(Ҳофиз)

Ояндаро, ки инҷо каъбаи аҳли хулус хоҳад буд, Зайнаб барои Имом Зайнулобидин ривоят мекунад. Баъд аз зуҳри мисли имрӯзиро — ки 11-ум буд — Умари Саъд бо лашкариёни худаш барои дафн кардани аҷсоди касифи афроди худ дар Карбало монд. Вале баданҳои асҳоби Абӯабдуллоҳ ҳамон тавр монданд. Баъд асиронро ҳаракат доданд (мисли имшаб, ки шаби 12-ум аст), яксара аз Карбало то Кӯфа, ки тақрибан 12 фарсах аст. Тартиби корро инчунин дода буданд, ки рӯзи 12-ум асиронро ба истилоҳ бо таблу шайпур ва бо дабдаба ба аломати фатҳ ворид кунанд ва ба хаёли худашон охирин зарбатро ба хонадони Пайғамбар бизананд.

Инҳоро ҳаракат доданд ва бурданд дар ҳоле, ки Зайнаб шояд аз рӯзи Тосуъо аслан хоб ба чашмаш нарафтааст. Сарҳои муқаддасро қаблан бурида буданд. Тақрибан ду соат баъд аз тулӯъи офтоб дар ҳоле, ки асиронро вориди Кӯфа мекарданд, дастур доданд сарҳои муқаддасро ба истиқболи онҳо бибаранд, ки бо якдигар биёянд. Вазъи аҷибе аст ғайри қобили тавсиф! Дами дарвозаи Кӯфа (духтари Алӣ, духтари Фотима инҷо таҷаллӣ мекунад) ин зани бошахсият, ки дар айни ҳол зан боқӣ монд ва гаронбаҳо, хитобае мехонад. Ровиён чунин нақл кардаанд, ки дар як мавқеъи хоссе Зайнаб мавқеиятро ташхис дод:

وَقَدْ أَوْمَأَتْ

Духтари Алӣ як ишора кард. Иборати таърих ин аст:

وَقَدْ أَوْمَأَتْ اِلَى الناسِ أَنْ اُسْكُتوا فَارْتَدَّتِ الْأَنْفاسُ وَسَكَنَتِ الأَجْراسُ

Яъне дар он ҳаёҳу ва ғулғула, ки агар духул мезаданд садояш ба ҷое намерасид, гӯӣ нафасҳо дар синаҳо ҳабс шуд ва садои зангҳо ва ҳаёҳуҳо хомӯш гашт, маркабҳо ҳам истоданд (одамҳо, ки меистоданд, қаҳран маркабҳо ҳам меистоданд). Хутбае хонд. Ровӣ гуфт:

وَلَمْ أَرَ وَاللهِ خَفِرَةً قَطُّ أَنْطَقَ مِنْها

Ин “хафира” хеле арзиш дорад. “Хафира” яъне зани боҳаё. Ин зан наомад мисли як зани беҳаё ҳарф бизанад. Зайнаб он хитобаро дар ниҳояти азамат илқо кард. Дар айни ҳол душман мегӯяд:

وَلَمْ أَرَ وَاللهِ خَفِرَةً قَطُّ أَنْطَقَ مِنْها

Яъне он ҳаёи занонагӣ аз ӯ пайдо буд. Шуҷоати Алӣ бо ҳаёи занонагӣ дарҳам омехта буд.

Дар Кӯфа, ки 20 сол пеш Алӣ алайҳис салом халифа буд ва дар ҳудуди 5 соли хилофати худ хитобаҳои зиёде хонда буд, ҳанӯз дар миёни мардум хутба хондани Алӣ алайҳис салом зарбулмасал буд. Ровӣ гуфт: гӯӣ сухани Алӣ аз даҳони Зайнаб мерезад, гӯӣ ки Алӣ зинда шуда ва сухани ӯ аз даҳони Зайнаб мерезад. Мегӯяд, вақте ҳарфҳои Зайнаб — ки муфассал ҳам нест, 10-12 сатр бештар нест — тамом шуд, мардумро дидам, ки ҳама ангуштонашонро ба даҳон гирифта ва мегазиданд.

Ин аст нақши зан ба шакле, ки ислом мехоҳад; шахсият дар айни ҳаё, ифоф, иффат, покӣ ва ҳарим. Таърихи Карбало ба ин далел музаккар-муаннас аст, ки дар сохтани он, ҳам ҷинси музаккар омили муассире аст, вале дар мадори худаш ва ҳам ҷинси муаннас дар мадори худаш. Ин таърих ба дасти ин ду ҷинс сохта шуд.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله

Шароити мубаллиғ ва таъсири таблиғи аҳли байти Имом дар муддати асораташон

Баҳсе, ки боқӣ монд ду чиз буд: яке, шароити паёмрасон, ки дар баҳси куллие, ки роҷеъ ба таблиғ мекардем, онро яке аз шароити чаҳоргонаи муваффақияти як паём шумурдем. Гуфтем, ки як паём барои ин ки муваффақ бошад, чанд шарт лозим дорад.

Аввалин шарт, қудрати муҳтаво ва ба таъбири Қуръон, ҳаққонияти он паём аст.

Дуввум, ба кор бастани метод ва равиш ва услуби саҳеҳи паёмрасонӣ аст.

Севвум, истифода кардан аз васоил ва имконоти табиӣ ва санъатӣ (ҳар ду) вале ба сурати машрӯъ ва бо парҳез аз ифроту тафрит. Ифрот ба маънии истифода кардан аз васоили номашрӯъ, ки қаҳран натиҷаи маъкус медиҳад ва тафрит ба маънии ҷумуд варзидан (дар истифода аз васоили машрӯъ), ки он ҳам боиси заъфи нерӯи таблиғӣ мешавад.

Чаҳорум, ки боқӣ монд, лиёқат ва шахсияти шахси паёмрасон аст.

Ҳамчунин дар масъалаи “унсури таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ”, ки тавъам буд бо баҳси таблиғ, қисматҳое аз таъсири таблиғии аҳли байт алайҳимус салом дар муддати асораташон аз Карбало то Кӯфа ва аз Кӯфа то Шом ва дар Кӯфа ва Шом ва баъд дар давраи ба истилоҳ озодиашон — ки шакли асир надоштанд ва аз Шом ба Мадина фиристода шуданд — боқӣ монд ва лозим буд дар ин боб баҳс кунем. Ин ду қисмати боқимонда қаҳран ба якдигар марбутанд.

Шароити паёмрасон

Масъалаи шароити мубаллиғ ва паёмрасон аз он масоиле аст, ки дуруст намедонам ба чӣ иллате дар ҷомеаи мо хеле кучак гирифта шудааст. Арзиши баъзе аз масоил дар ҷомеа маҳфуз аст, вале арзиши воқеии баъзе дигар ба иллатҳои хоссе аз байн меравад. Мисоле бароятон арз мекунам: яке аз шуъуни динӣ-иҷтимоии мо мақоми ифто (фатво додан) ва марҷаияти тақлид аст, ки як мақоми олии руҳонӣ аст. Хушбахтона, ҷомеаи мо ин мақомро дар ҳадди худаш мешиносад. Ҳар кас, ки филҷумла ба умури динӣ ворид бошад, вақте мешунавад марҷаи тақлид, фавран дар зеҳнаш марде, ки ақаллан чиҳил-панҷоҳ сол ба истилоҳ устухон хурд карда, заҳмат кашида, сараш дар Қуръон ва тафсир ва ҳадис ва фиқҳ буда, солҳо назди устодони олиқадр дарс хонда, солҳо тадрис карда, китобҳо навишта ва таълиф карда муҷассам мешавад. Ва ин дуруст аст ва бояд ҳам чунин бошад ва Худо накунад, ки ин мақом дар зеҳнҳо суқут кунад, ончунон, ки мақоми таблиғ ва мубаллиғ суқут кардааст.

Дар даврони гузаштаи ислом матлаб ин тавр набудааст. Шумо агар ба китобҳои риҷол муроҷеа кунед, мебинед иддаи зиёде аз уламо ба номи воиз ё хатиб маъруфанд: Хатиби

Розӣ, Хатиби Табрезӣ, Хатиби Бағдодӣ, Хатиби Димишқӣ. Калимаи “хатиб” ҷузъи номи ин афрод нест.

Инҳо чӣ гуна ашхосе буданд? Оё дар ҳадди як равзахоне буданд, ки мо акнун дар ҷомеаи худамон мешиносем? Ҳар кадом аз касоне, ки ба номи “хатиб” маъруф ҳастанд, дарёе аз илм будаанд. Масалан Хатиби Розӣ ҳамин Фахруддини Розии маъруф аст (Имом Фахр), ки яке аз китобҳояш “Тафсири кабир” аст, ки дар 30 ҷузъ мунташир шудааст ва китоби бисёр бузурге аст (мисли ин ки ахиран дар 20 ҷузъ мунташир кардаанд) ва яке аз тафосире аст, ки имтиёзҳои бисёр зиёде дорад. Ин мард дар тибб, нуҷум, фалсафа, мантиқ, ҳадис, фиқҳ ва ваъзу хитоба ворид буда ва касе аст, ки “Ишорот”-и Бӯалӣ Синоро шарҳ карда ва эродҳо бар Бӯалӣ Сино гирифтааст ва танҳо Хоҷа Насируддини Тӯсӣ буд, ки тавонист эродҳои ӯро аз Бӯалӣ Сино рафъ ва бартараф кунад. Ин шахс як воиз ва хатиби забардаст дар таърихи ислом аст.

Он ки ба “Хатиби Бағдодӣ” маъруф аст, соҳиби китоби “Таърихи Бағдод” аст, ки яке аз мадорики мӯътабари таърихӣ аст. Он ки ба ӯ “Хатиби Табрезӣ” мегӯянд, ҳамин касе аст, ки матни китоби “Мутаввал” — ки яке аз мутуни аслии адабиёти арабӣ дар илми маъонӣ ва баён ва бадеъ аст — аз ӯст ва ҳамчунин ашхоси дигар. Масалан марҳуми Маҷлисӣ (ризвонуллоҳи алайҳ) аз уламои бузурги шиъа аст, ки дар айни ҳол як воиз ва хатиб будааст.

Дар гузашта дар миёни уламои ислом мақоми хатиб ва мубаллиғ ва воиз, мақоми касе, ки исломро муаррифӣ мекард, ҳампояи мақоми марҷаияти тақлид буд. Яъне ҳамин тавр, ки имрӯз агар касе иддао кунад, ки ман рисола навиштаам ва марҷаи тақлидам, маҳол аст, ки шумо қабул кунед ва мепурсед: оқо куҷо ва пеши кадом муҷтаҳид дарс хонда? Ва ин оқо синнаш ҳанӯз масалан 40 сол бештар нест, дар гузашта дар мавриди як мубаллиғ низ инчунин дақиқ буданд. Дар синни 40-солагӣ иддао мекунад, ки ман марҷаи тақлид ҳастам; дигар намедонад, ки на оқо, дарс хондан хеле лозим аст, чиҳил-панҷоҳ сол дарс хондан лозим аст, то касе ба ин поя бирасад, ки битавон ӯро муҷтаҳид, фақеҳ, муфтӣ ва шоиста барои истинбот ва истихроҷи аҳкоми фиқҳӣ ва шаръӣ донист.

Масалан, агар мегӯянд марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ, шумо иҷмолан ва ба таври сарбаста медонед, ки ин мард чандин сол заҳмат кашидааст. То наздики 30-солагӣ дар Исфаҳон буда, дар ин шаҳр асотиди бузурге дида, фиқҳу усул ва фалсафа ва мантиқро таҳсил кардааст. Дар ҳоле, ки дар Исфаҳон як устоди муҳаққиқ ва муҷтаҳид буда ва ба мақоми иҷтиҳод расидааст, ба Наҷаф меравад ва дар ҳавзаи дарси марҳум Оятуллоҳ Охунди Хуросонӣ ширкат мекунад ва солҳо яке аз беҳтарин шогирдони эшон будааст. Марҳуми оқо Сайид Муҳаммадбоқири Қазвинӣ яке аз уламои Қум буд, пирамард буд ва тақрибан

солҳои аввале, ки мо дар Қум будем, яъне 30 сол пеш, фавт кард. Эшон нақл мекард, ки мо дар дарси марҳум Охунди Хуросонӣ будем,[22] як вақт ҳамин марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ, ки дар он вақт ҷавон буд, баланд шуд, эътироз ба ҳарфи устод дошт, ҳарфи худашро тақрир кард.[23] Марҳум Охунд гуфт: як бори дигар бигӯ. Бори дигар гуфт. Охунд фаҳмид рост мегӯяд, эродаш ворид аст, гуфт: алҳамду лиллоҳ, намурдам ва аз шогирди худам истифода кардам. Тоза ин мард баъд аз чанд соли Наҷаф мондан ба Эрон бармегардад. Магар дар ин мавқеъ ба мақоми марҷаияти тақлид мерасад? На, тоза 30 соли дигар яксара кор мекунад.

Ман дар соли 22 ин тавфиқро пайдо кардам, ки рафтам Буруҷерд дар хидматашон (эшон дар зимистони 23 ба Қум омаданд ва дар соли 22 ҳанӯз дар Буруҷерд буданд). Моҳи Шаъбон буд. Понздаҳуми Шаъбон, ки шуд, тибқи суннат он дарсеро, ки мегуфтанд (хориҷи "Макосиб" буд) таътил карданд, гуфтанд: ин понздаҳ рӯзро мехоҳам як баҳси кучаке бикунем ва ёдам ҳаст баҳси масеҳиятро пеш кашиданд ва гуфтанд: ман ин масъаларо дар ҳудуди чиҳилу чанд сол пеш, ки дар Исфаҳон будам, як бор мутолеа кардаам, таҳқиқ карда ва навиштаам ва навиштаамро дорам ва баъд аз он дигар ба ин масъала муроҷеа накардаам. Ҳоло мехоҳам баъд аз чиҳилу чанд сол бори дигар рӯи ин масъала мутолеа кунам. Баъд худашон гуфтанд: мехоҳам ба навиштаҳои худам муроҷеа накунам, балки аз нав мутолеа кунам ва сипас муроҷеа кунам, бибинам оё бо он вақт фарқ карда ё на? Баъд аз 10-15 рӯз, ки баҳс карданд, рафтанд он ҷузваи худашонро оварданд.

Вақте хонданд, диданд тамоми он чи ки ҳоло ба зеҳнашон расидааст, дар чиҳилу чанд сол пеш низ расида, бо ин тафовут, ки зеҳн ҳоло пухтатар ва варзидатар шуда ва он вақт усулитар ва қоидаитар буда, ҳоло ба матни ислом воридтар аст. Гуфтанд: аз назари таҳқиқ фарқ накарда, фақат зеҳни мо фақоҳатитар шудааст. Ин, мақоми як марҷаи тақлид аст ва бояд ҳам чунин бошад. Ва ман аз ин метарсам, ки ҷомеаи мо инро фаромӯш

---

[22] *Охунди Хуросонӣ аз мударрисҳое аст, ки дар ҷаҳони ислом камназир буда, яъне аввалан дар усул муллои фавқулъода ва аз асотиди ин илм аст ва сониян дар фанни устодӣ беназир буда; дар баён ва таҳқиқ ва тақрир аҷиб буда; дар ҳавзаи дарсаш ҳазору дивист нафар ширкат мекардаанд, ки шояд понсадтои онҳо муҷтаҳид будаанд. Мегӯянд, садои расое дошт ба тавре, ки садояш бидуни баландгӯ фазои масҷидро пур мекард. Як шогирд агар мехост эътироз кунад, ҳарф бизанад, баланд мешуд, то битавонад ҳарфашро ба устод бирасонад.*

[23] *Эшон ҳам бисёр хуштақрир буданд. Мо дар пирамардии эшон ин амрро дидем. Албатта даҳонашон каме ларзиш дошт, вале мегуфтанд дар ҷавониашон аҷиб будаанд.*

кунад, мардум афродеро, ки салоҳият надоранд, бипазиранд. Вале ин мақом маҳфуз аст ва бояд ҳам маҳфуз бошад.

Агар бигӯям мақоми таблиғи ислом, расондани паёми ислом ба умуми мардум, муаррифӣ ва шиносондани ислом ба сурати як мактаб, аз марҷаияти тақлид камтар нест, тааҷҷуб накунед; мақоме аст дар ҳамон ҳадд. Албатта барои марҷаияти тақлид як чизҳое лозим аст, ки барои як мубаллиғ лозим нест, вале ҷомеаи мо ба ин масъала, ки мерасад, ҳама чизро фаромӯш мекунад.

Шумо бибинед, дар ҷомеаи мо сармояи мубаллиғ шудан чист ва мубаллиғ шудан аз куҷо шурӯъ мешавад? Агар касе овози хубе дошта бошад ва битавонад чаҳор то шеър бихонад, кам-кам ба сурати як маддоҳ дармеояд, меистад пойи минбарҳо ва шурӯъ мекунад ба маддоҳӣ ва марсия хондан. Баъд шумо мебинед, ки як шолаке ҳам ба сари худаш баст ва омад рӯи пиллаи аввали минбар нишаст. Муддате ба ин тартиб сухан мегӯяд. Баъд, аз китоби Ҷудӣ, Ҷавҳарӣ, Ҷомеъут-тафсил ҳикояте, қиссае нақл мекунад ва ё ба истилоҳ аз Садрул-воъизин нақл мекунад, ки вақте аз ӯ мепурсӣ аз куҷо нақл мекунӣ, мегӯяд аз Садрул-воъизин ё Лисонул-воъизин. Ҳар кас хаёл мекунад китобе аст ба номи “Садрул-воъизин”, вақте, ки диққат мекунем, мефаҳмем, ки мехоҳад бигӯяд аз синаи дигарон, аз забони дигарон шунидаам. Чанд то аз ин ёд бигир, чанд то аз дигаре, дурӯғ, рост, аслан хабар надорад қазия чӣ ҳаст. Кам-кам чаҳор то поминбарӣ ҷур мекунад ва аз пиллае пойин меояд, пиллаи болотар, кам-кам меояд болотар ва авомми мардумро ҷамъ мекунад. Ва аксари бониёни маҷлис фақат рӯи як масъала такя мекунанд ва он ҷамъият кашидан аст, ки чӣ касе беҳтар метавонад ҷамъият ҷамъ кунад. Охир ин ҷамъият кашидан барои ҳарфи ҳисоб гуфтан аст. Баъд, ки ҷамъият ҷамъ шуд, чӣ ҳарфе мегӯяд? Ин хиёнат аст ба ислом; хиёнат аст нисбат ба ислом, ки матлаб аз як овози гарм шурӯъ бишавад. Ва ин қоидае аст, ки умумият дорад ва дар бисёре аз ҷоҳо, ки мо будаем, меъёр ва милок ҳамин будааст ва аз амсоли чунин чизе матлаб шурӯъ мешудааст. Ва вой ба ҳоли мо дар ин аср, дар асри илм, дар асри шакку тардид, дар асри шубҳа, дар асре, ки барои ислом ин ҳама мухолифхониҳо ҳаст ва рӯзе нест, ки дар рӯзномаҳо ва маҷаллот, инсон як чизе бар алайҳи ислом набинад ё дар мақолоти радиоӣ як гӯшае нашунавад. Чаро рӯзномаҳо дар бораи калимаи “маҳр” фазо дуруст кардаанд?![24] Дар чунин асре ту бояд балад бошӣ ҳарфи худатро хуб бизанӣ, истидлол кунӣ. Агар дар асрҳои гузашта мубаллиғ шароити сахту сангине дошт, дар замони мо он шароит даҳ баробар ва сад баробар шудааст.

[24] *Ишора ба замони режими фосиди Паҳлавӣ аст*.

Мақоми таблиғ

Дар мантиқи Қуръон кори таблиғ, кори ҳидоят ва иршоди мардум, кори бисёр-бисёр душворе талаққӣ шудааст, дар ҳоле, ки дар ҷомеаи мо ин қадр кучак ва сабук гирифта мешавад ва кор ба ҷойе расида, ки дигар аҳли илму фазл, ҳар кас, ки савод ва маълумот дошта бошад, нангаш меояд минбар биравад. Мегӯянд, фалони марди олиме аст, дар шаънаш нест, ки минбар биравад ва таблиғ кунад!

Тақсири кист? Тақсири ҷомеа аст. Ҷомеа ин қадр мақоми таблиғро таназзул дода ва пойин оварда, ки ҳар олиме нангу ораш меояд, тавҳин ба худаш медонад, ки шаъни таблиғро ба ӯҳда бигирад. Алъон дар ҷомеаи мо алҳамду лиллоҳ ашхосе ҳастанд, ки зуфазилатайн ҳастанд: ҳам имоми ҷамоат ҳастанд ва ҳам хатиб (мисли оқои дуктур Муфаттеҳ[25]). Вале дар ҷомеаи мо шаъни пешнамоз аз шаъни мубаллиғ бештар ва болотар аст. Пешнамозӣ, ки ҳунаре нест, истодан ва дигарон ба ӯ иқтидо кардан, ки ҳунаре нест. Чун ман ҳар ду корро кардаам мегӯям. Ман дар меҳроб будаам пешнамозӣ кардаам, дар минбар будаам таблиғ кардаам. Ҳамеша дида ва эҳсос кардаам, ки вақте дар меҳроб ҳастам, дар назари мардум мӯҳтарамтар ҳастам то вақте, ки минбар рафтаам. Худо медонад ин ҳақиқат аст. Дар як моҳи Рамазон, ман дар масҷиде минбар мерафтам ва муддате дигар пешнамозӣ мекардам. Медидам, вақте, ки пешнамоз ҳастам, дар назари мардум бузургтар ва мӯҳтарамтар ҳастам то вақте, ки ҳарф мезанам. Ин буд, ки ташхис медодам, ки ин мардум беҳунариро бар ҳунар тарҷеҳ медиҳанд.

Чаро бояд ин чур бошад? Мо худамон ҳастем, ки ин мақоми азим ва манеъро пойин меоварем. Пайғамбари Акрам худаш мубаллиғ буд, воиз буд, минбар мерафт. Дар ибтидо минбар набуд, сутуне буд, ки Расули Акрам дар ҳоли истода ба он такя мекарданд ва барои мардум мавъиза менамуданд. Баъд дастур доданд минбаре сохтанд ва аз он пас мерафтанд болои минбар менишастанд. (Албатта, минбарҳои имрӯз айни минбари Пайғамбар нест). Бештари “Наҳҷул-балоға” минбарҳои Алӣ алайҳис салом аст. “Наҳҷул-балоға”-и Алӣ алайҳис салом се қисмат аст: хутбаҳо, номаҳо ва калимоти қисор. Калимоти қисор ҷумалоти кӯтоҳе аст, ки эшон дар мавоқеъи мухталифе фармудааст. Маҷмӯъи номаҳо ва калимоти қисор, як сулси “Наҳҷул-балоға”-ро ташкил медиҳад. Ду сулси “Наҳҷул-балоға” хутбаҳои Мавлост ва тоза инҳо ҳамаи хутбаҳои

[25] *Ҳамон тавр, ки дар муқаддима зикр шудааст, ин суханрониҳо дар соли 1971 дар масҷиди Ҷовиди Теҳрон эрод шудааст. Дар он замон идораи он масҷид ва имомати ҷамоати он ба ӯҳдаи шаҳид дуктур Муфаттеҳ будааст ва эшон низ дар ин ҷаласот ҳузур доштаанд*.

Мавло нест, балки ба қавли Сайид Разӣ, мухтор аст аз хутбаҳо яъне қисматҳое интихоб шудааст, вагарна хутбаҳо хеле беш аз инҳо будааст.

Масъудӣ, ки сад сол қабл аз Сайиди Разӣ будааст, дар китоби бисёр мӯътабари “Муруҷуз-заҳаб” — ки аз мадорики мӯътабари таърихи ислом аст — менависад: “Алъон дар ҳудуди 480 хутба аз Алӣ алайҳис салом дар дасти мардум аст” (*“Муруҷуз-заҳаб”, 2/419*), дар сурате, ки дар “Наҳҷул-балоға” беш аз 200 хутба вуҷуд дорад. Тоза, ин теъдодро Сайид интихоб карда ва қисматҳоеро наёвардааст. Бинобар ин, хутбаҳои Алӣ алайҳис салом шояд чаҳор баробари хутбаҳои “Наҳҷул-балоға”-и феълӣ будааст.

Бештари “Наҳҷул-балоға” ҳамон минбарҳои Алӣ алайҳис салом аст. Алӣ алайҳис салом минбар рафтааст, минбарҳояшро забт кардаанд ва дар натиҷа барои мо мондааст. Ва ин баёнгари азамат ва аҳаммияти мақоми таблиғ дар ислом аст, дар сурате, ки дар миёни мо кучак ва ҳақир аст.

Натиҷааш ин аст, ки дигар паёми ислом намерасад. Худамон матлабро хароб кардаем.

Вақте, ки (қазия) ба ин вазъи иҷтимоӣ ва ба ин шакл даромад, ки ҳар олиме барои ин ки ҳайсият ва мақомаш маҳфуз бимонад (ҳоло он узр дуруст аст ё на, ман коре надорам, билохира ҷараёни иҷтимоӣ кори худашро мекунад) аз хитоба хондан ва таблиғ ва ҳидоят ва иршоди мардум парҳез дошта бошад, кори таблиғ ва ҳидоят ва иршод ба дасти афроде меафтад, ки ҳеч гуна салоҳияте надоранд ва корашон аз “Ҷудӣ” ва “Ҷавҳарӣ” шурӯъ шудааст. Он вақт оё метавон интизор дошт, ки паёми ислом, паёми Худо, паёми Пайғамбар, паёми Алӣ, ин мактаби азим ва васеъе дорои ҷанбаҳои мухталифи дунёӣ ва охиратӣ, солим ба дасти мардум бирасад? Чӣ интизор ғалате!

Мақоми шомихи Зайнаб дар таблиғи ӯ буруз кард. Шумо бибинед аҳли байти Имом Ҳусайн алайҳис салом чӣ моҳирона таблиғ кардаанд! Ду се нукта аст, ки то инсон ба инҳо таваҷҷӯҳ надошта бошад, ба арзиши таблиғи аҳли байт ва дар воқеъ ба арзиши сафари таблиғотиашон пай намебарад. Кори Абӯабдуллоҳ ҳисобшуда буд, яъне ин сафарро ба дасти душман дуруст кард. Душман ин сафарро ба вуҷуд овард. Душман ба хаёли худаш асир ҳамл мекунад, аммо дар ҳақиқат дорад мубаллиғ мефиристад.

Ҷабргароӣ, пуштвонаи фикрии дастгоҳи Язид

Нуктаеро арз мекунам: ҳамеша дар ҷомеаи башарӣ ҳар қудрати ҷобирае ҳар андоза зӯр дошта бошад, билохира ниёз ба як пуштвонаи фикрӣ ва фалсафӣ ва ақидатӣ дорад, яъне як низоми эътиқодӣ лозим дорад, ки такягоҳи низоми иқтисодӣ ва сиёсӣ ва вазъи мавҷуди он бошад.

Башар билохира ниёз ба фикр дорад. Агар ҷомеае дуруст ба низоми фосиди ҳоким бар худ фикр кунад, маҳол аст он низом бимонад. Ин аст, ки ҳар низоми мавҷуде худашро ниёзманд ба як низоми фикрӣ ва ақидатӣ ба унвони такягоҳ ва пуштвона медонад; мехоҳад он низом ба сурати як фалсафа бошад, як исм дошта бошад ё ба сурати мазҳаб бошад. Дастгоҳи Язид наметавонист бидуни як пуштвонаи фикрӣ ва эътиқодӣ ё лоақал бидуни он ки эътиқодоти мавҷуди мардумро тавҷеҳ карда бошад, корашро анҷом бидиҳад. Хаёл накунед онҳо ин қадр аҳмақ буданд, ки бигӯянд, сарҳо сари найза, гӯри падари мардум ва афкорашон! Балки дар ҳар ҳол дар мақоми иғфоли афкори мардум ва илқои як силсила афкор ва андешаҳо буданд, то фикри мардум қонеъ бишавад, ки вазъи мавҷуд беҳтарин вазъ аст ва бояд ҳамин тавр бошад. Албатта, дар миёни як идда мардуми мазҳабӣ бояд он фикр рангу сурати мазҳабӣ дошта бошад. Чаро аз Шурайҳи Қозӣ истимдод мекунанд? Барои иқноъи фикрии мардум то ба фикри мардум ранг бидиҳанд ва доданд.

Дар Карбало ин барнома то асри Ошӯро муваффақ буд. Имом Боқир алайҳис салом мефармояд: 30 ҳазор нафар дар Карбало ҷамъ шуда буданд барои куштани писари Пайғамбар

وَكُلٌّ يَتَقَرَّبونَ اِلَى اللهِ عَزَّ وَجَلَّ بِدَمِهِ

— ва ҳамаи онҳо ба қасди қурбат омада буданд; ба Ҳусайн ибни Алӣ шамшер мезаданд барои ин ки ба биҳишт бираванд. Албатта руасо — ба таъбире, ки Фараздақ кард — ҷуволашон аз ришва пур шуда буд, вале тӯдаи мардум, ки ин ҳарфҳо сарашон намешуд. Фикри тӯдаи мардумро иғво мекарданд ва ин худаш дар барномаҳои Ибни Зиёд бахусус нақши асосӣ дошт. Язид дар асари шаробхорӣ ва ин ки каллааш доғ мешуд, афсораш пора мешуд ва ботинашро буруз медод (гӯянд, мастӣ ва ростӣ), дар ҳоли мастӣ ҳарфи росташро мегуфт, ки ҳеч чизро қабул надорам. Мастӣ расвояш мекард, вагарна худи ӯ ҳам аз ин барнома истифода мекард.

Ибни Зиёд баъд аз шаҳодати Абӯабдуллоҳ вақте, ки мардумро дар масҷиди бузурги Кӯфа ҷамъ кард, то қазияро ба иттилоъи онҳо бирасонад, ончунон қиёфаи мазҳабӣ ва муқаддасӣ ба худ гирифт, ки гуфт:

اَلْحَمْدُ للهِ الَّذي أَظْهَرَ الْحَقَّ وَأَهْلَهُ وَنَصَرَ أَميرَ المُؤْمِنينَ وَأَشْياعَهُ وَقَتَلَ الْكَذّابَ بْنَ الْكَذّابِ

Худоро шукр мекунем, ки ҳақиқатро пирӯз кард ва решаи як дурӯғгӯ ва писари дурӯғгӯро, ки мехост мардумро бифаребад, канд. Аз мардум “илоҳӣ шукр” мехост ва шояд садҳо “илоҳӣ шукар” ҳам гуфтанд. Агар як кӯри бедордил набуд, он маҷлисро хуб фиреб дода буд.

Мардест ба номи Абдуллоҳ ибни Афиф, ки Худояш раҳмат кунад. (Гоҳе афроде дар мавқеиятҳое ҷонбозӣ мекунанд, ки як дунё арзиш дорад.) Ин мард аз ду чашм нобино буд. Як чашмашро дар Ҷамал дар рикоби Алӣ алайҳис салом ва чашми дигарашро дар Сиффин дар рикоби Алӣ алайҳис салом аз даст дода буд. Аъмо буд. Чун аъмо буд, дигар коре аз ӯ сохта набуд ва қаҳран дар ҷиҳод ҳам ширкат намекард ва ғолибан ба ибодат мепардохт. Он рӯз ҳам дар масҷиди Кӯфа буд. Ин мард вақте, ки ин ҷумларо шунид, аз ҷо ҳаракат кард ва гуфт: каззоб туӣ ва падари туст ва шурӯъ кард ба нутқ кардан ва хитоба иншо кардан ба тавре, ки ҳамон ҷо рехтанд ӯро гирифтанд ва баъд ҳам куштанд. Вале билохира ин пардаро дарид.

Ибни Зиёд воқеан ба ҳамон ду маъно ҳаромзода аст, яъне як марди нобакор ва шайтон. Ғолибан дар ҷавомеъе, ки мардум афкори мазҳабӣ доранд, вақте, ки дастгоҳҳои ҷаббор мехоҳанд худашонро тавҷеҳ кунанд, ҷабргаро мешаванд яъне ҳама чизро мустанад ба Худо мекунанд: кори Худо буд, ки ин ҷур шуд, агар маслиҳат набуд, ки ин ҷур намешуд, Худо худаш намегузошт, ки ин ҷур бишавад. Ин ки “он чи ҳаст, ҳамон аст, ки бояд бошад ва он чи нест ҳамон аст, ки набояд бошад”, худаш як мантиқ аст, мантиқи ҷабргароӣ; мантиқи Ибни Зиёд аст, ки вақте бо Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) мувоҷеҳ мешавад, фавран масъалаи Худоро тарҳ мекунад, ки:

الْحَمْدُ للهِ الَّذي فَضَحَكُمْ وَقَتَلَكُمْ وَأَكْذَبَ أُحْدوثَتَكُمْ

Ин ҷумлаҳо хеле маъно дорад: Худоро шукр, ин Худо буд, ки шуморо кушт, ин Худохоҳӣ буд, аҷаб фитнае барои мусалмонон дуруст карда будед, шукр Худоро, ки шуморо кушт, шукр Худоро, ки шуморо расво кард.

Расвоӣ дар мантиқи ӯ чист? Дар мантиқи ӯ ҳар кас, ки ба ҳасби зоҳир дар ҷабҳаи низомӣ шикаст бихӯрад, дигар расво шуда ва қазия тамом шудааст; агар ӯ баҳақ мебуд, ки дар ҷабҳаи низомӣ ғолиб мешуд.

وَأَكْذَبَ أُحْدوثَتَكُمْ

Яъне мағлуб шудани шумо далел бар ин аст, ки ҳарафтон дурӯғ буд.

Суханони Зайнаб ва Зайнулобидин дар маҷлиси Ибни Зиёд

Зайнаб чӣ гуфт? Гуфт:

الْحَمْدُ للهِ الَّذي أَكْرَمَنا بِنَبِيِّهِ

Худоро шукр, ки моро гиромӣ дошт, ки Пайғамбарро аз миёни мо қарор дод ва мо аз хонадони Пайғамбар ҳастем,

إِنَّما يَفْضَحُ الْفاسِقُ وَيَكْذِبُ الْفاجِرُ وَهُوَ غَيْرُنا وَالْحَمْدُ لِلّهِ

Он касе, ки дар ҷабҳаи низомӣ шикаст мехӯрад, расво нашудааст. Меъёри расвоӣ чизи дигаре аст. Меъёри расвоӣ, ҳақиқатҷӯӣ ва ҳақиқатталабӣ аст. Он ки дар роҳи Худо шаҳид мешавад, расво нашуда; расво он касе аст, ки зулму ситам мекунад; расво он касе аст, ки аз ҳақ мунҳариф мешавад. Милоки расвоӣ ва ғайри расвоӣ ин аст. Ин тавр нест, ки агар касе кушта шуд, пас ҳарфаш дурӯғ будааст. Меъёри дурӯғ ва рост будан, худи инсон аст, идеяи инсон аст, ҳарф ва амали инсон аст.

Ҳусайни ман кушта ҳам бишавад, рост гуфта, зинда ҳам бимонад, рост гуфта. Ту кушта ҳам бишавӣ, дурӯғгӯ ҳастӣ, зинда ҳам бимонӣ, дурӯғгӯ ҳастӣ. Баъд ба шиддат ба ӯ ҳамла мекунад.

Ҷумлае гуфт, ки ҷигари Ибни Зиёд оташ гирифт, гуфт:

يَا بْنَ مَرْجانَة

(Марҷона модар Ибни Зиёд буд. Намехоҳад касе исми модарашро биёварад, чун модараш зани бадноме буд.) Эй писари Марҷона, он зани бадном! Расвоӣ бояд аз писари Марҷона бошад. Инҷо буд, ки Ибни Зиёд дармонд ва чунон мамлув аз хашм шуд, ки гуфт, ҷаллодро бигӯед биёяд гардани ин занро бизанад.

Марде, ки аз Хаворичҷ ва душмани Мавло амирулмӯъминин аст ва бо инҳо ҳам хуб нест, дар ҳошияи маҷлиси Ибни Зиёд нишаста буд. Вақте Ибни Зиёд гуфт, бигӯед мири ғазаб биёяд, ӯ аз як эҳсос ба истилоҳи арабӣ, аз як ҳамийяти арабӣ истифода кард; истод ва гуфт: амир! Ҳеч таваҷҷӯҳ дорӣ, ки бо як зан дорӣ ҳарф мезанӣ, зане, ки чандин доғ дидааст?! Бо як зани бародарҳо кушта, азизон аз даст рафта дорӣ сухан мегӯӣ.

وَعَرَضَ عَلَيْهِ عَلِيَّ بْنَ الْحُسَيْنِ

Яъне бар ӯ Алӣ ибни Ҳусайнро арза карданд. Фиръавнвор садо зад:

مَنْ أَنْتَ

(Боз мантиқи ҷабргароиро бибинед!) Ту кӣ ҳастӣ? Фармуд:

أَنَا عَلِيُّ بْنُ الْحُسَيْنِ

Ман Алӣ ибни Ҳусайн ҳастам. Гуфт:

أَلَيْسَ قَدْ قَتَلَ اللهُ عَلِيَّ بْنَ الْحُسَيْنِ

Магар Алӣ ибни Ҳусайнро Худо дар Карбало накушт? (Ҳоло дигар бояд ҳама чиз ба ҳисоби Худо гузошта шавад, то маълум шавад, ки инҳо ҳама барҳақ ҳастанд!) Фармуд: ман бародаре доштам, номи ӯ ҳам Алӣ буд ва мардум дар Карбало ӯро куштанд. Гуфт:

хайр, Худо кушт! Фармуд: албатта, ки қабзи руҳи ҳамаи мардум ба дасти Худост, аммо ӯро мардум куштанд. Баъд гуфт:

عَلِيٌّ وَعَلِيٌّ

Яъне чӣ?! Падари ту исми ҳамаи баччаҳояшро Алӣ гузашта буд, исми туро ҳам Алӣ гузошта, исми дигаре набуд, ки бигузорад? Фармуд: падари ман ба падараш иродат дошт; ӯ дӯст дошт, ки исми писаронашро ба номи падараш бигузорад. Яъне ин ту ҳастӣ, ки бояд аз падарат “Зиёд” нанг дошта бошӣ.

Ибни Зиёд интизор дошт, ки Алӣ ибни Ҳусайн алайҳис салом аслан ҳарф назанад. Аз назари ӯ як асир бояд ҳарф назанад ва вақте ба ӯ мегӯяд ин кори Худо буд, бояд бигӯяд бале, кори Худо буд, муқаддар чунин буд, намешуд, ки ин тавр нашавад, кори иштибоҳе буд ва ин ҳарфҳо. Вақте дид, ки Алӣ ибни Ҳусайн алайҳис салом, як асир, инчунин ҳарф мезанад, гуфт:

وَلَكَ جُرْأَةٌ لِجَوابي

Шумо ҳанӯз ҷон доред, ҳанӯз нафас доред, ҳанӯз дар муқобили ман ҳарф мезанед; ҷаллод биё гардани инро бизан! Навиштаанд, то гуфт, ҷаллод гардани инро бизан, Зайнаб аз ҷо баланд шуд, Алӣ ибни Ҳусайнро дар оғӯш гирифт ва гуфт: ба Худо қасам, гардани инро нахоҳед зад магар ин ки аввал гардани Зайнабро бизанед. Навиштаанд, Ибни Зиёд муддате ба ин ду нафар нигоҳ кард ва баъд гуфт: ба Худо қасам, мебинам, ки алъон агар бихоҳем ин ҷавонро бикушем, аввал бояд ин занро бикушем. Сарфи назар кард.

Ин яке аз хусусиёти аҳли байт буд, ки бо мантиқи ҷабргароӣ — ки дар дунё ҷабр аст ва дар айни ҷабр адл аст, яъне башар дар ин ҷаҳон ҳеч вазифае барои тағйиру табдилу таҳаввул надорад ва он чи ҳаст он аст, ки бояд бошад ва он чи нест ҳамон аст, ки набояд бошад ва бинобар ин башар нақше надорад — мубориза карданд.

ولا حول ولا قوّة الاّ بالله العليّ العظيم

Бахши дуввум: ёддоштҳо

Фасли аввал: решаҳои таърихии ҳодисаи Карбало

Чӣ гуна уммати Пайғамбар фарзанди Пайғамбарро куштанд?

Ҳодисаи шаҳодати Имом Ҳусайн алайҳис салом на танҳо фаҷеъ буд ва на танҳо мазҳари як фидокории азим ва беназир аст, ҳодисаи бисёр аҷибе аст аз назари тавҷеҳи иллатҳои руҳии қазия. Ин қазия 50 сол баъд аз вафоти Пайғамбари Акрам воқеъ шуд ба дасти мусалмонон ва пайравони Расули Акрам ва мардуме, ки маъруф ба ташайюъ ва дӯстии Оли Алӣ буданд ва воқеан ҳам алоқа ба Оли Алӣ доштанд, дар зери парчами касоне, ки то се-чаҳор сол қабл аз вафоти Пайғамбар бо ӯ ҷангиданд ва оқибат, ки мардуми дигар мусалмон шуданд онҳо ҳам иҷборан ва зоҳиран мусалмон шуданд ва ба қавли Аммори Ёсир:

اِسْتَسْلَموا وَلَمْ يُسْلِمُوا

(“*Инон изҳори ислом кардаанд, аммо ислом наёвардаанд*.”) Абӯсуфён дар ҳудуди 20 сол бо Пайғамбар ҷангид, ки дар ҳудуди 5-6 соли охир қоиди аъзами таҳрик алайҳи ислом буд ва ҳизби ӯ яъне умавиҳо аъдо-адув ва аладдул-хисоми Пайғамбар буданд. Баъд аз 10 сол аз вафоти Пайғамбар, Муовия — ки ҳамеша дӯш ба дӯш ва по ба пойи падараш бо ислом меҷангид — волии Шом ва Сурия шуд ва 30 сол баъд аз вафоти Пайғамбар, халифа ва амирулмӯъминин шуд. Ва 50 сол баъд аз вафоти Пайғамбар, писараш Язид халифа шуд ва бо он вазъи фаҷеъ фарзанди Пайғамбарро кушт ба дасти мусалмононе, ки шаҳодатайн мегуфтанд ва намоз мехонданд ва ҳаҷ мекарданд ва ба ойини ислом издивоҷ мекарданд ва ба ойини ислом мурдаҳои худро дафн мекарданд. На ин мардум мункири ислом шуда буданд — ва агар мункири ислом шуда буданд, муаммое дар кор набуд — ва на инкори ҳурмати Имом Ҳусайнро доштанд ва мӯътақид буданд, ки Имом Ҳусайн — Наъузу биллоҳ! — аз ислом хориҷ шуда, балки ақидаи онҳо ба таври қатъ бар тафзили Имом Ҳусайн бар Язид буд. Ҳоло чӣ гуна шуд, ки аввалан ҳизби Абӯсуфён зимоми ҳукуматро дар даст гирифтанд ва сониян мардуми мусалмон ва балки шиъа қотили Имом Ҳусайн алайҳис салом шуданд, дар айни ин ки ӯро мустаҳиққи қатл намедонистанд, балки эҳтироми хуни ӯ аз хуни ҳар касе дар назари онҳо бештар буд.

Аммо ин ки чаро ҳизби Абӯсуфён зимомро дар даст гирифт, барои ин буд, ки як нафар аз ҳамин умавиҳо, ки ӯ собиқаи баде дар миёни мусалмонон надошт ва аз мусалмонони аввалин буд, ба хилофат расид. Ин кор сабаб шуд, ки умавиҳо ҷойи пойе дар дастгоҳи ҳукумати исломӣ пайдо кунанд, ҷойи пойи хубе ба тавре, ки хилофати исломиро милки

худ биноманд (ҳамон тавре, ки Марвон ба инқилобиюн ҳаминро гуфт), ҳарчанд ҷойи по дар замони Умар пайдо шуд, ки Муовия волии сарзамини зархези Шом ва Сурия шуд, хусусан бо дар назар гирифтани ин муаммо, ки Умар ҷамиъи ҳуккомро азлу насб мекард ва тағйиру табдил медод, ба истисно Муовия.

Умавиҳо сабаби фасод дар дастгоҳи Усмон шуданд ва мардум ҳам алайҳи Усмон инқилоб карданд ва ӯро куштанд ва Муовия, ки ҳамеша хаёли хилофатро дар димоғ мепарварон‌д, аз кушта шудани Усмон истифодаи таблиғотӣ кард ва номи халифаи мазлум, халифаи шаҳид ба Усмон дод ва пероҳани хунолуди Усмонро баланд кард ва виҷҳаи мазлумияти халифаи Пайғамбарро тақвият кард ва ба мардум ҳам гуфт: раъс ва раиси кушандагони Усмон, Алӣ алайҳис салом аст, ки баъд аз Усмон халифа шуда ва инқилобиюнро ҳам паноҳ дода ва чӣ гиряҳо ва ашкҳо, ки аз мардум нагирифт! Тамоми мардуми Шом яъне қабоиле аз араб, ки баъд аз фатҳи ислом дар Шом сукн о карда буданд, якдил ва якзабон гуфтанд, ки дар мақоми интиқом ва хунхоҳии халифаи мазлум то қатраи охири хуни худ ҳозирем ва ҳар чи ту фармон диҳӣ, мо итоат мекунем. Ба ин васила Муовия нерӯи исломро алайҳи худи ислом таҷҳиз кард.

Ҳаводиси муаммоваши садри ислом ва ин ки чӣ тавр шуд уммати Пайғамбар ба қатли фарзанди Пайғамбар иқдом карданд?

Дар таърих ҳаводиси беназир ва ҳайратоваре пайдо шуда, ки дар мақоми тавҷеҳи иллатҳо ва маҷории онҳо мумкин аст баъзе дучори ишкол шаванд. Аз он ҷумла аст мавзӯъи пешрафти сареъи ислом ва зери нуфуз қарор додани оро ва мӯътақадот замон —

لِيُظْهِرَهُ عَلَى الدِّينِ كُلِّهِ

(*Сураи Фатҳ, оятӣ 28*) ва аз он ҷумла аст ҳодисаи ҳаракат ва қиёми Имом Ҳусайн алайҳис салом.

Имом Ҳусайн алайҳис саломро қарибу баъид ва хешу бегона манъ мекарданд ва роҳи баёни худашонро зикр мекарданд (бевафоӣ ва ғадри мардуми Кӯфа). Аҷиб ин аст, ки Имом мантиқи онҳоро рад намекард, вале аз калимоти ҷавобия ва махсусан хитобаҳои Макка ва Карбало ва байни роҳ маълум мешавад, ки Имом Ҳусайн алайҳис салом мантиқе дошта васеътар аз он мантиқҳои маҳдуд. Он мантиқҳо бар меҳвари ҳифзи ҷону фарзандон ва саломат давр мезад ва мантиқи Имом бар ҳифзи дину имону ақида. Имом дар ҷавоби насиҳати Марвон фармуд:

وَعَلى الْاِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

Рӯи кор омадани Муовия ва Язид ва таҷҳизи онҳо нерӯи исломро алайҳи Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом ва Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом бо он ки он мардум аз дин барнагашта буданд, яке аз ҳаводиси муаммоваши садри ислом аст.

Дар инҷо ду матлабро бояд мавриди баҳс қарор диҳем, то битавонем ба моҳият ва ҳадаф ва иллати ҳодисаи қиёми ҳусайнӣ пай бибарем: яке, иллати муборизаи шадиди умавиён, ки дар раъси онҳо Абӯсуфён буд бо ислом ва Қуръон. Ва дигар, иллати муваффақияти онҳо барои дар даст гирифтани ҳукумати исломӣ.

Аммо (матлаби) аввал, ду иллат дошт: яке, рақобати нажодӣ, ки дар се насли мутаволӣ мутароким шуда буд, дуввум табоюни қонунҳои исломӣ бо низоми зиндагии иҷтимоии руасои Қурайш махсусан умавиҳо, ки ислом барҳамзанандаи он зиндагонӣ буд ва Қуръон инро асли куллӣ медонад. Дар сураи Сабаъ мефармояд:

وَمَا أَرْسَلْنَا فِي قَرْيَةٍ مِنْ نَذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا

(*Сураи Сабаъ, ояти 34*) Дар сураҳои Зухруф, Воқеа, Мӯъминун ва Ҳуд низ ҳамин матлаб ҳаст. Гузашта аз ҳамаи инҳо, мизоҷ ва тинати онҳо тинати манфиатпараст ва моддӣ буд ва дар ин гуна мизоҷҳои руҳӣ таълимоти илоҳӣ ва раббонӣ асар надорад ва ин рабте ба боҳушӣ ва беҳушии онҳо надорад. Касе ба таълимоти илоҳӣ изъон пайдо мекунад, ки дар вуҷуди худаш партаве аз шарофат ва улувви нафс ва бузургворӣ мавҷуд бошад, нуре ва ҳаёте ва ҳидояте дар хамираи худаш мавҷуд бошад:

لِيُنْذِرَ مَنْ كَانَ حَيًّا

(*Сураи Ёсин, ояти 70*)

إِنَّمَا تُنْذِرُ مَنِ اتَّبَعَ الذِّكْرَ

(*Сураи Ёсин, ояти 11*)

وَنُنَزِّلُ مِنَ الْقُرْآنِ مَا هُوَ شِفَاءٌ وَرَحْمَةٌ لِلْمُؤْمِنِينَ

(*Сураи Исро, ояти 82*)

لِيَمِيزَ اللَّهُ الْخَبِيثَ مِنَ الطَّيِّبِ

(*Сураи Анфол, ояти 37*) Ин матлаб худ як асли бузурге аст. Достони Абӯсуфён ва Аббос ва гуфтани:

لَقَدْ صارَ مُلْكُ ابْنِ أَخيكَ عَظيماً

Айзан қиссаи:

بِاللهِ غَلَبْتُكَ يا أَبا سُفْيانَ

Айзан қиссаи:

تَلَقَّفوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ

— ҳамагӣ далели кӯрботинии Абӯсуфён аст.

Аммо ин ки чӣ гуна шуд, ки ҳизби умавӣ, ки дар (давраи) ислом ба сурати ҳизби фаъол ва мудир даромаданд, бар ҳукумати ислом мусаллат шуданд?

Муқаддиматан ин матлабро бояд бигӯем, ки як ҷомеаи навсоз ва навбунёд наметавонад якдаст ва якнавохт бошад, ҳар андоза омили ваҳдати онҳо қавӣ бошад.[26] Ҷомеаи навбунёд ва тозасози исломӣ ҳарчанд дар зери ливои тавҳид ва парчами “Ло илоҳа илаллоҳ” ваҳдати нерӯманде пайдо карда буд ва ихтилофи рангҳо ва шаклҳоро ба сурати мӯъҷизосое аз байн бурда буд, дар айни ҳол табиӣ аст, ки мардуми мухталифе, ки аз нажодҳои мухталиф ва аносури мухталиф ва бо табойеъ ва одот ва ахлоқ ва одоб ва ақоиди гуногуне парвариш пайдо карда буданд, ҳамаи афрод дар истеъдоди қабули масоили динӣ ва пазириши тарбияти динӣ яксон нестанд: яке қавиюлимон аст ва яке заъифулимон ва яке дар шакку куфру илҳоди ботинӣ ба сар мебарад ва ба ҳамин далел идораи ҳамчу ҷамъияте бар асоси исломӣ то солҳо балки қарнҳо ва онҳоро таҳти як режими муайян қарор додан, кори осоне нест.

Худи Қуръон ба вуҷуди мунофиқин, ки порозит медоданд ва мегуфтанд:

غَرَّ هَؤُلَاءِ دِينُهُمْ

(*Сураи Анфол, ояти 49*) ва мегуфтанд:

أَنُؤْمِنُ كَمَا آمَنَ السُّفَهَاءُ

(*Сураи Бақара, ояти 13*) эътироф дорад ва аз эҳтимоми зиёди Қуръон ба мунъакис кардани қазоёи мунофиқин маълум мешавад Қуръон мехоҳад мусалмононро аз хатари муҳимме парҳез диҳад. Абдуллоҳ ибни Саллул, раъс ва раиси мунофиқини Мадина буд. Қуръон аз:

---

[26] *Ва оё аз ҳамин ҷо наметавон гуфт, ки беҳтар ин буд, ки шитоб намешуд ва ба футуҳот пардохта намешуд, сабр мешуд ба таври табиӣ ислом аз деворҳо нуфуз кунад? Асари ин шитобзадагӣ ҳамин шикофҳо ва ихтилофҳое аст, ки ҳаст. Пайғамбар ҳам аслан васият накард, ки баъд аз ман футуҳот кунед, бо он ки анвоъи васиятҳо кард. Дар зоиқаҳо футуҳот ширин аст, аммо маълум нест мавриди тасвиби ақл бошад. Ҳеч маълум нест, ки Алӣ алайҳис салом агар халифа мешуд, ин футуҳотро тасвиб мекард, ҳамон тавре, ки баъд аз ҳукумат ба ислоҳи дохил пардохт ва ба илова, ҳамин футуҳот маншаъи фасоди ахлоқи аъроб шуд. Пас, ин аҷала аз тарафе ҷомеае номутаҷонис дуруст кард ва аз тарафе ҷинси аъробро фосид кард*.

مؤلّفة قلوبهم

— ном мебарад, касоне, ки хоҳ нохоҳ ҷузъи иҷтимоъи исломӣ шудаанд ва бояд аз онҳо нигоҳдорӣ кард ва миқдоре аз будҷаи умумии закот ва садақотро ба онҳо дод, то тадриҷан имон дар онҳо қувват бигирад ва ё лоақал дар наслҳои баъдӣ, исломи воқеӣ пайдо шавад, вале набояд онҳоро дар корҳои ҳассос дахолат дод. Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ хулқи карими худро аз аҳаде дареғ намедошт ҳатто аз мунофиқин ва муаллафатун қулубуҳум, вале равиш мӯҳтотонаи худро аз даст намедод. То Пайғамбар зинда буд, умавиҳои заъифулимон ва муаллифатулқулуб ва ё мунофиқ ҷойи пойе пайдо накарданд, вале мутаассифона баъд аз Пайғамбар тадриҷан мансабҳои ҳассосро ишғол карданд, махсусан дар замони Усмон. Марвон ва падараш, ки рондашудаи Расулуллоҳ буданд, дар замони Усмон авдат дода шуданд ва ҳол он ки ду халифаи пешин шафоати Усмонро барои баргардондани онҳо ба Мадина қабул накарданд ва ҳамон Марвон сабаби аслии фитнаҳо ва қатли Усмон шуд.

Умавиҳо баъд аз ҳукумати Усмон, бар байтулмол ва маносиб даст ёфтанд; ду омили сарват ва маносибро дар даст гирифтанд. Фақат як омили қавӣ ва нерӯмандро каср доштанд, ки диёнат буд. Баъд аз қатли Усмон, Муовия бо як таррорӣ ва забардастии аҷиби бар ин омил ҳам даст ёфт ва онро ҳам истихдом кард ва инҷо буд, ки тавонист сипоҳе ба номи дин ва бо нерӯи дин алайҳи шахсе монанди Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом таҷҳиз кунад. Муовия баъдҳо дар замони хилофаташ бо аҷир кардани руҳониюн амсоли Абӯҳурайра комилан омили руҳониятро илова бар омили диёнат истихдом кард ва ба ин эътибор чаҳор омил шуд: омили сиёсат ва мансабҳои сиёсӣ, омили сарват, омили диёнат, омили руҳоният ва табақаи руҳонийин.

Ҳайфу майл кардани байтулмол ва даст ба даст кардани маносиб ба василаи умавиҳо дар аҳди Усмон мӯҷиби норизоятии умумӣ шуд, чӣ онҳо, ки аҳли дунё буданд ва чӣ онҳо, ки аҳли дин буданд. Аҳли дунё бар дунёи худ нигарон буданд ва наметавонистанд бибинанд, ки мехӯранд ҳарифон ва онҳо наззора кунанд ва аҳли дин ҳам, ки медиданд усули иҷтимоии ислом дорад аз байн меравад. Ин аст, ки мебинем масалан ҳам Амри Ос ва Зубайр мухолиф буданд ва ҳам Абӯзар ва Аммор. Амри Ос гуфт: бар ҳеч чӯпоне нагузаштам магар он ки ӯро бар қатли Усмон таҳрик кардам ва вақте, ки хабари қатли Усмонро шунид гуфт:

أَنَا أَبو عَبْدِ اللهِ ما حَكَكْتُ قَرْحَةً اِلاّ أَدْمَيْتُها

Алӣ алайҳис салом ба Зубайр дар Ҷамал фармуд:

لَعَنَ اللهُ أَوْلانا بِقَتْلِ عُثْمانَ

Алӣ алайҳис салом ҳамон тавр, ки бо соири хулафо рафтор мекард, бо Усмон рафтор мекард; аз насиҳат ва хайрхоҳии умум дареғ намекард; дар вақте, ки Усмон маҳсур буд, ҳам роҳи салоҳро ба ӯ нишон дод ва ҳам ба ӯ обу озуқа расонд. Вале Муовия бо нерӯи азими худаш дар Шом буд ва аз фитна ва муқаддамот ва натоиҷи фитна ҳам огоҳ буд ва Усмон ҳам аз ӯ истимдод кард ва ӯ қодир буд инқилобиюнро тору мор кунад,[27] вале фикр кард аз куштаи Усмон беш аз зиндаи Усмон метавонад баҳрабардорӣ кунад; нишаст то хабари қатли Усмон расид, он вақт фарёди во Усмоноҳро баланд кард, пероҳани Усмонро бар чӯб кард ва бар минбар гиря кард ва ашкҳо аз мардум гирифт ва ин ояти Қуръонро шиор қарор дод:

وَمَنْ قُتِلَ مَظْلُومًا فَقَدْ جَعَلْنَا لِوَلِيِّهِ سُلْطَانًا

(*Сураи Исро*, *ояти 33*) Садҳо ҳазор нафар даъвати ӯро барои хунхоҳии халифаи мазлум иҷобат карданд. Инҷо буд, ки тавонист омили диёнатро ҳам ба омили сарват ва мансаб изофа кунад[28] ва тамоми қуввaҳоро дар қисмати муҳимме аз кишвари исломӣ дар даст бигирад. Ин буд сирри тасаллути Муовия бар дастгоҳи хилофат ва руҳонияти исломӣ, ки дар ин амр чанд чиз дахолат дошт: аввал, зако ва фитонати худи онҳо, дуввум суисиёсат ва тадбири хулафо, ки ба инҳо роҳ доданд, севвум ҷаҳолат ва нодонӣ ва басотати мардум.[29] (4) Муовия ва умавиҳо барои маҳви ду асл аз усули исломӣ кӯшиши

---

[27] *Дар ҷилди 3 “Наҳҷул-балоға”, с.200, нома ба Муовия, менависад:*
فَأَمّا إِكْثارُكَ الْحِجاجَ فِي عُثْمانَ وَقَتَلَتِهِ فَإِنَّكَ إِنَّما نَصَرْتَ عُثْمانَ حَيْثُ كانَ النَّصْرُ لَكَ وَخَذَلْتَهُ حَيْثُ كانَ النَّصْرُ لَهُ
“Ва аммо ҷидоли бисёр ва пургуфтани ту дар бораи Усмон ва кушандагони ӯ; ту Усмонро ҳангоме ёрӣ кардӣ, ки ба нафъи худат буд ва ҳангоме, ки барои ӯ судманд буд, ӯро ёрӣ накардӣ.” Дар ин ҷумлаҳо сиёсати Муовия хуб равшан шуда.

[28] *Ва ба иборати дигар, қудрати диёнатро ҳам бар қудрати сиёсат ва сарват биёфзояд ва мардумро яъне пайравони Алӣ алайҳис саломро, ҳам таҳти фишори моддиёт қарор диҳад ва ҳам таҳти фишори маънавиёт. Хатарноктарини мавқеъҳо он вақте аст, ки ин ду қудрат яъне қудрати модда ва маънӣ даст ба дасти якдигар дода ва бихоҳад бар сари миллате фуруд ояд. Албатта диёнат ба худӣ (-и худ) ҳамвора дифоъ аз мазлум аст, вале амон аз вақте, ки дар асари ҷаҳолати мардум ва хиёнати авлиёи умур яъне ҷаҳолати мутанассикин ва хиёнати мутаҳаттикин, дин абзори сиёсат воқеъ шавад. Амон аз вақте, ки дин абзори сиёсат воқеъ шавад*!

[29] *Аз инҷо маълум мешавад, ки мардуми он вақт салоҳият надоштанд, ки халифа яъне валийи амрро интихоб кунанд ва фарзан қабул кунем, ки асли ҳукумати исломӣ бар интихоб аст, на бар интисоб, дар он рӯзҳо ва балки то солҳо ва қарнҳо мебоист, ки ҳоким интисобӣ бошад. Дар ҳар ҷойи дунё, ки мардум лиёқати озодӣ ва дахолат дар таъйини қувваи ҳокимаро надошта бошанд, набояд ба онҳо озодӣ дод, вале кӣ озодиро аз онҳо бигирад? Ҳамонҳое, ки аз тарси интихоби онҳо набояд мардум озодӣ дошта бошанд?! На, балки мақоми нубувват. Дар он замон, ҷаҳл ва адами салоҳият*

бисёр карданд: яке, имтиёзи нажодӣ, ки арабро бар аҷам (тарҷеҳ доданд) ва дигар, эҷоди фосилаи табақотӣ, ки баъзе монанди Абдурраҳмон ибни Авф ва Зубайр соҳиби олофи улуф шуданд ва баъзе фақир ва суълук боқӣ монданд. Беҷиҳат нест, ки Алӣ алайҳис салом мефармояд:

أَنْ لا يُقارّوا عَلى كِظَّةِ ظالمٍ وَلا سَغَبِ مَظْلومٍ

— ва ё мефармояд:

أَلا وَإِنَّ بَلِيَّتَكُمْ قَدْ عادَتْ كَهَيْئَتِها يَوْمَ بَعَثَ اللهُ نَبِيَّهُ

Нерӯи иҷтимоии Алӣ ва барномаи муборизаи Муовия бо он

Алӣ алайҳис салом аз дунё рафт ва Муовия халифа шуд. Бар хилофи интизори Муовия, Алӣ алайҳис салом ба сурати нерӯе боқӣ монд ва Муовия он тавре, ки аъмоли берун аз таъодул ва матонаташ нишон медиҳад, аз ин мавзӯъ хеле нороҳат буд. Аз ин рӯ таҷҳизи сутуни таблиғотӣ алайҳи Алӣ алайҳис салом кард. Дар манобир ва хутбаҳо дастур дод, Алӣ алайҳис саломро саббу лаън кунанд. Тарафдорони хеле ҷиддии Алиро бепарво мекушт ва дастур дода буд, ба тӯҳмат ҳам шуда бигиранд ва монеъи нашри фазилати Алӣ алайҳис салом бишаванд. Бо пул аҳодис алайҳи Алӣ алайҳис салом ва ба нафъи умавиҳо ҷаъл карданд. Ин се корро барои мубориза бо фикри Алӣ алайҳис салом, ки дар дилҳо ва синаҳо ҷо дошт, мекарданд. Ҳучр ибни Удай ва Амр ибни Ҳамиқро барои ҳамин ҷиҳат кушт. Майсам ва Рушайдро, ки Убайдуллоҳ дар Кӯфа кушт, рӯи ҳамон барномаи Муовия буд. Билохира як нерӯи ғайри муташаккил ба номи “ташайюъ” алайҳи ҳукумати умавӣ ҳамеша дар фаъолият буд.

Барои мо таҳқиқ дар амри ҳодисаи ҳукумати умавӣ танҳо ҷанбаи тааҷҷубомез надорад. Ин як амри сатҳӣ набуда, ки фақат марбут ба 13 қарн пеш бошад, ки бигӯем омаду рафт. Ин, хатаре буд барои ислом аз он рӯз то рӯзе, ки Худо медонад. Ҳатман агар мо бихоҳем ба таърихи руҳияи худамон расидагӣ кунем, бояд ба таърихи умавӣ расидагӣ (кунем.) Фикри умавӣ дар зери парда ва лаффофа, бо фикри исломӣ мубориза мекард. Унсури фикри умавӣ дохили аносури фикри исломӣ шуд. Эй басо, ки дар фикри ҳамонҳое, ки ҳар субҳу шом Банӣ Умайяро лаънат мекунанд, унсуре аз фикри умавӣ мавҷуд бошад ва худашон хаёл кунанд, фикри исломӣ аст ва қатъан ин тавр аст,[30] мисли мавзӯъи риояти

сабаб шуд, ки умавиҳо аз ҳуши худ истифода карданд. Алӣ алайҳис салом, ҳам муҷассамаи адолат буд ва ҳам муҷассамаи ҳушёрӣ ва пешбинӣ. Фитнаи умавӣ(ро), ки зери парда буд ва ранги исломӣ дошт, Алӣ алайҳис салом комилан пешбинӣ кард ва ба мардум гуфт, вале касе, ки маънои калимоти ӯро дарк кунад, вуҷуд надошт.

[30] *Умавиҳо рафтанд, вале мутаассифона аносури фикри умавӣ ва режими умавӣ боқӣ монд ва бо тағйир, ҷузъи усули зиндагии мо шуда. Имрӯз, ҳам усули муовиявӣ омили*

шуъунот дар масрафи закот ва хумс ва дар иститоати ҳақ ва дар нафақаи завҷа ва амсоли инҳо.

Алӣ алайҳис салом ба хатари султаи умавӣ зиёд аҳаммият медод ва эъломи хатар мекард, вале камтар касе мутаваҷҷеҳ мешуд ва худаш ҳам мефармуд, баъдҳо мутаваҷҷеҳ мешавед:

فَعِنْدَ ذلِكَ تَوَدُّ قُرَيْشٌ بِالدُّنْيا وَما فيها لَوْ يَرَوْنَني مَقاماً واحِداً وَلَوْ قَدْرَ جَزْرِ جَزورٍ لِأَقْبَلَ مِنْهُمْ ما أَطْلُبُ مِنْهُمُ الْيَوْمَ بَعْضَهُ وَلا يُعْطونَنيهِ

(“*Ва он ҳангом аст, ки Қурайш орзу мекунад дар баробари дунё ва мо фиҳо як бор маро бибинанд, ҳарчанд ба қадри куштани шутуре бошад (лаҳазоте андак), то он чи инак андакашро аз онон мехоҳам ва ба ман намедиҳанд, бипазирам.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 91)*)

Аз ҷумла роҷеъ ба фитнаи умавӣ фармуд:

إِنَّ الْفِتَنَ اِذا أَقْبَلَتْ شَبَّهَتْ وَاِذا أَدْبَرَتْ نَبَّهَتْ

(“*Вақте фитнаҳо рӯ ованд, ҳаққу ботилро баҳам биёмезанд (ва роҳи ташхисро бибанданд) ва чун пушт кунанд ва аз байн раванд, огоҳ кунанд ва ҳақро равшан созанд.” (Ҳамон манбаъ)*)

Айзан:

أَيُّهَا النّاسُ سَيَأْتي عَلَيْكُمْ زَمانٌ يُكْفَأُ الْإِسْلامُ كَما يُكْفَأُ الْإِناءُ بِما فيهِ

(“*Эй мардум! Замоне фаро расад, ки ислом воруна шавад чунонки як зарф воруна шавад ва муҳтавои он бирезад.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 101)*)

Ва айзан:

فَمَا احْلَوْلَتْ لَكُمُ الدُّنْيا فى لَذَّتِها

(“*Ва дунё бо лаззоташ ба коми шумо ширин наомад.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 103)*)

Ва айзан:

ما لي أَراكُمْ أَشْباحاً بِلا أَرْواحٍ

(“*Чаро шуморо ашбоҳи беруҳ мебинам?” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 106)*)

Чанд мавзӯъро Алӣ алайҳис салом пешбинӣ кард:

1) Зулм ва истибдод ва истисори Банӣ Умайя ва ин ки дигар аз ин адлу мусоваи имрӯз хабаре нахоҳад буд ва аз

диёнатро истихдом карда алайҳи диёнат ва намешавад як калима алайҳи усули умавӣ сухан гуфт. Ба андозаи ашке, ки дар пойи пероҳани Усмон рехтанд, боз мерезанд.

وَلَا يَتَّخِذَ بَعْضُنَا بَعْضًا أَرْبَابًا مِنْ دُونِ اللَّهِ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 64*) ва аз ин ки

لَنْ تُقَدَّسَ أُمَّةٌ حَتّى يُؤْخَذَ لِلضَّعيفِ حَقُّهُ

(*Аҳдномаи Молики Аштари Нахаъӣ, "Наҳҷул-балоға", номаи 53*) хабаре нахоҳад буд, ки фармуд:

لا يَكونَ انْتِصارُ أَحَدِكُمْ مِنْهُمْ اِلاّ كَانْتِصارِ الْعَبْدِ مِنْ رَبِّهِ

("*Ва ёрӣ ҷустани ҳеч кадом аз шумо аз онҳо нест, магар ба монанди ёрӣ ҷустани банда аз мавлои худаш." ("Наҳҷул-балоға", хутбаи 91)*) Муслим ибни Ақаба дар вақъаи Мадина аз мардум байъат бар убудият ва ғуломии Язид гирифт. Ин тавр, пешбинии Мавло муҳаққақ шуд.

2) Ин ки нухбаҳо ва некон ва фаҳмидагон ва равшанфикрони шуморо хоҳанд кушт ва ҳар саре, ки дар он сари мағзе ва дар он мағзи барқе аз равшанӣ мавҷуд бошад, рӯи тан боқӣ нахоҳанд гузошт, ки фармуд:

عَمَّتْ خُطَّتُها وَخُصَّتْ بَلِيَّتُها وَأَصابَ الْبَلاءُ مَنْ أَبْصَرَ فيها وَأَخْطَأَ الْبَلاءُ مَنْ عَمِيَ عَنْها

("*Доираи ҳукуматаш ҳамагонӣ аст ва гирифтории он барои хосса аст, балои он доманагири огоҳон ва биноён аст ва кӯрдилонро ҳадафи худ намегирад." (Ҳамон манбаъ)*)

3) Ҳурмати аҳкоми ислом амалан аз байн меравад. Ҳароме боқӣ наемонад, магар он ки ҳалол мешавад:

وَاللهِ لا يَزالونَ حَتّى لا يَدَعوا للهِ مُحَرَّماً اِلاَّ اسْتَحَلّوهُ وَلا عَقْداً اِلاّ حَلّوهُ، وَحَتّى لا يَبْقى بَيْتُ مَدَرٍ وَ لا وَبَرٍ اِلاّ دَخَلَهُ ظُلْمُهُمْ ... وَ نَبا بِهِ سوءُ رُعْيِهِمْ

("*Ва ба Худо савганд, пайваста зимоми ҳукуматро ба даст доранд, то ҷое, ки тамоми ҳаромҳои илоҳиро ҳалол созанд ва ҳамаи паймонҳои Худоро бишкананд ва хонае гилӣ ва хаймаи пашминае намонад ҷуз ин ки ба зулми онҳо гирифтор ояд… Ва суирафторашон ононро пароканда созад." ("Наҳҷул-балоға", хутбаи 96*)) Абдуллоҳ ибни Ҳанзала гуфт: мо аз пеши касе меойем, ки:

يَنْكِحُ الْأُمَّهاتِ وَالْأَخَواتِ

("*Бо модарон ва хоҳарони худ никоҳ мекунад*." Яъне Язид)

4) Ин ки ислом мавриди таҳриф ва пушти рӯ кардан қарор мегирад, аносури ғайри исломӣ вориди афкори мардум мешавад:

يُكْفَأُ الْاِسْلامُ كَما يُكْفَأُ الْاِناءُ

وَلُبِسَ الْاِسْلامُ لُبْسَ الْفَرْوِ مَقْلوباً

(“*Ва ислом монанди пӯстин воруна пӯшида шавад.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 106)*)

Ҳамаи инҳо — ки Алӣ мисли ин ки дар ойина бибинад, дида — воқеъ шуд ва як сирри муҳаббати зоидулвасфи иддае нисбат ба Алӣ алайҳис салом, гузашта аз сират ва адл ва хулқаш, вуқӯъи ин пешбиниҳо буд.

Муовия мурд ва илова бар ҳайфу майли амвол ва ғасби маносиб, ки аз замони Усмон шойеъ шуда буд, чанд суннати бад ҳам боқӣ гузошт:

а) Лаъну сабб Алӣ алайҳис салом;

б) Пул харҷ кардан ва водор кардан ба ҷаъли ҳадис алайҳи Алӣ алайҳис салом ва ба иборати дигар, истихдоми омили руҳоният ба василаи уламои су, илова бар истихдоми омили диёнат аз роҳи қатли Усмон (қиссаи Сумра ибни Ҷундаб ва ояти:

وَمِنَ النَّاسِ مَنْ يَشْرِي نَفْسَهُ ابْتِغَاءَ مَرْضَاتِ اللَّهِ

(*Сураи Бақара, ояти 207*));

в) Куштани бегуноҳон бидуни тақсир, ки дар ислом собиқа надошт ва аз байн бурдани эҳтироми нуфус ва буридани дасту по ва ба найза кардани сар, мисли сари Амр ибни Ҳамиқи Хузоъӣ;

г) Масмум кардан ва амали ноҷавонмардонаи масмум карданро маъмул кардан, ки амале аст, ки бо мурувват ва инсоният ҳам созгор нест ва баъд хулафои дигар ҳам аз ӯ пайравӣ карданд. Муовия Имом Ҳасан алайҳис салом ва Молики Аштар ва Саъди Ваққос ва Абдурраҳмон ибни Холид ибни Валидро, ки беҳтарин насири ӯ буд, масмум кард;

д) Ин ки хилофатро дар хонадони худ маврусӣ кард[31] ва Язидиро, ки ҳеч гуна лиёқат надошт, валиаҳд кард;

е) Доман задан ба оташи имтиёзи нажодӣ ва фазилати араб бар аҷам ва Қурайш бар ғайри Қурайш.

Аз ин корҳо, лаъну сабби Алӣ ва ҳатто ҷаъли ҳадис ва вилоятаҳдии Язид, суитадбири Муовия шумурда мешавад.

---

[31] *Ва ба ин тартиб орзуи дерини ҳизби умавӣ, ки Абӯсуфён дар хонаи Усмон гуфт:* ***يا بَني أُمَيَّةَ! تَلَقَّفوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ، أَما وَالَّذي يَحْلِفُ بِهِ أَبو سُفيان ... ما زِلْتُ أَرْجوها لَكُمْ وَلَتَصيرَنَّ اِلى صِبْيانِكُمْ وِراثَةً*** *— муҳаққақ шуд ва худи Муовия ҳам бовар намекард муҳаққақ шавад ва албатта Имом Ҳусайн беш аз ҳар кас аз ин манвиёт огоҳ буд ва медид, ки доранд мисли гӯй бо он бозӣ мекунанд ва ба кӯдакони худ ба виросат медиҳанд. Қиёми Ҳусайн алайҳис салом дар баробари амалӣ шудани афкори ҳизби умавӣ буд.*

Язид марде ҷоҳил ва сабуксар буд. Халифазодагоне, ки мурашшаҳ барои хилофат буданд, мебоист муддате таълиму тарбият шаванд, ки лоақал барои зиъомат омода шаванд (ҳамон тавре, ки аббосиҳо мекарданд). Язид дар бодия нашъу намо ёфта ва бехабар аз дунё ва охират, ҳеч гуна лиёқате надошт.

Агар дар замони Усмон, амвол ва маносиб ғасб шуд ва агар дар замони Муовия лаъну сабби Алӣ алайҳис салом ва ҷаъли ҳадис ва дурӯғ бастан ба Пайғамбар ва куштани бегуноҳон ва масмум кардан ва хилофатро маврусӣ кардан ва имтиёзи нажодӣ ба вуҷуд овардан маъмул шуд, аҳди Язид аҳди расвоии ислом ва мусалмонон буд. Намояндагони кишварҳои дигар меомаданд ва аз ҳама ҷо бехабар ба ҷойи Пайғамбар мардеро медиданд, ки дар дасташ шароб ва дар канораш бӯзинае бо ҷомаҳои дебо нишаста. Дигар чӣ обрӯе барои ислом боқӣ мемонад?! Язид, масти ғурур, масти ҷавонӣ, масти ҳукумат, масти шароб буд. Дар ин сурат маънои каломи Сайидушшуҳадо возеҳ мешавад, ки:

وَعَلَى الْاِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يزيدَ

Язид мутазоҳир ба фисқ ва мутазоҳир ба куфр ва ридда гуфтан буд ва ба иборати дигар, Язид пардаҳоро ҳама дарида буд ва қатъан дар ҳамчу мавриде бояд қиём кард. Дигар чӣ обрӯе барои ислом ва мусалмонон боқӣ мемонад?!

Бинобар ин, суоли ин ки чаро Имом Ҳусайн қиём кард, дуруст мисли ин аст, ки бигӯем чаро Пайғамбари Акрам дар Макка қиём кард ва бо Қурайш созиш накард? Ва ё чаро Алии Муртазо ин қадр ранҷи ҳимояти Пайғамбарро дар Бадр ва Ҳунайн ва Уҳуд ва Аҳзоб ва Лайлатулмабит мутаҳаммил шуд? Ва ё чаро Иброҳим яктана дар муқобили қудрати азими Намруд қиём кард? Чаро Мӯсо дар ҳоле, ки ҷуз бародараш Ҳорун касе надошт, ба дарбори Фиръавн рафт? Маънои ин чаро ин аст, ки Имом Ҳусайн вақте қиёмаш муваққаҳ буд, ки ҷунде ва сипоҳе баробар бо Язид дошта бошад ва ҳол он ки агар Имом Ҳусайн сипоҳе баробар бо Язид медошт ва дар иҷтимоъе қиём мекард, ки мардум ду даста буданд ва ду саффи азимро ташкил медоданд ва Имом Ҳусайн дар ҷилави як саф буд, қиёми ҳусайнӣ як қиёми муқаддас ва ҷовидон набуд. Ин чароҳо дар ҳамаи қиёмҳои муқаддас ва таърихӣ ҳаст.

Қиёмҳои муқаддаси башарӣ дорои ду ташаххус аст: яке, аз назари ҳадафи қиём, яъне ин қиёмҳо барои мақомоти олии инсоният аст, барои тавҳид аст, барои адл аст, барои озодӣ аст, барои рафъи зулму истибдод аст, на ба хотири касби ҷоҳу мақом ё таҳсили сарват ва ба қавли Ҳанзалаи Бодғисӣ, “касби меҳтарӣ” ва ё ҳатто барои таассуби ватанӣ, қабилаӣ, нажодӣ. Дигар ин ки ин қиёмҳо барқе аст, ки дар зулматҳои сахт падид меояд, шӯълае аст, ки дар миёни зулматҳо ва истибдодҳо ва истисорҳо ва зӯргӯиҳо медурахшад,

ситорае аст, ки дар торикии шаб дар осмони саодати башар тулӯъ мекунад, наҳзате аст, ки мавриди тасвиби “уқалои” қавм қарор намегирад.

Яке аз ифтихороти наҳзати ҳусайнӣ ҳамин аст, ки “уқалои” қавм онро тасвиб намекарданд, вале аз он ҷиҳат, ки фавқи назари “уқало” буд, на дуни назар онҳо. Урафо, ки аз он ҷанбаи ирфонӣ ҷанбаи фавқи ақли онро дар назар гирифтаанд, ба он номи “мактаби ишқ” додаанд ва ҳамчунин аст мантиқи шуарои марсиясаройи мо ва хеле ҷанбаи идеалистӣ ба он додаанд.

Дуруст аст, ки мактаби ишқи илоҳӣ аст, Алӣ алайҳис салом ҳам фармуд:

مناخُ رُكّابٍ وَمَصارِعُ عُشّاقٍ

— вале чаро ин ишқ ва сулук дар саҳнае мисли саҳнаи Карбало зуҳур кард? Барои Худованд, барои ин маъшуқ, ки фарқе намекунад. Оре, ризои Худо дар фидокорӣ дар роҳи дин, дар роҳи саодати башар, дар роҳи қиёми билқист аст, ки ҳадафи пайғамбарон аст. Чаро урафои мо агар ошиқи содиқ ҳастанд, ишқбозиҳои худро фақат дар маҷолиси самоъ ба субут расонданд?! Ишқи Ҳусайн албатта ишқи илоҳӣ аст ва ишқи содиқу ростин аст, танҳо дар маҷолиси самоъ изҳор нашудааст.

Пас ифтихори қиёми ҳусайнӣ ин аст, ки касоне монанди Ибни Аббос (онро) тасвиб намекарданд. Мутлақи қиёмҳои муқаддаси башар, ки дар миёни торикиҳо монанди шӯълае зоҳир мешавад, мавриди тасвиби дигарон нест. Дар замони худи мо агар касе масалан ба қудратҳои руҳонии мо, ки дар ғайри роҳи Худо масраф мешавад, эътироз кунад ва билохира дар мутлақи мавориде, ки қувваҳои аҳриманӣ тасаллути комил пайдо карда (агар) касе эътироз кунад ва эрод бигирад ва қиём кунад, “уқало” ба ӯ эрод мегиранд, ӯро каҷсалиқа мехонанд. Ин салиқа чист ва миқёси истиқомат ва иъвиҷоҷаш чист?

Чӣ хуб таъбире дорад амирулмӯъминин дар бораи Пайғамбари Акрам, ки мефармояд:

أَرْسَلَهُ عَلى حينِ فَتْرَةٍ مِنَ الرُّسُل ... وَالدُّنْيا كاسِفَةُ النُّورِ

(“*Ӯро ба ҳангоме фиристод, ки ҷаҳон аз вуҷуди паёмбар холӣ буд ... ва дунё нураш ба хомӯшӣ гаройида буд.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 87*)) Қуръон дар бораи қиёми Иброҳим алайҳис салом мефармояд:

وَلَقَدْ آتَيْنَا إِبْرَاهِيمَ رُشْدَهُ

(*Сураи Анбиё, ояти 51*) (Аз калимаи “рушд” маълум мешавад, ки Иброҳим чизеро эҳсос мекард, ки дигарон эҳсос намекарданд) то онҷо, ки мегӯяд:

قَالُوا حَرِّقُوهُ وَانْصُرُوا آلِهَتَكُمْ

(*Сураи Анбиё, ояти 68*) Дар мавриди Мӯсо мефармояд:

إِنَّ فِرْعَوْنَ عَلَا فِي الْأَرْضِ وَجَعَلَ أَهْلَهَا شِيَعًا

(“*Фиръавн дар замин саркашӣ кард ва аҳли онро ба дастаҳои мухталиф пароканда сохт.” (Сураи Қасас, ояти 4)*) Алӣ алайҳис салом дар бораи фитнаи Банӣ Умайя фармуд:

إِنَّها فِتْنَةٌ عَمْياءُ مُظْلِمَةٌ

(“*Он фитнае кӯр ва торик аст.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 91)*)

Пас эҳтиёҷ ба як шӯълаи ҳаққонии нуронӣ ҳаст. Айзан фармуд:

لَتَجِدُنَّ بَني أُمَيَّةَ لَكُمْ أَرْبابَ سَوْءٍ

(“*Ва ҳар ойина Банӣ Умайяро зимомдорони баде хоҳед ёфт.” (Ҳамон манбаъ)*)

Ва фармуд:

حَتّى لا يَكونَ انْتِصارُ أَحَدِكُمْ مِنْهُمْ اِلاّ كَانْتِصارِ الْعَبْدِ مِنْ رَبِّهِ

Имом Ҳусайн ва соири муслеҳини бузург, ки қиём карданд

Тамоми касоне, ки ба башарият хидмат кардаанд, ҳаққе бар башарият доранд, аз роҳи илм ё санъат ва ҳунар ё иктишоф ва ихтироъ ва ё ҳикмат ва фалсафа ё адаб ва ахлоқ ва аз ҳар роҳе, вале ҳеч кас ба андозаи шуҳадои роҳи Ҳақ бар башарият ҳақ надорад ва аз ҳамин ҷиҳат ҳам аксуламали башарият ва ибрози авотифи башар дар бораи онҳо беш аз дигарон аст, зеро адл ва озодӣ барои муҳити иҷтимоии башар ва барои руҳи башар ба манзилаи ҳавос аст барои танаффуси рия; бидуни он идомаи ҳаёт мумкин нест. Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ фармуд:

المُلْكُ يَبْقى مَعَ الْكُفْرِ وَلا يَبْقى مَعَ الظُّلْمِ

Олим дар илми худ ва мукташиф дар иктишофи худ ва мураббӣ ва муаллими ахлоқ дар таълимоти худ ва ҳаким ва файласуф дар ҳикмат ва фалсафаи худ мадюну марҳуни шуҳадо ҳастанд ва шуҳадо дар кори худ мадюни касе нестанд, зеро шуҳадо буданд, ки муҳити озод ба дигарон доданд, то онҳо тавонистанд нубуғи худро зоҳир кунанд. Шуҳадо шамъи маҳфили башариятанд; сӯхтанд ва маҳфили башариятро равшан карданд.[32]

Шоҳиде гуфт ба шамъе к-имшаб,

[32] *Дар варақаи “Шаҳид ва шаҳодат” гуфтем, ки ҳар шаҳодат баъд аз худ нуроният ба вуҷуд меоварад ва онро ташбеҳ кардем ба ҳолати фард аз назари ин ки баъзе аз худгузаштагиҳо ва баъзе аъмоли мусбати фард барои қалби ӯ эҷоди сафо ва нуроният мекунад. Ин матлаб сюжети бисёр олӣ аст, ки метавонад баҳс шавад*.

Дару девор музайян кардам…

(Парвини Эътисомӣ)

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَرْسَلْنَاكَ شَاهِدًا وَمُبَشِّرًا وَنَذِيرًا. وَدَاعِيًا إِلَى اللَّهِ بِإِذْنِهِ وَسِرَاجًا مُنِيرًا

(*“Эй паёмбар! Мо туро ба унвони гувоҳ фиристодем ва бишоратдиҳанда ва инзоркунанда ва туро даъваткунанда ба сӯи Аллоҳ ба фармони ӯ қарор додем ва сироҷи мубин (равшанибахш).” (Сураи Аҳзоб, ояти 45 ва 46)*)[33] Таъбир ба “сироҷ” мубайини муҳити зуҳури пайғамбар аст. Агар мардум рушде дошта бошанд, муҳит торик нест ва эҳтиёҷ ба чароғ нест.

Дар ҳамчу вазъе Язид рӯи кор омад. Язид ба волии Мадина навишт, ки:

خُذْ حُسَيْناً ... بِالْبَيْعَةِ أَخْذاً شَديداً

Бинобар ин, ҷуз бо байъат ба чизе розӣ намешуд. Аммо Имом Ҳусайн яке аз се корро бояд бикунад: ё байъат кунад ва таслим шавад, ё он тавре, ки баъзе пешниҳод карданд, байъат накунад ва агар лозим шуд — ва албатта лозим ҳам мешуд — худашро ба каноре бикашад; ба даррае ё доманаи кӯҳе паноҳ бибарад, мисли ёғиҳо, ки махлуте аз тарсу шуҷоат аст зиндагӣ кунад ва ё истодагӣ кунад, то кушта шавад. Аввалро аъвону ансори умавиҳо пешниҳод мекарданд мисли Марвон, дуввумро Ибни Ҳанафия ва Ибни Аббос пешниҳод карданд (руҳи пешниҳоди ин ду нафар ҳамин мешуд биннатиҷа) ва севвум роҳе буд, ки худаш интихоб кард.

Аммо аввал маънояш ин буд, ки Ҳусайн алайҳис салом дину охирати худашро ба дунёи Язид бифурӯшад ва коре ба кори мусалмонон надошта бошад; ҳар чи мешавад, бишавад ва бо Язид созиш кунад ва аз тарс байъат кунад барои ҳифзи ҷони худ ва он ҳамон буд, ки фармуд:

---

[33] *Хонд “Муззаммил” набиро з-он сабаб,*
Ки бурун о аз гилем, эй булҳараб!..
Ҳин! “Қумаллайла”, ки шамъе, эй ҳумом,
Шамъ андар шаб бувад андар қиём.
Бе фурӯғат рӯзи равшан ҳам шаб аст,
Бе паноҳат шер асири арнаб аст…
На ту гуфтӣ қоиди аъмо ба роҳ,
Сад савобу аҷр ёбад аз Илоҳ?..
Ҳар кӣ ӯ чил гом кӯреро кашад,
Гашт омурзидаву ёбад рашад.
Пас, бикаш ту з-ин ҷаҳони беқарор
Ҷавқи кӯронро қатор андар қатор.
(Мавлоно)

يَأْبَى اللهُ ذلك لَنا وَرَسولُهُ وَالْمُؤْمِنونَ وَحُجورٌ طابَتْ وَطَهُرَتْ وَأُنوفٌ حَمِيَّةٌ وَنُفوسٌ أَبِيَّةٌ

Ин корро на Худо иҷоза медод ва на дини Худо ва на имон иқтизо мекард ва на пистоне, ки аз он пистон шир хӯрда буд ва на руҳи олие, ки дар миёни сина дошт.

Аммо роҳи дуввум, дуруст аст, ки байъат накарда буд, вале мавзӯъ танҳо ҷанбаи манфӣ надошт, ки байъат накунад. Ӯ як таклифи мусбат барои худ қоил буд, ки мефармуд:

أَيُّهَا النّاسُ، مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً مُسْتَحِلاً لِحُرُمِ اللهِ

Илова бар ҳамаи инҳо, руҳи баланди ҳусайнӣ куҷо ва фирор дар дашту кӯҳҳо! Ӯ ҳозир нашуд дар вақте, ки аз Мадина ба сӯйи Макка ҳаракат мекард, шоҳроҳро бигузорад ва аз бероҳа биравад. Дар ҷавоби пешниҳоди баъзе ҳамроҳон фармуд:

لا وَاللهِ لا اُفارِقُهُ حَتّى يَقْضِيَ اللهُ ما هوَ قاضٍ

(“*На, ба Худо савганд, аз он ҷудо нашавам, то Худо ҳар чи хоҳад кунад*.”)

Ӯ мефармуд:

لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أُقِرُّ إِقْرارَ الْعَبيدِ

Падараш мегуфт:

وَاللهِ لَوْ تَظاهَرَتِ الْعَرَبُ عَلى قِتالي لَما وَلَّيْتُ عَنْها وَلَوْ أَمْكَنَتِ الْفُرَصُ مِنْ رِقابِها لَسارَعْتُ اِلَيْها

(*“Ба Худо савганд, агар араб дар ҷанг бо ман пушт ба пушти ҳам диҳанд, аз онон рӯ нагардонам ва агар фурсат даст диҳад, ба сӯйи он мешитобам.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 45)*)

Ва аммо роҳи севвум ҳамон буд, ки худаш интихоб кард.

Арзиши шаҳодат ва шаҳид дар иҷтимоъ

Қаблан гуфтем, ки ҳар шаҳодат нурониятe дар иҷтимоъ ба вуҷуд меоварад ва ташбеҳ кардем онро ба нурониятe, ки бархе аъмоли хайр ва аз худгузаштагиҳо дар қалби фард эҷод мекунад.

Қалб, ки сафо ва ҷило пайдо кард ва ҳидоят ёфт, торикиҳо зоил мешавад, роҳ намудортар мегардад. Ин матлаб мавзӯи олӣ аст барои баҳс дар бораи арзиши шаҳодат ва шуҳадо ва махсусан аз назари осори қиёми ҳусайнӣ дар ҷаҳони ислом ва аз назари ин ки Имом агар ба қасди шаҳодат ҳам ҳаракат карда бошад, мантиқе саҳеҳ дорад. Ҷумлаи:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

— агар санади саҳеҳ дошта бошад, аз лиҳози матлаб ва маънӣ сухани дурусте аст.

Мантиқи манфиат ва мантиқи ҳақиқат

Мантиқи манфиатпарастӣ як мантиқ аст ва мантиқи ҳақпарастӣ ва ислоҳ мантиқи дигаре аст. Уқалои қавм монеъи Абӯабдуллоҳ мешуданд аз ҳаракат ва насоеҳи онҳо ҳама бар

меҳвари маслиҳати шахсии Ҳусайн алайҳис салом ва зиндагии дунявии ӯ ва саломати тан ва ҳифзи фарзандон давр мезад. Мегӯянд, ҷомеъторини баёнҳо ҳамон аст, ки Ибни Аббос гуфт. Агар ҷойи тааҷҷуб бошад, бояд аз мантиқи Ибни Аббос тааҷҷуб кард. Чизе, ки дар ин мантиқи Ибни Аббос ёфт намешавад, фикри ислом ва мантиқи эсор ва гузашт аст ва он чи дар мантиқи Ҳусайн алайҳис салом ҳаргиз дида намешавад, манофеъ ва масолеҳи шахсии худаш аст. Мантиқи Ҳусайн ҳамон аст, ки фармуд:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ

Ҳамон аст, ки дар ҷавоби Ҳурри Риёҳӣ фармуд:

فَبِالْمَوْتِ تُخَوِّفُني

Ва баъд ашъори маъруфро хонд:

سَأَمْضي وَما بِالْمَوْتِ عارٌ عَلَى الْفَتى

Ҳадафи муқаддас ва ҳисси таъолӣ ва тақаддус

Калимаи “шаҳид” ва “шаҳодат” аз калимоти роиҷи маъмулӣ аст, ки фақат дар мавриди баъзе афрод истеъмол мекунем. Ҳар кушта ё мурдае шаҳид нест. Рӯзе садҳо нафар кушта мешаванд ва ҳазорҳо нафар мемиранд ва ба онҳо шаҳид намегӯем. Атрофи калимаи “шаҳид”-ро ҳолае аз қудс ва таъолӣ иҳота кардааст. Ба касе шаҳид гуфта мешавад, ки дар як роҳи муқаддас ва барои ҳадафи муқаддас ҷони худро аз даст бидиҳад.

Шаҳид се хусусият дорад: яке ин ки дар роҳи ҳадафи муқаддас кушта мешавад, дигар ин ки ҷовидонагӣ меёбад, севвум он чизе, ки қаблан гуфтем, ки онҳо муҳити пок медиҳанд. Гуфтам муқаддас ва нагуфтам бузург. Мумкин аст мақсад бузург ва боаҳаммият бошад, вале муқаддас набошад. Искандар, ки орзуи ҷаҳонгириро таъқиб мекард, ҳадафи ба истилоҳ бузург дошт, вале муқаддас набуд ва балки олӣ ҳам набуд. Касе, ки дар ин роҳ кушта бишавад, дар чашми башар эҳтиром ва тақаддус надорад.[34] Ӯ доираи худпарастии

[34] *Шаҳид касе аст, ки ба хуни худ арзиш ва абадият ва ҷовидонагӣ додааст. Он кас, ки моли худро сарфи хидмат ва бинои хайр мекунад, ба моли худ абадият ва арзиш медиҳад. Он кас, ки асари илмӣ боқӣ мегузорад, ба фикри худ ва он кас, ки асари санъатӣ ва фаннӣ боқӣ мегузорад, ба ҳунари худ ва он кас, ки фарзанди худ ё дигаронро тарбият мекунад, ба амали худ арзиш ва абадият медиҳад ва шаҳид ба хуни худ арзиш ва абадият медиҳад. Ин тафовут миёни шаҳид ва дигарон ҳаст, ки шаҳид покбохта аст ва “савдо чунин хуш аст, ки якҷо кунад касе”, аммо олим ё инфоққунанда ё муаллим ё мураббӣ ё ҳунарманд қисмате аз моямлаки худро арзиш ва абадият медиҳад. Қаблан гуфтем, ки олим ва мураббӣ ва санъатгар ва файласуф ва инфоққунанда, мадюни шуҳадоянд ва шуҳадо мадюни касе нестанд. Хуни шаҳид ба замин намерезад, балки ҳазор баробар мешавад ва ба дигарон тазриқ мешавад ва дар рагҳои дигарон барои ҳамеша ҷараён меёбад ва ин аст маънии ҷовид шудани хуни*

худро тавсиа дода буд. Ҳамчу шахсе агар ҳамаи куроти осмониро ҳам тасхир кунад, амалаш ҷанбаи тақаддус ва эҳтиром пайдо намекунад.

Амал он вақт муқаддас аст, ки ҳадафе берун аз худпарастӣ дошта бошад[35], фақат ба хотири таклиф ва вазифа анҷом шавад, хусусан таколифе, ки башар дар баробари навъ ва иҷтимоъ дорад.

اَلْمَقْتولُ دونَ عِيالِهِ وَ مالِهِ

— шаҳид аст, чун ба хотири вазифа ва шарофат ва таклифи виҷдон ва диёнат анҷом мегирад, на ба хотири ҷалби манфиати моддӣ. Ҳоло агар инсон –

المقتول دون العدل والحرّيه، دون التوحيد والايمان

— бошад, қадосат ва қиддисияташ ба дараҷоте болотар аст.

Ҳисси таъолӣ ва тақаддус ҳиссе аст асил дар башар ва аз самими руҳи башар сарчашма мегирад мисли ҳисси ҳақиқатхоҳӣ (илм), некихоҳӣ (ахлоқ), зебоихоҳӣ (ҷамол). Ва ин худ яке аз муаммоҳои вуҷуди башар аст, ки дар баробари умуре моварои манофеъи маҳсус ва малмуси худ, як навъ таъзим ва такриме дорад ва сари таъзим фуруд меоварад. Албатта ҳар майл ва талабе, аз вуҷуди як эҳтиёҷи айнӣ ҳикоят мекунад; мунтаҳои амр, мабдаи ин эҳтиёҷи айнӣ ҷиҳозоти бадан нест, ҳамон мартибаи мустақилли руҳи инсон аст.

Сарсилсилаи муқаддасоти башар, зоти аҳадият аст. Худованд қуддус аст, муназзаҳ аз ҷамиъи нуқсонот аст алалитлоқ:

هُوَ اللَّهُ الَّذِي لَا إِلَهَ إِلَّا هُوَ الْمَلِكُ الْقُدُّوسُ

(*Сураи Ҳашр, ояти 23*) Ва аз ин рӯ муқаддастарини аъмоли башар мубориза бо ширк ва бутпарастӣ аст.

шаҳид ва ин аст маънии ин ки шуҳадо ҳамоса меофаринанд ва ба ҳамин ҷиҳат пешвоён орзуи шаҳодат мекарданд ва ба ҳамин ҷиҳат ислом дар ҳар замоне ниёзманд ба шаҳид аст.

[35] *Инҷо бояд ин баҳс таҳқиқ бишавад, ки милоки аслии қадосат чист? Чаро худпарастӣ палидӣ аст ва кор барои хидмат ба ғайр ва барои анҷоми вазифа ва масъулият ё барои ризои Худо муқаддас аст? Оё милок, моддият ва таҷарруд аст? Оё милок, вуҷуд ва адам аст? Оё милок, ҳаракат ва таваққуф аст? Оё милок, ҳамоҳангӣ бо аҳдофи ҷаҳон ва ҳаракати такомулии ҷаҳон аст? Ва оё иллати тақаддус — ҳамон тавр, ки дар матн гуфтаем — абадӣ шудан ва ҷовидонагӣ ва наҷот аз марг аст*?

Қиёмҳои муқаддас

Қиёмҳои муқаддас ва наҳзатҳои муқаддас, аз анбиёи ъизом шурӯъ шуда. Дар Қуръони Карим дар сураи Шуъаро ҷиҳоди муқаддаси анбиёро хулоса кардааст; достони Мӯсо ва Иброҳим ва Нӯҳ ва Ҳуд ва Лут ва Солеҳ ва Шуъайб ва Хотами анбиёро зикр мекунад, ки дар роҳи мубориза бо бутпарастӣ ва зулму бедодгарӣ ва ҷаҳлу таассубу тақлид ва исрофу табзир ва ифсод дар арз ва фаҳшо ва имтиёзоти мавҳуми иҷтимоӣ мубориза кардаанд. Муқаддасоти башар ҳам аз инҳо таҷовуз намекунад.

Имом Ҳусайн ҳамон роҳеро рафт, ки он анбиё рафтанд ва албатта барои Имом Ҳусайн вазъе пеш омад, ки барои дигарон пеш наомад. Эътироз ба ин ки Имом Ҳусайн чаро фидокорӣ кард ва таслим нашуд ва ҳифзи ҷон накард, эътироз ба ҳамаи анбиё ва авлиё аст. Асосан дин барои гузашт ва фидокорӣ аст, мантиқи дин эсор аст:

وَيُؤْثِرُونَ عَلَى أَنْفُسِهِمْ وَلَوْ كَانَ بِهِمْ خَصَاصَةٌ

(*Сураи Ҳашр, ояти 9*)

وَيُطْعِمُونَ الطَّعَامَ عَلَى حُبِّهِ مِسْكِينًا وَيَتِيمًا وَأَسِيرًا

(*Сураи Инсон, ояти 8*)

مَنْ أَصْبَحَ وَلَمْ يَهْتَمَّ بِأُمورِ الْمُسْلِمينَ فَلَيْسَ بِمُسْلِمٍ

Алоқа ба ҷон ва ба падар ва фарзанд ва ҳамсар ва хешу табор ва сармоя ва шуғлу ҳирфа ва маскан, табиии ҳар инсон аст ва бисёре аз инҳо табиии ҳар ҳайвоне аст. Дин омадааст барои ин ки инсонро алоқаманд ва шефтаи умуре олитар кунад ва дарси олитар биёмӯзад:

قُلْ إِنْ كَانَ آبَاؤُكُمْ وَأَبْنَاؤُكُمْ وَإِخْوَانُكُمْ وَأَزْوَاجُكُمْ وَعَشِيرَتُكُمْ وَأَمْوَالٌ اقْتَرَفْتُمُوهَا وَتِجَارَةٌ تَخْشَوْنَ كَسَادَهَا وَمَسَاكِنُ تَرْضَوْنَهَا أَحَبَّ إِلَيْكُمْ مِنَ اللَّهِ وَرَسُولِهِ وَجِهَادٍ فِي سَبِيلِهِ فَتَرَبَّصُوا حَتَّى يَأْتِيَ اللَّهُ بِأَمْرِهِ وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الْفَاسِقِينَ

(“*Бигӯ: агар падарон ва фарзандон ва бародарон ва ҳамсарон ва хешон ва амволе, ки ба чанг овардаед ва тиҷорате, ки бими касодашро доред ва масканҳое, ки бад-он дил бастаед, назди шумо аз Худо ва Расули ӯ ва аз ҷиҳод дар роҳи Худо маҳбубтар аст, пас мунтазир бошед, то фармони Худо ояд ва Худованд қавми фосиқро ҳидоят намекунад.” (Сураи Тавба, ояти 24)*)

Вуҷуди як дарки қавӣ дар наҳзати ҳусайнӣ

Метавон гуфт, иллат ва маноти ин ки як наҳзат муқаддас ва мӯҳтарам ва мутаолӣ мешавад ва сиёдати руҳонӣ бар афкор ва укули мардум пайдо мекунад, чанд чиз аст:

Дар дараҷаи аввал покӣ ва таҳорат ва қадосати ҳадаф ва мақсад аст, олуда ба ағрози шахсӣ ва манофеъи моддӣ ва матомеъ ва ҳирсҳо ва озҳо ва ҷоҳталабиҳо ва шаҳватроиҳо ва худхоҳиҳо ва худпарастиҳо ва таассубҳо ва қавмиятҳо ва ҳамийятҳо нест, ба хотири Худо ва амри Худо ва тавҳид ва адл ва қиём ба қист ва ҳуррият ва ҳимояти мазлум ва дифоъ аз заъиф аст:

إِنَّ فِرْعَوْنَ عَلَا فِي الْأَرْضِ وَجَعَلَ أَهْلَهَا شِيَعًا يَسْتَضْعِفُ طَائِفَةً مِنْهُمْ

(*Сураи Қасас, ояти 4*) Ба хотири сӯзише аст, ки дар виҷдон ва замири инсонӣ пайдо мешавад, ба хотири инсоният ва ҷомеаи инсоният аст, ба хотири усули муқаддаси иҷтимои башарӣ аст ва ба иборати дигар, ҷанбаи усулӣ дорад, на ҷанбаи фардӣ[36], он ҳам усули олии инсоният, ки қивоми зиндагии инсонӣ ба онҳост ва руҳи зиндагии инсонии онҳост, ба хотири руҳи зиндагӣ аст, ки болотар аз абзори зиндагӣ аст; агар абзор мавҷуд набошад, башар метавонад бо абзори дигар зиндагӣ кунад, аммо агар калимоти муқаддаси адолат ва ҳақ ва ҳуррият аз қомуси башарият маҳв бишавад, мисли ин аст, ки аз ин фазо ҳаворо маҳв кунанд. Фарқ аст байни ин ки дар ин фазо чароғ набошад, фарш набошад, баландгӯ набошад, чодар набошад, бодбизан набошад, бо он ки ҳаво набошад. Иллати дуввуми муқаддас ва мутаолӣ ва мӯҳтарам будани ин наҳзатҳо ин аст, ки дар зулматҳои мутароким ва дар миёни яъсҳо ва ноумедиҳои мутлақ, дар мавоқеъе, ки ситорае дар осмони башарият дида намешавад, монанди барқе медурахшад ва монанди шӯълае ҳаққонӣ фаророхи одамиён зоҳир мешавад; ҳаракате аст дар миёни сукунҳо ва нидое аст дар сукути маргбор ва хомӯшии маргбор, барқе аст дар торикӣ ва қалиле аст дар баробари касир:

كَمْ مِنْ فِئَةٍ قَلِيلَةٍ غَلَبَتْ فِئَةً كَثِيرَةً بِإِذْنِ اللَّهِ

(*Сураи Бақара, ояти 249*) ва аз ин рӯ мавриди тасвиби “уқалои” худпараст воқеъ намегардад; монанд “абрест дар биёбон, бар ташнае биборад”; монанди маҳбубест, ки бидуни ваъдаи қаблӣ ва дар ҳоли низори ошиқ, худро ба муҳибби худ бирасонад:

وَبَرِيدٌ يَأْتي بِوَصْلِ حَبيبٍ

وَحَبيبٌ يَأْتي بِلا ميعادٍ

(“*Ва пайке, ки хабари висол ёр меовард ва ёре, ки бидуни ваъда аз роҳ мерасад*.”)

---

[36] *Ва ба иборати дигар, аз ин ҷанба аст, ки аз худпарастӣ ва манфиатпарастӣ гузашта ва худро фидои масолеҳи ҷомеа мекунанд, фидои ҳақ ва адолат мешаванд, табдил мешаванд ба ҳақ ва адолат ва аз ин рӯ мисли ҳақ ва адолат, муқаддас мегарданд*.

Иллати севвуми тақаддуси ин наҳзатҳо ин аст, ки ҳамроҳ аст бо як дарки қавӣ ва як басирати нофиз, ки пушти пардаи завоҳирро мебинад ва ба иборати маъруф: дар хишти хом мебинад чизеро, ки дигарон дар ойина намебинанд. Ҳамон тавре, ки он ду қисмат, аз оятҳои Қуръон истинбот мешавад мисли ояти:

مَنْ أَنْصَارِي إِلَى اللَّهِ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 52*) ва ояти:

وَسِرَاجًا مُنِيرًا

(*Сураи Аҳзоб, ояти 46*) ва ояти:

يَسْتَضْعِفُ طَائِفَةً

(*Сураи Қасас, ояти 4*), ин қисмат — ки дар ин наҳзатҳои муқаддас басирате ва эҳсосе қавӣ мавҷуд аст ва онҳо чизеро ҳис мекунанд, ки дигарон ҳис намекунанд, чизеро мебинанд, ки дигарон намебинанд — низ аз Қуръон истинбот мешавад, мисли ояти:

وَلَقَدْ آتَيْنَا إِبْرَاهِيمَ رُشْدَهُ

(“*Ба таҳқиқ барои Иброҳим асбоби рушди ӯро фароҳам овардем…*” (Анбиё/51)) ва ояти:

نَحْنُ نَقُصُّ عَلَيْكَ نَبَأَهُمْ بِالْحَقِّ إِنَّهُمْ فِتْيَةٌ آمَنُوا بِرَبِّهِمْ وَزِدْنَاهُمْ هُدًى

(“*Мо ахбори онҳоро ба ҳақ барои ту бозгӯем. Ба дурустӣ, ки онҳо ҷавононе буданд, ки ба парвардигорашон имон оварда буданд ва мо бар ҳидояташон афзудем.” (Каҳф/13*))
Калимаи “рушд” дар арабӣ ба маънои нумӯ нест, ки дар форсӣ истеъмол мешавад, балки ҳамон маъное аст, ки дар фиқҳ мегӯянд “оқили болиғи рашид”. Калимаи:

وَزِدْنَاهُمْ هُدًى

— низ ҳамон маънои рушдро мефаҳмонад. Наҳзати Сайидҷамол аз он ҷиҳат муқаддас аст, ки беш аз асри худ басират дошт. Аз номаҳое, ки ба уламо навишта пайдост. Албатта ҷанбаҳои дигар ҳам ҳаст аз қабили адами таодули қувваҳо ва таҷҳизоти зоҳирӣ ва моддӣ, ки Мӯсо ва Иброҳим ва Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ яктана қиём карданд ва ҳамчунин Имом Ҳусайн алайҳис салом. Ин ҷанбаҳо ба иллати дуввум бармегардад.
Ҳоло дар наҳзати Имом Ҳусайн як дарки қавӣ вуҷуд дошт ва он ҷараёни пушти пардаи зидди исломии умавиёнро, ки мардуми зоҳирбин намедиданд, медид. Абӯсуфён дар хонаи Усмон гуфт:

يا بَني أُمَيَّةَ! تَلَقَّفوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ، أَما وَالَّذي يَحْلِفُ بِهِ أَبو سُفْيانَ لا جَنَّةَ وَلا نارَ، وَما زِلْتُ أَرْجوها لَكُمْ وَلِتَصيرَنَّ اِلى أَبْنائِكُمْ وِراثَةً

Абӯсуфён гуфт: мулк аст ва салтанат, ҳаққу маъно ва биҳишту ҷаҳаннам ҳама дурӯғ аст; ин тӯпро нагузоред аз типи шумо хориҷ бишавад, ба якдигар пос бидиҳед ва нагузоред аз миёни шумо хориҷ шавад; онро маврусӣ кунед. Мавзӯъи вилоятаҳдии Язид ва байъат гирифтан аз мардум ва дар муқаддами ҳама Имом Ҳусайн, ҷомаи амал пӯшондан ба тафаккури хатарноки абӯсуфёнӣ яъне ба тафаккури ҳизбӣ буд, ки он ҳам ба навбаи худ усулӣ буд.

Вале мардуми зоҳирбин ва гӯли тазоҳурхур ва ҳамл ба зоҳиркун, ҳеч гуна таваҷҷӯҳе ба ин умур надоштанд ва ин ки Имом Ҳусайн фармуд:

وَعَلَى الْإِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

— ҳақиқате буд, ки Ҳусайн дарк мекард ва дигарон дарк намекарданд. Имом Ҳусайн медид, ки бо хилофати Язид асли абӯсуфёнии:

وَلِتَصيرَنَّ اِلى أَبْنائِكُمْ وِراثَةً

— дорад амалӣ мешавад ва мумкин аст дар асари сукут, ин матлаб суннате бишавад ва аҳодисе ҳам ҷаъл шавад, ки хилофат бояд дар хонадони Абӯсуфён бимонад.

Имом Ҳусайн ба дасти яҳуд ва насоро ва маҷус ё мушрикини араб ё аҳли ридда кушта нашуд, ба дасти мусалмонон ва балки дӯстони падараш кушта шуд ва ҳатто ба дасти шомиён кушта нашуд, ба дасти куфиён кушта шуд. Албатта куфиён маъъуб буданд ва омма пайрави руасо буданд ва руасо аз ришва обистан буданд:

أَمّا رُؤَساؤُهُمْ فَقَدْ أُعْظِمَتْ رِشْوَتُهُمْ وَمُلِئَتْ غَرائِرُهُمْ

Онҳо ҷуволҳошон пур шуда буд, ҳаволаҳои калони банкӣ дарёфт карда буданд, лира ва доллар сабил буд барои онҳо, вале умда дарки заъифи омма ва фаромӯшкории омма буд, чунонки баъд хоҳем гуфт.

Гуфтем, ки яке аз иллатҳо ва ё муҳимтарини иллати шаҳодати Имом Ҳусайн ва ё муҳимтарин иллати гаравидани мардум ба умавиён, ҷаҳолати мардум буд. Аз тарафе ҳам, медонем Имом Ҳусайн бо Язид мубориза намекард; ӯ болотар аз ин буд, ки ҳадафаш шахс ва фард бошад; ҳадафи ӯ усулӣ ва куллӣ буд. Дар ҳақиқат Имом Ҳусайн бо зулм мубориза мекард ва бо ҷаҳл, чунонки дар зиёрат ба мо талқин ва таълим кардаанд, ки ҳадафи ин мубориза, аз байн бурдани ҷаҳлу гумроҳӣ аст, чунонки дар зиёрати арбаъин аст:

وَبَذَلَ مُهْجَتَهُ فيكَ لِيَسْتَنْقِذَ عِبادَكَ مِنَ الْجَهالَةِ وَحَيْرَةِ الضَّلالَةِ

(“*Ва хуни қалби хешро дар роҳи ту нисор кард, то бандагони туро аз нодонӣ ва ҳайрати гумроҳӣ наҷот бахшад…*”)

Акнун тавзеҳ медиҳам, ки мақсуд аз ҷаҳолати мардум ин набуд, ки чун мардум бесавод буданд ва дарснахонда буданд, муртакиби чунин амале шуданд ва агар дарсхонда ва таҳсилкарда мебуданд, намекарданд. На! Дар истилоҳи дин, “ҷаҳолат” бештар дар муқобили “ақл” гуфта мешавад ва мақсуд он танаббуҳи ақлӣ аст, ки мардум бояд дошта бошанд. Ва ба иборати дигар, қувваи таҷзияву таҳлили қазоёи машҳуд ва татбиқи куллиёт бар ҷузъиёт аст ва ин чандон рабте ба савод ва бесаводӣ надорад. Илм, ҳифз ва забти куллиёт аст ва ақл қувваи таҳлил аст. Ба иборати дигар, Имом Ҳусайн шаҳиди фаромӯшкории мардум шуд, зеро мардум агар дар таърихи 50-60-солаи худашон фикр мекарданд ва қувваи танаббуҳ ва истинтоҷ ва ибратгирӣ дар онҳо мебуд ва ба таъбири Сайидушшуҳадо, ки фармуд:

اِرْجِعوا اِلى عُقولِكُمْ

— агар ба ақл ва таҷрибаи 50-60-солаи худ руҷӯъ мекарданд ва ҷиноятҳои Абӯсуфён ва Муовия ва Зиёд дар Кӯфа ва хонадони умавиро усулан фаромӯш намекарданд ва гӯли зоҳири феъли Муовияро — ки дам задан аз дин ба хотири манофеъи шахсӣ аст — намехӯраданд ва амиқ фикр мекарданд ва ҳисоб мекарданд, ки оё Ҳусайн алайҳис салом барои дину дунёи онҳо беҳтар буд ё Язид ва Муовия ва Убайдуллоҳ, ҳаргиз чунин ҷинояте воқеъ намешуд. Пас, дар ҳақиқат иллати умдаи ин ки мардуми нисбатан мӯътақид ба ислом ин тавр бо хонадони пайғамбар рафтор карданд, дар сурате, ки ҳамонҳо ҳозир буданд қурбатан илаллоҳ дар ҷанги куффор ширкат кунанд, фақат ва фақат фаромӯшкории мардум ва гӯли зоҳир хӯрдани онҳо буд, яъне натавонистанд пушти пардаи нифоқро бибинанд. Завоҳири шаъоири исломиро маҳфуз медиданд ва тавоҷҷӯҳ ба усул ва маъонии аз байн рафта надоштанд. Албатта дар ин ҳодиса — чунонки қаблан гуфтем — руъбу тарсу истисбоъ аз як тараф ва фасоди ахлоқи руасо ва ришвахории онҳо ва тамаъи онҳо ва итоати кӯр-кӯронаи — ба ҳасби хӯйи қабилаии арабӣ — кучактарҳо аз руасои қабоил аз тарафи дигар, низ аз омилҳои муҳимми вуқӯъи ин ҳодиса буд. Ин ҳодиса сад дар сад як ҳодисаи исломӣ аст. Имом Ҳусайн ба қавли он марди муъонид ба сайфи ҷаддаш кушта шуд, аммо ба иллати ҷаҳолат ва зоҳирбинӣ ва гӯли ҳифзи завоҳир ва шаъоир хӯрдани мардум.

Аз ҷумлаи омилҳое, ки дар ин ҳодиса зиёд даҳолат дошт ин буд, ки ба ҳасби тасодуф, коргардонони ин ҳодиса як идда мардуме буданд, ки ҷонии билфитра буданд ва ба қавли Аққод:

المسخاء المشوّهين أولئك الّذين تمتلئ صدورهم بالحقد على أبناء آدم ولا سيّما من كان منهم على سواء الخلق وحسن الاحدوثة، فاذا بهم يفرغون حقدهم لعدائه وإن لم ينتفعوا بأجْر أو غنيمة

(“*Онон масхшудагони зиштрӯйе буданд, ки синаҳояшон аз кинаи фарзандони Одам оканда буд бавежа аз касоне, ки ахлоқе устувор ва осоре некӯ доштаанд ва ба ҳамин далел тамоми кинаҳои худро аз рӯйи душманӣ бо вай бар сари онон рехтанд, ҳарчанд, ки аз ин кор подошу ғанимате насибашон нашуд*.”)

Хулосае аз омилҳои дахил дар шаҳодати Имом

Аз инҷост, ки метавон матлабро аз назари баҳси таърихӣ ин тавр унвон кард, ки Имом Ҳусайнро киҳо ва чиҳо шаҳид карданд? Ва ҳамчунин киҳо ва чиҳо ӯро ёрӣ карданд?

Аммо ин ки киҳо шаҳид карданд ё киҳо ёрӣ карданд, маълум аст, вале ин ки чиҳо шаҳид карданд ё ёрӣ, бояд гуфт: Имом Ҳусайнро тамаъи мулки Рай ва тамаъи пул, ки Хулӣ гуфт:

جِئْتُكَ بِغِنى الدَّهْرِ

ва ришваи руасо:

أمّا رُؤَساؤُهُمْ فَقَدْ أُعْظِمَتْ رِشْوَتُهُمْ وَمُلِئَتْ غَرائِرُهُم

ва ҷубн ва маръубияти омма ва майл ба ҷуброни муҳаббати Язид (ки Ибни Зиёд мехост кудурати Язидро аз падараш, ки дар вилоятаҳдии Язид таъаллул кард ҷуброн кунад) ва хубси зотии амсоли Шимр ва мастӣ ва ғурур ва бадбахтӣ ва сабуксарии шахси Язид ва аз ҳама болотар фаромӯшкории оммаи мардум, ки мусалмон буданд ва мӯътақид ва сайре ба таърихи 60-солаи худ намекарданд ва собиқаҳоро фаромӯш карданд ва гӯли зоҳирро мехӯраданд, шаҳид кард.

Ин ки чиҳо Имомро ёрӣ карданд, имон ва таваҷҷӯҳ ба таърихи 60-сола — ки аз калимоти амсоли Зуҳайр пайдост — ва ҳисси футувват ва мардонагӣ ва имон ба ғайб ва амсоли инҳо буд.

Илали тақаддуси як наҳзат

Атф ба матолиби гузашта дар бораи ин ки чӣ чизе сабаб мешавад, ки қиёме муқаддас ва пок ва азим ва мавриди эҳтиром мешавад, то он ҷо, ки милоку меъёри ҳаракатҳои дигар ва сукуту сукунҳо мешавад. “Муқаддас мешавад” яъне мардум ба чашме ба он нигоҳ мекунанд, ки ба умури мофавқи моддӣ ва мофавқи табиӣ нигоҳ мекунанд; азим ва

мӯҳтарам мешавад дар ҳадде, ки ҳеч наҳзате бо ӯ қобили қиёс нест, ҳадди аксар қобили ташбеҳ ва пайравӣ аст.

Ин қадосат ва аҳаммияти хориқулъода баъд аз ҳудуди чаҳордаҳ қарн, маълули се ҷиҳат аст:

1) Қадосат[37] ва таъолӣ ва азамати ҳадаф, ки он чи ҳадаф аст ҳақиқат аст, на манфиати худ ва аз ин рӯ мусталзими фидокорӣ ва қурбон кардани манфиат аст барои ҳақиқат, барои Худо.

Бадеҳӣ аст агар касе қиём кунад барои ин ки ба обу ноне бирасад, ҷоҳу мақоме касб кунад, пулу сарвату қудрате таҳсил кунад ва ба қавли Ҳанзалаи Бодғисӣ, барои касби меҳтарӣ ва ё ба қавли носиюнолистҳо, барои таассуботи миллӣ ва ватанӣ қиём кунад, чунин қиёме муқаддас нест, балки аз он назар, ки мусталзими васила қарор додани дигарон аст маҳкум аст, хоҳ муваффақ шавад ва хоҳ шикаст бихӯрад. Чунин қиёме муомила ва тиҷорат аст, ки гоҳе суд дорад ва гоҳе зиён; на суд бурданаш аҳаммияте дорад ва на зиён бурданаш. Ин гуна қиёмҳо муборизаи шахс бо шахс аст ба хотири манофеъ ва ба ҳамин далел беарзиш аст. Ин ки Имом ба табаият аз падари бузургвораш мефармуд:

اللّهُمَّ إِنَّكَ تَعْلَمُ أَنَّهُ لَمْ يَكُنْ ما كانَ مِنّا مُنافَسَةً فی سُلْطانٍ

— нозир ба ин аст, ки дарди мо ва орзуи мо чӣ будааст.

Вале агар қиём ва мубориза, муборизаи шахс бо шахс набуд, мубориза ба хотири манофеъ набуд, балки мубориза бо навъе ақида ва навъе режими мубтанӣ бар зулму фасод ва ширку бутпарастӣ ва барои раҳоии башарият аз бардагиҳои иҷтимоӣ ва хатарноктар эътиқодӣ ва билохира барои наҷоти башарият аз чанголи ифрити ҷаҳлу залолат ва ҳаюлои зулму истибдоду истисмор буд –

وَبَذْلَ مُهْجَتَهُ فيكَ لِيَسْتَنْقِذَ عِبادَكَ مِنَ الْجَهالَةِ وَحَيْرَةِ الضَّلالَةِ

— ва ба ангезаи амри Худо ва таҳсили ризои Ҳақ буд, ки:

إِنَّ صَلَاتِي وَنُسُكِي وَمَحْيَايَ وَمَمَاتِي لِلَّهِ رَبِّ الْعَالَمِينَ

(“*Ҳамоно намозу тоат ва тамоми аъмоли ман ва ҳаёту мамоти ман ҳама барои Худост, ки парвардигори ҷаҳониён аст.” (Сураи Анъом, ояти 162)*), бар асоси аз худгузаштагӣ ва фидокорӣ буд ва хулоса, агар холисан ливаҷҳиллоҳ буд ва ҳеч манфиате

[37] *Қаблан гуфтем, фарқ аст миёни ҳадафи муқаддас ва мутаолӣ ва ҳадафи бузург. Амсоли Искандар ва Нодир ва Шоҳ Исмоил ҳадафҳои бузург доштанд, аммо ҳадафҳои муқаддас надоштанд. Онҳо худхоҳҳо ва ҷоҳталабҳои бузург буданд, на озодихоҳон ва ҳақиқатталабон ва хайрхоҳон ва башардӯстон ва Худопарастони бузург.*

надошт, балки манофеъро ба хотири ҳақиқат ба хатар андохт, чунин муборизае чун ҷилвае аз руҳи ҳақиқатпарастии башар аст ва бар зидди худпарастии башар аст ва чун мисдоқи:

إِنِّي أَعْلَمُ مَا لَا تَعْلَمُونَ

(“*Ман чизе (аз асрори хилқати башар) медонам, ки шумо намедонед.” (Сураи Йақара, ояти 30)*) аст, табъан тақаддус ва таъолӣ ва азамат пайдо мекунад.

Чунин муборизае мисдоқи ҳичрати илаллоҳ ва иларрасул аст, ки дар ҳадис омадааст. Ба иборати дигар, як буъди қадосат марбут аст ба ин ки дарди соҳиби наҳзат чӣ навъ дарде аст ва орзуяш чӣ навъ орзуе аст.

Қиёми Имом Ҳусайн ин унсурро дар ҳадди аъло воҷид буд. Манофеаш комилан таъмин мешуд, вале ӯ ҳозир шуд барои наҷоти ҷаҳони ислом ва барои наҷоти мусалмонон аз чанголи зулм, ҷону молу тамоми ҳастии худро ба хатар биандозад. Аз ин ҷиҳат, он ҳазрат сад дар сад як шаҳид ва як покбохта аст, балки сайидушшуҳадо ва солори покбохтагон аст.

2) Омили дуввуме, ки ба як наҳзат қадосат ва таъолӣ ва ҷанбаи ҷовидонӣ медиҳад, шароити хосси муҳит аст.[38] Чароғ дар рӯзи равшан ҳеч арзише надорад ва дар шаби маҳтоб ва ҳавои соф ва осмони пурситора арзиши каме дорад, вале дар торикии мутлақ, ки чашм чашмро намебинад, арзиши зиёде дорад; монандм обе аст, ки дар биёбон бар ташнае биборад ё бороне аст, ки дар шиддати беобӣ ва хушкӣ ва аташи маҳсул, аз абр фурӯ резад. Ва ба иборати дигар, омили дуввум навъи қудрате аст, ки бо он даргир шудаанд; дар муқобили фиръавнҳо, намрудҳо,

أَنَا رَبُّكُمُ الْأَعْلَى

— ҳо, мағрурҳо, мустабидҳо, хунхорҳо, ки аз шамшерашон хун мечакад. Пайғамбари Акрам фармуд:

أَفْضَلُ الْأَعْمالِ

ё:

[38] *Қаблан гуфтем, ин гуна қиёмҳо барқе аст дар миёни зулматҳо, шӯълаи муқаддасе аст дар миёни ихтиноққо ва истибдодҳо ва зулмҳо, ситорае аст, ки дар торики шаб барои гумроҳон тулӯъ мекунад, балки мазҳари ишқ аст, на ақли ҳисобгари оддии ошӣ ва маошӣ.*

اَفْضَلُ الْجِهادِ كَلِمَةُ عَدْلٍ عِنْدَ إمامٍ جائِرٍ

Дар шароите, ки озодӣ вуҷуд дорад, дам аз озодӣ задан ҳунар нест, вале дар шароите, ки истибдод ва ҷавр дар ниҳояти қудрат ҳукумат мекунад, нафасҳо дар синаҳо ҳабс шудааст, забонро аз пушти гардан берун меоваранд, дастҳо ва поҳо бурида мешавад, сарҳо бар найзаҳо баланд мешавад, яъси мутлақ ҳукмфармост ва ба таъбири амирулмӯъминин:

يَظُنُّ الظّانُّ أنَّ الدُّنْيا مَعْقولَةٌ عَلى بَني أُمَيَّةَ

(*“Гумонкунанда гумон мекунад, ки дунё мусаххари Банӣ Умайя шудааст.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 85)*), дар чунин шароите дам аз озодӣ задан ҳунар аст. Мефармояд:

أَلا وَإِنَّ أَخْوَفَ الْفِتَنِ عِنْدي عَلَيْكُمْ فِتْنَةُ بَني أُمَيَّةَ، فَإِنَّها فِتْنَةٌ عَمياءُ مُظْلِمَةٌ عَمَّتْ خُطَّتُها وَخُصَّتْ بَلِيَّتُها وَأَصابَ الْبَلاءُ مَنْ أَبْصَرَ فيها وَأَخْطَأَ الْبَلاءُ مَنْ عَمِيَ عَنْها. وَايْمُ اللهِ لَتَجِدُنَّ بَني أُمَيَّةَ لَكُمْ أَرْبابَ سَوْءٍ بَعْدي كَالنّابِ الضَّروسِ، تَعْذِمُ بِفَمِها وَتَخْبِطُ بِيَدِها وَتَزْبِنُ بِرِجْلِها وَتَمْنَعُ دَرَّها، لا يَزالونَ بِكُمْ حَتّى لا يَتْرُكوا مِنكُمْ اِلاّ نافِعاً لَهُمْ أَوْ غَيْرَ ضائِرٍ بِهِمْ، وَلا يَزالُ بَلاؤُهُمْ عَنْكُمْ حَتّى لا يَكونَ انْتِصارُ أَحَدِكُمْ مِنْهُمْ اِلاّ كَانْتِصارِ الْعَبْدِ مِنْ رَبِّهِ

(*“Ҳон, ки бимноктарини фитнаҳо бар шумо аз назари ман, фитнаи Банӣ Умайя аст, ки он фитнаи кӯр ва торике аст, ки доманаи он фарогир ва ҳамагонӣ ва гирифтории он вежаи афроди хоссе аст. Балои он ба касе расад, ки бино ва огоҳ бошад ва ба ҳар ки кӯр ва бетафовут бошад роҳ пайдо накунад. Ба Худо савганд, пас аз ман Банӣ Умайяро зимомдорони баде хоҳед ёфт монанди шутури пир ва чамуше, ки бо даҳонаш газ гирад ва бо дасташ бикӯбад ва бо пояш лагад занад ва аз дӯшидани ширааш ҷилавгирӣ кунад. Ва инон пайваста ба дунболи шумо бошанд, то ҷойе, ки касе аз шуморо боқӣ нагузоранд, магар он ки ба ҳоли онон судманд аст ё бароятон зиёне надорад. Ва пайваста гирифтории онон бар шумо боқӣ аст, то он ҷо, ки додхоҳии шумо аз онҳо нест, магар монанди додхоҳии банда аз арбоби худаш.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 91)*)

Аз ин назар, арзиши қиём аз ҷанбаи шаҳомат ва ҳақир шумурдани дижхимон ва ситамгарон ва фиръавнҳо ва намрудҳост. Чунонки медонем, қиёми Иброҳим ва Мӯсо ва Исо ва Расули Акрам дар баробари ин қудратҳои ҳокими аҳриманӣ буд ва ҳамин, ки шароит номусовӣ буд ва яктана қиём мекарданд ва мисдоқи:

كَمْ مِنْ فِئَةٍ قَلِيلَةٍ غَلَبَتْ فِئَةً كَثِيرَةً بِإِذْنِ اللَّهِ

(*Сураи Бақара, ояти 249*) буд, арзиш медиҳад ба ин қиёмҳо.

Аҷиб аст, ки бархе мисли нависандаи “*Шаҳиди ҷовид*” барои ин ки қиёми Имом Ҳусайнро муваҷҷаҳ ҷилва диҳанд, саъй мекунанд ба наҳве собит кунанд, ки мардуми

Кӯфа воқеан қудрате буданд ва қобили эътимод буданд, дар сурате, ки азамати қиёми ҳусайнӣ дар ин аст, ки (Имом) яктана қиём кард, вале асари руҳӣ ва равониаш дар ҳадде буд, ки ҷаҳони он рӯзро такон дод ва асараш ҳанӯз боқӣ аст.

3) Омили севвум марбут аст ба дараҷаи равшанбинӣ, ба дараҷаи огоҳии иҷтимоӣ ва ба дараҷаи ҷиҳатшиносӣ ва ба дараҷаи хубравият, монанди як пизишки огоҳ, ки ҳам бемориро мешиносад ва ҳам роҳи илоҷро, ҳам ба навъи хоби миллат огоҳ аст ва ҳам ба кайфияти бедор кардан. Ин аст, ки ин наҳзат тавъам аст бо як биниш ва дарки қавӣ ва як басирати хориқулъода ва нофиз ва як дурбинии зиёд, ки тибқи масали маъруфи: "*Дар хишт мебинад он чизеро, ки дигарон дар ойина намебинанд*", ба истилоҳ, қиёми пешрас (на зудрас). Эъломи хатаре аст қабл аз он ки дигарон хатарро эҳсос кунанд.

Умдаи матлаб ин буд, ки як ҷараёни пушти пардае он рӯз умавиён доштанд, ки Имом Ҳусайн онро рӯ кард ва ба рӯи парда овард. Ҳатто шаробхории Язид ҳам аз назари васоили он рӯз, як ҷараёни пушти парда буд, ки баъдҳо ба рӯи парда омад. Абӯсуфён тарҳи як сиёсатеро дар хонаи Усмон рехт, ки фавқулъода хатарнок буд, гуфт:

يا بَني أُمَيَّةَ تَلَقَّفوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ وَلِتَصيرَنَّ اِلى أَوْلادِكُمْ وِراثَةً

Зоҳиран назараш ин буд, ки бо пуштвонаи динӣ ва ҷаъли аҳодис, ин амрро маврусӣ кунанд.

أَما وَالَّذي يَحْلِفُ بِهِ أَبو سُفْيانَ

Ҷумлаи Имом Ҳусайн:

وَعَلَى الْاِسْلامِ السَّلامُ اِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

— шояд нозир аст ба амалӣ шудани фикри Абӯсуфён.

Ин ки Имом Ҳусайн ба асари кораш имон дошт ва мукаррар мегуфт: баъд аз ман инҳо сарнагун хоҳанд шуд, далели дигаре бар дарки қавии он ҳазрат буд.

Лақаби Сайидушшуҳадо

Қаблан лақаби Сайидушшуҳадо аз они Ҳамза, амуи Расули Акрам буд ва баъд ба Абӯабдуллоҳ ихтисос дода шуд. Шаҳодати Абӯабдуллоҳ фаромӯшонд онҳоро. Вазъи асҳоби Абӯабдуллоҳ ҳам тавре буд, ки бар ҳамаи шуҳадои пешин сибқат гирифт ва худи Абӯабдуллоҳ фармуд:

إِنّي لا أَعْلَمُ أَصْحاباً أَوْفى وَلا خَيْراً مِنْ أَصْحابي وَلا أَهْلَ بَيْتٍ أَوْصَلَ وَلا أَفْضَلَ مِنْ أَهْلِ بَيْتي

Асҳоби Абӯабдуллоҳ, ҳам аз тарафи дӯст озод буданд ҳам аз тарафи душман. Худи Абӯабдуллоҳ фармуд: онҳо ба ғайри ман коре надоранд ва худаш ҳам шахсан иҷозаи рафтан ба онҳо дод ва фармуд: аз торикии шаб истифода кунед. Сарро ҳам пойин андохт,

ки талоқии нигоҳҳо мӯҷиби ҳаёи онҳо нашавад. Бинобар ин, онҳо на дар тангнои душман воқеъ шуда буданд (мисли асҳоби Торик Ибни Зиёд, ки Торик киштиҳо ва хӯрокиҳоро сӯзонид магар ба миқдори як рӯз) ва на дӯст аз онҳо хоҳиш ва илтимосе карда буд ва онҳоро дар рӯдарбоистӣ гузошта буд. Ҳатто аз ин ки нигоҳаш дар онҳо таъсир кунад, иҷтиноб кард.[39]

Асҳоби Ҳусайн ва аҳли Бадр ва аҳли Сиффин

Бинобар ин, асҳоби Ҳусайн алайҳис салом бар бадриюни Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ва сиффиниюни Алӣ алайҳис салом тарҷеҳ доштанд, ҳамон тавре, ки асҳоби Умари Саъд ҳам бар бадриюни Абӯсуфён ва сиффиниюни Муовия дар шақоват мазият доштанд, чун инҳо мисли бадриюни Абӯсуфён тибқи ақида ва одат ҷанг намекарданд ва монанди сиффиниюни Муовия ҳам масъалае мисли қатли Усмон асбоби иштибоҳашон нашуда буд. Инҳо дар ҳоле ҷиноят мекарданд, ки нидои дил ва фарёди виҷдонашон бар хилоф буд –

قُلوبُهُمْ مَعَكَ وَسُيوفُهُمْ عَلَيْكَ

Инҳо гиря мекарданд ва фармони қатл медоданд, ашк мерехтанд ва гӯшвора аз гӯши фарзандони Ҳусайн алайҳис салом мекашиданд, меларзиданд ва оҳанги буридани сари Ҳусайн доштанд.

Мубориза бо ҷаҳл ва зулм

Дар замони мо мубориза бо мараз, мубориза бо фақр, мубориза бо ҷаҳл истилоҳ шуда ва аъмоли муқаддасе номида мешавад, вале албатта ҳеч кадоми инҳо ба пойи мубориза бо ҷаҳли мардум ва бо зулм намерасад, ки фидо додан лозим аст.

Дар Қуръони Карим шуҳадо дар радифи анбиё ва сиддиқин зикр шуда:

وَمَنْ يُطِعِ اللَّهَ وَالرَّسُولَ فَأُولَئِكَ مَعَ الَّذِينَ أَنْعَمَ اللَّهُ عَلَيْهِمْ مِنَ النَّبِيِّينَ وَالصِّدِّيقِينَ وَالشُّهَدَاءِ وَالصَّالِحِينَ وَحَسُنَ أُولَئِكَ رَفِيقًا

(“*Ва ҳар кас аз Худо ва Паёмбар итоат кунад, инон бо касоне ҳастанд, ки Худованд ба эшон неъмат дода яъне паёмбарон ва сиддиқон ва шаҳидон ва солеҳон ва эшон рафиқони хубе ҳастанд.” (Нисоъ/69)*)

---

[39] *Хулоса ин ки дар бораи онҳо сад дар сад ин ҷумла, ки зоҳиран аз Ибни Абилҳадид аст:* آثَرُوا الْمَوْتَ

— содиқ аст. Дар ҳадиси маъруфи амирулмӯъминин аст (ки дар сафҳаи 110-и “Нафасул-маҳмум” омада):

مناخُ رُكّابٍ وَمَصارِعُ عُشّاقٍ، شُهَداءٌ لا يَسْبِقُهُمْ مَنْ كانَ قَبْلَهُمْ وَلا يَلْحَقُهُمْ مَنْ بَعْدَهُمْ

(“Инҷо борандози саворон ва қатлгоҳи ошиқон аст; шуҳадое, ки на пешиниён бар онон сибқат ҷуста ва на ояндагон ба мақоми онон даст ёбанд.”)

Шаҳид ғуслу кафан надорад: “Хун шаҳидонро зи об авлотар аст…“

Чаро куфиён ба ҷанги Ҳусайн рафтанд?

Иллати ин ки куфиён дар айни алоқа ба Ҳусайн алайҳис салом меҷангиданд, яке руъбу тарс буд, ки аз замони Зиёд ва Муовия тарсида буданд ва худи Убайдуллоҳ ҳам бо куштани Майсам ва Рушайд ва Муслим ва Ҳонӣ онҳоро маъруб карда буд ва ба иборати дигар, мардум аз зану мард, мастасбаъ ва ирода бохташуда буданд, наметавонистанд мутобиқи ақли худашон тасмим бигиранд. Дар айёми Карбало ҳам як ҷундиро, ки кундӣ мекард гардан зад, дигарон кори худро фаҳмиданд. Дигаре ҳирсу тамаъ ба молу ҷоҳи дунё буд, мисли худи Умари Саъд, ки ӯ гирифтори азоби виҷдон буд ва мегуфт:

فَوَ اللهِ ما أَدْري وَإِنّي لَحائِرٌ أُفَكِّرُ فى أَمْري

(*“Ба Худо савганд, намедонам ва ман саргардон монда ва дар кори хеш андеша мекунам.*”)

Убайдуллоҳи Зиёд ба маҳзи вуруд ба Кӯфа, саршиносонро хост ва гуфт: агар мухолифе дар яке аз корҳои мо мавҷуд бошад, ӯро аз ато исқот мекунам.

Омир ибни Муҷаммаъи Убайдӣ (ё Муҷаммаъ ибни Омир) гуфт:

أَمّا رُؤَساؤُهُمْ فَقَدْ أُعْظِمَتْ رِشْوَتُهُمْ وَمُلِئَتْ غَرائِرُهُمْ

(“*Аммо руасои онҳо, ки ришваи фаровон ба онҳо дода шуда ва хӯрҷинҳояшон пур шудааст*.”)

Ду чизе, ки мояи равшании чашми Абӯабдуллоҳ буд

Дар айёми Карбало ва он ибтилои аҷиб, чанд чиз буд, ки мӯҷиби издиёди мусибатҳои Абӯабдуллоҳ мешуд; аз ҳама болотар баъзе даноатҳо ва суханони нораво ва беадабиҳо ва ваҳшигариҳое буд, ки аз куфиён медид. Вале ду чиз буд, ки чашми Абӯабдуллоҳро равшан ва дилашро хуррам медошт. Он ду, асҳоб ва аҳли байташ буданд. Вафодориҳо ва ҷоннисориҳо ва бе музойиқа хидмат карданҳо ва ба иборати дигар, сафоҳо ва вафоҳо ва ҳамгомиҳо ва ҳамоҳангӣ нишон доданҳои онҳо дили ҳазратро шоду хуррам медошт (барои марди ақида ва имон ва маслак, мояи хушдилӣ болотар аз дидани ҳамгом ва ҳамоҳанг ёфт намешавад) ва мукаррар дар мавоқеъе аз таҳи дил ба онҳо дуо кард. Илова, ҳамон шаҳодат ба ин ки:

إِنّي لا أَعْلَمُ أَصْحاباً أَبَرَّ وَلا أَهْلَ بَيْتٍ أَوْصَلَ وَلا أَوْفى مِنْ أَصْحابي

— ҳокӣ аз камоли эътимоди Абӯабдуллоҳ ва дилхушиаш ба онҳост.

Мусалламан тазаккури Абӯсумомаи Соъидӣ барои намоз — ки охирин намозро дар хидматат бихонем — дили Ҳусайнро шод кард, ки дар бораш дуо кард. Ва аз он болотар, он фидокории аҷиби Саъид ибни Абдуллоҳи Ҳанафӣ ва гуфтани ҷумлаи:

أَوَفَيْتُ

(“*Оё вафо кардам!*”)

Абӯабдуллоҳ дар бораи иддае дуо кард. Ҷонсӯзтар аз ҳама дуое аст, ки дар бораи ҷавонаш кард. Дар бораи ҷавонаш дуо кард, ки умедворам ҳар чи зудтар аз дасти ҷаддат сероб бишавӣ.

Ҷавобҳои Қосим дар шаби Ошӯро дили Ҳусайн алайҳис саломро шоду равшан кард, ки дар бораи марг гуфт:

أَحْلى مِنَ الْعَسَلِ

Дуоҳои Ҳусайн дар айёми Карбало дар бораи ашхос

Абӯабдуллоҳ дар рӯзи Ошӯро дар бораи иддае дуо кард:

1) Абӯсумомаи Соъидӣ;

2) Алиакбар;

3) Дар бораи умум дар шаби Ошӯро баъд аз он ки гуфтанд, мо аз ту ҷудо намешавем, фармуд:

جَزاكُمُ اللهُ خَيْراً

Баёни Қуръон дар фалсафаи қиёми муслеҳини илоҳӣ

Дар сураи муборакаи Ҳуд ояти 116 ва 117 мефармояд:

فَلَوْلَا كَانَ مِنَ الْقُرُونِ مِنْ قَبْلِكُمْ أُولُو بَقِيَّةٍ يَنْهَوْنَ عَنِ الْفَسَادِ فِي الْأَرْضِ إِلَّا قَلِيلًا مِمَّنْ أَنْجَيْنَا مِنْهُمْ وَاتَّبَعَ الَّذِينَ ظَلَمُوا مَا أُتْرِفُوا فِيهِ وَكَانُوا مُجْرِمِينَ. وَمَا كَانَ رَبُّكَ لِيُهْلِكَ الْقُرَى بِظُلْمٍ وَأَهْلُهَا مُصْلِحُونَ

(“*Пас чаро дар миёни умматҳои пеш аз шумо мардуми диндор пайдо нашуданд, ки аз фасод дар замин ҷилавгирӣ кунанд, ҷуз дастаи андаке, ки мо наҷоташон додем? Ва ситамгарон неъматҳо ва рифоҳеро, ки ба эшон дода будем, дар роҳи фасод ба кор гирифтанд ва гунаҳкор буданд. Ва чунин нест, ки парвардигори ту ба хотири ширк аҳли қаряеро, ки кори шоиста мекунанд ҳалок созад.*”)

Аз Қуръони Карим истифода мешавад, ки ҳеч пайғамбаре наомада, магар он ки қавме бо ӯ мухолиф будаанд, яъне магар ин ки ӯ ба мухолифати қавме барҳоста. Ин тавр набуда, ки пайғамбарон суханеро аз осмон ва ғайри марбут ба низоми зиндагии мардум бигӯянд ва як идда ҳам фақат барои он ки бо ҳар ҳарфе мухолифат мешавад ва марази мухолифат доранд, бо пайғамбарон мухолифат мекардаанд; хайр, ин тавр нест (ҳарчанд мо умуман

ин тавр матлабро баён мекунем ва ҳар кас, ки мехоҳад бигӯяд фалонӣ бечиҳат яъне бидуни иллат ва мӯҷиб — на бидуни ҳақ ва адолат — бо ман мухолифат мекунад, мегӯяд, мардум бо пайғамбарон ҳам мухолифат мекардаанд).

Пайғамбарон ба мухолифат ва мубориза бо мардум бармехостанд. Дар Қуръони Карим иллати мухолифати мардумро ва мантиқе, ки баъд ба боиси ҳамон иллати мухолифат дуруст мекарданд ва ин ки савқдиҳандагони мухолифат бо пайғамбарон ва аламдорони наҳзат алайҳи пайғамбарон иддаи хоссе буданд ва онҳо буданд, ки мантиқе барои мушавваш сохтани зеҳни умум, ки ба он дард гирифтор набуданд дуруст мекарданд, ҳамаи инҳоро зикр мекунад.

Қуръон мегӯяд, дарди аслии мухолифат, тарфи мутрафин аст ва ба иборати дигар, низоми золимонаи мавҷуди зиндагӣ аст. Дар сураи Сабаъ, ояти 34 мефармояд:

وَمَا أَرْسَلْنَا فِي قَرْيَةٍ مِنْ نَذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا بِمَا أُرْسِلْتُمْ بِهِ كَافِرُونَ

(*“Ва мо ҳеч расули бимдиҳандае дар диёре нафиристодем ҷуз он ки сарватмандони айёши он диёр (ба расулон) гуфтанд: мо ба он чи шуморо ба рисолати он фиристодаанд кофирем*.”) ва дар сураи Зухруф, ояти 23 ва 24 мефармояд:

وَكَذَلِكَ مَا أَرْسَلْنَا مِنْ قَبْلِكَ فِي قَرْيَةٍ مِنْ نَذِيرٍ إِلَّا قَالَ مُتْرَفُوهَا إِنَّا وَجَدْنَا آبَاءَنَا عَلَى أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَى آثَارِهِمْ مُقْتَدُونَ. قَالَ أَوَلَوْ جِئْتُكُمْ بِأَهْدَى مِمَّا وَجَدْتُمْ عَلَيْهِ آبَاءَكُمْ قَالُوا إِنَّا بِمَا أُرْسِلْتُمْ بِهِ كَافِرُونَ

(“*Ва ҳамин гуна ҳеч бимдиҳандаеро пеш аз ту дар қаряе нафиристодем ҷуз ин ки афроди хушгузарони онҷо гуфтанд: мо падарони худро бар роҳе ёфтаем ва худ низ аз осорашон пайравӣ мекунем ва он паёмбар гуфт: ҳарчанд ман чизе оварда бошам, ки аз он чи шумо падарони худро бар он ёфтаед беҳтар бошад? Гуфтанд: мо ба он чи шумо ба он фиристода шудаед кофирем*.”)

Дар ин ояти ахир ишора шудааст ба ибтилои Хотами анбиё ва ин ки ин ибтило умумият дошта ва ин ки дарди онҳо тарфу исрофу танаъум аз вазъи золимонаи мавҷуд буда ва ин ки ин мантиқро, ки падарони мо чунин будаанд, онҳо барои худ ва барои ҳимоят аз тарфи худ тарошидаанд, ки ғайри мутрафин ва бечораҳои заъифро, ки даъвати ҷадид барои наҷоти онҳо омада, дар ноҳияи фикр гумроҳ кунанд, ки сунани мозӣ лозимулэҳтиром аст, вагарна худи онҳо ба он сунан кучактарин алоқае надоштанд.

Қурайш, яъне акобири Қурайш, ба пайғамбар эрод мегирифтанд, ки чаро ғизо мехӯрад ва роҳ меравад ва чаро ганҷе аз тилло ва боғе пур аз мева надорад? Оё воқеан амсоли Абӯсуфён ва Абӯҷаҳл гирифтор шубҳа ва шак буданд ва барои изҳори шакки худ ин суханонро мегуфтанд ва ё барои илқои шак дар дигарон мегуфтанд? Онҳо, ки Иброҳимро пайғамбар медонистанд ва оё мӯътақид буданд, ки Иброҳим таом намехӯрд

ва дар миёни мардум роҳ намерафт ва ганҷе аз тилло ва боғе пурмева дошт?! Ҳамаи инҳо баҳона ва барои фиреби мустазъафин буд.

Ба ҳар ҳол, Қуръон ҳадафи пайғамбаронро қиём ба қист муаррифӣ мекунад:

لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ

(*Сураи Ҳадид, ояти 25*) Қаҳран чун анбиё чунин ҳадафе доранд, касоне, ки барҳамзанандаи адли иҷтимоӣ ҳастанд ва каффаи онҳо аз тарозуи иҷтимоъ чарбида, мухолифат мекардаанд ва ин буд сирри бузурги мухолифати амсоли Абӯсуфён бо пайғамбар, ки то пойи фидои нафарот ҳам омаданд. Пас мухолифати сарони Қурайш бо пайғамбар рӯи ҳамон асле аст, ки Фиръавн бо Мӯсо ва Намруд бо Иброҳим ва ҳар қавми пайғамбаре бо он пайғамбар мухолифат мекарданд.

Ва аммо ояти:

فَلَوْلَا كَانَ مِنَ الْقُرُونِ مِنْ قَبْلِكُمْ

Аз ин оят чанд матлаб истифода мешавад:

а) Вуҷуби наҳӣ аз фасод дар рӯи замин ва мубориза бо фасод;

б) Ин ки будани адади қалиле кофӣ нест;

в) Иллатулилали фасод, тарф аст;

г) Ҳофизи бақои як миллат, адл аст ва мулк бо куфр боқӣ мемонад ва бо баҳам хӯрдани таъодул боқӣ наmemонад.

Байзовӣ маънои:

أُولُو بَقِيَّةٍ

— ро

أُولُوا بَقِيَّةٍ مِنَ الرَّأْيِ وَالْعَقْلِ

Ё:

أُولُو الْفَضْلِ

Ва ё:

أُولُو الْإِبْقَاءِ

Яъне касоне, ки бар нуфуси худашон ибқо мекунанд (медонад) ва мегӯяд, дар ояти баъдӣ:

وَمَا كَانَ رَبُّكَ لِيُهْلِكَ الْقُرَى بِظُلْمٍ

“Бизулм” яъне “биширк”; мақсуд аз зулм, ширк аст ва маънои оят ин мешавад, ки парвардигор ба ширк, қаряҳоро ҳалок намекунад агар аҳли ислоҳ ва риояти адолат бошанд.

Каломи Шаҳристонӣ дар ин ки ҳастаи ҳамаи ҳаводис дар қарни аввал рехта шуд

Дар сафҳаи 5-и “Сумуввул-маънӣ” аз Шаҳристонӣ дар “Милал ва ниҳал” нақл мекунад, ки гуфта:

كلّ التبليلات الّتي مرّت بالتاريخ الاسلامى سواء فى العقيدة أو السياسة يمكننا أن نجد لها مرتجعاً ومردّاً فى حوادث صدر التاريخ

(*“Тамоми мушкилот ва гирифториҳое, ки бар таърихи исломӣ гузаштааст, дар ақида бошад ё сиёсат, моро расад, ки сарчашмаи онро дар ҳаводиси садри таърих биёбем.*”)

Марди бузург яъне чӣ?

Мардони бузурги таърих, азамат ва бузургӣ: миқёси азамат ва бузургии афрод, шахсияти руҳии онҳост. Албатта возеҳ аст, ки миқёси азамати афрод, мушаххасоти баданӣ ё нажодии онҳо нест. Мо дар таърих ба афрод ва ашхосе бармехӯрем, ки онҳо афроди барҷастаи таърих ба шумор мераванд ва дар сафаҳоти таърих монанди қуллаҳои кӯҳ бар рӯи сафҳаи замин барҷастагӣ доранд ва намоён мебошанд, бар хилофи соири афрод, ки дар ҳукми сангарезаҳо бар рӯи сафҳаи таърих ба шумор мераванд, ки инсон дар ҳамон нуқтаи бахусус агар биистад ва мутолеа кунад, онҳоро мебинад ва баъзеҳо ҳам ин қадр резу кучаканд, ки аслан дида намешаванд.

Масалан, Искандар ва Наполеон ва Нодир ва Шоҳ Исмоил ва амсоли инҳо афроди бузург ва барҷастаи таъриханд, ҳамон тавре, ки анбиёи бузург ва авлиёи бузурги илоҳӣ низ монанди Иброҳим ва Мӯсо ва Исо алайҳис салом ва Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ва Алӣ алайҳис салом, аз барҷастагони таърих ва бузургони башариятанд.

Ҳоло мехоҳем бибинем, бузургии дастаи аввал ва дастаи дуввум бо ҳам қобили муқоиса ҳастанд ё на? Албатта на, зеро дуруст аст, ки он афрод аз он ҷиҳат, ки ҳиммати бузург ва иродаи қавӣ доштаанд ва шуоъи доираи хосташон тӯлонӣ буда ва ба каму кучак қаноат надоштаанд (қобил таҳсинанд) ва қаҳран инсон вақте, ки ҳиммат ва диловарии бархе аз онҳоро мехонад, дар муқобили азамати онҳо хира ва мабҳут мешавад ва аҳёнан сари таъзим фуруд меоварад ва дар қалби худ як навъ муҳаббате нисбат ба онҳо эҳсос мекунад. (Асаре, ки аз Шоҳномаи Фирдавсӣ дар нуфус пайдо мешавад, аз ин навъ аст.) Вале бузургии дастаи дуввум як навъи дигар ва як ҷинси дигар аст; аз он навъ бузургӣ аст, ки мақоми тақаддус пайдо мекунад, то он ҷо, ки номи онҳо муқаддас мешавад, ҳамон

тавре, ки мебинем номи Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ва Алӣ алайҳис салом ва Имом Ҳусайн алайҳис салом ва ҳамчунин Иброҳим ва Мӯсо ва Исо алайҳис саломро ҳолае аз қудс иҳота кардааст. Чаро? Барои ин ки дуруст аст, ки дастаи аввал бузургу азиманд, вале азамати онҳо ва дуруштии онҳо аз навъи азамат ва дуруштии худхоҳӣ аст. Ҳар як аз онҳо сабуъи бузурге ва ҳайвони бузурге ҳастанд. Фарқ намекунад; инсон дар баробари касе ҳам, ки хеле пурхӯр аст ва баробари даҳ нафар мехӯрад, эъҷоб ва аҳёнан таҳсин дорад. Яке хӯрандаи рез аст ва дигаре хӯрандаи дурушт, яке ҷоҳталаби рез аст ва яке ҷоҳталаби дурушт. Масалан, як кадхудои деҳаи даҳ хонворе, ки ҳамаи ҳиммату орзуяш кадхудоӣ ин деҳа аст, як ҷоҳталаби хӯрдапост ва он ки дунболи кадхудоии деҳаи ҳазор хонвор меравад, аз навъи аввалӣ аст, вале дурушттар ва он ки дунболи ҳукумати як шаҳристон ё як устон ва ё як кишвар меравад, ба ҳамин нисбат дурушттар аст ва он ки савдои ҷаҳонгирӣ ва ҷаҳондорӣ дар сар дорад, як ҷоҳталаби дурушттар аст. Шахсияти инҳо азим аст ва шахсияти худхоҳиашон азим аст; сабуъи азим ва ҷоҳталаби азим ва истисморгари азим ҳастанд.

Инҳо вусъати руҳ ва сиъаи шахсият пайдо кардаанд, вале тамоми он тавсиа ва вусъат дар ноҳияи ҳавоиҷи шахсии худашон аст, мехоҳанд тамоми дунёро дар ҳозимаи бузурги худ бирезанд. Инҳо пурхӯрҳои рӯзгоранд, мехоҳанд ҳамаи дунёро ҷузъи худ бикунанд, ҳамаи шахсиятҳоро фонӣ бикунанд магар шахсияти худашонро ва шахсиятҳои туфайлии худашон яъне он шахсиятҳо, ки ҷузъ шахсияти онҳост ва ҳазмшуда дар шахсияти онҳост. Пас онҳо бузурганд ва фаъол, вале монанд ғуддаи саратон, ки як селлул бетаносуб шурӯъ мекунад ба рушд ва ҳамон маншаъи ҳалокати бадан мешавад.

Вале дастаи дуввум тавсиаи шахсият пайдо мекунанд он тавр, ки модар тавсиаи шахсият пайдо мекунад, ки фарзанд ва шахсияти фарзанд, мустақил ва маҳфуз ва мӯҳтарам мемонад ва ӯ ҳамон тавр барои он шахсият кор мекунад, ки барои худаш кор мекунад. Ӯ намехоҳад он шахсиятҳоро дар худаш ҳазм кунад, балки мехоҳад онҳоро ҳифз кунад ва мустақил ва мӯҳтарам бишуморад. Ӯ ба манзилаи ғуддаи саратон нест, ба манзилаи як руҳи қавӣ аст, ки дар пайкари иҷтимоъ медамад ва ҳамаро зинда ва фаъол месозад. Ӯ мисдоқи

مَنْ أَصْبَحَ وَلَمْ يَهْتَمَّ بِأُمورِ الْمُسْلِمينَ فَلَيْسَ بِمُسْلِمٍ

— аст. Ӯ шахсияти инсониаш тавсиа пайдо карда ва руҳи башарӣ на ҳайвонии ӯ бузург шуда. Ӯ тавсиаи виҷдон ва имон пайдо карда ва ба қавли Мавлавӣ:

Ҷони ҳайвонӣ надорад иттиҳод,

Ту маҷӯ ин иттиҳод аз руҳи бод.

Гар хурад ин нон, нагардад сер он

В-ар кашад бор ин, нагардад ӯ гарон.

Мо чаро имрӯз фидои Ҳусайн ҳастем? Чун он чиро Пайғамбар фармуд, ки:

حُسَيْنٌ مِنّي وَأَنَا مِنْ حُسَيْنٍ

— ҳамаи мо дар худамон эҳсос мекунем, яъне Ҳусайнро аз худ ва худро аз Ҳусайн ҷудо намебинем. Мо Ҳусайнро ба сурати як фард, ки манзураш анҷоми тақозоҳои шахсии худ аст намебинем. Мо ӯро як руҳи куллӣ мебинем, ки қабл аз вақт дар фикри мо буда. Пас ӯ аз мост ва мо аз ӯ ҳастем, ӯ аз башарият аст ва башарият аз ӯст, ӯ бо руҳи мо ва сарнавишти мо омехтааст. Мо аз ӯ ва ӯ аз мост.

Тавсиаи шахсияти инсонӣ ҳамон буд, ки Алӣ алайҳис салом дошт ва мефармуд:

وَحَسْبُكَ داءً أَنْ تَبيتَ بِبِطْنَةٍ

وَحَوْلَكَ أَكْبادٌ تَحِنُّ اِلَى الْقِدِّ

(*“Ва ҳамин дард барои ту бас, ки сер бихобӣ дар ҳоле, ки дар атрофи ту ҷигарҳои ташнаи машке об бошанд.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 45)*)

Ё мегуфт:

وَهذا أَخو غامِدٍ وَقَدْ وَرَدَتْ خَيْلُهُ الْأَنْبارَ... وَلَوْأَنَّ امْرَأً مُسْلِماً ماتَ مِنْ بَعْدِ هذا أَسَفاً

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 27*)

Тавсиаи шахсият ин аст, ки воқеан инсон бигӯяд:

Ман аз бенавоӣ наям рӯйзард,

Ғами бенавоён рухам зард кард.

(Саъдӣ, Бӯстон)

Тавсиаи шахсият ин аст, ки Ҳусайн алайҳис салом фармуд:

أَنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً وَلا بَطِراً

Ё гуфт:

مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً مُسْتَحِلاً لِحُرُمِ اللهِ

Тамоми фоҷеаи Карбало барои ин буд, ки Имом раъйи худро нафурӯхт

Аз қабл аз мурдани Муовия ва ҳамчунин баъд аз мурдани ӯ, дар давраи Язид, чӣ дар вақте, ки Имом дар Мадина буд ва чӣ дар Макка ва чӣ дар байни роҳ ва чӣ дар Карбало, онҳо аз Имом фақат як имтиёз мехостанд ва агар он як имтиёзро Имом ба онҳо медод на танҳо коре ба кораш надоштанд, инъомҳо ҳам мекарданд ва Имом ҳам ҳамаи он таҳаммули ранҷҳоро кард ва тан ба шаҳодати худ ва касонаш дод, ки ҳамон як имтиёзро надиҳад. Он як имтиёз, фурӯхтани раъй ва ақида буд. Дар он замон сандуқ ва интихоботе

набуд, байъат буд. Байъати он рӯз раъй додани имрӯз буд. Пас Имом агар як раъйи ғайри вичдонӣ ва ғайри машрӯъ медод, шаҳид намешуд. Шаҳид шуд, ки раъй ва ақидаи худашро нафурӯхта бошад.

Карбало намоишгоҳи маъно ва руҳоният, на намоишгоҳи ҷиноятӣ башар

Дар замони мо маъмул аст, ки кишварҳо намоишгоҳи санойеъ дуруст мекунанд ва гоҳе намоишгоҳи ҷаҳонӣ аз ҳамаи кишварҳои дунё дуруст мекунанд. Зоҳиран дар ҳар шаст сол як бор, тамоми дунё як намоишгоҳ тартиб медиҳанд. Гӯянд, бурҷи Эйфел ёдгори як намоишгоҳе аст, ки дар шасту анде сол пеш сохта шуда. Дар се чаҳор сол пеш низ намоишгоҳе дар Брюссел тартиб доданд, ки аз ҳамаи кишварҳои шарқу ғарб дар онҷо ҷамъ шуда буданд ва мардум аз ҳамаи дунё ба онҷо рафтанд. Манзур аз ин намоишгоҳҳо нишон додани маҳсулоти фикрӣ ва амалии башар аст. Дар онҷо инсон азамати фикр ва фаъолият ва миқдори ҳунарнамоии башарро мефаҳмад. Дар онҷо ҳама чизро меоваранд, аз сӯзан то намунаи корхонаҳои азим.

Саҳнаи Карбалоро метавон ташбеҳ кард ба як намоишгоҳ, вале на намоишгоҳи илму санъат, балки намоишгоҳи маънавият ва маърифат. Дар ин намоишгоҳ, инсон метавонад ба азамати қудрати ахлоқӣ ва руҳӣ ва маънавии башар пай барад ва бифаҳмад, то чӣ андоза башар богузашт ва фидокор ва озодмард ва Худопараст ва ҳақхоҳ ва ҳақпараст мешавад; маъонии сабр ва ризо ва таслим ва шуҷоат ва мурувват ва карам ва бузургворӣ то чӣ андоза қудрати зуҳуру буруз дорад!

Маъмулан аҳли минбар вақте, ки мехоҳанд қазияи Карбалоро бузург кунанд, ҷанбаи фоҷеа будан ва зулму ситамҳоро бузург мекунанд, дар ҷустуҷӯи пайдо кардан ва ҳатто ҷаъл кардани фоҷеаҳо ҳастанд; бо баёнҳои мухталиф ва ташбеҳот ва муҷассам сохтанҳо ҷанбаи фоҷеа буданро тақвият мекунанд ва ҳол он ки мо бояд аз худ бипурсем: бузургии ҳодисаи Карбало аз чӣ назар аст? Оё аз назари фаҷеъ будан аст? Қатъан ин фоҷеа, фоҷеаи камназире аст чунонки Абӯрайҳони Берунӣ дар “Ал-осорул-боқия” ба нақли “Нафасул-маҳмум” гуфта ва ҳамчунин дигарон, вале фоҷеаи азим ва шояд азимтар аз ин дар дунё зиёд буда. Худи фоҷеаи Мадина камтар аз фоҷеаи Карбало набуда. Азамати матлаб аз лиҳози Сайидушшуҳадо ва ёрони он ҳазрат аст, на аз лиҳози Ибни Зиёд ва Ибни Саъд ва атбоъу ашёъи онҳо; азамати саодат аст, на азамати шақоват. Карбало беш аз он андоза, ки намоишгоҳи шақоват ва бадӣ ва зуҳури палидии башар бошад, намоишгоҳи руҳоният ва маънавият ва ахлоқи олӣ ва инсоният аст, вале аҳли минбар камтар ба он ҷанба таваҷҷӯҳ доранд; ва ба иборати дигар, дар ин қазия аз он ҷанба бояд нигоҳ кард, ки

Абӯабдуллоҳ ва Абалфазл ва Зайнаб қаҳрамони достонанд, на аз он ҷиҳат, ки Шимр ва Синон қаҳрамони достонанд.

Чаро Ҳур тағйири руҳия дод?

Гуфта шуда, ки як иллати ин ки Ҳур гаравид ба Сайидушшуҳадо, ин аст, ки муддати зиёде ҳамроҳи ҳазрат буд ва аз наздик ӯро шинохт.

Асҳоби Ҳусайн ҳеч кадом паноҳ ба душман набурд, вале аз душман ба худ мулҳақ карданд

Яке аз мазоҳири қувват ва камоли наҳзати ҳусайнӣ ин аст, ки онҳо бо он ҳама шиддат ва гирифторӣ, ҳеч кадомашон мулҳақ ба душман нашуд, вале тавонистанд аз лашкари ғолиби тарафи муқобил дил бирубоянд чунонки Ҳур ва 30 нафари дигарро дил рубаданд. Ва шояд иллати ин ки Абӯабдуллоҳ исрор дошт, ки ҳар, ки рафтанӣ аст биравад, ин буд, ки мехост намоишгоҳаш комил бошад ва дар миёни онҳо заъифе вуҷуд надошта бошад, ки дар гирогири кор сустӣ нишон диҳад.

Ин ҷиҳат дар Бадру Сиффин айби зиёде надошт, вале дар Карбало айб дошт, чун бинои кори Карбало бар гузашт ва фидокорӣ буд. Маъмулан ғолиб аз мағлуб мерубояд, на мағлуб аз ғолиб; ва ин бад-он ҷиҳат аст, ки аз лиҳози руҳӣ инҳо ғолиб буданд ва онҳоро шикаст ва таҳти таъсир қарор дода буданд.

Фаҷеътарин ҷанбаҳои шаҳодати Сайидушшуҳадо

Аз ҷанбаҳои фаҷеъ будан, як ҷанба аст, ки аз ҳама болотар буд ва онро камтар мавриди тавоҷҷӯҳ қарор медиҳанд ва он ин мавзӯъ аст, ки —

يَتَقَرَّبونَ اِلَى اللهِ بِدَمِهِ

— ва ба ҳодисаи шаҳодати Сайидушшуҳадо ранги динӣ доданд. Фарқ аст байни ин ки гурге барраеро бихӯрад ва байни ин ки бихӯрад ва унвони “қурбатан илаллоҳ” ва масолеҳи миллӣ ва хиёнат ва қиём бар зидди масолеҳи умумӣ ҳам ба он бидиҳанд. Ба назар мерасад, ки ин ҷиҳат аз ҳама болотар буд. Бузургтарин ҷиноятҳо онҳост, ки ба номи ахлоқ ва руҳоният ва сулҳ мешавад.

Се марҳилаи шаҳодати Ҳусайн, мактаби ҳусайнӣ илҳомдиҳандаи муслеҳин аст, мактаби гуноҳкорсозӣ нест

Имом Ҳусайн се марҳилаи шаҳодат дорад: шаҳодати тан ба дасти язидён, шаҳодати шӯҳрату сумъа ва номи нек ба дасти баъдиҳо бахусус Мутаввакили Аббосӣ ва шаҳодати ҳадаф ба дасти аҳли минбар. Севвумӣ бузургтарин марҳилаи шаҳодат аст ва ҷумлае, ки Зайнаб ба Язид фармуд –

خُذْ كَيْدَكَ وَاسْعَ سَعْيَكَ

(“*Ҳар ҳилае дорӣ, ба кор бар ва ҳар кӯшише тавонӣ, ба кор гир*.”) — шомили ҳар се даста мешавад.

Мактаби Имом Ҳусайн мактаби гуноҳкорсозӣ нест, балки идомаи мактаби анбиё аст, ки дар сураи Шуъаро зикр шуда ва бо таҷдид зикраш дар ҳар сол ва ҳар вақт бояд ба сурати зиндае боқӣ бимонад, зеро нубувват хатм шуда ва ин мактаб ба манзилаи манбаъи ваҳй ва илҳоми анбиё аст, яъне ба пайғамбарон ваҳй мешуда аз тарафи Худо, ки дар мавоқеъи лозим қиём кунанд, ҳоло мактаби ҳусайнӣ бояд ваҳйкунанда ва илҳомдиҳандаи мардони бузург бошад, ки баъдҳо ба сурати муслеҳин қиём мекунанд, на ба сурати анбиё, зеро нубувват хатм шуда.

Герберт Спенсер ба нақли Фурӯғӣ мегӯяд, бузургтарин ормони некон ин аст, ки дар одамсозӣ ширкат кунанд, яъне мактаби солеҳсозӣ биёваранд.

Мактаби Ҳусайн алайҳис салом, на танҳо мактаби гуноҳкорсози (набуд), аз солеҳсозӣ ҳам болотар буд; мактаби муслеҳсозӣ аст.

Мушаххасоти сиёсати умавӣ: доман задан ба оташи таассуби нажодӣ ва тарвиҷи шеър

Умавиҳо аз чанд чиз ҳимоят ва бо чанд чиз мубориза мекарданд. Аз ҷумла чизҳое, ки ҳимоят мекарданд, доман задан ба оташи таассубҳои нажодӣ буд. Дар “*Ал-Имом ас-Содиқ*” менависад, ки Ҳаҷҷоҷ ба омили худ дар Басра навишт, ки вақте, ки номаи ман ба ту мерасад, набатияро аз худ дур кун, ки барои дин ва дунё мафсадаанд. Омил — ба қаринаи калом — афроди муттақӣ ва қориёни Қуръонро истисно кард ва гузориш дод. Ҳаҷҷоҷ номае бинавишт ва дар он нома навишт, ки ба расидани ин нома, табибҳоеро ҷамъ кун, ки дар хоб туро муойина кунанд, агар раги набатӣ пайдо карданд, фавран қатъ кун.

Яке дигар, тарвиҷи ашъор ва бахусус ашъори ҷоҳилӣ буд. Гузашта аз ашъори базмӣ, кӯшиш мекарданд, ки ба мардум илқо кунанд, ки ҳикмат ҳам дар ашъор аст. Дар ҷилди чаҳоруми Ибни Халлакон, сафҳаи 328, зимни шарҳи ҳоли Абӯубайдаи Наҳвӣ менависад:

وذكر المبرّد فى كتاب الكامل أنّ معاوية بن أبي سفيان الأمويّ قال اجعلوا الشّعر أكبر همّكم وأكثر آدابكم فإنّ فيه مآثر أسلافكم ومواضع إرشادكم فلقد رأيتني يوم الهزيمة وقد عزمت على الفرار فما ردّني الاّ قول ابن الاطنابة الانصاريّ:

أَبَتْ لي عِفَّتي وَأَبى بَلائي

وَأَخْذِي الْحَمْدَ بِالثَّمَنِ الرَّبيحِ

وَإِجْشامي عَلَى الْمَكْروهِ نَفْسي

وَضَرْبي هامَةَ الْبَطَلِ الْمُشيحِ

وَقَوْلي كُلَّما جَشَأَتْ وَجاشَتْ

مَكانَكِ تُحْمَدي أَوْ تَسْتَريحي

لِأَدْفَعَ عَنْ مَآثِرَ صالِحاتٍ

وَأَحْمي بَعْدُ عَنْ عِرْضٍ صَريحِ

(“*Мубаррад дар китоби “Комил” оварда, ки Муовияи ибни Абӯсуфёни Умавӣ гуфт: бояд шеър бузургтарин кӯшиш ва бештарин адабиёти шумо бошад, ки осори пешиниёни шумо ва мавозеъи иршод ва роҳёбии шумо дар он нуҳуфтааст. Ҳамоно ман дар рӯзи ҳазимат (гурез аз ҷанг) тасмим бар фирор гирифтам ва чизе маро бознагардонд ҷуз ин сухани бни Атнобаи Ансорӣ:*

Иффат ва варзидагии ман ва ин ки хостам бо баҳои гарон ситоишро барои худ бихарам ва нафсамро бар ногувориҳо водоштам ва бар фарқи далере, ки худро мепояд кӯфтам ва ба нафси худ вақте бетобӣ ва ғазаб мекард гуфтам, сари ҷойи худ бош, то ситоиш шавӣ ё истироҳат кунӣ, ҳамаи инҳо боис шуд, ки аз майдони корзор нагурезам, то аз осори солеҳ ва шоиста дифоъ кунам ва аз обрӯи неки худ ҳимоят намоям.”)

Он ҷумлаҳои Муовия дар воқеъ муборизае аст бо

وَالشُّعَرَاءُ يَتَّبِعُهُمُ الْغَاوُونَ

(*Сураи Шуъаро, ояти 224*) ва суннати набавӣ. Муовия чаро дар он вақт ба фикри оятҳои ҷиҳодии Қуръон наафтод ва ба фикри ин ашъори таассубомез афтод?!

Албатта истишҳод ба шеъри ҳикмат айб надорад, ҳамон тавре, ки Абӯабдуллоҳ ҳам дар айёми ҳаракат ба Карбало ба ашъори яке аз ансор тамассуле ҷуст –

سَأَمْضي وَما فِى الْمَوْت

вале ин баёни куллии Муовия, ки мегӯяд:

хеле хатарнок аст ва ба илова, хеле фарқ аст байни он ашъор ва ин ашъор.

Ҷорҷи Зайдон дар ҷилди чаҳоруми "*Тамаддуни ислом*" (с.131) мегӯяд:

"*Дар назари Банӣ Умайя мардум се даста мешуданд: аввал, фармонравоён, ки худи арабҳо буданд, дуввум, маволӣ яъне бандагон (мусалмонони озодшуда)-и онон, севвум, зиммиҳо; чунонки Муовия роҷеъ ба мардуми Миср мегӯяд: аҳли он кишвар се даста: нос, шабеҳи нос, наснос ва ё лонос (ҷонвар) (мебошанд.) Табақаи аввал арабҳо ва дуввум маволӣ ва севвум зиммиён яъне қибтиён ҳастанд.*"

Дар ҷилди чаҳорум, Ҷорҷи Зайдон фасле дорад дар сиёсати давлат дар асри умавӣ. Вай роҷеъ ба ин ки умавиҳо ба аҳли зимма сахт мегирифтанд барои пул ва агар пул медод ӯро хеле гиромӣ медоштанд, ирҷоъ мекунад ба Хутати Микризӣ…

Ризо ва таслим

Дар китоби "*Роҳнамои донишварон*" ин рубоиро ба Рукнуддин Маҳмуди Хавофӣ нисбат медиҳад:

Ғаввосӣ кун гарат гуҳар мебояд,

Ғаввосиро чор ҳунар мебояд.

Сарришта ба дасти ёру ҷон дар кафи даст,

Дам нозадану қадам зи сар мебояд.

Дар ин рубоӣ ҳақиқати таслим аз ҷанбаи мусбат хуб баён шуда. Таслим, сукут ва сукун ва таваққуф нест; тағйири кайфияти ҳаракат аст; (муштамил бар) фарқе аст, ки ҳаракати як ғаввос дар қаъри дарё бо ҳаракати маъмулии як одам дар хиёбон дорад, аз чаҳор ҷиҳат:

Яке ин ки сарриштаи кор дар дасти дигарӣ аст, яъне амру фармон аз Худост, тарҳу нақшаи шахсӣ ва табаият аз ҳавои нафс нест.

Дуввум, хатарнок будани иқдом ва дар маърази коми аждаҳоҳо ва наҳангҳои иҷтимоъ рафтан ва ҳар лаҳза хатари ин аст, ки тасодуф бо як наҳанги азимҷусса бишавад ва ӯро ба ком бикашад.

Севвум, дам нозадан ва даҳон бастан ва ҳаракат кардан назири сарбозе, ки дар фармони фармондеҳи худаш ҳаст ва ҳамин, ки фармон расад, даст боло мекунад, ки самъан ва тоъатан ва ҳаракат мекунад ва ба иборати дигар инзибот.

Чаҳорум ин ки бояд бо сар рафт на бо по, яъне мунтаҳои майлу шавқу ишқ лозим аст.

Танҳо ҳолати инқиёд ва итоат ва дам назадан кофӣ нест, ишқу муҳаррики дарунӣ дар парастиш лозим аст, ибодатул-аҳрор вал-ушшоқ бояд бошад.

Дар Қуръони Карим ишора ба ҷиҳати аввал ва севвум мекунад он ҷо, ки мегӯяд:

فَلَا وَرَبِّكَ لَا يُؤْمِنُونَ حَتَّى يُحَكِّمُوكَ فِيمَا شَجَرَ بَيْنَهُمْ

(“*На, ба Худо савганд имон надоранд, то ин ки дар мушоҷироти худ туро доварӣ диҳанд*.” (*Сураи Нисо, ояти 65*)) Ва албатта вақте, ки ғаввосӣ бо ин чаҳор ҳунар сурат гирифт, он вақт аст, ки гавҳарҳо аз қаъри дарё истихроҷ мешавад.

Шуҷоати руҳӣ ва қуввати қалб ва ҳифзи таодул дар амал ва қиёфа ва забон

Аққод мегӯяд:

ملك جأشه وكلّ شيء من حوله يوهن الجأش

(“*Ӯ молики қалбаш буд ва ҳол он ки ҳамаи ашё атрофи ӯ мӯҷиби заъфи қалб буданд.*”)

Мантиқи маъмулии ёдкунандаҳои Абӯабдуллоҳ дар шаҳодат ва мазлумияти он ҳазрат

Мурданҳо ва даргузаштҳо чанд навъ аст:

а) Мурдани табиӣ ё мавти табиӣ (на ихтиромӣ) яъне як касе умри табиии худро карда ва тамом шуда;

б) Мавти ихтиромӣ ба василаи омилҳои табиӣ мисли ҷавонмарг шуданҳо дар асари вабо ва тоъун ва ғайра, яъне ба василаи амрозу микробҳо;

в) Мавт ихтиромӣ ба василаи ҳаводисе мисли зилзила ва сел ва тасодуфи автомобил ва ғайра, ки дар онҳо амди касе дар кор набудааст ва худи мақтул ҳам тақсире надоштааст;

г) Мавти ихтиромӣ ба василаи ҳаводисе, ки мақтул дар он тақсир дошта мисли ин ки маст буда ва савори автомобил шуда ва тасодуф карда ва мурдааст, вале шахси дигар тақсир надошта;

д) Мавти ихтиромӣ ба василаи ҳаводисе, ки ҳам мақтул ва ҳам шахси дигар тақсир доштааст мисли ғолиби кушта шуданҳо ба василаи лаҷоҷатҳо ва таассубҳо ва ҷаҳолатҳо ва мастиҳо ва монанди ин ки ду нафар дар коборе ба хотири як зан якдигарро мекушанд;

е) Мавти ихтиромӣ ба қатли амд, ки мақтул ҳеч гуна тақсире надошта ва сирфан ҷинояти қотил сабаб шуда, мисли ин ки шахсе ба як баҳонае шахсеро ҳадаф қарор медиҳад ва мекушад ё касе роҳи худро меравад ва дигаре аз рӯи ҳавас ӯро ҳадаф қарор медиҳад ё он ки рӯи ғараз бо падар ё бародар ё хешованд, ӯро ҳадаф қарор медиҳад. Барои он ки дили ақвомашро бисӯзад, он бетақсирро мекушад ё ба хотири ин ки кина нисбат ба падари марҳуми ӯро дар дил дорад, ӯро бетақсир мекушад ё ба хотири ин ки нафси вуҷуди ӯро музоҳими худ мебинад (мисли ин ки бо будани ӯ фалон зан ишқи ӯро намепазирад ва ё фалон мақом барои ӯ мусаллам намешавад бидуни он ки худи он шахс дахолате дошта бошад дар музоҳимати ишқӣ ё мақомии ӯ) ӯро мекушад;

ё) Кушта шудан дар роҳи сарбозӣ ва фидокорӣ ва шаҳодат, ки мақтул худро дар роҳи ақида ва ҳадафи худ фидо мекунад ва амд дорад, вале дар роҳи ҳадафи муқаддаси олии худ кушта мешавад ва ба иборати дигар, марги интихобӣ, ки инсон огоҳона маргро барои таҳаққуқ бахшидан ба ҳадафаш интихоб мекунад;

ж) Албатта навъе дигар марги интихобӣ ҳаст, ки худкушӣ ва фирор аз муқобила бо ҳаводис аст, ки заъф аст.

Инҳо ақсоми мурдан ва кушта шудан аст, ки баъзе асафангез аст ва баъзе нест, баъзе дар ҳақиқат сазои мақтул аст ва баъзе нест, баъзеҳо сирфи зойеъ шудан аст ва баъзе нест.

Қисми аввалро метавон гуфт, аз ҷанбаи шахсии мутаваффо асафангез нест, гӯё ин ки аз лиҳози иҷтимоъ дар баъзе афрод мумкин аст зойеъа бошад. Дар қисми дуввум зойеъа аст ва мӯҷиби таассуф аст, вале касе мавриди маломат нест ва ҳамчунин қисми севвум. Дар қисми чаҳорум муҷозоти мақтул аст дар воқеъ ва ҳамчунин дар қисми панҷум; ба иловаи ин ки дар ин қисм шахси дигар низ мавриди маломат аст. Ва дар қисми дуввум ва севвум ва чаҳорум ва панҷум зойеъ шудан ва ҳадар рафтан мавҷуд аст ва дар қисми чаҳорум ва панҷум таассуф бар ахлоқи умумӣ аст, ки чаро мунҳат ва пойин аст. Дар қисми шашум таассуф аз зойеъ шудани мақтул ва таассуф аз ахлоқи фосиди қотил аст. Дар ин қисм, инсон мутаассиф аст, ки бечиҳат шахси бетақсире зойеъ шуд ва ҳадар рафт. Вале дар қисми ҳафтум дар айни ин ки аз ҷанбаи қотил ва ахлоқ ва руҳияи ӯ ҷойи таассуф ва таассур аст, аз ҷанбаи мақтул ҷойи таҳсин ва таъзим ва сармашқ гирифтан аст.

Маъмулан ёдкунандаҳо саъй доранд шаҳодати Имом Ҳусайнро аз қисми шашум ҷилва диҳанд, ки шахсе мазлум ва бетақсир ва бечиҳат кушта ва зойеъ гашт ва ҳадар рафт ва ҳол он ки шаҳодати Имом Ҳусайн аз қисми ҳафтум аст, на аз қисми шашум. Ва маъмулан тазаккури ҳодисаи Сайидушшуҳадо аз қабили изҳори таассуф аст, он ҳам изҳори таассуф аз зойеъ шудани Сайидушшуҳадо, ки афсӯс, ки оқо зойеъ шуд ва ҳол он ки ғалаттарини ғалатҳо ин аст, ки мо Имом Ҳусайн алайҳис саломро зойеъшуда ҳисоб кунем. Имом Ҳусайн баръакс, ба ҳар қатраи хуни худ як дунё арзиш дод. Касе, ки мавҷе эҷод кард, ки қарнҳо пас аз ӯ пояҳои кохи ситамгаронро мутазалзил кард ва аз ҷо канд ва ҳатто дар қуруни худи мо ғолиби ҳаводиси доғ дар Муҳаррам эҷод мешавад, хуни ӯ ҳадар рафтааст?! Касе, ки миллионҳо нафар намозхон ва рӯзагир ва фидокор сохт, ҳадар рафт?!

Оё Имом Ҳусайн дастури хусусӣ дошт?

Яке аз умуре, ки мӯҷиб мегардад достони Карбало аз масири худ мунҳариф гардад ва аз ҳайизи истифода ва баҳрабардории оммаи мардум хориҷ шавад ва билохира он ҳадафи

куллӣ, ки аз амр ба азодории он ҳазрат дар назар аст мунҳариф гардад, ин аст, ки мегӯянд ҳаракати Сайидушшуҳадо маълули як дастури хусусӣ ва маҳрамона ба наҳви қазияи шахсия будааст[40] ва дастури хусусӣ дар хоб ё бедорӣ ба он ҳазрат дода шудааст; зеро агар бино шавад, ки он ҳазрат як дастури хусусӣ дошта, ки ҳаракат карда, дигарон наметавонанд ӯро муқтадо ва имоми худ дар назири ин амал қарор диҳанд ва наметавон барои Ҳусайн "мактаб" қоил шуд, бар хилофи ин ки бигӯем, ҳаракати Имом Ҳусайн аз дастурҳои куллии ислом истинбот ва истинтоқ шуд ва Имом Ҳусайн татбиқ кард бо раъйи равшан ва соиби худаш, ки ҳам ҳукм ва дастури исломро хуб медонист ва ҳам ба вазъи замон ва табақаи ҳокимаи замони худ огоҳии комил дошт; татбиқ кард он аҳкомро бар замони худаш ва вазифаи худашро қиём ва ҳаракат донист. Аз ин рӯ дар он хутбаи маъруф, истинод кард ба ҳадиси маъруфи Расули Худо:

مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً

Айзан фармуд:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ، لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ

— нафармуд:

لِيَرْغَبِ الْإِمامُ

Яъне вазифаи ҳар мӯъмине ин буд, на вазифаи Имом Ҳусайн аз он назар, ки имом буд. Вале маъмулан гӯяндагон барои ин ки ба хаёли худашон мақоми Имом Ҳусайнро боло бибаранд, мегӯянд, дастури хусусӣ барои шахси Имом Ҳусайн барои мубориза бо шахси Язид ва Ибни Зиёд буд ва дар ин замина аз хобу бедорӣ ҳазорҳо чиз мегӯянд. Дар натиҷа қиёми Имом Ҳусайнро аз ҳавзаи амали башарӣ қобили иқтидо ва иқтифо, ки:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ

("*Ба ростӣ барои шумо дар вуҷуди Расули Худо намуна ва улгуи хубе аст…" (Аҳзоб/21)*) хориҷ мекунанд ва ба истилоҳ аз замин ба осмон мебаранд ва ҳисоби "кори поконро қиёс аз худ магир" ба миён меояд ва амсоли инҳо. Ҳар андоза дар ин замина хаёлбофии бештар бишавад, аз ҷинну малаку хобу бедорӣ ва дастурҳои хусусӣ зиёд гуфта шавад, ин наҳзатро бемасрафтар мекунад.

Ҳоло бибинем оё агар Имом Ҳусайн бо дастури хусусӣ амал карда бошад, мақомаш болотар аст ё агар бо дастури куллӣ ва татбиқи куллӣ бар ҷузъӣ ва исобат дар татбиқи он дар ҳоле, ки кибори саҳоба монанди Ибни Аббос аз татбиқи он оҷиз буданд амал

[40] *Дар инҷо бояд фарқ байни қазоёи шахсия ва хориҷия ва ҳақиқия ва ин ки ба истилоҳи мутааххирин, ҷаъли аҳком бар тибқи қазоёи ҳақиқия аст, шарҳ дода шавад*.

карда бошад, мақомаш болотар аст? Мо шарқиҳо мақомро фақат ба ин медонем, ки гуфта шавад фалон шахс аҳли мукошифа аст, аҳли каромат ва мўъҷиза аст, ҷин дар тасхир дорад, бо фариштагон тамос дорад. Шак нест, ки Имом Ҳусайн дорои мақоми малакутӣ аст, аммо ӯ дорои мақоми ҷамъулҷмаъӣ аст, инсони комил аст. Мақоми инсон аз мақоми фариштa болотар аст. Ҳадди аълои камоли инсон дар ин нест, ки бо фариштa дар тамос бошад. Ҳадди аълои камоли инсон ин аст, ки инсони комил бошад. Мо мегўем дар Меъроҷ Ҷабраил фурӯ монд. Агар Имом Ҳусайн бо роҳнамоии мустақими фариштa ҳаракат карда бошад, маънояш ин аст, ки бо ақл ва ташхиси шахсии худаш қодир набуд, ки вазифаи худро ташхис диҳад. Аммо агар бо ақли худ ташхис дода бошад, маъниаш ин аст, ки ақлу идроки шахсии худаш аз ҳама болотар буд ва кори илҳомро кард. Илҳом дар ҷойе аст, ки ҳидояти ақлу шаръ вофӣ набошад, дар сурате, ки ҳидояти ақлу шаръ барои Имом Ҳусайн кофӣ буд. Бинобар ин, маънои:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

— ин аст, ки машиати куллии ташреъӣ инро иқтизо карда, на машиати таквинӣ ё машиати ташреъии махсуси шахсии худи ту. Дар қадим, уламои мо рӯи ин ҷиҳат зиёд баҳс кардаанд, ки оё машиат дар ҷумлаи:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

— машиати ташреъӣ аст ё таквинӣ? Ва қабул кардаанд машиати ташреъӣ аст.

Вале дар ин ҷиҳат баҳс накардаанд, ки бино бар машиати ташреъӣ, оё ин машиат ҳамон машиати куллӣ аст, ки шомили ҳамаи мусалмонон будааст ё на, як машиати ташреъӣ ва дастури ташреъӣ буда, ки ихтисос дошта ба Имом Ҳусайн алайҳис салом?

Таври дигар ҳам метавон баҳс кард, ки оқилонатар бошад: оё Имом Ҳусайн, ки қиём кард, аз он ҷиҳат қиём кард, ки имом буд ё аз он ҷиҳат, ки як нафари мўъмин ва мусалмон буд? Ба иборати дигар, агар бихоҳем дар атрофи ҳадиси:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

— баҳс кунем, бояд бигўем, оё машиат таквинӣ буд ё ташреъӣ ва бино бар ташреъӣ, оё таклифи хусусӣ ва шахсӣ буд ё таклифи куллӣ? Ва бино бар дуввум, оё он таклифи куллӣ мутаваҷҷеҳи имом ва пешвои мусалмонон буд, яъне аз навъи вазоиф ва таколифе аст, ки барои имомон вазъ шуда ё аз навъи таколифе аст, ки барои умуми мўъминин ва мусалмонон вазъ шуда? Дар ин замина бояд мисолҳои тавзеҳдиҳандае зикр шавад. Зимнан он ҷо, ки таколифи махсуси имомони мусалмонон зикр мешавад, фарқ гузошта шавад байни таколифи имом ба маънии заъими феълии мусалмонон ва байни имом ба маънии соҳиби мақоми вилоят ва висоят.

Фарқи Муовия ва Язид

Имом Ҳусайн ба Марвони Ҳакам дар Мадина фармуд:

وَعَلَى الْإِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

Роҷеъ ба калимаи “мисли Язид” бояд тааммул кард, ки чӣ хусусияте дар Язид буд, ки ҳатто дар Муовия набуд? Ин ҷиҳатро то андозае қаблан гуфтем. Дигар ин ки ду муқаддима бояд инҷо изофа кунем: яке ин ки набояд гумон кард, ки Муовия ва Язид он тавр, ки буданд ва дар ин замонҳо комилан шинохта шудаанд, дар он замон ҳам комилан шинохта шуда буданд. (Ҳамчунон, ки дар асри мо баъзе аз ҷиноятқорони гузашта, аз “қиддисин” мебошанд, чун касе онҳоро нашиносондааст мисли Шоҳ Аббоси Сафавӣ). Бо набудани васоил ва иртиботот дар он рӯз, Имом Ҳусайн комилан Язидро мешинохт, аммо умуми мардум ба таври бояд огоҳ набуданд.

Аз ин рӯ Абдуллоҳ ибни Ҳанзала, ғасилул-малоика, баъд аз он ки як сафар ҳамроҳ бо намояндагоне ба Шом рафт, ақидааш алайҳи Язид он қадр таҳрик шуд, ки гуфт: тарсидем дар Шом аз осмон сангборон шавем! Ва баъд ҳам бо ҳашт писари худ дар роҳи мубориза бо Язид худро ба куштан дод. Пас Имом Ҳусайн дар хишти хом медид он чиро, ки дигарон дар ойина намедиданд.

Муқаддимаи дуввум ин ки фарқ аст байни халифае, ки шахсан носолеҳ аст, вале умурро дуруст мечархонад ва байни халифае, ки вуҷудаш дар ҳоли ҳозир алайҳи масолеҳи мусалмонон аст. Аз ин рӯ Алӣ алайҳис салом дар вақте, ки бино шуд бо Усмон байъат шавад, фармуд:

لَقَدْ عَلِمْتُمْ أَنّي أَحَقُّ بِها مِنْ غَيْرِي، وَ وَاللهِ لأُسَلِّمَنَّ ما سَلِمَتْ أُمورُ الْمُسْلِمينَ وَلَمْ يَكُنْ فيها جَوْرٌ اِلاّ عَلَيَّ خاصَّةً الْتماساً لِأَجْرِ ذلِكَ وَفَضْلِهِ وَزُهْداً فيما تَنافَسْتُموهُ مِنْ زُخْرُفِهِ وَزِبْرِجِهِ

(*“Ба ростӣ, ки шумо худ медонед, ки ман аз дигарон ба хилофат сазовортарам ва ба Худо савганд, то замоне ба мусолимат рафтор мекунам, ки умури мусалмонон солим бимонад ва танҳо ба шахси ман ситам шавад ва ин корро ба ҷиҳати дарёфти аҷру фазилати он ва берағбатӣ дар зинат ва ҷилвагариҳои он чи шумо дар роҳи он бо якдигар рақобат меварзед, анҷом медиҳам.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 72)*)

Дар замони Имом Ҳусайн умда ин буд, ки мадори хилофати исломӣ табдил ба салтанати ҷоирона ва золимона ва мутрифона ва фосиқонаи арабӣ шуда буд ва нифоқҳо аз парда дарафтода буд ва — ҳамчунон, ки қаблан гуфтем — агар Имом Ҳусайн қиём намекард, хатари ин буд, ки басоти ислом аз тарафи мардум бо инқилоби мамолики фатҳшуда барчида шавад.

Иллати шаҳодати Имом Ҳусайн ва иллати тарғиби имомон ба иқомаи азои ҳусайнӣ

Бо ду суол мувоҷеҳ хоҳем шуд ва хуб аст, ки ҷавоби инҳоро қаблан бидонем, ки ҳам худи мо равшан бошем ва ҳам аз ӯҳдаи ҷавоб бароем: яке ин ки чаро Имом Ҳусайн шаҳид шуд? Дигар ин ки чаро имомони дин дастур доданд, ки азои Имом Ҳусайн ҳамеша иқома шавад ва дар натиҷа мо вақтҳо ва умрҳо ва пулҳо ва нерӯҳо ва энергияҳо ҳар сол дар ду моҳи Муҳаррам ва Сафар ва балки дар ғайри ин ду моҳ сарф кунем.

Роҷеъ ба қисмати аввал бояд бигӯем, дар ин замина хеле ҳарфҳо гуфта шуда. Душманон гуфтаанд, Имом Ҳусайн қасди ҳукумат дошт ва кушта шуд, ҳадафи шахсӣ дошт ва нарасид. Дӯстони нодон гуфтаанд, кушта шуд, ки гуноҳони уммат бахшида шавад; ҷанбаи осмонӣ ва хаёлӣ ба қазия доданд; онро гуфтанд, ки насоро дар бораи Масеҳ гуфта буданд.

Ҳақиқат ҳамон аст, ки худи Имом Ҳусайн фармуд дар мавориде аз қабили:

ما خَرَجْتُ أَشِراً وَلا بَطِراً

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ، لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ فى لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً

أَيُّهَا النّاسُ مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً

Дар қисмати дуввум ҳам бояд гуфт, таколифи шаръӣ бидуни ҳикмат нест. Манзур ин набуда, ки ҳамдардӣ ва таслияте бошад барои хонадони пайғамбар (ва) ба қавли равзахонҳо, Заҳроро хушҳол бикунем. Хаёл мекунем, ҳар андоза мо гиря кунем, тасаллии хотири бештаре барои ҳазрати Расул ва ҳазрати Заҳро ҳаст. Чӣ қадр дар ин сурат мо ҳазрати Расул ва ҳазрати Заҳро ва ҳазрати Амирро — ки ҳамеша орзуи шаҳодат мекарданд ва фахри худ медонистанд — кучак кардаем ва хаёл мекунем, ҳанӯз ҳам баъд аз ҳазору сесаду бист сол дар ҳоли ҷазаъу фазаъ мебошанд! Балки мақсуд ин аст, ки достони Карбало ба сурати як мактаби таълимӣ ва тарбиятӣ ҳамеша зинда бимонад. Дар ҳақиқат ҷавоби суоли аввал агар дуруст дода шавад, ҷавоби суоли дуввум ҳам маълум мегардад.

Дар “*Луълуъ ва марҷон*”, сафҳаи 3 аз “*Комил уз-зиёра*” нақл мекунад, ки ҳазрати Содиқ алайҳис салом ба Абдуллоҳ ибни Ҳаммоди Басрӣ фармуд:

بَلَغَني أَنَّ قَوْماً يأْتونَهُ (يعنى الْحُسَيْنَ عَلَيْهِ السَّلامُ) مِنْ نَواحِي الْكوفَةِ وَناساً مِنْ غَيْرِهِمْ وَنِساءً يَنْدُبْنَهُ وَذلِكَ فِى النِّصْفِ مِنْ شَعْبانَ، فَمِنْ بَيْنِ قارِئٍ يَقْرَأُ وَقاصٍّ يَقُصُّ وَنادِبٍ يَنْدُبُ وَقائِلٍ يَقولُ الْمَراثي. فَقُلْتُ لَهُ: نَعَمْ، جُعِلْتُ فِداكَ قَدْ شَهِدْتُ بَعْضَ ما تَصِفُ. فَقالَ: الْحَمْدُ للهِ الَّذي جَعَلَ فِي النّاسِ مَنْ يَفِدُ إِلَيْنا وَيَمْدَحُنا وَيَرْثي عَلَيْنا وَجَعَلَ عَدُوَّنا مَنْ يَطْعَنُ عَلَيْهِمْ مِنْ قَرابَتِنا أَوْ مِنْ غَيْرِهِمْ يُهَدِّدونَهُمْ وَيُقَبِّحونَ ما يَصْنَعونَ

(“*Ба ман хабар расида, ки дар нимаи Шаъбон гурӯҳе аз навоҳии Кӯфа ва мардуми дигар бар сари мазор Ҳусайн алайҳис салом меоянд ва низ заноне, ки барои он ҳазрат навҳагарӣ мекунанд ва иддае Қуръон мехонанд ва порае ҳаводиси Карбалоро баён мекунанд ва дастае навҳагарӣ мекунанд ва гурӯҳе дигар марсия мехонанд. Арз кардам: фидоият шавам, оре, ман низ порае аз он чи фармудӣ дидаам. Фармуд: сипос Худойро, ки дар миёни мардум гурӯҳеро қарор дод, ки ба назди мо меоянд ва моро меситоянд ва барои мо марсия мехонанд ва душманони моро касоне қарор дод, ки бар эшон хӯрда мегиранд аз хешони мо ё ғайри онҳо, ононро таҳдид мекунанд ва аъмоли эшонро зишт мешумуранд*.”)

Айзан дар сафҳаи 38 нақл мекунад:

إِنَّ لِقَتْلِ الْحُسَيْنِ حَرارَةً فى قُلوبِ الْمُؤْمِنينَ لا يَبْرُدُ أَبَداً

Пас маълум мешавад фалсафаи ин кор таҳдиди душман ва тақбеҳи корҳои онҳост, таҳсини ин даста ва ташвиқ ба ин навъ кор ва тақбеҳи он даста ва эҷоди нафрат (нисбат ба) он навъ кор аст[41], албатта ҳазрати Заҳро хушҳол мешавад, аммо аз боби ин ки ният ва ҳадафи ҳазрати Заҳро ва ҳазрати Расул ва ҳазрати Амир ва ҳазрати Имом Ҳусайн ҳама яке аст ва он:

يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ

(*Сураи Ҷумъа, ояти 2*) аст; албатта хушҳол мешавад, ки ба василаи зикри фарзандаш Ҳусайн, мардум дар дунё ва охират саодатаманд шаванд, мардум дар ҳамон роҳе ҳаракат кунанд, ки фарзандаш Ҳусайн ҳаракат кардааст.

[41] *Дар ҳошияи ин ҷумла устоди шаҳид навиштаанд: оё манзур аз азодорӣ ҳамдардӣ ва таслият аст ва ё манзур бурдани савоб аст? Дар сурате, ки худи савоб ва кори дуруст ва маъқул дорои маслиҳати зотӣ аст. Пас, нахуст бояд бибинем, ки он маслиҳати зотӣ, ки дар силсилаи иллатҳои ҳукм аст чист, то навбат бирасад ба савоб, ки дар силсилаи маълулоти ҳукм аст*.

Баъд аз мурдани Муовия, аз Имом Ҳусайн байъат хостанд. Дар манзили ҳокими Мадина ҳозир шуд ва байъат накард. Рӯзи баъд Марвони Ҳакам дар миёни кӯча он ҳазратро дид ва ба унвони насиҳат аз он ҳазрат хост, ки байъат кунад. Ҳазрат фармуд:

وَعَلَى الْإِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِرَاعٍ مِثْلِ يَزِيدَ

Рӯи ин калимаи:

بِرَاعٍ مِثْلِ يَزِيدَ

— бояд диққат кард. Маълум мешавад, хусусияте дар Язид аст, ки ҳатто дар Муовия ҳам набуд. Аз назари авомми шиъа фарқе байни Язид ва ғайри Язид нест, зеро ҳама ботил ва ғосиб будаанд. Вале ҳақиқат ин аст, ки фарқ аст байни онҳо, зеро аз ғосиб то ғосиб фарқ аст. Амирулмӯъминин ҳангоме, ки мардум хостанд бо Усмон байъат кунанд фармуд:

لَقَدْ عَلِمْتُمْ أَنّي أَحَقُّ بِها مِنْ غَيْرِي، وَ وَاللهِ لأُسَلِّمَنَّ ما سَلِمَتْ أُمورُ الْمُسْلِمينَ وَلَمْ يَكُنْ فيها جَوْرٌ اِلاّ عَلَيَّ خاصَّةً الْتماساً لِأَجْرِ ذلِكَ وَفَضْلِهِ وَزُهْداً فيما تَنافَسْتُموهُ مِنْ زُخْرُفِهِ وَزِبْرِجِهِ

Дар мавқеъи байъат бо Абӯбакр ҳам фармуд:

شُقّوا أَمْواجَ الْفِتَنِ بِسُفُنِ النَّجاةِ

(*“Эй мардум! Амвоҷи ошубҳоро бо киштиҳои наҷот дарҳам бишканед…” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 5)*)

Пас, фарқ аст байни ғосибе, ки ҳарчанд барои маслиҳати шахси худаш бошад ҳофиз ва нигаҳбони умум бошад ва ғайри он. Аммо Язид бо ҳамаи аслоф фарқ дошт ба тартибе, ки қаблан гузашт.

Қаблан дар зимни аҳволи Ибни Зиёд ва Язид гуфтем, ки як иллати ин фоҷеа ва ин оташ, ки аввал домани худи онҳоро гирифт, ин буд, ки ҷавон ва ноозмуда буданд. Шоири араб мегӯяд:

إِنَّ الشَّبابَ وَالْفَراغَ وَالْجِدَةَ

مَفْسَدَةٌ لِلْمَرْءِ أَيُّ مَفْسَدَةٍ

(“*Ҷавонӣ ва бекорӣ ва сарват мафсадаи бузурге барои одамӣ аст*.”)

Масъалаи гиря бар Сайидушшуҳадо

Яке аз масоили марбут ба Сайидушшуҳадо масъалаи гиря аст. Бояд масъалаи гиря ва ханда аз чанд назар (баррасӣ шавад): яке, аз назари ин ки аз мухтассот ва аърози хоссаи инсон ба шумор рафтаанд, дигар, аз назари иллатҳо ва мабодии ҷисмӣ ва руҳӣ, севвум, аз назари осор ва аворизи ҷисмӣ ва руҳӣ, чаҳорум, аз назари ахлоқӣ ва ақидаи уламои ахлоқ ва одоб, панҷум, аз назари осори иҷтимоии ханда ва гиря, шашум, анвоъи хандаҳо

ва гиряҳо ва оё ҳамаи хандаҳо хуб аст ва ҳамаи гиряҳо бад ё на? Ва ин ки навъи гиряи бар Имом Ҳусайн лаззатбахш аст ва ба қалб сафо ва равшанӣ медиҳад ва бояд муқоисае шавад байни мактаби Имом Ҳусайн ва мактабҳои ханда ва комедӣ ва ишорае шавад ба филмҳои комедӣ ва филмҳои трагедӣ ва ашъоре, ки шуарои мо дар боби гиря ва мадҳи он гуфтаанд мисли ин ки:

Гиря бар ҳар дарди бедармон давост,

Чашми гирён чашмаи файзи Худост.

Ханда ва гиря мазҳари шадидтарин ҳолатҳои эҳсосии инсон аст. Он вақте, ки касе битавонад молики ханда ва гиряи мардуме бишавад, ба ҳақиқат молики қалби онҳо шуда ва бо авотифи онҳо бозӣ мекунад. Корҳои қалбӣ ғайр аз корҳои ақлӣ аст. То кунун бо қалбҳои мардум аз роҳи гиря (бар) Сайидушшуҳадо бозӣ шуда бидуни ин ки таҳти контроли ақл биёяд ва ҳадаф дошта бошад. Танҳо ҳадаф доштан кофӣ нест, назму созмон ҳам лозим аст.

Дар маҷаллаи “Радиои Эрон” шумораи 70 мақолае ба қалами дуктур Ҳасани Алавӣ, ки суханронии ӯст, дар (барномаи) “*Марзи дониш*”, дар бораи ашк чашм дорад, ки холӣ аз фоида нест. Дар онҷо мегӯяд: ашки тимсоҳ дурӯғ аст. Мегӯяд: Дарвин дар китоби “*Баёни эҳсосот ва таълимот дар инсон ва ҳайвон*” (с.1890) навиштааст, ки фил таҳти таъсири эҳсосот мегиряд, вале ин мавзӯъ ба ҳеч ваҷҳ ҳанӯз таъйид нашудааст. Мегӯяд, ханда анвоъу ақсоме дорад: хандаи муҳаббат, хандаи тамасхур, хандаи шодӣ, хандаи таассур ё хашм; гиря ҳам ҳама ҷо аз асари андӯҳу ғам нест ва барои ҳама иттифоқ афтода ва чашидаанд лаззати гиряи шавқро ва манзараи ашки шавқ яке аз беҳтарини манозир аст. Суханро ба ин шеъри Ҳофиз хатм мекунад:

Дил басе хун ба каф овард, вале дида бирехт,

Аллаҳ, Аллаҳ, кӣ талаф карду кӣ андӯҳта буд.

Шоири араб мегӯяд: агар ашк набуд, сарзамини видоъ оташ мегирифт. (*Калила ва Димна*)

Саъдӣ мегӯяд:

Бигзор то бигирйем чун абр дар баҳорон,

К-аз санг нола хезад рӯзи видоъи ёрон.

Ҳофиз мегӯяд:

Дили сангини туро ашки ман овард ба роҳ,

Сангро сел тавонад ба лаби дарё бурд.

Таҳрифи калима, таҳрифи ҳодисаи Имом Ҳусайн

Ҳодисаи Имом Ҳусайн, ҳам машмули таҳрифи зоҳирӣ ва лафзӣ ва пайкарӣ шуда ва ҳам таҳрифи маънавӣ ва луббӣ ва ботинӣ дар он роҳ ёфтааст. Дар ин мабҳас метавон муфассал сухан гуфт. (Ҳамон тавр, ки дар ёддоштҳои “Таҳрифот дар воқеаи таърихии Карбало”, ки дар ҳамин китоб хоҳад омад ва низ дар суханрониҳое таҳт ҳамин унвон, ки дар ин маҷмӯа ба чоп расида, сухан гуфта шудааст.)

Имом Ҳусайн миёни қиём алайҳи хулафо ва алайҳи ислом таҷзия кард — асари қиёми ҳусайнӣ

Яке аз бузургтарин осори қиёми ҳусайнӣ ин буд, ки муҷаззо кард байни қиём алайҳи хулафо ва қиём алайҳи исломро. Ҳамон тавре, ки қаблан гуфтем, агар Имом Ҳусайн алайҳи Язид қиём намекард, мумкин буд харобкориҳо ва суисиёсати Язид мунҷар ба қиёме аз тарафи аносуре бишавад, ки ба ислом ҳам алоқае надоштанд. Акнун мегӯем, агарчӣ дар таърихи ислом қиёмҳои зиёде мебинем, ки алайҳи дастгоҳи хулафост ва дар айни ҳол ҷанбаи ҳимоят аз исломро дорад (мисли қиёми эрониён алайҳи умавиён), вале бояд донист, ки ин Имом Ҳусайн буд, ки аввалин бор қиёми дастаҷамъии мусаллаҳона алайҳи дастгоҳи хилофат кард ва ӯ буд, ки ҳисоби исломро аз ҳисоби мутасаддиёни амр ҷудо кард, балки роҳи қиём алайҳи дастгоҳро аз назари исломӣ боз кард ва қиёми он ҳазрат намуна ва сармашқи дигарон қарор гирифт; дигар нақши хулафо ба унвони ҳомиёни ислом ботил шуд, ислом дар тарафи мухолиф қарор гирифт.

Қабл аз Имом Ҳусайн ҳам қиёмҳои фардӣ ё дастаҷамъӣ анҷом шуд. Онҳо ё мусаллаҳона ва фардӣ буд ё ҷамъӣ ва ғайри мусаллаҳона. Вале қиём ва шӯриши дастаҷамъӣ ва мусаллаҳонаро Имом Ҳусайн оғоз кард. (Қиём алайҳи Усмон низ навъе тафкик байни ислом ва хилофат буд).

Мақоми хилофат дар он рӯз олитарин мақоми руҳонӣ ва сиёсӣ буд ва чунонки медонем боз ҳам то андозае хулафои аббосӣ мақоми руҳонии худро ҳифз карданд ва касе, ки ин қисматро барои охирин бор дарҳам шикаст, ки дигар бапо нахост, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ буд, ки аз уламои бузурги шиъа аст. Хоҷа бо Ҳалоку ҳамкорӣ кард барои ин ки дастгоҳи ҷаббори хилофатро аз миён бардорад. Аммо Саъдӣ дар марсияи мақоми хилофат мегӯяд:

Осмонро ҳақ бувад гар хун бигиряд бар замин,

Бар заволи мулки Мустаъсим амиралмӯъмин.

Маълум мешавад, Саъдӣ ҳам ҳатто (таҳти) таъсири ҷалоли руҳонии мақоми хилофат буда.

Ду чеҳраи ҳодисаи Карбало

وَإِذْ قَالَ رَبُّكَ لِلْمَلَائِكَةِ إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً قَالُوا أَتَجْعَلُ فِيهَا مَنْ يُفْسِدُ فِيهَا وَيَسْفِكُ الدِّمَاءَ وَنَحْنُ نُسَبِّحُ بِحَمْدِكَ وَنُقَدِّسُ لَكَ قَالَ إِنِّي أَعْلَمُ مَا لَا تَعْلَمُونَ

(“*Ва (ба ёд ор) вақте, ки парвардигорат фариштагонро фармуд, ки ман дар замин халифае хоҳам гумошт, гуфтанд: оё касоне дар замин хоҳӣ гумошт, ки дар он фасод кунанд ва хунҳо бирезанд ва ҳол он ки мо худ туро тасбеҳу тақдис мекунем?! Худованд фармуд: ман чизе (аз асрори хилқати башар) медонам, ки шумо намедонед.” (Сураи Бақара, ояти 30)*)

Зиндагии башар маҷмӯае аз торикӣ ва рӯшноӣ, зиштӣ ва зебоӣ, шарр ва хайр аст.

Он чи фариштагон диданд, ҷанбаи торики фарзанди Одам буд ва он чи Худованд ишора кард, қисматҳои равшани он буд, ки бар қисматҳои торик басе тарҷеҳ дорад.

Ҳодисаи Карбало дорои ду варақ аст: варақи сиёҳ ва варақи сафед. Аз лиҳози варақи сиёҳ, як достони ҷиноӣ аст, достони хеле торик ва ваҳшатнок. Ва мо баъдан дар ҳудуди 20 мазҳар аз бераҳмӣ ва қасоват ва даноат ва номардумӣ (-ро, ки дар ин ҳодиса рух дода) нишон хоҳем дод. Аз ин ҷанба, дар ин достон ҳадди аксари бераҳмӣ ва қасоват ва сабуъият дида мешавад.

Аз лиҳози варақи сафед, як достони малакутӣ аст, як ҳамосаи инсонӣ аст, мазҳари одамият ва азамат ва сафо ва бузургӣ ва фидокорӣ аст.

Аз лиҳози аввал, номи ин қазия фоҷеа аст ва аз лиҳози дуввум, қиёми муқаддас. Аз лиҳози аввал, қаҳрамони достони Шимр аст ва Ибни Зиёд ва Ҳармала ва Умари Саъд ва… Ва аз лиҳози дуввум, қаҳрамони достон Имом Ҳусайн аст ва Абулфазл ва Алиакбар ва амсоли Ҳабиб ибни Музаҳҳар ва Зайнаб ва Умми Кулсум ва Умми Ваҳб ва амсоли инҳо. Аз лиҳози аввал, ин достон арзиши онро надорад, ки баъд аз ҳазору сесаду бисту анд сол, бо ин азамат ва хотира таҷдид бишавад, вақтҳо ва пулҳо ва ашкҳо ва таассурҳо ва эҳсосот сарфи он бишавад, на аз он ҷиҳат, ки аз достони ҷиноӣ наметавон истифода кард, (зеро ҷанбаҳои манфии зиндагии башар низ мумкин аст омӯзанда бошад. Аз Луқмон пурсиданд: адаб аз кӣ омӯхтӣ? Гуфт: аз беадабон) ва на аз он ҷанба, ки ин достон аз ҷанбаи ҷиноӣ чандон муҳим нест ё чандон омӯзанда нест, (мо қаблан собит кардем, ки (ин достон) аз ин назар муҳим аст ва гуфтем, ки кушта шудани Имом Ҳусайн баъд аз панҷоҳ сол аз вафоти пайғамбар ба дасти мардуми мусалмон, балки шиъа, муаммои бисёр қобили тавоҷҷӯҳе аст), балки аз он назари ҷанбаи ҷиноии қазия, арзиши ин ҳама бузургдошт надорад, ки достони ҷиноӣ дар ҳар шаклу қиёфа зиёд аст; дар қуруни қадим, қуруни вусто, қуруни ҷадид, қуруни муосир зиёд буда ва ҳаст. Дар ҳудуди бист сол пеш

яъне дар ҳудуди солҳои 1940 буд, ки бомбае бар шаҳре фуруд омад ва 60 ҳазор нафар сағиру кабиру бегуноҳ талаф шуд. Дар шарқу ғарби олам достони ҷиноӣ зиёд воқеъ шуда ва мешавад ва (масалан) Нодир як қаҳрамони ҷиноӣ аст, ҳамчунин Абӯмуслим, Бобаки Хуррамдин. Ҷангҳои салибӣ, ҷангҳои Андалус мазҳарҳои бузурге аз ҷинояти башаранд. Ин достон аз назари дуввум яъне аз лиҳози варақи сафеде, ки дорад, ин ҳама арзишро пайдо кардааст. Аз ин ҷиҳат аст, ки камназир, балки беназир аст, зеро дар дунё афзал аз Имом Ҳусайн будааст, аммо саҳнае мисли саҳнаи Имом Ҳусайн барои онҳо пеш наомад. Имом Ҳусайн расман асҳоб ва аҳли байти худро беҳтарини асҳоб ва беҳтарин аҳли байт мешуморад.

Аз ин рӯ бояд ҷанбаи равшан ва нуронии ин достон, аз он ҷанба, ки ин достон мисдоқи:

إِنِّي أَعْلَمُ مَا لَا تَعْلَمُونَ

— аст, на аз он ҷанба, ки мисдоқи:

مَنْ يُفْسِدُ فِيهَا وَيَسْفِكُ الدِّمَاءَ

— аст, аз он ҷанба, ки Ҳусайн ва Зайнаб қаҳрамони достонанд, на аз он ҷанба, ки Умари Саъд ва Шимр қаҳрамони достонанд (баррасӣ шавад.) (Бинт аш-Шотӣ китобе навишта ба номи “*Баталатау Карбало*”).

Омилҳои қиёми Имом Ҳусайн

Бояд бибинем чӣ тавр шуд Имом Ҳусайн қиём кард? Дар қиёми Ҳусайн алайҳис салом чанд омилро бояд дар назар гирифт:

а) Аз Имом Ҳусайн барои хилофати Язид байъат ва имзо мехостанд. Осор ва лавозими ин байъат ва имзо чӣ қадр буд? Ва чӣ қадр тафовут буд миёни байъат бо Абӯбакр ё Умар ё Усмон ва сулҳ бо Муовия ва миёни байъат бо Язид. Ба қавли Аққод, аввалин асари ин байъат, имзои саббу лаъни Алӣ алайҳис салом буд, ки дар замони Муовия шурӯъ шуда буд ва ҳам имзои вилоятаҳдӣ ва виросати хилофат буд;

б) Худаш мефармуд: асле дар ислом аст, ки дар муқобили зулму фасод набояд сукут кард. (Асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар). Худаш аз пайғамбар ривоят кард:

مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً مُسْتَحِلاّ لِحُرُمِ اللهِ

Айзан мегуфт:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ

в) Мардуми Кӯфа аз ӯ даъват ба амал оварданд ва номаҳо навиштанд ва 18 ҳазор нафар бо Муслим байъат карданд. Бояд дид, оё омили аслӣ, даъвати аҳли Кӯфа буд, вагарна Абӯабдуллоҳ ҳаргиз қиём ё мухолифат намекард ва байъат мекард? Ин матлаб хилофи

раъй ва ақидаи Ҳусайн алайҳис салом буд ва қатъан чунин намекард, балки таърих мегӯяд, чун хабари имтиноъи Имом Ҳусайн аз байъат ба Кӯфа расид, мардуми Кӯфа иҷтимоъ карданд ва ҳамаҳд шуданд ва номаи даъват навиштанд. Рӯзи аввал, ки дар Мадина буд, аз ӯ байъат хостанд, балки Муовия дар замони ҳаёти худ аз ӯ байъат хост ва Ҳусайн алайҳис салом имтиноъ кард. Байъат кардан бо Язид, сиҳҳа гузоштан бар ҳукумати ӯ буд, ки мулозим буд бо имзо бар нобудии ислом –

وَعَلَى الْاِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

Пас, мавзӯъи имтиноъ аз байъат, худ асолат дошт. Ҳусайн алайҳис салом ҳозир буд кушта бишавад ва байъат накунад, зеро хатари байъат хатаре буд, ки мутаваҷҷеҳи ислом буд, на мутаваҷҷеҳи шахс ӯ, балки мутаваҷҷеҳи асоси ислом яъне ҳукумати исломӣ буд, на як масъалаи ҷузъии фаръии қобили тақия.

Аммо мавзӯъи дуввум низ ба навбаи худ асолат дошт. Аз ин назар ин ҷиҳатро бояд мутолеа кард, ки оё шарти амр ба маъруф яъне эҳтимоли асар ва мунтиҷ будан дар он буд ё на? Аз гуфтаҳои худи Имом Ҳусайн, ки мефармуд:

ثُمَّ أَيْمُ اللهِ لا تَلْبَثونَ بَعْدَها اِلاّ كَرَيْثِما يُرْكَبُ الْفَرَسُ حَتّى تَدورَ بِكُمْ دَوْرَ الرَّحى وَتُقْلَقُ بِكُمْ قَلَقَ الْمِحْوَرِ

Ё дар ҷавоби шахсе фармуд:

إِنَّ هؤُلاءِ أَخافوني وَهذِهِ كُتُبُ أَهْلِ الْكوفَةِ وَهُمْ قاتِلي فَاِذا فَعَلوا ذلِكَ وَلَمْ يَدَعوا للهِ مُحَرَّماً اِلاَّ انْتَهَكوهُ بَعَثَ اللهُ اِلَيْهِمْ مَنْ يَقْتُلُهُمْ حَتّى يَكونوا أَذَلَّ مِنْ قَوْمِ الْأَمَةِ (فِرامِ الْاَمَةِ)

Ва ҳамчунин аст ҷумлаҳое, ки дар видоъи дуввум ба аҳли байти худаш фармуд:

اِسْتَعِدّوا لِلْبَلاءِ وَاعْلَموا أَنَّ اللهَ حافِظُكُمْ وَمُنْجيكُمْ مِنْ شَرِّ الْأَعْداءِ وَيُعَذِّبُ أَعاديكُمْ بِأَنْواعِ الْبَلاءِ

Аз инҳо маълум мешавад, ки Имом Ҳусайн таваҷҷӯҳ дошт, ки хунаш баъд аз худаш хоҳад ҷӯшид ва шаҳодаташ сабаби бедории мардум мешавад. Пас, шаҳодаташ муассир буд.

Аммо аз назари севвум: аз ин ҷиҳат ҳамин қадр муассир буд, ки Имомро мутаваҷҷеҳи Кӯфа кард. Аммо оё агар ба Кӯфа намерафт, дар маҳалли амну амоне буд? Агар дар Макка ё Мадина ҳам буд, чун аз байъат имтиноъ мекард ва ба илова, ба хилофати Язид мӯътариз буд, дучори хатар буд ва Имом Ҳусайн ибо дошт, ки дар Макка ҳарами Худо кушта шавад ва шояд аз ин ки дар ҳарами пайғамбар ҳам кушта шавад, ибо дошт. Ин ки дар васати роҳ ба асҳоби Ҳурр гуфт ва аз номаи Умари Саъд ба Ибни Зиёд бармеояд, ки дар худи Карбало ба Умари Саъд ҳам гуфтааст: агар намехоҳед бармегардам, фақат нозир ба ин қисмат аст, ки чаро ба Ироқ омад, на ин ки қазия фақат як ҷанба дорад ва он ҳам ҷанбаи даъват ва баъд ҳам пушаймонӣ аз омадан ба Ироқ аст. Имом Ҳусайн, ки

нагуфт, ҳоло, ки мардуми Кӯфа нақзи аҳд карданд, пас ман байъат мекунам ё ин ки дигар мавзӯъи эътироз ба хилофати Язидро пасмегирам ва сокит мешавам.

Масоиле, ки дар инҷо ҳаст:

в) Қабл аз мурдани Муовия масъалаи имтиноъи мардуми Мадина бахусус Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом аз байъат матраҳ буд. Имом Ҳусайн дар ҷавоби номаи Муовия сахт ба ӯ тохт ва ба мавзӯъи вилоятаҳдии Язид эътироз ва интиқод кард;

б) Масъалаи вилоятаҳдии Язид як бидъати бузург буд дар ислом ва нақшае, ки аз 30-ю чанд сол пеш умавиҳо кашида буданд. Абӯсуфён дар хонаи Усмон гуфт:

تَلَقَّفوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ وَلِتَصيرَنَّ .... أَما وَالَّذي يَحْلِفُ بِهِ أَبو سُفْيانَ لا جَنَّةً وَلا نارَ

Аз ин назар фавқулъода муҳим буд; на бо шӯро ва ороии умумӣ мунтабиқ буд ва на бо ҷаъли илоҳӣ, насби падар буд писарро;

г) Таслими халифа шудан дар як вақт ҷоиз аст, ки баҳс дар атрофи аслаҳияти фарди дигар бошад, вале ғайри солеҳ корҳоро бар мадору меҳвари исломӣ мечархонад. Алӣ алайҳис салом фармуд:

وَاللهِ لأَسَلِّمَنَّ ما سَلِمَتْ أُمورُ الْمُسْلِمينَ وَلَمْ يَكُنْ فيها جَوْرٌ اِلاّ عَلَيَّ خاصَّةً

д) Байъат, ақд буд монанди ақди байъу иҷора ва никоҳ ва тааҳҳудовар буд, қобили нақз набуд. Алӣ алайҳис салом фармуд: аҳд бо кофирро низ набояд нақз кард, вагарна амон боқӣ наmemонад;

е) Масъалаи эътироз ба кори халифаи вақт ҳарчанд мунтаҳӣ ба азли ӯ бишавад дар сурате, ки инҳироф пайдо мекунад, худ як масъалае аст дар ислом ба номи “амр ба маъруф ва наҳй аз мункар”. Имом Ҳусайн мукаррар ба ин асл истинод кард. Шарти ин асл нест, ки хун рехта нашавад; шарташ ин аст, ки натиҷаи ниҳоии он ба нафъи ислом бошад, назири худи ҷиҳод бо куффор;

ё) Мавзӯъи даъвати Имом аз тарафи мардуми Кӯфа ва итмоми ҳуҷҷат, худ як матлабе аст. Имом ҳам хеле оқилона ва мудаббирона амал кард: аввал, ба номаҳои онҳо ҷавоб дод. Чандин бор пайк радду бадал шуд. Ибтидо намояндае аз тарафи худаш фиристод. Муслим ҳам сиёсати алавиро ба кор бурд, яъне бидуни ҳеч навъ найрангу иғфоле дар камоли сароҳат бо мардум амал кард, на пуле аз мардум гирифт ва на пуле дар миёни руасо тақсим кард; ҳамон сиёсате, ки ҳозир нест ҳадафро фидои васила кунад. Имом, ки имтиноъ аз байъаташ қатъӣ ва ҳамчунин тасмим ба эътирозаш қатъӣ буд, ба онҳо ҷавоби мусоид дод. Иллати ин ки аз Макка дар он вақт ҳаракат кард, яке ин буд, ки фурсати хубе буд, дигар ин ки хатари бузурге пеш омада буд. Фурсати ин буд, ки дар рӯзи 8-уми Зилҳаҷҷа, ки ҳамаи мардум озими Арафот ва анҷоми аъмоли ҳаҷҷанд, ӯ ҳаракат мекунад.

Ин амал, мардуми мусалмонро ба фикр вомедорад, ки чӣ мавзӯи муҳимме пеш омада, ки фарзанди пайғамбар аз анҷоми амали ҳаҷ мунсариф ва ба тарафи дигар меравад. Ин амал ба истилоҳ жести бисёри олӣ буд. Аммо хатари матлаб ин буд, ки хатари кушта шудан дар зимни аъмоли ҳаҷ дошт. Ба нақле, Амр ибни Саъид ибни Ос бо лашкаре маъмур шуда буд Ҳусайн алайҳис саломро дар ҳамон Макка бикушад. Худаш ба Фараздақ гуфт: агар берун намеомадам, кушта мешудам. Дар "*Мунтахаби Турайҳӣ*" навиштааст, ки 30 нафар маъмурияти махфиёна ёфта буданд, ки Ҳусайн алайҳис саломро зимни аъмоли ҳаҷ бикушанд (ва баъд ҳам таҳти унвони мушоҷираи шахсӣ қазияро лавс кунанд ва ё мисли Саъд ибни Убюода бигӯянд, ҷинҳо ӯро куштанд). Пас, ба ҳар ҳол агар даъвати аҳли Ироқ ҳам набуд, мавсими ҳаҷ ва издиҳоми ҳаҷ хатари кушта шудан барои Имом Ҳусайн дошт ва Имом мусаммам буд, ки айёми ҳаҷ дар Макка намонад. Ӯ, ки наметавонист бо либоси эҳром мусаллаҳ шавад. Ба илова, тавҳини азиме буд барои Байтуллоҳ, ки пас аз 50 сол, ки аз вафоти пайғамбар гузаштааст, фарзанди пайғамбарро дар муҳити:

وَمَنْ دَخَلَهُ كانَ آمِناً

— бикушанд. Бинобар ин, ҳаракати Имом Ҳусайн дар он вақт аз Макка ба ҷойи дигар зарурӣ ба назар мерасид. Агар аз даъвати аҳли Ироқ ҳам сарфи назар бикунем, ҷойе дигар, ки аз Ироқ барои Имом Ҳусайн беҳтар бошад, вуҷуд надошт;

ж) Имом Ҳусайн аз лиҳози омили дуввум яъне анҷоми вазифаи ислоҳ дар уммати исломӣ, кушта шудани худро муфид медид; эҳсос мекард мавқеият тавре аст, ки агар кушта бишавад, беҳуда нест.

Метавонем матлабро ба сурати ҷомеътар ва комилтаре баён кунем. Дар ҳодисаи Карбало ҷиҳоти зиёде ҳаст:

1) Имом, ягона шахсияти лоиқ ва мансус ва вориси хилофат буд. Язид, нолоиқ ва ғосиб буд. Ин ҷиҳат миёни вазъи Имом ва вазъи падараш ва фарзандонаш бо хулафои вақт мушобеҳ буд. Бояд бибинем сирфи ин ҷиҳат чӣ вазифае барои Имом эҷод мекунад?

2) Онҳо аз Имом байъат мехостанд ва ба ҳеч ваҷҳ аз он сарфи назар намекарданд. Бояд бибинем байъат чист ва чӣ асаре дорад ва таклиф ба байъат чӣ вазифае барои Имом эҷоб мекунад?

3) Авзоъ ва аҳволи мусалмонон аз назари иҷрои ҳудуд ва мавозини ислом, вазъи бисёр баде пайдо карда буд, ки бо решаи ислом сару кор дошт. Бояд бибинем таклифи амр ба маъруф, ки худи Имом ба он истинод мекард, чӣ вазифае эҷоб мекард?

4) Мардуми Кӯфа аз Имом даъват карданд ва навъе итмоми ҳуҷҷат шуд. Даъвати онҳо чӣ вазифае эҷоб мекард?

5) Онҳо дар охири кор, Имомро мухайяр карданд миёни ду чиз: таслим ва ё кушта шудан. Ин чиҳат чӣ вазифаеро барои Имом эҷоб мекард?

Аммо масъалаи аҳаққият ба хилофат агар тавъам бо чизи дигар набошад, яъне фақат шахс ҷойи худро иваз карда бошад ва ҳар андоза тафовут ҳаст, ҳамон аст, ки лозимаи қаҳрии зимомдории аслаҳ ва ғайри аслаҳ аст, зоҳиран дар ин маврид (Имом) вазифае ҷуз ин надорад, ки ҳаққи худро мутолаба кунад ва агар аъвону ансор ба қадри кофӣ дорад, иқдом кунад ва агар на, сари ҷойи худ менишинад ҳамон тавр, ки Алӣ алайҳис салом дар мавқеъи хилофати Абӯбакр гуфт:

أَفْلَحَ مَنْ نَهَضَ بِجَناحٍ أَو اسْتَسْلَمَ فَأَراحَ

(“*Растгор касе аст, ки бо ёру ёвар бархезад ва ё таслим шавад ва дигаронро аз кашмакаши беҳуда осуда созад.” (“Наҳҷул-балоға”, хутба* 5)) Ва дар мавқеъи хилофати Усмон гуфт:

وَاللهِ لأَسَلِّمَنَّ ما سَلِمَتْ أُمورُ الْمُسْلِمينَ وَلَمْ يَكُنْ فيها جَوْرٌ اِلاّ عَلَيَّ خاصَّةً

Алӣ алайҳис салом бо хулафои замони худ дар масоили қазоӣ ва сиёсӣ ва илмӣ ҳамкорӣ мекард, яъне ба онҳо машварат медод ва онҳоро тақвият ва таъйид мекард. Қазоватҳои Мавло ва машваратҳо ва ҷавобҳои илмии ӯ машҳур аст.

Дар ин қисмат, ин чиҳатро, ки афкори умумӣ чӣ гуна қазоват мекунад бояд дар назар гирифт. Агар имоми баҳақро мардум аз рӯи ҷаҳолат ва адами ташхис намехоҳанд, ӯ ба зӯр набояд ва наметавонад худро ба мардум ба амри Худо таҳмил кунад. Лузуми байъат ҳам барои ин аст.

Аммо қисмати дуввум яъне байъат: аввалан, байъат чист? Таърифе, ки мо аз байъат пайдо кардаем, ҳамон аст, ки дар “*Ан-ниҳоя*”-и Ибни Асир, моддаи “байъ” омадааст. Мегӯяд:

وفي الحديث: ألا تُبايِعوني عَلَى الْإِسْلامِ، هو عبارة عن المعاقدة عليه والمعاهدة، كأنّ كلّ واحد منهما باع ما عنده من صاحبه وأعطاه خالصة نفسه وطاعته ودخيلة أمره

(“*Байъат иборат аст аз ақд бастан ва муоҳада намудан бар он (ислом). Гӯё ҳар кадом аз тарафайн дороии худро ба дигаре мефурӯшад ва холис нафсу тоат ва умури дохилӣ ва ботинии худро ба ӯ вогузор мекунад*.”)

Байъат фақат дар мавриди ҳоким ва султон аст. Паймони рифоқати ду рафиқро байъат намегӯянд, яъне дар байъат, таслими як тараф барои як тараф аст. (Ручӯъ шавад ба “*Кашшоф*” ва “*Маҷмаъул-баён*”).

Дар Қуръон зикри “байъат” омадааст:

لَقَدْ رَضِيَ اللَّهُ عَنِ الْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ الشَّجَرَةِ

(*Сураи Фатҳ, ояти 18*)

إِذَا جَاءَكَ الْمُؤْمِنَاتُ يُبَايِعْنَكَ عَلَى أَنْ لَا يُشْرِكْنَ بِاللَّهِ شَيْئًا وَلَا يَسْرِقْنَ وَلَا يَزْنِينَ وَلَا يَقْتُلْنَ أَوْلَادَهُنَّ

(*Сураи Мумтаҳина, ояти 12*)

Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ барои Алӣ алайҳис салом дар Ғадири Хум байъат гирифт. Дар “Лайлат ул-ъақаба” аҳли Мадина бо пайғамбар байъат карданд. Дар Сақифа аз мардум байъат гирифтанд ва ҳамин байъат корро тамом кард ва мардум пас аз таваққӯҳ низ байъати худро нақз накарданд. Алӣ алайҳис салом дар замони хилофат аз мардум байъат гирифт. Зубайр, ки баъд пушаймон шуд, гуфт: байъати ман зоҳирӣ буд. Дар “Наҳҷул-балоға”, хутбаи 8 мефармояд:

يَزْعَمُ أَنَّهُ قَدْ بايَعَ بِيَدِهِ وَلَمْ يُبايِعْ بِقَلْبِهِ، فَقَدْ أَقَرَّ بِالْبَيْعَةِ وَادَّعَى الْوَليجَةَ فَلْيَأْتِ عَلَيْها بِأَمْرٍ يُعْرَفُ وَإِلاّ فَلْيَدْخُلْ فيما خَرَجَ مِنْهُ

(“*Вай чунин пиндорад, ки бо дасти худ байъат намуда, вале дилаш бо он ҳамоҳанг набуда. Ба байъати худ муқир аст ва иддао дорад, ки дар ботин мувофиқат надоштааст. Аз ин рӯ бояд бар ин иддао далели равшане оварад, вагарна дар байъате, ки аз он берун рафта дохил гардад*.”) Имом дар инҷо рӯи усули қазоӣ алайҳи Зубайр истидлол мекунад. Ба ҳар ҳол Имом дар инҷо байъатро ба унвони як амри илзомовар ёд мекунад.

Айзан амирулмӯъминин дар “Наҳҷул-балоға”, хутбаи 34 мефармояд:

إِنَّ لي عَلَيْكُمْ حَقّاً وَلَكُمْ عَلَيَّ حَقٌّ. فَأَمّا حَقُّكُمْ عَلَيَّ فَالنَّصيحَةُ لَكُمْ وَتَوْفيرُ فَيْئِكُمْ عَلَيْكُمْ وَتَعْليمُكُمْ كَيْلا تَجْهَلوا وَتَأْديبُكُمْ كَيْما تَعْلَمُوا (تَعْمَلوا) وَأَمّا حَقّي عَلَيْكُمْ فَالْوَفاءُ بِالْبَيْعَةِ وَالنَّصيحَةُ فِي الْمَشْهَدِ وَالْمَغيبِ وَالْإِجابَةُ حينَ أَدْعوكُمْ وَالطّاعَةُ حينَ آمُرُكُمْ

(“*Маро бар шумо ҳаққе аст ва шуморо низ бар ман ҳаққе аст. Ҳаққи шумо бар ман ин аст, ки барои шумо хайрхоҳӣ ва дилсӯзӣ кунам ва дороии байтулмолро бидуни каму кост ба шумо расонам ва шуморо биёмӯзам, то нодон намонед ва ба шумо одоб омӯзам, то бидонед (то амал кунед). Ва аммо ҳаққи ман бар шумо он аст, ки дар байъати худ вафодор бимонед ва дар ҳузуру ғиёби ман хайрхоҳи ман бошед ва ҳар гоҳ шуморо бихонам, иҷобатам кунед ва чун фармонатон диҳам, фармон бибаред*.”)

Айзан асҳоби Ҷамал ба унвони Нокисин яъне нақзкунандагони байъат шинохта шуданд. Дар бораи имоми замон дорад ӯ махфӣ шуд, то байъати касе ба гардани ӯ набошад. Имомзодагон ва тамоми касоне, ки мехостанд қиём кунанд алайҳи хулафо, мисли Муҳаммади Нафси Закийя ва Зайд ибни Алӣ, аз атбоъи худ байъат мегирифтанд. Абӯҳанифа фатво дод, ки байъати аҳли Мадина бо аббосиҳо дуруст нест, чун қаблан бо Муҳаммади Нафси Закийя байъат кардаанд. Имом Содиқ алайҳис салом фармуд: ман ҳозирам бо Муҳаммади Нафси Закийя байъат кунам, ба шарти ин ки қиёмаш қиёми амр ба маъруф бошад, на маҳдавият. Худи Имом Ҳусайн алайҳис салом аз асҳоби худ байъат гирифт ва дар шаби Ошӯро фармуд, ман байъати худамро аз гардани шумо бардоштам:

أَنْتُمْ في حِلٍّ مِنْ بيْعَتي

Муслим низ аз мардуми Кӯфа барои Имом байъат гирифт.

Муовия ба ҳазрати Амир менависад, ки туро монанди шутуре, ки маҳорашро бикашанд, барои байъат бурданд:

وَكُنْتَ تُقادُ كَما يُقادُ الْجَمَلُ الْمَخْشوشُ

Амирулмӯъминин дар ҷавоби ӯ навишт:

وَقُلْتَ: إِنّي كُنْتُ أُقادُ كَما يُقادُ الْجَمَلُ الْمخْشوشُ حَتّى أُبايِعَ، وَلَعَمْرُ اللهِ لَقَدْ أَرَدْتَ أَنْ تَذُمَّ فَمَدَحْتَ وَأَنْ تَفْضَحَ فَافْتَضَحْتَ! وَما عَلَى الْمُسْلِمِ مِنْ غَضاضَةٍ في أَنْ يَكونَ مَظْلوماً ما لَمْ يَكُنْ شاكّاً فى دينِهِ وَلا مُرْتاباً بِيَقينِهِ، وَهذِهِ حُجَّتي اِلى غَيْرِكَ قَصْدُها وَلكِنّي أَطْلَقْتُ لَكَ مِنْها بِقَدْرِ ما سَنَحَ مِنْ ذِكْرِها

(*“Ба гуфтӣ, ки маро монанди шутури лаҷомшуда мекашиданд, то байъат кунам. Ба Худо савганд, ту хостӣ мазаммат кунӣ, ситоиш кардӣ ва хости расво кунӣ, расво шудӣ. Албатта бар марди мусалмон ору айб нест, ки мазлум воқеъ шавад, то замоне, ки дар динаш шак накунад ва дар яқини худ тардид роҳ надиҳад. Албатта, рӯйи ин далели ман ба дигаре аст, вале ба андозаи лозим бо ту ба сухан пардохтам.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 28)*)

Инҷо ин суол пеш меояд, ки байъат чӣ лузуме дорад, ки пайғамбар ва имом аз мардум байъат мегирифтанд ва аз назари шаръӣ чӣ асари илзомоваре дорад? Оё агар мардум байъат намекарданд, итоати пайғамбар воҷиб набуд? Ва чаро амирулмӯъминин ба байъат истинод мекунад?

Ба назар мерасад, байъат дар баъзе маворид сирфан эътироф ва изҳори омодагӣ аст, қавли виҷдонӣ аст. Байъате, ки Пайғамбари Акрам мегирифт аз ин ҷиҳат буд, хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки дар хӯйи араб ин буд, ки қавли худ ва байъати худро нақз накунад; назири қасам хӯрдани низомиҳо ё вукалост, ки ба ҳар ҳол ҳеч кас набояд ба мамлакати

худ хиёнат кунад, вале ин қасам таъкид ва гарав гирифтани вичдон аст. То шахс байъат накарда, фақат ҳамон вазифаи куллӣ аст, ки қобили тафсиру таъвил аст, вале бо байъат, шахс ба таври мушаххас эътироф мекунад ба тараф ва матлаб аз ибҳом хориҷ мешавад ва баъд ҳам вичдони худро низ гарав мегузорад ва баъид нест, ки шаръан низ илзоми фавқ илзоми аввалӣ эҷод кунад.

Вале дар бархе маворид сирфан паймон аст, мисли он ҷойе, ки қабл аз байъат ҳеч илзом дар кор нест. Масалан, агар хилофат ба шӯро бошад, на ба насс, қабл аз байъат ҳеч илзоме нест, аммо байъат илзомовар мекунад. Амирулмӯъминин, ки бо Зубайр ва ғайри Зубайр ба байъат истинод мекунад, дар ҳақиқат масъалаи мансусиятро — ки хилофати Абӯбакр ва Умар ва Усмон онро аз асар андохта — сарфи назар мекунад ва ба як асли дигар, ки он ҳам як асли шаръӣ аст истинод мекунад, ҳамчунон, ки хулафо низ нассе бар Алӣ алайҳис саломро нодида гирифта ва ба як асли дигар аз усули ислом — ки он ҳам мӯҳтарам аст — истинод карданд ва он шӯро буд:

وَشَاوِرْهُمْ فِي الْأَمْرِ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 159*)

وَأَمْرُهُمْ شُورَى بَيْنَهُمْ

(*Сураи Шӯро, ояти 38*)

Байъат бо раъй додан дар замони мо каме фарқ мекунад, пуррангтар аст. Раъй сирфан интихоб кардан аст, на таслими итоат шудан. Байъат ин аст, ки худро таслими амри ӯ мекунад. Байъат аз раъй додан пуррангтар аст. Ҳоло бибинем, Имом Ҳусайн агар байъат мекард, ин байъат чӣ маъние дошт?

Дар ин марҳила яъне марҳилаи имтиноъ аз байъат, таклифи Имом Ҳусайн як таклифи манфӣ аст (монанди марҳилаи чаҳорум ва панҷум): байъат накардан; бар хилофи марҳила аввал ва севвум, ки таклифи мусбат пайдо мекунад. Аз ин назар Имом Ҳусайн “на” мегӯяд, бояд дасти худро ақиб бикашад, бояд ҷо холӣ кунад. Аз назари ин таклиф агар Имом аз кишвар хориҷ мешуд, вазифаи худро анҷом дода буд, агар ба миёни кӯҳҳо мерафт, ки дастрасӣ ба ӯ набуд (ба қавли Ибни Аббос “шиъобул-ҷибол”) боз ҳам вазифаи худро анҷом дода буд, агар фаразан дар хонаҳо махфӣ шуда буд, боз ҳам вазифаи худро анҷом дода буд, вале агар байъати зӯрӣ ва икроҳӣ анҷом медод, маъзур набуд. Икроҳ аз назари ислом шомили ин масоил намешавад.

رُفِعَ مَا اسْتُكْرِهوا عَلَيْهِ

Ва

لا ضَرَرَ وَلا ضِرارَ

— шомил ҷойе, ки зарар бар ислом ворид шавад нест, мисли ин ки касеро маҷбур кунанд, ки алайҳи ислом китоб бинависад ё Қуръонро тахтиа кунад.

Дар инҷо ин нукта гуфта шавад, ки баъзе мегӯянд: чаро Имом Ҳусайн дар замони Муовия иқдом накард ва баъзе дигар ҷавоб медиҳанд: чун дар он вақт мавзӯъи сулҳи Имом Ҳасан дар байн буд ва Имом намехост бар хилофи аҳди бародараш рафтор кунад. Ин сухан дуруст нест, зеро Муовия худаш он паймонро нақз карда буд. Қуръони Карим аҳду паймонро мӯҳтарам мешуморад, то вақте, ки дигарӣ мӯҳтарам бишуморад. Қуръон намегӯяд, агар тараф нақз кард, ту боз ҳам вафодор бимон, балки мегӯяд:

فَمَا اسْتَقَامُوا لَكُمْ فَاسْتَقِيمُوا لَهُمْ

(*Сураи тавба, ояти 7*) Албатта аҳд бо кофир ҳам мӯҳтарам аст. Пайғамбари Акрам бо Қурайш дар Ҳудайбия қарордод баст ва чун нақз аз ноҳияи онҳо шурӯъ шуд, Пайғамбари Акрам ҳам онро варақи порае беш нашумурд. Балки сирри адами қиёми Сайидушшуҳадо ин буд, ки интизори фурсати беҳтар у бештареро мекашид. Ислом токтик ва интизори фурсати беҳтарро ҷоиз, балки воҷиб медонад. Мусалламан фурсат баъд аз мурдани Муовия, аз замони Муовия беҳтар буд. Имом дар замони худи Муовия низ сокит набуд, доиман эътироз мекард. Ба василаи нома, ки ба Муовия навишт, ҳузуран бо ӯ муҳоҷҷа кард. Акобири мусалмононро ҷамъ кард ва бо онҳо сӯҳбат кард. Барои қиём ба сайф, беҳтарин вақтро ин донист, ки сабр кунад Муовия бимирад. Имом қатъ дошт, ки Муовия Язидро насб карда ва баъд аз мурдани Муовия, мардумро ба итоат аз Язид даъват хоҳанд кард. Бинобар ин, аз назари Имом хилофати Язид чизе тоза ва ғайри мутараққабе набуд.

Ҷамъ кардани асҳоб дар шаби Ошӯро ва сухан бо онҳо — дарси тавҳид ва имон ва азамат ва шикастнопазирӣ (дар ҳоли номусоид будани ҳамаи шароит)

Аз мазоҳири дурахшандаи ҳодисаи Карбало ва аз таҷаллиёти бузурги илоҳии он, мавзӯъи ҷамъ кардани Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом дар шаби Ошӯро асҳоби худро ва суханронӣ барои онҳо ба он шакл аст. Бояд дар назар дошт, ки ин суханронӣ дар шаби Ошӯрост, ҳангоме аст, ки омилҳои муҳит аз ҳар ҷиҳат номусоид ва ноумедкунанда аст. Дар чунин шароите ҳар сардор ва раҳбаре, ки танҳо моддӣ фикр кунад, ҷуз лаб ба шикоят боз кардан коре надорад; мантиқаш ин аст: афсӯс, ки бахт бо мо мусоид нашуд, туф бар ин рӯзгор ва бар ин зиндагӣ! Мисли Наполеон мегӯяд: табиат бо ман мусоидат накард; ҳамаи суханонаш шикоят аз рӯзгор ва изҳори яъс аст. Он чи шароитро барои ӯ сахттар мекунад ин аст, ки занону фарзандону хоҳаронаш то 24 соати дигар асири дасти душман мешаванд. Барои як марди ғаюр ва фидокор, ин хеле ногувортар аст.

Дар як ҳамчу шароите дигарон чӣ кардаанд? Мо дар таърих мехонем, ки Муқаннаъ вақте, ки маҳсур шуд ва дар шароити номусоид ва ноумедкунандае қарор гирифт, аввал хонадони худро кушт, баъд худашро. Ҳамчунин аст яке аз хулафои умавӣ ҳангоми гирифторӣ. Таърих аз ин намунаҳо бисёр дорад.

Аммо Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом вақте, ки шурӯъ кард ба суханронӣ, гуфт:

أُثْني عَلَى اللهِ أَحْسَنَ الثَّناءِ وَأَحْمَدُهُ عَلَى السَّرّاءِ وَالضَّرّاءِ، اللّهُمَّ إِنّى أَحْمَدُكَ

Бо ин ҳама шароити номусоиди моддӣ, дам аз ризо ва созгорӣ бо омилҳо мезанад! Чаро? Чун дар шароити маънавии мусоиде зист мекунад. Ӯ эътиқодан ва амалан муваҳҳид ва Худопараст аст ва ба илова, ӯ ба натиҷаи ниҳоии кори худ огоҳ аст. Ӯ ҳадафаш мисли Искандар ва Наполеон ҷаҳонагирӣ набуд, ки худро шикастхӯрда бидонад, ҳадафаш эълои калимаи Ҳақ буд ва аз ин назар кори худро бисёр судманд ва муассир медид.

Мавзӯот дар бораи қиёми ҳусайнӣ

1) Ин ҳодиса ба хотири нафурӯхтани ақида ва раъй ба вуҷуд омад;

2) Ҷумлаи:

آثَرُوا الْمَوْتَ

— ба ҳақиқат дар бораи онҳо содиқ аст (муқоиса байни онҳо ва бадриюн ва сиффиниюн ва асҳоби Торик);

3) Муҳимтарин дарси ҳодисаи Ошӯро ин аст, ки бифаҳмем оё дин, қувват аст ё заъф? Қайд аст ё озодӣ? Тарёк аст ё муқаввӣ?

Муовия ба баҳонаи хун Усмон дар ҷустуҷӯи хилофат буд

Аққод дар китоби “Абушшуҳадо” (с.12) мегӯяд:

إنّ الّذين انخدعوا أو تخادعوا ... والآجام

Чанд нукта дар инҷо ҳаст. Фарқи асҳоби Муовия ва асҳоби Ибни Зиёд:

а) Байни асҳоби Муовия дар Сиффин ва асҳоби Язид дар Карбало фарқ буд, зеро Муовия бо як навъ зоҳирсозӣ онҳоро фиреб дода буд ва онҳо хаёл мекарданд, фақат барои интиқоми халифаи мазлум меҷанганд ва ҳанӯз парда аз рӯйи мақосиди Муовия бардошта нашуда буд, бар хилофи асри Язид ва давраи Язид. Ва ба ҳамин далел, дар муборизаи Алӣ алайҳис салом ва Имом Ҳасан бо Муовия, нифоқи тараф он қадр ошкор набуд, ки дар муборизаи Имом Ҳусайн ошкор буд. Вале мардум дар тӯли ин 20 сол то ин қадр ақиб рафта буданд ва ба назар намерасад, ки дар давраи Муовия мардум дар ҳодисае мисли ҳодисаи Карбало аз Банӣ Умайя дифоъ мекарданд. Пас Банӣ Умайя мардумро ба миқдори зиёде дар ин муддат ақиб бурданд;

б) Дар қазияи Муовия ва талаби саъру интиқом, ки мардум ба ҳаракат омаданд, бешак руҳи асабият ва ҷоҳилият ва майл ба хунхоҳӣ ва хунхорӣ, ки дар табиати араб буд ва дар ҷоҳилият ба суратҳои дигаре тазоҳур мекард, дар ин ҳодиса мавҷуд буд, вале тазоҳураш ранги исломӣ дошт;

в) Муовия дар замони хилофати худ кори муҳимме кард, ки ҳамон чиз мӯҷиби заволи ҳукумат аз Банӣ Умайя шуд ва он мавзӯи валиаҳд қарор додани Язид буд, ки аввалан, Язид носолеҳтарини афрод буд ва сониян, вилоятаҳдӣ дуруст бозӣ кардан ва даст ба даст кардани хилофат ба сурати салтанат буд ва махсусан Муовия дар зиндагии худаш барои Язид байъат гирифт. Асосан Муовия дар соири корҳо низ равиши хилофатро табдил кард ба равиши салтанат, ҳарчанд аз замони Усмон Банӣ Умайя хилофатро мулки худ меномиданд;

г) Амали аъвони Банӣ Умайя дар Карбало, мунтаҳои қавси нузули ахлоқ дар уммати исломӣ буд ва аз ҳодисаи Карбало интибоҳ ва шуъур ба озодӣ ва зери бор нарафтан шурӯъ шуд. Қиёми Мадина ва қиёмҳои Кӯфа ва махсусан қиёми Абдуллоҳ ибни Афиф Аздӣ, намунае аз оғози таҷаллиёти руҳи исломӣ ба шумор меравад. Аъвони Банӣ Умайя баъд аз Карбало ҳам хиссат ва даноати худро ба харҷ доданд, вале шурӯъи бедорӣ аз Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом шуд.

Асҳоби Банӣ Умайя дар Карбало бо ақидаи худашон меҷангиданд

Мавзӯи аҷиб ин аст, ки аъвони Язид дар ҳодисаи Карбало ва ҳодисаи Мадина як навъ хиссат ва даноате нишон доданд, ки назире надошт. Инҳо ин корҳоро мекарданд дар ҳоле, ки кофир ва мункири мутлақ набуданд, воқеан намоз мехонданд ва шаҳодатайн мегуфтанд. Аққод мегӯяд:

بل حسبك من خسّة ناصريه (يزيد) أنّهم كانوا يرعدون من مواجهة الحسين بالضّرب فى كربلاء لاعتقادهم بكرامته وحقّه، ثمّ ينتزعون لباسه ولباس نسائه فيما انتزعوه من أسلاب، ولو أنّهم كانوا يكفرون بدينه وبرسالة جدّه لكانوا في شريعة المروءة أقلّ خسة من ذاك

(*“Дар пастии ёварони ӯ (Язид) ҳамин бас, ки дар Карбало ба ҷиҳати эътиқоде, ки ба каромат ва ҳаққи он ҳазрат доштанд, аз муқобилаи рӯ дар рӯ бо он ҳазрат меҳаросиданд, вале пас аз шаҳодат либоси ӯ ва занонашро дар миёни амволи ғоратшуда берун меоваранд. Ва инон агар ба дини ӯ ва рисолати ҷаддаш ҳам кофир буданд, ин амали онҳо дар мазҳаби мардонагӣ пасттарин кор буд.”*)

Аз инҷо маълум мешавад, ки ҷанги асҳоби Ибни Зиёд ҷанги ақида набуда, балки ҷанг бо ақида буда, яъне ба хотири шикам ва риёсат ва дунё бо ақидаи худашон меҷангиданд ва

аз як назари инҳо аз куффори Бадр ва Уҳуд пасттар буданд, зеро ҷанги онҳо то ҳадде ҷанг дар роҳи ақида буд.

Каромати Оли Алӣ дар истихдоми василаи пирӯзӣ

Оли Алӣ ҳамон тавре, ки бо мухолифони худ аз лиҳози мақсад ва ҳадаф фарқ доштанд, аз назари истихдоми васила ва сабаб низ фарқ доштанд. Онҳо ҳар василаеро барои расидан ба ҳадаф ба кор намебаранд. Масалан, Муовия ба масмум кардан, ки яке аз аъмоли ноҷавонмардонаи дунёст мутавассил мешуд; Имом Ҳасан ва Аштари Нахаъӣ ва Саъди Ваққос ва ҳатто Абдурраҳмон ибни Холид, беҳтарин дӯст ва насири худро, ки чашм ба хилофат баъд аз Муовия дошт, масмум кард ва мегуфт:

إِنَّ لِلّهِ جُنوداً مِنْ عَسَلٍ

Вале Оли Алӣ аз ба кор бурдани ин васоил имтиноъ доштанд, зеро бо мақсадашон, ки ишоъаи фазилат буд, мунофот дошт, бар хилофи Муовия, ки мақсаде ҷуз такя задан ба маснади хилофат надошт. Муслим ибни Ақил ҳозир нашуд Ибни Зиёдро дар хонаи Ҳонӣ бо фиреб ва дар ҳоле, ки дар ғафлат аст бикушад ва гуфт:

إِنّا أَهْلُ بَيْتٍ نَكْرَهُ الْغَدْرَ

(*“Мо хонадоне ҳастем, ки макру ҳиларо нохушоянд медорем.” Аққод, с.18*) ва ё гуфт: ман ба ёдам (ҳаст) ҳадисе аз Пайғамбар, ки фармуд:

الْإِيمانُ قَيَّدَ الْفَتْكَ

(“*Имон аз терур ҷилавгирӣ кардааст*.” *Сармояи сухан, ҷилди дуввум*)

Таҳлили руҳияи қотилини Сайидушшуҳадо

Таҳлили руҳияи аъвони Ибни Зиёд кори осоне нест. Оё воқеан инҳо ба усули ислом мӯъмин набуданд? Ва ё ба ислом мӯъмин буданд, вале хаёл мекарданд, Имом Ҳусайн тоғӣ ва ёғӣ аст ва хориҷ бар имоми вақт аст ва ба ҳукми ислом бояд бо ӯ ҷиҳод кард, ҳамон тавре, ки Умари Саъд мегуфт:

يا خَيْلَ اللهِ ارْكَبي وَبِالْجَنَّةِ أَبْشِري

Ва ё он ки сирфан тамаъу ҳирс бар дунё буда ва ё сирфан ҷаҳолату нодонӣ ва адами ташхис буда? Зоҳир ин аст, ки умуми онҳо холӣ аз як навъ имони оммиёна набудаанд, яъне дар сирри замир, кофир ва мункири ислом ё кофир ва мункири Имом Ҳусайн набудаанд, аммо руасои онҳо кару кӯри ришва ва мақом буданд, ҳамон тавре, ки он мард ба Имом Ҳусайн гуфт:

أَمّا رُؤَساؤُهُمْ فَقَدْ أُعْظِمَتْ رِشْوَتُهُمْ وَمُلِئَتْ غَرائِزُهُمْ

Ва ин ҳам худ як муаммои аҷибе аст дар руҳи фарзанди Одам, ки бо ақидаи худ мубориза мекунад ва амале мекунад ба ҳукми ҳирсу оз ва дунёпарастӣ, ки бо ақида ва имони худаш созгор нест. Масалан, дар замони мо касоне ҳастанд, ки воқеан намоз мехонанд ва рӯза мегиранд ва як навъ алоқае ба Қуръон доранд ва дар айни ҳол ходими аҷонибанд ва ҳаводисе назири ҳодисаи ҳамла ба Мадина ва ё ҳамлаи муғул ба вуҷуд меоваранд; мисли ин ки байни ақида ва амалашон фасл воқеъ шуда ва ё ба иборати дигар, тааддуди шахсият пайдо кардаанд. Ва аммо маъъусин сирфан тобеъи руҳи тақлид ва табаияти кӯр-кӯрона аз руасо буданд:

رَبَّنَا إِنَّا أَطَعْنَا سَادَتَنَا وَكُبَرَاءَنَا فَأَضَلُّونَا السَّبِيلَا

(*“Парвардигоро! Мо аз сарварон ва бузургонт худ пайравӣ кардем ва онҳо гумроҳамон карданд.” (Аҳзоб/67)*) Хулоса, ин ки муаммои:

قُلوبُهُمْ مَعَكَ وَسُيوفُهُمْ غَداً مَشْهورَةٌ عَلَيْك

— дар Карбало вуҷуд дошта.

Ба ақидаи Аққод ҳар ду тараф ақида ва имон ба охират доштаанд, вале ақида ва имон дар як тараф дар руҳе мавҷуд буда карим ва бузургвор ва дар тарафи дигар дар руҳе буда лаим ва паст; онҳо табитан идеалист ва соҳиби ҳадаф будаанд ва инҳо табиатан манфиатпараст.

Маншаъи ихтилофи Оли Алӣ ва Оли Муовия

Иллатҳое, ки аз ҷанбаи таърихӣ метавон хусумати Оли Алӣ алайҳис салом ва Оли Муовияро тавҷеҳ намуд зиёд аст. Албатта иллати аслӣ, ихтилофи тинат ва сиришти онҳо буд. Мисли ин буд, ки инҳо ду сиришт буданд ва рӯйи ҳамин ҷиҳат Оли Алӣ алайҳис салом ба имон ва ахлоқ ва фазилат пабанд буданд ва Оли Муовия ба манофеъ ва ҷоҳу мақом ва молу сарват. Маҷмӯи илалро метавон гуфт иборат аст аз: ихтилофи нажодӣ ва хунхоҳиҳо ва сиёсат ё рақобати сиёсӣ, кинаи шахсӣ, ихтилоф дар тарзи фикр ва идрок ва эҳсосот. Албатта Оли Алӣ алайҳис салом муназзаҳ буданд аз баъзе аз ин умур, вале дар Оли Муовия ҳамаи ин умур таъсир дошт, ба иловаи эҳсоси ҳасодате, ки аз каромати Оли Алӣ алайҳис салом ва шарафи мардумии онҳо мекарданд:

أَمْ يَحْسُدُونَ النَّاسَ عَلَى مَا آتَاهُمُ اللَّهُ مِنْ فَضْلِهِ

(“*Балки (яҳуд) нисбат ба мардум (-и мусалмон) ҳасад меварзанд ба хотири он чи ки Худо аз фазлаш ба онҳо ато кардааст.” (Нисо/54)*) Аққод мегӯяд:

وكان هذا التّنافس بينهما (حسين عليه السلام و يزيد) يرجع الى كلّ سبب يوجب النّفرة بين رجلين من العصبيّة الى التّراث الموروثة، الى السّياسة، الى العاطفة الشّخصية، الى اختلاف الخليفة والتّفكير

(*“Ва ин даргирӣ миёни он ду (Ҳусайн алайҳис салом ва Язид) бозгашти он ба асбобе буд, ки мӯҷиби нафрат ва ҷудоӣ миёни ин ду нафар мешуд, ки ҳамон таассуб ва ҳимоят аз осори мавруси гузаштагони онҳо ва таассуб дар сиёсат, дар авотифи шахсӣ, дар ихтилофи ахлоқ ва тарбият ва рушд ва тафаккури онҳо буд.*”)

Унсури Оли Алӣ ба ҳасби асли фитрат ва ба ҳасби тарбият ва домонҳое, ки онҳоро парвариш дода буд, бо унсури умавӣ ду унсур буд.

Умайя ва Ҳошим аз қадим бо ҳам бар сари заомат ихтилоф карданд ва Умайя шикаст хӯрд ва ба Шом рафт. Дар ислом ҳам, Абӯсуфён, ки аз ҳамаи Қурайш зиракатар буд, таҳти таъсири авотифи кинаомез, то фатҳи Макка бо Пайғамбар мубориза кард ва ҳол он ки ақли ӯ иқтизо мекард зудтар таслим шавад. Абӯлаҳаб ҳам, ки ин қадр мухолифи Пайғамбар буд, чун шавҳархоҳари Абӯсуфён буд. (Қиссаи Абӯсуфён ва Аббос ва фатҳи Макка).

Гӯянд, рӯзе Абӯсуфён — баъд аз фатҳи Макка — чашмаш ба Пайғамбар афтод, бо худ гуфт:

لَيْتَ شِعْرِي بِأَيِّ شَيْءٍ غَلَبَني

(*“Эй кош медонистам, ки ӯ ба чӣ чиз бар ман пирӯз шуд?”*) Расули Акрам сухани ӯро шунид ё замирашро хонд. Омад ва даст ба шонааш зад ва фармуд:

بِاللهِ غَلَبْتُكَ يا أَبا سُفْيانَ

(*“Ба сабаби Худо бар ту пирӯз шудам, эй Абӯсуфён!”*)

Душмании Абӯсуфён бо ислом

Дар ғазваи Ҳунайн, Абӯсуфён ҳамин, ки ҳазимати мусалмононро дид, бо хушҳолӣ гуфт:

ما أَرَاهُمْ يَقِفونَ دونَ الْبَحْرِ

(*“Гумон надорам, ки то пеш аз расидан ба дарё, таваққуф кунанд.”*)

Ва дар ҷанги Шом вақте, ки румиҳо ҷилав мерафтанд, мегуфт:

إِيهٍ بَنِي الْأَصْفَرِ

(*“Эй румиён, идома диҳед!”*) Ва ҳамин, ки ақиб менишастанд, мегуфт:

وَيْلٌ لِبَنِي الْأَصْفَرِ

(*“Вой бар банӣ асфар! (румиён)”*) Паёмбар барои таълифи қалб, духтарашро тазвиҷ кард, хонаашро маъман қарор дод, ӯро дар раъси муаллафатулқулуб қарор дод. (Вале

ҳукумат ба ӯ ва писаронаш надод; ҳамин қадр, ки таълифи қалб шуда бошад, на ин ки қудрате дар ихтиёри онҳо гузошта шавад.) Дар айни ҳол, мусалмонон аз ӯ иҷтиноб мекарданд. Ӯ аз ин кор хаста шуд ва аз Расули Акрам хоҳиш кард, ки Муовия котиби он ҳазрат (на котиби ваҳй) буда бошад. Дар қазияи хилофат омад ба дари хонаи Алӣ алайҳис салом ва Аббос… Аққод мегӯяд, Алӣ фармуд:

لا وَاللهِ لا أُريدُ أنْ تَمْلَأَها عَلَيْهِ خَيْلاً وَرَجِلاً، وَلَوْ لا أنَّنا رَأَيْنا أبا بَكْرٍ لِذلِكَ أهْلاً ما خَلَّيْناهُ وَإيّاهُ

(*“На — ба Худо савганд — намехоҳам хонаро бар зидди ӯ аз савора ва пиёда пур кунӣ ва агар Абӯбакрро аҳли ин кор намедидем, ӯро дар ин амр озод намегузоштем.*”) (Ин ҷумла қатъи назар аз ҳама чиз бо ҷумлаи “Наҳҷул-балоға” дар ҳамин қисса:

شُقّوا أَمْواجَ الْفِتَن

(*“Амвоҷи дарёи фитнаро (бо киштиҳои наҷот) бишкофед.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 5)*) низ мунофот дорад.)

ثُمَّ ابْنُهُ قائِلاً :يا أبا سُفيانَ! إنَّ الْمُؤْمِنينَ قَوْمٌ نَصِحَةٌ بَعْضُهُم لِبَعْضٍ، وَإنَّ الْمُنافِقينَ قَوْمٌ غَشِشَةٌ بَعْضُهُمْ لِبَعْضٍ تَتَخاذَلونَ وَإنْ قَرُبَتْ دِيارُهُمْ وَأبْدانُهُمْ

(*“Сипас писараш гуфт: эй Абӯсуфён! Мӯъминон гурӯҳе ҳастанд, ки хайрхоҳи якдигаранд ва мунофиқон гурӯҳе дағалбозанд, ки даст аз ёрии якдигар медоранд, ҳарчанд шаҳрҳо ва баданҳошон ба ҳам наздик бошад.”*)

Абӯсуфён дар рӯзи аввали хилофати Усмон гуфт:

يا بَني أُمَيَّةَ! تَلَقَّفوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ

Муқаддамоти вилоятаҳдии Язид

Аққод мегӯяд (с 29- 31): Муовия қасдаш ин буд, ки хилофатро табдил ба мулки умавӣ кунад ва дар фикри замина барои Язид буд, то дид пир шуда ва мумкин аст бимирад ва ин кор анҷом нашавад. Ба Марвони Ҳакам навишт, ки аз мардум байъат бигирад ва чун худи Марвон тамаъ дар хилофат дошт, ибо кард аз ин кор ва дигаронро ҳам алайҳи Язид таҳрик кард. Муовия Марвонро маъзул кард ва ба ҷойи ӯ Саъид ибни Осро ҳукм дод ва ба ӯ мавзӯъро навишт. Албатта касе ба суханаш посухи мувофиқ надод. Муовия номаҳое ба Имом Ҳусайн алайҳис салом ва Абдуллоҳ ибни Аббос ва Абдуллоҳи Зубайр ва Абдуллоҳи Ҷаъфар навишт ва Саъидро маъмури исол кард, ки ҷавоб бигирад (ва зоҳиран ҳеч кас ҷавоб нанавишт). Ба Саъид навишт:

ولتشدّ عزيمتك وتحسن نيّتك، وعليك بالرّفق، وأنظر حسيناً خاصّة فلا يناله منك مكروه، فإنَّ له قرابة و حقّاً عظيماً لا ينكره مسلم ولا مسلمة ... وهو ليث عرين، ولست أمنك أن ساورته ألاّ تقوي عليه

("*Ва бояд, ки азмат муҳкам ва ниятат некӯ бошад ва рифқу нармиро аз даст мадеҳ ва Ҳусайнро танҳо мӯҳлат деҳ (таҳти назар бигир), мабодо нохушояндӣ аз ту ба ӯ бирасад, ки ӯро (бо Расули Худо) қаробат ва наздикӣ аст ва ӯро ҳаққе аст, ки аҳаде аз марду зани мусалмон мункири он нест… Ва ӯ шери бешаи шуҷоат аст ва аз ту мутмаин нестам, ки агар бо ӯ даргир шавӣ, битавонӣ бар вай даст пайдо кунӣ.*")

Саъид ранҷҳо дар ин роҳ бурд, ки мардумро ва бахусус ин чанд нафарро розӣ кунад (ва муваффақ нашуд). Муовия худаш ба қасди Макка зоҳиран ва ботинан барои байъат гирифтан барои Язид ба Мадина омад ва ҳамин чанд нафарро хонд ва бо нармӣ ва таъоруф гуфт: ман майл дорам, ки шумо бо Язид, ки бародари шумо ва ибни амми шумост байъат кунед ба хилофат ва албатта ихтиёри азлу насб бо шумо хоҳад буд ва ҳамчунин ҷибоят ва тақсими мол ва исми хилофат аз Язид бошад! Ибни Зубайр гуфт: беҳтар ин аст, ки ту ё мисли пайғамбар бикунӣ, ки ҳеч касро муайян накард ва ё мисли Абӯбакр бикунӣ, ки касе аз ғайри фарзандони падари худ интихоб кард, ё мисли Умар корро ба шӯро вогузорӣ. Муовия нороҳат шуд ва рӯйи хушунат нишон дод; ба ӯ гуфт: ғайр аз ин ҳам сухане дорӣ? Гуфт: на. Ба дигарон гуфт: шумо чӣ тавр? Онҳо ҳам гуфтанд: на. Гуфт: аҷаб! Шумо аз ҳилми ман суистифода мекунед. Гоҳе ман дар минбар хитоба мехонам, яке аз шумо баланд мешавад ва маро такзиб мекунад ва ман ҳилм меварзам. Қасам ба Худо, агар яке аз шумо дар ин мавзӯъ сухани маро рад кунад, аз ман сухане нахоҳад шунид, то он ки шамшер ба фарқаш фуруд ояд:

لئن ردّ عليّ أحدكم فى مقامي هذا لا ترجع اليه كلمة غيرها حتّى يسبقها السّيف إلى رأسه، فلا يبقينَّ رجل إلاّ على نفسه

Баъд ба раиси шурта амр кард, ки болои сари ҳар кадом аз инҳо ду нафар мусаллаҳ бигузорад ва дастур дод, ки ҳар кадом аз инҳо, ки дар пойи минбари ман сухане ба тасдиқ ё такзиб бигӯяд, гарданашро бизан.[42]

---

[42] *Интихоб озод! Бе шабоҳат ба интихоботи замони мо нест. Ҳам мехост Язидро ба вилоятаҳдӣ насб кунад ва ҳам мехост аз мардум байъат бигирад. Дар он вақт қонуне набуд, ки агар халифа касеро дар замони ҳаёт ба вилоятаҳдӣ насб кард, баъд аз мурданаш ӯ халифа аст — истисно дар мавриди Умар амалӣ шуд — ночор мебоист пойи мардумро ҳам ба миён бикашанд ва аз мардум байъат бигиранд. Байъати он рӯз мисли раъй додани имрӯз буд, яъне амал ва интихобе буд аз мардум. Муовия ба зӯр мехост раъй бигирад. Дар замони мо низ, ки ҳукумат ба ҳасби қонун машрута аст; вакил бояд интихоб шавад, вале чумоқ болои сари раъйдиҳандаҳост ва чун тамаддун*

Баъд аз ин муқаддима, Муовия ба минбар рафт ва баъд аз ҳамду санои парвардигор, гуфт: ин ҷамоат, бузургони мусалмонон ва некони мусалмонон мебошанд. Ҳеч коре бидуни раъйу назар ва ақидаи инҳо анҷом намешавад ва бидуни машварати инҳо коре набояд анҷом шавад. Инҳо ақида доранд, ки бо Язид байъат шавад ва худашон ҳам байъат карданд:

هؤلاءِ الرَّهط سادة المسلمين وخيارهم لا يبرم أمر دونهم ولا يقضى إلاّ على مشورتهم، وإنَّهم قد رضوا و بايعوا ليزيد، فبايعوه على اسم الله. فبايع النّاس

(*Аққод, "Абушшуҳадо", с.32*) Муовия дар айни ҳол медонист, ки ин байъат асосе надорад. Аз ин рӯ васият кард ба Язид, ки баъд аз мурданаш, аз инҳо байъат бигирад — ба тартибе, ки дар "*Нафасул-маҳмум*" ҳаст — вале Язид, ки ҷавон ва бетаҷриба буд ва мусташорҳое мисли мусташорҳои падараш аз қабили Амри Ос ва Зиёд ва Муғира надошт, дар амал хушунат кард ва дар номае, ки ба Валид ибни Утба ибни Абӯсуфён, омили он вақти Мадина навишт, ин тавр навишт:

خُذْ حُسَيْناً وَعَبْدَ اللهِ بْنَ عُمَرَ وَعَبْدَ اللهِ بْنَ الزُّبَيْرِ بِالْبَيْعَةِ أَخْذاً شَديداً

("*Аз Ҳусайн алайҳис салом ва Абдуллоҳ ибни Умар ва Абдуллоҳ ибни Зубайр бо шиддат байъат бигир.*") Валид фиристод дунболи Марвон барои машварат… (то охири достон)

Истифодаи умавиҳо аз илғои асабият дар ислом

Аққод мегӯяд: аз аҷоиби ҳилаҳои ғаризаи инсонӣ барои бақои худаш, мавзӯи муборизаи умавиҳо бо ҳошимиҳост, ки ба ҳукми ислом — ки илғои асабият карда — бо онҳо эҳтиҷоҷ мекарданд ва ба ҳамин васила худро ҷилав андохтанд.

Ҷанги таблиғотии Муовия бо алавиҳо

Аққод мегӯяд (с.37): Муовия медонист, ки ба молу силоҳ бар Алӣ алайҳис салом ва Оли Алӣ ғолиб аст ва дар шӯҳрат ва эҳсосоти мардум, мағлуб. Барои ин ки ҷалби Оли Алӣ карда бошад, ҳадоё ва туҳфаҳои зиёде барои онҳо мефиристод ва аз мол музойиқа намекард ва барои ин ки эҳсосот ва авотифро дар мавриди Алӣ аз байн бибарад ва ҳукумати Алиро дар дилҳо зоил кунад, муборизаи таблиғотӣ ва ҷанги сард мекард, дастур медод, дар манобир ва намозҳо лаън кунанд, вале ин қисмат бештар сабаби танаффури мардум аз худи ӯ шуд. Ҷаъли ҳадис ҳам яке аз васоили таблиғотӣ буд.

боло рафта ва раъй навиштан ва сандуқ ба миён омада, яъне абзорҳо иваз шуда — на руҳияҳо — гоҳе сандуқро медузданд ва раъйҳоро иваз мекунанд. (Ишора ба замони режими манфури Паҳлавӣ.)

Қиссаи Зайнаб бинти Исҳоқ

Аққод мегӯяд: агар қиссаи Зайнаб духтари Исҳоқ, ки бисёре аз муаррихон нақл кардаанд рост бошад, бар мӯҷиботи ихтилоф байни Ҳусайн алайҳис салом ва Язид як иллати дигар ҳам афзуда шуда.

Тарбияти ҳошимӣ ва умавӣ дар ҷоҳилият

Аққод мегӯяд (с.49):

كان بنو هاشم يعملون فى الرئاسة الدينيّة، وبنو عبد شمس يعملون في التّجارة أو الرّئاسة السّياسيّة وهما ما هما فى الجاهلية من الرّبا والمماكسة والغبن والتّطفيف والتّزييف، فلا عجب أن يختلفا هذا الاختلاف بين أخلاق الصّراحة وأخلاق المساومة، وبين وسائل الإيمان ووسائل الحيلة على النّجاح

(“*Банӣ Ҳошим дар мавриди риёсати динӣ кор мекарданд ва Банӣ Абдишамс дар тиҷорат ва риёсати сиёсӣ, ки дар ҷоҳилият иборат буд аз рибо ва чона задан дар нархи ачнос ва кулоҳ гузоштан сари дигарон ва камфурӯшӣ ва ачноси маъюбро ба дигарон андохтан. Аз ин рӯ шигифтӣ надорад, ки ин ихтилофи фоҳиш миёни онҳо бошад; миёни рукгӯӣ ва рӯростӣ ва ахлоқи бозорӣ ва муомилагарӣ ва миёни васоили имон ва васоили ҳуққабозӣ барои расидан ба ҳадаф.*”) Мақсуд ихтилофи тарбияти ин ду хонадон аст.

Баъд мегӯяд: риёсати динии Банӣ Ҳошим назири мутаваллигарии коҳинони беақида набуд, балки худи онҳо беш аз ҳар касе ба эҳтироми Каъба ва ба Худо имон доштанд. Қиссаи қасди зибҳи Абдулмутталиб фарзанди худро муҳкамтарин далел бар ин матлаб аст.

Баъд мегӯяд: ҳамин ахлоқи Олӣ Ҳошими баъд аз зуҳури нубувват ба наҳви комилтаре дар аъқоб зуҳур кард ба тавре, ки Оли Алӣ то қарнҳо баъд, ки инсон мутолеа мекунад, мебинад афродеро, ки гӯё Алии кучаке ҳастанд

ذُرِّيَّةً بَعْضُها مِنْ بَعْضٍ

Абӯабдуллоҳ ҳам дар Ошӯро аз

حُجورٌ طابَتْ وَطَهُرَتْ

— ном бурд. Ва он гоҳ қиссаи Алиакбар ва қиссаи Яҳё ибни Умари Алавиро ба унвони намуна зикр мекунад. (*Аққод, “Абушшуҳадо”, с.52*)

Хулқи ҳошимӣ ва хулқи умавӣ

Аққод (с.56) мегӯяд:

ولم يكن لبني أميّة ... ومناعم الحياة

(“*Ва баръакс, Банӣ Умайяро насиби қобили тавоҷҷӯҳе аз ахлоқиёти намуна ва шамоили динӣ набуд ва дар муқобили Банӣ Ҳошим дар миёни он хонадон мақоми нубуввати пайдо*

нашуда буд, ки ба маноқиби он биболанд, чунонки фарзандони онҳо (Банӣ Ҳошим) ба маноқиби нубуввати хонадони хеш ифтихор мекарданд, ё ҳадди ақалл дасти онҳоро бигирад ва ором-ором онҳоро ба сӯйи сифоте савқ диҳад, ки бо ин сифоти мавҷуд дар онҳо тафовут дошта бошад ва ба имтиёзҳое бикашонад, то ҷойи он имтиёзҳоеро, ки дар Банӣ Ҳошим буд пур кунад… Ва ҳол он ки пеш аз зуҳури нубувват ва пас аз он хулқу хӯйи амалии онҳо, ки ношӣ аз баҳрагириҳои тиҷорӣ ва матомеъи сиёсӣ буд, бар онҳо ҳоким буд. Аз ҳамин ҷиҳат дар миёни Банӣ Ҳошим сароне ба он ахлоқиёти шариф машҳур шуданд ва дар миёни Банӣ Умайя сароне ба ин хулқу хӯйи нангин. Аз онон (Банӣ Ҳошим) сифоти бурдборӣ ва сабр ва озмудагӣ ва тезҳушӣ ва хушфикрӣ интишор ёфт, чунонки аз инон сифоти ҳилагарӣ ва оз ва роҳатталабӣ ва хушгузаронӣ шӯҳрат гирифт.")

Баъд мегӯяд: Ҳусайн алайҳис салом ва Язид намунаи комиле аз ду фомил буданд бо ин ихтилоф, ки Ҳусайн алайҳис салом воҷиди ҷамиъи фазоили ҳошимӣ буд, вале Язид сифоти хуби умавиҳоро надошт.

Ахлоқи Муовия фазилат набуд

Зимнан ин нукта бояд маълум бошад, ки он ҳилм ва он сабр дар шаръу ақл фазилат шинохта мешавад, ки барои зиндагӣ абзор нашуда бошад, балки мавлуди фазилатталабӣ ва камолталабӣ ва шарофати нафс бошад. Он сабр ва ҳилме, ки як тоҷир ё як сиёсӣ барои расидан ба мақсуд интихоб мекунад, фақат як абзор аст ва арзиши василаро дорад. Он, камол ва улувви нафс ва арзиши зотии нафс ва мақоми инсонӣ ва хилофати илоҳӣ шумурда намешавад. Ин нукта бисёр муҳим аст. Бинобар ин агар мегӯем ахлоқи хуби умавиҳо, фақат хуби моддӣ аст. Ахлоқи зиндагӣ ва сиёсии имрӯз низ аз ҳамин қабил аст. Ахлоқе, ки *Макиавеллӣ* мегӯяд ва ҳатто ахлоқи *Дейл Карнегӣ* аз ҳамин қабил аст. Ин ахлоққо мавлуди усули олӣ нест, мавлуди тиҷорат ва сиёсат ва роҳ ёфтан ба зиндагӣ аст. Дар "*Роҳнамои донишварон*" (ҷилди аввал) зайли унвони "*Ҳайсу Байс*" (Шаҳобуддин Абулфаворис Саъд ибни Муҳаммад ибни Саъд ибни Сайфӣ маъруф ба "Ибни Сайфӣ", ки аз фуқаҳои шофеия ба шумор омада) аз Ибни Халлакон нақл мекунад, ки Насруллоҳи Маҳаллӣ (ё Муҷлӣ) гуфт: дар хоб Алӣ ибни Абӯтолибро дидам ва гуфтам: шумо Маккаро фатҳ кардед ва гуфтед, он кас, ки ба хонаи Абӯсуфён дарояд, омин аст ва он гоҳ онҳо бо фарзандат Ҳусайн карданд он чи карданд. Гуфт: магар ашъори Ибни Сайфиро нашунидаӣ? Гуфтам: на. Гуфт: аз худаш бишнав. Аз хоб, ки бархостам ба хонаи "Ҳайсу Байс" рафтам ва хобамро гуфтам. Бонгаш ба гиристан баланд шуд ва гуфт: ин

ашъорро дишаб назм кардам ва савганд ёд кард, ки онро бар ҳеч кас нахондаам ва он гоҳ хонд:

مَلَكْنا فَكانَ الْعَفْوُ مِنّا سَجِيَّةً

فَلَمّا مَلَكْتُمْ سالَ بِالدَّمِ أَبْطَحُ

وَحَلَّلْتُمُ قَتْلَ الْأُسارى فَطالَما

غَدَوْنا عَلَى الْأَسْرى فَنَعْفُو وَنَصْفَحُ

فَحَسْبُكُمْ هذَا التَّفاوُتُ بَيْنَنا

وَكُلُّ إِناءٍ بِالَّذى فيهِ يَنْضَحُ

(“*Ҳукумат, ки дар дасти мо омад, афв ва бузургворӣ равиши мо буд ва чун ба дасти шумо расид, хун дар сарзамини Абтаҳ ҷорӣ шуд. Шумо куштани асиронро раво шумурдед, вале мо аз асирон гузаштем ва онҳоро бахшидем. Ҳамин тафовут миёни мову шумо бас, ки аз кӯза ҳамон бурун таровад, ки дар ӯст.*”)

Насаби шарифи Имом Ҳусайн ва асараш дар қазияи Ошӯро

Аққод мегӯяд: мавзӯи насаби Имом Ҳусайн ва муҳаббати зоидулвасфи Пайғамбари Акрамро дар таҳлили қазияи Карбало набояд аз ёд бурд, зеро бо ин миқёс комилан метавонем бифаҳмем, ки сипоҳи Язид чӣ гуна мардуме манфиатпараст буданд ва чӣ гуна алорағми эҳтироме, ки барои Имом Ҳусайн алайҳис салом дар дил қоил буданд амал мекарданд. Ин хусусият аст, ки онҳоро сад дар сад дар радифи мардуми беусул ва манфиатпараст қарор медиҳад. Қиссаҳое аз муҳаббати Пайғамбар нисбат ба Имом Ҳусайн ва ҳамчунин истидлоли Имом Ҳусайн ба муҳаббати Пайғамбар нисбат ба худаш дар таърих сабт аст.

Ҷумлаҳои Имом Ҳусайн ба Абӯзар

Аққод дар с.64 дар мақоми баёни фасоҳати Имом Ҳусайн ҷамлаҳоеро, ки ба Абӯзар фармуда нақл мекунад:

يا عَمّاهُ إِنَّ اللهَ قادِرٌ أَنْ يُغَيِّرَ ما قَدْ تَرى، وَاللهُ كُلَّ يَوْمٍ فى شَأْنٍ، وَقَدْ مَنَعَكَ الْقَوْمُ دُنْياهُمْ وَمَنَعْتَهُمْ دينَكَ، وَما أَغْناكَ عَمّا مَنَعوكَ وَما أَحْوَجَهُمْ اِلى ما مَنَعْتَهُمْ فَاسْئَلِ اللهَ الصَّبْرَ وَالنَّصْرَ، وَاسْتَعِذْ بِهِ مِنَ الْجَشَعِ وَالْجَزَعِ، فَإِنَّ الصَّبْرَ مِنَ الدّينِ وَالْكَرَمِ، وَإِنَّ الْجَشَعَ لا يُقَدِّمُ رِزْقاً وَالْجَزَعَ لا يُؤَخِّرُ أَجَلاً

(“*Амуҷон! Худованд қодир аст, ки вазъи кунуниро дигаргун созад ва Худованд ҳар рӯзе даст ба кори чизе аст ва ин қавм дунёи худро аз ту боздоштанд ва ту дини худро аз онон. Ростӣ, ки ту чӣ бениёзӣ аз он чи туро маҳрум сохтанд ва онон чӣ қадр ба он чи ту онҳоро маҳрум сохтӣ ниёзмандand! Пас, аз Худованд сабру ёрӣ бихоҳ ва аз ҳирсу*

бетобӣ ба ӯ паноҳ бар, ки сабр, аз дин ва карам аст. Ва на ҳирс рӯзиро пеш андозад ва на бетобӣ аҷалро ба таъхир афканад.”)

Аққод мегӯяд:

وكان يومئذ في نحو الثّلاثين من عمره فكأنّما أودع هذه الكلمات شعار حياته كاملة منذ أدرك الدُّنيا إلى أن فارقها في مصرع كربلا

(“*Ва он рӯз он ҳазрат 30-сола буданд ва гӯё шиори тамоми зиндагии худро — аз рӯзе, ки по ба дунё гузорд то рӯзе, ки дар қатлгоҳи Карбало аз дунё муфорақат кард — дар ин чанд калима гунҷонда буд.*”)

Ин ашъорро ба он ҳазрат нисбат медиҳад:

أَغْنِ عَنِ الْمَخْلوقِ بِالْخالِقِ

تَغْنَ عَنِ الْكاذِبِ بِالصادِقِ

وَاسْتَرْزِقِ الرَّحْمنَ مِنْ فَضْلِهِ

فَلَيْسَ غَيْرَ اللهِ مِنْ رازِقِ

مَنْ ظَنَّ أَنَّ النّاسَ يُغْنونَهُ

فَلَيْسَ بِالرَّحْمنِ بِالْواثِقِ

(“*Бо пайвастан ба холиқ, аз махлуқ бениёзӣ ҷӯ, то бо пайвастан ба ростгӯ, аз дурӯғпардоз бениёз шавӣ. Ва аз фазли Худои раҳмон рӯзӣ талаб, ки ҷуз Худованд рӯзидиҳандае нест. Ҳар кас пиндорад, ки мардум вайро бениёз тавонанд кард, бешак ба Худои раҳмон вусуқ ва итминон надорад.*”)

Ва айзан:

لَعَمْرُكَ إِنَّني لاَُحِبُّ داراً

تَكونُ لَها سَكينَةُ وَالرُّبابُ

أُحِبُّهُما وَأَبْذُلُ كُلَّ مالي

وَلَيْسَ لِعاتِبٍ عِنْدي عِتابٌ

(“*Ба ҷони ту савганд, ки ман хонаеро, ки Сакина ва Рубоб дошта бошад дӯст медорам. Ман он дуро дӯст дорам ва ҳамаи дороии худро дар роҳашон медиҳам ва сарзаниши касе бароям аҳаммият надорад.*”)

Тарбияти Язид ва сифоти руҳӣ ва ахлоқии ӯ

Модари Язид духтари Маҷдали Калбия аст, ки зиндагӣ бо Муовия ва дар шаҳрро кароҳат дошт ва ашъори маъруфе дорад:

لَلُبْسُ عَباءَةٍ وَتَقَرَّ عَيْني

أَحَبُّ اِلَيَّ مِنْ لُبْسِ الشُّفوفِ

وَبَيْتٌ تَخْفِقُ الأَرْياحُ فيهِ

أَحَبُّ اِلَيَّ مِنْ قَصْرٍ مُنيفٍ

وَخَرْقٌ مِنْ بَني عَمِّي فَقيرٌ

أَحَبُّ اِلَيَّ مِنْ عِلْجٍ عَنيفٍ

(“*Ҳамоно пӯшидани абои хашин ҳамроҳ бо хушӣ ва равшании чашмамро аз пӯшидани либосҳои нозук бештар дӯст дорам. Ва хонае, ки бодҳои тунд дар он бивазад, назди ман аз қасри бошукӯҳ маҳбубтар аст… Ва яке аз писарамуҳои фақиру бадхӯям барои ман аз марде тануманд ва дуруштхӯ беҳтар аст.*”)

Муовия он занро бо Язид писараш ба бодия фиристод ва Язид дар бодия рушд ёфт, аз ин рӯ ахлоқи бодиянишинӣ ва саҳронишинӣ дошт. Забонаш фасеҳ буд. (Язид девоне дорад, ки чоп шуда. Ибни Халлаконро мегӯянд аз муридҳои фасоҳати Язид аст.) Ва ба шикор алоқаи фаровоне дошт. Севвум ин ки ба аспсаворӣ ва мусобиқа ва тарбияти ҳайвонот ва махсусан саг алоқаи фаровоне дошт. Ин сифот дар як марде, ки қавӣ ва нерӯманд ва соҳиби малакоти фозила бошад, камол ва мӯҷиби такмили қуввaҳои ӯ мешавад, вале дар аҳли танаъум ва “оқозодаҳо” ва ашрофзодаҳо ва шоҳзодаҳо сабаби батолат ва иғроқ дар танаъум мешавад.

Язид рӯйи хислати фасоҳати бадавӣ, ба муошират бо шуаро ва мунодамати аҳли аботил алоқаи фаровоне дошт, он ҳам аз навъи ашъоре, ки дар ислом лағву лаҳв аст:

لَأَنْ يُمْلَأَ بَطْنُ الرَّجُلِ قَيْحاً خَيْرٌ مِنْ أَنْ يُمْلَأَ شِعْراً

(“*Агар шиками марде аз чирку хун пур шавад, беҳтар аз он аст, ки даруни вай аз шеър пур гардад*.”) Ғарқ шудан дар шеър ва хаёл зарарҳои зиёде дорад. Шеър то ҳадде аз мазоҳири ҷамол аст, осори иҷтимоии муфиде мумкин аст дошта бошад. Достонҳо дар ин замина ҳаст ва ба ҳамин далел, ки хубб дорад, бадӣ ҳам дорад. Дарборҳое, ки дарбори шеър ва носомонӣ ва лағв буда бисёр фосид буда. Хелеҳо будаанд, ки ба воситаи як шеър дар дарбори умавиҳо силаҳои фаровоне бурдаанд.

Ба ҳар ҳол, шуаро ва баттолҳо дар дарбори Язид мақоме доштанд ва худаш ҳам дар васфи хамр ва соири чизҳо ашъоре дорад, аз он ҷумла:

شميسة كرم برجها قعر دنّها

ومشرقها الساقي ومغربها فمي

فإن حرّمت يوماً على دين أحمد

فخذها على دين المسيح بن مريم

Ва аз он ҷумла:

دع المساجد للعبّاد تسكنها

واجلس على دكة الخمار واسقينا

إن الذي شربا فى سكره طربا

وللمصلين لا دنيا ولا دينا

ما قال ربك ويل للذي شربا

لكنه قال ويل للمصلّينا

(*“Масоҷидро барои обидон вогузор, то дар он сукно гузинанд ва худ бар дӯкони шаробфурӯш нишин ва моро шароб деҳ. Он кас, ки шароб нӯшуд, дар ҳолати хуморӣ ба тараб пардозад, дар ҳоле, ки намозгузорон на дин доранд ва на дунё. Парвардигорат дар Қуръон “вой бар шаробхорон” нагуфта, вале “вой бар намозгузорон” гуфтааст…*”)

Ва аз он ҷумла аст:

لما بدت تلك الرّؤوس وأشرقت

تلك الشّموس على ربي جيرون

صاح الغراب فقلت صح أو لا تصح

فلقد قضيت من النّبي ديوني

(“*Чун он сарҳо пайдо шуд ва он хуршедҳо ба теппаҳои Ҷирун битобид, калоғ садо кард ва ман гуфтам, чӣ садо бикунӣ, чӣ накунӣ, ман дуюни худро аз Паёмбар вусул кардам*.”)

Ва аз он ҷумла аст ашъоре, ки ба ашъори Ибни Забъарӣ мулҳақ кард, ки муфассал аст.

Алоқаи вофири Язид ба шикор ва тафреҳ, монеъи расидагӣ ба корҳои мамлакатдорӣ ва сиёсат буд ва ночор корҳо дар дасти дигарон буд.

Ва аммо алоқаи ӯ ва саргармии ӯ ба бозӣ бо ҳайвонот, корҳои ӯро ба сурати масхарае дароварда буд. На танҳо ба аспсаворӣ ва аспдавонӣ алоқаи вофире нишон медод, (ин амал дар ислом мамдуҳ аст), ӯ як идда бӯзина ва юз таҳия карда буд, бо онҳо сархуш буд. Як бӯзинае дошт, ки ӯро таълим карда буд. Бӯзина ҳам аз ҳар ҳайвоне беҳтар таълим

қабул мекунад. (Қиссаи бӯзина ва вазорат). Ба ӯ кунияи “Абӯқайс” дода буд. (Араб ба ҳайвонот лақабу куния медиҳад:

مِنْ ذاكَ أُمُّ عِرْيَطٍ لِلْعَقْرَبِ وَهكَذا ثُعالَةٌ لِلثَّعْلَبِ

(“*Яке аз онҳо “Умми Ирят” аст, ки кунияи ақраб аст ва низ “Суола”, ки номи рӯбоҳ аст.”*))

Ба ҷуъал мегӯяд “Абӯҷирона” ва аҳёнан ба ҳайвони шахсӣ мумкин аст алами шахсӣ бидиҳад.

Язид як кунияи шахсӣ ба ин маймун дода ба номи “Абӯқайс”.) Ба ин ҳайвон либоси абрешим ва ҳарир ва дебо ва ҷомаҳои зарбоф мепӯшид ва ӯро дар маҷлиси шароби хеш ҳозир мекард. (Бинозам ғайрати надимони Язидро ва ҳатман бисёре аз амирон ва ҳукком дар он маҷлис ҳозир мешудаанд!) Аз тарафи дигар модаулоғи чобуке дошт ва гоҳе “Абӯқайс”, ки таълим дода шуда буд, савори он модаулоғ мешуд ва дар мусобиқаи аспҳо ширкат мекард. Худаш хеле алоқа дошт, ки “Абӯқайс” барандаи мусобиқа бишавад (ва шояд ҳам аҳёнан саворкорҳо ба хотири Язид амдан модаулоғро ҷилав меандохтанд).

Ин ашъори Язид[43] дар ин замина аст:

تَمَسَّكْ أبا قَيْسٍ بِفَضْلِ عِنانِها

فَلَيْسَ عَلَيْها إنْ سَقَطْتَ ضِمانٌ

ألا مَنْ رَأَى الْقِرْدَ الَّذي سَبَقَتْ بِهِ

جِيادَ أميرِ الْمُؤْمِنينَ أتانٌ

(*“Эй Абӯқайс! (Номи маймун Язид) Зимоми маркаби худро муҳкам бигир, ки агар аз зин ба зер афтодӣ, маркабат зомин нест. Ҳон! Чӣ касе маймунеро, ки гӯрхаре онро бар аспҳои амирулмӯъминин (Язид) пеш андохта дидааст?*”)

Ин буд шаммае аз ахлоқи Язид ва Муовия мехост ӯро бар гардани мусалмонон савор кунад.

Вазъи ҳукумати Язид сурате дошт, ки қобили сулҳу муоҳида ва муоқада набуд. Имом Ҳасани Муҷтабо бо Муовия қарордоди сулҳ баст. Муовия ақлу хулқе дошт, ки метавонист то ҳудуде ҳифзи зоҳир бикунад ва ҷуз дар мавориде, ки барои мулку сиёсаташ хатар буд, риояти завоҳиреро бинамояд. Вале вазъи Язид таҷоҳур ба фисқ ва таҷоҳур ба разолат ва пастӣ ва таҷоҳур ба айёшӣ буд. Агар ҳам аз ноҳияи Имом Ҳусайн

---

[43] *Имом Ҳусайн фармуд:*

وَعَلَى الاِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

Акнун бояд дид, Язид чӣ касе буда, ки Имом Ҳусайн ин ҷумларо дар бораш фармуд.

ва ба номи ислом ва Қуръон қиёме намешуд ва (тӯмори) ҳукумати Язидро дар зарфи се сол дарҳам намепечид ва чанд сол тӯл мекашид, мумкин буд қиёми дигаре алайҳи Язид шавад, ки унсури исломӣ ҳам надошта бошад ва он вақт хатари мувоҷеҳаи олами ислом мешуд. Ба қавле, мурдани Язид дар як мусобиқае воқеъ шуд, ки бо маймуне — ва шояд ҳамон "Абӯқайс" буда — гузошта буд. Қиёми аҳли Мадина танҳо сабабаш шаҳодати Имом Ҳусайн набуд, сабаби дигараш вазъи ноҳамвори Язид буд: Абдуллоҳ ибни Ҳанзала бо иддае ба намояндагии аҳли Мадина омад ба Шом, авзоъро тавре нороҳаткунанда дид, ки гуфт:

واللهِ ما خرجنا على يزيد حتّى خفنا أن نرمي بالحجارة من السّماء. إنَّ رجلاً ينكح الأمّهات والبنات والأخوات، ويشرب الخمر، ويدع الصّلاة، والله لو لم يكن معي أحد من النّاس لأبليت الله فيه بلاء حسناً

(*"Ба Худо савганд, мо бар Язид нашӯридем магар ба хотири ин ки тарсидем бар мо санг аз осмон биборад. Ӯ марде аст, ки бо модарон ва духтарон ва хоҳарони худ никоҳ мекунад ва шароб менӯшад ва намозро тарк мекунад. Ба Худо савганд, агар аҳаде аз мардум ҳам бо ман набуданд, ман худамро дар роҳи Худо ба гирифтории некӯе гирифтор месохтам.*") Баъзе гуфтаанд, ба "зотулҷанб" мурд дар синни 37-солагӣ. (*Аққод: "Абушшуҳадо", с.78*) Эҳтимол дода мешавад, ки ифрот дар шароб ва лаззот, кабидашро аз байн бурда буда. Язид дар кӯдакӣ дар бодия марази обила гирифта буд. Аққод мегӯяд: васим ва баландқомат буд. Ҳамчунин мегӯяд: Язид ба мусобиқа ва муторада алоқаманд буд, вале бештар ҷанбаи лаҳвӣ дошт, на ҷанбаи ҷиддӣ ва шуҷоъона. Язид шахсан хислати шуҷоат ва таҳаввури арабиро, ки баъзе аз обои модариаш мисли Утба ва Валид амуяш ва Шайба доштанд надошт ва ба тамоми маънӣ марде мӯҳмал ва айёш ва сабуксар буд ва аз ин рӯ дар яке аз ҷангҳои замони Муовия, ки Муовия сипоҳи Суфён ибни Авфро барои ҷанг Қустантания ё барои фатҳи Қустантания фиристод, Язид таморуз ва тасоқул кард, то сипоҳ ҳаракат кард ва баъд ҳам шойеъ шуд, ки сипоҳ дучори мараз ва қаҳтӣ шуданд. Хабар ба Язиди айёш расид. Ин шеърҳоро гуфт:

ما أن أُبالي بما لاقت جموعهم

بالفرقدونة من حمى ومن موم

إذا اتَّكأت على الأنماط مرتفقاً

بدير مرّان عندي أُمّ كلثوم

(*"Маро чӣ бок, ки тамоми лашкари ислом аз марази обила ва таб мурданд. Ман акнун дар дайри Муррон бар муттакоҳое пурқӯ такя дода ва роҳатам ва Умми Кулсум дар оғӯши ман аст.*")

Муовия вақте шунид, қасам хӯрд, ки Язидро ба сипоҳ мулҳақ мекунам, барои рафъи ори шамотат.

Аз инҷо ду нукта маълум мешавад:

а) Рӯи кор омадани Язид, ки ҳеч гуна лиёқате надошт, на лиёқати хилофат ва на лиёқати мулкдорӣ ва сиёсат, сирфан маълули фасоди тадриҷии ахлоқи мусалмонон дар он аҳд буд. Муовия агар лиёқати хилофат надошт, вале лиёқати сиёсат ва мулкдорӣ дошт;

б) Фарқи зоҳирӣ дида мешавад байни Умар ва Муовия, ки Умар ҳозир нашуд Абдуллоҳ писарашро интихоб кунад ва ё ҷузъи Шӯро қарор диҳад ва гуфт: Абдуллоҳ дар тадбири манзили худаш оҷиз аст. Вале Муовия алорағми ақидаи худаш ба адами лиёқати Язид, зимоми корро ба дасти ӯ супурд.

قُلوبُهُمْ مَعَكَ وَسُيوفُهُمْ عَلَيْكَ

Фараздақ ба Имом гуфт:

قلوب النّاس معك وسيوفهم مع بني أميّة، والقضاء ينزل من السّماء، والله يفعل ما يشاء

(*“Мардум дилҳошон бо туст ва шамшерҳошон бо Банӣ Умайя ва сарнавишт аз осмон фуруд меояд ва Худованд ҳам ҳар кор бихоҳад, мекунад.” (Нафасул-маҳмум, с.91*))

Муҳаммаъ ибни Убайди Омирӣ (ё Омир ибни Муҳаммаъи Убайдӣ, Муҳаммаъ ибни Омир) гуфт:

أمّا أشراف النّاس فقد أُعظمت رشوتهم وملئت غرائرهم، فهم إلب واحد عليك، وأمّا سائر النّاس بعدهم فإنّ قلوبهم تهوي إليك وسيوفهم غداً مشهورة عليك

(*“Аммо ашрофи мардум, ки ришваи фаровон ба онон дода шуда ва хӯрҷинҳошон пур шудааст, аз ин рӯ ҳама якдаст алайҳи туанд. Ва соири мардум низ дилҳошон мойил ба шумост ва шамшерҳошон фардо алайҳи шумо кашида хоҳад шуд.*”)

Айзан Бишр ибни Ғолиб дар “*Зоту ъирқ*” ба нақли “*Нафасул-маҳмум”* (с.93)

Фараздақ назари оммаро гуфт; оммае, ки маҳкуми равиши кубаро ва руасо буданд ва аз худ иродае надоштанд. Вале Муҳаммаъ ибни Убайд тачзия кард, ашрофи беимонро аз оммаи мӯъмини заъифи тобеъи сифати муқаллидмаслак, ки тибқи мантиқи Қуръони Карим ҳар ду дар оташанд. Дар ҳақиқат маънои ҷумлаи Фараздақ ин аст, ки дили инҳо бо туст, вале дилашон ҳеч кора аст, ҳокими маъзул аст, вале шикамашон бо душманони туст ва инҳо ҳам бандаи шикаманд ва ба амри шикам бо дили худашон меҷанганд; қабл аз ин ки бо ту бичанганд, бо сипоҳи шикам ба ҷанги дили худашон рафтаанд ва замири худро маҷрӯҳ кардаанд. Иҷмолан маълум мешавад, ки мумкин аст башар дилаш ҳакро бихоҳад ва орзу кунад ва дар айни ҳол алорағми ишқу алоқааш қадам бардорад ва ба рӯи

маҳбуби худаш ханҷар бикашад. Мегӯянд, Маъмун шиъаи имомкуш буд. Умуми мардум ҳақро дӯст доранд, як навъ дӯстии козибе яъне дӯстии берешае. Назири иштиҳои козиб ва иштиҳои содиқ ва назири субҳи козиб ва субҳи содиқ.

تَعْصَي الْإِلهَ وَأَنْتَ تُظْهِرُ حُبَّهُ

(*"Маъсияти Худоро мекунӣ дар ҳоле, ки изҳори дӯстии ӯро менамоӣ"*)

Фарқи ансор ва мушовирини Муовия бо ансор ва мушовирини Язид[44]

Аққод аъвони Муовияро, ки уқало буданд,

أنصار الدول وبناة العروش

Вале ансори Язидро "ҷаллодин" мехонад. Мегӯяд:

فكان أعوان معاوية ساسة وذوي مشورة، وكان أعوان يزيد جلاّدين وكلاب طراد فى صيد كبير

(*"Ёрони Муовия ҳамагӣ сиёсатмадор ва аҳли шӯр буданд ва ёрони Язид ҳама ҷаллод ва сагони велгарде буданд, ки барои сайди бузурге раҳо шуда буданд." ("Абушшуҳадо", с.88)*) Язид одат дошт, ки сагҳоеро ба дунболи шикори бегуноҳе бифиристад.

Аққод аъвони Язидро болотар аз дунёпараст ва ҳаводори дунё мехонад. Масалан, Амри Ос ва куллияи зиракони давру бари Муовия ҳавохоҳи дунё буданд, вале сарони аъвони Язид, як иддае буданд, ки фитрати башарии онҳо ба куллӣ масх шуда буд.

Ахлоқ ва сифоти Шимр ва Убайдуллоҳ ва Муслим ибни Ақаба

Ҳар як аз ин се нафар як нақсе дар бадан ё дар насаб доштанд ва рӯи қоидаи равоншиносӣ, ҳар касе, ки нақсе дорад, мехоҳад ҳар тавр шуда он нақсро ҷуброн кунад ва фаъолияти зиёде мекунад[45] ва аҳёнан ҷуброни нақси худро дар пойин овардан ва манкӯб намудани дигарон мехоҳад бинамояд, то таъодул барқарор шавад. Дар бораи Шимр гуфтаанд:

كان أبرص كريه المنظر، قبيح الصُّورة وكان يصطنع المذهب الخارجي يحارب بها عليّاً و أبناءَه، ولكن لا يتّخذه حجّة ليحارب بها معاوية وأبناءَه

(*"Ӯ пес ва зиштрӯ ва бадқиёфа буд, мазҳаби Хаворичро ихтиёр карда буд*[46]*, то ба ин баҳона бо Алӣ ва фарзандонаш биҷангад, вале онро ҳуҷҷат ва далел қарор намедод, то бо Муовия ва авлодаш биҷангад*.")

---

[44] *Аз боби*

تُعْرَفُ الأَشْياءُ بِأَضْدادِها

— бояд ҳайъати ҳокимаи он замон шинохта шавад, то Имом Ҳусайн алайҳис салом ва сирри наҳзати он ҳазрат шинохта шавад.

[45] *Дар равоншиносӣ ҷадид "механизми ҷуброн" истилоҳ шудааст.*

[46] *Чун дар сояи ин мазҳаб беҳтар мешавад аз иҷтимоъ интиқом гирифт*.

Дар бораи Муслим ибни Ақаба гуфтаанд:

كان أعور أمغر، ثائر الرّأس، كأنّما يقلع رجليه من وحل إذا مشى

(*“Якчашм ва гулгун ва сафедмӯй буд ва чун роҳ мерафт, гӯё ду пояшро мехоҳад аз гил берун оварад*.”)

Дар бораи Убайдуллоҳ гуфтаанд:

كان متّهم النسب فى قريش لأنَّ أباه زياداً كان مجهول النّسب فكانوا يسمّونه زياد بن أبيه. ثم ألحقه معاوية بأبي سفيان ... وكانت أُمّ عبيد الله جارية مجوسيّة تدعى مرجانة فكانوا يعيّرونه بها و ينسبونه إليها، كان ألكن اللّسان لا يقيم نطق الحروف العربيّة، فكان إذا عاب الحروري من الخوارج قال «هرورى» فيضحك سامعوه، وأراد مرّة أن يقول: اشهروا سيوفكم، فقال: افتحوا سيوفكم، فهجاه يزيد بن مفرّغ:

ويوم فتحت سيفك من بعيد

أضعت وكلّ أمرك للضّياع

(“*Дар насаби худ миёни Қурайш муттаҳам буд*[47]*, зеро падараш Зиёд насабаш ношинохта буд, аз ин рӯ ӯро Зиёд ибни Абиҳ (абиҳ яъне падараш) мехонданд. Сипас Муовия ӯро фарзанди Абӯсуфён қарор дод… Ва модари Убайдуллоҳ канизе маҷусӣ буд, ки Марҷона*[48] *ном дошт ва мардум вайро ба хотири ӯ сарзаниш мекарданд ва вайро ба ӯ мунтасаб медонистанд. Ӯ забонаш лукнат дошт ва ҳуруфи арабиро ба хубӣ адо намекард ва чун мехост яке аз ҳаруриёни хориҷиро айб гӯяд, мегуфт: ҳарурӣ! Ва шунавандагон ҳама ба ӯ механдиданд. Як бор хост бигӯяд: шамшерҳоятонро баркашид, гуфт: шамшерҳоятонро боз кунед ва Язид ибни Муфаррағ ӯро ба ин байт ҳаҷв кард:*

Ва рӯзе, ки шамшератро аз дур боз кардӣ, худро зойеъ намудӣ ва ҳамаи корҳоят зойеъ аст.”)

Муслим ибни Ақил дар бораш гуфт:

ويقتل النفس الّتي حرّم الله قتلها على الغضب والعداوة وسوء الظّنّ وهو يلهو ويلعب كأنّه لم يَصنع شيئاً

(*“Ва ӯ инсони бегуноҳро ба маҳзи хашм ва душманӣ ва бадгумонӣ мекушт ва бо ин ҳол ба лаҳву лаъиб мепардохт, ки гӯё аслан амали зиште муртакиб нашудааст*.”)

Убайдуллоҳ дар вақъаи Карбало фақат 28 сол дошт.

Язид ба воситаи имтиноъе, ки Зиёд аз байъат гирифтани аҳли Басра барои Язид кард, аз Зиёд ва писараш бадаш меомад ва ин ҳам як иллате буд барои ин ки Убайдуллоҳ кӯшиши

[47] *Араб ба ифтихори насабӣ қатъи назар аз ҳалолзода будан, аҳаммияти зиёде медод*.

[48] *Зоҳиран эронӣ буда ва шояд дар муддати вилояти Форс ӯро пайдо кард*.

бештаре дар хидмат бикунад ва бештар изҳори ихлос бикунад, аммо Умар ибни Саъд сирфан кӯру кари тамаъи мансаб, пул ва лаззат буд.

Ибои Ҳусайн аз бероҳа рафтан

Дар “*Нафасул-маҳмум*” (с.40) аст:

فَقالَ لَهُ أَهْلُ بَيْتِهِ: لَوْ تَنَكَّبْتَ الطَّرِيقَ الْأَعْظَمَ كَما فَعَلَ ابْنُ الزُّبَيْرِ كَيْلا يَلْحَقَكَ الطَّلَبُ، فَقالَ: لا وَاللهِ لا أُفارِقُهُ حَتّى يَقْضِيَ اللهُ ما هُوَ قاضٍ

(*“Хонадонаш ба ӯ гуфтанд: беҳтар аст аз шоҳроҳ наравӣ чунонки Ибни Зубайр нарафт, то ба ту дастрасӣ пайдо накунанд. Фармуд: на, ба Худо савганд, аз шоҳроҳ ҷудо нашавам, то Худо он чиро муқаддар фармуда амалӣ созад.”*)

Ин ҳам як намуна аст аз руҳи шуҷоат ва фурусият ва мардонагии асадуллоҳӣ.

Ибни Зиёд баъд аз танҳо мондани Муслим тасмим гирифт намозро дар масҷид бихонад. Гуфт:

برئت الذمة من رجل من الشرطة والعرفاء والمناكب —رؤوس العرفاء — والمقاتلة صلّى العشاء الاّ في المسجد

(*“Ман аз тамоми сарони маъмурони амниятӣ ва сарпарастони қабоил ва сарбозоне, ки намози ишоро дар масҷид нахонанд, амонро бардоштам.*”)

Маънои “муқотил” сарбоз аст. “Шурта” ва “шуртӣ”, ки ҷамъаш “шурат” аст.

وهم الطّائفة من خيار أعوان الولاة وفي زماننا هم رؤساء الضّابطة

(“*Шурат гурӯҳе аз беҳтарин ёрони зимомдоронро гӯянд ва дар замони мо ҳамон маъмурони амниятӣ ҳастанд.*”)

Ва “урафо” ҷамъи “ариф” аст, ки сарпарасти умури қавмро гӯянд.

“Манокиб” ҷамъи “манкиб” аст ба маънои “ариф” ва дар инҷо руасои онҳо мурод аст.

Кароҳати Абӯабдуллоҳ аз шурӯъ ба қитол

Баъд аз он ки Имом Ҳусайн алайҳис салом ва Ҳур ба Найнаво расиданд ва номаи Убайдуллоҳ расид, ки:

أمّا بعد فجعجع بالحسين حتّى يبلغك كتابي ويقدم عليك رسولي، فلا تنزله الاّ بالعراء في غير حصن وعلى غير ماء

(*“Корро бар Ҳусайн танг гир, то номаам ба дастат бирасад ва фиристодаам назди ту ояд ва аз ӯ ҷудо машав, то ин ки ӯро дар сарзамини хушки бепаноҳгоҳ ва бе обе фуруд оварӣ.*”) Зуҳайр пешниҳод кард, ки алъон бо инҳо биҷангем. Абӯабдуллоҳ фармуд:

إِنّي أكْرَهُ أَنْ أَبْدَأَهُمْ بِالْقِتالِ

(*“Ман хуш надорам, ки оғозгари ҷанг бо онҳо бошам.”*) Имом Ҳусайн яке аз мабодӣ ва усулаш адами шурӯъ ба ҷанг буд. (Қиссаи Алӣ алайҳис салом ва куштани Курайб ибни Сабоҳ ва хондани ояти:

الشَّهْرُ الْحَرَامُ بِالشَّهْرِ الْحَرَامِ وَالْحُرُمَاتُ قِصَاصٌ

(*Сураи Бақара, ояти 194*) –

لَوْ لَمْ تَبْدَؤنا ما بَدَأْناكُمْ

(*“Агар шумо оғоз накунед, мо оғоз намекунем.*”))

Маъмурият ёфтани Умари Саъд

وكان الديلم قد ثاروا على يزيد بن معاوية واستولوا على دستبى بارض همذان، فجمعهم عبيد الله بن زياد جيشاً

(*“Дайламиён бар Язид ибни Муовия шӯриданд ва бар сарзамини Дастбӣ дар Ҳамадон истило ёфтанд. Пас Убайдуллоҳ ибни Зиёд лашкареро ҷамъ оварда…”* *(Аққод, “Абушшуҳадо”, с.114)*) Маълум мешавад, ки фармони ҷанг бо “Дайлам”-ро Убайдуллоҳ дар замони ҳукумати Басра (фақат) қабл аз омадан ба Кӯфа ба Умари Саъд дода буд.

Кароҳати ботинии мардум аз рафтан ба ҷанги Ҳусайн

وكان جنود الجيش يتسللون منه ويتخلفون بالكوفة، فندب عبيد الله رجلاً من أعوانه — هو سعد بن عبد الرحمن المنقري — ليطوف بها ويأتيه بمن تخلف عن المسير لقتال الحسين؛ وضرب عنق رجل جيء به. وقيل إنه من المتخلفين فأسرع بقيتهم الى المسير

(*“Ва лашкариён*[49] *(6) махфиёна мегурехтанд ва дар Кӯфа мемонданд. Убайдуллоҳ яке аз ёронашро фаро хонд, то дар Кӯфа бигардад ва ҳар киро, ки аз ҳаракат ба сӯйи Ҳусайн худдорӣ карда назди вай барад. Ва гардани мардеро, ки назди вай бурданд зад. Гуфта шуда, ки он мард аз касоне буд, ки нарафта буданд, аз ин рӯ бақияи лашкар дар ҳаракат шитоб карданд.*” *(Аққод, “Абушшуҳадо”, с.116)*) Агар ҳамин кушторҳое, ки аҳли Кӯфа дар мувофиқат ва табаияти Ибни Зиёд доданд, дар мухолифат бо ӯ медоданд, балки агар даҳ яки ин кушторро медоданд, муваффақ мешуданд ва ба орзуи дили худ, ки суқути Банӣ Умайя буд ноил мешуданд, вале мисли ин ки мустасбаъ ва худбохта буданд, наметавонистанд худро ҷамъу ҷур кунанд ва ба кори худ назм бидиҳанд. Дар бораи Ҳонӣ гуфтаанд, ки чандин ҳазор нафар мусаллаҳи мувофиқ дошт. Аҷаб ин аст, ки Ибни Зиёд

[49] *Мисли ин ки ҳастаи ҷайши Карбало ҳамонҳое буданд, ки омодаи рафтан ба ғазваи Дайлам буданд.*

бо як таҳаввур ҳамаи онҳоро маъъуб мекард; Ибни Зиёд, ки аз Шом ё Басра бо худ сипоҳе наёварда буд.

Фалсафаи қиёми ҳусайнӣ

Аққод мегӯяд:

إنما الحكم فى صواب الحسين وخطئه لأمرين لا يختلفان باختلاف الزمان وأصحاب السلطان، والبواعث النفسية التي تدور على طبيعة الانسان الباقية والنتائج المقررة التي مثلت للعيان باتفاق الأقوال

Аққод “иллатҳо ва бавоъис (ангезаҳо)-и нафсӣ”-ро ин тавр тавзеҳ медиҳад:

Аввалан, мулки Язид собит ва муҳкам ва побарҷо набуд (мисли мулки Муовия) ба ҷиҳати ин ки танҳо Муғира ибни Шӯъба — ҳокими он вақти Кӯфа, ки аз ҳукумат азл шуда буд, ин пешниҳод (вилоятаҳдии Язид)-ро кард ва худи Муовия бовар намекард, бо Зиёд машварат кард, ӯ ҳам салоҳ надид. Марвони Ҳакам сахт мухолиф буд ва худаш тамаъ дошт ва ҳатто дар фикри шӯриш афтод ва баъд бо моҳе ҳазор динор барои худ ва сад динор барои дӯстон қонеъ шуд. Саъид писари Усмон аз Муовия гила кард, ки падару модар ва худи ман аз Язид ва падару модараш беҳтар ҳастем ва баъд ҳам бо дарёфти вилоятии Хуросон розӣ шуд ва рафт. Пас, ин ҳукумат истиқрор надошт бизотиҳ.

Сониян, давлати Язид аз ибтидо бинои кораш бар сабби Алӣ алайҳис салом ва Оли Алӣ буд ва агар Ҳусайн алайҳис салом байъат мекард, ночор буд вафо кунад ва ин худ имзои ин суннати сайиа буд ва насли баъд насли мавриди қабул воқеъ мешуд. (Ҳукумат Язид аз Муовия сад дараҷа бадтар буд, зеро сар ба расвоӣ зада буд.)

Аммо роҷеъ ба натоиҷи ин ҳаракат: аввалан, худи Язид натавонист оби хуше аз гулӯяш фурӯ биравад. Ҳодисаи Мадина дунболи ҳодисаи Карбало буд. Абдуллоҳ ибни Зубайр василаи таблиғотии хубе ёфт ва қазияи Макка воқеъ шуд. Баъдҳо –

يا لَثاراتِ الحسين

— шиоре буд, ки дар тамоми муддати 60-солаи баъди Банӣ Умайя ҳамвора ҳукумати умавиро меларзонид. Аз ин рӯ баъзеҳо мисли Мортини олмонӣ сиёсати ҳусайниро аз аввал мутаваҷҷеҳи ҳамин ҳадафҳо медонанд.

Аққод роҷеъ ба ҳаракат додани Нисо ва атфол мегӯяд:

إنما يبدو الخطاء في هذه الحركة حين تنظر اليها من زاوية واحدة ضيّقة المجال قريبة المرمى، وهي زاوية العمل الفرديّ الذي يراض باساليب المعيشة اليومية ويدور على النفع العاجل للقائمين به

(“*Албатта хато ва иштибоҳ дар ин ҳаракат аз онҷо сарчашма мегирад, ки мо аз як зовияи воҳид ва танг ва маҳдуд ба он нигоҳ кунем ва он ҳамон зовияи амали фардӣ аст,*

ки бо анвоъи гуногуни асбоби зиндагии рӯзона даргир аст ва барои касоне, ки бад-он таваҷҷӯҳ доранд, танҳо бар суди зудраси дунявӣ давр мезанад.”)

Мегӯяд, Муслим қодир буд хеле корҳо аз қабили корҳои Ибни Зиёд бикунад, молҳое бигирад ва бибахшад ва бикушад, вале бар хилофи усуле буд, ки пайравӣ мекард. Муслим дар ҳоле, ки омодаи кушта шудан буд, васият кард 700 дирҳам қарз дорам, зиреҳ ва шамшерамро бифурӯшед ва адо кунед (Муслим дар фикри соф кардани моли мардум ҳам дар давраи чандрӯзаи ҳукумати худаш наафтод бо ин ки фармони ҳазрат ба манзилаи иҷозаи саҳми Имом ҳам буд.)

Калимаи Карбало

Мегӯянд, Карбало дар асл “Курбобил” буда.

Руҳияи асҳоби Имом Ҳусайн ва ишқи содиқи онҳо ва ин ки онҳо маргро “эсор ва ихтиёр” карданд

Ин хусусият дар миёни ҳамаи шуҳадои Карбало буда, ки:

آثَرُوا الْمَوْتَ

Яъне ихтиёран мурданро бар зиндагии нанговар тарҷеҳ доданд. Аҳаде набуд, ки роҳи наҷот надошта бошад. Гоҳе иттифоқ меафтад, ки ҷамъияте — мард ё зану мард ва атфол — ногаҳон дар ҷойе гирифтор мешаванд ва ба вазъи бисёр фаҷеъе кушта мешаванд, вале хусусияти ҳодисаи Карбало дар миёни ҳаводиси фаҷеъи дигари ҷаҳон ин аст, ки ҳамаи онҳо бо он, ки роҳе барои наҷот доштанд (мунтаҳо бо қабули зиллат ва беимонӣ), тариқи имон ва фидо ва эсор ва таъзими ҳақро тарҷеҳ доданд. Онҳо ҷамоли ахлоқ ва зебоии шаҳодат ва камоли убудиятро дарк карда буданд. Қазияи амони Аббос ибни Алӣ алайҳис салом ва қиссаи Муҳаммад ибни Бишри Ҳазрамӣ ва ҳилли байъат кардани Сайидушшуҳадо аз умум ва қазияи Қосим ва қазияи ғуломи сиёҳ, ҳама гувоҳи мавти ихтиёрӣ аст.

Хусусияти дигари саҳобаи Абӯабдуллоҳ ин буд, ки худашонро қабл аз шаҳодати ҳазрат ва Банӣ Ҳошим ба шаҳодат расонданд ва ин, далел бар камоли имони инҳо ба қоидашон буд.

Асҳоби Абӯабдуллоҳ на барои музду уҷрат меҷангиданд ва на аз тарсу бим, фақат барои имон ва ақида ва ҳуррият меҷангиданд.

Аз аҷоиб ин аст, ки дар ҳеч мавтине инҳо дар мақоми узру тавҷеҳ барои таслим ва саломат берун омадан барнаёмаданд. Аққод мегӯяд (с.157):

ولم يخطر لأحد منهم أن يزيّن له العدول عن رأيه ايثاراً لنجاتهم ونجاته، ولو خادعوا أنفسهم قليلاً لزيّنوا له التسليم وسمّوه نصيحة مخلصين يريدون له الحياة

(*“Ва ба андешаи ҳеч кадоми онҳо хутур накард, ки барои наҷоти худашон ва он ҳазрат бозгашт аз ин ҳаракатро дар назари ҳазрататаш ҷилва диҳанд ва агар мехостанд худро бифиребанд, метавонистанд таслим дар баробари душманро дар назари ҳазрататаш ҷилва диҳанд ва номашро насиҳат ва хайрхоҳӣ гузоранд ва чунин вонамуд кунанд, ки ихлос меварзанд ва идомаи зиндагиро барои ҳазрататаш орзу доранд.*”) (Он тавр, ки Ибни Аббос ва дигарон карданд.)

ولم يخادعوه وراء أصدق النصيحة له أن يجنبوه التسليم ولا يجنبوه الموت، وهم جميعاً على ذلك

(*“Ва лекин на худашонро фирефтанд ва на он ҳазратро аз рӯи хайрхоҳии содиқонаи худ, ки ӯро аз таслим дур медоштанд ва аз марг на ва ҳамагӣ бар ин ҳолат буданд.*”) Бо он ки аёлу атфолро медиданд ва оқибати онҳоро медонистанд ва ин хеле аҷиб аст ва далел бар ин аст, ки мактаби ҳусайнӣ мактаби ишқ буд:

Шавад осон зи ишқ коре чанд,

Ки буд пеши ақл бас душвор.

(Ҳотифи Исфаҳонӣ)

Мантиқи Ибни Аббос ва мантиқи Имом Ҳусайн

Мантиқи Ибни Аббос мантиқи сиёсат ва бозии сиёсӣ буд, мантиқи ақл ва духо ва риояти масолеҳи нафсии худ буд. Ӯ бо мантиқи ақлӣ, саҳеҳ мегуфт, ки:

إني أتخوف عليك في هذا الوجه الهلاك، إن أهل العراق قوم غدر

(*“Ман бар ту дар ин сафар бими кушта шудан дорам, зеро аҳли Ироқ қавме хиёнатпешаанд.”*) (Пас ту ҳам бо онҳо сиёсатбозӣ ва ғадр кун)

أقم بهذا البلد فإنّك سيّد أهل الحجاز، فإن كان أهل العراق يريدونك كما زعموا فلينفوا عدوّهم

(*“Дар ҳамин шаҳр бимон, зеро ту сарвари аҳли Ҳиҷозӣ, пас агар аҳли Ироқ хоҳони ту бошанд, чунонки муддаиянд, бояд душманонашонро дур созанд ва аз шаҳри худ бironанд*.”) (Худашон бираванд, агар кушта шуданд, ки ба ҷаҳаннам, агар ғолиб шуданд ва муҳайё шуд, ту бирав. Дуруст ин мантиқ, мантиқи сиёсиюни нафъӣ аст, на мантиқи шуҳадо.)

ثم اقدم عليهم، فإن أبيت إلا أن تخرج فسر الى اليمن فإن لها حصوناً وشعاباً، ولأبيك بها شيعة

(*“Сипас назди онҳо бирав; ва агар тасмими ҳатмӣ дорӣ, ки берун шавӣ, пас ба Яман бирав, зеро ки дежҳо ва дараҳои фаровон дорад ва падарат дар онҷо шиъаёне дорад.”*) Маънои каломи Ибни Аббос ин аст, ки агар аҳли Ироқ ҳокимашонро берун накарданд

ва аҳли ҷиҳод набуданд, ту ҳам онҳоро раҳо кун. Ин мантиқ, мантиқи муомила аст. Мантиқи Имом на мантиқи ғадру кайд буд ва на мантиқи муомила ва ҳамкории интифоъӣ, сирфан мантиқи эсор ва ақида ва шаҳодат дар роҳи ақида буд. Башар ё мантиқи макр дорад мисли ағлаби сиёсиюни дунё, ё мантиқи муомила дорад мисли аҳзоби сиёсии имрӯз, ё мантиқи фидо ва ақида дорад мисли наводири хилқат аз қабили Имом Ҳусайн алайҳис салом.

فَقالَ لَهُ الْحُسَيْنُ: يَا ابْنَ عَمِّ إِنِّي أَعْلَمُ أَنَّكَ ناصِحٌ مُشْفِقٌ

(*"Ҳазрат ба ӯ фармуд: писараму! Ман медонам, ки ту қасди хайрхоҳӣ ва дилсӯзӣ дорӣ."*)

(Барои шахси ман ва масолеҳи шахси ман.)

وَلكِنِّي قَدْ أَزْمَعْتُ وَأَجْمَعْتُ عَلَى الْمَسيرِ

(*"Вале ман тасмими қатъӣ барои ҳаракат гирифтаам.*") Мақсуди ҳазрат ин нест, ки гуфтор аз рӯи ҳусни ният аст, вале ман ин муқаддамот ва натоиҷро қабул надорам, балки мақсуд ин аст, ки ин муқаддамот ва натоиҷ барои касе, ки бихоҳад аз ин роҳ биравад ва аҳли муомила ва муовиза бошад дуруст аст, вале роҳи ман ин роҳ нест ва мантиқи ман мантиқи дарди ақида доштан ва дарди хайрхоҳӣ доштан аст, дарди табибе аст, ки аз ғами маризҳо ранҷ мебарад.

عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ

(*"Ранҷҳои шумо бар ӯ сахт аст ва исрор ба ҳидояти шумо дорад…" (Сураи тавба, ояти 128)*) Роҳи ман, роҳи шаҳодат аст. Мантиқи шаҳид, мантиқи дигаре аст ғайр аз мантиқи ақли амалии интифоъӣ. Маънои:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَريكَ قَتيلاً

— ин аст, ки Худо аз ту руҳи шаҳодат мехоҳад.

إِنَّ لَكَ دَرَجَةً لَنْ تَنالَها إِلاّ بِالشَّهادَةِ

Сифоте, ки аз Абӯабдуллоҳ дар Карбало зуҳур кард

Сифоте, ки аз Абӯабдуллоҳ дар рӯзи Ошӯро зуҳур кард иборат буд аз:

1) Шуҷоати баданӣ;

2) Қуввати қалб ва шуҷоати руҳӣ;

3) Имони комил ба Худо ва пайғамбар ва ислом;

4) Сабр ва таҳаммули аҷиб;

5) Ризо ва таслим;

6) Ҳифз таъодул ва ҳаяҷони бечо накардан ва як сухани сабук нагуфтан на худаш ва на асҳобаш;

7) Карам ва бузургворӣ ва гузашт;

8) Фидокорӣ ва фидо додан.

Фалсафаи ҷанги нуру зулмат дар миёни башар

(Аққод дар с. 162 китобаш мегӯяд):

فجيرة كربلا كانت قديما من معاهد الايمان بحرب النور والظلام، وكان حولها أناس يؤمنون بالنضال الدّائم بين أورمزد و أهرمان

(*“Ва сарзаминҳои атрофи Карбало аз дерзамон маҳди имон ба муборизаи нуру зулмат буд ва дар атрофи он мардуме буданд, ки ба даргирии доимӣ миёни Аҳуромаздо ва Аҳриман (нуру зулмат, Худо ва шайтон) имон доштанд.”*)

ولكنه كان فى الحقيقة ضرباً من المجاز وفنّا من الخيال. وتشاء مصادفات التاريخ أن لا ترى هذه البقاع التي آمنت بأورمزد وأهرمان حرباً هي أولى أن تسمّى حرب النور والظلام من حرب الحسين و مقاتليه

(*“Вале дар ҳақиқат, ин, навъе муҷоз ва пиндор буд ва ҳаводиси таърихӣ хоҳони он набуд, ки ин сарзаминҳое, ки ба Аҳуромаздо ва Аҳриман имон дорад, шоҳиди ҷанге бошад, ки беҳтар аст онро ҷанги нуру зулмат номид, ҷанг Ҳусайн ва қотилонаш.*”) (Фалсафаи ин ки Имом Ҳусайн дар наздики Эрон мадфун шуд.)

وهي عندنا أولى بهذا الاسم من حرب الاسلام والمجوسية في تلك البقاع وما وراء ها من الأرض الفارسية، لأن المجوسي كان يدافع شيئاً ينكره، ففي دفاعه شيء من الايمان بالواجب كما تخيّله ورآه

(*“Ва ин ҷанг назди мо ба ин ном шоистатар аст аз ҷанги ислом ва маҷус, ки дар ин сарзаминҳо ва атрофи он аз заминҳои форсиён сурат гирифтааст. Зеро як маҷусӣ бо чизе мубориза мекунад, ки дар эътиқоди худ онро напазируфта, аз ин рӯ дар дифоъи вай чизе аз имон нисбат ба он чи пиндошта ва мӯътақид аст вуҷуд дорад.*”) (Шомиюн то ҳадде нисбат ба Оли Алӣ аз рӯи ақида мухолифат мекарданд. Қиссаи Исом ибни ал-Мусталақ шоҳиди ин муддаост.)

ولكن الجيش الذي أرسله عبيد الله بن زياد لحرب الحسين كان جيشاً يحارب قلبه لأجل بطنه، أو يحارب ربه لأجل واليه

(“*Ба хилофи сипоҳе, ки Убайдуллоҳ барои ҷанг бо Ҳусайн гусел дошта буд, ки онон сипоҳе буданд, ки бо қалби хеш ба хотири шиками худ ва бо парвардигори хеш ба хотири зимомдорашон меҷангиданд*.”) (Ва ҳатто мушрикини Бадр ва Уҳуд ҳам ғайри руасояшон рӯи ақида меҷангиданд).

Руҳияи асҳоби Ибни Зиёд

وركب أناساً منهم الفزع الدائم بقية حياتهم

(*“Ва бар порае аз онон дар бақияи умрашон ваҳшати доимӣ чира гашта буд.*”) (Чун ақида ва вичдонаш зидди амали худаш буд ва доиман вичдонаш ба ӯ илқооте мекард мисли бисёре аз касоне, ки гирифтори азоби вичдон мешаванд ва фарёд мезананд: маро бикушед! Ин вуҷуди нангинро аз байн бибаред! Девонагӣ Буср ибни Арто дар охири умраш шояд аз ҳамин қабил буда. Он фариштаи маъмури азоби ингуна афрод ҳамон вичдони худи онҳост.)

لأنهم عرفوا الإثم فيما اقترفوه عرفاناً لا تسعهم المغالطة فيه

(*“Зеро онон ба хубӣ фаҳмида буданд, ки гуноҳе бузург муртакиб шудаанд, ба тавре, ки наметавонистанд муғолата кунанд ва худашонро гӯл бизананд.”*)

Хубси ботини асҳоби Умари Саъд

Ҷубну тамаъ наметавонанд вақойеъи ҷиноятомези Карбалоро тавҷеҳ кунанд ва кинаи шахсӣ низ агар илова шавад ҳамчунин, зеро кинаи шахсӣ дар кор набуда. Имом Ҳусайн ҳам дар Ошӯро фармуд: оё ҳалолеро ҳаром ва ҳаромеро ҳалол кардаам (ки аз рӯйи ақида бо ман бичангед) ё ӣмолеро бурдаам ва хунеро рехтаам (ки рӯйи адовати шахсӣ бо ман бичангед)? Ҷубну тамаъ наметавонад мусла ва куштани тифли сағир ва об бастан ва асп тохтанро тавҷеҳ кунад. Бояд гуфт, дар тинати амсоли Шимр як навъ хубси зотӣ ва кинаи боҳаққе вуҷуд дошта ва бо ҳар амали ҷавонмардона мухолиф буданд.

Назм дар асҳоби Сайидушшуҳадо

Мутобиқи нақли Аққод (с.184), назме дар кори асҳоби Сайидушшуҳадо буд аз ин ҷиҳат, ки баъзе худашонро виқоя ва сипари Имом Ҳусайн қарор медоданд ва то ӯ меафтод, фавран онҷо (халаъ) пур мешуд.

Гоҳе шуъаро дар баёни худ мегӯянд: орзуям ин аст, ки як лаҳза маҳбуби худро бибинам ва бимирам, орзуям ин аст фалон мақсудам ҳосил шавад ва бимирам! Ба қадре як мавзӯъ ҷолиб мешавад, ки ҳозиранд тамоми зиндагиро ва тамоми имтидоди замонро дар як лаҳза ҷамъ кунанд, вале бо он кайфияте, ки мехоҳанд. Аз ҳаёт, кайфияти ҳаётро мехоҳанд, на каммияти онро:

Ин ҷони орият, ки ба Ҳофиз супурд дӯст… (*Ҳофиз*)

Асҳоби Абӯабдуллоҳ аз каммияти ҳаёт гузаштанд ва ҳамаи ҳаётро ва хушиҳои ҳаётро — хушиҳое, ки фақат иддаи маъдуде аз соҳибони руҳияи азим онро дарк мекунанд — дар як нисфирӯз ба иловаи як шаб ҷамъ карданд барои худ. Худо медонад, ки чӣ азамат ва ҷалол ва зебоӣ ва ҷамоле дошта он фидокориҳо ва он ба хок афтоданҳо! Инсон нисфирӯз

зинда бимонад, вале ғарқ дар он ҳолати маънавӣ бошад, бартарӣ дорад бар ҳазор сол зиндагии ҳайвонӣ, ки ҷуз хӯрдан ва хобидан кайфияте надорад.

Баъзе гуфтаанд, мо толиби арзи умрем, на тӯли умр. Арзи умр кайфияти умр аст.

Арзи умр ҳам дар назарҳо мухталиф аст, аз назари баъзеҳо шикамборагӣ ва мастӣ ва қимор ва бодагусорӣ аст ва аз назари баъзе ҳуррият ва истиқлол ва зери фишор набудан ва ишқи маънавӣ ва илоҳӣ аст. Муссолинӣ мегуфт: инсон як сол мисли шер зиндагӣ кунад беҳтар аст аз ин ки сад сол мисли гӯсфанд зиндагӣ кунад, вале гуфт: ин гуфтаро пинҳон кунед.

Арзи умр дар назари Муссолинӣ, шерӣ ва дарандагӣ буд ва дар назари Алӣ алайҳис салом масалан ибодат ва хидмат ба ҳақиқат буд.

Шуҷоати асҳоби Абӯабдуллоҳ ва аъмоли ҳокӣ аз ақибнишинии лашкари Умари Саъд

Корҳое сипоҳи Умари Саъд дар Карбало карданд, ки менамоёнад воқеан дар муқобили ин иддаи қалил оҷиз монданд. Аз он ҷумла:

1) Сарбоз задан аз ҷанги тан ба тан ва даст ба тирандозӣ задан;

2) Ҳамла кардан аз пушти хаймаҳо барои ин ки хаймаҳоро бисӯзонанд ва ё аз пушт ханҷар бизананд;

3) Дастури Умари Саъд дар мақотала бо шахси Сайидушшуҳадо, ки гуфт:

هذَا ابْنُ قَتّالِ الْعَرَب

— ва дастури ӯ, ки монеъи сӯҳбат кардани Ҳусайн алайҳис салом бишаванд.

Аъмоли даноатмаобонаи лашкари Умари Саъд

Даноат (пастӣ)-ҳое, ки асҳоби Язид ба харҷ доданд, ки аз қонуни ҷанг ва фурусият ба куллӣ дур буд:

1) Манъи об (на танҳо бар ҳариф, балки бар атфол ва кӯдакон);

2) Куштани атфол, хусусан дар баробари дидагони модар ва хоҳар ва амма, назири қазияи тифле, ки:

لَهُ قُرطان

(*“Ду гӯшвора дошт.*”)

3) Бараҳна кардани бадани Имом Ҳусайн ба воситаи тамаъ дар либосҳои он ҳазрат;

4) Рехтан ба сари занҳо ва кандани зеваролот аз бадани онҳо;

5) Сангборон ва тирборон кардани он иддаи қалил;

6) Шамотатҳои нешдор ва газанда;

7) Сари шаҳид ба гардани асп овехтан;

8) Саббу дашном;

9) Асп тохтан бар бадани он ҳазрат;

10) Танг гирифтан бар асирон ва задани онҳо ва савор кардани онҳо бар шутурони беҷиҳоз;

11) Ғул кардани бемор (Имом Саҷҷод алайҳис салом);

12) Муқобил кардани сарҳо ва асирон;

13) Ҷойи бад ба асирон додан;

14) Шамотат ба асирони доғдида;

15) Ҷасорат ба сари муқаддас ва дандонҳои муқаддас;

16) Куштани зан (модари Ваҳаб);

17) Убур додани асирон аз қатлгоҳ (агар ба тақозои худи асирон барои видоъ набуда);

18) Оташ задан ба хаймаҳо дар шабе, ки асирон бояд ҳанӯз бимонанд ва ба сар баранд;

19) Нону ғизо надодан ба атфол ба тавре, ки атфоли маъсум аз дасти мардум нону хурмо мегирифтанд ва Умми Кулсум монеъ мешуд.

Се амали Язид, ки мӯҷиби заволи мулки умавӣ шуд (ва махсусан асари азими ҳодисаи Карбало)

(Аққод дар с.216 мегӯяд):

لقد كانت ضربة كربلا وضربة مدينة وضربة البيت الحرام أقوى ضربات بني أميّة لتمكين سلطانهم وتثبيت بنيانهم وتغليب ملكهم على المنكرين والمنازعين، فلم ينتصر عليهم المنكرون والمنازعون بشيء كما انتصروا عليهم بضربات أيديهم، ولم يذهبوا بها ضاربين حقيقة حتّى ذهبوا بها مضروبين الى آخر الزمان، وتلك جريرة يوم واحد هو يوم كربلا فإذا بالدولة العريضة تذهب في عمر رجل واحد مديد الأيام

(*“Таҳқиқан заработе, ки Банӣ Умайя дар Карбало ва Мадина ва Макка ворид сохтанд, нерӯмандтарин заработе буд, ки барои пойдории ҳукумат ва тасбити бунён ва чирагии ҳукуматашон бар мухолифони худ ворид сохтанд ва мухолифон ҳаргиз натавонистанд аз онон интиқом кашанд ба монанди заработе дасти худи онон ва Банӣ Умайя дар воқеъ зананда набуданд, балки зарбае хӯрданд, ки то поёни рӯзгор идома дорад. Ва ҳамин ҷинояти якрӯза, ки дар Карбало воқеъ шуд, мӯҷиб гашт, ки як давлати аризу тавили онҷунонӣ танҳо ба андозаи умри як шахс умр кунад.*”) (Ва шояд агар ҳодисаи Карбало набуд, ба андозаи мулки Банӣ Аббос давом пайдо мекард.)

Подоши Сайидушшуҳадо дар дунё ва фалсафаи таъзими Ошӯро

(Аққод дар с.224 мегӯяд):

وتسديد العطف الانساني منا فرض من اقدس الفروض على الناظرين فى سير الغابرين

(*“Ва иқома ва таҳрики авотифи инсонӣ аз сӯйи мо яке аз муқаддастарини воҷиботе аст, ки бар нозирон дар сираи гузаштагон воҷиб гаштааст.*”) (Фалсафаи азодории Сайидушшуҳадо ва подоше, ки бояд таърих бидиҳад.)

لأن العطف الانساني هو كل ما يملك التاريخ من جزاءٍ وهو الثروة الوحيدة التي يحتفظ بها الخلود

(*“Зеро авотифи инсонӣ тамоми подоше аст, ки таърих метавонад ба касе бидиҳад ва он танҳо сарвате аст, ки ҷовидонагӣ бо он маҳфуз мемонад.*”) (Фалсафаи тазаккури Сайидушшуҳадо аз як ҷанба марбут ба мост, ки аз як сарчашмаи файз истифода мекунем, аз тарафи дигар тақдире аз шуҳадо ва шаҳодат аст ва аз тарафи дигар як фаризаи таърихӣ ва як вазифаи иҷтимоӣ дар баробари иҷтимоъ аст.)

Манфиати фардӣ омили танозӯъ ва тазоруб ва қабз ва истихдоми иҷтимоъ аст ва ҳисси манфиати умумӣ ва ба иборати дигар, усули олии ахлоқии инсонӣ омили ҳифз ва таъовун ва ифоза ва иъона аст. Пас асҳоби хайри умум, худдоми воқеии усул ва навомиси иҷтимоъанд ва аз ҳамин ҷиҳат аст, ки иҷтимоъ аз онҳо тақдир мекунад.

Фасли дуввуми ёддошт: моҳияти қиёми ҳусайнӣ

Ёддошт: Моҳияти қиёми ҳусайнӣ

1) Баҳс дар ин аст, ки ҳодисаи Ошӯро чӣ навъ ҳодисае аст ва аз чӣ мақула аст? Оё аз назари иҷтимоӣ як инфиҷори бидуни ҳадаф буд монанди бисёре аз инфиҷорҳо, ки дар асари фишори зулм ва ташдиди сахтгириҳо рух медиҳад ва аҳёнан ба вазъи мавҷуд кӯмак мекунад ва ё як тасмими огоҳона ва ҳушёрона нисбат ба авзоъ ва аҳволи мавҷуд ва нисбат ба осор ва натоиҷи ин ҳаракат буд? Ва дар сурати дуввум, оё як қиём ва наҳзат ва инқилоби муқаддас буд ё як дифоъи шарофатмандонаи муқаддас? Яъне оё ҳуҷум буд ё дифоъ? Оё коре буд, ки аз тарафи Имом шурӯъ шуд ва ҳукумати вақт мехост онро саркӯб кунад ва ё ӯ аз тарафи ҳукумат вақт мавриди таҷовуз қарор гирифт ва ӯ ба ҷойи сукут ва таслим, шарофатмандона аз худ дифоъ кард? Ба иборати дигар, оё чизе аз синхи тақво дар ҷомеа буд ва мазҳари як тақвои бузург дар ҳадди додани ҷон буд, ё мазҳари як эҳсон ва исён ва қиём муқаддас? Оё аз навъи ҳифз ва исбот худ буд ё аз навъи нафй ва инкори ҷабҳаи мухолиф?[50]

Бино бар фарзи аввал, ночор аҳдофе дошт иҷтимоӣ ва усулӣ; ва бино бар фарзи дуввум, ҳадафаш ҷуз ҳифзи шараф ва ҳайсияти инсонии худ набуд. Ва бино бар ин, ки аз навъи инқилоб ва қиёми ибтидоӣ буд, оё мабнои ин инқилоб сирфан даъвати мардуми Кӯфа буд, ки агар мардуми Кӯфа даъват намекарданд, қиём намекард (ва қаҳран пас аз иттилоъ аз ақибнишинии мардуми Кӯфа дар садади канор омадан ва сукут буд) ё мабнои дигаре ҷуз даъвати мардуми Кӯфа дошт ва фарзан мардуми Кӯфа даъват намекарданд, ӯ дар садади эътироз ва мухолифат буд, ҳарчанд ба қимати ҷонаш тамом шавад?

Дар ҷараёни ҳодисаи Карбало омилҳои гуногуне дахолат доштааст,[51] яъне ангезаҳои мутаъаддиде барои Имом дар кор будааст, ки ҳамин ҷиҳат аз тарафе тавзеҳ ва ташреҳи

---

[50] *Балки метавон гуфт, се навъ моҳият метавон фарз кард: моҳияти тақвоӣ, моҳияти ҳуҷумӣ ва қиёмӣ ва моҳияти посухгӯӣ ба як нидои муқаддас, ки моҳияти таъовунӣ дорад. Имом аз назари омили байъат, аксуламали кор буд, он ҳам аксуламали манфӣ; аз назари омили даъват, аксуламали кор буд, аммо аксуламали мусбат; ва аз назари омили амр ба маъруф, оғозгар буд ва муҳоҷим.*

[51] *Ҳамон тавре, ки дар суханрониҳое, ки дар Донишкадаи адабиёти Теҳрон ва Донишгоҳи Аҳвоз дар Муҳаррами 1392 шамсӣ таҳти унвони "Таҳлиле аз қиёми Ошӯро" гуфтем, ҳаводиси иҷтимоӣ монанди ҳаводис табиӣ ва моддӣ, шинохти онҳо ниёзманд ба навъе таҷзия ва таҳлил ба аносури аввалия аст, ки созандаи он ҳодиса аст. Чизе, ки ҳаст, падидаҳои моддӣ дар як лабаратория қобили таҷзия ва бори дигар таркиб аст, вале падидаҳои таърихиро сирфан бо қудрати мантиқ ва дар лабараторияи мантиқ метавон таҷзия ва таҳлил кард. Таҳлили ҳодисае монанди қиёми Ошӯро ба ин аст, ки се навъ унсур дар он шинохта шавад: аввал ангезаҳо, яъне*

моҳияти ин қиёмро душвор месозад, зеро он чи аз Имом зоҳир шуда, гоҳе марбут ба як омили хосс буда ва гоҳе ба омили дигар ва сабаб шуда, ки изҳори назаркунандагон гичу гунг бишаванд ва зидду нақиз изҳори назар кунанд. Ва аз тарафи дигар, ба ин қиём ҷанбаҳои мухталиф медиҳад ва дар ҳақиқат аз ҳар ҷанбае моҳияти хоссе дорад. (Дар умури иҷтимоӣ ва мураккаб, монее нест, ки як чиз дорои чанд моҳият бошад, ҳамчунон ки махсусан дар дарсҳои “фалсафаи таърих” собит кардаем.)

Омилҳое, ки дар кор буда ва мумкин аст дар ин амр дахолат дошта бошад ва ё дахолат доштааст:

а) Ин ки Имом ягона шахсияти лоиқ ва мансус ва вориси хилофат ва дорои мақоми маънавии имомат буд. Дар ин ҷиҳат фарқе миёни Имом ва падараш ва бародараш набуд, ҳамчунон ки фарқе миёни ҳукумати Язид ва Муовия ва хулафои сегона набуд.

Ин ҷиҳат ба танҳоӣ вазифае эҷоб намекунад. Агар мардум аслаҳиятро ташхис доданд ва байъат карданд ва дар ҳақиқат бо байъат салоҳияти худро ва омодагии худро барои қабули зимомдории ин Имом эълом карданд, ӯ ҳам қабул мекунад. Аммо модоме, ки мардум омодагӣ надоранд аз тарафе ва аз тарафи дигар авзоъ ва аҳвол бар тибқи масолеҳи мусалмонон мегардад, ба ҳукми ин ду омил, вазифаи имом мухолифат нест,

---

омилҳое, ки дар муҳит рух дод, ки билқуввa метавонист маншаи як ҳаракат ё наҳзат шавад ва ё аҳёнан мавҷе эҷод бикунад. Аз лиҳози ин унсур бояд омилҳои муҳитро аз ҷанбаи ахлоқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ғайра ва ҷараёноти хосси инсонии он муҳитро ба даст овард. Унсури дуввум, аксуламале, ки қаҳрамони наҳзат яъне Имом Ҳусайн алайҳис салом дар ҳодисаи Ошӯро дар баробари ҳар як аз омилҳои фавқ нишон дод, ки албатта ин ҷиҳат бастагии зиёде дорад ба шахсияти Имом ва бо иваз шудан ва ҷонишин шудани шахсияти дигар, яъне агар шахси дигар ба ҷойи Имом мебуд, эй басо, ки аксуламали дигаре иброз медошт. Дар ин марҳила аст, ки мо ҳадафҳои Имомро, ки бо шахсияти маънавии ӯ бастагӣ дорад, дар ин ҳодиса бояд баррасӣ кунем. Унсури севвум, равиш ва методи Имом аст дар ин аксуламал, ки худи аксуламал моҳияташ ин аст, ки Имом аҳдофи мушаххасаш дар баробари он ҳодиса чӣ будааст. Пас маънии равиши Имом ин аст, ки масалан равиши Имом дар имтиноъ аз байъат чӣ буда ва то чӣ ҳадд мехоста муқовамат кунад ва дар чӣ ҳадд аҳёнан таслим мешуд ва ё аслан таслим намешуд ончунон, ки аз суханони худи Имом бармеояд. Ва равишаш аз назари иҷобати даъвати мардуми Кӯфа ва ба даст гирифтани ҳукумат чӣ буд ва дар чӣ ҳадд буд ва оё монанди имтиноъ аз байъат то охирин қатраи хун ҳозир буд фидо кунад ё пас аз баҳам хӯрдани вазъи Кӯфа ҳозир буд аз ин ҳадаф даст бардорад, ки албатта шиққи дуввум саҳеҳ аст. Ва равишаш аз назари омили севвум ҳатто аз омили аввал ҳам шадидтар буд, болотар аз кушта шудан буд, дар ҳадди тавсиаи инқилоб ва доманаи хунрезӣ буд. Дар инҷо мантиқаш мантиқи шаҳид буд, мантиқи як нафар инқилобӣ буд. Мантиқаш дар имтиноъ аз байъат, мантиқи як инсони бошараф буд ва на бештар ва мантиқаш дар муқобили омили даъват, мантиқи як сиёсатмадори варзида ва солеҳ буд ва мантиқаш дар муқобили омили севвум мантиқи шаҳид буд.

балки ҳамкорӣ ва ҳамгомӣ аст ҳамчунон ки Амир алайҳис салом чунин кард, дар машваратҳои сиёсӣ ва қазоӣ ширкат мекард ва ба намози ҷамоат ҳозир мешуд. Худаш фармуд:

لَقَدْ عَلِمْتُمْ أَنّي أَحَقُّ النّاسِ بِها مِنْ غَيْري؛ وَ وَاللهِ لأُسَلِّمَنَّ ما سَلِمَتْ أُمورُ الْمُسْلِمينَ وَلَمْ يَكُنْ فيها جَوْرٌ اِلاّ عَلَيَّ خاصَّةً

(*“Ҳаққан шумо медонед, ки ман аз ҳамаи мардум ба хилофат шоистатарам. Ба Худо савганд, то замоне, ки умури мусалмонон ба саломат бошад ва ҷуз ба шахси ман ситам нашавад, роҳи мусолимат мепӯям.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 72)*)

Дар қазияи Карбало ин омил ба танҳоӣ дахолат надоштааст. Ин омилро ба замимаи омили севвум, ки даъвати аҳли Кӯфа аст бояд дар назар бигирем, чун омили даъвати мардум, барои ба даст гирифтани ҳукумат буд, на чизи дигар. Пас ин омил, омили ҷудогона нест ва бояд дар зимни он омил зикр шавад.

б) Аз Имом байъат мехостанд ва дар ин кор рухсате набуд. Язид навишт:

خُذِ الْحُسَيْنَ بِالْبَيْعَةِ أَخْذاً شَديداً لَيْسَ فيهِ رُخْصَةٌ

Байъат, имзо ва қабул ва таъйид буд.[52]

в) Мардуми Кӯфа пас аз имтиноъи Имом аз байъат ӯро даъват карданд ва омодагии худро барои кӯмаки ӯ ва ба даст гирифтани хилофат ва заъомат эълом карданд, номаҳои пай дар пай омад, қосиди Имом ҳам омодагии мардумро таъйид кард.

г) Асле аст дар ислом ба номи “амр ба маъруф ва наҳй аз мункар”, махсусан дар мавриде, ки кор аз ҳудуди масоили ҷузъӣ таҷовуз кунад, таҳлили ҳаром ва таҳрими ҳалол бишавад, бидъат пайдо шавад, ҳуқуқи умумӣ поймол шавад, зулм зиёд бишавад. Имом мукаррар ба ин асл истинод кардааст. Дар як ҷо фармуд:

إِنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً، إِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ في أُمَّةِ جَدّي، أُريدُ إَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ[53] وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

Ҷойи дигар фармуд:

---

[52] *Байъате, ки Имом Ҳусайнро ба он мукаллаф мекарданд, тасвибм вилоятаҳдӣ буд, бо байъатм Алӣ алайҳис салом ва имомони дигар, ки таслимм аксарият хотӣ буд фарқ дошт.*

[53] *Баъдҳо мункароте, ки мӯҷиби наҳй аз мункар ва қиём шуд шарҳ дода хоҳад шуд, вале ҷумлаи:*

وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

— бо тавоҷҷӯҳ ба он чи дар он айём ба номи “сираи шайхайн” матраҳ буда, ки Алӣ ва хонадонаш онро қабул надоштаанд, атф ба инҳирофоте ҳам, ки аз замони шайхайн шурӯъ шуда ҳаст; аз қабили тақсим (-и байтулмол) ба ғайрм савия ва аз қабили

سَمِعْتُ جَدّي رَسولَ اللهِ: مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً مُسْتَحِلاً لِحُرُمِ اللهِ

Дар ҷойи дигар фармуд:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ في لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً، إِنّي لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَالْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

Аммо омили байъат

Имом ҳозир буд, ки кушта шавад ва ба ҳеч ваҷҳ ҳозир ба байъат набуд. Вазифаи Имом аз ин назар фақат имтиноъ буд. Ин вазифаро бо хуруҷ аз кишвар, бо мутаҳассин шудан ба шиъоби ҷибол (ончунон, ки Ибни Аббос пешниҳод кард), бо махфӣ шудан ҳам метавонист анҷом диҳад. Ба иборати дигар, равиш ва методи Имом аз ин назар ҷуз зери бор нарафтан ба ҳар шакл ҳарчанд ба хуруҷ аз марз ва то сарҳадди кушта шудан нест.

Равиши Имом дар муқобили омили байъат хостан, маҳдуд ба ҳадди имконот барои ба даст гирифтани ҳукумат нест ва маҳдуд ба ҳадди кушта нашудан ҳам нест, вале ҳеч вазифаи мусбат аз қабили тавсиаи инқилоб ва густариши даъват ва ғайраро эҷоб намекунад, ҷилавгирӣ аз хунрезии дигарон лозим мешавад. Аз ин назар Имом фақат бояд бигӯяд: на.

Дар он замон байъати Имом қатъан ҷиддӣ ва аз рӯи ризо талаққӣ мешуд ва воқеан сиҳҳа гузоштан ба хилофати Язид буд. Қароине дар даст аст, ки Имом ба ҳеч ваҷҳ ҳозир ба байъат набуд.

Оқои Солеҳӣ[54] аз “Мақтали Хоразмӣ” нақл мекунад, ки Имом дар музокироташ бо Муҳаммад ибни Ҳанафия фармуд:

لَوْ لَمْ يَكُنْ فِي الدُّنْيا مَلْجَأٌ وَلا مَأْوى لَما بايَعْتُ يَزيدَ بْنَ مُعاوِيَةَ

Аммо мавзӯи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар:

Дар инҷо бояд авзоъи хоссеро, ки дар замони Муовия ва дар асари хилофати Язид пайдо шуда буд дар назар гирифт:

таққири намоз ба унвони хайруламал ва аз қабили мутлақи иҷтиҳодҳои (ба истилоҳ) равшанфикронаи Умар. Ду ҷараёни инҳирофӣ вуҷуд ёфт: яке умарӣ ва дигар абдуллоҳи умарӣ. Инҳирофи умарӣ, иқбол ба ҷиҳод минҳои ибодат яъне сангин кардани каффаи бурунгароӣ ва амалии айнӣ ва сабук кардани каффаи маънавӣ буд. Инҳирофи абдуллоҳи умарӣ, баръакс, сангин кардани каффаи ибодат ва таққири корҳои сахти дунёӣ ва ҷиҳодӣ буд, ки дар натиҷа на ҷиҳод, ҷиҳод буд ва на намоз, намоз. Аммо Имом Ҳусайн дар шаби Ошӯро:

لَهُمْ دَوِيٌّ كَدَوِيِّ النَّحْلِ

Ва дар рӯзи Ошӯро:

ذَكَّرْتَ الصَّلاةَ جَعَلَكَ اللهُ مِنَ الْمُصَلّينَ

[54] *Нависандаи китоби “Шаҳиди ҷовид”.*

а) Худи мавзӯъи хилофати маврусӣ, ки ҷомаи амал пӯшидан ба орзуи дерини Абӯсуфён буд, ки гуфт:

تَلَقَّفوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ وَلِتَصيرَنَّ اِلى أَوْلادِكُمْ وِراثَةً. أما وَالَّذي يَحْلِفُ بِهِ أَبو سُفْيانَ لا جَنَّةٌ وَلا نارٌ

(*“Хилофатро чун тӯп ба якдигар пос диҳед ва онро назди авлоди худ ба ирс ниҳед. Ҳон! Савганд ба он ки Абӯсуфён ба ӯ савганд мехӯрад, на биҳиште дар кор аст ва на дӯзахе.*”)

Имом дар замони худи Муовия ба ин амр ва ба корҳои Муовия мӯътариз буд ва ҳатто дар як нома ба Муовия навишт: ман метарсам дар назди Худо аз ин ки алайҳи ту қиём намекунам масъул бошам. Имом дар замони Муовия иқдомоте мекард, ки маълум буд қасди шӯриш дорад.

Дар инҷо як матлаб ҳаст ва он ин ки ин гуна қиёмҳо, балки мутлақи амр ба маъруфҳо ва наҳй аз мункарҳо, як вазифаи тааббудӣ нест, ки мо ҳар вақт мункариро дидем, наҳй кунем ва бар мо набошад, ки ба натиҷа ва асари кор таваҷҷӯҳ дошта бошем, балки эҳтимоли асар ё итминон ба натиҷа лозим аст, яъне ин кор аз навъи корҳое аст, ки бар мукаллаф аст натиҷаи корро баровард кунад, вагарна беҷиҳат нерӯеро масраф карда ва ба ҳадар додааст. (Масъалаи эътиқоди Имом ба натиҷаи кораш марбут аст ба он чи қаблан гуфтем, ки Имом аз назари омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, мантиқаш мантиқи инқилобӣ ва мантиқи шаҳид ва густариши инқилоб буд, матлабе ва паёме дошт, ки он паёмро фақат мехост бо хун рақам кунад, ки ҳаргиз пок нашавад.) Оё Имом худ ба натиҷаи кори худ ва ҳадар нарафтани худ мӯътақид буд ё на? Бале, мӯътақид буд, ба чанд далел:

а) Дар ҷавоби шахсе, ки Риёшӣ нақл мекунад фармуд:

إِنَّ هؤُلاءِ أَخافوني وَهذِهِ كُتُبُ أَهْلِ الْكوفَةِ وَهُمْ قاتِلي، فَإِذا فَعَلوا ذلِكَ وَلَمْ يَدَعُوا للهِ مُحَرَّماً اِلاَّ انْتَهَكوهُ بَعَثَ اللهُ إِلَيْهِمْ مَنْ يَقْتُلُهُمْ حَتّى يَكونوا أَذَلَّ مِنْ فَرامِ الْمَرْأَةِ

(*“Инон барои ман эҷоди ваҳшат кардаанд ва инҳо номаҳои даъвати кӯфиён аст, ки акнун ба қатли ман камар бастаанд ва чун даст ба хуни ман биёлоянд ва ҳаромеро нагузоранд ҷуз ин ки муртакиб шаванд, Худованд касеро барангезад, то ҳамаро қатли омм кунад, то он ҷо, ки аз кӯҳнаи ҳайзи занон беарзиштар хоҳанд шуд.”*) (*Комили Ибни Асир, ҷилди 3*)

б) Дар рӯзи Ошӯро хитоб ба мардум фармуд:

ثُمَّ أَيْمُ اللهِ لا تَلْبَثونَ بَعْدَها اِلاّ كَرَيْثِما يُرْكَبُ الْفَرَسُ حَتّى تَدُورَ بِكُمْ دَوْرَ الرّحى وَتَقْلَقَ بِكُمْ قَلَقَ الْمِحْوَرِ

(*“Сипас ба Худо савганд, чуз замони андаке ба андозаи замони савор шудан бар асп намонед, то ин ки ин осиёб ба гардиш ояд ва шуморо дар тангнои меҳвари хеш гирад.” (Луҳуф, с.42)*)

в) Дар рӯзи Ошӯро хитоб ба аҳли байти худ фармуд:

اِسْتَعِدُّوا لِلْبَلاءِ وَاعْلَموا أَنَّ اللهَ حافِظُكُمْ وَمُنْجيكُمْ مِنْ شَرِّ الْأَعْداءِ وَيُعَذِّبُ أَعاديكُمْ بِأَنْواعِ الْبَلاءِ

(*“Худро омодаи бало кунед ва бидонед, ки Худованд ҳофиз ва раҳоибахши шумо аз душманон аст ва душманонатонро ба анвоъи бало кайфар хоҳад дод.”*)

г) Ба Умари Саъд фармуд: ба Худо, мулки Рай насиби ту нахоҳад шуд, мебинам, ки баччаҳои Кӯфа ба сарат санг мепаронанд он тавр, ки ба дарахти мева санг мезананд.

Аммо мавзӯъи даъвати мардуми Кӯфа

Ин даъват барои чист? Қатъан барои қабули зимомдорӣ ва ба даст овардани қудрат ва марказ қарор додани Кӯфа буд. Кӯфа сарбозхонаи ҷаҳони ислом буд. Номае, ки вуҷуҳи риҷол ва ашрофи Кӯфа навиштанд, бисёр муҳкам ва усулӣ буд, ки дар ёддоштҳои “*Наҳзати ҳусайнӣ*” нақл кардем:

أَمّا بَعْدُ فَالْحَمْدُ للهِ الَّذي قَصَمَ عَدُوَّكَ الْجَبّارَ الْعَنيدَ الَّذِي انْتَزى عَلى هذِهِ الْأُمَّةِ فَابْتَزَّها أَمْرَها، وَغَصَبَها فَيْئَها، وَتَأَمَّرَ عَلَيْها بِغَيْرِ رِضاً مِنْها، ثُمَّ قَتَلَ خِيارَها، وَاسْتَبْقى شِرارَها، وَجَعَلَ مالَ اللهِ دولَةً بَينَ جَبابِرَتِها وَأَغْنيائِها، فَبُعْداً لَهُ كَما بَعِدَتْ ثَمودُ. إِنَّهُ لَيْسَ عَلَيْنا إِمامٌ فَأَقْبِلْ لَعَلَّ اللهَ يَجْمَعُنا بِكَ عَلَى الْحَقِّ

(*“Аммо баъд, сипоси Худойрост, ки пушти душмани ҷаббор ва гарданкаши туро шикаст; ҳамон душмане, ки бар ин уммат шӯрид ва зимоми ҳукуматашро рубуд ва дорояшро ғасб кард ва бидуни ризояташон бар онҳо фармонравоӣ кард, сипас хубонашонро кушт ва ашрорашонро боқӣ дошт ва амволи Худоро миёни гарданкашон ва сарватамандонашон даст ба даст гардонид. Аз раҳмати Худо дур бошад чунонки қавми Самуд дур шуданд! Ростӣ, ки мо раҳбар надорем, ба сӯйи мо биштоб, умеди он ки Худованд моро ба дасти шумо гирд ҳақ ҷамъ оварад!*”)

Имом ҳам дар ҷавоби онҳо зимни иблоғе, ки ба номи Муслим содир мекунад, менависад:

إِنّي بَعَثْتُ إِلَيْكُمْ أَخي وَابْنَ عَمّي وَثِقَتي في أَهْلِ بَيْتي ... وَلَعَمْري مَا الْإِمامُ إِلاَّ الْعامِلُ بِالْكِتابِ، الْقائِمُ بِالْقِسْطِ، الدّائِنُ بِدينِ اللهِ

(*“Ман бародар ва амузода ва шахси мавриди итминони худ аз миёни хонадонамро ба сӯйи шумо гусел доштам… Ва ба ҷони худам савганд, ки мақоми раҳбариро насазад магар он кас, ки омил ба китоби Худо ва қоим ба додгарӣ ва ҳоким ва омил ба дини Худо бошад.” (Иршоди Муфид, с.214, бо каме ихтилоф)*)

Дар ин нома тези Имом роҷеъ ба ҳоким ва ҳукумат мушаххас мешавад ва нишон медиҳад иноятиИмомро ба масъалаи раҳбарӣ дар дараҷаи аввал ва ин ки бузургтарин мункар худи Язид аст ва мақоме, ки ишғол кардааст.

Вазъи Имом аз ин ҷиҳат айнан вазъи падараш Алӣ алайҳис салом аст баъд аз кушта шудани Усмон, ки он ҳазрат иҷтимоъи мардумро бар байъат, итмоми ҳуҷҷат бар худ медонад, бо ин ки қалбан моил нест, аз боби ин ки ояндаро мубҳам медонад ва фармуд:

فَإِنّا مُسْتَقْبِلونَ أَمْراً لَهُ وُجوهٌ وَأَلْوانٌ

(*“Зеро мо бо амре рӯбарӯ ҳастем, ки чандин рангу чеҳра дорад.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 90)*)

Ва фармуд:

لَوْلا حُضورُ الْحاضِرِ وَقِيامُ الْحُجَّةِ بِوُجودِ النّاصِرِ لأَلْقَيْتُ حَبْلَها عَلى غارِبِها وَلَسَقَيْتُ آخِرَها بِكَأْسِ أَوَّلِها

(*“Ва агар ҳузури мардум набуд ва ҳуҷҷати Худо бо вуҷуди ёвар бар ман тамом намешуд, ресмони ҳукуматро бар кӯҳони шутураш раҳо месохтам ва поёни хилофатро бо ҷоми оғозаш сероб мекардам. (Киноя аз он ки даст аз иқдом ва қабул медоштам чунонки дар оғоз бидоштам.) (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 3.)*)

Итмоми ҳуҷҷат ба маънии ин нест, ки ҳуҷҷати Худои донанди умури ошкору пинҳон бар мардум тамом шавад –

لِيَهْلِكَ مَنْ هَلَكَ عَنْ بَيِّنَةٍ وَيَحْيَى مَنْ حَيَّ عَنْ بَيِّنَةٍ

(*“То ҳар кас, ки ҳалок (гумроҳ) ё зинда (ҳидоят) мешавад, аз рӯйи далел бошад.” (Анфол/42)*), балки тамом шудани ҳуҷҷати Имом аст бар мардуми ҳозир ва оянда, зеро қатъан агар Имом зери бор намерафт, мардуми он аср ва асрҳои оянда онро ба унвони аз даст додани як фурсати бисёр муносиб ташхис медоданд.

Дар ҳодисаи ҳусайнӣ низ қиёми Кӯфа як ҳуҷҷати таърихӣ алайҳи Имом ба шумор мерафт ва Имом лозим буд, ки ҳуҷҷати худро бар мардум дар муқобили таърих тамом кунад.

Дар инҷо чанд матлаб аст:

а) Ҳаракати Имом аз Макка ба Кӯфа танҳо ба иллати даъвати Кӯфа набуд, балки далоили қатъӣ дар даст аст, ки Имом ба ҳар ҳол наметавонист дар Макка бимонад ва қароине аз ин ҷиҳат дар даст аст:

Аввалан, Имом амали ҳаҷро нотамом гузошт. Мо медонем, ки дар ҳаҷҷи таматтӯъ пас аз шурӯъи амал, итмомаш воҷиб аст ва фақат зарурати бисёр муҳимме назири хавфи қатл сабаби ҷавози адами идома мешавад. Магар ин ки фарз кунем Имом аз аввал умраи

таматтӯъ бачо наёварда ва аз аввал қасди умраи муфрада кард, чун мусалламан Имом дар он айём муҳрим шуда буд ва аз эҳром хориҷ шуд.

Сониян, Имом ҳини хуруҷ аз Макка вазъи худро ташбеҳ мекунад ба вазъи Мӯсо ибни Имрон дар вақте, ки аз Миср хориҷ шуд ва саҳрои Синоро ба тарафи машриқ тай мекард ва ба тарафи Фаластин меомад, зеро Имом ин оятро мехонд:

فَخَرَجَ مِنْهَا خَائِفًا يَتَرَقَّبُ قَالَ رَبِّ نَجِّنِي مِنَ الْقَوْمِ الظَّالِمِينَ. وَلَمَّا تَوَجَّهَ تِلْقَاءَ مَدْيَنَ قَالَ عَسَى رَبِّي أَنْ يَهْدِيَنِي سَوَاءَ السَّبِيلِ

(*“Пас (Мӯсо алайҳис салом) аз он диёр тарсону нигарон берун шуд ва гуфт: парвардигори ман! Маро аз гурӯҳи ситамгарон раҳоӣ бахш. Ва чун ба сӯйи Мадян ҳаракат намуд, гуфт: умеди он ки парвардигорам маро ба роҳи рост раҳнамо бошад.” (Қасас/21 ва 22)*)

Ин ҷараёни Мӯсо баъд аз он буд, ки ба ӯ иттилоъ расид:

إِنَّ الْمَلَأَ يَأْتَمِرُونَ بِكَ لِيَقْتُلُوكَ فَاخْرُجْ إِنِّي لَكَ مِنَ النَّاصِحِينَ

(*“Сарони қавм ҷаласа карда ва тасмим доранд, ки туро бикушанд, пас бигурез, ки ман хайрхоҳи туам.” (Қасас/20)*)

Солисан, худи Имом дар ҷавоби Абӯҳурраи Аздӣ фармуд:

إِنَّ بَنِي أُمَيَّةَ قَدْ أَخَذوا مالي فَصَبَرْتُ، وَشَتَموا عِرْضي فَصَبَرْتُ، وَطَلَبوا دَمي فَهَرَبْتُ

(*“Банӣ Умайя моламро гирифтанд, сабр кардам, ба обрӯям латма заданд, сабр кардам ва хостанд хунамро бирезанд, пас гурехтам.” (Луҳуф, с 29)*)

Дар ҷавоби Фараздақ фармуд:

لَوْ لَمْ أَعْجَلْ لأَخِذْتُ

(*“Агар шитоб накунам, дастгир мешавам.”*)

Шайх Муфид мегӯяд:

وَلَمْ يَتَمَكَّنْ مِنْ تَمامِ الْحَجِّ مَخافَةً أَنْ يُقْبَضَ عَلَيْهِ بِمَكَّةَ فَيُنْفَذَ بِهِ اِلى يَزيدَ بْنِ مُعاوِيَةَ

(*“Ва натавонист ҳаҷҷи худро ба поён расонад, мабодо дар Макка дастгир шуда ва ба назди Язид ибни Муовия фиристода шавад.” (Иршоди Муфид, с.218)*)

“Сармояи сухан” менависад: Амр ибни Саъид ибни Ос маъмур буд бо иддае, ки Имомро бикушад.

Турайҳӣ навиштааст, ки 30 нафар аз шаётини Банӣ Умайя маъмури ин кор шуда буданд. Дар ёддоштҳои “Наҳзати ҳусайнӣ” аз “Мақтали Хоразмӣ” нақл кардем, ки Имом зимни дарди дили катбӣ ба Ибни Аббос мегӯяд: маро дар Макка ором намегузоранд ва аз ҷивори ҳарами илоҳӣ маҷбур ба хуруҷ мекунанд. Ибни Аббос ҳам дар номае, ки ба Язид

менависад ва сахт ӯро маломат мекунад, мегӯяд: шумо ба зӯр Ҳусайнро аз ҳарами илоҳӣ ихроҷ кардед!

б) Арзиши ин омилҳо чӣ қадр буд? Кадом як аз инҳо аз назари Имом ҳадафи аслӣ буд? Ду омили аввал ҳеч кадом қатъан тобеъи дигаре набуд, яъне фарзан Имом мавриди дархости байъат ҳам воқеъ намешуд, ба унвони амр ба маъруф эътироз мекард ва фарзан эътироз намекард, байъат ҳам намекард. Баҳс дар миқдори арзиш ва асолати омили севвум аст.

Инҷо мумкин аст касе гумон кунад, ки омили аслӣ дар ин ҷараён ин буд, ки Имом мехост зимоми умурро ба даст бигирад, ду ҷараёни дигар яъне имтиноъ аз байъат ва эътироз ва интиқод ба номи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар муқаддимаи ин кор буд. Бадеҳӣ аст касе, ки авзоъро ба нафъи худ мусоид мебинад ва қасди зимомдорӣ дорад, ҳам набояд байъат кунад, зеро заминаи худашро хароб мекунад ва ҳам бояд сужаи таблиғотӣ алайҳи дастгоҳ дошта бошад ва аз онҳо интиқод кунад, тибқи шароити он рӯз як асли исломӣ ба номи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункарро дастовез қарор диҳад. Яъне имтиноъ аз байъат ва эътироз ба номи амр ба маъруф, муқаддимаи рафтан ба Кӯфа аст. Натиҷа ин аст, ки ҳамон лаҳзае, ки мутаваҷҷеҳ мешавад, ки авзоъ мусоид нест, вазъи худашро аз назари он ду ҷараёни дигар иваз кунад, ҳам ҳозир шавад барои байъат ва ҳам ин ки даст аз эътироз ва интиқод бардорад.

Аз китоби оқои Солеҳӣ бармеояд, ки матлаб ҳамин тавр аст, дар сурате, ки чунин еест. Иштибоҳи бузурги оқои Солеҳӣ ҳамин аст. Имом на ҳозир шуд ба байъат ва таслим — ва худ гуфта буд ба ҳар ҳол ман байъат нахоҳам кард:

وَلَوْ لَمْ يَكُنْ مَلْجَأٌ وَلا مأْوى

Яъне хоҳ Кӯфа маро бипазирад ва хоҳ напазирад, байъат нахоҳам кард; ва ҳам ин ки пас аз яъс аз ёварии кӯфиён низ даст аз интиқод накашид. Хутбаҳои доғашро пас аз бархӯрд бо Ҳурр ва иттилоъ аз вазъи Кӯфа эрод кард. Баъд аз иттилоъ аз шаҳодати Муслим ё Қайс ибни Мусаҳҳар ё Абдуллоҳ ибни Яқтур. тоза ин оятро мехонад:

مِنَ الْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُوا مَا عَاهَدُوا اللَّهَ عَلَيْهِ

(*Аҳзоб/23*) Пофишории Имом пас аз тағйири авзоъи Кӯфа шояд бештар барои ин буд, ки бифаҳмонад имтиноъ аз байъат ва ҳам эътироз ва интиқодаш муқаддимаи ба қудрат расидан ва тасаллут бар Кӯфа нест. Ва аммо эъломи инсирофи Имом, фақат инсироф аз рафтан ба Кӯфа аст, на аз имтиноъ аз байъат ва на аз эътироз ва интиқод ва амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар. Бар хилофи ақидаи Солеҳӣ, тарки байъат ва иқдом ба эътирози Имом манут ба заминаи Кӯфа набуд, ки бо суқути ин замина, ҳам ҳозир ба байъат шавад ва ҳам

тарки эътироз кунад. Ва хатари эътирозро ҳам медонист ва ба асари ин эътирози хунин ҳам воқиф буд, мехост эъломи ҷурми худро бо хун бинависад, ки ҳаргиз пок нашавад. Ва ҳам ин ки роҳе пеш нагирифт, ки лоақал аз кушта шудани фарзандон ва ёронаш ҷилавгирӣ кунад, зеро фарзан бигӯем худро дар хатар медид, асҳоб ва хонадони худро, ки қатъан дар хатар намедид, чаро ҳозир шуд онҳо кушта шаванд? Ба илова, чаро ҳатто пас аз бархӯрд бо Ҳурр ибни Язид, Убайдуллоҳ ибни Ҳурри Ҷуъфӣ ва Заҳҳок ибни Абдуллоҳи Машриқӣ (руҷӯъ шавад ба таърих, ки ин кор пас аз бархӯрд бо Ҳурр будааст ё на) ва махсусан Банӣ Асадро дар шаби Ошӯро ба ҳамроҳӣ ва нусрат мехонад?

в) Оё Имом воқеан ба мардуми Кӯфа эътимод ва ҳусни занн пайдо карда буд ва ба истилоҳ рӯи мардуми Кӯфа ҳисоб мекард, ё на? Баъзеҳо мисли Ибни Халдун ва Қозӣ Ибни ал-Арабӣ ва баъзе дигар ва аз он ҷумла оқои Солеҳӣ омили аслиро дар наҳзати Имом вазъи Кӯфа ва даъвати кӯфиён донистаанд ва қаҳран фарз кардаанд, ки Имом эътимод пайдо карда буд ба вазъи худ дар миёни кӯфиён, он гоҳ ин ҷиҳатро бар Имом айб гирифтаанд, ки ҳусни занни Имом ба мардуми Кӯфа ба мавқеъ набудааст ва ё мисли оқои Солеҳӣ гуфтаанд, ки эътимоди Имом ба мардуми Кӯфа ва ҳисоб кардан рӯи онҳо бачо буда ва лекин тағйири авзоъ, ғайри қобили пешбинӣ буда ва аз маҷори оддӣ мумкин набуд касе чунин пешбинӣ кунад, назири тағйири авзоъ дар Уҳуд, ки қобили пешбинӣ набуд ва аз хатои тирандозони Ҷабалуррумот пайдо шуд.

Бадеҳӣ аст, ки агар омили аслии наҳзати Имом, даъвати кӯфиён мебуд, Имом мебоист эҳтиёти бештаре мекард ва насиҳати Ибни Аббосро ба кор мебаст ва эътимод намекард. Аммо ҳақиқат ин аст, ки Имом ҳеч гуна эътимоде ба кӯфиён накардааст. Мукаррар афроде гуфтанд, ки:

قُلوبُهُمْ مَعَكَ وَسُيوفُهُمْ عَلَيْكَ

Худи Имом ҳам фармуд:

لا يَخْفى عَلَيَّ الْأَمْرُ

Дар ҷавоби Фараздақ фармуд, ки агар корҳо бар вифқи он чи мехоҳем анҷом гирад, Худоро шукр мекунем:

وَإِن حالَ الْقَضاءُ دونَ الرَّجاءِ فَلَنْ يَتَعَدَّ (يعتد) مَنْ كانَ الْحَقُّ نِيَّتَهُ والتَّقْوى سَريرَتَهُ

(*“Ва агар қазои илоҳӣ монеъи расидани мо ба орзуямон шавад, албатта он кас, ки нияташ ҳақ буда ва ботинаш ба тақво ороста бошад, мутаҷовиз ба ҳисоб наёяд.”*)

Ба илова, аз Имом ҷумлаҳое шунида шудааст дар байни роҳ, ки нишон медиҳад Имом ин сафари худро сафари саломат намедонистааст. Агар хутбаи:

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ

— ва ҷумлаи:

وَإِنَّ مِنْ هَوانِ الدُّنْيا أَنَّ رَأْسَ يَحْيَى بْن زَكَرِيّا أُهْدِيَ إِلى بَغِيٍّ مِنْ بَغايا بَني اسْرائيلَ

(*“Марг бар фарзанди Одам ҷой дорад… Ва аз пастии дунёст, ки сари мубораки Яҳё ибни Закариё ба назди яке аз бадкорони Банӣ Исроил ҳадия гардид.”*) ва ҳамчунин хоби маъруфи:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

Ё:

إِنَّ لَكَ دَرَجَةً عِنْدَ اللهِ لَنْ تَنالَها اِلاّ بِالشَّهادَةِ

— асли қобили эътимоде дошта бошад, ки дигар матлаб хеле возеҳ аст.

г) Оё Имом аз аввал ба қасди Карбало ҳаракат кард ё на? Ва агар фарзан ба қасди Карбало ҳаракат накард, оё ба қасди кушта шудан ва бо илм ба кушта шудан ҳаракат кард ё на?

Аз назари таърихӣ наметавон исбот кард, ки Имом ба қасди Карбало ва ё бо илм ба кушта шудан ҳаракат кард, балки аз назари таърих, ки завоҳири қазоёро нақл мекунад, Имом ба тарафи Кӯфа ва қасди Кӯфа ҳаракат кард ва дар асари бархӯрд бо Ҳурр ва иҷоза надодани Ҳурр, ки Имом аз ҳавзаи Ироқ хориҷ шавад ва ҳозир нашудани Имом, ки таҳтулҳифзи Ҳурр ба Кӯфа биравад, роҳеро ба тарафи ғарб ва чапи ҷодда пеш гирифтанд, то расиданд ба Карбало ва баъд дар асари номаи Ибни Зиёд дар он маҳалл мутаваққиф шуданд. Ва аз назари илм ба кушта шудан ҳам таърих ҷуз махтур будан ва ғайри қобили итминон будан ин сафарро исбот намекунад.

Дар айни ҳол ин ҷиҳат мунофот надорад бо ҷиҳати дигар ва он ин ки Имом дар як сатҳи дигаре, ки сатҳи маънавият ва имомат аст, медониста, ки оқибат ба Карбало нузул хоҳад кард ва дар ҳамон ҷо шаҳид хоҳад шуд.

д) Имом пас аз бархӯрд бо Ҳурр ва дар Карбало дар чанд ҷо эъломи инсироф кардааст. Ин эъломи инсироф ба чӣ маънӣ аст? Қаблан гуфтем, ки эъломи инсирофи Имом, инсироф аз рафтан ба Кӯфа ва аз довталабии ташкили ҳукумати Кӯфа буд, на инсироф аз дифоъи муқаддаси имтиноъи байъат ва на инсироф аз қиёми муқаддаси эътирозии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар. Бар хилофи ақидаи оқои Солеҳӣ, Имом пас аз суқути Кӯфа, аз ду ҳадафи дигараш даст барандошт ва имтиноъ аз байъат ва ҳамчунин эътироз ба ҳукуматро танҳо дар заминаи заъомат муфид намедонист, ба хатари ин ду ҳам комилан воқиф буд, вале мехост паёми худро ва эъломи ҷурми худро ва ҷавоби “на” ба байъатро бо хуни худ бинависад, ки ҳаргиз пок нашавад.

е) Бадеҳӣ аст, ки аз назари омили даъвати кӯфиён, қиёми Имом як қиёми ибтидоӣ аст, балки аз ин ҷиҳат иқдом барои ба даст гирифтани зимоми умур аст ва танҳо ҷанбаи шӯриш бар зидди ҳукумат барои тазъиф ё ислоҳ нест. Яъне тибқи омили наҳӣ аз мункар, ҳадаф бояд ислоҳ бошад, хоҳ ба сурати тазъиф ё суқути ҳукумат ва хоҳ ба сурати ислоҳи ҳукумат.

ё) Маълум шуд ба мӯҷиби ҳар як аз ин омилҳо Имом як вазифаи махсус дорад. Ва зимнан маълум шуд, ки ба эътибори ҳар як аз омилҳо наҳзати Имом арзиши махсусе пайдо мекунад. Ба мӯҷиби омили даъват ва эҳтимоли муваффақият, ки ҳадди аксар 50% аст, арзиши наҳзат ҳамин қадр аст, ки Имом бо пайдоиши як фурсати эҳтимолӣ, наменишинад ва фурсатро аз даст намедиҳад ва зимнан назар ва тези Имом роҷеъ ба ҳукумат, ки дар нома ба аҳли Кӯфа тавассути Муслим ва дар хутбаи “Байза” пайдост, равшан мешавад. Ва аз назари омили байъат, ки то он вақт ҳатто мардуми Кӯфа эъломи нусрат накарда буданд, арзиши кори Имом дар ин ҳадд аст, ки тақозои як ҳукумати нерӯманд ва хунхореро барои байъат намепазирад ва ҳозир мешавад хунашро бирезанд ва байъат накунад. Ба мӯҷиби ин омил агар ҳукумат коре ба ӯ намедошт ва аз ӯ чизе намехост, Имом ҳам коре ба кори онҳо надошт; ва ба мӯҷиби омили аввал агар мардуми Кӯфа эъломи омодагӣ намекарданд, Имом ёғӣ намешуд ва басо, ки байъат ҳам мекард. Ба ҳар ҳол, омили имтиноъ аз байъат, арзиши бештаре аз омили пазириши даъват дорад, зеро дар омили пазириши даъват, чанд дарсади эҳтимоли ҷон ба саломат бурдан ба иловаи муваффақият дар зимомдорӣ ва соқит кардани ҳариф вуҷуд дорад, вале дар омили имтиноъ аз байъат дар рӯзҳое, ки шурӯъ шуд эҳтимоли қариб ба яқин кушта шудан буд. Аммо омили амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, ки худи Имом ҳам зиёд ба он истинод карда ва дар он маворид номе аз имтиноъи байъат ё пазириши даъват набурдааст, аз ҳар ду омили аввал арзиши бештаре дорад, зеро ба мӯҷиби ин омил ба ҳар ҳол Имом худро бо ҳукумати вақт даргир кардааст ва ин даргирӣ аз навъи ҳуҷум буда ва аз тарафи худи ӯ шурӯъ шудааст, на аз ноҳияи мардум ва на аз ноҳияи ҳукумат.

Ба мӯҷиби ин омил, Имом муҳоҷим ва мӯътариз аст, на мудофеъ; кораш амали ибтидоӣ аст, на сирфан аксуламали манфӣ дар муқобили тақозои байъат ва ё аксуламали мусбат дар муқобили тақозои ҳамкорӣ барои ташкили ҳукумат. Ба мӯҷиби ин омил хоҳ ҳукумат байъат бихоҳад ва ё нахоҳад, ӯ мӯътариз ва тарафдори тағйири вазъи мавҷуд аст. Хоҳ мардуми Кӯфа ӯро бипазиранд ва ёрӣ кунанд ва ё напазиранд ва ёрӣ накунанд, боз ҳам ӯ мӯътариз ва тарафдори тағйир аст. Ва аз ин назар аст, ки фавқулъода арзанда аст ва дарс аст ва омӯзанда аст.

Пас ин се омил, ҳам аз назари вазифа ва аксуламале, ки барои Имом эҷоб мекунад ва ҳам аз назари арзандагӣ ва аҳаммият ва қобилияти бузургдошт ва ҳам аз назари омӯзандагӣ ва дарсӣ бо ҳам тафовут доранд; ва чунонки қаблан мукаррар гуфтем, аз назари ин мантиқ, инқилоб аст ва Имом тарафдори тавсиаи инқилоб аст.

Суолот дар бораи наҳзати ҳусайнӣ

1) Оё қиёми ҳусайнӣ як инфиҷор буд ё як тасмими огоҳона ва дар сурати дуввум оё инқилоб ва шӯриши ибтидоӣ бар зидди дастгоҳи ҳукумат буд ё як навъ дифоъ ва муқовамат дар муқобили дастгоҳ буд? Ва дар сурати дуввум оё муқовамат дар муқобили ин буд, ки онҳо қасди куштани ӯро доштанд ё дар муқобили байъат хостани онҳо буд? Ва бино бар ин ки инқилоби ибтидоӣ буд, оё мабнои инқилоб, даъвати мардуми Кӯфа буд ё ин ки ҳарчанд мардуми Кӯфа даъват намекарданд, боз ҳам (Имом) қиём мекард?

2) Оё Имом Ҳусайн медонист, ки кушта мешавад (ба илми имомат ё аз рӯи қароини қатъӣ) ва ё намедонист ва бовар намекард, ки кушта шавад? Ва дар сурати дуввум, агар медонист, тавре дигар амал мекард ё ҳамон тавр амал мекард, ки кард? Ва дар натиҷа оё пас аз он ки донист кушта мешавад, аз он чи кард, пушаймон шуд ё на?

3) Оё Имом Ҳусайн ба қасди Карбало (ва қаҳран ба қасди қурбонгоҳи махсуси худ) ҳаракат кард ва ё фарзан ба қасди кушта шудан ҳаракат кард, мақсадаш хусуси Карбало набуд? Ва агар мақсадаш Карбало набуд, куҷо буд? Оё мақсадаш Ироқ ва лашкаргоҳи мусалмонон ва маркази шиъаён буд, ки онҷоро марказ қарор диҳад ё мақсади муайяне надошт ва фақат мехост дар Ҳиҷоз набошад ва аҳёнан фикр мекард, ки ба Шом биравад? Ва ба ҳар ҳол, агар мақсадаш Карбало набуд, оё медонист ба ҳар ҳол дар ин сафар шаҳид мешавад ё на?

4) Оё Имом Ҳусайн пешниҳоди сулҳ кард ё на? Ва дар сурати дуввум, оё тарафи муқобил пешниҳоди сулҳ кард ва ӯ напазируфт ё на? Ва агар фарз кунем пешниҳоди сулҳ кардааст, пас вазъи ӯ ва Имом Ҳасан ҳеч тафовуте надорад. Тафовут дар ноҳияи тараф аст, ки Муовия сулҳро пазируфт ва Язид напазируфт. Ва агар пешниҳоди сулҳ кард, чаро аз аввал байъат накард? Оқои Солеҳӣи Наҷафободӣ мӯътақид аст, ки Имом панҷ бор пешниҳоди сулҳ кард.

5) Агар Имом Ҳусайн на пешниҳоди сулҳ кард ва на пешниҳоди сулҳи тарафро пазируфт, ба чӣ иллат буд ва чаро Имом Ҳасан сулҳро пазируфт?

6) Оё ҷумлаи:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

— метавонад саҳеҳ бошад ё на?

7) Чаро Имом Ҳусайн то ин ҳадд дар муқобили тақозои байъат муқовамат кард, вале амирулмӯъминин ва имомони дигар дар муқобили ин тақозо ин қадр муқовамат накарданд? Оё метавон гуфт, ки байъати Алӣ алайҳис салом таслим ба аксарият буд, ҳарчанд аксарияти хотӣ, вале байъате, ки аз Имом Ҳусайн мехостанд, таслим ба расми вилоятаҳдӣ буд?

8) Оё миёни байъат ва сулҳ фарқ аст ё на? Яъне оё мумкин аст бигӯем, ки дар шароити хоссе байъат ҷоиз нест, зеро байъат имзо ва таъйид аст, вале сулҳ ҷоиз аст, зеро сулҳ маъмулан дар миёни ду мутахосим сурат мегирад ва ҳеч гуна мафҳуми имзо ва таъйид надорад, балки мафҳуми тахосум дорад? Пас оё метавон гуфт, Имом Ҳусайн ҳозир ба байъат нашуд, аммо ҳозир шуд ба сурати як фарди мухосим сулҳ кунад?

9) Оё қароине ҳаст, ки Имом Ҳусайн дар садади ба даст гирифтани ҳукумат буд? Ё фақат мумтанеъ аз байъат буд ва ҳадди аксар омир ба маъруф ва ноҳӣ аз мункар буд?

Ба ақидаи мо, тартиби асар додан ба номаҳои аҳли Кӯфа худ қарина аст бар ин ки Имом дар садади ба даст гирифтани ҳукумат ва заъомат буд. Муслим ҳам барои чунин коре ба Кӯфа омад.

Ба дунболи ин пурсиш, пурсиши дигаре аст, ки оё рафтан ба Макка сирфан барои имтиноъ аз байъат буд ва ё барои ин буд, ки имкони ҷунбиш ва фаъолияти бештаре барои заъомат пайдо кунад?

10) Оё Имом Саҷҷод дар вақъаи Ҳарра ба василаи Муслим ибни Ақаба бо Язид байъат кард?

11) Яке аз суолот ин аст, ки чӣ гуна аст, ки Имом пас аз бархӯрд бо сипоҳи Ҳурр ва бо Умари Саъд пайваста зимни пешниҳодҳо пешниҳоди бозгашт ба Ҳиҷозро мекунад?

12) Оё пешниҳоди Имом муроҷеат ба Мадинаро, пас аз бархӯрд бо Ҳурр ва бо Умар ибни Саъд, барои тавсиа ва густариши доманаи инқилоб буд?

13) Имом агар қасди шӯриш ва инқилоб алайҳи ҳукумат надошт, чаро мардуми Басраро даъват кард ва ба онҳо нома навишт?

Оё Имом ба мардуми дигар яъне мардуми Яман ва Хуросон ва Миср ва ғайра номае навиштааст ё на? Мумкин аст нома навишта бошад, вале махфӣ монда бошад. Номаҳои Басра ба василаи Мунзир ибни Ҷоруд кашф шуд.

14) Оқои Алиакбари Ғаффорӣ дар муқаддимаи "*Баррасии таърихи Ошӯро*" ин масоилро тарҳ мекунад:

Оё амали Ҳусайн ибни Алӣ фирор аз байъат буд ё иҷобати даъвати кӯфиён ва ё қиём ва наҳзат ва ба қавли имрӯзиҳо саврa ва инқилоб? Ва оё медонист кушта мешавад ё на? Оё аз рӯи нақша амал мекард ё ин ки дар пешомадҳо ҷудогона тасмим мегирифт? Чаро гоҳе

ҳамроҳони худро мураххас мекард ва гоҳе ғайри ҳамроҳонро ба ёрӣ металабид: пас аз шунидани хабари шаҳодати Муслим, ба ҳамроҳони худ пешниҳод кард, биравед ва маро танҳо бигузоред, аммо Убайдуллоҳ ибни Ҳурри Ҷуъфӣ ва Зуҳайр ибни Қин ва Заҳҳок ибни Абдуллоҳи Машриқиро ба ёрӣ талабид ва ҳатто аз Заҳҳок ибни Абдуллоҳ хост, то дами охир ӯро ёрӣ кунад ва баъд биравад.

Дар шаби Ошӯро ҳамаи ёрон ва хонадонро мураххасӣ дод ва эъломи ҳилли байъат кард ва дар ҳамон шаб Ҳабиб ибни Мазоҳирро ба қабилаи Банӣ Асад барои истимдод фиристод. Касе, ки медонад даст ба амали фавқулъода хатире задааст ва ӯро мекушанд, чаро зану фарзанди хешро ҳамроҳ мебарад? Баъзе ин корро як кори бенақша ва тадричӣ гумон кардаанд. Ба ақидаи онҳо, Имом кораш аз онҷо шурӯъ шуд, ки аз байъат имтиноъ кард ва ба Макка, ки маҳалли амн буд, бо зану фарзанд паноҳ бурд. Баъд ду чиз сабаби хуруҷ аз Макка шуд: яке, хавфи терур дар Макка ва аз байн рафтани ҳурмати Каъба ва дигар, даъвати кӯфиён. Ва бо шикасти Муслим, ки мусодиф буд бо расидани Имом ба марзи Ироқ, Имом мехост баргардад ва нашуд, дар Карбало гирифтор ва кушта шуд.

Баъзе гуфтаанд, Имом намедонист кушта мешавад ва агар на иқдом намекард. Имом бовар намекард бо қаробати наздикаш ба Расули Худо кушта шавад. Баъзе гуфтаанд баръакс, Имом яқин дошт ба ҳар ҳол ӯро мекашанд, аз ин рӯ шаҳодати бо иззатро бар кушта шудани ба зиллат тарҷеҳ дод. Оқои Ғаффорӣ худ ихтиёр мекунад, ки амали Ҳусайн алайҳис салом қиём ва наҳзат ва савра ва инқилоб буд. Муқаддамоте дар замони Муовия фароҳам шуда буд, ки эҷоб мекард Имом қиём ва наҳзат намояд. Аз тарафи дигар, далоил ва қароини фаровон дар даст аст, ки Имом аз ҳамон замон муқаддамоти корро фароҳам мекард.

Мо ин муқаддамотро дар варақаҳои “Ёддошт дар бораи наҳзати ҳусайнӣ” баён хоҳем кард.

Ёддошт дар бораи наҳзати ҳусайнӣ

1) Оқои Солеҳии Нақафободӣ дар муқаддимаи китоби худ (“*Шаҳиди ҷовид*”) мегӯянд:

“*Дар мавзӯи ҳодисаи Карбало ду навъ изҳори назари ифротӣ ва тафритӣ шудааст. Яке ин ки қиёми ҳусайнӣ як инқилоби норас ва як шӯриши ҳисобнашуда ва як кудатои нофарҷом буда ва назми умумиро ба ҳам мезада ва тараф ночор шуда барои ҳифзи назми умумӣ, қиёмро саркӯб кунад ва ба ҳукми дастури Пайғамбар, ки ҳар кас бихоҳад миёни уммати ислом тафриқа биандозад, бо шамшер саркӯбаш кунед, ӯро саркӯб кардаанд.*

Дастаи дуввум мегӯянд: Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ба дастури хосс ва махсуси худ, худро ба куштан дода ва рози ин қазияро касе намедонад.“

Аввалан, ба қавли дастаи аввал, фарзан инқилоби ҳусайниро норас ва ҳисобнашуда фарз кунем, далел намешавад, ки аз он ба ихлол ба назми умумӣ таъбир кунем ва амали мухолифони онро низ тасҳеҳ кунем, зеро дар мавриде, ки ҳукумат фосид аст ва фақат ба далели адами имконот, шахс набояд қиём кунад, далел намешавад, ки дар сурати қиём, куштани ӯ аз тарафи ҳайати ҳокима ҷоиз бошад.

Сониян, шиққи севвуме дар кор аст ва он ин ки Имом Ҳусайн ба ҳукми дастурҳои куллии ислом қиём кунад. Ин гуна қиёмҳо машрут ба ин нест, ки шароит ончунон фароҳам бошад, ки ба самар расидан қатъӣ бошад, эҳтимоли ба самар расидан ҳам кофӣ аст. Ба илова, дар сурати ба самар нарасидан ҳам, зарараш ба ислом ворид намеомада, балки ҷомеаро як қадам ба сӯи самар ва натиҷа наздик кардааст. Аз калимоти худи Имом ҳам ҳамин тардид бармеояд, чунонки аз ҷумлае, ки дар ҷавоби Фараздақи шоир ҳангоми хуруҷи Имом аз Макка фармуд, ки:

وَإِنْ حالَ الْقَضاءُ دُونَ الرَّجاءِ فَلَنْ يَتَعَدَّ مَنْ كانَ الْحَقُّ نِيَّتَهُ وَالتَّقْوى سَرِيرَتَهُ

(*Иршоди Муфид, с.218*) ошкор аст.

Шиққи чаҳорум ин аст, ки бо илм ба кушта шудан қиём кард, вале илм ба кушта шудан ғайр аз илм ба самар нарасидан ва бенатиҷа мондан аст. Зеро агар натиҷа мунҳасир бошад ба дастоварии заъомат, бо кушта шудан наҳзат ақим мемонад, аммо агар ҳадаф мутазалзил кардани ҳукумати умавӣ ва тафкики онҳо аз ислом ва эҳёи суннати амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бошад, кушта шудан мусовии бесамар мондан нест.[55] Агар чунин қиёме, ки пушти сараш қиёмҳои дигар сурат гирифт намебуд, ислом ва умавият ончунон ба ҳам омехта мешуд, ки тафкики онҳо мумкин набуд ва бо заволи умавиҳо ислом низ аз миён рафта буд.

2) Дар бораи иллатҳои қиёми Ҳусайн алайҳис салом, ки баҳс мешавад, гоҳе аз ноҳияи Имом баҳс унвон мешавад, ки ангезааш чӣ буд? Ва гоҳе аз тарафи душман матлаб унвон мешавад, ки ангезаи фишори онҳо бар Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом чӣ буд? Оқои Солеҳӣ ангезаи фишорро се чиз донистааст:

---

[55] *Ҳамчунон ки дар асри худи мо мебинем афроде ба унвони эътироз ва ба хотири ин ки оташи инқилобро равшан кунанд, худро оташ мезананд ва дар ҳақиқат худро “оташгира” мекунанд. Ҳарчанд дар ислом ин тавр кушта шудан ҷоиз нест, аммо итминон ба кушта нашудан ҳам лозим нест. Кори Қайс ибни Мусаҳҳари Сайдовӣ ва Абдуллоҳ ибни Яқтур аз ин қабил буд*.

а) Тасбити ҳукумат ба воситаи ахзи байъат. Байъати Имом барои Язид арзиши фавқулъода дошт ва байъат накардани ӯ зарари фаровон дошт. Байъат накардани Имом дар шароити он рӯз, ки як ҳукумати диктатории 20-сола суқут карда буд, фавқулъода ҳаяҷоновар буд.

б) Уқдаи ҳақорат, ки аз суханони Язид дар вақти овардани сари Имом ба ҳузураш пайдост, ки тамассук кард ба ояти:

قُلِ اللَّهُمَّ مَالِكَ الْمُلْكِ

(*Оли Имрон/26*)

в) Ҳисси интиқомҷӯӣ, ки марбут мешавад ба ҷараёноти гузаштаи Банӣ Ҳошим ва Банӣ Умайя.

Амали ҷигархорагии Ҳинд ва аксуламалҳои мухталифи Абӯсуфён дар тӯли таърих гувоҳ бар матлаб аст. Ҷанги Бадр аҳқоде дар Банӣ Умайя ба вуҷуд овард. Ашъори Язид:

لَيْتَ أَشْياخي بِبَدْرٍ شَهِدُوا

— гувоҳи матлаб аст.

3) Муқоисаи вазъи Имом Ҳусайн баъд аз Муовия ва истиғоса ва истимдоди мардум барои байъат, бо вазъи ҳазрати Амир баъд аз қатли Усмон ва талаби байъати мардум. Айзан муқоисаи худи ин мардум бо худи он мардум.

4) Ба ақидаи оқои Солеҳӣ, дар қиёми ибтидоӣ бояд эҳтимоли шикаст аз эҳтимоли муваффақият камтар бошад, вагарна ҷоиз нест, вале дар қиёми дифоъӣ эҳтимоли муваффақият ҳар андоза заъиф бошад, машрӯъ аст.

Эшон тамоми аҳаммиятро дар ноҳияи эҳтимол зикр кардаанд, ки агар занн ғолиб бошад ҷоиз аст, вагарна ҷоиз нест, дар сурате, ки умда ҷониби мӯҳтамал аст. Баъзе аз мӯҳтамалҳо агар эҳтимоли муваффақият 90 дарсад ҳам бошад, дар муқобили эҳтимоли аз даст додан ҷоиз нест, вале баъзе мӯҳтамалҳо агар эҳтимоли муваффақият фавқулъода заъиф ҳам бошад, боз ҳам қиём ҷоиз аст.

5) Ба ақидаи оқои Солеҳӣ, қиёми Имом бо таҳоҷуми дастгоҳи ҳокима шурӯъ шуда ва чаҳор марҳила доштааст:

а) Аз вақте, ки ба Макка рафт то вақте, ки тасмим дошт дар Макка бимонад.

б) Аз ҳангоме, ки тасмим гирифт ба Кӯфа биравад то бархӯрд бо Ҳурри Риёҳӣ.

в) Аз бархӯрд бо Ҳурр то шурӯъи ҷанг.

г) Марҳилаи ҷанг.

Аз ин чаҳор марҳила, марҳилаи аввал ва севвум ва чаҳорум дифоъӣ буда ва марҳилаи дуввум нимадифоъӣ ва нимаибтидоӣ будааст.

6) Оқои Солеҳӣ дар сафҳаи 64 китоби худ муддаӣ мешавад, ки қабл аз тақозои байъат аз Имом, Имом қасди мухолифат надошт ва агар чунин тақозое аз ӯ намекарданд, ӯ ҳаргиз қиём намекард, ҳамчунон ки дар замони Муовия накард ва дар номае, ки "*Риҷоли Кешӣ*" ва "*Ал-имома вас-сиёса*" нақл кардаанд, Имом дар охири номаи худ навиштааст:

وَما أُريدُ لَكَ حَرْباً وَلا عَلَيْكَ خِلافاً

(*"Ва ман тасмими ҷанг бо ту ва хилоф бар туро надорам."*)[56] ва фарқе миёни ду ҳукумат (Муовия ва Язид) нест.

Ҷавоб ин аст, ки аввалан миёни ду ҳукумат аз назари шароити қиём, ки дуввумӣ ҳукумати навбунёд буд ва сукут дар муқобили ӯ мудоҳана талаққӣ мешуд, бар хилофи ҳукумати Муовия ва ҳам аз назари шароити воқеӣ, ки ҳукумати Муовия ҳукумати бе дин, вале оқиле буд, бар хилофи ҳукумати Язид ва аз ин рӯ ҳукумати Язид бештар аз Муовия таҳти таъсири масеҳиҳо буд, тафовут буд.

Сониян, ин амр бо ҷумлаи худи Имом, ки фармуд:

وَعَلَى الْإِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِراعٍ مِثْلِ يَزيدَ

— ки дар сафҳаи 36 китоби худ аз "*Мақтали Хоразмӣ*" нақл карда мунофот дорад. Аз ин ҷумла маълум мешавад, худи Имом Язидро бо Муовия мутафовит медонистааст.

7) Дар сафҳаи 67, аз "*Мақтали Хоразмӣ*" нақл мекунад, ки Имом дар музокироташ бо Муҳаммад ибни Ҳанафия фармуд:

لَوْ لَمْ يَكُنْ فِي الدُّنْيا مَلْجَأٌ وَلاَ مأْوى لَما بايَعْتُ يَزيدَ بْنَ مُعاوِيَةَ

Ин ҷумла тасмими қотеъи Имомро бар адами байъат мерасонад ва ин бо он чи оқои Солеҳӣ мегӯяд, ки Имом дар охирҳо ҳозир буд байъат кунад мунофот дорад.

---

[56] *Вале оқои Ғаффорӣ дар сафҳаи 14-и муқаддимаи "Баррасии таърихи Ошӯро" менависад, ки Имом дар ҷавоби номаи Муовия навишт: "Ман тарки набард бо туро тақсир мешумурам ва худро дар сукут ва адами қиём алайҳи ту масъули Худо медонам". Ҷамъи ду матлаб ба ин аст, ки Имом интизори фурсат мекашидааст. Дар сафҳаи 73 китоби "Баррасии таърихи Ошӯро" омадааст, ки Муовия ҳангоми хуруҷи Имом Ҳасан алайҳис салом аз Кӯфа ба Мадина пас аз сулҳ, навишт, ки ту бояд аввал ба ҷанги Фарва ибни Навфали Хориҷӣ биравӣ, сипас биравӣ ба Мадина. Имом дар ҷавоб навишт:*

لو آثَرْتُ أَنْ أُقاتِلَ أَحداً مِنْ أَهْلِ الْقِبْلَةِ لَبَدَأْتُ بِقِتالِكَ فَإِنِّي تَرَكْتُكَ لِصَلاحِ الْأُمَّةِ وَحِقْنِ دِمائِها

("Ва агар ман тарҷеҳ диҳам, ки бо яке аз аҳли қибла биҷангам, ба ҷанги бо ту даст мезанам, зеро ман ба хотири салоҳи уммат ва ҳифзи хуни онҳо даст аз ту боздоштаам.")

Бо тавоҷҷӯҳ ба ин ки аҳёнан қитоли аҳли қибла воҷиб мешавад, маълум мешавад сулҳи Имом Ҳасан сулҳи мусаллаҳ будааст ва аз инҷо ваҳдати машйи ҳасанӣ ва ҳусайнӣ равшан мешавад.

8) Дар сафҳаи 70 муқоиса мекунад хуруҷи Имомро аз Мадина ба Макка бо муҳоҷирати маҳрамонаи Пайғамбари Акрам аз Макка ба Мадина.

9) Дар китоби оқои Солеҳӣ ду матлаб хеле ба чашм мехӯрад. Яке ин ки хун то ҳадди имкон набояд рехта шавад ва амният бояд маҳфуз бимонад. Дуввум ин ки муваффақият мунҳасир аст ба тағйири фаврии ҳукумат ва ба даст гирифтани заъомат.

10) Дар сафҳаи 76 аз *"Мақтали Хоразмӣ"* нақл мекунад, ки Имом дар ҷавоби Ибни Аббос фармуд:

يَا ابْنَ عَبّاسٍ فَما تَقولُ في قَوْمٍ أَخْرَجُوا ابْنَ بِنْتِ رَسولِ اللهِ مِنْ وَطَنِهِ وَدارِهِ وَمَوْضِعِ قَرارِهِ وَمولِدِهِ وَحَرَمِ رَسولِهِ وَمُجاوَرَةِ قَبْرِهِ وَمَسْجِدِهِ وَمَوْضِعِ مُهاجَرَتِهِ، وَتَرَكوهُ خائِفاً مَرْعوباً لا يَسْتَقِرُّ في قَرارٍ وَلا يَأْوى اِلى وَطَنٍ يُريدونُ بِذلِكَ قَتْلَهُ وَسَفْكَ دَمِهِ

(*"Эй писари Аббос! Назари ту чист дар бораи қавме, ки духтарзодаи Расули Худоро аз ватан ва кошона ва қароргоҳ ва зодгоҳаш ва аз ҳарам ва муҷовирати қабр ва масҷид ва мавзеъи ҳичрати паёмбараш ронда ва маъъубу тарсон раҳояш сохтаанд, ки на ҷойе дорад ва на ба ватане паноҳ мебарад ва бо ин кор мехоҳанд ӯро бикушанд ва хунашро бирезанд."*)

11) Дар сафҳаи 79 аз "*Таърихи Яъқубӣ*" нақл мекунад, ки Ибни Аббос дар ҷавоби номаи ташаккуромези Язид аз байъат накардан бо Ибни Зубайр навишт:

وَما أَنْسَ مِنَ الْأَشْياءِ فَلَسْتُ بِناسٍ اِطْرادَكَ الْحُسَيْنَ بْنَ عَلِيٍّ مِنْ حَرَمِ رَسولِ اللهِ اِلى حَرَمِ اللهِ وَدَسَّكَ اِلَيْهِ الرِّجالَ تَغتالهُ فَأَشْخَصْتَهُ مِنْ حَرَمِ اللهِ اِلَى الْكُوفَةِ

(*"Ва ҳар чиро фаромӯш кунам, ҳаргиз фаромӯш намекунам, ки ту Ҳусайн ибни Алиро аз ҳарами Расулуллоҳ ба сӯйи ҳарами Худо берун рондӣ ва мардонеро барангехтӣ, то ӯро терур кунанд ва ӯро ба ҳаракат аз ҳарами Худо ба тарафи Кӯфа ночор сохтӣ."*)

Ин қисмат муайиди нақли маъруфи Турайҳӣ аст, ки 30 нафар маъмур буданд, ки Имомро терур кунанд; ва муайиди ин аст, ки Имом бо адами эътимод ба мардуми Кӯфа чорае надошт аз ин ки ба тарафи Кӯфа биравад ва ба гуфтаи онҳо тартиби асар бидиҳад.

Ҳамчунин аз "*Иршод*"-и Муфид (сафҳаи 199) нақл мекунад, ки Имом дар ҷавоби Фараздақи шоир мегӯяд:

لَوْ لَمْ أَعْجَلْ لأَخذْتُ

(*"Агар шитоб накунам, дастгир мешавам."*)

Шайх Муфид гуфтааст:

وَلَمْ يَتَمَكَّنْ مِنْ تَمامِ الْحَجِّ مَخافَةَ أَنْ يُقْبَضَ عَلَيْهِ بِمَكَّةَ فَيُنْفَذَ بِهِ اِلى يَزيدَ بْنِ مُعاوِيَةَ

Айзан[57] ба нақли “*Мақтали Хоразмӣ*” (*ҷилди 1, с.226*) Имом дар ҷавоби Абӯҳирраи Аздӣ фармуд:

إِنَّ بَني أُمَيَّةَ قَدْ أَخَذوا مالي فَصَبَرْتُ، وَشَتَموا عِرْضي فَصَبَرْتُ، وَطَلَبوا دَمي فَهَرَبْتُ

Оқои Солеҳӣ мегӯяд, инҳо марбут аст ба ин ки Имом қасди Кӯфа барои ташкили ҳукумат дошт. Вале ба назар мерасад марбут аст ба имтиноъи шадид аз байъат ва адами амният дар Макка.

12) Имом мехост зимомро ба даст гирад.

Дар номае, ки тавассути Муслим фиристод навишт:

وَلَعَمْري مَا الْإِمامُ اِلاَّ الْعامِلُ بِالْكِتابِ وَالْقائِمُ بِالْقِسْطِ وَالدّائِنُ بِدينِ الْحَقِّ

Дар хитобае, ки дар муқобили Ҳурр ва асҳобаш эрод кард фармуд:

وَنَحْنُ أَهْلُ الْبَيْتِ أَوْلى بِوِلايَةِ هذَا الْأَمْرِ مِنْ هؤُلاءِ الْمُدَّعينَ ما لَيْسَ لَهُمْ وَالسّائِرينَ فيكُمْ بِالْجَوْرِ وَالْعُدْوانِ

(*“Ва мо аҳли байт ба сарпарастии ин ҳукумат шоистатарем аз ин муддаиёни дурӯғин ва касоне, ки дар миёни шумо ба ҷавру душманӣ рафтор мекунанд.”*)

Зуҳайр ибни Қин низ дар хитобаи рӯзи Ошӯро сухан аз ношоистагии умавиён ва шоистагии Ҳусайн алайҳис салом дар миён меоварад.

13) Ба ақидаи оқои Солеҳӣ, пас аз бархӯрд бо Ҳурр, Имом вазифааш иваз шуд. Дар ин марҳила тамоми кӯшиши Имом ҳифзи ҷони худаш ва барқарории сулҳ буд ва аз ин рӯ ба онҳо фармуд:

وَإِنْ لَمْ تَفْعَلُوا وَكُنْتُمْ لِمَقْدَمي كارِهينَ وَلِقُدومي عَلَيْكُمْ باغِضينَ انْصَرَفْتُ مِنْكُمْ اِلىَ الْمَكانِ الَّذي جِئْتُ مِنْهُ اِلَيْكُمْ

(*“Ва агар ин корро накардед ва омадани маро хуш надоред ва аз вуруди ман бар шумо хашмгинед, ба ҳамон ҷойе, ки аз онҷо ба сӯятон ҳаракат намудаам, бозмегардам.”*)

Дар инҷо чанд суол аст. Аввал ин ки фарз ин аст, ки Имом дар Макка низ мисли Кӯфа амнияти ҷонӣ надошт. Сониян, оё агар Имом байъат мекард, ҳарчанд ба василаи Ҳурр бо Ибни Зиёд, боз ҳам мутаарризи Имом мешуданд ё озодаш мегузоштанд ва ё ҳадди аксар ӯро назди Язид мебурданд? Чаро Имом, ки ба қавли Солеҳӣ тарафдори сулҳ буд, ба хотири сулҳ, дар ин шароити сахт байъат накард?

[57] *Дар “Сармояи сухан” мегӯяд: “Умар ибни Саъид бо лашкаре маъмур ин кор (яъне куштани Имом) шуда буд.”*

Айни ин матлаб дар бораи ҷавоби Имом ба Умар ибни Саъд низ ҳаст, ки Табарӣ ва “Иршод”-и Муфид ва *“Ал-ахбор ут-тивол”* нақл кардаанд, ки фармуд:

فَأَمّا إِذْ كَرِهْتُموني فَأَنَا أَنْصَرِفُ عَنْكُمْ

(*“Ва аммо агар маро намехоҳед, бозмегардам.”*)

Ҳамчунин ҷумлаи Имом дар хутбаи Ошӯро:

أَيُّهَا النّاسُ إِذْ كَرِهْتُموني فَدَعوني أَنْصَرِفُ اِلى مَأْمَني مِنَ الْأَرْضِ

(*“Эй мардум! Ҳол, ки маро намехоҳед, раҳоям кунед, то ба паноҳгоҳи худам дар замин бозгардам.”*) Мухотаби Имом дар ин ҷумлаҳо зоҳиран фақат мардуми Кӯфаанд, на ҳукумати Язид.

Дар сафҳаи 88 аз “*Захоир ул-уқбо*” (с.149) ва Таърихи Ибни Асокир (ҷилди 4, сафҳаи 334) ва *“Сияру аъломин-нубало”* (сафҳа 209) нақл мекунад, ки Имом ба онҳо фармуд:

أَلا تَقْبَلونَ مِنّي ما كانَ رَسولُ اللهِ يَقْبَلُ مِنَ المُشْرِكينَ؟ كانَ إِذا جَنَحَ أَحَدُهُمْ لِلسَّلْمِ قَبِلَ مِنْهُ. قالُوا: لا

(*“Оё аз ман намепазиред он чиро, ки Расули Худо аз мушрикон мепазируфт, ки ҳар гоҳ яке аз онон таслим мешуд, ҳазрат мепазируфт. Гуфтанд: на.”*)

Ин ҷумла бисёр мустабъад аст хусусан бо таваҷҷӯҳ ба ин ки муфоди:

إِنْ جَنَحُوا لِلسَّلْمِ

— маълум нест сулҳ бошад, балки зоҳиран мақсуд таслим аст ва аз гуфтаҳои Имом бармеояд, ки ҳеч гоҳ ҳозир ба таслим нашудааст.

14) Дар сафҳаи 93 қавли Табариро қабул мекунад, ки воқеан Имом се пешниҳод кард:

а) Бозгашт ба Ҳиҷоз (бо он ки Ҳиҷоз маъман набуд:

لَوْ تُرِكَ الْقَطا لَنامَ

(*“Агар қато (номи парандае аст)-ро ба ҳоли худ ниҳанд, мехобад.”*)

б) Кӯч кардан ба яке аз сарҳадот.

в) Мулоқот бо Язид.

15) Оқои Солеҳӣ бо иттико ба он чи аз Сайид Муртазо дар *“Танзеҳ ул-анбиё”* ва Шайх Тӯсӣ дар *“Талхис уш-шофӣ”* нақл мекунад, муддаӣ аст, ки:

а) Имом пас аз иттилоъ аз ҷараёни Кӯфа ва шикасти нерӯҳои Ироқ ва адами имкони муроҷеат ба Ҳиҷоз, моил буд бо Язид мулоқот кунад.

б) Умеди ин ки мулоқот бо Язид корро бо мусолимат ҳал кунад, вуҷуд дошт. Вале оқои Солеҳӣ тавзеҳ намедиҳад, ки бо байъат ё бидуни байъат. Шиққи аввалро Имом қабул намекард ва шиққи дуввумро Язид.

в) Язид нисбат ба Имом аз Ибни Зиёд мулойимтар буд ва дар ҳақиқат моил ба куштани Имом набуд ва амр ба қатли Имом накарда буд.

г) Имом яқин дошт, ки агар таслими Ибни Зиёд бишавад, залилона кушта мешавад.

Натиҷаи ҳама инҳо ин аст, ки Имом ҳеч гуна роҳи фироре надошт; қабл аз шунидани ҷараёни Кӯфа, умеди пирӯзӣ дошт, ин умед зиёд ҳам буд, баъд аз ин ҷараён ҳозир шуд ба Ҳиҷоз биравад, нагузоштанд, ҳозир шуд назди Язид биравад, нагузоштанд, бинобар ин роҳе ҷуз кушта шудан надошт, амр доир буд, ки залилона ба дасти Ибни Зиёд кушта шавад ё ғайризалилона, ӯ роҳи ғайризалилонаро ихтиёр кард, вале Муслим гӯли амони Ибни Зиёдро хӯрд ва залилона кушта шуд. Бинобар ин ҳеч шаън ва мақом ва ҳамосае барои Имом боқӣ наменомонад.

Оқои Солеҳӣ менависад, агар ба Имом иҷоза медоданд, ки ба Шом биравад, мерафт ва байъат ҳам мекард ва ин байъат зараре надошт. Имом вақте байъат накард, ки хаёл мекард, метавонад хилофатро аз Язид бигирад, аммо вақте, ки дид наметавонад, ҳозир буд байъат ҳам бикунад. Ва муддаӣ аст, ки Имом Саҷҷод баъдҳо бо Язид ба василаи Муслим ибни Ақаба байъат кард…

16) Номаи акобири аҳли Кӯфа ба Имом Ҳусайн ба ин мазмун аст:

أمّا بَعْدُ فَالْحَمْدُ للهِ الَّذي قَصَمَ عَدُوَّكَ الْجَبّارَ الْعَنيدَ الَّذِي انْتَزى عَلى هذِهِ الْأُمَّةِ فَابْتَزَّها أمْرَها، وَغَصَبَها فَيْئَها، وَتَأَمَّرَ عَلَيْها بِغَيْرِ رِضًى مِنْها، ثُمَّ قَتَلَ خِيارَها، وَاسْتَبْقى شِرارَها، وَجَعَلَ مالَ اللهِ دُولَةً بَيْنَ جَبابِرَتِها وَأَغْنِيائِها، فَبُعْداً لَهُ كَما بَعِدَتْ ثَمودُ؛ إِنَّهُ لَيْسَ عَلَيْنا إمامٌ فَأَقْبِلْ لَعَلَّ اللهَ يَجْمَعُنا بِكَ عَلَى الْحَقِّ

Ин номаро Табарӣ, *“Ал-имома вас-сиёса”*, “Комил”-и Ибни Асир, “Иршод”-и муфид, “Мақтали Хоразмӣ” ва ғайра нақл кардаанд.

Мазмуни ҳамин нома, ки муҳаррик ва ангезаи риҷоле аз қабили Сулаймон ибни Сурад ва Ҳабиб ибни Музаҳҳар ва ғайра буд, метавонад омили муҳаррики Имом Ҳусайн алайҳис салом ба шумор равад ва чунин будааст. Хитобаи Имом дар муқобили асҳоби худ ва асҳоби Ҳурр дар Зуҳусам муайиди ҳамин маънӣ аст.

17) Оқои Солеҳӣ аз “*Ал-ахбор ут-тивол*” (с.210) ва “Иршод”-и Муфид (с.182) нақл мекунад, ки аввалин номаи аҳли Кӯфа дар даҳуми Рамазон ба Имом расид, яъне тақрибан пас аз ҳудуди як моҳ аз вуруди Имом ба Макка.

18) Оқои Солеҳӣ менависад, Муслим дар 15 Рамазон озими Кӯфа шуд ва панҷуми Шаввол вориди Кӯфа шуд (“*Муруҷуз-заҳаб*”, ҷилди 2, с.86), як моҳ ва ҳафт рӯз баррасӣ кард ва дар 12 Зилқаъда ба Имом гузориш кард. (“*Иршод*”-и Муфид, с.201).

Ва алалқоида номаи Муслим пас аз ҳудуди 14 рӯз, яъне 27 Зилқаъда ба Имом расидааст. Оё Имом дар ҳаштуми Зилҳиҷҷа ҳаракат кардааст?

19) Дар с.161 номае ба нақли “Тазкира”-и Сибт ва “Таърих”- Ибни Асокир аз Язид ба Ибни Аббос нақл мекунад, ки маълум мешавад, Язид аз равобити Макка ва Кӯфа комилан огоҳ буда ва зимнан насиҳат ва пешбинӣ кардааст.

20) Оқои Солеҳӣ дар сафҳаи 176 мегӯяд, аз ҷумлаи Имом:

فَهَلاّ لَكُمُ الْوَيْلاتُ تَرَكْتُمونا وَالسَّيْفُ مَشيمٌ، وَالْجَأْشُ طامِنٌ، وَالرَّأْيُ لَما يُسْتَحْصَفُ

(*“Вой бар шумо! Чаро он гоҳ, ки шамшерҳо дар ниём ва дилҳо ором буд ва ҳанӯз азми ҷиддӣ гирифта нашуда буд, моро раҳо накардед?”*) фаҳмида мешавад, ки Имом бо итминон ба ёрии кӯфиён омадааст ва агар қаблан адами омодагии худро эълом мекарданд, Имом чунин тасмиме намегирифт ва ба Кӯфа намеомад.

Пас аввалан, Имом ба қасди Карбало ва ба қасди кушта шудан наомад.

Сониян, Имом мутмаин шуда буд ба ёрии кӯфиён.

Солисан, агар ин итминон пайдо нашуда буд, ҳаргиз ба Кӯфа намеомад, кори дигаре мекард, масалан байъат мекард ва таслим мешуд. (Вале ин истинтоҷҳо ғалат аст. Омадани Имом ба Кӯфа аз боби ақалли хатарайн ё хатарҳо буд. Ин ҷумлаҳо аз назари таклифи худи мардуми Кӯфа аст, на аз назари тасмими Имом.)

21) Оқои Солеҳӣ менависад, маншаи ин тасаввур, ки Имом аз аввал ба қасди Карбало ва барои кушта шудан берун омадааст, панҷ чиз аст:

а) Сари қабри Пайғамбари Акрам хоб дид.

б) Ҳадиси:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً

в) Хутбаи:

خُطَّ الْمَوتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ

г) Хутбае, ки дар он ин ҷумла аст:

لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً

д) Ҳадиси мансуб ба Умми Салама ва достони хок ва шиша.

Аммо достони хобро Хоразмӣ аз Ибни Аъсами Куфӣ нақл кардааст, ки қобили эътимод нест ва дигарон мисли “Амолӣ”-и Садуқ (ба нақл “Биҳор”, ҷилди 10), ки аз Муҳаммад ибни Умари Бағдодӣ нақл карда, таҳти таъсири Ибни Аъсами Куфӣ будаанд.[58] Ва

[58] *Илова бар нақли Ибни Аъсами Куфӣ ва Садуқ, Ибни Асир низ дар ҷилди 3 сафҳаи 277 мегӯяд, Имом дар ҷавоб … фармуд: хобе дидаам, ки онро нақл нахоҳам кард. Ва чунонки медонем, ривоятҳои Имомон онро нақл кардаанд. Дар “Мақтали Абимихнаф” низ мегӯяд:*

ҳамчунин *“Равзатус-сафо”*, “*Равзатуш-шуҳадо*”, “*Таслият ул-маҷолис*”-и Муҳаммад ибни Абӯтолиби Ҳусайнӣ, “*Нафасул-маҳмум*”, “*Носихут-таворих*”, ҳама биловосита ё маъалвосита ба Ибни Аъсам эътимод кардаанд.

22) Оқои Солеҳӣ муддаӣ аст, ки хутбаи:

خُطَّ الْمَوتُ ... فَمَنْ كانَ باذِلاً فينا مُهْجَتَهُ

— ро ба ин тартиб ва бо зикри ин ки ҳангоми ҳаракат аз Макка иншо шудааст, фақат “*Луҳуф*” нақл кардааст. Дар “*Мақтали Хоразмӣ*” бо ихтилофе дар алфоз омадааст, вале навиштааст, ки ин хутбаро Имом дар рӯзи Ошӯро иншо фармуд ва ҷумлаи:

فَمَنْ كانَ باذِلاً فينا مُهْجَتَهُ

— аслан дар онҷо нест. Ба илова, он чи Хоразмӣ оварда ин аст:

وذكر عمّار في حديثه: إنَّ الحسين عليه السلام لمّا خرج من المدينة أتى قبر الرّسول صلى الله عليه وآله فالتزمه وبكى بُكاءً شديداً وسلّم عليه وقال: بأبي أنت وأمي يا رسول الله لقد خرجت من جوارك كرهاً، وفرّق بيني وبينك، وأُخذت بالأنف قهراً أن أُبايع يزيد بن معاوية شارب الخمور وراكب الفجور وإن فعلت كفرت وإن أبيت قتلت علينا أنا خارج من جوارك على الكره منّي فعليك منّي السلام يا رسول الله. ثمّ عنّ عليه الكرى ساعة فأجزعته أنه رأى رسول الله صلى الله عليه وآله في منامه وقد وقف به وسلّم عليه وقال: يا بنيَّ لقد لحق بي أبوك وأمّك وأخوك وهم مجتمعون في دار الحيوان ولكنّا مشتاقون إليك فعجّل بالقدوم علينا، واعلم يا بنيَّ أنَّ لك في الجنّة درجة مغشاة بنور الله فلست تنالها إلاّ بالشّهادة، وما أقرب قدومك علينا

(“Ва Аммор дар ҳадиси худ гуфта: чун Ҳусайн алайҳис салом хост аз Мадина берун шавад, назди қабри Паёмбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ омад ва онро дар оғӯш гирифт ва сахт гирист ва бар вай салом дод ва гуфт: падарам ва модарам фидоят бодо эй Расули Худо! Ман аз ҷивори ту бидуни ризояти қалб хориҷ шудам ва миёни ману ту ҷудоӣ афтод ва барои байъат бо Язиди шорибулхамр ва фоҷир маҷбурам кардаанд. Агар байъат кунам, кофир шавам ва агар имтиноъ варзам, кушта мешавам ва инак бо икроҳ аз ҷивори ту хориҷ мешавам. Пас, саломи ман бар ту бодо эй Расули Худо! Сипас хоб бар чашмонаш муставлӣ шуд ва руъёе дид, ки ба ваҳшат афтод ва он ин буд, ки Паёмбарро дар хоб дид, ки назди ӯ омада ва бар вай салом намуда ва фармуд: писарам! Падару модар ва бародарат ба ман мулҳақ шудаанд ва ҳамагӣ дар саройи зиндагӣ даври ҳам ҷамъанд ва ҳама муштоқи дидори туем, пас ба назди мо биштоб! Писарҷонам! Бидон, ки туро дар биҳишт дараҷае аст, ки ба нури Худо пӯшидааст ва ҷуз бо шаҳодат ба он нарасӣ ва чӣ қадр вуруди ту бар мо наздик шудааст!”)

Марҳум Оятӣ дар сафҳаи 97-и “Баррасии таърихи Ошӯро” низ муддаӣ аст, ки Имом дар ҷавоби Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар, ки ба иттифоқи ҳокими Макка омада буд низ фармуд: ҷаддамро ба хоб дидаам. Гуфтанд чӣ хобе? Фармуд: то зиндаам, барои касе нақл нахоҳам кард.

أَيُّهَا النّاسُ خُطَّ الْمَوْتُ عَلى بَني آدَمَ كَمَخَطِّ الْقَلادَةِ عَلى جيدِ الْفَتاةِ. وَما أَوْلَهَني اِلى أَسْلافِي اشْتياقَ يَعْقوبَ اِلى يوسُفَ، وَإِنَّ لي مَصْرَعاً أَنَا لاقيهِ. كَأَنّي أَنْظُرُ اِلى أَوْصالي تَقَطَّعُها وُحوشُ الْفَلَواتِ غُبْراً وَعَفْراً قَدْ مَلَأَتْ مِنّي أَكْراشَها، رِضَى اللهِ رِضانا أَهْلَ الْبَيْتِ، نَصْبِرُ عَلى بَلائِهِ لِيُوَفِّينا أُجورَ الصّابرينَ، لَنْ تَشُذَّ عَنْ رَسولِ اللهِ لُحْمَتُهُ وَعِتْرَتُهُ وَلَنْ تُفارِقَهُ أَعْضاؤُهُ وَهِيَ مَجْموعَةٌ لَهُ في حَظيرَةِ الْقُدْسِ تَقَرُّ بِها عَيْنُهُ وَتُنْجَزُ فيهِمْ عِدَتُهُ

(*“Эй мардум! Марг чунон гарданбанде ба гардани дӯшизагон, бар одамизод муқаррар шудааст. Ваҳ! Чӣ иштиёқе ба дидори падаронам дорам ба монанди иштиёқи Яъқуб ба дидори Юсуф ва маро қатлгоҳе аст, ки бояд дидораш кунам. Гӯё ба бандҳои ғуборолуди баданам менигарам, ки дарандагони биёбон қитъа-қитъа мекунанд ва шикамҳои худро аз он пур месозанд. Хости мо аҳли байт, хости Худост, бар балои ӯ сабр мекунем, то подоши собиронро комилан ба мо диҳад. Ҳаргиз хешон ва итрати Паёмбар аз ӯ фосила нагиранд ва аъзои ӯ аз вай ҷудо нашаванд ва ҳамаи онҳо дар биҳишт гирди ӯ ҷамъанд, ки чашми ҳазрататаш ба онон равшан аст ва ваъдааш дар бораи онон амалӣ хоҳад шуд.*”)

23) “*Исбот ул-васия*”-и Масъудӣ (с.139) ривояти маъруфи Умми Салама ва қорура ва ироа додани Абӯабдуллоҳ саҳнаи Карбалоро ба Умми Салама нақл мекунад. Оқои Солеҳӣ ин ҷараёнро бо ҷараёни оддии зиндагии Имом мунофӣ медонад ва ин ривоятро рад мекунад.

24) Оқои Солеҳӣ дар сафҳаи 196 китоби худ пас аз инкори ривояти *“Исбот ул-васия”,* ривоятҳои зиёдеро, ки ҳикоят мекунад Расули Худо миқдоре аз турбат ба Умми Салама дод, ки онро ба унвони аломати шаҳодати Имом Ҳусайн нигаҳдорӣ кунад, нақл ва қабул мекунад.

25) Яке аз суолоти муҳим ин аст, ки чаро Имом пас аз вусули хабари шаҳодати Муслим дар Кӯфа ва тасаллути Ибни Зиёд, боз ҳам ҳаракат ба Кӯфаро идома дод? Махсусан пас аз истимоъи хабари шаҳодати Муслим ин оятро хонд:

مِنَ الْمُؤْمِنِينَ رِجَالٌ صَدَقُوا مَا عَاهَدُوا اللَّهَ عَلَيْهِ فَمِنْهُمْ مَنْ قَضَى نَحْبَهُ وَمِنْهُمْ مَنْ يَنْتَظِرُ وَمَا بَدَّلُوا تَبْدِيلًا

(*“Дар миёни мӯъминон мардоне ҳастанд, ки бар сари аҳде, ки бо Худо бастанд, содиқона истодаанд, баъзе паймони худро ба охир бурданд (ва дар роҳи ӯ шарбати шаҳодат нӯшиданд) ва баъзе дигар дар интизоранд ва ҳаргиз тағйиру табдиле дар аҳду паймони худ надодаанд.” (Аҳзоб/23)*)

26) Яке дигар ин аст, ки агар ба қавли оқои Солеҳӣ, Имом ҳатталимкон аз рехтани хун парҳез дошт ва иллати таслим нашудан ин буд, ки ба ҳар ҳол ба дасти писари Зиёд кушта мешуд, чаро аз кушта шудани ёрон ва фарзандони худ ҷилавгирӣ накард? Барои Аббос

ибни Алӣ ва бародарони ӯ амон омад, дигарон низ ба насси худи Имом, касе ба онҳо кор надошт, чаро Имом ҳозир шуд, ки онҳо ҳам кушта шаванд? Ба илова, агар Имом таслими Ибни Зиёд мешуд, садҳо нафар аз мардуми Кӯфа, ки дар лашкари Ибни Зиёд буданд, кушта намешуданд. Он ҳам навъе хунрезӣ буд.

27) Имом пас аз он ки пайки махсус аз Кӯфа мерасад (аз тарафи Муҳаммади Ашъас ва ба васияти Муслим), дар миёни мардум хутба мехонад ва иддаеро, ки ба тамаъ омадаанд ва васати роҳ мулҳақ шудаанд, бармегардонад, вале худ ҳамчунон ба тарафи Кӯфа меравад. Чаро?

28) Оқои Солеҳӣ бархӯрд бо Ҳуррро аз он ҷиҳат марҳилаи тозае мехонад, ки Ҳурр маъмурият дорад Имомро дастбаста таслими Ибни Зиёд кунад ва бо ин тарзи вуруд ба Кӯфа эҳтимоли ҳеч гуна мусоидате аз ноҳияи мардум вуҷуд надорад.

29) Оқои Солеҳӣ аз "*Ал-ахбор ут-тивол*" (с.227) нақл мекунад, ки пас аз он ки номаи маъруфи Ибни Зиёд — ки роҳро мунҳасир карда буд ба таслим ё шаҳодат — ба Умари Саъд, ба Имом иблоғ шуд, фармуд:

فَهَلْ هُوَ اِلاَّ الْمَوْتُ؟ فَمَرْحَباً بِهِ

("*Магар ҷуз марг чизи дигаре аст? Дуруд бар марг!*")

30) Оқои Солеҳӣ менависад (тақрибан), дар охири рӯзи панҷуми Муҳаррам фармони Ибни Зиёд расид, ки Ҳусайн бояд байъат кунад, то баъд дар бораи ӯ тасмим бигирем ва тақрибан дар охири рӯзи шашум ҷавоби Имом, ки ҳаргиз таслим намешавам, ба ӯ иблоғ шудааст ва дар охири рӯзи ҳафтум дастур расидааст, ки обро бар Ҳусайн ва асҳобаш бибанд.

31) Оё наметавон гуфт, ки пешниҳоди Имом ба ин ки аз Кӯфа муроҷеат кунад, пас аз он ки худ ба пойи худ омадааст, барои ин буда, ки инқилобро шадидтар кунад ва доман бизанад? Ҳамон тавр, ки Шимр он гоҳ, ки Ибни Зиёд мехост пешниҳоди Умари Саъдро бипазирад, гуфт, агар Ҳусайн аз чанголи ту халос шавад, ӯ қавитар ва ту заъифтар хоҳӣ буд.

32) Яке дигар аз матолиб ва суолот ин аст, ки Имом чаро ба мардуми Басра нома навишт ва онҳоро даъват кард? Оё ин даъват ҷуз даъват ба қиём алайҳи ҳукумат буд? Оё ҷуз навъе даъват ба шӯриш ва инқилоб буд? Болотар ин ки чаро шаби Ошӯро Ҳабиб ибни Музаҳҳарро ба миёни Банӣ Асад барои даъвати онҳо фиристод? Чаро бародарон ва фарзандон ва ёрони хосси худро дар шаби Ошӯро илзом ба рафтан накард, ки хуне нарезад?

33) Аҷиб аст, ки оқои Солеҳӣ, ки дар тамоми китобаш кӯшиш дорад, ки ибтидоӣ будани қиёми ҳусайниро нафӣ кунад, дар сафҳаи 299-и бахши чаҳорум пас аз он ки авзоъи ҳукумати Язидро аз таҳлили ҳаромҳо ва таҳрими ҳалолҳо ва зулмҳо ва истисморҳо ва ғайра баён мекунад ва онҳоро бо маводди хутбаи Имом дар "Байза" татбиқ мекунад, мегӯяд:

"*Агар дар ин шароит аз ҳеч ҳулқуме нидое барнамехост ва агар ба фарзи маҳол Имом Ҳусайн таслими бе қайду шарти Язид мешуд, дар ин сурат, кишварҳои дигар исломро дар қолаби Язид ибни Муовия мешинохтанд, зеро раиси кишвари исломӣ агар ҳеч мухолифе (ва мӯътаризе) надошта бошад, дар назари дунёи хориҷ, намояндаи руҳи ислом аст; он гоҳ бегонагон мегуфтанд, кишвари ислом яъне кишвари зулму бедодгарӣ… Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом, ки уфуқи дидаш аз мардуми оддӣ хеле васеътар аст, чун исломро аз назари мавқеияти хориҷӣ ва ҷаҳонӣ дар чунин вазъе мебинад, вақте, ки ба вай мегӯянд, бо Язид байъат кун, мегӯяд:*

وَعَلَى الْاِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِرَاعٍ مِثْلِ يَزِيدَ

("Мақтали Хоразмӣ", ҷ.1, с.184)"

Ин матлаб худ мерасонад, ки гоҳе як эътироз ва изҳори вуҷуд он қадр арзиш дорад, ки садҳо нафар ба хотираш кушта шаванд. Пас чаро худи оқои Солеҳӣ ин қадр аз ин ки Имом Ҳусайн мӯътариз бошад, имтиноъ дорад?

Он гоҳ мегӯяд:

"*Аз ин рӯ Ҳусайн ибни Алӣ тасмим мегирад муқовамат кунад… то дунёи хориҷ бидонад исломро аз даричаи афкори Ҳусайн ибни Алӣ ва дар қолаби фарзанди Пайғамбар бояд шинохт, на дар қолаби Язид… то дунёи хориҷ бидонад, ислом Ҳусайн фарзанди барӯмандеро тарбият кардааст, ки дар роҳи дифоъ аз инсоният ва адолат ва дар роҳи озодӣ ва ҳуррият ва тақво ва фазилат ошиқона ҷонбозӣ мекунад. Бинобар ин, дифоъ аз мавқеияти ҷаҳонӣ ва байналмилалии исломро бояд ҷузъе аз ҳадафи васеъ ва ҳамаҷонибаи фарзанди Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ донист.*"

34) Оқои Солеҳӣ мегӯяд, баъзе мисли Мортин (Monsieur Martin)-и олмонӣ дар *"Ассиёсатул-ҳусайния"* мӯътақиданд, ки Имом Ҳусайн амдан хост, саҳнаи мазлумият бисозад ва муқаддамоти шаҳодати ҳар чи фаҷеътари худро фароҳам кунад, то беҳтару бештар эҳсосоти мардумро ба нафъи Банӣ Ҳошим ва алайҳи умавиҳо барангезад. Мортин гуфтааст:

"*Чандин соли мутаволӣ Ҳусайн алайҳис салом тадоруки кушта шудани худро дид ва мақсаде бисёр олӣ мадди назар дошт.*" (с.33) Айзан гуфтааст:

“*Ҳусайн ибни Алӣ чун қасде ҷуз кушта шудан, ки муқаддимаи он хаёлоти олӣ (revolution)-и муқаддас буд мадди назар надошт, бузургтарин василаро бекасӣ ва мазлумият доништа ва ихтиёр кард, то масоиби вай дар қулуб муассир воқеъ гардад*.” (с.25) Гуфтааст:

“*Ҳусайн алайҳис салом дар ифшои зулму ситами Банӣ Умайя ва ибрози хаёлоташон дар адовати Банӣ Ҳошим ва авлоди Муҳаммад Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ дақиқае фурӯгузор нанамуд.*” (с.26)

Дар бораи тифли ширхор гуфтааст: “*Бо он ҳама масоиби ҷонкоҳ ва афкори мутарокима ва аташ ва касрати ҷароҳот, боз ҳам аз мақсади олии худ (таҳрики эҳсосот) сарфи назар нанамуд ва бо ин ки медонист бар фарзанди сағираш Банӣ Умайя раҳм нахоҳад кард, маҳзи бузург сохтани масоиб, худи ӯро бар сари даст гирифта ба зоҳир илтиҷои об барояш кард ва бо тир ҷавоб шунид.*”

35) Оқои Солеҳӣ дар бахши охири китоби худ (с.309) муғолата мекунад ва мегӯяд:

“*Мо маънии саҳеҳ ва қобили қабуле барои ин таъбир: “Бо куштани Имом Ҳусайн ислом зинда шуд” тасаввур намекунем, чӣ зинда шудани ислом ба маънии амал кардан ба аҳкоми ислом бошад ва чӣ ба маънии футуҳоти исломӣ бошад ва чӣ ба маънии заъфи ҳукумати Банӣ Умайя бошад ва чӣ ба маънии муташаккил шудани шиъа бошад ва чӣ ба маънии расво шудани Банӣ Умайя бошад. Чӣ гуна мумкин аст бо куштани раиси ислом ва ҳофизи Қуръон, ислом зинда бишавад?!*”

36) Оқои Солеҳӣ менависад: “*Убайдуллоҳ аз Умари Саъд фармонро мутолаба кард ва Умар намедод ва масъулиятро ба гардани Убайдуллоҳ меандохт.*“

Усмон ибни Зиёд гуфт: “*Дӯст доштам ҳамаи фарзандони Зиёд то қиёмат залил бошанд ва Ҳусайн ибни Алӣ кушта нашавад.” (Табарӣ, ҷилди 4, с.375*)

Марҷона модари Ибни Зиёд гуфт:

يا خَبيثُ! قَتَلْتَ ابْنَ رَسولِ اللهِ، وَاللهِ لا تَرَى الْجَنَّةَ أَبَداً

(*“Эй палид! Писари Расули Худоро куштӣ?! Ба Худо савганд, ҳаргиз рӯйи биҳиштро нахоҳӣ дид.*”) (*Тазкира, Сибт, с.259*)

Яҳё ибни Ҳакам (бародари Марвони Ҳакам) гуфт: “*Байни шумо ва пайғамбари Худо дар рӯзи қиёмат ҷудоӣ афтод. Ман дигар дар ҳеч коре бо шумо ширкат намекунам.” (Табарӣ, ҷилди 4, с.356*)

Яҳё ибни Ҳакам вақте, ки сари Имомро муқобили Язид дид, аз рӯйи нороҳатӣ ва таассуф гуфт: “*Сумайя бояд фарзандонаш ба адади регҳои биёбон бошад, вале фарзандони духтари пайғамбар бояд кушта ва нобуд гарданд?!” (Табарӣ, ҷилди 4, с.352*)

Ҳинд, зани Язид вақте, ки аз моҷаро огоҳ шуд, худро дар либоси махсус мастур кард ва аз андаруни хона ба маҷлиси мардон омад ва гуфт: оё ин сари Ҳусайн фарзанди Фотима аст? Язид гуфт: оре, сари Ҳусайн фарзанди Фотима аст. Ту барои ӯ гиря ва азодорӣ кун. Худо бикушад Ибни Зиёдро, ки дар куштани ӯ таъҷил кард. (*Табарӣ, ҷилди 4, с.356*)

Ба назари ман, аз инҳо болотар ин ки Муовия писари Язид худро аз хилофат халъ кард ва бар Язид ва бар Муовия лаънат фиристод ва ҳақро ба ҷониби Ҳусайн алайҳис салом ва Алӣ алайҳис салом дод. Бинобар ин, бузургтарин асари ҳодисаи Карбало ин буд, ки пардаи нифоқро дарид ва ҳисоби салтанат амалан аз ҳисоби дин ҷудо шуд; ва агар ҳодисаи Карбало набуд, умавиҳо ба номи дин бар мардум ҳукумат мекарданд ва албатта ин часпидани онҳо ба дин, дар назари иддае онҳоро табриа мекард ва дар назари иддаи бештаре, динро мулаввас менамуд.

Ҳадди ақалли асари қиёми ҳусайнӣ ин буд, ки миёни хулафо ва дин барои ҳамеша тафкик шуд.

Яке дигар аз осор ин буд, ки дараҷаи маҳбубияти Имом Ҳусайн фавқулъода боло рафт, воқеан “шаҳиди уммат”, “қаҳрамони фидокорӣ” дар ҷаҳони ислом шинохта шуд, ба сурати нерӯи муқаддас даромад, мисдоқи:

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَيَجْعَلُ لَهُمُ الرَّحْمَنُ وُدًّا

(*“Онон, ки имон оварда ва амали шоиста кардаанд, Худованд дӯстии ононро дар дили дигарон андозад.” (Марям/96)*) шуд. Имом худ дар рӯзи Ошӯро — ба нақли Табарӣ (ҷ.4, с.346) ва “Мақтали Хоразмӣ” (ҷилди 2, с.34) — фармудааст:

وَايْمُ اللهِ إِنِّي لارْجُوا أَنْ يُكْرِمَنِيَ اللهُ بِهَوانِكُمْ

(“*Ва ба Худо савганд, ман умед дорам, ки Худованд маро бо хории шумо гиромӣ дорад.*”)

37) Ба ақидаи оқои Солеҳӣ, он ҷо, ки Имом аз таслим имтиноъ мекунад, таслим ба Ибни Зиёд мурод аст ва ин ғайр аз байъат бо Язид аст. Ба ақидаи эшон, Имом ҳозир буд бо Язид байъат кунад, вале ҳозир набуд таслими билошарти Ибни Зиёд шавад, зеро қатъ дошт, ки ӯро залилона мекушад.

38) Оқои Ғаффорӣ дар муқаддимаи “*Баррасии таърихи Ошӯро*” пас аз тарҳи як силсила суолҳо аз ин қабил, ки оё амали Абӯабдуллоҳ фирор аз байъат буд ё иҷобати даъвати кӯфиён ва ё қиём ва наҳзат ва савра ва инқилоб, худ шиққи севвумро интихоб мекунад ва муддай мешавад муқаддамот ва иллатҳое пайдо шуда буд, ки эҷоб мекард Имом қиём ва иқдом кунад ва далоил ва қароине дар даст аст, ки Имом аз пеш дар фикри наҳзат ва инқилоб будааст.

Аммо ҷараёнҳое дар замони Муовия пеш омада буд:

а) Аз ҳама муҳимтар маврусӣ кардани хилофат буд, ки бузургтарини бидъатҳо ба шумор мерафт ва дар воқеъ ҷомаи амал пӯшидан ба орзуи дерини Абӯсуфён буд, ки:

تَلَقَّفُوها تَلَقُّفَ الْكُرَةِ، أَما وَالَّذي يَحْلِفُ بِهِ أَبو سُفيانَ لا جَنَّةٌ وَلا نارٌ

Дар муқобили чунин бидъате сукут ҷоиз набуд.

б) Вазъи шиъаён бар хилофи қарордоди сулҳи Имом Ҳасан фавқулъода сахт ва ғайри қобили таҳаммул буд. Сиёсати умавӣ бар решакан кардани асоси ташайюъ буд. Муовия дар як бахшнома менависад:

مَنِ اتَّهَمْتُموهُ بِمُوالاةِ هؤُلاءِ الْقَوْمِ فَنَكِّلُوا بِهِ وَاهْدِمُوا دارَهُ

(“*Бар ҳар кас гумон бурдед тарафдори ин қавм аст, сахт гиред ва хонаашро вайрон кунед.*”)

Дар бахшномаи дигаре менависад:

أُنْظُرُوا اِلى مَنْ قامَتْ عَلَيْهِ الْبَيِّنَةُ أَنَّهُ يُحِبُّ عَلِيّاً وَأَهْلَ بَيْتِهِ فَامْحوهُ مِنَ الدِّيوانِ وأَسْقِطُوا عَطاءَهُ وَرِزْقَهُ

(“*Бингаред ҳар кас собит шуд дӯсти Алӣ ва хонадони ӯст, номашро аз дафтар пок кунед ва ҳуқуқ ва ҷираашро бибуред.*”) (*Ибни Абилҳадид, ҷ.3, с.15*)

в) Саббу лаъни Алӣ алайҳис салом ба таври расмӣ дар хутбаҳои намози ҷумъа.

г) Адами қабули шаҳодати шиъаён ва маҳрумияти онҳо аз ҳуқуқи иҷтимоӣ.

е) Қатли акобири шиъаён аз қабили Ҳучр ибни Удай ва Рашиди Ҳиҷрӣ ба ҷурми ташайюъ.

ё) Асари суитаблиғоти умавӣ ва қарор додани Муовия дар саффи саҳобаи кибор ба тавре, ки агар вазъ ба ҳамин минвол пеш мерафт, рӯзе мерасид, ки мардум исломро ҷуз он ки Муовия муаррифӣ карда нашиносанд.

Аммо ҷараёни ин ки Имом Ҳусайн аз пеш дар садади иқдом буд:

Муқаддаматан ин баҳс бояд тарҳ шавад, ки равиши ҳазрати Амир ва ҳазрати Муҷтабо ва ҳазрати Сайидушшуҳадо дар ҳақиқат тобеи як асли куллӣ буд ва он ин ки онҳо дар айни ин ки худро соҳиби хилофат медонистанд, ҳеч гоҳ фақат ба хотири ғасби худи хилофат қиём намекарданд ва аз асле, ки Алӣ алайҳис салом дар мавқеъи хилофати Усмон фармуд, пайравӣ мекарданд:

وَاللهِ لاَسَلِّمَنَّ ما سَلِمَتْ أُمورُ الْمُسْلِمينَ وَلَمْ يَكُنْ فيها جَوْرٌ اِلاّ عَلَيَّ خاصَّةً

“ва Аллоҳи лоаусаллманн мо салимат аумуру алмуслимина ва лам иакун фиҳо ҷаурʼило ъалаии хоссаиан” (27).

Фасли севвум: Ёддошти Имом Ҳусайн ва Исои Масеҳ алайҳис салом

Вилодати Сайидушшуҳадо

1)

قَالَ إِنِّي عَبْدُ اللَّهِ آتَانِيَ الْكِتَابَ وَجَعَلَنِي نَبِيًّا. وَجَعَلَنِي مُبَارَكًا أَيْنَ مَا كُنْتُ وَأَوْصَانِي بِالصَّلَاةِ وَالزَّكَاةِ مَا دُمْتُ حَيًّا. وَبَرًّا بِوَالِدَتِي وَلَمْ يَجْعَلْنِي جَبَّارًا شَقِيًّا. وَالسَّلَامُ عَلَيَّ يَوْمَ وُلِدْتُ وَيَوْمَ أَمُوتُ وَيَوْمَ أُبْعَثُ حَيًّا

(*“Исо фармуд: ман бандаи Худоям, ба ман китоб дода ва паёмбарам сохтааст. Ва маро ҳар ҷо, ки бошам, муборак гардонда ва маро то зиндаам ба намоз ва закот супориш фармудааст. Ва маро некӯкор ба падару модар қарор дода ва ҷаббор ва шақӣ насохтааст. Ва дуруд бар ман рӯзе, ки ба дунё омадам ва рӯзе, ки мемирам ва рӯзе, ки зинда барангехта мешавам!” (Марям/30-33)*)

2) Байни ҳазрати Исо дар уммати Масеҳ ва ҳазрати Имом Ҳусайн дар уммати ислом вақҳи шабоҳатҳое ҳаст, аз он ҷумла аз ҳайси модар, ки Марям Сайидатун-нисо аст ва ҳамчунин ҳазрати Заҳро. Дар бораи ҳазрати Марям Қуръон мефармояд:

وَإِذْ قَالَتِ الْمَلَائِكَةُ يَا مَرْيَمُ إِنَّ اللَّهَ اصْطَفَاكِ وَطَهَّرَكِ وَاصْطَفَاكِ عَلَى نِسَاءِ الْعَالَمِينَ

(“*Ва он гоҳ, ки фариштагон гуфтанд: эй Марям! Худованд туро баргузида ва покиза сохта ва бар тамоми занони ҷаҳон (-и замони худат) бартарӣ додааст.” (Оли Имрон/42)*)

Дар аҳодис низ ворид шуда, ки назири ин хитоб барои ҳазрати Заҳро воқеъ шуда. Шоир мегӯяд:

فَإِنَّ مَرْيَمَ أَحْصَنَتْ فَرْجَها

وَجاءَتْ بِعيسى كَبَدْرِ الدُّجى

فَقَدْ أَحْصَنَتْ فاطِمُ وَجْهَها

وَجاءَتْ بِسِبْطَيْ نَبِيِّ الْهُدى

(*“Марям домани хеш аз олудагӣ нигаҳ дошт ва Исоро, ки моҳи тобони шабҳои тор аст, ба дунё овард. Ва Фотима низ рӯйи худро (аз ғайри Худо) боздошт ва ду наводаи Паёмбари ҳидоятро ба дунё овард.*”)

Марям, Сиддиқаи он уммат аст:

مَا الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ إِلَّا رَسُولٌ قَدْ خَلَتْ مِنْ قَبْلِهِ الرُّسُلُ وَأُمُّهُ صِدِّيقَةٌ كَانَا يَأْكُلَانِ الطَّعَامَ

(*“Масеҳ ибни Марям ҷуз паёмбар нест, ки пеш аз ӯ низ паёмбароне зист кардаанд ва модари ӯ сиддиқа (ростин) аст, ки ҳар ду ғизо мехӯраданд…” (Моида/75)*)

Ҳазрати Заҳро Сиддиқаи Тоҳираи ин уммат аст. Дар бораи ҳар ду “Батулу Азро” гуфта шудааст.

3) Шабоҳати дигар, дар муддати ҳамл аст. Дар ҳадис аст (“*Нафасул-маҳмум*”, с.6 ва “*Биҳор*”, ҷилди 10-ум, боби 11), ки муддати ҳамли Сайидушшуҳадо шаш моҳ тӯл кашид ва ҳеч кас шашмоҳа мутаваллид нашуд, ки дар айни ҳол бимонад магар Ҳусайн ва Исо алайҳимас салом. Дар ҳадис аст, ки ояти:

وَوَصَّيْنَا الْإِنْسَانَ بِوَالِدَيْهِ إِحْسَانًا حَمَلَتْهُ أُمُّهُ كُرْهًا وَوَضَعَتْهُ كُرْهًا وَحَمْلُهُ وَفِصَالُهُ ثَلَاثُونَ شَهْرًا حَتَّى إِذَا بَلَغَ أَشُدَّهُ وَبَلَغَ أَرْبَعِينَ سَنَةً قَالَ رَبِّ أَوْزِعْنِي أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ الَّتِي أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَى وَالِدَيَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَالِحًا تَرْضَاهُ وَأَصْلِحْ لِي فِي ذُرِّيَّتِي إِنِّي تُبْتُ إِلَيْكَ وَإِنِّي مِنَ الْمُسْلِمِينَ

(*“Ба инсон супориш кардем, ба падару модараш некӣ кунад, ки модараш бо заҳмат даврони бордорӣ ва вазъи ҳамли ӯро гузаронд ва даврони бордорӣ ва ширхорагии вай 30 моҳ ба тӯл анҷомид, то ин ки ба ҳадди булуғ ва рушди худ расид ва 40-сола шуд, гуфт: Парвардигори ман! Маро илҳом деҳ, то неъматеро, ки бар ман ва падару модарам арзонӣ доштаӣ сипос гузорам ва амале шоиста кунам, ки мавриди писанди ту бошад ва фарзандони маро солеҳ гардон, ҳамоно ман ба даргоҳат тавба мекунам ва ман аз мусалмонон ҳастам!” (Аҳқоф/15)*) ишора аст ба Сайидушшуҳадо. Исо

وَبَرًّا بِوَالِدَتِي

— буд ва Ҳусайн

وَوَصَّيْنَا الْإِنْسَانَ بِوَالِدَيْهِ إِحْسَانًا

Исо гуфт:

إِنِّي عَبْدُ اللَّهِ

дар бораи Ҳусайн нозил шуд:

إِنِّي مِنَ الْمُسْلِمِينَ

“Амр ибни Саъид ибни Оси Ашдақ, ҳокими Макка, номае навишт ба Сайидушшуҳадо –

وَحَذَّرَهُ مِنَ النِّفَاقِ وَالشِّقَاقِ

(*“Ва ӯро аз нифоқ ва даргирӣ парҳез дод.”*) Ҳазрат дар ҷавоби номааш навишт:

لَمْ يُشاقِقِ اللهَ وَرَسولَهُ مَنْ دَعا اِلَى اللهِ وَعَمِلَ صالِحاً وَقالَ إِنّي مِنَ الْمُسْلِمينَ

(*“Касе, ки ба сӯйи Худо мехонад ва амали шоиста мекунад ва мегӯяд: ман аз мусалмононам, бо Худо ва Расул низоъ накардааст.”*) Ишора аст ба ояти каримаи:

وَمَنْ أَحْسَنُ قَوْلًا مِمَّنْ دَعَا إِلَى اللَّهِ وَعَمِلَ صَالِحًا وَقَالَ إِنَّنِي مِنَ الْمُسْلِمِينَ

(*“Ва чӣ касе хушгуфтортар аст аз он кас, ки ба сӯйи Худо мехонад ва амали шоиста мекунад ва мегӯяд, ки ман аз мусалмононам?!” (Фуссилат/33)*)

Дар боби ҳамли Исо нӯҳ соату нӯҳ рӯз ҳам гуфта шуда.[59] Руҷӯъ шавад ба китоби “*Ҷилваи Масеҳ*”.

Дар боби ҳамли ҳазрати Сайидушшуҳадо агар таваллуди он ҳазрат дар севвуми Шаъбон ва таваллуди ҳазрати Муҷтабо дар нимаи Рамазон бошад, мумкин нест он чи дар баъзе ривоятҳо расида, ки фосилаи онҳо шаш моҳу даҳ рӯз аст, дуруст биёяд. Шаш моҳу даҳ рӯз, бо ривоятҳое мунтабиқ аст, ки таваллуди ҳазратро дар охири Рабиъулаввал зикр карда. Руҷӯъ шавад ба “*Нафасул-маҳмум*”.

4) Шабоҳати дигари онҳо дар ақидае аст, ки мардум дар масъалаи “тафдия” пайдо карданд[60] ва хаёл карданд, ки онҳо кушта шуданд, ки гуноҳи дигаронро ба гардан бигиранд ва дигарон озод бошанд ва таклиф соқит шуд. Дар бораи Исо асли кушта шудан дурӯғ аст ва дар бораи Сайидушшуҳадо фалсафаи кушта шудан ин набуд. Ба қавли Мавлавӣ:

3-он ки аз Қуръон басе гумраҳ шуданд.

Шабоҳати дигар дар закӣ ва муборак будан аст, яъне ҳар ду вуҷуди баракатхези фавқулъода шуданд.[61] Баракат иборат аст аз нумӯ дар хайр, чунонки аз тафсири “*Маҷмаъул-баён*” ва “*Софӣ*” ва ғайра бармеояд. Муфрадоти Роғиб мегӯяд:

---

[59] *Зимнан шабоҳате ҳам дар наҳваи ҳамлу вазъ ҳаст, ки ҳар ду курҳан буда. Аммо Марям ба хотири ин ки фариштаро бар ӯ зоҳир шуд ва гуфт:*

إِنِّي أَعُوذُ بِالرَّحْمَنِ مِنْكَ إِنْ كُنْتَ تَقِيًّا

(Марям/18) ва гуфт:

يَا لَيْتَنِي مِتُّ قَبْلَ هَذَا

(Марям/23) ва ҳазрати Заҳро ба воситаи ин ки пайғамбар хабар дода буд, ки (фарзанди ӯ) кушта хоҳад шуд ва чун ба ҳазрат гуфта шуд, ки имомон ва авсиё аз зурriяи ӯ хоҳанд буд, розӣ шуд.

[60] *Алмунҷид мегӯяд:*

الفادي لقب سيّدنا يسوع المسيح الذي افتدانا بدمه الكريم

[61] *Дар “Туҳафул-уқул” (с.496) зимни муноҷотҳои Худованд ба Исо менависад:*

يا عيسى أُوصيكَ وَصِيَّةَ الْمُتَحَنِّنِ عَلَيْكَ بِالرَّحْمَةِ حَتّى حَقَّتْ لَكَ الْوَلايَةُ بِتَحَرِّيكَ مِنّى الْمَسَرَّةَ، فَبورِكْتَ كَبيراً، وَبورِكْتَ صَغيراً حَيْثُ ما كُنْتَ

وَلَمّا كَانَ الْخَيْرُ الْإِلهيُّ يَصْدُرُ مِنْ حَيْثُ لا يُحَسُّ وَعَلى وَجْهٍ لا يُحْصى وَلا يُحْصَرُ، قيلَ لِكُلِّ ما يُشاهَدُ مِنْهُ زِيادَةٌ غَيْرُ مَحْسوسَةٍ هُوَ مُبارَكٌ وَفيهِ بَرَكَةٌ

(*“Ва чун хайри илоҳӣ аз ҷойе, ки маҳсус нест ва ба сурате, ки ба шумору ҳаср дарнамеояд содир мешавад, аз ин рӯ ба ҳар афзунии ғайри маҳсусе, ки мушоҳида шавад гуфта мешавад муборак аст ва дар он баракат аст.*”)

Ҳамон тавр, ки як замин муборак аст мисли замини Фаластин:

بَارَكْنَا حَوْلَهُ

(*Сураи Исро, ояти 1*) Ин солҳо муддаӣ ҳастанд, ки Исроил ба андозаи нафти Эрон аз мураккабот баҳра бурдааст), ҳамон тавр, ки баъзе обҳо пурбаракатанд мисли оби борон:

وَنَزَّلْنَا مِنَ السَّمَاءِ مَاءً مُبَارَكًا

(*“Ва аз осмон обе пурбаракат фурӯ фиристодем.” (Қоф/9)*), ҳамон тавр, ки баъзе ҳайвонҳо муборак ва пурбаракатанд мисли гӯсфанд; ҳамон тавр ҳам баъзе инсонҳо воқеан “вуҷуди муборак” мебошанд ва дар бораи онҳо таъоруф нест, замине ҳастанд, ки ҳамасола маҳсул медиҳанд, бороне ҳастанд доим.

Достони *Футруси малак*, рамзест аз баракати вуҷуди Сайидушшуҳадо, ки болшикастаҳо бо тамос ба ӯ соҳиби болу пур мешаванд.[62] Афрод ва миллатҳо агар ба ростӣ худро ба гаҳвораи Ҳусайн бимоланд, аз ҷазоири дурафтода раҳоӣ меёбанд ва озод мешаванд.

Имрӯз ҳама рӯйи замин рашки барин шуд
То аз садафи поки Худо дурри самин шуд
Фармони Худованд ба Ҷибрили Амин шуд
Бо хайл малак аз арш тозон ба замин шуд
То арза диҳад таҳниати ҳазрати Хотам
Субҳи азал аз ғайб бароварда танаффус
Анвори ҳудо тофт бар офоқу бар анфус
То чанд дило, рондаӣ аз суқъи тақаддус?
Бархезу фарогир парубол чу Футрус

(“Эй Исо! Ба ту супориш кунам супориши он ки меҳрубон ва дилсӯзи туст, то ба ҷиҳати ин ки шодии маро бичӯӣ, сазовори пайваст бо ман шавӣ, ту дар бузургӣ ва кӯдакӣ баракат дода шудӣ ҳар ҷо, ки будӣ.”)

[62] *Ҳамчунин ҷумлаи:*

جَعَلَ الشِّفاءَ في تُرْبَتِهِ وَالْإِجابَةَ تَحْتَ قُبَّتِهِ وَالْأَئِمَّةَ مِنْ ذُرِّيَّتِهِ

— нишонаи дигар аз муборак будани он ҳазрат аст.

Бар таҳниати мақдам мавлуди мукаррам.[63]

Бидуни шак мактаби ҳусайнӣ роҳи наҷоти ин уммат аст, зеро курсии Ҳусайн курсии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Ончунон, ки аз сураи Шуъаро бармеояд, зуҳури пайғамбарон дар фатратҳо ба иллати шуюъи мафосид будааст. Вале мо мебинем мактаби зиндаи Ҳусайн, зуҳури Ҳусайн аст дар ҳамаи аъсор, яъне дар ҳар сол ва ҳар Муҳаррам Имом Ҳусайн ба сурати як муслеҳи олӣ зуҳур мекунад ва ин фарёдро ба гӯш мерасонад:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ

Ё ин ки:

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

Ба Имом Ҳусайн мансуб аст:

سَبَقْتُ الْعالَمينَ إِلَى الْمَعالي

بِحُسْنِ خَليقَةٍ وَعُلُوِّ هِمَّة

وَلاحَ بِحِكْمَتي نورُ الهُدى في

دياجي مِنْ لَيالي مُدْلَهِمَّة

يُريدُ الْجاحِدونَ لِيُطْفِئوهُ

وَيَأْبَى اللهُ اِلاّ أَنْ يُتِمَّه

(*“Бо хушхулқӣ ва баландҳиммате аз ҳамаи ҷаҳониён ба мақомоти баланд пешӣ гирифтам. Ва нури ҳидоят дар шабҳои торик бо ҳикмати ман дурахшид. Мункирон мехоҳанд ин нурро хомӯш кунанд ва Худованд нахоста ҷуз ин ки онро тамому комил хоҳад кард.”*)

5) Як шабоҳати дигар ин аст, ки масеҳиён ва ҳам мусалмонон, вилодат ва ҳам рафтани ин дуро бузург мешуморанд, бо ин тафовут, ки онҳо (масеҳиҳо) дар ҳар ду марҳила ба шодӣ ва пойкӯбӣ ва рақс ва шаробхорӣ мепардозанд[64] ва мусалмонон дар ҳар ду қисмат аз ин ҷиҳот муназзаҳанд. Мусалмонон бузургворонатар ҷашни вилодатро баргузор мекунанд, чун ислом кори сабукмағзеро иҷоза намедиҳад. Ва аммо дар вафот мо мегирйем ва онҳо дар рӯзи уруҷ яъне се рӯз баъд аз кушта шудан, шодӣ мекунанд.

---

[63] *Тамоми ин қасида дар ҷилди севвуми “Сармояи сухан” ба муносибати вилодати Сайидушшуҳадо омадааст ва аз ҳама беҳтар ҳамин ду банд аст*.

[64] *Албатта масеҳиҳо дар шаби крисмас як силсила маросими дуо ва ҳузури кашиш ҳам доранд*.

Шояд шабоҳат байни Исо ва Сайидушшуҳадо дар як амри дигар ҳам бошад ва он адами собиқаи исмӣ аст ва шояд ин ҷиҳат марбут ба Яҳё бошад, на Исо ва дар ин сурат шабоҳат байни Ҳусайн алайҳис салом ва Яҳё аст, ҳамон тавр, ки ин ду дар шаҳодат ба хотири як марди бисёр фосид бо ҳам шабеҳанд ва ҳар ду шаҳиди амр ба маъруф ва наҳй аз мункаранд:

وَإِنَّ مِنْ هَوان الدُّنْيا أَنَّ رَأْسَ يَحْيى أُهْدِيَ اِلى بَغِيٍّ مِنْ بَغايا بَني اِسْرائيلَ

6) Шабоҳати дигар байни онҳо дар ансор ва ҳаворийин аст.

كَمَا قَالَ عِيسَى ابْنُ مَرْيَمَ لِلْحَوَارِيِّينَ مَنْ أَنْصَارِي إِلَى اللَّهِ

(*“Чунонки Исо ибни Марям ба ҳавориюн гуфт: чӣ касоне ёвари ман ба сӯйи Худо хоҳанд буд?” (Саф/14)*)

Сайидушшуҳадо низ дар шаби Ошӯро ҳаворийини худро интихоб кард. Дар *“Ал-анвор ул-баҳийя”* сафҳаи 45 аз Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳис салом нақл мекунад, мегӯяд:

وَفي وَصِيَةِ مُوسَى بْنِ جَعْفَرٍ عليهما السلام لِهِشامٍ قالَ: وَقالَ الْحُسَيْنُ بْنُ عَلِيٍّ عليهما السلام: إِنَّ جَميعَ ما طَلَعَتْ عَلَيْهِ الشَّمْسُ في مَشارِقِ الْأَرْضِ وَمَغارِبِها بَحْرِها وَبَرِّها وَسَهْلِها وَجَبَلِها عِنْدَ وَلِيٍّ مِنْ أَوْلِياءِ اللهِ وَأَهْلِ الْمَعْرِفَةِ بِحَقِّ اللهِ كَفَيْءِ الظِّلالِ

ثُمَّ قالَ عليه السلام: أَلا حُرٌّ يَدَعُ هذِهِ اللُّماظَةَ لاَهْلِها، لَيْسَ لاَنْفُسِكُمْ ثَمَنٌ اِلاَّ الْجَنَّةُ فَلا تَبيعوها بِغَيْرِها فَإِنَّهُ مَنْ رَضِيَ مِنَ اللهِ بِالدُّنْيا فَقَدْ رَضِيَ بِالْخَسيسِ

(*“Дар супориш Мӯсо ибни Ҷаъфар алайҳимас салом ба Ҳишом омада, ки ҳазрат фармуд: Ҳусайн ибни Алӣ алайҳимас салом фармуд: тамоми чизҳое, ки хуршед бар он метобад дар машриқу мағриби замин ва дарё ва хушкӣ ва замини ҳамвор ва кӯҳҳо, ҳама ва ҳама назди валии Худо ва аҳли маърифат ба ҳаққи Худованд чун сояе беш нест. Оё озодмарде пайдо намешавад, ки даст аз ин луқмаи ҷавидошуда бардорад? Барои шумо ҷуз биҳишт баҳое нест, пас худро ба ғайри биҳишт нафарӯшед, ки ҳар кас аз Худо ба дунё розӣ шавад, ба чизи пасте розӣ гаштааст.”*)

Мавлавӣ дар ҷилди севвуми Маснавӣ достони зуҳури Руҳулқудсро бар Марям ба наҳви олӣ зикр кардааст.

Маҷмӯъи шабоҳатҳо бо Исо алайҳис салом: дар модар аз назари сайидаи нисо будан, сиддиқа будан, батули азро будан, мухотаби малоика будан; дар муддати ҳамл, дар кароҳати ҳамл, дар бирр ба волида ва волидайн ва дар

إِنِّي عَبْدُ اللَّهِ

ва

إِنِّي مِنَ الْمُسْلِمِينَ

дар эътиқоди тафдия, дар муборак будан, дар бузургдошти вилодат ва вафот, дар адами собиқаи исмӣ ва дар ансор ва ҳаворийин ва бо Яҳё дар шаҳодат.

7) Гуфтем, ки мо ва масеҳиён вилодат ва кушта шудани ҳар як аз ҳазрати Сайидушшуҳадо ва Масеҳро бузург медорем, бо ин тафовут, ки онҳо дар ҳар ду маврид ҷашн мегиранд ва мо танҳо вилодатро ҷашн мегирем ва дар шаҳодати Имом Ҳусайн сӯгворӣ мекунем ва онҳо рӯзеро, ки ба ақидаи худашон Масеҳ дар он рӯз баъд аз кушта шудан уруҷ карда низ ҷашн мегиранд. Дигар ин ки ҷашни онҳо ба шакли ҷашнҳои миллӣ ва қавмӣ аст, яъне холӣ аз руҳоният ва маънавият ва ахлоқ аст, ҳама рақсу шаробу мастиву пойкӯбӣ ва дастафшоӣ ва фиску фуҷур аст, аммо ҷашни вилодати ҳусайнӣ мақрун аст ба шукӯҳи маънавӣ ва ташкили маҷолиси ваъзу хитоба ва ашки шавқ рехтан ва касби тақарруб ба Худованд ва таълиму тарбият.

Ёдам ҳаст, дар айёми иқомат дар Қум китобе аз Муҳаммади Масъуд хондам, ки дар он муқоисае карда буд байни навъи бузургдошти масеҳиён кушта шудани Исоро (ба заъми худашон ва аммо ба ақидаи мо, ки аз Қуръон муттахаз аст:

وَمَا قَتَلُوهُ وَمَا صَلَبُوهُ وَلَكِنْ شُبِّهَ لَهُمْ

(*“На ӯро куштанд ва на ба дораш овехтанд ва лекин амр бар онҳо муштабаҳ шудааст…” (Нисо/157)*) ва бузургдошти мо шаҳодати Абӯабдуллоҳро ва тарҷеҳ дода буд кори онҳоро аз ин назар, ки онҳо шаҳодати пешвои худро муваффақият мешуморанд ва мо шикаст; аз ин рӯ онҳо шодӣ мекунанд ва мо мегирйем. Баъдҳо ман ин эътирозро аз дигарон ҳам шунидам ва яке аз румузи тақаддуми онҳо ва таъаххури моро ҳамин матлаб зикр мекарданд. Дар ҷавоб арз мекунам: эътирозкунандаҳо аз як нукта ғофил мондаанд ва он ин ки агар мо қазияро танҳо бо миқёси шахсӣ ва ахлоқи фардӣ бисанҷем, матлаб ҳамон аст, ки он оқоён гуфтаанд. Аз ин назар дар мантиқи худи ислом ҳам шаҳодат муваффақият аст, на шикаст. Магар на ин аст, ки Алӣ алайҳис салом ҳамвора орзуи шаҳодат мекард ва мегуфт:

لأَلْفُ ضَرْبَةٍ بِالسَّيْفِ أَهْوَنُ عَلَيَّ مِنْ ميتَةٍ عَلى فِراشٍ

(*“Ҳамоно ҳазор зарба шамшер барои ман аз мурдан дар бистаре осонтар аст.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 121)*) Магар намегуфт:

وَاللهِ لابْنُ أَبي طالِبٍ آنَسُ بِالْمَوْتِ مِنَ الطِّفْلِ بِثَدْيِ أُمِّهِ

(*“Ба Худо савганд унси писари Абӯтолиб ба марг аз унси кӯдак ба пистони модараш бештар аст.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 5)*) Магар билофосила пас аз зарбат хӯрдан аз Ибни Мулҷам нагуфт:

فُزْتُ وَرَبِّ الْكَعْبَةِ

Магар дар вақте, ки дар бистар афтода буд, нагуфт:

وَما كُنْتُ اِلاّ كَقارِبٍ وَرَدَ وَطالِبٍ وَجَدَ

(*“Ва ман нестам ҷуз монанди ҷӯяндаи обе, ки ба он бирасад ва ёбандае, ки ба хостааш даст ёбад.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 23)*) Магар Сайидушшуҳадо нагуфт:

وَما أَوْلَهَني اِلى أَسْلافِي اشْتياقَ يَعْقوبَ اِلى يوسُفَ

Магар нагуфт:

لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَلاَ الْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

Ин матлабро бо миқёси дигаре ҳам бояд санҷид ва он, миқёси иҷтимоӣ аст. Дар ҳамаи дастуроти Масеҳ шояд як дастури иҷтимоии холис пайдо нашавад, аммо ислом як силсила таълимоти иҷтимоӣ дорад. Ислом як силсила ҳуббу буғзҳои мантиқӣ дорад. Дастури имомони атҳор ба иқомаи азои Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом ба хотири ташаффии қалби ҳазрати Заҳро филмасал нест, ҳазрати Заҳро аҷаллу шаънан аз ин умур аст; барои эҳёи нияти ҳазрати Сайидушшуҳадо ва ҳазрати Заҳрост. Аз ин ҷиҳат изҳори таассур мешавад, ки чаро чунин ҳодисае воқеъ шуд. Ба манзилаи “ох” аст, ки мабодо таҷдид шавад. Барои тақвияти руҳи мубориза аст. Албатта таҷлили шаҳодат ва ҷашни шаҳодат низ агар ба шакли маънавӣ ва ахлоқӣ бошад, на он тавр, ки феълан дар иди крисмас маъмул аст, мумкин аст ташвиқ ба ҷиҳод дар ӯ бошад, аммо ташвиқ ба танҳоӣ кофӣ нест; ҳуббу буғз бояд бо ҳам тавъам бошад, то руҳи мубориза дар шахс пайдо бишавад.[65] Эҳёи руҳи мубориза ба ин аст, ки мазоҳири зулму куфр ҳамвора дар баробар фарз шавад ва ба онҳо лаъну нафарин шавад ва орзуи қатъу қамъи онҳо талқин гардад, ҳамон тавр, ки дар рамйи Ҷамарот ҳамеша мо бояд шайтонро муҷассам фарз кунем ва ба ӯ санг партоб кунем. Ғараз ин нест, ки орзуи мурдан фақат талқин шавад. Орзуи мурдан фақат хуб нест. Ғараз, орзуи шаҳодат аст. Орзуи шаҳодат вақте муҳаққақ мегардад, ки

[65] *Ва ба иборати дигар, мактаби азои ҳусайнӣ мактаби таассури маҳз нест, мактаби савра ва инқилоб аст. Дар тӯли таърихи исломӣ ин ҳодиса маншаи инқилобҳо шуда ва коххои зулмро дар асари барангехтани таассур ва буғзи мантиқӣ ва иҷтимоӣ вожгун кардааст ва дар оянда низ хоҳад кард*.

инсон худро дар муқобили саффи мухолиф бибинад ва аз пешрафти онҳо ва амалӣ шудани нақшаи онҳо дар иҷтимоъ мутаассир гардад ва тавъам бо ашки шавқ барои хубон ва сармашқҳои олии инсоният, оташи хашмаш барои мазоҳири куфру зулм забона кашад…

Пас шаҳодатро агар ба миқёси фардӣ бисанҷем, бояд муваффақият бишуморем ва ҷашн бигирем ва шодӣ кунем, вале агар ба миқёси иҷтимоӣ дар назар бигирем, бояд аз як назар онро шикасти ҷомеа бидонем; ҷомеае мунҳат, ки худи Сайидушшуҳадо фармуд:

وَعَلَى الْإِسْلامِ السَّلامُ إِذْ قَدْ بُلِيَتِ الْأُمَّةُ بِرَاعٍ مِثْلِ يَزِيدَ

ва амсоли ин калимот; ва аз назари масолеҳи иҷтимоӣ ва таҳдид ва эҳёи руҳи мубориза ва набард дар роҳи ҳақ албатта эҷоди мактаби гиря ва таассур, муассиртар ва муфидтар аст.

Назири ин баёнро мо дар зайли ҳадиси

الْعَدْلُ أَفْضَلُ أَمِ الْجودُ

— дар суханронии 19 Рамазони 81 эрод кардем.[66]

8) Рӯзи вилодати Исо алайҳис салом ба ақидаи масеҳиён, 25 декабр яъне шаш рӯз монда ба охири соли масеҳӣ аст. Аввали соли онҳо аввали январ аст. Иди вилодатро “иди крисмас” мегӯянд. Дар ин рӯз Поп тибқи маъмул паёме ба мардуми ҷаҳон мабнӣ бар даъват ба сулҳ ва муҳаббат мефиристад ва дар хотима дуое мекунад. Гоҳе менависанд, Поп аз рӯи тахти тилло мардумро даъват кард ба расидагии ҳоли фуқаро (!).

Дар ҷашни крисмас ду чиз намудор аст: яке, дарахти коҷ (арча), ки мазҳар ва символи ин ҷашн аст ва дар хонаи ҳар масеҳӣ ва дар ҳар як аз маҷомеъи масеҳиён дарахте ё лоақал шохае аз коҷ ба чашм мехӯрад ва ин рӯзҳо дарахти коҷ бозоре дорад ва дарахти коҷҳост, ки аз реша канда мешавад ва баъзе солҳо шаҳрдорӣ дар садади мубориза бармеояд, вале фоида надорад. Ин дарахтҳоро бо чароғҳои алвон ва коғазҳо ва наворҳои рангоранг меороянд. Яке дигар, Бобо Нуэл (Бобои барфӣ) аст, зеро тибқи як суннати қадимӣ дар ин шаб Бобо Нуэл, пирамарде, ки мӯйи сару реши сафеди анбӯҳе дорад, барои баччаҳо аз осмон ҳадия ва асбоббозӣ меоварад ва ҳангоме, ки кӯдакон дар хоб ҳастанд, дар кафш ё дар ҷайби либосашон мегузоранд.

Кӯдакон дар ин ҷашн саҳми бузурге доранд. Дар рӯзномаи “Иттилоот” (3 деймоҳи 42, сафҳаи 13) менависад: “*Бисёре аз марокизи умумӣ ва бошгоҳҳо ва ҳутелҳо ҳам имшаб ба муносибати крисмас барномаҳои фавқулъода доранд*”.

[66] *Ин суханронӣ дар китоби “Бист гуфтор”, гуфтори аввал ба чоп расидааст*.

Бинобар ин, шаби крисмас маҷмӯае аст аз ақоиди хурофӣ ва аъмоли фисқу фуҷур.

Дар миёни мо на ин гуна ақоиди хурофӣ вуҷуд дорад ва на ба ин муносибат фисқу фуҷуре мешавад.

9) Гуфтем, бидуни шак мактаби ҳусайнӣ роҳи наҷоти ин уммат аст. Зеро иллати боқигузорандаи дин, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Ва ин ду ба маънии васеъи онҳо яъне ташвиқ ва тарвиҷи маъруф ва мубориза бо мункарот, бастагӣ пайдо карда бо Ҳусайн алайҳис салом, то он ҷо, ки ба қавли баъзеҳо, ислом

نَبَويُّ الْحُدوث وحُسَينيُّ الْبَقاء

аст.

10) Достони Имом Ҳусайн як сюжет аст барои олами ислом ва як навъ таҷдиди ҳаёти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст, як навъ зуҳуре аст, ки ҳамасола Сайидушшуҳадо дар мазҳари хутабо ва гӯяндагон ва ё дар мазҳари муслеҳин ва инқилобиюни солеҳ мекунад.

11) Дар рӯзномаи “Кайҳон” (4 деймоҳи 42, рӯзи крисмас) менависад:

“*Аз яке ду ҳафта қабл дарахтҳои коҷи фаровоне, ки дар атрофи деворҳои сафорати Шӯравӣ, сафорати Англис ва соири хиёбонҳои шимолии шаҳр чида шуда буд, хабар аз фаро расидани ҷашни бузурги масеҳиён дар Теҳрон медод. Масеҳиён бо ороиши дарахти коҷ ва шабзиндадорӣ пойи ин дарахт, мелоди пайғамбари худро ҷашн мегиранд. Дишаб қабл аз ин ки соати таваллуд, ки ба ақидаи масеҳиён нимаишаб аст фаро расад, ба калисо рафтанд ва ба дуо ва ибодат пардохтанд ва сипас дар хонаи худ ба сарфи Шоми махсуси шаби крисмас, ки дар бисёре аз хонаҳо хӯроки буқаламун буд машғул шуданд. Масеҳиёни католик, ки мӯътақиданд ҳазрати Исо дар пойи дарахти коҷ ба дунё омадааст (вале Қуръони Карим сареҳан мефармояд, ки дар пойи нахла ба дунё омадааст) ин дарахтро муқаддас медонанд ва бахусус дар шаби крисмас онро ба беҳтарин ваҷҳе меороянд ва ин дарахт то поёни ҷашни январ, ки нӯҳ рӯз баъд оғоз мешавад, ҳамчунон зинатбахши хонаи католикҳост. Бобо Нуэл бино ба қиссаҳои кӯдакона, нимашаб савор бар аробаи заррин аз сарзаминҳои пурбарф меояд, то барои кӯдакон ҳадия оварад. Дишаб кӯдакони масеҳӣ ҷӯробҳои худро дар зери сари бухориҳо ё нуқоти дигар ниҳоданд, то Бобо Нуэл ҳадоёи худро дар ҷӯроби онон бигузорад ва субҳи имрӯз бо хурсандии фаровон ин ҳадоёро, ки умуман падарону модарони масеҳӣ барои кӯдакони худ таҳия мекунанд дарёфт доштанд. (Зоҳиран сохтани ин ҷараён аз решаи эътиқод ба улуҳияти Масеҳ об мехӯрад ва барои ин буда, ки дар кӯдакон эътиқод ба улуҳияти Масеҳро талқин кунанд.) Дишаб кофаҳо ва кобораҳои Теҳрон низ мамлув буд*

аз касоне, ки шаби крисмаси худро дар ин гуна амокин мегузаронанд. Иддаи зиёде аз теҳрониҳои ғайри масеҳӣ низ ба даъвати дӯстони масеҳии худ ва ё бидуни даъват, дар ин маросим ширкат карданд.“

Пас дар инҷо як силсила шабоҳатҳои воқеӣ аз назари шахсияти воқеии ин ду вуҷуди муқаддас аст, ки иборат аст аз:

а) Модар: сайидатун-нисо, чиддиқа, мухотаби малоика, батулу азро.

б) Муддати ҳамл.

в) Кароҳати ҳамл.

г) Муборак будан: Исо алайҳис салом:

وَجَعَلَنِي مُبارَكاً

Имом Ҳусайн алайҳис салом:

وَجَعَلَ الشِّفاءَ في تُرْبَتِهِ وَالْإِجابَةَ تَحْتَ قُبَّتِهِ وَالْأَئِمَّةَ في ذُرِّيَّتِهِ

(*“Худованд шифоро дар турбати ӯ ва иҷобати дуоро зери боргоҳи ӯ ва имомонро аз насли вай қарор додааст.”*)

لَوْلا صَوارِمُهُمْ وَقِطَعُ نِبالِهِمْ لَمْ تَسْمَعِ الْآذانُ صَوْتَ مُكَبِّرٍ

(*“Агар шамшерҳо ва қитъаҳои тирҳои онон набуд, ҳеч гӯше садои азони мукаббиреро намешунид.”*)

Ва як силсила шабоҳатҳо ҳаст аз назари суистифода ва суитаъбири мардум аз онҳо, ки ҳар ду мисдоқи:

يَهْدِي بِهِ كَثِيراً

ва

يُضِلُّ بِهِ كَثِيراً

ҳастанд.

Фасли чаҳорум: Ёддошти “Унсури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар наҳзати ҳусайнӣ”

1) Маънии маъруф ва мункар ва маънии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар: калимаи “маъруф” шомили ҳамаи ҳадафҳои мусбати исломӣ ва калимаи “мункар” шомили ҳамаи ҳадафҳои манфии исломӣ мегардад ва аз ин рӯ бо чунин таъбири омме омадааст.

Ва аммо амр ба маъруф ва наҳй аз мункар гарчӣ бо таъбири амр ва наҳй аст, вале ба насси ҳадис ва фиқҳ ва таърихи қатъии исломӣ, шомили ҳар василаи машрӯъе аст, ки барои ин ҳадафҳо бишавад истифода кард ва ин сохтмонро нигаҳ дошт ва тавсиа дод.

2) Арзиши воқеӣ ва субутии амр ба маъруф аз назари ислом: Қуръон ва суннат чӣ аҳаммият ва чӣ мавқеъ ва арзише барои он қоил аст? (Оёти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва ривоятҳои аҷибе, ки дар ин замина расидааст.) Пас ин асл дар матни ислом ва дар мақоми субут, арзиши бисёр асиле дорад ва аз аркони таълимоти исломӣ аст.

3) Дар наҳзати ҳусайнӣ се омил ва се унсур дахолат доштааст ва ин наҳзат ба ҳасби ҳар як аз ин се унсур як арзиш ва эътибори хоссе пайдо мекунад.

4) Қабули ин масъулият шароити сангине дорад, чӣ аз назари иттилоот ва огоҳиҳо ва чӣ аз назари қудрати иҷроӣ. Ишколи кори мо танҳо дар ин набуда ва нест, ки мо таваҷҷӯҳи кофӣ ба ин асл надоштаем; ишколи бештари мо дар ин буда, ки мо худро омода барои анҷоми чунин вазифаи хатире, ки номаш масъулияти умумии иҷтимоӣ[67] барои пешбурди ҳадафҳои исломӣ аст, надоштаем. На огоҳии мо комил буда ва на қудрати иҷроии мо.

Аз ин рӯ, мо зиёне, ки аз роҳи анҷом ва иҷрои ҷоҳилонаи ин асл бурдаем, аз ноҳияи тарки он набурдаем. Мазоҳири фаъолияти мо дар ин роҳ нишон медиҳад, ки мо то чӣ ҳадд омодагӣ доштаем. Ба иборати дигар, корномаи мо дар амри ба маъруф ва наҳй аз мункар хеле хароб ва сиёҳ аст. Маълум мешавад, огоҳии мо то чӣ ҳадд буда ва қудрати мо то чӣ ҳадд. Албатта ишколи кори мо бештар дар ноҳияи огоҳӣ аст, на дар ноҳияи қудрат[68] ва ҳар ду шарт ба истилоҳ шарти вуҷуданд, на шарти вуҷуб. Яъне шарте ҳастанд, ки бояд онҳоро таҳсил кард. Намунаҳои кори мо, аз ҳассосиятҳои мо дар бораи масоил,

---

[67] *Ва ба иборати дигар, нишонаи комили ҳамбастагии мост, нишонаи комили ин аст, ки:*

الْمُؤْمِنُ لِلْمُؤْمِنِ كَالْبُنْيانِ يَشُدُّ بَعْضُهُ بَعْضاً، الْمُسْلِمونَ تَتَكافَؤُ دِماؤُهُمْ

Хулоса, натиҷаи матлаб, ҳамбастагӣ, ҳамдардӣ ва нерӯст, ваҳдат аст, шахсият аст.

[68] *Дар ин ноҳия аст, ки ба авзоъи замони худамон воқиф нестем; на танҳо ҷараёнотеро, ки дар батни ҳаводис мустатир аст дарк намекунем ва рушд надорем, ҳатто падидаҳои бисёр зоҳирро ҳам намебинем.*

китобҳое, ки мунташир мекунем, ки то чӣ ҳадд бо пешбурди ҳадафҳои исломӣ мунтабиқ аст; пулҳое, ки инфоқ мекунем; таблиғҳое, ки мекунем; масоиле, ки бештар фикри моро ба худ машғул месозад; аз инҳо метавон фаҳмид, ки чӣ андоза мо арзиши ин аслро дарк кардаем.

5) Матлаби панҷум ин аст, ки корномаи мо дар бораи ин асл чӣ гуна аст? Мутаассифона мо корномаи дурахшоне дар иҷрои ин асл надорем. Корҳои мо таҳти ин унвон ба ҷойи ин ки амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар бошад, навъе мункар будааст. Фаъолиятҳои мо дар ин замина чӣ ба сурати таблиғ, ё китоб ва навишта, ё ҳайатҳои эъзомӣ ба хориҷ, ё сарфи пул, ё эҷоди муассиса ва ё ҳар шакли дигар, сифр ва ё наздик ба сифр будааст.

6) Ҳар як аз амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар, маротиб ва ақсоме дорад: лафзӣ, амалӣ; мустақим, ғайримустақим; вардӣ ва иҷтимоӣ.

7) Охирин матлаб ин аст, ки пас аз он ки арзиши ин аслро аз назари ислом ва дар мақоми субут донистем ва пас аз он ки донистем арзиши бештари наҳзати ҳусайнӣ аз ноҳияи ин унсур аст[69] ва пас аз он ки донистем наҳзати ҳусайнӣ, ки то пойи гузашт аз ҷон ва азизон ва ёрон ва ҳама чиз дар роҳи амр ба маъруф ва наҳӣ аз мункар буд, ба ин асл арзиш ва эътибор ва обрӯи шоиста дод[70], яъне дар ҳоле, ки дигарон онро дар марзи зарари шахсӣ мутаваққиф мекунанд ва арзиши онро пойин меоваранд, наҳзати ҳусайнӣ марзе барои он намешиносад; пас аз ҳамаи инҳо, он чизе, ки ба унвони натиҷагирӣ бояд зикр шавад ин аст, ки мо чӣ кунем, ки арзиш пайдо кунем, ба худамон арзиш бидиҳем, қимати худамонро назди Худо боло бибарем, назди пайғамбари Худо боло бибарем, обрӯи худамонро назди соири милали ҷаҳон боло бибарем, барои мо арзиш қоил шаванд. Мо чӣ кунем? Ва ҳам ин ки чӣ кунем, ки арзиши азодории Ҳусайнро боло бибарем? Он ин ки шиорҳои зинда ва ҳусайнӣ интихоб кунем, на “навҷавони Акбар ман”, ки як шиори пиразане аст, ё: “Зайнаби музтарам! Алвидоъ, алвидоъ!”

Ҷавоби ин суолро Худованд дар Қуръон додааст:

---

[69] *Ин унсур аст, ки эҷоб мекунад доманаи инқилоб ба ҳар шакл ва ба ҳар қимат густариш ёбад ва ҳатто нақша барои тавсиаи инқилоб кашида шавад ва афрод ба ҷилави шамшер барои кушта шудан даъват шаванд ва ин унсур аст, ки эҷоб мекунад эътироз ва интиқод ва эъломи ҷурм ва фарёди адолатхоҳӣ бо хун навишта шавад, ки ба ҳеч ваҷҳ пок нашавад ҳамчунон ки ҳар фарёди адолатхоҳӣ ва инсонӣ, ки бо ин мураккаби гаронбаҳо навишта шуд ҳаргиз пок нашуд*.

[70] *Мақсуд ин аст, ки арзиши амр ба маъруф барои моро боло бурд ва аммо арзиши фӣ нафсиҳии он ки дар ҷойи худ собит аст*.

كُنْتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ تَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَتَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ

(*Оли Имрон/110*) Шумо беҳтарин ва боарзиштарин мардуми ҷаҳон ҳастед дар партави ин асли муқаддас: амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, таъовуни иҷтимоӣ, ҳамдардӣ, ҳамбастагӣ, эҳсоси масъулият дар муқобили ҷомеаи исломӣ.

Мо бояд фурсатшинос ва мавқеъшинос бошем. Мо бояд бидонем, ки ба қавли Сайид Шарафуддин (қариб ба ин мазмун):

لا يُقْضى عَلَى الْباطِلِ اِلاّ عَنْ حَيْثُ جاءَ

(*“Ботилро ҷуз аз ҳамон ҷойе, ки бархоста наметавон саркӯб кард.*”)

Гуфтем, ки мо на танҳо ҳаводисе, ки рӯзгор дар батни худ мустатир дорад ва мепарваронад дарк намекунем, ҳатто зоҳиртарини падидаҳоро дарк намекунем. Низ гуфтем, ишколи бештари мо дар ин аст, ки огоҳ нестем, на ин ки тавоноӣ надорем. Маҳол аст, ки як ҷамъияти ҳафтсад миллионӣ[71], дунё рӯи онҳо ҳисоб накунад.

Акнун мисоле барои ҳар ду матлаб зикр мекунем, ки аввалан, ноогоҳии мо чӣ қадр аст? Ва сониян, мо қудрат дорем; ва он, достони ғамангез ва дар айни ҳол бедоркунандаи Фаластин дар 30 соли ахир аст.

Собиқаи яҳуд дар Фаластин чӣ андоза аст? Танҳо дар замони Довуд ва Сулаймон, инҳо давлате ташкил додаанд ва пас аз он ҳеч вақт як давлати яҳудӣ надоштаанд ва ҳатто аксарият ҳам надоштаанд. Дар замони фатҳи Фаластин ба дасти мусалмонон…

1) Чаро Имом ба мардуми Басра нома навишт ва онҳоро даъват кард? Оё ин худ навъе нақшаи тавсиаи инқилоб набуд? Болотар ин ки чаро дар шаби Ошӯро Ҳабиб ибни Музаҳҳарро ба миёни Банӣ Асад фиристод? Чаро ёрон ва касони худро илзом накард, ки худро ба куштан надиҳанд? Имом махсусан мехост эътироз ва интиқод ва эъломи ҷурм ва фарёди адолатхоҳӣ ва ҳақиқатхоҳии худро бо хуни худ бинависад, ки ҳаргиз пок нашавад. Имом хутбаҳои доғашро пас аз бархӯрд бо Ҳурр ва пас аз вуқӯъ дар бонбаст эрод мекунад.

Ба таври куллӣ таърих нишон медиҳад, ки суханоне, ки бо хун навишта шуда ҳаргиз пок нашудааст, зеро аз ниҳояти тасмим ва умқи андеша ҳикоят мекунад.

2) Ин қисмат, ки дар шумораи 1 баён кардем, муайиди он аст, ки Имом таҳти таъсири омили амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, мантиқи шаҳид ба худ гирифта буд, ки мофавқи мантиқи ақли манфиатҷӯ аст. Дар ин мантиқ танҳо як чиз мавриди назар аст ва он пешбурди ҳадаф аст ба ҳар қимат, ки шудааст. Вале дар соири омилҳо яъне омили

[71] *Мутобиқи омори он замон*.

имтиноъ аз байъат ва омили даъвати кӯфиён барои ташкили ҳукумат, намешавад доманаи иқдом то ин ҳудуд густариш ёбад.

3) Атф ба нумраи 1: Бисёре аз салотин моил будаанд, ки номашон ва суханашон ва паёмашон (ҳарчанд паёме надоштаанд) боқӣ бимонад, онро бар лавҳаҳои сангӣ ҳак кардаанд, ки манам масалан шоҳи шоҳон, эзаднажод ва аз нажоди худоён ва амсоли ин чарандҳо. (Руҷӯъ шавад ба таърихҳои сангнабиштаҳо.) Вале инҳо ҳаргиз дар дилҳо ва синаҳо сабт нашуда, аммо паёми Имом Ҳусайн бидуни он ки рӯи санге ва ё филизе ҳак шавад ва бо ин ки сирфан рӯи сафҳаи ларзони ҳаво сабт шуд, дар синаҳо ва дилҳо ҳак шуд ва монанди хутути нуронии ваҳй дар дили авлиёи Худо барои ҳамеша боқӣ монд:

إِنَّ لِلْحُسَيْنِ مَحَبَّةً مَكْنونَةً في قُلوبِ الْمُؤْمِنينَ

дар олитарин мақом ва маркази эҳсосии руҳҳо сабт шуд, ки бурдани номаш ашкҳоро ҷорӣ месозад; ва Худо медонад, то кунун чанд ҳазор тонна ҷорӣ сохтааст, чаро? Чун наҳзате буд аз назари ҳадаф ва мақсад, инсонӣ, олӣ, барои адолат ва тақво буд ва аз назари ангезаи муассир дар вуҷуди Имом Ҳусайн, илоҳӣ ва мофавқи шахсӣ буд.

4) Дар шароите, ки фасод ва табоҳӣ бар ҷомеае ҳукумат мекунад ва зулму ситам ва фасод ҳама ҷоро фаро гирифта, агар аз ҳеч ҳулқуме ба хотири ҳифзи ҷон ва ҳайсият нидое барнахезад, дигарон, ки дар макони дур ва ё замони дур ҳастанд, қазоваташон ин аст, ки он чи мегузарад намояндаи руҳи мардум ва ба ризо ва майли мардум аст ва аҳёнан онро навъе эъроз аз ислом ва ё болотар инқилоб алайҳи ислом талаққӣ мекунанд.

5) Аксуламалҳои худи умавиён, ки дар варақаҳои “Ёддошти наҳзати ҳусайнӣ” нумраи 36 нақл кардаем аз забони Усмон ибни Зиёд, Марҷона, Яҳё ибни Ҳакам, Ҳинд ҳамсари Язид, Муовия ибни Язид, нишон медиҳад асари такондиҳандаи шаҳодати Абӯабдуллоҳ алайҳис саломро ва ин ки ин ҳодиса пардаи нифоқро дарид ва ботини корро бармало кард ва ҳисоби умавиёнро аз ислом барои ҳамеша ҷудо кард. Ва ин худ нишондиҳандаи ин аст, ки Имом Ҳусайн ҳақ дошт мантиқи шаҳид ба худ бигирад.

6) Ҷумлаи Имом дар рӯзи Ошӯро:

إِنّي لأَرْجو أَنْ يُكْرِمَنِيَ اللهُ بِهَوانِكُمْ

(“*Ман умед дорам, ки Худованд маро бо хории шумо бузург бидорад!*”) муайиди ин аст, ки Имом мутмаин буда ба ҳусни асари шаҳодаташ ва ин ки ин шаҳодат обрӯи умавиҳо ва ҳадафҳои онҳоро аз байн хоҳад бурд ва обрӯи Имомро бештар хоҳад кард. Ин низ муайиди муддаои шумораи фавқ аст.

7) Омилҳои хоссе, ки эҷоб мекунад қиёми амр ба маъруфро, ба қарор зайл аст:

а) Маврусӣ кардани ҳукумат ва хилофат ва таҳаққуқ бахшидан ба орзуи Абӯсуфён.

б) Нақзи маводди сулҳи Имом Ҳасан алайҳис салом — Муовия ва вазъи таҳаммулнопазири шиъаён, ки ҳатто бахшнома шуд бо иттиҳом ба ташайюъ онҳоро бигиред ва муҳаббати Алӣ кофӣ буд, ки номи шахсро аз девони давлати соқит кунад. Маҳрумияти шиъаён аз ҳуқуқи иҷтимоӣ аз шаҳодат, қазоват, имомати ҷамоат. Қатли акобири шиъаён аз қабили Ҳуҷр ибни Удай, Амр ибни Ҳамиқи Хузоъӣ ва ғайра.

в) Сабби Алӣ алайҳис салом дар манобир.

г) Таблиғот ба нафъи умавиҳо хусусан Муовия ва қарор додани ӯ дар саффи саҳобаи кибор.

8) Атф ба нумраи фавқ, ба таври куллӣ сиёсати умавиҳо бар ин буд, ки шакли исломро ҳифз кунанд ва муҳтаворо холӣ кунанд ва ба иборати дигар, ҳамчунон ки Пайғамбари Акрам дар олами руъё дид, сиёсати умавиҳо бар ин буд, ки дар ҳоле, ки рӯи мардум ба тарафи ислом аст, онҳоро аз ислом дур кунанд.

Фасли панҷум: Ёддошти “Таҳрифот дар воқеаи таърихии Ошӯро”

1) Таҳриф аз моддаи “ҳарф” аст ва ба маънии мунҳариф кардан ва кач кардани як чиз аз масир ва маҷрои аслӣ аст.

Таҳриф бар ду навъ аст: лафзӣ ва қолабӣ ва пайкарӣ, дигар маънавӣ ва руҳӣ; ҳамчунон ки санъати муғолата низ бар ду қисм аст: лафзӣ ва маънавӣ.

Таҳриф ва муғолата собиқаи таърихӣ дорад. Қуръони Карим аз таҳрифи кутуби осмонии гузашта сухан мегӯяд…

Таҳриф ҳамон тавр, ки аз назари навъ бар ду қисм аст: лафзӣ ва маънавӣ, аз назари омил яъне муҳарриф (таҳрифкунанда) низ бар ду қисм аст: ё аз тарафи дӯстон аст ё аз тарафи душманон. Ба иборати дигар, ё маншаъш ҷаҳолати дӯстон аст ва ё адовати душманон.

Ҳамчунон ки аз назари мавзӯъ яъне муҳаррафун фиҳӣ низ бар чанд қисм аст: ё дар як амри фардӣ ва беаҳаммият аст монанди як номаи хусусӣ ва ё дар як асари боарзиши адабӣ аст ва ё дар як санади таърихии иҷтимоӣ аст мисли ҷаъли китобсӯзии Искандария ва ё дар як санади ахлоқӣ ва тарбиятӣ ва иҷтимоӣ аст.

2) Марҳум Оятӣ дар суханронии панҷуми “*Баррасии таърихи Ошӯро*” мегӯяд: асорати аҳли байт омили бузурге буд барои ин ки ҳақиқати вақоъеъи Ошӯро ба мардум гуфта шавад ва ҳақиқат қалб нашавад.

Дар суханронии шашум (сафҳаи 151) мегӯяд: “*Бояд тавоҷҷӯҳ дошт, ки таърихи наҳзати Абӯабдуллоҳ Ҳусайн алайҳис салом нисбат ба бисёре аз фусули таърих аз таҳриф масуну маҳфуз мондааст*”. Ва махсусан фаҷеъ будани ин фасли таърих аз назари касоне, ки қазияро аз ҷанбаи фаҷеъ будани он мутолеа кардаанд; ва азим будани он ва қобили такриму эҳтиром будани он аз назари касоне, ки ин қазияро аз он ҷиҳат мавриди мутолеа қарор додаанд, худ сабаб шудааст, ки эҳтимоми азиме ба сабти ҷузъиёти воқеа бишавад. Пас, ҷузъиёти воқеа бозгӯӣ шуда ва сабт шудааст. Аз ин ҷиҳат амсоли Табарӣ, Ибни Возеҳ (Яъқубӣ), Шайх Муфид, Абулфараҷи Исфаҳонӣ, ки дар қуруни дуввум ва севвум ва чаҳорум мезистаанд, ҷузъиёти вақоъеъро бо нақл аз ровиёни мувассақ нақл кардаанд.

Марҳум Оятӣ исрор дорад (с.168), ки эҳтимоми занони аҳли байт ба хутба ва хитоба дар фурсатҳои мухталиф, бо будани Имом Алӣ ибни Ҳусайн, ҳама барои ин буда, ки монеъи таҳрифи ҳодисаи Карбало бишаванд (чӣ таҳрифи лафзӣ ва чӣ таҳрифи маънавӣ) ва хостанд нагузоранд ин ҳодиса қалбу таҳриф бишавад. Матни он чи воқеъ шуда буд, ба сурати хутба ва хитоба баён карданд ва ҳадафи Имомро ҳам ташреҳ карданд.

3) Марҳум Оятӣ дар оғози суханронии 9 (с.175) зимни ишора ба арзиши хутбаҳо ва суханон аҳли байт мегӯяд:

“*Имрӯз метавон воқеаи Карбалоро аз рӯи хутбаҳои Имом ва аҳли байт, ки дар Макка ва байни роҳи Ҳиҷоз ва Ироқ ва Карбало ва Кӯфа ва Шом ва Мадина эрод кардаанд ва аз рӯи суханоне, ки дар посухи пурсишҳои ину он гуфтаанд ва аз рӯи раҷазҳое, ки худи Имом ва асҳоби ӯ рӯзи Ошӯро дар муқобили душман хондаанд ва дар маъохизи мӯътабар сабту забт шудааст ва аз рӯи номаҳое, ки миёни Имом ва мардуми Кӯфа ва Басра радду бадал шуда ва номае, ки Язид ба Ибни Зиёд навишта ва номаҳое, ки Ибни Зиёд ба Язид ва Умар ибни Саъд навишта ва номаҳои Умар ибни Саъд ба Ибни Зиёд ва номаи Ибни Зиёд ба ҳокими Мадина, ки ҳамааш дар таърихҳои мӯътабар мазбут аст ва ба дасти ояндагон ҳам хоҳад расид ва ҳамеша маҳфуз хоҳад монд, аз рӯи ин мадорик метавон воқеаи Ошӯроро бо тамоми ҷузъиёт, ки рӯй додааст, шарҳу тавсиф кард ва ҳеч ниёзе ба мадраку маъхази дигаре нест.*”

4) Аз ҷумлаи таҳрифоти душман ин аст, ки дар иблоғе, ки Язид барои Ибни Зиёд содир мекунад менависад: “*Дӯстон (ҷосусон)-и ман иттилоъ додаанд, ки Муслим писари Ақил ба Кӯфа омада, то дар миёни мусалмонон эҷоди ихтилоф кунад*”.

Айзан Ибни Зиёд ба худи Муслим пас аз гирифтори Муслим гуфт: “*Писари Ақил! Мардуми ин шаҳр осудахотир буданд, ту омадӣ ва миёни онҳо тафриқа афкандӣ ва мардумро ба ҷони якдигар андохтӣ*”.

Аммо Муслим дар ҷавоби Ибни Зиёд гуфт: “*Чунин нест, балки ман худ ба ин шаҳр наомадам, ки мардумро пароканда созам; мардуми ин шаҳр ба мо номаҳо навиштанд ва дар он номаҳо ёдовар шуданд, ки падарат Зиёд некони онҳоро кушт ва хунашонро рехт ва чун бедодгарон ва зӯргӯёни дунё бо онҳо рафтор кард. Мо омадем, то адолатро барқарор созем ва мардумро ба ҳукми Қуръони Маҷид даъват кунем*”.

Ба ҳар ҳол ин таҳриф нагирифт ва муаррихе дар ҷаҳон пайдо нашуд, ки ончунон қазоват кунад. Танҳо Қозӣ Ибни Арабии Андалусӣ буд, ки гуфт: …

5) Аммо таҳрифоте, ки лафзан ё маънан дар ҳодисаи Ошӯро шудааст:

Таҳрифоти лафзӣ[72]

а) Достони шер ва физза[73], ки мутаассифона дар “Кофӣ” низ омадааст.

б) Достони арӯсии Қосим, ки зоҳиран хеле мустаҳдас аст ва аз замони Қочория таҷовуз намекунад. (Аз замони Мулло Ҳусайни Кошифӣ аст.)

в) Достони Фотимаи Суғро дар Мадина ва хабар бурдани мурғ ба ӯ.

г) Достони духтари яҳудӣ, ки ифлиҷ буд ва қатрае аз хуни Абӯабдуллоҳ ба василаи як мурғ ба баданаш чакид ва беҳбуд ёфт.

д) Ҳузури Лайло дар Карбало ва амри ҳазрат ба ӯ, ки бирав дар як хаймаи ҷудогона мӯйи худро парешон кун ва шеъри:

نَذْرٌ عَلَيَّ لَئِنْ عادُوا وَإِنْ رَجَعُوا

لأَزْرَعَنَّ طَرِيقَ الطَّفِّ رَيْحانا

ва ашъоре аз ин қабил:

Лайло зи ғами Акбар …

Хез эй бобо, аз ин саҳро равем,

Нак ба сӯйи хаймаи Лайло равем.

е) Достони тифле аз Абӯабдуллоҳ, ки дар Шом аз дунё рафт ва баҳонаи падар мегирифт ва сари падарро оварданд ва ҳамон ҷо вафот кард. (Руҷӯъ шавад ба “Нафасул-маҳмум”)

ё) Омадани асирон ба Карбало дар Арбаъин ва ин ки ба дуроҳии Ироқ ва Мадина расиданд, аз Нӯъмон ибни Башир хостанд, ки онҳоро ба Карбало бибарад; ва ин ки он чи дар Арбаъин ҳақиқат дорад, зиёрати Ҷобир аст ва Атияи Авфӣ. Аммо убури асирон аз Карбало ва мулоқоти Имом Саҷҷод бо Ҷобир афсона аст.

ж) 800 ҳазор нафар будани лашкари Умари Саъд, балки як миллиону 600 ҳазор нафар, 72 соат будани рӯзи Ошӯро, ба як ҳамла 10 ҳазор нафарро куштан, то бирасад ба ин ки

---

[72] *Ин таҳрифоти лафзиро чӣ омиле ба вуҷуд овардааст? Ба таври куллӣ, шахсиятҳои бузурги ҷаҳон аз тарафи мардуми авом мавзӯи афсонаҳо қарор мегиранд. Вақте, ки мардум барои Бӯалӣ Сино афсона месозанд, вақте, ки Рустаму Сӯҳроби афсонаӣ халқ мекунанд, қаҳран барои Алӣ ибни Абӯтолиб алайҳис салом ва Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом низ афсона месозанд, назири афсонаи зарбати Алӣ дар Хайбар ва осеби бадан ва боли Ҷабраил ва назири 700 ҳазор нафар будани душман дар Карбало ва 72 соат будани рӯзи Ошӯро. Инҷост, ки бояд қиссаи касеро, ки гуфт, найзаи Синон ибни Анас 60 газ буд ва шахсе гуфт, найзаи 60 газӣ дар дунё касе надидааст ва ӯ гуфт, онро Худо аз биҳишт барояш фиристода буд, ба ёд овард. Омили дигар, ки ихтисосӣ аст, мавзӯи гирёнидан бар Ҳусайн аст, ки баъдан дар бораи таъсири ин омил сухан хоҳем гуфт.*

[73] *Дар “Мунтаҳаб”-и Турайҳӣ ва “Асроруш шаҳода”-и Дарбандӣ, аз як марди асадӣ низ нақл шуда, ки шабҳо шере меомад ва оқибат маълум шуд, ки он шер Алӣ ибни Абӯтолиб аст. (Алаёзу биллоҳ!*)

найзаи Ҳошими Мирқол 18 газ ва найзаи қотили Қосим 18 газ ва найзаи Синон 60 газ буд.

з) Равзаҳое, ки дар онҳо изҳори тазаллул пеши душман аст, аз қабили илтимос кардан барои об.

и) Достони тифле, ки дар ҳини асорат гарданашро баста буданд ва савор мекашид, то тифл хафа шуд.

Аммо таҳрифоти маънавӣ:

а) Аввалин таҳриф ин буд, ки ин ҳодисаро як ҳодисаи истисноӣ ва ношӣ аз як дастури маҳрамона ва хусусӣ донистанд. Имом Ҳусайн фидои гуноҳони уммат шуд! Ӯ кушта шуд, то гуноҳони уммат бахшида шавад!

Бидуни шак ин як фикри масеҳӣ аст, ки дар миёни мо низ роиҷ шудааст. Ин фикр аст, ки Имом Ҳусайнро ба куллӣ масх мекунад ва ӯро ба сурати сангари гунаҳкорон дармеоварад, қиёми ӯро каффораи амали бади дигарон қарор медиҳад. Имом Ҳусайн кушта шуд, ки гунаҳкорон аз азоби илоҳӣ бима шаванд! Ҷавобгӯи маъсияти маъсияткорон бошад. (Ба шахсе гуфтанд, ту чаро намоз намехонӣ, рӯза намегирӣ, машруб мехӯри? Гуфт ман?! Шаби ҷумъа дар ҳайат синаи сезарбаи маро надидӣ?! Оқои Буруҷердӣ ҳар чи хостанд сардастаҳои қамазаниро аз баъзе корҳо манъ кунанд, қабул накарданд, гуфтанд, мо ҳамаи сол ҷуз як рӯз муқаллиди шумо ҳастем.) Чизе, ки ҳаст, фарқи мо бо масеҳиён ин аст, ки мегӯем як баҳонае лозим аст, ба қадри боли магасе ашк бирезад ва ҳамон кофӣ аст, ки ҷавоби дурӯғгӯиҳо, хиёнатҳо, шаробхориҳо, рибохориҳо, зулмҳо ва одамкушиҳо бишавад! Мактаби Имом Ҳусайн ба ҷойи ин ки мактаби эҳёи аҳкоми дин бошад, мактаби:

أَشْهَدُ أَنَّكَ قَدْ أَقَمْتَ الصَّلاةَ وآتَيْتَ الزَّكاةَ وَأَمَرْتَ بِالْمَعْروفِ وَنَهَيْتَ عَنِ الْمُنْكَرِ

— бошад ва ҳамон тавр, ки худаш фармуд:

أُريدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ

— мактаби Ибни Зиёдсозӣ ва Язидсозӣ шуд.

Дар ин замина аст, ки афсонаҳо сохта шуда аз қабили достони марде, ки сари роҳро мегирифт ва одамҳоро мекушт ва лухт мекард, иттилоъ пайдо кард, ки қофилае аз зоирони ҳусайнӣ имшаб аз фалон нуқта убур мекунанд, дар гарданае камин кард ва дар ҳоле, ки интизор мекашид хобаш бурд ва қофила омад ва гузашт ва ӯ мутаваҷҷеҳ нашуд. Қофила, ки мегузашт, гарду ғубор баланд шуда буд ва рӯи либосҳо ва бадани ӯ нишаст. Дар ҳамин ҳол хоб дид, ки қиёмат бапо шуда ва ӯро ҳам кашон-кашон ба тарафи ҷаҳаннам мебаранд ба ҷурми хунҳои ноҳақе, ки рехта ва молҳое, ки дуздида ва амнияте,

ки салб кардааст[74], вале ҳамин, ки ба наздики ҷаҳаннам расид, ҷаҳаннам аз қабули ӯ имтиноъ кард ва амр шуд ӯро баргардонед, зеро ин касе аст, ки дар вақте, ки дар хоб буда, ғубори зоирони ҳусайнӣ бар рӯи ӯ нишастааст!

فَإِنْ شِئْتَ النَّجاةَ فَزُرْ حُسَيْناً

لِكَيْ تَلْقَى الْإِلهَ قَرِيرَ عَيْنِ

فَإِنَّ النّارَ لَيْسَ تَمَسُّ جِسْماً

عَلَيْهِ غُبارُ زُوّار الْحُسَيْنِ

(*“Агар наҷот хоҳӣ, ба зиёрати Ҳусайн бирав, то Худовандро бо чашми равшан дидор кунӣ. Зеро оташ дӯзах ба ҷисме, ки ғубори пойи зоирони ҳусайнӣ бар рӯи он нишаста, намерасад.*”)

Пас вақте, ки ғубори зоирони Ҳусайн бар рӯи як дузди ҷонӣ биншинад, ӯро наҷот диҳад, худи зоирон чӣ мақом ва дараҷае доранд! Ва ҳатман болотар аз Иброҳими Халил хоҳанд буд! Ба қавли шоир:

Ман хоки кафи пойи саги кӯйи касеам,

К-ӯ хоки кафи пойи саги кӯйи ту бошад.

Ва ба қавли шоири исфаҳонӣ, мардеро дар қиёмат меоваранд ва малоикаи ғилозу шидод ӯро ба маҳзари адли илоҳӣ мебаранд ва ҳей ба гуноҳони ӯ шаҳодат медиҳанд ва мавриди таваққуҳи фариштаи маъмури расидагӣ воқеъ намешавад, мегӯянд: шикамҳо пора кардааст… (*Девони Мукаррам, сафҳаи 133*):

Агар ин марде ашке ҳадя карда,

Велаш кун, гиря карда.

Аён гар маъсият ё хуфя карда,

Велаш кун, гиря карда.

Намоз ин бандаи осӣ накарда,

Маҳи ҳақ рӯза хӯрда,

Вале як нола дар як такя карда,

Велаш кун, гиря карда.

Агар пистони занҳоро бурида,

---

[74] *Зеро аз назари ислом инҳо муҳориб хонда мешаванд:*

إِنَّمَا جَزَاءُ الَّذِينَ يُحَارِبُونَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ وَيَسْعَوْنَ فِي الْأَرْضِ فَسَادًا أَنْ يُقَتَّلُوا أَوْ يُصَلَّبُوا أَوْ تُقَطَّعَ أَيْدِيهِمْ

(“Ҷазои онҳое, ки бо Худо ва паёмбар ба ҷанг бармехезанд ва дар рӯйи замин даст ба фасод мезананд, ин аст, ки эъдом шаванд ё ба дор овехта гарданд ё (чаҳор ангушт аз) дасти рост ва пойи чапи онҳо бурида шавад…” (Сураи Моида, ояти 33))

Шикамҳошон дарида,

Ҳазорон мардро бехуся карда,

Велаш кун, гиря карда.

Агар аз кӯдакони ширхора,

Шикамҳо карда пора,

Ба даста гиряҳои нася карда,

Велаш кун, гиря карда.

Хӯроки ӯ ҳама моли ятим аст,

Гуноҳи ӯ азим аст,

Хато дар шаҳру ҳам дар қаря карда,

Велаш кун, гиря карда.

Агар бар зиммаи ӯ ҳаққи нос аст,

Худоро ношинос аст,

Барои худ ҷаҳонро фидя карда,

Велаш кун, гиря карда.

Ба дасти худ зада қаддора бар фарқ,

Ба хуни худ шуда ғарқ,

Тани худ з-ин ситам бебуня карда,

Велаш кун, гиря карда.

Намеарзад дусад тазйеъи номус,

Ба як Суббуҳу Қуддус,

Агар ашке равон бар лиҳя карда,

Велаш кун, гиря карда.

б) Қаблан гуфтем омили таҳриф ду чиз аст. Акнун мегӯем, омили таҳриф чанд чиз аст:

а) Ағрози душманони ин вақойеъ, ки кӯшиш мекунанд инҳоро қалбу таҳриф кунанд, чунонки намунаашро дидем.

б) Ҳисси устурасозӣ ва қаҳрамонсозии хаёлӣ, ки дар башар вуҷуд дорад, ки қаблан ба он ишора шуд ва оқои дуктур Шариатӣ дар суханронии Иди Ғадир мабнои тавоҷҷӯҳи башарро ба асотир ба наҳви аҳсан баён карданд. Ва гуфтем, ҳамин ҳис аст, ки Алиро онҷо мебарад, ки Ҷабраил аз осеби шамшери Алӣ 40 рӯз наметавонад боло биравад ва зарбати Алӣ ончунон нарму буранда сурат мегирад, ки худи Марҳаб мутаваҷҷеҳ намешавад ва ба Алӣ мегӯяд: ё Алӣ! Ин ҳама, ки аз ту таъриф мекунанд, ҳамаи зӯру ҳунари ту ҳамин аст?! Алӣ мегӯяд, худатро як такон бидеҳ, то бибинӣ чӣ хабар аст. То такон мехӯрад, ниме ба ин тараф ва ниме ба он тараф меафтад!

в) Дар хусуси ҳодисаи Ошӯро як омили хоссе ҳам дахолат кардааст ва он ин ки ба хотири фалсафаи хоссе аз тарафи пешвоёни дин тавсия шуда, ки ин ҷараён ба унвони як мусибат ёдоварӣ шавад ва мардум бар он бигирянд. Фалсафаи ин тазаккур ва гиристан ва гирёндан, эҳёи ин хотира аст ва фалсафаи эҳёи он ин аст, ки ҳадафи куллии ин наҳзат барои ҳамеша зинда бимонад ва Имом Ҳусайн ҳар сол дар миёни мардум ба ин сурат зуҳур кунад ва мардум аз ҳулқуми ӯ бишнаванд, ки:

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ

Мардум ҳамеша бишнаванд:

لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَالْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

Мардум бишнаванд ин нидоеро, ки бо ҳамоса суруда шудааст ва бибинанд ин таърихеро, ки бо хун навишта шудааст.

Вале ин матлаб бидуни таваҷҷӯҳ ба ҳадафи гиристанҳо ва гирёнданҳо, худи гиристан мавзӯъ шудааст, балки ҳунари махсус шудааст. Гурез задани худ як ҳунаре аст дар миёни аҳли минбар ва равзахонҳо. Қаҳран барои ин ки мардум беҳтару бештар гиря кунанд ва ба зоҳир барои ин ки аҷру савоби бештаре пайдо кунанд, равзаҳои дурӯғ ҷаъл шуд. Мардуми мо ҳам феълан мисли чойхӯрҳое, ки ба чойи пурранг одат карда бошанд, ки чойи камранг онҳоро намегирад, ба равзаҳои хеле доғ ва пурҳошия одат кардаанд ва ин худ омиле шуда, ки иҷборан иддае аз аҳли минбар барои ин ки мардум гиря бикунанд, равзаҳои дурӯғ ва агар бихоҳем мӯҳтарамона бигӯем, равзаҳои заъиф мехонанд.

Инҷо ду достон дорам: мегӯянд, яке аз уламои Озарбойҷон ҳамеша аз равзаҳои беасле, ки хонда мешуд ранҷ мебурд ва ба аҳли минбар эътироз мекард. Маъмулан мегуфт, ин “заҳри морҳо” чист, ки шумо мехонед?! Вале касе ба суханонаш гӯш намекард, то он ки як даҳа худаш дар масҷид равза гирифт ва бонӣ ҳам худаш буд. Бо равзахон шарт кард, ба истилоҳи худаш аз он “заҳри морҳо” омехта накунад. Равзахон гуфт: оқо! Ман ҳарфе надорам, вале бидонед, ки мардум гиря намекунанд. Гуфт: ту чӣ кор дорӣ?! Дар маҷлиси ман набояд аз он “заҳри морҳо” яъне равзаҳои дурӯғ хонда шавад. Маҷлис бапо шуд. Оқо худаш дар меҳроб, минбар ҳам канори меҳроб. Минбарӣ вориди равза шуд, вале ҳар чи хост бо равзаи рост мардум гиря кунанд, нашуд. Оқо худаш ҳам дастро ба пешонӣ гузошта буд ва дид аҷаб! Маҷлис хеле ях шуд; ва лобуд бо худ гуфт, алъон мардуми авом хоҳанд гуфт, иллати ин ки равзаи оқо намегирад ин аст, ки нияти оқо соф нест… Явошакӣ сарашро ба тарафи минбар бурд ва гуфт, қадре аз он “заҳри морҳо” омехтааш кун.

Достони дигар ин ки: дар яке аз шаҳристонҳо барои аввалин бор як равзаи муфассале шунидам дар бораи достони зане, ки дар замони Мутаввакил рафт ба зиёрати Абӯабдуллоҳ алайҳис салом ва монеъ мешуданд ва даст мебуриданд, то оқибат он зан — бо шарҳи муфассале, ки ёдам нест — ба дарё андохта мешавад ва фарёд мекунад: ё Абалфазл! Ба фарёдам бирас! Саворе пайдо мешавад ва меояд ва ба зан мегӯяд: рикобамро бигир! Зан мегӯяд: чаро даст дароз намекунӣ ва маро намегирӣ? Мегӯяд: охир ман даст дар бадан надорам.

Пас маълум мешавад, худи мардум ҳам омиле барои ин ҷаълу таҳрифҳо ҳастанд.

Бисёре аз забони ҳолҳо забони ҳол нестанд:

Эй хоки Карбало! Ту ба ман ёварӣ намо,

Чун нест модаре, ту ба ман модарӣ намо.

Яъне чӣ?! На Имом чунин калимоте ба забон оварда ва на шоистаи шаъни Имом аст, балки шоистаи ҳеч марде нест. Як марди 57-сола фарзан бихоҳад аз танҳоӣ ва ғурбат бинолад, модарро намехонад. Модарро хондан дар шаъни як бачча аст, ки ҳанӯз эҳтиёҷ ба домани модар дорад. Ин синин вақте аст, ки маъмулан фарзандон паноҳи модарон ҳастанд.

Китоби “*Луълуъ ва марҷон*”, ки дар навъи худ китоби беназире аст ва аз як табаҳҳури воқеии муаллифи марҳумаш ҳикоят мекунад, баҳси худро дар ду қисмат қарор додааст ва аз ӯҳдаи ҳар ду некӯ баромадааст: ихлос, сидқ.

Дар баҳси сидқ (сафҳаи 82) оятҳои марбутаро нақл мекунад. Аввал ояти:

فَوَيْلٌ لِلَّذِينَ يَكْتُبُونَ الْكِتَابَ بِأَيْدِيهِمْ ثُمَّ يَقُولُونَ هَذَا مِنْ عِنْدِ اللَّهِ لِيَشْتَرُوا بِهِ ثَمَنًا قَلِيلًا فَوَيْلٌ لَهُمْ مِمَّا كَتَبَتْ أَيْدِيهِمْ وَوَيْلٌ لَهُمْ مِمَّا يَكْسِبُونَ

(*Сураи Бақара, ояти 79*) сипас оятҳои ифтирои кизбро нақл мекунад, ки зиёд аст.

7) (Дар ин китоб) дар сафҳаи 92 ба баъзе дурӯғҳои равзахонҳо ишора мекунад аз қабили:

а) Пас аз рафтани Алиакбар ба майдон ва баргаштан, Имом ба модари Аоиакбар Лайло фармуд, бархез ва бирав дар хилват дуо кун барои фарзандат, ки ман аз ҷаддам шунидам, мефармуд: дуои модар дар ҳаққи фарзанд мустаҷоб мешавад.

б) Ҳазрати Зайнаб дар ҳолати эҳтизор омад ба болини Имом –

فَرَمَقَها بِطَرْفِهِ فَقالَ لَها أَخوهُ: اِرْجِعي إِلَى الْخَيْمَةِ فَقَدْ كَسَرْتِ قَلْبي وَزِدْتِ كَرْبي

(*“Пас ҳазрат бо гӯшаи чашм ба вай нигоҳе андохт ва фармуд: ба хайма бозгард, ки диламро шикастӣ ва ғамамро афзудӣ.*”)

в) Имом чанд бор ба душман ҳамла кард ва ҳар навбат даҳ ҳазор нафарро кушт.

8) Дар сафҳаи 142 иштибоҳи Шайх Муфидро нақл мекунад дар ҷароҳат барнадоштани Алӣ алайҳис салом ва дар сафҳаи 149 достони убури асиронро аз Карбало дар муроҷеат аз Шом нақл мекунад, ки "*Луҳуф*" мутафаррид ба он аст ва фақат пас аз ӯ Ибни Намо дар *"Мусирул-аҳзон"* нақл кардааст. Таълифи ин китоб 24 сол баъд аз вафоти Сайид ибни Товус воқеъ шудааст.

9) Дар сафҳаи 163, аз китоби *"Муҳриқул-қулуб"*-и Охунд Мулло Маҳдии Нароқӣ ном мебарад, ки муштамил бар баъзе акозиб аст аз он ҷумла:[75]

"*Чун баъзе аз ёрон ба ҷанг рафта шаҳид шуданд, ногоҳ аз миёни биёбон саворе микмалу мусаллаҳ пайдо шуд, маркабе кӯҳпайкар савор буд, худи (кулоҳи) оддии фӯлод бар сар ниҳода ва сипари мудаввар ба сари китф дароварда ва теғи ямонии ҷавҳардор чун барқи ломеъ ҳамоил карда ва найзаи 18 заръӣ дар даст гирифта ва соири асбоби ҳарбро бар худ ороста –*

كَالْبَرْقِ اللاّمِعِ وَالْبَدْرِ السّاطِعِ

— ба миёни майдон расид ва баъд аз тариду ҷавалон рӯй ба сипоҳи мухолиф кард ва гуфт: ҳар ки маро нашносад, бишносад: манам Ҳошим ибни Утба ибни Абӯваққос писарамми Умари Саъд. Пас рӯй ба Имом Ҳусайн кард ва гуфт:

السّلامُ عَلَيْكَ يا أَبا عَبْدِ اللهِ

10) Дар сафҳаи 166 ишора мекунад ба китобҳои Қазвинӣ, ки муштамил бар бархе акозиб аст.

11) Дар сафҳаи 167 мегӯяд:

"*Дар айёми муҷовирати Карбало ва истифода аз маҳзари алломаи асри шайх Абдулҳусайни Теҳронӣ, сайиди араби равзахоне аз (шаҳри) Ҳилла омад ва падараш аз ин тоифа буд ва аҷзои (ҷамъи ҷузва) кӯҳнае аз мероси падар дошт. Аввалу охир надошт. Дар ҳошияаш навишта буд, аз таълифоти фалон олим аз уламои Ҷабаломул аз шогирдони соҳиби "Маъолим" аст. Ғараз, он сайид истеъломи ҳоли он китоб намуд. Марҳум шайх Абдулҳусайн аввалан, дар аҳволи он олим китобе дар "Мақтал" наёфт. Сониян, худи китобро мутолеа кард ва дид он қадр акозиб дорад, ки мумкин нест аз олиме бошад. Аз ин рӯ он сайидро наҳӣ кард аз нашру нақли аз он. Вале баъд ҳамин китоб ба дасти марҳум Дарбандӣ афтод ва матолиби онро дар китоби "Асроруш шаҳода" нақл кард ва бар адади ахбори воҳияи маҷъулаи бешумори он афзуд.*"

---

[75] *Ин достон ба тӯлу тафсил дар "Равзатуш-шуҳадо"-и Кошифӣ омада ва "Муҳриқул-қулуб" зоҳиран аз онҷо гирифтааст. Дар "Равзатуш-шуҳадо" мегӯяд, Фазл ибни Алӣ алайҳимас салом ба кӯмак Ҳошим шитофт.*

Дар “*Асроруш шаҳода*”[76] менависад: адади лашкариёни Кӯфа ба 600 ҳазор савора ва ду курур пиёда (як миллиону 600 ҳазор) мерасидааст.

12) Дар сафҳаи 168 мегӯяд:

“*Марҳум Дарбандӣ мушофаҳатан нақл кард, ки ман дар айёми собиқа шунидам, ки фалон олим гуфт ё ривояте нақл кард, ки рӯзи Ошӯро 70 соат буд ва ман дар он вақт ғариб шумурдам ва мутааҷҷиб шудам аз нақли он ва лекин ҳол, ки тааммул дар вақоеъи рӯзи Ошӯро кардам, хотирҷамъ ё яқин кардам, ки он нақл рост ва он ҳама вақоеъ нашавад магар дар он миқдор аз замон.*“

13) Дар сафҳаи 169:

“*Шахсе дар шаҳри Кирмоншоҳ хидмати олими комили ҷомеъи фарид, оқо Муҳаммад Алӣ, соҳиби “Мақомеъ” ва ғайра – Қаддасаллоҳу руҳаҳу! — расида ва арз кард: дар хоб мебинам, ба дандони худ гӯшти бадани мубораки ҳазрати Сайидушшуҳадо алайҳис саломро меканам. Оқо ӯро намешинохт, сар ба зер андохт ва мутафаккир шуд. Пас ба ӯ фармуд: шояд равзахонӣ мекунӣ? Арз кард: бале. Фармуд: ё тарк кун ё аз кутуби мӯътабара нақл кун*.“

14) Дар сафҳаи 170 муқаддаматан барои нақл намунае аз акозиби равзахонҳо ҷараёни Мишнаи[77] Банӣ Исроил ва Талмудро, ки сина ба сина ба яҳудиён расид ва ҷамъоварӣ шуд зикр мекунад ва тамсил мекунад ба

صدور الواعظين ولسان الذاكرين

15) Дар сафҳаи 174 иборат ва баёне дар дунболи матлаби фавқ дорад, мегӯяд:

“*Лекин Мишнаи яҳуд китоби муайян ва маъҳуде аст, ки ба мулоҳизаи он ду тафсир (шарҳи Мишна) аз зиёдӣ ва нуқсон масуну маҳрус аст ва аммо ривоятҳои мишнаи ин*

---

[76] *Ду се рӯз қабл аз Муҳаррами имсол (1389 қамарӣ) ба муносибати ин ки мехостам дар атрофи “Таҳрифот дар воқеаи таърихии Карбало” баҳс кунам, ба василаи телефон аз оқои (Алиакбари) Ғаффорӣ, мудири муассисаи китобфурӯшии Садуқ дурӯғтарин китобҳои мақталро хостам. Назари ҳар ду нафар ба “Асроруш шаҳода” буд. Оқои Ғаффорӣ ин китобро надошт ва қавл дод таҳия кунад, аммо баъд аз ду се рӯз телефон кард, ки аз ҳар китобфурӯш хостам, ӯ ҳам дунболи ин китоб буд, зеро муштарии зиёд дорад ва ҳама аҳли минбар ҳастанд, бо ин тафовут, ки шумо барои интиқод ва онҳо барои нақл ва истифода мехоҳанд*.

[77] *Талмуд аз ду қисм иборат аст. Қисми қадимаи он Мишна ном дошта, он такрору тафсири қонунро дар бар гирифтааст. Қисми дуюм Гемара баъдтар пайдо шуда, он тафсири тафсир яъне шарҳ бар шарҳи қонун мебошад. Мишна ба забони қадимаи яҳудӣ, вале Гемара ба забони оромӣ таълиф гардидаанд. Талмуд дар ду таҳрир (иерушалимӣ ва бобулӣ) то замони мо омада расидааст. Баъдтар дар асрҳои VI-X ба Талмуд боз баъзе шарҳҳои мухталиф-Мидраши илова карда шуданд*.

уммат дорои қувваи қавияи наботия аст, ки чун аз маҳмӯае ба маҳмӯаи дигар нақл кунад, фавран нумӯ кунад ва бобаракат шавад ва шохаҳо ва баргҳои тозаи ботароват ва назорат барои он пайдо (шавад) ва чун дар сайр ба манзили манобир бирасад ва мавсими нақли онҳо бирасад, қувваи ҳайвония дар ӯ зоҳир гардад ва болу пар пайдо кунад ва чун тири хаёл дар ҳар ламҳа ба ҷиҳоти мухталифа парвоз кунад. Ва мо ба ҷиҳати мисол ба порае аз онҳо ишора кунем ба ин ки мухтасаре аз ӯ нақл кунем.“

Қаблан се фақра нақл шуд, аз ин рӯ аз шумораи 4 шурӯъ мекунем:

16) г) Сафҳаи 175: Афсонае роҷеъ ба ҳазрати Амир пас аз зарбат хӯрдан.

д) Афсонаи яке аз қосидони Кӯфа, ки номае оварда барои Имом Ҳусайн ва ҷавоб хост. Ҳазрат се рӯз мӯҳлат хостанд, рӯзи севвум озими сафар шуданд. Он шахс гуфт: биравем, бибинем ҷалолати шаъни подшоҳи Ҳиҷозро, ки чӣ гуна савор мешавад. Омад дид, ҳазрат бар курсӣ нишаста, Банӣ Ҳошим даврашро гирифта ва мардон истода ва аспон зин карда ва чиҳил маҳмил, ки ҳамаро ба ҳариру дебоҷ пӯшонидаанд… то асри Ошӯро, ки Умари Саъд амр кард шутурони бечиҳозро ҳозир карданд барои савор шудани асирон…

Ва сафҳаи 177: Ҳазрати Зайнаб дар шаби Ошӯро ба ҷиҳати ҳамму ғамму хавф аз аъдо дар миёни хаймаҳо сайр мекард барои истихбори ҳоли ақрабову ансор, дид Ҳабиб ибни Музаҳҳар асҳобро дар хаймаи худ ҷамъ карда ва аз онҳо аҳд мегирад, ки фардо нагузоранд аҳаде аз Банӣ Ҳошим қабл аз эшон ба майдон биравад… Он мухаддира масруран омад пушти хаймаи Абулфазл, дид он ҷаноб низ Банӣ Ҳошимро ҷамъ карда ва ба ҳамон қисм аз эшон аҳд мегирад, ки нагузоранд аҳаде аз ансор пеш аз эшон ба майдон биравад. Мухаддира масрур дар хидмати ҳазрат расид ва табассум кард. Ҳазрат аз табассуми ӯ (дар ин вақт) тааҷҷуб кард ва сабаб пурсид. Он чи дида буд арз кард…

е) Достони ин ки дар рӯзи Ошӯро баъд аз шаҳодати аҳли байт ва асҳоб, ҳазрат ба болин Имом Зайнулобидин алайҳис салом омад. Пас, аз падар ҳоли муомилаи он ҷанобро бо аъдо пурсид. Хабар дод, ки ба ҷанг кашид. Пас ҷамъе аз асҳобро пурсид. Дар ҷавоб фармуд:

قُتِلَ

То расид ба Банӣ Ҳошим ва аз ҳоли ҷаноби Алиакбар ва Абулфазл суол кард; ба ҳамон қисм ҷавоб дод ва фармуд: бидон дар миёни хаймаҳо ғайр аз ману ту марде намондааст.

Сафҳаи 178:

“*Ин қисса аст ва ҳавоши бисёр дорад ва сареҳ аст дар он ки он ҷаноб аз аввали муқотала то вақти муборизаи падари бузургвораш абадан аз ҳоли ақрабову ансор ва майдони ҷанг хабаре надошт*.“

ё) Достони азми рафтани Абӯабдуллоҳ ба майдони ҷанг ва талаб кардани аспи саворӣ ва (ин ки) касе набуд аспро ҳозир кунад:

“*Пас мухаддира Зайнаб рафт ва овард ва он ҳазратро савор кард. Бар ҳасби тааддуди манобир, муколамоти бисёр байни бародар ва хоҳар зикр мешавад ва мазомини он дар зимни ашъори арабӣ ва форсӣ низ даромада ва маҷолисро ба он равнақ диҳанд ва ба шӯр дароваранд.*“

Зоҳиран аз он ҷумла аст ин ки ҳазрати Зайнаб ҳангоми видоъ, бародарро ист дод ва фармуд: васияте аз модарам ба ёдам афтод. Модарам ба ман гуфта, дар ҳамчу вақте Ҳусайнамро бигир ва аз тарафи ман зери гулӯяшро бибӯс. Аз он ҷумла аст ин ки ҳазрат дид асп ҳаракат намекунад, ҳар чи наҳиф мезанад, асп намеравад, якмартиба мебинад тифле худашро рӯи сумми асп андохтааст. (Ашъори маъруфи Сафиюллоҳшоҳ дар баёни ду ҷозибаи ишқу ақл марбут ба ҷараёни ҳазрати Зайнаб дар ҳамин вақт аст.) Бояд мутаваҷҷеҳ буд, ки ҳазрати Зайнаб ҳини вафоти ҳазрати Заҳро тақрибан панҷсола будааст.

ж) Сафҳаи 179: Зайнаб омад ба болини Абӯабдуллоҳ алайҳис салом дар қатлгоҳ

وَرَأَتْهُ يَجودُ بِنَفْسِهِ وَرَمَتْ بِنَفْسِها عَلَيْهِ وَهِيَ تَقولُ: أَنْتَ أَخي، أَنْتَ رَجاؤُنا، أَنْتَ كَهْفُنا، أَنْتَ حِمانا

(*“Ва ӯро дид, ки машғули ҷон додан аст. Худро ба рӯи бадани ӯ андохт ва мегуфт: ту бародари манӣ, ту умеди моӣ, ту паноҳи моӣ, ту пуштибони моӣ.”*)

з) Сафҳаи 179: Афсонае мансуб ба Абӯҳамзаи Сумолӣ, ки дари хонаи Имом Саҷҷодро кӯбид, канизаке омад, чун фаҳмид Абӯҳамза аст, Худойро ҳамд кард, ки ӯро расонд, ки ҳазратро тасаллӣ диҳад, чун имрӯз думартиба ҳазрат беҳуш шуданд. Пас Абӯҳамза дохил шуд ва тасаллӣ дод ба ин ки шаҳодат дар ин хонавода маврусӣ аст; ҷадд, падар, амм… Имом фармуд: бале, вале асорат дар ин хонавода маврусӣ набуд. Он гоҳ шаммае аз ҳолати асирии аммаҳо ва хоҳарон баён карданд.

и) Аз Ҳишом ибни Ҳакам (матлабе) нақл кардаанд, ки хулосааш ин аст: “*Дар айёме, ки Имом Содиқ алайҳис салом дар Бағдод буданд, ҳар рӯз мебоист дар маҳзари Имом бошам. Рӯзе яке аз шиъаён Ҳишомро ба як маҷлиси азо даъват мекунад ва ӯ мӯътазир мешавад (узр меоварад), ки бояд дар ҳузури Имом бошам. Ӯ мегӯяд: аз Имом иҷоза бигир. Ва Ҳишом мегӯяд: исми ин матлабро пеши Имом намешавад бурд, ки мунқалиб мешавад. Ӯ гуфт: беиҷоза биё. Ҳишом гуфт: ин ҳам мумкин нест, зеро Имом аз ман хоҳад пурсид. Охири кор ҳар тавр буд Ҳишомро бурд. Рӯзи баъд Имом ҷӯё шуд ва баъд аз такрор фош кард. Имом фармуд: гумон мекунӣ, ман дар онҷо набудам ё дар чунин маҷолисе ҳозир намешавам?! Арз кард: шуморо дар онҷо надидам. Фармуд: вақте, ки аз*

ҳуҷра берун омадӣ, дар маҳалли кафшҳо чизе надидӣ? Арз кард: ҷомае дар онҷо афтода буд. Фармуд: ман будам, ки або бар сар кашидам ва рӯи замин афтодам.”

Назири ин афсона аст афсонае дар бораи Имом Саҷҷод алайҳис салом, ки дар як маҷлиси азодорӣ ширкат карда буд ва чароғҳоро хомӯш карданд ва баъд, ки маҷлис хатм шуд ва чароғҳо равшан шуд, диданд Имом кафшҳои азодоронро ҷуфт кардааст.

17) Дар сафҳаи 183 мегӯяд:

“*Ду чиз аст, ки сабаби таҷаррии ин ҷамоат, балки баъзе аз арбоби таълиф шуда дар нақли ахбор ва ҳикоёти беаслу маъхаз, балки дар бофтани дурӯғ ва ҷаъли ахбору ҳикоёт: аввал: гуфтаанд, дар ахбори мадҳи ибко (гирёндан) нанавишта, ки ба чӣ қисм бигирёнед ва чӣ бихонед. Ва аз ин зикр накардан маълум мешавад, ҳар чи сабаби гирёндан, василаи сӯзондани дил ва берун омадани ашк бошад, мамдуҳу мустаҳсан аст. Бинобар ин, ахбори манъ кизб дар ғайри мақоми таъзиядорӣ аст. Ба ин баён метавон бисёре аз маосии (гуноҳони) кабираро мубоҳ, балки мустаҳаб кард. Масалан ахбори фазилати идхоли сурур дар қалби мӯъмин. Пас масалан ғайбат ё бӯса ва зино бо бегона ё ливот агар мӯҷиби идхоли сурур бишавад, ҷоиз аст.*“

18) Дар сафҳаи 186 мегӯяд:

“*Яке аз сиқоти аҳли илми Язд барои ман нақл кард, ки вақте аз Язд пиёда рафтам ба Машҳади муқаддас аз он роҳи биёбон (кавир), ки машаққати бисёр дорад. Дар масири манозил, вориди қаряе аз деҳкадаҳои Хуросон шудам қариби Нишопур. Чун ғариб будам, рафтам ба масҷиди онҷо. Чун мағриб шуд, аҳли деҳ ҷамъ шуданд ва чароғе равшан карданд ва пешнамозе омад ва намози мағрибу ишоро ба ҷамоат карданд. Он гоҳ пешнамоз рафт болои минбар нишаст, пас ходими масҷид доманро пур аз санг кард ва бурд болои минбар назди ҷаноби охунд гузошт. Мутаҳайир мондам барои чист?! Он гоҳ машғули равзахонӣ шуд. Чанд калима, ки хонд, ходим бархост ва чароғҳоро хомӯш кард. Тааҷҷубам бештар шуд. Дар ин ҳол дидам бинои санг андохтан шуд аз болои минбар бар он ҷамоат ва фарёдҳо баланд шуд; яке мегӯяд: эй вой сарам, дигаре фарёд аз бозу, севвуме аз сина ва ҳоказо гиряҳо ва шеванҳо баланд шуд. Қадре гузашт, санг тамом ва охунд машғули дуо шуд ва чароғро равшан карданд. Мардум бо сару сурати хунин ва дидаи ашкбор рафтанд. Пас ба назди пешнамоз рафтам ва аз ҳақиқати ин кори шанеъ пурсидам. Гуфт: равза мехонам ва ин ҷамоат ба ғайр аз ин қисми амал гиря намекунанд. Лобуд бояд (барои ин ки ба савоби гиря бар Абӯабдуллоҳ бирасанд), ба ин наҳв эшонро бигирёнам.*“

19) Сафҳаи 187:

“*Дуввум: истиқрори сираи уламо дар муаллафоти худ бар нақли ахбори заъифа ва забти ривоятҳои ғайри саҳеҳа дар абвоби фазоил ва қасас ва масоиб ва мусомаҳаи эшон дар ин мақомот, хусус мақоми ахир чунонки мушоҳад ва маҳсус аст*.”

Марҳум Ҳоҷӣ баъдан вориди баҳс дар масъалаи тасомуҳ дар далелҳои сунан мешавад ва фарқ мегузорад миёни ҳадиси заъиф ва маҳун ва мегӯяд: он чи қобили тасомуҳ аст, аҳодиси заъифа аст, на мавҳуна.

20) Дар сафҳаи 193 мегӯяд:

“*Қиссаи Заъфари Ҷиннӣ ва арӯсии Қосим дар “Равза”-и Кошифӣ ва дуввумӣ дар “Мунтахаб”-и шайх Турайҳӣ ҳам ҳаст. “Мунтахаб”-и Турайҳӣ муштамил бар мавҳунҳое аз қабили зинда дафн кардани ҳазрати Абдулазим дар Рай аст.*“

21) Сафҳаи 194:

“*Қиссаи арӯсӣ қабл аз “Равза”-и Кошифӣ дар ҳеч китобе дида нашудааст. Аммо қиссаи Зубайда ва Шаҳрбону ва Қосими Сонӣ дар хоки Рай ва атрофи он ки дар забонҳои авом доир шуда, пас он аз хаёлоти воҳия аст… Тамоми уламои ансоб муттафиқанд, ки Қосим ибни Ҳасан ақиб надорад (балки сағир буда).*“

22) (Дар) сафҳаи 195 мегӯяд:

“*Масъудӣ, ки шиъа аст ва муосири Кулайнӣ аст, дар “Исбот ул-васия” адади куштагони Имомро ба 1800 тан расонадааст, он ҳам ба иборати:*

وَرُوِيَ أَنَّهُ قَتَلَ بِيَدِهِ ذلِكَ الْيَوْمَ أَلْفاً وَثَمانَمِائَةٍ

Ва Муҳаммад ибни Абӯтолиб ба ҳазору нӯҳсаду панҷоҳ нафар расонадааст. Аммо дар китобе, ки ҳазор сол баъд навишта шуда (“Асроруш шаҳода”-и Дарбандӣ) адади мақтулини Имомро ба сесад ҳазор, адади мақтулини ҳазрати Абулфазлро ба бисту панҷ ҳазор ва аз соирин низ ба бисту панҷ ҳазор нафар расонадааст.“

Агар фарз кунем Имом дар ҳар сония як нафар кушта бошад, сесад ҳазор нафар миқдор ҳаштоду се соату бист дақиқа вақт мехоҳад, ки бо рӯзи ҳафтоду ду соат низ қобили ислоҳ нест; ва бисту панҷ ҳазор нафар агар ҳар нафар дар як сония кушта шавад, шаш соату панҷоҳу шаш дақиқаву чиҳил сония вақт мехоҳад. Ба илова, ҷамъияти як миллиону шашсад ҳазор нафар дар саҳрои Карбало ҷо намегирад. Васоил ва асбобаш аз куҷо фароҳам мешавад? Он ҳам ҳама аз мардуми Кӯфа буданд, аз Ҳиҷозу Шом касе набуд. (5) Худованд ақле бидиҳад!

23) Дар сафҳаи 202 ишора мекунад ба афсонаи дигаре, ки мо назар ба он чи қаблан нақл кардаем онро дувоздаҳум қарор медиҳем:

к) Рӯзе ҳазрати Амир дар болои минбар хутба мехонд. Ҳазрати Сайидушшуҳадо алайҳис салом об хост. Ҳазрат ба Қанбар амр фармуд об биёвар. Аббос дар он вақт тифл буд, чун шунид ташнагии бародарро, давид назди модар ва об барои бародар гирифт дар ҷоме ва онро бар сар гузошт ва об аз атроф мерехт. Ба ҳамин қисм вориди масҷид шуд. Чашми падар бар ӯ афтод, гирист ва фармуд, имрӯз чунин ва рӯзи Ошӯро чунон…

Албатта қисса бояд дар Кӯфа бошад, зеро сухан аз хитоба ва минбар аст ва дар он вақт Имом Ҳусайн як марди сию чандсола аст ва мумкин нест дар ҳузури ҷамъ дар ҳини хутбаи падар аз падар об бихоҳад. Ба илова, дар ҳеч мадраке вуҷуд надорад.

л) Ҳазрати Абулфазл дар Сиффин ҳаштод нафарро яке пас аз дигаре ба ҳаво андохт, ки ҳанӯз аввалӣ барнагашта буд ва ҳар кадом бармегашт, бо шамшер ду ҳисса менамуд…

м) (Мегӯяд:)

“*Барои зуррияи тоҳира дӯшизагоне баҳам бофтанд хусус барои ҳазрати Абӯабдуллоҳ алайҳис салом, баъзеро дар Мадина гузоштанд ва баъзеро дар Карбало шавҳар доданд ва баъзеро ба ҷиҳати сидқи каломи Ҷабраил –*

صَغيرُهُمْ يُميتُهُمُ الْعَطَشُ

— дар Карбало аз ташнагӣ бикуштанд ва баъзеро дар қатлгоҳ шабеҳи Абдуллоҳ ибни Ҳасан шаҳидаш кунанд…“

24) Сафҳаи 208:

“*Хотима, дар мазаммати гӯш додан ба ахбори козиба ва ҳикоёт ва қасаси дурӯғи маҷолиси таъзиядорӣ. Худованд дар мақоми мазаммати яҳудон, балки мунофиқин ва баёни сифоти хабиса ва афъоли қабеҳаи эшон мефармояд:*

سَمَّاعُونَ لِلْكَذِبِ أَكَّالُونَ لِلسُّحْتِ

(“Ба дурӯғ гӯш диҳанд ва ҳаром хӯранд…” (Моида/42)) Дар бораи аҳли биҳишт мефармояд:

لَا يَسْمَعُونَ فِيهَا لَغْوًا وَلَا كِذَّابًا

(“Дар онҷо сухани лағву дурӯғ нашнаванд.” (Набаъ/35.)) Дар бораи аҳли дӯзах, ки дар ин ҷаҳон ба дурӯғ одат кардаанд ва дар охират ва мавқиф низ тарк накунанд, мефармояд:

وَيَوْمَ تَقُومُ السَّاعَةُ يُقْسِمُ الْمُجْرِمُونَ مَا لَبِثُوا غَيْرَ سَاعَةٍ كَذَٰلِكَ كَانُوا يُؤْفَكُونَ

(“Рӯзе, ки қиёмат барпо шавад, муҷримон савганд хӯранд, ки ҷуз соате диранг накардаанд. Инчунин аз ҳақ мунҳарифу мунсариф мешаванд. (Рум/55)) Айзан:

يَوْمَ يَبْعَثُهُمُ اللَّهُ جَمِيعًا فَيَحْلِفُونَ لَهُ كَمَا يَحْلِفُونَ لَكُمْ وَيَحْسَبُونَ أَنَّهُمْ عَلَى شَيْءٍ أَلَا إِنَّهُمْ هُمُ الْكَاذِبُونَ

(“Рӯзе, ки Худо ҳамаи онҳоро барангезад, пас барои ӯ савганд хӯранд чунонки барои шумо савганд мехӯранд ва пиндоранд, ки барҳақанд. Огоҳ бошед, ки инон дурӯғгӯёнанд.” (Муҷодала/18)) Айзан:

ثُمَّ لَمْ تَكُنْ فِتْنَتُهُمْ إِلَّا أَنْ قَالُوا وَاللَّهِ رَبِّنَا مَا كُنَّا مُشْرِكِينَ. انْظُرْ كَيْفَ كَذَبُوا عَلَى أَنْفُسِهِمْ وَضَلَّ عَنْهُمْ مَا كَانُوا يَفْتَرُونَ

(“Сипас посухи онҳо ҷуз ин набуд, ки гуфтанд: ба Аллоҳ, парвардигорамон савганд, ки мо мушрик набудем. Бингар, ки чӣ гуна бар худ дурӯғ мебанданд ва чӣ гуна ифтироҳояшон аз назарашон гум шудааст. (Анъом/23 ва 24)) Айзан:

وَاجْتَنِبُوا قَوْلَ الزُّورِ

(“Ва аз гуфтори ботилу дурӯғ бипарҳезед.” (Ҳаҷ/30)) Айзан:

وَالَّذِينَ لَا يَشْهَدُونَ الزُّورَ

(“Ва касоне, ки шоҳид ва нозири корҳои лағву ботил намешаванд. (Фурқон/72))

25) Сафҳаи 213:

“Ва низ далолат кунад бар қубҳу мазаммати он, истиқрои ғолиби маосӣ (гуноҳон), ки маҳалли он монанди ғолиби ақсоми дурӯғ, забон аст мисли ғайбат ва ғино ва сабб ва бӯҳтон ва истеҳзо ва назоири онҳо, зеро, ки чунонки ғайбат дар шаръ ҳаром аст, гӯш додан ба он низ ҳаром аст; хонандагӣ ҳаром аст, гӯш додан ба он низ ҳаром аст; сабби авлиёи Худованд ё мӯъмин куфр ё маъсият аст, гӯш додан ба он низ ҳаром аст. Худои Таъоло фармояд:

وَقَدْ نَزَّلَ عَلَيْكُمْ فِي الْكِتَابِ أَنْ إِذَا سَمِعْتُمْ آيَاتِ اللَّهِ يُكْفَرُ بِهَا وَيُسْتَهْزَأُ بِهَا فَلَا تَقْعُدُوا مَعَهُمْ حَتَّى يَخُوضُوا فِي حَدِيثٍ غَيْرِهِ إِنَّكُمْ إِذًا مِثْلُهُمْ

(*“Ва ҳол он ки дар китоб бар шумо ин ҳукмро фиристода, ки чун шунидед ба оятҳои Худо куфр меварзанд ва ришханд мезананд, бо онон манишинед, то дар сухане дигар фурӯ раванд, ки (агар чунин накунед), шумо ҳам мисли онон хоҳед буд.” (Нисо/140)) Ҳар кас муртакиби гуноҳе шуд, ба ояте аз оятҳои илоҳӣ истеҳзо кардааст.*“

26) Ҳол, сазовор аст, ки арбоби донишу биниш маҷолиси масоиби ҷадидаи ҳазрати Абӯабдуллоҳ алайҳис саломро тартиб медоданд ва садамоте, ки бар он вуҷуди муборак мерасад аз зоир ва муҷовир ва худдом ва ҳомили улуми он ҳазрат ва мутааббидин ва носикин ва маъмумин ва ғайри эшон ба анвоъу ақсомаш дар шабу рӯз ҷамъ карда ба дасти диндор дилсӯзӣ диҳанд, ки дар маҷолис аҳли тақво ва диёнат ва ғайрат ва асабият бихонанд ва бисӯзем ва бигирянд ва аз Худованди Мутаъол таъҷили фараҷ ва зуҳури

султон, ноширии адлу амон ва босити фазлу эҳсон ва қомеъи куфру нифоқу удвонро бихоҳанд.

27) Ин баҳс дар чаҳор фасл баён мешавад:

а) Маънии таҳриф ва анвоъи таҳрифҳо ва ин ки дар ҳодисаи Ошӯро анвоъе аз таҳриф воқеъ шудааст.

б) Омилҳои таҳриф ба таври умум ва омилҳои таҳриф ба таври хусус дар ҳодисаи Ошӯро ва ба иборати дигар, масъулони таҳриф дар ҳаводис ба таври умум ва дар ин ҳодиса ба таври хусус.

в) Ташреҳи таҳрифҳое, ки лафзан ё маъниян, шаклан ё руҳан дар ҳодисаи Ошӯрои Ҳусайни сурат гирифтааст.

г) Вазифаи уламои уммат дар ин боб ба таври умум ва дар ин ҳодиса ба таври хусус, ки:

إِذا ظَهَرَتِ الْبِدَعُ فَعَلَى الْعالِمِ أَنْ يُظْهِرَ عِلْمَهُ وَإِلاّ فَعَلَيْهِ لَعْنَةُ اللهِ

(*“Ҳар гоҳ бидъатҳо рӯй дод, бар олим аст, ки илми хеш ошкор кунад, вагарна лаънати Худо бар ӯст!” (“Усули кофӣ”, 1/54, бо каме ихтилоф)*) Айзан:

وَإِنَّ لَنا فى كُلِّ خَلَفٍ عُدولاً يَنْفونَ عَنّا تَحْريفَ الْغالينَ وانْتِحالَ الْمُبطِلينَ

(*“Моро дар ҳар насле одилоне аст, ки таҳрифи ифротиён ва дурӯғзании мубтилонро аз мо (аз дин) дур месозанд.” (“Усули кофӣ”, 1/32, бо каме ихтилоф)*) Ва вазифаи миллати мусалмон дар ин боб ба таври умум ва дар ин ҳодиса ба таври хусус аз назари ҳурмат ширкат дар истимоъ ва лузуми муборизаи амалӣ ва наҳй аз мункар.

28) Маънии таҳриф: Роғиб дар “*Муфрадот*” мегӯяд:

حَرْفُ الشَّيْء طَرَفُهُ ... وَتَحْريفُ الشَّيْء إِمالَتُهُ كَتَحْريفِ الْقَلَمِ. وَتَحْريفُ الْكَلامِ أَنْ تَجْعَلَهُ عَلى حَرْفٍ مِنَ الْإِحْتِمالِ يُمْكِنُ عَلَى الْوَجْهَيْنِ. قال عَزَّ وَجَلَّ: يُحَرِّفُونَ اَلْكَلِمَ عَنْ مَواضِعِهِ ...وَمِنْ بَعْدِ مَواضِعِهِ

(*“Ҳарфи як чиз тараф ва канори он аст... Ва таҳрифи як чиз кач кардани он аст монанди кач кардан ва моил сохтани қалам. Ва таҳрифи сухан он аст, ки онро бар яке аз ду тарафи эҳтимол ҳамл кунӣ дар ҳоле, ки имкони ҳар ду маъниро дорад. Худои азза ва ҷалла фармуда: “Суханро аз ҷойи худ таҳриф мекунанд...”*)

Дар тафсири Имом Фахри Розӣ (ҷилди 3, сафҳаи 134, зайли ояти 75 аз сураи Бақара) мегӯяд:

قالَ القَفّالُ: التَّحْريفُ: التَّغييرُ وَالتَّبْديلُ، وَأَصْلُهُ مِنَ الْإِنْحِرافِ عَنِ الشَّيْءِ وَالتَّحْريفِ عَنْهُ، قالَ تَعالى: إِلاّ مُتَحَرِّفاً لِقِتالٍ أَوْ مُتَحَيِّزاً إِلى فِئَةٍ. وَالتَّحْريفُ هُوَ إِمالَةُ الشَّيْءِ عَنْ حَقِّهِ. يُقالُ: قَلَمٌ مُحَرَّفٌ إِذا كانَ رَأْسُهُ قَطٌّ مائِلاً غَيْرَ مُسْتَقيمٍ. قالَ القاضى: إِنَّ التَّحْريفَ إِمّا أَنْ يَكونَ فِى اللَّفْظِ أَوْ فِي الْمَعْنى . وَحَمْلُ التَّحْريفِ عَلى تَغْييرِ اللَّفْظِ أَوْلى مِنْ حَمْلِهِ عَلى تَغْييرِ الْمَعْنى

(*Қаффол гуфта: таҳриф тағйир додан ва иваз кардан аст ва решаи он аз мунҳариф шудан аз чизе аст. Худои Мутаъол фармуда: "Ҷуз ин ки бихоҳад барои ҷанг ҷо иваз кунад ё дар гурӯҳе ҷой гирад". Ва таҳриф кач кардан ва моил сохтани чизе аз маҳалли шоистаи он аст. Гуфта мешавад: қаламун муҳаррафун, яъне қаламе, ки сараш кач шудааст. Қозӣ гуфта: таҳриф гоҳ дар лафз аст ва гоҳ дар маънӣ. Ва таҳрифро тағйир дар лафз бигирем беҳтар аст аз тағйир дар маънӣ…*)

Таҳрифи лафзӣ ба ин аст, ки масалан лафзе кам ё зиёд мекунанд ва ё калима ё ҷумлаеро пасу пеш кунанд ва ба ҳар ҳол маъниро кам ё зиёд (кунанд) ё тағйир диҳанд. Хатари бузург дар таҳрифоти муғайири маънӣ аст.

Ин гуна таҳрифот дар китобҳо ва навиштаҳо зиёд аст ҳатто дар матни ашъор хусусан он ҷо, ки ба истилоҳ мусаҳҳеҳ "шадурустно" мекунад.

Мавлавӣ дар яке аз ашъори худ гуфтааст:

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,

Аз муҳаббат миссҳо заррин шавад.

Баъд нуссох изофа кардаанд: "*Аз муҳаббат дурдҳо софу дардҳо шифову хорҳо гулу сиркаҳо мулу дор тахту бор бахту санг равғану ҳузн шодиву ғул мореву мурда зинда ва шоҳ банда мешавад*". Мондааст бигӯянд, сақф девору харбуза ҳиндувонаву истакон наълбакӣ мешавад.

Аммо таҳрифи маънавӣ — се мисол:

а)

يا عَمّارُ! تَقْتُلُكَ الْفِئَةُ الْباغِيَةُ

("*Эй Аммор! Гурӯҳ мутаҷовиз туро мекушанд.*")

б)

لا حُكْمَ اِلاّ للهِ

("*Ҳеч ҳукме ҷуз барои Худо нест.*")

в)

إِذا عَرَفْتَ فَاعْمَلْ ما شِئْتَ

(*"Чун шинохтӣ, ҳар чи хоҳӣ бикун.*")

Аввалӣ мавриди суистифодаи Муовия, дуввум мавриди суистифодаи Хаворич, севвум мавриди суистифодаи шиъаён аз ҳадиси Имом Содиқ шуд, ки худи он ҳазрат ба таври саҳеҳ тавзеҳ доданд.

Дар Қуръон таҳрифи лафзӣ воқеъ нашуда, вале таҳрифи маънавӣ, ки иборат аст аз суитафсир зиёд воқеъ шудааст.

Мантиқийин дар боби санъати муғолата гуфтаанд: ё лафзӣ аст ва ё маънавӣ; ва ақсоме зикр кардаанд, ки барои “мо наҳну фиҳӣ” махсусан аз назари пайдо кардани мисоли арабӣ ва форсӣ бисёр муфид аст.

Қуръон аз таҳрифи калима дар оятҳои зиёде ёд ва накӯҳиш кардааст. Аммо ҳамон тавр, ки “калима” дар истилоҳи Қуръон аъам аст аз ҷумла ва шахсият ва ҳодиса, қаҳран таҳриф низ ақсоме пайдо мекунад: таҳрифи иборот, таҳрифи ҳодисаҳо ва таърихчаҳо, таҳрифи шахсиятҳо. (Барои қисми севвум руҷӯъ шавад ба суханронии Сайид Муртазо Ҷазоирӣ дар гуфтори моҳ).

29) Баҳси мо дар навъи дуввум яъне таҳрифи ҳодиса аст, ки ҳам мумкин аст таҳрифи лафзӣ шавад яъне каму зиёд дар нақли он бишавад ва ҳам мумкин аст таҳрифи маънавӣ бишавад яъне руҳи ҳодиса, ки иборат аст аз иллатҳо ва ангезаҳо ва аз ҳадафҳо ва манзурҳо, масх бишавад. Аз ҳамин ҷо маълум мешавад, ки аҳаммияти таҳриф бастагӣ дорад ба аҳаммияти мавзӯъи он яъне муҳаррафун фиҳӣ, ки як сухани оддӣ ё як ҳодисаи оддӣ ва ё як шахсияти оддӣ бошад ё он ки дар сухане ё ҳодисае ё шахсияте воқеъ шавад, ки санади таърихӣ ва ахлоқӣ ва тарбиятӣ ва динии як иҷтимоъ аст. Аз ин рӯ кизб бар Худо ва Расул, ашнаъи ақсоми кизб аст ва мубтили рӯза аст. Аз назари қонунҳо низ ҷаълу таҳриф дар асноди расмӣ аз назари ҷурмӣ ҷиноят ташхис дода мешавад…

30) Воқеан ҳодисаҳои ахлоқӣ ва наҳзатҳои бузурги илоҳӣ, ояте ҳастанд аз оятҳои илоҳӣ дар китоби муқаддаси таквин. Мардум вазифа доранд ҳадди аксари риоятро дар ҳифз ва риоят ва сиёнати онҳо бинамоянд, вагарна манотан машмули ин ҷумла мешаванд:

مَنْ فَسَّرَ الْقُرْآنَ بِرَأْيِهِ فَلْيَتَبَوَّأْ مَقْعَدَهُ مِنَ النَّارِ

(*“Ҳар кас Қуръонро ба раъйу назари хеш тафсир кунад, ҷойгоҳи хешро дар оташи дӯзах фароҳам кунад.” (Тафсири Софӣ, Муқаддимаи панҷум)*) Айзан:

فَبِمَا نَقْضِهِمْ مِيثَاقَهُمْ لَعَنَّاهُمْ وَجَعَلْنَا قُلُوبَهُمْ قَاسِيَةً يُحَرِّفُونَ الْكَلِمَ عَنْ مَوَاضِعِهِ وَنَسُوا حَظًّا مِمَّا ذُكِّرُوا بِهِ

(*“Чун паймони хеш бишкастанд, ононро лаънат кардем ва дилҳояшонро сахт намудем. Онон суханро аз ҷойи худ таҳриф мекунанд ва баҳраеро, ки аз он чи бад-он тазаккур дода шуданд насибашон мешуд фаромӯш намуданд.” (Моида/13)*) Айзан:

فَوَيْلٌ لِلَّذِينَ يَكْتُبُونَ الْكِتَابَ بِأَيْدِيهِمْ ثُمَّ يَقُولُونَ هَذَا مِنْ عِنْدِ اللَّهِ لِيَشْتَرُوا بِهِ ثَمَنًا قَلِيلًا فَوَيْلٌ لَهُمْ مِمَّا كَتَبَتْ أَيْدِيهِمْ وَوَيْلٌ لَهُمْ مِمَّا يَكْسِبُونَ

(*“Вой бар касоне, ки китобро бо дасти худ менависанд сипас мегӯянд: ин аз назди Худост!, то баҳраи андаке бихаранд. Пас вой бар онон аз коре, ки кардаанд ва вой бар онон аз он чи ба даст меоваранд!” (Бақара/79)*)

31) Дар ҳодисаи Ошӯро, ҳам таҳрифи лафзӣ сурат гирифта ва банду белҳо ва каму зиёдҳои зиёд дар он сурат гирифта, ки дар камтар ҳодисае ин ҳама баргу соз пайдо шудааст. Ба қавли шоир:

Бас ки бибастанд бар ӯ баргу соз,

Гар ту бибинӣ, нашносияш боз.

Дӯстон ва асҳобе, душманоне, фарзандоне, ҷумлаҳое, корҳое, суханоне ба Имом нисбат дода шуда, ки агар Имом бишнавад, ҳеч ташхис намедиҳад, ки дар бораи ӯ сӯҳбат мекунанд; бо он ки ҳодисаи Ошӯро бар хилофи таваҳҳуми баъзе, аз назари таърихӣ бисёр равшан ва холӣ аз ибҳом аст; камтар ҳодисаи таърихӣ мисли ин ҳодиса асноди саҳеҳу дуруст дорад ба иллати аҳаммияти ин ҳодиса ва махсусан аҳли байт ҷузъиёти ин ҳодисаро фош карданд.[78] (Ва ҳам дар ин ҳодиса таҳрифи маънавӣ сурат гирифтааст.)

32) Аммо омилҳо:

Гуфтем, ки омили таҳриф ба таври куллӣ ду қисм аст: омили адоват ва ғараз ва дигар омили устурасозӣ. Инҷо бояд омили севвуме ҳам изофа кунем, дӯстӣ ва тамоюл. Мисоли омили ғараз, ҷаълҳо ва таҳрифҳои масеҳиён дар бораи Расули Акрам ва ҷаълу таҳрифҳои умавиҳо дар бораи ҳазрати Амир аст. Ва мисоли омили дӯстӣ, ҳамаи акозибе аст, ки афроду аквом барои ниёгони худ ҷаъл мекунанд. Дар мавриди Имом, ӯро ихлолгар ва тафриқаандоз хонданд, ки қаблан гузашт.

Аммо “устурасозӣ” худ як ҳисси асил аст дар башар, ки қаблан ишора кардем. Афсонаи маҷрӯҳ шудани пари Ҷабраил дар ҷанги Хайбар ва ҳамчунин афсонаи дуними комил шудани Марҳаб ва нафаҳмидани худаш. Айзан афсонаи партоб кардани Абулфазл ҳаштод нафарро дар Сиффин ба ҳаво, ки ҳаштодумин рафта буд боло ва ҳанӯз аввалӣ барнагашта буд ва пас аз баргаштан яке-якеро дуним кард. Ҳамчунин аст афсонаи шашсад ҳазор кушта ва ҳафтоду ду соат будани рӯзи Ошӯро.

---

[78] *Матлаби муҳим ин аст, ки тамоми ин таҳрифҳо дар ҷиҳати пойин овардан аст ва Имомро дар сатҳи як одами пасти камфикр, Алаёзу биллоҳ!, камшуъур пойин меовард, мисли об хостан васати суханронии падар дар синни сию чанд солагӣ, ё арӯсии Қосим*.

Омилҳои сегонаи фавқ дар ҳамаи ҷаҳон буда ва ҳаст.

Аммо омили хусусӣ: аз тарафи авлиёи дин пешниҳод шуда, ки иқомаи азои Ҳусайн ибни Алӣ бишавад ва қабраш зиёрат шавад ва ӯ ба унвони як фидокори бузург ҳамеша номаш зинда ва поянда бошад. Ин мавзӯъ тадриҷан сабаб шуд, ки баъзе марсияхонони ҳирфаӣ пайдо шаванд ва кам-кам марсияхонӣ ба сурати як фанн ва ҳунар аз як тараф ва василаи зиндагонӣ аз тарафи дигар дарояд. Аз тарафе фикре пайдо шавад, ки чун гирёндан бар Абӯабдуллоҳ савоби ҷазил ва аҷри азим дорад, пас ба ҳукми:

الْغاياتُ تُبَرِّرُ الْمَبادي

(“*Ҳадаф василаро мубоҳ мекунад*”) аз ҳар василае мешавад истифода кард.

Ин ҷост, ки ҷаълу дурӯғ дар назари иддае машрӯъ мешавад. Ба қавли Ҳоҷӣ (Нурӣ), агар инчунин аст, пас чун идхоли сурур дар дили мӯъмин низ мустаҳаб аст ва ҳадаф василаро мубоҳ мекунад, аз ғайбат ва ҳатто аз бӯса ва зино низ метавон истифода кард. Ин ҷост, ки достони равзахони сангпаррон, ки қаблан гузашт ба ёд меояд. Ва ин ҷост, ки бояд он хоби равзахоне, ки дид гӯшти бадани Имомро бо дандонҳои худ меканад содиқ донист.

Аҷабо, ки дар панҷ қарн пеш як марди бӯқаламунсифат, ки маълум нест шиъа аст ё суннӣ ба номи Мулло Ҳусайни Кошифӣ (китобе менависад ба номи “*Равзатуш-шуҳадо*”), ин мард, воиз аст ва чун аҳли Сабзавор ва Байҳақ буда ва онҷо маркази ташайюъ буда зикри мусибат ҳам мекардааст. Ин мард то тавониста сохта ва пардохта ва ҳатто исмҳое дар ин китоб ҳаст аз асҳоб ва аз мухолифон, ки маълум аст маҷъул аст ва зоҳиран аз худ сохта. Баъд, ин китоб чун форсӣ буда ба дасти марсияхонҳо меафтад ва санаду мадраки онҳо мешавад, ки ин китобро аз рӯ мехондаанд ва ба ҳамин муносибат онҳоро “равзахон” гуфтаанд ва ин китоб баъд ба ҷойи ҳамаи китобҳои дуруст, манбаъ ва маъхази равзаҳои дурӯғ шудааст. Ин китоб дар охирҳои қарни нӯҳум ё аввалҳои қарни даҳум навишта шудааст, зеро Мулло Ҳусайни Кошифӣ дар 910 вафот кардааст. Баъд, дар охирҳои қарни сездаҳум ва аввалҳои қарни чаҳордаҳум китоби дигаре, ки сад чӯб ба сари он китоб зада ба номи “*Асроруш шаҳода*” навишта ва чоп мешавад ва корро мерасонад ба он ҷо, ки расонадаанд. Албатта китобҳое аз қабили “*Муҳриқ ул-қулуб*” низ бетаъсир набудаанд.

Таҳрифҳои лафзӣ аз қабили: достони Лайло ва Алиакбар, достони арӯсии Қосим, достони об овардани ҳазрати Абулфазл дар кӯдакӣ барои Имом Ҳусайн, омадани Зайнаб дар ҳини эҳтизор ба болини Абӯабдуллоҳ алайҳис салом, убури асирон дар Арбаъин аз Карбало, адади мақтулин, Ҳошим ибни Утба бо найзаи ҳаҷдаҳ заръӣ, рӯзи Ошӯро 72 соат буд, Имом Ҳусайн бо зийи шоҳон аз Макка хориҷ шуд, бехабар будани Имом Саҷҷод алайҳис салом аз вақойеъ, афсонаи асп овардани Зайнаб барои Абӯабдуллоҳ ва

бӯсидани гулӯгоҳи он ҳазрат, беҳуш шудани Имом Саҷҷод алайҳис салом ва Имом Содиқ алайҳис салом.

Ин таҳрифҳо баъзе марбут аст ба қабл аз ҳодиса назири об овардани ҳазрати Абулфазл дар кӯдакӣ барои Имом, баъзе марбут аст ба байни роҳ мисли хуруҷи Имом аз Макка бо зийи подшоҳон, баъзе марбут аст ба рӯзи Ошӯро мисли достони Лайло, арӯсии Қосим, омадани Зайнаб дар ҳини эҳтизор ба болини Абӯабдуллоҳ, асп ҳозир кардани Зайнаб барои Имом, афтодани Сакина рӯи сумми асп, бӯсидани зери гулӯ, омадани Ҳошими Мирқол, омадани Заъфари Ҷиннӣ ва адади мақтулин. Ва баъзе марбут аст ба баъд, мисли ҳодисаи Арбаъин, беҳуш шудани Имом Саҷҷод, афтодани Имом Содиқ дар кафшкун.

33) Аммо таҳрифи маънавӣ:

Таҳрифи маънавӣ яъне мунҳариф кардани руҳу маънии як ҷумла ё як ҳодиса. Ва чун баҳс дар атрофи ҳодиса аст, пас таҳрифи маънавии як ҳодиса яъне ин ки иллатҳо ва ангезаҳо ва ҳамчунин ҳадаф ва манзурҳои он ҳодисаро чизи дигар ғайр аз он чи ҳаст муаррифӣ кунем. Масалан, шумо ба дидани шахсе меравед ё шахсеро ба хона ё маҷлиси худатон даъват мекунед, дигаре меояд мегӯяд: медонӣ манзури фалонӣ аз омадан ба хонаи ту чист? (Ё аз даъвати ту чист?) Мехоҳад масалан духтарашро ба писари ту бидиҳад; дар сурате, ки шумо чунин манзуре ҳаргиз надоред.

Таҳриф дар ҷумлаҳо се мисол дорад, ки қаблан ишора кардем.

Дар бисёре аз ҳаводиси таърихии ҷаҳон, аз назари тафсиру тавҷеҳ таҳриф шуда ё амдан ё ҷаҳлан, ки феълан вориди онҳо намешавем.

Ҳодисаи бузург ва боазамати Ошӯро гузашта аз таҳрифҳои лафзӣ ва шаклии марбут ба ҳаводис ва ҷараёноте, ки будааст, дучори як силсила таҳрифҳои муҳимтар дар ноҳияи руҳу маънӣ ва тафсиру тавҷеҳ гардидааст.

Медонем Имом Ҳусайн наҳзате кардааст, ки шароити сегонаи азаматро доро будааст:

а) Муқаддас будани ҳадаф ва шахсӣ набудани он, ба хотири инсоният будани он, ки тавъам бо фидокорӣ ва гузашт аз манофеъи фардӣ будааст. Ба ҳамин далел, башарият ин гуна афродро, ки марз миёни худ ва дигаронро шикастаанд, аз худ медонад ва худро аз онҳо медонад, ӯро фидои уммат ва масолеҳи уммат мебинад.

б) Ин ки тавъам буда бо як басирати қавӣ ва нофиз ва он чи дигарон дар зоҳир намедиданд ӯ дар пушти парда медидааст. Он чи дигарон дар ойина намедиданд, ӯ дар хишти хом медидааст. Ба иборати дигар, аз муҳити худаш пеш буд.

г) Ин ки нуре буда, ки дар миёни як зулмати комил дурахшидааст ба шарҳе, ки қаблан гуфтаем.

Аз тарафи дигар, авлиёи дин сахт тавсия кардаанд ба мардум роҷеъ ба ахбори ин ҳодиса ва азодории доим ва зиёрати турбати ӯ.

Дар инҷо сухан ин аст, ки Имом чаро наҳзат кард ва баъд чаро пешвоёни ислом тавсия карданд, ки ин ҳодиса зинда бимонад?

Таҳрифе, ки дар асли ҳодиса рух дод ин буд, ки (гуфтем, Имом Ҳусайн) каффораи гуноҳи умматро бидиҳад ва сангари гунаҳкорон бошад, бима кунад маъсияткоронро.

Таҳрифи дуввум ин буд, ки ин ҳодиса ҷанбаи хусусӣ ва фардӣ дорад, яъне онро ба осмон бурдем ва ғайри қобили пайравӣ қарор додем ва аз мактаб будан ва дарс будан хориҷ кардем, онро дар авзоъу аҳволи асру замони худ аз як тараф ва дастурҳои ислом дар ин заминаҳо аз тарафи дигар қарор надодем, ки битавонад мактаб ва мадраса ва илҳомбахш бошад.

Пас ду кор ба сараш овардем. Аввал, онро аз мактаб будан — аз роҳи хусусӣ кардан — хориҷ кардем. Дуввум ин ки ба илова онро ба сурати як мактаби гунаҳкорсозӣ даровардем ва гуфтем, ҳар гуноҳе бикунем, синаи сезарба онро ҷуброн мекунад.

Таҳрифи дигар, дар мавзӯъи дастурҳо дар бораи фалсафаи азодорӣ аст. Дар инҷо гоҳе гуфтем, барои тасаллии хотири ҳазрати Заҳрост, чун эшон дар биҳишт ҳамеша бетобӣ мекунанд ва ҳазору чаҳорсад сол аст ором надоранд, бо гиряҳои мо эшон оромиш пайдо мекунанд. Пас онро як хидмати хусусӣ ба ҳазрати Заҳро талаққӣ кардем.

Дуввум ин ки ба чашми як одами зойеъшуда, ки ҳадди аксар мақомаш ин аст, ки бетақсир ба дасти як золим кушта шуд пас бояд барояш мутаассир буд ба Имом нигоҳ кардем, фикр накардем, ки танҳо касе, ки зойеъ нашуд ва барои ҳар қатраи хуни худ арзиши бениҳоят қарор дод, ӯ буд. Касе, ки мавҷе эҷод кард, ки қарнҳо кохҳои ситамгаронро ларзонд ва меларзонад ва номаш бо озодӣ ва баробарӣ ва адолат ва тавҳид ва Худопарастӣ ва тарки худпарастӣ яке шуда чӣ гуна ҳадар рафтааст?! Мо ҳадар рафтаем, ки умреро ҷуз дар пастӣ ва некбат зиндагӣ накарда ва намекунем.

Ҳадафи наҳзати Имомро худи Имом аз ҳама беҳтар баён кардааст. Ҳадафаш ҳамон ҳадафи Пайғамбар буд. Хутбаҳои Имом баёнгари ҳадафи наҳзати Имом аст. Имом ҳадафи наҳзати худро ислоҳи уммати исломӣ муаррифӣ кард; хост амалан дарсҳои исломро биёмӯзад ва ба ҷаҳон бифаҳмонад, ки хонадони пайғамбари ислом, ки наздиктарини мардум ба ӯ ҳастанд, аз ҳамаи мардуми дигар ба таълимоти ӯ бештар имон доранд ва ин худ далели ҳаққонияти ин пайғамбар аст.

Аммо ин ки фалсафаи иқомаи азои Ҳусайн чист? Барои ин ки саҳнае болотар ва беҳтар аз ин саҳна дар ҷаҳон вуҷуд надорад, ки: аввалан, ин андоза дарси тавҳид ва имони комил ба ҷаҳони ғайбро бидиҳад ва мазҳари нафси мутмаинна бошад. Пас руҳаш тавҳид буд.

Сониян, ҳамаи тарбиятҳо барои ин аст, ки руҳи башар дар баробари ҳаводис шикастнопазир шавад; танаш бо шамшерҳо қитъа-қитъа, сарваташ ба бод, фарзандонаш кушта, хонадонаш асир, вале руҳаш собит ва муҳкам бимонад.

Солисан, чӣ қадр фарқ аст миёни иддао ва амал. Муддаиёни озодӣ ва озодихоҳӣ, ҳуқуқи башар, адолат зиёданд, аммо достони подшоҳ ва вазир ва гурбаитарбият шуда аст; вале мардони илоҳӣ амалан нишон доданд, ки агар як тараф ҳақ бошад бо маҳрумиятҳо, бо кушта шуданҳо, бо қитъа-қитъа шуданҳо ва тарафи дигар молу сарват ва ҳама чиз бошад, бо поймол шудани ҳаққу ҳақиқат, кадом тарафро мегиранд.

Чанд чиз, ки аломати шикасти душман буд:

а) Парҳез аз ҷанги тан ба тан.

б) Тирандозӣ ва сангпарронӣ.

в) Дастури Умари Саъд, ки аз ҷанг бо шахси Ҳусайн парҳез кунанд:

هذَا ابْنُ قَتّالِ الْعَرَبِ، وَاللهِ نَفْسُ أَبيهِ بَيْنَ جَنْبَيْهِ

(*“Ин, фарзанди кушандаи араб аст. Ба Худо савганд, ҷони падараш дар миёни ду паҳлӯи ӯст!”*)

г) Дастури Умари Саъд, ки монеъи суханронии ӯ бишаванд ва нагузоранд суханонаш шунида шавад. На дар муқобили шамшер ва бозуяш ва на дар муқобили мантиқ ва суханаш тоб намеоварданд.

Он чи аз Имом зуҳур кард:

а) Шуҷоати баданӣ.

б) Қуввати қалбу руҳ.

г) Имон ба ҳақ ва қиёмат, ки соат ба соат бар башошаташ афзуда мешуд.

д) Сабру таҳаммул.

е) Ризо ва таслим.

ё) Тумаънина ва адами ҳаяҷони руҳӣ ва нашунидани як сухан (аз ӯ), ки ҳокӣ аз ғазаб ва хашм ва аз ҷо даррафтан бошад.

ж) Руҳи ҳамосӣ, ки чунон хутбае иншо кард.

Ду чизе, ки чашми Имомро равшан дошт:

а) Хонадон.

б) Ёрон.

هاهُنا مناخُ رُكّابٍ وَمَصارِعُ عُشّاقٍ

(*“Инҷо борандози саворон ва қатлгоҳи ошиқон аст.”*) Асҳоб ва хонадон нишон доданд, ки ошиқона амал мекунанд.

Пас беназирӣ ва омӯзандагии он, иллати аслӣ ва фалсафаи аслии азодориҳост.

34) Аммо вазифаи мо:

Ин вазифа дар ду қисмат бояд баён шавад: вазифаи уламо ва вазифаи омма ва тӯдаи мардум; ва ба забони мардуми ин аср ва балки барои мардуми ин аср: рисолати уламо (хавос) ва рисолати тӯда (авом). Маъмулан уламо ин инҳирофотро ба гардани тӯда ва оммаи мардум мегузоранд ва тақсири авомӣ ва ҷаҳолати мардум медонанд ва мардуми авом мутақобилан мегӯянд, тақсири уламост, ки намегӯянд, зеро: "*Моҳӣ аз сар ганда гардад, не зи дум*".

Вале ҳақиқат ин аст, ки дар ин ҷараён, ҳам хавос масъуланд ва ҳам авом, ҳам уламо масъуланд ва ҳам тӯда; ин моҳӣ, ҳам аз сар ганда гардида ва ҳам аз дум, сару дум муштаракан масъули ин гандидан ҳастанд.

Дар ҳақиқат қабл аз он ки вазифаи хавос ва вазифаи авом баён шавад, бояд маълум шавад, ки тақсир аз кӣ будааст. Чун ин ки вазифа алъон мутаваҷҷеҳи кист як матлаб аст ва тақсир аз кӣ буда матлаби дигар аст. Чунонки гуфтем, дар тақсир ҳар ду ширкат доштаанд ва ин моҳӣ, ҳам аз сар ганда гардидааст ва ҳам аз дум. Ва аз лиҳози вазифа низ баён хоҳем кард, ки ҳар ду табақа масъуланд. На гуноҳ, гуноҳи як табақа аст ва на вазифаи феълӣ вазифаи як табақаи бахусус аст.

Қабл аз ин ки баёни вазифа бишавад, барои дарки аҳаммияти ин вазифа бояд хатароти таҳриф баён шавад.

Ба таври куллӣ ҳар чизе офате дорад, аз ҷамод, набот, ҳайвон ва инсон. Масалан, мӯриёна офати китоб ё чӯб аст, кирми хордор ва малах офати гиёҳ аст ва баъзе микробҳо офати ҳайвонҳо ё инсонҳост, худи дин низ офате дорад. Пайғамбари Акрам фармуд:

فَقيهٌ فاجِرٌ، وَإِمامٌ جائِرٌ، وَمُجْتَهِدٌ جاهِلٌ :آفَةُ الدّينِ ثَلاثَةٌ

("*Офати дин се чиз аст: донишманди фоҷир ва пешвои ситамкор ва дар ибодат кӯшои ҷоҳил.*")

Бадеҳӣ аст, ки офати ҳар чизе як шайъи хосс аст мутаносиб бо худи ӯ. Ҳаргиз кирми хордор офати дин нест ва малах ҳам ҳаргиз динро намехӯрад, саратон низ онро аз миён намебарад.

Таҳриф ва қалб ва бидъат, офати бузурги дин аст.[79] Таҳриф, чеҳра ва симоро иваз мекунад, хоссияти аслиро аз миён мебарад, ба ҷойи ҳидоят залолат меоварад ва ба ҷойи

[79] *Достони ҳадиси:*

إِذا عَرَفْتَ فَاعْمَلْ ما شِئْتَ

ташвиқ ба сӯйи амали солеҳ, мушаввиқи маъсият ва гуноҳ мешавад ва ба ҷойи фалоҳ, шақоват меоварад. Таҳриф, аз пушт ханҷар задан аст, зарбати ғайримустақим аст, ки аз зарбати мустақим хатарноктар аст. Яҳудиён, ки қаҳрамони таҳриф дар таърихи ҷаҳонанд, ҳамеша зарбатҳои худро аз тариқи ғайримустақим ворид кардаанд. Алӣ алайҳис саломро дӯстона ва аз тариқи таҳриф, беҳтар ва бештар мешавад хароб кард, то ба сурати душманона. Қатъан заработе, ки аз тарафи дӯстони ҷоҳили Алӣ бар Алӣ ворид шуда, аз заработи душманонаш коритар ва бурротар будааст.

Таҳриф, муборизаи бидуни аксуламал аст. Таҳриф, мубориза аст бо истифода аз нерӯи худи мавзӯъ.

Таҳриф сабаб мешавад, ки симои шахс ба куллӣ иваз шавад, масалан Алӣ алайҳис салом ба сурати як паҳлавони маҳиби бадқиёфа таҷассум пайдо кунад, ба сурате дарояд, ки ҳаргиз натавон бовар кард, ки ин ҳамон марди меҳроб, хитоба, ҳикмат, қазо ва зуҳд ва тақво ва хавф аз Худост.

Таҳриф аст, ки Имом Саҷҷодро дар миёни мо ба номи "имоми бемор" маъруф кардааст. Танҳо дар миёни форсизабонон ин ном ба он ҳазрат дода шуда ва кор ба ҷойе расида, ки вақте мехоҳем бигӯем фалонӣ худро ба заъфу забунӣ зада, мегӯем: худро Имом Зайнулобидини бемор кардааст; дар сурате, ки ин шӯҳрат фақат бад-он ҷиҳат аст, ки Имом дар айёми ҳодисаи Ошӯро мариз будаанд, на ин ки дар ҳамаи умр таб лозим дошта ва асо ба даст ва камар хам роҳ мерафтаанд.

Марҳум Оятӣ дар суханронии "*Роҳу расми таблиғ*", ки дар анҷумани моҳонаи динӣ эрод кард ва чоп шуд (ҷилди 2, сафҳаи 160) ҳамин мавзӯъро унвон кард ва гуфт: чанде пеш шахсе дар маҷаллаи "Иттилоот" аз вазъи давлат ва кормандони давлат интиқод карда буд, ки ғолибан мутасаддиёни амр ё беурза ва нолоиқанд ва ё хоин ва нопок, дар сурате, ки мо ниёзманди афроде ҳастем, ки ҳам боурза бошанд ва ҳам пок. Матлабро ба ин сурат баён карда буд: "*Аксари риҷол ва маъмурини мо ё Шимранд ё Имом Зайнулобидини бемор, дар сурате, ки кишвар акнун беш аз ҳар мавқеъи дигар ба ҳазрати Аббос ниёзманд аст, яъне афроде, ки ҳам пок бошанд ва ҳам корбар*". Яъне Шимр корбар буд ва нопок, Имом Зайнулобидин пок буд, вале корбар набуд; ҳазрати Аббос хуб буд, ки ҳам пок буд ва ҳам корбар.[80] Ин ки мегӯянд:

— мисоли хубе аст барои ин ки таҳриф натиҷаи маъкус медиҳад. (Ин достон дар китоби "Ҳаққу ботил (асари устоди шаҳид), бахши "Эҳёи тафаккури исломӣ" нақл шудааст.)

[80] *Марҳум Шамси воиз мегуфт: чанде пеш дар Машҳад моро ба манзиле даъват карданд. Мо ҳам намедонистем, хаёл мекардем расман як меҳмонӣ аст. Мавқеъи*

عارفاً بحقّه

— маърифати Имом лозим аст; барои ин аст, ки фалсафаи имомат, пешвоӣ ва намуна будан ва сармашқ будан аст. Имом, инсони мофавқ аст, на мофавқи инсон ва ба ҳамин далел метавонад сармашқ бишавад; агар мофавқи инсон мебуд, ба ҳеч ваҷҳ сармашқ набуд. Аз ин рӯ ба ҳар нисбат, ки мо шахсиятҳо ва ҳодисаҳоро ҷанбаи эъҷозомез ва мофавқи инсонӣ бидиҳем, аз мактаб будан ва аз раҳбар будан хориҷ кардаем. Барои сармашқ шудан ва намуна будан, иттилоъи саҳеҳ лозим аст, аммо иттилооти ғалат ва таҳрифшуда натиҷаи маъкус медиҳад ва ба ҳеч ваҷҳ илҳомбахши некиҳо ва муҳаррики таърих дар ҷиҳати саҳеҳ нахоҳад буд, балки асосан нерӯ нахоҳад буд. Натиҷаи “Имом Зайнулобидини бемор” ин аст, ки имрӯз ҳар кас бештар оҳ бикашад ва бинолад, мардум ӯро тақдис кунанд, ки оқо шабеҳи имоми беморанд.

То инҷо хатари таҳриф маълум шуд.

Акнун бибинем муқассир кист? Ҳам хавос яъне уламо муқассиранд ва ҳам авом яъне ғайри уламо. Аммо уламо аз он назар, ки дар даврони шариати хатмия, онҳо ҳастанд, ки ҳам бояд монеъи таҳриф ва ҳам рофеъ ва зоилкунандаи таҳриф бошанд:

إِذا ظَهَرَتِ الْبِدَعُ فَعَلَى الْعالِمِ أَنْ يُظْهِرَ عِلْمَهُ وَإِلاّ فَعَلَيْهِ لَعْنَةُ اللهِ

Айзан дар ҳадиси “Кофӣ” аст:

وَإِنَّ لَنا في كُلِّ خَلَفٍ عُدولاً يَنْفونَ عَنّا تَحْريفَ الْغالينَ وَانْتِحالَ الْمُبْطِلينَ

Аввалин вазифаи уламо ин аст, ки бо нуқоти заъфи мардум мубориза кунанд, на он ки аз онҳо истифода кунанд. Масалан, дар ҷараёни маҷолиси азодорӣ ва ваъзу хитоба, имрӯз ду нуқтаи заъф дар мардум ҳаст: яке ин ки алоқаи шадид доранд, ки дар маҷолис иҷтимоъ ва издиҳом зиёд шавад, дигар ин ки мехоҳанд аз лиҳози гиря, маҷлис бигирад ва шӯр бапо шавад ва Карбало шавад.

Ин ҷост, ки як хатиб сари дуроҳӣ қарор мегирад: издиҳомро зиёд кунад ва маҷлисро Карбало кунад, ё ҳақоиқро бигӯяд, ки аҳёнан на издиҳом мешавад ва на шӯр ва вовайло. Уламо бояд бо омилҳои пайдоиши таҳрифот мубориза кунанд, ҷилави таблиғоти душманонро бигиранд, дасти душманонро кӯтоҳ кунанд, бо устурасозиҳо мубориза кунанд. Масалан, китоби “*Луълуъ ва марҷон*”-и Ҳоҷӣ Нурӣ як навъ қиём ба вазифа ба

ноҳор шуд. Ҷамъият ҳам зиёд буд. Ош оварданд, аммо чӣ оше! Аз лиҳози нерӯ мисли мош сифт, ки ба ҳар ҷо даст мезадӣ, тамомаш аз бушқоб берун меҷаст. Ба соҳибхона гуфтам: Худо падаратро биёмурзад! Ин чист, ки ба ҳалқи халқуллоҳ фурӯ мекунӣ?! Гуфт: оқо! Ихтиёр доред, шумо чаро ҳамчу ҳарфе мезанед?! Ин оши Имом Зайнулобидини бемор аст. Гуфтам: пас қатъан бемории эшон аз ҳамин ош буда!

наҳви шоиста аст, ки ин марди бузург кардааст ва мо имрӯз аз натиҷаи кори ин марди бузург истифода мекунем. Уламо бояд фазоеҳ ва расвоии дурӯғгӯёнро зоҳир кунанд. (Аз ин рӯ мегӯянд, аз мавориди ҷавози ғайбат, "ҷарҳ"-и ровии ҳадис аст.) Уламо бояд матни воқеии аҳодиси мӯътабар, симои воқеии шахсиятҳои бузург, матни воқеии ҳаводиси таърихиро дар ихтиёри мардум бигузоранд ва ба дурӯғ будани дурӯғҳо ишора ва тасреҳ кунанд.

Нигоҳе ба забони ҳолҳои имрӯз кофӣ аст, ки бифаҳмем чӣ қадр шахсиятҳо таҳриф шудаанд. Баъзе забони ҳолҳост, ки воқеан ойинаи шахсияти Имом аст, мисли ашъори Иқбол Лоҳурӣ ва баъзе ашъори Ҳуҷҷатуллислом Табрезӣ, вале баъзе забони ҳолҳост, ки таҳрифи шахсият аст, мисли: "Афсӯс, ки модаре надорам… Эй хоки Карбало! Ту ба ман модарӣ намо…

Инҳо на танҳо забони ҳоли Имом Ҳусайн бо он шахсияти азиму беназир нест, асосан забони ҳоли як марди панҷоҳу ҳафтсола нест, ки дар ин син дунболи оғӯши модар бигардад.

Ин син, синне аст, ки баръакс, модар ба фарзанд паноҳ мебарад. Имом Ҳусайн аз модар ёд кардааст, аммо ба сурати ҳамоса ва ифтихор:

أَنَا ابْنُ عَلِيِّ الطُّهْرِ مِنْ آلِ هاشِمٍ ... وَفاطِمُ أُمّي ... يَأْبَى اللهُ ذلِكَ لَنا وَرَسولُهُ وَحُجورٌ طابَتْ وَطَهُرَتْ وَنُفوسٌ أَبِيَّةٌ وَأُنوفٌ حَمِيَّةٌ

— ва амсоли инҳо.

Аммо тақсири авом ва вазифаи онҳо

Аввалан, як асли куллӣ, ки Ҳоҷӣ Нурӣ дар "*Луълуъ ва марҷон*" зикр кардаанд зикр кунам. Ва он ин ки: чизе, ки гуфтанаш ҳаром аст, (умуман ё ғолибан) истимоъ ва шуниданаш низ ҳаром аст мисли ғайбат, тӯҳмат, саббу дашном ба мӯъмин ё авлиёи Ҳақ, овозхонӣ ба ботил ва истеҳзо. Пас агар дурӯғ гуфтан дар равза ва зикри мусибат ҳаром аст, шунидан ва истимоъи он ҳам ҳаром аст.

Сониян, Худованд дар Қуръон мефармояд:

وَاجْتَنِبُوا قَوْلَ الزُّورِ

("*Ва аз сухани ботил ва беасос бипарҳезед*." (*Ҳаҷ/30)*)

وَالَّذِينَ لَا يَشْهَدُونَ الزُّورَ

("*Ва онон ҳастанд, ки ба ноҳақ шаҳодат намедиҳанд*." (*Фурқон/72)*)

سَمَّاعُونَ لِلْكَذِبِ سَمَّاعُونَ لِقَوْمٍ آخَرِينَ

(*“(Онон) ба шиддат шунавандаи дурӯғанд ва ба шиддат гӯш ба фармони гурӯҳе дигаранд…” (Моида/41*))

وَقَدْ نَزَّلَ عَلَيْكُمْ فِي الْكِتَابِ أَنْ إِذَا سَمِعْتُمْ آيَاتِ اللَّهِ يُكْفَرُ بِهَا وَيُسْتَهْزَأُ بِهَا فَلَا تَقْعُدُوا مَعَهُمْ حَتَّى يَخُوضُوا فِي حَدِيثٍ غَيْرِهِ إِنَّكُمْ إِذًا مِثْلُهُمْ

(*“Худованд дар Қуръон (ин ҳукмро) бар шумо фиристода, ки ҳангоме, ки бишнавед афроде оёти Худоро инкор ва истеҳзо менамоянд, бо онҳо нанишинед, то ба сухани дигаре бипардозанд, зеро дар ин сурат шумо ҳам мисли онон хоҳед буд.” (Нисо/140)*)

Ба таври куллӣ омма масрафкунандаи ин коло ҳастанд. Инҳо агар ин колоҳоро, ки ғолибан худашон медонанд колои тақаллубӣ аст масраф накунанд, арзакунанда онро арза намекунад.

Айби қазия ин аст, ки омма ҳатто мушаввиқ ҳам ҳастанд.

Мардуми авом ба ҷойи ин ки ба муборизаи таҳрифот бархезанд, аз онҳо ҳимоят мекунанд, масалан мегӯянд: чӣ монее дорад, ки арӯсии Қосим ҳам рост бошад? Мегӯем: аввалан, ки ҳеч ақле қабул намекунад ва сониян, инчунин чизе дар як мадраки мӯътабар ё нимамӯътабари қадим, ки мадорики аслӣ ҳастанд нақл шавад, он вақт баҳс бишавад, ки оё монее дорад ё монее надорад.

Фарз ин аст, ки дар ҳеч ҷо нақл нашудааст.

Агар касе бигӯяд: субҳи Ошӯро асҳоб ва аҳли байт аввал як соат ҷуфтакчоркуш[81] бозӣ карданд, чӣ монее дорад? Вале оё чунин коре кардаанд ё хайр?

Рушди иҷтимоъ

Инҷо бояд баҳсе дар бораи рушди иҷтимоӣ бикунем, балки беҳтар аст дар бораи рушди иҷтимоъ баҳс шавад, на рушди иҷтимоӣ. Рушди иҷтимоъ назири рушди фард аст. Рушд чист? Рушд яъне ин ки инсон дар як ноҳия аз ноҳияҳои зиндагӣ масалан дар амри издивоҷ (рушди мӯътабар дар издивоҷ), ончунон ҳадде аз фикру ақлро дошта бошад, ки масолеҳи худро дар интихоби ҳамсар ва дар идораи зиндагии хонаводагӣ дарк кунад. Ба иборати дигар, арзишҳои лозимро дар боби издивоҷ дарк кунад, ки дар зиндагии хонаводагӣ чӣ чизҳое лозим аст ва чӣ чизҳое лозим нест, чӣ чизҳое муҳим аст ва чӣ чизҳое муҳим нест, чӣ чизҳое дар дараҷаи аввали аҳаммият аст ва чӣ чизҳое дар дараҷаи дуввум ва севвум. Ва ба иборати дигар, суду зиёну омилҳои суду зиёни худро ташхис

[81] *Ҷуфтакчоркуш: навъе бозӣ, ки дар он яке хам мешавад ва дастҳоро бар зону мегузорад ва дигаре аз рӯйи пушти ӯ мепарад*.

диҳад. Танҳо рушди ҷисмӣ ва ҷинсӣ барои издивоҷ, ки ташкили як воҳиди иҷтимоӣ аст кофӣ нест.

Рушди иқтисодӣ яъне ин ки инсон ба ҳадде бирасад, ки масолеҳи худро ва омилҳои лозимро аз лиҳози ҳифз ва нигаҳдорӣ ва балки таксир ва тавсиаи сарват дарк кунад, агар на, ҳанӯз рашид нест ва агар аз синини рушд бигузарад ва воҷиди рушд набошад, “сафеҳ” номида мешавад, аммо агар ҳанӯз ба он нарасидааст ва кӯдак аст, мумкин аст рашид набошад, вале албатта сафеҳ хонда намешавад.

وَابْتَلُوا الْيَتَامَى حَتَّى إِذَا بَلَغُوا النِّكَاحَ فَإِنْ آنَسْتُمْ مِنْهُمْ رُشْدًا فَادْفَعُوا إِلَيْهِمْ أَمْوَالَهُمْ

(*“Ва кӯдакони ятимро биёзмоед, то вақте ба синни булуғ расанд. Пас агар дар онон рушд ёфтед, амволашонро дар ихтиёрашон қарор диҳед.” (Нисо/6)*)

Пас рашид дар ҳар ноҳияе, касе аст, ки суду зиёнро дар он мавзӯъ дарк мекунад ва ҳам арзиши мавзӯоти марбутро дарк мекунад. То арзишҳо дарк нашавад, қудрат бар ҳифз ва нигаҳдорӣ ва анҷоми вазифа дар кор нест. Рашид дар издивоҷ писар ё духтаре аст, ки арзишҳои лозим дар ташкили хонаводаро дарк кунад. Писаре, ки фақат ба хотири жести қашанги фалон духтар ё ба хотири лабҳои зебои ӯ мехоҳад издивоҷ кунад, ё аз роҳ рафтанаш хушаш омада ва амсоли инҳо, рашид нест; инро намефаҳмад, ки омилҳои лозим дар саодатмандона будани издивоҷ садҳо чиз аст, ки лабҳои зебо ба ҳисоб намеояд; арзишҳои омилҳоро дарк накардааст. Ва ҳамчунин касе, ки арзишҳои марбут ба сарватро дарк намекунад, роҳи муомиларо намедонад, афроди ходим ва хоинро ташхис намедиҳад, намедонад чӣ касеро бояд ба худ наздик кунад ва аз чӣ касе бояд дурӣ гузинад, инчунин фарде рашид нест.

Аммо рушди иҷтимоӣ: беҳтар ин аст, ки ба ҷойи рушди иҷтимоӣ, ки сифати фард аст, рушди иҷтимоъро, ки сифати ҷомеаи рашид аст мавзӯи баҳс қарор диҳем, ки ҷомеа низ гоҳе рашид аст ва гоҳе сафеҳ ва ҳадди аксар ноболиғ. Ҷомеае, ки худро ба унвони як воҳид дарк накунад, арзиши сармояҳои худро аз қабили шахсиятҳои таърихӣ ва ҳаводиси таърихӣ нашиносад, ончунон ҷомеа рашид нест.

Яке аз он сармояҳо шахсиятҳои гузашта аст. Яке дигар осори ҳунарӣ, илмӣ, санъатӣ, адабии гузашта аст. Яке ҳам таърихи гузашта аст, он ҳам гузаштаи пурифтихор ва омӯзанда ва саодатбахш. Ҷараёнҳои таърихии гузашта санадҳои ахлоқӣ ва тарбиятии ояндагон аст.

Осори ҳунарӣ ва санъатӣ дар миёни як миллате пайдо мешавад ва баъд онҳо арзиши инҳоро дарк намекунанд, онҳоро хароб мекунанд. Чӣ бисёр шуда, ки як нусхаи нафиси хаттии як китоб ба дасти як баққол афтода ва ба унвони коғази чой аз он истифода

шудааст. Баъзе осори ҳунарӣ ва санъатӣ аз қабили меҳробҳо, кошикориҳо, наққошиҳо ба дасти афроди носолеҳ, ки афтодааст малъабаи кӯдакон воқеъ шудааст.

Аз ҳамин қабил аст таърих. Гоҳе баъзе аз миллатҳо фарозҳои таърихӣ доранд мамлув аз ҳамоса, ифтихор, омӯзандагӣ, зебоӣ, азамат, илҳомбахшӣ, вале ҳамон тавре, ки як тоблуи нафиси наққоширо ба дасти кӯдакон медиҳанд ва онҳо бо қалам онро хароб мекунанд, инҳо низ он қадр афсона ва хурофа аз ваҳми худ ба онҳо мулҳақ мекунанд, ки ба куллӣ азамат, зебоӣ, илҳомбахшӣ, ҳамоса, омӯзандагӣ ва ифтихори онро аз миён мебаранд ва нобуд мекунанд ва ба ҷойи он, ки илҳомбахши азамат ва ҳамоса ва муҳаррики руҳи силаҳшӯрӣ бошад, илҳомбахши забунӣ ва бадбахтӣ ва таслим дар муқобили ҳаводис мегардад.

Воқеаи таърихии Карбало аз он навъ ҳаводис аст, ки дар асари адами рушди иҷтимоъ, масх ва маъкус шудааст, тамоми азаматҳо ва зебоиҳояш фаромӯш шуда, ҳамоса ва шӯр ва ифтихороташ маҳв шуда ва ба ҷойи онҳо забунӣ ва заъф ва ҷаҳолат ва нодонӣ омадааст.

Ин, нишонаи адами рушди ин миллат аст барои ҳифз ва нигаҳдории таърихи боазамат ва пурифтихори хеш.

Ин аз назари умуми миллат. Аммо аз назари хусуси табақаи тӯда ва омма, бояд бигӯем, ки масъулияти ҳифз ва нигаҳдории таърихи пурифтихори гузашта ихтисос ба уламо надорад, ҳар фарде бояд худро масъул бидонад. Ҳамон тавре, ки дурӯғ бастан ба ин ҳаводис ба сурати дурӯғ гуфтан ҳаром аст, дурӯғ шунидан, дурӯғ масраф кардан ҳам ҳаром аст. Дар Қуръони Карим як ҷо мефармояд:

وَاجْتَنِبُوا قَوْلَ الزُّورِ

(“*Ва аз сухани ботил ва беасос бипарҳезед*.” (*Ҳаҷ/30)*)

Ва ҳам мефармояд:

وَالَّذِينَ لَا يَشْهَدُونَ الزُّورَ وَإِذَا مَرُّوا بِاللَّغْوِ مَرُّوا كِرَامًا

(*“Ва онон, ки дар маҷолиси ботил ширкат накунанд ва чун ба кори лағве гузар кунанд, бо каромат убур намоянд.” (Фурқон/72)*)

Дар тафсири “Кашшоф” зайли ояти аввал, “қавли зур”-ро қавли ботил ва кизб маънӣ мекунад, мегӯяд:

وَجُمِعَ الشِّرْكُ وَقَوْلُ الزُّورِ في قِرانٍ واحدٍ وَذلِكَ أَنَّ الشِّرْكَ مِنْ بابِ الزُّورِ لِأَنَّ الْمُشْرِكَ زاعِمٌ أَنَّ الْوَثَنَ تَحِقُّ لَهُ الْعِبادَةُ، فَكَأَنَّهُ قالَ: فَاجْتَنِبوا عِبادَةَ الْأَوْثانِ الَّتي هِيَ رَأْسُ الزُّورِ

то онҷо, ки мегӯяд:

الزُّورُ مِنَ الزَّوَرِ وَالْازْوِرارِ وَهُوَ الْإِنْحِرافُ

(*“Ва ширк ва қавли зур дар як радиф гирд омадаанд, чаро ки ширк худ аз боби зур аст, зеро мушрик чунин пиндорад, ки бут шоистаи парастиш аст. Ва гӯё дар ин оят фармуда: аз парастиши бутҳо, ки раъси ҳамаи зурҳост бипарҳезед… Ва зур аз “завар” ва “извирор” гирифта шуда, ки ба маънии инҳироф аст.*”)

Дар тафсири ояти дуввум мегӯяд:

يَحْتَمِلُ أَنَّهُمْ يَنْفِرونَ عَنْ مَجالِسِ الْكَذّابينَ وَمَجالِسِ الْخَطّائينَ فَلا يَحْضُرونَها وَلا يَقْرَبونَها تَنَزُّهاً عَنْ مُخالَطَةِ الشَّرِّ وَأَهْلِهِ، وَصيانَةً لِدينِهِمْ عَمّا يَثْلِمُهُ، لِأَنَّ مشاهدَ الْباطِلِ شركه فيهِ. وَلِذلِكَ قيلَ فِي النَّظّارَةِ اِلى كُلِّ ما لَمْ تُسَوِّغْهُ الشَّريعَةُ: هُمْ شُرَكاءُ فاعِليهِ فِي الْإِثْمِ؛ لِأَنَّ حُضورَهُمْ وَنَظَرَهُمْ دَليلُ الرِّضا بِهِ وَسَبَبُ وُجودِهِ، لِأَنَّ الَّذي سَلَّطَ عَلى فِعْلِهِ هُوَ اسْتِحْسانُ النَّظّارَةِ وَرَغْبَتُهُمْ فِي النَّظَرِ إِلَيْهِ. وَفي مواعِظِ عيسى عليه السلام: إِيّاكُمْ وَمُجالَسَةَ الْخَطّائينَ

(*“Мумкин аст маънии оят ин бошад, ки онон аз маҷолиси дурӯғгӯён ва хатокорон дурӣ мекунанд ва дар онҳо ширкат накарда ва ба он наздик намешаванд, то аз омехтан бо бадӣ ва бадон муназзаҳ бошанд ва динашонро аз рахна маҳфуз доранд, зеро ҳузур дар ботил ба манзилаи ширкат дар он аст ва ба ҳамин далел ба касоне, ки ба он чи шариат ҷоиз надониста менигаранд, гӯянд: инон бо кунандаҳои ҳамон корҳо дар гуноҳ шариканд, зеро ҳузур ва назарашон дар онҷо далели ризоят додан ба он кор ва сабаби вуҷуди он аст, зеро он чи ангезаи амали фоили он мешавад, ҳамон ташвиқи бинандагон ва рағбаташон дар дидани ӯст. Ва дар пандҳои Исо алайҳис салом омада: аз ҳамнишинӣ бо хатокорон бипарҳезед!”*)

Пас ояти аввал фақат иҷтиноб аз қавли зурро мегӯяд, ки ҳам шомили гуфтан аст ва ҳам истимоъ ва албатта гуфтан азҳари мисдоқайн аст, вале ояти дуввум расман ҳузур дар маҷолиси ботилро манъ мекунад, хоҳ ҳузур барои шунидани ботил бошад ва ё барои дидани ботил.

Ин оят дар воқеъ навъе “иъонат ба исм” (ёрӣ ба гуноҳ)-ро наҳӣ мекунад.

Ояти дигар:

وَقَدْ نَزَّلَ عَلَيْكُمْ فِي الْكِتَابِ أَنْ إِذَا سَمِعْتُمْ آيَاتِ اللَّهِ يُكْفَرُ بِهَا وَيُسْتَهْزَأُ بِهَا فَلَا تَقْعُدُوا مَعَهُمْ حَتَّى يَخُوضُوا فِي حَدِيثٍ غَيْرِهِ

(*“Худованд дар Қуръон (ин ҳукмро) бар шумо фиристода, ки ҳангоме, ки бишинавед афроде оёти Худоро инкор ва истеҳзо менамоянд, бо онҳо нанишинед, то ба сухани дигаре бипардозанд…” (Нисо/140)*)

Тафсири Софӣ:

عن الصادق عليه السلام: وَفَرَضَ اللهُ عَلَى السَّمْعِ أَنْ يَتَنَزَّهَ عَنِ الْاِسْتِماعِ اِلى ما حَرَّمَ اللهُ، وَأَنْ يُعْرِضَ عَمّا لا يَحِلُّ لَهُ مِمّا نَهَى اللهُ عَنْهُ وَالْإِصْغاءِ اِلى ما أَسْخَطَ اللهَ، فَقالَ في ذلِكَ: وَقَدْ نَزَّلَ عَلَيْكُمْ

(“*Имом Содиқ алайҳис салом фармуд: “Худованд бар гӯш воҷиб намуда, ки аз шунидани он чи ҳаром фармуда парҳез кунад ва аз он чи барояш ҳалол нест ва Худованд наҳӣ фармуда ва аз шунидани он чи Худоро ба хашм меоварад дурӣ ҷӯяд ва дар ин маврид фармуда: “Ва бар шумо ин дастур фиристод, ки…*))

Айзан Софӣ:

القمّيّ: آياتُ اللهِ هُمُ الْأئِمَّةُ عَلَيْهِمُ السَّلام

Зоҳиран мақсуд аз оятҳо аъамм аст аз оятҳои тадвинӣ ва оятҳои таквинии илоҳӣ, аъамм аз шахсиятҳо монанди имомон алайҳимус салом ё ҳаводиси таърихӣ, ки оятҳои таквинии илоҳӣ мебошанд.

Таърихҳое, ки мазҳару маҷлои руҳи имон аст низ ҷузъи оятҳои илоҳӣ мебошанд.

Тафсири Софӣ зайли ояти:

وَإِذَا رَأَيْتَ الَّذِينَ يَخُوضُونَ فِي آيَاتِنَا فَأَعْرِضْ عَنْهُمْ حَتَّى يَخُوضُوا فِي حَدِيثٍ غَيْرِهِ

(*Анъом/68*) мегӯяд:

العيّاشي: عن الباقر عليه السلام في هذه الآية قال: اَلْكَلامُ فِي اللهِ وَالْجِدالُ فِي الْقُرْانِ. قال: مِنْهُ الْقُصّاصُ

(“*Айёшӣ аз Имом Боқир (а) гӯяд, ки фармуд: мурод сухан дар бораи зоти Худо ва кашмакаш дар мавриди Қуръон аст. Ва фармуд: ва аз он ҷумла афсонасароён ҳастанд.*”)

Айзан Софӣ зайли ояти фавқ:

فى العلل: عن السّجاد عليه السلام: لَيْسَ لَكَ أَنْ تَقْعُدَ مَعَ مَنْ شِئْتَ لِأَنَّ اللهَ تَبارَكَ وَتَعالى يَقُولُ :وَإِذا رَأَيْتَ اَلَّذِينَ يَخُوضُونَ

(*“Дар “Илал” аз Имом Саҷҷод (а) аст, ки фармуд: ихтиёр бо ту нест, ки бо ҳар кас хостӣ нишасту бархост кунӣ, зеро Худои Таборак ва Таъоло мефармояд: ва чун дидӣ касонеро, ки дар (масхара ва такзиб кардани) оятҳои мо фурӯ мераванд…”*)

Хулосаи баҳс дар вазифаи тӯда:

а) Баҳсе исломӣ ва ахлоқӣ дар бораи ин ки ҳар чизе, ки гуфтанаш ҳаром аст, шуниданаш низ ҳаром аст: гӯшу забон навъе иштирок дар вазифа доранд, зеро гӯш масрафкунандаи колоҳои забон аст; агар гӯш масраф накунад, забон тавлид намекунад ва агар аҳли гӯш масраф накунанд акозиб ва маҷъулот ва ғайбатҳо ва дашномҳо ва куфрҳоро, аҳли забон намегӯянд; ҳамон тавре, ки чашму қироат масрафкунандаи осори қаламҳо ва филмҳо ҳастанд, агар инҳо масраф накунанд, онҳо тавлид намекунанд.

б) Оятҳои Қуръон дар ин замина.

в) Баҳсе иҷтимоӣ: ҳамон тавр, ки фард гоҳе рашид аст ва гоҳе ғайри рашид ва шарти сиҳҳати издивоҷ ва ҳамчунин ҷавози таслим кардани сарваташ ба худаш, рушд аст, ҷомеа низ чунин аст; гоҳе як иҷтимоъ рашид аст ва гоҳе сафеҳ.

Маънии рушд, дарки арзишҳо ва сармояҳо ва тарзи истифода ва баҳрабардорӣ аз онҳост. Рушд дар издивоҷ ин аст, ки (шахс) бидонад сармояҳои лозим барои зиндагии хонаводагӣ чист? Арзиши ҳар кадом аз онҳо чист? Масалан, (ин ки) духтар аз хонаводаҳои саршинос бошад, чӣ қадр барои издивоҷ муфид аст. Ҳамчунин рушди фард барои дар ихтиёр гирифтани сарват.

Рушди иҷтимоъ ин аст, ки худи иҷтимоъ аввалан худро ба сурати як воҳид дарк кунад, арзишҳо ва сармояҳоеро, ки сармояи умумӣ ва миллӣ маҳсуб мешавад бишносад ва сипас дар ҳифз ва нигаҳдории онҳо бикӯшад. Он сармояҳо ё аз қабили шахсиятҳост яъне шахсиятҳои таърихӣ ва ё аз қабили осори илмӣ, фалсафӣ, ҳунарӣ, санъатӣ, адабӣ аст ва ё аз қабили таърихҳои пурифтихор аст.

Ҷомеае, ки таърихе монанди таърихи Ҳусайн ибни Алӣ дорад, мамлув аз ифтихор ва ҳамоса ва азамат ва зебоӣ ва омӯзандагӣ ва илҳомбахшӣ ва онро пур мекунад аз афсонаҳои аҳмақонаи “Равзатуш шуҳадо” ва “Асроруш шаҳода”, ҳаққан чунин ҷомеае сафеҳ аст, на рашид. Мо имрӯз бояд ҳамон тавре, ки ба ҳифзи осори таърихӣ ва миллӣ мехоҳем бикӯшем, ба ҳифзи таърихи худамон бикӯшем.

Ёддошт:

1) Таҳриф дар Қуръон ва тавҷеҳу тафсири Қуръон, назири тафсири Софӣ ва Алӣ ибни Иброҳим.

2) Таҳриф дар шахсияти Алӣ алайҳис салом, мисли достони шер дар Карбало, ки Алӣ аз об даромад.

3) Таҳриф дар таърихи ислом: ислом бо сарвати Хадиҷа ва шамшери Алӣ пеш рафт.

4) Таҳриф дар шахсиятҳои шақӣ ҳам худ навъе инҳироф ва монеъи ибрат гирифтан аст, мисли ин ки ғолибан онҳоро як валадуззино муаррифӣ мекунанд ва дар натиҷа мардум ҳаргиз аз Муовияи чаҳордаҳ қарн пеш ибрат намегиранд. Масалан, мегӯянд Шимр ҳафт пистон дошт мисли саг. Баъзе ҳам мегӯянд, исмаш шайх Абдуллоҳ будааст.

Фасли шашуми ҳамосаи ҳусайнӣ

1) Барои ин ки мафҳуми калимаи боло равшан шавад, лозим аст калимаи “ҳамоса”-ро тафсир ва маънӣ кунем. Дар “Ниҳоя”-и Ибни Асир (ҷ.1) мегӯяд:

اَلْخُمْسُ جَمْعُ الْأَخْمَسِ وَهُمْ قُرَيْشٌ وَمَنْ وَلَدَتْ قُرَيْشٌ، وَكِنانَةُ، وَجَديلَةُ قَيْسٍ، سُمُّوا خُمْساً لِأَنَّهُمْ تَحَمَّسوا فى دينِهِمْ أىْ تَشَدَّدوا. وَالْحِماسَةُ الشَّجاعَةُ، كانوا يَقِفونَ بِمُزْدَلِفَةَ وَلا يَقِفونَ بِعَرَفَةَ، وَيَقولونَ: نَحْنُ أَهْلُ اللهِ فَلا نَخْرُجُ مِنَ الْحَرَمِ وَكانوا لا يَدْخُلونَ الْبُيوتَ مِنْ أَبْوابِها وَهُمْ مُحْرِمونَ

(“*Ҳумс ҷамъи аҳмас аст ва онон тоифаи Қурайш ва авлоди онон ва тоифаи Кинона ва Ҷадалелаи Қайс ҳастанд. Онон ҳумс ном гирифтаанд, зеро дар дини худ таҳаммус яъне шиддат ва устуворӣ доштанд. Ва ҳамоса шуҷоат аст. Одаташон ин буд, ки дар Муздалифа вуқуф мекарданд ва дар Арафа намекарданд ва мегуфтанд: мо аҳли Худоем, бинобар ин аз ҳарам берун намешавем. Ва низ дар ҳоли эҳром аз дар вориди хонаҳояшон намешуданд.*”)

Қомус мегӯяд:

حَمِسَ كَفَرِحَ: اِشْتَدَّ وَصَلُبَ فِي الدّينِ وَالْقِتالِ فَهُوَ حَمِسٌ وَأَحْمَسُ

(“*Ҳамиса бар вазни фариҳа яъне дар дин ва корзор сахту муҳкам аст ва исм аз ин феъл ҳамис ва аҳмас аст.*”)

Истилоҳан дар мавриди баъзе ашъор калимаи “ҳамоса” итлоқ мешавад. Бисёр китобҳо ба номи “ҳамоса” таълиф шуда, зеро мутазаммини чунин ашъоре будааст.

Манзумаҳо ва ашъорро маъмулан тақсим мекунанд ба манзумаҳо ва ашъори ҳамосӣ, ғиноӣ, рисоӣ, ситоишӣ, ваъз ва андарзӣ. Албатта ақсоми дигаре ҳам дорад.

Шеъри ҳамосӣ шеъре аст, ки руҳи ғайрату шуҷоат ва шиддату муқоваматро бармеангезад, хоҳ худи мазмун ҳамосӣ бошад ё мутазаммини саргузашти як паҳлавон ва қаҳрамон бошад. Башар қаҳрамондӯст ва қаҳрамонпараст аст. Шеъри ҳамосӣ мисли:

Маро марг беҳтар аз он зиндагӣ,

Ки солор бошам, кунам бандагӣ.

(Фирдавсӣ)

Достони ҳамосӣ ҳам мисли бисёре аз афсонаҳои куҳани Эрон ва достонҳои воқеии таърихи ислом ва Эрон мисли достони муборизаи Алӣ алайҳис салом ва Амр ё таърихчаи Ҷалолуддини Хоразмшоҳ.

Шеъри ғиноӣ мисли ғазалиёти Ҳофиз ва Саъдӣ. Масалан:

Фикри булбул ҳама он аст, ки гул шуд ёраш…

(Ҳофиз)

Сабо ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро…

(Ҳофиз)

Ин ки ту дорӣ, қиёмат аст, на қомат…

(Саъдӣ)

Шеъри рисоӣ ҳам мисли қасида дар рисои Султон Маҳмуд:

Шаҳри Ғазнин на ҳамон аст, ки…

(Фаррухии Систонӣ)

Ё қасида дар фитнаи Ғазнин:

В-он найли макрамат, ки ту шунидӣ, сароб шуд…

(Хоқонӣ)

Ва ё қасоиде, ки дар масоиби аҳли байти Пайғамбар Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ гуфта шуда.

Ашъори мадҳу тамаллуқ ҳам, ки ило мошоаллоҳ.

Ва аммо мавъиза мисли:

Айюҳаннос, ғаҳон ғои таносонӣ нест…

(Саъдӣ)

Шеъри мусибат ҳам дорем мисли:

Булбуле хуни диле хӯрду гуле ҳосил кард…

(Ҳофиз)

Шеъри мадҳу чоплусӣ ҳам дорем мисли:

Нӯҳ курсии фалак ниҳад андеша зери пой,

То бӯса бар рикоби Қизил Арслон занад.

(Заҳирии Форёбӣ)

Ихтисос ба шеър надорад, наср ҳам ҳамин тавр аст:

قَدِ اسْتَطْعَموكُمُ الْقِتالَ

(*“Инон аз шумо хӯроки ғанг металабанд…” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 51)*)

Ҳамчунин хутбаи Торик як насри ҳамосӣ аст.

وَالْعادِياتِ ضَبْحاً

— низ як насри ҳамосӣ аст. Ҳикояти “*Дар унфувони ғавонӣ, чунон ки афтаду донӣ, бо шоҳиде сару сирре доштам ба ҳукми он, ки…” (Саъдӣ*) насрест ғиноӣ. Балки ҳодисаҳо ва таърихчаҳо ва вақоеъ низ чунин аст. Таърихи ислом як таърихи ҳамоса аст мисли достони шиори Абӯзар дар Макка.

Достонҳои мавъиза ва ғиноӣ ҳам зиёд дорем.

Худи шахсиятҳо гоҳе як шахсияти ҳамосӣ аст.[82]

Акнун биравем сурӯи шахсияти ҳусайнӣ ва ҳам сурӯи ҳодисаи таърихии Карбало ва ҳам сурӯи шиорҳои ҳусайнӣ.

Ҳусайн як шахсияти ҳамосӣ ва ҳодисаи Карбало як достони ҳамосӣ ва шиорҳои ҳусайнӣ шиорҳои ҳамосӣ аст.

2) Хулосае аз суханронии шаби 13 Муҳаррами 88 дар Ҳусайнияи Иршод (таҳти унвони "Ҳамосаи ҳусайнӣ"):

Гуфтем, ҳамон тавр, ки манзумаҳо ҳамосӣ, ғиноӣ ё рисоӣ ё андарзӣ ва ғайра аст, насрҳо низ ҳамин тавр аст, балки вақоеъ ва таърихчаҳо низ ҳамин тавр аст, балки шахсиятҳо ва руҳияҳо ва қаҳран шиорҳо низ ҳамин тавр аст. Баъд гуфтем, ҳодисаи Карбалоро мутолеа кунем, бибинем оё як ҳодисаи ғиноӣ аст ё рисоӣ ё ҳамосӣ ё андарзӣ ё ғайри он.

Гуфтем айзан, ки ин ҳодиса ду варақ ва ду сафҳа дорад. Як сафҳааш сиёҳ ва торик аст. Аз назари ин сафҳа, достони Карбало як достони ҷиноӣ ва рисоӣ аст. Аз ин назар, ин достон як трагедии беназир аст (лоақал дар Машриқзамин, аммо дар Мағрибзамин болотар аз ин ҷиноят зиёд буда ва ҳаст, ки намунааш дар ҷангҳои салибӣ ва ҷангҳои Андалус ҳаст) ва қаҳрамони ин достони ҷиноӣ, ҷинояткороне аз қабили писари Муовия ва писари Зиёд ва писари Саъд ва ғайруҳум ҳастанд.

Аммо аз сафҳаи дигар, як достони ҳамосӣ аст. Аз ин назар ва дар ин сафҳа, қаҳрамонҳо иваз мешаванд; қаҳрамонҳо иборатанд аз Ҳусайн алайҳис салом, Зайнаб, Аббос ибни Алӣ, Алӣ ибни Ҳусайн алайҳис салом, Қосим ибни Ҳасан, Муслим ибни Ақил, Зуҳайр ибни Қин, Бурайр ибни Хузайр, Ҳилол ибни Нофеъ, Ҳабиб ибни Музаҳҳар.

Аз назари аввал, намоишгоҳи ҷинояти башарият ва мӯҷиби сарафкандагии башарият ва мисдоқи:

أَتَجْعَلُ فِيها مَنْ يُفْسِدُ فِيها وَيَسْفِكُ اَلدِّماءَ

— аст ва аммо аз назари дуввум, мисдоқи:

إِنِّي جاعِلٌ فِي اَلْأَرْضِ خَلِيفَةً

— ва мисдоқи:

إِنِّي أَعْلَمُ ما لا تَعْلَمُونَ

(*Бақара/30*) аст. Гуфтем, мо то кунун як тарафи сикка ва як тарафи варақро мутолеа кардаем; аз он назар мутолеа кардаем, ки достони ҷиноӣ аст. Акнун мехоҳем сафҳаи

[82] *Дар ёддоштҳое аз Сукорну дар "Иттилоот" хондам, ки мегуфт, ман як ошиқи бузургам ва ишқбозиҳои худро зикр карда буд. Бинобар ин ӯ як шахсияти ғиноӣ буда, на сиёсӣ.*

дигарро мутолеа кунем. Гуфтем, ки баъзеҳо назири Муҳаммад Масъуд муддаӣ ҳастанд, ки равиши масеҳиён бар равиши мо тарҷеҳ дорад, ки шаҳодат ва фидокории Масеҳро ҷашн мегиранд, вале мо (шаҳодати Ҳусайн алайҳис саломро) азо мегирем; онҳо шаҳодатро муваффақият ва мо шикаст медонем. Инҳо иштибоҳ мекунанд, намедонанд, ки масеҳият, ки ҷашн мегирад, аввалан аз назари шахсӣ масъаларо мавриди мутолеа қарор медиҳад ва ислом аз назари иҷтимоъ.

Аз назари шахсӣ, мо ҳам муваффақият медонем. Ва ба илова, онҳо аз он назар ҷашн мегиранд, ки шаҳодатро фидои гуноҳон медонанд. Ҷашн мегиранд, ки Исо кушта шуд ва бо кушта шудани ӯ аз зери бори сангини гуноҳ даромадем. Ва мусалмони воқеӣ наметавонад чунин фикре дошта бошад.

Акнун мехоҳем бибинем, чӣ гуна шахсияти Ҳусайн алайҳис салом як шахсияти ҳамосӣ аст ва чӣ гуна калимоташ ҳамоса аст ва чӣ гуна ҳодисаи Карбало як ҳодисаи ҳамосӣ аст? Аввал бояд арз кунем, ки ин ҳодиса, ки арз мекунам, дар он таҳаммул аст, салобат аст, ғайрат аст, дифоъ аз идея ва маслак ва фидокорӣ аст, шаҳодат аст; бо соири ҳамосаҳо фарқ (дорад.) Ин як ҳамосаи муқаддас ва як ҳамосаи мутлақ аст. Мутлақ аст яъне ба хотири як қавм ва як миллати бахусус нест, барои инсоният аст, болотар, дар роҳи Худост, яъне дар роҳи ҳамоҳангӣ бо ҳадафҳои куллии хилқат аст. Ва ин аст маънии ин ки дар роҳи ризои Худост, вагарна Худованд, ки шахсан ва барои худ чизе намехоҳад, ки ризоят ва адами ризоят, аз он назар мафҳуме дошта бошад. Дигар ин ки муқаддас аст. Аз назари фардӣ, ҳеч гуна ангезаи шахсӣ, фардӣ, ҷоҳ, мақом дар кор нест. Барои муқаддасоти башарият аст, дар роҳи тавҳид, мубориза бо башарпарастӣ, адл, озодӣ, ҳимоят аз ситамдидагон аст. Аз ин назар, як ҳамосаи илоҳӣ аст, як ҳамосаи ҷаҳонӣ аст, як ҳамосаи инсонӣ аст.

Як қаҳрамони миллӣ, ки фақат барои миллати худ кор мекунад, мумкин аст аз назари миллати дигар ҷонии бузурге бошад. Искандар аз назари юнониён як қаҳрамони бузург аст ва аз назари миллатҳои ситамдида як ҷинояткор аст. Бар хилофи он касе, ки ҳадафаш ҳақ, ҳақиқат, адолат, ҳуррият, Худост. Ҳатто он касе, ки ҳадафаш ҳуқуқи модии поймолшуда аст, барқарории баробарии иқтисодӣ аст ва фалсафааш материализм ва асоси фикрии асолати иқтисод аст ва муҳаррики аслии худаш хоҳ нохоҳ манофеъи фардӣ аст, наметавонад наҳзаташ муқаддас муаррифӣ шавад.

3) (Шеъре аз Парвини Эътисомӣ):

Шоҳиде гуфт ба шамъе к-имшаб,

Дару девор музайян кардам.

Дишаб аз шавқ нахуфтам якдам,

Дӯхтам ҷомаву бар тан кардам…
Кас надонист чӣ сеҳромезе,
Ба паранд аз наху сӯзан кардам.
Сафҳаи коргаҳ аз савсану гул,
Ба хушӣ чун сафи гулшан кардам.
Ту ба гарди ҳунари ман нарасӣ,
З-он, ки ман базли сару тан кардам.
Шамъ хандид, ки бас тира шудам,
То зи торикият эман кардам.
Пайи пайванди гуҳарҳои ту бас,
Гуҳари ашк ба доман кардам.
Гиряҳо кардаму чун абри баҳор,
Хидмати он гулу савсан кардам.
Хушам аз сӯхтани хеш аз он-к,
Сӯхтам, базми ту равшан кардам.
Гарчӣ як равзани уммед намонд,
Ҷилваҳо бар дару равзан кардам.
То ту осуда равӣ дар раҳи хеш,
Хӯй бо гетии раҳзан кардам.
То фурӯзанда шавад зебу зарат,
Ҷон зи рӯю дил аз оҳан кардам.
Хирмани умри ман ар сӯхта шуд,
Ҳосили шавқи ту хирман кардам.
Корҳое, ки шумурдӣ бар ман,
Ту накардӣ, ҳамаро ман кардам.

4) Қаблан қиёмҳои муқаддас ва мардони бузургро ташреҳ кардем ва гуфтем, қиёмҳои муқаддас дорои чаҳор хусусият аст:

Аввал: умумият, итлоқ.

Дар ин ҷиҳат бархе наҳзатҳои иҷтимоӣ низ, ки ҷанбаи материалистӣ доранд, шариканд.

Дуввум: тақаддус, яъне муназзаҳ будан аз ин ки ҷанбаи фардӣ ва худхоҳӣ дошта бошад. Искандар, Наполеон, Нодир, Шоҳ Исмоил мардони бузург буданд, аммо…

Севвум: ин ки шӯълаҳое ҳастанд дар миёни торикиҳо, ҳаракате дар хилоли сукунҳо, дар сукутҳои маргбор. Ба ҳамин далел мавриди қабули уқалои қавм қарор намегирад…

Чаҳорум: диди қавӣ.

5) Аммо суханони Ҳусайн алайҳис салом ҳикоят аз як ғайрати илоҳӣ мекунад ва мифтоҳи шахсияти ӯст:

а) Аз ӯ мепурсанд, аз пайғамбар ҳадисе, ки худат шунида бошӣ, нақл кун. Инро нақл мекунад:

إِنَّ اللهَ يُحِبُّ مَعالِيَ الْأُمورِ وَيُبْغِضُ سَفْسافَها

6) "*Ал-анвор ул-баҳийя*" (с.45):

عن الحسين عليه السلام :إِنَّ جَميعَ ما طَلَعَتْ عَلَيْهِ الشَّمْسُ في مَشارِقِ الْأَرْضِ وَمَغارِبِها، بَحْرِها وَبَرِّها، سَهْلِها وَجَبَلِها عِنْدَ وَلِيٍّ مِنْ أَوْلياءِ اللهِ وَأَهْلِ الْمَعْرِفَةِ بِحَقِّ اللهِ كَفَيْءِ الظِّلال. ثُمَّ قالَ :أَلا حُرٌّ يَدَعُ هذِهِ اللُّماظَةَ لِأَهْلِها. لَيْسَ لِأَنْفُسِكُمْ ثَمَنٌ اِلاَّ الْجَنَّةُ فَلا تَبيعوها بِغَيْرِها .فَإِنَّ مَنْ رَضِيَ مِنَ اللهِ بِالدُّنْيا فَقَدْ رَضِيَ بِالْخَسيسِ

в)

النّاسُ عَبيدُ الدُّنْيا وَالدّينُ لَعقٌ

г)

مَوْتٌ في عِزٍّ خَيْرٌ مِنْ حَياةٍ في ذُلٍّ

д) Хитоб ба Абӯзари Ғифорӣ:

فَاسْأَلِ اللهَ الصَّبْرَ وَالنَّصْرَ وَاسْتَعِذْ بِهِ مِنَ الْجَشَعِ وَالْجَزَعِ فَإِنَّ الصَّبْرَ مِنَ الدّينِ وَالْكَرَم

("*Пас, аз Худованд сабру ёрӣ бихоҳ ва аз ҳирсу бетобӣ ба ӯ паноҳ бар, ки сабр аз дин ва карам аст.*")

е)

الصِّدْقُ عِزٌّ، وَالْكِذْبُ عَجْزٌ، وَالشُّحُّ فَقْرٌ، وَالسَّخاءُ غِنىً

("*Ростӣ иззат аст ва дурӯғ забунӣ ва бухл ниёз аст ва саховат сарват.*")

ё)

سَبَقْتُ الْعالَمينَ اِلَى الْمَعالي

Инҳо чумлаҳое аст, ки аз он ҳазрат нақл шуда ва марбут ба Ошӯро нест.

Бо таваҷҷӯҳ ба сонсури он вақт ва кам нақл шудани аҳодис аз эшон, он чи боқӣ монда аз ин қабил аст. Аммо суханони ҳодисаи Ошӯро:

ж)

سَأَمْضي وَما فِي الْمَوْتِ عارٌ عَلَى الْفَتى

("*Ба зудӣ меравам ва марг барои ҷавонмард ор нест.*")

з)

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ ... إِنّي لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً

Аммо дар рӯзи ошӯроӣ:

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

и)

إِنْ لَمْ يَكُنْ لَكُمْ دينٌ

к)

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ ابْنَ الدَّعِيّ

л)

لا أُعْطيكُمْ بِيَدي

6) Таваҷҷӯҳ ба ин ки ҷанг, ҷанги ақида ва идея буд, на шахс.

7) Таваҷҷӯҳ ба ин ки ҳамосаи ҳақпарастӣ он аст.

عَلامَةُ الْإيمانِ أَنْ تُؤْثِرَ الصِّدْقَ حَيْثُ يَضُرُّكَ

Парҳез аз ҳила ва тазвир ва такя ба каромати нафс.

8) Он чи вуҷуд дорад, як ҷозибаи воқеии ҳусайнӣ аст. Пул харҷ карданҳо…

إِنَّ لِقَتْلِ الْحُسَيْنِ حَرارَةً في قُلوبِ الْمُؤْمِنينَ لا تَبْرُدُ أَبَداً

(*“Аз қатли Ҳусайн дар дилҳои мӯъминон ҳарорате аст, ки ҳаргиз ба сардӣ нагарояд.” (“Мустадракул-васоил”, 2/217)*)

9) Мактаби ҳусайнӣ бояд мактаби таҷдиди ҳаёти ислом бошад. Ё мазлум, вой ғариб, вой бепадар!.. бояд ҳазф шавад.

10) Масъалаи шаҳид, арзиши шаҳид, арзиши хуни шаҳид. Ҳар шаҳодате нуроният дар иҷтимоъ ба вуҷуд меоварад.

11) Калиди шахсият.

12) Ӯ ҳаргиз аз рӯзгор шикоят накард.

13) Яке аз усули тарбият ин аст, ки дар руҳи афрод ҳамоса ба вуҷуд биёварад, вале албатта ҳамосаи илоҳӣ на нажодӣ ва миллӣ, яъне ҳамосае нисбат ба хайр ва некӣ, нисбат ба сунани солими иҷтимоъ. Ва ба таври куллӣ, шаҳид ҳамосаофарин аст.[83]

---

[83] *Дар “Наҳҷул-балоға” хутба 190 (Қосиъа) ин ҷумла чунин аст:*

فإن كان لا بد من العصبية فليكن تعصبكم لمكارم الخصال ومحامد الأفعال

(“Пас агар ночор аз таассуб ҳастед, бояд таассуби шумо дар ҷиҳати сифоти олии инсонӣ ва корҳои писандида бошад.”)

وَإِنْ كانَ اِلاّ فَلْيَكُنْ تَعَصُّبُكُمْ في مَحامِدِ الْخِصالِ

14) Иҷтимоъ вақте рӯи пойи худ метавонад биистад, ки дар руҳи афрод ҳамоса ва эҳсоси шахсият вуҷуд дошта бошад, фалсафаи мустақилле дар зиндагӣ дошта бошад ва ба он имон ва иттико дошта бошад.

15) Робитаи макру ҳила бо заъфу нотавонӣ дар инсон ва ҳайвон ва робитаи каромати нафс бо қувват ва нерӯмандӣ.

16) Бояд шиорҳои мунҳат ва мубойин бо шиорҳои ҳусайнӣ ва руҳи ҳусайнӣ ҳазф шавад аз қабилми: ё мазлум, ё ғариб, эй бемодар, эй бепадар…

Эй хоки Карбало! Ту ба ман ёварӣ намо,

Чун нест модаре, ту ба ман модарӣ намо.

* * *

Афсӯс, ки модаре надорам,

Фарзанду бародаре надорам.

* * *

Аз ташнагӣ фитода ба ҷонам шарорае,

Эй қавми беҳуқуқ, ба ҳолам назорае.

17) Сухани ҳамосӣ, таърихчаи ҳамосӣ, шахсияти ҳамосӣ[84] он аст, ки аз лиҳози руҳӣ ғайрат ва ҳамийят ва шуҷоат ва силаҳшӯриро таҳрик кунад ва аз лиҳози баданӣ хунро дар уруқ ба ҷӯш оварад, ба бадан нерӯ ва ҳарорат ва чобукӣ ва чолокӣ бибахшад, дар воқеъ ҳаёти тоза ба бадан бидиҳад. Ба иборати дигар, руҳияи инқилоб ва саврa эҷод кунад, ҳисси муқовамат дар муқобили ситам ва ситамгар ба вуҷуд оварад.

18) Имом Ҳусайн алайҳис салом як сюжети беназире аст дар ислом аз назари таҷдиди ҳаёти ахлоқӣ ва иҷтимоии ислом ва аз назари барангехтани эҳсосоти инқилобӣ ва ҳамосӣ ва аз назари эҷод ва таквини шахсият.

19) Яке аз хавосси ҳамосаи руҳии иҷтимоӣ, доштан ин аст, ки монеъи ҷазб шудани фард ё иҷтимоъ дар фард ва иҷтимоъи дигар аст; чун эҳсоси шахсият ва маниш ва истиқлол аст.

20) Аз миллате ҳар чиз мунҳадим шавад, қобили ҷуброн ва ислоҳ аст, магар ҳамосаи миллӣ ва руҳи миллӣ, ки миллатро ба дунболи худ мебарад. Имом Ҳусайн ҳамосаи исломиро зинда кард ва ба ин ҷиҳат ба ислом ҳаёт бахшид.

---

[84] *Баъдан хоҳем гуфт, ки шахсияти Ҳусайн алайҳис салом ва таърихчаи Ҳусайн алайҳис салом ҳамосӣ буд, яъне дар руҳҳо ғайрат, мардонагӣ, озодагӣ бахшид ва бардагӣ ва тарсро аз миён бурд ва хунҳоро ба ҷӯш овард*.

Мегӯянд, Имом Ҳусайн исломро зинда кард, таҷдиди ҳаёт кард, бо хуни худ нерӯ дод ва обёрӣ кард. Рост аст, аммо чӣ гуна ва ба чӣ наҳв?

Ба ин наҳв, ки ҳамосаи исломро эҳё кард, ба руҳҳо шахсият, ҳуррият, ғайрат, озодагӣ, идеал дод ва хунҳоро ба ҷӯш овард, рахват (сустӣ)-ро аз баданҳо гирифт ва руҳҳоро ба ҳаракат овард; ҳамосаи мубориза бо куфр, зулм, ситамро эҳё ва таҷдид кард.

21) Даъвати ислом бо —

قولوا لا اِلهَ اِلاَّ اللهُ تُفْلِحوا

— оғоз шуд. Даъвати ислом ҳусни матлаъи аҷибе дошт. Ин ҷумла бо ҳамаи ихтисор ва кӯтоҳӣ чун муштамил бар озодии башар аз ҳар маъбуде ҷуз холиқи кулл ҳаст ва чун муштамил бар таҳқири ҳар маъбуде дар муқобили инсон аст, дар руҳияҳо навъе ҳамоса ва эҳсоси шахсият ба вуҷуд овард: ман дар муқобили бут, дар муқобили як башар, дар муқобили як ҷирми самовӣ, дар муқобили коинот ва мофиҳо сар фуруд оварам?! Абадан! Ман фақат ба даргоҳи Худованд — холиқи худам ва ҳамаи онҳо сар фуруд меоварам.

Мусалламан ислом дар аъроб эҳсоси шахсият ба вуҷуд овард, на шахсияти қавмӣ ва арабӣ, балки болотарини эҳсосҳо: шахсияти тавҳидӣ ва инсонӣ. Ҳар чизеро барои ибодат ва итоат дар назари онҳо кучак кард ва зимнан аз ҷанбаи мусбат Худоро идеал қарор дод.

22. Фарқи шахсият ва олим будан. Достони олими исфаҳонӣ, ки китобе маҷҷонӣ аз яке аз мударрисини Қум мутолиба кард.

23) Масъалаи мурувват аз шароити адолат.

24) Достони издивоҷи зани сафедпӯсте бо марди сиёҳпӯст дар Англистон, ки ғавғое бапо карда буд (ручӯъ шавад ба китоби “*Зан ва озодӣ*” (с.9)), нишонае аз шахсият бохтан аст. Айзан шиори ин ки эронӣ ҷисман ва руҳан, зоҳиран ва ботинан бояд фарангӣ бишавад. Айзан замзамаи тағйири хатт, тағйири либос, тағйири исм, монанди бегона “бой-бой” ва “гудбой” гуфтан, монанди бегона ғизо хӯрдан ва ҳатто оруғ задан, иди бегонаро аз иди худ муҳимтар шумурдан, ҳама нишонаи худбохтагӣ аст.

25) Истиқлоли фикрӣ яъне ин ки инсон аз худ усул ва мабодӣ ва фалсафае дар зиндагӣ дошта бошад ва ба он имон ва эътимод дошта бошад ва дар руҳаш нисбат ба ӯ навъе ҳамоса мавҷуд бошад. Онро мегӯянд, ғурур миллӣ, ғурури иҷтимоӣ ва ғайра.

Эҳтиром ба сунан ва низомоти солим яке аз алоими ҳамоса доштан аст. Тағйири хатт, тағйири либос, табаият дар исмгузорӣ аз қабили “Жило” ва “Ружӣ” ва ғайра, дар муди либос, дар либос пӯшидан, дар ба кор бурдани алфози онҳо, тоблуҳоро ба номи онҳо кардан, иди январи бегонаро бар идҳои миллӣ ва мазҳабӣ муқаддам доштан ва гуфтани

“бой-бой”, “гудбой”; билохира пазируфтани шиорҳои бегона, далел бар адами истиқлоли руҳӣ ва адами ҳамоса аст.

Ба қавли Иқбол, бояд гили кӯзаи мо ба дасти худамон таҳия шавад, на ба дасти дигарон. Ва боз ба қавли ӯ, бояд оҳан бошем, то нон дошта бошем, на ба қавли Муссолинӣ: бояд оҳан дошта бошем, то нон дошта бошем. Иқбол мегӯяд: бояд салобат ва ҳамоса дошта бошем, Муссолинӣ мегӯяд: бояд зӯр дошта бошем.

26) Рост гуфта он ки гуфтааст:

Куҳан ҷомаи хеш пиростан,

Беҳ аз ҷомаи орият хостан.

27) Истиқлоли фикрӣ ва ҳамоса доштан, бо иқтибоси хубиҳои илмӣ, фаннӣ, ҳунарӣ ва ғайра, аз дигарон мунофот надорад. Чизе, ки ҳаст, бояд дар ҳозимаи худ ҳазм бурд, на ин ки дар ҳозимаи онҳо ҳазм шуд.

28) Мо эрониҳо ин айбро дорем, ки беш аз ҳар миллати дигар таслими шиорҳои пучи бегонагон мешавем. Дар айни ин ки нисбат ба ҳақоиқе таассуб надорем, нисбат ба шиорҳои пучи бегона ҳам зуд таслим мешавем.

Ҳиндиҳо донишманди дараҷаи аввалашон ҳамон либос ва зийи ҳиндиро ҳифз мекунад. (*Таърихи улуми Пер Руссо*). Неҳру, сиёсатмадор, либоси ҳиндиро ҳифз мекунад ва мехоҳад бигӯяд, ман ҳиндӣ ҳастам, ҳиндӣ бояд ҳиндӣ бимонад, на ин ки дар ҳозимаи урупоӣ ҳазм шавад. Аммо мо агар дидем, фарангӣ зуннор баст, дуто ба ҷойи яке мебандем. Ба иборати дигар, омодагии комиле барои истеъмори фикрӣ дорем. Истеъмори фикрӣ болотар аст, зеро (дар ин навъ истеъмор, шахс) мисли душман фикр мекунад ва ҳис намекунад, ки истеъморзада аст.

Мо болотар аз истеъмори фикриро дорем, истисбоъи фикрӣ дорем, яъне мисли як ҳайвони мустасбаъ ба тарафи он ки моро медарад медавем.

29) Арзиши истиқлоли фикрӣ ва эътимод ба фалсафаи зиндагии худ ва эҳтиром ба сунан ва низомоти худ, аз илм болотар аст. Миллати олиме мумкин аст дар миллати дигар ҳазм шавад, вале миллате, ки эҳсоси шахсият ва истиқлол мекунад, қобили ҳазм шудан нест. Алҷазоириҳо ва ветконгҳо[85] ба далели илмашон, бо истеъмори Фаронса ва Омрико наҷангиданд, балки ба хотири як ҳамосаи руҳӣ, ки дар онҳо ҳаст.

[85] *Ветконг ё “Ҷабҳаи раҳоибахши миллӣ”, номи созмони сиёсӣ ва чирикии коммунист буд, ки дар ҷараёни ҷанги Ветнам, дар Ветнами ҷанубӣ ва Камбоҷа дар баробари артиши Омрико ва давлати Ветнами ҷанубӣ муддати тӯлонӣ ҷангид*.

30) Мутобиқи нақли “Иқболшиносӣ” (с.69), ба ақидаи Иқбол, чанд чиз аст, ки шахсияти миллиро тақвият мекунад ва чанд чизи дигар аст, ки онро тазъиф мекунад.

Аммо омилҳои тақвият:

а) Ишқ ва идеал (албатта ишқ ба усули олии инсоният, на ишқҳои фардӣ ва нажодӣ).

б) Фақр (истиғно):

اِسْتَغْنِ عَمَّنْ شِئْتَ

в) Ғайрат.

г) Таҳаммул ва бурдборӣ.

д) Касби ҳалол.

е) Ширкат кардан дар фаъолиятҳои халлоқа.

Аммо омилҳои тазъифи шахсият:

а) Тарс.

б) Гадоӣ ва суол: (“калл” бар дигарон будан ба ҳар шакл). Ҳар навъ комёбӣ ва муваффақияте, ки бидуни кӯшиш таҳсил шавад, гадоӣ аст. (“Иқболшиносӣ, с.70).

в) Бардагӣ ва зиллат ба ҳар шакл ва сурат, аъамм аз иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, ахлоқӣ.

г) Ғурури нажодӣ ё насабпарастӣ. Ғурури нажодӣ ва тафохур ба асли хонаводагӣ, ки дар миёни афроди башар фавосиле эҷод мекунад ва мубойини арзиши зотӣ аст, бояд маҳву нобуд шавад. (“Иқболшиносӣ”, с.74).

31) Иқбол мегӯяд (с.82, “Иқболшиносӣ”):

“*Ҳар ҷомеае, ки бихоҳад аз оромиш ва саодат бархӯрдор шавад, бояд “худӣ”-и дастаҷамъӣ ва иҷтимоияшро рушд диҳад ва онро ба марҳилаи комил бирасонад ва ҳусули ин манзур дар сояи ҳифз ва ҳиросати тродисиюнҳо*[86] *имконпазир аст. Агар бихоҳем ба нақши муҳимме, ки тродисиюнҳо яъне сунан ва низомот ва маросим, дар ҳаёти дастаҷамъӣ ифо карда таваҷҷӯҳ кунем, боистӣ ба таърихи қавми яҳуд муроҷеа кунем. Ин фирқаи кучак дар тӯли аъсор ва қуруни гузашта дар тамоми кишварҳо таҳти фишор зист карда ва чӣ басо адвореро пушти сар гузошта, ки мушриф бар инҳидом будааст. Бо ин ҳол, қавми ҷуҳуд аз ин тӯфонҳо ҷон ба дар бурда ва бақои худашро ҳифз кардааст. Ва ин бад-он ҷиҳат аст, ки ҷуҳудҳо дар ҷараёни ин ҳама гирифторӣ ва мусибат, нисбат ба тродисиюнҳои худашон вафодор мондаанд. Ҳар фирқа ва ҷамъияте дар даврони саодат ва комравоии худаш як миқдор тродисиюнҳои солим эҷод мекунад ва дар рӯзҳои тира ва торе, ки дучори мусибат ва бадбахтӣ мешавад, танҳо роҳи илоҷш*

[86] *Тродисиюн: суннат, русуми иҷтимоӣ.*

ин аст, ки ба ин тродисиюнҳо чанг бизанад, то ин ки рӯзи кушоиш ва фарағ фаро расад.“

32) Шахсият, эҳсоси маниш аст ва эъломи вобастагӣ ба шахсияти динӣ ё миллӣ ё маслакӣ аст.

Айзан таъзими шиорҳои динӣ ва миллӣ шарти ҳифзи шахсият аст.

Шиори “бояд ҷисман ва руҳан, зоҳиран ва ботинан фарангӣ шуд” фатвои фано ва измиҳлол ва ҳазм шудан дар ҳозимаи бегона аст.

Ҳадафи истеъмор фақат маҳви шахсият ва истиқлоли руҳӣ ва фикрӣ аст, на ҷоҳил мондан, на сохтмони олӣ надоштан, на зоҳири пурзарқу барқ надоштан. Инҳо ҳадаф нест.

Мегӯянд дар масал: “Улоғи мурдаи дигаре дар назар ӯ қотир аст”.

Ду чиз миқёси қазоиро баҳам мезанад: ишқ ва ҳубб, дигар маъъубият. Бузургтарини хусронҳо хусрони шахсият аст. Вой ба ҳоли миллате, ки ифтихораш ба ин бошад, ки ба забони аҷнабӣ сухан мегӯяд, одоби ӯро ба кор мебарад…

33) Олмониҳо гуфтаанд, мо дар ҷанги дуввум ҳама чизи худро бохтем, магар шахсияти худро.

Хулосаи матлаб:

а) Мегӯем, Имом Ҳусайн бо қиём ва муборизаи худ бунёди кохи зулмро вожгун ва исломро таҷдиди ҳаёт ва дарахти динро обёрӣ кард. Ба чӣ наҳв ва чӣ гуна? Ба ин ки шахсияти маънавии мусалмононро бедор ва эҳё кард, дар онҳо ҳамосаеро, ки мурда буд зинда кард. Баҳсе дар бораи шахсият ва фалсафаи мустақилли зиндагӣ доштан ва таъзим ва эҳтироми шаъоири миллӣ ва динӣ, ки бузургтарини сармояҳост, ҳатто аз илм болотар аст. Пайғамбар ба араб чӣ дод? Шахсият дод.[87] Аз чӣ роҳ? Аз роҳи имон ба мабодии ислом, ки табъан шахсиятофарин аст.

Хусрони шахсият болотарини хусронҳост. Тарсҳо, забуниҳо, бардагиҳо, чоплусиҳо, тусарихӯриҳо ҳама мавлуди бохтани шахсият аст.

Имом Ҳусайн алайҳис салом дар миллати ислом ҳамоса ва ғайрат эҷод кард, ҳамият ва шуҷоат ва силаҳшӯрӣ ба вуҷуд овард, хунҳоро ба ҷӯш овард. Шаҳодати Имом Ҳусайн алайҳис салом ба шакле набуд, ки маъъубият эҷод кунад, баръакс…

Хоссияти маъъубият ва истисмори фикрӣ ва истисбоъ. Достони издивоҷи зани сафед ва марди сиёҳ дар Ландан, нишонае аз маъъубият аст.

---

[87] *Хоссияти шахсият ин аст, ки монеъи ҷазб шудан аст. Ҳар камбудӣ қобили ислоҳ аст, магар бешахсиятӣ.*

Тақвияти шахсият ба ин аст, ки ишқ, истиғно, ғайрат, таҳаммул ва бурдборӣ ба вуҷуд оварад; тарс, бардасифатӣ, гадосифатӣ, ғурури нажодӣ ва миллиро аз миён бибарад. Ҳамаи инҳо дар ҳамосаи ҳусайнӣ вуҷуд дошт.

Ҳамосаи Сайидушшуҳадо

1) Дар варақаҳои “Каромати нафс, меҳвари ахлоқи исломӣ” гуфтем, ки дар замони мо истилоҳе аст, ки мегӯянд, баъзе руҳияҳо фоқиди ҳамосаанд ва баъзе дорои ҳамосаанд ва гуфтем, ки ҳамоса, навъе эҳсоси шахсият аст дар муқобили дигарон.[88] Афроде ҳастанд дар дунё орӣ ва холӣ аз ҳамоса; дар худ, ҳама эҳсоси ҳақорат ва табаият ва шикастхӯрдагӣ мекунанд, ҳеч фикр ва ақидаи қобили дифоъе дар руҳи онҳо вуҷуд надорад. Агар дифоъ кунад, фақат аз молу ҷони худ дифоъ мекунад, аммо чизи дигари қобили таъаллуқ ва қобили дифоъе надорад аз ватан ва қавмият ва нажод ва забон ва дин ва ойин ва ҳуррият ва каромати зотӣ. Дар гуфтори онҳо ҳеч гуна ибрози шахсият дида намешавад, монанди ҳайвоне ҳастанд, ки ба сухан даромада бошад.

Вале баъзеҳо дар худ эҳсоси шахсият мекунанд, навъе ҳамоса дар руҳи онҳо ҳаст. Дар миллати Олмон ҳамосаи “Олмон бартар аз ҳама аст!” вуҷуд дошт. Дар араб низ хӯйи тафаввуқи араб бар ғайри араб буд ва ислом бо он мубориза кард. Каму беш дар ҳар қавме навъе ҳамоса ҳаст ва аз назари ислом ҳамаи ҳамосаҳои қавмӣ мазмум аст.

Аммо навъе ҳамоса аст, ки ҳамосаи инсонӣ аст, таассуб агар номида шавад, таассуби мамдуҳ аст. Он, ҳамосаи каромати нафс ва озодаманишӣ ва иззати нафс ва ин ки зиндагӣ бо ор қобили таҳаммул нест, мебошад.

2) Оё дар Қуръон оятҳои ҳамосӣ ҳаст? Ояти:

وَلِلَّهِ الْعِزَّةُ وَلِرَسُولِهِ وَلِلْمُؤْمِنِينَ

(*“Иззат аз они Худо ва расули ӯ ва мӯъминон аст.” (Мунофиқун/8)*) ва ояти каримаи:

وَلَنْ يَجْعَلَ اللَّهُ لِلْكَافِرِينَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ سَبِيلًا

(*“Ва Худованд барои кофирон бар мӯъминон роҳ (тасаллут) қарор надодааст.” (Нисо/141)*)

Ҳамоса ба таври куллӣ таваҷҷӯҳ ба навъе кайфияти маънавии зиндагӣ аст. Чизе, ки ҳаст, баъзе кайфиятҳо мавҳум ва беасос аст, мисли ин ки “Олмон ё бояд маъдум шавад ва ё бар дунё сиёдат кунад!” ва ҳамчунин ҳамосаҳои дигари бартариталабӣ ва

---

[88] *Метавон гуфт, ҳамоса иборат аст аз нозидан ба чизе ё мавзӯи нозидан ва ифтихор, вале ба шарте, ки ёдоварии ӯ ҳаяҷон дар руҳи ӯ ба вуҷуд оварад ва ӯро ба ҳаракат дароварад ва омодаи дифоъ кунад. Ва ҳам метавон ҳамосаро ба “шӯр” тарҷима ва таъриф кард. Руҷӯъ шавад ба маънои луғавӣ ва истилоҳии ин калима.*

тақаддумчӯиҳо. Ва навъе кайфият аст, ки воқеият дорад ва он ин ки ҳаёти шахс ё миллат маҳкуми дигарон набошад, инсон озод офарида шуда –

وَلا تَكُنْ عَبْدَ غَيْرِكَ وَقَدْ جَعَلَكَ اللهُ حُرّاً

(*“Бандаи дигарӣ мабош, ки Худованд туро озод офаридааст.” (“Наҳҷул-балоға”, номаи 31 ба ҳазрати Имом Ҳасан Муҷтабо алайҳис салом)*) ё ин ки шахси худро олуда накунад ба дурӯғ ва ғайбат ва хиёнат ба дигарон.

3) Дар “*Нафасул-маҳмум” (с.187*) мегӯяд: ин ашъор аз Сайидушшуҳадо аст:

وَإِنْ تَكُنِ الدُّنْيا تُعَدُّ نَفيسَةً

فَدارُ ثَوابِ اللهِ أَعْلى وَأَنْبَلُ

(*“Ва агар дунё нафису пурбаҳо ба шумор меояд, албатта хонаи подоши илоҳӣ (охират) бартар ва нафистар аст.”*)

Фасли ҳафтум: Унсури таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ

1) Наҳзати ҳусайнӣ наҳзате муташобеҳ аст[89] ва зувуҷӯҳ (чандпаҳлӯ) ва амиқ ва чандҷониба ва чандбуъдӣ ва чандлоя аст. Яке аз вуҷӯҳ ва абъод ин аст, ки таблиғ аст. Ҳам имтиноъ ва тамарруд ва исён ва сарпечӣ аст (аз назари имтиноъ аз байъат), ҳам ҷиҳод аст, ҳам амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст, ҳам итмоми ҳуҷҷат аст (аз назари даъвати кӯфиён) ва ҳам таблиғ аст, иблоғи паёми ислом ва нидои ислом аст ба ҷаҳон ва ҷаҳониён.

2) Мушкилоти расондани паёми ислом дар асри ҷадид, ки ҳазорон паём аз ноҳияи ҳазорон марказ — аз марокизи шаҳавонии ҷинсии иқтисодӣ гирифта то марокизи фикрии сиёсӣ — ба мардум иҳота кардааст.

3) Ҷанги таблиғотӣ ниёзманд ба ҳамоҳангии нерӯҳо, маҳорат, токтик, ҷабҳагирӣ, ташкилот, фармондеҳӣ ва инзибот аст.

4) Чун шакли ҷанг ба худ мегирад, асли:

وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ

(*Анфол/60*) дар инҷо низ ҳукмфармост. Албатта, таблиғ аз ҷанбаи мардум ва паёмгирҳо ҷуз як иблоғи дӯстона нест, вале аз назари хунсокунандагон ва таблиғоти мухолиф, ҷанг аст.

5) Шароити чаҳоргонаи муваффақияти як паём:

а) Ғино ва қудрати муҳтаво (ғинои мантиқӣ, ғинои эҳсосӣ, ғинои амалӣ). Ба иборати дигар, қобили ҷазб будан барои ақл ва барои дил ва дигар қудрат бар ҳалли мушкилоти зиндагӣ.

Ин ҷост, ки рози аслии пешрафти исломро бо надоштани дастгоҳи таблиғӣ, дар муқобили аксариятҳо монанди масеҳият ва ақаллиятҳо монанди яҳудият ва фирқаи пӯшолии баҳоият бояд ба даст овард.

б) Имконот аз назари васоил ва абзорҳои тамаддун ва дигаре, шароити иҷтимоии муҳит, ки "*Сангро баста, саг раҳо карда*" набошад.

---

[89] *"Муташобеҳ" бино бар он чи оқои Табатабоӣ таҳқиқ кардаанд, бештар марбут мешавад ба маъонии тӯлӣ ва бутун, ки —*
اَلْقُرْآنُ عِباراتٌ وَإِشاراتٌ وَلَطائِفُ وَحَقائِقُ؛ اَلْعِباراتُ لِلْعَوامِّ، اَلْإِشاراتُ لِلْخَواصِّ، اللَّطائِفُ لِلْأَوْلِياءِ وَالْحَقايِقُ لِلْأَنْبِياءِ
Ва ба иборати беҳтар, наҳзати ҳусайнӣ наҳзате ҷомеъ аст. Ҳамон тавре, ки калимот, бархе ҷомеъ аст ва бархе на, ки Пайғамбари Акрам фармуд:
أُعطِيتُ جَوامِعَ الكَلِمِ
— наҳзатҳо ва ҳаракатҳо низ бархе чандмаънӣ аст ва бархе такмаънӣ.

в) Методи таблиғ, дар муқобили методи таҳқиқ, методи таълим (таълими масоили илмӣ ва аммо таблиғ марбут аст ба ҳадафҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ), методи ёдгирӣ ва баҳрагирӣ аз ҳушу ҳофиза, методи китобдорӣ, методи мудирият.

г) Салоҳияти фаннӣ ва ахлоқии паёмрасон.

6) Аввалин матлаб ин аст, ки истифода аз таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ он вақт дуруст аст, ки омили наҳзатро танҳо имтиноъ аз байъат надонем. Истифода аз таблиғ бо ду омили дигар яъне иҷобати мардуми Кӯфа барои дар даст гирифтани зимоми умур ва дигар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ҷур меояд ва албатта аз замони суқути Кӯфа ба баъд ҳар андоза аз унсури таблиғ истифода шуда бошад, ихтисос дорад ба амри ба маъруф ва наҳй аз мункар.

Хуруҷи Имом аз Мадина ба Макка ва иқомат дар Макка дар моҳҳои Шаъбон то Зилҳиҷҷа, ки айёми умра ва сипас ҳаҷ аст, ба назар намерасад, ки ба хотири ин буда, ки душман эҳтироми ҳарами амни илоҳиро ҳифз мекард, балки ба се иллати дигар будааст: яке ин ки нафси муҳоҷират арзиши таблиғотӣ дошт ва такондиҳанда буд ва нидои Имомро беҳтар мерасонд ва ин худ аввалин жести мухолифат ва имтиноъ буд. Дуввум ин ки дар Макка тамоси бештаре бо афроди навоҳии мухталиф мумкин буд. Севвум ин ки Маккаро интихоб кардан аломати амният надоштан буд, гӯ он ки дар онҷо ҳам (Имом) амният надошт.

7) Хуруҷи Имом аз Макка дар рӯзи “Тарвия” яъне рӯзи ҳаштуми Зилҳиҷҷа, ки рӯзи ҳаракат ба Мино ва Арафот аст, арзиши таблиғии такондиҳандатаре аз худи иқомат дар Макка дошт. Ва аз назари расондани паёми ислом, ин пушт кардан ба каъбаи тасхиршудаи умавиён ва ҳаҷҷе, ки гардонандааш дастгоҳи язидӣ буд — ҳаҷҷе, ки зоҳираш исломӣ ва руҳаш ҷоҳилӣ буд — нишон дод, ки ислом ин сурати холӣ нест, ки хотирҳо осуда бошад, маънӣ ва ҳақиқат аст, ки ба хатар афтодааст.

8) Севвумин жести таблиғотӣ ва балки токтики таблиғотии он ҳазрат ин буд, ки аҳли байт ва кӯдакони худро низ ҳамроҳи худ оварда ва ба ин васила дар воқеъ худи душманро ноогоҳона истихдом кард, ки ҳомили як идда мубаллиғ барои Имом Ҳусайн ва барои исломи ҳусайнӣ алайҳи Язид ва исломи язидӣ бошад ва ин яке аз муҳимтарин аносури таблиғии наҳзати Имом аст.

9) Чаҳорумин токтики таблиғии Абӯабдуллоҳ, нишон додани мурувват ва инсоният дар ҳамаи хилоли ҳодиса буд — аз байни роҳ то даҳуми Муҳаррам — аз қабили об додан ба душман ва ибтидо ба ҷанг накардан.

10) Панҷумин токтик, эҷоди саҳнаҳое барои расондани беҳтар (-и паёми худ) ва рангомезиҳо аз қабили пошидани хуни ширхор ба осмон, ки –

عِنْدَ اللهِ أَحْتَسِبُهُ

(“*Инро ба ҳисоби Худо мегузорам*.”) сару рӯи худро бо хуни худ мухаззаб кардан, ки инчунин мехоҳам Худоро мулоқот кунам. Дар мавриди саҳнаҳо қиссаи даст ба гардан кардан бо Қосим, Ҳабиб ибни Мазоҳир. Аҷабо чӣ қадр саҳнаҳои табиӣ шакли маснуӣ дорад! Аз ин ҷиҳат назири истеъдоди оҳангпазирии оятҳои Қуръон аст.

11) Он чи имрӯз ба мо илҳом мебахшад, қаламҳои касоне, ки исломро рӯи коғазҳо тавсиф кардаанд нест, балки қаламҳои касоне аст, ки бо хуни худ хутути барҷастаи исломро бар рӯи баданҳои худашон, бар пешонияшон, бар фарқи шикофтаашон –

وَقُتِلَ في مِحْرابِهِ لِشِدَّةِ عَدْلِهِ

(“*Ва дар меҳроби ибодаташ ба хотири шиддати адолаташ кушта шуд*.”) бар рӯи дона-донаи мӯйҳои муқаддаси маҳосинашон, бар рӯи сина ва қалбашон, бар пешонии шикастаашон, бар дандони шикастаашон, бар рагҳои гарданашон навиштаанд.

Чӣ қадр иштибоҳ аст, ки мо бо ҷумлаи:

مِدادُ الْعُلَماءِ أَفْضَلُ مِنْ دِماءِ الشُّهَداء

(*“Қалами олимон аз хуни шаҳидон бартар аст*.”) арзиши шаҳид ва шаҳодатро пойин биёварем.

Оре, он чи илҳомбахши имрӯзи мост, он қаламҳо нест, он ҷонбозиҳои таърихӣ ва он хунҳои бар замин рехтааст, он саргузаштҳои нуронӣ аст. Паёми исломро ҷиҳодҳо, ҳичратҳо, фидокориҳо, ҷонбозиҳо ба ҷаҳон расонадааст.

12) Гӯё Сайидушшуҳадо дар хунин сохтан ва ранги қирмиз додан ба наҳзат тааммуди хоссе доштааст — ва ба қавли марҳуми Оятӣ — чун ранги қирмиз собиттарин ва лоақал намоёнтарини рангҳост. Хулоса, дар Ошӯро навъе амали рангомезӣ дида мешавад.

Худи масъалаи ин ки доғтарин суханони Имом баъд аз яктарафа шудан ва қатъи умеди муваффақият аст як матлаб аст, амр накардани хонадон ба рафтан аз онҷо ва иҷоза додан ва балки ташвиқ кардан ба шаҳодат, матлаби дигар аст, истинсор барои шаҳодат матлаби дигар аст, иҷоза додан ба Ҳурр ҳамин тавр, шаби Ошӯро рафтани Ҳабиб миёни Банӣ Асад ҳамин тавр.

13) Корҳои аҷиб ва рангомезии Абӯабдуллоҳ наҳзатро ба ранги хун:

а) “Ибсорул-айн” сафҳаи 15 (пас аз истиғоса ва гиряи занон ва омадан барои сокит кардани онҳо):

وأخذ طفلاً له من يد اخته زينب فرماه حرملة أو عقبة بسهمٍ فوقع فى نحره (نحر الطّفل) — كما سيأتي في ترجمته — فتلقّى الدّم بكفّه ورمى به نحو السّماء وقال: هَوَّنَ عَلَيَّ ما نَزَلَ بي أَنَّهُ بِعَيْنِ اللهِ

(*“Ва тифле аз худро аз дасти хоҳараш Зайнаб гирифт, пас Ҳармала ё Ақаба тире ба сӯйи вай афканд, ки дар гулӯи тифл ҷой гирифт. Ҳазрат хунҳоро бо кафи дасти хеш гирифт ва ба тарафи осмон пошид ва фармуд: он чи бар сари ман меояд чун дар маърази диди Худованд аст, бар ман осон аст.”*)

б) с.15:

ثمّ جرّد سيفه فجعل ينقف الهام ويوطئ الأجسام؛ ورماه رجل من بني دارم بسهم فأثبته في حنكه الشّريف فانتزعه وبسط يديه تحت حنكه، فلمّا امتلأتا دماً رمى به نحو السّماء وقال: اللّهُمَّ إِنّي أَشْكُو إِلَيْكَ ما يُفْعَلُ بِابْنِ بِنْتِ نَبِيّكَ

(*“Сипас шамшер баркашид ва ҳамин тавр бар фарқи кӯфиён мекӯфт ва баданҳои ононро ба зери по мегирифт, то ин ки марде аз Банӣ Дорим тире ба сӯяш партоб кард, ки дар зери гулӯи шарифи ҳазрataш ҷой гирифт. Ҳазрат тирро берун овард ва ду дасти хеш ба зери гулӯ гирифт ва чун аз хун пур шуданд, ба сӯйи осмон пошид ва арз кард: парвардигоро! Ман ба ту шиква мекунам аз ин ки бо писари духтари паёмбарат ин гуна рафтор мешавад.”*)

в) с.16:

وجعل ينوء برقبته (بركبته) ويكبو فطعنه سنان فى ترقوته، ثمّ انتزع السّنان فطعنه في بواني صدره، و رماه سنان[90] أيضاً بسهمٍ فوقع في نحره، فجلس قاعداً ونزع السّهم وقرن كفّيه جميعاً حتّى امتلأتا من دمائه فخضّب بهما رأسه ولحيته وهو يقول: هكَذا أَلْقَى اللهُ مُخَضَّباً بِدَمي مَغْصوباً عَلى حَقّي

(*“Ва ҳамин тавр, ки ба заҳмат бармехост ва дубора ба сурат ба замин мехӯрд, Синон найзае ба гардани ҳазрат зад ва сипас найзаро берун кашид ва дар устухонҳои синаи ҳазрат фурӯ бурд. Ва ҳамин Синон тире партоб кард, ки дар гулӯи ҳазрат нишаст. Ҳазрат бар замин нишаст ва тирро берун кашид, сипас ду дасти муборак ба зери хун гирифт, то аз хунаш пур шуд ва бо ду дасти хунолуди худ сару сурати хеш рангин сохт ва дар ҳамин ҳол мегуфт: ин гуна Худоро дидор мекунам, ки ба хунам оғишта бошам ва ҳаққам ба тароҷ рафтааст.”*)

14) Гуфтем, ҳамон тавр, ки Қуръони Карим дар айни ин ки шеър нест, оҳангпазир аст, он ҳам оҳангҳои мухталиф, он ҳам ҳар оҳанги мутаносиб бо оёте ва мутаносиб бо маъонии он оёт – он чунон, ки Тоҳо Ҳусайн дар *“Миръотул-ислом”* (Ойинаи ислом,

[90] *Баъид нест, ки “Синон” иштибоҳ бошад ва ҳамон “доримӣ” аст.*

тарҷимаи марҳум Оятӣ) баён кардааст — ҷараёни ҳодисаи Карбало низ шабеҳпазир яъне намоишпазир аст ва сюжети фаровон дорад ва бо ин ки як ҳодисаи воқеӣ ва табиӣ аст, он чунон сурат гирифта, ки гӯӣ хостаанд бо он як намоишнома таҳия кунанд. Акнун мегӯем, ин пурсюжет будан ва шабеҳпазир будан, маълули як чизи дигар аст ва он ин аст, ки гӯӣ дар ҳодисаи Карбало бино будааст, ки ислом дар ҳамаи абъодаш ва ҳамаи ҷанбаҳояш таҷаллӣ кунад ва ба иборати дигар, амалан ва воқеан — на зоҳиран ва барои тамошои дигарон — таҷассум дода шавад ва ба марҳилаи амал дарояд.

Масъалаи таҷассум додани фикр гоҳе сирфан нақш аст ва шакл аст ва сурат аст ва намоиш аст, яъне бе руҳ аст ва ба бозӣ гирифтани хаёл аст; мисли он чи оқои Рошид нақл мекард, ки дар яке аз музейҳои хориҷӣ муҷассамаи зане фавқулъода зеборо бар рӯйи тахте дида буд, ки ҷавоне дар ҳоле, ки нишон медод қаблан ҳамоғӯши зан будааст, дар ҳоле, ки як поро ба пойин гузошта ва рӯгардонда буд, дар ҳоли фирор буд ва худи ҷавон низ фавқулъода зебо буд. Гуфтанд: ин, таҷассуми фикри Афлотун аст, ки ҳар ишқе пас аз расидан, табдил ба безорӣ мешавад ва маъшуқҳо дар асари висол манфурҳо мешаванд.

Вале ин таҷассум як таҷассуми бе руҳ буд. Дар ислом таҷассумҳои зинда ва руҳдор ва ҷондор ва воқеӣ аст. Ҳодисаи Карбало як таҷассум аст аз ислом дар ҳамаи ҷанбаҳо, аммо ҷондор ва руҳдор.

Ҳодисаи Имом Ҳусайн гӯӣ барои эҷоди як намоиши ҳамосӣ ва пархошгарӣ ва трагедӣ ва ваъзӣ ва ишқи илоҳӣ ва мусоваи исломӣ ва авотифи инсонӣ, ҳама дар охирин авҷ, ба василаи қаҳрамонҳои мухталиф аз пиру ҷавон, зану мард, озоду барда ва ё озодшуда, болиғу кӯдак ба вуҷуд омада ва ҳамаи абъоди исломро ҳам нишон медиҳад; ҳам тавҳид ва ирфон ва ишқи илоҳӣ ва таслим ва ризо ва нарди муҳаббат бо ҳақ бохтан ва покбозӣ бо Худо ва ҳам дар айни ҳол ҷанбаи эътироз ва пархошгарии шадид ва ҳамдардӣ бо маҳрумон ва ҳам ҳамосаи ахлоқии таҳаррук ва таҳаммуси шуҷоат ва ҳамосаи инсонӣ ва ҳам ваъзу андарз ва сукуни хоссе ба он ва ҳам баробарӣ ва мусоваи исломӣ ва ҳам таҷаллии олитарин авотифи ахлоқӣ ва исломӣ, масалан эсор (достони Абулфазл алайҳис салом), фидокорӣ ва сибқат дар он. Ин аст маънии ҷомеъ будани қиёми ҳусайнӣ. Аввалан аз назари ҳадаф ва мақсад ва идея ва фикр, ҳомили ҳамаи идеяҳои аслии ислом аст на як ҷанбаи хосс. Сониян аз назари бозикунандагон ва мутааҳҳидон ба нақш.

Ман шуарое назири Мӯҳташамро нафйи куллӣ намекунам, ҳамчунон ки шуарок монанд Уммони Сомонӣ ва Сафиюллоҳшоҳро. Аввалӣ такя бар ҷанбаи трагедӣ ва мазлумият кардааст ва дутои дигар бар ҷанбаи ирфонӣ ва ишқи илоҳӣ, ҳамчунон ки Иқболи Лоҳурӣ бештар бар ҷанбаҳои иҷтимоии он такя кардааст. Чун ин қиём, ин ҳаракат, ин наҳзат (ва

ҳамаи ин калимаҳо барои нишон додани ин ҳодиса кучак аст) ҳамаи ин ҷанбаҳоро доштааст ва ҳар як аз инҳо як буъд аз абъод ва як лоя аз чанд лояи ин ҳодиса аст. Албатта як ҳодисаи тавҳидии комил, ҷомеъи ҳамаи маротиб аст.

Аммо буъди тавҳидӣ ва ирфонӣ:

رِضَى اللهِ رِضانا أَهْلَ الْبَيْتِ

رِضاً بِقَضائِكَ وَتَسْليماً لأَمْرِكَ، لا مَعْبودَ سِواكَ يا غِياثَ الْمُسْتَغيثينَ

Ишроқи чеҳраи он ҳазрат дар лаҳазоти охир. Ҳадиси Имом Саҷҷод алайҳис салом дар бораи баъзе асҳоб. Замзамаи шаби Ошӯро ва ё меъроҷи ҳусайнӣ. Намози рӯзи Ошӯро.

عِنْدَ اللهِ أَحْتَسِبُ

— ҳо дар ҳамаи шадоид ва масоиб.

Аммо пархошгарӣ:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ

Ва аммо буъди ҳамосӣ, ҳамосаофаринӣ, мардонагӣ ва шарофат:

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ، هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

Ибни Абилҳадид мегӯяд:

سَيِّدُ أَهْلِ الْإِباءِ (أُباةِ الضَّيْمِ)

(*“Сурури ибокунандагон” (касоне, ки зери бори зӯр намераванд*))

لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أَفِرُّ فِرارَ الْعَبيدِ. وَيْلَكُمْ يا شيعَةَ آلِ اَبي سُفْيانَ إِنْ لَمْ يَكُنْ لَكُمْ دينٌ فَكونوا أَحْراراً في دُنْياكُمْ. لا أَرَى الْمَوْتَ اِلاّ سَعادَةً وَالْحَياةَ مَعَ الظّالِمينَ اِلاّ بَرَماً

саииду аҳли алибоъи (аубоаии алззими) (10). Ло ауътикум бииади иътоъа алззлилӣ ва ло афирр фирора алъабидӣ. Ваилакум ё шиъааиа олӣ аби суфёна ин лам иакун лакум дин факунуо аҳроран фи дунёкум. Ло араи алмаута ило саъодааиан ва алҳаёаиа маъа алззолимина ило бараман.

Буъди ахлоқӣ

а) Мурувват.

Дар шуҷоат шери раббонистӣ,

Дар мурувват худ кӣ донад, кистӣ.

(Мавлоно)

Достони об додан ба лашкари Ҳурр. Қабули тавбаи Ҳурр. Ҳозир нашудан ба ин ки ибтидо ба тирандозӣ кунад. Ҳозир нашудан ба ин ки қабл аз шурӯъи ҷанг тире ба сӯйи Шимр партоб шавад, ҳамон тавр, ки падараш Алӣ барои Ибни Мулҷам…

б) Эсор. Достони се нафар ё даҳ нафар дар ҷанги Мута ё ғайри он. Эсори аҳли байт ва сураи Даҳр. Эсори Абулфазл.

в) Садоқат ва ростӣ.

г) Вафо: Амр ибни Қарза (дар ҳоли шаҳодат хитоб ба Имом Ҳусайн алайҳис салом):

أَوَفَيْتُ

(“*Оё ба аҳди худ вафо кардам?*” (*“Нафасул-маҳмум”, с.140)*)

Буъди мавъизаӣ

а) Андарзҳои худи Абӯабдуллоҳ:

النّاسُ عَبيدُ الدُّنْيا وَالدّينُ لَعقٌ عَلى أَلْسِنَتِهِمْ

Мавъизаҳо зимни хитобаҳо. Мавъизаҳои ҷаноби Зуҳайр ва ҷумлаи Абӯабдуллоҳ, ки ту насиҳатро ба икмол расондӣ. Мавъизаи Ҳанзалаи Шабомӣ.

Усули иҷтимоӣ ва баробарии исломӣ

Достони Ҷавн мавлои Абӯзар (*“Нафасул-маҳмум”, с 155*):

فوقف عليه الحسين عليه السّلام وقال: اللّهُمَّ بَيِّضْ وَجْهَهُ، وَطَيِّبْ ريحَهُ، وَاحْشُرْهُ مَعَ الْأَبْرارِ، وَعَرِّفْ بَيْنَهُ وَبَيْنَ مُحَمَّدٍ وآلِهِ

(*“Ҳусайн алайҳис салом болои сари ӯ истод ва гуфт: Худовандо! Сураташро сафед кун ва бӯяшро хуш гардон ва бо некӯкорон маҳшураш бидор ва миёни ӯ ва Муҳаммад ва оли Муҳаммад ошноӣ барқарор фармо!”)*

Достони ҷавони турк. (*“Нафасул-маҳмум”, с.156*)

15) Заминаи таблиғ пас аз шаҳодати шуҳадо ва вуқӯъи фоҷеа ва хомӯш шудани эҳсосоти кинатӯзона ва тамаъкорона ва ҷонишин шудани эҳсосоти риққатангез ва пайдоиши ҷанбаи мазлумият ва ҳақ ба ҷонибӣ табъан бештар фароҳам шуд ва дар ҳақиқат марҳилаи баҳрабардорӣ аз як тараф ва муаррифии ҳақиқати он чи буда ва даридани пардаҳои торике, ки таблиғоти дурӯғин эҷод карда буд (аз тарафи дигар) аз баъд аз шаҳодати Абӯабдуллоҳ ба василаи аҳли байти мукаррамаш анҷом ёфт. Амирулмӯъминин алайҳис салом мефармояд:

إِنَّ الْفِتَنَ اِذا أَقْبَلَتْ شَبَّهَتْ وَاِذا أَدْبَرَتْ نَبَّهَتْ

(*“Шаъни фитнаҳо ин аст, ки чун рӯ ованд, ҳақро муштабаҳ созанд ва чун бартараф шаванд, бедорӣ ованд.” (“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 91)*) Иллати ин аст, ки дар ғавғои фитна, инсон дар он ғарқ аст ва вақте, ки инсон дар дохили ҷараён бошад, наметавонад дуруст бибинад; аз канор беҳтар метавон дид. Ин аст, ки заминаи равшан кардани азҳон

табъан баъд аз хатми ҷараён беҳтар фароҳам аст ва аз ин рӯ нақши умдаи таблиғот бар ӯҳдаи аҳли байт ва асирон аст.

Инҷо зикри ду муқаддима лозим аст:

а) Аз назари мантиқи ривоятҳо ва тибқи эътиқоди хосси мо ба ҷанбаи мофавқи башарӣ, яъне ҷанбаи иртибот ва иттисоли Имом ба олами мофавқи башарӣ, тамоми корҳои Имом Ҳусайн ҳисобшуда ва аз рӯи пешбинӣ буда, тасодуф ва иштибоҳ дар онҳо вуҷуд надорад. Аз ин рӯ масъалаи ҳамроҳ овардани занону кӯдакон бо худ дар сафари пурхатар, ки дар ҳамон вақт уқалое, ки бар меҳвари ҳифзи ҷони Абӯабдуллоҳ ва аҳли байташ қазоват мекарданд, ин корро ҷоиз намешумурданд ва ҳатто пас аз шунидани хабари қатли Муслим ва қатъӣ ва мусаллам шудани сарнавишт, боз ҳам лоақал ин корро намекунад, ки аҳли байтро ба Мадина баргардонад. (Ин масъала як кори ҳисобшуда аст.)

Дар ривоятҳо ҳам омадааст, ки дар олами руъё Пайғамбар (ба Имом Ҳусайн) фармуд:

إِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراكَ قَتيلاً، وَإِنَّ اللهَ شاءَ أَنْ يَراهُنَّ سَبايا

(*“Ҳамоно Худованд хостааст, ки туро кушта ва хонаводаи туро асир бибинад.”*)

Албатта мақсуде, ки дар он замон мефаҳмидаанд, иродаи ташреъӣ буда, на иродаи таквинӣ. Мақсуд аз иродаи таквинӣ, қазо ва қадари ҳатмии илоҳӣ аст ва мақсуд аз иродаи ташреъӣ, маслиҳат ва ризои илоҳӣ аст, мисли:

يُرِيدُ اللهُ بِكُمُ الْيُسْرَ وَلا يُرِيدُ بِكُمُ الْعُسْرَ

(*“Худованд роҳатӣ ва осоиши шуморо хоста ва заҳмат ва сахтии шуморо нахостааст.” (Бақара/185)*)

Натиҷа ин аст, ки тибқи мантиқи ривоятҳо, ҳамли аҳли байт ва занону кӯдакон бар асоси як маслиҳат буда, ки амсоли Ибни Аббос наметавонистаанд дарк кунанд.

б) Муқаддимаи дуввум ин аст, ки зан дар таърих се гуна нақш дошта ва ё метавонистааст дошта бошад. Яке ин ки шайъ буда ва гаронбаҳо ва дар натиҷа манфии маҳз ва дар радифи қосирон буда, бенақше буда дар радифи ашёи гаронбаҳо ва он ҳамон мантиқи кунҷи хона ва хидмат ба мард ва зоидан ва шир додан аст бидуни он ки истеъдодҳои руҳии ӯ рушд кунад, бидуни ин ки таълиму тарбияти воқеӣ биёбад ва шахсият пайдо кунад; ҳар чи дасту пошикастатар беҳтар ва гаронбаҳотар, ҳар чи безабонтар беҳтар ва гаронбаҳотар, ҳар чи бехибратар гаронбаҳотар ва беҳтар ва ҳар чи беиродатар беҳтар, ҳар чи ноогоҳтар беҳтар, ҳар чи асиртар ва маслубулиродатар беҳтар ва ҳар чи мунфаъилтар ва беҳунартар беҳтар. Яъне аз се асле, ки шахсияти инсонии инсонро ташкил медиҳад (огоҳӣ, озодӣ, халлоқият), ҳар чи надошта бошад, беҳтар. Вале дар ин нақш, зан малъабаи мард ҳаст, аммо малъабаи ҷомеаи мардон нест.

Нақши дуввум ин аст, ки асосан тафовути марду занро надида бигирем ва ҳар гуна ҳаримро, ки эҳтироми зан баста ба ӯст бардорем ва занро мавриди дастмолӣ ва баҳрабардории комил қарор диҳем, фосила ва ҳаримро ба куллӣ аз миён бибарем. Дар ин нақш, зан шахс буда ва омили таърих, аммо бебаҳо ва нақшаш бештар дар ҷиҳати фасоди таърих будааст. Ба иборати дигар, зан дар он нақш то ҳадде азиз ва маҳбуб ва гаронбаҳо буд, аммо заъиф, як заъифи гаронбаҳо ва як "шайъ"-и гаронбаҳо. Ва дар нақши дуввум як "шахс" буд, аммо шахси бебаҳо.

Нақши севвум ва ё мактаби севвум он аст, ки "шахси гаронбаҳо" бошад ва он ба ду чиз вобаста аст: яке, рушди истеъдодҳои хосси инсонӣ яъне илм, ирода, қудрати ибтикор ва халлоқият ва дигар, дурӣ аз ибтизол ва мавриди баҳрагирии мард будан. Пас, рушди истеъдодҳо дар айни нигаҳ доштани ҳарим. Дар ин мактаб, ҳарим ва на маҳбусият ва на ихтилот.

Аз ин рӯ як таърих мумкин аст музаккари маҳз бошад ва таърихи дигар мумкин аст мухталит бошад ва ба воситаи ихтилот палид бошад ва як таърихи дигар мумкин аст музаккар-муаннас бошад, аммо ба ин наҳв, ки мард дар мадори худаш ва зан дар мадори худаш. Пас, гоҳе зан омили муассир дар таърих нест, гоҳе омил аст, аммо мухталит ва дар ҳақиқат бозичаи мард ва гоҳе омил аст, аммо дар мадори худаш.

Зан дар таърихи мазҳабӣ тибқи талаққии Қуръони Карим омили муассир будааст, яъне таърихи мазҳабии қуръонӣ музаккар-муаннас аст, яъне инсонӣ аст, аммо бо ҳифзи мадорҳои хосс ба ҳар як. Ба иборати дигар, "музаннас" аст, завҷ аст.

Дар варақаҳои "Зан дар Қуръон" дар ин бора баҳс кардаем.

Ҳодисаи Карбало низ як таърихи "инсонӣ" аст яъне таърихи завҷ аст, на фард, "музаннас" аст, на музаккар ва на муаннас, музаккар ва муаннас аст, на музаккари маҳз. Ба ақидаи мо, зан то он ҷо, ки фақат нақши василаи ишқбозӣ ва чашмчарониро дорад ва нақши худро дар ороиш ва дар ҳақиқат равнақ бахшидан ба маҳфили мард — он ҳам умуми мардон — мебинад, ҳаргиз нақши мустақил ва муассире дар таърих надорад.

Албатта мо нақши асосии таъсири ғайримустақими занро дар таърих мункир нестем, ки гуфтаанд, зан мардро месозад, аъамм аз фарзанд ва шавҳар ва марди таърихро. Баҳси мо дар нақши мустақим аст.

Қуръон ба мувозоти мардони қиддис ва сиддиқ, аз занони қиддиса ва сиддиқае ёд мекунад, ки дар ҳадди мардони сиддиқ, балки болотар мақоми малакутӣ доштаанд. Закариё аз Марям дар шигифт мемонд. Ҳамсари Одам, Сора, Ҳоҷар, Осия, модари Мӯсо, хоҳари Мӯсо, Марям, ҳазрати Заҳро (Кавсар), занони қиддисаи Қуръонанд. Хадича худ қиддисаи таърихи ислом аст.

Қуръон аз мӯъминин ва мӯъминот, муҳоҷирин ва муҳоҷирот, қонитин ва қонитот, содиқин ва содиқот, солеҳин ва солеҳот… ёд кардааст.

Дар баъзе ойинҳо зан фақат унсури фиреб ва гуноҳ аст ва аз он ҷо шурӯъ мешавад, ки шайтон аз тариқи Ҳавво бар Одам мусаллат мешавад ва ин фалсафаро мерасонад, ки шайтон занро фиреб медиҳад ва зан мардро, вале Қуръон ин мантиқро қабул надорад.

16) Дар хутбаи Зайнаб (алайҳас салом) маҷмӯан чанд қисмат аст:

а) Маломат:

يا أَهْلَ الْكُوفَةِ، يا أَهْلَ الْخَتْلِ وَالْغَدْرِ وَالْخَذْلِ! أَلا فَلا رَقَأَتِ الْعَبْرَةُ وَلا هَدَأَتِ الزَّفْرَةُ، إِنَّما مَثَلُكُمْ ... هَلْ فيكُمْ اِلاَّ الصَّلَفُ وَالْعُجْبُ

(*“Эй кӯфиён! Эй ҳилагарон ва дағалбозоне, ки ба ҳангоми ёрӣ даст бозмедоред! Ҳон, ки ашкатон хушк ва оҳатон сард мабод! Достони шумо ба касе монад… Оё ҷуз чоплусӣ ва худбинӣ ва… Дар миёни шумо чизе ҳаст?..*”)

б) Огоҳ сохтани онҳо ба иштибоҳашон:

فَابْكُوا فَإِنَّكُمْ أَحْرِياءُ بِالْبُكاءِ، فَقَدْ أُبْليتُمْ بِعارِها وَمُنيتُمْ بِشَنارِها، وَلَنْ تَرْحَضوها أَبَداً، وَأَنّى تَرْحَضونَ قَتْلَ سَليلِ خاتَمِ النُّبُوَّةِ وَمَعْدِنِ الرِّسالَةِ وَسَيِّدِ شَبابِ أَهْلِ الْجَنَّةِ وَمَلاذِ حَرْبِكُمْ وَمَعاذِ حِزْبِكُمْ وَمَقَرِّ سِلْمِكُمْ واسى كَلْمِكُمْ وَمَفْزَعِ نازِلَتِكُمْ وَالْمَرْجِعِ اِلَيْهِ عِنْدَ مُقاتَلَتِكُمْ وَمِدْرَةِ حُجَجِكُمْ وَمَنارِ مَحَجَّتِكُمْ

(*“Пас бигирйед, ки сазовори гиряед. Ростӣ, ки шумо ба ори ин кор гирифтор омадед ва ба нанги он мубтало гаштед ва ҳаргиз ин лаккаи нангро натавонед шуст. Ва куҷо метавонед нанги куштани зодаи хатми нубувват ва маъдани рисолат ва сарвари ҷавонони биҳишт ва пуштибони ҷангатон ва ҷойгоҳи саломати худ ва табиби захмҳоятон ва паноҳи мушкилотатон ва баёнгари ҳуҷҷататон ва машъалгоҳи роҳатонро бишӯед?!*”)

в) Таҳрики авотиф, ки бо Пайғамбар чӣ кардед:

وَيْلَكُمْ أَتَدْرونَ أَيَّ كَبِدٍ لِرَسولِ اللهِ فَرَيْتُمْ، وَأَيَّ عَهْدٍ نَكَثْتُمْ، وَأَيَّ كَريمَةٍ لَهُ أَبْرَزْتُمْ، وَأَيَّ حُرْمَةٍ لَهُ هَتَكْتُمْ، وَأَيَّ دَمٍ لَهُ سَفَكْتُمْ

(“*Вой бар шумо! Медонед чӣ ҷигаре аз Расули Худо буридед? Ва чӣ паймоне шикастед? Ва чӣ духтароне аз ӯ дар маърази дид овардед? Ва чӣ ҳурмате аз ӯ даридед? Ва чӣ хуне аз ӯ рехтед?*”)

Азамати фавқулъодаи ин кор:

لَقَدْ جِئْتُمْ شَيْئاً إِدًّا. تَكادُ اَلسَّماواتُ يَتَفَطَّرْنَ مِنْهُ

(“*Ростӣ, ки кори нописанде кардед, ки наздик аст осмонҳо аз шиддати он бишкофад.” (Марям/89-90)*)

г) Интиқоми илоҳӣ:

فَلا يَسْتَخِفَّنَّكُمُ الْمَهْلُ فَإِنَّهُ عَزَّ وَجَلَّ لا يَحْفِزُهُ الْبِدارُ وَلا يُخْشى عَلَيْهِ فَوْتُ الثّارِ، كَلاّ إِنَّ رَبَّكَ لَنا وَلَهُمْ لَبِالْمِرْصادِ

(*“Пас ин мӯҳлати илоҳӣ шуморо сабуксор насозад, ки аҷала ва шитоб Худоро ба шитоб наяндозад ва бими аз даст рафтани интиқом бар Худо наравад. Ҳаргиз! Худованд дар камини мо ва онҳо нишастааст.*”)

17) Дар баҳси “таблиғ” гуфтаем, ки муваффақияти як паём чанд шарт дорад: ғинои муҳтавои худи паём, истихдоми васоили машрӯъ ва парҳез аз васоили зид, истифода аз методи саҳеҳ, шахсияти ҳомили паём.

Баҳси мо феълан дар бораи ду матлаб аст: яке баҳси куллӣ дар бораи шароити ҳомили паём, дигар баҳсе шахсӣ дар бораи таъсири шахсияти аҳли байт дар таблиғашон, ки албатта таблиғашон ду ҷанба дорад: яке ин ки исломро шиносонданд, дигар ин ки мардумро ба моҳияти авзоъ огоҳ сохтанд.

Роҷеъ ба қисмати дуввум бояд дид чӣ заминае сохта буданд, чӣ пардае бар рӯи авзоъ кашида буданд ва чӣ гуна буданд ва чӣ гуна мехостанд вонамуд кунанд ва чӣ гуна аҳли байт ин пардаи нифоқро дариданд. Писари Зиёд дар маҷлиси худаш хитоб ба ҳазрати Зайнаб мегӯяд:

اَلْحَمْدُ للهِ الَّذي قَتَلَكُمْ وَفَضَحَكُمْ وَأَكْذَبَ أُحْدوثَتَكُمْ

Ва аз ҷумлаи:

أَكْذَبَ أُحْدوثَتَكُمْ

— комилан пайдост, ки мехоҳад бигӯяд, бибинед! Беҳтарин далел бар ин ки ҳукумат, ба ҳақ бояд дасти мо бошад ва суханони шумо ноҳақ буд, ин аст, ки Худованд шуморо мағлуб кард. Ин мантиқ, мантиқи касоне аст, ки ҳамеша вазъи мавҷудро беҳтарин вазъ ва далели онро имзои Худо медонанд, ки агар бад мебуд, ки Худо худаш онро аз байн мебурд, чун ҳаст, пас дуруст аст ва бояд бошад; робитае аст миёни “ҳаст” ва “бояд бошад”, чун ҳаст, пас бояд бошад ва хуб аст, он чунон, ки дар ҷоҳилият мегуфтанд:

أَنُطْعِمُ مَنْ لَوْ يَشاءُ اَللهُ أَطْعَمَهُ

(*“Оё ба касе хӯрок диҳем, ки агар Худо мехост, хӯрокаш медод?” (Ёсин/47)*) ва ё он чунон, ки ояти каримаи:

تُؤْتِي الْمُلْكَ مَنْ تَشاءُ وَتَنْزِعُ الْمُلْكَ مِمَّنْ تَشاءُ وَتُعِزُّ مَنْ تَشاءُ وَتُذِلُّ مَنْ تَشاءُ

(*“Ҳукуматро ба ҳар ки хоҳӣ медиҳӣ ва аз ҳар кӣ хоҳӣ меситонӣ ва ҳар киро хоҳӣ иззат мебахшӣ ва ҳар киро хоҳӣ хору залил месозӣ.” (Оли Имрон/26)*)-ро ин тавр тафсиру таъбир мекунанд ва ин як муғолатаи азиме аст.

Аммо Зайнаб ҷавоб медиҳад:

الْحَمْدُ للهِ الَّذي أَكْرَمَنا بِنَبِيِّهِ مُحَمَّدٍ وَطَهَّرَنا مِنَ الرِّجْسِ تَطْهيراً، إِنَّما يَفْتَضِحُ الْفاسِقُ وَيَكْذِبُ الْفاجِرُ وَهُوَ غَيْرُنا وَالْحَمْدُ للهِ

(*“Сипос Худойро, ки моро ба паёмбараш Муҳаммад гиромӣ дошт ва аз ҳар гуна палидӣ ба хубӣ пок сохт! Ҷуз ин нест, ки фосиқ расво мешавад ва фоҷир дурӯғ мегӯяд ва ӯ би ҳамдиллоҳ мо нестем ва ғайри мост.*”)

Ибни Зиёд гуфт:

كَيْفَ رَأَيْتِ صُنْعَ اللهِ بِأَخيكِ؟ قالَتْ: كَتَبَ اللهُ عَلَيْهِمُ الْقَتْلَ فَبَرَزوا اِلى مَضاجِعِهِمْ، وَسَيَجْمَعُ اللهُ بَيْنَكَ وَبَيْنَهُمْ، فَانْظُرْ لِمَنْ يَكونُ الْفُلْجُ، هَبِلَتْكَ أُمُّكَ يَا ابْنَ مَرْجانَةَ ... فَغَضِبَ ابْنُ زِيادٍ وَاسْتَشاطَ

(*“Кори Худоро нисбат ба бародарат чӣ гуна дидӣ? (Зайнаб) фармуд: Худованд шаҳодатро дар сарнавишти онҳо муқаррар фармуда буд ва онон ба қатлгоҳи хеш пайвастанд ва ба зудӣ Худованд миёни ту ва онон ҷамъ кунад. Пас бингар, ки пирӯзӣ аз они кист? Модарат ба азоят биншинад эй писари Марҷона!.. Пас Ибни Зиёд ба хашм омад ва барафрӯхт…”*)

Вақте, ки Алӣ ибни Ҳусайн арза мешавад бар писари Зиёд, (Ибни Зиёд) мегӯяд:

مَنْ أَنْتَ؟ فَقالَ: أَنَا عَلِيُّ بْنُ الْحُسَيْنِ. فَقالَ: أَلَيْسَ قَدْ قَتَلَ اللهُ عَلِيَّ بْنَ الْحُسَيْنِ؟ فَقالَ لَهُ عَلِيٌّ عليه السلام: قَدْ كانَ لي أَخٌ يُسَمّى عَلِيّاً قَتَلَهُ النّاسُ. فَقالَ لَهُ ابْنُ زيادٍ: بَلِ اللهُ قَتَلَهُ. فَقالَ عَلِيُّ بْنُ الْحُسَيْنِ: اَللهُ يَتَوَفَّى الْأَنْفُسَ حينَ مَوْتِها ... فَغَضِبَ ابْنُ زيادٍ فَقالَ: وَبِكَ جُرْأَةٌ لِجَوابي وَفيكَ بَقِيَّةٌ لِلرَّدِّ عَلَيَّ! اِذْهَبُوا بِهِ فَاضْرِبوا عُنُقَهُ

(*“Ибни Зиёд гуфт: ту кӣ ҳастӣ? Фармуд: ман Алӣ ибни Ҳусайнам. Гуфт: магар Алӣ ибни Ҳусайнро Худо накушт? Ҳазрат фармуд: бародаре доштам ба номи Алӣ, ки мардум ӯро куштанд. Ибни Зиёд гуфт: балки Худо ӯро кушт. Ҳазрат фармуд: албатта Худованд ҷонҳоро ба ҳангоми мурдан меситонад… Ибни Зиёд хашм гирифт ва гуфт: бар посухи ман ҷуръат мекунӣ ва ҳанӯз тавони рад бар маро дорӣ? Ӯро бибаред ва гарданашро бизанед.*”)

Аз маҷмӯъ равшан мешавад, ки писари Зиёд мехост мантиқи ҷабргароӣ дар айни адлгароиро пуштвонаи кори худ қарор диҳад.

Ҳар ҷараёне билохира ба як фалсафае барои пуштибонӣ ва ҳимоят эҳтиёҷ дорад. Ҷанги таблиғотӣ он ҷост, ки фалсафаҳо бо ҳам меҷанганд.

Аҳли байти пайғамбар яке аз осори вуҷудиашон ин буд, ки нагузоштанд фалсафаи иқноъи душман по бигирад.

Кори дигарашон ин буд, ки аз наздик ба василаи худи душман тавонистанд бо мардум тамос бигиранд, дар сурате, ки қаблан оҳод ва афрод ҷуръати тамос надоштанд. Зайнаб аз минбари душман истифода кард. Истифода аз минбари душман дар ҳақиқат ҷангро то хонаи душман кашидан аст.

Истифода (-и аҳли байти Имом) аз фурсат барои муаррифии шахсияти воқеии худ, ки Кӯфаро табдил карданд ба пойгоҳи инқилоб. Ҳамон мардум гуфтанд:

كُهولُهُمْ خَيْرُ الْكُهولِ وَشَبابُهُمْ

(*“Пиронашон беҳтарини пиронанд ва ҷавононашон…”*)

Маҷмӯан Кӯфа ва Шом ва байни роҳ, қабл аз рафтани онҳо ва баъд аз рафтани онҳо ду ҷур буд.

Инқилоби Кӯфа он чунон шуд, ки таввобинро ба вуҷуд овард ва баъд ҳамин Кӯфа алайҳи Шом ва Ибни Зиёд қиём кард ва Ибни Зиёд дар ҷанг бо ҳамин кӯфиён кушта шуд ва (дар) Шом асараш он аст, ки дар масҷиди умавӣ зоҳир гашт.

Ин ки Язид рӯзҳои охир равиши худро иваз кард, аломати ин буд, ки мағлуб шуда буд ва ин ки дастур дод (аҳли байти Имом) мукарраман ва мӯҳтараман ба Мадина бозгарданд, ба ҳамин ҷиҳат буд. Ин ки дар қиёми Ҳарра дастур дод махсусан мутаарризи Алӣ ибни Ҳусайн нашаванд, ба ҳамин ҷиҳат буд.

Фасли ҳаштум: Ёддоштҳои мутафарриқ

Оё Имом Ҳусайн дастури хусусӣ дошт?

Дар муқаддимаи “*Баррасии таърихи Ошӯро*” мегӯяд: ҳадиси саҳеҳе аст дар “Кофӣ” ба санади бисёр мӯътабар аз Зурайси Кинонӣ, гӯяд, ки “*Ҳумрон ибни Аъйани Шайбонӣ ба Имом Боқир алайҳис салом арз кард: қурбонат гардам! Мулоҳиза мефармоед он чиро дар зиндагии амирулмӯъминин алайҳис салом ва Ҳасанайн алайҳимас салом воқеъ шуд аз хуруҷ ва наҳзат ва ҷиҳод фӣ сабилиллоҳ ва он чи бад-он гирифтор шуданд аз кушта шудан ба дасти ҷабборон ва мағлубият ва он чи бар сарашон омад, то билохира кушта шуданд ва мағлуб гаштанд? Ҳазрат фармуд: он чи шуд албатта Худои Таъоло барои эшон муқаддар карда буд ва худ ҳукм карда ва имзо намуда ва ҳатмӣ сохта буд ва сипас онро иҷро кард ва қиёми Алӣ ва Ҳасан ва Ҳусайн алайҳимус салом —*

فَبِتَقَدُّمِ عِلْمِ ذلِكَ اِلَيْهِمْ مِنْ رَسولِ اللهِ

— бо собиқаи илм ва дастуре буд, ки аз Расули Худо ба онҳо расида буд ва ҳар имоме, ки сукут кард аз рӯи илм ва дастур буд.”

Бояд ба асли хабар махсусан барои сатри охир муроҷеа шавад.

Воқеаи Карбало; паёме, ки бо хун навишта шуд

1) Марҳуми Оятӣ дар суханронии 9-ум (*с.179*)[91] пас аз он ки шарҳе роҷеъ ба қудрат ва нерӯи тасхирношудании таърих ва амонати ӯ баҳс мекунад, мавзӯи гузориши саропо ҷаъли Ибни Зиёдро барои мардуми Кӯфа нақл мекунад, ки ба масҷиди аъзами Кӯфа рафт ва ба минбар шуд ва гуфт:

الْحَمْدُ للهِ الَّذي أَظْهَرَ الْحَقَّ وَأَهْلَهُ، وَنَصَرَ أَميرَ المُؤْمِنينَ يَزيدَ وَحِزْبَهُ، و قَتَلَ الْكَذّابَ ابْنَ الْكَذّابِ الْحُسَيْنَ وَشيعَتَهُ

(*“Сипос Худойро, ки ҳақ ва аҳлашро ошкор сохт ва амири мӯъминон Язидро ёрӣ дод ва дурӯғгӯ писари дурӯғгӯ яъне Ҳусайн ва пайравонашро кушт.”*)

Дар инҷо Абдуллоҳ ибни Афиф Аздии Ғомидӣ, ки аъмо буд, бапо мехезад ва мегӯяд: “*Писари Марҷона! Дурӯғгӯ писари дурӯғгӯ тӯӣ ва падарат ва касе, ки туро ба ҳукумати Ироқ фиристодааст*”, то оқибат Ибни Афиф кушта мешавад.

Марҳум Оятӣ мегӯяд: “*Ин марди бузургвор ҷон бар сари ин гуфтор ниҳод ва ба дастури Ибни Зиёд кушта ва ба дор овехта шуд, аммо як сафҳа аз таърихро равшан сохт ва сафҳае аз таърихи Ошӯроро бо хуни худ навишт.*”

Дар ҳақиқат бояд гуфт: ҷумлаҳое аз қабили:

---

[91] *Китоби “Баррасии таърихи Ошӯро”.*

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ وَأَنَّ الْباطِلَ لا يُتَناهى عَنْهُ

أَيُّهَا النّاسُ! مَنْ رَأى سُلْطاناً جائِراً

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ ابْنَ الدَّعِيِّ

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

إِنْ لَمْ يَكُنْ لَكُمْ دينٌ

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

رِضاً بِقَضائِكَ ... لا مَعْبودَ سِواكَ

خُطَّ الْمَوْتُ عَلى وُلْدِ آدَمَ

— ва амсоли ин ҷумлаҳо, ҳама бо хун навишта шуд ва ранги хун ва қирмиз собиттарин ва намоёнтарини рангҳост.

Айзан ҳаводис ва вақойеъи Ошӯро ҳама вақойеъе аст, ки бо хун навишта шуд, мисли касоне, ки гоҳе нақл мешавад, дар ҳини мурдан дар асари фоҷеае, чун қаламу коғаз пайдо намешавад, бо ангушти худ ва бо хуни худ васияти худро менависанд ва ё афроде ба аломати инқилоб, ҷумлаеро бо хуни худ рӯйи як сафҳа менависанд.

Дар баъзе аз паймонҳои қадими арабӣ ва ҷоҳилӣ, ҳампаймонон дасти худро дар як зарфе аз хун фурӯ мебурданд ба аломати аз худгузаштагӣ дар роҳи ин паймон.

Ҷараёни шаҳодати Абдуллоҳи разеъ (Алии Асғар) ва пошидани хуни гулӯи тифли ширхор, худ як сафҳае аст, ки бо хун навишта шуд.

Навиштаанд – зоҳиран — ки худи Абӯабдуллоҳ пас аз як ҷараён (зоҳиран санг, ки ба пешонии он ҳазрат хӯрд) (дасти пурхуни хешро) ба сураташ молид ва фармуд:

هكَذا حَتّى أَلْقى جَدّي

(“*Ин гуна мехоҳам ҷаддамро дидор кунам.*”)

2) Чаро Имом ба мардуми Басра нома навишт ва онҳоро даъват кард? Оё худ навъе нақша барои тавсиаи инқилоб набуд? Ва болотар ин ки чаро дар шаби Ошӯро Ҳабиб ибни Музаҳҳарро ба миёни Банӣ Асад фиристод? Оё эҳтимоли ин ки Банӣ Асад битавонанд муқовамат кунанд, дар кор буд? Абадан! Чаро ёрон ва касони худро илзом накард, ки худро аз маърака берун кашанд? Ва чаро довталабии онҳоро барои кушта шудан пазируфт?

Оё Имом махсусан мехост эътироз ва интиқод ва эъломи ҷурм ва фарёди адолатхоҳӣ ва ҳақиқатхоҳӣ ва билохира паёми исломро бо хуни худ ва иддаи бештаре бинависад, ки ҳаргиз пок нашавад? Имом хутбаҳои доғашро пас аз бархӯрд бо Ҳурр ва пас аз вуқӯъ

дар бонбаст эрод мекунанд. Таърих нишон медиҳад, ки суханоне, ки бо хун навишта шуда ҳаргиз пок намешавад, зеро аз камоли садоқат ва хулус ва умқи тасмим ва андеша ҳикоят мекунад.

Мантиқи шаҳид фавқи мантиққои дигар аст.

Бисёре аз салотин моил буданд, ки номашон ва суханашон ва паёмашон (ҳарчанд паёме барои инсонҳо надоштаанд, изҳори худхоҳӣ будаасту бас) боқӣ бимонад, онро бар лавҳаҳои сангӣ (ё филизӣ) ҳак мекардаанд, ки масалан "Манам шоҳи шоҳон, эзаднажод, аз нажоди худоён!", вале ҳаргиз ин навиштаҳо дар дилҳо ва синаҳои мардум сабт нашуда ва дар онҷо нақш нагирифтааст. Аммо паёмҳое монанди паёми Имом Ҳусайн бидуни он ки дар сафҳаи сангӣ ё лавҳаи филизӣ ҳак шавад, чун бо хуни худашон ва бо ин ки сирфан рӯйи сафҳаи ларзони ҳаво сабт шуд, дар дилҳо ва синаҳо ҳак шуд ва монанди хутути нуронии ваҳй дар дили анбиё, барои ҳамеша боқӣ монд:

إِنَّ لِلْحُسَيْنِ مَحَبَّةً مَكْنونَةً في قُلوبِ الْمُؤْمِنينَ

("*Ҳусайнро дар дилҳои мӯъминон муҳаббате нуҳуфтааст.*"), дар олитарин мақомот ва марокизи руҳҳо сабт шуд, то он ҷо, ки дилҳо конуне шуд аз эҳсосоти ӯ ва бурдани номаш ашкҳоро ҷорӣ месозад ва Худо медонад, ки дар тӯли ҳазору сесад сол чанд ҳазор тонна ашк монанди гулоб аз гул гирифтааст. Чаро? Чун

إِنَّ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ سَيَجْعَلُ لَهُمُ الرَّحْمَنُ وُدًّا

(*"Ҳамоно онон, ки ба Худо имон оварданд ва некӯкор шуданд, Худои раҳмон онҳоро (дар назари халқу Ҳақ) маҳбуб мегардонад." (Марям/96)*), чун паёмрасони ҳақиқат буданд, чун паёми онҳо дилошно ва фитратошно буд, чун сухани ману мо набуд, сухани Худо ва мардум дар кор буд.

Сайидушшуҳадо; азамати руҳ ва салби осоиш аз бадан

1) Мутанаббӣ мегӯяд:

وَإِذا كانَتِ النُّفوسُ كِباراً

تَعِبَتْ في مُرادِهَا الْأَجْسامُ

("*Вақте руҳи касе баландмартиба буд, тани ӯ дар роҳи хостаи он руҳ ба заҳмат меафтад.*")

Ба таври куллӣ руҳияҳои кучак чун аз худ дард надоранд ва ҳадаф надоранд (ҳамаи дардҳо ва ҳадафҳояшон дар хостаҳои ҷисмонӣ хулоса мешавад) ва идеал надоранд, танҳоро ба заҳмат намеандозанд, ба луқмае, ки ба дарюзагӣ таҳсил мекунанд, қаноат мекунанд, аммо руҳияҳои бузург ҳамеша танро ба ҳаракат вомедоранд ва дар заҳмат ва

бало қарор медиҳанд, фарқашон шикофта ва сарашон бурида мешавад. Ба ҳамин ҷиҳат шаҳодат барои онҳо ифтихор аст, ки нишонаи азамати нафси онҳост. (Дар) ин гуна ашхос, ки руҳашон аз ҷисмашон бузургтар аст, кори бадан душвор аст. Бадани Алӣ агар мехоҳад бо руҳи Алӣ бисозад, бояд бо нони ҷавин ва шабзиндадориҳо ба сар барад, аҳёнан аз ноҳияи худи Алӣ муҷозот бибинад ва сарро дар даруни танӯр бибарад. Тани Ҳусайн агар бихоҳад бо руҳи Ҳусайн ҳамдам бошад, бояд омодаи ташнагии беандоза бошад, омодаи зери сумми асп (рафтан), омодаи захмҳои тири —

كَالْقُنْفُذ

— бошад.[92] Хушо ба ҳоли бадане, ки бо як руҳи кучак тавъам шуда, ҳамаи суру сотҳо[93]-ро барояш фароҳам мекунад, ба қимати дарюзагӣ ва дуздӣ нон таҳия мекунад, ба қимати ҷиноят ва одамкушӣ мақом таҳия мекунад!

Вой ба ҳоли бадане, ки бо як руҳи шарифу бузург тавъам аст! Чанд луқма нони ҷав бештар гираш намеояд, ки ба заҳмат бояд аз гулӯ пойин бидиҳад, аз он тараф бояд шабзиндадорӣ кунад, рӯз бояд дарра ба дасташ бигирад, муроқиби назми иҷтимоъ бошад, ё шамшер ба даст бигирад ва гардани табаҳкоронро бизанад, як рӯз сар дар даруни танӯр барад…

2) Алӣ алайҳис салом дар бораи муттақин мефармояд:

أَنْفُسُهُمْ مِنْهُمْ فِي تَعَبٍ، وَالنّاسُ مِنْهُمْ فِي راحَةٍ

(*“Худро ба заҳмат меандозад ва мардум аз онон осудаанд…” (Қариб ба ин иборат дар “Наҳҷул-балоға” хутбаи 184 маъруф ба муттақин омадааст)*)

Инҷо мурод аз “нафс” нафси ҳайвонӣ аст; ишора аст ба ин ки осоиши онҳо дар осоиш ва адами салби роҳат аз дигарон аст.

3) Ҷумлаи Имом Ҳусайн алайҳис салом, ки аз Пайғамбари Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ ривоят кардааст:

---

[92] *Овардаанд, бадани мубораки ҳазрат аз касрати исобати тир монанди қунфуз (хорпушт) менамуд*.

[93] *“Суру сот”: дар фарҳанги оммаи мардум ба маънии “айшу нӯш” ва “меҳмонӣ” аст, вале маънии аслии он марбут ба даврони қадим мешавад. Дар гузашта вақте лашкариён барои анҷоми умури низомӣ, аз ҷойе убур мекарданд, ҳангоми убур аз канори ҳар ободӣ ва русто, бахше аз маводди ғизоии мавриди ниёзи худро ба зӯр аз мардуми онҷо мегирифтанд*.

إِنَّ اللهَ يُحِبُّ مَعالِيَ الْأُمورِ وَيُبْغِضُ سَفْسافَها

(*“Худованд корҳои баланд ва гиромиро дӯст медорад ва корҳои паст ва забунро душман дорад.” (Таърих Яъқубӣ, 2/246)*) — мерасонад, ки руҳи Имом бо умури пасти ҷисмӣ сару кор надорад, сару кораш бо маъонӣ олӣ ва баланд аст.

4) Барои баъзе руҳ хидматгузори ҷисм аст, яъне фикру ақлу отифа дар хидмати ҳадафҳои ҷисмонӣ ва баданӣ ва ҳайвонӣ аст, руҳ асир аст, руҳ то ҳадде ранҷ мебарад агарчӣ руҳи кучак ҳатто эҳсоси ранҷ ҳам намекунад; руҳ бояд бузург бошад, ки эҳсоси дарду ранҷ бикунад, агар эҳсоси дарду ранҷ бикунад, кучак нест ва дар хидмати ҷисм қарор намегирад.

5) Ин шеър:

لَنَقْلُ الصَّخْرِ مِنْ قُلَلِ الْجِبالِ

أَحَبُّ اِلَيَّ مِنْ مِنَنِ الرِّجالِ

يَقولُ النّاسُ لي فِي الْكَسْبِ عارٌ

فَإِنَّ الْعارَ في ذُلِّ السُّؤالِ

(*“Ба дӯш кашидани тахтасанг аз қуллаи кӯҳҳо назди ман аз миннат бурдан аз дигарон маҳбубтар аст. Мардум ба ман мегӯянд, касб нанг аст, дар сурате, ки нанг дар зиллати хоҳиш аст.*”) — намудоре аз ба ранҷ афтодани бадан ба хотири бузургии руҳ аст.

6) Ин ки Имом фармуд:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ بْنَ الدَّعِيِّ ... هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

— намудоре аз ба заҳмат афтодани бадан аст ба хотири азамати руҳ.

7) Руҳу бадан дар айни иттиҳод ва ягонагӣ, аз ҷанбаи дугонагӣ монанди ду рафиқанд, ки аз тарафе илзоман бо ҳаманд ва наметавонанд аз ҳам ҷудо бошанд ва аз тарафи дигар ду рафиқе ҳастанд, ки ҳамҳадаф нестанд:

Майли ҷон андар тараққиву шараф,

Майли тан дар касбу асбоби алаф.

(Мавлоно)

Ин аст, ки кучак мондани ҳар кадом ба нафъи дигаре ва рушд кардан ҳар кадом ба зарари дигаре аст.

8) Мегӯянд, нобиғаҳо ҳамеша шавҳарони баде ҳастанд. Далелаш ҳам возеҳ аст: уфуқи руҳи онҳо аз уфуқи орзуҳо ва афкор ва таманниёт ва омоли як зан болотар аст. Ҷисмаш бо зан ҳаст, вале руҳаш бо зан нест. Аммо агар касе дар айни нубуғ битавонад худро он қадр дар мавқеъи худаш таназзул диҳад, ки бо зани оддӣ дар уфуқи оддӣ ҳам муошират

кунад, ӯ воқеан фавқи нубуғ аст, маълум мешавад қудрати таназзул додани худро дорад ва қудрати таназзул додани худ хеле фавқулъода аст.

Барои ман пеш омадааст, ки бо ашхосе дар уфуқи пойин маҷбур будаам соате зиндагӣ кунам. Дар азоби алим будаам. Медидаам як калима ҳарф надорам бо онҳо бизанам, гӯӣ ҳамаи маълумотамро фаромӯш кардаам.

9) Бузургии руҳ дар муқобили кучакӣ ва ҳақорат аст, ҷанбаи каммӣ дорад. Руҳи бузург як орзуи бузург аст, як андешаи бузург ва васеъ аст, як хоҳиш ва иродаи бузург аст, як ҳиммати бузург аст. Он ки орзу дорад дар сарват шахси аввал шавад — албатта на орзуи холӣ, балки орзуи тавъам бо ҳаракат — як руҳи бузург дорад. Ба қавли Низомии Арӯзӣ: "*Аҳмад ибни Абдуллоҳ ал-Хуҷистониро пурсиданд: ту марде харбанда будӣ, ба амирии Хуросон чун афтодӣ? Гуфт: ба Бодғис дар Хуҷистон рӯзе девони Ҳанзалаи Бодғисӣ ҳамехондам, бад-ин ду байт расидам:*

Меҳтарӣ гар ба коми шер — дар аст,

Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй!

Ё бузургиву иззу неъмату ҷоҳ,

Ё чу мардон-т марг рӯёрӯй.

— доияе дар ман падид омад, ки ба ҳеч ваҷҳ дар он ҳолат, ки будам розӣ натавонистам буд. Харон бифурӯхтам ва асп харидам ва аз ватани хеш реҳлат кардам ва ба хидмати Алӣ ибни Лайс (Саффорӣ) шудам… Аслу сабаб ин ду байт буд."

Руҳи бузург ба камӣ ва кучакӣ ва ҳақорат тан намедиҳад, ба кам аз қадри худ розӣ намешавад.

Ба кам аз қадри худ машав розӣ,

Бин, ки гунҷишк менагирад боз.

(Масъуди Саъди Салмон)

Руҳи бузург аҳли муҳоҷират аст, ба кунҷи хона ва ба обу хоки худ қаноат намекунад; сафар мекунад, дарёҳоро ва хатарҳоро истиқбол мекунад, шабу рӯз мекӯшад ва дар натиҷа зудтар пир мешавад, бемории қалбӣ мегирад ва мисли Носир[94] дар нимаи роҳи умр мемирад. Муссолинӣ гуфт: "*Ба ҷойи он ки сад сол гӯсфанд бошам, тарҷеҳ медиҳам як сол шер бошам*."

Одами бузург аз зиндон бок надорад, даҳ сол ва бист сол зиндон меравад, ки ду сол ба ком зиндагӣ кунад.

[94] *Ҷамол Абдуносир*.

10) Искандар ва Хашоёршо ва Нодир ва Наполеон руҳҳои бузург ва ноором будаанд, аммо як ҷоҳталабии бузург, як рақобат ва ҳасодати бузург, як шаҳвати бузург, як таҷаммулпарастии бузург будаанд. Инҳо бо муқоиса бо руҳҳои кучак албатта азамат ва аҳаммияти бештаре доранд. Инҳо агар ба ҷаҳаннам ҳам бираванд, як руҳи бузург ба ҷаҳаннам рафтааст, инҳо ҳавопарастҳои бузург ҳастанд. Он чи дар вуҷуди инҳо ва дар руҳи инҳо рушд кардааст, шаҳватҳо, ҷоҳталабиҳо, ҳасодатҳо, кинатӯзиҳост.

Аммо бузургворӣ. Бузургворӣ ғайр аз бузургӣ аст. Бузургвории руҳ дар муқобили кучакии руҳ нест, балки дар муқобили пастӣ ва даноати руҳ аст.

Ин пастӣ чӣ гуна пастие аст? Ин худ як масъалае аст дар ҳақиқат мовароитабиӣ ва зидди мантиқи моддӣ. Мегӯянд, тан ба пастӣ надеҳ, тан ба хорӣ надеҳ, оқо бош, на навкар, азиз бош, на залил. Инҳо, ки ҳеч кадом малмус нест. Ифтихор яъне чӣ? Ин ки:

Тани мурдаву гиряи дӯстон,

Беҳ аз зиндаву таънаи душманон.

Маро ор ояд аз ин зиндагӣ,

Ки солор бошам, кунам бандагӣ.

Ин ки:

إِنَّ الْحَياةَ في مَوْتِكُمْ قاهِرينَ وَالْمَوْتَ في حَياتِكُمْ مَقْهورينَ

(*“Зиндагӣ дар марги пирӯзмандона аст ва марг дар зиндагии тавъам бо шикаст.” (“Наҳҷул-балоға”, хутба 51)*) — яъне чӣ?

11) Мо дар ҷумлаҳои:

أَشْهَدُ أَنَّكَ قَدْ أَقَمْتَ الصَّلوةَ وآتَيْتَ الزَّكاةَ وَاَمَرْتَ بِالْمَعْروفِ

— бузургӣ ва бузургвории Имомро тавзеҳ медиҳем.

Калимоти Ҳусайн ибни Алӣ ё шиорҳои зиндагии Имом

1) Таърихи Яъқубӣ нақл мекунад, ки аз Ҳусайн ибни Алӣ алайҳимас салом суол карданд, ки калимае, ки худаш аз Расули Акрам Саллаллоҳу алайҳӣ ва олиҳӣ шунида нақл кунад. Фармуд: аз Расули Худо шунидам:

إِنَّ اللهَ يُحِبُّ مَعالِيَ الْأُمورِ وَيُبْغِضُ سَفْسافَها

(Ҳарчанд ин калима аз Расули Акрам аст, аммо чун аз ғайри Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом то кунун нақл нашуда, ба номи он ҳазрат нақл кардем.) Ин ҷумларо “*Сафинатул-биҳор*” низ аз Расули Худо нақл мекунад.

Дар *“Ал-мунҷид”* мегӯяд:

السَّفْسافُ: الرَّديُّ مِنْ كُلِّ شَيْءٍ، يُقالُ: فُلانٌ سَفْسافُ الْكَلامِ أَيْ لَيْسَ لِكَلامِهِ مَعنى. الْأَمْرُ الْحَقيرُ

(*“Сафсоф ба ҳар чизи паст ё қисмати пасти ҳар чиз гӯянд. Гӯянд: фалонӣ сафсофул-калом аст, яъне суханаш бемаънӣ аст. Ва низ ба кори кучак гуфта мешавад.*”)

2) Айзан Имом фармуд:

النّاسُ عَبيدُ الدُّنْيا وَالدّينُ لَعقٌ عَلى أَلْسِنَتِهِمْ فَإِذا مُحِّصُوا بِالْبَلاءِ قَلَّ الدَّيّانونَ

(*“Мардум бандаи дунёянд ва дин луқмаи кучаке аст сари забонашон ва чун ба бало озмоиш шаванд, диндорон андаканд.” (“Туҳафул-уқул”, с.245)*)

“Ал-мунҷид”:

اللَّعْقَةُ: ما تَأْخُذُهُ فِي الْمِلْعَقَةِ أَوْ بِإِصْبَعِكَ. الْقَليلُ مِمّا يُلْعَقُ

(“*Лаъқа: миқдори хӯроке аст, ки бо қошуқ ё ангуштат бармегирӣ. Луқмаи андак.*”)

Ин ҷумлаи Имом, махсусан калимаи “ъабид”, мерасонад иззати нафси Имом ва таҳқири бандагӣ ва бандагони дунёро.

3) Назири ин ҷумла аст ҷумлаи маъруф ва манқул дар “*Ал-анвор ул-баҳийя*” (сафҳаи 45):

وَفي وَصِيَّةِ موسَى بْنِ جَعْفَرٍ عليهما السلام لِهِشامٍ قالَ: وَقالَ الْحُسَيْنُ بْنُ عَليٍّ عَلَيْهِمَا السَّلامُ: إِنَّ جَميعَ ما طَلَعَتْ عَلَيْهِ الشَّمْسُ في مَشارِقِ الْأَرْضِ وَمَغارِبِها، بَحْرِها وَبَرِّها، وَسَهْلِها وَجَبَلِها عِنْدَ وَليٍّ مِنْ أَوْلِياءِ اللهِ وَأَهْلِ الْمَعْرِفَةِ بِحَقِّ اللهِ كَفَيْءِ الظِّلال. ثُمَّ قال: أَلا حُرٌّ يَدَعُ هذِهِ اللُّماظَةَ[95] لأَهْلِها (يعنى الدُّنيا) لَيْسَ لأَنْفُسِكُمْ ثَمَنٌ اِلاَّ الْجَنَّةُ فَلا تَبيعوها بِغَيْرِها. فَإِنَّهُ مَنْ رَضِيَ مِنَ اللهِ بِالدُّنْيا فَقَدْ رَضِيَ بِالْخَسيسِ

Аз ин се ҷумла, ки нақл шуд фаҳмида мешавад, ки аввалан, руҳи Ҳусайн руҳи хоссе аст, ки ба данӣ ва паст тан намедиҳад, толиби маъолиюл-умур аст (ҷумлаи аввал). Ва маълум мешавад ҳар ҳадафи моддӣ ва дунёиро, ки дар ниҳояти амр мунтаҳӣ ба ризои Худо яъне ҳадафи кулли офариниш набошад ва бихоҳад аз ҳадафи кулли офариниш ҷудо кунад, онро пасту ҳақир медонад, на ин ки мисли Наполеон бигӯяд: Фаронса барои ман кучак аст, Русияро ҳам мехоҳам замима кунам. Ё мисли Искандар бигӯяд: Юнон бароям кучак аст, Эронро ҳам мехоҳам замима кунам (ҷумлаи севвум). Ва маълум мешавад тамоми мардуме, ки худро бастаанд ба мақомоти дунявӣ, ба сарвати дунявӣ ва ба хотири ин мақомот ва сарватҳо худро паст мекунанд, дар назари Ҳусайн алайҳис салом бисёр ҳақиру паст мебошанд (ҷумлаи дуввум).

Аз инҷо мифтоҳи шахсияти ҳусайнӣ, ҳамосаи ҳусайнӣ (ки дар варақаҳо ва ёддоштҳои “Ҳамосаи ҳусайнӣ” ишора шудааст) маълум мешавад.

4) Балоғати Ҳусайн:

[95] *Лумоза: он чи бимонад аз таом дар гӯшаҳои даҳон*.

دِراسَةُ الْعِلْمِ لِقاحُ الْمَعْرِفَةِ، وَطولُ التَّجارِبِ زِيادَةٌ فِي الْعَقْلِ

“*Музокираи илмӣ мӯҷиби рушди маърифат аст ва таҷрибаҳои зиёд мӯҷиби афзунии хирад аст*.”

لَوْ تَرَكُوا الْجِهادَ لَأَتاهُمُ الْعَذابُ

“*Агар ҷиҳодро тарк кунанд, азоб ба сурағашон ояд*.”

لا يَأْمَنُ اِلاّ مَنْ خافَ اللهَ

“*Эмин нест магар он кас, ки аз Худо битарсад*.”

اَلْقُدْرَةُ تُذْهِبُ الْحَفيظَةَ

“*Қудрат худпоиданро аз байн мебарад ва одамиро бебок месозад*.”

مِنَ الْبَلاءِ عَلى هذِهِ الْأُمَّةِ أَنّا اِذا دَعَوْناهُمْ لَمْ يُجيبونا، وَإِذا تَرَكْناهُمْ لَمْ يَهْتَدُوا بِغَيْرِنا

“*Аз балоҳати ин уммат он аст, ки вақте ононро бихонем, иҷобат накунанд ва чун раҳояшон созем, ба дасти ғайри мо ҳидоят наёбанд*.”

Таъсири афкори масеҳӣ дар ҳодисаи Карбало

Оқои Солеҳӣ[96] аз “Иршод”-и Муфид (*с.185*) нақл мекунад, ки Язид бо машварати Сарҷун Румӣ Ибни Зиёдро барои мубориза бо Абӯабдуллоҳ алайҳис салом интихоб кард.

Айзан дар “Комил”-и Ибни Асир (ҷилди 3, сафҳаи 268):

فلمّا اجتمعت الكتب (كتب أتباع يزيد بالكوفة) عند يزيد دعا سرجون مولى معاوية فأقرأه الكتب واستشاره فيمن يولّيه الكوفة، وكان يزيد عاتباً على عبيد الله بن زياد، فقال له سرجون: أرأيت لو نشر لك معاوية كنت تأخذ برأيه؟ قال: نعم. فأخرج عهد عبيد الله على الكوفة[97] فقال: هذا رأي معاوية ومات وقد أمر بهذا الكتاب. فأخذ برأيه وجمع الكوفة والبصرة لعبيد الله وكتب إليه وسيّره إليه مع مسلم بن عَمْرو الباهليّ والد قُتَيْبَة فأمره بطلب مسلم بن عقيل وبقتله أونفيه

(“*Пас чун номаҳо (номаҳои пайравони Язид дар Кӯфа) назди Язид ҷамъ шуд, Сарҷун, мавлои Муовияро хост ва номаҳоро барояш хонд ва бо ӯ машварат кард, ки чӣ касеро волии Кӯфа гардонад. Язид он рӯзҳо бар Убайдуллоҳ ибни Зиёд хашмгин буд. Сарҷун ба ӯ гуфт: бигӯ бидонам, агар Муовия бароят дастуре дода бошад, раъйи ӯро мепазирӣ? Гуфт: оре. Сарҷун фармон (-и Муовия барои) Убайдуллоҳро ҷиҳати вилояти Кӯфа берун овард ва гуфт: ин назари Муовия аст ва ӯ мурд дар ҳоле, ки ба ин нома амр кард. Язид назари вайро амал кард ва Кӯфа ва Басраро ба Убайд супурд ва номае ба ӯ навишт ва*

[96] *Нависандаи китоби “Шаҳиди ҷовид”.*

[97] *Аҳди Убайдуллоҳ назди Сарҷун чӣ мекардааст?! Оё худ далел бар навъе нақшаи моҳирона нест*?

онро тавассути Муслим ибни Амри Боҳилӣ, падари Қутайба ба сӯйи вай ирсол дошт ва ба ӯ фармони ҷустуҷӯи Муслим ибни Ақил ва куштан ё табъидашро содир намуд.")

Дар муқаддимаи "Баррасии таърихи Ошӯро" оқои Ғаффорӣ менависад: Язид умуман умри худро дар дайрҳои насоро, ки он рӯз ҳукми сутуни панҷумро дошт ба сар мебурд ва дар лаҳву лаъиб рӯзгор мегузаронид (ва қаҳран аз арбоби дайрҳо таълимот ва дастурот мегирифт. Ва аҷаб ин аст, ки ин марокизи ибодат ва инзиво сабаби ривоҷи фаҳшо ва шароб дар ҷаҳони ислом шуд. Чун шароб ва хилват бо зан мамнӯъ набуд, ҳиҷоб низ маъмул набуд, хоҳ нохоҳ ҳамин марокизи ибодат табдил ба маркази фасод мешуд.)

Яке аз қароин бар ин ки Язид таҳти таъсири афкори масеҳӣ будааст, ҳамон шеъри маъруф вай аст, ки мегӯяд:

وَشَمسَةُ كَرمٍ بُرجُها قَعرُ دَنِّها

وَمَطلَعُها الساقي وَمَغرِبُها فَمي

إِذا بُزِلَت مِن دَنِّها في إِناءِها

حَكَت نَثَراً مِنَ الحَطيمِ وَزَمزَمِ

فَإِن حُرِّمَت يَوماً عَلى دينِ أَحمَدٍ

فَخُذها عَلى دينِ المَسيحِ بنِ مَريَمِ

("*Хуршеди ман, ки аз ангур аст, бурҷи он таҳи хумраи шароб аст. Ва аз машриқи дасти соқӣ тулӯъ карда ва ба мағриби даҳони ман ғуруб менамояд. Ва чун аз сабӯ дар ҷом рехта шавад, ғулғул кардан ва зеру рӯ шудан ва ҳубоб сохтанаш ҳикоят аз ҳоҷиёне мекунад, ки байни девори Каъба ва чоҳи Замзам машғули ҳарвала ҳастанд. Пас агар бар дини Аҳмад ҳаром аст, ту онро бар дини Исо бигир ва саркаш.*")

Дар муқаддимаи "Баррасии таърихи Ошӯро" аз Яъқубӣ ва дигарон ин ҳикояти маъруфро нақл мекунад, ки дар соле, ки Муовия Язидро бо лашкаре барои фатҳи билоди Рум фиристод, дар Ғазқазуна (ё ба нақли "Абушшуҳадо", Фарқадуна), ки дар он ҷо дайре буд ба номи "Дайри Муррон" утроқ карданд ва Язид дар он дайр бо Умми Кулсум номе машғули айёшӣ ва кайф шуд ва дар асари бадии ҳаво лашкар мубтало ба таб ва обила шуданд ва мараз ба қисме дар урдуи мусалмонон афтод, ки мисли барги хазон рӯи замин мерехтанд ва мемурданд ва ҳар чи ба Язид исрор карданд ҳар чи зудтар аз ин сарзамин кӯч кунем, эътино накард. (Аммо зоҳиран "Абушшуҳадо" менависад: лашкар дар нуқтаи дигаре дучори ин беморӣ шуд ва Язид дар ин дайр монда буд ва мулҳақ ба лашкар намешуд, то ин хабар ба ӯ расид ва ашъор зайлро суруд) ва ин ашъорро суруд:

ما أَنْ أُبالي بِما لاقَتْ جُمُوعُهُمْ

بِالْغَذْقَذونَةِ مِنْ حُمّى وَمِنْ موم

إِذَا اتَّكَأْتُ عَلَى الْأَنْماطِ في غُرَفٍ

بِدَيْرِ مُرّانٍ عِنْدي أُمُّ كُلْثوم

(“*Маро чӣ бок, ки тамоми лашкари ислом дар Ғазқазуна аз марази обила ва таб мурданд! Ман акнун дар дайри Муррон бар болишҳои пурқу такя дода ва роҳатам ва Умми Кулсум дар оғӯши ман аст.*”)

Марсияҳои ҳусайнӣ — рисои ҷинниён

Дар “Қамқом” (сафаҳоти 509-513) қисмати зиёде аз маросии ҷинниҳоро ба сурати шеър нақл кардааст. Баъид нест, ки ин ашъор, ки саросар интиқод ва Ҳунайн ва таҳрики эҳсосот аст, аз тарафи алоқамандон ва шиъаён суруда мешудааст ва чун аз тарафи ҳукумати вақт таҳти таъқиб қарор мегирифтанд, аз ин рӯ ашъоре, ки месуруданд, ба номи ҷиннӣ мунташир мекарданд, ки ҳам пай гум карда бошанд ва ҳам мардум беҳтар ҳифз мекарданд.

Диъбили Хузоъӣ:

زُرْ خَيْرَ قَبْرٍ فِي الْعِراقِ يُزارُ

وَاعْصِ الْحِمارَ فَمَنْ نَهاكَ حِمارُ

لِمَ لا أَزورُكَ يا حُسَيْنُ لَكَ الْفِدا

قَوْمي وَمَنْ عَطَفَتْ عَلَيْهِ نِزارُ

وَلَكَ الْمَوَدَّةُ في قُلُوبِ ذَوِي النُّهي

وَعَلى عَدُوِّكَ مَقْتَةٌ وَدَمارُ

يَا ابْن الشَّهيدِ وَيا شَهيداً عَمُّهُ

خَيْرُ الْعُمومَةِ جَعْفَرُ الطَّيّارُ

(“*Беҳтарин қабреро, ки дар Ироқ зиёрат мешавад, зиёрат кун ва маркаби хеш бирон ва ҳар ки туро боздошт, ӯ чаҳорпое беш нест. Эй Ҳусайн! Чаро туро зиёрат накунам, ки хешонам ва ҳамаи бозмондагони Низор фидои ту бод! Туро дар дилҳои хирадмандон муҳаббате аст ва хашму табоҳӣ бар душмани ту бод! Эй фарзанди шаҳид! Ва эй, ки амуи ту беҳтарини амуҳо, Ҷаъфари Тайёр низ шаҳид аст.*”)

Шеъри охир ҷузъи ашъоре аст, ки мегуфтанд, ҷиннён сурудаанд.[98]

Имом Ҳусайн, асҳоб, афзалуш-шуҳадо Абулфазл

Дар ҳадис аст, ки амирулмӯъминин алайҳис салом дар Сиффин аз сарзамини Карбало убур кард ва турбати он ҷоро бӯид ва фармуд:

واهاً لَكِ أَيَّتُهَا التُّرْبَةُ لَيُحْشَرَنَّ مِنْكَ أَقْوامٌ يَدْخُلُونَ الْجَنَّةَ بِغَيْرِ حِسابٍ

(*“Шигифто аз ту эй хоки пок, ки ақвоме аз даруни ту маҳшур мешаванд, ки беҳисоб дохили биҳишт мегарданд!” (“Биҳорул-анвор”, 44/255)*)

Айзан дар ҳадис аст (*“Нафасул-маҳмум”, с.30*), ки Расули Худо дар бораи Имом Ҳусайн алайҳис салом фармуд:

كَأَنّي بِهِ وَقَدِ اسْتَجارَ بِحَرَمي وَقَبْري فَلا يُجارُ، وَيَرْتَحِلُ اِلى أَرْضِ مَقْتَلِهِ وَمَصْرَعِهِ، أَرْضِ كَرْبٍ وَبَلاءٍ، وَتَنْصُرُهُ عِصابَةٌ مِنَ الْمُسْلِمينَ، أُولئِكَ سادَةُ شُهَداءِ أُمَّتي يَوْمَ الْقيامَةِ

(*“Гӯё ӯро мебинам, ки ба ҳарам ва қабри ман паноҳанда шуда, вале ӯро паноҳ надиҳанд ва ба сарзамини қатлгоҳ ва шаҳодати худ кӯч мекунад; сарзамини андӯҳ ва гирифторӣ. Ва гурӯҳе аз мусалмонон ӯро ёрӣ медиҳанд, ки дар қиёмат сарварони шаҳидони умматӣ мананд.” (“Биҳорул-анвор”, 44/298)*)

Айзан “Нафасул-маҳмум” (с.110):

خَرَجَ عَلِيٌّ عليه السلام يَسيرُ بِالنّاسِ حَتّى إِذا كانَ بِكَرْبَلاءَ عَلى ميلَيْنِ أَوْ ميلٍ تَقَدَّمَ بَيْنَ أَيْديهِمْ حَتّى طافَ بِمَكانٍ يُقالُ لَهُ المقذفان، فَقالَ :قُتِلَ فيها مِائَتا نَبِيٍّ وَمِائَتا سِبْطِ نَبِيٍّ كُلُّهُمْ شُهَداءُ. هاهُنا مُناخُ رُكّابٍ وَمَصارِعُ عُشّاقٍ، شُهَداءُ لا يَسْبقُهُمْ مَنْ قَبْلَهُمْ وَلا يَلْحَقُهُمْ مَنْ بَعْدَهُمْ

(“*Алӣ алайҳис салом аз шаҳр берун шуд ва бо мардум ҳаракат кард ва чун ба як ё ду милии Карбало расид, пешопеши онон омад, то ба маконе, ки Мақзафон ном дошт даврае зад ва фармуд: дар инҷо 200 паёмбар ва 200 наводаи паёмбар ба қатл расидаанд, ки ҳамаи онҳо шаҳиданд. Инҷо борандози саворон ва қатлгоҳи ошиқон аст; шаҳидоне, ки на пешиниёнашон бар онон сибқат ҷустаанд ва на ояндагон ба мақоми онон расанд.*”)

Аз тарафи дигар мақоми шаҳид ҳамон аст, ки қаблан гуфтаем.

Аз тарафи дигар Абулфазл алайҳис салом касе аст, ки:

إِنَّ لَهُ عِنْدَ اللهِ دَرَجَةً يَغْبِطُهُ بِها جَميعُ الشُّهَداءِ

(*“Ӯро назди Худованд дараҷае аст, ки тамоми шуҳадо ба ҳоли ӯ рашк мебаранд.*”)

Пас дар инҷо се матлаб аст:

---

98 *“Қамқом”, сафҳаи 512*.

а) Мақоми шаҳид дар миёни соири барҷастагон ва хидматгузорони башар, ки қаблан баён шудааст.

б) Мақоми шуҳадои Карбало дар миёни соири шуҳадо.

в) Мақоми Абулфазли Аббос дар миёни шуҳадои Карбало.

Шиорҳои таърихӣ дар Карбало

Дар Карбало ҷумлаҳои таърихӣ зиёд гуфта шудааст, ки гузашта аз ин ки аз як инсонияти комил ва имони хориқулъода ва аз як ҳамосаи пуршӯр ҳикоят мекунад, чун ин ҷумлаҳо бо хун навишта ва сабт шудааст, арзиши дигаре дорад. Ва ба илова, аз ин шиорҳо ба руҳи ҳусайнӣ ва моҳияти наҳзати ҳусайнӣ метавон пай бурд.

1) Ҷумлаҳои худ Абӯабдуллоҳ:

أَلا وَإِنَّ الدَّعِيَّ ابْنَ الدَّعيي

هَيْهاتَ مِنَّا الذِّلَّةُ

الْمَوْتُ أَوْلى مِنْ رُكوبِ الْعارِ

أَلا تَرَوْنَ أَنَّ الْحَقَّ لا يُعْمَلُ بِهِ ... لِيَرْغَبِ الْمُؤْمِنُ في لِقاءِ اللهِ مُحِقّاً

النّاسُ عَبيدُ الدُّنيا وَالدّينُ لَعقٌ عَلى أَلْسِنَتِهِمْ

لا أُعْطيكُمْ بِيَدي إِعْطاءَ الذَّليلِ وَلا أُقِرُّ إِقْرارَ (أَفِرُّ فِرارَ) الْعَبيدِ

2) Ҷумлаи Алиакбар:

إِذاً وَاللهِ لا نُبالي. الْحَرْبُ قَدْ بانَتْ لَهَا الْحَقائِقُ

يا أَبَتاهْ هذا جَدّي رَسولُ اللهِ

3) Ҷумлаи Қосим ибни Ҳасан:

الْمَوْتُ أَحْلى عِندي مِنَ الْعَسَلِ

4) Ҷумлаи Абулфазл:

يا نَفْسُ مِنْ بَعْدِ الْحُسَيْنِ هوني

هذا حُسَيْنٌ شارِبُ الْمَنونِ

5) Ҷумлаи Муслим ибни Авсаҷа ва ҷумлаи Саъид ибни Абдуллоҳи Ҳанафӣ ва ҷумлаи Бишр ибни Амри Ҳазрамӣ — руҷӯъ шавад ба “Баррасии таърихи Ошӯро” (с.133) баҳси нисбатан ҷолибе аст.

Паёми ҳусайнӣ

Касоне, ки ба хотири як силсила усул ва мабодӣ қиём мекунанд ва наҳзат менамоянд, дар ҳақиқат ба ҳамаи ҷаҳониён баъд аз худашон паёме доранд ва ба истилоҳи маъруф,

васияте доранд. Ояндагон бояд бо паёми онҳо ошно бошанд ва нидои онҳоро бишносанд.

Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис салом фармуд:

إِنّي لَمْ أَخْرُجْ أَشِراً وَلا بَطِراً وَلا مُفْسِداً وَلا ظالِماً، إِنَّما خَرَجْتُ لِطَلَبِ الْإِصْلاحِ في أُمَّةِ جَدّي (صَلَّى اللهُ عَلَيْهِ وآلِهِ) أُريدُ أَنْ آمُرَ بِالْمَعْروفِ وَأَنْهى عَنِ الْمُنْكَرِ وَأَسيرَ بِسيرَةِ جَدّي وَأَبي

Нақши зан дар ҳодисаи Карбало

Мавзӯе аст муфид. Зоҳиран тамоми заноне, ки нақше доштаанд, дар чиҳати хуб будааст назири зани Зуҳайр ибни Қин ва зани Абдуллоҳ ибни Умайри Калбӣ (Умми Ваҳаб) ва Рубоб духтар Имруъул Қайс (ҳамсари Имом). Айзан зане аз қабилаи Бакр ибни Воил. Барои ин занҳо руҷӯъ шавад ба “Баррасии таърихи Ошӯро”, суханронии ҳаштум (с.164) Айзан охирҳои “Ансорул Ҳусайн” баҳсҳои ҷолибе дар ин замина аз назари ҷамъоварӣ дорад.

Руҷӯъ шавад ба суханронии шашуми марҳуми Оятӣ дар “Баррасии таърихи Ошӯро” ва охири “Ибсорул-айн” (с.155 ва 158), айзан варақаҳои “Унсури таблиғ дар наҳзати ҳусайнӣ”.

Имом Ҳусайн – нозпарвардагӣ

Дар варақаҳои “Хитоба ва минбар” баҳси ҷолибе шуда дар атрофи ин ки нисбати нозпарвардагиро бо ҳамаи лавозимаш аз камтоқатӣ ва лусӣ ва ғурур ва сабуксарӣ ба Язид бояд дод, на ба Имом Ҳусайн ва мунтаҳои иҳонат ин аст, ки Имомро нозпарварда бихонем.

Сайидушшуҳадо ва каромати нафс

Ин асли бузурги исломӣ дар вуҷуди Абӯабдуллоҳ алайҳис салом таҷассум пайдо кард ва тамоми ҳаёти он ҳазрат пур аст аз шиорҳои каромати нафс.

Имом Ҳусайн — инқилоби хунин

Дар китоби “Сармояи сухан”, ҷилди 3, сафҳаи 367 менависад:

“*Имом Ҳусайн алайҳис салом касе аст, ки таърихи зиндагонии худро ба хуни муқаддаси худ музайян кард… Ба ҳамаи ҷаҳониён фаҳмонд, ки ранги қирмиз (дар сафҳаи иҷтимоъ) собиттарини рангҳост, барномаи хун муқаддастарини барномаҳост, инқилоби хунин муассиртарини инқилобҳост…*”

Имом Ҳусайн — сухани мусташриқин

Руҷӯъ шавад ба ҷилди аввали “Таърих”-и Эдвард Браун, сафҳаи 333, суханони худи Эдвард Браун ва сафҳаи 334 сухани пурмағзи Вилям Мюр роҷеъ ба таъсири ин ҳодиса дар муқаддароти кишварҳои исломӣ.

Ёддошт:

* Имом Ҳусайн алайҳис салом сюжет ва сармояи беназир.

* Таъзими шаъоир: ҳамон тавр, ки манзумаҳои шеърӣ, вақойеъ ва ҳаводиси таърихӣ ва шахсиятҳо мунқасим мешавад ба ҳамосӣ ва ғайра, шиорҳо низ мунқасим мешавад ба ҳамосӣ ва ғайри ҳамосӣ.

“Ҳусайн вориси Одам”

Ин китоб таълифи доктор Алӣ Шариатӣ аст. Дар сафаре, ки дар 26-30 озармоҳи 51 ба Машҳад рафтам, нусхае аз онро Интишороти Тӯс ба ман дод ва дар байни роҳ ва Теҳрон хондам.

Он чи дастгирам шуд аз ҳадафи ин ҷузва, ки дар зери лаффофа баён шудааст ва ба таъбири худи ҷузва, нависанда хостааст “тамоми укдаҳо ва ақидаҳои худро дар ин ҷузва бигӯяд” ин аст:

1) Ин ҷузва навъе тавҷеҳи таърих аст бар асоси моддии марксистӣ, навъе равзаи марксистӣ аст барои Имом Ҳусайн, ки тозагӣ дорад.

(Тибқи ин ҷузва) оғози таърихи башар иштирокият ва баробарӣ аст, сипас нобаробарӣ ва ҳаққу ботил яъне моликият оғоз мегардад ва аз инҷо ҷомеаи башар ду бахш мешавад он чунон, ки Даҷла ва Фурот аз як сарчашма меҷӯшанд ва сипас ду бахш мегарданд ва аз якдигар ҷудо мешаванд. Ду бахши инсон яъне ду табақа: табақаи бархӯрдор ва истисморгар ва табақаи маҳрум ва истисморшуда. Табақаи ҳоким ва бархӯрдор ва истисморгар се чеҳра дорад: сиёсат, иқтисод, мазҳаб; ё соҳибони зар ва соҳибону зӯр ва соҳибони тазвир, ки кори аввалӣ барда сохтан ва кори дуввумӣ ғорат кардан ва кори севвум фиреб додан аст. Қасру дӯкону маъбад, се шӯъбаи як бунгоҳанд. Теғу тиллову тасбеҳ як кор мекунанд.

Низоми ҳоким бар таърих ҳамвора ҳамин будааст ва он чи ғайр аз ин буда наҳзатҳое буда маҳкум, қиёмҳо ва инқилобҳое буда дилсӯзона ва мазбуҳона ва чун зербино фосид буда, аз ҳамаи он наҳзатҳо, ки ба василаи Иброҳимҳо ва Мӯсоҳо ва Исоҳо ва Муҳаммадҳо ва Алиҳо ва Ҳусайнҳо сурат гирифта, натиҷаи маъкус гирифта шудааст, он чи бино буда қатиқи нони башар бишавад, балои ҷонаш шуда ва занҷири дигар бар дасту пояш.

Озодӣ сибте бедавом буда. (с.22) Навои Имом Ҳусайн хомӯш, аммо бонги гӯсолаҳои Сомирӣ ҳамеша баланд аст. (с.24) Сарнавишти маҳтуми ҳамаи ворисони Одам асорат ва гирифторӣ аст. (с.28) Виросати озодӣ ва адолат ва бедорӣ, наҳзати маҳкуми таърих аст

ва виросати бардагӣ ва бедод ва мазҳаби хоб, низоми ҳоким бар таърих (с.39). Имом Ҳусайн мазҳари шикасти Одам аст. (с.47)

Дар ин ҷузва сарзамини Байнаннаҳрайн символи тамоми замин ва таърихаш намоишгари таърихи тамоми замин аст. Ду наҳри Даҷла ва Фурот символи ду ҷиноҳи мутазодди башарӣ аст, ки аз ҳам ҷудо шуда ва дар наздикии Бағдод ба таври дурӯғин баҳам мепайванданд он чунон, ки дар давраи хилофати исломӣ ин ваҳдати дурӯғин пайдо шуд (сафаҳоти 9, 29, 39) ва бори дигар ба шакли фаҷеътаре ҷиноят барқарор мешавад. Ҳамаи ҷиноятқорони ҷаҳон дар ҳар як аз се чеҳра дар чеҳраҳои сегонаи хилофати исломӣ зуҳуру ҳулул мекунанд ва бадбахтие оғоз мешавад, ки дар ҷаҳон собиқа надорад. (сафаҳоти 15, 27, 28, 35) Он чи бадон ҳама доранд, ин танҳо дорад.

Сарнавишт Даҷла ва Фурот ин аст, ки дар ниҳоят ба дарё бирезанд ва оромиш ёбанд.

Сарнавишти башарият ва поёни таърихи башар низ иштирокият ва сотсиализм аст ва танҳо дар он вақт аст, ки башар аз балои моликият ва низоми табақотӣ наҷот меёбад ва зербино хароб мешавад ва зербинои воқеии адлу доди воқеӣ дуруст мешавад.

Талошҳои инқилобиюни таърих бо зербинои табақотӣ, дилсӯзона, вале мазбуҳона ва бенатиҷа будааст. Фақат бо маҳви табақот аст, ки ҷомеа ба саодати воқеии хеш ноил мегардад. (с.9)

أَلا بِالْإِشْتِراكِيَّةِ تَطْمَئِنُّ الْقُلوبُ

Имом Ҳусайн ба сӯйи марг мешитобад танҳо ва беумед. (с.23) Ӯ мазҳари шикасти Одам аст ва таассуби беҳосил ба харҷ медиҳад. (с.47)

Дар ин ҷузва ба таври куллӣ калимаи Одам ё инсон, символи инсони сотсиалист аст ва тавҳиди ҷаҳон тавҷеҳи тавҳид ва ваҳдати ҷомеа аст камо ин ки ширки эътиқодӣ сояе аст аз ширк ва санавияти ҳаёт. Бо ин баён бори дигар ҷанбаи марксистии ҷузва равшан мешавад, ки виҷдони ҳар касро мавлуд ва инъикосе аз вазъи иҷтимоии ӯ медонанд ва метавонад мубайини назари Дюркгейм бошад, на назари Карл Маркс.

Он чи дар ин ҷузва ба чашм намехӯрад, шахсияти Имом Ҳусайн ва осори наҳзати ӯст.

Мабнои ҷузва бар ин аст, ки дар ҷомеаи табақотӣ ҳамаи талошҳо беҳосил аст. Инқилобиюни таърих, вориси Одам яъне инсони иштирокӣ мебошанд ва қиёмашон барои ҳақ буда ва ҳақ яъне адолат, баробарӣ, яъне иштирокият.

Имом Ҳусайни ин ҷузва ҳамон Имом Ҳусайни мазлум ва маҳкуми равзахонҳост, ки ҳеч нақше дар таърих надорад, бо ин тафовут, ки Имом Ҳусайни равзахонҳо лоақал суфраи гиряе барои тӯшаи охират паҳн карда ва Имом Ҳусайни ин ҷузва — ба василаи равзаҳо ва гиряҳо — абзоре аст дар дасти ҷиноҳи ҳоким барои баҳракашии табақаи маҳкум.

Дар ин ҷузва маъбад ҳамеша дар канори қасру дӯкон ва руҳонӣ ҳамвора дар канори ҳокиму сармоядор аст ва албатта он чи дар канор аст маъбад аст — на хусуси калисо ва ё дайр ва савмаъа ва ё куништ ва ё бутхона — ки шомили масҷид ҳам мешавад. Табъан таклифи руҳонӣ ҳам равшан аст.

Поёни китоб